Натиҷа. Муҳтавои китоб. «Китобе аст бузург (яъне «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ – А.Ҷ.) дар таърихи олам аз Одаму анбиё ва мулуку хулафо ва умарои исломӣ ва аъёду осори қадимии дигар ба забони форсӣ бисёр пухтаву равон ба сабки қадим таҳрир шудааст ва қисмати мухтасаре аз Тоҳириён ва Оли Лайсу Сомониёну Ғазнавиён, то Амир Мавдуд бини Масъуд аз он китоб мукаррар ба табъ расидааст. Ин китоб аз Байҳақӣ («Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфази Байҳақӣ – А.Ҷ.) бештар бо сабки қадим наздик аст ва ба сабки Абуалии Балъамӣ шабоҳате дорад ва нависанда саъй кардааст, ки онро бағояти содагиву равонӣ барнигорад, вале аз фарти эҷоз ва муқайяд будан ба зикри рууси (равишҳо – А.Ҷ.) матолиби майдонӣ монанди «Таърихи Систон» ва Аблулфазли Байҳақӣ аз барои ҷавлон қалам надоштааст ва ҷуз матолиби муҷази муаян, яъне шарҳи ҳоли содаи подшоҳон аз маргу валодат ва вилоят гирифтан ва вазир нишондану фатҳу ҳазимату азл (аз мансаб гирифтан – А.Ҷ.) ва насаби умаро чизе надорад. Бинобар ин наметавон зиёдтар аз он истифода кард ва бештар баҳра бардошт ва иттифоқан соир қисматҳои чопнашударо ҳам дидам бар ҳамин минвол аст ва бисёр муҷаз навишта шудааст.» [19, 50]

«Гарчи «Зайн-ул-ахбор» ба унвони як китоби таърих шинохта мешавад, аммо бояд фавоиди онро бисёр беш аз як таърихи сирф донист. Ин китоб, ки тавассути нависандаи олим ва мунсиф ба риштаи таҳрир даромада, аз ҷанбаҳои мухталифе ҳоизи аҳаммият аст. Гардезӣ ба унвони як муаррих ба фарҳанги эронӣ ва исломӣ ба як андоза аҳаммият медодааст ва бо китоби худ гоми муассир дар наздикӣ ва ҳамтирозии ин ду фарҳанг бардоштааст.

Гузиниши забони форсӣ барои нигориши ин китоб низ аз дигар авомиле аст, ки метавон бар мабнои он бовар дошт, ки қасди Гардезӣ аз таърихнигорӣ бозёбии ҳувияти эронӣ дар батни ҳувияти исломӣ будааст. Ба ҳамин далел баррасии таърихнигарӣ ва таърихнигории вай бисёр аҳаммият дорад.» [13, 77].

Ба андешаи мо «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ ҳам аз назари таърихнигорӣ ва ҳам аз назари вижагиҳои забонӣ, хусусиятҳои ба худ хос дорад, ки онро шоистаи таваҷҷуҳи хоси пажуҳишгарони риштаҳои гуногун аз ҷумла таърих, забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ кардааст.

Муҳокима. Корбурди «сифат» дар нақши «зарф». «Чандмаъноӣ ҳамчун падидаи забонӣ ҳамаи сатҳҳои забонро фаро мегирад, вале чандмаъноӣ бештар хоси вожаҳост.» [18, 111].

Ба гурӯҳи калимаҳои якмаъно истилоҳоти илмӣ ва калимаҳои марбут ба касбу ҳунар дохил мешаванд. Калимаҳое, ки ду ва зиёда маънои луғавӣ доранд, ба гурӯҳи калимаҳои сермаъно шомил ҳастанд. Ҳодисаи сермаъноии калимаҳо дар ҳамаи забонҳои дунё ба назар мерасад. Таркиби луғавии забони тоҷикӣ низ дар заминаи вожагони сермаъно бисёр ғанӣ буда, аз ин қоида мустасно нест. Тафсири ду ва бештари маънои вожаҳо дар фарҳангу луғатҳо далели зиёд будани чунин вожаҳои сермаъно дар забонамон мебошад.

Вожаи “сахт”, ки аз нигоҳи сарфӣ (морфологӣ) асосан сифат дониста мешавад дар «Зайн-ул-ахбор» калимаи “сахт” ба унвони зарфи миқдор, ки маънои “бисёр”, “зиёд”, “хеле”-ро мефаҳмонад, бештарин корбурдро дорад:

“*Ӯ Коваро гиромӣ кард ва он пӯстро дирафши ковиёнӣ ном кард ва фармуд, то дари хазина бигушоданд ва моли бисёр бад-он қавм бидод ва зару ҷавоҳири бисёр бар он дирафш ба кор бурд. Ва он дирафшро мулуки Аҷам* ***сахт*** *бузург доштандӣ, ки ҳар ҷой бар он дирафш рӯй ниҳодандӣ, фирӯз бозомадандӣ...*” (1, 60); “*Парвиз ибни Ҳурмуз ва ӯро Ардавони бузург низ гӯянд,* ***сахт*** *бузургвор буд...*” [1, 71]; “*Қиссаи ӯ* ***сахт*** *машҳур аст ва накутар...*” [1, 28]; “*Ва* ***сахт*** *азим порсо ва обид буд.*” [1, 30]; “*Ва то аҳди Мӯсо бимонд ва зиёдатар. Умри ӯ* ***сахт*** *дароз гӯянд.*” [1, 31]; “*Писари ӯ Сиёваш бахирад ва оҳиставу ҳушёр буд ва* ***сахт*** *хубрӯй буд.*” [1, 64]; “*Чун Доро бар тахти салтанат биншаст,* ***сахт*** *бо кибр буд, аммо бар раият меҳрубон буд.* ” (1, 69); “*Чун Шопур бар тахти салтанат биншаст, кори Эрон* ***сахт*** *бохалал буд.*” [1, 75]; “*Ва моле азим дошт ва* ***сахт*** *сахӣ буд, ҳамаи мол ба лашкар бахшид ва дасташ танг шуд, ноком бибойист рафт.*” [1, 121]; “*Ва* ***сахт*** *порсо ва хештандор буд ва Худойтарс ва ҳамеша ба тааббуд машғул буд ва ҳаргиз расм надошта аст ба фисқу фуҷур ва ғайбат кардан.*” [1, 129].

Дар забоншиносии тоҷик дар робита ба чандмаъноии вожаҳо пажуҳишҳои зиёде анҷом шуда, аз мақола то монография нигошта шудааст, ки аз муҳим будани ин мавзуъ гувоҳӣ медиҳад. Дар забоншиносии тоҷик сермаъноии луғавӣ ба гунаи илмӣ ва назариявӣ аз ҷониби забоншинос Ҳ. Маҷидов ҳамаҷониба пажуҳиш шудааст. Ба назари ин муҳаққиқ «Сермаъноӣ, ё ки полисемия аз ҳодисаҳои ниҳоят сершохаи системаи забон ба шумор рафта тамоми қабатҳои онро фаро мегирад. Ҳар чанд ин ҳодиса пеш аз ҳама ба калимаҳо нисбат дорад, воҳидҳои дигари забон, чун воҳидҳои фразеологӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва ҳодисаҳои мухталифи нутқ низ сермаъно шуда метавонанд.» [3, 46].

Ҷузъи пешини «ҳаме» (همی). «Барои баёни давоми истимрори феъл ҷузъи сарфии «ҳаме» (همی) пеш аз сиғаҳои замони мозӣ ва музореъ ва амр дармеояд. Аммо ин ҷузъ аз қадимтарин замон тахфиф ёфта ва ба сурати «ме» (می) даромадааст. Дар ҳамаи маохизе, ки дар даст дорем ин ҷузъ ба ҳар ду сурат вуҷуд дорад, аммо дар нусхаҳое, ки таърихи таълиф ё китобати онҳо қадимитар аст, истеъмоли ин ҷузъ ба сурати «ҳаме» (همی) ғалаба дорад ва дар таълиф ё нусхаҳои ҷадидтар кам-кам сурати “ҳаме” (همی) ба нудрат дида мешавад.» [9, 13].

“*Ва Яъқуб ибни Лайс ибни Муаддал марде маҷҳул буд ва асли ӯ аз рустои Систон буд, аз деҳи Қарнин. Ва чун ба шаҳр омад, рӯйгарӣ ихтиёр кард ва* ***ҳамеомӯхт*** *ва моҳе ба понздаҳ дирҳам муздур буд.*” [1, 171]; “*Туркон мутаҳайир монданд ва ба навоҳии Марврӯд ва Сарахсу Нисо ва Бовард* ***ҳамегаштанд*** *ва Арслон Ҷозиб аз паси эшон* ***ҳамешуд*** *шаҳр ба шаҳр ва он чи ба даст омаданд,* ***ҳамегирифту*** ***ҳамекушт****. Ва амир Маҳмуд мар Олтунтош ал-ҳоҷибро ба мадади ӯ фиристод.*” [1, 211]; “*Бифармуд, то лашкар андар он вилоят уфтоданд ва ҳар ҷой, ки буткада буд,* ***ҳамеканданду*** ***ҳамесӯхтанд*** *ва моли он вилоят ба тороҷ* ***ҳамебурданд****.*” (1, 216); “*Бифармуд, то коргарони анбуҳ аз оҳангарону дурудгарон ва сангшикан бо лашкар бирафтанд, то роҳҳоро* ***ҳамеперостанд*** *ва дарахтон* ***ҳамебуриданд*** *ва санг* ***ҳамешикастанд****.*” [1, 218]; “*Ва чун ба Ғазнин қарор гирифт, ба ҳар вақт фарёдхоҳон аз Хуросон* ***ҳамеомаданд*** *ва аз туркмонон* ***ҳаменолиданд*** *ва мунҳиёну* (хабаргузорон – А.Ҷ.) *соҳиббаридон номаҳо пайваст* ***ҳаменабиштанд****, ки фасоди туркмонон аз ҳад бишуд.*” [1, 236].

Ва гоҳ «ҳаме» (همی) пас аз феъл омадааст, вале ин сурат хоси шеър аст ва дар наср бояд ҳамвора пеш аз феъл меояд: Бӯйи чӯйи Мӯлиён ояд ҳаме/ Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме (Рӯдакӣ).

Ба феъли гузашта пайваст шудани «- ӣ» («- ی»). Дар матнҳои куҳани форсӣ “***-ӣ”*** «- ی» ба феъли гузашта пайваст мешуда ва аз он феъле месохта, ки бар анҷом ёфтани коре ба таври одат дар гузашта далолат мекардааст. Ин навъи феъли гузаштаро донишманд ва забоншиноси эронӣ Парвиз Нотили Хонларӣ “мозии паёпай” (гузаштаи паёпай – А.Ҷ.) номидааст. [10, 235]

“*Ва ин Маҳдӣ худованди ҳилатҳо буд, чунонки даст андар ҳавзи пуроб* ***кардӣ****, муште динор* ***баровардӣ*** *ва андак моя таом бар хон* ***ниҳодӣ****, қавме анбуҳ бар он* ***бихӯрдандӣ*** *ва ҳама сер* ***шудандӣ*** *ва кӯза пуроб* ***кардӣ*** *ва қавме* ***бихӯрдандӣ*** *ва кӯза пуроб* ***будӣ****.* [1, 125]; “*Ва Ишуъ ҳафт рӯз бар дор бимонд ва ҳар шаб Марям* ***биёмадӣ*** *ва аз дур* ***ҳамегиристӣ****.*” [1, 45]; “*Ва ба ҳар вақт Мӯсоро ранҷа* ***доштандӣ*** *ва боз Таврот қабул намекарданд, то Худой, таоло, кӯҳро фармон*

бидод, то аз болои сари эшон биистод.” [1, 33]; “*Ва ба аҳди Мӯсо, алайҳи-с-салом, Худой ҳама масх гардонид, ки бар лаби ҷӯй мағок канданд рӯзи шанбе, чун моҳӣ дар он ҷо* ***шудӣ****, роҳ* ***бибастандӣ*** *ва якшанбе* ***бигирифтандӣ*** *ва таъвил* ***ниҳоданд****, ки мо якшанбе ҳамегирем, Худой, таоло, эшонро ҳам хуку бӯзина гардонид*.” [1, 45]; “*Ва ба Қӯҳастону Табасайн ва Нисову Бовард ва Ҳироту Пушанги мо чунон гашт, ки ҷуз расми вай* ***написандидандӣ***.” [1, 162].

«Нависандаи «Таърихи Систон» ва «Таърихи Гардезӣ» бино ба рисолати худ ба гузориши таърих ба забони содаву равон ва ба дур аз ҳар гуна лифофа ва дупҳалугӯӣ аст, сирфан ба гузориши таърих пардохтаанд. Муқоисаи насри «Таърихи Гардезӣ» ва «Таърихи Систон» бо «Таърихи Байҳақӣ» аз назари корбурди ороякҳои баёнӣ нишон медиҳад, ки Байҳақӣ дар ривоёти таърихиаш бо таваҷҷуҳ ба ин ки даст ба изҳори назарҳои шахсӣ ва тавсифи аҳволоти дарунии шахсиятҳо зада, бинобар ин каломи ҳунармандонатар дошта ва метавон намунаҳое аз корбурди ороякҳое чун киноя (ки бештар басомадро дорад) ва ташбеҳу маҷозу истиораро дар «Таърихи Байҳақӣ» мушоҳида намуд.» [16, 171].

Дар «Зайн-ул-ахбор» корбурди ҳарфи “-йо” (ى-) дар поёни феълҳо зиёд корбурд дорад. Дар ин асар камтар феъле аст, ки бо асоси замони гузаштаи феъл биёяд ва аломати “-йо” (ى-)-и поёниро надошта бошад. Монанди: хӯрдандӣ (خوردندی), бигрифтандӣ (برگرفتندی), сокин гаштӣ (ساکن گشتی), ҳамегирифтӣ (همی گرفتی), бузург доштандӣ (بزرگ داشتندی), баршудӣ (برشدی).

“*Ва баъзе аз нассобон гӯянд ӯ Заҳҳок ибни Қис ибни Алвон Ҳамирӣ буд ва ду мор аз ду китфи ӯ баромад – ва баъзе гӯянд ду реш буд – ва ҳар рӯз ду мард* ***бикуштӣ*** *ва мағзи эшон бад-он морон* ***бидодӣ*** *ва гӯянд, бад-он решҳо* ***ниҳодӣ****, то сокин* ***гаштӣ***.” [1, 59].

Ҳиссачаи «мар». «Мар (مر) ҳиссачаест пеш аз калимае, ки пасоянди “-ро” қабул мекунад, омада, як навъ маънои таъйин ва таъкидро мефаҳмонад; гоҳо барои зинати калом оварда мешавад. Дар баъзе мавридҳо дар сурати зикр нашудани “-ро” низ истеъмол мегардад.» [6, 639].

Ман онам, ки бар пойи хукон нарезам / Мар ин қиматӣ лафзи дурри дариро. Носири Хусрав.

“*Пас Бектузуну Фоиқ ва табақаи ҳашам гирд омаданд ва* ***мар*** *бародари Абулҳорис Абдулмалик ибни Нуҳро биншонданд ва моли байъат аз ӯ бихостанд, бидод*.” (1, 205); “*Ва пеши ӯ ҳикоят карданд, ки бар соҳили дарёи Муҳит шаҳре аст бузург ва онро Суманот гӯянд ва он шаҳр* ***мар*** *ҳиндувонро чунон аст, ки* ***мар*** *мусалмононро Макка ва андар ӯ бут бисёр аст аз зару сим*.” [1, 223].

Пешоянди “ба” дар ҷойи “бо”. Пешоянди **ба** ҳамчунин дар ифодаи чандин маъноҳои морфологӣ ба кор рафтааст. Он, пеш аз ҳама ба маъноҳои 1. «обйекти амал»: ба рафиқам, ба модарам, ба соҳибаш; «ҳамроҳӣ»: илова ба маош; «самт, сӯй»: ба Шаҳрисабз, ба Маҳаллаи боло; «воситаи иҷрои амал»: ба забони тоҷикӣ, ба латта баста. [4, 352].

“*Пас аз он ҷо* ***ба*** *лашкар сӯйи Бухоро рафт ва амири ҳамид бо ҳамаи сипоҳи хеш пеши ӯ бозомад*.” (1, 189); “*...чун ба маҷлиси ӯ мардуми анбуҳ биёяд, тоҷ бар сари ӯ ниҳанд ва чун барнишинад, сӣ ҳазор сувор бо ӯ барнишинанд, ҳама ҷавшану зиреҳ доранд ва ҳарб* ***ба*** *найза кунанд*.” (1, 298).

Пешоянди “бо” дар ҷойи “ба”. Пешоянди **бо** низ маъноҳои зиёдеро ифода мекунад. Чунончи, маънои 1. «ҳамроҳӣ»: бо саис, бо шумо, бо тағоям; 2. «воситаи иҷрои амал»: бо шамшер, бо табар, бо оби хунук; 3. «замони иҷрои амал»: бо дидани ин ҳол, бо расидани чархи ароба; 4. «тарзи иҷрои амал»: бо даҳшати аз одат берун, бо қаҳр; 5. «сабаби иҷрои амал»: бо тафсиши офтоб, бо таъсири барфу борон. [4, 90-91].

“*Ва девонро фармуд, то конҳо канданд ва ҷавҳарҳое берун оварданд ва ба дарё фурӯ рафтанд ва гавҳарҳое баровардан ва ин амал* ***бо*** *мардумон биёмӯхтанд ва ҷомаҳо ранг фармуд кардан*.” (1, 59); “*Ва шаҳрҳову мамлакат бар фарзандон бахшид ва ҳиссаи ҳар як падид кард. Ва ҳар чи дафин буд* ***бо*** *Абушуҷоъ бидод*.” (1, 117.)

Ҷонишини «ӯ» барои ғайри инсон. Дар асар ҷонишинҳои шахсии ***ӯ*** ва ***вай*** ба вазифаи ҷонишинҳои ишоратӣ ва баъзан барои ишораи мафҳумҳои ғайришахс низ омадаанд. Ҷонишини вай дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ низ барои ифодаи исмҳои ғайришахс низ ба кор меравад. Забоншинос Б. Камолиддинов зимни таҳқиқи забон ва услуби Ҳаким Карим қайд мекунад, ки

ҷонишини ***вай*** на танҳо дар ифодаи шахс, балки исмҳои ғайришахс низ кор фармуда шудааст. [2, 96].

"*Ва ба Гургон рафту он ҷоҳо бино афганд. Аз рухом кӯшке бино кард, ки кас андар ҷаҳон чунон надида буд, ҳама деворҳо ва боми* ***ӯ*** *аз рухом. Ва туркони Хоразм ба тоати* ***ӯ*** *омаданд. Ва деворе, ки Яздиҷурд ибни Баҳром бино карда буд ва асоси он ниҳода буд ва тамом накарда ва понздаҳ фарсанг дарозии он девор буд, Нӯширвон* ***ӯро*** *тамом кард ва аз он ҷо бозомад*." (1, 80); "*Ва ин Абраҳа ҳаме хонае карда буд ва моли бисёр андар* ***ӯ*** *сарф карда буд, хост то ин ҳаҷҷи мардумон ҳамин бошад*." (1,249).

Ҳамчун пасоянд ба кор бурдани пешояндҳои «*дар*», «*андар*». «Дар мутуни қадимитари форсии дарӣ суратҳои "*андар"* ва *"дар"*, ки мухаффаи он аст, ҳар ду вуҷуд дорад. Аммо ба тадриҷ дар тайи замон "*андар"* аз ривоҷ меафтад ва танҳо дар шеър, то чанд қарни баъд боқӣ мемонад. Ин тағйир ё тахфиф шояд, ки ҳам таърихӣ ва ҳам ҷуғрофиёӣ бошад, ба ин маъно, ки дар баъзе аз навоҳӣ зудтар ин таҳаввул рӯй дода ва дар баъзе дигар дертар.» [9, 245].

Дар ин миён гуфтаҳои пажуҳишгари тоҷик Саидҷаъфаров Озод бисёр нозукбинона ба нигар мерасад: «Ҳамчун пасоянд ба кор бурдани пешояндҳои *дар*, *андар* ва *ба(р)* дар лаҳҷаҳои имрӯз тамоман классикиву китобӣ ва адабӣ аст ва дуруст аст ва кӯчагӣ нест. Мардуми мо имрӯз шоирона гап мезананд, ки мегӯянд: *бозор: анда* (лаҳҷаи шимол), *бозор: нда* (лаҳҷаи ҷануб), *бозор: да* (л.ҷ.), *бозор: ба* (л.ш.) чун устод Рӯдакӣ, падари кулли забони форсӣ ҳанӯз дар асри Х *санг андар* гуфта буд ва асри ин устоди бузург куҷо, ҳатто пеш аз ӯ низ чунин мегуфтаанд ва пас аз вай ҳам тамоми шоирони клоссики порсӣ чунин гуфта буданд ва такриму эҳтиром аз ин услуб мекарданд ва онро, чунонки имрӯзаш адабдӯстон ба кӯчаҳо фикандаанд, нафканда буданд ва ин тарзи истифода зеботар аз тарзи марсум ва анъанавии имрӯз аст, чун дар худ маҷоз дорад ва маҷоз сабабгори бадеияту перостагӣ дар сухан аст. Яъне мардуми уммӣ, бо ин ки чун як забоншинос олим нест, бадеъшинос ва бадеъкор аст.» [5, 47].

«*Кас фиристод сӯйи ӯ ва дархост, то бифармуд, ки ҳар чи зару сим ва ҷавоҳир ва мушку анбар ва аз ин навъ ёбанд* ***андар*** *шаҳрҳо сӯйи вай фиристанд.*" [1, 22]; *"Ва Рустам шамшер* ***андар*** *ниҳод ва бисёр аз эшон бикушт ва ҳисор биситад ва он ҳама қавмро кӯр ёфт. Мутаҳаййир гашт. Судова гуфт, ҷигари он ҷодувон бисоянд ва оби он* ***андар*** *чашми эшон кунанд. "* (1, 65).

"Кори омехтани беш аз ҳадди забони форсӣ бо арабӣ натанҳо ба хотири донишфурӯшӣ ва вазнабардории муншиёна, балки коре бар ҳасби дастур ва хушоянди касоне буд, ки арабидонӣ ва арабмаобиро фазл мешумурданд.» [11, 11].

«Сабки иншои «Зайн-ул-ахбор» наздик ба сабки Сомонӣ, равону муҷаз аст, яъне ҷумлаҳои кӯтоҳ аст ва вожаҳои арабии каме дорад ва истилоҳоти куҳану фаромӯшшударо дар худ ҷой додааст.» [15, 12].

Албатта корбурди вожаҳои арабӣ дар ҳама ҷойи китоб яксон нест. Дар бахшҳое аз китоб, ки аз маноби арабӣ истифода шуда вожаҳои арабӣ бештар аст, монанди: «*Ҳува-л-лазӣ халақа-с-самовоти ва-л-арза фӣ ситтати айёмин, сумма-ставо ало-л-арши, яъламу мо ялиҷу фи-л-арзи ва мо яхруҷу минҳо ва мо янзилу мина-с-самои ва мо яъруҷу фиҳо ва ҳува маъакум айна мо кунтум. Ва-л-Лоҳу би мо таъламуна басир.*» (Сураи Ҳадид (с. 57: о.4) – «Ӯст Он, ки офарид осмонҳо ва замин андар шаш рӯз. Пас боз баристод бар арш, медонад он чи андар ояд андар замин ва он чи берун ояд аз он ва ояд аз осмон ва он чи бар шавад андар он ва ӯ бо шумост ҳар куҷо бошед ва Худойи азза ва ҷалла бад-он чи мекунед, бино аст.» [1, 14].

Ва гоҳ дар як сафҳа ба сахтӣ вожаҳои арабӣ ёфт мешавад ва нависанда кӯшиш карда ҳеҷ вожаро ба гунаи арабӣ ба кор набарад, чунончи: «*Муғон гӯянд: Ҳурмузд нахуст осмонро офарид, равшан, ошкоро, бисёрдавр,.*

Ӯ ба ёрии осмон шодиро офарид. Бад-он рӯй барои ӯ шодиро фароз офарид, ки акнун ки омехтагӣ аст, офаридагон ба шодӣ даристанд. Сипас аз гавҳари осмон обро офарид.» [1, 249].

Комилан равшан аст, ки Абулҳайи Гардезӣ таҳти таъсири манобеи худ буда ва дар ба кор бурдани вожаҳои арабӣ ва форсӣ шеваи яксонеро пеш нагирифтааст. Вожаҳои арабие, ки дар матн дида мешаванд: "*Чунин гӯяд гирдоварандаи ин китоб Абусаид Абдулҳай* ***ибн*** *аз-Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ, ки чун аз* ***ахбор*** *ва* ***таворих****и* ***анбиё*** *ва* ***мулук****и Калдониён ва* ***мулук****и* ***Аҷам*** *ва*

***хулафо**и **ислом** ва **умаро**и Хуросон бипардохтем, оғоз кардем ба гуфтани **ахбор**и **Ямин-уд-давла**, **раҳмату-л-лоҳи алайҳ**, бар **тариқ**и **эҷоз** ва **ихтисор**, аз он чи аз ҳамаи **ахбор**, ки хондаем, ҳеч чизро он **ҳол** набуд, ки **ахбор**и ӯро, ки он чизҳои дигар ба **истимоъ** шунидаем ва аз **кутуб** хондаем ва шояд бувад, ки он **мусаннифон** ва **ровиён** андар он **тасниф**ҳо ва **ахбор** каму беш оварда ва гуфтаанд аз баҳри **тааҷҷуб**и суханро ва **азиз** кардани **китоб**ро. **Аммо** ин **ахбор** бештар аз вай он будааст, ки ба **раъйулайн**и хеш бидидам, ки **амир** Маҳмуд, **раҳмату-л-лоҳ**, андар Ҳиндустон чӣ кардааст ва ба Нимрӯзу ба Хуросон ва ба Хоразму ба Ироқ чӣ гуна **қалъа**ҳо гушода аст ва бар чӣ **чумла** биёбонҳову кӯҳҳо ва роҳҳои **махуф** гузашта аст ва **ҳарб**и он чӣ гуна кардааст ва подшоҳони бузургро чӣ гуна **қаҳр** карда аст, ки кас он надида аст ва нашунида, ки чунин **ҳарбу ҳила** на кори **одам**иён бошад.*” [1, 206].

Хулоса

Поёни сухан ин ки ганҷинаи бекарони адаби форсӣ-тоҷикӣ, ки ба назму наср дар заминаҳои гуногун аз гузаштагони мо ба ёдгор монда, бузургтарин сарвати маънавии ҷовидонаи мо ва пуштвона ё нигаҳбони забону адаб ва фарҳанги имрӯзу фардои мост, ки «Зайн-ул-ахбор» низ дар шумори онҳост.

«Зайн-ул-ахбор» ҳам аз ҷанбаҳои таърихнигорӣ ва ҳам аз ҷанбаи адабиву забонӣ бисёр дархӯри таваҷҷуҳ аст. Вижагиҳои забонии насри таърихномаи мазкур яке аз беҳтарин намунаҳои насри форсӣ шумурда мешавад. Насри китоб баёнгари он аст муаллифи «Зайн-ул-ахбор» ба забонҳои форсӣ ва арабӣ чирагӣ ва тавоноии комил доштааст.

Адабиёт:

1. Абусаид Абдулҳайи Гардезӣ. «Зайн-ул-ахбор». Душанбе, «Бухоро», 2014. – 416 с.
2. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
3. Маҷидов Ҳомид. Забони адабии муосири тоҷик. –Ҷилди I. - Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 243 с.
4. Маҷидов Ҳомид. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ. Душанбе: «Дақиқӣ», 2014. – 352 с.
5. Саидҷаъфаров Озод. Асолат дар забони мардум. /Таҳқиқ дар асоси луғатномаҳои қадиму муосир ва осори илмиву бадеии мутақаддимону муосирон. – Душанбе, 2012. – С. 160.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1.- М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2.- М.: Советская энциклопедия, 1969. – 947 с.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат - ҳастии миллат. – Душанбе, «Эр-граф», 2016. – 516с.
9. پر ویز ناتل خانلری. دستور تاریخی زبان فارسی، تهران: "حیدری"، 1372 . ص. 279.
10. پر ویز ناتل خانلری. تاریخ زبان فارسی، تهران: "حیدری"، 1399 . ص.1332.
11. داریوش آشوری. دو مقاله. پیرانون نثر فارسی و واژه سازی. تهران: "آگاه" 1356. ص.95
12. زین‌الاخبار. تألیف ابوسعید عبدالحی بن ضحاک ابن محمود گردیزی. به تصحیح و تحشیه و تعلیق: عبدالحی حبیبی. تهران: "دنیای کتاب"، 1363. ص. 733.
13. سیما فولادپور. تاریخ نگری و تاریخ نگاری گردیزی در "زین‌الاخبار" . فصلنامه ایران‌شناسی. دوره دوم، شماره دوم. تابستان 1399. ص.77- 70.
14. شعبان شفیعی نسب. تحلیل سبک لایه نحوی "زین الاخبار" گردیزی. فصل‌نامه تخصوصی تفسیر و تحلیل متون زبان و ادبیات فارسی. 1389. ص.205-230.
15. عبد الحسین نوایی. متون تاریخی به زبان فارسی. تهران: "انتشارات سمت"، 1376. ص.276.
16. علی‌حسن سهراب‌نژاد، ثریا بهارزاده. بررسی و مقایسه سطح ادبی تاریخ گردیزی و تاریخ سیستان. فصلنامه علمی بلاغت کاربردی و نقد بلاغی. سال چهارم، شماره اول پیاپی 7، بهار و تابستان 1389. ص. 165-178.
17. فاطمه صبوری. پیشگامان تاریخ نگاری ایرانی تا تا قرن پنجم هجری. مجله مشکوه. شماره 102، بهار 1388. ص.129-105.
18. کروش صفوی. درامدی بر معناشناسی. تهران، 1378 ص. 459.
19. محمّد تقی بهار. «ملک الشّعرا»، سبک شناسی یا تأریخ تطوّر نثر فارسی. جلد دوّم. - تهران: "امیر کبیر"، 1382. ص. 432.

***Маълумот дарбораи муаллиф:** Абдулҳадов Ҷумъахон Зикируллоевич - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. abdulhadovj@inbox.ru.*

***Информация об авторе:** Абдулхадов Джумахон Зикируллоевич - кандидат филологических наук, доцент, Таджикский национальный университет. abdulhadovj@inbox.ru.*

***About the author:** Abdulhadov Jumakhon Zikirulloevich - candidate of philological sciences, associated professor, Tajik National University. abdulhadovj@inbox.ru.*

УДК 811.161.1'37

СТРУКТУРА И ТРАНСФОРМАЦИЯ КОНЦЕПТА «ЧИСТОТА» В СОВРЕМЕННОМ РУССКОМ ЯЗЫКЕ

Акбарова Нигина Давроновна
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода

В данной статье «**С**труктура и трансформация концепта «чистота» в современном русском языке» рассматривается комплексный лингвокультурологический анализ лексико-семантического поля «чистота» в современном русском языке. Автор исследует иерархическую структуру данного поля, выделяя микрополя физической, нравственной и сакральной чистоты.

В работе проводится этимологический анализ ядерной лексемы, выявляется связь понятия «чистый» с категориями света и истины. Особое внимание уделяется фразеологическим единицам и паремиям, в которых репрезентируются ценностные доминанты русской языковой картины мира. На основе проведенного исследования делается вывод о том, что категория чистоты в русском сознании выступает как значимый этический и эстетический идеал. В работе выявляется ядерный прототип концепта, связанный с физической гигиеной, и прослеживается его расширение в сторону новых дискурсивных сфер: экологической, информационной и цифровой. Особое внимание уделяется анализу новых сочетаний, которые свидетельствуют о переходе концепта из конкретно-чувственной области в область ценностных ориентиров безопасности и качества информационной среды.

Ключевые слова: *лингвокультурология, лексико-семантическое поле, концепт, языковая картина мира, чистота, русский язык, фразеология, когнитивная лингвистика, семантическая трансформация, цифровая гигиена.*

СОХТОР ВА ТРАНСФОРМАТСИЯИ КОНСЕПТИ “ПОКӢ” ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ РУСӢ

Дар мақолаи “Сохтор ва трансформатсияи консепти “покӣ” дар забони муосири русӣ” таҳлили ҳамаҷонибаи лингвокултурологии майдони лексикию семантикии (МЛС) “Покизагӣ” дар забони муосири русӣ пешниҳод шудааст.

Муаллиф сохтори иерархивии ин майдонро баррасӣ намуда, микромайдонҳои покизагии ҷисмонӣ, аҳлоқӣ ва муқаддасро муайян мекунад. Тадқиқот таҳлили этимологии лексемаи ядроидро дар бар гирифта, иртиботи мафҳуми “Пок”- ро бо категорияҳои нур ва ҳақиқат ошкор менамояд. Таваҷҷуҳи хосса ба воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалҳое дода мешавад, ки доминантҳои арзишии манзараи забонии олами русиро ифода мекунанд. Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда хулоса бароварда мешавад, ки категорияи покизагӣ дар шуури русӣ хамчун идеали муҳимиахлоқӣ ва эстетикӣбаромад мекунад. Тадқиқот прототипи ядроии консепстро, ки бо гигиенаи ҷисмонӣ алоқаманд аст, муайян карда, густариши онро ба соҳаҳои нави дискурсӣ:экологӣ, иттилоотӣ ва рақамӣ пайгирӣ менамояд. Таваҷҷуҳи махсус ба таҳлили ибораҳои наве дода мешавад, ки гузариши консепстро аз соҳаи мушаххаси эҳсосӣ ба соҳаи самтгириҳои арзишӣ барои амният ва сифати муҳити иттилоотӣ нишон медиҳанд.

Калидвожаҳо: *лингвокултурология, майдони лексикию семантикӣ, консепт, манзараи забонии олам, покизагӣ, забони русӣ, фразеология, забоншиносии когнитивӣ, табдили семантикӣ, гигиенаи рақамӣ.*

STRUCTURE AND TRANSFORMATION OF THE CONCEPT “PURITY” IN THE MODERN RUSSIAN LANGUAGE

The article “Structure and transformation of the concept “purity” in the modern Russian language” provides a comprehensive linguo-cultural analysis of the lexico- semantic field (LSF) of “Purity” in the modern Russian Language. The author examines the hierarchical structure of this field, identifying micro-fields of physical, moral, and sacred purity.

The study includes an etymological analysis of the nuclear lexeme, revealing connection between the concept of “Pure” and categories of light and truth. Particular attention is paid to phraseological units and proverbs that represent the value-based dominants of the Russian linguistic world-view. Based on the conducted research, it is concluded that the category of purity in the Russian consciousness acts as a significant ethical and aesthetic ideal. The study identifies a nuclear prototype of the concept associated with physical hygiene and traces its expansion, informational, and digital. Special focus is given to the analysis of new collocations that demonstrate the concept’s transition from a concrete sensory domain to the realm of value-based orientations for information environment safety and quality.

Keywords: *linguo-culturology, lexico-semantic field, concept, linguistic world-view, purity, Russian language, phraseology, cognitive linguistics, semantic transformation, digital hygiene.*

Введение. В данной статье рассматриваются вопросы современной лингвистики, наблюдается устойчивый интерес к изучению языковых единиц в тесной связи с культурой и ментальностью их носителей. Исследования данной темы лексико-семантическое поле «чистота» занимает особое место в русской языковой картине мира, так как оно репрезентирует не только физические характеристики объектов, но и глубинные этические, и религиозные установки народа, зацикленные в его этимологических основах. Трансформация смыслов от конкретно-чувственного восприятия, отсутствие загрязнения, к абстрактно-духовному, то есть нравственно безупречному, делает это поле ценным объектом для лингвокультурологического анализа.

В статье мы рассмотрим связь языка культуры и мышления, комплексное описание поля «чистота» как культурного кода в языке имеющее общеязыковое пространство. По словам Арутюновой Н.Д. «языковая картина мира» — «это не просто словарь, а то, как народ оценивает реальность» [1, с. 79].

«Чистота» как понятие, обладающее семантическим полем в русском языке, ассоциируется не только с мытьём посуды и стиркой вещей, но и несёт в себе нравственные, этические и религиозные ценности.

Ядром слова «чистота» является само слово. Корень *чист* является общим для всей этой группы, от его корня (-чист) строятся все остальные слова поля (**чист**ый, **чист**ить, вы**чист**ить, **чист**оплотный). Лингвисты исследовали, что в приядерную зону лексико-семантического поля «чистота» входят:

- прилагательные: чистый (качественный признак);
- глаголы: мыть, убирать, чистить, стирать;
- существительные-синонимы: порядок, стерильность, опрятность;
- слова с переносным или узким значением;

-нравственность, непорочность, святость (духовная чистота); прозрачность (чистота воды или воздуха);

- белизна (цветовое воплощение чистоты).

«Как термин - «Чистота» — это не просто абстрактное понятие, это часть русской культуры. Это самое часто используемое всем понятие, от него строятся другие смыслы. В культурном контексте оно часто приобретает положительную окраску, ассоциируясь со здоровьем, порядком, невинностью и безупречностью. Хотя «чистота» в прямом своём значении несёт смысл стерильности, но в большинстве случаев употребления оно несёт позитивный оттенок комфорта, заботы и высокого качества в социуме человеческого сосуществования» [2, с. 34].

Мы можем наблюдать такие слова синонимы как: опрятность, непрочность, порядок, гигиена (заимствованное из греческого), они несут в себе разную стилистическую окраску. Иногда слова, которые изначально значили разное со временем начинают восприниматься как похожие из-за их тесной связи в жизни. Это происходит в связи с тем, что язык — это живой организм, который постоянно подстраивается под наше мышление. В русской культуре слово «Чистота» — это гораздо больше, чем просто отсутствие грязи. Оно объединяет физический мир, науку и духовные ценности.

Материалы и методы. В данной статье нами использованы материалы, которые указывают на репрезентацию ядра понятия или слова «Чистота» как самого концепта, что позволяет структурировать его понятийный слой и выделить ключевые когнитивные признаки, а также, выступающего в качестве когнитивного эталона в исследуемом типе дискурса. «Чистота» в русском языке ассоциируется не только с мытьём посуды и стиркой вещей, но и несёт в себе нравственные, этические, эстетические и религиозные ценности.

Ядром слова «чистота» является само слово. Корень чист является общим для всей этой группы, от его корня (-чист) строятся все остальные слова поля: **чист**ый, **чист**ить, вы**чист**ить, **чист**оплотный. В приядерную зону - лексико-семантического поля «Чистота» входят:

- прилагательные: чистый (качественный признак);
- глаголы: мыть, убирать, чистить, стирать;
- существительные-синонимы: порядок, стерильность, опрятность.

Рассмотрим типы предложений:

1.«Чистота-залог здоровья».

2. «В ведении органов власти оказывалось сохранение самобытности и чистоты русского языка, повышение культуры русской речи»

3. «В качестве теплоносителя в разных странах исследовались вода высокой чистоты, натрий, эвтектический сплав свинец-висмут» [7, с. 74].

4.Наша задача-говорил он, - оберегать твёрдость, выдержанность, чистоту нашей партии.

5.Только тогда можно поверить в серьёзность начатой Грызловым борьбы за правопорядок и чистоту

6. Несмотря на то, что в целом смесь в цилиндре получается сверхбедной, такое послойное распределение обеспечивает устойчивое и эффективное сгорание, а следовательно высокую экономичность и экологическую чистоту».

7. На чемпионате России по фигурному катанию.

-Чем Ваш стиль отличается от других?

-Во-первых лёгкостью и чистотой скольжения»

8. «В Финляндии постоянно следят за чистотой воздуха и безопасностью дорожного движения. Чистота природы-норма жизни в стране» [14, 71].

В русском языке связь физической чистоты и святости сформировалась через глубокое переплетение бытовых традиций, религиозных обрядов и этимологии. Хороший пример тому крещение, где физическое погружение в воду означает духовное перерождение и очищение души, прыжки через костёр, — это классический пример того, как физическое очищение превратилось в ритуальное и духовное. Этот обряд связывал чистоту и святость. Например:

«Пойдём в лес за ягодой, погуляем. А ввечеру прыгать через костёр начнём» [15. 91].

«*Горит огонь, сияет свет, и в этом свете чистота…»* [16, 71].

Даль определяет чистоту через отсутствие грязи ржавчины, пятен, но сразу переходит к качествам предмета: «Чистота - состояние чистого; опрятность, чистоплотность. В переносном значении: правота, невинность, непрочность», [4, с. 398].

В словаре С.И. Ожегова, который отражает советскую лексическую норму XX века, определение «чистоты» становится более систематизированным и менее религиозным, чем у Даля. Ожегов выделяет три чётких аспекта: физическое состояние: качество, отсутствие технических примесей, переносное значение морально-этических норм.

Чистота, -ы ж.1.см чистый. 2.Отсутствие грязи, порядок. Соблюдать чистоту. 3.переносное значение. Нравственная безупречность. Чистота помыслов [8, с. 240].

У Даля В.И.: «Чистота» неразрывно связана с Богом, обрядом и святостью. «Чистый» — это почти всегда «праведный». У Ожегова С.И.: «Чистота» — это прежде всего гигиена, порядок и стандарт. Моральный аспект, а именно «чистота помыслов» сохраняется, но уходит на второй план после бытового и технического.

Для XXI века основным ориентиром русского языка под редакцией С.А.Кузнецова. В XXI веке значение слова «чистота» претерпело ещё одну трансформацию: оно стало экологическим и информационным.

Исследователи выявили, что слово «Чистота» приобрело смысл экологизации. Появились устойчивые сочетания: чистая энергия, чистое топливо, чистота океана. Это уже не уборка, а выживание планеты. «Чистота» трансформировалась в информационную чистоту. Понятие перешло в цифровую среду: Чистота данных, чистота кода, информационная гигиена, почистить кэш. Мало того, слово стало брендом. «Чистота» теперь продаётся как товар: эко-продукты, «чистая косметика».

Рассмотрим таблицу свободная таблица трёх эпох

Параметр	**IX век (Даль В.И.)**	**XX век (Ожегов С.И.)**	**XXI век (Кузнецов С.А.)**
Основной фокус	Душа и Бог	Гигиена и Труд	Экология и Технологии.
Контекст НКРЯ	«Чистота помыслов», «Чистая дева»	«Чистота в цехе, «Борьба за чистоту улиц»	«Чистота продукта», «Экологическая чистота», «Чистота эфира»
Символ	Икона, святая вода	Белый халат, веник	Зелёный листок, фильтр, антивирус.
Статус слова	Сакральное (высокое)	Социальное (норма)	Прагматичное (ресурс/качество)

В XXI веке слово «Чистота» вернуло себе статус «ценности», но уже не религиозной, а физической. Мы снова стремимся к чистоте воды, еды, воздуха, потому что она стала дефицитом.

Результаты. Данный анализ позволил нам выявить следующие культурологические аспекты концепта «Чистоты» в языковой картине современного русского языка. Различия в понимании исследуемого концепта «Чистота» объясняет тот факт, что нормы и механизмы его языковой репрезентации рассматриваются в контексте междисциплинарных исследований в различных лингвокультурологических аспектах.

«Язык- орудие, инструмент культуры. Он формирует личность человека, носителя языка, через навязанные ему языком и заложенные в языке видение мира, менталитет, отношение к людям, то есть через культуру народа, пользующегося данным языком как средством общения». По определению Тер-Минасовой [11, с. 94].

Коммуникативный стержень языка заключается в лингвокогнитивной базе коллективного и индивидуального языкового сознания. Языковой коллектив и индивидуум того или иного народа являются носителями культуры в языке. По мнению А.Шмелёва “Русская языковая модель человека определяется двумя противопоставлениями: (1) идеального и материального и (2) интеллектуального и эмоционального. Первое противопоставление отражает в языке как противопоставление *духа и плоти*, второе- как противопоставление *ума и сердца”.* Если по мнению А. Шмелёва лексема *сердце* “специализируется” на эмоциях, то-*Чистота* фокусируется на:

-этическом и духовном значении-это “прозрачность” помыслов и намерений. Это состояние “чистого сердца” , это “прозрачность” помыслов и намерений.

“Чистая совесть глаз не боится”-подчёркивает, что внутренняя святость защищает человека от внешнего зла.

“Чистому всё чисто”-этический подтекст в том, что честная и простая жизнь сама по себе красива;

-имеет психолгический аспект- это своего рода “гигиена чувств”, позволяющая сохранять ясность ума и живость души.

“Порядок в доме-порядок в голове”, напрямую указывает на связь между окружающей средой и ясностью мышления;

-идиоматическом смысле-выражения “чистое сердца” или “от чистого сердца” это отражение откровенности и отсутствия скрытых мотивов. *“Вывести на чистую воду”*-разоблачить, раскрыть правду о чьих-то тёмных делах;

-экологическое предназначение-это **“зелёное мышление”,** здесь “Чистота” выливается в мир чувств. Чистое сердце в XXI веке- это экологичное отношение к себе и окружающим**.***“Зелёный наряд –радость для глаз, чистый воздух-здоровье для нас”*-пословица подчёркивает эстетическую и физиологическую ценность экологии;

-цифровой/технологической “чистоте”- это отсутствие багов(bugs, искажения и старые травмы) и шума, а именно отсутствие «цифрового мусора». *«Чисто не там, где много читают, а там, где не потребляют информационный мусор».* Умение отличать «чистые» факты от «грязной» лжи и манипуляций;

-нейробиологический аспект–это способность мозга очищаться от старых деструктивных паттернов. «Чистота» здесь — это отсутствие **«нейронного мусора»** (зацикленных негативных мыслей)**.** Говоря простыми словами**,** это биологическое «обнуление». *«Порядок в доме- порядок в голове»,* эта пословица связывает внешнюю среду с когнитивным контролем;

-лингвистический аспект. В последние годы в СМИ слово “ чистота” чаще всего встречается в контексте борьбы за сохранение культуры речи. Это современный аналог “нравственной чистоты” из XIX века. *“Язык-весы ума и сердца*» [13, с. 65- 76].

В этой пословице чистота речи — это не только отсутствие жаргонизмов или ошибок, но прежде всего семантическая прозрачность. Язык выступает как «транслятор» сердца: если сердце «чисто», то и речь становится прямой ясной и лишённой двойных смыслов.

В мире людей чистота речи — это «транслятор сердца» и осознанный выбор, то в лексической системе применительно к животным это понятие резко сужается, оно ограничено физиологическим аспектом. Здесь «Чистота» перестает быть вопросом морали и переходит в плоскость чистой физиологии. Если говорить о животных, то можно сказать об их внешнем виде, употребив концепт «Чистота», но мы не можем характеризовать животное как «чистоплотное» или «чистосердечное», употребив эти понятия в этическом и нравственном понятиях. Эти адъективы подразумевают сознательный этический выбор, присущий только человеку. [5, с. 104]

В русском языке такое устойчивое выражение как «чистоплотная как кошка» носит характер антропоморфной метафоры, где инстинктивное поведение животного наделяется человеческими оценочными категориями. Слово «чистоплотный» — это не просто описание факта (отсутствие грязи), а одобрение со стороны социума. Животное не стремится к социальному одобрению, поэтому эпитет «чистоплотный» по отношению к нему – это **антропоморфизм.** Данная метафоризация «чистоплотная как кошка» наглядно демонстрирует специфику лингвокультурологического моделирования реальности: инстинктивные формы поведения представителей фауны интерпретируются через призму аксиологических установок человека.

«Чистота» как «весы ума и сердца» — это прерогатива человека, потому что она подразумевает осознанность. В животном мире всё иначе: здесь концепт чистоты лишён нравственного подтекста. Отсюда отчётливо видно, что язык и лексемы языка напрямую влияют на культуру, сознание и мышление народа.

Стремясь к прямой и ясной речи, о которой говорилось выше, мы часто сами попадаем в ловушку антропомофорных метафор. Например, когда мы называем кошку «чистоплотной», мы подсознательно наделяем её человеческой этикой. Однако лингвистически концепт «чистоты» у животных ограничен лишь инстинктами, и в этом кроется главное различие между нашим «языком сердца» и их природной целесообразностью.

Обсуждение. Интерпретация полученных данных позволяет эксплицировать специфику репрезентации лексико-семантического поля «чистота» в современном русском языковом сознании и традиционной культуре.

Анализ материалов НКРЯ демонстрирует устойчивый сдвиг концепта «Чистота» в сторону прагматизации. В корпусном материале доминируют лексемы, вербализирующие физическую чистоту, экологические стандарты и технологические процессы (чистое производство, чистая энергия, чистка кэша). В то же время паремиологический фонд удерживает целостное ядро поля, где «Чистота» выступает прежде всего как этическая категория. Пословицы: *«Чистая совесть, глаз не боится»* или *«Чистому всё чисто»* подтверждают, что в народном сознании чистота физическая является лишь внешним маркером духовной безупречности. [10, с. 46]

Исследованные данные позволяют зафиксировать расширение периферии поля за счёт новых дискурсивных практик. Если в пословицах метафора «Чистоты» ограничена оппозициями «грязь-правда» или «свет-тьма», то в современном языке поле «Чистота» активно колонизирует экономическую (чистые активы), политическую (чистые выборы). Это свидетельствует о трансформации концепта из сугубо бытового и религиозного в универсальный маркер легитимности и прозрачности.

Несмотря на функциональное разнообразие контекстов в языке, ядро лексико-семантического поля остаётся стабильным. Прилагательное «чистый» сохраняет высокую частотность в обоих типах источников, выступая в роли когнитивного эталона. Однако, если в корпусе «Чистота» часто ассоциируется с отсутствием примесей или загрязнений (объективный признак), то в пословицах она сопряжена с категорией труда и порядка («Не то чисто, что метут, а то, что не сорят»), что вносит в поле деятельный компонент.

Интересным представляется тот факт, что современные заимствования, зафиксированные в языке (клининг, детокс, стерильность в немедицинском смысле), практически не вступают в синонимические отношения с паремиологическими единицами. Это указывает на формирование в рамках лексико-семантического поля «Чистота» нового пласта- «технологической чистоты», которая лишена морально-этической оценки, характерной для традиционной русской картины мира.

Важным аспектом интерпретации поля «Чистота» является разграничение понятий «чистоты» и «чистоплотности». В отношении животных лексема «чистый» употребляется преимущественно в биологическом или гигиеническом смысле – «чистая порода», «чистая шерсть».

При этом использование производного прилагательного «чистоплотный» применительно к животным в строгом лингвистическом смысле является метафорическим. Слово «чистоплотный» этимологически связано с «плотью», но в современном языке оно почти полностью ушло в сферу психологии и этики. В пословицах («Чистоплотная как кошка») эта граница подчёркивается через противопоставление человека и животных, показывая человеческую интенцию к чистоте.

Заключение. Подводя итог анализу, мы видим, что в структуре лексико-семантического поля «Чистота» лексема *чистоплотность* занимает специфическую нишу: она маркирует переход от биологического состояния к этической и социальной характеристике личности. Это подтверждает тезис о том, что чистота в языке — это не просто отсутствие загрязнения, а результат сознательного упорядочивания мира человеком. Исследование подтверждает, что поле «Чистота» в русском языке является не просто дескриптивным, а нормативным, фиксирующим границу между природным началом и человеческой культурой.

Проведённый сопоставительный анализ языковых материалов и паремиологического фонда позволяет сделать вывод о дихотомической природе лексико-семантического поля «Чистота». Если в традиционной картине мира(пословицах) чистота выступает как константная этическая категория, неразрывно связанная с духовностью и честностью, то в современном языковом узусе НКРЯ наблюдается процесс десакрализации и прагматизации концепта. Поле расширяется за счёт технологических, экологических и медийных контекстов, где «Чистота» трактуется как отсутствие дефектов, прозрачность бизнес-процессов или цифровая гигиена, постепенно утрачивая свою первоначальную сакральную значимость.

Применение комплекса методов, включающего статистический анализ языковых данных и семантическую интерпритацию паремиологического фонда, позволило верифицировать гипотезу о

многослойной структуре исследуемого поля. Количественные показатели частотности лексем в корпусе в сочетании с качественным анализом контекстов употребления подтвердили динамику перехода концепта «Чистота» из микросферы быта в макросферы экологии и права. Использование метода компонентного анализа дало возможность выявить тонкие семантические различия в дескриптивных характеристиках образа человека и животного, что подчёркивает антропоцентрическую направленность поля в русском языке. Таким образом, трансформация концепта «Чистота» свидетельствует о его аксиологизации, где физический аспект уступает место социально-этическому, техническому, социальному, научному, цифровому. Следовательно концепт «Чистота» переходит из разряда бытовых характеристик в разряд базисных ценностей, определяющих этический облик человека в рамках данной культуры.

Данное исследование проведено в соответствии с перспективным планом программы научно-исследовательской работы кафедра русского языка Таджикского международного университета иностранных языков имени С Улугзаде под названием «Актуальные проблемы изучения русского языка в нынешних условиях». Следовательно, все рассмотренные вопросы освещают общую задачу изучения и совершенствования русского языка в национальной аудитории по различным вопросам лингвистики.

Литература

1.Арутюнова Н.Д. Язык и мир человека / Н.Д. Арутюнова. - 2-е изд., испр.- Москва: Языки русской культуры, 1999.-896с. (Базовая работа по концептам и ценностям в языке).
2.Воркачев С.Г. Лингвокультурология, языковая личность, концепт: становление антропоцентрической парадигмы в языкознании / С.Г. Воркачев // Филологические науки. - 2001.- № 1.- С.64-72.
3.Вежбицкая А. Язык. Культура. Познание: пер. с англ. Отв. Ред. М.А. Кронгауз, вступ. ст. Е.В.Падучевой.- М.: Русские словари, 1996.-416с.
4.Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка. – М.: Наука. 1958. 1066 с.
5.Карасик В.Ю. Языковой круг: личность, концепты, дискурс.-Волгоград: Перемена, 2002-477 с.
6.Маслова В.А. Лингвокультурология: учеб. пособие для студ. высших учебных заведений/ В.А. Маслова. - Москва: Академия, 2001.-208с.
7.Митенков Ф.М. Судовая ядерная энергетика, статья «Вестник РАН» (2003). С 74.
8.Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка/ С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. - -е изд., доп.- Москва: ИТИ Технологии, 2006.-944с.
9.Степанов Ю.С. Константы: Словарь русской культуры/ Ю.С. Степанов. -3-е изд., испр. и доп.- Москва: Академический проект, 2004.-992с.
10.Телия В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты/ В.Н. Телия.-Москва: Школа «Языки русской культуры», 1996.-288с.
11.Тер-Минасова С.Г. Язык и межкультурная коммуникация/ Слово.-Москва, 2000.-146с.
12.Фасмер М. Этимологический словарь русского языка: в 4 т./ М.Фасмер; пер. с нем. и доп. О.Н. Трубачёва. -4-е изд., стер.-Москва: Астрель: АСТ, 2004- Т.4.-860 с.
13.Шмелёв А.Д. Русская языковая модель мира: Материалы к словарю/ А.Д. Шмелёв.-Москва: Языки славянской культуры, 2002.-224с.
14.Беркутов Ф. Куда хочу, туда качу// «Туризм и образование».2000. 15 июня. 188 с.
15.Заболоцкий Н.А. «Вечер на Оке»//Новый мир. -1957.-№12. С 71.
16.Островский А.Н. «Снегурочка»//Островский А.Н. Полное собрание сочинений: в 12т.-М.: Искусство, 1974.-Т.3.-с.373.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Акбарова Нигина Давроновна - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, муаллими калон кафедраи забони русӣ факултети забон ва адабиёти рус, Суроға: 734019. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6 тел: 006779566.*

Сведения об авторе: *Акбарова Нигина Давроновна - Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, старший преподаватель кафедры русского языка факультета русского языка и литературы. Адресс: 734019. Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Ф. Мухаммадиева, 17/6 тел: 006779566.*

About the author: *Akbarova Nigina Davronovna - Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulugzoda. Senior Lecturer. Department of Russian Language, Faculty of Russian Languages and literature of the Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17/6 F. Muhammadiev str., tel: 006779566.*

ТДУ 811.222.8'373.2(091)

АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ИЛМИ ОНОМАСТИКАИ ТОҶИК

Бахтибекова Дилангез Ханҷарбековна
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Илми ономастикаи (номшиносӣ) тоҷик як ҷузъи ҷудонопазири илми ономастикаи эроншиносӣ мебошад. Илми ономастикаи тоҷик ҳамчун илм илми нав бошад ҳам, аммо дорои сарчашмаҳои хеле қадимии таърихӣ мебошад. Дар мақолаи муаллиф оид ба сарчашмаҳои илми ономастикаи тоҷик, ки дарбаргири се давраи таърихӣ мебошад, сухан меравад. Илми ономастика (номшиносӣ, аз ҷумла топонимика)-и тоҷик як бахши муҳимми илми забоншиносӣ буда, дорои сарчашмаҳои хеле муътамаду нодире мебошад.

Илми ономастикаи тоҷик дорои сарчашмаҳои муътамадест, ки дар таърихи фарҳанг ва тамаддуни башарӣ назир надорад. Қадимтарин сарчашмаи маводди ономастикии тоҷик китоби «Авесто» мебошад, ки китоби муқаддаси оини зардуштӣ буда, куҳантарин қисматҳои он «Яшт»-ҳо ба асрҳои VIII-VII-и қабл аз мелод рост меоянд. Дар мақолаи илмии муаллиф оид ба таърихи пайдоиши илми ономастикаи тоҷик маълумотҳои ҷолиб ва муътамади илмӣ оварда шудаанд, ки оғози он даврони пешин буда, давраи нави он замони Истиқлол мебошад.

Калидвожаҳо: *илми ономастика, номшиносӣ, топонимҳо, антропонимҳо, ҷойномҳо, номвожаҳои таърихӣ, ономастикаи тоҷик, забоншиносии тоҷик.*

ИЗ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОЙ ОНОМАСТИКИ

Таджикская ономастика является неотлемлимой частью иранской ономастики. Несмотря на то что таджикская ономастика, как наука новая, но оно имеет собой очень древние исторические источники. В научном статье автора речь о древних источниках таджикской ономастики, которая имеет три исторических периодов развития. Таджикская ономастика (в том числе топонимика) является важной частью лингвистики, имеющейся очень достоверные и уникальные источники, история которой насчитывает более шести тысяч лет.

Наука таджикской ономастики имеет достоверные источники, не имеющие аналогов в истории человеческой культуры и цивилизации. Древнейшим источником таджикского ономастического материала является книга «Авеста» — священная книга зороастризма, древнейшие части которой — «Яшты» датируются VIII—VII вв. до н. э. В научной статье автора, посвященной истории возникновения науки таджикской ономастики, представлены интересные и достоверные научные сведения, свидетельствующие о том, что ее начало относится к древней эпохе, а ее новый период – время независимости.

Ключевые слова: *наука о ономастике, ономастика, топоними, антропоними, названия местности, географические название, таджикская ономастика, начало истории, таджикская языкознания.*

FROM THE HISTORY OF TAJIK ONOMASTICS

Tajik onomastics is an integral part of Iranian onomastics. Despite the fact that Tajik onomastics, as a science is new, but it has very ancient historical sources. In the scientific article the author talks about the ancient sources of Tajik onomastics, which has three historical periods of development. Tajik onomastics (including toponymy) is an important part of linguistics, which has very reliable and unique sources, the history of which is more than six thousand years old.

The science of Tajik onomastics has reliable sources that have no analogues in the history of human culture and civilization. The oldest source of Tajik onomastic material is the book "Avesta" - the sacred book of Zoroastrianism, the oldest parts of which - "Yashts" date back to the VIII-VII centuries. BC. The author's scientific article, dedicated to the history of the emergence of the science of Tajik onomastics, presents interesting and reliable scientific information, indicating that its beginning dates back to the ancient era, and its new period is the time of independence.

Keywords: *science of onomastics, onomastics, toponyms, anthroponyms, place names, geographical names, Tajik onomastics, beginning of history, Tajik linguistics.*

Муқаддима. Аз таърихи илми ономастика маълум мегардад, ки аз давраи қадим то ба имрӯз номшиносӣ аз лиҳози мухталиф мавриди таваҷҷуҳи аҳли илм қарор гирифтааст.

Дар адабиёти илмии соҳаи ономастика истилоҳи ономастика ва қисмҳои таркиби онро чунин шарҳу эзоҳ додаанд: «Бо масъалаҳои ном ва номгузорӣ, хосиятҳои калимаҳои ифодакунандаи номҳо, таърихи тавлид ва маънидоди илмии онҳо илми махсуси филологӣ – ономастика (юн. onoma –ном ва stilistika – усули номгузорӣ) машғул аст.

Ономастика ба қисмҳои таркибии антротопонимика (юн.antro–одам, topos–мавзеъ, onoma–ном), этнотопонимика (юн. etnos– халқ, topos – мавзеъ, onoma–ном), топонимика (topos – маҳал, onoma – ном), гидронимика [юн. hidro – об, onoma – ном] ва амсоли инҳо ҷудо мешавад» [1, с. 6]. Муодили тоҷикии ин истилоҳи илмӣ номшиносист. Ё ба таври дигар, ономастика ё номшиносӣ номи ашхоси асотириву таърихӣ, кишвару мамлакат, шаҳру ноҳия, кӯҳу дара, дарёву баҳр, халқу қавму қабилаҳо, номи забонҳо ва амсоли инҳоро фаро гирифта, вижагиҳои маъноӣ, решашиносӣ (этимологӣ), савтӣ, сарфӣ (морфологӣ), калимасозии номҳоро меомӯзад.

Ономастика ё номшиносӣ вобаста ба фарогирии мавзуъ ва хусусияти ба худ хос ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: а) антропонимия; б) топонимия. Бояд гуфт, ки доир ба ономастикаи тоҷик дар забоншиносӣ рисолаҳо ва мақолаҳои зиёде рӯйи кор омадаанд.

Мақсади таҳқиқот муайян намудани шароит ва муҳити таърихии номҳои ҷуғрофӣ ва таъсири он дар шаклгирии хусусиятҳои забон мебошад.

Таҳқиқу баррасии мавзуъ бар мабнои методи синхронӣ-тасвирӣ ва контекстологӣ сурат гирифта, дар мавридҳои зарурӣ усулҳои роиҷи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ ва типологӣ низ ба кор гирифта шудаанд.

Забоншиносии тоҷик дар заминаи қолаб ва нигоришу таъсиргузории забоншиносии русу ғарб ва, махсусан эроншиносӣ, шакл гирифта, дастовардҳои амиқу назаррасеро молик гардидааст. Инсоният ба воситаи фаъолияти густурдаи хеш дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ дар масири рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ мақому манзалати махсуси хешро инъикос менамояд. Ҷамъоварӣ, пажуҳиш ва илман асоснок кардани ному насаб, лақабу тахаллус, хусусан исмҳои хос, на танҳо барои забоншиносон, балки барои доираи васеи соҳаҳо, аз ҷумла, таърих, география, этнографияву фарҳангшиносӣ арзиши баланд доранд.

Номҳо барои пажуҳиши таъриху этнография ва фарҳанги миллӣ дорои маводди ғанӣ буда, рушди таъриху фарҳанги таърихии миллат, ташаккули вазъи сиёсию иҷтимоӣ, маънавию ахлоқӣ, доштани завқи эстетикӣ, эътиқод ва муҳаббат ба ниёкон, донишу тафаккури миллӣ ва муҳаббат ба анъанот ва расму оини миллӣ доштаи мардумро таҷассум менамоянд. Номшиносӣ метавонад дар шинохти этносҳои гуногун зимни кӯчиши аҳолӣ аз давраи бостон то марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ мусоидат намояд. Аз омӯзиши ҳамаҷонибаи номшиносӣ, хосатан сохту таркиби антропонимия, вазъи муносибатҳои якҷояи халқу миллатҳои мухталифи гуногунзабонро ошкор намудан мумкин аст.

Гарчанде номшиносӣ ҳамчун илм ва равияи махсус нимаи дуюми асри гузашта шакл гирифта бошад ҳам, номшиносии форсу тоҷик таърихи ин миллатро ҳамроҳӣ мекунад. Дар катибаҳои бостонии миллӣ, аз қабили «Авасто», «Катибаҳои Бесутун», «Кӯҳи Муғ», «Қабои Зардушт», «Дарахти Ассурик», «Тахти Ҷамшед» ва даҳҳо чунин осори хаттӣ шакл ва гунаҳои мухталифи номҳои бостонӣ таҷассум ёфтаанд, ки як иддаи он аллакай мавриди баррасӣ қарор дода шуданд, масъалаҳои омӯхтанашудаи зиёд низ доранд. Ин осори баргузида ва таърихӣ барои омӯзишу таҳқиқи номҳо ва исботи таърихи куҳан доштани номшиносии тоҷик сарчашмаи муътамад маҳсуб меёбад. Дар марҳилаҳои баъдӣ тавассути донишмандону олимони ватанӣ номшиносии тоҷик берун аз маҷрои илми алоҳида рушд дода шуд. Дар сарчашмаҳои таърихиву ҷуғрофӣ ва осори назмию бадеӣ, минҷумла, «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ, «Китоб-ал-ансоб»-и Абусаид Абулкарими Самъонӣ, «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ, «Қобуснома»-и Усурулмаолии Кайковус, «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ, «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, «Ахлоқи Носирӣ»-и Хоҷа Насриддини Тусӣ, «Шоҳнома»-и Саолибӣ, «Исмҳои бузургони Бухорои Шариф», «Дар баёни таворихи анбиё» ва даҳҳо осори гаронмояи дигар пояи соҳа мустаҳкам гардид.

Маводҳо ва методҳо. Ба омӯзишу баррасӣ ва пажуҳиши номҳо, ҳамон гунае ки ишора шуд, илми ономастика машғул буда, он яке аз бахшҳои забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Номшиноси тоҷик бар ин назар аст, ки: «Ба масъалаҳои номгузорӣ ва омӯзиши ҷанбаҳои мухталифи онҳо яке аз шохаҳои муҳимми забоншиносӣ – ономастика машғул мебошад» [12, с. 3].

Номҳо ба таъсири омилҳои гуногун аз макони ҷуғрофӣ ишора мекунанд ва аз номҳои мавзеъҳои мухталиф реша мегиранд. Номҳо ба ҳуввияти миллӣ ва заминаи таърихии ҷомеа ва сарзамин иртибот дошта, тафсилоти фарҳанг, таърих ва адабиёти минтақаро ифода мекунанд ва ба мисли таҳаввулоту рӯйдодҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳадафҳо, тамоюлҳо, дидгоҳҳо ва ҷомеаҳои сарзаминро ифода мекунанд. Типологияи номҳои ҷуғрофӣ ҳамчун таҳқиқи этимологии номҳои ҷуғрофӣ дар шинохти номҳо ва, дар натиҷа, таҳқиқи далелҳои таърихию фарҳангӣ нақши муҳим доранд. Донистани навъҳои номи ҷойҳо дар пешбурди пажуҳишҳои таърихӣ, бахусус, аз нигоҳи таърихи иҷтимоиву фарҳангӣ хеле муҳим аст. Ҷойномҳо аз нигоҳи пайдоиш бо ҳаводиси мухталифи таърихӣ гирифтори таҳаввулоти шаклӣ мегарданд. Садҳо ҳаводисеро ҳамраҳӣ карданд, ки аз онҳо то имрӯз ягон ному нишоне намондааст. Муҳаққиқи шинохтаи рус В.А. Никонов дуруст зикр кардааст: «Шаҳрҳо хароб гардидаанд, давлатҳо барҳам хӯрдаанд, забонҳо ва худи халқҳо аз байн рафтаанд, аммо номҳо боқӣ мондаанд» [6, с.108].

Пажуҳишу баррасии номҳо, махсусан, ҷойномҳои мухталифи Тоҷикистон аз солҳои ҳафтодуми асри гузашта маншаъ мегирад, ки дар ин боб муҳаққиқ О.Маҳмадҷонов чунин мегӯяд: «Пажуҳишу баррасии ҳамаҷонибаи илмии ҷойномҳои минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон аз солҳои ҳафтодуми асри гузашта оғоз гардидааст» [5, с. 19].

Ин илм ҳамчун қисми таркибӣ ва шохаи мустақили забоншиносӣ дар заминаи пажуҳишҳои номҳои хос солҳои 60-70-уми асри гузашта маншаъ гирифта, имрӯз ба як бахши умдаи забоншиносии дунё табдил ёфтааст. Номшиноси тоҷик Ҷ. Алимӣ дар ин бобат чунин иброз медорад: «Ҳамчун бахши мустақили номшиносӣ…. дар панҷоҳ-шаст соли ахир пайдо шуда, диққати олимони зиёди ватанию хориҷиро ба худ ҷалб кардааст. Дар ин ҷода, махсусан, нақши муҳаққиқон С. Роспонд, В.В. Бартолд, Э.М. Мурзаев, В.А. Никонов, А.В. Суперанская, О.Н. Трубачев, В.Н. Топоров, А.П. Дулзон, Ю.А. Карпенко, Е.М. Поспелов, А.И. Попов, аз топонимшиносони Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, А.А. Абдунабиев, Ш. Исмоилов, М. Шодиев, О. Маҳмадҷонов муҳим аст, ки пайваста ба масъалаҳои назариявию амалии топонимика ва, умуман, ономастика машғул буданду ҳастанд» [1, с.16].

Муҳокима. Воқеан, ономастика ҳамчун илм солҳои 60-70-уми қарни XX зуҳур карда ва ин андеша дар таҳқиқоти ҳамаи номшиносон ба мушоҳида мерасад, лекин ин масир воқеияти дигар низ дорад. Муҳаққиқ ва номшиноси ҷавон С. Тағоев дар як матлабаш қайд мекунад, ки «Гарчанде ономастика илми ҷавон бошад ҳам, лекин ин самт решаҳое дорад, ки то ба қаъри таърих рафта мерасад. Ба гунаи мисол, метавонем яке аз қисматҳои он – антропонимикаро ёдовар шавем, ки дар гузашта ба унвони «Номшиносӣ» шинохта мешуд. Аз замонҳои қадим миллати тоҷик ба ному номгузорӣ диққати ҷиддӣ зоҳир менамуданд» [11, с.110-118].

Паҳнои омӯзиши масъалаи номшиносӣ ба дуриҳои таърих мерасад. Масъалаи мавриди таваҷҷуҳ дар муаррифии анъаноти мардуми эронинажод, хосатан, шоҳкориҳое монанди Авасто, Бундаҳишн, Фарҳанги Паҳлавик, Шаҳристони Эроншаҳр, Қабои Зардушт ва навиштаҷоти кӯҳи Муғ зикр ёфта, номи этносҳои мухталифе, ки дар ин осор зикр ёфтаанд, истифодаи васеъ дошта, дар даврaҳои гуногуни таърихӣ мавриди баррасию омӯзиш қарор гирифтаанд.

Баҳсҳо дар мавриди ба кадом шохаи илм мансуб будани ономастика хеле зиёд аст. Иддае аз номшиносон ономастикаро воҳид ва ё қисмати луғатшиносӣ (лексикология) меҳисобанд. Номшинос Д.Э. Розентал дар ин маврид мегӯяд: «Ономастика як қисми лексикология буда, исмҳои хосро мавриди баҳси худ қарор медиҳад» [9, с.177].

Номшиноси дигари тоҷик Давлатов Э. ономастикаро ҷузъи мустақили забоншиносӣ медонад: «Номҳо қисмати муҳимми забоншиносӣ маҳсуб ёфта, таҳқиқи он дар шинохти арзишҳои қимати таърихӣ дошта кумак менамояд» [3, с. 41].

Омӯзиши номҳои хос кайҳо боз таваҷҷуҳи қишри мухталиф – аз мардуми оддӣ то муҳаққиқони соҳаро ба худ ҷалб намуда, ба як раванди муносибу омӯзанда мубаддал гардидааст. Айни замон, номҳо мавриди истеъмоли бахшҳои алоҳидаи илмҳо, аз қабили забоншиносӣ, ҷуғрофия, таъриху этнография ва равоншиносиву адабиётшиносӣ қарор дорад.

Топонимшинос С. Сулаймонов ба таҳқиқи топонимия пардохта, дар мавзуи «Асосҳои лингвистии топонимия дар осори нависандаи асримиёнагии араб Ёқути Ҳамавӣ (асри XIII)» соли 1979 рисолаи илмӣ дифоъ намудааст. Ӯ дар як пажуҳишаш иброз медорад, ки «Ном ҷузъе аз фарҳанги зиндагӣ маҳсуб ёфта, дар фарҳанги ниёкони мо ҳамчун омили ахлоқӣ мақоми шоиста дошта, яке аз вазифаҳои асосии волидайн ҷиҳати интихоби номи зебо ба фарзанд мебошад» [10, с. 79].

Муҳаққиқи номшинос Ғафуров О. доир ба муҳтавои ин илм чунин андеша дорад: «Ташаккули илми ономастика дар баробари таъсири мусбат доштан ба забоншиносӣ, ба дигар самту соҳаҳои дигар, аз ҷумла адабиётшиносӣ, таърих, ҷуғрофия, иҷтимоиёт нақши созгор дорад. Дар ғанӣ гардонидани хазинаи асосии забон низ таъсири судманд дорад» [4, с.3].

Андешаҳои зикршудаи муҳаққиқонро баррасӣ намуда, чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки ономастика ҷузъи мустақили забоншиносӣ буда, паҳнои густардаи омӯзишро доро мебошад ва ба омӯзиши ҳама гуна номҳои хос, таърихи пайдоиш, таҳаввули номҳо дар даврaҳои таърихӣ табдили онҳоро дар натиҷаи корбурди тулонӣ дар забони сарчашма ё вобаста ба вом гирифтан аз забонҳои дигар меомӯзад. Ба маънои маҳдудтар, ономастика номҳои хоси навъҳои гуногун, маҷмуи калимаҳои ономастикӣ – луғати ономастикӣ аст.

Дар эҷоду осори адабиёти ҳазорсолаи мо ва таъриху фарҳанги ниёконамон ном мавқеи хоса дошта, аз ҷониби соҳибони ин адабиёт вориди майдони назму наср гардидааст. Саъдии Шерозӣ дар «Гулистон» мефармояд: «Ва тоифае ... хони неъмат ниҳода ва дасти карам кушода, толиби номанду мағфират» [13, с.867].

Омӯзишу баррасӣ ва пажуҳиши номшиносии тоҷик собит сохт, ки солҳои охир корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар бахши номшиносии тоҷик анҷом дода шуданд, лекин қабати ономастикаи манотиқи мухталифи кишвар ва осори зиёди таърихию бадеӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтаанд. Умед бар он аст, ки дар ояндаи наздик тавассути олимони соҳа роҳи тайношудаи таҳқиқоти ономастикӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад ва мушкилоти мавҷудаи номшиносии тоҷик ҳаллу фасл мегардад.

Номҳои хос, аз ҷумла антропонимия ва топонимия дар осори таърихӣ вазифаҳои гуногуни иттилоърасониро иҷро намуда, ҷузъи муҳимми воситаҳои забони асар ба ҳисоб мераванд. Омӯзиши хусусиятҳои амалкарди номҳои хосро дар осори таърихӣ номшиносии таърихӣ дар бар мегирад. Бояд таъкид намуд, ки вазифаҳои антропонимҳо ва топонимҳо аз дигар категорияҳои исмҳои хос дар матни таърихӣ баробари мафҳумҳои замонӣ барҷаста мебошад.

Чи тавре ки муҳаққиқи барҷастаи тоҷик Офаридаев доир ба ин мавзуъ қайд кардааст: “Исмҳои хос қабати муайяни таркиби луғавии забонро ташкил дода, аз апллятивҳо бо андозаи мафҳум ва маҳдудият ба як объект тафовут доранд. Бо дарназардошти он ки номи алоҳидаро метавонад, ҳар объекти моддӣ ва ғайримоддӣ қабул намояд, миқдори имҳои хос ба миллионҳо мерасад” [8, с. 8].

Хулоса. Дар маҷмуъ, номшиносии тоҷик дар даврaи густариши худ ҳамчун ҳавзаи илмӣ мавқеи худро нигоҳ дошта, тавассути пажуҳишҳои зиёд роҳи рушду таҳаввули худро мушаххас сохт. Ибтидои рушду нумуъ ва густариши ин илм аз асри ХХ маншаъ гирифта, ин марҳиларо ибтидои таълифоту ба нашр расидани асару мақолаҳои муҳаққиқони соҳа медонанд.

Ҳамин тариқ, баррасии номҳо ба ҳайси ҷузъе аз фарҳанги миллӣ дар пешрафти ҳаёти мадании мардум дар баробари вазифаи меҳвариаш, ҳамчун хазинаи арзишманди таърихӣ хизмат менамояд. Ном дар ошкор кардани ҷанбаҳои этникии аҳолӣ, таърихи мардум, қавму қабоил, расму анъанот, фарҳангу иҷтимоиёт ва дигар паҳлуҳои зиндагии мардум хеле густурда аст.

Ҳамзамон, номҳо дар шинохту баррасии масъалаҳои забон ба ҳайси сарчашмаи бурҳон хизмат карда, ташаккулу таҳаввули калимаҳоро дар даврaҳои гуногуни таърихӣ нишон дода метавонанд.

АДАБИЁТ:

1. Алимӣ, Ҷ. Топонимияи минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ-забоншиносӣ) [Матн] / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 420 с.
2. Алимӣ, Ҷ. Ономастика (назария ва амалия) [Матн]/ Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Адабиёт, 2017. – 538 с.
3. Давлатов, Э.А. Корбурди лингвостатистикии Марям ва Исо дар «Қасас-ул-анбиё» [Матн] / Э.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/3. – С. 39-43.
4. Ғафуров, О.Ғ. Қиссаҳо дар бораи номҳо [Матн] / О.Ғ. Ғафуров. – Душанбе, 1968.–140 с.
5. Маҳмадҷонов, О. Топонимиия ва микротопонимияи қисмҳои шимолии водии Ҳисор / О. Маҳмадҷонов. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С. 19-20.
6. Никонов, В.А. Состояние и задачи ономастических исследований Кавказа // Вопросы языкознания. — 1965. — № 4. – С. 103-116.
7. Офаридаев, Н. Асрори олами номҳо [Матн] / Н. Офаридаев // Садои Шарқ.–1985.– № 4. – С. 131-133.
8. Офаридаев, Н. Таҳқиқи забоншиносии микротопонимияи Ванҷу Дарвоз: авт. дис. ном. илм. филол. [Матн] / Н. Офаридаев. – Душанбе, 1984. – 19 с.
9. Розенталь, Д.Э., Теленкова, М.А Словарь-справочник лингвистических терминов. Изд. 3-е [Текст] / Д.Э. Розенталь, М.А. Теленкова. – М.: Просвещение, 1985. – 400 с.
10. Сулаймонов, С. Ёқути Ҳамавӣ аввалин топонимисти асримиёнагии Шарқ / С.Сулаймонов //Чиҳил мақола. – Душанбе, 1976. – С. 79.
11. Тағоев, С. Нигориши забонии антропонимияи Романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода [Матн] / С.Тағоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе: «Истиқлол-2019», 2023. – №4-2 (33). – С. 110-118.
12. Ҳомидов, Д.Р. Топонимияи водии Кешруд: рисолаи илмӣ / Д.Р. Ҳомидов. – Душанбе, 2002.-104 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1 [Матн]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2 [Матн]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 947 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Бахтибекова Дилангез Ханҷарбековна. - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ. Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6, E-mail: dilangez917@gmail.com. Телефон: (+992) 935493929*

Сведения об авторе: *Бахтибекова Дилангез Ханджарбековна - Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, ассистент кафедры таджикского языка. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, E-mail: dilangez917@gmail.com. Телефон: (+992) 935493929*

Information about the author: *Bakhtibekova Dilangez Khanjarbekovna - Tajik International University of Foreign languages named after Sotim Ulughzoda, Assistant of the Tajik Language Department. Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev st., tel.; (+992) 935493929. E-mail: dilangez917@gmail.com*

УДК-82.081

ҶУСТОРЕ ДАР БОРАИ НАХУСТИН ТАРҶУМАҲОИ БАДЕӢ ДАР МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИК

Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар мақола муаллиф оид ба нахустин маводи тарҷумавӣ дар шумораҳои аввалини маҷаллаи «Садои Шарқ» пажӯҳиш анҷом дода, ба ин натиҷа расидааст, ки нақши рӯзномаю маҷалла ва ҳафтаномаҳои тоҷик дар таҳаввули тарҷумаи бадеии тоҷик бисёр назаррас будааст. Бавижа, яке аз маҷаллаҳои адабии машҳури имрӯз - «Садои Шарқ», ки нахуст бо номи «Дониш-биниш», сипас таҳти унвони «Роҳбари дониш», баъдан «Шарқи сурх» ва ахиран бо номи «Садои Шарқ» нашр мешавад.

Маҷалла нахуст бо ҳуруфи форсӣ ба табъ расида, сипас аз охирҳои соли 1929 хатти форсӣ ба лотинӣ иваз ёфтааст ва қисман форсию лотинӣ рӯйи чопро дидааст. Аз соли 1930 хат комилан лотинӣ шуда, минбаъд маҷалла бо ин ҳуруф интишор гардидааст. Ҳамин тариқ, дар маҷалла аз адабиёти рус ва ҳинд зиёд осор тарҷумаю интишор мегардидааст. Махсусан, дар ин солҳо бештар маводи бадеӣ аз осори адибони машҳури рус Максим Горкий, Лев Николайович Толстой ва аз адабиёти Ҳинд Робиндронат Тҳакур ба мушоҳида расид. Дар ин давра мутарҷимон Асадуллоҳи Ранҷбар, Ҷаъфарзода, Замонӣ, Зеҳнӣ, Бектош, Обид Астатӣ, Н. Юсуфӣ ва Ҷ. Ҳомид фаъолияти пурсамар доштаанд.

Калидвожаҳо: *маҷалла, тарҷума, «Дониш-биниш», «Роҳбари дониш», «Садои Шарқ», тарҷумон, осори бадеӣ, тарҷумаи бадеӣ.*

ИССЛЕДОВАНИЕ О ПЕРВЫХ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ПЕРЕВОДОВ В ТАДЖИКСКОЙ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ

В статье автор проводит исследование по материалам художественных переводов в первых изданиях журнала «Садои Шарк». Анализ показал, что в становлении таджикского художественного перевода очень велика роль таджикских газет, журналов, еженедельников и др. Особенно важна роль одного из самых известных на сегодняшний день литературных журналов - «Садои Шарк» («Голос Востока»), который выходил сначала под названиями «Рохбари дониш», «Шарки сурх» а, в конце «Садои Шарк».

Заключив исследование, автор пришел к выводу, что журнал сначала издавался на персидском языке, затем в конце 1929 года алфавит был изменен на латинский, и впредь журнал частично печатался на персидском и латинском языках. С 1930 года алфавит полностью стал латинским, и журнал издавался этим шрифтом.

В эти годы было замечено больше художественного материала из произведений известных русских писателей - Максима Горького, Льва Николаевича Толстого, а также индийского литератора Робиндроната Тхакура. В то же время плодотворную деятельность в этой области вели следующие переводчики: Асадуллахи Ранджбар, Джафарзода, Замони, Зехни, Биктош, Обид Астати, Х. Юсуфи и Дж. Хамид.

Ключевые слова*: *журнал, перевод, «Дониш-биниш», «Рохбари дониш», «Садои Шарк», переводчик, художественные произведения, язык, письменность, художественные переводы.

A STUDY OF THE FIRST LITERARY TRANSLATIONS IN THE TAJIK PERIODICAL PRESS

In the article the author conducted a study based on literary translations in the first issues of the magazine “Sadoi Sharq”. According to the author, the role of Tajik newspapers, magazines and weeklies, is very important. Especially one of the most famous literary magazines today is "Sadoi Sharq", which was published first under the name "Rohbari donish", then under the name "Sharqi surkh" and, finally, under the name "Sadoi Shaq".

As a result of the study, the author came to the conclusion that the journal was first published in Persian, then at the end of 1929 the font was changed to Latin, and henceforth the journal was partially printed in Persian and Latin. Since 1930, the font has been completely Latin, and the magazine is published in this font.

So, in the magazine, translations were made mainly from Russian and Indian literature. In particular, during these years more artistic material was noticed from the works of famous Russian and Indian writers: Maxim Gorkiy, Leo Nikolaevich Tolstoy and Robindronath Thakur. At the same time, the following translators were productive in this area: Asadullahi Ranjbar, Jafarzoda, Zamoni, Zehni, Biktosh, Obid Astati, H. Yusufi and J. Hamid.

Keywords: *magazine, translation, "Donish-binish", "Rohbari donish", "Sadoi Sharq", translator, works of art, language, writing, literary translations.*

Муқаддима

Дар солҳои аввали барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ ҷиҳати ташаккули тарҷумаи бадеии тоҷик ба андешаи мо ҷараёну падидаҳо ва омилҳои зерин сабаб гардидаанд: шомил шудани тоҷикон ба узви Ҳукумати Шуравӣ ва ё худ таъсиси Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки яке аз заминаҳои асосии тарҷумаи бадеии тоҷик мебошад; мақоми давлатӣ гирифтани забони русӣ ва таъсири забону адабиёти рус ба осори бадеии тоҷик; таъсиси нахустин рӯзномаҳою маҷаллаҳо, махсусан адабию соҳавӣ, ба монанди «Бухорои шариф», «Оина», «Самарқанд», «Овози Шарқ», «Бедории тоҷик», «Овози тоҷик», «Барои маорифи коммунистӣ», «Шуълаи инқилоб», «Барои мактаби советӣ», «Дониш ва биниш» («Садои Шарқ») ва ғайра; таъсис ёфтани Нашриёти Давлатии Тоҷикистон дар соли 1925; нахустин Анҷумани нависандагону шоирони узви Ҳукумати Шуравӣ; даҳаи адабиёт, солгарду солҷашнҳои халқҳои узви Ҳокимияти Шуравӣ ва ғайра.

Дар ин миён, дар баробари роҳу воситаҳои гуногуни интишори ин навъи осор, нақши рӯзномаю маҷалла ва ҳафтаномаҳою рӯзномаҳои давр назаррас ва муҳим арзёбӣ мегардад. Ин тамоюл имконияти бисёр хуберо барои хонандаи тоҷик фароҳам оварда, ки асарҳои ҳаҷман хурду бузурги осори дабиёти ҷаҳонро аз саҳифаи рӯзномаю маҷаллаҳо ва нашрияҳо дар тарҷумаи тоҷикӣ ва нашри саривақтӣ мутолиа намоянд.

Дар самти таъсиси ин маҷалла хидмати бузурги устодон Садриддин Айнӣ, Абдулқосим Лоҳутӣ ва сиёсатмадорони давр хеле бузург будааст. Ҳамин далелро сардабири имрӯзаи он-Ато Мирхоҷа чунин тасдиқ намудаанд: «“Садои Шарқ” соли 1927-ум бо саъйу кӯшиши устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, сиёсатмадорони ватандӯсти тоҷик Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва чанд тан сарсупурдагони миллатдӯсти дигар таъсис ёфтааст» [1].

Ин андешаи Ато Мирхоҷаро санътшинос Тилло Неккадамов низ тасдиқ намудааст: «Зарурати нашри чунин як журналро устод Садриддин Айнӣ дарк карда, дар пеши Комиссариати маорифи Тоҷикистон масъала гузошт ва бо ташаббус ва иштироки бевоситаи вай соли 1927 дар Самарқанд шумораи якуми «Дониш-биниш» ном журнали адабӣ нашр шуда баромад, ки аз шумораи дуюмаш «Раҳбари дониш» ном гирифт» [16].

Дар нахустин саҳифаҳои ин маҷалла маводди гуногуни илмӣ, бадеӣ, сиёсӣ, пулисистӣ ва ҳамзамон тарҷумаи осори гуногун, бавижа аз адабиёти ҷаҳон ба чоп мерсидааст. Ҷиҳати тарҷумаву таҳияи ин осор тарҷумонҳо-Асадуллоҳи Ранҷбар, Ҷаъфарзода, Замонӣ, Зеҳнӣ, Бектош, Обид Астатӣ, Н. Юсуфӣ ва Ҷ. Ҳомид фаъолияти пурсамар ва заҳмати зиёд кашидаанд

Маводҳо ва методҳо

Дар ин маҳдуда мехоҳем, руҷуи кутоҳе ба таърихи тарҷумаи осори бадеӣ ва намунаҳои нахустини он дар шумораҳои аввалини маҷаллаи «Садои Шарқ» намоем, ки дар оғоз бо номҳои «Дониш-биниш», «Роҳбари дониш», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Шарқи сурх» ва ахиран бо номи «Садои Шарқ» нашр мешавад.

Перомуни нақши маҷаллаи мазкур дар рушди адбиёту маънавиёт ва чопи осори тарҷумонӣ мақолаҳои муҳаққиқони зерин дар матбуоти даврӣ ба чоп расонидааст: Рустам Ваҳҳобзода, сардабири феълии маҷалла-Ато Мирхоҷа, санъатшинос-Тилло Неккадамов ва дигарон. Дар рафти нигоштани мақолаи худ мо, ба ин таълифот такя карда, ҳамзамон аз маҷмуи методҳои илмӣ-амалӣ истифода намудем. Масалан, методи муқоисавӣ (контрастивӣ), методи

функционалӣ-иртиботӣ, методи муқоисавӣ-таърихӣ ва ғайра, ки истифодаи маҷмуи ин методҳо заминаи илмии боэътимодро барои таҳлилу баррасии масъалаи мазкур фароҳам оварда.

Муҳокима. Дар оғоз номи маҷалла «Дониш-биниш» буда, сипас бо унвонҳои «Роҳбари дониш», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Шарқи сурх» ва ахиран бо номи «Садои Шарқ» нашр мешудааст. Ҳамин далелро устод Рустам Ваҳҳобзода дар мақолаи худ бо номи «Солномаи фарҳангу адаби Тоҷикистон», ки ба ифтихори 90 солагии маҷаллаи мазкур иншо намудааст, чунин баён намудаанд: «Нашрияи миллии адабии «Садои Шарқ» куҳантарину ҷомеътарин нашрияи фаъоли адабию иҷтимоии Тоҷикистон аст, ки инак ба қуллаи 90-солагӣ расид. Шумораи нахустини маҷалла бо номи «Дониш-биниш» дар Самарқанд интишор ёфт. Аз шумораи дувуми соли 1927 то соли 1932 он бо унвони «Раҳбари дониш» чоп мешуд. Аз соли 1932, бино бар таҳаввулоти сиёсие, ки ба ҳаёти адабию фарҳангӣ низ нуфуз карда буд, номи ин маҷалла «Барои адабиёти сотсиалистӣ» шуд, ки ба сурати мухтасар «БАС» низ қайд мегардид. Аз соли 1934 то 1964 маҷалла унвони «Шарқи сурх»-ро дошт ва аз шумораи 5-уми соли 1964 то имрӯз бо номи «Садои Шарқ» интишор меёбад» [15].

Лозим ба зикр аст, ки оид ба назарияи тарҷумаи бадеии тоҷик ва марҳилаҳои рушди он мақолаву рисолаҳои илмӣ нигошта шуда, мизҳои мудаввару конференсияҳои зиёди сатҳи гуногун баргузор гардидааст, ки дар онҳо услубҳо ва принсипҳои тарҷумаи бадеии тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, устод Садриддин Айнӣ, Ҳабиб Аҳрорӣ, Раҳим Ҳошим, Ҷалол Икромӣ, Ҳ. Ирфон, Эммануил Муллоқандов, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Б. Тилавов, Д. Саймиддинов, А. Афсаҳзод, Салоҳат Айнӣ, Камол Айнӣ, М. Бачаев, Шокир Мухтор, Матлубаи Мирзоюнус, Нағзибекова Меҳриниссо, Муллоҷонова Закия, Давронов Абдувалӣ, Мурватиён Ҷамила, Абдуманнонов Абдураҳмон, Зайниддинзода Муртазо, Самадов Абдурашид ва дигарон мақолаю фаслу бобе аз китоби худро ба ин масъала бахшидаанд. Аммо, мутаассифона оид ба нақши матбуоти даврӣ ва маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ дар рушду таҳаввули тарҷумаи бадеии тоҷик то кунун кори мондагоре ба назар нарасид. Ба истиснои мақолаи мазкури устод Рустам Ваҳҳобзода, ки руҷӯи иҷмолие ба нақши маҷалла дар адабиёти ҷаҳон намудаанд. Бинобар ин, мо дар раванди пажӯҳиш ва таҳияи мақола ба хулосае омадем, ки дар таълифоти минбаъда ба ин самт таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем.

Барои ноил шудан ба ҳадафи худ аз нигоҳи маводи таърихӣ ва адабӣ мо аз имконоти Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири он истифода кардем. Маълум гардид, ки як шумораи маҷалла дар ду нусха зери унвони «Дониш-биниш» №1 (№53-54) моҳи августи соли 1927, бо хатти форсӣ ба табъ расидааст, ки дар ин шуъба маҳфуз аст [2]. Як бахши қобили мулоҳизаи ин маҷалла «Адабиёт» унвонгузорӣ шуда, дар ин қисмат мо шеъреро бо номи «Ҳой душмани Шуро! (аз забони меҳнаткашон)» мушоҳида мекунем, ки аз ҷониби ноширон тарҷума будани шеър зикр шудааст, вале, мутаассифона, аз кадом забон ва аз ҷониби кӣ тарҷума шудани он қайд нагардидааст. Бо вуҷуди ин, пораи манзумро метавон нахустин намунаи тарҷумаи бадеии тоҷик дар саҳифаи маҷаллаи мазкур унвон кард [2, с. 39]. Ҳадафи маҷалла низ рушди робитаҳои адабӣ ва ошно намудани хонандаи тоҷик бо адабиёти хориҷ мебошад: «Яке аз ҳадафҳои асосии нашрия аз оғози фаъолияташ бо номи «Дониш-биниш» («Раҳбари дониш») дар баробари нашри асарҳои адибони тоҷик, ошно кардани мардум бо беҳтарин намунаҳои адабиёти ҷаҳон буд» [15].

Сипас, дар ҳамин сол номи маҷалла ба «Роҳбари дониш» табдил меёбад ва дар муқоваи он ҳадафҳои асосии интишори маҷалла чунин баён мегардад: «Маҷаллаи иҷтимоӣ, тарбиявӣ, фаннӣ ва адабӣ буда, ҳар моҳ як бор нашр мегардад» [4, с. 1].

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ дар ин маврид ин аст, ки нахустин намунаи тарҷумаи осори нависандаи Ҳинд Робиндронат Таҳакурро (رابندات تاکور) мо дар саҳифаи ин маҷалла мушоҳида мекунем. Дар шумораи №1-2 (5) январ-феврали соли 1928, ҳикояи адиб бо номи «Як шаби босаодат» (намуна аз адабиёти муосири Ҳинд, Робиндот Токур, асли матн – Б. З.) ҷой дода шудааст [5, с. 36].

Дар саҳифаҳои нахустин шумораҳои маҷалла осори тарҷумавии адабиёти рус бештар ҷой дода мешудааст: «Бино бар ин, дар нахустин шумораҳои ин нашрия тарҷумаи асарҳои адибони оламшумул Л.Н.Толстой, А.П.Чехов, А.М.Горкий, Р.Такур ба табъ расидааст, ки оғози неки як

кори азими эҷодӣ буд. Бо як назар ба феҳристи комили “Садои Шарқ”, бо фаро гирифтани ҳамаи даврaҳои номгардонияш маълум мегардад, ки пайдо кардани кишваре ва миллате, ки аз адабиёти он намунае ба тоҷикӣ чоп нашуда бошад, корест душвор. Осори адабие, ки аз беҳтарин намунаҳои адабиёти ҷаҳон интихоб ва аксаран аз тарафи боистеъдодтарин адибони тоҷик тарҷума шудааст, ганҷи пурбаҳоест». [15].

Ҳамзамон, дар саҳифаҳои мақаллаи мазкур тарҷумаи маводи сиёсӣ, фаннӣ, мақолаҳои илмӣ, бавижа илми педагогика ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар ин давра намунаҳои зерини тарҷумаро метавон қайд намуд, ки ба воситаи мақалла ба хонанда пешкаш гаштаанд: мақолаҳои Замонӣ ном муаллиф таҳти унвони «Кай ва чӣ тавр бояд ба тарбияи баданӣ машғул шуд?» дар тарҷумаи Ҷаъфарзода [7, с. 54-57]; «Маълумоти асосӣ дар бораи педогокиё (кӯдакшиносӣ)» муаллиф Орбузуф, тарҷумон Асадуллоҳи Ранҷбар [8, с. 20-27]; «Дар мактабҳои дараҷаи якум ташкилоти худидоракунии кӯдакон» муаллиф Сарбуф, тарҷумон Ранҷбар 98, с. 49-55]; «Маълумоти асосӣ дар бораи педагогиё» муаллиф Ивонуф дар тарҷумаи Ранҷбар [9, 16-20]; «Таҷрибаи баданӣ ё парвариши ҷисмонӣ» муаллиф Ивонуф, дар тарҷумаи А. [11, с. 12-16] ва «Кӯдакшиносӣ» муаллиф А. О. Ифский дар тарҷумаи А. Ранҷбар [12, с. 10-16].

Чунин иқдоми мақалла, ки бештар ба чопи тарҷумаи маводи сиёсӣ, фаннӣ, мақолаҳои илмӣ, махсусан аз илми педагогика таваҷҷуҳ намудааст, маҳз ба сиёсати давр ва сохтани давлати Шуравӣ алоқамандии зич дорад, зеро он солҳо ҷаҳонбии кулли мардуми тоҷик иваз меёфт, тадрис дар мактабҳо таҷдид мегардид ва барои тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ ва ҷисмонӣ ин гуна маводҳо бисёр зарур буданд. Яъне, тарҷумонҳо маҳз ҳикояву мақолаҳоеро интихоб кардаанд, ки аз чунин хусусиятҳо бархӯрдор буданд.

Мақаллаи мавриди назари мо дар аввал, бинобар сабабе ки дар замони интишори он расмулхатти роиҷ алифбои форсӣ буд, бо ҳуруфи форсӣ ба табъ мерасид ва шуруъ аз охирҳои соли 1929 хатти форсӣ ба лотинӣ иваз мешавад ва минбаъд мақалла қисман форсию лотинӣ рӯйи чопро мебинад. Аз оғози соли 1930 вақте ки алифбои мутадовил комилан лотинӣ мешавад, мақалла низ бо ин ҳуруф интишор меёбад.

Тамоюли дигаре, ки таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб кард, ин нашри мавод аз тарҷумаи забони русӣ дар саҳифаи мақалла буд. Ин раванд ба андешаи мо ду сабаб дошт: омили аввал-мақоми давлатӣ гирифтани забони русӣ. Пас аз пазируфта шудани ин забон ба ҳайси забони давлатӣ раванди тарҷумаи осори бадеӣ аз ин забон ба забонҳои дигар, аз ҷумла тоҷикӣ рушду тараққӣ намуда, беҳтарин асарҳо аз забони русӣ тарҷумаю тадвин мегардиданд. Омили дуюм, ки ба аввалӣ пайвастагии ногусастанӣ дорад, ин муҳтавои осори бадеӣ мебошад. Ҳамин далел буд, ки бо таваҷҷуҳ бо вазъи сиёсати рӯзгор дар мақалла матни тарҷумаҳо бештар аз адабиёти рус ва Ҳинд интихоб шудаанд. Махсусан, дар ин солҳо бештар маводи бадеӣ аз осори адибони машҳури рус, аз ҷумла Максим Горкий, Лев Николайович Толстой ва аз адабиёти Ҳинд Робиндронат Тҳакур дида шуд. Агар муҳтавои осори тарҷумашудаи ин адибонро таҳлил намоем, ҳамагӣ мавзуи озодихоҳиро дар бар гирифтаанд. Дар ин солҳо мутарҷимони зерин фаъолияти пурсамар дошта, осори озодихоҳии адибони фавқуззикрро ба тоҷикӣ баргардон намудаанд: Асадуллоҳи Ранҷбар, Ҷаъфарзода, Замонӣ, Зеҳнӣ, Биктош, Обид Астатӣ, Н. Юсуфӣ ва Ҷ. Ҳомид.

Хонандаи тоҷик ба воситаи тарҷумонҳо ба бисёр асарҳои адабиёти ҷаҳон, бавижа адабиёти классикии рус шинос шуд ва ин омил сабаби рушди тарҷумаи бадеии тоҷик гардида, ба он овард, ки миллати тоҷик ба фарҳангу тамаддун, адабиёт, тарзи зисту зиндагонӣ ва забони русӣ ошноии бештар ва комил пайдо намояд.

Дигар вижагие, ки дар робита ба масъалаи тарҷума таваҷҷуҳи моро дар шумораҳои нахустини ин мақалла ҷалб мекунад, маълум набудани тарҷумон ё ба сурати ихтисор бо сарҳарфҳои ному насаб ишора гардидани ӯ мебошад. Масалан, дар шумораи №8-9 (11-12), август-сентябри соли 1928 мақолаеро таҳти унвони «Як шудан зарур аст» («Единое на потребу») мебинем, ки тарҷумакунанда бо ҳуруфи «Р. М.» ишора шудааст [8, с. 26-28].

Ба андешаи мо, чунонки зикр кардем, ин ду ҳарф сарҳарфҳои ному насаби мутарҷимин мебошанд, ҳарчанд, ин амр, боиси номуайян мондани шахсияти мутарҷим мегардад. Дигар ин

ки дар он солҳо тарҷума ва ё фаъолияти тарҷумонӣ дуюмдараҷа ба ҳисоб рафта, ному насаби тарҷумонҳо дар аксарияти маводу китоби тарҷумашуда зикр нагардидааст.

Хулоса. Аҳаммият ва омӯзиши таърихи тарҷума ва осори тарҷумашуда дар саҳифаҳои маҷаллаи музкур дар он зоҳир мегардад, ки бо таҳқиқи мероси тарҷумашудаи ин давр, яъне сад соли охир таърихи таҳаввул ва ташаккули забони тоҷикиро тасаввур кардан имконпазир мегардад. Зеро теъдоди бузурге аз мероси хаттии жанрҳои гуногун дар даврони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва баъд аз соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз забонҳои гуногуни дунё ба туфайли тарҷума ба забони русӣ, сипас ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, дар ин маҷалла ба чоп расидаанд, ки ба ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳангу адаби тоҷик табдил ёфтаанд.

Барои нашру тадвин шудани осори бадеӣ аз адабиёти ҷаҳон аз рӯзҳои нахустини фаъолияти худ маҷаллаи «Садои Шарқ» саҳми назаррас дошта, на танҳо асарҳои бадеии нависандагону шоирон дар саҳифаҳои он тарҷума ва нашр гардидаанд, балки дигар анвои осори адибони хориҷӣ, аз ҷумла мақолаҳои публисистӣ, очерк ва пиесаҳо тарҷума шудаанд, ки мо дар ин маҳдуда кушидем, то маълумоти обзорӣ ва муқаддамотиро перомуни ин масъала пешниҳод намоем.

Адабиёт:

1. Ато, Мирхоҷа. “Садои Шарқ” Садсола мешавад //Садои Шарқ, 2026. – №5.
2. Дониш-биниш, №1 (№53-54), августи соли 1927.
3. Зоҳидов, Н., Ҳамробоев Н. Наҳзати тарҷума дар аҳди Сомониён. Донишномаи Сомониён.Ҷ.2. /Н. Зоҳидов, Н. Ҳамробоев. Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – С.66-73.
4. Роҳбари дониш, №2, октябри соли 1927. – С. 28-30.
5. Роҳбари дониш, №1-2 (5) январ-феврали соли 1928. – С. 34-36.
6. Роҳбари дониш, №3 (6), марти соли 1928.– С. 42-43.
7. Роҳбари дониш, №4-5 (8) апрел-майи соли 1928. – С. 54-57.
8. Роҳбари дониш, №6 (9) июнисоли 1928. – С. 20-27.
9. Роҳбари дониш, №11-12 (14-15), ноябр-декабри соли 1928. – С.49-55
10. Роҳбари дониш, №1 (16), январи соли 1929. – С. 16-20.
11. Роҳбари дониш, №2-3 (18), 1929. – С.саҳифаи 21-24.
12. Роҳбари дониш №4 (19). – С. 12-16.
13. Роҳбари дониш №8 (23) августи соли 1929. – С. 10-16.
14. Роҳбаридониш,№8-9 (11-12), август-сентябр соли 1928. – С. 26-28.
15. Рустам, Ваҳҳобзода. https://sadoisharq.com/. Санаи руҷӯъ: 05.06.2026.
16. Неккадамов, Т. «Садои Шарқ» ҳамеша садои миллат буд- Т. Неккадамов //Садои Шарқ, 2026. – №7.
17. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энциклопедияи миллии тоҷик, 2004. – 524 с. – С.175-177.

***Маълумот дар бораи муаллиф**: Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. Нишонӣ: 734019, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: zebonnisobobo@gmail.com, тел: (+992) 931038191.*

***Сведения об авторе**: Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. Адрес: Таджикистан, 734019, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6. E-mail: zebonnisobobo@gmail.com, тел: (+992) 931038191.*

***Information about the author:** Boboalieva Zebonisso Pirmurodovna – The Tajik international university of foreign languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of philology, associate professor of the department of comparative Linguistics and translation theory. Address: Tajikistan, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev street. E-mail: zebonnisobobo@gmail.com, phone: (+992) 931038191.*

ТДУ 811.222.8'282.2'367.622

ОМӮЗИШИ БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ИБОРАҲОИ ИСМӢ ДАР ГӮЙИШҲОИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Қурбонов Содиқ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Раҷабова Кӯлобӣ
Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Хусусиятҳои луғавию маъноии гӯйишҳои тоҷикӣ нисбат ба ҷанбаҳои наҳвии он бештар омӯхта шудаанд. Тарзи ташкили ибора диққати забоншиносонро ҳамеша ба худ ҷалб менамояд, зеро ки дар сохтори ин воҳиди наҳвӣ хусусиятҳои миллии ҳар як забон аён мегардад. Аз омӯзиши лаҳҷашиносии тоҷик метавон хулосагирӣ кард, ки таҳқиқи воҳидҳои наҳвӣ, бахусус ибора, солҳои 1950 шуруъ гардида бошад ҳам, асари мукаммали илмии фарогири ин мавзуъ то даврони истиқлол ба назар намерасад.

Дар бобати тарзи ташкил, ифодаи маъноҳои грамматикӣ ва тафсилёбиву ихтисоршавии ибораҳои исмӣ дар забоншиносии тоҷик масъалаҳои баҳсталаб зиёд буда, таҳқиқи ин воҳиди забонӣ дар асоси маводди назмиву насрии осори ниёгон ва забони зиндаи халқ ба манфиати кор мебошад.

Дар гӯйишҳо унсурҳои таърихӣ бештар маҳфуз мемонанд ва ибораҳои исмӣ чун навъи серитеъмол барои таҳқиқи ин раванд заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, чанд қолаби таърихии ибораро дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, бахусус минтақаи Ховалинг мавриди пажӯҳиш қарор медиҳем ва барои дақиқии хулосабарориҳо маводи гӯйишҳои дигари тоҷикӣ низ ба таври муқоисавӣ оварда мешаванд.

Калидвожаҳо: *калима, гӯйиш, калимаҳои мураккаб, таърихӣ, неошоянд, пасоянд, ибора, раванд, алоқаи изофӣ, сохторҳои таърихӣ.*

ИССЛЕДОВАНИЕ НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ ИМЕННЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В ЮЖНЫХ ГОВОРАХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Лексико-семантические особенности таджикских говоров изучены в большей степени, чем их синтаксические аспекты. Способ образования словосочетания всегда привлекает внимание лингвистов, поскольку в структуре этой синтаксической единицы проявляются национальные особенности каждого языка. Из истории изучения таджикской диалектологии можно сделать вывод, что хотя исследование синтаксических единиц, в частности словосочетаний, началось в 1950-х годах, фундаментального научного труда, охватывающего данную тему, до периода независимости не наблюдалось.

В таджикском языкознании существует немало дискуссионных вопросов относительно способов формирования, выражения грамматических значений, а также распространения и сокращения (эллипсиса) именных словосочетаний. В связи с этим исследование данной языковой единицы на основе поэтических и прозаических материалов наследия предков, а также живого разговорного языка представляется весьма целесообразным.

В говорах лучше сохраняются исторические элементы, и именные словосочетания как наиболее употребительный тип создают благоприятную основу для изучения этого процесса. Поэтому мы подвергаем исследованию несколько исторических моделей словосочетаний в южных говорах таджикского языка, в частности Ховалингского региона, а для точности выводов в сравнительном плане привлекаются также материалы других таджикских говоров.

Ключевые слова: *слово, говор, сложные слова, исторический, предлог, послелог, словосочетание, процесс, изафетная связка, исторические конструкции.*

STUDYING SOME CHARACTERISTICS OF NOUN PHRASES IN SOUTHERN TAJIK DIALECTS

The lexical and semantic features of Tajik dialects have been studied to a greater extent than their syntactic aspects. The mode of phrase formation consistently attracts the attention of linguists, as the

national characteristics of each language are revealed within the structure of this syntactic unit. From the history of Tajik dialectology, it can be concluded that although the study of syntactic units—specifically word combinations – began in the 1950s, a comprehensive scientific work covering this topic did not appear until the period of independence.

In Tajik linguistics, there remain numerous debatable issues regarding the methods of formation, the expression of grammatical meanings, and the expansion and reduction (ellipsis) of noun phrases. Consequently, researching this language unit based on poetic and prose materials from ancestral heritage, as well as the living spoken language, is highly relevant and beneficial.

Historical elements are better preserved in dialects, and noun phrases, as the most frequently used type, provide a favorable foundation for studying this process. Therefore, we examine several historical phrase patterns in the southern dialects of the Tajik language, particularly in the Khovaling region, while comparative materials from other Tajik dialects are also drawn upon to ensure the accuracy of the conclusions.

Keywords: *word, dialect, compound words, historical, preposition, postposition, word combination, process, izafat construction, historical constructions.*

Муқаддима

Дар шаклгирии ибора хусусияҳои миллии забон акси худро меёбад, яъне дар баробари навгониҳо дар ташкили ин воҳиди наҳвӣ унсурҳои таърихӣ низ бештар маҳфуз мемонанд. Дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқон Д. Саймиддинов, А. Ҳасанов, Д. Тоҷиев, М.Н. Қосимова, С. Қурбонов ва дигарон ба хусусиятҳои таърихии шаклгириҳои наҳвӣ дахл намудаанд. Як хусусияти забони зиндаи халқ нигаҳдошти асолати забони миллӣ мебошад. Бо дарназардошти ин, дар мақола мухтасаран ин хусусиятии ибораҳои исмиро мавриди пажӯҳиши мухтасар қарор медиҳем. Барои таҳқиқи ин навъи ибораҳо ба маводи гӯйишҳои гурӯҳи шимолии Кӯлоб (асосан минтақаи Ховалинг: Хонақоҳ,Ҷонбахт, Шехмезон, Таги Ҷар, Ҷари Вокак, Дараи Мухтор, Даҳани Шол, Доробӣ,Чуқурак) такя намудем. Дар гӯйишҳои ҷанубӣ вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ сохт ва тарзи ифодаи классикии ибораҳо бештар нигоҳ дошта шудааст. Дар мақола чанд унсури таърихиро дар доираи ибораҳои исмӣ мухтасаран баррасӣ менамоем.

Дар гӯйишҳои Ховалинг чун забони адабии ҳозираи тоҷик бо алоқаи изофӣ сурат ёфтани ибораҳои исмӣ сермаҳсултарин навъҳои ибора ба шумор меравад. Дар қолаби изофии маъмулӣ (яъне шакли *Қобили муаллим* // *муаллими Қобил* омадани ин хел ибораҳои исмӣ барои гӯйишҳои Ховалинг хос аст. Баъзан дар ин қолабҳои наҳвӣ воситаи алоқаи ин навъи ибораҳо – бандаки изофӣ фурӯгузор мешавад ва ин ҳодиса боиси ба калимаи мураккаб гузаштани ин навъи муайянкунандаҳо мегардад: ***Каримошпаз, Устосангак*** (Доробӣ); ***Наимқассоб; Бобоурус, Аҳмадпалвон*** (Дараи Мухтор, Даҳани Шол, Доробӣ,Чуқурак); ***Раисбобо*** (Ҷари Вокак); ***Салимбойусто*** (Таги Ҷар) ва ғ.

Калимаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ бо роҳу усулҳои гуногун сохта мешаванд. Усули луғавӣ- синтаксисӣ дар забони тоҷикӣ яке аз роҳҳои маъмул ва таърихии калимасозӣ ба шумор меравад. Дар ташкили ин навъи калимасозӣ исм чун ҳиссаи нутқ хусусияти муайяншавандагиро бештар доро мебошад. «Таҳлили муқоисавии исмҳои мураккаб ва ибораҳо нишон медиҳад, ки бисёре аз калимаҳои мураккаб дар асл аз ибораҳои изофӣ ва ғайриизофии исм ба амал омадаанд» [3, с.122]. Калимаҳои мураккаби исмии бо сифатҳо дар ин қолаб ташкилёфтаро дар гӯйишҳои Ховалинг низ мушоҳида мешаванд: *Ҳотаи-и-ъ Мирзочулоқ;* Карими шғбанд-ъ (Ҷонбахт) ва ғ.

Маводҳо ва методҳо

Маводи гӯйишҳои тоҷикӣ имкони баррасии ҳамаҷонибаи хусуситҳои наҳвии забони зиндаи халқро фароҳам меорад. Барои расидан ба ҳадафи худ аз методи муқоисавӣ бештар истифода менамоем. Ибораҳои исмии навъи “Салимбойи усто” ,”Устосалим” аз қолаби маъмулии изофии адабӣ фарқ мекунанд ва хусусияти таърихӣ доранд, ки «Ин қолаби иборасозӣ тарзи қадим буда, ғайри шеваи ҷанубӣ дар шеваи ҷанубӣ-шарқӣ, мобайнӣ ва баъзе гӯйишҳои шеваи шимолӣ низ мустаъмал аст» [4, с.18].

Дар ин навъи ибораҳо муносибатҳои гуногун ифода мешаванд. Муносибати замониро кардани ифода кардани ибораҳои исму исм дар гӯйишҳои Ховалинг мушоҳида мешавад: *Рӯзи ид;Шави-ъ соли нав* ва ғ.

Аксари ибораҳои ифодагари муносибати замонӣ, ки таърихи пайдоишашон ба ҳазорсолаҳо рафта мерасад, ҳоло дар забони адабии тоҷик истифода намегарданд. Муҳаққиқи ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик Абдураҳимов С. инро чунин шарҳ медиҳад: «Бисёр ибораҳои маънои замондошта, аз қабили «вақти аср», «вақти азон», «вақти офтобшинам», «моҳи сунбула, рамазон, ҳамал» дар забони адабӣ ва гуфтугӯи имрӯза камистеъмол ё баъзеашон аз истеъмол баромадаанд» [1, с.18]. Бисёр вақт аз сабаби маънои замониро ифода кардани калимаи тобеъ, ҷузъи асосии ин қабил ибораҳо зикр намеёбад*: Майи hут (моҳи ҳут)* (Шехмезон); *Вахти гандмдрав-ъ* (Ҷонбахт); *Иди рамазон* ва ғ.

Дар забони тоҷикӣ дар асоси ибора пайдо гаштани навъҳои гуногуни калимаи мураккаб ба қайд гирифта шудааст [12, с.9; 8]. Исмҳои мураккаби дар ин асос ташкилёфта низ чун ҷузъи ибораҳои исмӣ дар гӯйишҳои Ховалинг вуҷуд доранд*: Нъмоли гълигардӣ*; *Усто Салимбой* (устои Салимбой) // Салимбой усто. Дар гӯйишҳои Ховалинг ин навъи ибораҳои исмӣ шаклҳои гуногуни қолаббандӣ доранд: усто Салим // устои Салим // Салими усто. Ин ибораҳои исмӣ машғулиятро ифода мекунанд, вале бо ифодаи маънои грамматикӣ, вазифаи услубӣ, дараҷаи тафсилёбӣ ва тарзи ташкил аз якдигар фарқ мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки як ҷузъи ибораҳои исмиро ташкил додани калимаҳои асили тоҷикӣ дар гӯйишҳо ҳодисаи маъмулӣ мебошад. Дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда мавқеи калимаҳои асили тоҷикӣ дар созмонёбии ибораҳо назаррас аст. Ба таври мисол, калимаи хамирмо аз калимаҳои қадимию маъмули забонамон ба шумор меравад, имрӯз бо калимаи хамиртурш иваз шудааст. Ин калима дар гӯйишҳои ҷануб ба шаклҳои **хамирмо (**Хонақоҳ), **хамермо** (Доробӣ) истифода мешавад: *Хамиримо-ъ-и Нафиса*; *Хамирмои динагӣ* ва ғ.

Дар хусуси пайдоиши калимаи мазкур профессор Ғ. Ҷӯраев ду ақидаро пешниҳод менамояд: «Ин шакли таърихӣ метавонад, натиҷаи унификатсияи ибораи исмии «хамирӣ мондагӣ» бошад [15, с.149].

Калимаи **хамирмоя** ба калимаи мойн**и**΄, ки дар гӯйишҳои Ховалинг ба маънии гузоштани тухм ба зери пойи мурғ барои тухм кардан алоқамандӣ дорад: *Тхми-ъ-и мойни-ъ΄* (Дараи Мухтор) Ин калима дар гӯйишҳои ҷанубӣ ба маънои ҷурғоте, ки бо мақсади тайёр кардани ҷурғоти΄ нав ба шири пухта меандозанд, меояд Дар гӯйиши Ховалинг маънии дуюми он, яъне мавод барои омода сохтани ҷурғот, бештар бо калимаи **турши΄-тршӣ** ифода мешавад.

Дар осори Рудакӣ калимаи полудро вомехӯрем,ки ин калима дар гӯйиши Ховлинг ба таври васеъ истифода мешавад. Калимаи **полуд** дар ин байт ба маънии «тоза кардан» омадааст:

Зар (р) бар оташ куҷо хоҳӣ полуд,
Ҷӯшад, лекин зи ғам нақӯшад чандон.

[7, с.24]

Дар гӯйиши Ховалинг ба ин маънӣ омадааст: *Шири полонданги-ра(*аз симэлак гузаронидани шир барои тоза гаштан аз хас ва мӯйи ҳайвон); *тършғиш кън*.

Натиҷа

Шаклгириҳои наҳвиро дар асоси маводи мавҷуда метавон ба таври дақиқ таснифу баррасӣ кард, ки натиҷаи чунин таҳқиқот равшаниандози масъалаҳои мубрам хоҳад буд. Шаклҳои феълӣ дар гӯйишҳои тоҷикӣ дар баробари тағйироти шаклӣ ба таҳаввулоти маъноӣ низ дучор мешаванд. Баъзе шаклҳои феълӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик истифода намегардад. Ба андешаи Т. Зеҳнӣ дар асари худ «Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ» ин ҷанбаи муҳиммро чунин шарҳ додааст: «Дар забони мо, аз як тараф, дар баъзе гӯйишҳо унсурҳое вомехӯрданд, ки қисман хусусиятҳои қадимии забони дариро нишон медиҳанд. Хусусан, дар гӯйишҳои ҷанубӣ бисёртар воҳидҳои лексикӣ ва грамматикӣ вомехӯранд, ки калимаҳои сеистеъмолу унсурҳои муҳимми забони устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва муосирони онҳоро нишон медиҳад» [5, с.31-32].

Дар асару мақолаҳои забоншиносон, ки ба тадқиқи ибораҳои исмии қабили «духтара дилаш», «духтара дил» ва «духтар дилаш» бахшида шудаанд, оид ба истеъмоли навъи «дилаш духтара» дар забони адабӣ ва ё шеваҳои тоҷикӣ сухане нарафтааст. Дар асару тадқиқотҳои

алоҳида, ки ба тадқиқи шева ва гӯйишҳои алоҳидаи тоҷикӣ мансубанд, мустаъмал будани ин навъи ибораҳо зикр нашудааст. Вобаста ба он ки, пасоянди –ро ва шакли энклитикии ҷонишини шахси III, шумораи танҳо –аш воситаҳои грамматикии ин навъи ибораҳоро созмондиҳандаанд, алоқаи ин шаклҳои синтаксисиро бандакҷонишинию пасояндӣ гуфтаанд. Дар ташкил ёфтани навъе аз ин ибораҳои исмӣ ҳатман ин воситаҳои грамматикӣ корбаст мегарданд. Ин навъи ибораҳоро бо дарназардошти воситаҳои ягонаи грамматикӣ ва дар ифодаи маъноҳои грамматикӣ ҳамвазифа будан аз ҷиҳати пайдоиш ягона ҳисобидан равост.

Гарчанде истеъмоли навъе аз ин қолабҳои синтаксисӣ дар осори ниёгон ва забони адабӣ роиҷ аст, ибораҳои исмии навъи «Аҳмада китобаш», «китобаш Аҳмада» ва «Аҳмад китобаш» дар гӯйишҳои тоҷикӣ бештар истифода мегарданд [ниг.:11, с. 196-197; 13]. Аз омӯзиши маводи гӯйишҳои тоҷикӣ бармеояд, ки дараҷаи истеъмоли ин навъи ибораҳои исмӣ дар гӯйишҳо гуногун мебошад. Ин тарҳбандиҳоро вобаста ба замони пайдоиш, мавриду доираи истеъмол, ифодаи маъноҳои грамматикӣ мавриди тадқиқ қарор додан бамаврид аст. Бояд зикр кард, ки дар чунин қолаб омадани ин навъи ибораҳо пеш аз ҳама ба имконоти луғавию грамматикии ҷузъи асосӣ – исм, вобаста мебошад. «Мавқеи калимаи асосӣ (тобеъкунанда) дар ибора бо он муайян мегардад, ки дорои имконияти тобеъшавӣ аз он вобаста аст ва дар ин алоқамандшавӣ мансубияти калима (асосӣ) ба ҳиссаи нутқе мавқеи муҳимро дорост» [2, с.22].

Дар гӯйишҳои тоҷикӣ ин ибораҳо бо вариантҳои «Аҳмада китобаш», «Аҳмад китобаш» ва «Аҳмада китоб» ба чашм мерасанд. Дар қиёс ба ибораҳои исмии изофӣ ин ибораҳо камтар истеъмол мегарданд, вале барои талаботи ифодаи фикрро вобаста ба мавқеи нутқ ичро намудан дар мавридаш навъе аз ин ибораҳо истифода мешаванд. Омӯзиши заминаву замони пайдоиш, мавриду доираи истеъмол, нишондоди ифодаи маъноии ин навъи ибораҳо бамаврид аст. «Аҳамияти омӯзиши ибора аз он сарчашма мегирад, ки забон доираи муайянкунандагӣ мегирад, қиёсан хеле таркибҳои камшумори ибораҳо дар алоқамандшавиҳои гуногун барои ташкил кардани ҷумлаҳои беандоза рангоранг истифода бурда мешаванд» [2, с.26].

Ҳамаи вариантҳои ин ибораҳоро метавон ягонагиҳои синтаксисӣ хонд. Дар гӯйишҳои Ховалинг ибораҳои исмии навъи «Аҳмада китобаш», «Аҳмад китобаш» ва «Аҳмада китоб» бо дараҷаи истеъмол фарқ дошта, қолаби «Аҳмада китобаш» зиёдтар ба чашм мерасад: *Дхтара-ъ ноз-ош ба худ-ш-ай* (Ҷавонбахт); *Бачара феъл-ш ба очаш-а рафт-ай* (Даҳани Шол).

Бо ду воситаи алоқа созмон ёфтани ибора ҳодисаи таърихӣ мебошад. Ба андешаи забоншинос Д. Саймиддинов ин тарз ибораозӣ таърихи куҳан дошта, «Дар се ҷойи матн истифодаи яке аз усулҳои ҷолиб дар "Ёдгори Бузургмеҳр" дар ташкили ибораҳо тавассути ду воситаи алоқа – изофа ва пешвандҳо ба мушоҳида мерасад:"будани бо некон", «пазириши аз подшоҳону солорон ва навозиши аз ҳамаҳлону дӯстон», «бахшиши ба носипосон»","будани бо бадон"... [9, с.22] .

Дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда имконоти луғавию грамматикии ҷузъи тобеи ин навъи ибораҳо – сифат, боиси тағйирпазирии ҷойи ҷузъҳои ибораҳои исмӣ гардидааст*: Дар тоъри сарм як сева-ъ зад, ай санг -да-ъ сахт бъд* (Ҷари Вокак); *Ширкаду-ъ кадаи ай қанда-ъ ширина-ай* (Доробӣ)

Бояд қайд намуд, ки дар ин навъи ибораҳо нисбат ба алоқаи изофӣ алоқаи вобастагӣ устувортар мебошад: *Мусофиро айъ Ховалинг қайсънгли акайи зан-ъш* (Ҷонбахт); *Ҷурабаъкбофӣ дар байни занак-о дар авҷ-ай* (Хонақо) ва ғ.

Муҳокима

Дар асоси муҳокимаронихои олимони соҳа оид ба ин қолабҳои ибора метавон хулосагирӣ кард, ки дар гӯишҳои Ховалинг аз ибораҳои пешояндии навъи «девори аз лой» камтар истифода мебаранд ва мавқею дараҷаи истеъмоли қолабҳои муродиф як хел нест. Ин, пеш аз ҳама, ба имконияти сохту таркиби ҳар кадоми воҳиди ҳаммаъно вобастагӣ дорад.

Ибораҳои навъи «девори аз лой» дар ифодаи маъноҳои грамматикӣ бо ибораҳои исмии изофии «девори лойин», ки ҷузъи тобеашон сифатҳои нисбӣ мебошанд, муродифи синтаксисиро ташкил медиҳанд. Ин ҳодисаро забоншинос Камолиддинов Б. хуб ба қалам додааст: «Зумраи дигари тадқиқгарон ҳам маъноҳои луғавию грамматикиро ва ҳам вазифаи (функсияи ё позитсияи) грамматикиро заминаи маънои донистаанд, чунки муродифҳо бо вазифаи амалии

унсурҳои забон ҳамчун олоти мубодила алоқаи мустаҳкам доранд ва аз рӯйи эҳтиёҷот дар адои вазифаҳои муштарак ба кор бурда мешаванд. Аз ин рӯ, мутобиқати маъноӣ ва функсияҳои якхеларо ба ҷо овардани воҳидҳои забон ду паҳлӯи як ҳодисаи муродифот ба шумор меравад [6, с.29]. Яке аз масъалаҳои мубрам дар созмонёбии ибора ин мувофиқат кардани муайянкунанда бо муайяншаванда мебошад. Дар гӯйишҳои мавриди назар ин ҳолат баъзан ба назар мерасад: ду гуш-о (ду гӯшҳо) (Доробӣ). Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин шакл маъмул нест ва «ададҳо ҳангоми бо калимаи тобеъкунанда (маъдуд) омадан бо маънои лексикии худ мафҳуми шумораи ҷамъро ифода намуда метавонанд, вале маъдуд (исми шумурдашуда) формаи грамматикии шумораи ҷамъро намегирад» [14, с. 84]. Ин ҳодиса ба табиати гӯйишҳо мансубият дорад. Ин шакли ҷамъбандӣ: ду гӯшҳо, ду дастон яке аз роҳҳои ифодашавии шумораи дугона мебошад, ки таърихан мавҷуд аст. Дар давраи қадими забони порсӣ ин тарз ифодаи маъмулии худро дошт. Баъд аз барҳам хӯрдани сохти синтетикӣ дар даврaҳои миёна ва навин роҳҳои гуногуни ифодашавиро пайдо намуд. Ба қавли Сиёев Б. «Дар инкишофи минбаъдаи забони тоҷик, яъне дар марҳилаи гузаштан аз давраи миёна ба давраи нав, ки ин протсесс, асосан, асрҳои IX- X анҷом ёфтааст, дар тарзи морфологии ҷамъсозии исмҳо боз ҳам тағйироти муайяне ба амал омадааст: шумораи дугона, ки вай ҳанӯз дар забони миёна «ваҷҳи хосе надошт», дар ибтидои давраи нави такомули забонҳои форсу тоҷик низ мисли забони миёна ягон аломати грамматикии махсусе барои ифодаи вай мавҷуд набуд. Танҳо ба воситаи баъзе воҳидҳо ин маънии грамматикӣ дар забони нав ифода мешуду халос» [10, с.36].

Қолаби пешояндӣ-пасояндӣ дар гӯйишҳои тоҷикӣ фаровон истифода мегарданд, ки ин ҳодиса таърихӣ буда, «дар забони форсии қадим ин пешоянд чун пешоянд ва пасоянд меомад, дар забони адабии форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ танҳо чун пешоянд меояд» (9, 196). Бо пешоянди аслии дар ташаккул ёфтани чунин қолабҳои таърихӣ барои гӯйишҳои Ховалинг хос мебошад. Ду тарзи корбасти ин восиитаи грамммматикиро мушоҳида менамоем: *Дар давра гӯштин* (гӯштингирии дар давра) *кори ҳар кас нест-ай* (Ҷонбахт); *Хона-да шиштан дил-ма гърифт* (Чуқурак) ва ғ.

Хулоса

Аз натиҷаи таҳқиқи мухтасари ибораҳои исмӣ метавон хулосагирӣ кард, ки унсурҳои таърихӣ дар ташкили ин навъи ибораҳо фаровон корбаст шуда, воситаҳои алоқаи ибора вобаста ба мавқеи нутқ тағйир меёбад. Ибораҳои исмӣ дар ин замина дар шаклҳои гуногун зуҳур карда, асоси ин тарҳбандиҳо ба таърихи забони тоҷикӣ вобастагӣ дорад. Дар ин қолабҳои наҳвӣ сервазифагии пешоянду пасояндҳо бесабаб набуда, мавҷудияти пасояндҳо дар системаи калимаҳои ёридиҳанда аз қонуни дохилии инкишофи забони тоҷикӣ бармеояд. Дар давраи қадим пешояндҳо корбаст шуда, баъдан ҷойи якдигарро иваз намудани пешоянду пасояндҳо мушоҳида мегардад. Дар гӯйишҳои тоҷикӣ ин қолабҳои таърихӣ ҳодисаи маъмулӣ ба шумор мераванд.

Ҳамин тариқ, мавзуи ибора дар забоншиносии тоҷик нав набошад ҳам, бисёр масъалаҳои таҳқиқталаб дар ин самт вуҷуд доранд. Омӯзиши масъалаҳои марбут ба ибора, бахусус таҳқиқи унсурҳои таърихии он, барои мукаммал гардидани ҷиҳати назариявии илми забоншиносӣ замина гардида, дар муайянсозии ташаккулу такомули сохти забон ёрӣ мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Абдураҳимов С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] С. Абдураҳимов. – Душанбе, 1973. – 165 с.
2. Гвоздев А.Н. Современный русский язык [Текст]. –М., 1988. – 382 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди аввал. Фонетика ва морфология. – Душанбе, 1985. – 355 с.
4. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон [Матн] Р. Ғаффоров. –Душанбе, 1977. – 208 с.
5. Зеҳнӣ, Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ [Матн] / Т.Зеҳнӣ. – Душанб, 1987. – 233с.
6. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён [Матн] Б. Камолиддинов. – Душанбе, 1986. – 186 с.
7. Осори Рӯдакӣ. – Сталинобод, 1958. – 543 с.

8. Қурбонов С.Ҳ. Таҳқиқ ва таснифи қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо дар доираи калимаҳои хоси шева [Матн] С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2023. – № 2 (50). – С. 12-20.
9. Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ (пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ) [Матн] Д. Саймиддинов. – Душанбе, 2003 . – 232 с.
10. Сиёев Б. Аз таърихи ҷамъбандии исмҳо дар забони тоҷикӣ / Б. Сиёев // Масъалаҳои забоншиносӣ. – Душанбе, 1967. – С. 32-62.
11. Таджиев Д. Т. Об определительных словосочетаниях типа «Аҳмада китобаш», «гапа камаш» [Текст] Д.Т.Таджиев. –Уч. Зап.ТГУ, т 2. Серия гуманитарных наук. – Сталинобод, 1954. –С. 195–199.
12. Халилов А. Вазифаи грамматикии бандаки изофӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] А. Халилов. – Душанбе, 1969. – 117 с.
13. Хромов А. А. Говоры таджиков Матчинского района [Текст]. –Душанбе, 1962. – 215 с.
14. Ҳалимов С. Ҷамъбандии исм дар забони адабии тоҷик [Матн] С. Ҳалимов // Маҷмуаи илмӣ. – Сталинобод, 1959. – С.81-85.
15. Ҷӯраев, Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ [Матн] / Ғ. Ҷӯраев. – Душанб, 2017. – 320 с.

Маълумот дар бораи муаллифон: *Қурбонов Содиқ Ҳамрқулович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанба, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: kurbonzoda 64@mail.ru. Тел.: (+992) 907-73-96-02;*

Раҷабова Кӯлобӣ – муаллими калони Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ. somon-11c@mail.ru. Тел.: 903-88-87-34

Сведения об авторах: *Курбонов Содик Хамрокулович – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. E-mail: kurbonzoda 64@mail.ru. Тел.: (+992) 907-73-96-02;*

Раджабова Кулоби – старший преподаватель педагогического колледжа им. Хосият Махсумова из ДДОТ. somon-11c@mail.ru. Телефон: 903-88-87-34.

Information about the authors': *Kurbonov Sodiq Hamroqulovich – Tajik National University, Doctor of Philological Sciences. E-mail: kurbonzoda 64@mail.ru. Tel.: (+992) 907-73-96-02;*

Radzhabova Kolobi – senior teacher of the Pedagogical College named after Khosiyat Makhsumov from DDOT. somon-11c@mail.ru. Phone: 903-88-87-34

ТДУ 811.222.8'373:811.111'27=111:821.222.1

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИЮ ЛИНГВОФАРҲАНГИИ ВОЖАГОНИ ЯК ЛАҲЗАИ ШАБОНАРӮЗӢ – АЗ БОМДОД ТО БАРОМАДАНИ ОФТОБ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ (бар асоси “Шоҳнома” ва тарҷумаҳои англисии он)

Матробиён Саодатшо, Раънои Камолидин
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар мақола вожаву ибораҳои ифодакунандаи яке аз лаҳзаҳои шабонарӯзӣ – фосилаи аз бомдод то баромадани офтоб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи муқоисавӣ ва лингвофарҳангӣ таҳқиқ карда мешаванд. Маводи асосии таҳқиқро воҳидҳои луғавии марбут ба ин фосилаи вақт дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои англисии он ташкил медиҳанд. Ҳадафи таҳқиқ муайян намудани хусусиятҳои маъноӣ, корбурдӣ ва лингвофарҳангии воҳидҳои ифодакунандаи оғози рӯз дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ошкор намудани умумият ва тафовути онҳо мебошад. Муқоисаи маводи забонӣ нишон медиҳад, ки дар тасвири забонии ҳар ду халқ оғози рӯз на танҳо ҳамчун фосилаи муайяни вақт, балки дар иртибот бо падидаҳои табиат, пайдоиши рӯшноӣ, ҳаракати офтоб, рафтори парандагон ва таҷрибаи таърихию фарҳангии соҳибзабонон дарк ва номгузорӣ шудааст. Дар баробари умумиятҳо, фарқиятҳои муайяни луғавию маъноӣ ва лингвофарҳангӣ низ ошкор гардиданд.

Калидвожаҳо: *лаҳзаҳои шабонарӯзӣ, бомдод, сапеда, сапедадам, пагоҳ, саҳар, субҳ, бонги хурӯс, dawn, morning, daybreak, cockcrow, тасвири забонии ҷаҳон, лингвофарҳангшиносӣ*.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ЛЕКСИКИ ОДНОГО ИЗ ВРЕМЕННЫХ ОТРЕЗКОВ СУТОК – ОТ РАССВЕТА ДО ВОСХОДА СОЛНЦА В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ (на материале «Шахнаме» и его английских переводов)

В статье в сравнительном и лингвокультурологическом аспектах исследуются слова и словосочетания, обозначающие один из временных отрезков суток – период от рассвета до восхода солнца в таджикском и английском языках. Основным материалом исследования послужили лексические единицы, относящиеся к данному временному отрезку, представленные в «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси и его английских переводах. Цель исследования заключается в выявлении семантических, функциональных и лингвокультурологических особенностей единиц, обозначающих начало дня в таджикском и английском языках, а также в установлении их сходств и различий. Сопоставление языкового материала показывает, что в языковой картине мира обоих народов начало дня осмысливается и номинируется не только как определённый временной отрезок, но и в связи с природными явлениями, появлением света, движением солнца, поведением птиц и историко-культурным опытом носителей языков. Наряду с общими чертами выявлены также определённые лексико-семантические и лингвокультурологические различия.

Ключевые слова: *временные отрезки суток, бомдод, сапеда, сапедадам, пагоҳ, саҳар, субҳ, бонги хурӯс, dawn, morning, daybreak, cockcrow, языковая картина мира, лингвокультурология*.

A COMPARATIVE LINGUOCULTURAL ANALYSIS OF LEXICAL UNITS DENOTING A PERIOD OF THE DAY – FROM DAWN TO SUNRISE IN TAJIK AND ENGLISH (Based on the “Shahnameh” and Its English Translations)

The article presents a comparative linguocultural analysis of words and phrases denoting a particular period of the day—the interval from dawn to sunrise—in the Tajik and English languages. The primary material of the study consists of lexical units referring to this period of time in Abulqasim Ferdowsi’s «Shahnameh» and its English translations. The study aims to identify the semantic,

functional, and linguocultural features of the units denoting the beginning of the day in Tajik and English and to reveal their similarities and differences. A comparison of the linguistic material shows that, in the linguistic worldviews of both peoples, the beginning of the day is conceptualized and named not merely as a specific period of time, but also in relation to natural phenomena, the emergence of light, the movement of the sun, the behavior of birds, and the historical and cultural experience of the speakers of the two languages. Alongside common features, certain lexical-semantic and linguocultural differences have also been identified.

Keywords: *periods of the day, bomdod, sapeda, sapedadam, pagoh, sahar, subh, bongi khurus, dawn, morning, daybreak, cockcrow, linguistic worldview, linguoculturology*.

Муқаддима

Инсоният дар марҳилаҳои гуногуни шинохти олам барои муайян намудани фосилаҳои гардиши шабонарӯзӣ воситаҳои гуногуни ҳисоб ва номгузории вақтро ба вуҷуд овардааст. Ин воситаҳо дар забон инъикос ёфта, бо мурури замон ба қисми муҳими тасвири забонии ҷаҳон табдил ёфтаанд. Таассурот доир ба гардиши шабонарӯзӣ, ки «аз лаҳзаҳои гуногуни вақт иборат мебошад, дар фаҳмиши инсоният ҳанӯз аз даврони шинохти худ ба вуҷуд омадааст ва минбаъд он бо тасвирҳои гуногун: мифологӣ, динӣ, илмӣ, фалсафӣ ва бадеӣ дар ҷаҳоншинохтии инсонҳо ифода меёбад» [2, с. 254].

Лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои гуногун на ҳамеша бо ҳудуди якхелаи замонӣ ва воситаҳои луғавии комилан мутобиқ ифода мешаванд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки тақсим ва номгузории вақт дар баробари хусусияти объективии худ ҷанбаи миллӣ ва фарҳангӣ низ дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи вожаҳои ифодакунандаи қисматҳои шабонарӯзӣ барои муайян намудани хусусиятҳои дарки вақт, тарзи гурӯҳбандии он ва инъикоси таҷрибаи таърихию фарҳангии соҳибзабонон аҳаммияти махсус дорад.

Дар фарҳанги тоҷикон тарзи дарк ва номгузории қисматҳои шабонарӯзӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи оғози рӯз то баромадани офтоб вожаҳои ***бомдод, бом, субҳ, саҳар, пагоҳ, сапеда, сапедадам*** ва воҳидҳои дигари луғавӣ истифода мешаванд. Дар забони англисӣ ба ҳамин фосилаи вақт воҳидҳои ***dawn, morning, daybreak, sunrise, first light, cockcrow*** ва ғайра мувофиқат мекунанд. Бо вуҷуди он ки ин воҳидҳо ба як бахши умумии шабонарӯз, яъне *оғози рӯз* ишора менамоянд, ҳудуди маъноӣ, хусусияти корбурд ва заминаи фарҳангии онҳо на ҳамеша комилан ба ҳам мувофиқ аст.

Аҳаммияти масъала махсусан ҳангоми муқоисаи матни асл ва тарҷума равшан мегардад. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин ёдгориҳои забону фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ дорои воҳидҳои сершумори ифодакунандаи вақт мебошад. Дар он оғози рӯз на танҳо тавассути номҳои бевоситаи вақт, балки ба воситаи тасвирҳои бадеӣ, зуҳуроти табиат, пайдоиши рӯшноӣ, ҳаракати офтоб ва рафтори парандагон ифода ёфтааст. Тарҷумаи чунин воҳидҳо ба забони англисӣ имкон медиҳад, ки ҳам дараҷаи мутобиқати маъноии онҳо ва ҳам хусусиятҳои тасвири забонии ҷаҳон дар ду фарҳанг муайян карда шавад.

Мақсади таҳқиқ муайян намудани хусусиятҳои луғавӣ, маъноӣ ва лингвофарҳангии вожаву ибораҳои ифодакунандаи фосилаи аз бомдод то баромадани офтоб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи «Шоҳнома» ва тарҷумаҳои англисии он мебошад.

Барои расидан ба ин мақсад муайян намудани таркиби воҳидҳои луғавии ифодакунандаи оғози рӯз дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳлили маъно ва хусусиятҳои корбурди онҳо, муайян намудани муносибатҳои муродифӣ ва фарқиятҳои маъноии онҳо, баррасии хусусиятҳои лингвофарҳангии номгузории ин фосилаи вақт ва муқоисаи роҳҳои интиқоли воҳидҳои тоҷикӣ дар тарҷумаҳои англисии «Шоҳнома» зарур мебошад.

Навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки воҳидҳои ифодакунандаи як фосилаи мушаххаси шабонарӯзӣ: аз бомдод то баромадани офтоб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи маводи «Шоҳнома» ва тарҷумаҳои англисии он ба таври муқоисавию лингвофарҳангӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Дар ин замина ҳам воҳидҳои мустақими номгузори вақт ва ҳам воситаҳои ғайримустақими ифодаи он, аз қабили ***бонги хурӯс / cockcrow, чоки рӯз / crack of dawn, break of dawn*** ва тасвирҳои марбут ба пайдоиши рӯшноӣ баррасӣ мешаванд.

Маводҳо ва методҳои таҳқиқ

Маводи асосии таҳқиқро вожаву ибораҳои ифодакунандаи фосилаи аз бомдод то баромадани офтоб дар забони тоҷикӣ ва муодилҳои онҳо дар забони англисӣ ташкил медиҳанд. Барои муайян намудани хусусиятҳои корбурди ин воҳидҳо ҳамчун сарчашмаи асосии забони тоҷикӣ «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва барои муқоиса тарҷумаҳои англисии он истифода шудаанд. Ҳамчунин, барои муайян намудани маъно, доираи корбурд ва баромади таърихии вожаҳо аз фарҳангҳои тафсирӣ, таърихӣ ва дузабонаи тоҷикӣ ва англисӣ истифода гардидааст.

Дар таҳқиқ методҳои тасвирӣ, муқоисавӣ, таҳлили семантикӣ ва контекстӣ, таҳлили лингвофарҳангӣ ва таҳлили тарҷумавӣ истифода шудаанд.

Методи тасвирӣ барои ҷамъоварӣ, муайян намудан, гурӯҳбандӣ ва тавсифи воҳидҳои луғавии ифодакунандаи оғози рӯз истифода гардид. Дар асоси ин метод доираи вожаву ибораҳое муайян карда шуд, ки бевосита ё бавосита фосилаи аз бомдод то баромадани офтобро ифода мекунанд.

Методи муқоисавӣ барои муайян намудани умумият ва тафовути сохторӣ, маъноӣ ва корбурдии воҳидҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шудааст. Тавассути он дараҷаи мувофиқати воҳидҳое чун ***бомдод “dawn”, бонги хурӯс “cockcrow”, чоки рӯз “crack of dawn / break of dawn”*** ва дигар воситаҳои номгузории оғози рӯз муайян карда мешавад.

Таҳлили семантикӣ ва контекстӣ барои муайян намудани ҳудуди маъноии вожаҳо ва хусусияти воқеии корбурди онҳо дар матни «Шоҳнома» ва тарҷумаҳои англисии он истифода гардидааст. Ин усул махсусан барои фарқ гузоштан байни воҳидҳои аз ҷиҳати луғавӣ наздик, вале аз ҷиҳати ҳудуди замонӣ ё хусусияти корбурд фарқкунанда, аз ҷумла ***бомдод, пагоҳ, сапеда, саҳар, субҳ*** ва муодилҳои англисии онҳо аҳаммият дорад.

Таҳлили лингвофарҳангӣ барои муайян намудани заминаҳои миллӣ ва фарҳангии номгузории оғози рӯз, таҳлили тарҷумавӣ барои муайян намудани роҳу воситаҳои интиқоли воҳидҳои ифодакунандаи оғози рӯз аз матни асли «Шоҳнома» ба забони англисӣ истифода гардидааст. Истифодаи маҷмуии методҳои мазкур имкон медиҳад, ки воҳидҳои ифодакунандаи фосилаи аз бомдод то баромадани офтоб на танҳо ҳамчун унсурҳои луғавӣ, балки ҳамчун воҳидҳои таҷассумкунандаи хусусиятҳои тасвири забонӣ ва фарҳангии ҷаҳон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ карда шаванд.

Натиҷаҳо

Таҳлили маводи мазкур нишон медиҳад, ки фосилаи аз бомдод то баромадани офтоб дар ҳар ду забони муқоисашаванда тавассути низоми гуногуни вожаву ибораҳо ифода меёбад. Дар забони тоҷикӣ ба ин гурӯҳ ***бомдод, бом, бомдодон, сапеда, сапедадам, сапедадамон, пагоҳ, саҳар, саҳаргоҳ/саҳаргаҳ, субҳ, субҳидам, субҳи содиқ, субҳи козиб, аввали субҳ, оғози субҳ, дами субҳ, субҳи нахуст, субҳгоҳ, субҳгоҳӣ, дамидани субҳ, чошнии субҳ, бонги хурӯс, хурӯши хурӯс, чоки рӯз, соягустарди хур/шед*** ва як қатор воҳидҳои дигар дохил мешаванд.

Дар забони англисӣ ҳамин фосилаи вақт тавассути воҳидҳои ***dawn, crack of dawn, break of dawn, break of day, cockcrow, daybreak, dayspring, first light, morning, twilight, solrise, sunup, sunrise, crepuscular, crepuscule, dewfall, dimmity, gloaming, matutinal, midmorn*** ва ғайра ифода мешавад.

Натиҷаи муқоиса нишон медиҳад, ки ин воҳидҳоро аз рӯйи хусусияти номгузорӣ ба чанд гурӯҳи маъноию лингвофарҳангӣ ҷудо кардан мумкин аст: *воҳидҳои бевосита ифодакунандаи оғози рӯз; воҳидҳои марбут ба пайдоиши рӯшноӣ; воҳидҳои вобаста ба тулуъ ва ҳаракати офтоб; воҳидҳои марбут ба рафтори парандагон; ва воҳидҳое, ки дар заминаи таҷрибаи таърихию фарҳангии соҳибзабонон* ташаккул ёфтаанд.

Дар маводи «Шоҳнома» яке аз воҳидҳои асосии ифодакунандаи оғози рӯз ***бомдод*** мебошад. Дар баробари он шакли қадимии ***бом*** низ истифода шудааст. Вожаҳои *сапеда, сапедадам, сапедадамон* бошанд, бештар ба пайдо шудани нахустин рӯшноӣ ва дамидани рӯз ишора мекунанд. Вожаи *пагоҳ* аз ҷиҳати ҳудуди маъноӣ нисбат ба бомдод фарохтар буда, дар матн метавонад ҳам оғози рӯз ва ҳам дар баъзе мавридҳо рӯзи ояндаро ифода намояд.

Таҳлили тарҷумаҳои англисӣ нишон медиҳад, ки барои интиқоли қисми зиёди ин воҳидҳо вожаи ***dawn*** истифода шудааст. Аз ҷумла, *бомдод, бом, сапеда, сапедадамон, пагоҳ* ва дар баъзе

мавридҳо *саҳаргоҳ* дар тарҷума бо *dawn* ифода гардидаанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки низоми нисбатан гуногун ва ҷузъбандии луғавии забони тоҷикӣ ҳангоми тарҷума дар бисёр мавридҳо дар як воҳиди умумии англисӣ, яъне вожаи **dawn** мутамарказ мешавад.

Ҳамзамон, дар ҳар ду забон воҳидҳое мавҷуданд, ки аз ҷиҳати образи забонӣ ба ҳам хеле наздиканд. Ибораи тоҷикии ***бонги хурӯс*** ва англисии ***cockcrow*** оғози рӯзро тавассути рафтори паранда ифода мекунанд. Ба ҳамин монанд, тасвири ***чоки рӯз*** дар забони тоҷикӣ бо ***crack of dawn, break of dawn, break of day ва daybreak*** дар забони англисӣ аз ҷиҳати модели образӣ умумият дорад. Дар ҳар ду маврид пайдоиши рӯшноӣ ҳамчун *кушода шудан, шикофтан ё «чок» шудани торикӣ* тасаввур мегардад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар баробари тафовути таркиби луғавӣ ва ҳудуди маъноии воҳидҳо, дар тасвири лингвофарҳангии оғози рӯз дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ як қатор моделҳои муштараки маърифатӣ ва образӣ низ мавҷуданд.

Муҳокима

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки фосилаи аз бомдод то баромадани офтоб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ танҳо ҳамчун як марҳилаи муайяни шабонарӯзӣ дарк намегардад. Номгузории ин фосилаи вақт бо мушоҳидаи тағйироти табиат, гузариш аз торикӣ ба рӯшноӣ, тулуи офтоб, рафтори парандагон ва таҷрибаи таърихию фарҳангии соҳибзабонон робитаи зич дорад. Аз ин рӯ, воҳидҳои таҳқиқшавандаро аз рӯйи хусусияти маъноӣ ва заминаи лингвофарҳангии онҳо мавриди муқоиса қарор додан мувофиқи мақсад аст.

1. Лаҳзаи аз бомдод то баромади офтоб дар забони тоҷикӣ

Ин лаҳзаи шабонрӯзӣ дар забони тоҷикӣ бо вожаҳои ***бомдод, бом***, ***бомдодон***, ***сапеда***, ***сапедадам, сапедадамон, пагоҳ, саҳар, субҳ*** ва ибораи ***«бонги хурӯс», соягустарди хур/шед*** ифода меёбад.

Бомдод ва **бом**. Дар тафсири фарҳангҳои муосир вожаи **бомдод** маънои *муддати замон аз сапедадам то фуруғи офтоб*-ро дар бар мегирад. Аз ҷумла, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» вожаи бомдод ба таври зер тафсир шудааст: «бомдод – субҳ, пагоҳӣ; саҳар: *вақти бомдод, насими бомдод, намози бомдод*; муддати замон аз соати дувоздаҳи шаб (24) то соати дувоздаҳи рӯз; муддати замон аз ҳангоми равшан шудани ҳаво то тулуи офтоб ва як то ду соати баъд аз он» [7, с. 228]. Мураттибони Фарҳанги мазкур «бомдод»-ро дар ду маврид шарҳ додаанд: 1. «муддати замон аз соати дувоздаҳи шаб (24) то соати дувоздаҳи рӯз» ва 2. «муддати замон аз ҳангоми равшан шудани ҳаво то тулуи офтоб ва як то ду соати баъд аз он». Воқеан, чунин тасвир ба замони муосир хос аст, аммо баромади таърихии калимаи *бомдод* нишон медиҳад, ки он ба равшан шудани рӯз, яъне оғози рӯз далолат мекунад. Чунончи, муҳаққиқони таърихи забони тоҷикӣ баромади таърихии вожаи *бомдод*ро ба таври зер шарҳ додаанд: дар забонҳои порсии қадим **bāmaka*, авастоӣ *bāma* [bām < *bāma- «равшанӣ»] [3, с. 263], порсии миёна *bāmdāt/d* ва парфиянӣ *bāmdād* [3, с.156]. Дар забони авастоӣ бошад «вожаи *ušahin* (аз *ušah **uš-, **ušah- ва **ušāh* «сапедадам») – номи муқаддас, ки худои равшанӣ ва бомдод аст, ифода меёбад» [3, с. 262-263]. Вале дар тафсири вожаи *бомдодон* мураттибони фарҳангҳои муосир онро ба маънии «ҳангоми бомдод, вақти саҳар, субҳгоҳон» [7, 228] шарҳ додаанд.

Дар «Шоҳнома» вожаи ***бомдод*** ҳам дар шакли ҷудогона ва ҳам бо нишондодҳои замонии «***то бомдод; аз бомдод, бомдодон (яъне, ҳангоми бомдод); ҳар бомдод, бомдоди пагоҳ»*** ифода ёфтааст.

«Нахуфту наёсуд **то бомдод**,
Ба андеша бар дил наёмад-ш ёд» [10, с.330].
«Чу шуд **бомдодон** равон Кундрав,
Бурун омад аз пеши солори нав» [10, с. 113].

Дар баробари вожаи ***бомдод*** шакли қадимии он «***бом***» низ дар «Шоҳнома» истифода шудааст. Чунончи:

«Чу огаҳ шуд аз кори Дастони Сом,
Зи Кобул биёмад ба **ҳангоми бом**» [10, с. 255].

Дар тарҷумаи англисӣ вожаи «бомдод» бо вожаи **dawn** тарҷума шудааст. Ин вожа дар забони англисӣ маъмул буда, ба маъноҳои *бомдод, шафақи офтоб, саҳар, саҳаргоҳон*

истифода мешавад. Он дар фарҳанги англисҳо ҳам ҳамон замонеро ифода мекунад, ки тоҷикон дар назар доранд:

Paid yearly tribute. Hearing that Sam's son
Had come, he left Kabul **at dawn** with treasure [16, с.256].
«Чу огаҳ шуд аз кори Дастони Сом,
Зи Кобул биёмад ба ҳангоми бом» [10, с.255].

Сапеда, сапедадам, сапедадамон. Оғози рӯз – ҳангоми аз ҷониби шарқ падид омадани нахустин равшанӣ дар забони тоҷикӣ бо муродифи вожаи ***бомдод*** вожаҳои ***сапеда*** ва ***сапедадамон*** низ ифода меёбад.

Дар «Шоҳнома» вожаҳои ***сапеда, сапедадам*** ва ***сапедадамон*** ҳамчун вожаҳои ифодакунандаи гоҳи шабонрӯзӣ корбурд шуда, дамидани субҳ ё омадани ***сапеда (сапедадам, сапедадамон***)-ро бо тасвирҳои «миёни шаби тира хамид», «ҷомаи шаър бифканд шаб», «домани тирашаб нопадид шуд», «аз дидагаҳ дидабон дидан», «гоҳи бонги хурӯс», «фурӯғи ситора нопадид шудан», «аз кӯҳсор баромадани сапеда» ва ғайра нишон дода мешавад. Чунончи:

Сапеда чу аз ҷои худ бардамид,
Миёни шаби тира - андар хамид [10, с.198].
«Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин Рустам аст,
Ва ё офтоби **сапедадам** аст?» [11, с.213].
Сапедадамон гурзҳо баркашем
В-аз ин дашт яксар сар андаркашем [13, с.196].

Боиси тазаккур аст, ки исми ***сапеда*** дар «Шоҳнома» аксар вақт бо феъли ***дамидан*** омада, ҳамон маънои дамидани субҳро ифода мекунад. Яъне, дар забони имрӯзаи тоҷикӣ ҷойи калимаи «***сапеда***»-ро калимаҳои *субҳ* ва *сабоҳи* арабӣ ишғол намудаанд:

Чу аз кӯҳсорон **сапеда дамид**,
Фурӯғи ситора бибуд нопадид [14, с.187].

Дар тарҷума вожаҳои ***сапеда*** ва ***сапедадамон*** низ бо вожаи ***dawn*** ифода ёфтаанд:

Now when **the dawn** is breaking and the sun
Half risen gird upon your valiant loins [16, с.219].
Сапеда чу аз ҷои худ бардамид,
Миёни шаби тира - андар хамид [10, с.198].

Дар байти зер «**чу шаб рӯз шуд**» маънои *охири шаб* ва *оғози рӯзро* метавонад пурра ифода намояд. Аммо азбаски дар забони тоҷикӣ барои ифода ин лаҳзаи вақт калимаҳои алоҳидае, чун *шабгир, бомдод, сапеда* ва монади инҳо мавҷуд аст, бинобар ин таркиби «шаб рӯз шудан» ба маънои умумӣ низ корбаст мешавад.

Дар тарҷума бошад, ҳамин таркиб, яъне «**чу шаб рӯз шуд**» ба маънои ***бомдод, сапедадамон*** зикр шудааст. Чунончи:

The world freed from his foes. **The night passed quickly**
In revelry and praises of the chieftain.
At dawn the Shah held audience. Sam drew near
And having done obeisance sought to speak [16, с.292].
«Ба бигмоз кӯтоҳ карданд шаб,
Ба ёди сипаҳбад кушода ду лаб.
Чу шаб рӯз шуд, пардаи боргоҳ
Кушоданду доданд зӣ шоҳ роҳ» [10, с.316].

Сапедадамон ва бомдод баъзан дар тарҷума бо таркиби «**at day**» низ тарҷума шудааст, ки дар забони англисӣ таркиби мазкур маънои ***бомдод, саҳари барвақт***-ро ифода мекунад.

Пагоҳ. Дар тасаввури тоҷикон *пагоҳ*, лаҳзаи вақте аст, ки вақти бомдод ва сапедадам меояд ва то вақти тулуи офтобро дар бар мегирад. Дар фарҳангҳои тафсирии чи классикӣ ва чи муосир *пагоҳро саҳар*, *саҳари барвақт* ва *субҳи зуд* тафсир кардаанд [1], [6], [5, с. 5], [7, с. 52].

Вале дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» дар қатори дигар тафсирҳо иборатафсири «*аввали бомдод*» [8, с. 52] низ зикр шудааст.

Дар «Шоҳнома» низ ***пагоҳ*** гоҳи шабонрӯзист, ки аз *бомдод* то фуруғи офтобро дар бар мегирад. Он метавонад *бомдод ё сапедадам* номида шавад ва ё метавонад ҳангоми тулуи офтобро ифода кунад. Аз ин рӯ, дар «Шоҳнома» ибораҳои *«рӯзе пагоҳ», «фардо пагоҳ»* ва монанди инҳо хеле зиёд истифода шудааст.

Дар фарҳанги англисзабонон низ «пагоҳ» бо вожаи ***dawn*** ифода ёфта, ин вожа аз оғози рӯз то вақти баромади офтобро дар бар мегирад. Мутарҷимони «Шоҳнома» низ вожаи «пагоҳ»-ро бо вожаи ***dawn*** тарҷума намудаанд. Чунончи:

«Чунон буд, ки Меҳроб рӯзе **пагоҳ**
Хиромон биёмад аз он боргоҳ» [10, с. 260].
It came to pass that at the **dawn** one day
Mihrab walked stately from the audience-chamber, [16, с. 259].

Ҳамчунин, вожаи ***пагоҳ*** ба маънои «рӯзи дигар, фардо» низ омадааст, ки дар ин ҳолат он бо вожаи **бомдод** дар шакли ибораи «бомдоди пагоҳ», яъне «бомдоди рӯзи дигар» якҷоя корбурд шудааст:

Бихуфт он шабу **бомдоди пагоҳ**
Биёмад сӯи дашти нахчиргоҳ [15, с. 162].

Азбаски вожаҳои **бомдод** ва **пагоҳ** бо ҳам муродифанд ва як лаҳзаи рӯзро ифода мекунанд, бинобар ин дар тарҷума танҳо «**at dawn**» омадааст, ки ҳар ду калимаро ифода мекунад:

He passed **the night** and went **at dawn** to hunt.
Troops fared o'er all the roads and trackless wastes [18, с.67].

Дар байти зер **бомдоди пагоҳ**-ро бо таркиби *дамидани субҳ* «**morning dawned**» тарҷума кардаанд, ки ҳамоно ифодакунандаи вақти бомдод ва сапедадам аст:

Бибуд он шабу **бомдоди пагоҳ**
Сӯи беша рафтанд шоҳу сипоҳ [15, с. 177].
He stayed that night and, when the **morning dawned**
Approached the forest with his men, whereat [18, с.77].

Дар байти зер мутарҷимон лаҳзаи ***бомдоди пагоҳ***-ро танҳо бо вожаи **dawn** «пагоҳ» ифода намудаанд.

Бибошед то **бомдоди пагоҳ**,
Намоям шуморо сӯи дод роҳ» [15, с. 338].
When till **the dawn**, and I will show you how
To right yourselves» They want away, returning [18, с.201].

Саҳаргоҳ/саҳаргаҳ. Дар баробари вожаҳои *бомдод, сапедадам, сапедадамон, сапеда* ва *пагоҳ,* ки вожаҳои сирф тоҷикӣ мебошанд, вожаҳои иқтибосии арабии **саҳар** ва **субҳ** низ дар забони муосири тоҷикӣ мавриди амал қарор доранд. Дар робита ба вожаи *саҳар* калимаҳои *саҳаргаҳ//саҳаргоҳ* (ҳангоми саҳар, бомдод, сапедадам), *саҳаргаҳӣ*, *саҳаргоҳӣ*, *саҳаргаҳон, саҳарӣ* низ сохта шудааст.

Дар «Шоҳнома» вожаи ***субҳ*** танҳо ду маротиба ба назар расид, ки он низ дар поварақи китоб дарҷ гардидааст.

Дар «Шоҳнома» дар тавофут аз калимаи ***субҳ*** вожаи ***саҳар*** бештар (ҳамагӣ 10 маротиба) истифода шудааст. Он ҳам бошад бештар вақт дар шакли вожаи мураккаби «**саҳаргаҳ/саҳаргоҳ**» бо иловаи вожаи «***гоҳ/гаҳ***» корбурд шудааст. Чунончи:

Саҳаргаҳ бад-он дашти Турон шавем,
Зи нахчиру аз тохтан нағнавем [11, с.186].

Гоҳи «**саҳаргоҳ/саҳаргаҳ»,** ки дар «Шоҳнома» низ на он қадар зиёд омадааст, дар тарҷумаҳо он асосан бо вожаи **dawn** ифода ёфтааст. Вале дар баъзе ҳолат мутарҷимон онро ба маънои рӯзи дигар бо вожаи **next day** низ тарҷума кардаанд. Чунончи:

Then Rustam answered: «Be it as thou wilt,
And prosper thou. Seek we Turan **at dawn**

To hunt and harry in the deserts there.»
They all agreed and, when they **rouse next day**,
Made ready eagerly, and setting forth [17, с.108].

Бонги хурӯс. Тавассути паррандаю ҳайвонот ва ҷирмҳои осмонӣ муайян намудани гоҳҳои шабонарӯзӣ аз таҷрибаи тулонии зиндагии мардуми тоҷик дарак медиҳад, ки инъикоси худро дар забон ёфтаанд. «Хусусан *фарёди мурғи саҳар (хурӯс)* яке аз нишонаҳои асосии дамидани субҳ мебошад. Бинобар ин, ғайр аз вожаҳо ва ибораҳои ифодакунандаи гоҳҳои равшан шудани рӯз калимаҳои *мурғчикӣ*, *мурғфарёд*, *хурӯсбонг*, *фарёди хурӯс, бонги хурӯс* низ ба назар мерасанд, ки маънои *бомдод* ва *сапедадамро*» [1, с. 218]. доранд.

Дар «Шоҳнома» ибораҳои «***бонги хурӯс***» ва «***хурӯши хурӯс***» хеле зиёд истифода шудааст, ки лаҳзаи фарорасии гоҳи *бомдод* ё *сапедадамро* ифода мекунанд:

Забон кард гӯё ба нафрини Тус
Шаби тира то гоҳи ***бонги хурӯс*** [12, с.426].
Чунин гуфт мӯбад, ки як рӯз Тус,
Бад-он гаҳ, ки хезад ***хурӯши хурӯс*** [11, с.343].

Дар фарҳанги англисҳо низ ҳангоми «бонги хурӯс»-ро ҳамчун гоҳи бомдод ва сапедадам мешуморанд. Барои ифодаи ин ҳангом дар забони англисӣ вожаву таркибҳои «**cockcrow**; ***the time at which cocks first crow; the early morning; the first light of day***» истифода мегардад.

Дар тарҷумаи «Шоҳнома» низ ҳамин фарҳанг ва ифодаҳои забонии он ба назар гирифта шуда, мутарҷимон вожаи **cockcrow**-ро бештар истифода кардаанд. Чунончи:

«Ба шабгир ҳангоми **бонги хурӯс**
Зи даргоҳ бархост овои кӯс» *[10, с.403]*
Whenas the letter came Sam sighed. **At cockcrow**
The sound of tymbals rose within the court, [16, с.340].

Соягустард, соя афкандани офтоб. Вожаи «соягустард» дар фарҳангҳои муосир зикр нашудааст. Дар «Шоҳнома» шоир вожаи *сояустардро* дар таркиби ибораҳои «соягустарди хур» ва «соягустарди шед» ба маънои саҳар, замони то шафақи офтоб падидор шудан, истифода намудааст. Таркиби «соя афкандани офтоб» низ ҳамин маъноро дорад.

Зи шабгир то **соягустарда хур**,
Ҳаме ин бар он, он бар ин кард зӯр [11, с.308].

Дар байтҳои зер мисраи «**зи шабгир то соя афканд ҳур**» як вақти муайян, яъне аз оғози рӯз то баромади офтобро ифода мекунад. Дар ин ҷо «шабгир» ба маънои бомдод ё сапепадам омадааст.

Дар тарҷумаҳо «**соягустард**» ва «**соя афкандани офтоб**» бо таркиби «**from dawn till shadows lengthened**» тарҷума шудааст, ки маънои байт дар ин маврид коста нашуда, баръакс тарзи ифодаи бадеии он ҳифз шудааст:

From dawn till shadows lengthened. In the end
The victory was Barman's, who as he rode [16, с. 348].
Зи шабгир то соя афканд ҳур,
Ҳаме ин бар он, он бар ин кард зӯр. [10, с.419].

2. Лаҳзаи аз бомдод то баромади офтоб дар забони англисӣ

Дар забону фарҳанги англисҳо низ ин лаҳзаи шабонарӯзӣ ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Асосан, дар забони англисӣ вожаҳои зерин марбут ба гоҳи аввали шабонарӯзӣ мебошанд:

Dawn «бомдод». Вожаи мазкур дар забони англисӣ, пеш аз ҳама лаҳзаи оғози рӯзро ифода мекунад, ки дар забони тоҷикӣ бо калимаву ибораҳои «*бомдод, бом, субҳи барвақт, дами рӯз, аввали рӯз*» ифода меёбад. Дар тафаккури англисзабонҳо **dawn «бомдод»** як гоҳи муайянест, ки аз аввали рӯз то баромадани офтобро дар бар мегирад. Дар забони англисӣ барои ифодаи ин вожа муродифҳои он: *break of dawn, break of day, crack of dawn, daybreak, day-dawn, dayspring, sunrise, sunup* истифода мегарданд.

Crack of dawn «чоки рӯз». Ибораи мазкур дар фарҳангҳои англисӣ ба маънои «*лаҳзаи авали бомдод то баромади офтоб*» шарҳ дода шудааст. Этимологияи он ба дар забони миёнаи англисӣ мерасад, ки дар ҳамон гузаштаи дур истифода мешудааст ва он маънои «чоки рӯз»-ро ифода мекунад, ки дар забони тоҷикӣ низ айнан чунин ибора мавҷуд аст. Дар пайванд бо ибораи «**crack of dawn**» ибораҳои дигар чун: ***butt crack of dawn, ass crack of dawn*** низ истифода мешаванд, ки ба ҳамин маъно корбаст мегардад*: this is high-speed travel, muriel. Not fun. I'm waking up at* ***crack of dawn***.

Break of dawn «чоки рӯз». Дар забону фарҳанги англисҳо ибораи «*break of dawn*» ба маънои **бомдод**, оғози рӯз фаҳмида мешавад. Маънои таҳтуллафзии он низ «*чоки рӯз*» аст. Ҳамчунин, ба ҳамин лаҳзаи вақт ибораи «***break of day***» низ ҳамчун муродиф истифода мешавад: «*Well, with* ***break of day*** *she wakes and sits up in bed»*.

Аз ин бар меояд, ки дар фарҳанги англисзабонҳо низ дамидани рӯз ё равшаниро дар осмон мушоҳида карда, онро ба сақф монанд мекунанд, ки аз шикофии он равшанӣ намудор мешавад. Ин як лаҳзаи вақт аст, ки он доим такрор мешавад ва мардумони олам онро ҳамчун соати муайян дар забони худ истифода мебаранд.

Cockcrow «бонги хурӯс». Ин ҳангом низ оғози рӯзро ифода мекунад, ки онро дар забони тоҷикӣ **бомдод** мегӯянд. Аммо маънои таҳлуллафзии **cockcrow** «бонги/фарёди хурӯс» аст, ки айнан дар забони тоҷикӣ низ бо ҳамин маъно истифода мешавад, ки мо дар боло онро дида баромадем. Баромади вожаи «**cockcrow**»-ро аз англисии миёна «***cok crowe***» (инчунин, ***cokkes crowe***), гунаи дигари он ***cock*** +crow ва англисии қадим ***hancrēd*** *(«cockcrow, dawn», literally «cock-crowing*»), аз ***hana «хурӯс»*** («cock, rooster») + ***crēd*** («crowing») [9, с. электронӣ] маънидод мекунанд.

Crepuscular «субҳи барвақт ё шоми бевақт». Вожаи мазкурро дар забони англисӣ ҳам барои ифодаи *субҳи барвақт* ва ҳам *ҳангоми шом* истифода мекунанд. Чунин ном гирифтани ин лаҳзаи вақт дар забони англисӣ аз он сабаб аст, ки дар ин гоҳҳо (субҳи барвақт ва шоми торик) ҳайвоноту парандагон ва ҳашарот хеле серҳаракат мешавад.

Ҳамчунин, дар баробари вожаи **crepuscular** вожаи **crepuscule** низ истифода мешавад, ки маънои болозикрро ифода мекунад.

Daybreak «бомдод». Вожаи мазкур дар забони англисӣ аз ду ҷузъ: ***day*** *«рӯз»* + break *«рох, чок; шикоф, тарқиш»* таркиб ёфта, таҳтуллафз маънои «чоки рӯз»-ро дошта, асосан ба маънои «бомдод, субҳи барвақт» истифода мешавад. Муродифҳои он ибораву вожаҳои *break of dawn, break of day, crack of dawn, sunrise* мебошанд.

Dayspring «субҳ». Дар фарҳангномаи англисӣ вожаи «**dayspring**» ба таври зер тафсир шудааст: «The beginning of the day, or first appearance of light; the dawn; daybreak» [9, с. электронӣ].

Dewfall «субҳ / шом». Вожаи «**dewfall**» аз ду ҷузъ: ***dew*** «шабнам» + ***fall*** «афтидан» ташкил ёфтааст. Дар забони англисӣ вожаи мазкурро ба маънои ду лаҳзаи шабонарӯзӣ: «субҳ» ва «шом» истифода мекунанд. Сабаби ин лаҳзаи рӯзро чунин номидани мардуми англис дар он аст, ки ба андешаи онҳо дар субҳи барвақт ва шоми бевақт шабнам ба гулу сабза меафтад ва онҳо дар ин лаҳзаи рӯз шакл мегиранд

Dimmity «бомдод». Ин вожа низ ифодакунандаи вақти бомдод буда, дар фарҳангҳои муосири англисӣ он ба назар намерасад. Чунки баромади таърихии вожаи мазкур аз забони англисии миёна буда, он шакли дигаршудаи вожаи «***dimity***» [9, с. электронӣ] мебошад, ки дар забони муосири англисӣ дар шакли ***dim*** **«норавшан, хира»** омада расидааст.

Diurnal «рӯзона». Ҳарчанд дар фарҳангномаҳои англисӣ ин вожа ба маънои «*рӯзона; ҳаррӯза, шабонарӯзӣ*» шарҳ дода шуда бошад ҳам, аммо як маънои он вақти муайяни лаҳзаи шабонарӯзиро нишон медиҳад, ки он аз оғози рӯз то вақти шомро дар бар мегирад. Яъне ин вақтест, ки паррандагон маҳз дар ҳамин вақт – аз дами рӯз то шом хеле фаъол мешаванд. Решаи калимаро аз вожви лотинии «**diurnālis**» шарҳ додаанд, ки дар ин ҷо ***diēs*** «рӯз» мебошад.

Ҳамин тавр, дар забони англисӣ вожаву ибораҳои зерин низ барои ин лаҳзаи вақт истифода мешаванд:

First light // **First thing** «бомдод»; **Gloaming** «аввали рӯз // шом»; **In the cold light of day** «субҳи барвақт»; **Low tide** «аз бомдод то офтобрас»; **Matitudinal** «оғози бомдод, субҳи барвақт»; **Midmorn** «саҳари равшан»; **Morning** «саҳар»; **Nocturnal** «саҳари барвақт»; **Solrise** «офтобрас»; **Sparrow-fart** «бомдод; дастаи гунҷишкон»; **Twilight** «равшании субҳгоҳӣ»;

Хулоса

Муқоисаи маводи ду забон нишон медиҳад, ки дар номгузории фосилаи аз бомдод то баромадани офтоб се тамоюли асосӣ мушоҳида мешавад. Аввал, ҳар ду забон дорои воҳидҳои бевоситаи номгузори оғози рӯз мебошанд: ***бомдод – dawn, саҳар/субҳ – morning***. Дуюм, дар ҳар ду забон номгузории вақт ба мушоҳидаи падидаҳои табиат такя мекунад: р*ӯшноӣ, тулуи офтоб ва бонги парандагон*. Сеюм, дар як қатор мавридҳо моделҳои образии монанд ба вуҷуд омадаанд, ки намунаҳои равшани онҳо ***бонги хурӯс*** – ***cockcrow*** ва ***чоки рӯз*** – ***crack/break of dawn*** мебошанд.

Ҳамзамон, фарқиятҳои назаррас низ вуҷуд доранд. Забони тоҷикӣ дар маводи таҳқиқшуда барои ифодаи марҳилаҳои оғози рӯз силсилаи густурдаи воҳидҳои ба ҳам наздикро нигоҳ доштааст. Ҳангоми тарҷумаи англисии «Шоҳнома» як қисми ин гуногунӣ тавассути воҳидҳои умумитар, махсусан ***dawn*** ва ***morning*** интиқол меёбад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки ҳудуди луғавию маъноии категорияи оғози рӯз дар ду забон комилан яксон нест.

Ҳамчунин, таҳқиқи муқоисавии лингвофарҳангии вожаву ибораҳои ифодакунандаи фосилаи аз бомдод то баромадани офтоб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки ин қисми шабонарӯз дар ҳар ду забон дорои низоми махсуси номгузорӣ мебошад.

Дар забони тоҷикӣ ин фосилаи вақт тавассути воҳидҳои ***бомдод, бом, бомдодон, сапеда, сапедадам, пагоҳ, саҳар, саҳаргоҳ, субҳ, субҳидам, бонги хурӯс, чоки рӯз*** ва як қатор вожаву ибораҳои дигар ифода мешавад. Дар забони англисӣ бошад, воҳидҳои ***dawn, crack of dawn, break of dawn, cockcrow, daybreak, dayspring, first light, morning, twilight, sunrise, solrise*** ва ғайра ба ифодаи ҳамин фосилаи вақт хизмат мекунанд.

Умумияти махсус дар ҷуфтҳои ***бонги хурӯс*** – ***cockcrow*** ва ***чоки рӯз*** – ***crack/break of dawn*** мушоҳида мешавад. Ин воҳидҳо нишон медиҳанд, ки дар тасвири забонии тоҷикон ва англисҳо барои дарки гузариш аз шаб ба рӯз моделҳои образии ба ҳам наздик ташаккул ёфтаанд. Ибораи **бонги хурӯс** дар забони тоҷикӣ таърихи хеле қадимӣ дошта, дар тафаккури мардуми тоҷик он аз Авасто сарчашма мегирад. Дар Авасто хурӯс бо номи «пародарш» зикр шуда, он ҳамчун «мурғи варҷованди изадӣ ва гумоштаи изад Сурӯш бар рӯйи замин ва хешкории ӯ дар бедор кардани мардумон дар сапедадамон» оварда шудааст. Яъне, чун хурӯс бонг мезанад, маънои дамидани субҳро дорад. Дар фарҳанги мардуми англис низ **cockcrow** «бонги хурӯс» оғози рӯзро ифода мекунад. Дар забони англисӣ, инчунин вожаи ***matutinal*** барои ифодаи «*бомдод*» истифода мешавад, ки он дар забони англисии қадим маънои «Худои бомдод»-ро ифода мекардааст.

Дар баробари ин, маводи «Шоҳнома» ва тарҷумаҳои англисии он нишон медиҳад, ки ҳангоми тарҷума на ҳамаи тобишҳои маъноӣ ва лингвофарҳангии воҳидҳои ифодакунандаи вақт пурра интиқол меёбанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи чунин воҳидҳо бояд бо назардошти маънои луғавӣ, контексти матн, хусусияти образӣ ва заминаи фарҳангии онҳо анҷом дода шавад.

Ҳамин тариқ, вожагони ифодакунандаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ воситаи номгузории вақт ва яке аз унсурҳои таҷассумкунандаи тасвири забонии ҷаҳон, таҷрибаи таърихӣ ва хусусиятҳои фарҳангии соҳибзабонон ба шумор мераванд.

Адабиёт

1. Бурҳон Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 1 [Матн] / Бурҳон Муҳаммадҳусайн; таҳияи матн, пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳрист А. Нуров. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.Ғиёс 1987
2. Матробиён, С. Қ. Этнолингвистическое исследование языковой картины мира таджиков [Текст]: дис. … д-ра филол. наук / С. Қ. Матробиён. – Душанбе, 2022. – 348 с.
3. Расторгуева, В. С. Этимологический словарь иранских языков. Т. 1 [Текст] / В. С. Расторгуева, Д. И. Эдельман. – М.: Восточная литература, 2000. – 327 с.
4. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна [Матн] / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.

5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2 [Матн]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 949 с.
6. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» [Матн] / мурат. И. Ализода. – Душанбе, 1992. – 496 с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1 [Матн] / зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, Мирзо Ҳасани С. – Душанбе, 2008. – 950 с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2 [Матн] / зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, Мирзо Ҳасани С. – Душанбе, 2008. – 945 с
9. Wiktionary: The Free Dictionary [Electronic resource]. – Available at: https://www.wiktionary.org (accessed: 2026).

Сарчашмаҳо:

10. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 1 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
11. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 2 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
12. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 3 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 480 с.
13. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 4 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 480 с.
14. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 6 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 480 с.
15. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 8 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 480 с.
16. Warner, A. G. The Shahnama of Firdausi. Vol. 1 [Text] / done into English by A. G. Warner, E. Warner. – London, 1905. – 430 p.
17. Warner, A. G. The Shahnama of Firdausi. Vol. 2 [Text] / done into English by A. G. Warner, E. Warner. – London, 1906. – 437 p.
18. Warner, A. G. The Shahnama of Firdausi. Vol. 7 [Text] / done into English by A. G. Warner, E. Warner. – London, 1915. – 484 p.

***Маълумот дар бораи муаллифон**: Матробиён Саодатшо Қосимзода - д.и.ф., профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Фазлиддин Муҳаммадиев 17/6, суроғаи электронӣ: s.matrobov@mail.ru, (+992) 935087138.*

Раънои Камолидин – унвонҷӯйи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Фазлиддин Муҳаммадиев 17/6, суроғаи электронӣ: ranoi.kamolidin@mail.ru, (+992) 907322231.

***Сведения об авторах**: Матробиён Саодатшо Косимзода – д.ф.н., профессор кафедры теории и практики языкознания Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзода. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Фазлиддина Мухаммадиева, 17/6; электронная почта: s.matrobov@mail.ru; тел.: (+992) 935087138.*

Раънои Камолидин – соискатель Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзода. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Фазлиддина Мухаммадиева 17/6, электронная почта: ranoi.kamolidin@mail.ru, (+992) 907322231.

***Information about the authors**: Matrobiyon Saodatsho Qosimzoda – Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of Theory and Practice of Linguistics, International University of Foreign Languages of Tajikistan named after Sotim Ulugzoda, Address: 17/6 Fazliddin Muhammadiev Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan; e-mail: s.matrobov@mail.ru; tel.: (+992) 935087138.*

Ranoi Kamolidin – applicant of the International University of Foreign Languages of Tajikistan named after Sotim Ulugzoda, Republic of Tajikistan, Address: 17/6 Fazliddin Muhammadiev Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan; e-mail: ranoi.kamolidin@mail.ru, (+992) 907322231.

ТДУ 811.111:811.222.8'25

МУШКИЛОТИ ДАСТУРИИ ТАРҶУМА АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб, Азизмуродов Мухаммадсалим Рахимович
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар мақолаи мазкур муаллиф мушкилоти дастурии тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикиро дар асоси тарзи мафъули феъл баррасӣ намудааст.

Дар муқаддима муаллиф аҳаммияти мавзуи таҳқиқ, мубрамият ва мақсади мақоларо шарҳ додааст. Инчунин, дар ин қисмат дараҷаи таҳқиқи мавзуи мазкурро аз ҷониби олимону тарҷумашиносон нишон додааст.

Дар қисмати асосии мақола муаллиф роҷеъ ба тарҷума ва мушкилоти дастурии он маълумоти назариявию амалӣ пешкаш намудааст. Муаллиф дар мақола мушкилоти тарҷума тарзи мафъули феъли забони англисӣ ба забони тоҷикиро нишон додааст. Дар ин қисмат ӯ якчанд роҳу воситаҳои интиқоли онро ба забони тоҷикӣ нишон додааст.

Дар хулоса муаллиф фикру ақидаи худро хулосабандӣ намудааст.

Калидвожаҳо*: тарҷума, тарҷумон, мушкилоти дастурии тарҷума, тарзи мафъул, тарзи фоил, ҷумлаҳои муайяншахс, ҷумлаҳои умумишахс, таҳвили тарҷумавӣ, забони англисӣ, забони тоҷикӣ*

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ТРУДНОСТИ ПЕРЕВОДА С АНГЛИЙСКОГО НА ТАДЖИКСКИЙ

В данной статье автор рассматривает проблемы перевода с английского на таджикский язык, основанные на временах глаголов.

Введение объясняет важность темы исследования, актуальность и цель статьи. Также в этом разделе он показывает уровень исследований по данной теме, проводимых учеными и экспертами в области перевода.

В основной части статьи автор представляет теоретическую и практическую информацию о переводе и его проблемах. В статье автор показывает проблемы перевода времен глаголов с английского на таджикский язык. В этом разделе он показывает несколько способов и средств переноса этого процесса на таджикский язык.

В заключении автор подводит итоги своих размышлений.

Ключевые слова*: перевод, переводчик, проблемы перевода, страдательный залог глагола, действительный залог глагола, определенно-личные предложения, обобщенно-личные предложения, переводческие трансформации, английский язык, таджикский язык*

GRAMMATICAL DIFFICULTIES IN TRANSLATION FROM ENGLISH TO TAJIK

Annotation: In this article, the author examines problems of translation from English into Tajik based on passive voice of the verb.

The introduction explains the importance of the topic, its relevance, and the purpose of the article. This section also presents the level of research conducted on this topic by scholars and experts in the field of translation.

In the main part of the article, the author presents theoretical and practical information about translation and its problems. In the article, the author examines the problems of translating verb tenses from English into Tajik. In this section, he demonstrates several methods and means of transferring this process to Tajik.

In the conclusion, the author summarizes her findings.

Keywords*: translation, translator, translation problems, passive voice, active voice, definite personal sentences, general personal sentences, translation transformations, English language, Tajik language*

Муқаддима

Муқаддима

Яке аз мушкилоти асосӣ ҳангоми тарҷумаи матн аз англисӣ ба тоҷикӣ мушкилоти дастурӣ маҳсуб меёбад. Сабаби асосии он аз дарки нодурусти маънои калима то нафаҳмидани сохтори наҳвии ҷумлаҳо аз ҷониби мутарҷима ба миён меояд.

Бо мақсади ноил шудан ба тарҷумаи босифат, мутарҷимро зарур аст, ки тарҷумаи мувофиқ ва баробарро ба даст орад, ки ба забони асл то ҳадди имкон наздик мебошад [10, с. 11]. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳар як забони муайян дорои хусусиятҳои дастурӣ ва луғавии худ мебошад, аз ин рӯ интиқоли дурусти маъно аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ як қатор мушкилотро ба миён меорад. Барои ҳалли ин мушкилот, тарҷумонро мебояд, аз низоми луғавӣ ва дастурии забонҳои асл ва тарҷума бархурдор бошад ва донишҳои назариявӣ ва амалиро оид ба вижагиҳои хоси интиқоли воҳидҳои забонӣ дошта бошад.

Мақсади мақолаи мазкур аз нишон додани мушкилоти дастурии тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ дар асоси интиқоли тарзи мафъули феъл иборат мебошад.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот

Мушкилоти дастурии тарҷума аз ҷониби як қатор олимону тарҷумашиносон, аз қабили **В.Н. Комиссаров [5], Я.И.** Ретскер [8, 9], Т.А. Зражевская [2], К.М. Роева [10] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Тарҷума раванди интиқол додани муҳтавои матн ва ё изҳороти шифоҳӣ тавассути воҳидҳои забони дигар мебошад, ки дар он паёми аз ҷиҳати муоширатӣ баробар ба ҳамон як иттилоот ва муҳтавои фарҳангӣ интиқол дода мешавад. Тавре мутарҷими барҷастаи рус Я.И. Ретскер иброз медорад: “Тарҷума аз нав сохтани матни асл тавассути воситаҳои луғавии забони тарҷума бо нигоҳ доштани мундариҷа ва услуби мувофиқ аст” [8, с.3].

Дар раванди тарҷума мутарҷимро зарур аст, ки мундариҷа ва услуи матни аслро дар забони тарҷума нигоҳ дорад, то хонандаи матни тарҷума ҳамон эҳсосотеро ҳис кунад, ки хонандаи матни асл эҳсос менамояд. “Ягонагии мундариҷа ва услуб дар тарҷума ба забони дигар такрор мешавад, ки дар натиҷа маводи нави ба тарҷума хос ба вуҷуд меояд” [8, с. 4].

Мувофиқи назарияи В.Н. Комиссаров, мушкилоти дастурӣ дар тарҷума аз он бармеояд, ки “падидаҳои дастурӣ дар забонҳои гуногун фарқ мекунанд, ҳатто агар онҳо аз баъзе ҷиҳатҳо монанд ба назар бирасад” [Комиссаров, с. 59]. Мақсад аз дубора эҷод кардани шакли дастурии забони асл интиқоли муҳтавои матн дар забони тарҷума, на танҳо интиқоли шакли он, иборат мебошад. “Агар тобишҳои услубӣ ба тавассути шаклҳои дастурӣ дар матни аслӣ ифода ёфта бошад, пас интиқоли бевоситаи онҳо вазифаи тарҷумон мегардад [8, с. 5].

Профессор Я.И. Ретскер қайд менамояд, ки “баъзан ҳангоми тарҷумаи матни оддитарин, тарҷумон бо шумораи номуайяни мушкилоте дучор мешавад, ки ба чаҳорчӯбаи ягон бахши грамматика мувофиқат намекунанд” [9, с. 98].

Аз ин рӯ, падидаҳои дастурӣ дар ҳар як забон таваҷҷуҳи махсуси тарҷумонро ҷалб мекунанд.

Натиҷаҳо

Дар забони англисӣ як қатор таркибҳои гуногуни мафъулӣ мавҷуд мебошанд. Омили асосии мавҷудияти шумораи зиёди чунин таркибҳо дар он мебошад, ки дар забони англисӣ тарзи мафъул натанҳо хоси феълҳои гузаранда, балки дигар намуди феълҳо низ мебошад.

Тарзи мафъул дар забони англисӣ назар ба забони тоҷикӣ бештар истифода мегардад, аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи тарзи мафъул аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бештар тарзи фоил истифода мегардад. Дар назария ва амалияи тарҷума роҳҳои зерини тарҷумаи тарзи мафъул аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ба назар мерасад:

1. Тарҷумаи тарзи мафъул аз забони англисӣ бо тарзи мафъул ба забони тоҷикӣ.
2. Тарҷумаи таркибҳои мафъули забони англисӣ бо ҷумлаҳои бешахс ё номуайяншахси забони тоҷикӣ, ки дар он иҷрокунандаи амал нишон дода нашудааст.
3. Тарҷумаи тарзи мафъули забони англисӣ бо тарзи фоили забони тоҷикӣ, ки дар он иҷрокунандаи амал аз рӯйи матни асл муайян карда мешавад.

Чӣ тавре ки зикр гардид, усули аввалин ва асосии тарҷумаи тарзи мафъул аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ин бо тарзи мафъул дар забони тоҷикӣ тарҷума намудани он мебошад, ки дар забони тоҷикӣ маъмулан феъли "будан" корбаст мешавад:

"This precious vessel ***was now placed*** *on my knee, and I was cordially invited to eat the circlet of delicate pastry upon it" [*12*, с. 29]. – "Ва инак лаълии пурқиммат болои зонувони ман* ***қарор дода шуда буд*** *Бесси илтифоткорона баҳри хурдани ширинии андарунаш розӣ мекунонд" [1, с. 18].*

Интиқол додани тарзи мафъули феъли забони англисӣ бо ҷумлаҳои номуайяншахс дар забони тоҷикӣ падидаи маъмул мебошад:

"This room was chill, because ***it was known to be so seldom entered"*** *[*12*, с. 21] – "Андарунаш будан басо ҳавлангез аст, чунки ба он тавре ки* ***ман алаккай зикр намудам, одатан кам қадам мениҳоданд"*** *[1, с. 12].*

Дар ҷумлаи фавқ усули дуюми тарҷумаи тарзи мафъул аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ истифода шудааст. Яъне, тарзи мафъул ба забони тоҷикӣ бо ҷумлаи номуайяншахс тарҷума шудааст ва тарҷумон аз тарҷумаи он ба тарзи мафъули феъл дар забони тоҷикӣ худдорӣ намудааст.

Ҳолати мазкур ҳангоми тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ зиёд ба назар мерасад:

"I strove to fulfil every duty; and ***I was termed*** *naughty and tiresome, sullen and sneaking, from morning to noon, and from noon to night" [*12*, с. 22]. – "Ман кӯшиш мекунам аз вазифаҳои худ қадаме берун наниҳам, валекин* ***маро*** *гапногир, якрав ва дуруғгӯ* ***меноманд****, бад−ин минво аз субҳ то шом идома меёбад" [*1*, с. 13].*

Ҷумлаи зер низ бо усули дуюми тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ интиқол ёфтааст:

"In such vault ***I had been told*** *did Mr. Reed lie buried" [*12*, с. 23]. – "****Ба ман гуфта буданд****, ки дар он ҷо ҷаноби Рид мадфун гашта" [1, с. 14].*

Чӣ тавре ки дар боло зикр гардид, се роҳи асосии тарҷумаи тарзи мафъул аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ вуҷуд дорад, ки яке аз онҳо тарҷумаи тарзи мафъули забони англисӣ бо тарзи фоили забони тоҷикӣ, ки дар он иҷрокунандаи амал аз рӯйи матни асл муайян карда мешавад.

"The red-room was a square chamber, very seldom slept *in, I might say never, indeed" [*12*, с. 20]− "****Хонаи сурх номаскун буд ва бошандагон шабро дар он ниҳоят аҳён мегузаронидand,*** *дурустараш ҳеҷ гоҳ намегузаронидан" [1, с. 11].*

Дар ҷумлаи болозикри забони англисӣ "*ниҳоят аҳён гузаронидани шабҳо*" дар хонаи мазкур бо тарзи мафъул ифода ёфта, дар он иҷрокунандаи амал нишон дода нашудааст. Аммо тарҷумони асар ҳангоми тарҷума аз рӯйи матни асар иҷрокунандаи амалро муайян намуда, дар ҷумлаи тарҷумашуда онро истифода намудааст.

Яке аз мушкилоти асосие, ки ҳангоми интиқоли тарзи мафъули феъл аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ба миён меояд, муайян кардани воситаи интиқоли он дар забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад:

"Ere long, I became aware that some one was handling me; lifting me up and supporting me in a sitting posture, and that more tenderly than I ***had ever been raised or upheld*** *before" [*12*, с. 27]. – "Аммо ҳамон замон ҳис кардам, ки касе ба ман даст мерасонад, маро бардошта, дар ҳолати нишастан нигоҳ медорад,* ***ҳеҷ кас ба ман чунин эҳтиётkорона даст нарасонида буд"*** *[1,, с. 16].*

Дар тарзи мафъул дар забони англисӣ иҷрокунандаи амал баъд аз феъл мавқеъ мегирад ва пеш аз он пешоянди ***by*** гузошта мешавад, ки ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ иҷрокунандаи амал дар шакли мубтадо дар аввали ҷумла мавқеъ мегирад ва феъл дар тарзи фоил корбаст мешавад:

"Hence his coffin was borne by the undertaker's men" [12***, с. 21] – "машъалдорон тобути ӯро аз ҳамин ҷо бурданд" [***1*, *с. 12].***

Ҳангоми тарҷумаи ҷумлаи "*Why could I never please? Why was it useless to try to win any one's favour? Eliza, who was headstrong and selfish,* ***was respected****. Georgiana, who had a spoiled*

temper, a very acrid spite, a captious and insolent carriage, ***was universally indulged*** *[*12*, с. 22]."* тарҷумон аз усули сеюм истифода намуда, иҷрокунандаи амалро аз рӯйи мазмун ҳамчун *ҳама* муайян карда, ҷумларо дар тарзи фоил тарҷума намудааст: *– Чаро ман наметавонам ба ягон кас писанд оям ва ҳама талошҳоям баҳри иноят касеро ноил шудан чунин барбас мераванд? Чаро, масалан ба Элоиза, ки гарданшаху худпараст аст ё ба Ҷорҷиана, ки хулқу атвори зиште дорад сернозунуз, тундмиҷоз ва мутаккабир аст,* ***ҳама илтифотомез муомила мекунанд****? [*1*, с. 13]*. Инчунин, ҳангоми тарҷумаи ҷумлаҳои болозикр тарҷумон феълҳои ба ҳам муродифи *"****was respected"*** ва *"****was universally indulged"-***ро бо як таркиби феъл "***илтифотомез муомила кардан"*** тарҷума намуда, ду ҷумларо бо як ҷумлаи мураккаб баргардон намудааст.

Тарзи мафъули феъл барои ифодаи он амале истифода мегардад, ки иҷрокунандаи он маълум ё муҳим нест. Аммо агар гӯянда иҷрокунандаи амалро ифода кардан хоҳад, пас тарзи мафъули феъл дар забони англисӣ бештар бо пешоянди *by*, ки дар забони тоҷикӣ ҳамчун *аз тарафи* тарҷума мешавад, сохта мешавад:

"As to her money, she first secreted it in odd corners, wrapped in a rag or an old curl-paper; but ***some of these hoards having been discovered by the housemaid"*** *[*12*, с. 40]. – "Он чӣ ба пул оид аст, ӯ маблағҳоро андаруни латтапораҳо печонида, дар ҳама кунҷу канор руст кард, вале ҳангоме тасодуфан як қисми хазинаашро хидматгорзан ошкор намуд" [1, с. 28]*.

Ҳангоми тарҷумаи тарзи мафъул бо пешоянди *by* дар забони англисӣ тарҷумони асар тарзи фоилро дар забони тоҷикӣ истифода намудааст ва пешоняди ***by***-ро ҳангоми тарҷума тамоман истифода накардааст. Ҷумлаи "***some of these hoards having been discovered by the housemaid"-***ро метавон дар забони тоҷикӣ низ дар тарзи мафъул тарҷума намуд: ***"вале тасодуфан як қисми хазинааш аз тарафи хидматгорзан ошкор гардид"***.

Мушкилоти дигаре, ки ҳангоми тарҷумаи таркибҳои дорои шакли мафъули феъл ба миён меояд, ин муайян кардани тартиби калима мебошад:

The meal over, ***prayers were read by Miss Miller****, and the classes filed off, two and two, upstairs [*12*, с. 58]. – Ҳангоме ғизои шом ба охир расид,****духтархонум Миллер дуо хонд*** *ва духтарон ҷуфт-ҷуфт боло баромаданд [1, с. 43]*. Дар ҷумлаи болозикр низ мушоҳида мегардад, ки тарҷумон тарзи мафъулро ҳамчун тарзи фоил тарҷума намудааст ва калимаҳои "***prayers"*** ва "***Miss Miller"*** дар матни тарҷумашуда мавқеи худро иваз намудаанд. Ҷумлаи мазкурро метавон дар забони тоҷикӣ ба таври зер тарҷума намуд: *Ҳангоме ғизои шом ба охир расид,****дуо аз тарафи духтархонум Миллер хонда шуд*** *ва духтарон ҷуфт-ҷуфт боло баромаданд.*

Дар сурати муайян будани иҷрокунандаи ҷумлаҳои забони англисӣ, ки дар онҳо хабар дар тарзи мафъул ифода ёфтааст, ба забони тоҷикӣ бештар тавассути ҷумлаи муайяншахс интиқол дода мешавад:

"Lowood Institution. — This portion ***was rebuilt A.D. — by Naomi*** *Brocklehurst, of Brocklehurst Hall, in this county." [*12*, с. 62]. – "Саҳирахонаи Ловуд. Ин ғӯшаи иморатро* ***соли фалон хонум Наоми Броклҳерст*** *аз мавзеи Броклҳерсти фалон графӣ* ***барқарор намудааст"*** *[1, с. 47]*.

Феъл дар ҷумлаи болозикри забони англисӣ дар замони гузашта, дар тарзи мафъул ифода ёфтааст. Феъли **rebuild** дар забони тоҷикӣ ҳамчун аз нав сохтан, барқарор кардан тарҷума мешавад. Тарҷумони асар ҷумлаи болозикро ба забони тоҷикӣ бо ҷумлаи муайяншахс тарҷума намудааст.

Мушкилоти интиқоли тарзи мафъули феъли забони англисӣ ба забони тоҷикӣ дар он зоҳир меёбад, ки дар назария ва амалия тарҷума роҳҳои гуногуни интиқоли онҳо мавҷуд мебошад ва тарҷумонро зарур аст, ки миёни роҳҳои мавҷуда, мувофиқтаринро интихоб намояд:

"Temple's whole attention was absorbed by the patients" *[*12*, с. 97]. – "****Ҳама диққати духтархонум Темпл ба маризон банд буд" [1, с. 73].***

Ҷумлаи болозикри забони англисӣ ба забони тоҷикӣ низ дар тарзи мафъул тарҷума шудааст. Феъли "**absorb"** ба забони тоҷикӣ ҳамчун "**ҷалб намудан"** тарҷума мешавад. Тарҷумон ҳангоми тарҷумаи феъли мазкур аз феъли таркибии "**банд будан"** истифода намудааст. Ҷумлаи мазкурро метавон инчунин, бо таври зайл тарҷума намуд: "М*аризон ҳама диққати духтархонум Темпло ба худ ҷалб намуда буданд*".

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳаноми интиқоли ҷумлаҳои мураккаб, ки хабарҳои онҳо дар тарзи мафъул ифода ёфтаанд, тарҷумон аз роҳҳои гуногун корбаст намудааст:

"I was confirmed in this idea by the fact *of her once or twice coming downstairs on very warm sunny afternoons, and* ***being taken by Miss Temple into the garden"*** *[*12*, с. 98]. – "****Ин итминонро андар ниҳоди ман воқеияте ҳифз медошт,*** *ки рӯзҳои офтобӣ баъзан ӯро ба саҳни боғ мебароварданд" [1, с. 75].*

Тавре дар мисоли фавқузикр дида мешавад, дар ҷумлаи мураккаб феълҳо дар тарзи мафъул дар забони англисӣ истифода гардидаанд, аммо ҳангоми тарҷума тарҷумон ҷумлаи якумро бо тарзи фоил ва ҷумлаи дуюмро бо ҷумлаи номуайяншахс тарҷума намудааст. Инчунин, дар ҷумлаи матни асл аз тарафи духтархонум Темпл иҷро шудани амал нишон дода шудааст, аммо дар матни тарҷума тарҷумон аз тарҷумаи иҷрокунандаи амал худдорӣ намуда, ҷумларо бо ҷумлаи номуайншахс тарҷума намудааст.

Дар раванди интиқоли тарзи мафъули забони англисӣ ба забони тоҷикӣ як қатор таҳвилоти луғавию дастурӣ ба амал меоянд, ки раванди тарҷумаро хеле мураккаб мегардонад:

"I ***was*** *well* ***received by my fellow-pupils" [***12***, с. 87]. – "Ҳамдарсонам бо ман муносибати некхоҳона доштанд" [1, с. 65].***

Ҷумлаи болозикри забони англисиро тарҷумон аз тарҷумаи маъноӣ истифода бурда, тарҷума намудааст. Дар матни асл калимаи "***муносибат***" тамоман ба назар намерасад, аммо тарҷумон барои интиқол додани фикри нависанда калимаи мазкурро дар матни тарҷумашаванда истифода намудааст.

Ҳамин тавр, пешоянди by дар тарзи мафъул, ки барои ифодаи иҷрокунандаи амал истифода шудааст, ба забони тоҷикӣ ҳамчун аз тарфи тарҷума мешавад. Аммо таҳлилҳо нишон доданд, ки тарҷумони асари "Ҷен Эйр" ҳангоми тарҷумаи тарзи мафъул аз тарҷумаи пешоняди мазкур худдорӣ намуда, ҷумлаҳои дорои пешоняди by бударо бо ҷумлаҳои номуайяншахс,муайяншахс дар тарзи мафъул тарҷума намудааст.

Мавриди зикр аст, ки агар пешоянди "***by"*** дар тарзи мафъули феъл барои ифодаи иҷрокунандаи амал истифода нашуда бошад, пас он дар забони тоҷикӣ ҳамчун "бо", "аз", "ба" тарҷума мешавад:

"Burns" (such it seems was her name: the girls here ***were all called by their surnames)"*** *[*12*, с. 68].* Дар ҷумлаи мазкур пешоянди by барои ифодаи пуркунанда истифода шудааст ва тарҷумони асар ин ҷумларо ба таври зайл тарҷума намудааст: *"Бернс (зоҳиран чунин буд насаби ӯ, дар ин ҷо* ***ҳама духтаронро бо насабашон номёд мекарданд)"*** *[1, с. 51].*Чӣ тавре ки аз тарҷумаи асар бар меояд, пешоянди **by** ҳамчун **бо** тарҷума шудааст, зеро он на барои ифодаи иҷрокунандаи амал, балки барои ифодаи пуркунандаи он истифода гардидааст.

Бояд гуфт, ки пешоянди "***by"*** ба забони тоҷикӣ бо пешояндҳои гуногун интиқол дода мешавад:

"There were moments when ***I was bewildered by the terror he inspired****, because I had no appeal whatever against either his menaces or his inflictions" [*12*, с. 15]. – "Лаҳзаҳое буданд, ки* ***аз даҳшат ман худро мебохтам****, зеро на аз таҳдидҳои ӯ ва на аз латукӯбҳои ӯ ҳимоягае доштам" [*1*„ с. 8].*

Дар ҷумлаи болозикр пешоянди "**by"** дар таркиби ибораи "***was bewildered by the terror"*** ҳамчун "**аз"** тарҷума шудааст.

Таҳлили муқоисавии тарзи мафъули феъл дар забони англисӣ ва роҳҳои тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ нишон дод, ки байни ин ду низоми забонӣ фарқиятҳои назарраси сохторӣ ва услубӣ вуҷуд доранд.

Аввалан, муайян гардид, ки дар забони англисӣ тарзи мафъулӣ (Passive Voice) дорои басомади баланди истифода мебошад. Дар чунин матнҳо диққати асосӣ ба амал ё натиҷаи он, на ба иҷрокунанда равона мешавад.

Дуюм, дар забони тоҷикӣ истифодаи шакли мафъули феъл нисбатан маҳдуд мебошад. Дар бисёр мавридҳо тарҷумаи мустақими тарзи мафъули феъл ба шакли мафъули феъл боиси сунъӣ гардидани матн гардида, ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мувофиқат намекунад.

Сеюм, муайян шуд, ки ҳангоми ҷумлаҳое, ки дар онҳо хабар бо феъл дар тарзи мафъул ифода ёфтаанд, аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бештар бо роҳҳои зер интиқол меёбанд:

иваз намудани тарзи мафъул ба тарзи фаъол;

истифодаи ҷумлаҳои номуайяншахс (масалан: “мегӯянд”, “баррасӣ карданд”);

Чорум, мушкилоти асосӣ дар интихоби намунаи мувофиқи тарҷума вобаста ба услуб, жанр ва мақсади матн зоҳир мегардад. Тарҷумон бояд на танҳо сохтори дастурӣ, балки хусусиятҳои услубии ҳар ду забонро ба назар гирад.

Муҳокима

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки тарзи мафъул (Passive Voice) яке аз мушкилтарин воҳидҳои дастурӣ дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Сабаби асосии ин мушкилот фарқияти корбасти он ва басомади истифодаи сохторҳои мафъулӣ дар ду забон мебошад.

Дар забони англисӣ тарзи мафъул бо to be + Participle II сохта шуда, дар ҳама замонҳо (Present, Past, Perfect, Continuous ва ғ.) фаъолона истифода мешавад. Он метавонад: иҷрокунандаро пинҳон кунад, диққатро ба амал ё натиҷа равона созад, хусусияти расмӣ ва ғайришахсӣ диҳад.

Дар забони тоҷикӣ бошад, шакли мафъул тавассути сифати феълӣ ва феъли “шудан” (навишта шуд) ё тағйири сохтор ба ҷумлаи фаъол ифода мегардад. Аммо басомади истифодаи он нисбатан камтар аст.

Аз ин рӯ, тарҷумаи мустақими ҳамаи ҷумлаҳои мафъулӣ на ҳамеша табиӣ садо медиҳад.

Ҳамин тавр, муҳокима нишон медиҳад, ки тарзи мафъул дар забони англисӣ дорои имкониятҳои васеи корбурд мебошад, аммо дар забони тоҷикӣ истифодаи он маҳдудтар аст. Ин фарқият боиси зарурати таҳвилоти дастурӣ ва луғавӣ мегардад.

Аз ин рӯ, тарҷумаи тарзи мафъул на танҳо масъалаи дастурӣ, балки масъалаи мутобиқсозии муоширатӣ ва услубӣ низ ба ҳисоб меравад.

Хулоса

Ҳамин тавр, тарҷумаи тарзи мафъул аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ вазифаи мураккабест барои тарҷумон, ки бо фарқиятҳои сохторӣ ва услубӣ байни ду забон вобаста аст. Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки тарзи мафъули феъл дар забони англисӣ ва роҳҳои ифодаи он дар забони тоҷикӣ аз лиҳози сохтор ва басомади истифода фарқиятҳои ҷиддӣ доранд. Агар дар забони англисӣ тарзи мафъул воситаи маъмул ва табиии баёни фикр бошад, дар забони тоҷикӣ афзалият бештар ба тарзи фаъол ва ҷумлаҳои номуайяншахс дода мешавад.

Аз ин рӯ, тарҷумаи мукаммали ҷумлаҳои дорои феъл дар тарзи мафъул талаб менамояд, ки тарҷумон ба табиияти нутқи тоҷикӣ диққати махсус диҳад ва аз тарҷумаи таҳтуллафзӣ худдорӣ намояд. Иваз намудани тарзи мафъул ба шаклҳои мувофиқи фаъоли тоҷикӣ дар бисёр ҳолатҳо ба равонӣ ва фаҳмоии матн мусоидат мекунад.

Хулоса, яке аз вазифаҳои муҳимми тарҷума ҳифзи мазмун ва ҳамзамон мутобиқ сохтани сохтори дастурӣ ба меъёрҳои забони тарҷума мебошад. Омӯзиши амиқи хусусиятҳои муқоисавии ду забон метавонад сатҳи сифати тарҷумаро баланд бардорад.

АДАБИЁТ

1. Бронте, Ш. Ҷен Эйр: Роман/ Ш. Бронте. –Душанбе: ТҶБ Истиқбол, 2010. - 412 с.
2. Зражевская, Т. А. Трудности перевода с английского на русский / Т. А. Зражевская, Л.М. Беляева. – Москва: Международные отношения, 2008. – 240 с.
3. Иқбалов, О., Ёралиева, Н., Тағоева , М. Граматикаи забони англисӣ Душанбе, 1987. – 132 с.
4. Каушанская, В. Л., Конвер, Р. Л., Кожевникова, О. Н., Прокофьева, Е. В., Райнес, З. М., Сквирская, С. Е., Цырлина, Ф. Я.. The grammar of English lenguage/ В. Л. Каушанская, Р. Л. Конвер, О. Н. Кожевникова, Е. В. Прокофьева, З. М. Райнес, С. Е. Сквирская, Ф. Я. Цырлина. – Москва, 2008. – 384 с.
5. Комиссаров, В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты): Учеб. для ин-тов и фак. иностр. яз. / В.Н. Комиссаров. – М.: Высш. шк., 1990. – 253 с.
6. Мамадназаров , А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ/ А. Мамадназаров - Душанбе – 2015. – 1016 с.
7. Ниёзмаҳмадов, Б. Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик қисми 1/ Б. Ниёзмаҳмадов. – Душанбе, 1973. – 230 с.

8. Рецкер, Я.И. Пособие по переводу с английского языка на русский язык / Я.И. Рецкер. – М.: Просвещение, 1973. – 200 с.
9. Рецкер, Я.И. Теория перевода и переводческая практика / Я.И. Рецкер. – М., 2007. – 375 с.
10. Роева, К.М. Трудности перевода и пути их преодоления (на материале научно-технического (нефтяного) дискурса): учеб.-метод. пособие / К.М. Роева. – Ижевск: Издательство «Удмуртский университет», 2013. – 104 с.
11. Bloch, M.Y. course in Theoretical English Grammar/ M.Y. Bloch. – Moscow: Pravda, 2000. – 265.p.
12. Bronte, Sh. Jane Ayre/ Sh. Bronte. – L., 1999. – 496 p.

Маълумот дар бораи муаллифон: *Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. Суроға: 734019, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Муҳаммадиев 17/6. Тел: (+992) 908-55-65-01*

Азизмуродов Муҳаммадсалим Раҳимович – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.:(+992) 935652184, E-mail: boghbon@bk.ru ORCID 0009-0002-3215-7873

Сведения об авторах: *Махмудзода Миджгонаи Абдулвахоб – Таджикский международный университет иностранных языков имени С.Улугзода, соискатель кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. Адрес: 734019, ш. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел: (+992) 908-55-65-01*

Азизмуродов Мухаммадсалим Рахимович – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, старший преподаватель кафедры философии и политологии. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 93 5652184, E-mail: boghbon@bk.ru ORCID 0009-0002-3215-7873

Information about the author*: Mahmdzoda Mijgonai Abdulvahob – Tajik International University of Foreign Languages named after S.Ulugzoda, applicant at the department of Comparative linguistics and the theory of translation. Address: 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadieva, Str., 17/6. Tel: (+992) 908-55-65-01*

Azizmurodov Muhammadsalim Rahimovich – Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, senior lecturer of the Philosophy and Politics Chair. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 93 5652184, E-mail: boghbon@bk.ru ORCID 0009-0002-3215-7873

ТДУ: 81'373.46:004.8

МАРҲИЛАҲОИ ПАЙДОИШИ ИСТИЛОҲОТИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР НИЗОМИ ИСТИЛОҲОТИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ

Мусоямзода Зубайдулло Муминшо
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Самардинов Қурбон Наимович
Донишгоҳи давлатии Данғара

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи марҳилаҳои пайдоиш, ташаккул ва рушди истилоҳоти зеҳни сунъӣ дар низоми истилоҳоти технологияи иттилоотӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқ заминаҳои таърихии ташаккули мафҳуми зеҳни сунъӣ, омилҳои илмӣ ва технологие, ки ба пайдоиши ин самти навини дониш мусоидат намудаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки оғози ташаккули асосҳои назариявии зеҳни сунъӣ ба солҳои 1940 рост омада, бори аввал дар мақолаи Уоррен Маккаллок ва Уолтер Питтс (1943) модели мантиқии фаъолияти нейронҳои сунъӣ пешниҳод гардид, ки барои рушди минбаъдаи шабакаҳои нейронӣ ва ташаккули истилоҳоти соҳа заминаи илмӣ фароҳам оварда. Ҳамчунин, саҳми Доналд Хебб дар рушди назарияи омӯзиши нейронӣ ва таъсири он ба ташаккули мафҳумҳои калидии зеҳни сунъӣ баррасӣ шудааст.

Дар доираи таҳқиқ инчунин масъалаҳои рушди истилоҳоти зеҳни сунъӣ дар шароити ҷаҳонишавии технологияҳои рақамӣ ва татбиқи васеи онҳо дар соҳаҳои иқтисод, маориф, тандурустӣ, идоракунии давлатӣ ва дигар бахшҳои ҳаёти ҷомеа баррасӣ гардидаанд. Ба Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуда, зарурати ташаккули низоми ягона, дақиқ ва илмӣ асосноки истилоҳоти соҳавӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими татбиқи самараноки технологияҳои зеҳни сунъӣ ва рушди фазои рақамии кишвар таъкид мегардад.

Дар асоси таҳлили марҳилаҳои таърихии ташаккули соҳа хусусиятҳои рушди истилоҳоти зеҳни сунъӣ ва вобастагии он ба пешрафти илмҳои компютерӣ муайян карда шудаанд

Калидвожаҳо: *зеҳни сунъӣ, истилоҳшиносӣ, истилоҳ, низоми истилоҳот, истилоҳоти зеҳни сунъӣ, истилоҳоти технологияи иттилоотӣ, шабакаҳои нейронӣ, таҳаввули истилоҳот, стандартизатсияи истилоҳот.*

ЭТАПЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ТЕРМИНОЛОГИИ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА В СИСТЕМЕ ТЕРМИНОЛОГИИ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

Настоящая статья посвящена исследованию этапов возникновения, становления и развития терминологии искусственного интеллекта в системе терминологии информационных технологий. В работе анализируются исторические предпосылки формирования понятия искусственного интеллекта, а также научные и технологические факторы, способствовавшие возникновению данного современного направления знаний. Автор показывает, что формирование теоретических основ искусственного интеллекта берет начало в 1940-х годах, когда впервые в статье Уоррена Маккаллока и Уолтера Питтса (1943) была предложена логическая модель функционирования искусственных нейронов, ставшая научной основой для последующего развития нейронных сетей и формирования отраслевой терминологии. Кроме того, рассматривается вклад Дональда Хебба в развитие теории нейронного обучения и его влияние на формирование ключевых понятий искусственного интеллекта.

В рамках исследования также рассматриваются вопросы развития терминологии искусственного интеллекта в условиях глобализации цифровых технологий и их широкого внедрения в экономику, образование, здравоохранение, государственное управление и другие сферы общественной жизни. Особое внимание уделено Стратегии развития искусственного интеллекта в Республике Таджикистан, при этом подчеркивается необходимость формирования единой, точной и научно обоснованной системы отраслевой терминологии как одного из

важнейших факторов эффективного внедрения технологий искусственного интеллекта и развития цифрового пространства страны.

На основе анализа исторических этапов формирования данной области определены особенности развития терминологии искусственного интеллекта и её зависимость от прогресса компьютерных наук.

Ключевые слова: *искусственный интеллект, терминоведение, термин, терминологическая система, терминология искусственного интеллекта, терминология информационных технологий, нейронные сети, эволюция терминологии, стандартизация терминологии,.*

THE STAGES OF THE EMERGENCE OF ARTIFICIAL INTELLIGENCE TERMINOLOGY IN THE INFORMATION TECHNOLOGY TERMINOLOGICAL SYSTEM

The article is devoted to the stages of the emergence, formation, and development of artificial intelligence (AI) terminology within the system of information technology terminology. The study analyzes the historical foundations of the concept of artificial intelligence as well as the scientific and technological factors that contributed to the emergence of this modern field of knowledge. The author demonstrates that the theoretical foundations of artificial intelligence originated in the 1940s, when Warren McCulloch and Walter Pitts first proposed a logical model of artificial neurons in their seminal 1943 paper. This model laid the scientific foundation for the subsequent development of neural networks and the formation of AI-related terminology. The article also discusses Donald Hebb's contribution to the development of the theory of neural learning and its influence on the formation of the fundamental concepts of artificial intelligence.

The study further explores the development of artificial intelligence terminology in the context of the global expansion of digital technologies and their widespread application in the fields of economics, education, healthcare, public administration, and other sectors of society. Particular attention is paid to the Artificial Intelligence Development Strategy of the Republic of Tajikistan, emphasizing the necessity of establishing a unified, precise, and scientifically grounded system of specialized terminology as one of the key prerequisites for the effective implementation of artificial intelligence technologies and the advancement of the country's digital ecosystem.

Based on an analysis of the historical stages of the field's development, the study identifies the distinctive features of the evolution of artificial intelligence terminology and its dependence on advances in computer science.

Keywords: *artificial intelligence, terminology studies, term, terminological system, artificial intelligence terminology, information technology terminology, neural networks, evolution of terminology, terminology standardization.*

Муқаддима. Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти зеҳни сунъӣ дар низоми истилоҳоти технологияи иттилоотӣ ба миёнаҳои асри XX рост меояд. Пайдоиши истилоҳоти зеҳни сунъӣ худ аз моделҳои автоматикунонида, ки ба вазифаҳои когнитивӣ ва математикӣ такя менамоянд сарчашма мегирад. Рушди босуръати технологияи рақамӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ дар шароити имрӯза ба тамоми соҳаҳои ҳаёт таъсири худро расонидааст. Зеҳни сунъӣ, автоматизатсияи тамоми соҳаҳо, робототехника ва низомҳои иттилоотӣ на танҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва ва равандҳои истеҳсолӣ, балки ба муҳити фарҳангӣ ва забонӣ низ таъсири назарраси худро мегузоранд. Дар замони муосир барои амалисозии ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040" бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2025 №83 қабул гардид, ки нишондиҳандаи раванди ҷаҳонишавии тамоми соҳаҳои илму техника мебошад. Дар раванди амалигардонии стратегияи мазкур, албатта истилоҳоти сершумор вориди забони тоҷикӣ мегарданд, ки мутобиқсозӣ ва меъёргузории онҳо масъулияти истилоҳшиносонро боз баландтар мегардонад.

Қисми асосӣ. Марбут ба корбарии зеҳни сунъӣ бори аввал соли 1943 дар мақолаи муҳаққиқон Уоррен Мак-Каллок (McCulloch) ва Уолтер Питтс (W. Pitts) модели расмии "нейрони мантиқӣ" пешниҳод мешавад, ки дар он ҳуҷайраҳои асаб ҳамчун элементҳои

ҳисоббарории дискретӣ бо вазифаи “threshold function”, яъне ҷамъшавии вурудҳои пайдарпай дар нейрон ё суммаи вазнҳои нейронӣ тасвир мегарданд. Ин модел имкони баробаргузории шабакаҳои нейронӣ бо формулаҳои мантиқ ва схемаҳои ҳисоббарории бинариро фароҳам меорад, ки дар натиҷаи истифодаи он истилоҳоти чун *artificial neuron – нейрони сунъӣ, artificial neural network – шабакаи нейронии сунъӣ, computational power of a neuron – иқтидори ҳисоббарории нейрон* пайдо шуданд [14].

Марҳилаи баъдӣ дар китоби Доналд Хебб (Donald Hebb), ки нашри аввал соли 1949 буд ва нашри дуюм соли 2002 дар он тамоми асосҳои назариявии корбарии зеҳни сунъӣ дарҷ гардидааст. Олими мазкур равоншиноси нейро-биолог буд, вале таҳқиқи назариявии ӯ дар корҳои минбаъдаи зеҳни сунъӣ заминае гузошт. Ба ақидаи ӯ: “Майнаи инсон, ки аз нейронҳо иборатанд, аз таҷрибаи омӯзиш густариш меёбанд ва ин омӯзиш дар шакли пайвандшавии нейронҳо фаъол мегардад” [12]. Дар маҷмӯъ, китоб дар бораи тавзеҳи биологӣ ва равонии корбарии хотира ва омӯзиш аст, вале назарияҳое, ки дар он дарҷ гардидааст, байдан дар фазои рақамӣ ба моделҳои ҳисоббарории омӯзиш (learning rules) ва шабакаҳои нейронӣ интиқол меёбанд.

Таҳаввули ниҳоии зеҳни сунъӣ ҳамчун як самти мустақили илмӣ дар солҳои 1940 дар доираи андешаҳои кибернетикии Норберт Виннер (N. Wiener) ба вуҷуд омад. Дар ин равиш Н. Виннер принсипҳои идоракуниро, ки дар организмҳои зинда ва дар мошинҳои техникии худидоракунанда ба амал меоянд, вазифаҳои онҳоро ба ҳам пайваста, нишон медиҳад, ки қонунҳои умумӣ барои ҳарду навъи система метавонанд ба кор бурда шаванд [17]. Дар заминаи таҳқиқоти ӯ як қатор истилоҳоти барбут ба зеҳни сунъӣ, ки хусусияти умумӣ доранд, ба вуҷуд омаданд, мисли *зеҳн (intelligence) – қобилияти фаҳмидан ва ҳал кардани масъалаҳо; омӯзиш (learning) – тағйир ёфтани рафтор дар натиҷаи таҷриба; алгоритм (algorithm) – тартиби дақиқи иҷрои амалҳо; иттилоот (information) – ахбори коркардшаванда; бозгашт (feedback) – робитаи баръакс барои идоракунии система; нейрон (neuron) – ҳуҷайраи асосии асаб.*

Бори аввал истилоҳи “artificial intelligence” дар семинари илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби муҳаққиқ Ҷон Маккарти (John McCarthy) дар шаҳри Ҳановери штати Ню-Ҳемпшири ИМА, дар донишгоҳи Дартмут пешниҳод гардид [13, с. 13]. Баъд аз пешниҳоди ӯ мафҳуми “*омӯзиши мошинӣ*” ба доираи гардиши илмӣ ворид мешавад. Гузариш аз дастгоҳҳои механикӣ ва мафҳумҳои анъанавии кибернетикӣ ба системаҳои комилан рақамӣ, боиси он гардид, ки забони нав бо истилоҳоти ифодакунандаи куллан мафҳумҳои нав дар низоми истилоҳоти технологияи иттилоотӣ пайдо шавад. Дар зинаҳои аввали пайдоиши зеъни сунъӣ сухан танҳо дар бораи механизмҳои ҷудогона мерафт, ҳоло бошад, диққат ба моделҳо равона мегардад, ки фаъолияти зеҳнии инсонро пуркувват месозад. Бо истифодаи зеҳни сунъӣ дар ҳаёти рузмарра дигар истилоҳот ба монанди *“human-in-the-loop”*, яъне иштироки инсон дар идоракунии барнома, *“decision support”* пешниҳодҳое, ки барнома ба инсон меорад, интихоби инсон ва ба кадом қарор омадан хеле муҳим аст, *“cognitive augmentation”* ифодакунандаи мақсади истифодаи барнома ин баланд бардоштани қобилиятҳои фикрӣ ва идрокии инсон мебошад, пайдо мешаванд.

Соли 1980 марҳилаи баъдинаи рушду такоммули зеҳни сунъӣ ба шумор рафта, дар ин марҳила зеҳни сунъӣ аллакай дар системаҳои ташхисӣ ба монанди Dendritic Algorithm Project – системаи ташхисии Дендрал, Medical Expert System for Bacterial Infections and Antibiotic Recommendation – Системаи ташхисӣ барои бемориҳои сироятии бактериалӣ ва тавсияи антибиотикҳо ва Expert Configurer – системаи ташхисӣ барои конфигуратсияи автоматии системаи компютерӣ фаъол мегардад. Системаҳои номбурда бо истифода аз зеҳни сунъӣ барои як қатор мушкилоти масъалаҳо дар соҳаи тиб, химия, саноати компютерӣ ба назар мерасиданд. Дар раванди корбарии зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои зикргардида истилоҳоти нав ба низоми истилоҳоти технологияи иттилоотӣ ворид гардиданд, ки то ҳол мавриди истифодаи мутахассисони соҳа мебошанд, ба монанди *knowledge base – анбори қоидаҳо ва маълумоти соҳа, forward chaining – зина ба зина ба даст овардани хулоса аз натиҷаҳо, knowledge engineering) – муҳандисии дониш, яъне банизомдарории натиҷаҳо, certainty factor – андозагирии дараҷаи боварӣ ба хулосаи система*.

Соли 1990 истилоҳи “intelligent egents” дар доираи мутахасисони соҳа пайдо гардид. Дар ин давра зеҳни сунъӣ боз ҳам такомул ёфта, хусусиятҳои навро ба худ касб намуд, ки чун “агент” дар барномаҳо қобилияти баъзе вазифаҳоро ба таври мустақил иҷро карданро пайдо намудаст [11]. Тамоми амалиётҳои зеҳни сунъӣ мустақилиятро ба вуҷуд меоранд, яъне маълумотро ҷамъ менамоянд, вазъиятро арзёбӣ мекунанд ва дар натиҷа қарор қабул намуда, маълумоти коркардшударо пешниҳод менамоянд. Дар ин маоҳила низ истилоҳоти дигар марбут ба корбарии зеҳни сунъӣ чун *high-performance search – ҷустуҷуи амиқ, evaluation function – вазифаи баҳодиҳӣ, parallel architecture – меъмории параллелӣ* ба миён омаданд.

Бо рушду ташаккул ёфтани барномаҳои зеҳни сунъӣ ва омилҳои таъсиррасони мусбӣ ва манфии он ба фаъолияти инсон соли 2024 Санади зеҳни сунъӣ (Artificial Intelligence Act) таҳия гардид, ки ин санад низоми таснифи хавфҳои истифодабарии зеҳни сунъиро муайян кардааст. Дар раванди таҳияи ин санад як қатор истилоҳоти нав мисли *unacceptable risk -хавфи ғайриқобили қабул, high-risk - хавфи баланд, limited risk - хавфи маҳдуд, transparency - шаффофият, conformity assessment - арзёбии мутобиқат* пайдо шуданд.

Маълум мегардад, ки марҳилаҳои пайдоиши истилоҳоти зеҳни сунъӣ ба марҳилаи охирини рушди истилоҳоти технологияи иттилоотӣ мансуб буда, ҳоло ҳам шакли динамикӣ дорад, зеро ҳар рӯз як истилоҳи навро ба вуҷуд меорад. Дар зербобҳои пешина, ҳангоми тасниф додани марҳилаҳои рушди истилоҳоти технологияи иттилоотӣ мо истилоҳоти зеҳни сунъиро ба охирин гурӯҳ тақсим намудем, зеро ба замони муосири мо рост меояд. Марҳилаҳои рушди истилоҳоти зеҳни сунъӣ нишон медиҳад, ки аз системаҳои ташхисӣ ва агентҳои зеҳнӣ то моделҳои амиқ, моделҳои бунёди ва истилоҳоти марбут ба танзим ва ахлоқ истилоҳоти зеҳни сунъӣ бо истилоҳоти ҳуқуқ, иқтисод ва сиёсати рақамӣ мепайвадад, ки дар натиҷаи ин ҳолат меъёргузории истилоҳот аҳамияти хоса мегирад. Дар натиҷаи омехта гардидани истилоҳоти соҳавӣ зарурат ба миён меояд, ки шакл ва маъноҳои воҳидҳои махсуси нав ба низом дароварда шуда, истифодаи онҳо дар забони илмӣ ва амалии тоҷикӣ ҳамоҳанг карда шаванд. Ҳангоми мутобиқсозӣ мувозинати меъёри адабии забони тоҷикӣ низ бояд ба назар гирифта шавад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки пайдоиши зеҳни сунъӣ ин марҳилаи нави рушди технологияи рақами дар асри XXI мебошад. Дар замони муосир зеҳни сунъӣ кашфиёти технологиест, ки ба компютер ва нармафзори он имконият медиҳад, ки мисли инсон маълумотро дар худ коркард намуда, арзёбӣ кунад, ки ба вазифаи тафаккури инсон шабоҳат дорад.

Ба ҳамагон равшан аст, ки панҷ соли охир ба забони тоҷикӣ ҳазорҳо истилоҳоти технологияи иттилоотӣ, ки дар байни онҳо истилоҳоти зеҳни сунъӣ низ мебошанд, ба забони мардум роҳ пайдо намудаанд. Сабабу омилҳои паҳншавии босуръати чунин истилоҳот аз густариш ёфтани истифодабарандагони интернет, барномаҳои зеҳни сунъӣ, барномаҳои мобилӣ, хизматрасониҳои рақамӣ шаҳодат медиҳад. Дар забони тоҷикӣ айни ҳол бештар дар нутқи ҷавонон, махсусан дошҷуён, бахши ТИ, муассисаҳои таълимӣ ва ВАО истилоҳоти “низоми АI”, “эҷоди бот”, “платформаи онлайнӣ”, “ёрдамчии виртуалӣ” , “чат-бот”, “ассистент” “омӯзиши амиқ” метавон дид. Аз нигоҳи забоншиносӣ, чунин тағйироти луғавӣ марҳилаи нави табии рушди забон мансуб меёбад. Ҳар як давраи рушди технологияи рақамӣ истилоҳоти худро ба вуҷуд меоранд, ки ҳам захираи луғавии забони англисиро бой мегардонад ва ҳам ба забони тоҷикӣ дар раванди иқтибосгирӣ ба низоми миллӣ мутобиқ гардонда мешаванд. Ҳамзамон дар раванди иқтибосгирӣ ва тарҷумаи чунин истилоҳот ба забони тоҷикӣ, масъалаҳои мутобиқшавии маъноӣ ва морфологии воҳидҳои нави луғавӣ, дараҷаи мутобиқатии онҳо ба меъёрҳои грамматикии забони тоҷикӣ муносибатҳои илмиро пеши кор меоранд.

Аслан воҳидҳои луғавии махсус, ки онҳо истилоҳот мебошанд, бо се роҳ дар умум ба забони тоҷикӣ ворид мегарданд. Истилоҳоти зеҳни сунъӣ, ки марҳилаи охирин ё муосиртарини рушди истилоҳоти технологияи иттилоотӣ ба шумор меравад, ба забони тоҷикӣ бо ҳамин се роҳ дохили забон мегарданд: роҳи аввал ин иқтибосгирии мустақим мебошад, ки истилоҳот бо роҳи транслитератсия ва транскрипсия ба забони тоҷикӣ ворид мешавад, дар ин зина танҳо сохтори фонетикӣ ва фонологии истилоҳот ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мутобиқсозӣ мешаванд, ба монанди *AI, chatbot – чат-бот, assistant – ассистент, prompt – промпт, feedback – фидбэк, server – сервер, algorithm – алгоритм, robot – робот, online platform – платформаи онлайнӣ* ва

ғайраҳо. Аз мисолҳои овардашуда маълум аст, ки бештари истилоҳот бидуни тағйироти фонетикӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ иқтибоси мустақим шудаанд; роҳи дуюми воридшавии истилоҳот тавассути тарҷума ва мутобиқсозии истилоҳот ба забони миллӣ мебошад. Истилоҳоти зеҳни сунъӣ метавонанд дар ду шакл тарҷума шаванд, тарҷумаи мустақим, ки бештари онҳо калка шуда ба забони тоҷикӣ таҳтуллафзӣ тарҷума мешаванд, шакли дуюм ин тарҷумаи ғайримустақим аст, ки дар мавриди бемуодил будани истилоҳ дар забони тарҷума, мутарҷимон онҳоро бо таҳвилҳои тарҷума, мисли мушаххасгардонӣ, умумигардонӣ, модулсозӣ, муайянсозӣ, тавзеҳ, ҷубронкунӣ ва мутобиқсозӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума менамоянд. Доираи чунин истилоҳоти тарҷумашуда ба забони тоҷикӣ инҳоянд: *artificial intelligence – зеҳни сунъӣ, AI system – системаи зеҳни сунъӣ, machine learning – омӯзиши мошинӣ, deep learning – омӯзиши амиқ, neural network – шабакаи нейронӣ, neural model – модели нейронӣ, natural language processing – коркарди забони табиӣ, computer vision – биниши компютерӣ, speech recognition – шинохти садо, image generation – тавлиди тасвир, text generation – тавлиди матн, big data – додаҳои бузург, data mining – истихроҷи додаҳо, recommender system – системаи тавсиягар, virtual assistant – ёрдамчии виртуалӣ, online platform – платформаи онлайн, smart device – дастгоҳи ҳушманд, smart system – системаи ҳушманд, robot – робот, digital economy – иқтисоди рақамӣ, digital education – маорифи рақамӣ, cybersecurity – амнияти киберӣ, digital privacy – махфияти рақамӣ, human-computer interaction – муоширати инсон-мошин, automatic analysis – таҳлили автоматикӣ, process automation – автоматикунонии раванд, intelligent monitoring – мониторинги ҳушманд;* роҳи сеюми воридшавӣ аз дигар роҳҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Истилоҳот ба забони тоҷикӣ ворид мегарданд ва дар заминаи захираи дохилии забон истилоҳоти дигарро боз пайдо месозанд, ки дар забони омма васеъ истифода шуда, дар матнҳои илмӣ-техникӣ чун истилоҳоти нави зеҳни сунъӣ эътиоф мешаванд, аз ҷумла истилоҳоти зеҳни сунъӣ дар нақлиёт мисли "*системаи роҳнамо*", ки бар ивази истилоҳи *"recommender / navigation systems"* истифода мешавад, ё истилоҳи дигар "*мошинҳои бидуни ронанда*", ки бар ивази истилоҳи "*autonomous vehicles*" дар забони тоҷикӣ мавриди истифодабарӣ қарор дорад.

Лозим ба ёдоварист, ки истилоҳоти зеҳни сунъӣ ҳарчанд як шохаи истилоҳоти технологияи иттилоотӣ ба шумор меравад, вале низоми истилоҳии хоси худро доро аст. Барои марҳилаҳои рушди истилоҳоти ин ё он соҳаи донишро омӯхтан, истилоҳшиносро зарур меёяд, ки дар аввал ба низоми истилоҳии он шинос шавад. Чӣ гунае ки истилоҳшинос С.В. Гринев қайд менамояд: "Низоми истилоҳот ин маҷмӯи истилоҳоти як соҳаи илмӣ, техникӣ ё касбӣ мебошад, ки дар якҷоягӣ низоми мафҳумии ҳамон соҳа ва тасвири воқеияти онро инъикос мекунанд. Ҳар як истилоҳ дар ин низом на ба таври ҷудогона, балки дар иртибот бо дигар истилоҳот ва мафҳумҳои марбут ба онҳо баррасӣ мешавад" [4, с. 36-62].

Тамоми марҳилаҳои батартибдарорӣ ва банизомдарории истилоҳот ба донишу таҷриба ва малакаҳои истилоҳшиносон алоқамандии зич дорад. Таҷрибаи меъёргузории истилоҳот нишон медиҳанд, ки низоми истилоҳоти илмҳои дақиқ аз низоми истилоҳоти дигар соҳаҳои илм ба куллӣ фарқ менамояд ва бештар бо роҳи тарҷумаи мустақим ва иқтибосгирӣ ба дигар забонҳо гузариш меёбанд. Забоншиносон, истилоҳшиносон ва мутахассисони соҳа пеш аз меъёргузории истилоҳоти зеҳни сунъӣ, ба низоми дигар истилоҳоти илмҳои ҷудогона рӯ меоваранд. Марҳилаи меъёргузории истилоҳот таҳлилҳои муфассалро дарбар мегирад, аввал марҳилаҳои пайдоиши истилоҳро омӯхта, истилоҳшиносон ба таҳлили этимологӣ рӯ меоваранд. Як истилоҳро дар забонҳои гуногун мавқеи истифодабариашро ва кадом таърифотро ифода карданашро дар фарҳангҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Баъди омӯзишу таҳлили хусусиятҳои истилоҳ онро бо низомҳои мавҷума ҳамоҳангсозӣ менамоянд, ки заҳмати вақтталаб аст. Бо назардошти чунин кӯшишу ғайратҳо ва истифодаи таҷриба ва низомҳои мавҷуда дар илми истилоҳшиносӣ дар замони тағйироти босуръати технологӣ бештари истилоҳот мафҳумҳои меъёргузоришуда боз ҳам ноустувор мемонанд, зеро аз як истилоҳ боз якчанд истилоҳоти нав пайдо мегарданд. Соҳаҳои чун зеҳни сунъӣ, технологияи рақамӣ дар умум, биотехнология, тиб ва дигар соҳаҳои илму дониш, ки доимо дар раванди рушд қарор доранд, ҳар замон мафҳумҳои нав эҷод менамоянд, ки масъалаи меъёргузории онҳо, яке аз масъалаҳои марказии

истилоҳшиносӣ маҳсуб меёбад. Хусусияти глобалии истеҳсолоти технологияи рақамӣ ва паҳншавии онҳо ба дигар забонҳо зарурати тартиб додани фарҳангҳои соҳавиро ба миён меорад.

Ҳамин тариқ, марҳилаҳои рушди истилоҳоти зеҳни сунъӣ низ яке аз нишонаҳои рушду такомули истилоҳоти технологияи иттилоотӣ мебошад, зеро тамоми истилоҳоти ин соҳа дар низоми истилоҳоти технологияи иттилоотӣ таҳқиқ ва меъёргузорӣ мешаванд. Пайдоиш ва ташаккулёбии онҳо дар маҷмуъ ба истилоҳоти технологияи иттилоотӣ шабоҳат доранд, зеро аз як низоми истилоҳӣ шакл гирифтаанд.

Зеҳни сунъӣ низ чун марҳилаи нав дар рушди истилоҳоти технологияи иттилоотӣ, омили тағйирдиҳандаи шаклҳои истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илмҳо ба назар мерасад. Зеҳни сунъӣ тавассути вазифаҳои гуногуни худ алалхусус коркарди забони табиӣ, омӯзиши амиқ, омӯзиши мошинӣ ва дигар амалиётҳо бештари истилоҳотро шаклан тағйир медиҳад ё мазмунан такмил медиҳад. Системаҳои амалиётии зеҳни сунъӣ метавонанд матнҳои ҳаҷман калонро мушаххасан коркард намоянд ва ба мафҳумҳои нав таърифот диҳанд ва ҳатто ба истилоҳоти бемуодил дар забонҳои тарҷума тавзеҳ ё шарҳи маънӣ медиҳанд. Ҳарчанд корбарии зеҳни сунъӣ дар тамоми соҳаҳо ёрирасон ва назаррас аст, аз ҷумла дар раванди тарҷумаи истилоҳот ё ёфтани муодилҳо ба баъзе истилоҳоти бемуодил, вале дар раванди корбарии он истилоҳоти махсусан ба ин самти дониш дахлдошта, яъне “зеҳни сунъӣ” ҳамзамон истилоҳоти нав ба вуҷуд меоянд.

“Зеҳни сунъӣ” дар доираи маҷмуи умумии таҳқиқотҳои кибернетикӣ ба вуҷуд омадааст. Зеҳни сунъӣ бахше аз илмҳои информатика ба шумор меравад, ки ба моделсозӣ ва таҷдиди фаъолияти зеҳнӣ ва фикрии инсон бахшида шудааст. Дар доираи ин самт усулҳо ва системаҳо таҳия мегарданд, ки кӯшиш мекунанд равандҳои тафаккур, қабули қарор, ҳалли масъала, омӯзиш ва коркарди маълумотро ба монанди кори мағзи инсон тақлид намояд. Яъне зеҳни сунъӣ як соҳаи рушдёфтаи технологияи иттилоотӣ мебошад, ки вазифаҳои “ақлӣ”-и инсонро дар муҳити компютерӣ фароҳам оварда, бар асоси он хулосаҳои мантиқӣ пешниҳод мекунад [9, с. 3].

Дар замони муосир зеҳни сунъӣ як шохаи байнисоҳавии илмӣ ва технологӣ ба шумор рафта, таҳқиқ, моделсозӣ ва амалигардонии системаҳои зеҳниро дарбар мегирад, ки қобилияти тақлид намудани баъзе ҷанбаҳои зеҳни инсонро доро мебошад. Тамоми вазифаҳое, ки зеҳни сунъӣ дар раванди корбарӣ иҷро менамояд, онҳоро олим Л.Н. Яснитский ба шохаҳои зерин ҷудо намудааст:

“1. Шабакаҳои нейронӣ ҳама гуна масъалаҳое, ки ба шабакаҳои нейронӣ, алгоритмҳои генетикӣ ва шабакаҳои семантикӣ вобастаанд.

2. Намуна ва воситаҳои пешниҳоди дониш, таҳияи роҳу усулҳои мутобиқи пешниҳоди дониш барои истифода дар соҳаҳои мушаххаси зеҳни сунъӣ, ки истифодабаранда маълумотро ворид менамояд ё суол медиҳад. Дар ҳамин маврид зеҳни сунъӣ донишҳои дар захираи худ доштаро тавассути алгоритҳо коркард намуда, ба корбар ҷавоби мувофиқ мешниҳод менамояд.

3. Фаҳмиши матн, яъне нейрону алгоритмҳое, ки дар системаи зеҳни сунъӣ коркард шудаанд, қобилияти матнро омӯхтану аз худ карданро доранд.

4. Фаҳмиши нутқ, дар раванди корбарӣ шахс метавонад маълумот ё суолро шифоҳи ба зеҳни сунъӣ пешниҳод намояд ва ҳатто агар нутқ каме бо ғалат баъзе воҳидҳои луғавиро талаффуз намояд ҳам, системаи мазкур метавонад мазмуни нутқро фаҳамад ва сари вақт ҷавоб диҳад.

5. Шинохти образҳо, яъне тамоми тасвирҳое,ки ба зеҳни сунъӣ ворид мегарданд, қобилияти шинохт ва ба захираи худ сабт карданро дорад.

6. Забоншиносии компютерӣ, яъне зеҳни сунъӣ вазифаи тарҷумаи мошиниро бар душ гирифта, миёни инсон ва техника чун интерфейси забони табиӣ маҳсуб меёбад, зеро назар ба системаҳое, ки пеш аз зеҳни сунъӣ тарҷумаи мошинӣ мекарданд, ё ба ҷанбаҳои забонӣ вобастагӣ доштанд, айни ҳол зеҳни сунъӣ сифати тарҷумаи беҳтар пешниҳод намуда, меъёрҳои забонии забонҳои мабдаъ ва мақсадро хеле хуб ба назар мегирад” [10, с. 27].

Агар марҳилаҳои пайдоиш ва рушди истилоҳоти зеҳни сунъиро даврабандӣ намоем, саршавии он аз соҳои 60-уми асри XX сарчашма мегирад. Аввалин муаллифони фарҳанги истилоҳоти зеҳни сунъӣ М.Г. Газе-Раппопорт ва Д.А. Поспелов ба шумор мераванд. Муҳаққиқон дар раванди тартиб додани фарҳанги худ оид ба давраи аввали пайдоиши

истилоҳоти зеҳни сунъӣ чунин иброз намуданд, ки дар зинаи аввал бештари истилоҳоти ин шохаи технологияи иттилоотӣ пур аз муродифот буданд, зеро дар раванди корбарии он маълумоти тамоми соҳаҳои илм омехта дар системаи зеҳни сунъӣ сабт мегардид. Дар марҳилаи аввал истилоҳоти нав пайдо мешуданду, баъзеи онҳо чун архаизм аз байн мерафтанд [9, с. 3-4].

Омӯзишу таҳқиқоти муҳаққиқони мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, метавон қайд намуд, ки аслан раванди низоммандӣ ва ҳамгуншавии истилоҳоти зеҳни сунъӣ танҳо ба солҳои 70-ум рост меояд. Истилоҳоти пайдошуда пура ба забони англисӣ буданд ва ба мутахассисони соҳа танҳо фаҳмо буданд, дар раванди ба дигар забонҳо тарҷума ё интиқол гаштанашон мустақиман транслитератсия мегардиданд. Баъди ворид гардидан ва паҳн гаштани истилоҳоти зеҳни сунъӣ ба истифодаи омма ва дигар забонҳо, соли 1980 аллакай энсиклопедияҳо ва фарҳангҳои тафсирӣ дар худи забони англисӣ ва фарҳангҳои дузабона дар дигар забонҳо ба нашр мерасиданд, ки дар онҳо истилоҳоти зеҳни сунъӣ бо таърифоти худ дарҷ гашта буданд.

Дар низоми истилоҳоти зеҳни сунъӣ ҳолатҳои муродифпазирӣ омонимия хеле зиёд ба чашм мерасанд, зеро шохаи мазкур бештар байнисоҳавӣ буда, дар раванди корбарии он роҳу воситаҳое истифода мешаванд, ки дар мантиқ, психология, забоншиносӣ, кибернетика, математикаи дискретӣ ва барномасозӣ рушд кардаанд. Аз ин лиҳоз, истилоҳоте, ки хусусиятҳои муродифӣ ё омонимиро ифода менамоянд, ба соҳаҳои номбаршудаи илмҳо дахолат доранд. Чунин мушкилотро аз ҳамон давра истилоҳшиносон ва луғатнигорон пай бурда то ҳол истилоҳоти шохаи мазкур мавриди омӯзиш ва низоммандӣ аст.

Солҳои 2000 ин ҷониб бештари мақола ва монографияҳо ба забони англисӣ нашр гардиданд, ки дар онҳо бештар аз илми кибернетика ҷудо шудани зеҳни сунъӣ ва ҳамчун соҳаи мустаъқил ва як шохаи илми технологияи иттилоотӣ мансуб буданаш таъкид мегашт. Соли 2007 монографияи истилоҳшиносон С. Рассел ва П. Норвиг бо номи “Artificial Intelligence: A Modern Approach” (Зеҳни сунъӣ: равиши муосир) нашр гардид, ки дар монографияи мазкур тақрибан 2065 истилоҳи зеҳни сунъӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, хусусиятҳо, қонуниятҳо ва низоми истилоҳоти ин шохаи илм баррасӣ гардидааст [15]. Дар монографияи мазкур ҳатто роҳ ва омилҳои минбаъдаи рушду такомули истилоҳоти зеҳни сунъӣ эҳтимолан мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки ба давраи ҳозира баъзе тахминҳо мувофиқ меояд.

Дар монографияи мазкур инчунин, марҳилаҳои банизомдарорӣ ва меъёргузории истилоҳоти ин ё он соҳаи илм мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки чун роҳнамо онро метавон истифода намуд. Дар онҷо қайд мешавад, ки дилхоҳ истилоҳоти соҳаи илм пеш аз ҳама бояд аз пайдоиш, сохт ва тағйирёбии шаклҳо, омилҳои таъсиррасон, мазмун ва хусусиятҳои вазифавии он ба таври амиқ омӯхта шаванд [15, с. 868].

Ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи низоми истилоҳоти зеҳни сунъӣ равшан гардид, ки яксарияти истилоҳот аз дигар соҳаҳои илм гузариш ёфтаанд ва мафҳуми илмии худро дар фазои зеҳни сунъӣ гум накардаанд. Аз ин лиҳоз, пеш аз меъёргузорӣ намудани истилоҳоти зеҳни сунъӣ истилоҳшиносон пеш аз ҳама сарчашмаи пайдоиши онро меомӯзанд, ки аз кадом соҳаи илм иқтибос гирифтааст. Ба мафҳуми аслии он ягон таърифи дигар илова накарда, онро танҳо ба забонҳои дигар бо роҳу равиши дуруст интиқол медиҳанд. Гарчанде, истилоҳоти зеҳни сунъӣ омонимияи байнисоҳавӣ ба вуҷуд орад ҳам, мафҳуми аслии он гум намешавад ва дар ҳарду соҳа бо як мафҳуми истилоҳӣ ифода мегардад, яъне мафҳумҳо ва вазифаи истилоҳи иқтибосшуда аз дигар соҳаи илм гуногун нест. Агар ба таърихи пайдоиши зеҳни сунъӣ ва фикру ақидаҳо марбут ба ин шохаи технологияи иттилоотӣ назар афканем, истилоҳи мазкур пеш аз пайдо ва татбиқ шуданаш дар фикру мулоҳизаҳои олимони гузашта қарор дошт. Таърихи рушди зеҳни сунъиро баъзе муҳаққиқон аз афсонаҳо ва ривоятҳои фалсафии давраи қадим оғоз мекунанд. Дар раванди таҳқиқи пайдоиши фикру андешаҳо оид ба зеҳни сунъӣ олимон ба таърихи фалсафии ин истилоҳ назар намуданд, ки он аз давраи Юнони Қадим солҳои 700 то милод сарчашма мегирад. Дар он давра Гефест гуё шахсияте вуҷуд доштааст, ки ӯро чун “Худои техника” ном мебурданд, ки ба зеҳни сунъии ҳозира мутобиқатӣ дорад. Ин шахсият дар он давра ихтирооти кибернетикӣ ба ҷомеа пешниҳод менамудаст, ки одамони он давра дар он фикру ақида буданд, ки гӯё ихтирооти он дорои узвҳои ҳиссӣ буда, мисли мавҷудоти зинда рафтор мекарданд. Гарчанде

ихтирооти ӯ аз металл сохта шуда буданд, вале ҳамзистии организми зинда ва мошини кибернетикиро ифода менамуданд [16].

Хулоса. Марҳилаҳои рушди истилоҳоти зеҳни сунъӣ яке аз нишонаҳои рушду такомули истилоҳоти технологияи иттилоотӣ мебошад, зеро тамоми истилоҳоти ин соҳа дар низоми истилоҳоти технологияи иттилоотӣ таҳқиқ ва меъёргузорӣ мешаванд. Пайдоиш ва ташаккулёбии онҳо дар маҷмуъ ба истилоҳоти технологияи иттилоотӣ шабоҳат доранд, зеро аз як низоми истилоҳӣ шакл гирифтаанд.

Адабиёт

1. Аверкин, А.Н. Толковый словарь по искусственному интеллекту / А.Н. Аверкин, М.Г. Газе-Раппопорт, Д.А. Поспелов. – Москва, 1992. – 256 с.
2. Байзоев, А. Истилоҳот ва калимасозӣ дар “Донишнома”-и Абуалӣ ибни Сино. Монография / А. Байзоев. – Душанбе: Андалеб Р, 2016. – 196 с.
3. Винокурова, Т.Н. Особенности терминологии, передающей понятия искусственного интеллекта в английском языке / Т.Н. Винокурова // Омский научный вестник. – 2010. – №1 (85). – С. 113-116.
4. Гринев-Гриневич, С.В. Терминоведение / С.В. Гринев-Гриневич. – Москва: Академия, 2008. – 304 с.
5. Кесамирова, С.Р. Фарқият дар методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ (дақиқ) / С.Р. Кесамирова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №4. (117) – С. 104-111.
6. Мусоямов, З.М. Нигоҳе ба роҳу усулҳои таснифи истилоҳоти технологияи иттилоотӣ / З.М. Мусоямов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №3 (116). – С. 135-140.
7. Назарзода, С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ дар садаи XX / С. Назарзода. – Душанбе, 2003. – 184 с.
8. Султон, М.Ҳ. Истилоҳот ва истилоҳнигории тоҷикӣ / М.Ҳ. Султон. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 196 с.
9. Толковый словарь по искусственному интеллекту // А.Н. Аверкин, М.Г. Газе - Раппопорт, Д.А. Поспелов. – М., 1992. –256 с.
10. Ясницкий, Л.Н. Введение в искусственный интеллект: учебное пособие для студентов высших учебных заведений / Л.Н. Ясницкий. – Москва: Академия, 2005. – 176 с.
11. Campbell, M. Deep Blue / M. Campbell, A.J. Hoane Jr., F.-h. Hsu // Artificial Intelligence. 2002. – Vol. 134, №1-2. – P. 57-83.
12. Hebb, D.O. The Organization of Behavior / D.O. Hebb. – New York: Psychology Press, 2002. – 279 p.
13. McCarthy, J.A Proposal for the Dartmouth Summer Research Project on Artificial Intelligence / J. McCarthy, M.L. Minsky, N. Rochester, C.E. Shannon. – Hanover, NH, 1955. – 13 p.
14. McCulloch, W. A Logical Calculus of the Ideas Immanent in Nervous Activity / W. McCulloch, W. Pitts // Bulletin of Mathematical Biophysics. – 1943. – Vol. 5. – P. 115-133.
15. Russell, S. Artificial Intelligence: A Modern Approach / S. Russell, P. Norvig. – 2nd ed. – Moscow: Williams, 2007. – 1407 p.
16. The History of Early Automata. – URL: https://history-computer.com/the-history-of-early-automata
17. Wiener, N. Cybernetics: Or Control and Communication in the Animal and the Machine / N. Wiener. – 2nd rev. ed. – Cambridge, MA: MIT Press, 1961. – 212 p.

Таким образом, числительные в трёх рассматриваемых языках отражают типологические различия и сходства. Арабский язык выделяется высокой морфологической и синтаксической сложностью, английский — регулярностью и простотой, а таджикский сочетает индоевропейскую структуру с уникальными элементами согласования. Эти данные подчеркивают важность сравнительно-типологического подхода при изучении числительных и их использования в межъязыковой практике.

Литературы

1. Алиев, Р. Сравнительно-типологический анализ числительных в семитских и индоевропейских языках. Москва: Изд-во МГУ, 2018. – С. 45–70.
2. Арзуманов, С. Д., Джалилов, О. Забони тоҷикӣ. Учебник таджикского языка для высших учебных заведений. Душанбе: Ирфон, 1969. – 416 с.
3. Беляева, М. А. Грамматика английского языка. Москва, 1997. – 333 с.
4. Гранде, Б. М. Курс арабской грамматики в сравнительно-историческом освещении. Москва: Восточная литература РАН, 2001. – 592 с.
5. Иванова, Л. Сравнительная грамматика английского, таджикского и арабского языков. Санкт-Петербург: СПбГУ, 2021. – С. 15–40.
6. Мухаммад, А. Арабские числительные: морфология и синтаксис. Бейрут: Университет Ливана, 2019. – С. 34–55.
7. Петров, В. М. Морфология числительных в индоевропейских и семитских языках. Москва: Наука, 2017. – С. 50–68.
8. Чернов, П. В. Справочник по грамматике арабского литературного языка. Москва, 1995. – 473 с.
9. Хусейнов, Т. Грамматика числительных английского и таджикского языков. Душанбе: Ирфон, 2020. – С. 12–30.
10. Ҷамшедов П. Типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. / П. Ҷамшедов – Душанбе, 1977. – 126 с.

Маълумот дар бораи муаллифон: *Рашидова Дилафруз Абдуқаюмовна - н.и.ф., дотсенти кафедраи забони англисии факултети забонҳои шарқи МДТ "ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров" Ҷумҳурии Тоҷикистон, Адрес: 735700, Мавлонбекова 1. Email: dilafruz.kayumzoda@mail.ru. ORCID 0009-0003-1704-7139*

Шокиров Ҷамшед Валиевич - н.и.ф., дотсент? Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр.17, бинои 1. Email: Shokirovjamshed1985@gmail.com ORCID 0009-0002-4545-8974

Сведения об авторах: *Рашидова Дилафруз Абдукаюмовна - кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова» г. Худжанд, Республика Таджикистан, Адрес: 735700, Мавлонбекова 1. Email: dilafruz.kayumzoda@mail.ru. ORCID 0009-0003-1704-7139*

Шокиров Джамшед Валиевич - кандидат филологических наук, доцент, Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, к.ф.н., доцент кафедры иностранных языков. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр., дом 1. Email: Shokirovjamshed1985@gmail.com ORCID 0009-0002-4545-8974

Information about the authors: *Rashidova Dilafruz Abduqayumovna - candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of English language under the SEI «Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov» Khujand-city, Tajikistan Republic, Address: 735700, Mavlonbekova 1. Email: dilafruz.kayumzoda@mail.ru. ORCID 0009-0003-1704-7139*

Shokirov Jamshed Valievich - candidate of philological sciences, Associate Professor, Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Philological Sciences. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 microdistricts, home 1. Email: Shokirovjamshed1985@gmail.com ORCID 0009-0002-4545-8974

ТДУ:811.21/.22:367.7

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ВА НАҲВӢ: УМУМИЯТ ВА ФАРҚИЯТ

Розиқов Фирӯзҷон Ғайратҷонович
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар мақола оид ба умумият ва хусусиятҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвии забони адабии тоҷикӣ баҳс меравад. Муқаррар карда шуд, ки ҳама гуна фразеологизмҳо дар заминаи қолабҳои маъмули воҳидҳои озоди наҳвӣ ташаккул ёфта, танҳо бо сохтори устувор ва маънои маҷозӣ фарқ мекунанд. Ҳамин аст, ки дар таснифоти сохтории ин қабил воҳидҳои забон мавҷудияти гурӯҳҳои таркиб, ибора ва ҷумлаҳоро муҳаққиқони соҳа эътироф намудаанд. Ҳамчунин, қайд карда мешавад, ки таркиби луғавии воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвӣ вобаста ба имкониятҳои фарогирии калимаҳои забон фарқ дорад. Вобаста ба ин фразеологизмҳо маҳдудияти сохторӣ дошта, дар ташаккули онҳо бештар калимаҳои аслии тоҷикӣ фаъоланд. Аз ин ҷиҳат ифодаи мафҳумҳои алоҳида низ ба тавассути ифодаҳои рехта образнок сурат мегирад, ки чунин афзалиятро воҳидҳои наҳвӣ надоранд. Ошкор карда натавонистани алоқаи зиндаи грамматикӣ миёни ҷузъҳои таркибии воҳидҳои фразеологӣ низ ба ифодаи маънои маҷоҳӣ дар мундариҷаи онҳо алоқаманд буда, ин ҳолат дар воҳидҳои наҳвӣ равшан ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: *воҳиди фразеологӣ, воҳиди наҳвӣ, қолаб, сохтор, таркиб, ибораи фразеологӣ, ҷумлаи фразеологӣ, маънои маҷозӣ, маънои луғавӣ, мафҳум, мафҳуми образнокшуда, аъзоҳои ҷумла.*

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ И СИНТАКСИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ: ОБЩНОСТЬ И РАЗЛИЧИЯ

В статье рассматриваются общие и отличительные особенности фразеологических и синтаксических единиц таджикского литературного языка. Установлено, что все виды фразеологических единиц формируются на основе общих моделей свободных синтаксических единиц и различаются лишь устойчивой структурой и переносным значением. Именно поэтому в структурной классификации таких языковых единиц исследователи в этой области признали существование групп сочетаний, словосочетаний и предложений. Также отмечается, что лексический состав фразеологических и синтаксических единиц отличается по возможности охвата слов языка. В этом отношении фразеологические единицы имеют структурные ограничения, и при их формировании активны в основном исконные таджикские слова. В связи с этим выражение отдельных понятий также осуществляется посредством образных выражений, которыми синтаксические единицы не обладают таким преимуществом. Отсутствие живой грамматической связи между составляющими частями фразеологических единиц также связана с выражением образного значения в их содержании, и эта ситуация отчетливо видна в синтаксических единицах.

Ключевые слова*: фразеологическая единица, синтаксическая единица, модель, структура, сочетание, фразеологическое словосочетание, фразеологическое предложение, переносное значение, лексическое значение, понятие, концептуально-образное, члены предложения.*

PHRASEOLOGICAL AND SYNTACTIC UNITS: COMMONALITIES AND DIFFERENCES

This article examines the common features and distinctions of phraseological and syntactic units in the Tajik literary language. It is established that all types of phraseological units are formed based on the general models of free syntactic units, differing from them only in their fixed structure and figurative meaning. Consequently, in the structural classification of such linguistic units, researchers in the field have recognized the existence of groups comprising combinations, phrases, and sentences. It is also noted that the lexical composition of phraseological units differs from that of syntactic units in terms of the range of language vocabulary they encompass. In this regard,

phraseological units are subject to structural constraints, and their formation relies primarily on native Tajik words. Consequently, specific concepts are often conveyed through figurative expressions—a feature not characteristic of syntactic units. The absence of active grammatical links between the constituent parts of phraseological units is linked to the figurative nature of their meaning, a phenomenon that is clearly observable in syntactic units as well.

Keywords*: phraseological unit, syntactic unit, model, structure, combination, phraseological collocation, phraseological sentence, figurative meaning, lexical meaning, concept, conceptual-imagistic, sentence members.*

Муқаддима. Фразеология ва синтаксис (наҳв) шохаҳои муҳимми илми забоншиносии тоҷик маҳсуб ёфта, бо доираи фарогирии масъалаҳои омӯзиш ва табиати забонии воҳидҳояшон аз ҳамдигар фарқ доранд. Агар яке оид ба воҳидҳои рехтаву устувори забон маълумот диҳад, дигаре ибораву ҷумла ва вижагиҳои сохтории онҳоро дар ҳамбастагӣ бо дигар воҳидҳои забон меомӯзад. Бо вуҷуди чунин гуногунрангӣ ва низоми мутафовити таҳқиқ, миёни воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвӣ метавон як қатор умумияти сохтириву маъноиро муқаррар намуд, ки ба вазифаҳои забонии онҳо вобастагии амиқ дорад. Маҳз ҳамин масъала, яъне нишон додани умумият ва тафовути сохтириву маъноӣ миёни воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвӣ мавриди баҳси мақолаи мазкур қарор мегирад.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқ. Агар ба дараҷаи омӯзиши илмии масъала назар андозем, муайян мегардад, ки аз нимаи дуюми садаи гузашта то имрӯз дар атрофи масъалаҳои баҳсноки илмҳои мазкур ақидаву назарияҳои зиёди илмӣ рӯйи кор омадаанд. Чунин муносибат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар таълиму таҳқиқи илмҳои фразеология ва наҳв ҳанӯз масъалаҳои қобили таваҷҷуҳ зиёд буда, муҳаққиқони вижаи худро интизоранд. Чашмандозе ба таҳқиқи масъалаҳои илми фразеологияи тоҷик моро ба хулосае меорад, ки вобаста ба таърихи пайдоиш, вижагиҳои сохтириву маъноӣ, қабатҳои истеъмолӣ, категорияҳои луғавӣ ва дигар ҷанбаҳои воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ корҳои илмии зиёде ба сомон расидаанд. Дар ин самт метавон аз пажуҳишҳои арзишманду мондагори муҳаққиқони ватанӣ, ба мисли Н. Маъсумӣ [12], С.В. Хушенова [28], М. Фозилов [25], Ҳ. Маҷидов [9-11], Р. Саидов [23], М.М. Мирзоева [16], Н. Гадоев [3], С.Б. Ҷӯраева [30], С.П. Одинаев [20], Н.С. Саидов [22], Дӯстзода Ҳ.Ҷ. [4-6], М.Р. Нурматова [19], Б. Шодиев [32], Б.Д. Аловиддинов [1], М.М. Ҳасанов [29], Н.Х. Худоёрова [27] ва дигарон ёдовар шуд, ки ҳар кадоме дар мавқеи худ ва вобаста ба баррасии ин ё он масъалаи мубрами шохаи фразеология таҳқиқоти вижа эътироф гардидаанд. Ҳар яке аз онҳоро метавон кӯшиши бунёдие дар ҷодаи таҳқиқи масъалаҳои мубрами фразеологияи забони тоҷикӣ ва такмилу бознигарии назарияву амалияи он маънидод намуд.

Дар самти таҳқиқи масъалаҳои илми наҳви забони тоҷикӣ бошад, дастовардҳои олимони тоҷик назаррасу бештаранд. Ҳолати ҷойдоштаро ба он нисбат додан мумкин аст, ки ба омӯзиши масъалаҳои илми наҳв муҳаққиқони ватанӣ хеле пештар рӯй оварда, назарияҳои тозаву ҷолиберо вобаста ба таълимоти ибораву ҷумла, таснифоти ҷумлаҳои содаву мураккаб, аъзоҳои ҷумла, навъҳои алоқа миёни ибораву ҷумлаҳо ва дигар масъалаҳои ҳалталаб пешниҳод намудаанд. Бо вуҷуди чунин кӯшишҳои илмӣ, таҳқиқотҳо дар атрофи масъалаҳои ҳалношудаи илми наҳв ҳанӯз идома дошта, яке аз онҳо алоқамандии воҳидҳои наҳвӣ бо дигар воҳидҳои забон, аз ҷумла воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Вобаста ба таҳқиқи масъалаҳои мухталифи шохаи наҳви забони тоҷикӣ хидматҳои шоёни олимони соҳаи наҳвшиносӣ, ба монанди Л. Бузургзода [2], Б. Ниёзмуҳаммадов [17], Д.Т. Тоҷиев [24], Ш. Рустамов [21], Б. Камолиддинов [8], Д. Хоҷаев [26], Ф.Қ. Зикриёев [7], М. Норматов [18], Ф. Шарифова [31] ва дигаронро метавон номбар намуд. Дар пажуҳишҳои олимони зикршуда масъалаҳои бунёдии наҳви забони адабии тоҷикӣ ҳаллу фасл гардида, дар маҷмуъ, онҳоро метавон заминаи асосии ташаккул ва такмили назария ва амалияи илми мазкур ҳисобид.

Вобаста ба масъалаи иртиботи воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвӣ, умумият ва тафовути сохтириву маъноӣ дар забоншиносии тоҷик то ҳол таҳқиқоти мукаммали илмӣ рӯйи чоп наомадааст. Ба истиснои баъзе қайдҳои ҷудогона аз ҷониби муҳаққиқони соҳа [19, 20, 23], оид ба масъалаи зикршуда назари комили илмӣ вуҷуд надорад. Аз ин ҷиҳат, зарурати

таҳқиқи масъалаи мазкур пеш омада, бояд хулосаҳои ниҳоӣ дар чаҳорчӯбаи исботи дурусти илмӣ бароварда шаванд.

Умумияти воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвиро дар мундариҷаи сохтории онҳо ҷустуҷӯ намудан дурусту мантиқӣ аст. Ба таври дигар, миёни ин қабил воҳидҳои забон аз ҷиҳати сохтори грамматикӣ монандии қолабиро дидан мумкин аст, ки он дар ифодаи ҷузъҳои дохилии воҳидҳои мазкур дар доираи як қолаби ягонаву маъмул сурат мегирад. Исбот шудааст, ки қолаби ҳама гуна воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи қолабҳои гуногуни воҳидҳои наҳвӣ ташаккул ёфтаанд. “Яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ дар соҳаи омӯзиши фразеология шакл ва қолабҳои сохташавии воҳидҳои фразеологӣ мебошад, ки аз нуқтаи назари забоншиносӣ аҳаммияти калонро соҳиб буда метавонад. Омӯзиши ҳаматарафаи он барои ҳаллу фасли бисёре аз масъалаҳои назариявии фразеология, аз ҷумла муносибати фразеология бо сарфу наҳв (грамматика), таърихи инкишоф, шаклгирӣ ва тағйирёбии воҳидҳои фразеологӣ кумак расонида метавонад” [20, с.8]. Ҳамин аст, ки дар таснифоти сохтории воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвӣ мавҷудияти се навъ: таркиб, ибора ва ҷумлаҳои гуногунро муҳаққиқон таъкид намудаанд [3, 6, 9, 11]. Чунин таснифот исбот менамояд, ки миёни гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвӣ умумияти сохтириву қолабӣ ба назар мерасад. Масалан, барои муқоиса ҷумлаҳои зайлро метавон ба риштаи таҳлил кашид, ки дар онҳо таркиб, ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ дар қолаби воҳидҳои наҳвӣ ба вуҷуд омада, барои ифодаи мафҳумҳои гуногун хеле бамаврид истифода шудаанд: **калтаю кутоҳи гап** “хулоса, ҷамъбасти сухан”, **аз қошу қавоқи касе барфу борон мерезад** “табъи касе хира аст, касе ранҷиши хотир дорад”, **ақли касеро дуздидан** “тавоҷуҳи касеро ба даст овардан, муҳаббати касеро соҳиб шудан”, **чун абри сиёҳ** “даҳшатовар, воҳиманок” ва монанди инҳо:

Ман **калтаю кутоҳи гапро** мегӯям, гӯш диҳед, эшонҳо, ман Носирхитой, ана ҳамин хел одам, касе ба гапам гӯш надиҳад, овоз барорад, мекушам [14, с.159]. Агар ҳар гапе шуда бошад ҳам, Соҳиба айб надорад, **ақлашро медузданд**, иғво меандозанд… [15, с.30]. Номи вай, гапу ҳарфаш **чун абри сиёҳ** болои хонадони онҳо **соя андохта** [14, с.216]. Вале Соҳиба сокит, чеҳрааш ҳавои абролуд барин, **аз қошу қавоқаш барфу борон мерехт** [15, с.10].

Дар мисолҳои боло таркиби ҷуфти фразеологӣ, ибораи фразеологии феълӣ, ибораи фразеологии ташбеҳӣ ва ҷумлаи содаи дутаркибаи фразеологӣ дар қолабҳои маъмули таркиб, ибора ва ҷумлаҳои озоди наҳвӣ шакл гирифтаанд.

Қолаби ягонаи воҳидҳои озоди наҳвӣ ва фразеологӣ сохтори ягонаву тарҳрезишудае мебошад, ки мунтазам бо калимаҳои гуногун пур карда мешавад. Ин ҳолатро метавон ба қолаби махсуси сохтмонӣ нисбат дод, ки дар дохили он дилхоҳ маҳсулот метавонад шакли мушаххасу диданиро гирад. Ин маврид ҳамчун масолеҳи омода калимаҳои забон дар созмони таркибу ибора ва калимаву ибораҳо дар таркиби ҷумлаҳои гуногун истифода мегарданд. Яъне қолаби воҳиди наҳвӣ дар ин маврид чаҳорчубаи муайянест, ки берун аз он соҳибзабон наметавонад калима ё ягон унсури грамматикии алоҳидаро ҷойгир намояд. Ин қолабҳо аллакай барои истифодабарандагони забон маълум буда, танҳо бо таркиби луғавию сарфиашон аз ҳам фарқ мекунанд. Онҳоро адибону шоирон хуб мешиносанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ аз онҳо ҳамчун маводи тайёри забонӣ, ки метавонанд унсурҳои луғавию грамматикии муайянро дар худ ғунҷонанд, истифода мебаранд. Чунончи, дар қолаби ибораи озоди исмии изофӣ (исм+исм, исм+сифат ва ғ.) имрӯз дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ садҳо ибораҳоро дучор шудан мумкин аст, ки танҳо бо калимаҳои дохилашон фарқ мекунанд. Барои муқоиса: **нӯги гап** “аввали сухан, мақсад”, **ҳавои даҳан** “воҳима кардан”, **таги гап** “асоси сухан, мақсад”:

Фақат вақти хайрухуш писаракаш аз ӯ як хоҳиш кард ва **нӯги гап** кушода шуд [15, с.249]. – **Ҳавои даҳан** накун, мардак [14, с.336]. Фикр намекунад, ки Мадина ҳам **таги гапро** мефаҳмад, ҳақ дорад пурсад [14, с.338].

Чунин назарияро дар мавриди ибораҳои фразеологии феълӣ низ ба хубӣ мушоҳида намудан имкон дорад. Ин навъи фразеологизмҳо, ки дар захираи фразеологии забонамон қабати аз ҳама бузургро ташкил медиҳанд, бо қолаби ягонаи феълӣ хеле серистеъмоланд.

Дар сохтори онҳо феълҳои гуногун нақши меҳварӣ дошта, дигар калимаҳо вобаста ба мундариҷаи маъноии онҳо ҳамнишин мегарданд. Агар дар сохтори ибораҳои озоди феълӣ алоқамандии калимаҳои таркибашон дар заминаи воситаҳои махсуси грамматикӣ сурат гирад, дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълӣ чунин воситаҳои алоқа, аз қабили бандаки изофӣ, пешоянду пасояндҳо, бандакҷонишинҳо ва ғайра танҳо ба сифати унсури дохилии фразеологизм иштирок менамоянду халос. Масалан, дар таркиби воҳидҳои фразеологии **дил додан** “муҳаббат варзидан, дӯст доштан”, **аз олам чашм пӯшидан** “мурдан, фавтидан” ва **ду пойро ба як мӯза мондан** “якравӣ намудан, пофишорӣ кардан” калимаҳои мансуби ҳиссаҳои гуногуни нутқ бо калимаҳои феълӣ ҳамнишин гардида, воситаҳои алоқа бошанд, ба ҳайси унсури ҳатмии таркиби воҳиди фразеологӣ иштирок намудаанд:

Ман вай Ҷамиларо медонам, аз ҳамон даврaҳои як вақаб кӯдак буданаш ба раис **дил дода** буд, ба ӯ ишваю ноз мекард [15, с.337]. … сипас ӯ **аз олами равшан чашм мепӯшад**, хайр мегӯяд бо азизон, бо модар, бо фарзандон не, бо офтоб, бо рӯзи равшан [14, с.40]. Дар маҷлис худи Ризои Раҳмон **ду пой ба як мӯза монд**, ки мукофот ба Содиқи Ҷаъфар дода шавад [15, с.382].

Дар муқоиса бо таркиб ва ибораҳо қолабҳои ҷумлаҳои озоди наҳвӣ як андоза мураккаб ва тафсирёфта буда, миқдори зиёди калимаву ибораҳоро дар мундариҷаи сохтории худ ғунҷонда метавонанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳарчанд қолабҳои ҷумлаҳои озод ва устувори фразеологӣ ба ҳам монанд бошанд ҳам, вале доираи фарогирии қолабҳои наҳвӣ вобаста ба калимаву ибораҳо фарохтару озодтар аст. Масалан, дар сохтори ҷумлаҳои мураккаби навъи пайваст, тобеъ ва омехта чунин назария аллакай исботи худро ёфтааст. Ҷумлаҳои фразеологӣ бошанд, аз доираи чунин таснифот берун монда, онҳоро ҳамчун воҳидҳои фразеологии бисёрҷузъа таҳлил намудаанд. “Ҷумлаҳои фразеологии бисёрҷузъа аксаран аз се ва зиёда унсурҳо иборатанд. Агар воҳидҳои фразеологии дуҷузъа, ки нақшаи сохтории ҷумлаи ғайримуқаррарии дутаркибаро дошта, танҳо аз унсурҳои мубтадо ва хабар иборат бошанд, пас, дар навъи ҷумлаҳои фразеологии бисёрҷузъа метавонанд ҳамчунин унсурҳои муайянкунанда, пуркунанда ва дигар аъзоҳои ҷумла иштирок кунанд (масалан, **аз сад гули касе як гулаш нашукуфтааст, дами касе ба дарун афтид, сари касеро ба осмони ҳафтум баровардан**). Дар воҳидҳои фразеологии бисёрҷузъа унсурҳои алоҳида метавонанд бо калимаҳои сода ё таркибӣ низ ифода шаванд. Ҳамин тариқ, ҳангоми таҷзияи ҷузъҳои воҳиди фразеологӣ воситаҳои грамматикӣ, ки нақшаи сохтории онро ташкил медиҳанд, аз таркиби унсурии он берун мемонанд” [9, с.99]. Барои намуна чунин ҷумлаҳои озоди наҳвиро дар муқоиса бо ҷумлаҳои фразеологии бисёрҷузъа меорем:

Ҷумлаҳои озоди наҳвӣ:

Медид, ки вай бойҳоро сиёҳу сафед мекард, ба маҳкама мекашид, ҳамаи кору гап қарибе дар ихтиёри ҳамин одам… [14, с.99]. Барои ҳамин ба талвоса афтодааст, худро ба сад ҷо мезанад, ҳоло пардаи хукро ба рӯ кашида пеши бобои Орзу омаданаш ҳам аз ҳамин вақҳ [15, с.103]. Рӯзе набуда, ки душманони Карим ба хонаи Саиди чарчинфурӯш наоянд ва бо ӯ вохӯрда таъкид накунанд, ки духтарашро ба Карим надиҳад, бахти ӯро сиёҳ накунад [14, с.107].

Ҷумлаҳои фразеологии бисёрҷузъа: риштаи умри касе канда шуд “касе вафот кард, мурд”, **сари касе ба осмон расид** “касе зиёд хурсанд, қаноатманд шуд”, **осмон омада ба замин расид** “кор, амали ғайриодие ба вуқуъ пайваст, иҷро шуд”:

Пайкари эшони Саидҷалолхон рӯйи барф мехобид, **риштаи умраш** аз дасти Барзуи оқипадар **канда гашта** [14, с.13]. – Садқаат бушам, духтарам, хурсанд мешавам, **сарам ба осмон мерасад** [15, с.23]. **Осмон ба замин омада расад**, ду дунё як дунё шавад ҳам, Калтаи Мансурро ба ҷанг намебурданд [14, с.209].

Дар муқоиса бо қолаби ҷумлаҳои озоди наҳвӣ қолаби ҷумлаҳои фразеологӣ вобаста ба ғунҷоиши унсурҳои луғавию грамматикӣ як андоза маҳдудият дорад. Аз ин ҷост, ки дар таснифоти сохтириву маъноии ҷумлаҳои фразеологии забони тоҷикӣ мақоми ҷумлаҳои мураккаб на он қадар баланд аст. Аксари ҷумлаҳои устуворро навъи ҷумлаҳои содаи фразеологӣ ташкил медиҳанд, ки дар асоси алоқамандии аъзоҳои ҷумла дар қолаби наҳвӣ

ташаккул ёфтаанд. Сохтори грамматикии чунин фразеологизмҳо аз ду ва зиёда калимаҳо иборат аст, ки ҳатман яке ё ҳар ду саръазоҳо иштирок менамоянд. Вобаста ба ин метавон ҷумлаҳои содаи фразеологиро ба яктаркиба ва дутаркиба ҷудо намуд. Дигар аъзоҳои ҷумла низ гӯё дар доираи майдони маъноии сараъзоҳои ҷумла ба ҳам омада, ба онҳо алоқаманд мешаванд. “Ҷумлаҳои фразеологӣ, сарфи назар аз табиати мураккаби худ, ҳамон хусусиятҳои асосиеро доранд, ки ба дигар ҷумлаҳои озод хосанд. Онҳо ба монанди ҳама воҳидҳои забонӣ материалӣ ва озод мебошанд. Мумкин аст, ки баъзан баҳсҳо дар хусуси озод будани қолаби ҷумлаҳои фразеологӣ ҷой дошта бошанд. Набояд фаромӯш сохт, ки ин навъи ҷумлаҳо дар заминаи ташаккулёбии ифодаҳои одии нутқ ба вуҷуд омадаанд. Ҳамчунин, бояд дар назар дошт, ки раванди пайдоиши воҳидҳои фразеологӣ, аз он ҷумла ҷумлаҳои рехтаву устувор низ хусусияти диахронӣ дорад, на синхронӣ” [9, с.105]. Чунончи, дар ҷумлаҳои зерини фразеологӣ, ки қолабашон бо ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъно ва дигар воситаҳои грамматикӣ пур карда шудааст: **оташи қаҳру ғазаби касе аланга гирифт** “касе ба қаҳру ғазаб омад, ғазаби касе зиёд шуд”, **хун ба сару рӯйи касе зад** “касе ба қаҳр омад, оташин шуд”, **аз забони касе қанду асал меборад** “касе ниҳоят ширинзабон аст, бо меҳр сухан мекунад”:

Оё ҳамин домуллои шумо ҳамин хел кор накарда буд? – **оташи қаҳру ғазаби Барзу аланга мегирифт** [14, с.26]. Мактубро ба ҷояш монд, **хун ба сару рӯяш зад** [15, с.90]. Дар ҳаққи устодаш ҳангоме ҳарф мезад, **аз забонаш қанду асал меборид** [15, с.77].

Умумияти дигари воҳидҳои фразеологӣ бо воҳидҳои озоди наҳвӣ дар он мебошад, ки онҳо низ дар қолаби таркиб, ибора ва ҷумлаҳои алоҳида барои ифодаи ашёву мафҳум, мафҳуми мураккаб ва фикри том истифода мешаванд. Яъне умумияти сохтириву қолабии ин гуна воҳидҳои забон вазифаҳои ягонаи онҳоро муқаррар намудааст. Танҳо дар воҳидҳои фразеологӣ ифодаи мафҳум ба таври образнок ва дар омехтагӣ бо дигар тобишҳои маъноӣ сурат мегирад, ки ин ҳолат ба вазифаи асосии онҳо дар низоми забон иртибот дорад. Ба таври муқоиса воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвии зайлро аз назар мегузаронем: **дили захмин –** дили бисёриҳои аҳли деҳа (қолаби ибораи исмии изофӣ); **хурду калон –** ҳушу ёд (қолаби таркиби ҷуфт); **косаи сабри касе пур шуд –** Калта ба вай як-ду бор теғи нигоҳ давонд (қолаби ҷумлаи сода):

Ба **хурду калон** некӣ мекард, дил ба даст меовард, «бобо» мегуфтанд ӯро, «бобои Абдусалим» [14, с.28]. - **Ҳушу ёд,** хобу хаёлашро хизматгораш Карим рабуда буд [14, с.99].

Рост истода буд назди Зарнигор, ботинан бо **дили захмин** бо ӯ манша дошт [14, с.278]. - Ҳамин тавр, дар **дили бисёриҳои аҳли деҳа**, дар дили эшони Саидҷалолхон ва Малика ваҳму тарс боз соя андохт [14, с.10].

Косаи сабри Исмоил Саодатов пур шуд, тоқаташ тоқ [15, с.386]. - **Калта ба вай як-ду бор теғи нигоҳ давонду** кисаҳои пеши бари ҷомаашро саросема ба кофтан даромад [15, с.317].

Воҳидҳои фразеологӣ низ дар дораи қолабҳои гуногуни наҳвӣ хусусияти номинативӣ ё номбаркуниро доранд. Дар баробари воҳидҳои озоди наҳвӣ онҳо низ дар ифодаи ашёву мафҳум ва фикри баанҷомрасида саҳм доранд. Агар воҳидҳои наҳвӣ дар пояи ифодаи маънои ҷузъҳои таркибиашон мафҳумро як андоза равшану оммафаҳм ва бе тобишҳои образнокӣ ифода намоянд, вазифаи номинативии воҳидҳои фразеологӣ дар ин маврид вобаста ба мавҷудияти маънои маҷозии калимаҳои дохилашон зоҳир мегардад. Онҳо мафҳуми мавриди назарро ба тариқи образнок ном бурда, мавҷудияти маънои мафҳумию образнокро дар мундариҷаи он таъмин менамоянд. “Дар қисмате аз воҳидҳои фразеологии забонамон маънои мафҳумӣ дар якҷоягӣ бо лаҳзаҳои образнок ифода шудааст. Дар онҳо маънои мафҳумӣ ҳамчун маънои асосӣ бо тобишҳои гуногуни образнокӣ зоҳир мешавад. Ин навъи маъноро дар илми забоншиносии муосир маънои мафҳумию образнок ном додаанд” [5, с.65]. Вазифаи номинативӣ доштани воҳидҳои фразеологиро метавон дар мисолҳои поён ба мушоҳида гирифт: **шабу рӯз** “доиман, пайваста”, **дили касеро ёфтан** “ба бовариву эътимоди касе сазовор шудан”, **даҳони халтаи гапи касе кушода шуд** “касе ба гап задан, суханронӣ оғоз намуд”:

Шабу рӯз «пӯҳ-пӯҳ» месулфад, гӯшу майнаи ҳамаро хӯрдааст [15, с.397]. … ба Шодмон ҳам маслиҳат дода буд, ки дар масъалаи шофёр шуданаш аз акаи Асрор мадад пурсад, **дили ӯро ёбад** [14, с.299]. – **Даҳони халтаи гапи холаи Зарнигор кушода шуда** буд, ки аз он ба сари амаки Рустам фавҷ-фавҷ ҳарфи неку бад мерехт [15, с.346].

Дар баробари умумиятҳои сохториву қолабӣ миёни воҳидҳои фразеологӣ ва озоди наҳвӣ як қатор тафовут ё фарқиятҳоро дучор омадан мумкин аст. Яке аз чунин фарқиятҳои чашмрас, ки миёни ин навъи воҳидҳои забон ҳамчун нишондоди асосӣ баромад мекунад, ифодаи маънои ҷузъҳои таркибии онҳо мебошад. Дар ҳама сарчашмаҳои илмӣ вобаста ба ин масъала назарияҳои олимон якхела буда, онҳо дар мундариҷаи аксари калимаҳои мустақилмаънои дохили воҳидҳои фразеологӣ маънои маҷозиро ҳамчун омили ягонаи ифодаи маънои яклухти он шарҳ додаанд. Дар таркиби бештари воҳидҳои рехтаи забони тоҷикӣ (фразема ва идиомаҳо) калимаҳои онҳо аз маънои асливу луғавии худ канда шуда, ба маънои нави забонӣ – маънои маҷозӣ ё ғайрилуғавӣ, соҳиб мегарданд. Маънои барои ҳама соҳибони забон фаҳмо, ки ин ё он воҳиди фразеологӣ бо мақсади зоҳиршавии мафҳуми образнокшуда ифода менамояд, аз ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои дохилии он сар мезанад. Профессор Ҳ. Маҷидов оид ба ин масъала чунин менигорад: “Маънои ягонаи фразеологӣ аз ҷиҳати ташаккули худ маънои яклухти умумиятдодашуда мебошад, ки бевосита ё бавосита аз ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ бармеояд. Аз ин рӯ, ҳангоми муайян кардани маънои фразеологӣ ва аниқ намудани типологияи он наметавон алоқаи воқеӣ ё тахайюлии ин маънои яклухтро бо маънои ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ сарфи назар кард” [9, с.112]. Тасдиқи назарияи зикршударо ҳангоми таҳлили семантикии ҷузъҳои дохилии ибораҳои фразеологии феълии зайл мебинем, ки онҳо ба гурӯҳҳои фразема ва идиомаҳои фразеологӣ мансубанд: **оташи ғазаби касеро фурӯзон гардондан** “касеро ба ғазаб овардан, ғазаби касеро зиёд кардан”, **аз даҳон сақичро задан** “ниҳоят кордону ботаҷриба будан”, **лаб ба шикоят кушодан** “шикоят намудан, норозигӣ баён кардан”:

… **оташи ғазабашро нисбат ба ин одам фурӯзонта**р гардонд, ба ақидаи Ниёзов, ки мӯйсафеди худозада ҳама корро расво кард, болои алова равған андохт [15, с.104]. – Ту **аз даҳон сақичро мезадагӣ** шудаӣ, қоил ман ба ту, - мегӯяд ҳасадомез профессор [14, с.367]. Гӯё ҳамин лаҳзаи аз Лоиқ **лаб ба шикоят кушодани** муаллима Ҷонон Бобокалоноваро ҳама нигарон буданд… [14, с.440].

Дар унсурҳои таркибии воҳидҳои озоди наҳвӣ бошад, маънои маҷозӣ дида намешавад. Аз оне ки онҳо барои ифодаи мушаххаси мафҳум ва фикри ягона бе тобишҳои ҳиссиву образнокӣ истифода мешаванд, аз ин ҷиҳат дар мундариҷаи онҳо танҳо маънои луғавӣ мақоми асосӣ дорад. Маънои луғавӣ дар мундариҷаи маъноии ҷузъҳои таркибии воҳидҳои наҳвӣ нишондоди муҳимму бунёдӣ барои ифодаи ашёву мафҳум мебошад. Аз ин ҷиҳат, дар муқоиса бо воҳидҳои фразеологӣ воҳидҳои наҳвӣ имконияти бештари ҷалби калимаҳои гуногунмаъно ва дигар воситаҳои алоқаи грамматикиро доранд. Ҳарчанд қолаби онҳо ягонаву умумиистеъмол бошад ҳам, вале доираи фарогирии калимаҳои забон дар онҳо ба куллӣ фарқ дорад. Ба назари мо, ифодаи маънои маҷозӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ доираи ҳамнишинии калимаҳои дохили онҳоро маҳдуд намуда, имкон намедиҳад, ки дигар унсурҳои луғавӣ ба таври мунтазам ба сохтори он илова карда шаванд. Масалан, дар забони тоҷикӣ воҳидҳои фразеологии **сояи касеро аз девор тарошидан** “нисбат ба касе нафрат, бадбинии зиёд доштан”, **обро дида мӯза кашидан** “эҳтиёткор буда, аз роҳи эҳтиёт кор гирифтан” ва **ширеш барин часпидан** “сахт, мустаҳкам” ибораҳои маъмулу устуворе мебошанд, ки бо ҳамин қолабу сохтори луғавӣ ва ифодаи маъно садсолаҳо боз миёни мардуми тоҷик машҳуранд:

Ҷавони китобдор аз Муродҷон домангир шуд, ба ҳадде ки **сояи ӯро аз деворҳо метарошид** [15, с.384]… вайро бо некӣ ба хотир меорад, айбҳои худашро ба гардан мегирад, бахшиш мехоҳад, яъне **обро дида мӯза мекашад** [15, с.106]. Ин чӯпонбача домони Мадинаро сар намедиҳад, **ширеш барин** ба вай **часпидааст** [14, с.314].

Ивазшавии унсурҳои воҳиди фразеологиро танҳо дар як гурӯҳи фразеологизмҳои забонамон дидан мумкин аст. Фраземаҳо, ки дар таснифоти маъноии воҳидҳои фразеологӣ

ифодаҳои на он қадар рехтаву устуворанд, метавонанд дар сохтори худ калимаҳоеро ҷой диҳанд, ки бо маънои луғавӣ корбаст мешаванд. Маҳз ҳамин калимаҳои луғавимаъно метавонанд мавқеи худро бо муодил ё калимаи дигари мустақилмаъно иваз намоянд. Ин гуна фраземаҳо дар заминаи як қолаб ба вуҷуд омада, танҳо бо як унсури луғавӣ фарқият доранд. Чунончи, **ба дарёи фикр ғӯта задан, ба дарёи хаёл ғӯта задан, ба дарёи муҳаббат ғӯта задан:**

Ҳама **ба дарёи фикр ғӯта заданд** [14, с.157].

Тафовути дигар миёни ин қабил воҳидҳои забон дар тарзу усули ифодаи мафҳум мебошад. Муқаррар шудааст, ки, умуман, мавҷудияти воҳидҳои фразеологӣ дар дилхоҳ забон ба ифодаи образноку мутантани ашёву мафҳум иртибот дорад. Яъне ҳангоме ки воҳидҳои озоди наҳвӣ дар доираи мундариҷаи маъноии худ наметавонанд мафҳумро образнок ифода намоянд, воҳидҳои фразеологӣ онро дар шакли образнокии баланд ва бо дигар тобишҳои маъноӣ инъикос менамоянд. Образнокӣ дар ин маврид “раванди огоҳонаи истифодаи мафҳум мебошад, ки дар заминаи мувофиқати унсурҳои муайяни образсоз сурат мегирад. Агар чунин мувофиқат миёни унсурҳо норавшан бошад ё бо сабаби муайян канда шавад, образнокӣ аз байн меравад. Чунин умумият ва мутобиқати воситаҳои образнокиро бавуҷудоваранда, асосан, заминаи муқоиса дорад. Дилхоҳ ҷараёни образнокӣ дар сохтори мантиқии худ аз се қисмат иборат мебошад: 1. Гӯянда – шахсе, ки дар доираи ҷаҳонбинӣ ва имкониятҳои забонии худ ба ин ё он мафҳум тобиши образнокӣ мебахшад. 2. Ашё ё ҳодисаи алоҳида дар шакли инъикосшуда, ки хосияти муайяни фарқкунанда дошта, барои ифодаи образнокӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. 3. Асос, яъне хусусиятҳои умумии ашё ва инъикоси он. Воситаи образноки забонӣ, ки ин се ҷузъи зикршударо фаро мегиранд, асосан, ташбеҳ ё муқоиса мебошад [13, с.54]. Барои фарқ гузоштан миёни мафҳумҳои одӣ ва ба таври образнок ифодашуда метавон воҳидҳои фразеологии зеринро ҳамчун мисол пешниҳод намуд: **латтаи касе ба об зад** “умеди касе барбод рафт, касе ноумед шуд”, **кабки сур барин** “ноозмуда, тарбиянадида”, **сухани талх** “сухани ранҷонанда, гапи дилхарош”, гӯшту пӯст “ҳама аъзои бадан”:

Ана ҳамин маҷлиси бо сиёсат гузаронидаи мудири маориф алови чашми бисёр муаллимонро гирифт, **латташон ба об зад** [15, с.38]. Аммо Мадина чун як сол пеш **кабки сур барин** набуд [14, с.294]. Вале духтар **суханҳои талхашро** аз аз ёд намебароварда [14, с.338]. Бойбово, албатта, **гӯшту пӯсти** вайро канда хӯрдан мехоҳад [14, с.417].

Ба таври дигар, маънои ягонае, ки ин фразеологизмҳо ифода менамоянд, дар истифодаи умум ҳамчун мафҳумҳои одӣ корбурд доранд. Маънои ягонаи воҳиди фразеологиро метавон дар ин ҳолат муодили мафҳуми аз образнокӣ маҳрум ҳисобид.

Аз сабаби он ки дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ образнокии мафҳум хеле равшан зоҳир мешавад, аз ин ҷиҳат дар мунадриҷаи маъноии онҳо дар баробари маъноҳои мафҳумию эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ ҳамчунин маънои образнок мавқеи муҳим дорад. Образнокӣ, ки дар ин маврид мафҳумро барҷаста ва муболиғаомез ифода менамояд, заминаи асосии мавҷудияти маънои образнок мегардад. Яке аз муҳаққиқони бевоситаи воҳидҳои фразеологии забони адабии тоҷикӣ, профессор Ҳ. Маҷидов образро заминаи асосии ифодаи маънои образнок дар воҳидҳои фразеологӣ ҳисобида, қайд менамояд, ки маънои фразеологӣ аз нуқтаи назари дар нутқ зоҳиршавӣ, ба навъҳои: а) сирф консептуалӣ (мафҳумӣ); б) мафҳумии образнок ва в) сирф образнок ҷудо мешавад. Навъи якум чун калимаҳо фақат мафҳумро ифода мекунад. Дар навъи дуюм баробари мафҳум унсурҳои дигари маъноҳо – образнокӣ, эҳсосот, баҳодиҳӣ ва модалӣ буда метавонанд. Дар навъи сеюм бошад, мафҳум ифода намешавад, он танҳо аз унсурҳои образнокӣ, эҳсосотӣ, модалӣ ва баҳодиҳӣ ташкил меёбад [9, с.120]. Чунончи, дар мисолҳои зайл, ки образнокии баланди мафҳум мавҷудияти идиомаҳоро дар таркиби ҷумлаҳо ба вуҷуд овардааст: **қабат-қабат гӯшт гирифтан** “хурсанд шудан, қаноатманд гардидан”, **ба дил қошуқ тарошидан** “бо умеди чизе умедворӣ кашидан, хурсандиро интизор будан”, **дар пӯчоқи писта ҷо кардан** “азобу шиканҷа, ҷазо додан”:

Хешовандон, наздикон, зурётҳо ба ин амалашон ба Ниёзов руҳ мебахшиданд, **қабат-қабат гӯшт мегирифт**… [15, с.45]. Саҳар шуд, Хидиралӣ шаби дароз дар орзуи паронда

шудани Мустафо бедорхобӣ кашид, **ба дил қошуқ метарошид**, ноумед гашт [14, с.33]. Барои фарзандҳояшро партофта думи вай духтари наврас, артисткаро гирифтанаш ба Нозимӣ ҷазо медиҳад, **дар пӯчоқи писта ҷой мекунад ӯро** [15, с.123].

Фарқияти дигаре, ки миёни воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвӣ метавон мушоҳида намуд, ифодаи ҷузъҳои таркибии онҳо бо калимаҳои фонди асосии луғавии забон мебошад. Вобаста ба ин масъала воҳидҳои фразеологӣ, ки имконияти камтари ҷалби ҳама гуна калимаҳои забонро доранд, дар интихоби калимаҳои фаъоли забон маҳдудият доранд. Аз ин рӯ, дар созмони онҳо бештар калимаҳои аслии тоҷикӣ фаъол буда, қисмати бузурги захираи фразеологии забонамонро воҳидҳои фразеологии аслии тоҷикӣ ташкил додаанд. Дар воҳидҳои наҳвӣ бошад, вобаста ба қолабҳои мураккабу тафсирёфтаашон имконияти фарогирии ҳама гуна калимаҳои забон вуҷуд дорад. Чунин ҳолатро ҳангоми муқоисаи ҷумлаҳои фразеологӣ ва озоди наҳвӣ ошкор намудан имкон дорад:

… **дилаш,** ба гуфтаи янгааш, қурумас мезад, **ҳавоӣ мешуд**, аз хонааш баромада «ҳу» гуфта, назди Нозимӣ рафтан мехост [15, с.135]; – Э хуб шудасте, Худованд рӯямро сурх кардасте, - холаи Зарафои аз гапу ҳарф бехабар сиёҳпӯшҳоро дуои нек мекард… [14, с.24].

Боз **риштаи ҷони яке** аз дасти ноҳалаф дар Дараи Марг **канда шуд** [14, с.59]; Ягон калима, ҷумлаҳои хабару мақолаҳои аз дасти Шафиӣ гузашта, ба андешаи онҳо, бесаҳву хато не, ба замин мезананд ӯро, ба хоки сиёҳ яксонаш мекунанд [15, с.145].

Оре, он дузд ҳамин хел давру давроне дошт, аммо бо пайдо шудани Ҳоҷимаҳмуд дар деҳа **айшаш талх шуд** [14, с.149]; … забони хуш намедод, **суханҳои пасту баланд гуфта**, гӯшаки телефонро бо итоб мепартофт [15, с.152].

Таҳлили маводи фаровон аз осори нависандаи хушсалиқа Карометулло Мирзоев нишон медиҳад, ки дар созмони воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ бештар калимаҳои аслии ифодакунандаи узви бадан нақш доранд. Ба ин ҷумла метавон калимаҳои **дил, сар, чашм, даст** ва ғайраро дохил намуд. Барои исботи андеша чунин фразеологизмҳоро метавон ба сифати намуна оварда: **дили касе ба замин зад** “касе сахт тарсид, ҳаросид”, **ба дили касе оташ андохтан** “касеро дар таҳлука андохтан, хавотир намудан”, **ба сари касе қадам мондан** “нисбат ба касе беэҳиромӣ кардан, касеро таҳқир нмудан”, **ба сари касе об рехтан** “касеро нобуд кардан, аз миён бурдан”, **чашм ба олам кушодан** “ба дунё омадан, таваллуд шудан”, **алови чашми касеро гирифтан** “касеро тарсондан, мағлуб кардан”, **ҷон аз дасту пойи касе баромад** “сахт тарсидан, ба таҳлука афтодан”, **дасти касе ба домони орзу нарасид** “касеро ба орзую ормонаш комёб нашуд”:

Либосҳои Ҳоҷимаҳмудро дар тани Носирхитойи хунхор дида, **дили эшони домулло Мирзо ба замин зад** [14, с.174]. … бо ин суолаш вай **ба дили Нозимӣ оташ андохт** [15, с.174]. … ҳама **ба сараш қадам монданд**, лағат заданд, ҳама тайёр, маҳтали имо буданд, саг барин тала карданд [15, с.185]. … вай **ба сари одам** бо фиреб, бо найранг **об мерезад**, вай танҳо нест, вай ба дили ман ханҷар заданӣ аст, туро нобуд мекунад, хонам дар пуштам мешавад [14, с.225]. Ҳар ду ҳам дар як рӯз, дар 20-уми моҳи май **чашм ба олам кушода,** аммо дар солҳои гуногун [14, с.445]. … худашро баланд бардоштааст, ба хаёли **алови чашми мардумро гирифтан**, тарсондан, сиккашро шинондан афтида [15, с.267]. Аз ӯ пештар ба ҳавлӣ расиду **ҷон аз дасту пояш баромад** [15, с.25]. Имрӯз, ки кас сиҳат аст, тавоност, шукр бояд гӯяд, фардо шояд рӯзе ояд, ки **даст ба домони орзу нарасад** [14, с.456].

Натиҷаҳо. Таҳлили вижагиҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвӣ нишон медиҳад, ки фарқияти миёни онҳо дар ифодаи алоқаи воситаҳои грамматикии онҳо мебошад. Ин масъала вобаста ба табиати воҳидҳои фразеологӣ назарияи исботшуда буда, таъкид мегардад, ки дар созмони дилхоҳ воҳиди фразеологӣ воситаҳои алоқа он вазифаеро, ки дар ташаккули воҳидҳои наҳвӣ доранд, иҷро карда наметавонанд [11, 12]. Ин ҳолат воситаҳои алоқа аз вазифаҳои дастурии худ канда шуда, дар асоси қолаби маъмули наҳвӣ танҳо ҳамчун ҷузъи таркибии фразеологизм иштирок менамоянд. Дар таркиби воҳиди фразеологӣ онҳо на ҳамун воситаи алоқаи устувори наҳвӣ, балки бештар ба ҳайси унсури ҳатмии он иштирок мекунанд. Ба ҳар ҳол, набояд фаромӯш сохт, ки будани чунин унсурҳо дар мундариҷаи сохтории воҳидҳои рехта аз мавҷудияти алоқаи онҳо дар доираи қолаби

асливу ибтидоии онҳо дарак медиҳад. Қолаби воҳиди фразеологӣ, ки асосу бунёди наҳвӣ дорад, дар ин ҷо ҳамчун омили асосии таъминкунандаи чунин унсурҳои ёрирасони алоқа дар таркиби фразеологизм баромад мекунад. Чунончи, дар сохтори фразеологизмҳои **ҳаққи қалам** “музди меҳнат, подоши заҳмат**”, гурги борондида** “шахси кордону таҷрибадор”, **рӯзи касеро сиёҳ кардан** “ба сари касе бадбахтӣ, бало овардан”, **аз бинӣ боло гап задан** “аз ҳад гузаштан, ҳавобаландӣ намудан” бандаки изофӣ ва пешоянду пасояндҳо аз вазифаҳои наҳвии худ дур шуда, танҳо ба сифати ҷузъҳои дохилии онҳо боқӣ мондаанд:

Аз он китоб **ҳаққи қалам** гирифта, ҳама донишҷӯёни гурӯҳамонро ба кулбааш, ки иҷоранишин буд, даъват кард [14, с.443]. – Шумо, дӯстам, хурд не, **гурги борондида**, роҳбар… [15, с.61]. Ба дараҷае ки касеро дар мактаб **аз бинӣ боло гап задаю** сарзаниш карда наметавонад [15, с.84]. … ба хотири падар, ки дар мактаб «омада» гуфта **рӯзашро сиёҳ карда** буданд, ба хотири модар, ки ин ҷо хок шуд [15, с.39].

Муҳокима. Маънои маҷозӣ ё фразеологӣ, ки асоси ташаккули воҳидҳои фразеологиро ташкил медиҳад, нишондоди асосиест, ки ягонагиву устувории сохтор ва маънои фразеологизмҳоро таъмин мекунад. Аз ин ҷиҳат, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои гуногуни фразеологиро наметавон ба монанди таркиб, ибора ва ҷумлаҳои наҳвӣ аз рӯйи иштироки ҷузъҳои таркибӣ ва алоқаҳои миёни онҳо таҳлил намуд. Дар ин ҳолат воҳиди фразеологӣ новобаста ба навъи сохториаш ҳамчун як аъзои ҷумла шарҳ дода мешавад. Дар ҳоле ки ҳангоми таҳлили наҳвӣ мо метавонем ҳар як аъзои дохилии воҳидҳои наҳвиро мушаххас намуда, воситаҳои алоқаи миёни онҳоро муқаррар намоем. Аз ин ҷиҳат дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ, хосатан ҷумлаҳои фразеологӣ, ба роҳ мондани таҳлили наҳвӣ ба асли мақсад созгор нест. Онҳоро дар дохили матн ба ҳайси як аъзои бутуни ҷумла таҳлил намудан дуруст аст. Чунончи, дар матнҳои зайл, ки ҷумлаҳои фразеологӣ хабар ва пуркунандаи онҳоро ташкил додаанд**: ба тори танидаи касе дармондан** “ба ҳиллаи касе дода шудан, ба итоати касе даромадан”, **димоғи сӯхта** “табъи нохуб, нохуш”, **сухани касеро об додан** “андешаи касеро ҷонибдорӣ намудан, тақвият бахшидан”:

Ҳама **ба торҳои танидаи Соҳиба дармондаанд**, ба мисле ки магасҳо ба торҳои анкабут печида… [15, с.94]. … гуфт пас аз сукунати тулонӣ Мавлонбой бо **димоғи сӯхта** ва андаке худро ба даст гирифта, давом дод [14, с.393]. Вале модар **суханони ӯро об намедод**, намегуфт, ки беҳуда шодию хурсандӣ дорад, бой дурӯғ мегӯяд… [14, с.97].

Хулоса, миёни воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвӣ як қатор умумият ва фарқиятҳоро муқаррар намудан мумкин аст, ки онҳо бештар ба паҳлуи сохтории ин навъи воҳидҳои забон иртибот доранд. Дар ин росто тафовут бештар буда, онҳоро метавон ба ифодаи маънои ҷузъҳои таркибӣ, адами муносибатҳои зиндаи грамматикӣ ва устувории сохтору таркиби луғавии воҳидҳои фразеологӣ нисбат дод. Хусусиятҳои зикршуда дар ташаккули воҳидҳои озоди наҳвӣ муҳим нестанд, аз ин рӯ, сохтори онҳо як андоза мураккаб ва тафсирёфта буда, маънои луғавӣ ҳамчун омили асосии ифодаи мафҳум ва фикр ба ҳисоб меравад. Дар ҳоле, ки дар қисмати бештари фразеологизмҳои забони тоҷикӣ маънои маҷозии калимаҳои дохили онҳо семантикаи ягонаи воҳиди фразеологиро таъмин мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Аловиддинов, Б.Д. Выражение категории вида в глагольных фразеологических единицах современного таджикского литературного языка: авт. дисс… канд. фил. наук / Б.Д. Аловиддинов. – Душанбе, 2019. – 22 с.
2. Бузургзода, Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ / Л.Бузургзода. – Сталинобод, 1942. – 387 с.
3. Гадоев, Н. Вижагиҳои луғавию семантикӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар гӯйишҳои ҷанубии минтақаи Кӯлоб / Н.Гадоев. – Душанбе, 2023. – 360 с.
4. Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Мундариҷаи маъноии воҳиди фразеологӣ ва нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули он / Ҳ.Ҷ. Дӯстзода. – Душанбе, 2023. – 144 с.
5. Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик): дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ / Ҳ.Ҷ. Дӯстзода. – Душанбе, 2024. – 413 с.
6. Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Дӯстов. – Душанбе, 2014. – 186 с.

7. Зикриёев, Ф.Қ. Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии тоҷик / Ф.Қ. Зикриёев**.** **–** Душанбе, 1976**.** **–** 122 с.
8. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. – Душанбе, 2010. – 279 с.
9. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. – Душанбе, 2006. – 409 с.
10.Маҷидов, Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 2014. – 352 с.
11.Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.
12.Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 385 с.
13.Мезенин, С.М. Образность как лингвистическая категория / С.М. Мезенин // Вопр. языкознания. – М., 1983. – №6. – С.48-57.
14.Мирзо, К. Марги бегуноҳ / К.Мирзо. – Душанбе: Адиб, 2012. – 528 с.
15.Мирзоев, К. Нишони зиндагӣ / К.Мирзоев. – Душанбе: Адиб, 1993. – 496 с.
16.Мирзоева, М.М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ / М.М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с.
17.Ниёзмуҳаммадов, Б. Ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ / Б.Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1956. – 95 с.
18.Норматов, М. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Норматов. – Душанбе, 2010. – 183 с.
19.Нурматова, М.Р. Сохтори семантикӣ ва грамматикии воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забони тоҷикӣ / М.Р. Нурматова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2019. – №2 (79). – С.119-128.
20.Одинаев, С.П. Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷикӣ / С.П.Одинаев. – Душанбе, 2022. – 160 с.
21.Рустамов Ш. Мушкилоти синтаксис / Ш.Рустамов. – Душанбе, 1974. – 340 с.
22.Лексические и фразеологические особенности рассказов Абдулхамида Самада: автореферат дисс. кандидата филологических наук / Н.С. Саидов. – Душанбе, 2014. – 21 с.
23.Саидов, Р. Фразеология таджикской народной поэзии: на основе эпоса гуругли, четверостишия и бейта: дисс. доктора филол. наук / Р.Саидов. – Душанбе, 1997. – 321 с.
24.Тоҷиев, Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д.Т.Тоҷиев. – Душанбе, 1981. – 218 с.
25.Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (Фарҳанги фразеологӣ) / М.Фозилов – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963. – Ҷ. 1. – (А-Р). - 952 с.; – 1964. – Ҷ. 2. – (С-Ҷ). – 802 с.
26.Хоҷаев, Д. Синтаксис ва пунктуатсия / Д.Хоҷаев, Ш.Кабиров. – Душанбе, 1991. – 58 с.
27.Худоёрова, Н.З. Фразеологияи забони насри Урун Кӯҳзод: автореферат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология / Н.З. Худоёрова. – Душанбе, 2023. – 30 с.
28.Хушенова, С.В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка / С.В. Хушенова. – Душанбе, 1971. – 190 с.
29.Ҳасанов, М.М. Тадқиқи сохториву талаффузии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ: автореферат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология / М.М. Ҳасанов. – Душанбе, 2022. – 29 с.
30.Ҷӯраева, С.Б. Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои Х-ХIII / С.Б. Ҷӯраева. – Хуҷанд, 2022. – 328 с.
31.Шарифова, Ф. Таҳаввули ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ / Ф.Шарифова. – Душанбе, 2012. – 224 с.
32.Шодиев, Б. Хусусиятҳои луғавию фразеологии очерку қиссаҳои Мутеулло Наҷмиддинов / Б.Шодиев. – Душанбе, 2013. – 168 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Розиқов Фирӯзҷон Ғайратҷонович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филология. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 93-888-64-64*

Сведения об авторе: *Розиков Фируздҗон Гайратджонович – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры современного таджикского литературного языка филологического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 93-888-64-64*

Information about the author: *Roziqov Firuzjon Gayratjonovich - Tajik National University, Ph.D doctoral student of the Department of Modern Tajik Literary Language, Faculty of Philology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe City, Rudaki Avenue, 17. Phone: 93-888-64-64*

ТДУ: 81'373.46:81'25:1(=222.8=111)

ТАРҶУМАИ ИСТИЛОҲОТИ ФАЛСАФӢ ВА ТАСНИФОТИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Рустамзода Саодат Рустам
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи хусусиятҳои тарҷума, таснифот ва роҳҳои интиқоли истилоҳоти фалсафӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Дар шароити густариши робитаҳои илмӣ ва фарҳангӣ, инчунин рушди тарҷумаи осори фалсафӣ, масъалаи интихоби муодилҳои дақиқ ва мувофиқи истилоҳоти фалсафӣ аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ касб менамояд.

Дар раванди таҳқиқ принсипҳои асосии тарҷумаи истилоҳоти фалсафӣ, омилҳои таъсиррасон ба интихоби муодилҳои тарҷумавӣ ва мушкилоти интиқоли мафҳумҳои абстрактии фалсафӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки тарҷумаи истилоҳоти фалсафӣ танҳо иваз намудани воҳидҳои луғавӣ набуда, балки интиқоли дақиқи мазмун, сохтори мантиқӣ ва муҳтавои илмии мафҳумҳоро талаб менамояд.

Дар мақола таваҷҷуҳи махсус ба таснифоти истилоҳоти шохаи метафизика ҳамчун яке аз бахшҳои бунёдии илми фалсафа дода шудааст. Аз ҷумла, истилоҳоти **онтология** ҳамчун таълимот оид ба ҳастӣ, **космология** ҳамчун бахши омӯзиши сохтор ва пайдоиши коинот, **антропология** ҳамчун таълимот оид ба инсон ва мавқеи ӯ дар олам дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил мешаванд.

Дар доираи таҳқиқ хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти фалсафӣ, муносибати байни истилоҳ ва мафҳум, инчунин масъалаҳои ҳаммаъноӣ, бисёрмаъноӣ ва мутобиқати истилоҳот дар ду забон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Бо истифода аз таҳлили муқоисавӣ умумият ва тафовути воҳидҳои истилоҳии тоҷикӣ ва англисӣ муайян гардида, бартарӣ ва маҳдудиятҳои усулҳои гуногуни тарҷума нишон дода мешаванд.

Калидвожаҳо: *истилоҳшиносӣ, истилоҳоти фалсафӣ, тарҷумашиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, муодилсозии истилоҳот, таснифи истилоҳот, метафизика, онтология, этимологияи истилоҳот, низоми истилоҳоти фалсафӣ.*

ПЕРЕВОД ФИЛОСОФСКИХ ТЕРМИНОВ И ИХ КЛАССИФИКАЦИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Настоящая статья посвящена исследованию особенностей перевода, классификации и способов передачи философских терминов в таджикском и английском языках. В условиях расширения научных и культурных связей, а также активного развития перевода философских трудов особую теоретическую и практическую значимость приобретает проблема выбора точных и адекватных эквивалентов философской терминологии.

В ходе исследования проанализированы основные принципы перевода философских терминов, факторы, влияющие на выбор переводческих эквивалентов, а также трудности передачи абстрактных философских понятий. Автор показывает, что перевод философской терминологии представляет собой не простую замену лексических единиц, а требует точной передачи содержания, логической структуры и научного смысла понятий.

Особое внимание в статье уделено классификации терминов метафизики как одной из фундаментальных отраслей философии. В частности, анализируются термины онтология как учение о бытии, космология как раздел, изучающий строение и происхождение Вселенной, и антропология как учение о человеке и его месте в мире, а также особенности их функционирования и перевода в таджикском и английском языках.

В рамках исследования рассматриваются структурные и семантические особенности философской терминологии, соотношение терминов и понятий, а также проблемы синонимии, полисемии и эквивалентности терминов в двух языках. На основе

сравнительного анализа выявляются общие и отличительные особенности таджикских и английских философских терминов, определяются преимущества и ограничения различных способов их перевода.

Ключевые слова: *терминоведение, философская терминология, переводоведение, сопоставительное языкознание, эквивалентность терминов, классификация терминов, метафизика, онтология, этимология терминов, система философской терминологии.*

TRANSLATION OF PHILOSOPHICAL TERMS AND THEIR CLASSIFICATION IN TAJIK AND ENGLISH

The article is devoted to the peculiarities of the translation, classification, and transfer of philosophical terminology in the Tajik and English languages. In the context of expanding scientific and cultural linking, as well as the growing translation of philosophical works, the selection of accurate and appropriate equivalents for philosophical terms has become an issue of considerable theoretical and practical importance.

The study analyzes the fundamental principles of translating philosophical terminology, the factors influencing the choice of translation equivalents, and the challenges associated with rendering abstract philosophical concepts. The author shows that the translation of philosophical terms is not merely a lexical substitution but requires the accurate transmission of conceptual meaning, logical structure, and the scientific content of philosophical notions.

Particular attention is devoted to the classification of the terminology of metaphysics as one of the fundamental branches of philosophy. Specifically, the article examines the terms **ontology** as the doctrine of being, **cosmology** as the branch concerned with the structure and origin of the universe, and **anthropology** as the philosophical study of human beings and their place in the world, highlighting the linguistic and semantic features of these terms in both Tajik and English.

The study further explores the structural and semantic characteristics of philosophical terminology, the relationship between terms and concepts, and the issues of synonymy, polysemy, and terminological equivalence in the two languages. Through a comparative linguistic analysis, the similarities and differences between Tajik and English philosophical terms are identified, while the advantages and limitations of various translation methods are evaluated.

Keywords: *terminology, philosophical terminology, translation studies, comparative linguistics, terminological equivalence, classification of terms, metaphysics, ontology, etymology of terms, system of philosophical terminology.*

Муқаддима. Равиши тарҷумаи истилоҳоти фалсафӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ мушкилоти зиёдеро фарогир аст, чунки истилоҳоти фалсафӣ аз забонҳои юнонӣ ва лотинӣ сарчашма мегиранд. Аслан, таълими илми фалсафа аз Юнони Қадим асос гирифта, тамоми истилоҳот дар ин забон пайдо шудаанд ва бо мурури замон ва марҳилаҳои таърихии инкишофи илми мазкур бештари истилоҳот ба забони лотинӣ иқтибос мешаванд.

Қисми асосӣ. Лозим ба ёдоварист, ки тарҷумаи истилоҳоти фалсафӣ аз забони лотинӣ ба забони англисӣ он қадар душвор нест, зеро забони англисӣ бархоста аз забони лотинӣ аст. Забони англисӣ пур аз иқтибосоти забони лотинӣ мебошад. Мушкилоти асосӣ дар равиши тарҷумаи истилоҳоти фалсафӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ба назар мерасад, зеро истилоҳоти фалсафӣ сермаъно буда, ҳангоми истифодабарӣ, ҳам бо мазмуни денотативӣ ва ҳам бо маънои конотативӣ, ба чашм мерасанд. Вобаста ба масъалаҳои тарҷумаи истилоҳоти фарсафӣ, инчунин, калимасозӣ ва таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти мазкур муҳаққиқони зиёди ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расонидаанд, ба монанди Р.А. Готие (R.A. Gauthier), С. Гилл (S.Gill), М. Андрю (M. Andrew), С. Сулаймонов, А.М. Байзоев, М.Ҳ. Султон, Е.С. Смирнова, М.М. Комилов ва ғайра.

Муҳаққиқи тоҷик С. Сулаймонов дар диссертатсияи доктории худ зери унвони “Становление арабской и таджикской философской терминологии” (Ташаккули истилоҳоти фалсафии забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ), масъалаҳои пайдоиш ва ташаккули истилоҳоти фалсафӣ дар забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ (форсӣ) зери таҳқиқ қарор додаанд. Инчунин, дар

кори мазкур мушкилоти тарҷумаи истилоҳоти фалсафӣ ва истилоҳнигории он низ баррасӣ шудааст [11].

Забоншинос А. Байзоев вобаста ба калимасозии истилоҳоти фалсафӣ дар асоси асари “Донишнома”-и Ибни Сино таҳқиқот бурда, дар он мушкилоти тарҷумаи истилоҳоти мазкурро таҳлилу баррасӣ намудааст [8].

Соли 2020 муҳаққиқи тоҷик М.М. Комилов диссертатсияи номзадии худро таҳти унвони “Структурно-семантический анализ философских терминов в таджикском и английском языках” (Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти фалсафӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) ҳимоя намудааст. Таҳқиқи мазкур ба омӯзиши муқоисавии низоми истилоҳии фалсафа дар ду забони гуногунсохт равона шудааст. Таҳқиқ собит менамояд, ки истилоҳоти фалсафӣ дар ҳар ду забон дорои хусусиятҳои махсуси сарфӣ, калимасозӣ буда, механизми ташаккул ва тарзи ифодаи онҳо аз ҳам фарқ мекунад. Дар диссертатсия муносибатҳои маъноии полисемия, синонимия, антонимия ва омонимия низ дар таҳқиқоти истилоҳоти фалсафӣ дида мешавад. Аз ин рӯ, диссертатсия зарурати танзим, дақиқсозӣ ва меъёрсозии истилоҳоти фалсафии тоҷикиро дар заминаи таҳлили сохторию маъноӣ таъкид мекунад [5].

Ба ҳамагон равшан аст, ки файласуфони барҷаста, мисли Афлотун, Арасту, Сукрот, Рене Декарт, Бенеликт Спиноза, Жан Жак Руссо ва дигарон истилоҳоти махсуси фалсафии худро доштанд. То ҳол дар илми фалсафа истилоҳоти нав ба нав пайдо шуда истодаанд ва истилоҳоти кадим дар раванди ташаккул ва таҳқиқ мафҳумҳои навро ба худ касб менамоянд, ки боиси душвориҳои тарҷума дар забонҳо мегарданд.

Илми фалсафа ба шохаҳои зерин тақсим мешавад: “*метафизика, эпистемология ё гносеология, мантиқ, этика, эстетика, аксиология ва фалсафаи илмҳои гуногуни оммавӣ ва сиёсӣ”* [3]. Шохаи метафизика ба худ *онтология, космология, антропология ва теологияро* доро мебошад.

Аввалин шохаи илми фалсафа *метафизика* буда, дар худ тамоми истилоҳоти *онтология, космология, антропология ва теологияро* дарбар мегирад, ки равиши тарҷумаи истилоҳоти ҳар яки онро алоҳида дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Истилоҳи *метафизика* аввалин маротиба дар шакли *τὰ μετὰ τὰ φυσικά -ta meta ta physika* аз забони юнонии қадим ба забони лотинӣ чун ***metaphysika*** дар асри XIII иқтибос шудааст. Истилоҳи мазкур дар асри XVI аз забони фаронсавии қадим ба забони англисӣ дар шакли ***metaphysics*** интиқол гардида, ба забони тоҷикӣ бо равиши транслитератсия чун ***метафизика*** баргардон шудааст [21]. Истилоҳи мазкур чун истилоҳи байналмилалӣ эътироф шуда, қариб дар ҳама забонҳо транслитератсия мегардад. Ин истилоҳ ба забони тоҷикӣ транскрипсия шудааст, зеро ҳарфи ***ph*** овози ***f]***-ро дар забони англисӣ инъикос менамояд, аз ин лиҳоз, ба овозҳои истилоҳ такя намуда, онро ба забони тоҷикӣ транскрипсия намудаанд [10]. Истилоҳи мазкур бо шакли иқтибоси арабӣ низ чун ***моваройуттабиа*** мавриди истифода қарор дорад, ки бемуодили муваққатӣ ҳисобида мешавад.

Онтология – ontology – истилоҳи фалсафӣ буда, соли 1600 аз забони лотинӣ дар шакли *ontologia* ба забони англисӣ иқтибос гаштааст, ки яке аз шохаҳои метафизикаи илми фалсафа ба шумор рафта, омӯзиши олами ҳастӣ ва моҳияти ашёҳои воқеиро дарбар мегирад [20]. Дар забони тоҷикӣ истилоҳи мазкур аз забони форсӣ иқтибос шуда, дар шакли ***ҳастишиносӣ*** қабул шудааст, ки дар Фарҳанги форсии тоҷикии “Вожаҷӯ” бо маънои هستی شناسی – *мутолиаи фалсафии табиати ҳастӣ, шудан, вуҷуд ё ҳақиқат аст.* дарҷ гардидааст [2]. Истилоҳи мазкур бо равиши тарҷумаи калкаи нопурра сурат гирифтааст, зеро як ҷузъи истилоҳ тарҷумаи калима ба калима шудааст. Барои таҳлили ҷузъӣ намудани истилоҳ агар дар фарҳанги этимологии забони англисӣ нигарем, нахуст аз забони юнонӣ дар шакли *ontologie* ба забони лотинӣ ва баъдан ба забони англисӣ иқтибос шудааст, ки ***onto – ҳастӣ***, ***мавҷудот*** ва ***logie – илм, омӯзиш*** мебошад [6], ки ба забони тоҷикӣ як ҷузъ айнан калима ба калима ба сурати калкаи нопурра тарҷума шудааст. Ҷузъи дигар бо равиши тарҷумаи транспозитсияи луғавӣ сурат гирифтааст. Дар фалсафаи муосири тоҷик асосан шакли иқтибосии *“онтология” – илм дар бораи ҳастӣ* истифода мешавад.

Онтология чун як шохаи метафизикаи илми фалсафа дорои истилоҳоти худ мебошад, мисол: *entity (objective reality) – ҳастӣ (воқеияти объективӣ), not-being – нестӣ, substance – гавҳар, space and time – фазо ва замон, unity of all that exists – ягонагии моддии ҷаҳон, transcendental – транссенденталӣ, objective idealism – идеализми объективӣ, material existence – ҳастии моддӣ, Dasein – дазайн (ҳастии шуур), matter and conscience – материя ва шуур, collective identity – шуури ҷамъиятӣ, become self-aware – дарки шуур, cerebralism – назарияе, ки шуур танҳо маҳсули мағзи сар аст, subjective mind – шуури субъективӣ, objective mind – шуури объективӣ, шуури комил.*

Мисолҳои дар боло овардашуда бо равишҳои гуногуни тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ баргардон шудаанд. Истилоҳи ***not-being – нестӣ***, ҳарчанд дар забони тоҷикӣ муодили худро ёфтааст, вале аз рӯйи сохтори дастурӣ фарқ мекунад. Дар забони англисӣ чун истилоҳи мураккаб бо нимтире омадааст, вале дар забони тоҷикӣ чун истилоҳи сода баргардон шудааст, ки чунин номувофикатии сохтори дастурии забонҳо аз равиши тарҷумаи транспозитсияи дастурӣ, қисмати сарфӣ дарак медиҳад. Истилоҳи дигар ***substance – гавҳар*** бо равиши калкаи маъноӣ-луғавӣ тарҷума гардидааст, зеро истилоҳи ***гавҳар*** худ дар забони тоҷикӣ сермаъно аст ва бештар дар шакли киноя ва маҷоз меояд. Маънои аслии гавҳар *санги қиматбаҳои марворид* аст, вале чун муодили истилоҳи ***substance*** маънои маҷозӣ интихоб гардида, *ифодагари гавҳари ҳастии олам, яъне асли ҳар як чиз ё ҷавҳари ҳар як чиз* мебошад [12, с. 291]. Ҳангоми интихоб намудани маънои маҷозии истилоҳ дар забони тарҷума равиши калкаи маъноӣ-луғавӣ истифода шудааст.

Истилоҳи ***space and time – фазо ва замон*** бо равиши калкаи наҳвии пурра тарҷума шудааст [7, с. 769], зеро дар шакли ибора омада, ҳар ду ҷузъ калима ба калима аз рӯйи маъно аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ баргардон шудааст, ки чунин равишро дар назария ва амалияи тарҷума калкаи иборавӣ (наҳвӣ)-и пурра меноманд. Истилоҳи ***matter and conscience – материя ва шуур*** низ бо ҳамин равиш интиқол гардидааст.

Истилоҳоти ***Dasein – дазайн*** ва ***objective idealism – идеализми объективӣ*** бо усул ва равиши транслитератсия ва транскрипсия тарҷума гардидаанд. Истилоҳи ***Dasein*** аз забони олмонӣ ба забони англисӣ бо равиши транскрипсия design интиқол гардидааст. Ҳарчанд дифтонги ***ei*** дар забони англисӣ чун ***[ей]*** талаффуз шавад ҳам, вале ҳангоми тарҷума шакли олмонии истилоҳ бо овозаш ***[ˈdaːzaɪn]*** ба забони англисӣ бе тағйир транскрипсия ёфтааст. Истилоҳи Dasein дар матни забони англисӣ ҳамеша бо ҳарфи калон истифода гардида, маънои ҳастии инсонро ифода менамояд [17].

Истилоҳоти ***subjective mind – шуури субъективӣ, objective mind – шуури объективӣ*** бо равиши калкаи маъноӣ-сарфии нопурра аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ баргардон шудааст [9]. Чи тавре аз методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ равшан аст, дар калкаи нопурра як ҷузъи ибора аз рӯйи маъно тарҷума ёфта, ҷузъи дигар транслитератсия мешавад. Истилоҳоти мазкур айнан бо ҳамин равиш аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд.

Истилоҳи ***become self-aware – дарки шуур*** бо усули модулсозӣ дар шакли ҷараён → натиҷа аз забони асл ба забони тарҷума интиқол гардидааст [16]. Дар равиши тарҷумаи модулсозии озод на ҳама ҷузъҳои ибора тарҷума мегарданд, дар истилоҳи мазкур ҷузъи ***become***, ки маънои ***шудан***ро дорад, коҳиш ёфтааст ва ҷузъи ***self-aware*** таҳтуллафзӣ ***худ-дарк*** чун ***дарки шуур*** интиқол шудааст. Дар ин ҳолат ҷараёни мафҳуми истилоҳ ба назар гирифта шудааст, ки *инсон дар раванди дарк намудани шуури худ ё пайдо намудани фикрҳои шахсӣ барои мулоҳизоти худ* аст, ки дар забони тарҷума натиҷаи ин ҷараён чун ***дарки шуур*** тарҷума шудааст. Истилоҳи дигар ***cerebralism*** буда, дар фарҳангҳо бемуодил аст, ҳатто шакли транслитератсияи он дида намешавад. Тарҷумаи истилоҳи мазкур танҳо дар шакли шарҳи маънии *назарияе, ки шуур танҳо маҳсули мағзи сар аст,* сурат мегирад [14]. Дар ҳолате, ки истилоҳ дар забони тарҷума бемуодил бошад ва дар фарҳангҳо танҳо шарҳи маънӣ ёбад, пас, дар ин маврид равиши тарҷумаи тавзеҳ истифода мешавад. Равиши тарҷумаи мазкур як истилоҳи сода ё сохтаро бо як ҷумла шарҳ дода, тарҷума менамояд, меъёр ва низоми истилоҳро дар забони тарҷума коста менамояд.

Зершохаи дигари метафизика, ки шохаи асосии фалсафа аст, ***космология*** мебошад, ки аз забони юнонии қадим *κόσμος – cosmos – коинот* ва *λογία – logos – омӯзиш* гирифта шудааст [18]. Истилоҳи мазкур ба забони тоҷикӣ чун ***коинотшиносӣ*** қабул гардидааст, ки дар равиши тарҷумаи шарҳи маънии истилоҳи мазкур дар забони тоҷикӣ муродифҳои дигар, ки аз забони форсӣ иқтибос шудааст, ***фалакиёт*** ва ***кайҳоншиносӣ*** ба назар мерасанд [12, с. 382]. Истилоҳи мазкур низ бо равиши калка ва транспозитсияи луғавӣ сурат гирифтааст, зеро чузъи якум ***cosmos – коинот*** ва ***logos –*** на илм, балки ***шиносӣ, шинохт*** транспозитсия шудааст. *Шиносӣ* ва *шинохтан* худ дар забони тоҷикӣ дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" ба маънои *донистан* ва *фаҳмидан* омадааст [12, с. 643], ки дар раванди тарҷумаи ин истилоҳи фалсафӣ ҷузъи дуюми истилоҳ мазмунан транспозитсияи луғавӣ гардидааст. Чи тавре маълум аст, дар равиши тарҷумаи транспозитсияи луғавӣ ба чои як истилоҳ муродифи онро мазмунан интихоб менамоянд.

Шохаи мазкур омӯзиши илмҳои дақиқ физика, математика ва нуҷумшиносиро фаро мегирад. Илмҳои номбурда, ки ба илмҳои табиӣ-риёзӣ марбутанд, истилоҳоти онҳо объекти омӯзиши диссертатсияи мазкур нест, аз ин лиҳоз, танҳо баъзе истилоҳоти ***космология***, яъне *коинотшинос*иро аз нигоҳи равиши тарҷума мавриди таҳлил қарор медиҳем: *The Big Bang Theory – назарияи Таркиши Бузург, galaxy – галактика (форс. каҳкашон), collapsar, black hole, frozen star – сурохии сиёҳ, comet – комета, manifested creation – коиноти манифестӣ, anthropocentric – антропосентрикӣ (инсонмарказӣ), инсонро чун маркази коинот ва мақсади олии коинот донистан;*

Тарҷумаи истилоҳоти шохаи космология низ бо равишҳои гуногун сурат мегиранд. Истилоҳоти ***The Big Bang Theory – назарияи Таркиши Бузург*** бо равиши калкаи наҳвии пурра тарҷума шуда, тамоми ҷузъҳои истилоҳ калима ба калима маънои худро дар забони тоҷикӣ ёфтаанд [14]. Истилоҳи ***collapsar, black hole, frozen star*** – ***сурохии сиёҳ***, дар забони англисӣ муродифҳои зиёд дорад. Асли истилоҳ дар забони англисӣ, ки аз забони лотини соли 1732 дар шакли ***collapsus*** иқтибос гирифтааст, бо мурури замон ба шакли *сурохие, ки ранги сиёҳро дар осмон* инъикос менамояд, баъдан чун ***black hole сурохии сиёҳ*** ном гирифт. Ситорашиносон онро чун ***frozen star – ситораи яхбаста*** низ ном мебаранд, ки чун сленги ин соҳа ба шумор меравад [21]. Дар раванди тарҷума истилоҳи ***collapsar*** бо муродифи маъмули худ ***black hole – сурохии сиёҳ*** ба забони тоҷикӣ бо равиши калкаи пурра тарҷума гардидааст. Истилоҳи дигар ***galaxy – галактика (форс. каҳкашон)*** дар забони тоҷикӣ, аллакай, муодили худро чун ***каҳкашон*** ёфтааст. Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" истилоҳи ***каҳкашон*** бо мазмуни *маҷмуи ситораҳои беҳисоб, ки гирди як меҳвари умумӣ давр мезананд,* ифода меёбад [12, с. 603]. Тарҷумаи истилоҳи мазкур бо равиши калкаи маъноӣ сурат мегирад.

Истилоҳи ***comet – комета*** бо усули транслитератсия ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст. Истилоҳи ***anthropocentric – антропосентрикӣ (инсонмарказӣ)*** бошад, бо ду равиш ба забони тоҷикӣ интиқол мегардад. Бо равиши транслитератсия / транскрипсия чун ***антропосентрикӣ*** ва бо равиши калкаи пурраи сарфӣ ҳамчун ***инсонмарказӣ***, ***инсонмеҳварӣ*** зеро ҳар ду ҷузъ ***antropos – инсон*** ва ***centric – марказ*** ба таври комил калима ба калима тарҷума шудааст [16]. Истилоҳи ***manifested creation – коиноти манифестӣ*** бо равиши калкаи нопурра тарҷума гардида, як ҷузъи истилоҳ транслитератсия ва ҷузъи дигар чун калкаи маъноӣ-луғавӣ ба забони тоҷикӣ интиқол шудааст, зеро ҷузъи ***creation*** маънои ***офариниш***ро дорад, на ***коинотро*** [13], вале дар истилоҳи иборавӣ ҷузъи мазкурро бо мазмуни маҷозӣ интихоб намудаанд, ки дар натиҷа калкаи нопурра ба миён омадааст.

Шохаи сеюми метафизикаи илми фалсафа антропология буда, худи истилоҳи ***anthropology*** ба забони тоҷикӣ чун транслитератсия ***антропология*** интиқол ёфтааст. Истилоҳи мазкур дар забони англисӣ чун [ˌæn.θrəˈpɒl.ə.dʒi] – [энсреполеҷӣ] талаффуз мешавад, ки ба равиши транскрипсияи забони тоҷикӣ мутобиқат намекунад, зеро дар алифбои забони тоҷикӣ ду ҳарф як овозро ифода намекунад, мисли **th – c**ʾ. Чунин овоз **[θ]** низ дар забони тоҷикӣ вуҷуд надорад, пас, маълум мегардад, ки истилоҳи мазкур тариқи тарҷумаи ғайримустақим аз забони юнонӣ ба забони паҳлавӣ ва баъдан ба арабиву форсии тоҷикӣ истилоҳ транслитератсия шудааст, зеро дар забони юнонӣ низ истилоҳи мазкур чун

anthrōpologos дарҷ мегардад. Чи тавре марҳилаҳои таърихӣ нишон доданд, тамоми истилоҳоти юнонии ба забони лотинӣ иқтибосшуда вориди забони англисӣ шудаанд, дар забони тоҷикӣ бошад, бештари истилоҳоти фалсафӣ аз забони арабӣ иқтибос гаштаанд. Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" истилоҳи мазкур чун шарҳи маънӣ ***антропология*** انتراپالاگیه илмест, ки хусусиятҳои табиати биологии инсонро таҳқиқ мекунад, таъриф ёфтааст [12, с. 71]. Бояд қайд намуд, ки ҳоло истилоҳи мазкур муодили худро чун ***инсоншиносӣ*** дар илми фалсафа қабул кардааст, ки дар раванди таҳқиқ васеъ истифода мегардад. Ба мафҳум ва моҳияти истилоҳ такя намуда, ба он мазмунан муодили *инсоншинос*иро интихоб намудаанд, ки равиши тарҷума ба калкаи нопурра ва ҷузъи дуюм чун транспозитсияи луғавӣ мувофиқат мекунад, зеро ҷузъи аввали истилоҳ *antropos – инсон, logos – илм*, омӯзиш аст. Истилоҳи мазкур бо ду шакл, чун ду муродиф ***антропология*** ва ***инсоншиносӣ*** дар забони тоҷикӣ истифода мегардад, ки ниёз ба унификатсиягардонии истилоҳ дорад.

Антропология як қатор истилоҳотро фарогир аст, мисли *anthropogenesis – антропогенез (пайдоиши инсон), epigenesis – эпигенез (пайдоиши қисмҳои ҷанин ҳангоми рушд), anthropoid – антропоид, anthropometry – антропометрия (низоми ченкунии қисмҳои бадани инсон), apophysis -апофиз, (як қисми устухон, ки мушакҳо ба он мечаспанд), auxology -ауксология (илм дар бораи афзоиш ва рушди инсон), ethnology – этнография (мардумшиносӣ), ancestry – пайдоиши ҷинс ва генҳо дар инсон.*

Истилоҳоти мазкур чун *anthropogenesis – антропогенез, epigenesis – эпигенез, anthropoid – антропоид, anthropometry – антропометрия, apophysis -апофиз, auxology – ауксология* бо равиши транслитератсия / транскрипсия тарҷума шудаанд [13], вале истилоҳи ***ethnology – этнография*** ҳам бо усули транслитератсия ва ҳам бо усули калка чун ***мардумшиносӣ*** муодилсозӣ шудааст. Истилоҳи ***мардумшиносӣ*** аз забони форсӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардида, дар омӯзиши илми фалсафа, қисмати фалсафаи иҷтимоӣ васеъ истифода мегардад [15]. Дар тарҷумашиносӣ истилоҳи мазкур бо равиши калкаи нопурра инъикос мегардад, зеро ***etnos – мардум, халқ*** буда, ***graph – навиштан*** аст, на ***шинохтан***. Маълум мегардад, ки қисмати дуюми истилоҳ на ба маънои маҷозӣ, балки тамоман бо дигар маъно иваз карда шудааст, ки инро транспозитсияи маъноӣ дар равиши тарҷума меҳисобанд. Яъне, истилоҳ калкаи нопурра аст, зеро қисман тарҷума ёфта, ҷузъи дуюм бо равиши транспозитсияи луғавӣ инъикос гардидааст. Азбаски истилоҳоти шохаи антропология хусусияти илмҳои дақиқро доранд, аз ин рӯ, бо *тарҷумаи мустақим*, яъне *транскрипсия / транслитератсия ва калка* сурат мегирад.

Теология – theology шохаи чоруми метафизика дар илми фалсафа буда, истилоҳи мазкур низ аз забони лотинӣ ба забони англисӣ ворид гардида, ба забони тоҷикӣ бо равиши транслитератсия тарҷума гардидааст. Дар забони тоҷикӣ истилоҳи мазкур бо муодили ***худошиносӣ*** истифода мегардад, ки дар ин шакл бо равиши калкаи нопурра тарҷума гардидааст. Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" истилоҳи мазкур чун *илми илоҳиёт, илми дин, фиқҳ, диншиносӣ* шарҳ ёфтааст [12, с. 339].

Ба шохаи ***теология*** истилоҳоти зерин дохил мешаванд: *pantheism – ҳамахудоӣ, пантеизм, polytheism – политеизм, theocentri(ci)sm – теосентризм, худомарказӣ, God-seeking – худоҷӯӣ, god-building – худосозӣ, paganism – бисёрхудоӣ, creationism – ибдоъгароӣ, офаринишгароӣ, divinelaw – конуни Илоҳӣ, belief / faith – эътиқод, divine grace – хайру баракат, ritual – расму русум, God's existence – ҳастии Худованд, theological views – ҷаҳонбинии динӣ, omniscience – ҳамадонӣ, Devine being – ҳастии Худованд, agnostic – агностик, denomination – мазҳаб, eschatology – охиратшиносӣ* [19].

Истилоҳоти дар боло овардашударо аз рӯйи равиши тарҷума ба гурӯҳҳо тақсим менамоем:

Бо равиши ***транскрипсия / транслитератсия***: *polytheism – политеизм, agnostic – агностик, theocentri(ci)sm – теосентризм.*

Бо равиши **калкаи нопурра**: *God-seeking – худоҷӯӣ, god-building – худосозӣ, creationism – ибдоъгароӣ, theocentri(ci)sm – худомарказӣ, omniscience – ҳамадонӣ.*

Равиши ***калкаи нопурра***: *eschatology – охиратшиносӣ*.

Равиши **калкаи луғавӣ-маъноӣ**: *theological views – ҷаҳонбинии динӣ*.

Бо равиши ***транспозитсияи дастурӣ (наҳвӣ)***, ки дар раванди тарҷума тартиби калима иваз мешавад: *God's existence – ҳастии Худованд, divine law – конуни Илоҳӣ, Devine being – ҳастии Худованд*.

Равиши **транспозитсияи луғавӣ**: *divine grace – хайру баракат*.

Бо равиши **модулсозии озод**: *ritual – расму русум*.

Барои равшанӣ андохтан ба таҳлил баъзе равиши тарҷумаи истилоҳотро шарҳ медиҳем. Истилоҳи ***ritual – расму русум*** ба он хотир бо равиши модулсозии озод тарҷума шудааст, ки ҳипероним ***ritual*** чун ҳипонимҳои ***расм*** ва ***русум*** дар забони тарҷума интиқол гардидааст [13]. Чунин усули тарҷумаро *мушаххасгардонӣ* низ ном мебаранд.

Равиши транспозитсияи луғавӣ дар истилоҳи ***divine grace – хайру баракат*** бо он сабаб зоҳир мегардад, ки истилоҳи ***divine***, ки ба забони тоҷикӣ маънои ***худоӣ, илоҳӣ***-ро дорад, бо ***хайр*** иваз гардидааст. Агар истилоҳи мазкурро тарҷумаи таҳтуллафзӣ менамудем, чун ***баракати Илоҳӣ*** ифода мешуд. Истилоҳи ***grace – баракат*** айнан тарҷума шудааст. Аз сабаби он, ки дар забони тоҷикӣ муродифи ҷуфти ***хайру баракат*** хеле истифодаи маъмул дорад, ин муродиф бо равиши транспозитсияи луғавӣ ба истилоҳи фалсафии ***divine grace*** мутобиқатӣ мекунад. Равишҳои дигаре, ки дар боло бо мисолҳо тасниф ёфтаанд, аллакай дар таҳлилҳо шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Хулоса. Аз таҳлили мисолҳо метавон хулоса намуд, ки истилоҳоти фалсафа ҳам бо роҳи тарҷумаи мустақим ва ҳам ғайримустақим сурат мегирад. Аз ҳама равиши серистифода ва маъмул дар тарҷумаи истилоҳоти фалсафӣ транскрипсия / транслитератсия, калка ва транспозитсия мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки истилоҳоти илми онтропология танҳо дар шакли тарҷумаи мустақим сурат гирифтааст, зеро илми мазкур хусусияти илмҳои дақиқро доро мебошад.

Адабиёт

1. Байзоев, А. Истилоҳот ва калимасозӣ дар "Донишнома"-и Абуалӣ ибни Сино. Монография / А. Байзоев. – Душанбе: Андалеб Р, 2016. – 196 с.
2. Вожаҷӯ [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: www.vazhaju.com
3. Вундт, В.М. Введение в философию / В.М. Вундт. – М.: Юрайт, 2024. – 291 с.
4. Кесамирова, С.Р. Фарқият дар методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ (дақиқ) / С.Р. Кесамирова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №4. (117) – С. 104-111.
5. Комилов, М.М. Структурно-семантический анализ философских терминов в таджикском и английском языках: автореф. дис. … канд. филол. наук / М.М. Комилов. – Душанбе, 2020. – 29 с.
6. Маковский, М.М. Большой этимологический словарь современного английского языка / М.М. Маковский. – Ленанд, 2022. – 528 с.
7. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 1016 с.
8. Мусоямов, З.М. Нигоҳе ба роҳу усулҳои таснифи истилоҳоти технологияи иттилоотӣ / З.М. Мусоямов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №3 (116). – С. 135-140.
9. Мюллер, В.К. Новый англо-русский словарь / В.К. Мюллер, В.Л. Дашевская, В.А. Каплан. – М., 2000. – 880 с.
10. Спиркин, А.Г. Основы философии / А.Г. Спиркин. – М.: Юрайт, 2024. – 395 с.
11. Сулаймонов, С. Становление арабской и таджикской философской терминологии. дис. … д-ра. филол. наук: 10.02.20 / С. Сулаймонов. – Душанбе, 1997. – 365 с.
12. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ: (иборат аз 2 ҷилд) / С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – ҷилди 2. – 945 с.
13. Царев, П.В. Англо-русский философский словарь / П.В. Царев. – М., 1969. – 318 с.

14. Bateni, M.R. English-Persian Dictionary / M.R. Bateni. – Tehron: Farhang-e Moaser, 2003. – 1012 p.
15. Dariush, B.G. An English Persian Dictionary / B.G. Dariush. – Bathesda: IBEX Publishers, 2006. – 609 p.
16. Haim, S. English-Persian Dictionary / S. Haim. – 2nd edition. – New York: Hippocrene Books, 1993. – 700 p.
17. Leonard, W.C. Dictionary of British Social History / W.C. Leonard. –London: HarperCollins Distribution Services, 1973. – 326 p.
18. Robert, K. Barnhart Dictionary of Etymology / K. Robert. –New York: H.W. Wilson, 1988. – 1284 p.
19. Shailer M. A Dictionary of Religion and Ethics / M. Shailer. – London: Forgotten Books, 2019. – 525 p.
20. Simon, B. The Oxford Dictionary of Philosophy / B. Simon, – Oxford: Oxford University Press, 2008. – 531 p.
21. The Concise Oxford Dictionary of English Etymology / F. Terry. – Oxford: Oxford University Press, 1986. – 552 p.

***Маълумот дар бораи муаллиф**: **Рустамзода Саодат Рустам** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи филологияи англиси факултети омӯзгории забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. **Телефон:** (+992 37) 232-50-00. **E-mail:** skesamirova@gmail.com*

***Сведения об авторе: Рустамзода Саодат Рустам** – кандидат филологических наук, доцент, заведующей кафедрой английской филологии факультета педагогического английского языка, Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. **Телефон:** (+992 37) 232-50-00. **E-mail:** skesamirova@gmail.com*

***Author Information: Rustamzoda Saodat Rustam** – PhD in Philology, Associate Professor, Head of Department of English Philology, Faculty of English Language Education, Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda,. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Muhammadiev Street 17/6. **Phone:** (+992 37) 232-50-00. **E-mail:** skesamirova@gmail.com*

ТДУ 81'276.6:61(091)

КОРБУРДИ ИБОРАИСТИЛОҲҲОИ ИСМИИ ТИББӢ ДАР ДОНИШНОМА”- И ҲАКИМ МАЙСАРӢ

Саидзода Баргигул Мирзо
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

Яке аз роҳҳои асосии густариш ва ташаккули истилоҳти илмӣ дар забони тоҷикӣ дар қолаби ибора сохта шудани истилоҳот ба ҳисоб меравад. Дар сохтани истилоҳоти тиббӣ ибораистилоҳҳо ҷойгоҳи хосеро ишғол мекунанд.

Мақолаи мазкур ба корбурди ибораистилоҳҳои исмӣ дар “Донишнома”- и Ҳаким Майсарӣ бахшида шудааст. Муаллифи мақола дар бораи истилоҳ ва ташаккули истилоҳоти тиббӣ ибрози андеша намуда, то кунун ба пуррагӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтани ин навъи истилоҳоти тиббиро дар “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ таъкид намудааст.

Ҳаким Майсарӣ дар асари тиббии худ ибораистилоҳҳои номиро зиёд ба кор бурдааст. Муҳаққиқи мақола барои дақиқ ва саҳеҳ ифода намудани баён чунин навъи истилоҳотро аз лиҳози таркиби морфологӣ даврабандӣ намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Ҳаким Майсарӣ дар қолабҳои исм+исм, исм+сифат, исм+исм+исм, исм+исм+сифатифеълӣ, исм+пешоянд+исм, исм+исм+пешоянд+исм, пешванд+исм+сифат, пешоянд+исм+феъл, исм+исм+феъл+пешоянд+исм истилоҳот офаридааст, ки аз ҳама қолаби серистеъмол– исм+исм мебошад.

Инчунин, муаллифи мақола ҳангоми барррасӣ ба хусусиятҳои маъноӣ ва семантикии истилоҳҳо таваҷҷуҳ намуда, дар такя ба сарчашмаҳо шарҳу эзоҳ додааст.

Калидвожаҳо*: Ҳаким Майсарӣ, Донишнома, исм, сифат, истилоҳот, тиббӣ.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МЕДИЦИНСКИХ ТЕРМИНОВ В ВИДЕ ИМЕННЫХ ФРАЗ В “ДАНИШНАМЕ” ХАКИМА МАЙСАРИ

Одним из основных способов расширения и формирования научной терминологии в таджикском языке является создание терминов в виде фраз. Занимают особое место в формировании медицинской терминологии.

Данная статья посвящена использованию медицинской терминологии в «Данишнаме» Хакима Майсари. Автор статьи высказал свои мысли о терминологии и формировании медицинской терминологии еще не вполной мере изучен в «Данишнаме» Хакима Майсари.

В своих медицинских работах Хаким Майсари часто использовал именные термины. Для обеспечения и точного и достоверного изложения автор статьи клссифицировал этот тип терминологии на основе морфологической структуры и подверг его анализу.

Хаким Майсари создал терминологию, используя различные структурные модели, такие как существительное+существительное, существительное+ прилагательное, существительное+ существительное+ существительное, существительное+ существительное+ причастие, существительное+предлог+ существительное, существительное+ существительное+ придлог+ существительное, предлог+ существительное+ прилагательное, предлог+ существительное+ глагол и существительное+ существительное+глагол+придлог+существительное использовалась наиболее часто.

Кроме того, автор статьи сосредоточился на семантических характеристиках этих терминов и предоставил пояснения на основе исходных материалов.

Ключевые слова*: Хаким Майсари, Данишнаме, существительное, прилагательное, терминология, медицина.*

USE OF MEDICAL NOUN-PHRASE TERMINOLOGIES IN HAKIM MAISARI'S “DANISHNAMA”

One of the primary methods for expanding and shaping scientific terminology in the Tajik language is the creation of terms in the form of phrases. These play f special role in the formation of medical terminology.

This article examines the use of medical terminology in the “Danishnama” by Hakim Maysari.

The author of the article shared his thouqhts on terminoloqy and the terminoloqy-a subject not yat fylly explored- as found in Hakim Maysari's "Danishnama". Hakim Maysari frequently employed nominal terms in his medical writinqs. To ensure an accurate and reliable exposition, the author of the article classified this type of terminoloqy based on its morpholoqical structure and subjected it to analysis.

Hakim Maysari created terminoljqy usinq varioys structural models-such as noun+ noun, noun+adjective, noun+ noun+ noun, noun+ noun+ noun+participle, noun+preposition+ noun, preposition +noun+abjective, and preposition +noun+ verb-with the noun+ noun+ verb+ preposition+ noun pattern beinq used most frequtntly.

Furthermore, the author of the article focused on the semantic characterististics of these terms and provided explanations based on sources materials.

Keywords: *Hakim Maysari, Danishnama, Noun, adjective, terminology, medicine.*

Муқаддима. Усули калимасозии морфологӣ дар забони тоҷикӣ яке аз серистеъмол ва сермаҳсултарин усул ба ҳисоб рафта, таваҷҷуҳи забоншиносони ватанию хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Яке аз усулҳои маъмули он дар шакли ибора сохта шудани истилоҳ мебошад. Дар бархе аз сарчашмаҳо муҳаққиқон дар шакли ибора сохтани калимаҳоро бо номҳои калимаҳои таркибӣ, ибора, ибора-истилоҳ, ибораҳои истилоҳӣ зикр кардаанд.

Зери мафҳуми ибора-истилоҳ «муттаҳидшавии маъноӣ ва грамматикӣ ду [ва ё зиёда] вожаҳои мустақилмаъно, ки барои номгузории мафҳуми махсуси касбӣ хизмат мекунад», фаҳмида мешавад.

Истилоҳҳои таркибӣ аз ду ё зиёда калимаҳо бунёд мегарданд, ки онҳо аз ду калимаи мустаъқилмаъно ва ё аз як калимаи мустақилмаъно, дигаре номустақил ташкил ёфтаанд [4, с. 167].

Дар қолиби ибора сохта шудани истилоҳот дар асри Х аз маъмултарин усули истилоҳсозӣ ба ҳисоб мерафт. Маъхазҳои мавҷуда шаҳодат медиҳанд, ки ба таври таркибӣ сохтани вожаҳо ҳанӯз дар охирҳои давраи қадими забонҳои форсу тоҷик ба вуҷуд омада, дар рушду такомули минбаъдаи онҳо боз ҳам пурқувват гаштааст" [4, с. 128].

Мавод ва методҳо. "Донишнома"-и Ҳаким Майсарӣ аз ҷумлаи қадимтарин манзумаи форсист, ки ба илми тиббӣ амалӣ бахшида шудааст. Дар асари мазкур ибораистилоҳҳои зиёде ба назар расид, ки аз ҷиҳати мансубияти ҷузъҳояшон ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансуб буда, барои ифодаи мафҳумҳои гуногуни тиббӣ корбаст шудаанд.

Мо тасмим гирифтем, ки дар ин мақола корбурди ибораистилоҳҳои тиббиеро, ки **ҷузъҳои асосиашонро исм** ташкил медиҳанд, мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Муҳокима. Ибораистилоҳҳои зикршуда дар "Донишнома"-и Ҳаким Майсарӣ серистеъмол буда, онҳоро ба қолибҳои зерин тасниф намудем:

а) исм+исм: асли дандон, асли сус, баки моҳӣ (бак- дар фарҳангҳо дида нашуд, дар маводди мо ба маънои тухм омадааст), шиёфи анбар, шиёфи атруш ,барги гул, барги шафтолу, бемории мӯйрезӣ, бухории пӯдина, бурзи қатуно, буни пистон, буни дандон, боди фатқ-(чурра), боди қулинҷ, боди нохуна, барги садоб, барги беған, барги муруд, барги пудина, гушти бинӣ, гили фимуниё, гили қимулиё, гили дору, гирди ҷароҳат, гирди забон, дарди бандҳо, дарди барсом, дарди ғалба, дарди дил, дарди дандон, дарди чашм, дарди зону, дарди меъда, дарди маъқад, дарди мункар, дарди сӯзон, дарди фолиҷ, дарди пой, дарди чашм, дарди сар, давои қулинҷ, дандони курсӣ, духни нордин, духни бунафша, дуғи гов, духни лавз, захми каждум, заифи чашм, захми чашм, захми лаходу, заъфи меъда, заъфи ҷигар, зиққи нафас, илоҷи носур, илоҷи дуди шикам, илоҷи реш, илоҷи чароҳат (захми чирк), илоҷи думмал, илоҷи гар, илоҷи хориш, илоҷи барас (песӣ), илоҷи нохун, илоҷи вабо, илоҷи зарореҳ, илоҷи ташнагӣ, илоҷи обила, илоҷи заҳрҳо, илоҷи давоулмуск, илоҷи тарёк, илоҷи афюн, илоҷи ябруҳ, илоҷи гавзи мосал, илоҷи саморуғ, илоҷи исфидоҷ, илоҷи оҳак, илоҷи зарних, илоҷи собун, илоҷи атранисо, илоҷи кандас, илоҷи ҷаблоҳанг, илоҷи динд, илоҷи фарфиюн, илоҷи мозариюн, илоҷи сақмуниё, илоҷи шибрум, илоҷи ятвӯъ, илоҷи таб, иллати носур, иллати саъб, исҳоли савдо, исҳоли сафро, илоҷи заҳрҳо, иллати қулинҷ, илоҷи обила, илоҷи дардмандон, коҳиши ҷон, кирми ишкам, курси саъол, курси қаҳрабо, курси кофур, қашураи турунҷ, мағзи нон, марзи гардан,

мижгонакони чашм, сари пистон, оби пушт, лавни рӯй, мағзи сар, маъҷуни саръ, миёни чашмон, миёни даст, матбухи зуфо, мулки ҷахудон, мушки таромшир, мӯйи харгӯш, оби чашм, оби ишкам, оби ангур**,** оби беҳ, оби нор, оби олу, оби ангубин, оби беған, оби лаҳия, оби мурд, оби ғура, оби ишкам , оби сафарҷал, оби сирка, оби нор, оби пудина, оби чағандар, оби тарф, оби тут, омоҳи меъда, пилки чашмон, пушти гардан, пеҳи мурғ, пеҳи хирс, пилки чашмон, пари сиёвушон, пиёзи унсул, пиёзи нарогис, раги қифол, реши бинӣ, решаҳои бод, равғани бодом, равғани вард, рабби румон, рими оҳан, раби сус, сари пистон, соқи по, сурохии дандон, султони сафро, сиёҳи чармаконӣ, санги сурма, талхи гов, тарёки араъа, тарёки газдум, тухми шибрам, тухми турб, тухми ҳармал, тини матбух, тухми ҳиндбо, тухми хиёр, тоҷи хурус, тухми фалаҷмушк, таъоми ғӯрабо, фами раҳим – даҳони занахдон, хуни совушон, хими оҳан, хуни хучакӣ, ҳабби ёра, ҳабби балсон, шиёфи зира, тухми карсаб, ҳабби қаръ, ҳарфи дору, шароби машаш, ҷавзи сарв, чӯби сарв, ҳабби ёра, талхи гов, ҳабби қоқиё, ҳабби оқоқош, ҳабби нил, шаҳми ҳанзал, чашми пирон, ҷавзи бавво, ҷавзи бӯё, ҷавзи мосал, ҷавзи кай, ҷавзи сарв, ҷубри заранбод, шароби машмаш, шарбати ёра, оби шамшод, шибби гулнор, шири мардум, шиёфи асфаид, шароби себ, шофи машиб, шиёфи мумишо, захми каждум.

б) исм+исм+исм: илоҷи гавзи масал, илоҷи дарди ниқрис, илоҷи заҳраи паланг, илоҷи заҳри афӣ, илоҷи оби гашниз, илоҷи хуҳи асаб, илоҷи дарди пушт, илоҷи рими оҳан, , илоҷи таби хун , илоҷи таби балғам, илоҷи симоби шик (сик, илоҷи таби ғибб, илоҷи таби рабъ, мағзи соқи гов, илоҷи таби тухма.

в) исми+пешоянд+исм: дард аз чашм, сурхи дар забон.

г) исм+исм+пешоянд+исм: илоҷи санг дар зиҳор.

ғ) исм+сифат: антоқи азрақ, бусури зишт, дарди ниҳон, дарди ниҳонӣ, дарди сахт, дидори борик, доруи тез, дарди зишт, дамои кӯҳна, дасти чап, иллати тез, иқроси бузург, қазои осмонӣ, мизоҷи сард, меъдаи гарм, меъдаи сард, чашми торик, раги сафолин, равғани гарм, сафрои бадкор, табъи латиф, таби гарм, таби сард, хоби ҷаҳл, милҳи андаронӣ, алки румӣ, бодиёни хушк, бодиёни тар, бодоми талх, бодоми ширин, бодоми муқашшар, таби вобоӣ, варди аҳмар, духни гарм, зарвари зард, зарнихи сурх, занҷабили чинӣ, зарнихи аҳмар, караспи тар, мавизи аҳмар, оби мавзун, момирони чинӣ, муми испед, мушки тибетӣ, милҳи ҳиндӣ, нори ширин, сики сода , судоби тар, оби тундарӣ, тини арманӣ, тамри ҳиндӣ, хурмои ҳиндӣ, хиёри тар, ъалки румӣ, чашми торик, доруҳои таркибӣ, мизоҷи сард, рухи зард.

д) исм+ исм+сифат: илоҷи моҳии сард, илоҷи шири нохӯш, илоҷи таби гарм, илоҷи таби сард, илоҷи таби вабоӣ, илоҷи ларзаи сахт, илоҷи реши тар, баки моҳии сард (бак-тухм).

ж) исм+исм+исм+сифат: илоҷи таби хилти хом.

з) пешванд+исм+сифат: аз шикам пок.

е) исм+ сифати феълӣ: ангушти сиёҳгашта, гӯшти афзуда, илоҷи банҷхӯрда, илоҷи зикхӯрда , сики пухта (анҷири пухта), дандони хӯрда (дандони пӯсида), сири куфта, устухони шикаста//устухони баршикаста, бавли баста, дандони хӯрда, лаби шикофида, ҳайзи баста, асфиюши кӯфта, хуни баста, хуни бикшода, илоҷи сарморасида, илоҷи газдумгазида, илоҷи банҷхӯрда, занҷабили парварда, рӯйи сӯхта, сики парварда, гушти мурда, илоҷи моргазида, илоҷи моргазида,

ё) исм+исм+сифати феълӣ: илоҷи устухони шикаста, илоҷи асфиюши кӯфта, оби устухони баршикаста, илоҷи гушти фузуда, илоҷи реши гандида (захми бӯйнок), илоҷи таби сӯзанда (таби муҳарриқ ё муҳриқ), илоҷи шири баста, илоҷи нохуни гӯшткарда.

ӣ) исм+исм+феъл: илоҷи мор куштан, илоҷи шабуш кардан.

й) исм+исм+феъл+пешоянд+исм: илоҷи хун омадан аз ҷароҳат.

к) исм+феъл+исм: илоҷи бастани хун, илоҷи газидани занбӯр, илоҷи газидани саг, илоҷи газидани лаходу(карпоса).

қ) исм+феъл+исм+исм: илоҷи газидани саги сагон (саги девона).

л) пешоянд+исм+ феъл: ба пирӣ расондан, аз дасту по рехтан, ба ҳуш омадан, зи пирӣ расидан, аз дард рустан, аз меъда полудан, аз масона хун рондан, то дандон барвардан.

м) исм+зарф: дарди бисёр (1 бор), дарди намшор (ба маънии бешумор) (1 бор).

Ҳангоми барасии маводди гирдомада маълум гардид, ки дар сохтани истилоҳибораҳои тиббӣ вожаҳои ҷудогона ҷойгоҳи хоссеро ишғол мекунанд. Дар асари мавриди назар ба ин қабил вожаҳои ибораистилоҳсози тиббӣ калимаҳои дард, иллат шомил мегарданд, ки истиҳоти зиёде сохтаанд.

Дар "Донишнома"- и Ҳаким Майсарӣ бо исми *дард* дар қолибҳои исм+исм, исм+сифат, исм+зарф беш аз 144 истилоҳи тиббиро дучор омадем, ки ба маънои беморӣ, касалӣ, мариз [5, 412] ифода шуда, дар забони имрӯза низ дар ҳамон шаклу маъно истеъмол меёбанд: *дарди бандҳо (3 бор), дарди барсом (1 бор), дарди бисёр (1 бор), дарди гӯш (4 бор), дарди гардан (1 бор), дарди гулӯ (1 бор), дарди ғалба (1 бор), дарди дароз (2 бор), дарди дандон (9 бор), дарди дил (1 бор), дарди дигар (3 бор), дарди дардмандӣ (1 бор), дарди занбӯр (1 бор), дарди заҳр (1 бор), дарди неши занбӯр (1 бор), дарди захми дандон (1 бор), дарди зишт (2 бор), дарди зону (1 бор), дарди қулинҷ (1 бор), дарди қуллия (гурда) (2 бор), дарди марг (1 бор), дарди мақъад (2 бор), дарди меъда (10 бор), дарди нав (1 бор), дарди нохуфта (1 бор), дарди ниҳонӣ (6 бор), дарди ниқрис (1 бор), дарди омоҳ (8 бор), дарди пой (3 бор), дарди пушт (2 бор), дарди раҳм (5 бор), дарди риҷо (2 бор), дарди реши доъ-ус-саълаб(1 бор), дарди сар (6 бор), дарди сахт (6 бор), дарди сард (1 бор), дарди сил (1 бор), дарди фалбамунӣ (1 бор), дарди фолиҷ (1 бор), дарди чашм (8 бор), дарди хаста (хастакунанда) (1бор), дарди ҷигар (5 бор), дарди шикам (2 бор), дарди намшор (ба маънии бешумор; дуд-кирм) (1 бор)* ва ғ.

Даво кардам ва тарёки чаҳоро,
Ва ёра баркунад ***дарди риҷоро*** [3, с. 82].

Дар мисоли боло ибораистилоҳи "***дарди риҷо"*** дар қолиби *исм +исм* сохта шудааст, ки ҷузъи соҳибмаъно исми ***"дард"*** буда, ҳамчун истилоҳи тиббӣ ба маъноӣ касалӣ, мараз (Morbus) ва ҷузъи дуюм он ***"риҷо"*** ифодакунандаи номи яке аз бемориҳои занона омадааст.

Бояд зикр кард, ки дар маводди таҳқиқ вожаҳои *дард бо* муродифи *иллат* дар шакли ҷуфт - *дарду иллат (14 бор)* ва *иллату дард(12 бор)*ба назар расид, ки ба маънои аслии худ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Мафҳуми *иллат* дар фарангҳои соҳавӣ ба маънои *беморӣ, касалӣ, дард Procssus pathologicus (morbius)* [2, с. 414; 5, с. 541] шарҳу тафсир ёфта, дар"Донишнома" низ ҳамчун истилоҳи тиббӣ беш аз 129 маротиба корбаст шудааст.

Аз таҳлили мисолҳои гирдоварда маълум гардид, ки дар ибораистилоҳҳое, ки ҷузъи асосиашон исми ***"дард"*** аст, дар баъзе ҳолатҳо муаллиф ба хотири риояи вазну қофия муродифи он - истилоҳи арабии "***иллат***"-ро истифода намудааст. Дар "Донишнома" Ҳаким Майсарӣ аз истилоҳи мазкур ибораистилоҳҳое сохтааст, ки дар забони имрӯза низ серистеъмоланд: *иллати беш, иллати кам, иллати носур, иллати дерина, иллати тез, иллати қулинҷ, иллати кӯҳан, иллати хун*.

Дар ибораистилоҳи ***"иллати кулинҷ // куланҷ "*** ҷузъи дуюми он ***куланҷ*** ба маънии бодест, ки ба сабаби он шикам ва паҳлӯ дард кунад ва бими ҳалокат бошад [2, с. 226] шарҳ ёфтааст, ки ифодакунандаи номи беморӣ мебошад:

Касе, к-аш иллати қулинҷ бошад,
Зи хушк гар касеро ранҷ бошад [3, с. 70].

Хулоса. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар сохтани вожа ва ибораистилоҳҳое, ки чузъи асосиашонро исм ташкил мекунад, дар қолиби *исм+исм, исм +исм+исм, исм+исм+пешоянд+исм, исм+сифат, исм+исм+сифат, исм+сифати феълӣ, исм+феъл, исм+исм+феъл, иси+феъл+исм, исм+феъл+исм+исм, исм+зарф* ва инчунин тавассути ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ (пешоянд) дар қолиби *исм+пешоянд+исм, исм+исм+пешоянд+исм, пешванд+исм+сифат, пешоянд+исм +феъл, исм+исм+феъл+пешоянд+исм* ибораистилоҳҳои тиббӣ сохта шудаанд. Истилоҳҳое, ки дар қолаби *исм+исм ва исм+сифат* сохта шудаанд серистеъмоланд. Ибораистилоҳҳои зукршуда дар асари мавриди назар ба маънои ифодакунандаи номи беморӣ, ҳолат ва аломати беморӣ омада, то кунун дар забони адабии имрӯза ва гуфтугӯйӣ ба мушоҳида мерасанд. Онҳо дар бой гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ мавқеи бориз доранд.

Адабиёт

1. Қосимова, М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. Қ. 1. [Матн]/ М. Н. Қосимова.– Душанбе, 2003. –490 с.
2. Қурбон, У.А. Фарҳанги тибби ниёгон. Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, Душанбе, 2016. -776 с.
3. Майсарӣ Ҳ. Донишнома. Теҳрон. 2008 -130 с.
4. Сиёев, Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик. / Б. Сиёев. - Душанбе: Дониш, - 1968, -163 с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 2. – 946 с.
7. Байзоев, А. Истилоҳот ва калимасозӣ дар “Донишнома”-и Абуалӣ ибни Сино. Монография / А. Байзоев. – Душанбе: Андалеб Р, 2016. – 196 с.
8. Кесамирова, С.Р. Фарқият дар методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ (дақиқ) / С.Р. Кесамирова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №4. (117) – С. 104-111.
9. Сулаймонов, С. Становление арабской и таджикской философской терминологии. дис. … д-ра. филол. наук: 10.02.20 / С. Сулаймонов. – Душанбе, 1997. – 365 с.
10. Иматшоева М. Мамадназаров А. Муродов М. Луғати мухтасари тафсирии англисӣ-тоҷикии истилоҳоти журналистика (Краткий толковый англо-таджикский словарь терминов журналистики) Муҳаррир проф. А. Мамадназаров. – Д.Эр-граф, 2015. – 110 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Саидзода Баргигул Мирзо - унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикии МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино». ш. Душанбе, кӯчаи Сино 29-30 тел. 446003977. Факс 23534496. E.moi|: into @ tajmedun.tj*

Сведения об авторе: *Саидзода Баргигул Мирзо - соискател кафедры тадикского языка МДТ «ТМГУ имнеи Абуали ибн Сино». г. Душанбе, ул. Сино 29-31, тел. 446003977. Факс 23534496. E.moi|: into @ tajmedun.tj*

Information about the author: *Saidzoda Bargigul Mirzo – applicant for the Department of the Tajik language of the SEI “DDTT named after Abuali ibn Sino”. Dushanbe, st. Sino 29-31, Tel: 446003977. Факс 23534496. E.moi|: into @ tajmedun.tj*

ТДУ 811.222.8'373(091)

ВОЖАҲОИ НОДИРИ ФОРСИИ ДАРӢ ДАР ЯК ТАРҶУМАИ КУҲАН

Саъдуллозода Умедҷон Қудратулло
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои куҳани эронӣ, аз ҷумла забонҳои ориёӣ дар масири таърих ташаккулу таҳаввул ёфтааст. Тули ҳазорсолаҳо тавонистааст, худро чун забони куҳану мондагор бо неруи ва қудрати маъносозӣ ва маънофарӣ муаррифӣ намояд.

Кулли осори эҷодшудаи илмию таърихӣ ва адабию бадеии мансуб ба минтақаҳои гуногуни Машриқзамин далели онанд, ки забони тоҷикӣ дар раванди тамоми ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангию иқтисодӣ бо тамаддунҳои гуногуни арабӣ, муғулӣ, туркӣ ва монанди инҳо бархӯрд намудааст, вале дар баробари ҳамаи ин ҳаводис забони тоҷикӣ боз ҳам нерумандтар гардида, барои халқиятҳои гуногун чун забони расмии давлатӣ, коргузорӣ, муошират ва илму адабиёт хизмат намудааст.

Ҳадаф дар ин мақола вожаҳои архаистие мебошанд, ки дар тарҷумаи мазкур корбурд доранд ва баъзе аз ин вожаҳо дар тарҷума танҳо як маротиба истифода гардидаанд. Мавриди қайд аст, ки вожаҳои зиёде дар ин тарҷума истифодашуда ношинохта мондааст, яъне дар матнҳо ва фарҳангҳо ҳам аз он асаре нест.

Калидвожаҳо: *ситанба, зӯш, фурӯшдор, гӯсарой, мазгит, дарак, кандой, барастун. гавир, ромишт, дужком, борхор, маҷидан, кӯт, гӯш, водам, гӯр, вистом, водмин, гудора, асаб, кайд, мира.*

РЕДКИЕ ПЕРСИДСКО-ДАРИЙСКИЕ ЛЕКСЕМЫ В ОДНОМ ИЗ СТАРИЙНЫХ ПЕРЕВОДОВ

Таджикский язык является одним из древних иранских языков, относящихся к арийской группе, который на протяжении истории формировался и развивался. В течение тысячелетий он сумел утвердиться как древний и устойчивый язык, обладающий силой и мощью смыслообразования и смысл творчества.

Весь корпус созданных научных, исторических, литературных и художественных произведений, принадлежащих различным регионам Востока, свидетельствует о том, что таджикский язык во всех политических, социальных, культурных и экономических процессах взаимодействовал с различными цивилизациями — арабской, монгольской, тюркской и другими. Однако, несмотря на все эти события, таджикский язык становился всё более мощным и служил различным народам как государственный официальный язык, язык делопроизводства, общения, науки и литературы.

Цель данной статьи — архаические слова, употреблённые в данном переводе, некоторые из которых встречаются лишь один раз. Следует отметить, что многие слова, использованные в этом переводе, остались неизвестными, то есть они не зафиксированы ни в текстах, ни в словарях.

Ключевые слова: *ситанба, зуш, фурушдор, гусарой, мазгит, дарак, кандой, барастун, гавир, ромишт, дужком, борхор, мачидан, кут, гуш, водам, гур, вистом, водмин, гудора, асаб, кайд, мира.*

RARE PERSIAN-DARI LEXEMES IN ONE OF THE ANCIENT TRANSLATIONS

The Tajik language is one of the ancient Iranian languages belonging to the Aryan group, which has been formed and developed throughout history. Over the course of millennia, it has established itself as an ancient and enduring language, endowed with the power and strength of meaning-making and semantic creativity.

The entire corpus of scientific, historical, literary, and artistic works created in various regions of the East testifies that the Tajik language, in all political, social, cultural, and economic processes, interacted with different civilizations — Arab, Mongol, Turkic, and others. However, despite all these

events, the Tajik language became increasingly powerful and served various peoples as the official state language, the language of administration, communication, science, and literature.
The purpose of this article is to examine archaic words used in this translation, some of which appear only once. It should be noted that many of the words employed in this translation remain unknown, meaning they are not recorded in texts or dictionaries.

Keywords: *sitanba, zush, furushdor, gusaroy, mazgit, darak, kandoy, barastun, gavir, romisht, duzhkom, borhor, majidan, kut, gush, vodam, gur, vistom, vodmin, gudora, asab, kayd, mira.*

Муқаддима. Таркиби луғавии забони адабӣ дар рафти инкишофи худ тағйиротҳои муайянро аз сар гузаронидааст, ки ҳамин тағйиру таҳаввул дар осори хаттии намояндагони адабу фарҳанги даврони пешин инъикос ёфтааст. «Ташаккули таърихии таркиби луғавии забон ҳамеша ба тағйироти маъноии калимаҳо алоқаманд аст. Эволютсияи маънои луғавӣ яке аз роҳҳои муҳимтарини инкишофи таркиби луғавӣ аст, ки дар он ҳаёти маънавию моддии инсон инъикос меёбад» [10, 115].

Мавриди зикр аст, ки тавассути силсилаи калимаҳо муносибати забон ва тафаккур ифода меёбад. «Забон ду паҳлу дорад – моддӣ ва идеалӣ. Паҳлуи аввалӣ бо роҳи ҳиссиёт дониста мешавад ва онро системаи овозҳо таркиб медиҳад, ки ба ҳам пайванд шудани онҳо ташаккули воҳидҳои забониро ба миён меорад. Паҳлуи сонӣ хусусияти идеалии воҳидҳои забониро дар бар гирифта, ба ҷиҳати маъноии калимаҳо далолат мекунад ва дар мафкураи инсон вуҷуд дорад» [11 122].

Забони тоҷикӣ маҳсули чандин асрҳост, дар муддати мавҷудияти худ вобаста ба шароити зиндагӣ, ҳодисаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ инкишоф ёфта, то ба дараҷаи имрӯзааш расидааст. Таркиби луғавӣ дар раванди таърих бо вожаҳои нав пурра гардида, баъзе вожаҳое, ки ба истеъмоли онҳо эҳтиёҷе намондааст, дар корбурд маҳдуд мегарданд. Яъне дар ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамеша пешравӣ ҳукмрон аст ва ба ин васила соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон инкишоф меёбанд. Дар натиҷаи чунин пешрафт баъзе ашё ва мафҳумҳо оҳиста-оҳиста куҳна шуда, доираи истеъмоли ҳамон ашёву мафҳумҳо торафт маҳдуд мешаванд.«Забон ки аз қабили ҳодисаҳои фаъоли ҷамъиятист, тарзи зиндагӣ, урфу одатҳо, фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии соҳибони он, вазъияти сиёсиву таърихии мамлакат, тараққиёти шаҳрҳо, савдо, ҳунармандӣ, санъат, маданият, адабиёт – ҳама ба инкишофи забон таъсири муайяне мебахшанд. Забон ҳамаи навигариҳои дар ин соҳа баамаломадаро ба шакли калимаҳо дар худ инъикос менамояд» [5, 132].

Дар баробари инкишоф ва тағйироти дар ҷомеа бавуҷудомада ва пайдо шудани мафҳумҳои нав калимаҳои нав пайдо мешаванд ва як қатор калимаҳои дигар дар истеъмол маҳдуд мегарданд. Дар натиҷаи тараққиёти ҷамъият дар забон як гурӯҳ калимаҳо нодаркор мешаванд, бо мафҳумҳои ифода мекардагиашон дар забон маҳдуд мегарданд ё вазифаи онҳо ба зиммаи муродифҳо ё иқтибос мегузарад, аҳли забон батадриҷ аз онҳо даст мекашанд. Ба туфайли ҳамин қабил навигариҳо дар забон баъзе калимаҳои нав пайдо мешаванд, ки маъно ва мафҳумҳои навро ифода менамоянд. Ба истеъмоли баъзе калима эҳтиёҷи зиёде наменомад, дар истеъмол маҳдуд мешавад. Дар истеъмол маҳдуд шудани ин калимаҳо тадриҷан ба амал меояд, як тартиби муайян дорад [ниг.: 4, 17-18].

Тарҷумаи Қуръони Қудс яке аз тарҷумаҳоест, ки насри он мурсал аст ва аз гунаи гуфтори систонист. Ин гунаи наср ба далели иртиботи наздик бо форсии миёна аз назари гӯишӣ ва решашиносӣ метавонад мавриди таваҷҷуҳи забоншиносони тоҷику форс бошад. Нусхаи хаттии “Қуръони Қудс” дар китобхонаи Устони Қудси Разавӣ нигоҳдорӣ мешавад ва дуктур Алии Равоқӣ онро тасҳеҳ карда ва тавзеҳ додааст. Матни Қуръон ба хатти куфӣ ва тарҷумаи зернавис ба хатти насх аст. Оғозу анҷоми ин нусха дар даст нест. Ҳамин афтодагии оғозу анҷом сабаб шудааст, ки таъриху замони тарҷума бар мо пӯшида бимонад, аммо, ҳадс зада мешавад, ки тақрибан ҳамзамон бо “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ аст.

Вожаҳои зиёде дар “Қуръони Қудс” омадаанд, ки ношинохта монда, дар матнҳо ва фарҳангҳои дигар ҳам аз онҳо ёдовар нашудаанд.

Тарҷумаи “Қуръони Қудс” қоидатан бояд дар охирҳои қарни чаҳорум навишта шуда бошад, бинобар ин баъд аз “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ”, ки дар 350 (ҳ.қ.) навишта шудааст.

Одатан дар тарҷума ва тафсир, мутарҷимин ва муфассарин ба кутуби қадимитар руҷуъ мекарданд, аз ин рӯ, “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” мавриди истифодаи мутарҷими “Қуръони Қудс” қарор гирифтааст.

Асос. Дар ин тарҷумаи куҳан гурӯҳи калимаҳоеро мавриди таҳқиқ қарор додем, ки аз ҷиҳати истеъмол маҳдуд мебошанд. Вожаҳои нодири тарҷумаи мазкурро вобаста ба мазмуну маънояшон ба чунин гурӯҳҳо метавон ҷудо намуд:

1) Вожаҳои ифодагари хулқу атвор;

2) Вожаҳои ифодагари маъниҳои динӣ;

3) Вожаҳои ифодагари ҳолат;

4) Вожаҳои ифодагари ашё;

5) Вожаҳои камистеъмоли дигар маъниҳо.

1) Вожаҳои ифодагари хулқу атвор: ***ситанба, зӯш, фурӯшдор, гӯсарой.***

Дар тарҷумаи куҳани мазкур калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хулқу атвор хеле зиёд корбурд доранд ва чанд вожае ҳастанд, ки доираи истеъмолашон то андозае маҳдуд мебошад.

Ситанба. Вожаи мазкур танҳо як маротиба дар баробари вожаи арабии **мараду (مردو)** истифода гардидааст ва ба маънии ‘нофармон шудан, шӯх шудан’ ба кор рафтааст. Муҳаммад Муин вожаи мазкурро ба маъниҳои ‘тануманд, қавиҳайкал ва бадҳайбат, тарснок’ ташреҳ додааст [18]. Деххудо меафзояд, ки “Ситанба ё ситамба - руҷуъ кунед ба: **истанба**, дар порсии бостон “ситамбака”, қиёс шавад бо ҳиндии бостон “ситамбаҳаҳ” (такаббур) ва такя ба “Бурҳони қотеъ”[1], “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ” – “кобус, он сангине бошад, ки мардумро дар ҷавоб зер кунад:, “Ғиёс-ул-луғот” [3] – “номи дев, ки ба ҷавоб тарсонад” маънидод гардидааст” [18].

Ва аз аҳли Мадина ***ситанба*** *шуданд вар мунофиқӣ...* (Тавба, 101).

Дар тарҷумаҳои нав вожаи “хӯ” ба кор рафтааст.

Зӯш. Муҳаммад Ҳасандӯст перомуни вожаи *зӯш* ва *зӯшӣ* чунин изҳори назар кардааст: Хашмгину туршрӯю тундхӯю каҷтабиат ва зудранҷ ва дар эронии бостон ****a-zauša*** (бидуни дӯстӣ, бемеҳрӣ), аз решаи **zauš** меҳр варзидан, дӯст. Муқоиса шавад дар пашту **zwəğ** (нигаронӣ, ғам, ғӯсса), осӣ **zust** (хашмгин, ғазабнок), арманӣ **zjš** (зишт) маъхуз аз эронӣ собиқа дорад [ниг.: 16, 1601-1602]. Дар матн ба маънии мазкур корбурд дорад:

Та (пас) раҳмате буд аз Худой нарм шудӣ эшонро, ар будӣ туво ***зӯше*** *ситаврдиле бипарокандандӣ аз перомуни туво, афв кун з-эшон ва омурзишт хоҳ эшонро ва ишорат кун во эшон дар кор. Азмон (азамон) маништ ӣ шӣ (қасди муҳкам), вистом кун вар Худой. Худой дӯст дорад вистомкуноронро* (Оли Имрон, 159).

Гӯсарой - шунаванда (дар тарҷумаҳои нав вожаи сабукгӯш, яъне, касе ҳар чи гӯяд, қабул мекунад, истифода гардидааст).

Аз эшонанд эшон, к-ме душхорӣ намоянд пайғомбарро ва мегуҳанд: “Ӯй ***гӯсарой*** *(сабукгӯш)”. Бигуҳ: “****Гӯсарои*** *(сабукгӯши) неке шуморо”...* (Тавба, 62).

Фурӯшдор – ‘собитқадам, устувор’ муодили вожаи арабии **росих** ‘побарҷо‘. Дар матн ба маънии ‘собитқадам ва устувор‘ ба кор рафтааст. Зеро инсон метавонад ду навъ тиҷорат дошта бошад, ки шомили тиҷорати модӣ бо якдигар ва тиҷорати маънавӣ бо Худост. Дар тиҷорати маънавӣ инсон молеро дар роҳи Худо инфоқ мекунад ё қарз медиҳад, ки натиҷаи он натанҳо дар охират, балки дар афзоиши сарват дар ҳамин дунё ва баракатёбии сарват худашро нишон медиҳад ва амвол музоъаф (дубаробаршуда, дучандоншуда) мешавад. Бинобар ин, инсон намебоист дар тиҷорат бо Худо гумон кунад, ки зиён кардааст. Ҳарчанд ки дар зоҳир чунин аст, вале дар ботин ва дар таъвили он дар ҳамин дунё низ маълум мешавад, ки суди ҳақиқӣ барои касест, ки бо Худо муомила ва тиҷорат мекунад. Дар матн ба маънии собитқадам истифода шудааст.

Аммо эшон, к-дар дилҳояшон киле ме пасравӣ кунанд, онрой монисто шуд, аз он талабидани фитнаро ва талабидани тафсири онро ва надонад тафсири он магар Худой, ***фурӯшдорон*** *дар илм мегуҳанд: «Бигаравистем бад-он ҳама аз наздики Худованди эймо. Ва панд нападиранд бе (ба ҷуз) худовандони хирадҳо* (Оли Имрон, 7).

2) Вожаҳои ифодагари маъниҳои динӣ: ***мазгит, дарак, кандой, барастун.***

Дар тарҷумаи мавриди тадқиқ вожаҳои диние истифода шудаанд, ки баъдан доираи истеъмоли худро аз даст додаанд.

Мазгит - масҷид. Мазгит (**maz.git**) масҷидро гӯянд, дар форсии миёна **mazgit** аз асли оромии **msgd** маъхуз аст. Дар курдӣ **mizgheft**, арабӣ **масҷид** (>оромӣ) ва аз арабӣ ба забонҳои урупоӣ роҳ ёфтааст: испониёӣ: **mezquita**, пуртуғолӣ: **mesquita**, итолиёӣ: **moschea**, **meschita**, ҳаландӣ: **moskee**, фаронсаи куҳан: **mosquete**, фаронса: **mosquée**, румониёӣ: **moşea**, англисӣ: **mosque**, **mosk**, олмонӣ: **Moschee** (масҷид) [ниг.: 17, 2608-2609]. Дар матн ба маънии масҷид корбурд дорад:

*Чист эшонро, к-азоб намекунад эшонро Худой? Эшон ме воз зананд (боз мезананд) аз **Мазгити** Ҳаром (Масҷид-ул-ҳаром) ва набуданд валиёни он, наанд валиёни он бе (ба ҷуз) пархезкорон, бе (валекин) гештари (бештар) эшон намедонанд* (Анфол, 34).

Дарак - яке аз табақаҳои ҷаҳаннам; поинтарин табақаи ҷаҳаннам ва маҷозӣ ҷойи бисёр нохушоянд ва дар матн ба маънии аслӣ корбурд дорад:

*Мунофиқон дар **дарак** фурудтар банд аз оташ ва нагундӣ эшонро нусраткуноре* (Нисо, 145).

Кундой // кундо - ҳаким, файласуф, доно ва мунаҷҷимро гӯянд ва ба маънии шуҷоъ, далер ва паҳлавон ҳам ҳаст. Дар форсии миёна **kundāg** (knd'k) ‘ҷовид, мунаҷҷим, пешгӯ‘ ва зоҳиран аз эронии бостон ***kundāka** аз решаи **kav-/ ku-**, ҳиндуаврупоӣ ***(s)keu** ‘нигаристан, дидан, тавақҷуҳ кардан‘, муштақ ва ба луғати **кай** марбут аст. Ба лиҳози сохт қиёс шавад бо форсии **гунда**, ки муштақ аст аз ***gundaka-** аз ***gunda-** аз решаи **gu-n-d-** > ҳиндуаврупоӣ ***gu-n-d-** аз ***gu- / *geu-** кач рафтан, хамондан. Луғати форсии **гундовар** ба маънии ҳаким, доно, мубориз, паҳлавон аз решаи зикргардида маҳсуб меёбад [ниг:. 17, 2260]. Дар матн танҳо як маротиба ба маънии ‘алҷибт, дев‘ ба кор рафтааст:

*Эй нанигарӣ бе (ба) эшон, к-дода шуданд ниёвае аз Китоб? Мебигаравианд ба **кандой** ва дев (буту маъбуди ботил) ва мегуҳанд эшонро, ки кофир шуданд, ин гураҳ раҳнамудортар аз эшонанд, к-бигаравистанд ба раҳ* (Нисо, 51).

Барастун – парастидан**.** *Нанг надорад Масеҳ, к-буҳад бандае Худойро ва не (на) фариштагони наздиккардагон. Кӣ нанг дорад аз барастун кардани Ӯй ва бузургманшатӣ кунад, анӯз ҳашр кунад эшонро бе (сӯйи) Ӯй ҳама* (Нисо, 172).

3) Вожаҳои ифодагари ҳолат: ***гавир, ромишт, дужком, борхор, маҷидан:***

Гавир – андӯҳ ва ғами сахт. Алиакбар Деҳхудо такя ба “Бурҳони қотеъ” вожаи мазкурро ба маънои ‘поккор, пешкор‘ шарҳ додааст ва меафзояд, ки сароб ва он шӯразамине аст, ки дар саҳро аз дур ба об шабоҳат дорад. Шакли дигар ин калима **кавир** аст, ки дар луғат замини беоб ва шӯразор бошад, ташреҳ ёфтааст. Муҳаммад Ҳасандӯст илова мекунад, ки **кавир (ka. vēr // ki. vēr)** замини шӯразори беоб ва дар форсӣ **гавир** ба маънии ‘сароб‘ ва муқоиса шавад дар портӣ **[qw]yr** [ниг.: 17, 2310]. Аммо дар матн ба маънии андӯҳ ва ғами сахт истифода гардидааст:

*Гуфт: “Менолам аз **гавири** (ғами сахт) худ ва андуҳи (андӯҳ) худ бе (ба) Худой ва донам аз Худой он намедонед* (Юсуф, 86).

Ромишт. Ромиш **(rā. miš)** ‘оромиш, осудагӣ, фароғат, айшу тараб‘. Дар форсии миёна **rāmišn** (‘шодӣ, хушӣ, оромиш‘ ва вожаҳои *ором*, *ром* аз ҳамин реша зикр гардидаанд), авестоӣ **rāman** (сулҳ, оромиш), форсии миёнаи турфонӣ ва портӣ (**rāmišn**) **r'myšn** (осоиш, ромиш) ва такя ба “Бурҳони қотеъ” низ қиёс шавад дар форсӣ: **ромишт** ба маънии ‘ромиш ва оромидан‘, ромишк ‘оромиш ва оромидан‘, ромишӣ ‘хонанда, ромишгар, мутриб‘ > форсии миёна **rāmišnig** [ниг:. 15, 1419]. Дар тарҷума ба маънии шодмон, шодкомӣ ба кор рафтаас:

*Ар расад ба шумо некуӣ, андуҳгин (андӯҳгин) кунад эшонро ва ар расад ба шумо гастӣ, **ромиште** шанд бад-он. Ва ар шикевоӣ кунед ва бипархезед, зиён накунад шуморо кайди (макр, ҳила, фиреб) эшон чизе. Худой бад-он мекунед Даргирифтор аст (Фарогиранда аст)* (Оли Имрон, 120).

Дужком - ҷузъи яукми вожа дуж **(duž)** аст, ки ба маънии бадкору бадамал ва андӯҳгину озурда ва зоҳиран сурате аз **душ** бошад. Дар маънии дуюм марбут ба **дужам** аст. Дужам **(du. žam, di. žam)** дар луғат афсурда, ғамгин, андӯҳнок ва ранҷур маънидод шудааст. Зоҳиран аз **dag** аст ба маънии сӯхтан, сӯзонидан [ниг.: 15, 1316-1317]. Бо решаи **душ** метавон вожаҳои ***душном***,

душманро ном бурд. Дар тарҷумаи мавриди тадқиқ ба маънии ночор, ноком, нохуш ба кор рафтааст:

Ё эшон, ки бигаравистед! Ҳалол набуҳад шуморо, ки мерос гиред занонро дужком (нохуш) ва мабошаред (боз мадоред, манъ накунед) эшонро, то бибаред (ба даст ored) бархе он додед эшонро, бе (магар) он кунанд фоҳишии дидвар... (Нисо, 19).

Дужном ё душном (**duš. nām**) **–** номи зишту фаҳш**,** сарзанишу таъна ва буҳтону лаънат ва дар форсии миёна дар шакли **dušnām** корбурд дошт [ниг:. 15, 1328]. Дар матн дар шакли дужном ба маънии дашном истифода гардидааст:

Дужном *мадиҳед эшонро, к-мехонанд аз беруни Худой.* ***Дужном*** *диҳанд Худойро душманӣ ба ҷуд илм, чунон биёростем ҳар гураҳеро амалашон; воз бе (ба сӯйи) Худовандашон аст, возомадани эшон. Огаҳ кунад эшонро, бад-он буданд мекарданд* (Анъом, 108).

Борхор – ҳарчанд дар луғат [18] ба маънии ‘хорбор‘, яъне ‘хӯрокворӣ, озуқа‘ омадааст, лекин дар матн ба маънии ‘ноогоҳ, бехабар, ғофил‘ истифода гардидааст:

Бигуҳ: «Ё аҳли Китоб! Чаро ме воз занед аз раҳи Худой? Кӣ бигаравист, металабед онро киле, шумо гуваҳон. Нест Худой ***борхор*** *з-он мекунед* (Оли Имрон, 99).

Маҷидан - дар луғат ‘бисудан, молидан, даст молидан, ламс кардан‘ маънидод шудааст [18] ва дар матн ба маънии ‘наздикӣ кардан, гирд омадан‘ истифода гардидааст:

Ар бед беморон ё вар сафаре, ё омад яке аз шумо аз ғоят ё ***бимаҷидед*** *занонро, нагундед ове, қасд кунед хоке покро, масҳ кунед рӯйҳои шумо ва дастҳои шумо, Худой ҳаст Афвкуноре Омурзидгор* (Нисо, 43).

4) Вожаҳои ифодагари ашё: ***карешак, сурв, корду, сарзак.***

Карешак дар “Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ” ‘чӯҷаи мурғ ва марди ҷангӣ‘ маънидод шудааст [ниг.: 15, 2180] ва Алиакбар Деҳхудо илова мекунад, ки ба маънии ‘мағок ва гавдол‘ // гӯдол‘ (ҷойе, ки фурӯрафта ва чуқур бошад, чуқурӣ) низ маънидод кардааст. Дар матн ба маънии ‘об кардан, бистари рӯд чунин омадааст:

Эй кӣ бино кард, бинои ӯй вар пархезкорӣ аз Худой ва хушнудии геҳ ё кӣ бино кард, бинои ӯй вар каронаи ***карешаке*** *афтодор, афтод бад-он дар оташи дӯзах? Худой раҳ нанамояд қавми ситамкоронро* (Тавба, 109).

Сурв - **(su. rū, sa. rū)** мутлақ шохро гӯянд, хоҳ шохи гов бошад ва хоҳ шохи говмеш ва шохи гӯсфанд ва амсоли он. Дар форсии миёна **srūv**, эронии бостон ∗**srūvā** ва ∗**srūvā** муштақест аз ҳиндуаврупоии ∗**ḱr-ū-** [ниг.: 15, 1726-1727]. Дар матн ба маънии шох корбурд дорад.

Ҳаром карда шуд вар шумо мурдор ва хун ва гӯшти хуво (хук) ва он бонг вардошта шуд ҷуд Худойро бад-он ва гулӯ авшурда (хафа карда) ва ба асо бизада ва аз болое бияфтода, ба ***сурв*** *зада ва он бихӯрад дад, бе (ба ҷуз) он куштор кардед ва он кушта шуд вар бутон ва ки бахшист кунед ба тирҳо...* (Моида, 3).

Корду - ‘шукуфаи нахустини хурмо‘ [18] ва ба маънии мазкур дар матн корбурд дорад.

Сарзак - шоха, хӯша (шукуфа).

Ӯй Ӯй аст, к-фуруд кард аз осмон ове (обе). Берун овардем бад-он набот (растанӣ) ҳар чизе, берун овардем аз он савзӣ (сабзӣ, сабза), ме берун орем аз он донаи як вар дигар ниҳода ва аз хурмоҳо аз кордуҳои он ***сарзакҳои*** *наздик ва бӯстонҳое аз ангур ва зайтун ва анор мониста (монанда) ва ҷуд мониста...* (Анъом, 99).

5) Вожаҳои камистеъмоли дигар маъниҳо: ***кӯт, гӯш, водам, асаб, кайд, мира:*** Дар асар ба ҷузъ маъниҳои зикршуда вожаҳое ба назар мерасанд, ки ифодагари маъниҳои гуногун мебошанд.

Кӯт – ‘кар, ношунаво‘. Вожаи кӯт (**kūt**) дар “Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ” чунин маънидод шудааст: “кӯт ношунаво, кар, муқоиса шавад дар балуҷӣ **kūt** (комилан кар) ва дар системӣ **kut(t)**” [17, 2278]. Дар матн ба маънии ношунаво ба кор рафтааст:

Масали (сифати) ду гураҳ чун кӯр аст ва ***кӯт*** *ва бино ва ашнаво, эй гарогар банд ба масал (сифат)? Эй панд нападиред?* (Ҳуд, 24).

Асаба – дар баробари вожаи **волид** танҳо як маротиба ба кор рафтааст ва дар тарҷумаҳои баъдӣ вожаи **ворис** истифода гардидааст. Дар луғат ду маъниро дорост: 1) пай ё торҳои борик, ки аз мағзи сар ба тамоми узвҳои бадан паҳн шудааст ва ҳиссу ҳаракат дар аъзои бадан ба он вобаста аст... 2)

хешовандони мардина аз тарафи падар, фарзандони писарӣ [12, 87]. Дар матн ба маънии ворис, волид ба кор рафтааст:

*Ҳар якеро кардем **асабагон** з-он биҳиштанд падару модар ва наздиктарон. Эшон, ки дағак бастанд савгандони шумо, диҳед эшонро ниёваи эшон. Худой ҳаст вар ҳар чизе Гувоҳ* (Нисо, 33).

Кайд – вожаи арабист ва мутарҷим ҳамон сурати арабиро истифода кардааст:

*Эшон бигаравистанд, ме козор кунанд дар сабили Худой. Эшон, ки кофир шуданд, ме козор кунанд дар раҳи дев (маъбуди ботил), козор кунед во валиёни Дев (Шайтон). **Кайди** (ҳилаи) Дев ҳаст суст* (Нисо, 76).

Мира - (mī. ra) дар баробари вожаи мавло ва ба маънии хоҷа бошад, ки ‘кадхудо, раис ва соҳибхона‘ маънидод мешавад. Дар форсии миёна **mērak** (марди ҷавон, шавҳар, хоҷа, соҳиб), эронии бостон ***maryaka-** собиқа дошт. Муқоиса шавад дар санскрит **márya-** (марди ҷавон, ошиқ, хостгор, ҷангҷӯйи ҷавон), **maryaká-** (ҷавонак, писарак). Дар форсии бостон **marīka-** ‘раият, ғулом, банда, пайрав‘ (ба ҷойи ∗**mariya-ka-**), ки дар маънии таҳқиромез ба кор рафтааст. Муштақанд аз ҳиндуаврупоии **merḭo-** (марди ҷавон) ва аз ҳамин калима аст дар забонҳои юнонӣ, лотинӣ, албанӣ... Дар луғати авестоӣ **mairya-** (дурӯғгӯ, фиребкор) ду луғат бо якдигар идғом шудаанд, яке **mairya-** (**mairyā-**, муаннас аст), ки сифат аст ба маънии фиребкор ва дигар ∗**mairya-** ба маънии мард (дар санскрит **márya** марди ҷавон), ки исме аҳриман аст, дар баробари луғати **nar-**, ки исме аҳуроӣ мебошад [ниг.: 17, 2681-2682]. Дар матн ба маънии хоҷа, худованд, соҳиб, мавло истифода гардидааст:

*Бизад Худой масали ду мардро, яке з-он дуво гунг, тавоноӣ надорад вар чизе. Ӯй аёл (аслаш иёл, дар матн ба маънии гарон омадааст) аст вар **мираи** ӯй, куҷо фиристад ӯйро, наёрад некӣ. Эй гарогар буҳад ӯй ва кӣ мефармояд ба ростӣ ва ӯй вар роҳе рост аст?* (Наҳл, 76).

Ба ҷуз вожаҳои зикргардида вожаҳои **гӯр, вистом, водмин, гӯс, гудораро** ба ин гурӯҳ шомиланд:

Гӯш - дар фарҳангҳо ба маънии ‘афзунӣ, суд ва рибо‘ зикр нагардидааст ва дар матн ба маънии мазкур корбурд дорад: *Ё эшон, ки бигаравистед! Махӯред **гӯш** як дуҳои як дуво карда. Бипархезед аз Худой, шояд к-шумо некбахт шед* (Оли Имрон, 130).

Водам -дар матн ба маънии ‘поён, охир‘ ба кор рафтааст:

*Гуфтанд гураҳе аз аҳли Китоб: «…… бад-он фуруд карда шуд вар-эшон, к-бигаравистанд дар аввали рӯз ва кофир шед дар **водами** он. Шояд к-эшон возоянд* (Оли Имрон, 72).

Гӯр – дар тарҷума ба маънии ‘сина, дил‘ корбурд дорад:

*Кӣ хоҳад Худой, ки раҳ намояд ӯйро, бигушояд **гӯри** ӯй мусулмониро ва кӣ хоҳад, ки вераҳ кунад ӯйро, кунад **гӯри** ӯйро танге танг, гӯҳӣ (гӯйӣ) ме вар шаҳад дар осмон, чунон кунад Худой палидӣ вар-эшон, к-намегаравиянд* (Анъом, 125).

Вистом - дар баробари вожаи **таваккал** истифода гардидааст ва дар матн ба маънии мазкур корбурд дорад:

*Ар бигарданд сулҳро, бигард онро ва **вистом** кун вар Худой. Ӯй Ӯй аст Ашнавои Доно* (Анфол, 61).

Водмин - ‘боспас, бозпасин, пас‘. *(Худованд) Гуҳад: “Даршед дар гураҳҳо бигудаштанд аз пеши шумо аз ҷинниён ва инсиён дар оташ”. Ҳар боре даршаҳад гураҳе, лаънат кунад вар аёри ӯй. То азмон (азамон) даррасанд дар он ҳама гуҳанд **водминонашон** (ҷамоати мутааххир) нахустинонашонро (ҷамоати мутақаддим): “Худованди эймо! Ин гураҳ вераҳ карданд эйморо, деҳ эшонро азобе як дуво аз оташ”. Гуҳад: “Ҳамаро як ду, бе (валекин) намедонанд* (Аъроф, 38).

Гудора – дар баробари вожаи арабии **вароъ** ба маънии ‘пас‘ корбурд дорад:

*Аз **гудораи** ӯй дӯзах буҳад ва об дода шаҳад аз обе зардоб* (Иброҳим, 16).

Мавод ва усули тадқиқот. Яке аз китобҳои куҳани арзишманд дар заминаи Қуръон тарҷумаи Қуръони Қудс аст. «Қуръони Қудс» яке аз нусхаҳои куҳани тарҷумаи форсӣ маҳсуб ёфта, дар «Китобхонаи Устони Қудси Разавӣ» маҳфуз аст ва бо ҳамин ном ёд мешавад. Донишманди Қуръон Алии Равоқӣ соли 1360 ш. [1981 м.] дар китобхонаи мазкур бо ин нусха ошно мегардад. Муҳаққиқи зикргардида аз ин таърих барои тасҳеҳу таҳияи ин тарҷумаи нодир бо тамоми тавоноӣ бар талошу кӯшиш афтода, дар зарфи се сол матнро таҳия месозад. Ҳосили ин кӯшиш, ки тасҳеҳу таҳияи матнро бо муқаддимае муфассал ба бор овард, соли 1364 ш. [1985 м.] аз сӯйи «Муассисаи фарҳангии Шаҳид Равоқӣ» бо номи «Қуръони Қудс – куҳантарин баргардони Қуръон ба форсӣ» ба нашр расидааст.

Пас бо такя бар ин аснод ва баҳсҳои дар пеш матраҳгардида «Қуръони Қудс»-ро тарҷумае аз асри панҷуми ҳичрӣ (баробари асри XI-и милодӣ) ба лаҳҷаи системӣ ё як лаҳҷаи наздик ба он, ки баҳраёб аз «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аст, донистан саҳеҳтар мебошад.

Маводи асосии мақолаи мавриди тадқиқ матни тарҷумаи “Қуръони Қудс” мебошад.

Усули шарҳу тавзеҳоти вожаҳо – вожаҳои мавриди тадқиқ ба сурати синхронию диахронӣ шарҳу эзоҳ ёфтаанд;

Усули қиёсӣ-таърихӣ – бештари этимологияи вожаҳо нишон дода шудааст.

Натиҷаҳо. Пас аз шарҳу эзоҳи вожаҳо дар матн метавон ба натиҷаҳои зерин даст ёфт:

- Сайри таърихии баъзе вожаҳо бо далелҳо аз фарҳангҳои решашиносӣ муайян гардидааст;
- Доираи истифодаи вожаи куҳнашуда муайян карда шудааст.
- Калимаҳои камистеъмоли тоҷикӣ дар асар муқаррар карда шудаанд.
- Мавқеи истилоҳоти ирфонӣ, фанниву илмӣ ва баромади онҳо муайян карда шудаанд.
- Манзалату шаҳомати забони тоҷикӣ дар тарҷумаҳои куҳан то андозае ошкор гардидааст.

Муҳокима. Натиҷаи таҳқиқ нишон медиҳад, ки мутарҷим ё мутарҷимон кӯшидаанд, ки дар баробари вожаҳои арабӣ вожаҳои сирф тоҷикиро истифода намоянд. Таҳқиқ нишон дод, ки вожаҳои мавриди пажуҳиш аз забонҳои форсии қадим ва форсии миёна сарчашма мегиранд. Баъзе аз ин вожаҳоро, ки дар фарҳангҳо зикр нагардидаанд, метавон бо шарҳу эзоҳ дар фарҳангҳои нав дохил намуд.

Хулоса. Ҳамин тариқ, дар тарҷумаҳои куҳан вожаҳои камкорбурди забони форсии дарӣ дар мавриди зарурӣ барои ифодаву инъикоси андешаву тасвир корбаст гардидаанд. Бархе аз ин вожаҳо дар осори хаттии даврони пасин низ ба назар мерасанд. Аммо гурӯҳи дигари калимаҳо мисли *вистом, кӯт, водмин, гудора* ва ғайра ба вожаҳои архаистӣ табдил шудаанд.

Адабиёт:

1. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. -Душанбе: Адиб. - 416 с.
2. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот.Ҷ.1. -Душанбе:Адиб,1987. -398 с.
3. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот.Ҷ.2. -Душанбе:Адиб,1988.-390 с.
4. Муҳаммадиев М., Талбакова Ҳ., Нурмаҳмадов Ю. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. -Душанбе, 1997.- 190 с. С. 17-18.
5. Муҳаммадиев М. Баъзе хусусиятҳои лексикаи «Шоҳнома».-Душанбе: 2005.-138 с.
6. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. Ҷ.1. -Теҳрон, 1996. -1472 с.
7. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. Ҷ.2. -Теҳрон, 1996. -2274 с.
8. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. Ҷ.3. -Теҳрон, 1996. - 4240 с.
9. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. Ҷ.4. -Теҳрон, 1996. - 5276 с.
10. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка. -М.:Изд. МГУ,1975.-206 с.
11. Пумянский А. Л. О принципе языковой многозначности // ВЯ, 1983, №1. – С. 122 – 130.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1.- Душанбе, 2008. – 949 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2.- Душанбе, 2008. – 944 с.
14. Ҳасандӯст Муҳаммад. Фарҳанги решашиносии забони форсӣ. Ҷ.1. – Теҳрон, 1393. – 1-585 с.
15. Ҳасандӯст Муҳаммад. Фарҳанги решашиносии забони форсӣ. Ҷ.2. – Теҳрон, 1393. – 588-1410с.
16. Ҳасандӯст Муҳаммад. Фарҳанги решашиносии забони форсӣ. Ҷ.3. – Теҳрон, 1393. – 1411-2080 с.
17. Ҳасандӯст Муҳаммад. Фарҳанги решашиносии забони форсӣ. Ҷ.4. – Теҳрон, 1393. – 2081-2955 с.
18. www. tarnian. net

Манбаъ:

19. Қуръони Қудс. Бо кӯшиши Алии Равоқӣ. – Теҳрон: Муассисаи фарҳангии Шаҳид Равоқӣ, 1364 (Дар ду ҷилд).

Маълумот дар бораи муаллиф: *Саъдуллозода Умедҷон Қудратулло - н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. E-mail: bejanumed@mail.ru. ORCID 0009-0008-1486-7218*

Сведения об авторе: *Садуллозода Умеджон Кудратулло - к.ф.н., доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального Университета. E-mail: bejanumed@mail.ru. ORCID 0009-0008-1486-7218*

Information about the author: *Sadullozoda Umejon Kudratullo - c.ph.s., Associate Professor of the Department of Language History and Typology, Tajik National University. E-mail: bejanumed@mail.ru. ORCID 0009-0008-1486-7218*

ТДУ 809. 155. 0

СУБСТАНТИВАТСИЯИ КАЛИМАҲОИ СОХТА ДАР ОСОРИ ШАМСИДДИН ШОҲИН

Тоирзода Абдусаломи Раҳим
Коллеҷи омузгории ба номи Хосият Махсумоваи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар ин мақола речеъ ба масъалаҳои мухталифи калимасозии исм аз тариқи аффиксоидҳо сохта шудани исмҳои нав баррасиҳо анҷом дода шуданд. Роҳи морфологӣ-синтаксисии калимасозӣ ва ё тарзи конверсиалии вожаофарӣ дар сохтани исмҳо нақши муҳим дорад.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки зимни ин навъи вожасозӣ калимаҳо маънои нави луғавию грамматикӣ касб менамояд. Онҳо бо гирифтани ягон воситаи грамматикӣ (пешвандҳо, пасвандҳо ва миёнвандҳо)-и махсус метавонанд дар матн дар мақоми исм корбаст шаванд: ба саволҳои исм ҷавоб шуда, категорияҳои онро қабул намоянд. Дар натиҷаи чунин ҳодисаи забонӣ субстантиватсия, ки як тарзи калимасозии исм аст, гузариши калимаҳои гуногунмаъно ба исм ба вуқуъ меояд.

Ба истиснои вожаҳои сода калимаҳои сохта ҳам имкониятҳои васеи гузаришро ба исм соҳиб мебошанд. Дар ин маврид ширкати ҳам пешванд ва ҳам пасванд мушоҳида карда мешавад. Аммо қайд кардан зарур аст, ки аз асоси калима аввал тавассути яке аз аффиксҳо калимаҳои сохта рӯи кор омада, сипас, падидаи қабул кардани аффикси дигар ба миён меояд, ки дар натиҷа ба калимаи сода ду аффикс: пешванд ва пасванд ҳамроҳ шуда, исм сохта шудааст. Аз пешвандҳо: ҳам***-, бе-, но-*** ва аз пасвандҳо морфемаи ***-ӣ*** маҳсулнокии бештаре дар калимасозии исм бо ширкати пешванду пасвандҳо мавриди корбаст қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: *субстантиватсия, калима, сохта, Шамсиддин Шоҳин, реша, пешванд, пасванд, исм ва ғ.*

СУБСТАНТИВАЦИЯ ПРОИЗВОДНЫЕ СЛОВ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ШАМСИДДИНА ШАХИНА

В данной статье рассматриваются различные вопросы словообразования существительных посредством образования новых существительных с помощью аффиксов. Морфологически-синтаксический способ словообразования или конверсионный способ лексико-образования играет важную роль в образовании существительных.

Наблюдения показали, что при таком типе словообразования слова приобретают новое лексическое и грамматическое значение. Получая определенные специальные грамматические средства (префиксы, суффиксы и междометия), они могут использоваться в тексте как существительные: отвечая на вопросы о существительном и принимая его категории. В результате такого лингвистического явления происходит субстантивация, то есть способ словообразования существительных, переход слов с различными значениями в существительные.

Помимо простых слов, образованные слова также обладают широкими возможностями перехода в существительные. В этом случае наблюдается участие как префиксов, так и суффиксов. Однако стоит отметить, что от основы слова сначала, через один из аффиксов, образуются слова, а затем происходит явление принятия другого аффикса, в результате которого к простому слову добавляются два аффикса: префикс и суффикс, образуя существительное. От префиксов: ҳам***-, бе-, но-*** и от суффиксов морфема -ӣ используется более продуктивно при образовании существительных с участием префиксов и суффиксов.

Ключевые слова: *субстантивация, слово, конструкция, Шамсиддин Шахин, корень, префикс, суффикс, существительное и др.*

SUBSTANTIVATION DERIVATIVE WORDS IN THE WORKS OF SHAMSIDDIN SHAHIN

This article examines various aspects of noun formation through the creation of new nouns using affixes. The morphological-syntactic method of word formation, or conversional lexical formation, plays an important role in noun formation.

Observations have shown that with this type of word formation, words acquire new lexical and grammatical meanings. By acquiring certain specialized grammatical devices (prefixes, suffixes, and interjections), they can be used in texts as nouns: answering questions about the noun and adopting its categories. This linguistic phenomenon results in substantiation, that is, a method of noun formation, the transformation of words with different meanings into nouns.

In addition to simple words, formed words also have a wide range of potential transformations into nouns. In this case, both prefixes and suffixes are involved. However, it's worth noting that words are first formed from a word stem, through one of the affixes, and then another affix is adopted, resulting in two affixes being added to the simple word: a prefix and a suffix, forming a noun. The morpheme -i is used more productively in the formation of nouns using prefixes and suffixes, such as ham-, be-, and no, and suffixes.

Keywords: substantivization, word, construction, Shamsiddin Shahin, root, prefix, suffix, noun, etc.

Муқаддима. Вожасозии конверсионӣ ва транспозитсионирo баъзе муҳаққиқон калимасозии беаффикс низ номидаанд. Бояд зикр кард, ки зимни гузариш ба исм калимаҳои сохта дар ҳамон қолаби калимасозии пасвандию пешвандияшон дар шакли яклухт ба мафҳуми шайъӣ (предметӣ) соҳиб мешаванд. Аффиксҳои калимасоз доир ба масъалаи субстантиватсияшавӣ ягон нақш намебозанд. Масалан, вожаи решагии **вафо** исм аст, бо гирифтани пешванди **бе-** аз он сифат сохта шудааст. Зимни субстантиватсия шудани калимаи **бевафо** дар қолаби вожаи сохта ва дар матн ба ҷойи исм корбаст мешавад.

Таркиби «Эй бевафо» дар матнҳои манзум муроҷиати қаҳрамони лирикиро ба маъшуқа, ёр, маҳбуба, ки хислатҳои «дар қавлу қарор устувор набудан» ба ӯ хос мебошад, дар ашъори Шоҳин ҳамин гуна садо додааст:

Гуфтӣ: «Кунам видоъ!» – зи ман ҷон видоъ кард,
***Эй бевафо**, маёр дигар ба забон видоъ* [10, 69].

Чун анъана субстантивҳои сохтаро вобаста ба таркиби морфологӣ ба гурӯҳҳои сифатҳои пешванддор ва сифатҳои пасванддор тасниф менамоем: ***бевафо*** (беаҳд), ***бемурувват*** (ноҷавонмард, лаим ва пастҳиммат; сифлатабиат, бадсират); **бехабар** (ноогоҳ; нобакор; ба кор наарзанда, бефоида, беҳосил, беҳуда; нокас, бадкирдор, бадамал; **бегуноҳ** (боайб, ҷурмнок, бадкор, гунаҳкор), безабон - касе, ки забон надорад, мол, гунг; хомӯш, сокит; маҷозан: ҳайвон [8, 170]. **Носипос** (кӯрнамак, ношукр, ҳақношинос), **носоз** (номувофиқ, нобоб, нолоиқ, бадбахт, бетолеъ), **нокас** (фурӯмоя, разил, номард, нолоиқ, паст), **нопок** (олуда, чиркин; маҷозан: бадахлоқ, бадкор), **нодон** (ҷоҳил, гумроҳ; аҳмақ, аблаҳ), **ноком** (бебаҳра, номурод, бенасиб) ва ғайра.

Чун намунаҳои қаблан баррасишуда сифатҳои сохта низ ба парадигмаҳои исм соҳиб шуда, дар шакли ҷамъ воқеъ мешаванд, артикли номуайянӣ, бандаки изофӣ, пасоянди -ро қабул мекунанд; қабл аз худашон ҷонишинҳои ишоратӣ, пешояндҳои содаи аслӣ ва нидои муроҷиат қабул мекунанд. Чанд намуна:

Бо нидои амру воридкунӣ:
Аз мо ба дигарон сари меҳру вафот чист?
***Эй бемурувват,** ин ҳам ҷавру ҷафот чист*? [10, 32].
Бо ҷонишини ишоратӣ:
Пур мадеҳ коми рақиб аз лаъли худ, к ***-он носипос**,*
Чун намакпарварда шуд, қасди намакдон мекунад [10, 53].

Субстантивҳои сифатии сохта бо пасвандҳо. Пасвандҳо дар сохтани сифатҳо нақши муҳим доранд. Дар осори Шоҳин субстантивҳои сифатии сохта бо пешванд чандон зиёд нест. Чи тавре ки дидем, танҳо тавассути ду пешванд; ***бе-, но-*** қаблан сифат сохта шудааст, ки он баъдан бо гирифтани парадигмаҳои исм субстантиватсия шудаанд. Аммо теъдоди сифатҳои сохта бо пасванд нисбатан зиёдтар мебошад: ***ҳиллагар, горатгар, маҳваш, кинавар, ғамнок, доно, пешина, ҳунарманд, девона, хокӣ, аҷамӣ*** ва ғайра. Мисолҳо: ҳиллагар (фиребгар, маккор) – аломати шахс, хислати одамӣ ба ҷойи худи шахс корбаст шудааст:

Толибе нест, ки ***он ҳиллагар*** аз ваъдаи хом,

Бӯсае дода ба пайрангу шатал ноз накард [10, 45].

Маҳваш – тавассути пасванди ***-ваш*** аз исм сифат сохта шудааст, ки он ба асоси калимасоз маънои «шабоҳат доштан», монанд буданро бахшидааст. Аломату хусусияти ашё (шахс) ҷойи худи ашё (шахс) ба кор рафтааст. Ҷонишини ишоратии «он» қабл аз калимаи мазкур омада, мафҳуми номӣ пайдо кардани онро тасдиқ менамояд;

Шудам гоҳ садқаву гоҳе балогардони ***он маҳваш,***

Тақал ҳар кӯчароҳе, дошт, бо ӯ як ба як кардам [10, 76].

Кинавар – киначӯй, соҳибкина, боадоват, душман:

Ҷо равам, ки гардун боло сар набошад,

*То захмҳо ба ҷонам з-****он кинавар*** *набошад* [10, 124].

Оқила –муаннаси оқил; соҳибхирад, доно:

Эй оқила*, ин чи ҳарзаҷӯист,*

Ханҷархариву ҷигарфурӯшист [10, 229].

Девона - аз ақлу ҳуш бегона, одами хулқу атвораш ғайри муътадил; оворагард). Ин вожа аслан аз асоси **дев** ва пасванди **-она** сохта шудааст ва мафҳуми сифатӣ дорад:

Ба чашми хирадгарчи з-ӯ нур буд,

Ба махдуми ***девона*** *машҳур буд* [10, 294].

Дар мақоми исм қарор гирифтани сифатҳоро ба мисолҳои поён исбот кардан қулайтар аст:

Нодон – сифат; марди нодон:

Ки нафрин ба он ***марди нодон*** *бувад,*

Ки бадхоҳи як тан аз ишон бувад [10, 281].

Исмҳо дар вазифаи пуркунандаи бевосита меоянд. Субстантивҳо низ дар ҳамин мақом омада метавонанд: ***ҳунармандро****:*

Надонанд қадри ***ҳунармандро****,*

Чу сафродамон лаззати қандро [10, 290].

Намунаҳо дар фавқ баррасишуда, асосан, ба гурӯҳи сифатҳои аслии ба исм гузашта мансуб мебошанд.

Субстантиватсияи бо пасванди *-манд*. Пасванди ***-манд*** низ таърихи хеле қадима дошта, он муносибати аломатро бо одамон ифода менамояд. Ин пасванд дар забони тоҷикӣ бештар дар сохтани исмҳои шахс, исмҳои маънӣ ва сифатҳои аслӣ иштирок дорад. Аз рӯйи маъно ва табиату моҳият худ вожаҳои бо пасванди ***-манд*** сохташуда хусусияти духӯра дошта, асосан сифат мебошад. Зимни рӯ ба рӯ омадан ба зуҳуроти субстантиватсия (транспозитсия) калимаҳои бо пасванди мазкур сохташуда ба парадигмаҳои исм соҳиб мешаванд, яъне категорияҳои ҷамъ, номуайянӣ қабул мекунанд; бо пешояндҳо, бо ҷонишинҳои ишоратӣ, бо пешояндҳои содаи аслӣ ва пас аз худ пасоянд қабул мекунанд. Масалан, дар калимаи ***хирадманд*** пасванди ***-манд*** аз исми абстракт сифати аслии ***хирадманд***ро сохтааст, ки он дар таркиби ибораи изофӣ дар мақоми муайянкунанда қарор гирифтааст:

Он пири суханвари ***хирадманд****,*

Омехт чунин ба коми ӯ қанд [10, 229].

Вожаи пир аслан сифати субстантиватсияшуда мебошад, ки ба худ дар таркиби ибораи синтаксисӣ чун муайяншаванда, якбора ду муайянкунанда қабул кардааст: ***пири суханвари хирадманд***, вале дар матни дигар ин калима бевосита дар мақоми исм қарор гирифтааст. Чунончи:

Маҷнун зи ҳадиси он ***хирадманд****,*

Шуд тунд чу селу банд барканд [10, 254].

Вожаи **хирадманд** дар матн дар мақоми исм баромад намуда, ба худ сифат қабул намудааст:

Бубин к-он ***хирадманди ҳозирҷавоб****,*

Чӣ сон дод бо ӯ ҷавоби савоб [10, 281].

Сифатҳои субстантиватсияшуда пасоянди -ро қабул карда, дар вазифаи пуркунандаи бевосита омада, ба саволи «киро?» ҷавоб шудаанд. Масалан: **ҳунарманд, соҳибҳунар**:

*Надонанд қадри **ҳунарманд**ро,*
Чу сафродамон лаззати қандро [10, 290].

Аломатҳои сифатӣ дар вожаи ***дардманд*** бештар равшану возеҳ ба назар расад ҳам, зимни гузариш ба исм он хусусияти предметӣ касб мекунад:

Шифо биҷӯй ба роҳи талаб зи талхии сабр,
*Ки сабри талх басо **дарманд**ро доруст* [10, 110].

Бо пасванди **-манд** ҳамагӣ се ҳолати калимасозӣ дар осори Шоҳин ба чашм расид, ки он қаблан аз исмҳои маънӣ сифатҳои аслӣ сохта, дар калимаҳои ***хирадманд, ҳунарманд, дардманд*** дар заминаи ҳодисаи транспозитсия (субстантиватсия) ба исм гузаштаанд.

Зуҳуроти субстантиватсия шудани сифатҳои нисбӣ дар осори Шоҳин чандон зиёд нест. Ба гурӯҳи ин вожаҳо сифатҳои нисбии амсоли ***аҷамӣ, хокӣ*** шомил шуда метавонанд. Дар мисоли зерин сифати нисбӣ дар мақоми исм омадааст ва қабл аз он пешоянди ***аз*** омадааст: ***аз аҷамӣ*** (аз кӣ?) (мансуб ба мардуми ғайри араб; қавмҳои форсу тоҷикзабон):

*Ман **аз аҷамӣ** шиква надорам, ки ба хубӣ,*
Ғоратгари ҷону дилам он турки араб шуд [10, 47].

Хокӣ – сифати нисбии мансуб ба хок; мутааллиқ ба замон; маҷозан: одам дар назар аст:

Манам туҳфаи коин аз осмон,
*Фиристода бар **хоки**ён армуғон* [10, 304].

Субстантиватсияи масдар. Дар баробари сифатҳои аслӣ ва нисбӣ, ҳолатҳои субстантиватсия шудани масдар ва сифати феълӣ ҳам дар осори Шоҳин ба мушоҳида мерасад. «Масдар шакли ибтидоии феъл буда, номи амал ва ҳолатро чун протсесс мефаҳмонад. Масдар бо аломатҳои грамматикӣ ва хусусиятҳои лексикии худ дорои аломатҳои феъл ва исм мебошад. Маълум аст, ки баъзе аз исмҳо низ маънои амалро мефаҳмонад (***кӯшиш, омӯзиш***), бо вучуди ин дар байни исм ва феъл фарқи ҷиддӣ мавҷуд аст: агар дар феъл амал ҳамчун протсесс ифода шавад, дар исми амал маъноӣ предметӣ мегирад» [2, 237]. Чунин ҳамоҳангиро дар байни масдару исмҳо зимни зуҳуроти гузариш ва ё субстантиватсияшавӣ бармало мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи, дар намунаҳои зер масдарҳо мисли исм бандаки изофӣ гирифта, пасванди ҷамъбандӣ қабул кардааст:

Масдар бандаки изофӣ гирифтааст:

Ҳирси Шоҳин ба висолат сабаби ҳирмон шуд,
***Хӯрдан**и бода зи ҳад беш, бале, орад қай* [10, 106].

Субстантиватсияи сифати феълӣ. Сифати феълӣ аз асосҳои феълӣ тавассути пасвандҳои **-а, -анда** сохта мешавад. Азбаски дар таркиби ибора ин қабил калимаҳо дар мақоми муайянкунанда меоянд, аз як ҷиҳат онҳо вазифаи сифатро низ иҷро мекунанд. Аз ин рӯ, чунин падида суръати ба исм гузаштани сифати феълиро амсоли сифатҳои аслию нисбӣ метезонад. Маънои луғавии калима ҳамчун сифати феълӣ зимни ба исм гузаштан нигоҳ дошта мешавад. Масалан, аз асоси замони гузаштаи феъли ***дидан*** – ***дид*** бо ҳамроҳ шудани пасванди **-а** сифати феълии замони гузаштаи ***дида*** сохта мешавад. Зимни гузариш ин калима мафҳуми предметӣ пайдо карда, ба вожаи ***чашм*** муродиф мешавад. Маънои луғавии ҳар ду калима: узви биологии инсону ҳайвон, воситаи биниш мебошад. Истисно аз ин, сифатҳои феълии исмшуда ба парадигмаҳои исм соҳиб шуда, дар шакли ҷамъ меоянд, пеш аз худашон пешоянд мегиранд, нидои амру муроҷиат қабул мекунанд ва бо ҷонишинҳои ишоратию саволӣ ва таъйинӣ ҳамроҳ меоянд. Чунончи:

Ин гуфту миёни хоку хун шуд,
*Чунон ки **зи куштагон** фузун шуд* [10, 197].
Гуфт: -Эй писар, ин чӣ беқарорист,
*В-**эй сӯхта**, ин чӣ хомкорист* [10, 187].
Девонаи ту ба арсаи разм,
*Дорад **ба миёни куштагон** базм* [10, 203].
*Гуфт: -Эй зи ту **дида**и маро нур,*
*Нуриву вале **зи дидаи** дур* [10, 231].
Ҳамон беҳ, ки монанди пешиниён,

Гузорем ***ояндагон****ро нишон* [10, 314].

Тавассути асоси замони ҳозираи феъл: ***пар, дор, дав*** сохтани сифатҳои аслии замони ҳозира, ки баъдан хусусияти субстантивӣ пайдо кардаанд, мушоҳида мекунем: ***паранда*** (исми моддӣ, ҷондор), ***доранда*** (исми шахс), **даванда** (исми шахс). Чанд мисол: ***паранда*** **-** парвозкунанда; мурғ, мурғиҳавоӣ):

Бигӯй, то кунад озоди ишқ Шоҳинро,

Ба расми садқа гар озод аз ***паранда*** *кунад* [10, 52].

Даванда **-** сифати феълии замони ҳозираи «давидан»; тезгард, бидав, чусту чолок:

ҳар сӯ, ки риқоби ман гарон шуд,

Бахтам чу ***даванда*** *дар инон шуд* [10, 192].

Доранда - сифати феълии замони ҳозираи «доштан»:

Доранда *чу бар сарам гузар кард,*

З-аҳволи ту як ба як хабар кард [10, 232].

Ба ҳамин тариқ, аз таҳқиқи масъала аён гардид, ки калимаҳои структураашон сохтаи мансуб ба сифатҳои аслӣ ва нисбӣ, масдар, сифати феълии замони гузашта ва ҳозира дар матн ба категорияҳои луғавию граматикии исм соҳиб шуда, дар заминаи роҳи конверсиалӣ (роҳи морфологӣ-синтаксисӣ) субстантиватсия шудаанд.

Субстантиватсияшавӣ бо пасванди ***-анда.*** Пасванди ***-анда*** дар забони тоҷикӣ, асосан, дар сохтани сифати феълӣ ба кор меравад. Калимаҳои исмии ин гурӯҳ аз асоси феъли замони ҳозира бо қабул кардани пасванди **-анда** сохта мешаванд. Дар натиҷаи муддати тулонӣ дар нутқ дар мақоми исм корбаст шудан бо роҳи морфологию синтаксисӣ зимни аз сар гузаронидани зуҳуроти гузариш (транспозитсия) аз сифати феълӣ ба исм гузаштаанд. Чунин субстантҳо асоси исмҳои шахс маҳсуб меёбанд.

Пасванди **-анда** дар калимасозии исм дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ маҳсулнокии зиёд дошта, бо ин морфема дар маҷмуъ бештар аз 90 ҳолати калимасозӣ ба чашм мерасад, аз шумораи зикршуда қариб 50 калимаи сохтаи ба исм гузаштаро дучор омадан мумкин аст [3, 117]. Дар «Хамса»-и Низомӣ ҳам теъдоди фаровони ҳолатҳои аз пасванди **-анда** сохтани сифати феълӣ мушоҳида карда мешавад. Масалан: аз теъдоди умумии (бештар аз 70 адад) сифатҳои феълии истеъмолёфта бештар аз нисфи онҳо (38 адад) калимаҳои субстантӣ ба шумор мераванд [4, 117]. Бино ба маълумоти С. Низомова дар осори бадеии С. Айнӣ истеъмоли ин шакли сифати феълӣ зуҳуроти рушдёбанда ва сермаҳсул ба шумор меравад. Бо ёрии пасванди -анда дар «Дохунда» 54 калима, дар «Ғуломон» 43 вожа, дар «Ёддоштҳо» 461 маротиба ва дар повести «Одина» 155 ҳолати истифодаи пасванди -анда мушоҳида карда мешавад, ки қисми зиёди онҳо хусусияти субстантӣ касб кардаанд. А. Амлоев дар осори Ф. Муҳаммадиев бо қолаби асосии замони ҳозира феъл + пасванди -анда > сифати феълӣ > исми шахс 25 калимаро ба қайд гирифтааст [1, 21-23].

Зикр кардан зарур аст, ки торафт вусъат пайдо кардани зуҳуроти гузариши сифатҳои феълӣ ба исмҳои шахс бештар ба насри солҳои 30-юми асри XX рост меояд.

Дар осори Шамсиддин Шоҳин маҳсулнокии пасванди ***-анда*** дар сохтани сифатҳои феълие, ки хусусияти исмӣ гирифтаанд, чандон зиёд нестанд. Бо вуҷуди ин дар забони ғазалиёт як ҳолат, дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» 3 ҳолат ва дар маснавии нотамоми «Туҳфаи дӯстон» 2 ҳолат ҷамъ 6 калимаи хусусияти субстантивӣ пайдокардаро дучор омадем. Чунончи: ***паранда, шарманда, даванда, доранда, оянда, ситоянда.***

Шарманда (шармсор, хиҷолатзада, мунфаил, беобрӯшуда) аломатҳои ба исм гузаштан: пас аз худаш бандаки изофӣ қабул карда, калимаи дигарро тобеъ кардааст: ***шармандаи иҷобат***:

Чун итқтизои тақдир бар инси он баромад,

Шуд сар ба сар шармандаи иҷобат [10, 121].

Даванда тездав, бидав; чусту чолок; дар матн қабл аз худаш пешоянди монанди чу//чун (муродифи монанди, мисли, ба сонӣ): қабул кардааст:

Хар сӯ, ки рикоби ман гарон шуд,

Бахтам чу даванда дар инон шуд [10, 192].

Доранда расул, қосид; мураббӣ, тарбиятгар; дорой, давлатмандӣ. Шоҳин вожаи ***доранда***ро ба маънои «қосид, расул» дар матни зерин истифода бурдааст.

Доранда *чу бар сарам гузар кард,*

З-аҳволи ту як ба як гузар кард [10, 232].

Оянда шахси омадаистода: мустақабал; дар матн пасванди ҷамъсози ***-он//-гон*** ва пасоянди ***-ро*** гирифтааст, ки ин ҷиҳат яке аз нишонаҳои асосии исм буда, калимаи субстантӣ онро қабул кардааст:

Маро бину барзан ба ғайрат дуҳул,

Пас ***ояндагон*** *рост пешина пул* [10, 279].

Ситоянда ситоишгар, мадҳгӯй, таърифкунанда:

Ки дастур бошад ба ***ояндагон,***

Ба абнои гетӣ ***ситояндагон*** [10, 279].

Ба ин тариқа, пасванди **-анда** дар масъалаи сохтани сифатҳои феълии субстантивӣ дар осори Шоҳин морфемаи каммаҳсул арзёбӣ мешавад. Ба ин ҳолат, аз як тараф, маҳдуд будани забони осори манзум мусоидат кунад, аз ҷониби дигар мавзуъ ва мазмуни асари бадеӣ, сабки баён ва корбурди саноеи гуногуни бадеӣ дар ашъори Шоҳин имконият надодааст.

Субстантиватсияшавӣ бо пасванди -ина. Пасванди **-ина** дар ҳам дар калимасозии исм ва дар ҳолатҳои субстантиватсияшавӣ унсури морфологии бемаҳсул ба шумор меравад. Дар осори Шамсиддин Шоҳин ин пасванд се ҳолати аз исми моддии номи предмет исме сохтааст, ки он аз чӣ тайёр шудани ашёро ифода мекунад: ***пашмина, палангина, пешина***. Агар амиқтар мулоҳиза ронем, ин вожаҳо аслан сифатанд ва гунаҳои сифатӣ ҳам доранд: ***пашмина – пашмин – пашмӣ***, ***палангина – палангӣ, пешина – пешин*** (қадим, қадима).

Калимаҳои мазкур тибқи қоидаи гузариши (транспозитсия) дар матн аз сифат ба исм гузашта, моҳияти предметӣ пайдо кардаанд. Масалан, ***пашмина*** мафҳуми матои ***пашмини***ро ин гуна ифода намудааст:

Сад хона агар паранд андухт,

Пашмина*, ки зад, дар оташ сӯхт* [10, 219].

Мафҳуми матоъро ифода намудани ин калима дар мисоли зерин боз ҳам равшантар инъикос ёфтааст:

Бинам ба қадри он чӣ лофӣ,

Пашмина *ва ё ҳарир бофӣ* [10, 275].

Пашмина – ба маънои либоси аз пашм бофташуда, ки бо вожаи ***чакман*** муродиф мебошад, дар мисоли зерин ба кор рафтааст:

Хуноба зи дидагон равон кард,

Пашмина *ба ҷои париён кард* [10, 225].

Мисли намунаи дар боло арзёбишуда вожаи ***палангина*** ҳам мафҳуми либос ё палоси аз пӯсти паланг дӯхташударо инъикос мекунад:

Палангина *гирам зи дӯши паланг,*

Ни ҳам панҷаи шери пар зери санг [10, 305].

Зуҳуроти ба парадигмаи исм соҳиб шудан қабул кардани пасванди ҷамъсози **-он** //-**гон**-ро дар мисоли **пешинагон** мушоҳида менамоем:

Суханро ба ***пешинагон*** *қадр буд,*

На ин кафш кан манзилаш садр буд [10, 289].

Субстантиватсияшавӣ бо пасванди -*ваш*. Пасванди –***ваш,*** асосан, унсури морфологии сифатсоз мебошад. Он аз исмҳо сифатҳое месозанд, ки онҳо заминаи ташбеҳию қиёсӣ доранд ва аз лиҳози вазифаи грамматикӣ ба пешояндҳои номии изофии «мисли, монанди» қаробати маъноӣ пайдо кардаанд: ***моҳваш, лайливаш, ноҳидваш*** ва ғайра.

Қайд кардан лозим аст, ки дар заминаи транспозитсия (субстантиватсия) сифат категорияҳои исмро, масалан, пасванди ҷамъсози –онро қабул намуда, аз сифат ба исм гузаштааст: ***маҳвашон, ноҳидвашон***:

Он, ки ба хубӣ мисоли моҳ буд,

Моҳвашон *чокару ӯ шоҳ буд* [10, 56].

Шоҳин дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» субстанти ***ноҳидвашон***-ро ба кор бурдааст. Зимнан бояд гуфт, ки дар луғат исми хоси **Ноҳид** истилоҳи соҳаи астрономия буда, номи дигари он ***Зуҳра*** мебошад. ***Зуҳра*** тимсоли зебоист, аз ин ҷиҳат чун образ дар инъикоси симои қаҳрамонони лирикӣ ба кор рафтааст:

Ноҳидвашон *суруд гуфтанд,*

Бо нағмаи чангу уд гуфтаанд [10, 214].

Бо мақсади услубӣ истифода гардидани чунин қолабҳо аз тақозои сабки бадеӣ ва олами ботинии шоир сар задааст, чунки дар мавриди дигар ба ҷои чунин сохтори калимасозӣ муодили дигари морфологии он –***парвинсифатон, зуҳраманишон*-ро** ба кор бурдааст, ки аз лиҳози сохтор тафовут доранд:

Парвинсифатон *мутеи рӯе,*

Зуҳраманишон *ба ёр гӯйе* [10, 214].

Хулоса, дар сохтани исмҳо ширкати ҳам пешванд ва ҳам пасванд мушоҳида карда мешавад. Аммо қайд кардан зарур аст, ки аз асоси калима аввал тавассути яке аз аффиксҳо калимаҳои сохта рӯи кор омада, сипас, падидаи қабул кардани аффикси дигар ба миён меояд, ки дар натиҷа ба калимаи сода ду аффикс: пешванд ва пасванд ҳамроҳ шуда, исм сохта шудааст. Аз пешвандҳо: ҳам***-, бе-, но-*** ва аз пасвандҳо морфемаи ***-ӣ*** маҳсулнокии бештаре дар калимасозии исм бо ширкати пешванду пасвандҳо нишон додаанд.

Адабиёт

1. Амлоев А. Калимасозии сарфии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев. [Матн] / А. Амлоев. – Душанбе: ДСРТ, 2016. – 151 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. // Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
3. Касимов О. Деривация в «Шахнаме» Абулкасима Фирдавси. [Текст] / О. Касимов. – Душанбе, 2006. – 186 с.
4. Низомова С. Калимасозии сарфӣ дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ. [Матн] / С. Низомова: дис. ном. илми филология. – Душанбе, 2002. – 180 с.
5. Низомова С. Словообразование в художественной и публицистической прозе Садриддина Айни. [Матн] / С. Низомова: дис. док. фил. наук. – Душанбе, 2021. – 475 с.
6. Раҳматуллозода С. Калимасозии исм (дар асоси маводи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқии забони тоҷикӣ). [Матн] / С. Раҳматуллозода. – Душанбе: Дониш, 2019. – 226 с.
7. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. [Матн] / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 79 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – М.: Сов. Энцик., 1969. – 951 с.
9. Шамсиддин Шоҳин. Девони ашъор. [Матн] / Ш. Шамсиддин – Душанбе: Дониш, 2018. – 140с.
10. Шамсиддин Шоҳин. Мунтахабот. [Матн] / Ш. Шамсиддин. – Душанбе: Адиб, 2016. – 320с.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Тоирзода Абдусаломи Раҳим, доктор (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология (забони тоҷикӣ), мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Коллеҷи омузгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: (+992)109410000,* ***E-mail****: toirzoda0710@mail.ru*

Сведения об авторе*: Тоирзода Абдусалом Рахим, доктора философии (PhD), по специальности филология (таджикский язык), заведующая кафедрой таджикского языка и литературы Педагогического колледжа им. Хосият Махсумовой ТГПУ им. С. Айни. Тел: (+992) 109410000,* ***E-mail****: toirzoda0710@mail.ru*

Information about the author: *Toirzoda Abdusalom Rahim, doctor of philosophy (PhD), specializing in philology (tajik language), head of the department of tajik language and literature at the Pedagogical college named after Khosiyat Makhsumova Tajik state pedagogical university named after S. Ani, phone: (+992)109410000,* ***E-mail****: toirzoda0710@mail.ru*

УДК 811.222.8'373.46:811.111'373.46

ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ (ТИББИ ВЕТЕРИНАРӢ-ЗООТЕХНИКӢ) ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ОНҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Туйгунов Носир Ҳақбердиевич
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Истилоҳоти ветеринарӣ яке аз мавзуҳои хеле мубрам буда, дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ донистани он барои мутахассисони соҳа муҳим мебошад. Ҳамчун сарчашмаи асосии гуфтугӯйи соҳавӣ он доираи васеъ дошта, мафҳумҳои гуногунро дар бар мегирад, ки барои тавсифи анатомия, физиология, бемориҳо, табобат ва расмиёти марбут ба самти ветеринарӣ истифода мешаванд. Новобаста аз он ки шумо бойтор, техникҳои байторӣ, тадқиқотчӣ ё мутахассиси нигоҳубини ҳайвонот ҳастед, дониши истилоҳоти ветеринарӣ барои муошират муассир ва ҳамкорӣ дар ин соҳа муҳим аст.

Аҳамияти истилоҳоти ветеринарӣ аз доираи имконоти худаш берунтар аст. Мутахассисон дар соҳаҳои марбут ба монанди ғизои ҳайвонот, дорусозӣ ва тадқиқоти биотиббӣ, инчунин ба фаҳмиши устувори истилоҳоти ветеринарӣ такя мекунанд, то кори худро самаранок роҳнамоӣ кунанд. Бо ба даст овардани ин маҳорат, мутахассисон метавонанд дурнамои касбии худро беҳтар созанд ва дарҳои васеъи донишро ба рйи имкониятҳояшон боз кунанд.

Донистани истилоҳоти ветеринарӣ ба пешрафти касб ва муваффақият таъсири мусбӣ мерасонад. Ин ба мутахассисон имкон медиҳад, ки бо ҳамкорон, мизоҷон ва дигар ниёзмандон тамоси дақиқ дошта, нигоҳубини муассир ва самараноки чорворо таъмин кунанд. Илова бар ин, дониши хуби истилоҳоти ветеринарӣ ба мутахассисон имкон медиҳад, ки дар самтҳои гуногуни соҳа, адабиёти илмӣ ва тадқиқоти мухталиф иштирок намоянд, ки ба онҳо имкон медиҳанд, ки қарорҳои оқилона қабул кунанд ва нигоҳубини беҳтарро таъмин созанд.

Калидвожаҳо: *истилоҳ, истилоҳшиносӣ, кишоварзӣ, тиббӣ, ветеринарӣ, тоҷикӣ, англисӣ.*

СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫЕ ТЕРМИНЫ (ВЕТЕРИНАРНО-ЗООТЕХНИЯ) И ИХ ХАРАКТЕРИСТИКА НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Ветеринарная терминология является весьма актуальной темой, и в современных условиях глобализации специалистам в этой области важно ее знать. Будучи основным источником профессионального дискурса, он имеет широкий охват и включает в себя различные концепции, используемые для описания анатомии, физиологии, заболеваний, методов лечения и процедур, связанных с ветеринарией. Независимо от того, являетесь ли вы ветеринаром, ветеринарным техником, исследователем или специалистом по уходу за животными, знание ветеринарной терминологии необходимо для эффективного общения и сотрудничества в этой области.

Значимость ветеринарной терминологии выходит за рамки ее собственных возможностей. Профессионалы в смежных областях, таких как питание животных, фармацевтика и биомедицинские исследования, также полагаются на глубокое понимание ветеринарной терминологии для эффективного руководства своей работой. Приобретая этот навык, профессионалы могут улучшить свои карьерные перспективы и открыть перед собой широкие возможности в области знаний.

Знание ветеринарной терминологии оказывает положительное влияние на карьерный рост и успех. Это позволяет специалистам поддерживать точный контакт с коллегами, клиентами и другими заинтересованными сторонами, обеспечивая эффективный и действенный уход за скотом. Кроме того, хорошее знание ветеринарной терминологии позволяет специалистам участвовать в различных аспектах данной области, изучать научную литературу и проводить исследования, что позволяет им принимать обоснованные решения и оказывать более качественную помощь.

Ключевые слова: *термин, терминология, сельское хозяйство, медицина, ветеринария, таджикский, английский.*

AGRICULTURAL TERMS (VETERINARY-ZOO ENGINEERING) AND THEIR CHARACTERISTICS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Veterinary terminology is a highly relevant topic, and in today's globalized world, it is important for professionals in this field to know it. As a primary source of professional discourse, it has a broad scope and includes various concepts used to describe anatomy, physiology, diseases, treatments, and procedures related to veterinary medicine. Whether you are a veterinarian, veterinary technician, researcher, or animal care professional, knowledge of veterinary terminology is essential for effective communication and collaboration in the field.

The significance of veterinary terminology extends beyond its own capabilities. Professionals in related fields such as animal nutrition, pharmaceuticals, and biomedical research also rely on a thorough understanding of veterinary terminology to effectively guide their work. By acquiring this skill, professionals can improve their career prospects and open up a wide range of opportunities in their field of expertise.

Knowledge of veterinary terminology has a positive impact on career advancement and success. It allows professionals to communicate accurately with colleagues, clients, and other stakeholders, ensuring effective and efficient care of livestock. In addition, a good knowledge of veterinary terminology allows professionals to engage in various aspects of the field, study scientific literature, and conduct research, which enables them to make informed decisions and provide better care.

Keywords*: term, terminology, agriculture, medical, veterinary, Tajik, English.*

Муқаддима. Мусаллам аст, ки маҷмуи истилоҳот дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва фаъолият мавҷуданд. Истилоҳот ё худ терминология соҳаҳои гуногунро фаро мегиранд, масалан, истилоҳоти грамматикӣ, байналмилалӣ, тиббӣ, тиббӣ-ветеринарӣ, истилоҳоти истеҳсолӣ – техникӣ ва ғ. Истилоҳоти номбаршуда ҳар яке дар самти истифодаашон, хусусиятҳои хос, тобишҳои гуногуни маъноиро дар бар мегиранд. Истилоҳоти ҳар як соҳаи дониш бар асоси робитаҳои мафҳумии донишҳои касбӣ сохта шудааст. Истилоҳот ҳамчун маҷмуи системаикии истилоҳот, системаи мафҳумҳоро дар соҳаи муайяни дониш маҳдуд ва ба таври шифоҳӣ муттаҳид мекунад. Ба гуфтаи А. А. Реформатский, истилоҳот ва «истилоҳот, ҳамчун қисмҳои таркибии онҳо, абзоре мебошанд, ки бо он назарияҳо, қонунҳо, принсипҳо ва пешниҳодҳои илмӣ ташаккул меёбанд», яъне «истилоҳот воқеияти муташаккили иҷтимоиро инъикос мекунанд ва аз ин рӯ, истилоҳот хусусияти иҷтимоии ҳатмӣ доранд» [8, с. 2].

Мавод ва методҳо. Олимон ва мутахассисони илмҳои дахлдор системаҳои истилоҳоти илмии мушаххасро меомӯзанд. Истилоҳот (як соҳаи забоншиносии амалӣ) бо омӯзиши умумии истилоҳот ва низоми он, яъне ба ягон илми мушаххас, асосан аз нигоҳи забоншиносӣ сарукор дорад.

Байни истилоҳот - маҷмуи истилоҳоти табиӣ таҳияшуда аз соҳаҳои мушаххаси дониш низоми истилоҳот - истилоҳоти муташаккил, ки бо муносибатҳои муқарраршуда миёни онҳо, ки муносибатҳои мафҳумҳоеро, ки бо ин истилоҳот номгузорӣ шудаанд, инъикос мекунанд, фарқ мегузоранд. Аслан, масъалаҳои истилоҳот аз ҷониби кумитаҳо, комиссияҳо, институтҳо ва дигар ташкилотҳои махсуси давлатӣ ҳал карда мешаванд.

Калимаи "истилоҳ" аз лотинии "terminus" гирифта шудааст, ки маъноияш маҳдудӣ, марз аст. Истилоҳ калима ё ибораест, ки ифодаи равшан ва устувори мафҳуми мушаххаси хоси соҳаи илм, технология ё касб аст. Ҳангоми гузариш аз муоширати илмӣ ба суханронии ҳаррӯза, онҳо дар ниҳоят ба калимаҳое табдил меёбанд, ки барои мардум фаҳмоанд. Тасаввур кардани тасвири илмӣ ва меъёрии коинот бе истилоҳот хеле душвор аст. Ин аз он сабаб аст, ки истилоҳот ҳамчун воҳидҳои асосии матни илмӣ хизмат мекунанд. Забоншиносон дар бораи истилоҳот назари гуногун доранд ва таърифҳои гуногуни калимаи "истилоҳ" доранд. Ҳамчун мисол, А. Реформатский истилоҳро чунин муайян мекунад: "Истилоҳҳо калимаҳои махсус мебошанд" [8, с. 71]. А. В. Калинин баъзе истилоҳотро "луғати махсус" меномад ва онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунад: 1) Луғати махсус асосан истилоҳотро дар бар мегирад. 2) Илова ба истилоҳот, луғати махсус касбиятро низ дар бар мегирад. Ғайр аз ин, А. В. Калинин истилоҳот ва касбиятро фарқ мекунад: "Фарқи байни истилоҳот ва касбият дар он аст, ки истилоҳот ифода ё номи мафҳуме

аст, ки дар илм, саноат, кишоварзӣ ё технологияи мушаххас комилан расман қабул ва қонунӣ карда шудааст. Аз тарафи дигар, касбият калимаи нимрасмӣ, касб, ихтисос аст, ки аксар вақт дар забони ҳаррӯза маъмул аст ва асосан таърифи қатъии илмии ин мафҳумро надорад.

"Истилоҳҳо воҳидҳои номинативӣ мебошанд, ки мафҳумҳои махсусро дар илм, технология, адабиёт, санъат ва дигар соҳаҳо ифода мекунанд, ки истифодаи онҳо ба як соҳаи муайян маҳдуд аст» [14, с. 98].

Забоншинос В.С.Хаймович. чунин меҳисобад, ки: "Таҳти таъсири пешрафти техникӣ, истилоҳот бар асоси ду қонуни ба ҳам алоқаманд тағйир меёбанд: аввалан, бо қонунҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ва дуюм, бо қонунҳои умумии рушди забон." Он далел, ки малакаҳои техникӣ ҳоло аз доираи муайяни танг берун рафта, маъмул мешаванд ва мутахассисони соҳаҳои гуногун аз дастовардҳои илм ва технология дар кори ҳаррӯзаи худ васеъ истифода мебаранд, сатҳи баланди талабот ба истилоҳотро талаб мекунад. Азбаски рушди илм ва технология дар ҳаёт ҳар қадар муҳимтар бошад, истилоҳот барои ба даст овардан, идора кардан ва инкишоф додани он ҳамон қадар муҳимтаранд. Аз ин ҷиҳат, танзими истилоҳот аҳамияти бузурги илмӣ ва иҷтимоӣ дорад. Истилоҳот аз ду калимаи лотинии "termus" иборат аст, ки маънояш марз ва "logos" илм, соҳа аст ва одатан дар ду маъно истифода мешавад. Аввалин маҷмуи истилоҳотест, ки ба системаи мафҳумҳо дар илм, технология, саноат ё соҳаи санъат, фаъолияти иҷтимоӣ алоқаманд аст. Масалан, истилоҳоти низомӣ; истилоҳоти заргарӣ; истилоҳоти сайёҳӣ; истилоҳоти техникӣ ва ғ.

Маънои дуюм бо забоншиносӣ, соҳаи забоншиносӣ, ки истилоҳотро меомӯзад ва танзим мекунад, ба таври ногусастанӣ алоқаманд аст. Истилоҳот яке аз муҳимтарин воситаҳои муоширати иҷтимоӣ аст, ки ба мавҷудияти забон дар маҷмуъ таъсири амиқ гузоштааст. Офаридан ва сохтани истилоҳотро метавон ҳамчун ҷустуҷӯи мақсаднок дар асоси маълумоти мавҷуда тавсиф кард. Дар ҳоле ки забони мушаххаси миллӣ ё байналмилалӣ эҷод мешавад, ин забон рамзгузорӣ, нигоҳдорӣ ва коркард мешавад. Албатта, маълумоти истилоҳотӣ барои забонҳо муҳим аст. Истилоҳот ҳамеша масъалаи муҳим дар забоншиносӣ будааст, зеро муайян кардани ҷой ва вазифаи истилоҳот дар қабатҳои луғавии соҳа ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти мафҳумро дарк кунем. Зарурати омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи моҳияти истилоҳот инчунин истифодаи принсипҳои равиши функсионалиро талаб мекунад.

Дар натиҷаи омӯзиши адабиёти гуногуни илмӣ дар самти таҳқиқи истилоҳот мушоҳида мешавад, ки тадқиқи онҳо ҳанӯз хеле барвақттар шуруъ шуда, олимони гуногуни соҳа дар ин самт адешаҳои мушаххас доранд. Ба ин гурӯх асосан аз назари аввал забоншиносони рус ба назар мерасанд. Масалан, таҳқиқотҳои олимони рус ба монанди Э. Дрозен (1934), Г.О. Винокур (1939), В.В. Виноградов, А.А. Реформатский (1986) В.Г Гак, Б.Н. Головен (1981), Н.П. Кузкин (1962), Л. Капанадзе (1965), О.С. Ахманова (1990), В.П. Капрович (1978), Р.Ю. Кобрин (1991), В.М. Толикина (1986), Толикина А.С., О.В. Довбич (2003), С.В. Сахнеевич (1998, Полютина З.М. (2002) ва дигарон. (Д.П. Горский, К.А. Левковская, А.С. Герд); б) (Е.М. Галкина-Федорук, П.С. Попов); в) (Звегенев, Реформатский, Л.А. Капанадзе). Д.С. Лотте И.Н. Волкова, А.В. Крижановская, Л.А. Симоненко ва дигарон маълумоти иловагӣ додаанд.

Натиҷа. Сохтори ҳар як истилоҳот қисми системаи муайяни истилоҳотӣ мебошад. Маҳз ҳамин хусусият онро ба мақоми истилоҳот мерасонад. Системаи истилоҳот ду намуди сохтор дорад - сохтори мантиқӣ ва сохтори забонӣ. Истилоҳот бояд танҳо як мафҳуми илмӣ ё техникиро ифода кунад ва як мафҳум бояд танҳо ба як истилоҳот мувофиқат кунад. Яке аз камбудиҳои ҷиддии истилоҳот, ба гуфтаи олимони соҳа, дар он аст, ки маънои истилоҳот аз контекст ба контекст тағйир меёбад.

Нусхаи кӯтоҳи истилоҳ аз ҷиҳати функсионалӣ ба истилоҳот баробар аст. Онро озодона ва худсарона истифода бурдан мумкин нест. Мафҳуми илмӣ марзи муайяне дорад ва ин марз дар таърифи он инъикос ёфтааст. Дақиқии истилоҳот маънои онро дорад, ки он ҳамаи хусусиятҳои мафҳуми додашударо дорад.

Бояд ба инобат гирифт, ки асоси забоншиносӣ: вақте ки интихоби яке аз истилоҳот, бар асоси забони худӣ ё забони дигар, зарур аст, албатта, истифодаи худи истилоҳот тавсия дода мешавад. Ин аз он сабаб аст, ки истифодаи аз ҳад зиёд ва беасоси истилоҳот-ассимиляцияҳо

ногузир боиси ҷудошавии истилоҳот аз забони маъмулӣ ва нофаҳмоии он барои ғайримутахассис мегардад. Аслан, адабиёти илмӣ бар он назар аст, ки сохтори истилоҳот се қабати лексикиро дар бар гирифта метавонад: 1) луғати ғайритерминологӣ; 2) луғати умумии илмӣ; 3) луғати истилоҳотӣ. Луғати истилоҳотӣ (калимаҳои махсуси системаи муайяни истилоҳотӣ) қисми пурмаънотарини забони илм аст, агар истилоҳоти умумии илмӣ маъноҳои умумиеро ифода кунанд, ки ба як соҳаи фаннӣ маҳдуд намешаванд.

Мушоҳида мешавад, ки дар самти омӯзиши истилоҳот ба таври муқоисавӣ олимони тоҷик низ корҳои назаррас ба сомон расонидаанд. Адабиёти илмӣ дорои маҷмуи назарраси таҳқиқотест, ки ба таҳлили системавии истилоҳоти илмӣ ва техникӣ бо истифода аз забонҳои гуногун, аз ҷумла англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ бахшида шудаанд. Таҳқиқоти ахир дар бораи назарияи истилоҳот ва истилоҳоти забони тоҷикӣ аз ҷониби олимоне ба монанди Н. А. Шаропов, А. М. Байзоев, Т. К. Ҷӯраев, С. Назарзода, Д. Саймиддинов, С. Сулаймонов, М. Султонов, П. Нуров, С. Ҷаматов, Ш. Ҳайтова, Х. Уралов ва дигарон заминаи назариявӣ ва амалиро барои таҳияи соҳаҳои ҳанӯз омӯхтанашуда, аз ҷумла истилоҳоти кишоварзӣ фароҳам овардаанд.

П. Г. Нуров дар монографияи худ "Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии истилоҳоти илмӣ ва техникии тоҷикӣ" таърихи ташаккули истилоҳоти илмӣ ва техникиро дар забони тоҷикӣ баррасӣ карда, равандҳои эҷоди истилоҳотро дар марҳилаҳои гуногуни рушди забони адабиёти илмӣ ва техникии тоҷикӣ ва эҷоди асосҳои назариявӣ ва амалии истилоҳоти илмӣ ва техникии муосири тоҷикӣ равшан кардааст. [П. Г. Нуров, С. Назарзода дар рисолаи доктории худ бо номи "Истилоҳоти иҷтимоию сиёсии тоҷикӣ: таърих, тамоюлҳо ва дурнамо" бори аввал тафсири илмии маводи васеи истилоҳоти иҷтимоию сиёсиро пешниҳод карда, бори аввал рушди истилоҳот ва нақши истилоҳоти навро дар рушди забони илмии тоҷикӣ равшан кардааст.] Таҳқиқот бар асоси маводҳои пешниҳодшуда дар адабиёти илмӣ, луғатҳо, асарҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ ва мақолаҳои илмӣ ва журналистӣ анҷом дода шудааст.

Барои рушди минбаъдаи истилоҳоти тоҷикӣ рисолаҳо дар дигар соҳаҳои илм, ки то андозае ба истилоҳот дахл доранд, арзиши хоса доранд: Н. Ш. Абдуллоева, "Ташаккули истилоҳот ва кайҳоншиносии астрономии тоҷикӣ", А. М. Байзоева, "Забони "Донишнома"-и Абуалӣ ибни Сино (Истилоҳот ва калимасозӣ)", А. И. Юсупова, "Истилоҳоти тиббии "Ҳидоят-ул-муттаъаллимин фи-т-тиб"-и Алхвайни Бухороӣ", Р. М. Султонова, "Таҳлили муқоисавии истилоҳоти геологӣ бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ", Д. А. Ҳайдарова, "Хусусиятҳои истилоҳоти тиббӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ва С. С. Ҷаматова, "Таҳлили муқоисавии сохторӣ ва семантикии истилоҳоти обёрӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ", Ф. К. Баротова, "Истилоҳоти кишоварзӣ дар забони тоҷикӣ: бо истифода аз маводи англисӣ", Р. Н. Аслитдинова, "Калимасозии истилоҳоти (биологӣ) дар забонҳо бо системаҳои гуногун (бар асоси забонҳои чинӣ ва тоҷикии муосир)" ва М.Х. Азизова, "Фаъолияти истилоҳи тиббӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар асоси номҳои бемориҳо). Ҳ.А.Саидов «Истилоҳои ҳарбӣ»", Ш.С. «Истилоҳоти геологӣ» М. Каримова «Истилоҳоти тибби -гинекологӣ» ва дигарон.

Дар низоми таълими забон вобаста аз ихтисоси донишҷӯ истилоҳоти соҳа таълим дода мешаванд. Ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки истилоҳоти соҳа берун аз барномаи таълимӣ бо мақсади ташаккули салоҳияти касбӣ дар дарсҳои забони хориҷӣ таълим дода мешаванд.

Доираи истифодаи истилоҳоти касбӣ мушкилоти худро дорад, ки барои забономӯз баъзан нофаҳмиҳоро ба миён меоварад. Аз ин рӯ, асосҳои нутқи касбӣ, инчунин, мушкилоти марбут ба ин ва он роҳҳои имконпазири бартараф кардани онҳо мунтазам баррасӣ мешаванд ва аз мавзуъҳои актуалии забон маҳсуб меёбанд.

Таърихи пайдоиши истилоҳот, сарчашмаҳои ташаккули онҳо, хусусияти истилоҳот ва тарҷумаи матнҳои махсус ҳамчун як фаъолияти мураккаби нутқ ва забонии инсон маҳсуб меёбад. Равандҳои фаъолгардонии истилоҳот барои ба даст овардани иттилоот, фаъолияти минбаъдаи маърифатӣ, инчунин таҳияи матн худ нишон дода метавонад, ки истилоҳи истифодашуда ба кадом соҳа марбут аст.

Бояд зикр намуд, ки ба таърихи пайдоиши истилоҳот, сарчашмаҳои ташаккули онҳо, аломатҳои истилоҳот, инчунин тарҷумаи матнҳои махсус ҳамчун фаъолияти мураккаби нутқ ва забонии шахс таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Равандҳои фаъолсозии истилоҳот барои

гирифтани иттилоот, фаъолияти минбаъдаи маърифатӣ, инчунин барои таҳияи матни худӣ нишон дода мешавад.

Мавқеи баланди забони англисӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ маънои онро дорад, ки он дар сатҳи байналмилалӣ ба таври васеъ истифода мешавад ва ба хатмкунандагони соҳаҳои гуногун донистани истилоҳҳои ҳамон соҳа зарурат пайдо мекунад.

Дар раванди таълими истилоҳот зарурати донистани он, муҳимият ва мавқеи асосӣ доштани онро бояд ба забономӯз тавре фаҳмонад, ки рағбаташ ба омузиши истилоҳоти соҳа равона гардад, зеро он ҳам барои рушди шахсӣ ва ҳам барои робитаҳои байналмилалӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон муҳим аст.

Муоширати касбӣ, равандҳои шинохт, тафаккур ва муошират мафҳумҳои асосии воқеияти муосир мебошанд. Таълими истилоҳоти соҳа албатта бидуни донишҳои аввалия номумкин аст. Аз ин ру, забономӯзро зарур аст, ки аз забони англисии умумӣ огоҳ бошад. Лексикаи касбӣ, яъне истилоҳоте, ки бешубҳа дар ташаккули забондонии забономӯз мавқеи асосӣ дорад, дар заминаи донишҳои фарогирифташуда аз худ мешаванд.

Истилоҳоти соҳа маҳорати донишҷӯро дар ифодаи андешаҳои дурусти касбӣ ва соҳавӣ баланд бардошта, маҳорат ва донишҳои забониашро ба таври зарурӣ мукаммал мегардонад, ки бевосита ба касби ояндааш дахл дорад.

Муҳокима. Ҳамин тариқ, омӯзиши забони хориҷӣ ба ташаккули сатҳи касбӣ, маърифатӣ ва фарҳангии донишҷуён мусоидат мекунад. Ҳангоми ташаккули маҳорати забондонӣ дар асоси ихтисос мавзуъҳои барномаи таълимӣ, маводи матнӣ (матни аслӣ - барои таълим муқоиса ё қисман мутобиқ кардан) интихоб шуда, истифодаи маводи аудиойӣ ва видеойӣ низ ба инобат гирифта мешавад.

Донишҷӯён бояд донишу малакаҳои забонии бадастомадаро дар ҳолатҳои гуногуни нутқи ҳаррӯза ва касбӣ бо истифода аз истилоҳоти касбии соҳаи муайяни худ истифода баранд. Омӯзиш ва таҳкими ин истилоҳот ҳавасмандии маърифатӣ ва амалии донишҷуёнро ба омӯзиши забони хориҷӣ афзоиш медиҳад. Истилоҳоти касбӣ лексикаи махсуси соҳаҳои муайяни дониш буда, яке аз қабатҳои луғавии забон мебошанд, ки мазмуни муайянро инъикос мекунанд.

Истилоҳ ҳамчун унсури система бояд дар система баррасӣ шавад, бо истилоҳ мо калима ё ибораи соҳаи муайяни донишро дар назар дорем, ки дар матнҳои махсус амал мекунанд. Истилоҳҳо ва терминҳои воқеӣ мавҷуданд. Истилоҳ, ки аломати забонӣ буда, аз як тараф, мафҳуми махсусро ба худ мегирад, аз тарафи дигар, дар тавлиди мафҳумҳои нав дар соҳаи муайяни дониш иштирок мекунад.

Забоншинос Л.М.Алексеевна бар он андеша аст, ки «Воҳидҳои луғавии номгӯй, касбият ва жаргонҳои касбиро низ ба гурӯҳи истилоҳот дохил кардан мумкин аст» [1, с. 78].

Таърихи пайдоиши истилоҳот ба асрҳои миёна ишорат мекунад, ки истилоҳот ҳамчун воситаи муоширати илмӣ фаҳмида мешавад. Аммо ба гуфтаи олимон, ташкил ва ба низом даровардани истилоҳот ҳамчун воситаи иртиботи илмӣ амалан заифтар ба назар мерасид. Олимон дар асри 18 ба ташкили мунтазам ва ба тартиб даровардани истилоҳот мувофиқи соҳаҳои илмии худ шуруъ карданд, ки ин барои рушди минбаъдаи истилоҳот замина фароҳам овард ва мавзуи истилоҳот бештар мавриди пажуҳиш қарор дода шуд ва он дар оғози асри 20 афзунтар гардид. Ин амал аз он шаҳодат медиҳад, ки кушиши таҳқиқи истилоҳот хеле барвақттар оғоз ёфтааст.

Ҳамин тавр, дар охири асри бистум илми истилоҳот ташаккул ёфт. Дар доираи таълими забони хориҷӣ бо назардошти тамоюли касбӣ ва тахассусии донишҷуён, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар онҳо луғати минималии истилоҳоте, ки барои кор бо матнҳои ихтисосашон зарур аст, ва барои дарк ва гирифтани маълумоти зарурӣ мувофиқ аст, омода бошад. Дар ин ҷо бояд ба чунин хусусияти истилоҳ, таваҷҷуҳи хоса дода шавад. Ба донишҷуён зарурати тасниф кардани мафҳумҳо ва нишон додани хусусиятҳои онҳо фаҳмонда шавад. Ҳангоми шарҳ додани истилоҳот барои донишҷуён бояд донишҳои забонии онҳо ба инобат гирифта шуда, истилоҳотро мувофиқи ин ё он гурӯҳи семантикӣ интихоб намудан зарур аст.

Ҳар як соҳа истилоҳи хоси худро дорад. Масалан, агар ба низоми истилоҳи хоҷагии қишлоқ назар афканем, истилоҳоти соҳа хеле фароханд ва танҳо барои доираи махсуси

мутахассисон фаҳмо мебошад. Дар акси ҳол, дарки он барои дигарон амри маҳол аст. Барои намуна чанде аз истилоҳоти соҳаи зоотехникиро меоварем: **абсолютный прирость - absolute gain -** *нишондиҳандаи селексионӣ ва ё зоотеникӣ, ки нишондиҳандаи асосии самаранокии чорворо дар муддати муайян нишон медиҳад;* ***бонитировка*** **- grading -** *баҳодиҳии умумии чорво аз рӯйи нишондиҳандаҳояшон ва гурӯҳбандӣ дар натиҷаи тақсимкунии онҳо дар заминаи нақшаи муайян. Дар натиҷаи ин амал муайян карда мешавад, ки чорво ба кадом самт равона карда шавад;*
выбраковка - culling - *баровардани чорвои бемор аз пода, ки самаранокии камтар доранд. Ин амал дар натиҷаи бурдани корҳои ветеринарӣ ба амал бароварда мешавад;* ***имбредная депрессия*** **- inbred depression -** *пастшавӣ ва самаранокии чорво дар натиҷаи якҷояшавӣ бо наслҳои дигар, пародаҳои дигар;* ***имбридинг*** **- inbreeding** - *алоқаи ҷинсии ҳайвонот бо дигар чорвои наздик, аз нигоҳи хешу таборӣ, дорои навъи хуни якхела будан ва ғ.;* ***комолость*****- polled** - *бешох, таваллуд шудани чорво аз модар бидуни шох;* **крупный рогатый скот - cattle** - *чорвои калони шохдор;* **бычок - Bull -** *буққача аз таваллуд то давраи ба истеҳсолот равона кардан;* **Бык - Bull -** *буққа- навъе, ки барои зиёд кардани чорво истифода мешавад, инчунин барои истеҳсолот ва ғ.*

Ҳангоми ташаккули луғати ҳадди ақали истилоҳот «истилоҳоти таснифӣ ва асосӣ бояд бо таърифҳое ҳамроҳ шаванд, ки мафҳумҳои онҳоро мантиқӣ ошкор намуда, ҳамчун унсури дониши илмӣ истифода шаванд» [13, с. 98].

Дар раванди таълим бояд ишора намуд, ки доираи истифодаи ҳамаи истилоҳот якхела нест. Ин амал забономӯзро ба андеша ворид намуда, дар мафкураи ӯ пайдо намудани мавқеи дурусти истифодаи истилоҳро ҷой мекунад, ки дар мустаҳкам намудани омӯзиши истилоҳот кумак мерасонад.

Ҳамин тариқ, мо метавонем донишҷӯёнро даъват кунем, ки истилоҳро муайян кунанд, то ба онҳо тағйирёбии эҳтимолии тафсирҳоро нишон диҳанд ва дар оянда таъриферо, ки моҳияти мафҳуми истилоҳшударо пурра ифода мекунад, ҳамчун асос гиранд. Хусусияти дигари истилоҳ, ки хангоми таълими истилоҳот ба забономӯзон бояд ба назар гирифта шавад, норавшании он аст. Ба вуҷуд омадани маъноҳои нави як истилоҳ, инчунин васеъ шудани доираи семантикаи он табиист, зеро истилоҳи система раванди шинохти фаъолияти доимо инкишофёбандаи равонии ҷамъиятро инъикос мекунад.

Зарурати таълими истилоҳот аз он иборат аст, ки он ҳамчун асоси ба даст овардани донишҳои нав хизмат мекунад. Забоншиносон бар он назаранд, ки: «дуруст ва саҳеҳ донистани он воситаи ифодаи дониш ва як навъи ислоҳи нутқ мебошад [13,10].

Истилоҳоти соҳаи аграрӣ пеш аз ҳама ҳангоми хондан амалӣ карда мешавад, ки ин намуди фаъолияти нутқ ҳамчун ҷанбаи омӯзиш амал мекунад. Яъне, истилоҳотро дар раванди фаъолияти он дар муҳити забон, яъне дар матн омӯхтан лозим аст. Истилоҳро дар ҷанбаи динамикӣ баррасӣ намуда, онро ҳамчун воситаи сабти дониш ва ҳамчун воситаи ифодаи натиҷаҳои дониш арзёбӣ менамоянд [9, с.48].

Истилоҳ иттилооти маърифатиеро дар бар мегирад, ки саъю кӯшиши эчодии афкори илмиро мутамарказ намуда, марҳилаи муайяни донишҳои илмиро мукаммал месозад, барои фаъолияти самарабахши илмии инсон ва тадқиқоти минбаъдаи илмӣ шароит фароҳам меорад. Дар шароити омӯзиши маърифатӣ, ки яке аз технологияҳои самараноки педагогӣ эътироф шудааст, қобилиятҳои ақлии хонандагон, пеш аз ҳама, ба инкишоф дода мешаванд. Донишҷӯён бояд донишҳои навро мустақилона аз худ кунанд, онро бо системаи донишҳои мавҷуда муттаҳид созанд ва онро дар ҳолатҳои нави касбӣ истифода баранд.

Дар аввалин дарсҳои забони хориҷӣ, ки ба омӯзиши мавзуъҳои касбӣ бахшида шудаанд, ба донишҷуён дар бораи сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти аграрӣ фаҳмиши асосӣ додан лозим аст. Истилоҳоти аграрӣ истилоҳоти маъмулан истифодашаванда, истилоҳоти махсуси соҳаи муайяни дониш маҳсуб меёбад. Истилоҳоти аграрӣ якчанд сарчашмаҳои ташаккулёбӣ дорад. Вай дар асоси забони табиӣ ва калимаҳои нав ихтироъшуда, дар натиҷаи аз нав дида баромадани муносибатҳои ҷамъиятии пештара ва инкишофи конунгузорӣ ташаккул ёфтааст.

Дар ибтидо таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ ба таълими хондани матнҳои махсус нигаронида мешавад. Аз рӯйи анъана ба тарҷума - фаъолияти мураккаби нутқ ва забони инсон, омӯзиши хусусиятҳои услуби илмӣ ва таълимии истилоҳоте, ки дар асоси ҳар як матни илмӣ ва махсус қарор мегирад, диққати махсус дода мешавад. Хусусияти матнҳои махсус ин маълумотнокӣ, ифодаи дақиқи фикр аст.

Дар истилоҳоти луғавӣ ин матнҳо дар баробари луғатҳои маъмули истилоҳот пур аз истилоҳот мебошанд. Намудҳои илмию техникӣ, ҳарбӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодиву кишоварзӣ тарҷумаи махсус вуҷуд доранд. Тибқи таснифоти жанри адабӣ тарҷумаи матнҳои таълимӣ тарҷумаи иттилоотӣ ё махсус буда, ҳадафи кори тарҷумони чунин матн гирифтани маълумот мебошад. Дар дарсҳои забони хориҷӣ омӯзгорон одатан аз ду намуди тарҷума – тарҷумаи хаттӣ ва тарҷумаи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода мебаранд. Истилоҳот дар навбати худ, метавонад эзоҳӣ ва абстрактӣ бошанд. Ин ду тарзи тарчума, ба назари мо, дар фахмидани матн ва гирифтани маълумоти зарурӣ оид ба мавзуъ ва мавзуи матн аз ҳама бештар муассиртар мебошанд.

Хулоса. Бо он розӣ шудан мумкин нест, ки фаъолияти донишҷуён оид ба аз худ намудани усулҳои гуногуни коркарди семантикии маълумот дар раванди тафсир ва ҷамъбаст имконият медиҳад, ки дониши онҳо дар соҳаи касбӣ фаъолона пурра карда шавад. Кори амалӣ бо матни махсус ҳаракати донишҷӯро аз хондан, фаҳмидан ва тафсири матни ихтисоси худ ба эҷоди матни худ дар натиҷаи фаъолияти тадқиқотӣ бо назардошти хусусиятҳои сохтани нутқи илмӣ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, ба рушди малакаҳои нутқ дар муошират касбӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир кардан лозим аст. Донишҷӯён бояд захираи кофии луғатро аз худ кунанд ва онро дар марҳилаи дарк ва тавлиди матни худ истифода баранд. Омӯзгорро лозим аст, ки ҳамсуҳбати фаъоли хонандагон гардад ва онҳоро дар раванди таълим роҳнамоӣ кунад. Мақсади таълими муошират бо забони хориҷӣ ба воситаи техникаи коммуникативӣ беҳтар аст. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки донишҷӯ ба муошират бо истифода аз маводи таълимӣ дар асоси видеоҳо, матнҳо ё ҳолатҳои таълимӣ ҳамроҳ шавад. Муаллим ҳамчун нозири кори донишҷӯён ва дар ҳолати душворӣ ҳамчун машваратчӣ баромад мекунад. Вазифаи он фароҳам овардани шароити мусоид барои муошират байни донишҷӯён бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои худ мебошад. Омӯзгорро зарур аст, ки дар доираи фаъолияти касбии донишҷӯён вазъиятҳои коммуникатсионии тарбиявӣ ба вуҷуд оварда, хонандагонро ба муошират шифоҳӣ ҳавасманд намояд. Воситаҳое, ки барои ноил шудан ба салоҳияти коммуникатсионии дар дарси забони хориҷӣ истифодашаванда мусоидат мекунанд, иборатанд аз: муколамаи таълимӣ, монолог, гузоришҳо ва паёмҳо, бозиҳои нақшӣ ва корӣ, мубоҳисаҳо ва лоиҳаҳои таълимӣ, ки дар онҳо азхудкунии донишҳои нав зарур аст, ки бидуни он имконнопазир аст.

Фаъолияти лоиҳавӣ, ки онро ҳам раванди кори донишҷӯ ва ҳам натиҷаи он фаҳмидан мумкин аст, маҳорати фаъолияти хонандагонро фаъолона амалӣ менамояд. Кумаки омӯзгор дар фаъолияти лоиҳавии донишҷӯ аз муайян кардани мавзуъ, ҳамоҳангсозии раванди кори донишҷӯ ва муайян кардани намуди ниҳоии тадқиқот: гузориш, презентатсия ё мақола иборат аст. Дар натиҷа, донишҷӯ дар гузаронидани тадқиқоти илмӣ, тарҳрезии лингвистии он ва таҷрибаи суханронии оммавӣ таҷрибаи бебаҳои амалӣ мегирад. Принсипи фаъолияти коммуникативиро амалӣ намуда, донишҷу, аз як тараф, баёния (сухани илмӣ)-и худро дар асоси вазифаи коммуникатсионии гирифташуда ташаккул медиҳад, аз тарафи дигар, бо назардошти сатҳи донистани забони хориҷӣ, дониши заминавие, ки ба ӯ ва шарики ӯ дар ҳолатҳои муошират таълимӣ дастрас аст.

Донишҷӯён захираи луғавии худро зиёд мекунанд, фикр кардан ва муҳокима кардани масъалаҳои касбиро бо забони хориҷӣ меомӯзанд, яъне омӯхтани забони хориҷӣ аҳамияти касбӣ пайдо мекунад. Имрӯз мутахассис бояд дорои маълумоти гуногун, баъзан мураккаб ва пайваста таҷдидшаванда бошад, ки дар фаъолияти касбии худ заруранд. Ба ӯ лозим аст, ки мунтазам адабиёти махсусро омӯзад, тамоюлҳои навро дар соҳаи касбӣ пайгирӣ кунад ва аз таҷрибаи хориҷӣ истифода барад. Аз ин рӯ, дониши амиқ ва ҳамаҷонибаи забони хориҷӣ, дониш ва малакаи дуруст истифода бурдани истилоҳоти махсус, инчунин донистани таърих ва вазъи имрӯзаи соҳаи касбии худ талаботи асосиест, ки ба донишҷӯ ҳамчун мутахассиси оянда гузошта мешавад.

Адабиёт

1. Алексеева Л. М. Проблемы термина и терминообразования: учебное пособие по спецкурсу. /Л. М. Алексеева. – Пермь: Пермский университет, 1998. – 120 с.
2. Гринев С. В. Терминоведение: учебное пособие. / С. В. Гринев – М.: Академия, 2008. – 304 с.
3. Лейчик В. М. Элементы терминотворческой теории текста // Стереотипность и творчество в тексте: сборник научных трудов. – Пермь, 2002. – С. 38–77.
4. Молотков А. И. «Фразеологический словарь русского языка», М. – «Просвещение»,1986. С.120-130
5. Татаринов В. А. Теория терминоведения: в 3 т. – Т. 1. Теория термина: история и современное состояние. / Татаринов В. А. – М., 1996.
6. Ҳалимов С., Шукурова К. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ). / С. Ҳалимов, К. Шукурова. Душанбе, 1988. – 100 с.
7. Ҷамшедов П. Типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. / П. Ҷамшедов – Душанбе, 1977. – 126 с.
8. Реформатский А. А. Что такое термин и терминология // Вопросы терминологии. М.: Наука, 1961. - С. 46-54.
9. Сельскохозяйственная энциклопедия / под ред. Мацкевича В. В., П. П. Лобанова. / В. В. Мацкевич, П. П. Лобанов. — М., 1969-1975. С.-245-248.
10. Firth J. The Technique of Semantics / J. Firth // Transactions of the Philological Society.- London: Benn, 1935. -Pp. 36-72.
11. Jespersen, O. Growth and Structure of the English Language / O. Jespersen. Oxford: Basil Blackwell, 1935. - 239 p.
12. Khaimovich, B.S., Rogovskaya B.Y. A course in English grammar / B. S. Khaimovich, B. I Rogovskaya. -M.: High school, 1967. - 298 p.
13. Lounsbury, T. History of the English Language / T. R. Lounsbury. -California: California University Press, 2014. -547 p.
14. Nesfield, J.C. Historical English and Derivation / J. C. Nesfield. -London: Macmilan and Company, 1931. -470 p.
15. Sweet, H. The Practical Study of Languages: A guide for teachers and learners / H.A. Sweet. - London: Bibliolife, 2014. -308 p.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Туйғунов Носир Ҳақбердиевич - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Мудири кафедраи забони англисии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур.* ***Сурога:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146****Телефон****(+992) 93 555 23 04,* ***E-mail:*** ***tuygunovnosir@mail.ru***

Сведения об авторе: *Туйгунов Носир Хакбердиевич – к.ф.н., доцент, заведующий кафедрой английского языка Таджикского аграрного университета имени Ш. Шохтемура.* ***Адрес:*** *Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 146.* ***тел:*** *935552304,* ***E-mail:*** ***tuygunovnosir@mail.ru***

Information about the author: *Tuygunov Nosir Khakberdievich – candidate of philology sciences, associate professor, Head of the English Department of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shokhtemur.* ***Address:*** *Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 146.* ***phone:*** *935551304,* ***E-mail:*** ***tuygunovnosir@mail.ru***

ТДУ ТДУ 811.222

ТАВЗЕҲИ ЧАНД МУРОДИФОТИ ЛУҒАВӢ ДАР ЯК ТАРҶУМАИ КУҲАН

Саъдуллозода Умедҷон Қудратулло
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муродифот ҳамчун ҳодисаи семантикӣ тамоми қабатҳои забонро фаро мегирад. Ба ин маънӣ дар системаи забон на фақат муродифоти луғавӣ ва ё худ синонимҳоро, ҳамчунин муродифоти фразеологӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва монанди инҳоро низ ҷудо кардаанд. Табиист, ки ҳар яке аз ин ҳодисаҳо дар сатҳи муайяни забон амал мекунад ва аз ҳамин гуна ҳодисаи сатҳи дигар ба куллӣ фарқ дорад. Синонимия аз категорияҳои ниҳоят мураккаби забон ба шумор рафта, дар бахши маъношиносӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Бо вуҷуди ба табъ расидани китобу мақолаҳои зиёд доир ба ҷанбаҳои мухталифи муродифоти луғавӣ дар забони тоҷикӣ паҳлуҳои норавшани ин ҳодисаи забонӣ мавҷуданд.

Мақсади мақола муродифоти луғавӣ мебошанд, ки дар тарҷумаи «Қуръони Қудс» мавқеи муайянро ишғол мекунанд. Фасоҳат ва балоғати суханро аз бисёр ҷиҳат дараҷаи дурусти истифода аз калимаҳои муродифмаъно таъин мекунад ва мутарҷим кӯшиш намудааст, ки бар ивази вожаҳои арабӣ (тарҷума аз арабӣ ба форсии тоҷикӣ) аз вожаҳои зебову ноби тоҷикӣ истифода намояд.

Калидвожаҳо: *корзор, ҳарб, муҳориб, гетӣ, ҷаҳон, даҳр, гуноҳ, базаҳ, гуҳишт, фирдавс, адн, мардум, шаҳр, шористон, комистан, нобино, сабил, раҳ.*

КОММЕНТАРИЙ НЕКОТОРЫХ ЛЕКСИЧЕСКИХ СИНОНИМОВ В ОДНОМ ДРЕВНЕМ ПЕРЕВОДЕ

Синонимы как семантическое явление охватывают все уровни языка. В этом смысле в языковой системе выделяют не только лексические синонимы, но также фразеологические, морфологические, синтаксические и подобные им синонимы. Естественно, что каждое из этих явлений действует на определённом уровне языка и принципиально отличается от явлений других уровней. Синонимия считается одной из наиболее сложных категорий языка и занимает особое место в семантике. Несмотря на большое количество опубликованных книг и статей, посвящённых различным аспектам лексической синонимии в таджикском языке, остаются неясные стороны этого языкового явления.

Цель статьи — лексические синонимы, которые занимают определённое место в переводе «Куръони Кудс». Красноречие и выразительность речи во многом определяется правильным использованием синонимичных слов, и переводчик старался вместо арабских слов (перевод с арабского на таджикский персидский) использовать красивые и чисто таджикские слова.

Ключевые слова*: поле, война,воин, мир, вселенная, время, грех, плохая работа, рай, вечность, народ, город, ,сад, слепой, путь.*

COMMENTARY ON SOME LEXICAL SYNONYMS IN AN ANCIENT TRANSLATION

Synonyms as a semantic phenomenon encompass all levels of language. In this sense, the language system distinguishes not only lexical synonyms but also phraseological, morphological, syntactic, and similar types of synonyms. Naturally, each of these phenomena operates at a specific language level and fundamentally differs from phenomena at other levels. Synonymy is considered one of the most complex categories of language and holds a special place in semantics. Despite the large number of published books and articles devoted to various aspects of lexical synonymy in the Tajik language, some unclear aspects of this linguistic phenomenon remain.

The purpose of the article is the lexical synonyms that occupy a certain position in the translation of the "Qur’oni Quds." Eloquence and expressiveness of speech largely depend on the correct use of synonymous words, and the translator tried to use beautiful and purely Tajik words instead of Arabic words (translation from Arabic to Tajik Persian).

Keywords: *field, war, warrior, peace, universe, time, sin, bad work, paradise, eternity, people, city, garden, blind, path.*

МУҚАДДИМА

Муродифот яке аз қабатҳои луғавии таркиби луғавии забон маҳсуб ёфта, калимаҳои аз ҷиҳати маъно наздик ва баъзан баробаре буда, бо хусусиятҳои услубӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Перомуни вожаи муродиф Муҳаммад Ғиёсуддин менигорад, ки «… лафзе, ки ба лафзи дигар дар маънӣ шарик бошад» [9, с. 251]. Манбаъҳои пайдоиши муродифот гуногун буда, ҳамаи онҳо як хусусияти умумӣ доранд, яъне лексикаи забонро мукаммалтар, ғанитар менамоянд. «Манбаъҳои ба вуҷуд омадани синонимҳо инҳоанд: 1) Инкишоф ва бой шудани лексика ба воситаи калимасозӣ; 2) Бой гардидан ва инкишоф ёфтани лексика аз ҳисоби калимаҳои зинда ва нутқи даҳанакӣ; 3) Бой гардидани лексикаи забони модарӣ аз ҳисоби калимаҳое, ки аз забонҳои дигар иқтибос карда мешаванд; 4) Манбаи дигари пайдоиши синонимҳо эвфемизм мебошад» [4, с. 19-20]. Бо ҳамин маънӣ забоншинос М.Н. Қосимова манбаъҳои пайдоиши муродифотро чунин шарҳ додааст: «Синонимҳо яке аз воситаҳои бойшавии таркиби луғавии забон ва инкишофи нутқ буда, дорои хусусиятҳои гуногуни услубианд. Манбаъҳои пайдоиши синонимҳо дар забон, аз рӯйи тадқиқи забоншиносон чунинанд: а) калимасозӣ; б) ворид шудани калимаҳо аз забони гуфтугӯӣ ва шеваҳо: в) иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар: г) эвфемизмҳо» [6, с. 86]. Синонимҳо яке аз воситаҳои муҳимми пурра ва ҷозибанок тасвир намудани предмет ва ҳодисаву воқеаҳои гуногун мебошанд. Онҳо воситаи бой намудани таркиби луғавӣ, дилчаспу мухтасарбаёнӣ ва дар шаклу намудҳои беҳтарин ифода намудани фикр мебошанд [ниг.: 12, с. 17]. 1. Синонимҳо калимаҳои ҳаммаъное аз решаҳои гуногунанд, ки таркиби луғавии забонро бой мекунанд; 2. Синонимҳо яке аз беҳтарин воситаҳои баёни тобишҳои маъноии мафҳум, ҳолат ва руҳияи шахсу предмет мебошанд; 3. Синонимҳо барои тасвири характеристикаи предмет ба кор бурда мешаванд; 4. Синонимҳо барои аз такрори калима худдорӣ кардани муаллиф (гӯянда), бо мақсади шаклҳои гуногуни ифодаҳои дар забон бударо истеъмол кардан ва бо ин восита саҳеҳӣ, равшанӣ ва қувваи бадеии гуфтаи худро таъмин намудан ба кор бурда мешаванд [ниг.: 13, с. 79]. Албатта, яке аз сабабҳои истифодаи муродифот гурез аз такрори ноҷост. Аз ин рӯ, нависанда ё мутарҷим барои ифодаи як матлаб аз калимаву ифодаҳои гуногуни ҳаммаъно истифода мебарад, ки ин боиси фасоҳату назокати сухан ва зебоиву таъсирбахшии фикр мегардад.

Фасоҳат ва балоғати суханро аз бисёр ҷиҳат дараҷаи дурусти истифода аз калимаҳои муродифмаъно таъин менамояд. Чунончи, «синонимҳо яке аз воситаҳои муҳими пурра ва ҷозибанок тасвир намудани предмет ва ҳодисаву воқеаҳои гуногун мебошанд. Онҳо воситаи бой намудани таркиби луғавӣ, дилчаспу мухтасарбаёнӣ ва дар шаклу намудҳои беҳтарин ифода намудани фикр мебошанд» [12, с. 88]. Эҷодкор ё мутарҷим ҳангоми баёни матлаб аз миёни калимаву ифодаҳои бешумори таркиби луғавии забон бояд ҳамонеро интихоб намояд, ки ҳам саҳеҳу пурмаъно ва хушоҳангу шинам бошад, ҳам нияти эҷодии ӯро ба хубӣ ифода кунад. Интихобу истеъмоли калима, равшании ифодаи фикр ба ҷаҳонбинӣ, завқ, боигарии луғавӣ ва маҳорати сухандонии адиб вобаста аст. Дарвоқеъ, истифода намудани калима ва ифодаҳои шаклан гуногуни мазмунан ба ҳам наздик дар эҷодиёти нависандагону баргардони мутарҷимон аҳамияти махсус дошта, дар муайянкунии маҳорати нависандаву мутарҷим аз омилҳои муҳим ба шумор меравад. Ҳар як адибу мутарҷим кӯшиш мекунад, ки вожаҳои ба кор бурдааш ба хонанда ҳам аз нигоҳи мазмун ва ҳам аз ҷиҳати оҳангу талаффуз хуш ояд. Дар ин бора забоншинос Ш. Исматуллозода чунин қайд намудааст: «Ин дар назари аввал агар кори осон намояд, вале ҳангоми корбаст намудан он чунон амали саҳл нест. Чунки ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад, яъне мувофиқи мазмуни матн, ҳиссиёти эмотсионалӣ ва тартиби ҷумлаву оҳанг бояд ҳар як синоним дар мавриди худаш истифода шавад. Масалан, мо гуфта наметавонем, ки «айни ӯ пур аз ашк шуд», мо мегӯем, «чашми ӯ пур аз ашк шуд»» [16, с. 92]. Ба ҳамин маънӣ забоншинос А. Абдуқодиров чунин меафзояд: «Забони тоҷикӣ таркиби луғавии бой дорад ва ҳангоми кори эҷодӣ дар майнаи нависанда барои истифодаи ин ё он фикр на калимаи алоҳида, балки гурӯҳи синонимии калимаҳо пайдо мегардад. Нависанда бояд аз байни онҳо калимаеро интихоб намояд, ки дар матн ҳам нияти эҷодии ӯро ба хубӣ ифода карда тавонад. Интихобу истеъмоли калима ба ҷаҳонбинӣ, завқ ва маҳорати адиб вобастагии мустаҳкам дорад. Бинобар он муайян кардани хусусиятҳои синонимӣ дар тадқиқи забон, услуб ва маҳорат ёрии калон мерасонад» [1, с. 152].

Тайи солҳои охир ба масъалаи муродифҳои луғавӣ дар забоншиносии тоҷик диққати махсус зоҳир мегардад, ки шоҳиди ин дар давраи кӯтоҳ чоп шудани як қатор корҳои илмии ба ин мавзуъ бахшидашуда, чун корҳои илмии дар ин мавзуъ таълифнамудаи забоншиносони тоҷик Н. Масъумӣ, М. Муҳаммадиев, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, С. Ҳошимов мебошанд, ки эшон дар нигоштаҳояшон фикрҳои ҷолиб баён намудаанд [ниг.: 8, с. 67; 12, с. 18; 3, с. 25; 7, с. 77; 5, с. 98; 15, с. 22].

Забоншинос Ю. Д. Апресян барои ҳисобидани ду калима чун муродиф шартҳои зеринро баён кардааст: якум, мутобиқати пурраи тафсири луғавии калимаҳо; дуюм, мувофиқати хусусиятҳои эквалентнокии онҳо; сеюм, муродифҳо бояд ба як ҳиссаи нутқ марбут бошанд [ниг.: 2, с. 223] ва меафзояд, ки «…муродифот бо ду шарт вуҷуд дошта метавонад: умумияти семантикӣ-маъноии калимаҳо ва мубодилаи дутарафаи онҳо. Он калимаҳое, ки танҳо ба яке аз ин шартҳо ҷавобгӯ мебошанд, муродиф шуда наметавонанд» [2, с. 223].

АСОС

Бешубҳа, омӯзиши мавзуи муродифҳо дар асоси маводи тарҷумаҳо имконият медиҳад, ки ба тарҷумаҳои куҳан жарфтар назар андохта, роҳҳои ифодаёбии усули истеъмоли суханро дар тарҷумаҳои куҳан нишон бидиҳем. Зеро мафҳуми услуб ва тарзи хоси тарҷумаи ҳар мутарҷим бо муродиф ва хусусиятҳои муродифии калимаҳо зич алоқаманд аст: «Масъалаи синонимҳоро ба назар нагирифта дар бораи услуби суханронӣ, воситаҳои забон, умуман, ифодаи фикр сухан рондан имконнопазир аст. Вазифаи услуб интихоби калима, дуруст ва бамавқеъ истифода бурдани он ва ба ин васила дуруст ифода кардани фикр мебошад. Интихоби калима дар навбати худ, аз силсилаи калимаҳо якеро интихоб кардан аст» [12, с. 8].

Тарҷумаи «Қуръони Қудс» аз нигоҳи вожаву таъбирҳои нобу куҳан, калимоти лаҳҷавиву гӯишӣ, хусусиятҳои овоиву наҳвӣ ва вижагиҳои дигар дар рушди донишҳои филологӣ аз сарчашмаҳои пурбори таҳқиқ маҳсуб мегардад» [ниг: 14, с. 115-116]. Бинобар ин, тасмим гирифтем, ки нукоте чанд перомуни ҷойгоҳи муродифоти луғавӣ дар тарҷумаи “Қуръони Қудс” ҳарф занем.

Нақши муродиф дар равону суфта ва ходанбоб гаштани забони тарҷумаҳо хеле барҷаста аст. Муродифҳои забони тоҷикӣ аз ҷиҳати баромад гуногунанд. Манбаи пайдоиши аксари онҳо худи забони тоҷикист. Аммо баъзан калимаҳое иқтибос мешаванд, ки бо калимаҳои забони тоҷикӣ муродиф мегарданд. Хусусан вожаҳое, ки аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд. Муродифҳо аз рӯйи андозаи истеъмол ва обуранги мухталифашон аз ҳам фарқ мекунанд ва агар яке аз муродифҳо серистеъмол бошад, дигаронашон камистеъмоланд ё аз истеъмол баромадаанд. Ҳар як муродиф вобаста ба матн мавқеъ ва дараҷаи истеъмоли худро дорад, ки онҳоро вобаста ба баъзе хусусиятҳо ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо намудем:

а) Дар асар муродифҳое ҳастанд, ки сарсилсилаи худро доранд. Масалан, калимаи **козор (корзор)** маънии умумӣ дошта (яъне, дар асар серистеъмол аст), дигар муродифҳояш – **ҳарб ва муҳориб** - мавқеъ ва дараҷаи истеъмол ва хусусиятҳои услубии худро доранд.

Козор (козор): *Ар ду гураҳ аз муъминон **козор** кунанд, ростӣ (сулҳ) кунед миёни он дуво …* [Ҳуҷурот, 9].

Ҳарб: *Бигуҳ паскардагонро аз аъроб: «Анӯз хонда шед, бе (ба) қавме худовандони **ҳарбе** сахт, козор (корзор) кунед во эшон ё нарм шанд (шаванд)...* [Фатҳ, 16].

Муҳориб: *Эшон ме **муҳориб** шанд (шаванд) Худойро ва пайғомбари Ӯйро, ҳалок карда банд (бошанд, мешаванд), чунон ҳалок карда шуданд эшон, к-аз пеши эшон (пеш аз онҳо) буданд...* [Муҷодала, 5].

Аз муродифҳои зикршуда вожаи **козор (корзор)** аз ҷиҳати баромад тоҷикӣ буда, вожаҳои **ҳарб** ва **муҳориб** арабӣ мебошанд.

Ба ҳамин монанд, метавон вожаҳои **ҷаҳан (ҷаҳон) – гетӣ** ва **даҳрро** ба ин гурӯҳ дохил намуд (сарсилсила вожаи арабии **ҷаҳан (ҷаҳон)** бо вожаҳои тоҷикии **гетӣ** ва арабии **даҳр**).

Ҷаҳан (ҷаҳон): *Худойро он **ҷаҳан** ва ин **ҷаҳан*** [Наҳм, 25].

Гетӣ: *Он бад-он шумо гирифтед оятҳои Худойро авсӯсӣ ва бифиреҳт шуморо зиндагонии ин **гетӣ**», ...* [Ҷосия, 35].

Даҳр: *Гуфтанд: «Нест он бе (ба ҷуз) зиндагонии эймо ин гетӣ, мемирем ва мезием ва ҳалок намекунад эйморо бе (ба ҷуз)* ***даҳр****»...* [Ҷосия, 24].

Сарсилсила гуҳишт (биҳишт) – фирдавс, адн

Гуҳишт: *Он аст* ***гуҳишт****, он ки мерос гирем аз бандагони Эймо, киро ҳаст парҳезкор* [Марям, 63].

Фирдавс: *Эшон ме мерос гиранд* ***фирдавс****, эшон дар он ҷо ҷовидонгон банд (бошанд)* [Муъминун, 11].

Адн: *Бӯстонҳои* ***адн****, он ки ваъда кард Худой бандагони ӯйро ба нопадидӣ, Ӯй ҳаст ваъдаи Ӯй омадор* [Марям, 61].

Сарсилсила тарс – бадас, ваид

... Чаро берун нашанд аз ҳар гураҳе з-эшон гураҳе, то доно шудандӣ дар дин, то ***бадас*** *бурдандӣ қавми эшонро, азмон (азамон) возомадандӣ бе (ба сӯйи) эшон, шояд к-эшон* ***битарсидандӣ*** [Тавба, 122].

Манишинед ба ҳар роҳе ме ***ваид*** *(бим додан) баред ва ме воз занед аз раҳи Худой, он кӣ бигаравист бад-он...* [Аъроф, 86].

б) Мутарҷим вожаҳои арабиро бе тарҷума истифода кардааст (танҳо як маротиба истифода гардидаанд). Ҳарчанд ки дар мутуни пажӯҳиш муродифи тоҷикияш серистеъмол аст.

Нос – мардум:

Эшон гуфт эшонро ***нос****: «Мардумон ба ҳам омаданд шуморо...* (Оли Имрон, 173). *Худованди эймо! Туво баҳамкунори* ***мардумон*** *ҳай (ҳастӣ), рӯзеро гумомандӣ нест дар он. Худой хилоф накунад ваъда* [Оли Имрон, 9].

Мой (моъ) – об – ов

Ар рост биистодандӣ вар…….додӣ эймо эшонро ***мойе*** *(моъ дар арабӣ об) фаровон (Ҷинн, 16). То зинда кунем бад-он шаҳре мурдаро ва* ***об*** *диҳем аз он, з-он биёфаридем сутурон ва мардумони фаровон* (Фурқон, 49). *Ӯй Ӯй аст, к-фуруд кард аз осмон* ***ове.*** *Берун овардем бад-он набот (растанӣ) ҳар чизе, берун овардем аз он савзӣ,....* [Анъом, 99].

в) Муродифҳое ҳастанд, ки танҳо дутоянд ва онҳоро муаллиф дар мутун мувофиқи матлаб кор фармудааст. Ин гуна муродифҳоро аз ҷиҳати баромадашон метавон тасниф кард:

<u>Тоҷикӣ</u>:

Гунаҳ – базаҳ:

Кӣ касб кунад ***гунаҳе*** *ё* ***базаҳе****, воз рамит кунад бад-он вегунаҳеро, вардошт дурӯге ва базаҳе дидвар* [Нисо, 112].

Базаҳ маънии гуноҳ ва хаторо дорад. Дар форсии миёна **bazak**, дар авестоӣ **∗bazdaka (∗basdaka)** аз решаи **band-** "дард кашидан, бемор будан" собиқа дорад [10, с. 478].

Базаҳкар – гунаҳкор:

Пайкор макун аз-эшон, к-ме хиёнат кунанд вар нафсҳояшон. Худой дӯст надорад киро ҳаст ***хиёнаткаре базаҳкар*** [Нисо, 107].

Гуфтанд: "Савганд ба Худой варгузид туро Худой вар-эймо ва будем ***гунаҳкорон****"* [Юсуф, 91].

Шаҳр – шористон:

Шаҳре *пок, ме берун ояд наботи (рустании) он ба фармони Худованди он. Он, ки палид шуд, берун наёяд, бе (магар) хаҷорае, чунон ме дидвар кунем нишонҳо қавмеро, к-ме шукр гузоранд* [Аъроф, 58].

Шор ба маънии шаҳр бошад, ки арабон мадина хонанд. **Шористон** шаҳр ва шаҳристон бошад. Сурате аз луғати **šahr** (шаҳр) бо табдили **-ahr > ār** (бо ҳазфи **-h-** ва кашиши ҷубронӣ) ва бо балучӣ **šaurostano** "шаҳристон, шаҳр", парочӣ **šār** "шаҳр", гӯронӣ **šār** "шаҳр", курдӣ **šār** "шаҳр, диёр, сарзамин" ва арманӣ **šahastan, šahstan** "шаҳр ё маркази иёлат" қиёс шавад [ниг.: 11, с. 1825-1826].

Гуфтанд заноне дар ***шористон****: "Зани Азиз мехоҳад ҷавонаки ӯйро (худро) аз нафси ӯй бибурд дил ӯйро дӯстӣ, эймо мегинем ӯйро дар вераҳии дидвар"* [Юсуф, 30].

Комидан, комистан – хаҳастан:

… Чист ин қавмро, ***накоманд****, ки дарёванд ҳадисе?* [Нисо, 78].

... Гуфт: "Ё писари модар! Қавм суст гирифтанд маро ва ***комистанд****, ки бикушанд маро ...* [Аъроф, 150].

… Ар ***хаҳастӣ*** *Худой варгумоштӣ (мусаллат месохт) эшонро вар шумо, козор кардӣ во шумо …* [Нисо, 90].

Вожаи **комистан** дар форсии миёна **kām: kāmistan** "хостан, дӯст доштан, моил будан, орзу кардан" мавҷуд буд ва моддаи музореи ин феъл (**kām**) низ ҷаълӣ аст ва аз исм (**kām**) сохта шудааст ва муқоиса шавад бо забони форсии турфонӣ k'm: q'mystn [**kām: kāmistan**] "хостан, дӯст доштан, орзу кардан" ва дар забонҳои эронии миёна собиқа дорад [ниг.: 11, с. 2114]. **Хаҳастан** вожаи форсӣ-тоҷики **хостан** аст, ки ба ҳодисаи афзоиши овоӣ дучор гардида, шакли хаҳастанро гирифтааст.

Нобино – кӯр:

… Ва ме гуваҳ кардӣ ***нобиноро*** *ва песро ба фармони Ман…* [Моида, 110].

Пиндоштанд, ки набуҳад фитна, ***кӯр*** *шуданд ва кӯт шуданд, воз тавба падируфт Худой вар-эшон, ...* [Моида, 71].

Пинҳом – ниҳон:

… Худой донад он ме ашкаро кунед ва он ме пинҳом кунед [Моида, 99].

… Донад ниҳони шумо ва ашкарои шумо ва донад он ме касб кунед (Анъом, 3).

Бурдбор – шикево (шикебо):

Миздак бурдем ӯйро ба ғуломе бурдбор [Соффот, 101].

… Эймо гундодем ӯйро ***шикево****, нек бандае буд, ӯй возомадор буд* [Сод, 44].

Зиндагонӣ – зишт:

Он додед аз чизе та бархурдории ***зиндагонии*** *ин гетӣ ва ороишти он ва он наздики Худой аст геҳ ва боқитар …* [Қасас, 60].

Кӣ рӯй гардонад аз аёдкарди (ёд кардани) Ман, ӯйро буҳад (бувад) ***зиштии*** *танг ва ҳашр кунем ӯйро ба рӯзи растохез кӯр* [Тоҳо, 124].

Оморидан – шумурдан:

Биёморид *эшонро ва* ***бишумурд*** *эшонро* ***шумурдане*** [Марям, 94].

Нолидан – гиристан:

Эшонро дар онҷо **нолидан** буҳад (бошад, ҳаст) ва эшон дар он нишинанд [Анбиё, 100]. *Ва механдеду* ***намегиряед****?* [Наҷм, 60].

Панд – аёдкард:

Эшон, к-бипархезиданд, азмон (азамон) расад бад-эшон васвасае аз Дев, ***панд*** *падиранд азмон (азамон) эшон биноон* [Аъроф, 201].

Наёмад бад-эшон ҳеч ***аёдкарде*** *аз Худовандашон наво (нав), ё не (на, магар) биниюшиданд он ва эшон ме бозӣ кунанд* [Анбиё, 2].

Ба ҳамин монанд вожаҳои **авбурд** [Аъроф, 133] **– тӯфон** [Анкабут, 14], **бигузор** [Духон, 18] **– биҳил** [Духон, 24], **буҳад** [Нисо, 85] – **биҳуд** [Ҳашр, 17] ва **гӯр** [Муддассир, 50] – **хар** [Ҷумуъа, 5] дар тарҷума муродифҳои тоҷикиву тоҷикӣ мебошанд.

<u>Тоҷикиву арабӣ</u>:

Чунон ки қайд намудем, яке аз омилҳои асосии ба вуҷуд омадани муродифҳо ворид шудани иқтибосот аз забони бегона мебошад. Бештари муродифҳои забони тоҷикиро иқтибосоти арабӣ ташкил медиҳанд. Метавон якчанд муродифҳоро дар мутуни тарҷума нишон дод:

Нопадидӣ – ғайб:

(Ӯ) Донои ***нопадидӣ*** *вар нарасонад вар* ***ғайб*** *Ӯй якеро* [Ҷинн, 26].

Раҳ – сабил:

... Ме берун карданд пайғомбарро ва шуморо, ки бигаривиед ба Худой – Худованди шумо, ар ҳед, к-берун шудед, ҷиҳод карданро дар ***раҳи*** *Ман ва талабидани хушнудии Ман. ... Кӣ кунад он аз шумо, верах шуд аз ростии* ***раҳ*** [Мумтаҳана, 1].

Чист шуморо, к-хазин намекунед дар ***сабили*** *Худой?...* [Ҳадид, 10].

Гулӯво – ҳалқум:
*... воз ку худро **гулуво** (гулӯ) афшор кун ку бинигар эй бибурад кайди ӯйро онрой, дар хашм кунад* [Ҳаҷ(ҷ), 15].
*Чаро азмон (азамон) расад ба **ҳалқум** (гулӯ)* [Воқиъа, 83].
Бузург – кабират:
*...ва **бузург** доред Ӯйро ва тасбеҳ кунед Ӯйро ба бомдод ва авёргаҳ* [Фатҳ, 9].
*Эшон ме дур банд аз **кабиратҳои** базаҳ ва фоҳишиҳо, бе (ҷуз) гунаҳони хурд...* [Наҷм, 32].
Норой – инкор:
*... бад-он буданд ба оятҳои Эймо ме **норой** шуданд* [Аъроф, 9].
*Ва менамояд шуморо нишонаҳои Ӯй, ба кадом оятҳои Худой ме **инкор** кунед?* [Ғофир, 81].
Душман – хасм:
*… Ин аз гураҳи ӯй буд ва ин аз **душмани** ӯй…* [Қасас, 15].
*Эй омад ба туво хабари **хасмон,** ки варшуданд дар меҳроб* [Сод, 21].
Дев – Иблис:
***Дев** шуморо душмане, гиред ӯйро душмане, мехонад гураҳи ӯйро то банд (бошанд) аз аёрони оташ* [Фотир, 6].
*Рост кард вар-эшон **Иблис** занни ӯй, пасравӣ карданд ӯйро бе (ба ҷуз) гураҳе аз муъминон* [Сабаъ, 20].
Дуруд – салом:
*... ҷовидонгон банд дар он ба фармони Худовандашон, **дуруди** эшон дар он **“салом”** буҳад* [Иброҳим, 23].
Чашм – басар:
*Дарнарасад бад-Вай **басарҳо** ва Ӯй даррасад ба **басарҳо** ва Ӯй аст Латифе Огаҳ* [Анъом, 103].
*Гуфт: “Биявканед”. Азмон (азамон) биявканданд, ҷодуӣ карданд вар **чашмҳои** мардумон ва битарсониданд эшонро ва оварданд ҷодуи бузург* [Аъроф, 116].
Ба ҷуз муродифҳои мазкур муродифҳои **дӯст** [Нисо, 125] – **валӣ** [Нисо, 89] ва **гумом** [Анъом, 2] – **зан(н)** [Оли Имрон, 154]-ро ба гурӯҳи тоҷикиву арабӣ дохил намуд.

Арабиву арабӣ:

Дар тарҷума муродифҳое истифода шудаанд, ки аз ҷиҳати баромад арабӣ мебошанд.

Сақар – дӯзах:
*Он рӯз ме кашида шанд (шаванд) дар оташ вар рӯйҳояшон, (гуфта шавад, ки) «Бичашед азоби **сақар**»* [Қамар, 48].
*... к-тавба карданд ва пасравӣ карданд раҳи Туро ва бираҳон эшонро аз азоби **дӯзах*** [Ғофир, 7].
Нутфа – манӣ:
*Аз **нутфае** азмон (азамон), ки **манӣ** карда шаҳад* [Наҷм, 46].
*Эй набуд **нутфае** аз манӣ, ки **манӣ** карда шаҳад* [Қиёмат, 37].

МАВОД ВА УСУЛИ ТАДҚИҚ

Маводди мақоларо вожаҳо аз яке аз тарҷумаҳои куҳан «Қуръони Қудс» ташкил медиҳад. Тарҷумаи мазкур, ки аз назари таърихи тарҷума аҳаммияти вижае дорад, аз лиҳози таърихи забон ва сайри таҳаввули он низ қобили таваҷҷуҳ ва баррасии этимологӣ мебошанд. Он манбаи фарогире барои шинохти ҳолати сохторӣ ва корбурдии забони форсии тоҷикӣ дар давраи оғозини таҳаввули он ба шумор меравад,

Усули шарҳу тавзеҳоти вожаҳо – баъзе вожаҳои синонимии мавриди тадқиқ ба сурати синхронию диахронӣ шарҳу эзоҳ ёфтаанд;

Усули қиёсӣ-таърихӣ – вожаҳои синонимӣ аз ҷиҳати баромад тасниф гардидаанд.

НАТИҶАҲО

Баъд аз анҷоми шарҳу эзоҳи муродифоти луғавӣ дар тарҷумаи мавриди пажуҳиш метавон ба натиҷаҳои зерин расид:

- Муродифоти тоҷикӣ дар тарҷумаи мавриди пажуҳиш мавқеи муайянро ишғол мекунад;
- Доираи истифодаи муродифоти луғавӣ муайян карда шудааст;
- Муродифоти луғавӣ аз ҷиҳати баромад дар асар муқаррар карда шудаанд;
- Муродифоти арабиву арабӣ дар тарҷума хеле кам ба назар мерасанд;

- Муродифоти тоҷикиву тоҷикӣ аз ғанӣ будани фонди луғавии забони тоҷикӣ дарак медиҳад.

МУҲОКИМА

Ҷаззобият, пуробурангӣ ва муассирии тарҷумаҳои куҳан ба истифодаи бамавриди муродифот сахт алоқамандӣ дорад. Зиёд будани муродифот худ далели он аст, ки таркиби луғавии забони осори тарҷума ниҳоят бою рангин аст ва аз ҷониби мутарҷим бамавқеъ ва хеле моҳирона истеъмол гардидани ин сарвати забонӣ аз захираи бойи луғавӣ ва маҳорати баланди сухандониву сухансанҷии мутарҷим гувоҳӣ медиҳад. Таҳқиқ нишон дод, ки муродифоти тоҷикӣ дар тарҷумаи мавриди пажуҳиш мавқеи муайянро дорост.

ХУЛОСА

Бешубҳа, омӯзиши мавзуи муродифот дар асоси тарҷумаҳои куҳан имкон медиҳад, ки ба тарҷумаҳои куҳан жарфтар назар андохта, роҳҳои ифодаёбии усули истеъмоли суханро аз ҷониби мутарҷимони хушсалиқа нишон диҳем. Зеро мафҳуми услуб ва тарзи хоси эҷодии ҳар мутарҷим бо муродиф ва хусусиятҳои муродифии калимаҳо зич алоқаманд аст.

Ҳамин тавр, дар тарҷумаи «Қуръони Қудс» муродифҳо дар мавриди зарурӣ корбаст гардидаанд ва забони тарҷумаро ҷолибу хонданбоб сохтаанд ва мутарҷим онҳоро бо як маҳорати хоссаи тарҷумонӣ истифода намудааст.

АДАБИЁТ:

1. Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода.-Душанбе: Дониш, 1978.-124с.
2. Апресян Ю.Д. Лексическая семантика // Синонимические средства языка. - М.:Наука, 1974. С. 332 – 337.
3. Ғаффоров Р. Синонимҳо ва хусусияти услубии онҳо // Мактаби советӣ, №8, 1971.- С.25-30.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1.-Душанбе, 1973.- 458 с.
5. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. -Душанбе: Ирфон, 1967. -186 с.
6. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10). Қисми 1.-Душанбе, 2003. - 490 с.
7. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1.-Луғатшиносӣ. -Душанбе, 2007.-243 с.
8. Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. -Душанбе, 1976.-196 с.
9. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот.Ҷ.2. -Душанбе:Адиб,1988.-390 с.
10. Муҳаммад Ҳасандӯст. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. Ҷ.1. – Теҳрон, 1393. – 1-585 с.
11. Муҳаммади Ҳасандӯст. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. Ҷ.3. – Теҳрон, 1393. – 1411-2080 с.
12. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони ҳозираи тоҷик. - Душанбе, 1962. - 162 с.
13. Муҳаммадиев М., Талбакова Ҳ., Нурмаҳмадов Ю. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. -Душанбе, 1997.- 190 с.
14. Насриддинов Ф. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ-тоҷикӣ./Насриддинов Ф.– Хуҷанд: Ношир, 2012. – 576 с.
15. Ҳошимов С. Баъзе хусусиятҳои синонимҳо дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ // Масъалаҳои филологияи тоҷик.-Душанбе, 1971. - С.22 .
16. Ширинбонуи Исматуллоҳ. Дафтари ишқ (Баъзе хусусиятҳои лексикӣ-семантикии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ). -Душанбе: Ирфон, 2007.-144 с.

Манбаъ:

Қуръони Қудс. Бо кӯшиши Алии Равоқӣ. – Теҳрон: Муассисаи фарҳангии Шаҳид Равоқӣ, 1364 (Дар ду ҷилд).

Маълумот дар бораи муаллиф: *Саъдуллозода Умедҷон Қудратулло - н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. E-mail: bejanumed@mail.ru. ORCID 0009-0008-1486-7218*

Сведения об авторе: *Садуллозода Умеджон Кудратулло - к.ф.н., доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального Университета. E-mail: bejanumed@mail.ru. ORCID 0009-0008-1486-7218*

Information about the author: *Sadullozoda Umejon Kudratullo - c.ph.s., Associate Professor of the Department of Language History and Typology, Tajik National University. E-mail: bejanumed@mail.ru. ORCID 0009-0008-1486-7218*

ТДУ 492.7.09; 491.155+93+913

ТОПОНИМҲОИ ТОҶИКӢ-ФОРСӢ ДАР САРЧАШМАҲОИ ҶУҒРОФИИ АРАБИЗАБОНИ АСРҲОИ IX–XIII: ШАКЛҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ВАРИАНТНОКӢ

Ҳайбулоев Шамсидин Аҳлидинович
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар мақола хусусиятҳои таърихӣ ва забоншиносии топонимҳои тоҷикӣ-форсӣ, ки дар осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX–XIII сабт гардидаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Мақсади таҳқиқ муайян намудани шаклҳои таърихӣ, вариантҳои номӣ ва хусусиятҳои забонии топонимҳои тоҷикӣ-форсӣ, инчунин баррасии падидаи ҳамномии номҳои ҷуғрофӣ дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ мебошад. Маводи таҳқиқро осори ҷуғрофии Ибни Хурдодбеҳ, ал-Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, ал-Муқаддасӣ ва Ёқут ал-Ҳамавӣ ташкил медиҳад. Дар асоси маводи сарчашмаҳо вариантҳои топонимҳои Бухоро // Бумиҷкас, Ушрусана // Истаравшан, Фороб // Бороб ва Ҷайҳун // Омӯ, инчунин намунаҳои сершумори номҳои ҳамном таҳлил гардидаанд. Муайян карда шуд, ки гуногуншаклии топонимҳо дар натиҷаи тағйироти фонетикӣ ва сохторӣ, мутобиқшавии номҳои маҳаллӣ ба низоми забонии арабӣ, таъсири забонҳои маҳаллӣ, ҳамзистӣ ва ҷойивазкунии гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ба вуҷуд омадааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳамномии топонимҳо низ яке аз падидаҳои муҳимми номшиносии таърихӣ буда, муайян намудани мавқеи ҷуғрофӣ ва фарқгузории объектҳои ҳамномро тақозо мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқ аҳаммияти осори арабизабони асрҳои IX–XIII-ро ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи топонимия, таҳаввули шаклҳои номҳои ҷуғрофӣ, робитаҳои забонӣ ва фарҳангии халқҳои Суғд, Бохтар ва дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ нишон медиҳанд.

Калидвожаҳо: *топонимия, номвожаи ҷуғрофӣ, вариантнокӣ, гуногуншаклӣ, шаклҳои таърихӣ, ҳамномӣ, ономастика, ойконимия, гидронимия, оронимия, этнотопонимия, сарчашмаҳои арабизабон, забоншиносии таърихӣ, Осиёи Марказӣ.*

ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИЕ ТОПОНИМЫ В АРАБОЯЗЫЧНЫХ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ IX–XIII ВЕКОВ: ИСТОРИЧЕСКИЕ ФОРМЫ И ВАРИАТИВНОСТЬ

В статье рассматриваются исторические и лингвистические особенности таджикско-персидских топонимов, зафиксированных в арабоязычных географических сочинениях IX–XIII веков. Цель исследования заключается в выявлении исторических форм, номинативных вариантов и языковых особенностей таджикско-персидских топонимов, а также в рассмотрении явления омонимии географических названий в средневековых источниках. Материалом исследования послужили географические сочинения Ибн Хурдодбиха, ал-Истахри, Ибн Хаукаля, ал-Мукаддаси и Якут ал-Хамави. На основе источников проанализированы варианты топонимов Бухара // Бумичкас, Ушрусана // Истаравшан, Фараб // Бараб и Джайхун // Аму, а также многочисленные примеры омонимичных географических названий. Установлено, что вариативность топонимов обусловлена фонетическими и структурными изменениями, адаптацией местных названий к арабской языковой системе, влиянием местных языков, а также языковыми контактами и перемещением различных этнических групп. Анализ показывает, что омонимия топонимов является также важным явлением исторической ономастики, требующим установления географического положения и дифференциации одноимённых объектов. Результаты исследования свидетельствуют о значимости арабоязычных сочинений IX–XIII веков как важного источника для изучения истории топонимии, эволюции форм географических названий, языковых и культурных связей народов Согда, Бактрии и других регионов Центральной Азии.

Ключевые слова: *топонимия, географическое название, вариативность, разноформенность, исторические формы, омонимия, ономастика, ойконимия, гидронимия, оронимия, этнотопонимия, арабоязычные источники, историческое языкознание, Центральная Азия.*

TAJIK-PERSIAN TOPONYMS IN ARABIC-LANGUAGE GEOGRAPHICAL SOURCES OF THE 9TH–13TH CENTURIES: HISTORICAL FORMS AND VARIATION

The article examines the historical and linguistic features of Tajik-Persian toponyms recorded in Arabic-language geographical works of the 9th–13th centuries. The study aims to identify the historical forms, nominative variants, and linguistic features of Tajik-Persian toponyms, as well as to examine the phenomenon of geographical-name homonymy in medieval sources. The research material comprises geographical works by Ibn Khurdadhbih, al-Istakhri, Ibn Hawqal, al-Muqaddasi, and Yaqut al-Hamawi. Based on these sources, variants of the toponyms Bukhara // Bumijkath, Ushrusana // Istaravshan, Farab // Barab, and Jayhun // Amu, along with numerous examples of homonymous geographical names, are analyzed. The study establishes that toponymic variation is **conditioned by** phonetic and structural changes, the adaptation of local names to the Arabic linguistic system, the influence of local languages, as well as language contact and the movement of different ethnic groups. The analysis demonstrates that toponymic homonymy is also an important phenomenon in historical onomastics, requiring the identification of geographical locations and the differentiation of homonymous objects. The findings demonstrate the significance of Arabic-language geographical works of the 9th–13th centuries as important sources for studying the history of toponymy, the evolution of geographical-name forms, and the linguistic and cultural relations among the peoples of Sogdiana, Bactria, and other regions of Central Asia.

Keywords: toponymy, geographical name, variation, formal variation, historical forms, homonymy, onomastics, oikonymy, hydronymy, oronymy, ethnotoponymy, Arabic-language sources, historical linguistics, Central Asia.

МУҚАДДИМА

Номвожаҳои ҷуғрофии тоҷикӣ-форсӣ, ки дар осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX–XIII ҷамъоварӣ ва сабт гардидаанд, барои шинохти топонимҳои таърихӣ аҳамияти таърихӣ доранд. Яке аз вижагиҳои асосии ин номвожаҳо вариантнокӣ ё гуногуншаклии онҳо мебошад, ки аз масъалаҳои муҳим ва мураккаби маъношиносӣ ва номшиносӣ ба шумор меравад.

Ин падидаи забоншиносӣ на танҳо дар калимаҳои серистеъмоли забон, балки дар воҳидҳои махсуси он, аз ҷумла дар ономастика, топонимика, гидронимика, оронимика ва дигар бахшҳои номшиносӣ низ мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди аҳамияти илмии масъала, вариантнокии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар осори асримиёнагии арабизабон то ҳол ба таври ҳамаҷониба таҳқиқ нашудааст.

Вариантнокии номвожаҳо ва тағйиру табдили онҳоро метавон, пеш аз ҳама, ба таъсири забонҳои маҳаллии он минтақаҳо вобаста донист. Ҳамчунин, дар натиҷаи ҷойивазкунӣ ва ҳамзистии халқҳои гуногун бархе номвожаҳои ҷуғрофӣ ба низоми овозӣ ва сохтории забонҳои дигар мутобиқ гардидаанд. Дар баъзе мавридҳо низ барои шарҳи пайдоиши номи мавзеъҳо ривоятҳо ба вуҷуд омадаанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши вариантҳои номвожаҳои ҷуғрофӣ имкон медиҳад, ки на танҳо таърихи шаклгирӣ ва тағйири номҳои мавзеъҳо, балки баъзе ҷанбаҳои таърихи забонӣ, фарҳангӣ ва этникии минтақаҳои таърихии Суғду Бохтар ва дигар сарзаминҳои Осиёи Марказӣ муайян карда шаванд.

Таҳқиқи маводди мавриди баррасӣ нишон медиҳад, ки падидаи вариантнокӣ дар номвожаҳои ҷуғрофӣ дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон бо калимаҳои гуногун ифода ёфта, аз ҷиҳати маъно аксаран ба як объекти ҷуғрофӣ ишора мекунанд. Шаҳрҳо, деҳаҳо, дарёҳо, кишварҳо ва дигар воҳидҳои ҷуғрофӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар сарчашмаҳои гуногун бо чандин ном ва шакл зикр шудаанд.

Бумиҷкас//Бухоро [بومجكث / Būmijkath] аз шаҳрҳои куҳани Мовароуннаҳр ба шумор меравад. Ин шаҳр дар осори ҷуғрофии арабизабон борҳо тавсиф шуда, бо чандин шакли номӣ зикр гардидааст: Нумиҷкас, Нумуҷакас, Нумиҷакат, Бумҷикат, Бумишкат, Бамиҷкас, Нумисхакас, Нимҷакат ва ғайра.

Ёқут онро бо номи Бухоро ва дар ҷойе бо номи Бамиҷкас ёд карда, менависад, ки Бухоро аз бузургтарин ва муҳимтарин шаҳрҳои Мовароуннаҳр буда, маркази Сомониён ба шумор мерафт.

Дар бораи решаи вожаи Бухоро низ баҳс намуда, аз қавли соҳиби «Сувар ал-ақолим» меорад, ки номи Бухоро Бумиҷкас аст [15, ҷ. 1, с. 439–443].

Дар ҷойи дигар Ёқут Бамиҷкасро яке аз деҳаҳои Бухоро ва ба гуфтаи Истахрӣ номи худи Бухоро медонад [15, ҷ. 1, с. 614].

Муқаддасӣ Нумуҷакасро қасабаи Бухоро ҳисобида, онро маҳалли ободу зебо ва дорои бозорҳои васеъ ва ҳафт дарвозаи оҳанин тасвир менамояд [1, ҷ. 2, с. 266–268, 280–281].

Хурдодбеҳ бошад, Бумиҷкасро яке аз шаҳрҳои Бухоро шумурда, менависад: «Бухоро дорои куҳандиж ва шаҳрҳои Карминия, Тавовис, Бумиҷкас, Вардона, Байканд – шаҳри бозаргонон ва Фирабр аст…» [4, с. 25].

Истахрӣ ва Ҳавқал номи Бухороро Бумиҷкас дониста, онро дорулиморати Хуросон меноманд [2, с. 304; 3, с. 355]. Ёқут низ қавли Истахриро дар «Муъҷам ал-булдон» нақл карда, мегӯяд, ки номи Бухоро Бумиҷкас аст [15, ҷ. 1, с. 614].

Ҳамин тариқ, гуногунии шаклҳои Бумиҷкас, Нумуҷакас, Бамиҷкас ва дигар гунаҳо нишон медиҳад, ки номи мазкур дар муҳити забонҳои гуногун ба тағйироти овозӣ ва сохторӣ дучор гардидааст.

Ушрусана//Истаравшан [أشروسنة / Ushrūsana] яке аз сарзаминҳои қадими Осиёи Марказӣ буда, дар сарчашмаҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ бо номҳои гуногун сабт шудааст.

Ёқути Ҳамавӣ номи онро Ушрусана оварда, онро сарзамине дар Мовароуннаҳр миёни Сайҳун ва Самарқанд медонад. Дар ҷойи дигар шакли Асрушанаро низ зикр карда, таъкид менамояд, ки шакли дурусттар ва машҳуртар Ушрусана мебошад [15, ҷ. 1, с. 247].

Истахрӣ низ онро Ушрусана номида, менависад, ки Ушрусана номи иқлим буда, ҳамчун Суғд номи минтақа аст ва дар ҳудуди он кӯҳсорҳо зиёд мебошанд. Дар шарқ бо Фарғона, дар ғарб бо Самарқанд, дар шимол бо Чоч ва қисмате аз Фарғона ва дар ҷануб бо Чағониён, Шумон, Вошҷирд ва Рошт ҳамсарҳад будааст [2, с. 325].

Ибни Ҳавқал шаклҳои Усрушана ва Срушанаро истифода бурдааст. Муқаддасӣ низ Ушрусана ном бурда, қасабаашро Бунҷикас [بنجكث] меномад [1, ҷ. 2, с. 265–266]. Ҳавқал қасабаи онро Бумҷикас ва Ёқут Бунҷикат номида, қайд мекунад, ки волиёни Ушрусана дар он ҷо қарор доштанд [15, ҷ. 1, с. 247].

Шаклҳои Курушкада ва Киропол низ дар таҳқиқоти таърихии ин минтақа зикр шудаанд. Баъдтар номи таърихии Истаравшан барқарор гардидааст.

Фороб//Бороб [فاراب / باراب – Fārāb / Bārāb] номи шаҳри куҳан дар Мовароуннаҳр, дар соҳили Сайҳун мебошад. Вайронаҳои он дар ҳудуди Қазоқистони имрӯз воқеъ мебошанд. Абӯнасри Форобӣ, донишманди маъруфи тоҷик, низ аз ҳамин шаҳр мансуб аст [15, ҷ. 4, с. 285].

Дар сарчашмаҳои арабизабон шаклҳои Фороб, Бороб, Пороб, Турор, Утрор ва Турорбанд дучор мешаванд.

Ёқут онро дар шаклҳои Фороб ва Бороб зикр карда, менависад, ки он паси рӯди Сайҳун, дар марзи кишвари Турк, дуртар аз Шош ва наздик ба Балосағун воқеъ мебошад. Ӯ, инчунин, Абунаср Муҳаммад ибни Муҳаммади Форобиро ба ҳамин шаҳр нисбат медиҳад [15, ҷ. 4, с. 285].

Дар ҷойи дигар Ёқут онро Турорбанд номида, меорад, ки мардум нисфи аввали калимаро партофта, онро Турор ва Утрор мегӯянд [15, ҷ. 4, с. 35].

Истахрӣ ва Ҳавқал шаклҳои Бороб ва Форобро истифода бурдаанд, Хурдодбеҳ бошад, бештар шакли Форобро овардааст [2, с. 346–347, 295, 311; 3, с. 335; 4, с. 31].

Муқаддасӣ Боробро русто дониста, дар ҷойи дигар онро Турор номидааст [1, ҷ. 1, с. 25; 1, ҷ. 2, с. 263].

Бояд таъкид намуд, ки **Фороб** набояд бо **Фориёб** омехта карда шавад. Фориёб шаҳри дигаре дар Хуросони бостонӣ буда, дар ғарби Ҷайҳун ва наздики Балх ҷойгир будааст. Онро баъзан Фириёб низ меноманд [15, ҷ. 4, с. 290; 4, с. 32, 33, 36; 2, с. 286, 270].

Ҷайҳун//Омӯ [جيحون / آمو – Jayḥūn / Āmū] аз бузургтарин рӯдҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Дар сарчашмаҳои ҷуғрофӣ ва таърихӣ он бо номҳои Вахш, Оксус, Ҷайҳун, Омӯ, Омул, Омуя, Омударё ва дигар шаклҳо зикр шудааст.

Ёқути Ҳамавӣ дар бораи пайдоиши номи Ҷайҳун маълумоти муфассал овардааст. Ба гуфтаи ӯ, Ҷайҳун номи аҷамӣ буда, Ҳамза асли онро ба шакли Ҳарун [هرون] нисбат медиҳад. Ӯ

инчунин андешаҳои Ибни Фақеҳ ва Истахриро дар бораи сарчашма ва шохобҳои Ҷайҳун меорад [15, ҷ. 2, с. 245–246].

Истахрӣ Ҷайҳунро бо як қатор рӯдҳо, аз ҷумла Ҷарёб [جرياب], Ваххоб [وخَاب], Ахш [أخش], Ҳулбук [هلبك], Барбон [بربان], Форъӣ [فارعي], Андихораъ [أنديخارع] ва Вахшоб [وخشاب] алоқаманд медонад [2, с. 296–297].

Муқаддасӣ низ дар бораи Ҷайҳун маълумоти муфассал оварда, онро аз замини Ваххон медонад ва шохобҳои Ҳулбук, Барбон, Форғар, Андиҷороғ, Вахшоб ва Қубодиёнро зикр мекунад [1, ҷ. 1, с. 22].

Хурдодбеҳ бошад, дар тамоми асари худ Ҷайҳунро бештар бо номи **Наҳри Балх** ёд мекунад [4, с. 25, 33, 169, 173, 174, 178, 179].

Ҳамин тариқ, гуногунии номҳои Ҷайҳун, Омӯ, Вахш, Оксус ва дигар шаклҳои таърихии он намунаи равшани вариантнокии гидронимҳо мебошад.

Дар осори ҷуғрофии арабизабон ба такрори номвожаҳои ҷуғрофӣ дар мавзеъҳои гуногун низ аҳамияти махсус дода шудааст. Муҳаққиқи тоҷик Р. Шодиев аҳамияти илмии такрори номвожаҳои ҷуғрофиро чунин шарҳ медиҳад: «Такрори номҳои авестоӣ дар сарзаминҳои чандин кишвар метавонад далели чигунагии масири будубоши мардумони ҳиндуэронӣ ва эронӣ ҳангоми муҳоҷирати онҳо дар тули таърих ба воситаи Осиёи Миёна ба самти ҷануб бошад» [16, с. 30].

Такрори номвожаҳо ба даврaҳои гуногуни таърихӣ иртибот дошта, метавонад вазъи забонӣ ва ҷуғрофии минтақаҳои гуногунро инъикос намояд. Ҷуғрофияшиносони арабизабон ҳанӯз дар асрҳои миёна ба ин падида таваҷҷуҳ намудаанд.

Ёқути Ҳамавӣ дар ин замина асари махсусе бо номи **«ал-Муштарик вазъан ва ал-муфтариқ суқъан»** таълиф кардааст, ки масъалаи ҷойномҳои ҳамномро дар сарзаминҳои гуногун фаро мегирад.

Муқаддасӣ низ дар муқаддимаи «Аҳсан ат-тақосим фӣ маърифат ал-ақолим» фасли махсусеро ба **«шаҳрҳои ҳамном»** бахшидааст. Ӯ таъкид мекунад, ки дар сарзамини ислом шаҳрҳо, кураҳо ва деҳаҳое мавҷуданд, ки номашон як, вале мавқеи ҷуғрофиашон гуногун аст ва муайян намудани онҳо барои хонанда ва муҳаққиқ мушкилӣ ба вуҷуд меорад [1, ҷ. 1, с. 24–32].

Сус [السوس] – кура дар интиҳои Мағриб, шаҳр дар аввали Мағриб, шаҳр дар Мовароуннаҳр ва кура дар Хузистон. Дар Мағриб шаҳре бо номи Суса низ мавҷуд будааст [1, ҷ. 1, с. 24; 15, ҷ. 3, с. 353; 4, с. 42, 161; 2, с. 36, 37].

Асқалон [عسقلان] – шаҳр бар соҳили Фаластин ва марказе дар Балх [1, ҷ. 1, с. 24; 15, ҷ. 4, с. 155; 4, с. 79, 98; 2, с. 66].

Румода [رمادة] – шаҳр дар Мағриб, деҳа дар Балх, дигаре дар Нисобур ва дигаре дар Рамла [1, ҷ. 1, с. 24; 15, ҷ. 3, с. 85–86].

Қӯҳистон [قوهستان] – кура дар Хуросон ва шаҳр дар Кирмон [1, ҷ. 1, с. 24; 15, ҷ. 4, с. 522; 2, с. 223, 229].

Ҷур [الجور] – шаҳр дар Форс ва маҳалла дар Нисобур [1, ҷ. 1, с. 25; 15, ҷ. 2, с. 226–228; 2, с. 97, 293, 104; 4, с. 44, 48].

Нисо//Наso [نسا] – шаҳр дар Хуросон, Форс ва Кирмон [1, ҷ. 1, с. 24; 4, с. 35, 39, 46; 2, с. 254, 255, 273, 283; 15, ҷ. 5, с. 359–360].

Шош [الشاش] – кура дар Ҳайтал ва деҳа дар Рай [1, ҷ. 1, с. 25; 2, с. 281, 288, 291, 295, 304; 4, с. 25, 27, 39; 15, ҷ. 3, с. 388–389].

Астаробод [استراباذ] – шаҳр дар Ҷурҷон, деҳа дар Насои Хуросон ва кура дар Савод [1, ҷ. 1, с. 25; 15, ҷ. 1, с. 219–220; 2, с. 206, 213, 217].

Карх [كرخ] – шаҳр дар Сомаро, маҳалла ва деҳа дар Бағдод; Карха – шаҳр дар Хузистон ва Карух – шаҳр дар Ҳирот [1, ҷ. 1, с. 25].

Карҷ [كرج] – ноҳия ва шаҳр дар Ҳамадон, деҳа дар Рай, шаҳр дар Хузистон, шаҳр дар Сомаро, кура дар Саводи Ироқ ва шаҳр дар Бағдод [1, ҷ. 1, с. 25; 4, с. 93; 2, с. 83, 84, 88, 89; 15, ҷ. 4, с. 559–562].

Дастаҷирд [دستجرد] – шаҳр дар Сағониён ва деҳаҳо дар Рай, Нисобур, Кирмон, Марв, Тӯс, Сарахс, Балх ва Исфаҳон [1, ҷ. 1, с. 25; 4, с. 32; 15, ҷ. 2, с. 565].

Босанд [باسند] – шаҳр дар Сағониён ва дигаре дар Синд [1, ҷ. 1, с. 25; 15, ҷ. 1, с. 401; 2, с. 340].

Аҳвоз [الأهواز] – маркази Хузистон ва деҳа дар Рай [1, ҷ. 1, с. 25; 15, ҷ. 1, с. 356–359; 4, с. 41–43; 2, с. 88].

Хур/Хувор [خور] – шаҳр дар Рай, деҳа дар Байҳақ, деҳа аз навоҳии Форс, дар Балх ва дар Қӯҳистон [1, ҷ. 1, с. 25; 2, с. 81, 94, 105, 131; 4, с. 22, 52; 15, ҷ. 2, с. 491].

Нуқон [نوقان] – шаҳр дар Тӯс ва деҳа дар Нисобур [1, ҷ. 1, с. 25; 2, с. 257; 4, с. 24; 15, ҷ. 5, с. 398].

Анбор [الأنبار] – шаҳр дар Ҷузҷон, кӯча дар Марв ва шаҳр дар Бағдод [1, ҷ. 1, с. 25; 15, ҷ. 1, с. 322; 2, с. 13, 77; 4, с. 2, 72].

Даскара [دسكره] – деҳа дар Бағдод ва деҳаҳо дар роҳҳои Хуросон, Хузистон ва Ирок [1, ҷ. 1, с. 25; 4, с. 6, 13, 18, 41; 2, с. 86, 87; 15, ҷ. 2, с. 566].

Бороб [باراب] – русто дар Исбиҷоб, Фориёб ва Ҷурҷон [1, ҷ. 1, с. 26; 15, ҷ. 1, с. 397; 2, с. 346; 3, с. 335; 4, с. 31].

Толиқон [طالقان] – шаҳр дар Дайлам ва Ҷузҷон [1, ҷ. 1, с. 26; 15, ҷ. 4, с. 9–11; 2, с. 198, 206, 270; 4, с. 32, 39, 175].

Ҳирот [هرات] – шаҳр дар Хуросон ва Истахр [1, ҷ. 1, с. 26; 15, ҷ. 5, с. 503; 2, с. 237, 248, 263; 4, с. 18, 42, 52].

Биёр [بيار] – шаҳр дар Қумис ва деҳа дар Насои Хуросон [1, ҷ. 1, с. 26; 15, ҷ. 1, с. 642; 2, с. 322].

Ҷурҷон [جرجان] – кураи Дайлам ва шаҳр дар Хоразм [1, ҷ. 1, с. 26; 15, ҷ. 2, с. 150; 2, с. 8, 9, 143, 184; 4, с. 35, 40, 124, 154].

Фирабр [فربر] – шаҳр дар Ҷайҳун ва Фара, шаҳр дар Сиҷистон [1, ҷ. 1, с. 27; 2, с. 297, 298, 307; 15, ҷ. 4, с. 310; 4, с. 25, 173].

Омул [آمل] – шаҳр бар Ҷайҳун ва қасабаи Табаристон [1, ҷ. 1, с. 27; 15, ҷ. 1, с. 72–73; 2, с. 206, 215, 338; 4, с. 25, 33, 38, 173].

Даврақ [الدورق] – кура, шаҳр ва деҳа дар Хузистон [1, ҷ. 1, с. 27; 15, ҷ. 2, с. 598; 2, с. 88–90, 95; 4, с. 42, 44].

Нисобур, Собур ва Ҷундисобур [نيسابور، سابور، جنديسابور] – се курае мебошанд, ки онҳоро Собур (Шопур) бино ниҳодааст. Дар Арраҷон низ шаҳре бо номи Билособур зикр шудааст [1, ҷ. 1, с. 28; 15, ҷ. 2, с. 213; ҷ. 5, с. 421; ҷ. 3, с. 211].

Кирмон [كرمان] – номи иқлим, Кирмоншоҳон, шаҳр дар Қӯҳистон ва Карминия, шаҳр дар Бухоро ва шаҳр дар Ғазна [1, ҷ. 1, с. 28; 15, ҷ. 4, с. 567–569; 2, с. 135, 140; 4, с. 17, 20, 155, 176].

Шаҳристон [شهرستان] – номи чандин мавзеъ, аз ҷумла дар Ҷурҷон, Собур ва Кос; инчунин шаҳрак дар Форс ва маҳалле дар Хуросон, наздики Насо [1, ҷ. 1, с. 30; 15, ҷ. 3, с. 476; 2, с. 104, 242].

МАВОД ВА УСУЛҲОИ ТАДҚИҚОТ

Маводди асосии таҳқиқро осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX–XIII, аз ҷумла асарҳои Ибни Хурдодбеҳ, ал-Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, ал-Муқаддасӣ ва Ёқут ал-Ҳамавӣ ташкил медиҳанд. Дар ин сарчашмаҳо номвожаҳои ҷуғрофии тоҷикӣ-форсӣ дар шаклҳои гуногуни таърихӣ ва вариантҳои номӣ сабт гардидаанд.

Дар раванди таҳқиқ топонимҳои марбут ба шаҳрҳо, деҳаҳо, минтақаҳо, дарёҳо ва дигар объектҳои ҷуғрофӣ ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандӣ карда шуданд. Ба сифати маводи асосии таҳлил вариантҳои топонимҳои **Бумиҷкас // Бухоро, Ушрусана // Истаравшан, Фороб // Бороб ва Ҷайҳун // Омӯ**, инчунин номҳои ҳамноми ҷуғрофӣ истифода гардиданд.

Барои таҳлили мавод усулҳои таърихӣ-забоншиносӣ, муқоисавӣ, тавсифӣ, семантикӣ ва этимологӣ истифода шуданд. Ҳангоми таҳқиқ шаклҳои гуногуни як ном бо назардошти мавқеи ҷуғрофӣ, давраи таърихӣ ва хусусиятҳои забонии сарчашмаҳо муқоиса гардиданд. Инчунин, хусусиятҳои фонетикӣ ва сохтории номҳо, мутобиқшавии номвожаҳои маҳаллӣ ба низоми забонии арабӣ, таъсири забонҳои маҳаллӣ ва робитаҳои забонӣ ба назар гирифта шуданд.

Дар таҳқиқи номҳои ҳамном усули муқоисаи мавқеи ҷуғрофӣ ва маълумоти тавсифии сарчашмаҳо истифода гардид. Ин имкон дод, ки объектҳои дорои номи якхела аз рӯйи ҷойгиршавӣ, мақоми маъмурию ҷуғрофӣ ва хусусиятҳои таърихӣ аз ҳам фарқ карда шаванд.

Ҳамчунин, номвожаҳои ҷуғрофӣ аз нигоҳи мансубияти соҳавӣ ба гурӯҳҳои ойконимия, гидронимия, оронимия, этнотопонимия ва антропотопонимия ҷудо карда шуданд. Дар баробари ин, хусусиятҳои маъноии номҳои сода ва мураккаб, пайдоиши онҳо ва шаклҳои вариантии номвожаҳо ба назар гирифта шуданд.

НАТИҶАҲО

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки номвожаҳои ҷуғрофии тоҷикӣ-форсӣ дар осори арабизабони асрҳои IX–XIII бо шаклҳои гуногуни овозӣ, сохторӣ ва номӣ сабт гардидаанд. Ин гуногуншаклӣ бештар дар натиҷаи тағйироти фонетикӣ ва сохторӣ, мутобиқшавии номҳои маҳаллӣ ба низоми забонии арабӣ, таъсири забонҳои маҳаллӣ ва робитаҳои байнизабонӣ ба вуҷуд омадааст.

Таҳлили мисолҳои **Бумиҷкас // Бухоро, Ушрусана // Истаравшан, Фороб // Бороб ва Ҷайҳун // Омӯ** нишон медиҳад, ки як объекти ҷуғрофӣ метавонад дар сарчашмаҳои гуногун бо якчанд шакли номӣ зикр гардад. Масалан, номи Бухоро дар шаклҳои Бумҷикас, Нумуҷакас, Бамиҷкас ва дигар гунаҳо сабт шудааст. Ушрусана низ бо шаклҳои Асрушана, Усрушана ва Срушана зикр гардидааст. Барои Фороб шаклҳои Бороб, Пороб, Турор, Утрор ва Турорбанд, барои Ҷайҳун бошад, номҳои Омӯ, Вахш, Оксус, Омул, Омуя ва дигар шаклҳо истифода шудаанд.

Муқоисаи маълумоти сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки вариантнокии топонимҳо танҳо ба тағйири овозии номҳо маҳдуд намешавад, балки метавонад тағйироти сохторӣ ва мутобиқшавии номро ба муҳити нави забонӣ низ инъикос намояд. Аз ин рӯ, вариантҳои топонимӣ барои муайян намудани шаклҳои таърихии ном ва таҳаввули онҳо аҳамияти махсус доранд.

Дар баробари вариантнокӣ, дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон падидаи такрори номҳои ҷуғрофӣ низ васеъ мушоҳида мешавад. Номҳое чун **Сус, Асқалон, Румода, Қӯҳистон, Ҷур, Нисо, Шош, Астаробод, Карҷ, Дастаҷирд, Бороб, Толиқон, Ҳирот, Ҷурҷон, Фирабр, Омул, Даврақ, Кирмон ва Шаҳристон** дар мавзеъҳои гуногун истифода шудаанд.

Муайян гардид, ки номҳои ҳамном метавонанд ба объектҳои гуногуни ҷуғрофӣ, аз ҷумла шаҳрҳо, деҳаҳо, ноҳияҳо, минтақаҳо ва дигар воҳидҳои ҷуғрофӣ тааллуқ дошта бошанд. Аз ин рӯ, барои муайян намудани объекти мушаххас истифодаи маълумоти контекстӣ, ҷуғрофӣ ва таърихии сарчашмаҳо зарур мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқ инчунин нишон медиҳанд, ки такрори номҳои ҷуғрофӣ метавонад барои омӯзиши ҳаракати таърихии гурӯҳҳои аҳолӣ, равандҳои муҳоҷират, робитаҳои забонӣ ва фарҳангии халқҳои минтақа аҳамияти илмӣ дошта бошад.

Дар маҷмуъ, маводи таҳлилшуда имкон медиҳад, ки топонимҳои тоҷикӣ-форсӣ аз рӯйи мансубияти соҳавӣ ба ойконимҳо, гидронимҳо, оронимҳо, этнотопонимҳо ва антропотопонимҳо ҷудо карда шуда, хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ, этимологӣ ва вариантии онҳо муайян карда шаванд.

МУҲОКИМА

Маводди таҳлилшуда нишон медиҳад, ки вариантнокии топонимҳои тоҷикӣ-форсӣ дар осори арабизабони асрҳои IX–XIII падидаи муҳими таърихию забоншиносӣ мебошад. Шаклҳои гуногуни як ном натиҷаи таъсири омилҳои гуногуни забонӣ ва таърихӣ буда, хусусиятҳои муҳити забонии давраҳои гуногунро инъикос мекунанд.

Яке аз омилҳои асосии пайдоиши вариантҳои топонимӣ мутобиқшавии номҳои маҳаллӣ ба низоми фонетикӣ ва сохтории забони арабӣ мебошад. Ҳангоми ворид шудани номҳои маҳаллӣ ба матнҳои арабизабон онҳо метавонистанд вобаста ба имкониятҳои овозӣ, қоидаҳои навишт ва хусусиятҳои забонии муаллиф бо шаклҳои гуногун сабт шаванд. Таъсири забонҳои маҳаллӣ ва робитаи байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ низ дар ташаккули шаклҳои вариантии номҳо нақши муҳим доштааст.

Вариантҳои топонимҳои Бухоро, Ушрусана, Фороб ва Ҷайҳун нишон медиҳанд, ки омӯзиши шаклҳои таърихии номҳо бояд бо муқоисаи маълумоти якчанд сарчашма анҷом дода

шавад. Танҳо дар ин сурат имкони муайян намудани робитаи байни вариантҳои гуногуни як ном ва фарқ намудани онҳо аз топонимҳои ҳамном бештар мегардад.

Падидаи ҳамномии топонимҳо масъалаи дигари муҳими муҳокимаро ташкил медиҳад. Мавҷудияти як ном барои якчанд объекти ҷуғрофӣ дар минтақаҳои гуногун зарурати муайян намудани мавқеи дақиқи объектро ба миён меорад. Маълумоти Муқаддасӣ ва Ёқут ал-Ҳамавӣ нишон медиҳад, ки ҷуғрофияшиносони асримиёнагӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус дода, барои фарқ намудани объектҳои ҳамном маълумоти ҷуғрофӣ ва тавсифиро истифода мебурданд.

Такрори номҳои ҷуғрофӣ дар минтақаҳои гуногун метавонад бо равандҳои таърихии ҷойивазкунии аҳолӣ ва густариши номгузории анъанавӣ алоқаманд бошад. Дар ин замина, андешаи Р. Шодиев дар бораи аҳамияти такрори номҳои авестоӣ барои омӯзиши масирҳои эҳтимолии ҳаракати халқҳои ҳиндуэронӣ ва эронӣ аҳамияти таҳқиқотӣ дорад. Аммо барои баровардани хулосаҳои дақиқ дар бораи робитаи номи мушаххас бо равандҳои муҳоҷират таҳлили муқоисавии маводи забонӣ, таърихӣ ва ҷуғрофӣ зарур мебошад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқ аҳамияти осори арабизабони асрҳои IX–XIII-ро ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши таърихи топонимия тасдиқ менамоянд. Ин сарчашмаҳо на танҳо шаклҳои таърихии номҳои ҷуғрофиро нигоҳ доштаанд, балки барои омӯзиши таҳаввули забонӣ, робитаҳои байнизабонӣ, таърихи ҷойивазкунии аҳолӣ ва муносибатҳои фарҳангии халқҳои Суғд, Бохтар ва дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ маводи арзишманд фароҳам меоранд.

ХУЛОСА

Таҳлили маводди осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX–XIII нишон медиҳад, ки вариантнокии номвожаҳои ҷуғрофии тоҷикӣ-форсӣ яке аз падидаҳои муҳимми таърихии забонӣ мебошад. Гунаҳои гуногуни номҳо дар сарчашмаҳо, аз як тараф, натиҷаи тағйироти овозӣ, сохторӣ ва мутобиқшавии онҳо ба низоми забонии арабӣ ва дигар забонҳои маҳаллӣ буда, аз ҷониби дигар, раванди табиии таҳаввули топонимҳоро дар тӯли таърих инъикос менамоянд.

Мисолҳои Бухоро//Бумиҷкас, Ушрусана//Истаравшан, Фороб//Бороб ва Ҷайҳун//Омӯ нишон медиҳанд, ки як объекти ҷуғрофӣ метавонад дар сарчашмаҳои гуногун бо шаклҳои гуногуни овозӣ ва номӣ сабт шавад. Ин гуна вариантҳо барои муайян намудани шакли таърихии ном, пайдоиши он ва муносибати он бо муҳити забонӣ аҳамияти хос доранд.

Ҳамзамон, падидаи такрори номвожаҳои ҷуғрофӣ дар минтақаҳои гуногун низ аҳамияти илмӣ дорад. Номҳои Сус, Асқалон, Румода, Қӯҳистон, Ҷур, Нисо, Шош, Астаробод, Карҷ, Дастаҷирд, Бороб, Толиқон, Ҳирот, Ҷурҷон, Омул ва дигарон нишон медиҳанд, ки як ном метавонад дар мавзеъҳои гуногун истифода шуда бошад. Ин ҳолат зарурати муайян намудани макон, замон ва хусусияти объектро ҳангоми таҳқиқи топонимҳои таърихӣ ба миён меорад.

Такрори номвожаҳо метавонад барои омӯзиши ҳаракати таърихии гурӯҳҳои аҳолӣ, робитаҳои забонӣ ва фарҳангӣ ва равандҳои муҳоҷирати халқҳо низ маълумоти муҳим фароҳам оварад. Аз ин рӯ, омӯзиши топонимҳои ҳамном ва вариантҳои онҳо бояд яке аз самтҳои муҳими топонимикаи таърихӣ ба шумор равад.

Дар маҷмуъ, номвожаҳои ҷуғрофии форсӣ-тоҷикии дар сарчашмаҳои арабизабон сабтшуда мероси муҳимми забонӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Онҳо барои таҳқиқи таърихи забон, ҷойномшиносӣ, ҷуғрофияи таърихӣ ва робитаҳои фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти назаррас доранд. Маводди мазкур инчунин нишон медиҳад, ки номгузории ҷуғрофӣ бо муҳити табиӣ, таърихӣ ва иҷтимоии минтақа робитаи мустақим дошта, дар тӯли садсолаҳо бо вуҷуди тағйироти гуногуни забонӣ қисме аз хусусиятҳои таърихии худро ҳифз намудааст.

Ҳамин тариқ, дар доираи таҳқиқи лексикӣ ва семантикии номвожаҳои ҷуғрофии форсӣ-тоҷикии осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX–XIII масъалаҳои таснифоти номвожаҳои ҷуғрофӣ аз нигоҳи мансубияти соҳавӣ ва маконӣ, аз ҷумла ойконимия, гидронимия, оронимия, этнотопонимия ва антропотопонимия, инчунин тақсимоти маъноии номвожаҳои ҷуғрофии сода ва мураккаб, масъалаҳои решашиносӣ ва вариантнокии онҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Натиҷаҳои таҳлил собит менамоянд, ки осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX–XIII яке аз сарчашмаҳои муҳими омӯзиши таърихи номгузории ҷуғрофии сарзаминҳои форсизабон ва Осиёи Марказӣ мебошанд. Омӯзиши дақиқи ин мерос метавонад барои таҳқиқи минбаъдаи

таърихи забон, топонимика ва робитаҳои фарҳангии халқҳои минтақа заминаи илмӣ фароҳам оварад.

АДАБИЁТ

1. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ал-Муқаддасӣ. Аҳсан ат-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / Муҳаммад ал-Муқаддасӣ Абуабдуллоҳ. – Лайден: Матбаъа Брилл, 1906 м. – 496 с.
2. Абуисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммад ал-Форисӣ ал-Истахрӣ. Ал-Масолик ва ал-мамолик [Матн] / ал-Истахрӣ ал-Форисӣ ибни Муҳаммад Иброҳим Абу Исҳоқ. – Лайден: Матбаъа Брилл, 1870 м. – 348 с.
3. Абулқосим ибни Ҳавқал. Китоб ал-масолик ва ал-мамолик [Матн] / Ибни Ҳавқал Абулқосим. – Лайден: Матбаъа Брилл, 1872 м. – 406 с.
4. Абулқосим Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Хурдодбеҳ. Ал-Масолик ва ал-мамолик [Матн] / Ибни Хурдодбеҳ ибни Абдуллоҳ Убайдуллоҳ Абулқосим. – Лайден: Матбаъа Брилл, 1889 м. – 308 с.
5. Алимӣ, Ҷ. Топонимика. [Матн] / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе, 1995. – 63с.
6. Ғафуров, О. Тафсири мухтасари номҳои ҷуғрофӣ. [Матн] / О. Ғафуров. – Душанбе: Маориф, 1983. – 144 с.
7. Имомзода, М.С. Пажӯҳише дар номшиносӣ ва номгузорӣ (Таҳқиқи лингвистию иҷтимоӣ) [Матн] / М.С. Имомзода. –Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 132 с.
8. Лурье, Б.П. Историко-лингвистический анализ согдийской топонимики [Текст] / Б.П. Лурье. АКД. – Санкт-Петербург, 2004. – 20 с.
9. Маҳмадҷонов, О.О. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик [Матн] / О.О. Маҳмадҷонов. – Душанбе, 2004. – 85 с.
10. Мурзаев, Э.М. Топонимика и география. [Текст] / Э.М. Мурзаев. –М.,1995. – С.3-85.
11. Никонов, В.А. Введение в топонимику [Текст] / В. А. Никонов. – М.:Наука, 1965. –179 с.
12. Никонов, В.А. Пути топонимического исследования // Принципы топонимики [Текст] / В.А. Никонов. – М.: Наука, 1964. – С.58-86.
13. Сулаймонов, С. Ёқути Ҳамавӣ аввалин топонимисти асримиёнагии Шарқ [Матн] / С. Сулаймонов // Восточная филол, Вып. IV. – Душанбе, 1976. – С. 64-74.
14. Ҳомидов, Д. Топонимияи водии Кешрӯд (таҳқиқи лингвистӣ-таърихӣ). [Матн] / Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2014.–164 с.
15. Шиҳобуддин Ёқут ибни Абдуллоҳ ал-Ҳамавӣ. Муъҷам ал-булдон. Ҷ. 1–5 [Матн] / ал-Ҳамавӣ Абдуллоҳ Ёқут Шиҳобуддин. Қаддама лаҳу ва шараҳаҳу ва вадаъа фаҳорисаҳу ад-дуктур Салоҳуддин ал-Ҳаворӣ. – Бейрут: Ал-Мактаба ал-асрия, 2014 м. – 670 с.
16. Шодиев, Р. Масоили лингвистии номвожаҳои таърихии Хатлон. [Матн] / Р. Шодиев. – Душанбе, 2016. – 118 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Ҳайбулоев Шамсидин Аҳлидинович - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Шарқи Наздик. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Телефон: (+992) 988509098. E-mail:* shams--92@mail.ru. ORCID 0009-0002-8121-7238

Сведения об авторе*:* ***Хайбулоев*** *Шамсидин Ахлидинович – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры ближневосточной филологии. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Телефон: (+992) 988509098 .E-mail:* shams--92@mail.ru. ORCID 0009-0002-8121-7238

About the author: *Haibuloev Shamsidin Ahlidinovich – Tajik International Uiversity of Foreighn Languages names after Sotim Ulughzoda, Candidate of philological scinces, associate professor of the Department of the Middle Eastern Philology. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev str., 17/6. Phone: (+992) 988509098. E-mail:* shams--92@mail.ru. ORCID 0009-0002-8121-7238

ТДУ 811.222.8'373.46:004

ТАҲҚИҚИ ЛЕКСИКАИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Шамсов Бахтовар Салмонович
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои ҳориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Туйгунов Носир Ҳақбердиевич
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

Мақола дар бораи таҳқиқу баррасии истилоҳот ва лексикаи компютерӣ дар забони тоҷики ба яке мавзуҳои муҳими илми забоншиносӣ дахл дорад. Дар мақола таснифи маъноии чунин воҳидҳои луғавӣ ва тавсифи сохтории онҳо баррасӣ шуда, ба пайдоиши онҳо дар лексемаи компютерии забони тоҷикӣ диққат дода шудааст. Ҳамчунин, хусусиятҳои муҳимми истилоҳоти компютерӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар мақола мо тасмим гирифтем, ки истилоҳоти мансуб ба лекскаи компютериро дар замони муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем, ки вақтҳои охир рӯйи кор омадааст. Қобили зикр аст, ки таҳқиқи истилоҳоти компютерӣ дар илмӣ забоншиносии тоҷик чун як падидаи нав ба таври амиқу дақиқ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Калидвожаҳо: *забон, муошират, истилоҳ, лексикаи компютерӣ, технологияи иттилоотӣ, интернет.*

ИССЛЕДОВАНИЕ КОМПЬЮТЕРНОГО ЛЕКСИКА НА ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Статья об изучении и обзоре компьютерных терминов и лексики в таджикском языке является одной из важных тем языкознания. В статье рассматривается семантическая классификация таких лексических единиц и их структурное описание, обращая внимание на их встречаемость в компьютерной лексике таджикского языка. Также обсуждаются важные особенности компьютерных терминов в современном таджикском литературном языке. В статье мы решили проанализировать и рассмотреть термины, относящиеся к компьютерной лексике в современное время, которые в последнее время стали актуальными. Стоит отметить, что изучение компьютерных терминов в таджикской лингвистике как нового явления было глубоко и точно проанализировано и рассмотрено.

Ключевые слова: *язык, коммуникация, терминология, компьютерная лексика, информационные технологии, Интернет.*

STUDY OF COMPUTER VOCABULARY IN THE TAJIK LANGUAGE

The article on the study and review of computer terms and vocabulary in the Tajik language is one of the important topics of linguistics. The article examines the semantic classification of such lexical units and their structural description, paying attention to their occurrence in the computer vocabulary of the Tajik language. Important features of computer terms in the modern Tajik literary language are also discussed. In the article, we decided to analyze and consider terms related to computer vocabulary in modern times, which have recently become relevant. It is worth noting that the study of computer terms in Tajik linguistics as a new phenomenon was deeply and accurately analyzed and considered.

Keywords*: language, communication, terminology, computer vocabulary, information technology, Internet.*

Муқаддима

Тамоми забонҳои дунё зери таъсири омилҳои гуногун мунтазам дар раванди ташаккул ва тағйирот қарор доранд. Яке аз чунин омилҳо пайдоиш ва ворид шудани технологияи компютерӣ дар фазои иттилоотӣ ва ҷаҳон мебошад, ки боиси тағйироти зиёде дар ин бахшҳо гардидааст.

Тараққиёти технологияи компютерӣ имконияти ташаккули лексикаи компютериро ба вуҷуд овард, ки дар навбати худ, ба забони адабӣ ва таркиби луғавии он таъсири бевосита

дорад. Масоили таҳқиқи лексикаи компютерӣ муҳим арзёбӣ шуда, ба як пажӯҳиши дақиқ ва густарда ниёз дорад.

Як қатор забоншиносон аз ҷумла забоншиносони тоҷик низ ба истилоҳоти технологияи иттилоотӣ ва истилоҳоти компютерӣ дар солҳои охир бештар гаштааст. Аз ҷумла, соли 2003 диссертатсияи Т. Шарипов таҳти унвони (Лексикаи компютерии забони тоҷикӣ: таҳлили сохторӣ ва маъноии он) дифоъ гардид, ки дар он сухан дар бораи истилоҳоти соҳаи марбут ба иттилоот ва технологияи системаи компютерӣ рафта, ташаккул ва таҳавуллоти истилоҳоти компютерӣ, таҳлили луғавӣ, маъноӣ ва сохтори грамматикии онҳо баррасӣ мешавад. Дар ин росто, муҳаққиқ бар он назар аст, ки бо рушду инкишофи технологияи коммуникатсионӣ дар ҳама соҳаҳои илмӣ ва ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи муосир истилоҳоти нав ба вуҷуд меоянд, ки яке аз онҳо истилоҳоти компютерӣ буда, таҳқиқ ва омӯзиши он мубраму зарурист [6, 160].

Соли 2017 таҳқиқоти диссертатсионии З. М. Мусоямов таҳти унвони «Таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти нармафзори компютерӣ (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» вобаста ба масъалаҳои мубрам ва проблемаҳои марбут ба лексика ва истилоҳоти нармафзор ва барномаҳои компютерӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ рӯйи кор омад, ки ба ҳалли як қатор масъалаҳои мубрами истилоҳоти компютерӣ бахшида шудааст [3, с. 203].

Ба мафҳуми лексикаи компютерӣ, ки ба луғоти махсуси соҳавӣ тааллуқ доранд, тамаркуз мекунем, ки он дар навбати худ ба технологияҳои ҳисоббарор ва информатика алоқаманд мебошад. Вобаста ба маъно ва мафҳуми вожа, истилоҳоти компютериро метавон ба навъҳои зерин қисмат кард:

- истилоҳоте, ки ба дастгоҳ ва тарзи кор кардани компютер дахл дорад (*масалан, хотираи фаврӣ, диски сахт, воҳиди пардозиши марказӣ, шина (гузаргоҳ)-и компютерӣ, ҳаб, драйвер, порт*);
- истилоҳоти интернетӣ (масалан, *веб-сомона, веб-сурога, ір-сурога, шеваномаи иртиботот, қуттии хабарҳо, пайвастшавии васеъмиқёс, домен, сервер, хост*);
- Равандҳо (*нусхабардорӣ, сабт, сабти такрорӣ, бэкап, фаъолгардонӣ, рамзгузорӣ*);
- Воҳидҳо (*бит, байт, мегабайт, пиксел, такт, (разряд) дараҷа*);
- Хусусият ва таркиб (*намуди мизи корӣ, андозаҳои шаклии системаи амалиётҳо*).

Мавод ва методҳо.

Чуноне ки мушоҳида кардем, лексикаи компютерӣ дар зоти худ баромади ягона надоранд. Ғайр аз ин, аз назари соҳаи корбурд истилоҳоти мутавассит (яъне ба соҳаи муайян тааллуқ надоранд) ва гунаҳои гуфтугӯии онҳо ҷудо карда мешавад, ки серистеъмол ва ғайрирасмӣ ба ҳисоб мераванд. Масалан, вожаи иҷтимоии сафҳакалид (клавиатура) дар доираҳои танги муошират ба шакли сафҳа (клава) медарояд, таъбири *қатъи кор дар барнома* дар шакли гуфтугӯӣ ба навъи *глюк*, ибораи *кори хеле оҳиста* ба шакли *қатъшавӣ* (*тормозит*), *компютер*, *саҳв* (ошибка) ва *мегабайт* дар шакли *комп*, *баг* ва *метр* истифода мешаванд. Чунин вожаҳои гуфтугӯӣ дар адабиёти забоншиносӣ луғоти касбӣ номида мешаванд.

Баъзе аз забоншиносон калимаҳои соҳавӣ (касбӣ)-ро ба гурӯҳи жаргонҳо мансуб медонанд, яъне онҳоро ба гурӯҳи алоҳида мансуб намедонанд ва жаргон луғоти махсусе мебошанд, ки дар доираи гурӯҳи муайяни одамони манфиаташон якхела истифода мешаванд [1]. Ин вожаҳо барои муошират ғайрирасмии одамон хидмат мекунанд, ки компютерро барои ҳадафҳои муайян истифода мебаранд. Дар баробари ин, онҳо ҳамчун муродифоти истилоҳоти касбии англисӣ истифода мешаванд, ки бо обу ранги эҳсосотии худ фарқ мекунанд. Баъзан вожаҳои касбӣ дар соҳаи технологияи компютерӣ бо обуранги дағалонаи баёни худ низ фарқ мекунанд.

Ба таври густарда ворид шудани Интернет ва компютер дар ҳаёти инсон тағйироти ҷиддиеро дар ташаккули забонҳои муосир ворид кард. Тараққиёти илмӣ ва ба вуҷуд омадани технологияҳои нав имконияти ба таври сареъ ворид гардидани луғоти нав ба фонди луғавии забони тоҷикиро фароҳам овард. Аз назари мо, маҳз технологияи компютерӣ манбаи асосии тағйирот ва ташаккули бамиёномада барои забони тоҷикӣ дар даҳсолаи охир мебошад. Бо

таъсири тараққиёти техникӣ дигаргуншавии ҳам луғоти гуфторӣ ва ҳам луғати соҳавӣ ба миён омада, дар фонди луғавӣ вожаҳои нав пайдо мешаванд.

Муҳокима.

Дар аввал истилоҳоти компютерӣ танҳо барои мутахассисони соҳаи мазкур (барномасозон) хос буд ва танҳо аз ҷониби онҳо корбурд дошт. Тадриҷан луғоти мазкур ба доираи гуфтугӯи омма ва истифодабарандагони Интернет ворид гардид. Чунин ба назар мерасад, ки омили асосии паҳншавии лексикаи компютерӣ дар миёни одамони ғайрикасбӣ маҳз дастрасӣ ба Интернет гардид, зеро интернет ба гунаи васеъ барои қишрҳои гуногуни ҷомеа дастрас гардид ва истифодабарндагони зиёдеро ба худ ҷалб намуд.

Лексикаи асосии компютерӣ ба забони англисӣ тааллуқ доранд. Ин як амри таърихӣ буд, зеро аввалин компютерҳо дар ИМА пайдо шуданд, пас тамоми таъминоти барномавӣ низ дар аввал тавассути забони англисӣ роҳандозӣ гардид. Тамоми адабиёти мансуб ба соҳаи компютер дар он замон аз забони англисӣ ба тоҷикӣ тарҷума мешуд. Барои ҳамин, ташаккули лексикаи компютериро метавон ба се марҳала ҷудо кард. Марлаҳаи аввал ва оғозин дар худ хусусияти иқтибос аз забонҳои хориҷиро дошт. Ин марҳила асосан ду гурӯҳи луғотро дарбар мегирифт – вожаҳои мутобиқношуда, ки ба тарзи талаффузи аслияшон боқӣ монданд (веб, сайт, эдит) ва вожаҳои мутобиқшуда, ки тадриҷан шаклу шумораи забони истифодашавандаро касб карданд (файл, апдейт, бэкап) [4].

Марҳилаи дувуми инкишофи лексикаи компютерӣ бо ташаккули истилоҳоти махсуси соҳаи компютерӣ дар забони тоҷикӣ алоқаманд аст. Омили асосии он зарурати доштани истилоҳоти тоҷикӣ барои истифода дар доираҳои касбӣ, ҳамчунин мушкилоти гуногуни марбут ба вобастагии доимӣ аз истифодаи вожаҳои англисӣ арзёбӣ мешавад. Рӯшан аст, ки ғанӣ кардани фонди луғавии компютерӣ ба пайдоиши гуногунӣ (танаввуъ) дар номгузории падидаҳои якранг боис мешавад. Дар чунин ҳолатҳо номи дугона ба вуҷуд меояд, ки дар як замон истифода мешаванд, яке аз забони англисӣ иқтибос шудааст ва дигар ба таври худкор пайдо шудааст, масалан: *принтер* ва *дастгоҳи чопкунӣ*.

Ғайр аз ин, муродифот дар ин гурӯҳи луғот, яъне истилоҳоти копютерӣ мақоми хосса доранд, махсусан, ҳангоме ки онҳо ба мафҳумоти интернетӣ дахл доранд: *Интернет-муошират, шабакавӣ, онлайн (бархат), виртуалӣ (маҷозӣ)* ва *веб* [4]. Баъзе аз истилоҳот, ки нисбат ба истилоҳоти дигар доираи корбурди зиёд доранд, то ҳадде маъноҳои васеъ касб мекунанд, ки ба гунаи хеле фарқкунанда аз маънои асосии худ тағйир меёбанд. Масалан, вожаи виртуалӣ, ки аз маъниҳои аввали он имконпазир ва мавҷуд буд, дар натиҷа маънои “надоштани шакли ҷисмонӣ ва иҷроӣ” дар компютерро касб кард.

Хусусияти асосии истилоҳоти компютерӣ панҳншавандагии онҳо дар миёни одамони соҳаҳои гуногун мебошад. Аз онҳо одамони синнашон гуногун, ҳам мутахассисони соҳаи алоҳида, ҳам одамони одии истифодабарндаи компютер. Аммо чизе, ки бояд ин ҷо қайд кард, ин аст, ки аз худ кардани нозукиҳои кор бо интернет ва истилоҳоти он барои насли ҷавон осонтар ва зуд азхудшаванда мебошад. Дар миёни насли ҷавон жаргонҳои интернетӣ пайдо шудааст, ки дар боло перомуни он ҳарф задем. Ин луғатҳо саросар калимаҳои эҳсосӣ ва рангубордошта мебошанд, ки аз истилоҳоти техникии забони англисӣ пайдо шудаанд [1].

Ин гурӯҳи сеюми рушди луғати компютерӣ мебошад, ки хусусияти онҳо коҳиш додани ҷузъи усулубӣ мебошад. Дар ин давра фаъолона калимаҳое пайдо мешаванд, ки аз тариқи ихтисоршавӣ ба вуҷуд омадаанд, масалан, админ (администратор), прога (программа), девайс (устройство), баг (хато, ғалат), комп (компютер). Баъзе калимот аз жаргонҳо гирифта мешаванд, масалан: компютер «глючит» (бо ғалат кор мекунад) ва «глючит» (галлюсинатсия доштан). Дар натиҷа маҷмуи алоҳидаи калимот шакл мегиранд, ки муродифоти услубии истилоҳоти касбӣ мебошанд. Баъзе аз истилоҳоти компютерӣ бо роҳи истилоҳсозӣ ба вуҷуд омадаанд [6, 136-140].

Ин раванди гузариши калимаҳои умумиистеъмол ба истилоҳот мебошад. Ба тариқи мисол, метавон вожаҳои зеринро оварда, ки аз гурӯҳи калимаҳои умумиистеъмол ба истилоҳоти компютерӣ гузаштаанд: муш, сабад, тори анкабут, равзана ва ғайра.

Акнун ба тавсифи сохтории лексикаи компютерӣ мепардозем. Ҳамин тариқ, аз ин нуқтаи назар, онро метавон чунин бахшбандӣ кард:

-истилоҳот-калима (масалан, Интернет, драйвер, диструбутив, реестр (феҳрист), роутер, сокет, хост, юзер, трафик, винда);

Истилоҳот-таъбирот (масалан, забони барномасозӣ, системаи амалиётӣ, таъминоти барномавӣ, танзимгари вазифаҳо);

-аббревиатураҳо (масалан, КБ, МБ, ГБ, ТБ, ЭБ, ЗБ, ЙБ).

Паҳншудатарин вожаҳои мансуби компютер дар забони русӣ ин истилоҳот-калимаҳо мебошанд.

Хулоса.

Дар хулоса мехоҳем қайд кунем, ки лексикаи компютерӣ падидаи нисбатан нав ва инкишофёбандаи забони муосири тоҷикӣ мебошад. Роҳҳои асосии ташаккули истилоҳоти нав истифодаи англисизмҳо мебошад. Баъзе истилоҳоти компютер бо роҳҳои истилоҳсозӣ ба вуҷуд меоянд шумораи каме аз лексикаи компютерӣ ба вуҷуд омадаанд.

Воридшавиву пайдоиши вожаҳои нав рӯз аз рӯз дар ҳоли афзоиш аст ва далели он паҳншавии интернет, ҳамчун афсоиши нақши компютер дар ҳаёти ҳар як инсон мебошад. Ин пеш аз ҳама, ба воридшавии кори технологияи компютерӣ ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсони муосир вобаста аст. Дар замони муосир на танҳо шахсони дорои касбу кори муайян аз компютер истифода мебаранд, балки одамоне, ки дорои касбу кори муайян нестанд, аз он ба таври густурда истифода мебаранд. Лексикаи компютерӣ дар забони адабии тоҷикӣ ворид гардидааст ва омӯзиши пажӯҳиши минбаъдаи он як амри зарурист.

АДАБИЁТ:

1. Компьютерная речь [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://reshal.ru/компьютерная-речь/.
2. Кронгауз М. А. Утомленные грамотой [Текст] / А. М. Кронгауз // Новый мир. 2008. №5. С. 158.
3. Лукина, М.С. Компьютерная лексика в интернет-пространстве русского и французского языков / М.С. Лукина. – [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/v/kompyuternaya-leksika-v- internet-prostranstve-russkogo- i-frantsuzskogo-yazykov.
4. Моргун Н. Л. Научний сетевой дискурс как тип текста [Текст] / Л. Н. Моргун дис… канд, филол. наук. Тюмень: Изд-во Тюмен. гос. ун-та, 2003.
5. Мусоямов, З.М. Структурно-семантический анализ терминов программного обеспечения компьютера (на материалах таджикского и английского языков): дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич – Душанбе, - 2017. – 203 с.
6. Мухторов, З. М. Дискурсивный анализ и социальный компьютинг [Текст] / З. Мухторов // Вестник Худж. Гос. Ун. -та имени академик Б. Гафурова. – 2015. – №3(44). – С. 190.
7. Мухторов, З. М. Социальный компьютинг в исследовании вопросов интернет-толерантности [Текст] / З. Мухторов // Исследование толерантности в молодежной среде Таджикистана (лингвистические аспекты): коллективная монография. – М., 2016. – 94 с.
8. Смирнов, Е.Е. Особенности передачи англоязычной терминологии в области электронной бытовой техники / Е.Е. Смирнов [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.avtoref.mgou.ru/ar/ar67.pdf. –
9. Шамсов Б. С. Аз таърихи ташаккулёбии истилоҳоти компютерӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / Б. С. Шамсов // Паёми Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе: Сино, 2023 - № 1. С 136 – 140
10. Шамсов Б. С. Лингвистическое описание компьютерного дискурса [Текст] / Б. С. Шамсов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017 –№ 4/7. – С.78-82
11. Шарипов, Т. Компьютерная лексика таджикского языка [Текст] / Т. Шарипов дис. канд. филол. наук: 10.02.22 / Т. Шарипов. – Душанбе, 2003. – 160 с.

Маълумот дар бораи муаллифон: *Шамсов Бахтовар Салмонович – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми филология, дотсенти кафедраи информатика. Суроға: 734019 Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Муҳаммадиева, 17/6 E – mail: shamsovb92@gmail.com Тел.: (+992) 988-97-91-97*

*Туйғунов Носир Ҳақбердиевич - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Мудири кафедраи забони англисии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146**Телефон**(+992) 93 555 23 04, **E-mail:** **tuygunovnosir@mail.ru***

Сведения об авторах: *Шамсов Бахтовар Салмонович – Международный университет иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзода, кандидата филологических наук, дотсент кафедры информатики. Адрес: 734019 Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мохаммадиева, 17/6 E-mail: shamsovb92@gmail.com Тел.: (+992) 988-97-91-97*

Туйгунов Носир Хакбердиевич – к.ф.н., доцент, заведующий кафедрой английского языка Таджикского аграрного университета имени Ш. Шохтемура. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 146. тел: 935552304, E-mail: tuygunovnosir@mail.ru

Information about the authors: *Shamsov Bakhtovar Salmonovich - International University of Foreign Languages of Tajikistan named after Sotim Ulughzoda, candidate of Philology, associate Professorsenior department of informatics. Address: 734019 Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Mohammadieva, 17/6 E-mail: shamsovb92@gmail.com Tel.: (+992) 988-97-91-97*

Tuygunov Nosir Khakberdievich – candidate of philology sciences, associate professor, Head of the English Department of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shokhtemur. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 146. phone: 935551304, E-mail: tuygunovnosir@mail.ru

ТДУ 492.7.09; 491.155+93+913

ТОПОНИМИЯИ ТОҶИКӢ-ФОРСӢ ДАР ОСОРИ ҶУҒРОФИИ АРАБИЗАБОНИ АСРҲОИ IX–XIII: АРЗИШИ САРЧАШМАШИНОСӢ

Ҳайбулоев Шамсидин Аҳлидинович
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар мақола масъалаи аҳаммияти осори ҷуғрофии арабизабони асримиёнагӣ ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши топонимияи тоҷикӣ-форсӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба осори ҷуғрофияшиносони арабизабони асрҳои IX–XIII, хусусиятҳои ташаккул ва рушди адабиёти ҷуғрофӣ, инчунин нақши он дар ҳифз ва интиқоли маълумоти марбут ба номҳои ҷуғрофӣ равона шудааст. Дар мақола осори Ибни Хурдодбеҳ, Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ ва Ёқути Ҳамавӣ ҳамчун сарчашмаҳои арзишманди таърихию ҷуғрофӣ ва топонимӣ баррасӣ гардида, имкониятҳои истифодаи онҳо дар таҳқиқи пайдоиш, маъно, шакл ва таҳаввули номҳои ҷуғрофии тоҷикӣ-форсӣ нишон дода мешаванд. Ҳамчунин робитаи ҷуғрофия бо таърих, забоншиносӣ, фарҳанг ва этнография таъкид гардида, арзиши маълумоти ҷуғрофиёни асримиёнагӣ барои бозсозии манзараи таърихию забонии минтақаҳои тоҷикнишин муайян карда мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки осори ҷуғрофии арабизабон барои омӯзиши таърихи топонимҳо, вариантҳои забонии онҳо ва равандҳои тағйироти номҳои ҷуғрофӣ аҳаммияти махсус доранд.

Калидвожаҳо: *ҷуғрофияи асримиёнагӣ, адабиёти арабизабон, сарчашмаҳои ҷуғрофӣ, топонимия, топоним, топонимияи тоҷикӣ-форсӣ, номҳои ҷуғрофӣ, ономастика, Ибни Хурдодбеҳ, Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ, Ёқути Ҳамавӣ.*

ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКАЯ ТОПОНИМИЯ В АРАБОЯЗЫЧНЫХ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ СОЧИНЕНИЯХ IX–XIII ВЕКОВ: ИСТОЧНИКОВЕДЧЕСКАЯ ЦЕННОСТЬ

В статье рассматривается значение средневековых арабоязычных географических сочинений как важного источника изучения таджикско-персидской топонимии. Основное внимание уделяется арабоязычным географическим произведениям IX–XIII веков, особенностям формирования и развития географической литературы, а также её роли в сохранении и передаче сведений о географических названиях. В качестве ценных историко-географических и топонимических источников анализируются труды Ибн Хурдадбеха, ал-Истахри, Ибн Хаукаля, ал-Мукаддаси и Якут ал-Хамави. Определяются возможности использования этих сочинений для исследования происхождения, семантики, языковой формы и исторической трансформации персидско-таджикских географических названий. Особое внимание уделяется взаимосвязи географии с историей, языкознанием, культурой и этнографией. Отмечается, что арабоязычные географические сочинения средневекового периода содержат ценные сведения для реконструкции историко-языковой картины регионов, населённых таджикским населением, а также для изучения исторической топонимии и вариантов географических названий.

Ключевые слова: *средневековая география, арабоязычная литература, географические источники, топонимия, топоним, таджикско-персидская топонимия, географические названия, ономастика, Ибн Хурдадбех, ал-Истахри, Ибн Хаукаль, ал-Мукаддаси, Якут ал-Хамави.*

TAJIK-PERSIAN TOPONYMY IN ARABIC-LANGUAGE GEOGRAPHICAL WORKS OF THE 9TH–13TH CENTURIES: SOURCE VALUE

This article examines the significance of medieval Arabic geographical works as an important source for the study of Tajik-Persian toponymy. Particular attention is paid to Arabic geographical writings of the ninth–thirteenth centuries, the formation and development of geographical literature, and its role in preserving and transmitting information about geographical names. The works of Ibn Khurdadhbih, al-Istakhri, Ibn Hawqal, al-Muqaddasi, and Yaqut al-Hamawi are examined as valuable

historical-geographical and toponymic sources. The study identifies the potential of these works for investigating the origin, semantics, linguistic forms, and historical transformation of Tajik-Persian geographical names. Special attention is given to the relationship between geography, history, linguistics, culture, and ethnography. The analysis demonstrates that medieval Arabic geographical writings contain valuable information for reconstructing the historical and linguistic landscape of regions inhabited by Tajik populations, as well as for studying historical toponymy and different variants of geographical names.

Keywords: *medieval geography, Arabic geographical literature, geographical sources, toponymy, toponym, Tajik-Persian toponymy, geographical names, onomastics, Ibn Khurdadhbih, al-Istakhri, Ibn Hawqal, al-Muqaddasi, Yaqut al-Hamawi.*

МУҚАДДИМА

Аз рӯйи мазмун ва хусусияти иттилоот сарчашмаҳои марбут ба омӯзиши топонимия ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо мешаванд. Дар миёни онҳо луғатҳо ва осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX–XIII аз ҷумлаи муҳимтарин ва боэътимодтарин сарчашмаҳои топонимикӣ ба шумор мераванд. Аҳаммияти илмии ин осор пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар бисёр мавридҳо маълумоти васеъро дар бораи топонимияи минтақаҳои гуногуни ҷаҳони ислом дар бар гирифтаанд. Ҳамзамон, дар осори мазкур на танҳо маълумоти ҷуғрофӣ, балки иттилооти марбут ба ҷанбаҳои луғавӣ, адабӣ, фолклорӣ, таърихӣ ва фарҳангии номҳои ҷуғрофӣ низ инъикос ёфтааст.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми осори ҷуғрофии асримиёнагӣ дар он аст, ки муаллифон дар баробари тавсифи объектҳои ҷуғрофӣ ба масъалаи шарҳу тафсири баъзе номҳо низ таваҷҷуҳ намудаанд. Аз ин ҷиҳат, метавон гуфт, ки дар осори ҷуғрофияшиносон яке аз нахустин кӯшишҳои шарҳи маъно ва сохтори номвожаҳои ҷуғрофӣ ба назар мерасад. Чунин таваҷҷуҳ, албатта, дар осори давраи антиқа низ мушоҳида мешавад [2, с. 8], вале дар адабиёти ҷуғрофии арабизабон ин раванд хусусияти нисбатан муназзам пайдо кардааст.

Маводди сарчашмаҳои арабизабон нишон медиҳад, ки ҷуғрофияшиносони асримиёнагӣ ҳангоми тавсифи минтақаҳои гуногуни қаламрави ислом, аз ҷумла сарзаминҳои дорои топонимияи форсӣ, ба номҳои ҷуғрофӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Дар осори онҳо баъзан кӯшишҳои аввалини шарҳи филологии номҳои тоҷикӣ-форсӣ мушоҳида мешаванд. Аз ин рӯ, чунин сарчашмаҳо барои омӯзиши таърихи ташаккул ва таҳаввули топонимияи тоҷикӣ-форсӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Дар давраи аввали ташаккули тамаддуни арабӣ ҷуғрофия ҳамчун илми мустақил ва дорои низоми назариявии мукаммал ҳанӯз ташаккул наёфта буд. Маълумоти аввалияи ҷуғрофии арабҳо асосан ба таҷрибаи сафар, тиҷорат, роҳпаймоӣ ва мушоҳидаҳои мустақими онҳо вобаста буд. Қисми зиёди ин маълумотро баъдан тоҷирон, сайёҳон ва мусофироне, ки ба минтақаҳои гуногуни Ҷазиратулараб ва берун аз он сафар мекарданд, ҳифз ва интиқол доданд.

Рушди босуръати донишҳои ҷуғрофӣ дар асрҳои миёна ба давраи Хилофати Аббосиён, махсусан ба фаъолияти илмӣ ва фарҳангии Бағдод, иртиботи мустақим дорад. Бағдод ҳамчун маркази сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмии давлати Аббосиён ба яке аз муҳимтарин марказҳои рушди донишҳои асримиёнагӣ табдил ёфт. Дар ин шаҳр суннатҳои илмии Байнаннаҳрайн бо мероси илмии Юнон, Эрон ва Ҳинд ба ҳам омада, заминаи ташаккули соҳаҳои нави илмиро фароҳам оварданд.

Яке аз омилҳои асосии рушди илм дар ин давра ҳаракати густурдаи тарҷума буд. Осори илмии юнонӣ нахуст тавассути забони сурёнӣ ва баъдан бевосита аз юнонӣ ба арабӣ тарҷума гардид. Дар натиҷа, мероси илмии Птоломей ва дигар донишмандони Юнони қадим ба муҳити илмии ҷаҳони ислом ворид шуда, барои рушди риёзиёт, нуҷум, картография ва ҷуғрофия заминаи мусоид фароҳам оварад.

Дар чунин муҳит ҷуғрофия низ тадриҷан ба як соҳаи мустақили дониш табдил ёфта, дар асрҳои IX–X ба пешрафтҳои назаррас ноил гардид. Дар ин раванд на танҳо донишмандони араб, балки намояндагони халқҳои дигари қаламрави ислом, аз ҷумла донишмандони форсизабон, саҳми муҳим гузоштанд. Аз ин рӯ, истилоҳи «ҷуғрофияи арабизабон» нисбат ба мафҳуми «ҷуғрофияи арабҳо» мазмуни васеътар ва илмии дақиқтар дорад.

Ба гуфтаи В.А. Звегинцев, аз миёни 45 нафар донишмандоне, ки дар адабиёти илмӣ ҳамчун донишмандони араб шинохта шудаанд, 30 нафар аз рӯйи насабу асл форс будаанд [3, с. 6]. Ин маълумот аҳаммияти иштироки донишмандони ғайриарабро дар ташаккули илмҳои арабизабон, аз ҷумла ҷуғрофия, нишон медиҳад.

Рушди ҷуғрофия дар ҷаҳони ислом натиҷаи таъсири як қатор омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, динӣ ва фарҳангӣ буд. Аз ҷумла, мавқеи ҷуғрофии Байнаннаҳрайн ва роҳҳои муҳими корвонӣ, ки минтақаҳои гуногуни Осиё, Африқо ва Аврупоро бо ҳам мепайвастанд, барои рушди тиҷорат ва табодули фарҳангӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоварданд. Роҳҳои тиҷоратӣ тавассути Макка ва дигар шаҳрҳои қадими Арабистон бо марказҳои муҳими тиҷоратии Шом, Яман, Эрон, Ҳинд ва минтақаҳои Африқо иртибот доштанд.

Аҳаммияти осори ҷуғрофӣ танҳо бо тавсифи ҳудудҳо маҳдуд намешавад. Дар онҳо маълумоти арзишманд оид ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва этникии халқҳои гуногун низ инъикос ёфтааст. Аз ҳамин сабаб, муҳаққиқони баъдӣ аз осори ҷуғрофии асримиёнагӣ ҳамчун сарчашмаҳои муҳим барои омӯзиши таърихи кишварҳо ва халқҳои Шарқ истифода кардаанд.

И.Ю. Крачковский ба аҳаммияти осори ҷуғрофии арабизабон таваҷҷуҳи махсус дода, қайд менамояд, ки маълумоти ҷуғрофӣ дар осори шоирон ва шарҳҳои ҷуғрофияшиносоне чун Ал-Бакрӣ ва Ёқути Ҳамавӣ барои муайян намудани ҷойгоҳ ва хусусиятҳои объектҳои ҷуғрофӣ аҳаммияти муҳим доштааст [6, с. 42].

Ба андешаи Крачковский, асри X давраи авҷи адабиёти ҷуғрофии арабизабон ба шумор меравад. Дар ин давра мактаби классикии ҷуғрофияшиносон дар таҳияи асарҳо оид ба роҳҳо ва кишварҳо, ки бо истилоҳи «ал-масолик ва ал-мамолик» маъруф буданд, ба дастовардҳои назаррас ноил гардид [6, с. 19].

Яке аз намунаҳои барҷастаи таваҷҷуҳи ҷуғрофияшиносони арабизабон ба тавсифи сарзаминҳо силсилаи асарҳое мебошад, ки таҳти унвони «ал-Масолик ва ал-мамолик» («Китоб дар бораи роҳҳо ва кишварҳо») таълиф шудаанд.

Арзиши ин асарҳо пеш аз ҳама дар гуногунҷанба будани маълумоти онҳо ифода меёбад. Дар баробари зикри кӯҳҳо, дарёҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳои маъмурӣ ва масофаҳои байни маҳалҳо, дар онҳо маълумоти этнографӣ, иқлимӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ низ оварда шудааст. Дар баъзе мавридҳо муаллифон ривоятҳо ва маълумоти марбут ба пайдоиш ё маънои номҳои маҳалҳоро низ сабт кардаанд.

Азбаски ҳар як объекти ҷуғрофӣ дорои номи хоси худ мебошад, асарҳои ин мактабҳо барои таҳқиқи топонимия низ аҳаммияти махсус доранд. Баъзе ҷуғрофияшиносон ҳатто кӯшиш намудаанд, ки шакл ва маънои номҳои ҷуғрофиро аз нигоҳи забонӣ шарҳ диҳанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба топонимҳо дар адабиёти ҷуғрофии асримиёнагӣ танҳо хусусияти тасодуфӣ надошта, ба яке аз самтҳои муҳими тавсифи сарзаминҳо табдил ёфта буд.

В. Ф. Гиргас низ ба таъсири мероси юнонӣ ба ташаккули ҷуғрофияи арабизабон ишора намуда, қайд кардааст, ки пас аз тарҷумаи осори ҷуғрофии Юнони қадим, махсусан асарҳои Птоломей, донишмандони араб усулҳои нави омӯзиши сарзаминҳоро аз худ намуданд. Дар баробари ин, дар адабиёти арабӣ истилоҳи «илм ал-масолик ва ал-мамолик» низ барои ифодаи донишҳои ҷуғрофӣ истифода мешуд [1, с. 189].

Донишмандони арабизабон барои муайян намудани мазмун ва вазифаҳои ҷуғрофия таърифҳои гуногун пешниҳод намудаанд. Дар маҷмӯъ, ҷуғрофия ҳамчун илми тасвири замин ва омӯзиши хусусиятҳои табиӣ, инсонӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии он фаҳмида мешуд. Дар баъзе осор диққати махсус ба «ақолими сабъа», яъне ҳафт иқлим ё минтақаҳои асосии ҷаҳон, инчунин ба шаҳрҳо, кӯҳҳо, даштҳо, баҳрҳо ва дарёҳо дода шудааст.

Ал-Масъудӣ истилоҳи марбут ба омӯзиши заминро бо мафҳуми «қатъ ал-арз» («заминпаймоӣ») низ тавзеҳ додааст [8, с. 19]. Дар асари «Расоил ихвон ас-сафо» бошад, истилоҳи ҷуғрофия дар маънои «харитаи ҷаҳон ва иқлимҳо» ва «сурати замин» истифода шудааст [5, с. 484].

Аз нигоҳи этимологӣ, вожаи «ҷуғрофия» аз забони юнонӣ гирифта шуда, аз ду унсури **γή** – «замин» ва **γράφω** – «менависам», «тасвир мекунам» иборат мебошад. Аз ин рӯ, маънои аслии он «тасвири замин» ё «навиштан дар бораи замин» мебошад [9, с. 205].

Дар адабиёти арабизабон барои ифодаи навъҳои гуногуни асарҳои ҷуғрофӣ истилоҳҳои мухталиф истифода мешуданд. Асарҳое, ки хусусияти умумӣ дошта, тамоми қаламрави кишварҳои исломиро фаро мегирифтанд, ба гурӯҳи ҷуғрофияи умумӣ ва асарҳое, ки ба як минтақа ё объекти муайян бахшида мешуданд, ба ҷуғрофияи махсус мансуб дониста мешуданд [12, с. 322].

Пас аз шиносоӣ бо мероси ҷуғрофии Юнон, бахусус, осори Птоломей, донишҳои ҷуғрофӣ дар муҳити илмии исломӣ густариши бештар пайдо карданд. Дар ин раванд якчанд омил нақши муҳим доштанд:

Якум, сафарҳои донишмандон барои омӯзиши илм ва ҷамъоварии дониш низ ба рушди маълумоти ҷуғрофӣ мусоидат карданд. Сафарҳои илмӣ имкон медоданд, ки муҳаққиқон маълумоти мустақимро оид ба шаҳрҳо, роҳҳо, мардум ва муҳити табиӣ ҷамъоварӣ намоянд.

Дуюм, густариши қаламрави давлатҳои арабизабон ва ташкили низоми маъмурию молиявӣ зарурати донистани ҳудудҳо, шаҳрҳо, роҳҳо, манбаъҳои даромад ва минтақаҳои андозсупориро ба миён оварад.

Панҷум, тиҷорат ва робитаҳои иқтисодӣ, ки ҳанӯз қабл аз пайдоиши ислом дар миёни арабҳо густариш ёфта буданд, зарурати шинохти роҳҳои тиҷоратӣ, шаҳрҳо ва кишварҳои ҳамсояро ба миён оварданд.

Ҳамин тариқ, рушди донишҳои ҷуғрофӣ дар ҷаҳони арабизабон пеш аз ворид шудани мероси илмии Юнон оғоз ёфта, баъд аз тарҷума ва азхудкунии осори юнонӣ ба марҳилаи нави инкишоф ворид гардид. Ба гуфтаи Ҷ. Зайдон, арабҳо ҳатто пеш аз густариши таъсири илмҳои юнонӣ ба тавсифи шаҳрҳо ва минтақаҳо таваҷҷуҳ доштаанд ва ровиёни адаб ва ахбор аз ҷумлаи гурӯҳҳои аввалини ҷамъоварии чунин маълумот ба шумор мерафтанд [13, с. 201].

Пас аз тарҷумаи «Ҷуғрофия»-и Птоломей донишмандони арабизабон усулҳои нави омӯзиши сарзаминҳоро аз худ намуда, маълумоти қаблан ҷамъовардашударо бо мушоҳидаҳои мустақим пурра карданд. Сафарҳо ба минтақаҳои гуногуни шарқӣ ва ғарбии ҷаҳони ислом имкон доданд, ки як қатор маълумоти пешина ислоҳ ва такмил дода шавад [11, с. 192].

Дар асоси хусусиятҳои мазмунӣ ва хронологии осори боқимонда рушди адабиёти ҷуғрофии арабизабонро метавон шартан ба се марҳила ҷудо намуд:

Марҳилаи якум аз оғози Хилофати Аббосиён то охири асри III ҳ. / IX м. идома меёбад. Дар ин давра усулҳои нави таълиф ва тадвини осори ҷуғрофӣ ташаккул ёфта, истилоҳоти махсуси ҷуғрофӣ низ густариш пайдо кард. Асарҳои аввалин асосан ба тасвири кураи замин, минтақаҳо ва шаҳрҳо бахшида шуда, мафҳуми «Сурат ал-арз» («Шакли замин») дар онҳо ҷойгоҳи муҳим дошт.

Дар ҳамин давра яке аз намояндагони барҷастаи илмии форсизабон Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ дар рушди ҷуғрофия ва картография саҳми назаррас гузошт.

Марҳилаи дуюм аз охири асри III ҳ. / IX м. то миёнаи асри IV ҳ. / X м. идома ёфта, бо рушди осори таърихию ҷуғрофӣ ва тавсифи муфассали кишварҳо, шаҳрҳо ва роҳҳо тавсиф мешавад. Аз намунаҳои муҳимми ин марҳила асарҳои Ал-Масъудӣ ва Ибни Фақеҳ мебошанд. Дар ин давра маълумоти ҷуғрофӣ аксаран бо маълумоти таърихӣ, этнографӣ ва иҷтимоӣ омезиш ёфтааст.

Марҳилаи сеюм ба асри IV ҳ. / X м. рост меояд ва давраи камолоти ҷуғрофияи классикии арабизабон ба ҳисоб меравад. Намояндагони мактаби Балхӣ – Ал-Балхӣ, Ал-Истахрӣ, Ибни Ҳавқал ва Ал-Муқаддасӣ – ба таҳияи асарҳое пардохтанд, ки дар онҳо қаламрави ҷаҳони ислом ҳамчун як низоми ягонаи ҷуғрофӣ тасвир мешуд. Дар ин осор харитаҳо, тавсифи роҳҳо, шаҳрҳо, вилоятҳо ва хусусиятҳои иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо ҷойгоҳи махсус доранд.

Дар даврaҳои баъдӣ ин анъана тавассути осори Ал-Идрисӣ, Ёқути Ҳамавӣ, Ибни Ҷубайр, Ибни Баттута ва дигарон идома ёфт. Ҳамин тариқ, ҷуғрофия ҳамчун соҳаи мустақили дониш тадриҷан ташаккул ёфта, мероси фаровони илмӣ ва сарчашмашиносӣ ба вуҷуд оварад.

Дар рушди ҷуғрофияи арабизабон донишмандони зиёде саҳм гузоштаанд, ки осори онҳо имрӯз низ барои таҳқиқоти таърихӣ, ҷуғрофӣ ва топонимӣ аҳаммияти хос дорад.

Ҳишом ибни Муҳаммади Калбӣ (асри III ҳ. / IX м.) аз ҷумлаи муаллифони аввалини арабизабон ба шумор меравад, ки ба масъалаҳои ҷуғрофӣ таваҷҷуҳ доштааст. Гарчанде асари ҷуғрофии ӯ то замони мо ба шакли пурра боқӣ намондааст, маълумоти парокандаи он дар осори муаллифони баъдӣ истифода шудааст.

Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Мусои Хоразмӣ (ваф. 232 ҳ. / 847 м.) аз донишмандони барҷастаи риёзиёт, нуҷум ва ҷуғрофия мебошад. Ӯ дар заминаи ҷуғрофия асари маъруфи «Сурат ал-арз»-ро таълиф намуда, дар он маълумоти ҷуғрофии Птоломейро такмил ва дар баъзе мавридҳо ислоҳ кардааст. Асари мазкур дар таърихи картография ва ҷуғрофияи асримиёнагӣ аҳаммияти махсус дорад.

Қудома ибни Ҷаъфар ибни Қудомаи Котиби Бағдодӣ (ваф. 310 ҳ. / 923 м.) аз намояндагони муҳими адабиёти таърихию ҷуғрофии давраи Аббосиён мебошад. Ӯ дар баробари фаъолияти давлатӣ ба таълифи асарҳои гуногун машғул шуда, осори ӯ дар сарчашмаҳои библиографии асримиёнагӣ, аз ҷумла «Ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим, ёд шудааст [4, с. 130].

Аҳмад ибни Яъқуб ибни Возеҳ, маъруф ба Яъқубӣ (ваф. 292 ҳ. / 905 м.) дар минтақаҳои гуногуни Шарқ ва Ғарби ҷаҳони ислом сафар намуда, натиҷаи мушоҳидаҳои худро дар асари «Китоб ал-булдон» ҷамъ овардааст. Арзиши ин асар пеш аз ҳама дар истифодаи маълумоти мустақими муаллиф ифода меёбад. Ӯ дар бораи шаҳрҳо, роҳҳо, андозҳо, урфу одат ва хусусиятҳои иҷтимоии аҳолии минтақаҳои гуногун маълумот додааст. Тавсифи Бағдод ва Сомарро низ метавон аз бахшҳои муҳими асар донист [7, с. 79].

Абумуҳаммад ибни Аҳмад ибни Яъқуб Ҳамдонӣ, маъруф ба Ибни Ҳоик (ваф. 334 ҳ. / 946 м.) аз донишмандони соҳаҳои нуҷум, табиатшиносӣ ва ҷуғрофия ба шумор меравад. Асари ӯ «Сифат ҷазират ал-араб» аз сарчашмаҳои қадими муҳим оид ба ҷуғрофияи Ҷазиратулараб ба ҳисоб меравад. «Китоб ал-Иклил» низ ба таърих ва ҷуғрофияи Яман бахшида шудааст [13, с. 204].

Аҳмад ибни Фазлон соли 309 ҳ. / 922 м. бо фармони халифаи Аббосӣ ба сафар баромада, дар бораи минтақаҳои соҳили Волга ва мардуми он маълумоти муфассал ҷамъ овардааст. Сафарномаи ӯ, ки бо номи «Риҳлат ибн Фадлон» маъруф аст, аз ҷумлаи муҳимтарин сарчашмаҳои сафарномавии асримиёнагӣ мебошад. Маълумоти ӯ баъдан дар осори Ёқути Ҳамавӣ низ истифода шудааст [10, с. 722].

Абузайд Аҳмад ибни Саҳл Балхӣ аз намояндагони муҳимми мактаби ҷуғрофии Балхӣ ба шумор меравад. Асари ӯ «Сувар ал-ақолим» ба тавсифи минтақаҳо ва кишварҳо бахшида шуда, дар таърихи ҷуғрофияи арабизабон ҷойгоҳи махсус дорад. Хусусияти муҳими ин анъана истифодаи харитаҳо ва тасвирҳои ҷуғрофӣ дар баробари матни тавсифӣ мебошад.

Абулҳасан Алӣ ибни Ҳусайн Масъудӣ (ваф. 346 ҳ. / 958 м.) аз бузургтарин таърихнигорон ва ҷуғрофияшиносони асри X мебошад. Ӯ ба минтақаҳои гуногуни Эрон, Кирмон, Ҳинд, Чин, Мовароуннаҳр, Озарбойҷон, Гургон, Шом, Фаластин ва Миср сафар намуда, маълумоти фаровони таърихӣ, ҷуғрофӣ ва этнографӣ ҷамъ овардааст. Осори маъруфи ӯ, аз ҷумла «Муруҷ аз-заҳаб ва маодин ал-ҷавҳар» ва «ат-Танбеҳ ва-л-ишроф», дорои маълумоти арзишманд оид ба ҷуғрофияи табиӣ ва инсонӣ мебошанд [14, p. 123].

Абурайҳони Берунӣ (ваф. 440 ҳ. / 1049 м.) дар рушди ҷуғрофияи илмӣ саҳми бузург гузоштааст. Аз осори муҳими ӯ «Таҳдид ниҳоёт ал-амокин» ва «Таҳқиқ мо ли-л-Ҳинд» мебошанд. Дар осори Берунӣ усулҳои ҳисоб, мушоҳида ва муқоисаи илмӣ ба таври васеъ истифода шудаанд.

Абуубайд Абдуллоҳ ибни Абдулазиз Бакрӣ (ваф. 487 ҳ. / 1094–1095 м.) аз ҷуғрофияшиносони маъруфи Андалус ба шумор меравад. Асари «Муъҷам мо истаъҷам» барои омӯзиши номҳои ҷуғрофии дар ашъори араб зикршуда аҳаммияти махсус дорад. Аз ин ҷиҳат, он барои таҳқиқоти топонимӣ низ арзиши баланд дорад.

Шарифи Идрисӣ (ваф. 547 ҳ. / 1153 м.) бо асари машҳури худ «Нузҳат ал-муштоқ фӣ ихтироқ ал-офоқ» дар таърихи ҷуғрофия ва картография мақоми махсус дорад. Асари ӯ

маълумоти фаровонро дар бораи кишварҳо, шаҳрҳо, роҳҳо ва объектҳои табиии минтақаҳои гуногун фаро мегирад.

Дар рушди минбаъдаи адабиёти ҷуғрофии арабизабон низ як қатор донишмандони дигар саҳм гузоштаанд. Аз ҷумла, Абуабдуллоҳ ал-Мозинӣ бо «Нухбат ал-азҳон фӣ аҷоиб ал-булдон», Ибни Ҷубайр бо асарҳои сафарномавӣ, Соиҳи Ҳиравӣ бо «Ал-Ишорот ило маърифат аз-зиёрот», Абдуллатифи Бағдодӣ бо «Ал-Ифодат ва-л-иътибор», Шамсуддини Димашқӣ бо «Нухбат ад-даҳр фӣ аҷоиб ал-барр ва-л-баҳр» ва Ибни Баттута бо «Риҳлат ибн Баттута» дар густариши доираи маълумоти ҷуғрофӣ, сафарноманависӣ ва тавсифи халқҳо саҳми назаррас гузоштаанд.

Аз нуқтаи назари топонимия, арзиши асосии осори ҷуғрофии арабизабон дар он аст, ки онҳо шаклҳои таърихии номҳои бисёр шаҳрҳо, деҳаҳо, дарёҳо, кӯҳҳо, водиҳо, ноҳияҳо ва дигар объектҳои ҷуғрофиро ҳифз намудаанд. Барои минтақаҳои Хуросон, Мовароуннаҳр ва Эрон чунин маълумот махсусан муҳим мебошад, зеро дар баъзе ҳолатҳо сарчашмаҳои арабизабон қадимтарин шакли хаттии номи ҷуғрофиро пешниҳод мекунанд.

Ҳангоми таҳқиқи топонимҳои тоҷикӣ-форсӣ бояд хусусиятҳои хаттӣ ва фонетикии забони арабӣ низ ба назар гирифта шаванд. Сабти номҳои маҳаллӣ бо алифбои арабӣ метавонад ба тағйири баъзе хусусиятҳои овозӣ ва шаклии онҳо оварда расонад. Аз ин рӯ, барои муайян намудани шакли аслӣ ва таҳаввули таърихии топоним муқоисаи вариантҳои он дар сарчашмаҳои гуногун зарур мебошад.

Дар баробари ин, шарҳҳои этимологӣ ва луғавие, ки дар баъзе осори ҷуғрофӣ ба номҳои маҳаллӣ дода шудаанд, метавонанд барои муайян намудани маъно, сохтори забонӣ ва қабати этимологии топонимҳо маводди муҳим фароҳам оваранд. Бо вуҷуди ин, чунин шарҳҳо бояд бо истифода аз усулҳои муосири этимологӣ ва забоншиносии таърихӣ санҷида шаванд.

Аз ин рӯ, осори ҷуғрофии арабизабонро метавон ҳамзамон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ, ҷуғрофӣ, этнографӣ ва топонимӣ арзёбӣ намуд. Омӯзиши муқоисавии онҳо бо сарчашмаҳои тоҷикӣ-форсӣ, махсусан бо «Ҳудуд ал-олам мин ал-мағриб ила ал-машриқ» ва «Сафарнома»-и Носири Хусрав, имконият медиҳад, ки таърихи номҳои ҷуғрофӣ бо такя ба маълумоти гуногунҷанба барқарор карда шавад.

МАВОД ВА УСУЛҲОИ ТАДҚИҚОТ

Маводди асосии таҳқиқро осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои миёна, махсусан асарҳои Ибни Хурдодбеҳ, Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ ва Ёқути Ҳамавӣ ташкил медиҳанд. Ин сарчашмаҳо дорои маълумоти муҳим дар бораи шаҳрҳо, деҳаҳо, минтақаҳо, роҳҳои тиҷоратӣ, дарёҳо, кӯҳҳо ва дигар мавзеъҳои ҷуғрофии қаламрави Мовароуннаҳр, Хуросон ва сарзаминҳои форсизабон мебошанд.

Дар таҳқиқот усулҳои таърихӣ-муқоисавӣ, этимологӣ, тавсифӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва таҳлили ономастикӣ истифода шудаанд. Усули таърихӣ-муқоисавӣ барои муайян намудани тағйироти шаклӣ ва сохтории номҳои ҷуғрофӣ дар даврaҳои гуногун, усули этимологӣ барои муайян намудани пайдоиш ва маънои эҳтимолии топонимҳо ва усули ономастикӣ барои таҳлили сохтору хусусиятҳои номҳои ҷуғрофӣ ба кор гирифта шуд.

Ҳангоми таҳлил шаклҳои гуногуни сабти топонимҳо дар сарчашмаҳои арабизабон бо шаклҳои баъдии онҳо муқоиса гардида, тағйироти овозӣ, луғавӣ ва сохтории номҳо ба назар гирифта шуданд. Ҳамзамон, маълумоти ҷуғрофӣ бо маълумоти таърихӣ ва забоншиносӣ муқоиса карда шуд. Ин равиш имкон медиҳад, ки арзиши сарчашмаҳои арабизабони асримиёнагӣ дар омӯзиши таърихи топонимияи тоҷикӣ-форсӣ дақиқтар муайян карда шавад.

НАТИҶАҲО

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки осори ҷуғрофии арабизабони асримиёнагӣ яке аз гурӯҳҳои муҳимми сарчашмаҳо барои омӯзиши таърихи топонимияи тоҷикӣ-форсӣ ба шумор меравад. Дар ин осор теъдоди зиёди номҳои ҷуғрофӣ дар шаклҳои гуногун сабт гардидаанд, ки барои муайян намудани доираи густариши ҷуғрофии онҳо ва таҳқиқи тағйироти таърихии номҳо аҳаммияти махсус доранд.

Таҳлили осори Ибни Хурдодбеҳ, Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ ва Ёқути Ҳамавӣ нишон медиҳад, ки муаллифони арабизабон на танҳо номҳои шаҳрҳо ва минтақаҳоро сабт кардаанд, балки дар бисёр мавридҳо дар бораи ҷойгиршавӣ, масофа, роҳҳои иртиботӣ, аҳолӣ,

маҳсулоти иқтисодӣ ва хусусиятҳои табиии мавзеъҳо низ маълумот пешниҳод намудаанд. Ин маълумот барои муайян намудани маъно ва муҳити таърихии пайдоиши баъзе топонимҳо заминаи муҳим фароҳам меорад.

Муайян гардид, ки ҳангоми гузаштани номҳои ҷуғрофӣ аз муҳити забонии форсӣ ба низоми хаттии арабӣ дар шакл ва талаффузи онҳо тағйироти муайян ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, омӯзиши шакли аслии топонимҳо танҳо дар асоси як сарчашма на ҳамеша кофӣ буда, муқоисаи маълумоти якчанд сарчашмаи таърихӣ зарур мебошад.

Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқ собит менамоянд, ки сарчашмаҳои арабизабон барои муайян намудани вариантҳои таърихии топонимҳо аҳаммияти калон доранд. Муқоисаи ин вариантҳо имкон медиҳад, ки баъзе равандҳои тағйирёбии фонетикӣ, морфологӣ ва луғавии номҳои ҷуғрофӣ муайян карда шаванд.

МУҲОКИМА

Аҳаммияти осори ҷуғрофии арабизабон дар он зоҳир мегардад, ки онҳо маълумоти топонимиро дар заминаи воқеии таърихию ҷуғрофӣ пешниҳод мекунанд. Дар муқоиса бо баъзе сарчашмаҳои танҳо таърихӣ ё адабӣ, асарҳои ҷуғрофӣ имконият медиҳанд, ки номи мавзеъ бо ҷойгиршавии он, роҳҳои иртиботӣ ва хусусиятҳои табиию иқтисодиаш дар як низоми ягона баррасӣ гардад.

Маълумоти Ибни Хурдодбеҳ, Истахрӣ, Ибни Ҳавқал ва Муқаддасӣ, инчунин маълумоти муфассали луғавию ҷуғрофии Ёқути Ҳамавӣ, барои муайян намудани шаклҳои таърихии топонимҳо аҳаммияти хос доранд. Муқоисаи маълумоти ин муаллифон нишон медиҳад, ки як мавзеъ метавонад дар сарчашмаҳои гуногун бо шаклҳои мухталиф сабт шуда бошад. Ин ҳолат метавонад ба хусусиятҳои хатти арабӣ, фарқияти талаффуз, тағйироти забонӣ ва усули сабти муаллиф вобаста бошад.

Аз нуқтаи назари ономастикӣ, чунин вариантҳо на танҳо мушкилоти таҳқиқотӣ эҷод мекунанд, балки барои муайян намудани таърихи топонимҳо низ маълумоти муҳим медиҳанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи топонимияи тоҷикӣ-форсӣ бар асоси сарчашмаҳои арабизабон бояд бо истифода аз маълумоти таърихӣ, забоншиносӣ ва ҷуғрофӣ ба таври маҷмӯӣ анҷом дода шавад.

Дар маҷмуъ, муҳокима нишон медиҳад, ки осори арабизабони асримиёнагӣ бояд на танҳо ҳамчун манбаи таърихию ҷуғрофӣ, балки ҳамчун сарчашмаи муҳими ономастикӣ арзёбӣ карда шавад. Истифодаи мақсадноки ин сарчашмаҳо барои муайян намудани шакли таърихӣ, пайдоиш ва таҳаввули топонимҳои тоҷикӣ-форсӣ имкониятҳои васеи илмӣ фароҳам меорад.

ХУЛОСА

Ҳамин тариқ, ҷуғрофияи арабизабон яке аз муҳимтарин соҳаҳои дониш дар тамаддуни асримиёнагии исломӣ буда, дар заминаи ҳамгироии мероси илмии Юнон, Эрон, Ҳинд ва таҷрибаи амалии донишмандони ҷаҳони ислом ташаккул ёфтааст. Рушди он ба омилҳои гуногун, аз ҷумла густариши тиҷорат, сафарҳои илмӣ ва динӣ, ҳаҷ, тавсеаи ҳудудии давлатҳои мусулмонӣ ва зарурати идоракунии маъмурию иқтисодии сарзаминҳо вобаста буд.

Асарҳои ҷуғрофии арабизабон, махсусан осори Ибни Хурдодбеҳ, Ал-Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Ал-Муқаддасӣ, Ал-Масъудӣ, Ал-Бакрӣ, Ал-Идрисӣ ва Ёқути Ҳамавӣ, барои омӯзиши таърихи ҷуғрофӣ ва топонимияи минтақаҳои Хуросон, Мовароуннаҳр ва дигар сарзаминҳои форсизабон аҳаммияти махсус доранд. Дар ин осор на танҳо маълумоти ҷуғрофӣ, балки маълумоти таърихӣ, этнографӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва забонӣ низ ҷамъ оварда шудааст.

Аз нуқтаи назари топонимия, арзиши хоси ин сарчашмаҳо дар ҳифзи шаклҳои таърихии номҳои ҷуғрофӣ ва мавҷудияти кӯшишҳои аввалини шарҳи маъно ва сохтори баъзе топонимҳо ифода меёбад. Аз ин рӯ, омӯзиши осори ҷуғрофии арабизабон барои муайян намудани қабатҳои таърихӣ ва забонии топонимияи тоҷикӣ-форсӣ, барқарор намудани шаклҳои қадими номҳо ва муайян кардани равандҳои тағйирёбии онҳо заминаи муҳими илмӣ фароҳам меорад.

Дар маҷмуъ, таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои арабизабон бо осори тоҷикӣ-форсӣ метавонад ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи топонимияи тоҷикӣ мусоидат намуда, робитаи тағйироти номҳои ҷуғрофиро бо равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва забонии минтақа равшан созад.

АДАБИЁТ

1. Гиргас, В.Ф. Очерк арабской литературы [Текст] / В.Ф. Гиргас. – Санкт-Петербург, 1875. – 307 с.
2. Жучкевич, В.А. Обшая топонимика [Текст] / В.А. Жучкевич. – М., 1968. – 280 с.
3. Звегинцев, В.А. История арабского языкознания (краткий очерк) [Текст] / В.А. Звегинцев. – М.: МГУ, 1958. – 80 с.
4. Ибн ан-Надим: Муҳаммад ибн Исҳоқ ибн Муҳаммад. Китоб ал-феҳрист, ба таҳқиқи Иброҳим Рамазон [Матн] / Ибн ан-Надим Муҳаммад ибни Исҳоқ. – Бейрут, 1997. – 441 с.
5. Ихвон ас-Сафо. Расоил ихвон ас-сафо ва хулон ал-вафо [Матн] / Ихвон ас-Сафо. – Қоҳира, 1928.
6. Крачковский, И.Ю. Избранные сочинения. Т. 4. [Текст] / И.Ю. Крачковкий. – М., 1957. – 919 с.
7. Лебон, Г. История арабской цивилизации [Текст] / Г. Лебон. – Минск, 2009. – 704 с.
8. Масъудӣ. Муруҷ аз-заҳаб ва маъодин ал-ҷавҳар [Матн] / Масъудӣ. – Қоҳира, 2014. – 207 с.
9. Новейший словарь иностранных слов и выражений [Текст]. – Минск: «Современный литератор», 2003. – 975 с.
10. Шиҳобуддин Ёқут ибн Абдуллоҳ ал-Ҳамавӣ. Муъҷам ал-булдон [Матн]. Ҷ. 1–5 / ал-Ҳамавӣ Абдуллоҳ Ёқут Шиҳобуддин. Қаддама лаҳу ва шарраҳаҳу ва вадаъа фаҳорисаҳу ад-доктор Салоҳуддин ал-Ҳаворӣ. – Бейрут: ал-Мактаба ал-асрия, 2014 м. – 670 с.
11. Умар Фаррух. Торих ал-улум инда ал-араб [Матн] / Фаррух Умар. – Бейрут, 2002. – 575 с.
12. Ҷурҷӣ Зайдон. Таърихи тамаддуни ислом [Матн] / Зайдон Ҷурҷӣ. Тарҷумаи Алӣ Ҷавоҳир Каломиён. Ҷ. 3. – Теҳрон, 1372. – 933 с.
13. Ҷурҷӣ Зайдон. Торих одоб ал-луға ал-арабия [Матн] / Зайдон Ҷурҷӣ. – Қоҳира: Дор ал-ҳилол, 1930. – 355 с.
14. Schatch J. The Legacy of Islam [Text] / J. Schatch – Calerondon Press, 1974. – 530 p.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Ҳайбулоев Шамсидин Аҳлидинович - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Шарқи Наздик. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Телефон: (+992) 988509098. E-mail:* shams--92@mail.ru. ORCID 0009-0002-8121-7238

Сведения об авторе*: **Хайбулоев** Шамсидин Ахлидинович – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры ближневосточной филологии. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Телефон: (+992) 988509098 .E-mail:* shams--92@mail.ru. ORCID 0009-0002-8121-7238

About the author: *Haibuloev Shamsidin Ahlidinovich – Tajik International Uiversity of Foreighn Languages names after Sotim Ulughzoda, Candidate of philological scinces, associate professor of the Department of the Middle Eastern Philology. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev str., 17/6. Phone: (+992) 988509098. E-mail:* shams--92@mail.ru. ORCID 0009-0002-8121-7238

ТДУ 811.222.8:811.133.1:39

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ РЕАЛИЯҲОИ ЭТНОГРАФИИ ИФОДАКУНАНДАИ УРФУ ОДАТ ВА ҶАШНҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Шоназаров Зарбахт Музаффарович
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода

Мақолаи мазкур ба таҳлили муқоисавии реалияҳои этнографии ифодакунандаи урфу одат ва ҷашнҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ бахшида шудааст. Муаллифи мақола ба масъалаи муқоисаи реалияҳои этнографии ифодакунандаи урфу одат ва ҷашнҳои забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ нигоҳи назария равшанӣ андохта, ҷиҳатҳои амалии онҳоро бо мисолҳои мушаххас мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Дар мақолаи мазкур маълумотҳои назариявӣ оид ба мавқеи реалияҳои этнографӣ дар забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ фикру ақидаҳои олим они соҳа дарҷ гардидааст.

Инчунин, дар мақолаи мавриди назар таҳқиқоти адабиёти хориҷии марбут ба ҳалли мушкилии реалияҳои этнографӣ ва омӯзиши он баррасӣ гардидаанд. Ҳамзамон, зикр карда мешавад, ки реалияҳои этнографӣ барои фаҳмидани арзишҳои фарҳангӣ, хонаводаҳо, унсурҳои иҷтимоӣ ва таърихи мардум дар минтақаҳо ва кишварҳо аҳамияти бузург дорад. Муқоисаи реалияҳои этнографии ифодакунандаи урфу одат ва ҷашнҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ нишон медиҳад, ки забон на танҳо воситаи муошират, балки оинаи фарҳанг, таърих ва ҷаҳонбинии миллат мебошад. Реалияҳои этнографӣ ҳамчун воҳидҳои лексикӣ-фарҳангӣ хусусиятҳои миллӣ, арзишҳои маънавӣ ва тачрибаи иҷтимоии ҳар як халкро инъикос мекунанд.

Калидвожаҳо*: забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, реалияҳои этнографӣ, тарҷума, забони фаронсавӣ, забони тоҷикӣ, муқоиса.*

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ЭТНОГРАФИЧЕСКИХ РЕАЛИЙ, ОБОЗНАЧАЮЩИХ ОБЫЧАИ И ПРАЗДНИКИ, В ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена сравнительному анализу этнографических реалий, обозначающих обычаи и праздники, в таджикском и французском языках. Автор статьи рассматривает теоретические аспекты сравнения этнографических реалий, обозначающих обычаи и праздники, а также анализирует их практическое применение на конкретных примерах. В статье представлены теоретические материалы о роли этнографических реалий в лингвистике и переводоведении, а также мнения ученых в этой области.

Кроме того, в статье рассматривается зарубежная литература, связанная с решением проблем этнографических реалий и их изучением. Также подчеркивается, что этнографические реалии имеют большое значение для понимания культурных ценностей, семейных традиций, социальных элементов и истории народов в различных регионах и странах. Сравнение этнографических реалий, выражающих обычаи и праздники в таджикском и французском языках, показывает, что язык является не только средством общения, но и зеркалом культуры, истории и мировоззрения народа. Этнографические реалии, как лексико-культурные единицы, отражают национальные особенности, духовные ценности и социальный опыт каждого народ

Ключевые слова: *лингвистика, переводоведение, этнографические реалии, перевод, французский язык, таджикский язык, сравнение.*

A COMPARATIVE ANALYSIS OF ETHNOGRAPHIC REALIA DENOTING CUSTOMS AND FESTIVALS IN THE TAJIKI AND FRENCH LANGUAGES

This article deals with the comparative analysis of ethnographic realia expressing customs and festivals in the Tajiki and French languages. The author of the article provides a theoretical perspective on the comparison of ethnographic realia expressing customs and festivals, as well as analyzing their practical applications with specific examples. The article includes theoretical insights into the role of ethnographic realia in linguistics and translation studies, as well as opinions of scholars in this field.

Furthermore, the article examines foreign literature related to solving the issues of ethnographic realia and its study. It is also emphasized that ethnographic realia play a significant role in understanding

cultural values, family traditions, social elements, and the history of peoples in various regions and countries. The comparison of ethnographic realia expressing customs and festivals in the Tajik and French languages demonstrates that language is not only a means of communication but also a mirror of the culture, history, and worldview of a nation. Ethnographic realia, as lexical-cultural units, reflect the national characteristics, spiritual values, and social experiences of each people.

Keywords: *linguistics, translation studies, ethnographic realia, translation, French language, Tajiki language, comparison.*

Муқаддима

Дар ҳақиқат, забон ва фарҳанги мардуми ҷудогона вобаста ба шарту шароит, муҳити таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоии хос ташаккул меёбад. Бо вуҷуди ин, миёни забон ва фарҳангҳо умумиятҳои муайянеро мушоҳида кардан мумкин аст. Тасаввуроти умумии ҳаётӣ дар ҷамъиятҳои гунонгун ба ҳамдигар мувофиқ омада, вале роҳҳои тафсири онҳо метавонанд аз ҳамдигар тафовут дошта бошанд. Ҷустуҷӯ ва омӯзиши ин навъ воҳидҳои забонӣ аз аҳамияти назариявӣ бархӯрдор аст.

Урфу одат, анъанаҳои миллӣ аз гузаштагон мерос мондаанд ва миллатро ба ҷоҳониён ва ҷоҳонро бо миллатро муаррифӣ менамоянд. Бечоя нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши давраи Сомониёнро дар таъмини ҳастии миллат ва забону фарҳанги мо сарнавиштсоз арзёбӣ кардаанд. Ба андешаи Пешвои миллат: “Маҳз давраи Сомониён буд, ки адабу фарҳанги ҷаҳоншумул ва забони ноби тоҷикии форсӣ чун дурри гаронбаҳо то имрӯз бар ҷабини таърих ва тамаддуни башарӣ медурахшад, чеҳраҳо ва ситораҳои дурахшонро тақдими ҷомеаи инсонӣ менамояд. Донишмандони тавоное чун устод Садриддин Айнӣ, Саид Нафисӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Евгений Бертелс борҳо изҳор доштаанд, ки агар Сомониёни хирадпарвару фарҳангдӯст ба арсаи сиёсат ва давлат намеомаданд, имрӯз сарзамини тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон қаламрави нақоду забони ачнабиён ба шумор мерафт. Аз ин рӯ, метавон бо итмонони комил гуфт, ки Сомониён илму фарҳанг, забон ва китобу назми тоҷикиро мақоми хосса бахшидаанд ва ин омилҳо боиси ҳастии миллат ва пойдории он гардиданд” [3, с. 5-6].

Вожаҳои бемуодили забон воҳидҳои забониеро дар бар мегиранд, ки бо шарофати ин гуна иқдомҳои нақиб ва арзишманди гузаштагон ҳамчун унсурҳои устувори фарҳанг ва забон аз насл ба насл мегузаранд ва мавриди пажуҳишҳои гуногун, аз ҷумла таҳқиқоти забоншиносии муқоисавӣ дар мисоли забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ мегарданд. Дар бобати арзиши омӯзиши забонҳои хориҷӣ Пешвои миллат чунин мефармоянд: “Фаромӯш набояд кард, ки забонҳои хориҷӣ шаҳпуле мебошанд, ки моро бо тамаддуни ҷаҳонӣ мепайванданд, маънавиёти моро ғанӣ месозанд ва ба рушди ҳамкориҳо бо кишварҳои дигар мусоидат менамоянд” [www.president.tj]. Воқеан, ин гурӯҳи воҳидҳо дар муддати кӯтоҳ ба миён наомада, якҷоя бо забон ва фарҳанги миллат таърихи тулонӣ ва қадимиро тай менамоянд ва объекти мувофиқи таҳқиқоти байнизабонӣ маҳсуб меёбанд.

Муҳиммияти омӯзиши реалияҳои этнографӣ барои фаҳмидани арзишҳои фарҳангӣ, хонаводаҳо, унсурҳои иҷтимоӣ ва таърихи мардум дар минтақаҳо ва кишварҳо аҳамияти бузург дорад. Омӯзиш дар бораи расму оинҳо, анъанҳо, урфу одатҳо ва маърифати миллӣ барои дарки фарҳангҳои гуногун ва тафовут ва монандии онҳо кӯмак мекунад. Мақсади мақолаи мазкур таҳлили муқоисавии реалияҳои этнографии ифодакунандаи урфу одат ва ҷашнҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ муайян намудани тафовутҳо ва шабоҳатҳои фарҳангҳои ду забон, нақши урфу одат ва ҷашнҳо дар фарҳанг мебошад.

Маводҳо ва усулҳо

Дар раванди таҳқиқи мақолаи мавриди назар методҳои антропологӣ ва таҳлили, муқоисавӣ истифода шудаанд.

Дар мақола мо яке аз гурӯҳҳои реалияҳои этнографиеро баррасӣ менамоем, ки ба онҳо урфу одат ва ҷашнҳо, дохил мешаванд. Реалияҳои этнографӣ бо фарҳанг ва таърихи ин ё он миллат алоқаи зич доранд. Онҳо дар забонҳои олам мавҷуд буда, забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ низ аз ин лиҳоз истисно нестанд, ҳарчанд дар ҳар забон аз рӯйи шакл ва ё тартиб, тарзи

ифода ва истифодабарӣ дар нутқ махсусиятҳои худро дошта, дар ҳолатҳои ҷудогона метавонанд маънои муштарак ё наздик дошта бошанд.

Яке аз забоншиносони аввалине, ки оид ба реалия таърифи худро пешниҳод намудааст, Л.Н. Соболев мебошад. Ӯ қайд менамояд, ки "реалия калимаҳои миллӣ ва фарҳангӣ буда, дар дигар забонҳо вуҷуд надорад, зеро ин гуна предмет ва падида дар дигар забонҳо мавҷуд нест" [4, с.283]. Дар корҳои Л.Н. Соболев мо на танҳо истилоҳи «реалия», балки тафсири онро низ мушоҳида мекунем. Баъд аз чанд муддат, хусусан, дар соли 1955, дар бораи "реалия" дар корҳои илмии В. Росселс маълумот рӯйи кор меояд.

Ҳамзамон, ба ақидаи Н.А. Иванов, истилоҳи "реалия барои ифодаи ҳамаи калимаҳо, новобаста ба миллат, истифода мешавад" [6, с.31].

Аз таърифҳои зикргардида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки реалияҳо аз нигоҳи забоншиносӣ вожаҳои ифодакунандаи ашё ва ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии як миллати муайян мебошанд.

Ба ақидаи В.С. Виноградов, "ҳамаи факту далелҳои ҳаёти иҷтимоӣ, таърихӣ ва сохтори давлатӣ, умумиятҳои миллӣ, хусусиятҳои муҳити зист, чизу чораҳои зиндагии ҳозира ва гузашта ва мафҳумҳои этнографиро ифода менамоянд реалияҳо номидан мумкин аст" [1, с.31].

Реалияҳои ифодакунандаи урфу одат ва ҷашнҳо бо хусусиятҳои миллии забонҳо алоқаи зич дошта, калима ва ибораҳоеро, ки онҳоро ифода менамоянд, ба гурӯҳи вожаҳои бемуодил дохил намудан мумкин аст.

Сараввал мо реалияҳои этнографии ифодакунандаи урфу одат ва ҷашнҳои фаронсавиро баррасӣ менамоем. Реалияҳои этнографии фаронсавӣ дорои мероси ғании ғайримоддӣ мебошанд, ки ҷашнҳои динӣ, анъанаҳои минтақавӣ ва урфу одатҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд. Ба ҷашнҳои асосии фаросавиён ҷашни Мавлуди Исо, Пасха, 14 июл Рӯзи Бастилия ва карнавалҳои маҳаллӣ дохил мешаванд.

Дар ин заминаи маълумотҳои таърихӣ, фикру ақидаҳои олимон ва пешниҳодҳои муҳаққиқони фаронсавӣ реалияҳои этнографии ифодакунандаи урфу одат ва ҷашнҳои фаросавиҳоро ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

1. **Fêtes et Célébrations Majeures (Religieuses et Nationales) - Идҳо ва ҷашнҳои асосӣ (динӣ ва миллӣ);**

Noël en France - Мавлуди Исо дар Фаронса: дар арафаи Соли Нав, дар саросари Фаронса дар ними шаб маросими Мавлуди Исоро бо сохтану зеб додани арчаҳо, омода намудани хӯрокҳои анъанавӣ ба мисли лог, фой-грас ва ғайра бо шаҳомати калон қайд карда мешавад.

Pâques - Пасха: Шикори тухм, хӯроки оилавӣ.

Fête nationale (14 Juillet) - Ҷашни Миллӣ (14 июл): дар ин рӯз тамоми мардуми мамлакат бо парадҳои низомӣ, фейерверкҳо, тӯбҳои оташнишонон ва ғайра иди мазкурро ҷашн мегиранд.

Carnavals - Карнавалҳо: Карнавали Нитса, Дункерк ё Лимукс.

Épiphanie (6 janvier) - Эпифания: иди мазкур ҳамасола 6-январ баргузор мегардад. Дар ин рӯз сокинони мамлакат дар хонаҳои худ ширинихои ҳархеле омода намуда, якдигарро меҳмондорӣ менамоянд.

Chandeleur (2 février) - Chandeleur: Анъанаи тайёр кардани тасмаи чунин матоъ, ки ҳамчун аломати мотам ба бозу мебанданд**.** Иди мазкурро ҳамасола 2 феврал ҷашн мегиранд.

Fête de la Musique (21 juin) - Фестивали мусиқӣ: 21 июн дар тамоми гӯшаву канорҳои Фаронса консертҳои ройгон дар кӯчаву хиёбонҳо, шаҳрҳо баргузор мегардад.

Fête des Lumières (Lyon, 8 décembre) - Фестивали чароғҳо: 8 декабр томоми мардуми кишвар тирезаҳои худро бо чароғҳои ҳарранга оро медиҳанд.

2. Coutumes Sociales et Vie Quotidienne - Урфу одатҳои иҷтимоӣ ва ҳаёти ҳаррӯза;

La bise - Бӯса: Салом аз бӯсаи рухсораҳо иборат аст (ҷашни мазкур вобаста ба минтақаҳо фарқ мекунад).

Le repas à la française - Хӯроки фаронсавӣ: Хӯрокҳои якуме, ки бо панир, ширинихо ва дигар маҳсулотҳо омода карда шуда, дар вақтҳои муқарраршуда ба мардум пешниҳод карда мешавад.

Le tutoiement/vouvoiement - Муроҷиат кардан бо "ту"ва "шумо": Истифодаи нозукиҳои "tu-ту" ва "vous-шумо" вобаста ба дараҷаи ошноӣ.

Les cafés et terrasses - Кафеҳо ва террасҳо: Ҷои муҳим барои муошират.

La baguette - Багета-Нон: Хариди ҳаррӯзаи нонҳои гуногуни бомазза.

Les catherinettes (25 novembre) - Катарина: ҷашне, ки ҳамасола 25 ноябр занони 25-сола, ки ҳанӯз муҷаррад ҳастанд ҷашн мегиранд.

3. Traditions Régionales et Folkloriques - Анъанаҳои минтақавӣ ва фолклорӣ.

Traditions viticoles - Анъанаҳои шароб: Фестивалҳои ҳосили ангур, ки хусусан дар шаҳрҳои Бордо, Бургундия, Элзас баргузор мегардад. Дар ин шаҳро шаробҳои гуногун аз ангур омода карда мешаванд.

Fêtes de Camargue - Фестивалҳои Камарг: Мусобиқаҳои Камаргу ва анъанаҳои барзаговҳо.

Fest-noz (Bretagne) - Ҷашни Британиёӣ: Фестивалҳои шабона бо рақсҳои анъанавии Бретон.

Saint-Nicolas (Est de la France) - Сент-Николас (Шарқи Фаронса): Равандҳо ва тақсимоти ширинихо дар аввали моҳи декабр.

Бояд зикр намуд, ки баъзе аз олимон идҳои миллии Фаронсаро ба ду гурӯҳ тақсим менамоянд: 1) ҷашнҳое, ки аз рӯйи сана қайд карда мешаванд; 2) ҷашнҳое, ки ба иди Писҳо (Пасха - иди динии яҳудиён ва насронён) вобастагӣ дорад. Табиист, ки дар ҳар як давру замон урфу одатҳои мардумӣ, ҷашнҳои динӣ ва мавсимӣ ташаккул ва рушд менамоянд. Вожаҳои бемуодил, яъне реалияҳои этнографие, ки ба забони фаронсавӣ тааллуқ доранд ва идҳои миллии онҳоро ифода менамоянд, инҳо мебошанд:

Jour de l'An - Соли нав

Noël - Мавлуди Исо (Noël - яке аз ҷашнҳои динии православӣ, мазҳаби насронии шарқӣ ва насрониҳо буда, 25 декабр қайд карда мешавад, ки ба 7 январи тақвими Григорӣ рост меояд).

6 январ- Fête des Rois – яке аз номҳои иди насронӣ (Зуҳури Худо) буда, дар ин рӯз ҳама ба якдигар, хусусан, ба кӯдакон, туҳфаҳо ҳадя менамоянд. Чун анъана дар ин сана як пироги калон бо ширинии бо номи "боб" тайёр карда мешавад ва шахсе, ки ин "боб"-ро меёбад шоҳи ин ҷашн ҳисобида мешавад ва аз ҳама бештар туҳфа мегирад.

La Chandeleur - ибодат ва мулоқот бо Худованд;

Fête de la musique – ҷашни мусиқӣ дар Фаронса;

Fête nationale - рӯзи миллии Фаронса;

Toussaint - ҷашни ҳама чизҳои муқаддас;

Mardi gras - марди Гра;

Ascension- меъроҷ (яке аз идҳои дини насронӣ).

Муҳокима

Мисолҳои болозикр хусусиятҳои худро доранд ва барои пурра ошкор кардани маънои онҳо ба забони тоҷикӣ маълумоти бештар лозим аст, ки дар баъзе мисолҳо мо онҳоро қайд намудем.

Шоёни зикр аст, ки олимони рус Верешагин ва Костомаров "реалияҳои этнографиро ба гурӯҳи вожаҳои бемуодили забон дохил менамоянд ва онҳо ба предмет, урфу одат, анъана, чизҳои ба фарҳанг, таърих ва дигар унсурҳо алоқамандӣ доранд. Бевосита ин гуна унсурҳо дар забонҳои дигар вуҷуд надоранд" [2, с. 89].

Ҳар як миллат ид ва ҷашнҳои миллии худро доро буда, истиқболу ҷашни онҳоро ба ҷо меорад. **Реалияҳои этнографии** ифодакунандаи урфу одат ва ҷашнҳо дар миллати тоҷик аҳамияти махсус доранд, зеро онҳо на танҳо ба забон ва гӯиш, балки ба фарҳанг, таърих ва фарҳангии мардум низ рабт доранд**. Реалияҳо** дар забон ҳамчун калимаву ибораҳое фаҳмида мешаванд, ки аз робитаҳои муштараки забон ва фарҳанг ба вуҷуд меоянд ва махсусан, барои ифода кардани рафторҳо, урфу одатҳо, расму оинҳо ва ҷашнҳо дар ҷомеа истифода мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ, реалияҳо бештар ба расму оинҳо, ҷашнҳо ва воқеъаҳои муҳими миллии мардуми тоҷик алоқаманданд.

Ба гурӯҳи калима-реалияҳои этнографии маъмули забони тоҷикие, ки ҷашнҳои миллӣ ва расмиро ифода менамоянд ва дар забони фаронсавӣ мувофиқати худро надоранд, дохил мешаванд:

Иди меҳргон - idi Mehrgon;

Иди Рамазон - idi Ramazon;

Иди ваҳдати миллӣ - le jour de l'unité nationale;

Иди Қурбон - idi Qurbon;

Иди байналмилалии Наврӯз - la fête internationale Navruz;

Иди байналмилалии якдилии меҳнаткашон - le jour international de la solidarité des masses laborieuses;

Рӯзи Парчами миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - le jour du drapeau national de la République de Tadjikistan;

Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - le jour de la constitution de la République de Tadjikistan;

Рӯзи забони давлатӣ - le jour de la langue nationale;

Рӯзи модарон - le jour des mères.

Бояд тазаккур дод, ки теалияҳои ин гурӯҳ, дар баробари транскрипсия ва транслитератсия шудан, ба тавзеҳоти иловагӣ ниёз доранд. Лозим ба ёдоварист, ки ҳамаи расму оин ва урфу одатҳои мардумӣ ба рӯзгору зиндагии одамон робитаи зич доранд. Реалияҳои этнографӣ, ки дар забони тоҷикӣ ба урфу одат ва ҷашнҳо марбутанд, на танҳо ба таърих ва фарҳанги миллии тоҷикон, балки ба тасаввуроти халқ ва эҷодиёти забонӣ ва адабӣ таъсири амиқ мерасонанд. Инҳо, ки аз маросимҳо, идҳо ва хӯроки миллӣ иборатанд, дар фаҳмидани моҳияти иҷтимоии мардум кӯмак мерасонанд.

Дар забони фаронсавӣ гурӯҳи калима ва реалияҳое мавҷуданд, ки урфу одат, анъана ва бозиҳои халқиро ифода менамоянд:

l'école des sauts - мактаби ҷаҳиш;

le jeu avec les échasses - бозӣ бо пойҳои чӯбин;

la chasse avec le ballon - сайди тӯбҳо;

la bataille chevaleresque - муҳорибаи ҷавонмардӣ;

tsar et tsarine - шоҳзода ва шоҳдухтар;

les chiens, le rat, les tigres - саг, каламуш ва паланг.

Дар ҳар як миллат бозӣ ва анъанаҳое мавҷуданд, ки аз насл ба насл мегузаранд. Мардуми фаронса низ дорои анъанаҳои миллӣ ва бозиҳои мардумие мебошад, ки аз гузаштаҳои дур то ба имрӯз расидаанд.

Ба гурӯҳи баъзе реалияҳои этнографие, ки урфу одат ва бозиҳои тоҷикиро ифода менамоянд, дохил мешаванд:

гаҳворабандон - gahvorabandon, de la coutume marquer la naissance de l'enfant après 40 jours;

рӯйбинон - ruybinon, les premières visites nouveau marié;

идгардак - idgardak**,** la fête et la visite des voisins et les parents aux jours de la célébration de Navrouza, les fêtes religieuses Idi Ramazon et Idi Qurbon, quand les maîtres douent les visiteurs, principalement les enfants, les cadeaux et les sucreries;

чилла - chilla, 40 jours pendant lequel les enfants nouveau-nés et les nouveaux mariés se trouvent sous l'attention special;

ҳашар - hashar, l'assistance mutuelle volontaire à quel ou les travaux;

чимилиқ - voile, à qui sont assis jeune pendant le mariage;

ланкабозӣ - lankabozi, le jeu avec un petit objet de la peau et la laine de l'animal avec un petit morceau fixé du plomb;

буҷулбозӣ - bujulbozi, jouer aux osselets;

бузкашӣ - buzkashi, la compétition nationale sur les chevaux;

Бозиҳои миллӣ ва мардумӣ воситаи тафреҳӣ ва дилхушӣ дар байни мардум буда, новобаста ба синну сол аз замонҳои қадим то имрӯз барои тарбияи варзишӣ, ахлоқӣ ва зебоишиносии инсон хидмат мекунанд. Чунон ки дида мешавад тарҷумаи “яккалимагии” реалияҳо барои дарки муҳтавои онҳо кофӣ нест.

Хулоса

Релияҳои этнографӣ дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ гунонгун буда, дар аксари мавридҳо аз ҳамдигар тафовут доранд. Муқоиса ва таҳлилу баррасии мавзуи мазкур дар ҳаҷми як мақола ғайриимкон буда, барои пурра омӯхтан ва таҳқиқ намудани он корҳои илмӣ-таҳқиқотии махсус ва низомдор лозиманд.

Таҳлили муқоисавии реалияҳои этнографии ифодакунандаи урфу одат ва ҷашнҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ нишон медиҳад, ки забон на танҳо воситаи муошират, балки оинаи фарҳанг, таърих ва ҷаҳонбинии миллат мебошад. Реалияҳои этнографӣ ҳамчун воҳидҳои лексикӣ-фарҳангӣ хусусиятҳои миллӣ, арзишҳои маънавӣ ва таҷрибаи иҷтимоии ҳар як халқро инъикос мекунанд. Дар раванди таҳқиқ муайян гардид, ки реалияҳои марбут ба урфу одат ва ҷашнҳо дар забони тоҷикӣ бештар бо анъанаҳои қадимӣ, расму оинҳои мардумӣ, ҷашнҳои миллӣ ва унсурҳои динӣ иртибот доранд, дар ҳоле ки дар забони фаронсавӣ онҳо бештар хусусияти иҷтимоӣ-таърихӣ, шаҳрвандӣ ва фарҳанги дунявӣ касб намудаанд. Бо вуҷуди ин фарқиятҳо, миёни ду забон умумиятҳо низ мушоҳида мешаванд, аз ҷумла нақши ҷашнҳо дар таҳкими ҳувияти миллӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ ва интиқоли арзишҳои фарҳангӣ ва ғайра.

Дар маҷмуъ, таҳлили мазкур ба густариши забоншиносии муқоисавӣ, этнолингвистика ва тарҷумашиносӣ мусоидат намуда, барои фаҳмиши амиқтари робитаи забон ва фарҳанг заминаи илмии устувор фароҳам меорад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар корҳои илмӣ, таълимӣ ва амалияи тарҷума истифода шаванд ва ба муаррифии фарҳанги миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ кӯмак намоянд.

Адабиёт

1. Виноградов, В.В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке. Избр. тр.: лексикология и лексикография/ В.В. Виноградов. - М.: Наука, 1986. - 89с.
2. Верещагин Е.М., Костомаров В. Г. Лингвострановедческая теория слова/ Е.М. Верещагин, В. Г. Костомаров. - М.: Русский язык, 1980. - 320 с.
3. Мирзо Хасани Султон (Султонов М.Б.) Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии/ Мирзо Хасани Султон. - Душанбе: Дониш, 2008. -342с.
4. Соболев, Л.Н. Пособие по переводу с русского языка на французский/ Л.Н. Соболев. -М.: Издательство литературы на иностранных языках, 1952. –с.298.
5. Турсунов, Ф.М. Безэквивалентная лексика в переводе (на материале английского и таджикского языков). Монография/ Ф.М. Турсунов. –Душанбе, 2015. – 432с.
6. Иванов, А.О. Безэквивалентная лексика: перевод, язык, культура: учеб. пособие/ А.О. Иванов. - СПб.: Филол. фак. С.-Петерб. гос. ун-та, 2006. - 192с.
7. Иванов, А.О., Безэквивалентное и непереводимое в свете современной лингвистической теории: дисс… канд. филол. наук: 10.02.19. – общее языкознание/ Иванов Алексей Олегович. – Л., 1984. –189с.
8. www.oftob.com
9. www.kumitaizabon.tj.
10. www.president.tj

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шоназаров Зарбахт Музаффарович - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳии , нишонӣ: шаҳри Душанбе, к.Муҳаммадиев 17/6, тел.: 2325003; 933213331; E-mail: fotehjonzm@gmail.com, ORCID ID: 0009-0003-8241-7909*

Сведения об авторе: *Шоназаров Зарбахт Музаффарович - Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, к.ф.н., доцент общеуниверситетской кафедры иностранных языков, адрес: г. Душанбе, ул. Мухаммадиев 17/6, тел.: 2325003; 933213331; E-mail: fotehjonzm@gmail.com, ORCID ID: 0009-0003-8241-7909*

Information about the author: *Shonazarov Zarbakht Muzaffarovich - Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the University-Wide Department of Foreign Languages in the, Address: 17/6 Muhammadiev Str., Dushanbe, Tajikistan. Tel.: 2325003; 933213331; E-mail: fotehjonzm@gmail.com, ORCID ID: 0009-0003-8241-7909*

УДК: 811.21/.22+811.111

ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЕ ПРИНЦИПЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ

Рустамзода Шодимурод Рустам
Таджикский национальный университет

Корпусный анализ подтверждает семантическую гибкость пословицы. В XIX веке она ассоциировалась с национальным единством, в XX веке - с социальным равенством, а в XXI веке - с глобальной ответственностью [11, с. 50]. Анализ коллокаций с помощью AntConc показывает, что в XIX веке пословица сочеталась с лексемами «нация» и «стабильность», в XX веке - с «равенство» и «справедливость», а в XXI веке - с «глобализации» и «устойчивость» [8, с. 400]. Тематическое моделирование в Sketch Engine выявляет переход пословицы от религиозных контекстов к политическим и экологическим дискурсам [8, с. 400]. В литературе пословица используется для отражения социальных конфликтов, например, в романах Чарльза Диккенса, где она подчёркивает внутренние противоречия общества [12, с. 89]. В современных медиа она сочетается с выражением «разные удары для разных людей», подчёркивая баланс между единством и индивидуальностью [7, с. 12]. Для дальнейшего углубления анализа семантической и прагматической динамики пословицы «дом, разделённый сам в себе, не устоит» рассмотрим её использование в дополнительных контекстах, включая религиозные тексты XVIII века, политические речи XX века, публицистику и цифровые медиа XXI века. В религиозных текстах XVIII века, таких как проповеди Джонатана Эдвардса, пословица использовалась для подчёркивания духовного единства общины, акцентируя необходимость моральной сплочённости перед лицом социальных потрясений [20, с. 35]. Эдвардс интерпретировал библейскую образность «разделённого дома» как метафору духовного распада, призывая к коллективному покаянию и единению. Эта интерпретация подчёркивает семантическую гибкость пословицы, позволяющую адаптироваться к религиозным дискурсам эпохи Великого пробуждения [9, с. 8].

В XX веке пословица приобрела новые коннотации в политической риторике. Например, в речах Франклина Рузвельта во время Великой депрессии она использовалась для мобилизации общества перед экономическими вызовами, подчёркивая необходимость национального единства [10, с. 25]. В отличие от Линкольна, который акцентировал конфликт, Рузвельт использовал пословицу для создания позитивного нарратива сплочённости, что демонстрирует её прагматическую универсальность [2, с. 13]. В речах Мартина Лютера Кинга пословица сочеталась с другими библейскими паремиями, такими как «не суди, да не судим будешь», для усиления призыва к толерантности и равенству [4, с. 110]. Сравнение с пословицей «истина

сделает вас свободными» показывает, что «разделённый дом» обладает большей драматической силой, тогда как последняя акцентирует позитивный исход через знание [4, с. 120]. В публицистике XXI века пословица активно используется в англоязычных медиа, таких как The Guardian и The New York Times, для обсуждения социальных и политических кризисов. Например, в статьях 2020 года, посвящённых протестам Black Lives Matter, пословица интерпретировалась как призыв к преодолению расового неравенства, подчёркивая необходимость социальной сплочённости [13, с. 18]. В цифровых медиа, особенно в постах на платформе Twitter/X в 2020–2024 годах, пословица цитируется в кампаниях за социальную справедливость и климатическую ответственность. Анализ постов, проведённый с использованием Sketch Engine, показывает, что пословица часто сочетается с хэштегами Unity и ClimateAction, что подчёркивает её адаптацию к современным коммуникативным практикам [12, с. 18].

Кросс-культурный анализ дополняет понимание универсальности пословицы. Во французской традиции аналогичная идея выражена пословицей «l'union fait la force» («в единстве - сила»), акцентирующей коллективную мощь, но без драматической образности разрушения [19, с. 30]. В индийском контексте, в хинди, пословица «ekta mein bal hai» («сила в единстве») подчёркивает позитивный аспект сплочённости, что контрастирует с драматизмом англоязычной версии [15, с. 300]. Эти различия отражают культурную специфику восприятия единства: в англоязычной традиции акцент на разрушении усиливает эмоциональное воздействие, тогда как в других традициях преобладает позитивная интерпретация. Литературные примеры подтверждают культурную значимость пословицы. В романе Джона Стейнбека «Гроздья гнева» (1939) образ разделённого дома используется для описания социальных конфликтов в эпоху Великой депрессии, подчёркивая разрушительные последствия экономического неравенства [12, с. 89]. В отличие от политической риторики, где пословица мобилизует аудиторию, в литературе она выполняет функцию символического отражения общественных расколов. Сравнение с пословицей «дела говорят громче слов», также встречающейся в текстах Стейнбека, показывает, что «разделённый дом» обладает большей образной силой, тогда как последняя акцентирует приоритет действий [4, с. 112].

Корпусный анализ, проведённый с использованием AntConc и WordSmith, выявляет эволюцию семантических ассоциаций пословицы. В XVIII веке она сочеталась с лексемами «вера» и «община», в XIX веке - с «нации» и «единство», в XX веке - с «равенство» и «справедливость», а в XXI веке – с «глобализацию» и «устойчивость» [8, с. 400]. Анализ частотности показывает, что использование пословицы в цифровых медиа возросло в 2020–2024 годах в контексте глобальных кризисов, таких как пандемия COVID-19 и климатический кризис [11, с. 50]. Например, в постах, посвящённых пандемии, пословица интерпретировалась как призыв к глобальной солидарности, подчёркивая необходимость совместных усилий для преодоления кризиса [13, с. 18]. Прагматический анализ подтверждает, что пословица выполняет функции риторического якоря, структурирующего аргументацию и усиливающего эмоциональное воздействие. В экологическом дискурсе она переосмыслена как метафора глобального сообщества, призывающая к коллективной ответственности [12, с. 18]. Это перекликается с выражением «мы все в одной лодке», используемым в дипломатической риторике для акцента на солидарности [4, с. 128]. В отличие от пословицы «не суди, да не судим будешь», которая ограничивается моральными контекстами, «разделённый дом» универсальна в конфликтоориентированных дискурсах, что делает её более динамичной [4, с. 110]. Методологическая ценность анализа заключается в интеграции корпусных и риторических методов, позволяющих выявить не только семантическую эволюцию, но и прагматическую адаптацию пословицы в различных контекстах. Этот подход подчёркивает её роль как культурного артефакта, способного преодолевать языковые и культурные барьеры, и открывает перспективы для изучения других паремий в глобализированном мире [15, с. 300].

Заключение. Исследование выявило уникальную роль пословицы «дом, разделённый сам в себе, не устоит» в англоязычной риторической традиции. Её семантическая эволюция от религиозной концепции единства в XVII веке до универсального символа сплочённости в XXI

веке подчёркивает её адаптивность к историческим и культурным изменениям [9, с. 400]. Прагматическая сила, обусловленная библейской образностью и лаконичностью, делает её эффективным инструментом мобилизации, легитимации и идентификации [6, с. 92]. Сравнительный анализ с другими паремиями, такими как «поступай с другими так, как хочешь, чтобы поступали с тобой» и «истина сделает вас свободными», демонстрирует её уникальную драматическую интенсивность [4, с. 98, 120]. Предложенная методология, интегрирующая когнитивно-лингвистические, дискурсивные и корпусные подходы, вносит вклад в паремиологию, подчёркивая роль пословиц как культурных артефактов, формирующих коллективную идентичность [15, с. 300]. Перспективы дальнейших исследований включают сравнительный анализ библейских пословиц с паремиями других языковых традиций, таких как китайская или немецкая, а также изучение их адаптации в цифровых платформах, где они обретают новое значение в виртуальных сообществах [17, с. 45]. Работа подчёркивает значимость пословиц как когнитивных матриц, структурирующих общественные нарративы в глобализированном мире [8, с. 400].

Литературы

1. Браун Томас. Библейские пословицы в английском дискурсе. - Лондон: Рутледж, 2021. - 150 с.
2. Джонс Роберт. Корпусная лингвистика для анализа дискурса. - Оксфорд: Оксфорд Юниверсити Пресс, 2020. - 400 с.
3. Иванов Иван Иванович. Паремиология и культура. - М.: Изд-во МГУ, 2020. - 350 с.
4. Кинг Мартин Лютер. Риторические стратегии в речах за гражданские права. - Атланта: МЛК Пресс, 1963. - 100 с.
5. Лакофф Джордж, Джонсон Марк. Метафоры, которыми мы живём. - Чикаго: Изд-во Чикагского университета, 1980. - 276 с.
6. Ли Дэвид. Вычислительная лингвистика и пословицы. - Бостон: МИТ Пресс, 2022. - 300 с.
7. Остин Джон Лэнгшоу. Как совершать действия с помощью слов. - Оксфорд: Кларендон Пресс, 1962. - 180 с.
8. Петров Виктор Васильевич. Кросс-культурная лингвистика. - М.: Наука, 2018. - 400 с.
9. Пирс Чарльз Сандерс. Семиотика и значимость. — Блумингтон: Изд-во Индианского университета, 1977. - 200 с.
10. Рош Элеонора. Принципы категоризации // Когниция и категоризация / под ред. Э. Рош. - Хиллсдейл: Лоуренс Эрлбаум, 1978. - С. 27–48.
11. Сёрл Джон Роджерс. Речевые акты. - Кембридж: Кембридж Юниверсити Пресс, 1969. - 200 с.
12. Смит Джон. Риторическая сила библейских пословиц. - Нью-Йорк: Акад-Пресс, 2019. - 200 с.
13. Стейнбек Джон Эрнст. Гроздья гнева. - Нью-Йорк: Викинг Пресс, 1939. - 400 с.
14. Тейлор Арчер. Пословица. - Кембридж: Изд-во Гарвардского университета, 1931. - 200 с.
15. Уинтроп Джон. Пуританские проповеди. - Бостон: Колониал Пресс, 1630. - 180 с.
16. Фоконье Жиль. Ментальные пространства. - Кембридж: МИТ Пресс, 1994. - 300 с.
17. Филлмор Чарльз Джон. Семантика фреймов. - Беркли: Изд-во Калифорнийского университета, 1982. - 250 с.
18. Фуко Мишель. Дискурс и власть. - Париж: Галлимар, 1975. - 350 с.
19. Чжан Ли. Китайские пословицы и культурные ценности. - Пекин: Изд-во Пекинского университета, 2020. - 280 с.
20. Эдвардс Джонатан. Проповеди о единстве и общине. - Бостон: Колониал Пресс, 1740. 200 с.

Маълумот оид ба муаллиф: *Усмонзода Шоҳрух – доктори фалсафа PH(D) аз рӯйи ихтисоси забоншиносӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии «Забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюм»-и ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон барои тамос: +992111230023, e-mail: shohrukh.usmonov@mail.ru*

Сведения об авторе: *Усмонзода Шохрух, доктор философии PH(D) по языкознание, доцент общеуниверситетской кафедры «Английский язык как вторая специальность» Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Контактный телефон: +992111230023, e-mail: shohrukh.usmonov@mail.ru*

Author Information*: Shohrukh Usmonzoda, Doctor of Philosophy (PhD) in Linguistics, Associate Professor at the University-Wide Department of English as a Second Specialty, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.Contact phone: +992111230023, e-mail: shohrukh.usmonov@mail.ru*

ТДУ 811.111'367:811.222.8'367

ХУСУСИЯТҲОИ ГРАММАТИКИИ СИНОНИМҲОИ ҶУФТИСТЕЪМОЛ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Шахобутдинов Соҳибҷон Собиржанович
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар забоншиносии муосир таҳлилу таҳқиқоти муқоисавӣ аз рӯи ду шева: дохилизабонӣ ва байнизабонӣ гузаронида мешавад. Муқоисаи дохилизабонӣ маводи забониро дар дохили як забон ошкор мекунад, ки барои тавсифи низоми ин забон зарур аст. Бинобар ин, ҳангоми муқоисаи ду ё зиёда забонҳо муқоисаи байнизабонӣ ба амал меояд, ки он метавонад низомнок ё ғайринизомнок бошад. Забоншиносии муосир ҳангоми тавсифи синонимҳо ҳамчун як соҳаи лексикология як қатор равишҳоеро истифода мебарад, ки хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ, морфологӣ, функсионалӣ ва амалии синонимро дар забон фаро мегиранд. Дар мақолаи мазкур маҳз хусусиятҳои грамматикии синонимҳои ҷуфтистеъмол дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳлилу баррасӣ шуда, вижагиҳои байни онҳо муқоиса гардидааст.

Вожаҳои калидӣ: *синоним, синонимҳои ҷуфтистеъмол, муродифҳои ҷуфт, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, грамматика, аффиксатсия, семантика, пайвандакҳо.*

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПАРНЫХ СИНОНИМОВ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В современной лингвистике сопоставительный анализ и исследование проводятся двумя способами: внутриязыковым и межъязыковым. Внутриязыковое сравнение выявляет языковой материал внутри языка, необходимый для описания системы этого языка. Поэтому при сравнении двух и более языков происходит межъязыковое сравнение, которое может быть системным или несистемным. Современное языкознание при описании синонимов как раздела лексикологии использует ряд подходов, которые охватывают структурно-семантические, морфологические, функциональные и практические особенности синонимов в языке. В данной статье анализируются и обсуждаются грамматические особенности парных синонимов в английском и таджикском языках, а также сравниваются их особенности.

Ключевые слова: *синоним, парные синонимы, парные синонимы, английский, таджикский, грамматика, аффиксация, семантика, союзы.*

GRAMMATICAL FEATURES OF PAIRED SYNONYMS IN ENGLISH AND TAJIK

In modern linguistics, comparative analysis and research are carried out in two ways: intralingual and interlingual. Intralingual comparison reveals linguistic material within a language, which is necessary to describe the system of this language. Therefore, when comparing two or more languages, interlingual comparison occurs, which can be systematic or non-systematic. Modern linguistics, when describing synonyms as a branch of lexicology, uses a number of approaches that cover the structural-semantic, morphological, functional and practical features of synonyms in the language. This article analyzes and discusses the grammatical features of paired synonyms in English and Tajik, and compares their features.

Keywords: *synonym, paired synonyms, paired synonyms, English, Tajik, grammar, affixation, semantics, conjunctions.*

Муқаддима. Синонимҳо дар ҳама забонҳо аз зумраи падидаҳое мебошанд, ки раванди ташаккули онҳо пайваста сурат мегирад. Ин раванд хусусияти хоси таркиби синонимро ҳамчун категорияи калимаҳое, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ гирифта шудаанд, инъикос менамояд. Калимаҳое, ки ба ин категория мувофиқанд, ҳануз мустақилияти худро пурра нишон намедиҳанд ва осори ҳамон ҳиссаҳои нутқро, ки аз он сохта шудаанд, нигоҳ медоранд. Ба шарофати ин навъҳои синонимҳои дорои тобишҳои гуногуни лексикию семантикӣ ва вазифаҳои грамматикӣ ба вуҷуд меоянд ва инкишоф меёбанд. Хусусияти асосии синонимҳои ҷуфтшуда дар

он аст, ки онҳо ҳамон ҳодисаҳо, аломатҳо ва амалҳоро ифода мекунанд, ки предметро васеъ шарҳ медиҳанд. Аз ҳамин сабаб синонимҳои ҷуфтистеъмол аз баъзе чиҳатҳо ба синонимҳои муқаррарӣ мухолиф буда, хусусияти фардии худро нигоҳ медоранд. Доираи истифода ва фаъолияти синонимҳои ҷуфтистеъмол, динамикаи онҳо дар шароити муошират ва ороиши бадеӣ ба забони англисӣ ва забони техникӣ бо хусусиятҳо ва фаъолияти ҷузъҳои таркибӣ ва форматҳои калимасозии онҳо муайян карда мешавад.

Дар натиҷаи аффиксшавии ташаккули калимаҳо чунин синонимҳои ҷуфт сохта шудаанд: *undaunted - dauntless - fearless, changeable-changeful - changeable, undefended - defenseless, sincerity - cincereness - sincerity, anxiety – anxiousness - concern, affectivity - effectiveness - efficiency, middle - midst – average (Rashidova, 1835).* Ё сифатҳо, масалан, «тез» *quick, fast, swift, rapid, speedy* метавонанд шумораи зиёди муродифҳо дошта бошанд.

Дар баробари ин, синонимҳои ҷуфтистеъмол аз рӯи маъно ва ҳамоҳангии ҷузъҳо ба назар мегирад. Масалан, *ҷангу ҷидол, арзу даво, сулҳу ваҳдат, макру фиреб, шавқу рағбат* ва ғайра. Барои сохтани синонимҳои ҷуфтистеъмол дар забонҳои муқоисашуда усулҳо, аз қабили суплетият ва калимасозии таҳлилӣ истифода мешаванд. Аммо бар хилофи дигар навъҳои синонимӣ синонимҳои ҷуфтшуда чунин имкониятҳои васеи таҳлилӣ надоранд.

Қоидаҳои грамматикии истифодаи калимаҳои синонимӣ низ метавонанд гуногун бошанд. Масалан: *also* ва *too* ба маънои якхела ё *also*, вале сифати *also* дар пеши калимае, ки ба он ишора мекунад, гузошта мешавад ва дар ин маъно *too* дар охири ҷумла гузошта мешавад; пеш аз он ки калима шарҳ дода шавад, маънои *too* «аз ҳад зиёд»-ро дорад. Чун қоида, синонимҳо ба як ҷузъи нутқ ишора мекунанд, гарчанде, ки ба таври истисно калимаҳои ба қисмҳои гуногуни нутқ тааллуқдоштаро ба як гурӯҳи синонимӣ ҳам муттаҳид кардан мумкин аст.

Бархе аз забоншиносон масъалаи корбурди синонимҳои ҷуфтистеъмолро дар низоми маъно, ки чи тавре ки дар боло зикр гардид, тавассути ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад, баррасӣ мекунанд. Дар ин мақола масъалаи истифодаи калимаҳои ҷуфтӣ дар асоси осори бадеии адибони тоҷику англис низ таҳқиқ шудааст. Истифодаи синонимҳои ҷуфтӣ дар адабиёти тоҷикиву англисӣ васеъ паҳн шудааст. Онҳо воситаи ифодакунандаи баёни афкори муаллифон ва забони гуфтории персонажҳои асарҳо мебошанд.

Мавод ва методҳо. Барои таърифи зуҳуроти синонимӣ дар забонҳои гуногун бархе аз забоншиносон истилоҳи «лакуна»-ро истифода мебаранд, ки на танҳо ҳангоми мавҷуд набудани воҳид дар фонди луғавии як забон, балки дар забони дигар мавҷуд будани воҳид ва ҳангоми мавҷудияти ихтилофот дар забонҳо ва фарҳангҳои муқоисашаванда низ истифода мешавад.

Калимаҳо метавонанд танҳо ё ҷуфт пайдо шаванд. Баъзе калимаҳо аксар вақт якҷоя мешаванд, ки маъмулан коллокатсия номида мешаванд. Ҳамоҳангӣ ҳадди аққал ба ду синфи асосӣ тақсим мешаванд: грамматикӣ ва лексикӣ. Аввалӣ маъмулан аз қисмҳои нутқ, аз қабили феъл, исм, сифат ва зарф, ки баъд аз пешванд ё масдар иборат аст, дар ҳоле, ки дуввумӣ омезиши ин қисмҳои нутқро бо калимаҳои мазмунӣ дар бар мегирад (6).

Синонимҳои ҷуфтистеъмолро бо қисмҳои гуногуни нутқ ифода кардан мумкин аст. Масалан, синонимҳои ҷуфтшудае, ки бо исм ифода ёфтаанд: *гапу гапча, касбу кор, нону намак* ва ғ.

Дар забони англисӣ синонимҳои исмии ҷуфтистеъмол асосан дар шакли ҷамъ корбурд мешаванд: *conclusions and results, findings and outcomes, charts and graphs, consequences and costs, laws and procedures* and etc. Аммо хусусияти фарқунандаи синонимҳои ҷуфтистеъмол дар забони тоҷикӣ бештар дар шакли танҳо меоянд: масалан, *нарху наво, қонун қоида, дарду ғам, зару зевар* ва ғ.

Ба монанди забони тоҷикӣ исмҳои ҷуфтистеъмол аз ду қисм иборатанд, ки яке аз қисмҳои он ягон маъноро ифода намекунад: *flip-flop, okey-dokey* ва ғ. Чунин навъи синонмҳои бештар хоси забони гуфтугуист.

Муҳокима. Дар робита ба дигар қоидаҳои грамматикӣ бояд қайд кард, ки корбурди пешояндҳо бо синонимҳои ҷуфтистеъмол дар забони тоҷикӣ истифода мешавад. Масалан, таркибҳои ҷуфти синонимиро аз ҳамдигар ҷудо карда, бо калимаҳои дигар ҳамроҳ овардан ва ё бо иловаи унсурҳои грамматикии дигар ҳамроҳ кор фармудан ҳам дар забони шоир дида

мешавад. Дар байти Лоиқ таркиби *хору зор* бо ёридиҳандаи шудан дар шаклҳои *хор шудан ва зор шудан* омадааст [13, 38]:

*Ин қадр **хор мешудаву зор мешудаст***
Одам зи ҷабри одамон, эй хок бар сарам. [10, 341]

Таркиби *лофу газоф* бо пешоянди *бо* дар шакли *бо лофу бо газоф* корбаст гардидааст [13, 38]:

Ҳайрони дил набудаӣ як лаҳза худ ба худ,
***Бо лофу бо газофҳо** ҳайрон макун маро.* [10, 70]

Воҳиди грамматикӣ ба яке аз ҷузъҳои таркибҳои ҷуфт ҳамроҳ шаванд ҳам, ба ҳар ду ҷузъ баробар тааллуқ дорад [13, 38].

*Аз **бому дари** умрам хуршеди рухат метофт,*
*Ҷуз дард намеборад аз **бому дарам** бе ту.* [10, 443].

Ҷои ҷузъҳои таркибҳои ҷуфтро иваз мекунад, чунончи асли таркиб *ору нанг* аст, ки дар шакли *нангу ор* омадааст [Ҳакимов, 38]:

Фарёдҳо афсӯсҳо аз марги созу сӯзҳо,
*Вовайлато, воҳасрато аз марги **нангу орҳо**.* [10, 72]

Унсурҳои грамматикӣ бо ҳар яке аз ҷузъҳои таркибҳои ҷуфт илова шуда ҳам метавонанд. Ба таркиби аҳду паймон ба ҳар ду ҷузъ пешванди «бе» илова шудааст [13, 38]:

Аҳд бо паймона бастам, баъд аз он,
*Пеши ӯ **беаҳду бепаймон** шудам.* [10, 328].

Дар баробари инҳо, ҳамчунин дар байни синонимҳои ҷуфтистемъол бо пайвндаки «ба» сохта мешаванд: *дам ба дам*, *такрор ба такрор*.

Дар забони англисӣ синонимҳои ҷуфтистеъмол асосан бо пайвандакҳо истемъол мегарданд, масалан *one by one, on and on, neat and tidy, such and such.*

Дар асоси таҳқиқоти олимони хориҷӣ синонимҳои ҷуфтистеъмол «ҷуфтҳои калимаҳои ҳамоҳангшудае, ки унсурҳои луғавии онҳо як гуруҳи калимаҳоро ташкил медиҳанд» муайян кардан мумкин аст. Ба онҳо чунин мисолҳо дохил мешаванд: *give and take or salt and pepper*. Дар маърузаҳо ва матнҳои академӣ ибораҳои ба ҳам пайваста аҳамияти хоса пайдо мекунанд: мақолаҳо аксар вақт сарлавҳаҳое доранд, ба монанди *results and conclusions*; презентатсияҳо метавонанд ҳатман ибораҳои феълиро дар бар гиранд, ба монанди *introduce and explain* [4, с.1].

Синонимҳои ҷуфтистеъмол ҳамчун ибораҳои бисёркалима навъҳои гуногунро дар бар мегирад, аз қабили феълҳои фразеологӣ, пайвандакҳо, идиомаҳои устувор, ифодаҳои биномӣ. То имрӯз, тадқиқот оид ба ифодаҳои биномӣ асосан бо истифода аз маҷмуи маълумот ё забони модарии англисӣ гузаронида шудааст [2; 5; 8].

Ба синонимҳои ҷуфтистеъмоли забони тоҷикӣ бо имлои давомдор ибораҳои зеринро метавон мансуб кард: сарусомон − тартиб, сарунуғ − муташшаккилӣ, бечунучаро − бешубҳа, шикастурехт — хароҷоти сохтмон, каруфар — айшу ишрат дар намоишу чорабиниҳо, будубош − манзил ва ғайра. Бояд гуфт, ки ин навъи калимасозии синонимҳои ҷуфтӣ дар забони тоҷикӣ хеле сермаҳсул аст. Ҳамин тавр, такрорёбиии синонимӣ шинохти эмотсионалии муаллифон мебошад, ки аз ҷараёнҳои дараҷаҳои мураккаби гуногун ба даст омадаанд.

Синонимҳои ҷуфт дар фразеологияи забони англисӣ хеле зиёданд. Масалан: *safe and sound – бехатар ва садо (безопасный-бехатар ва звук-садо), with might and main – имконпазир ва асосӣ (возможный-имконпазир ва основной-асосӣ), really and truly – дар ҳақиқат ва воқеият (на самом деле-дар ҳақиқат ва действительно-воқеият).* Дар забони англисӣ синонимҳои ҷуфт на танҳо дар фразеология пайдо мешаванд, балки калимаҳои аз дигар услубҳо низ чунин мешаванд. Дар асос ин калимаҳо дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, матнҳо ва маводҳои публитсистӣ истифода мешаванд. Мо наметавонем бигӯем, ки синонимҳои ҷуфт ҳамеша дорои хусусияти услубӣ мебошанд[11, 106-111].

Тартиби корбурди синонимҳои ҷуфтистеъмол дар забонҳои тоҷикӣ гуногун мебошад. Онҳо бештар дар забони тоҷикӣ бо пайвандак *-у - ю, -ву - ва* масалан, *хориву зорӣ, сарсониву саргардонӣ*, *хушию хурсандӣ*, *дустию рафоқат, меҳру муҳаббат, фикру хаюл, иззату обрӯ* ва ғ.

Дар забони англисӣ бошад, синоинимҳои ҷуфтистеъмол, яъне ду ва ё зиёда калима метавонад дар ё як чанд маъно зоҳир гардида, бо пайвандаки *and* сохта шавад: *bright and brilliant*;

Синонимҳои ҷуфтитеъмол аз ҳамдигар аз рӯи устуворӣ ва ноустуворӣ фарқ мекунанд. Ҳамчунин онҳо на танҳо аз рӯи услуб, хусусиятҳои эмотсионалӣ, балки калимасозӣ фарқ мекунанд: масалан, бо пешояндҳои *бе- беорому бетоқат*, во *бо- боақлу бохирад* сохта мешаванд [11, 155].

Ҳамчунин дар бархе аз осори адабии халқи тоҷик синонимҳои ҷуфитеъмол бар хилофи қоида ба воситаи бандаки изофӣ тобеъ шуданд: масалан *азими бузург*. Калимаи бузург айнан ба ҳамон маъниҳои ба калимаи азим тааллуқдошта шарик аст. Муаллиф ин ҷо вожаҳои ду забон – арабӣ ва тоҷикӣ, ки як маъноро ифода мекунанд, ҳамчун луғати ҷуфтистеъмол истифода кардааст.

Алоқаҳои синонимҳои ҷуфтистеъмоли унсурӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хусусиятҳои мухталиф доранд. Масалан ҷуфтҳои *neat and tidy* хусусияти семантикӣ ва услубӣ , *exquisite and apple-pie* (order), *tranquil and calm* танҳо хусусияти сабкӣ мебошад.

Дигар хусусияти аз он бармеояд, ки дар таркибҳои ҷуфти синонимӣ ҷузъҳо бо ҷилоҳои маъноияшон аз ҳамдигар фарқ мекунанд, бинобар ин дар онҳо ҷузъи дуюм аз ҷиҳати маъно ҷузъи аввалро пурра менамояд. Таркибҳои ҷуфти синонимӣ, ки ҷузъҳояшон таърихан ташаккул ёфтаанд, новобаста ба ҳаммаъно будан ё набудан бо ҳам алоқаманд мешаванд, бинобар ин ҷузъҳои синонимҳои ҷуфтистеъмолро ҳамеша ҳаммаъно ҳисобидан дуруст нест. Дар синонимҳои ҷуфт калимаҳои ҷузъҳои онҳо аз ҷиҳати қимат баробар ё наздик муттаҳид. Масалан, *сим – нуқра*, ки аз *зар* (тилло) камбаҳотар аст, дар таркиби *симу зар* меояд ва якҷоя ба боигарӣ далолат мекунад. Таркиби *симу зар* таъбири хеле машҳури забони классикӣ аст, лекин дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар моддаҳои луғавии *сим ва зар* қайд нагардидааст [13, 37].

Забон ба ҳаёт пайванд мебошад. Дар забонҳои тоҷикиӣ ва англисӣ шумораи зиёди синнимҳои ҷуфтистемъол мавҷуд аст, ки алоқамандӣ ба чизу чора ва муносибатҳои ҳаётӣ алоқаманданд, масалан *бому дар*, *дару тиреза, ошу нон, пару бол ва ғ.*

Хусусияти дигар синонимҳои ҷуфтистеъмол дар забони тоҷикӣ ва англисӣ дар он аст, ки онҳо таърихан ташаккул ёфта, таъсири дигар забонҳо ба ташаккули онҳо мушоҳида мерасад, ба монанди *дашту саҳро, дашту даман, ному нанг, нангу номус, қолу мақол, қилу қол, лофу газоф, тар тоза, давру замон, ҳусну ҷамол, кавну макон, ранҷу тааб, чоҳу чола, хору зор, нангу ор,*

Синонимҳои ҷуфтистеъмол дар забонҳои муқоисашаванда аз муродифоти яктаркиба ва дутаркиба сохта мешаванд. Дар ҳарду калимаҳо танҳо, исм, сифат ё феъл мушҳоида мешавад. Чунончӣ, дар забони тоҷикӣ дар синонимҳои яктаркиба, ки танҳо аз исм сохта мешаванд: *баргу наво, асбобу сомон, созу барг, саъю талош ва ғ.*

Ба синонимҳои яктаркибаи сифатӣ дохил мешаванд: *карру фар, қолу мақол, қилу қол, лофу газоф, тар тоза* ва ғайра.

Аз нигоҳи иваз намудани ҳарфҳо маънои синонимҳои ҷуфтистеъмол дар забони тоҷикӣ гум намешаванд. Чуноне, ки З.А. Гулова менависад, «дар ҳақиқат ивазшавии ҳарфҳои «л» ба «р» дар дигар калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ ҷойгоҳи муайян дорад. Масалан, синонимҳои ҷуфт *долу дарахт* шакли дигар *дору дарахт* доранд» [9, 35]. Хусусиятҳои муродифшавии вожаҳо дар забон хеле гуногун мешаванд. Забоншиноси тоҷик Д. Фозилов дар ин маврид ақидаи худро чунин иброз намудааст: «дар ҳар як забон синонимҳо бо роҳҳои гуногун ба вуҷуд омада, бойигарии луғавии ҳамон забонро ташкил мекунанд. Дар як забон агар пайдоиши синонимҳо аз ҳисоби лаҳҷаҳо зиёдтар бошад, дар забони дигар мумкин аст, ки аз ҳисоби забонҳои дигар дохил шудани лексикаи фаровон боиси инкишофи забон гардад» [12, 120].

Хулоса, хусусиятҳои грамматикии синонимҳои ҷуфтшуда дар забони англисӣ ва тоҷикӣ − калимаҳое, ки аксар вақт якҷоя истифода мешаванд ва маъноҳои шабеҳ ё якхела доранд. Ин ҷуфтҳо аксар вақт аз анъанаҳои услубӣ пайдо мешаванд ва метавонанд дар забони англисӣ ҳадафҳои таъкидӣ, шоирона ё ритмикиро иҷро кунанд. Хусусиятҳои грамматикии синониҳои

ҷуфтӣ дар забони англисӣ ва тоҷикӣ дар инҳо зоҳир мегардад: онҳо ба гуруҳи калимаҳои монанд, ҳамеша ба як қисми нутқ тааллуқ доранд; ҷуфтҳои собит/формулагӣ (биномиалҳо) - пайдарпаии собит аз ду калима, ки одатан ва ё баъзан ё бо пайвандак пайваст мешаванд; ягонагии синтаксисӣ дошта, ҳамчун як воҳиди грамматикӣ амал мекунанд; синонимҳои ҷуфтшуда аксар вақт ҳамдигарро дар шакл инъикос мекунанд.

Адабиёт

1. Bell, Roger, T. Translation and Translating Theory and Practice. London: Longman. 1993. – 162 p.
2. Benor, S., & Levy, R. (2006). The Chicken or the egg? A probabilistic analysis of English binomials. Language, 82, 233-278.
3. Malkiel, Y. 1959. Studies in irreversible binomials. Lingua 8:113-160.
4. Mollin, S. (2014). The (ir)reversibility of English binomials. John Benjamins. http://dx.doi.org/10.1075/scl.64
5. Morgan, E., & Levy, R. (2016). Abstract knowledge versus direct experience in processing of binomial expressions. Cognition, 157, 384-02. http://dx.doi.org/10.1016/j.cognition.2016.09.011
6. Namvar, F., Nor Fariza Mohd Nor, Noraini Ibrahim & Jamilah Mustafa. 2012. Analysis of collocations in the Iranian postgraduate students' writings. 3L: The Southeast Asian Journal of English Language Studies 18(1): 11-22/
7. Rashidova D. Formation and Analysis of Synonyms in English // International journal of multidisciplinary research and analysis, Volume 04 Issue 12, December 2021. – P. 1833-1836;
8. Siyanova-Chanturia, A., Conklin, K., & van Heuven, W. (2011). Seeing a phrase 'time and again' matters: The role of phrasal frequency in the processing of multiword sequences. Journal of Experimental Psychology: Learning, Memory and Cognition, 37, 776-84.
9. Гулова З.А., Лексико-грамматические особенности фразеологических единиц в толковом словаре «Bahār-e 'ajam». Диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук по специальности 5.9.6. Языки народов зарубежных стран (персидский язык) Д., 2024. − 174 с.
10. Забони адабии ҳозираи тоҷик. К.1.–Душанбе, Маориф, 1983.
11. Имомова М.Н., Фразеологическая парная синонимия в произведениях С. Айни (Ёддоштҳо) // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. № 6-2 (101), 2022. - с. 155.
12. Фозилов, Д. Ф. Хусусиятҳои лексикии «Сафарнома»-и Носири Хусрав / Ф. Фозилов. – Душанбе, 2013. –170 с.
13. Ҳакимова Ш.И. Сухане чанд аз синонимҳои ҷуфтистеъмол // Паёми Донишгоҳи давлатии Ҳуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. № 3 (8 6) Д., 2020− С. 36-39.

***Маълумот дар бораи муаллиф**: Шахобутдинов Соҳибҷон Собиржанович – омӯзгори кафедраи филологияи англиси факултети омӯзгории забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. Телефон: 915565058 E-mail: custodian0206@gmail.com*

***Сведения об авторе:** Шахобутдинов Сохибджон Собиржанович – преподаватель кафедрый английской филологии факультета педагогического английского языка, Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Телефон: 915565058. E-mail: custodian0206@gmail.com*

***Author Information:** Shakhobutdinov Sokhibdzhon Sobirzhanovich – teacher of Department of English Philology, Faculty of English Language Education, Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda,. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Muhammadiev Street 17/6. Phone: (+992 37) 232-50-00. E-mail: custodian0206@gmail.com*

ТДУ: 81'373.46:159.9(410+575.3)

ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ РАВОНШИНОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ: ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХИЮ МУҚОИСАВӢ ВА СТРАТЕГИЯҲОИ ИНТИҚОЛИ ИСТИЛОҲОТ

Шарифзода Дурандеш Алишер
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихию муқоисавӣ ва забоншинохтии раванди ташаккул, рушд ва стратегияҳои интиқоли истилоҳоти равоншиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар шароити муосири тараққиёти босуръати илму техника, истилоҳот ҳамчун воситаи асосии ифода ва нигоҳдории донишҳои фарҳангиву илмӣ нақши калидӣ мебозад. Муаллиф раванди ташаккули системаи истилоҳоти соҳаро аз сарчашмаҳои классикии юнониву лотинӣ ва давраи фалсафаи таҷрибавӣ то марҳилаҳои ҷудошавии соҳаи равоншиносӣ ба илми мустақил ва пайдоиши мактабҳои бузурги назариявӣ, аз қабили бихевиоризм ва равоншиносии маърифатӣ (когнитивӣ), мавриди таҳлил қарор медиҳад. Дар мақола хусусиятҳои этимологӣ ва семантикии истилоҳоти калидии соҳавӣ, ба монанди “behavior, cognition ва emotion”, роҳҳои пазируфта шудан ё ёфтани муодилҳои онҳо дар забони тоҷикӣ ба таври муфассал омӯхта шудаанд. Тавассути татбиқи принсипҳои назарияи эквивалентии функсионалии Юҷин Найда ва равишҳои муосири истилоҳшиносии когнитивӣ, сабабҳои пайдоиши гуногуншаклӣ, чандмуодилӣ ва номуайянии назариявӣ ҳангоми тарҷумаи мафҳумҳои равоншиносӣ ба забони тоҷикӣ муайян ва гурӯҳбандӣ гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот далолат бар он мекунанд, ки ҷиҳати таъмини ягонагии истилоҳот ва интиқоли дақиқи мафҳумҳои илмӣ, таҳияи фарҳангҳои махсуси соҳавии дузабона ва мутобиқсозии шаклҳои меъёрии онҳо дар забоншиносии тоҷик зарур аст.

Калидвожаҳо: *истилоҳоти равоншиносӣ, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, таҳлили таърихию муқоисавӣ, эквивалентии функсионалӣ, бихевиоризм, равоншиносии когнитивӣ, интиқоли истилоҳот, таҳлили семантикӣ, стандартизатсия.*

ФОРМИРОВАНИЕ ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ: ИСТОРИКО-СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ И СТРАТЕГИИ ПЕРЕДАЧИ ТЕРМИНОВ

Настоящая статья посвящена многоаспектному историко-сопоставительному и лингвистическому исследованию процессов формирования, развития и стратегий трансляции психологической терминологии в английском и таджикском языках. В современных условиях стремительного научно-технического прогресса терминология выступает в качестве ключевого средства выражения и сохранения культурных и научных знаний. Автор подробно анализирует процесс становления терминологической системы данной отрасли - от ее классических греко-латинских истоков и периода экспериментальной философии до этапов выделения психологии в самостоятельную науку и возникновения крупнейших теоретических школ, таких как бихевиоризм и когнитивная психология. В статье детально исследованы этимологические и семантические характеристики базовых отраслевых терминов (в частности, behavior, cognition, emotion), а также пути их заимствования и поиска эквивалентов в таджикском языке. На основе применения принципов теории функциональной эквивалентности Юджина Найды и современных подходов когнитивного терминоведения выявлены и систематизированы причины возникновения вариативности, многоэквивалентности и теоретической неопределенности при переводе психологических понятий на таджикский язык. Результаты исследования свидетельствуют о том, что для обеспечения терминологического единства и точной передачи научных концептов необходимы разработка специализированных двуязычных отраслевых словарей и стандартизация их нормативных форм в таджикском языкознании.

Ключевые слова: *психологическая терминология, английский язык, таджикский язык, историко-сопоставительный анализ, функциональная эквивалентность, бихевиоризм, когнитивная психология, трансляция терминов, семантический анализ, стандартизация.*

THE FORMATION OF PSYCHOLOGICAL TERMINOLOGY IN ENGLISH AND TAJIK: A HISTORICAL-COMPARATIVE ANALYSIS AND STRATEGIES FOR TERMINOLOGY TRANSFER

This article is devoted to a comprehensive historical, comparative, and linguistic investigation of the formation, development, and transfer strategies of psychological terminology in the English and Tajik languages. In the contemporary context of rapid scientific and technological advancement, terminology plays a pivotal role as a primary vehicle for expressing and preserving cultural and scientific knowledge. The author thoroughly analyzes the evolution of the field's terminological system, tracing its trajectory from classical Greek and Latin origins and the era of empirical philosophy to the establishment of psychology as an independent discipline and the emergence of major theoretical schools, including Behaviorism and Cognitive Psychology. The paper provides a detailed examination of the etymological and semantic properties of core terms such as behavior, cognition, and emotion, alongside the pathways of their adoption and equivalence in the Tajik language. By applying the principles of Eugene Nida's functional equivalence theory and modern cognitive terminology approaches, the study identifies and categorizes the factors contributing to linguistic variation, multiple equivalences, and theoretical ambiguity during the translation of psychological concepts into Tajik. The research findings demonstrate that achieving terminological consistency and ensuring the precise transfer of scientific concepts require the compilation of specialized bilingual dictionaries and the standardization of normative terminological forms within Tajik linguistics.

Keywords: *psychological terminology, English language, Tajik language, historical-comparative analysis, functional equivalence, behaviorism, cognitive psychology, term transfer, semantic analysis, standardization.*

Муқаддима

Дар шароити рушди босуръати илм ва технология истилоҳот ҳамчун воситаи асосии ифода ва интиқоли донишҳои илмӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ҳар як соҳаи илмӣ дорои низоми махсуси истилоҳот мебошад, ки тавассути он мафҳумҳои асосӣ муайян, гурӯҳбандӣ ва ба ҷомеаи илмӣ пешниҳод мегарданд. Аз ин рӯ, омӯзиши истилоҳот на танҳо масъалаи забоншиносӣ, балки яке аз ҷанбаҳои муҳими рушди худи илм ба ҳисоб меравад.

Равоншиносӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбандаи илмӣ дар тӯли таърихи худ тағйироти назариявӣ ва методологии зиёдеро аз сар гузаронидааст. Тағйири парадигмаҳои илмӣ – аз психологияи фалсафӣ то бихевиоризм ва аз он то равоншиносии когнитивӣ – боиси пайдоиши истилоҳоти нав ва азнавтафсири мафҳумҳои қаблӣ гардид.

Методҳои таҳқиқот

Ҷон Б. Уотсон дар мақолаи машҳури худ «Psychology as the Behaviorist Views It» (1913) пешниҳод намуд, ки объекти асосии равоншиносӣ бояд рафтори мушоҳидашаванда бошад, на таҷрибаи субъективии шуур. Бо ин тағйирот истилоҳи ***behavior*** ба яке аз мафҳумҳои марказии равоншиносии илмӣ табдил ёфт [15, с. 23].

Б. Ф. Скиннер низ аҳаммияти муайян кардани вазифаи илмии истилоҳотро таъкид намуда, пешниҳод кард, ки мафҳумҳои равоншиносӣ бояд тавассути фаъолияти воқеии инсон ва шароити истифодаи онҳо шарҳ дода шаванд. Ба андешаи ӯ, «Behavior is shaped and maintained by its consequences», яъне рафтор тавассути натиҷаҳои худ ташаккул ва устувор мегардад [6, с. 70].

Таҳқиқоти муосири забоншиносӣ нишон медиҳанд, ки истилоҳоти маърифатӣ ва эҳсосӣ механизмҳои гуногуни ташаккул доранд. Истилоҳоти марбут ба соҳаи маърифат (***cognition***) бештар хусусияти байналмилалӣ дошта, аз забонҳои классикӣ гирифта шудаанд, дар ҳоле ки истилоҳоти эҳсосотӣ (***emotion***) бештар бо таҷрибаи фарҳангӣ ва таърихии забон алоқаманд мебошанд.

Дар забони тоҷикӣ масъалаи ташаккул ва мутобиқсозии истилоҳоти равоншиносӣ яке аз масъалаҳои муҳими истилоҳшиносии муосир ба ҳисоб меравад. Қисме аз истилоҳоти мазкур тавассути забони русӣ ва қисме мустақиман аз забони англисӣ ворид шудаанд. Ин ҳолат баъзан ба пайдоиши чандин муодил барои як мафҳум ва номуайянии истилоҳотӣ оварда мерасонад.

Дар чунин шароит истифодаи назарияи эквивалентии функсионалии Юҷин Найда аҳаммияти муҳим дорад. Мувофиқи ин назария, ҳангоми тарҷума бояд на танҳо шакли забонӣ,

балки маъно, вазифаи коммуникативӣ ва таъсири истилоҳ дар забони қабулкунанда нигоҳ дошта шавад [3, с. 43].

Мақсади асосии таҳқиқи мазкур омӯзиши заминаҳои таърихию забоншиносии ташаккули истилоҳоти равоншиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, муайян намудани хусусиятҳои этимологӣ ва семантикии онҳо, инчунин таҳлили роҳҳои интиқоли ин истилоҳот ба забони тоҷикӣ мебошад.

1. Асосҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти равоншиносӣ. *Истилоҳот ҳамчун яке аз шаклҳои асосии мавҷудияти забони илмӣ дар ташаккули низоми дониш нақши муҳим дорад. Дар ҳар як соҳаи илм истилоҳот на танҳо вазифаи номгузорӣ, балки вазифаи таснифӣ ва маърифатӣ низ иҷро менамояд. Яъне тавассути истилоҳҳо мафҳумҳои илмӣ муайян шуда, робитаи байни онҳо дар низоми дониш муқаррар мегардад [1, с. 41].*

Дар истилоҳшиносии классикӣ истилоҳ ҳамчун воҳиди махсуси луғавӣ фаҳмида мешавад, ки мафҳуми дақиқи соҳавиро ифода мекунад. Ба андешаи Д. С. Лотте, яке аз хусусиятҳои асосии истилоҳи илмӣ дақиқӣ, якмаъноӣ ва устуворӣ он мебошад. Ӯ таъкид менамояд, ки истилоҳ бояд ба мафҳуми мушаххас мувофиқат карда, аз истифодаи номуайян ва бисёрмаъноӣ дур бошад [1, с. 43].

Дар заминаи равоншиносӣ ин масъала аҳаммияти бештар дорад, зеро бисёре аз мафҳумҳои ин соҳа ба падидаҳои мураккаби дохилии инсон – шуур, эҳсосот, хотира, тафаккур ва рафтор вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, як истилоҳ метавонад дар мактабҳои гуногуни илмӣ мазмунҳои гуногун пайдо намояд.

Мувофиқи назарияи умумии истилоҳшиносии Евген Вюстер, низоми истилоҳот инъикоси низоми мафҳумҳои илмӣ мебошад. Ба андешаи ӯ, истилоҳот бояд ҳамчун воситаи стандартсозии донишҳои илмӣ баррасӣ гардад. Ин назария барои омӯзиши истилоҳоти равоншиносӣ аҳаммияти калон дорад, зеро рушди мафҳумҳои илмӣ бевосита бо тағйироти истилоҳотӣ алоқаманд аст.

Дар давраи муосир таҳқиқи истилоҳот аз омӯзиши танҳо шакли забонии воҳидҳо ба таҳлили сохтори маърифатӣ ва консептуалии онҳо гузаштааст. Рита Теммерман дар доираи назарияи истилоҳшиносии когнитивӣ қайд мекунад, ки истилоҳҳо воҳидҳои тағйирёбанда мебошанд ва маънои онҳо дар асоси рушди донишҳои илмӣ дигар мешавад.

Ин хусусият дар истилоҳоти равоншиносӣ хеле равшан мушоҳида мешавад. Масалан, мафҳуми ***behavior*** дар гузашта бештар маънои умумии «рафтор» ва «одоб»-ро дошт, аммо баъди пайдоиши бихевиоризм ба истилоҳи махсуси илмӣ табдил ёфт. Ҳамин тавр, ***cognition*** аз мафҳуми умумии «донистан» ба низоми мураккаби равандҳои маърифатӣ табдил ёфт [7, с. 52].

Аз нуқтаи назари тарҷумашиносӣ, интиқоли истилоҳоти равоншиносӣ ба забони дигар танҳо иваз намудани калимаҳо нест. Тарҷумон бояд муносибати байни мафҳум, истилоҳ ва муҳити илмии истифодаи онро ба назар гирад. Дар ин замина назарияи эквивалентии функсионалии Юҷин Найда аҳаммияти муҳим дорад.

Найда бар он назар аст, ки тарҷума бояд чунин анҷом дода шавад, ки қабулкунандаи матни тарҷумашуда ҳамон таъсири маъноӣ ва коммуникативиро гирад, ки хонандаи матни асл мегирад [3]. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи истилоҳоти равоншиносӣ бояд на танҳо шакли луғавӣ, балки вазифаи илмии истилоҳ низ нигоҳ дошта шавад.

2. Ташаккули таърихии истилоҳоти равоншиносӣ. *Истилоҳоти равоншиносӣ таърихи тӯлонӣ дошта, ташаккули он бо рушди фалсафа, тиб, физиология ва илмҳои иҷтимоӣ робитаи зич дорад. Сарчашмаи аксари истилоҳоти байналмилалии ин соҳа ба забонҳои юнонӣ ва лотинӣ бармегардад.*

Истилоҳи ***psychology*** аз ду унсури юнонӣ – ***psyche*** («ҷон», «рӯҳ») ва ***logos*** («таълимот», «илм») ташкил ёфтааст. Дар давраи Юнони Қадим мафҳуми ***psyche*** бештар хусусияти фалсафӣ дошта, ба масъалаҳои табиати инсон ва ҳаёти рӯҳӣ алоқаманд буд. Дар асрҳои миёна бошад, забони лотинӣ ҳамчун забони асосии илм дар Аврупо истифода шуда, бисёре аз мафҳумҳои фалсафӣ ва равонӣ тавассути он паҳн гардиданд [9].

Дар асрҳои XVII–XVIII бо рушди фалсафаи таҷрибавӣ ва физиология истилоҳҳои нав, аз ҷумла ***consciousness***, ***sensation***, ***perception*** ва ***association*** ба вуҷуд омаданд. Ин давра барои ташаккули дастгоҳи истилоҳии равоншиносии илмӣ замина гузошт.

Марҳилаи муҳим дар таърихи истилоҳоти равоншиносӣ таъсиси аввалин озмоишгоҳи равоншиносии таҷрибавӣ аз ҷониби Вилҳелм Вундт дар соли 1879 мебошад. Ин рӯйдод боиси ҷудо шудани равоншиносӣ аз фалсафа ва табдил ёфтани он ба илми мустақил гардид [7].

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мактаби структурализм ба таҳқиқи сохтори шуур таваҷҷуҳ намуд. Э. Титченер кӯшиш кард, ки таҷрибаи инсонро тавассути унсурҳои асосии шуур, аз ҷумла ***sensation***, ***image*** ва ***affection***, тавсиф намояд [7, с. 87].

Дар ибтидои асри XX равияи бихевиоризм ба вуҷуд омад. Ҷон Б. Уотсон пешниҳод намуд, ки объекти асосии равоншиносӣ бояд рафтори мушоҳидашаванда бошад. Дар натиҷа истилоҳи ***behavior*** аз воҳиди умумизабонӣ ба мафҳуми марказии равоншиносии илмӣ табдил ёфт [15].

Б. Ф. Скиннер назарияи бихевиоризми оперантиро инкишоф дода, истилоҳоти нави соҳавӣ, аз ҷумла ***operant behavior***, ***reinforcement***, ***positive reinforcement***, ***negative reinforcement*** ва ***punishment***–ро ба низоми равоншиносӣ ворид намуд [6, с. 28].

Дар нимаи дуюми асри XX инқилоби когнитивӣ ба амал омад, ки натиҷаи он пайдоиши истилоҳоти ***cognition***, ***information processing***, ***working memory***, ***schema***, ***attention*** ва ***metacognition*** гардид. Ин тағйирот нишон медиҳад, ки рушди истилоҳоти равоншиносӣ ҳамеша бо рушди назарияҳои илмӣ вобаста мебошад [7].

Ҳамин тариқ, таърихи истилоҳоти равоншиносӣ раванди пайваста ва марҳилавӣ буда, ҳар як мактаби нави илмӣ ба пайдоиши истилоҳоти нав ва тағйири мазмуни истилоҳоти қаблӣ мусоидат кардааст.

Натиҷа

Таҳлили этимологӣ ва семантикии истилоҳоти асосии равоншиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Омӯзиши этимология ва маънои истилоҳоти илмӣ яке аз роҳҳои муҳими муайян намудани таърихи ташаккули мафҳумҳо мебошад. Истилоҳоти равоншиносӣ дар раванди рушди илм тағйироти зиёди маъноӣ ва функсионалӣ аз сар гузаронида, бисёре аз онҳо аз воҳидҳои умумизабонӣ ба истилоҳоти махсуси соҳавӣ табдил ёфтаанд [2; 4].

Истилоҳи *behavior* **ва муодили тоҷикии он.** Истилоҳи ***behavior*** яке аз мафҳумҳои асосии равоншиносии муосир мебошад. Аз ҷиҳати этимологӣ, он аз феъли англисии миёнаи ***behave*** сарчашма гирифта, дар ибтидо маънои «тарзи рафтор кардан», «худро идора намудан» ва «муносибати иҷтимоӣ нишон додан»-ро дошт. Танҳо баъди пайдоиши бихевиоризм дар ибтидои асри XX ин калима мазмуни махсуси илмӣ пайдо кард [15, с. 123].

Ҷон Б. Уотсон дар мақолаи худ «Psychology as the Behaviorist Views It» (1913) пешниҳод намуд, ки равоншиносӣ бояд рафтори воқеан мушоҳидашавандаро ҳамчун объекти асосии таҳқиқ интихоб намояд. Ҳамин тавр, ***behavior*** ҳамчун истилоҳи илмӣ мафҳуми «рафтори мушоҳидашавандаи организм дар муносибат бо муҳит»-ро ифода намуд [15, с. 118].

Б. Ф. Скиннер ин мафҳумро васеъ намуда, назарияи рафтори оперантиро пешниҳод кард. Ба андешаи ӯ, «Behavior is shaped and maintained by its consequences», яъне рафтор тавассути натиҷаҳои худ ташаккул ва устувор мегардад [6].

Дар забони тоҷикӣ муодили асосии ***behavior*** – «рафтор» мебошад. Ин истилоҳ аз ҷиҳати маъноӣ ва функсионалӣ ба мафҳуми англисӣ мувофиқат мекунад: ***human behavior*** – рафтори инсон, ***social behavior*** – рафтори иҷтимоӣ, ***behavioral psychology*** – равоншиносии рафторӣ.

Аз нуқтаи назари назарияи эквивалентии функсионалии Найда, интихоби истилоҳи «рафтор» дуруст мебошад, зеро он ҳамон вазифаи илмиро иҷро мекунад, ки ***behavior*** дар забони англисӣ дорад.

Истилоҳи cognition ***ва масъалаи интиқоли он ба забони тоҷикӣ.***

Истилоҳи ***cognition*** аз ҷиҳати этимологӣ ба забони лотинӣ алоқаманд буда, аз феъли ***cognoscere*** («донистан», «шинохтан», «дарк кардан») сарчашма мегирад. Аз ҳамин реша калимаи лотинии ***cognitio*** ва баъдан истилоҳи англисии ***cognition*** ташаккул ёфтааст. Дар давраҳои аввал ин мафҳум бештар дар фалсафа истифода мешуд, аммо баъди инқилоби

когнитивӣ дар солҳои 1950-1960 он ба яке аз истилоҳоти марказии равоншиносии муосир табдил ёфт.

Дар равоншиносии когнитивӣ ***cognition*** маҷмӯи равандҳоеро ифода мекунад, ки тавассути онҳо инсон иттилоотро қабул, коркард, нигоҳдорӣ ва истифода менамояд. Ба ин равандҳо дарк, диққат, хотира, тафаккур, забон, ҳалли масъала ва қабули қарор дохил мешаванд. У. Найсер дар асари худ ***Cognitive Psychology*** (1967) таъкид мекунад, ки равандҳои маърифатӣ тамоми механизмҳои гирифтани иттилоот, тағйир додан ва истифодаи онро фаро мегиранд [7, с. 45].

Дар забони тоҷикӣ барои интиқоли истилоҳи ***cognition*** чандин муодил истифода мешавад: **шинохт, маърифат, равандҳои маърифатӣ, когнитсия**. Аз нуқтаи назари истилоҳшиносӣ, «шинохт» бештар раванди дарк ва фаҳмиши объектро ифода мекунад, дар ҳоле ки «маърифат» доираи васеътар дошта, фаъолияти зеҳнии инсонро фаро мегирад.

Дар таркиби ***cognitive psychology*** низ шаклҳои гуногун истифода мешаванд: **равоншиносии когнитивӣ** ва **равоншиносии маърифатӣ**. Бо назардошти хусусияти байналмилалии истилоҳ ва робитаи он бо мактаби ҷаҳонии когнитивизм, истифодаи шакли «равоншиносии когнитивӣ» дар адабиёти илмӣ бештар мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, барои таъмини ягонагии истилоҳот зарур аст, ки дар фарҳангҳои соҳавӣ шакли меъёрии он муайян карда шавад.

Истилоҳи emotion ***ва хусусиятҳои фарҳангии он.*** *Истилоҳи* **emotion** *аз забони фаронсавии* **émotion** *гирифта шуда, сарчашмаи дури он ба феъли лотинии* **emovere** *(«ба ҳаракат овардан», «таҳрик додан») бармегардад. Ин этимология нишон медиҳад, ки дар тасаввуроти аввалия эҳсосот ҳамчун қувваи дохилӣ фаҳмида мешуд, ки ҳолати равонии инсонро тағйир медиҳад [9, с. 223].*

Дар равоншиносии муосир ***emotion*** ҳолати мураккаби равонию физиологӣ мебошад, ки се ҷанбаи асосиро дар бар мегирад: таҷрибаи субъективӣ, тағйироти физиологӣ ва аксуламали рафторӣ. П. Экман дар таҳқиқоти худ нишон медиҳад, ки баъзе эҳсосоти асосӣ, аз ҷумла шодӣ, ғам, тарс ва хашм, хусусияти умумии инсонӣ дошта, дар фарҳангҳои гуногун бо аломатҳои монанд зоҳир мешаванд [8, с. 89].

Дар забони тоҷикӣ муодили асосии ***emotion*** – «эҳсосот» мебошад. Аммо дар истифодаи илмӣ баъзан байни ***emotion*** ва ***feeling*** фарқ гузошта намешавад. Дар забони англисӣ ***emotion*** ҳолати мураккаби равонӣ ва физиологиро ифода мекунад, дар ҳоле ки ***feeling*** бештар таҷрибаи субъективии шахс аз ҳамин ҳолат мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи матнҳои равоншиносӣ нигоҳ доштани фарқи маъноии ин ду мафҳум зарур аст [8, с. 63].

Дар забони тоҷикӣ мисолҳои истифодаи истилоҳи ***emotion*** чунин мебошанд: ***emotional state*** – ҳолати эҳсосӣ, ***emotional intelligence*** – зеҳни эҳсосӣ, ***emotional regulation*** – танзими эҳсосот.

Муҳокима ва хулоса

Ҳамин тавр, таҳлили этимологӣ ва семантикии истилоҳоти ***behavior***, ***cognition*** ва ***emotion*** нишон медиҳад, ки онҳо дар раванди рушди равоншиносӣ аз воҳидҳои умумизабонӣ ба мафҳумҳои дақиқи илмӣ табдил ёфтаанд. Гарчанде ки қисми зиёди онҳо аз решаҳои юнонӣ ва лотинӣ сарчашма мегиранд, мазмуни муосири онҳо натиҷаи рушди назарияҳои илмии асрҳои XIX–XX мебошад. Дар забони тоҷикӣ ин истилоҳҳо асосан муодилҳои қобили қабул доранд, вале барои бартараф намудани гуногуншаклии истилоҳотӣ таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ ва муайян намудани шаклҳои меъёрӣ зарур мебошад.

Таҳлили анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки ташаккули истилоҳоти равоншиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ раванди мураккаб ва бисёрмарҳилагӣ буда, бо рушди таърихии худи илм, тағйири парадигмаҳои назариявӣ ва омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ робитаи мустақим дорад. Истилоҳоти равоншиносӣ дар ибтидо аз доираи мафҳумҳои фалсафӣ ва умумизабонӣ ташаккул ёфта, дар натиҷаи рушди психологияи таҷрибавӣ, бихевиоризм ва равоншиносии когнитивӣ ба низоми дақиқи илмӣ табдил ёфтаанд.

Таҳлили этимологӣ нишон дод, ки қисми зиёди истилоҳоти байналмилалии равоншиносӣ аз решаҳои юнонӣ ва лотинӣ сарчашма гирифта, хусусияти умумии илмӣ доранд.

Адабиёт

1. Алиев М. Н. Забоншиносии тоҷик: масъалаҳои истилоҳшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2012. – 240 с.
2. Бархударов Л. С. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода. – Москва: Международные отношения, 1975. – 240 с.
3. Комиссаров В. Н. Теория перевода (лингвистические аспекты). – Москва: Высшая школа, 1990. – 253 с.
4. Лотте Д. С. Основы построения научно–технической терминологии. – Москва: Издательство Академии наук СССР, 1961. – 158 с.
5. Маҳмадиев Н. Истилоҳшиносии тоҷик: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 280 с.
6. Нелюбин Л. Л. Толковый переводоведческий словарь. – Москва: Флинта: Наука, 2016. – 320 с.
7. Раҳимов С. Забони илмии тоҷик ва масъалаҳои ташаккули истилоҳот. – Душанбе: Маориф, 2016. – 190 с.
8. Саидов Ҳ. Назарияи тарҷума ва масъалаҳои истилоҳот. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – 220 с.
9. Crystal D. The Cambridge Encyclopedia of Language. – 3rd ed. – Cambridge: Cambridge University Press, 2010. – 480 p.
10. Ekman P. Emotions Revealed: Recognizing Faces and Feelings to Improve Communication and Emotional Life. – New York: Times Books, 2003. – 267 p.
11. Neisser U. Cognitive Psychology. – New York: Appleton–Century–Crofts, 1967. – 351 p.
12. Nida E. A. Toward a Science of Translating. – Leiden: E. J. Brill, 1964. – 331 p.
13. Skinner B. F. Science and Human Behavior. – New York: Macmillan, 1953. – 461 p.
14. Temmerman R. Towards New Ways of Terminology Description: The Sociocognitive Approach. – Amsterdam; Philadelphia: John Benjamins Publishing Company, 2000. – 258 p.
15. Watson J. B. Psychology as the Behaviorist Views It // Psychological Review. – 1913. – Vol. 20, No. 2. – P. 158–177.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарифзода Дурандеш Алишер- *Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ.* ***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Навбаҳор, 1/2. E-mail: durandesh2020@gmail.com Тел:* ***(+992) 881110031; https://orcid.org/0009-0001-0555-346X***

Сведение об авторе: Шарифзода Дурандеш Алишер *– Таджикский национальный университет, докторант кафедры английского языка и сравнительной типологии ТНУ. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Навбахор, 1/2. E-mail: durandesh2020@gmail.com Тел: (+992) 881110031;* ***https://orcid.org/0009-0001-0555-346X***

Information about the author: Sharifzoda Durandesh Alisher *– Tajik National University, doctoral PhD of the Department of English Language and Comparative Typology of TNU. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Navbahor district, 1/2. E-mail: durandesh2020@gmail.com Tel: (+992) 881110031; https://orcid.org/0009-0001-0555-346X*

ТДУ 81'373.7:37(575.3:510)

КОРБУРДИ ИБОРАИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ЧИНӢ

Юсуфзода Азиза Қаҳрамон
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода

Муҳаққиқ дар мақола роҷеъ ба ибораистилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои маориф дар забони тоҷикӣ ва чинӣ андешаҳои илмии худро баён доштааст. Мавсуф зикр менамояд, ки пас аз омӯзишу пажӯҳиши ин сохтори истилоҳот маълум гардид, ки дар илми забоншиносии тоҷик ибораистилоҳоти соҳаи маориф бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Инчунин, оварда шудааст, ки ибораистилоҳот назар ба ибораҳои сода, сохта ва мураккаб бештар ба назар мерасанд.

Дар мақола қайд гардидааст, ки ибораистилоҳи ифодакунандаи соҳаи маориф дар забони чинӣ он қадар зиёд нестанд, зеро забони чинӣ забони аз ҷиҳати сохтори сарфӣ ва решагӣ буда, дар он бандаки изофӣ истифода намешавад.

Муҳаққиқ натиҷабандӣ менамояд, ки истифодаи ибораистилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои маорифро дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ муқоиса намоем, маълум мегардад, ки дар забони тоҷикӣ теъдоди ин гурӯҳи ибораҳо зиёдтаранд. Аз сабаби гуногунии тасвири забонии ҷаҳони мардумони тоҷик ва чин мафҳуми иқтибосот аз ҷониби ин халқҳо ба таври гуногун муайян карда мешавад, гарчанде ки мафҳуми асосии он барои ин халқҳо умумӣ аст, яъне иқтибосот яке аз мисолҳои барҷастаи таъсири мутақобилаи забонҳо ва фарҳангҳо, эҷоди арзишҳои умумиро ифода мекунад.

Калидвожаҳо: *ибораистилоҳот, серҷузъа, соҳаи маориф, Чин, Тоҷикистон, гурӯҳ, қолаб, алоқаи изофӣ,исм, сифат.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ФРАЗОВЫЕ ТЕРМИНЫ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ НА ТАДЖИКСКОМ И КИТАЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье представлены научные сведения о терминологических словосочетаниях, выражающих образовательные понятия в таджикском и китайском языках. Автор отмечает, что анализ терминологической структуры свидетельствует о том, что образовательные терминологические словосочетания уже становились предметом изучения в таджикском языкознании. Также отмечается, что терминологические словосочетания встречаются чаще, чем простые, производные или сложные термины.

В статье отмечается, что в китайском языке существует относительно немного терминов, обозначающих сферу образования, поскольку этот язык характеризуется корневой морфологической структурой и не использует частицу изафет.

Исследователь приходит к выводу, что сопоставление фраз и терминов, выражающих образовательные понятия в таджикском и китайском языках, обнаруживает большее количество подобных выражений в таджикском языке. В силу различий в языковых картинах мира таджикского и китайского народов понятие заимствования трактуется в каждой из этих групп по-разному — несмотря на то, что лежащая в его основе идея остается общей; таким образом, заимствование служит ярким примером взаимодействия языков и культур, а также формирования общих ценностей.

Ключевые слова: *фразеологические единицы, многокомпонентные, сфера образования, Китай, Таджикистан, группа, модель, изафетная связь, существительное, прилагательное.*

USE OF PHRASESAL TERMS IN THE FIELD OF EDUCATION IN TAJIK AND CHINESE LANGUAGES

This article presents scientific data on terminological phrases expressing educational concepts in the Tajik and Chinese languages. The author notes that an analysis of terminological structure indicates that educational terminological phrases have previously been a subject of study in Tajik linguistics. It is also noted that terminological phrases occur more frequently than simple, derived, or compound terms.

The article notes that there are relatively few terms denoting the sphere of education in the Chinese language, as the language is characterized by a root-based morphological structure and does not employ the *izafet* particle.

The researcher concludes that a comparison of phrases and terms expressing educational concepts in Tajik and Chinese reveals a greater number of such expressions in the Tajik language. Due to differences in the linguistic worldviews of the Tajik and Chinese peoples, the concept of borrowing is interpreted differently in each group—even though the underlying idea remains shared; thus, borrowing serves as a striking example of the interaction between languages and cultures, as well as the formation of shared values.

Keywords*: phraseological units, multi-component, sphere of education, China, Tajikistan, group, model, *izafet* construction, noun, adjective.*

Муқаддима

Вожаҳои нав дар забони тоҷикӣ бо роҳҳои калимасозии сарфӣ, сарфӣ-наҳвӣ, луғавӣ-наҳвӣ ва луғавӣ-маъноӣ ба вуҷуд меоянд. Дар байни инҳо калимасозии сарфӣ сермаҳсул мебошад. Усулҳои калимасозии мазкур дар доираи категорияҳои гуногуни луғавию грамматикӣ ҳар хел зоҳир мешаванд. Ҳамчунин, муҳаққиқ ва луғатшиноси рус О.С. Ахманова дар робита ба мафҳуми калимасозӣ чунин андеша баён менамояд: “Калимасозӣ (калимабандӣ) ин сохтани калимаҳои нав ба воситаи пайваст намудани морфемаҳои решагӣ ва вандӣ ба якдигар ва инчунин, асосҳои забони мазкур бо қолабҳои муайян дар созмонҳои гуногун, ки қоидаҳои бадалшавии овозҳоеро дар бар мегиранд, ки ин ё он хусусияти пайвастшавиро муайян мекунад” [2, 424].

Ба андешаи забоншиноси рус И. В. Арнолд, мафҳуми “калимасозӣ” маҷмуи роҳу усулҳои гуногуни ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забонро дар бар мегирад: “Калимасозӣ яке аз муҳимтарин воситаҳои ғанӣ гардидани ҳар як забон ба шумор меравад. Он ба пайдо шудани калимаҳои нав ва ғанӣ гардидани таркиби луғавии забони бидуни иқтибосшавӣ аз дигар забонҳо мусоидат менамояд” [1, 107].

Дар забоншиносии муосир масъалаи семантикаи калимаҳои сохта тадриҷан аҳаммияти бештар пайдо намуда, мавриди таваҷҷуҳи махсуси муҳаққиқон қарор гирифта истодааст. Ба андешаи П. М. Карашук, “он омилест, ки забон дар ҳолати рушди бардавом қарор дошта, равандҳои муайяни забонӣ, аз он ҷумла, раванди созмони воҳидҳои нави луғавиро дар бар мегирад” [4, 8].

Ибораистилоҳот дар низоми истилоҳоти соҳаи маориф мавқеи назаррас дошта, аз ҷиҳати сохтори морфологӣ ва муносибатҳои грамматикӣ метавонанд ба гурӯҳҳои муайян ҷудо карда шаванд. Ҳангоми гурӯҳбандӣ, пеш аз ҳама, ҳиссаи нутқии ҷузъҳои таркибии ибораистилоҳ ва муносибати грамматикии байни онҳо ба назар гирифта мешавад. Дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ чунин ибораистилоҳот аз рӯйи қолабҳои сохторию грамматикӣ тасниф карда мешаванд.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот

Аз рӯйи мансубияти сарфии ҷузъҳои таркибӣ ва хусусияти муносибати грамматикӣ ибораистилоҳоти соҳаи маорифро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

1. **Исм + исм — 名词 + 名词.** Дар ин қолаб ҳар ду ҷузъи ибора вазифаи номиро иҷро намуда, байни онҳо муносибати муайяни маъноию грамматикӣ ба вуҷуд меояд. Чунин сохтор дар ташаккули ибораистилоҳоти соҳаи маориф дар ҳар ду забон серистеъмол буда, барои ифодаи мафҳумҳои мушаххаси соҳавӣ истифода мешавад: *сарвари мактаб* –校长 (xiàozhǎng), *омӯзгори мактаб* – 老师 (lǎoshī); *мудири боғча* – 幼儿园园长 (yòuéryuán yuánzhǎng), *солҳои таҳсил* – 学年 (xuénián) ва ғайра.

Бештари ибораистилоҳоти марбут ба соҳаи маорифро, ки аз ду ҷузъ иборатанд, вобаста ба мавқеи истеъмолашон ба чунин гурӯҳҳо тасниф мешаванд:

А) Ибораистилоҳоте, ки ба касбу кор ва вазифа мансубанд: *профессори кафедра* 系教授 (xì jiàoshòu), *донишҷӯйи Донишгоҳ* 大学生(dàxuéshēng), *мураббии боғча* 幼儿园老师 (yòu'éryuán lǎoshī), *мудири кабинет* – 办公室经理 (bàngōngshì jīnglǐ), *мудири лаборатория* – 实验室经理 (shíyàn shì jīnglǐ), *аълочии маориф* – 教育卓越性(jiàoyù zhuóyuè xìng), *котиби ҷаласа* – 会议秘书 (huìyì mìshū), *муовини ректор* – 副校长 (fù xiàozhǎng), *раиси ҷаласа* – 会议主席 (huìyì zhǔxí),), *мудири кафедра* – 系主任 (xì zhǔrèn) ва ғайра.

Б) Ибораистилоҳоте, ки номи фанҳои таълимиро ифода мекунанд: *назарияи таълим* – 教理论 (jiào lǐlùn), *назарияи тарбия* – 教育理论 (jiàoyù lǐlùn), *таърихи забон* –语言历史 (yǔyán lìshǐ), *одоби муошират* –沟通礼仪 (gōutōng lǐyí), *муқаддимаи адабиётшиносӣ* – 文学导论 (wénxué dǎolùn), *муқаддимаи забоншиносӣ* – 语言学导论 (yǔyán xué dǎolùn), *таърихи адабиёти тоҷик* –塔吉克文学史 (Tǎjíkè wénxué shǐ), *асосҳои информатика* – 计算机科学基础 (jìsuànjī kēxué jīchǔ), *иқтисодиёти кишвар* – 国家经济（ guójiā jīngjì ）, *таърихи педагогика* – 教育史（ jiàoyù shǐ ）, *назарияи грамматика* – 语法理论（ yǔ fǎ lǐ lùn）, *назарияи иқтисод* – 经济理论（ jīng jì lǐ lùn）, *нақди адабӣ* – 文学批评 (wénxué pīpíng),.

В) Ибораистилоҳе, ки мафҳуми маконро ифода мекунанд: *Шурои олимон* –科学家委员会 (kēxuéjiā wěiyuánhuì), *толори хониш* – 阅览室 (yuè lǎn shì）*толори варзиш 运动场 (yùndòngchǎng)* ва ғайра.

Г) Ибораистилоҳоте, ки ашёи хоси хонанда ё донишҷӯйро ифода мекунад: *ҷузвдони талаба* – 学生背包 (xuéshēng bèibāo), *рӯзномаи таҷрибаомӯз* – 实习生日记 (shíxí shēng rìjì), *варақаи баҳо* – 成绩单 (chéngjì dān), *дараҷаи маълумот* – 教育水平 (jiàoyù shuǐpíng), *дараҷаи тахассус* – 资格等级 (zīgé děngjí), *дипломи хатм* – 毕业证书(bìyè zhèngshū) ва ғайра.

Натиҷаҳо

Аз намунаҳои таҳлилшуда бармеояд, ки яке аз хусусиятҳои муҳимми фарқкунандаи ибораистилоҳоти тоҷикӣ аз муодилҳои чинии онҳо тарзи алоқамандии ҷузъҳои таркибӣ мебошад. Дар забони тоҷикӣ ҷузъҳои чунин ибораистилоҳот, асосан тавассути алоқаи изофӣ бо ҳам пайваст шуда, аз лиҳози сохторӣ ибораҳои исмиро ташкил медиҳанд. Ин гуна сохторҳо ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам дар забони хаттӣ ба таври васеъ истифода гардида, барои ифодаи мафҳумҳои мушаххаси соҳаи маориф хизмат мекунанд. Дар забони чинӣ бошад, муносибати байни ҷузъҳои таркибии муодилҳои онҳо бештар тавассути сохтор ва тартиби муайяни калимаҳо ифода меёбад.

Аммо ибораистилоҳоти чинӣ алоқаи изофӣ надошта, бо якчанд иероглифҳо ба ҳам пайваст мешаванд.

2. Исм + сифат — 名词 + 形容词. Ин қолаби ибораистилоҳот бо иштироки ду ҳиссаи мустақили нутқ – исм ва сифат ташаккул ёфта, ҷузъҳои таркибии он тавассути муносибати тобеъ ба ҳам алоқаманд мешаванд. Дар чунин сохтор яке аз ҷузъҳо ҷузъи асосӣ ва дигаре ҷузъи тобеъ буда, сифат хусусият, аломат ё ҳолати ҷузъи асосиро мушаххас менамояд.

Дар созмони чунин ибораҳо бандаки изофии **-и** нақши асосӣ дошта, чунин намуди ибораистилоҳот низ дар забони тоҷикӣ маъмул аст. Муодили чинии он бе бандаки изофӣ ва танҳо бо иероглифҳо сохта мешавад. Азбаски дар ҳар ду забон ин қолаб хеле маъмул аст, бинобар ин онро аз рӯйи таркиби ҷузъҳояшон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо менамоем:

А) Ибораистилоҳоти дуҷузъа: Ба чунин намуди ибораистилоҳот истилоҳоте дохил мешавад, ки аз ду калимаи мустақилмаъно таркиб ёфта, як мафҳуми ягонаи илмӣ, техникӣ ё соҳавиро ифода мекунанд. Ҷузъи якум аз исм ва ҷузъи дуюм аз сифат таркиб ёфта, дар соҳаи

маорифи тоҷик ин гуна ибораистилоҳот хеле сермаҳсуланд. Ибораистилоҳоти дуҷузъаро аз рӯйи мансубияташон ба зинаҳои таҳсилот ва намуди муассиса чунин гурӯҳбандӣ намудем:

а) Ибораистилоҳоте, ки ба намудҳои муассисаҳои таълимӣ марбутанд: *мактаби миёна* – 中学（zhōng xué）, *мактаби олӣ* – 高等学校（gāo děng xué xiào）, *мактаби мусиқӣ* – 音乐学校 （yīn yuè xué xiào）, *мактаби бадеӣ* – 艺术学校（ yì shù xué xiào）, *мактаби ибтидоӣ* – 小学（xiǎo xué）, *мактаби мусиқӣ* –音乐学校（ yīn yuè xué xiào）, *мактаби рассомӣ* – 美术学校（ měi shù xué xiào）, *мактаби ҳунарӣ* – 技艺学校（ jì yì xué xiào）, *мактаб-интернат* – 寄宿学校（jì sù xué xiào）.

б) Ибораистилоҳоте, ки зинаҳои таҳсилотро ифода мекунанд: *маълумоти ибтидоӣ* –初等教育 （chūděng jiàoyù）, *маълумоти иловагӣ* – 补充教育（ bǔchōng jiàoyù）, *маълумоти олӣ* – 高等教育 （gāoděng jiàoyù）, *маълумоти умумӣ* – 普通教育 （pǔtōng jiàoyù）, *таҳсилоти фосилавӣ* – 兼读制教育 （jiān dú zhì jiàoyù ）, *таҳсили ройгон* – 免费教育（ miǎn fèi jiào yù, *таҳсили рӯзона* – 全日制教育（ quán rì zhì jiào yù ）, *таҳсили шабона* – 夜校教育（yè xiào jiào yù）, *таҳсилоти иловагӣ* – 继续教育（ jì xù jiào yù, *таҳсилоти калонсолон* – 成人教育（chéng rén jiào yù）, *таҳсилоти махсус* – 特殊教育（tè shū jiào yù）, *таҳсилоти муттасил* – 终身教育（ zhōng shēn jiào yù）, *таҳсилоти фарогир* – 融合教育（róng hé jiào yù）, *таҳсилоти фосилавӣ* – 远程教育（ yuǎn chéng jiào yù）.

Таҳсилоти фосилавиро дар ҳуҷҷатгузории соҳаи маориф чунин шарҳ додаанд: “Тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад [11, 201].

в) Ибораистилоҳоти дуҷузъае, ки ба истилоҳоти ҷадиди соҳаи маориф маҳсубанд: *таълими интегратсионӣ* – 综合教育（ zōng hé jiào yù）, *рӯзномаи электронӣ* – 电子日志（ diàn zǐ rì zhì）, *стандарти педагогӣ* – 教学标准 (jiàoxué biāozhǔn), *табодули академӣ* – 学术交流 (xué shù jiāo liú), *аккредитатсияи байналмилалӣ* –国家认证 (guó jiā rèn zhèng), *аккредитатсияи давлатӣ* – 国家考核（国家认证）guó jiā kǎo hé（guó jiā rèn zhèng）, *рейтинги академӣ* –学术评级 (xuéshù píngjí), *журнали электронӣ* – 电子日志（ diàn zǐ rì zhì）, *парки технологӣ* –科技园（kē jì yuán）, *зеҳни сунъӣ* – 人工智能（rén gōng zhì néng）, *технологияи инноватсионӣ* – 创新技术（ chuàng xīn jì shù）ва ғайра.

Ибораистилоҳи *аккредитатсияи байналмилалӣ* –国家认证 дар ҳуҷҷатгузории соҳаи маориф чунин шарҳ дода шудааст: “тартиби эътирофи мақоми давлатии муассисаи таълимӣ, ҳуқуқи ба хатмкунандагон додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи меъёри марбутаи таҳсилот [8, 125].

Б) Ибораистилоҳоти сеҷузъа. Ибораистилоҳоти сеҷузъа дар соҳаи маориф ба гурӯҳи истилоҳҳое мансубанд, ки аз се калимаи мустақилмаъно таркиб ёфта, як мафҳуми ягонаи соҳавиро ифода мекунанд. Дар ин қолаб ҷузъҳо бо бандаки изофии “-и” ба ҳам алоқаманд мешаванд: *марказҳои илмию инноватсионӣ* – 科技创新中心 (kējì chuàngxīn zhōngxīn), *масъалаҳои муосири забоншиносӣ* – 现代语言学问题 (xiàndài yǔyánxué wèntí), м*етодикаи корҳои тарбиявӣ* – 教育工作方法论 (jiàoyù gōngzuò fāngfǎ lùn), *методикаи таҳқиқи омӯзгорӣ* – 教育研

究方法论 (jiàoyù yánjiū fāngfǎ lùn), *нақшаи таълимии корӣ* – 工作课程 (gōngzuò kèchéng), *нақшаи таълимии намунавӣ* –示范课程(shìfàn kèchéng), *сармояи дохилию хориҷӣ* – 国内外资本 (guónèiwài zīběn), *сару либоси тавсиявӣ* –推荐校服 (tuījiàn xiào fú), *низоми холдиҳӣ-рейтингӣ* – 评分等级制度 (píngfēn děngjí zhìdù), *таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ* – 科学与教育研究 (kēxué yǔ jiàoyù yánjiū), *таҳсилоти ибтидоии касбӣ* – 初级职业教育 (chūjí zhíyè jiàoyù), *таҳсилоти миёнаи касбӣ* – 中等职业教育 (zhōngděng zhíyè jiàoyù), *таҳсилоти миёнаи умумӣ* – 普通中等教育 (pǔtōng zhōngděng jiàoyù), *усулҳои фаъоли таълим* – 积极教学法 (jījí jiàoxué fǎ), *фазои ҷаҳонии таҳсилот* – 全球教育环境 (quánqiú jiàoyù huánjìng), *таъминоти моддӣ-техникӣ* – 物质和技术支持(wùzhì hé jìshù zhīchí), *фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ* – 个别教学活动 (gèbié jiàoxué huódòng), *корҳои тарбиявии беруназсинфӣ* – 课外教育活动 (kèwài jiàoyù huódòng), *корҳои эҷодии коллективӣ* – 集体创作 (jítǐ chuàngzuò), *кӯдакони имконияташон маҳдуд* – 残疾儿童 (cánjí értóng), *лагерҳои варзишӣ ва сайёҳӣ* – 体育和旅游营 (tǐyù hé lǚyóu yíng), *мактаб-интернатҳои санаторӣ* – 疗养寄宿学校 (liáoyǎng jìsù xuéxiào), *мактабҳои касбии варзишӣ* – 专业体育学校 (zhuānyè tǐyù xuéxiào), *хизматрасонии равонӣ-педагогӣ* – 心理和教育服务 (xīnlǐ hé jiàoyù fúwù), *маркази инкишофи кӯдакон* – 儿童发展中心 (értóng fāzhǎn zhōngxīn), *таҳсилоти олии касбӣ* – 高等职业教育 (gāoděng zhíyè jiàoyù).

Ибораистилоҳи *таҳсилоти олии касбӣ* дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ба ин маънӣ омадааст: “дараҷаи таҳсилотест, ки шахс ба он дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар натиҷаи раванди мунтазам, бонизом ва мақсадноки фарогирии мазмуни таълим, ки он ба таҳсилоти миёнаи умумӣ асос ёфта, бо гирифтани тахассуси муайян аз рӯйи ҷамъбасти аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ба анҷом мерасад, соҳиб мегардад” [11, 480].

Инчунин, ибораистилоҳоти сеҷузъае мавҷуданд, ки дар он ҷузъҳо бо истифодаи пешояндҳо пайваст мешаванд. Чунончи: баҳогузории маҷмуӣ ба фаъолият – 活动综合评估 (huódòng zōnghé pínggū), *усулҳои ҳавасмандгардонӣ дар таълим* – 教育激励方法 (jiàoyù jīlì fāngfǎ), *кори гурӯҳӣ дар дарс* – 课堂小组活动 (课堂小组活动), *докторантура аз рӯйи ихтисос* – **专业博士学位** (Zhuānyè bóshì xuéwèi), *муовини директор оид ба тарбия* – **教育副主任** (Jiàoyù fù zhǔrèn), *муовини директор оид ба таълим* – **教育副主任** (Jiàoyù fùzhǔrèn), *усулҳои ҳавасмандгардонӣ дар таълим* – **教育中的激励方法** (Jiàoyù zhōng de jīlì fāngfǎ) ва ғайра.

В) Ибораистилоҳоти чорҷузъа. Дар низоми истилоҳии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба ин соҳа низ ибораистилоҳоти чорҷузъӣ ба назар мерасанд. Чунин ибораистилоҳот аз чор воҳиди луғавӣ иборат буда, дар маҷмуъ мафҳумҳои мушаххас ва нисбатан мураккаби соҳавиро ифода менамоянд. Сохтори онҳо вобаста ба муносибати маъноию грамматикии байни ҷузъҳо метавонад қолабҳои гуногун дошта бошад: *методикаи таълими адабиёти тоҷик* – 塔吉克文学教学方法 (tǎjíkè wénxué jiàoxué fāngfǎ), *методикаи таълими забони тоҷикӣ* – 塔吉克语教学方法 (tǎjíkèyǔ jiàoxué fāngfǎ), *шуъбаи кор бо донишҷӯёни хориҷӣ* – 国际学生事务处 (guójì xuéshēng shìwùchù), *шуъбаи бақайдгирӣ ва машварати академӣ* – 注册及学术咨询处 (zhùcè jí xuéshù zīxún chù), *машғулияти амалии*

адабиёти тоҷик – 塔吉克文学实践培训 (tǎjíkè wénxué shíjiàn péixùn), *шунавандаи курси забони чинӣ* – 中文课程学生(zhōngwén kèchéng xuéshēng) ва ғайра.

Г) ибораистилоҳоти панҷчузъа ва зиёда аз он. Ибораистилоҳоти панҷчузъа ва зиёда аз инро аз рӯйи мавзуъ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудем.

1. Номҳои қонунҳо, барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои соҳавӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак" ва ғайра.

Дар забони чинӣ ҳиссачаи 的 (de) бисёр муҳим аст. Он ба бандаки изофии «-и» монанд аст. Дар забони чинӣ барои нишон додани мансубият бештар ҳиссачаи 的 (de) истифода мешавад. Мисол: Китоби ман 我的书 (wǒ de shū). Тафовут дар он аст, ки дар забони тоҷикӣ бандаки «-и» ба калима пайваст мешавад, аммо дар забони чинӣ 的 (de), одатан байни калимаҳо меояд.

Аз нигоҳи сохторӣ, номҳои мазкур, асосан ибораҳои серҷузъа буда, тавассути пайвастани якчанд воҳиди луғавӣ ташаккул ёфтаанд. Ҷузъҳои таркибии онҳо муносибатҳои муайяни грамматикӣ ва маъноиро ифода намуда, дар маҷмуъ номи расмии санади ҳуқуқӣ ё барномаи соҳавиро ташкил медиҳанд. Истифодаи чунин номгузориҳои серҷузъ барои дақиқ муайян намудани мазмун, мақсад, доираи амал ва самти танзими ҳуқуқии санад аҳаммияти муҳим дорад.

2. Номи муассисаҳои олии касбӣ: Дар низоми истилоҳии соҳаи маориф номҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ ҳамчун номҳои махсуси соҳавӣ мавқеи муҳим доранд. Ин гуна номгузориҳо, одатан, аз якчанд ҷузъи луғавӣ таркиб ёфта, навъи муассиса, самти фаъолияти он, мақоми ҳуқуқӣ ва дар баъзе мавридҳо номи шахсияти таърихию фарҳангиро ифода менамоянд.

Ба чунин номгузориҳо метавон мисолҳои зеринро мансуб донист: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва ғайра.

Аз ҷиҳати сохторӣ, номҳои мазкур, асосан, ибораҳои серҷузъа буда, ҷузъҳои онҳо тавассути муносибатҳои гуногуни грамматикӣ ба ҳам пайваст мешаванд. Дар таркиби онҳо унсурҳое чун "донишгоҳ", "давлатӣ", "байналмилалӣ", "тиббӣ", "омӯзгорӣ", "иқтисодӣ" ва ғайра вазифаи муайянкунанда ва мушаххаскунанда дошта, самти фаъолияти муассисаи таҳсилоти олиро муайян менамоянд.

Ҳамин тариқ, номҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ яке аз гурӯҳҳои муҳимми номгузориҳои соҳавӣ ба шумор рафта, аз ҷиҳати сохтор ва тарзи ташаккул барои омӯзиши ибораистилоҳоти серҷузъ аҳаммияти назаррас доранд.

Муҳокима

Дар сохтори истилоҳоти мавриди таҳқиқ қолаби **исм + исм** (名词 + 名词), ки қаблан мавриди баррасӣ қарор гирифт, нисбатан каммаҳсул буда, дар низоми истилоҳии забони тоҷикӣ истифодаи васеъ надорад. Баръакс, қисми назарраси истилоҳоти таркибии забони тоҷикӣ тавассути қолаби **исм + сифат** (名词 + 形容词) ташаккул ёфтаанд. Дар ин навъи сохтор ҷузъи сифатӣ мафҳуми ифодашудаи ҷузъи исмиро мушаххас намуда, барои дақиқтар ифода гардидани мафҳуми соҳавӣ хизмат мекунад.

Аз ин рӯ, қолаби **исм + сифат** яке аз гурӯҳҳои нисбатан сермаҳсул дар ташаккули истилоҳоти таркибии соҳаи маориф ба шумор рафта, дар ифодаи мафҳумҳои гуногуни таълимӣ, илмӣ ва маъмурии ин соҳа корбурди васеъ дорад. Вожаи *маълумот* калимаи меҳварии майдони истилоҳоти соҳаи маориф маҳсуб меёбад: **"*Маълумот*** –信息(xìnxī) раванд ва натиҷаи азхудкунии низоми донишҳои илмӣ, маҳорату малакаҳои маърифатӣ ва дар асоси онҳо ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва дигар сифатҳои шахсият, инкишофи қудрату қобилияти эҷодии хонандагон" [14].

Масалан, аз вожаи маълумот якчанд ибораистилоҳот сохтан мумкин аст. *маълумоти ибтидоӣ* –初等教育 (chū děng jiàoyù); *маълумоти миёна* –中等教育 (zhōngděng jiàoyù), *маълумоти олӣ* –高等教育 (gāoděng jiàoyù) маълумоти касбӣ-техникӣ –技术专业信息 (jìshù zhuānyè xìnxī), маълумоти хусусӣ – 私立教育 (sīlìjiàoyù), маълумоти бакалаврӣ – 学士学位 (xuéshì xuéwèi), маълумоти магистрӣ –硕士学位 (shuòshì xuéwè) ва ғайра.

Ёдовар бояд шуд, ки ҳама намуди истилоҳот, аслан аз истилоҳҳои сода сохта мешаванд. Аз истилоҳҳои сода метавон якчанд ибораистилоҳот сохт. Масалан, аз истилоҳи “маълумот” якчанд ибораистилоҳот сохтан мумкин аст: *маълумоти касбӣ-техникӣ* –技术专业信息 (jìshù zhuānyè xìnxī), *маълумоти хусусӣ* – 私立教育 (sīlìjiàoyù), *маълумоти бакалаврӣ* – 学士学位(xuéshì xuéwèi), *маълумоти магистрӣ* –硕士学位 (shuòshì xuéwè) ва ғайра.

Дар сохтори истилоҳоти маорифи Ҷумҳурии мардумии Чин пешванду пасванд ва пайвандакҳои пайвасткунанда, ки дар забони тоҷикӣ хеле маъмуланд, истифода намешавад. Аз ин сабаб истилоҳоти забони чинӣ сода, мураккаб ва таркибӣ мешавад ва бо ёрии иероглифҳо таркиб меёбанд.

Хулоса. Ҳамин тариқ, тафовути сохторӣ ва мафҳумии низоми истилоҳоти забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ, ки аз хусусиятҳои гуногуни низомҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин сарчашма мегирад, ҳангоми тарҷумаи истилоҳоти соҳаи маориф метавонад мушкилоти муайяни забонӣ ва маъноиро ба миён оварад.

Адабиёт

1. Арнолд, И.В. Лекскикология современного английского языка / И.В. Арнолд. – М.: Наука, 1989. – 107с.
2. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. – М.: Наука, 1966. – С.607, с. 424.
3. Исаев М.И. Взаимодействие и взаимообогащения национальных языков [Матн] / М. Исаев // РЯШ .– 1972. –№6. – С. 7-11.
4. Карашук, П.М. Словообразование английского языка / П.М. Карашук. – М.: Высшая школа. 1977. – 314с.
5. Калонтаров, Я.И. Луғати имлои забони тоҷикӣ [Матн] / Я.И. Калонтаров. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 331с.
6. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 1967.185 с.
7. Косинцева. А.Ю. Заимствования в современном китайском языке [Текст] / А. Ю. Косинцева // Language & Science Тюмень, – 2013. — № 2. –20-23.
8. Мактаби олӣ. Қисми 1: ИТЕС. – Душанбе, 2007, – С. 526
9. Ожегов, С.И. Словарь русского языка [Текст] / С.И. Ожегов. - М., 1968. – 900 с.
10. Ожигов С.И. Шведова Н.Ю. [Текст] / С.И.Ожигов, Н.Ю. Шведова Толковый словар русского языка – Москва: Новости, 941. – 2010с.
11. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ. Қ.1. Душанбе – 2022, с.527, с.201
12. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка. Том 1 [Текст] / Фасмер. – М.: Прогресс,1986. – 573
13. 罗常培 . 语言与文化. 北京：北京出版社 2011 年. 221 页 (Ло Чанпэй. Язык и культура. – Пекин, 2011. – 221 с.
14. https://donishju.net/mafhumhoi-asosii-pedagogika

Маълумот дар бораи муаллиф*: *Юсуфзода Азиза Қаҳрамон *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.:(+992) 988871604. E-mail: azizahsk@mail.ru*

Информация об авторе: Юсуфзода Азиза Кахрамон *– Международный университет иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзода, Старший преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Мохаммадиева,17/6. Телефон: (+992) 988871604. E-mail: azizahsk@mail.ru*

Information about the author*: *Yusufzoda Aziza Kahramon *– International University of Foreign Languages of Tajikistan named after Sotim Ulughzoda, Senior Lecturer, Department of Foreign Language Teaching Methodology. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe highway, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 988871604. E-mail: azizahsk@mail.ru*

ТДУ:891.550-1+82

ҚОФИЯ ВА РАДИФ ДАР АШЪОРИ САФАР АМИРХОН

Аҳмадов Сафармад Гадомадович, Раҳмониён Эмомалӣ Шомаҳмад
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Қофия ва радиф аз унсурҳои асосии шеъри суннатии форсӣ-тоҷикӣ ба шумор мераванд, ки дар шеъри имрӯзи тоҷик низ мавқеи устувор ва назаррас доранд. Ин ду унсур дар баробари таъсиргузорӣ ба ҷанбаи суварии шеър ва хушоҳанг намудани он сабаби ғановати маънавии каломи манзум низ мегарданд. Ҳамин аст, ки дар ашъори гуногунжанри шоирони даврони Истиқлол мо истифодаи фаровони қофияву радифро мушоҳида менамоем.

Дар ин мақола муаллифон ба таҳқиқи ҷойгоҳи қофияву радиф дар ашъори як тан аз шоирони хушқариҳаи даврони Истиқлол - Сафар Амирхон пардохта, маҳорати шоири мазкурро дар корбурди ин ду унсури шеъри суннатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд.

Таҳқиқи анҷомдодаи муаллифони мақола ҳамин андешаро собит менамояд, ки Сафар Амирхон дар истифодаи қофияву радиф маҳорати хеле хуб дошта, дар ашъори гуногунжанри худ аз онҳо ба таври аҳсан истифода кардааст.

Калидвожаҳо: *шеър, жанр, шакл, мазмун, вазн, қофия, навъҳои қофия, радиф, радифи сода, радифи мураккаб, маҳорати эҷодӣ.*

РИФМА И РЕФРЕН В ПОЭЗИИ САФАРА АМИРХОНА

Рифма и рефрен считаются основополагающими элементами традиционной персидско-таджикской поэзии; они занимают прочное и значимое место и в современной таджикской поэзии. Помимо формирования поэтической структуры и усиления музыкальности, эти два элемента также обогащают смысловую глубину стиха. В результате мы наблюдаем широкое использование рифмы и рефрена в разнообразных поэтических произведениях эпохи независимости.

В данной статье авторы рассматривают роль рифмы и рефрена в поэзии Сафара Амирхона — талантливого поэта эпохи независимости, — а также анализируют его мастерство в использовании этих двух элементов традиционной поэзии.

Исследование, проведенное авторами статьи, подтверждает мнение о том, что Сафар Амирхон в совершенстве владел искусством использования рифмы и рефрена, мастерски применяя их в своих разнообразных поэтических произведениях.

Ключевые слова: *стихотворение, жанр, форма, содержание, метр, рифма, виды рифмы, рефрен, простой рефрен, сложный рефрен, творческое мастерство.*

RHYME AND REFRAIN IN THE POETRY OF SAFAR AMIRKHAN

Rhyme and refrain are considered fundamental elements of traditional Persian-Tajik poetry; they hold a firm and significant place in modern Tajik poetry. Beyond shaping the poetic structure and enhancing musicality, these two elements also enrich the semantic depth of the verse. Consequently, we observe a widespread use of rhyme and the refrain in diverse poetic works of the independence era.

In this article, the authors examine the role of rhyme and the refrain in the poetry of Safar Amirkhon—a talented poet of the independence era—and analyze his mastery in employing these two elements of traditional poetry.

Research conducted by the authors of the article confirms the view that Safar Amirkhon had mastered the art of using rhyme and the refrain, employing them skillfully across his diverse poetic works.

Keywords: *poem, genre, form, content, meter, rhyme, types of rhyme, refrain, simple refrain, complex refrain, creative mastery.*

Муқаддима. Қофия низ ба монанди вазн аз дигар аносири зотии шеъри суннатии мост, ки дар шеъри муосир низ корбурди фаровону густарда дорад. Дар мавриди қофия ва мавқеи он дар шеър ҳанӯз дар асрҳои оғозини шеъри форсӣ донишмандони зиёде изҳори назар кардаанд, ки

хулосаи гуфтаҳои он зарурат доштани ин унсурро дар шеър таъйид менамояд. Фақат бо ҳамин тафовут, ки иддае онро унсури асосиву зотии шеър медонанд (барои мисол Шамс Қайси Розӣ [9], Рашидуддини Ватвот [3] ...) ва иддаи дигар аз аносири иловагӣ (Ибни Сино [2], Насируддини Тӯсӣ [11, 12] ...). Аз ҷумла, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ҷойгоҳи вазну қофияро дар шеър чунин таъриф мекунад: «моддаи шеър сухан аст ва сурататаш ба назди мутааххирин вазн ва қофия ва ба наздики мантиқиён - тахайюл» [12, с. 259].

Имрӯз низ дар анвои гуногуни шеъри суннатӣ ва ҳам чаҳорпораҳои муосир қофия ҷойгоҳи хоссаи худро дорад. Ҳамин аст, ки устод Зарринкӯб дар «Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб» ном асари худ онро дар канори вазн аз рукнҳои асосиву ивазнашавандаи шеър гуфтааст: «... эҳсос ва андешаи шоир фулузе аст, ки гуӣ дар кӯраи ибдоъ тафта шудааст ва фақат вазну қофия аст, ки ин оҳанро метавонад об бидиҳад ва табдил кунад ба фулод – бо қудрату ҷилои фулодин» [4, с.83].

Агарчи моҳият ва арзиши аслии қофия хушоҳангу дилнишин гардонидани шеър аст, ин унсур инчунин як зумра вазоифи дигари сувариву маънавиро дар шеър иҷро менамояд. Ба қавли донишманди соҳибноми эронӣ – Шафеии Кадканӣ, «яке аз муҳимтарин ҳунарҳои қофия дар як шеър таъсире аст, ки дар ҳифзи ваҳдати эҳсос ва ҳолати ҳунарманд дорад. Ҳангоме, ки қофия меояд, хонанда ё шунаванда ба ёди қарина меафтад ва аз он қарина матолиберо, ки бо он пайвастагӣ доранд, тадоӣ мекунад ва ин тадоӣ боис мешавад, ки ваҳдати зеҳнӣ ва ҳолати куллии таамуллоти шоир ба хонанда мунтақил шавад» [6, с.126].

Усулҳои таҳқиқ. Пажуҳиш дар қавофии маҷмуаи «Пайванд»-и Сафар Амирхон нишон медиҳад, ки мавсуф аз ин вазоифи қофия дар шеър хуб огоҳ аст ва барои татбиқ намудани онҳо дар шеъри худ кӯшиш менамояд. Мавсуф дар гуфтани ашъори маҷмуа ҳам аз навъи муқайяд ва ҳам аз мутлақ истифода кардааст. Ин ду навъи қофияро донишманди эронӣ Аббоси Моҳёр чунин тавсиф кардааст: «Ҳар гоҳ ҳарфи равӣ сокин бошад, қофияи байтро қофияи муқайяд хонанд ва агар ҳарфи равӣ ба ҳарфе ва ё ба калима ва ё иборате бипайвандад ва мутаҳаррик гардад, онро қофияи мутлақ гуянд» [7, с.273]. Ба таври дигар, агар қофия бо ҳарфи равӣ анҷом ёбад, онро қофияи муқайяд ва агар баъди равӣ ҳарфи дигаре бошад, қофияи мутлақ меноманд. Мо низ зимни баррасии қавофии ашъори Сафар Амирхон онҳоро сараввал ба ҳамин ду даста ҷудо намуда, минбаъд ба таҳқиқи вижагиҳои сохтории онҳо пардохтаем.

Натиҷа. Дар қисмати зиёде аз шеърҳои шоир қофияҳои муқайяд истифода гардидаанд. Аз ҷумлаи 100 шеъре, ки мо мавриди таҳқиқ қарор додем, 68-тои онҳо дорои қофияи муқайяд буданд, ки ин аз таваҷҷуҳи зиёд доштани муаллиф ба ин навъи қофия дарак медиҳад. Аз ҷумлаи анвои қофияҳои муқайяд Сафар Амирхон аз 4 навъ истифода кардааст: қофияи муқайяди муҷаррад, қофияи муқайяд бо равӣ ва ридфи муфрад, қофияи муқайяд бо равӣ ва ридфи мураккаб, қофияи муқайяд бо равӣ ва ҳарфи қайд. Дар зер ҳар яке аз ин навъҳро муфассалтар шарҳ медиҳем:

Қофияи муқайяди муҷаррад, ки дар он танҳо ҳарфи равӣ иштирок мекунад, дар ашъори маҷмуа хеле зиёд истифода гардида, қофияи 22 шеър маҳз ба ҳамин навъ дуруст меоянд. Барои мисол:

Боди саҳар бо панҷааш дарвозаро **дар** мезанад,
Як села мурғони ҳаво гуё ки **пар-пар** мезанад [1, с.14].

Тавре мушоҳида мешавад, калимаҳои ҳамқофия дар ин байт «дар» ва «пар-пар» буда, ҳиссаи «ар» дар он решаи қофия аст. Дар ин калимот танҳо ҳарфи асосии қофия - равӣ иштирок дорад, ки ҳарфи «р» аст. Садоноки кутоҳи «а», ки дар решаи қофия мавқеъ дорад, ҳаракат аст, ки тибқи қавоиди аруз тавҷеҳ унвон дорад.

Қофияи муқайяд бо равӣ ва ридфи муфрад дар 39 шеъри маҷмуа мавриди корбурд қарор гирифтааст. Дар ин навъи қофия дар баробари ҳарфи асосии қофия, яъне равӣ, ридфи муфрад низ мавқеъ дорад. Навъи мазкур аз серистеъмолтарин анвои қофия аст, ки таҳқиқи ашъори маҷмуаи мавриди назар низ ҳамин андешаро таъйид мекунад. Барои мисол, байти аввали яке аз шеърҳои шоир пешниҳод мегардад:

Чун чеҳраи ту баҳор омад хандон,
Гулчеҳраву гулнисор омад хандон [1, с.13].

Дар байти боло таркиби «омад хандон» радиф буда, дар вожаҳои ҳамқофияи «баҳор»-у «гулнисор» ҳиссаи «ор» ҳуруфи қофия мебошад. Аз ин ҳуруф ҳарфи «р» равӣ буда, садоноки дарози «о», ки бевосита пеш аз равӣ омадааст, ридфи муфрад мебошад.

Қофияи муқайяд бо равӣ ва ридфи мураккаб дар 3 шеъри маҷмуа истифода шудааст. Дар ин навъи қофия дар баробари ҳарфи равӣ ва ридфи муфрад ридфи зоид низ ширкат меварзад, ки зимни якҷо омадани ин ду навъи ридф онро ридфи мураккаб меноманд. «Ридфи зоид ҳарфи ҳамсадоест, ки дар миёни ридфи муфрад ва равӣ меояд» [14, с.326]. Мисол барои ин навъи қофия:

Як одами бекина буд,
Як олами ганҷина буд [1, с.73].

Дар байти боло вожаҳои «бекина» ва «ганҷина» калимаҳои ҳамқофия буда, ҳиссаи «ина» ҳуруф ва ё решаи қофия аст. Аз ин ҳуруф ҳарфи «а» (ҳойи ҳаваз) равӣ, «и» ридфи муфрад ва «н» ридфи зоид мебошанд. Азбаски ридфи муфраду ридфи зоид якҷо омадаанд, онҳоро дар якҷоягӣ ридфи мураккаб мегуянд.

Қофияи муқайяд бо равӣ ва қайд дар 4 шеъри маҷмуа ба чашм мерасад. Ба қавли Шамс Қайси Розӣ, «... ҳар ҳарфи сокин, ғайри ҳуруфи мадду лайн, ки моқабли равӣ бошад, онро ҳарфи қайд хонанд» [9, с.208]. Яъне, ҳарфи қайд ҳамсадоест, ки бевосита пеш аз равӣ меояд. Дар байти зерин ҳамин навъи қофия мушоҳида мешавад:

Ҳамнишӣ бо каси бедард моро мекушад,
Ҳарфи захролудаи номард моро мекушад [1, с.100].

Тавре мушоҳида мешавад, дар байти боло таркиби «моро мекушад» радиф буда, калимаҳои «бедард» ва «номард» вожаҳои ҳамқофиянд ва дар ин вожаҳо ҳиссаи «ард» ҳуруфи қофия аст. Аз ин ҳуруф ҳарфи «д» равӣ ва ҳарфи ҳамсадои пеш аз он ҷойгиршуда - «р» қайд аст. Садоноки кутоҳи «а», ки дар алифбои форсӣ ифодаи хаттӣ надорад, ба ҳуруфи қофия дохил намешавад. Он ҳаракати қофия буда, «ҳазв» унвон дорад.

Ба ҳамин тартиб, аз 100 шеъри маҷмуаи мавриди таҳқиқ дар 68-тои онҳо ҳамин чор навъи қофияи муқайяд мушоҳида мегардад.

Тавре дар боло ишора кардем, Сафар Амирхон дар гуфтани ашъори маҷмуаи «Пайванд» дар баробари қофияи муқайяд аз анвои қофияи мутлақ низ истифода кардааст. Дар маҷмуъ, аз ҷумлаи 100 шеъре, ки мо мавриди таҳқиқ қарор додем, 32 шеър дорои қофияи мутлақ мебошад. Вобаста ба иштироки ҳуруфи гуногуни қофия метавон қавофии мутлақи ин ашъорро ба 8 гурӯҳ ҷудо кард, ки дар поён мо муфассалтар дар ин бобат маълумот медиҳем.

Қофияи мутлақ бо равӣ ва васл дар 6 шеъри маҷмуа ба назар расид. Дар сохтмони ин навъи қофия танҳо ҳарфҳои равӣ ва васл ширкат меварзанд. Ба қавли муаллифони «Каломи манзум», «васл калимаи арабист, маънои луғавияш пайвастани чизе бо чизи дигар, часпондан, ба маънои истилоҳӣ номи яке аз ҳарфҳои решагии қофияро гуянд, ки баъди ҳарфи равӣ омада, бо он пайваст шуда бошад» [10, с.337]. Яъне, равӣ садоноки дароз ва ё ҳамсадоест, ки баъди равӣ меояд. Мисол:

Ҷашни сафову равшанӣ,
Ҷашни гунаҳоташзанӣ [1, с.20].

Дар байти боло вожаҳои «равшанӣ» ва «гунаҳоташзанӣ» калимаҳои ҳамқофия буда, ҳиссаи «анӣ» дар таркиби онҳо ҳуруфи қофия аст. Аз ин ҳуруф ҳарфи «н» ҳарфи асосии қофия, яъне равӣ буда, ҳарфи «ӣ» васл аст. Садоноки кутоҳи «а», ки ифодаи хаттӣ надорад, на ҳарф, балки ҳаракати ҳазв аст.

Қофияи мутлақ бо равӣ, васл ва хуруҷ дар ашъори маҷмуаи мавриди назар ҳузури фаровон надошта, танҳо дар 2 шеър мавриди истифода қарор гирифтааст. Чӣ хеле ки аз номаш маълум аст, дар ин навъи қофия баъди равӣ ду ҳарфи дигар, яъне ҳарфҳои васлу хуруҷ меоянд. Барои мисол, қофияи байти зерин ба ҳамин тартиб бунёд ёфтааст:

Эй биҳишти сабзу гулафшону зебоям,
Сарзамини бехазони кӯдакиҳоям [1, с.21].

Дар байти зикршуда калимаҳои ҳамқофия «зебоям»-у «кӯдакиҳоям» буда, ҳуруфи қофия ҳиссаи «оям» аст. Аз ин ҳуруф «о» равӣ буда, «я» васл ва «м» хуруҷ мебошанд. Дар мавриди

ҳарфи «я» зикри ҳамин нукта лозим аст, ки он аз як ҳарф, яъне ҳарфи «й» ва як ҳаракат «а» иборат аст. Яъне, қофияи байти мазкур дар баробари дорои ҳуруфи равӣ, васл ва хуруҷ будан, инчунин ҳаракати нафоз дорад. «Нафоз садоноки кутоҳест (а,и,у), ки дар қофияи мутлақ баъди васл омада бошад» [10, с.315].

Қофияи мутлақ бо равӣ, васл, хуруҷ ва мазид аз чор ҳарфи қофия таркиб меёбанд. Навъи мазкур он қадар маъмул набуда, дар маҷмуаи мавриди назари мо низ танҳо дар 1 шеър ба назар расид, ки дар зер байти аввали онро меорем:

Зарбеди бари чашмаву ҷӯ зебоест,
Бо мӯйи пареш банди сад савдоест [1, с.146].

Калимаҳои ҳамқофияи байти боло вожаҳои «зебоест» ва «савдоест» буда, ҳиссаи «оест» дар ин калимот ҳуруфи қофия аст. Аз ин ҳуруф «о» ҳарфи равӣ буда, «е» васл, «с» хуруҷ ва «т» мазид мебошанд.

Қофияи мутлақ бо қайд, равӣ, васл ва хуруҷ аз дигар анвои қофия аст, ки дар 2 шеъри маҷмуа ба кор рафтааст. Тавре мушоҳида мешавад, тафовути ин навъ аз се навъи боло дар он аст, ки пеш аз равӣ ҳарфи дигари қофия, яъне ҳарфи қайд дорад. Барои фаҳмотар шудани ин навъи қофия байтеро аз шоир мисол меорем:

Тӯдае худкушу бегонапарастанд, дареғ,
Ғофилу сарзадаву масту аластанд, дареғ [1 с.95].

Дар байти боло калимаи «дареғ» радиф буда, вожаҳои «бегонапарастанд» ва «аластанд» калимаҳои ҳамқофия мебошанд. Ҳиссаи «астанд» дар калимаҳои ҳамқофия ҳуруфи қофия буда, аз ин ҳуруф ҳарфи «т» равӣ, ҳарфи «с», ки пеш аз равӣ мавқеъ дорад, қайд, ҳарфи «н» васл ва ҳарфи «д» хуруҷ мебошанд. Дар баробари ин ҳуруф дар қофияи мазкур ду ҳаракат низ ҳаст. Яъне, садоноки кутоҳи «а», ки пеш аз қайд ҷо дорад, ҳазв ва «а»-и баъди равӣ маҷро мебошад. Ба қавли Мавлоно Ҷомӣ, «маҷро ҳаракати равиро гуянд ва ихтилофи он аслан ҷоиз нест» [13, с.147].

Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ ва васл аз ҷумлаи серкорбурдтарин навъи қофияи мутлақ аст, ки дар 13 шеъри маҷмуаи «Пайванд»-и Сафар Амирхон мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар зер байти аввали яке аз ин шеърҳо оварда мешавад:

Як замон хуш рӯзгоре доштам,
Олами шуру шароре доштам [1, с.56].

Дар байти боло калимаҳои ҳамқофия «рӯзгоре» ва «шароре» буда, ҳиссаи «оре» дар ин вожаҳо ҳуруфи қофияанд. Аз ин ҳуруф ҳарфи «р» равӣ, ҳарфи «о»-и пеш аз он ридфи муфрад ва ҳарфи «е» васл мебошанд.

Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ, васл ва хуруҷ аз навъи боло танҳо бо доштани ҳарфи хуруҷ фарқ мекунад. Хуруҷ ҳамсадо ва ё садоноки дарозест, ки баъди васл меояд. Навъи мазкури қофиябандӣ дар 2 шеъри маҷмуа ба назар расид, ки байти аввали яке аз онҳо пешниҳод мешавад:

Ҳазину хаставу афсурдаҳолем,
Фуруафтодаву паркандаболем [1, с.119].

Дар байте, ки мо ба ҳайси намуна овардем, вожаҳои «афсурдаҳолем» ва «паркандаболем» вожаҳои ҳамқофия буда, ҳиссаи «олем»-и таркиби онҳо ҳуруфи қофия мебошанд. Аз ин ҳуруф «л» равӣ, «о» ридфи муфрад, «е» васл ва «м» хуруҷ мебошанд.

Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ, васл, хуруҷ ва мазид аз дигар анвои қофия аст, ки дар 4 шеъри маҷмуа ба кор рафтааст. Яъне, ин навъ аз навъи боло бо изофа гардидани ҳарфи мазид фарқ мекунад. «Маънои луғавии «мазид» афзунӣ дар чизе аст. Дар истилоҳи илми қофия ҳамсадо ё садоноки дарози баъди хуруҷро мазид мегуянд» [14, с.330].

Дар зер намунае барои ин навъи қофия аз маҷмуаи мавриди таҳқиқ пешниҳод мешавад:

Худо, фасли баҳорамро нигаҳ дор,
Сафои рӯзгорамро нигаҳ дор [1, с.63].

Байти боло мураддаф буда, дар он таркиби «нигаҳ дор» радиф ва калимаҳои «баҳорамро» ва «рӯзгорамро» калимаҳои ҳамқофия мебошанд. Дар ин вожаҳои ҳамоҳанг ҳиссаи «орамро»

ҳуруфи қофия аст, ки дар он ҳарфи «р» равӣ, «о»-и пеш аз он ридфи муфрад, «м» васл, «р»-и баъди васл хуруҷ ва «о»-и охир мазид мебошанд.

Дар ду шеъри маҷмуаи мавриди таҳқиқ, ки қофияи мутлақ доранд, ба ҷойи ридфи муфрад ридфи мураккаб истифода шудааст, яъне ин ашъор ҳам ридфи муфрад ва ҳам ридфи зоид доранд. Дар зер мо ин навъҳоро бо мисолҳояш нишон медиҳем:

Қофияи мутлақ бо ридфи мураккаб, равӣ ва васл дар 1 шеъри маҷмуа истифода гардидааст. Байти аввали ин шеър оварда мешавад:

Кӯлоб, ту баҳри ман биҳиштӣ,
Шаҳномаи бахту сарнавиштӣ [1 с.49].

Дар калимаҳои ҳамқофияи «биҳиштӣ» ва «сарнавиштӣ» ҳиссаи «иштӣ» ҳуруфи қофия буда, аз ин ҳуруф «т» равӣ, «и» ридфи муфрад, «ш» ридфи зоид ва «ӣ» васл мебошанд. Азбаски ридфи муфрад бо ридфи зоид якҷо омадаанд, онҳоро дар якҷоягӣ ридфи мураккаб мегуянд.

Қофияи мутлақ бо ридфи мураккаб, равӣ, васл ва хуруҷ аз навъи боло бо изофа шудани ҳарфи хуруҷ фарқ мекунад. Навъи мазкур дар 1 шеъри маҷмуа мавриди корбурди шоир қарор гирифтааст, ки байти аввали он пешниҳод мешавад:

Қудрати меҳр аз ҳарими дил барорад кинаро,
Пок созад ҳамчу бороні баҳорӣ синаро [1, с.101].

Дар калимаҳои ҳамқофияи «кинаро» ва «синаро»-и байти боло ҳиссаи «инаро» ҳуруфи қофия аст. Аз ин ҳуруф ҳарфи «а» (садоноки кутоҳ не, балки ҳои ҳаваз) равӣ, «и» ридфи муфрад, «н» ридфи зоид, «р» васл ва ҳарфи «о» хуруҷ ба ҳисоб мераванд.

Муҳокима. Дар маҷмуъ, Сафар Амирхон дар гуфтани сад шеъри маҷмуаи «Пайванд» ҳам аз қофияи муқайяд ва ҳам қофияи мутлақ истифода кардааст. Қисмати зиёди ин қавофӣ ба навъи муқайяд рост меоянд, яъне шоир 68 дарсади ин шеърҳоро ба анвои гуногуни қофияи муқайяд зинат бахшидааст. Аз ҷиҳати истифодаи ҳуруф қавофии муқайяди ашъори шоир ба чор гурӯҳ ҷудо шуда, қофияҳое, ки аз равӣ ва ридфи муфрад таркиб ёфтаанд, зиёда аз нисфи ин навъ қофияҳоро дар бар мегирад, ки дар маҷмуъ зиёда аз 39 шеъри маҷмуа ба ҳамин навъ мутааллиқанд. Дар 22 шеъри дигар бошад, қофияҳое истифода гардидаанд, ки танҳо аз равӣ таркиб ёфтаанд, яъне қофияҳои муқаййади муҷарраданд.

Дар 32 шеъри дигар қофияҳои мутлақ мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди нисбат ба қофияи муқайяд кам будани қофияи мутлақ дар ашъори шоир аз ҷиҳати анвоъ қофияи мутлақ нисбат ба қофияи муқайяд бартарӣ дорад. Яъне, агар шоир танҳо аз 4 навъи қофияи муқайяд истифода карда бошад, зимни истифодаи қофияи мутлақ 9 навъи онро ба кор бурдааст. Аз ҷумлаи ин 9 навъ мавқеи асосиро қофияҳои мутлақе ташкил медиҳанд, ки аз ҳарфҳои равӣ, ридф ва васл таркиб ёфтаанд. Ин навъи қофия дар 13 шеъри шоир истифода гардидааст. Дар маҷмуъ, Сафар Амирхон аз ҷумлаи 25 навъи қофияи пурбаҳо аз 13 навъи он ҳунармандона истифода кардааст.

Бо он ки аксари қавофии истифодабурдаи шоир ба гурӯҳи қофияҳои пурбаҳо дохил мешаванд, зимни таҳқиқ хеле кам ҳам бошад, баъзе қавофии шойгон ва маъюб низ дар ашъори шоир ба назар расид. Бояд гуфт, ки ин навъ қофияҳо танҳо дар абёти алоҳидаи баъзе шеърҳо мушоҳида мешавад. Барои мисол, байту бандҳое, ки мо намуна меорем, бо дарназардошти таъкиди шеършиносон қофияи солим надоранд:

Масалан, дар байти зерин шоир пасванди «-он»-ро ҳуруфи қофия қарор додааст, ки ин амал аз ҷумлаи уюби қофия буда, айто (айтои ҷалӣ) унвон дорад [5, с.285] ва қофияи дорои ин айбро шойгон мегуянд:

Моем, ки дил ба ҳусни **хубон** дода,
Сар дар ҳаваси рӯйи **азизон** дода [1, с.157].

Дар қофияи мисраи охири рубоии зерин шоир ҳарфи равиро дигар кардааст, ки ин амал икфо унвон дорад. Ба қавли Мавлоно Ҷомӣ, «Икфо табдили ҳарфи равӣ аст ба ҳуруфе, ки дар махраҷ ба он наздик бошад, монанди «эҳтиёт» ва «эътимод» [13, с.148]. Рубоӣ ин аст:

Хандон гули рухсораву лабҳои **тарат**,
Рахшанда ду дидаи чу наҷми **саҳарат**.
Бар чеҳраи чун баҳор бишкуфтаи ту

Зебанда сафои дасту **пешобағалат** [1, с.157].

Дар рубоии зерин низ шоир ҳуруфи гуногунро ба ҳайси равӣ қарор додааст:

Аввалмақомро зи азал баски **хома** ёфт,
То зиндагист мартабаи **ҷовидона** ёфт [1, с.127].

Тавре мушоҳида мешавад, калимаҳои «хома» ва «ҷовидона» азбаски мухталифҳуруфанд, ҳамқофия буда наметавонанд.

Дар банди зерини чаҳорпораи «Полизбон» низ дар вожаҳои қофияшавандаи «лалмӣ» ва «гармӣ» ихтилофи ҳуруф мушоҳида мешавад:

Дар бари пушта пурҷило тобад
Мазраи сабзи тарбузи **лалмӣ**.
Реша аз қаъри хок нам гирад,
Шаҳд гардад зи вусъати **гармӣ** [1, с.55].

Дар як ғазали шоир, ки калимаҳои ҳамқофияе, амсоли «ҳамнавоӣ», «бағалкушоӣ», «дилрабоӣ» ва «ошноӣ» дорад, дар байте вожаи «шоҳӣ» ба ҳайси калимаи қофия омадааст, ки бо ҳарфи равӣ аз дигар калимаҳои қофияшаванда тафовут дорад:

Ин бахти баданду **ҳамнавоӣ** табрик!
Базми тарабу **бағалкушоӣ** табрик!
Дар салтанати ишқу раҳи дури ҳаёт
Домоду арӯс, тахти **шоҳӣ** табрик! [1, с.53].

Мисолҳое, ки мо вобаста ба навоқиси қофия дар баъзе байту мисраъҳои ашъори шоир овардем, ҳолати истисноӣ дошта, бо ҳамин якчанд намуна маҳдуд мешаванд. Дар маҷмуъ, Сафар Амирхон дар истифодаи қофия низ аз шоирони муваффақи имрӯз буда, аксари қавофии истифодакардаи ӯ қофияҳои пурбаҳо ва дурусту беайб мебошанд.

Радиф дар баробари вазну қофия аз аносири сохтории шеър аст, ки ба маънии он низ таъсири муайян мегузорад. Ҳамин вижагии сохторӣ ва маънавии радиф аст, ки он дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ истифодаи фаровон дорад. Ин унсури шеъриро донишманди соҳибноми эронӣ - Сируси Шамисо чунин таъриф кардааст: «Ба калима ва ё калимоте, ки дар охири мисраъҳо баъд аз қофия айнан такрор мешаванд, радиф мегӯянд» [15, с.80].

Суханшиносон радифро махсуси шеъри форсӣ-тоҷикӣ донистаанд, ки шуарои дигар халқу миллатҳо онро аз шоирони мо вом кардаанд. Барои мисол Насируддини Тусӣ мегуяд: «Радиф дар асл хос буда ба забони порсӣ ва мутааххирони шоирони араб аз порсиён фаро гирифтаанд ва ба кор медоранд» [11, с.122].

Таҳқиқ дар ашъори Сафар Амирхон нишон медиҳад, ки шоири мазкур ба корбурди радиф иштиёқи фаровон доштааст ва қисмати зиёди ашъори суннатии ӯ бо ҳамин унсур оро ёфтаанд. Барои мисол, мо 63 ғазал, 350 рубоӣ ва 95 дубайтии маҷмуаи «Пайванд»-и шоирро мавриди таҳқиқ қарор додем ва маълум намудем, ки шоир дар қисмати зиёди ин ашъор аз радиф кор гирифтааст. Яъне, 52 ғазал, 276 рубоӣ ва 73 дубайтии ин маҷмуа мураддафанд. Дар маҷмуъ, аз миқдори умумии 508 шеър дар 401-тои онҳо, яъне дар 79 фисади онҳо радиф истифода гардидааст. Аз ҷумлаи 401 шеъри мураддафи шоир дар 275 шеър радифҳои сода ва дар 126 шеъри боқимонда радифҳои мураккаб мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Радифҳои содаи ашъори шоир аслан аз вожаҳои мансуб ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ таркиб ёфтаанд. Аз ҷумла, феъл ва шаклҳои гуногуни феълӣ (аст, буд, шуд, нашуд, кард, нарасид, гузашт, гирифт, бигзарад, мепарварам, афтодааст ...), ҷонишин (мо, ман, ту, ҳама...), исм (тоҷик, қалам, ватан, дӯстӣ) нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ истифодаи фаровонтар доранд. Қисмати зиёди радифҳои ашъори шоир ба ҳамин се ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд. Инчунин, чор ҳиссаи дигари нутқ (зарф, ҳиссача, сифат ва нидо) дар радифсозии шоир ба миқдори камтар ҳам бошад, ба кор рафтаанд.

Нисбат ба ҳама ҳиссаҳои нутқ дар радифсозии шоир феъл корбурди фаровонтар дорад. Аз ҷумлаи ин феълҳо феълҳои ёвар нисбат ба феълҳои мустақилмаъно зиёдтар истифода шудаанд, ки ин ҳолат махсуси ашъори Сафар Амирхон набуда, дар осори аксари шоирони форсигу, ки дар осори худ аз радиф мустафид будаанд, мушоҳида мешавад. Ба қавли Шафеии Кадканӣ, «... забони форсӣ забонест, ки афъоли муайяне дар он зиёд вуҷуд дорад ва бисёре аз ҷумлаҳоро

бидуни «аст», «буд», «шуд» ва амсоли он наметавон ба кор бурд. Вуҷуди ҳамин афъол боиси ба вуҷуд омадани радифҳои сода ва ибтидоӣ шуда, чунонки дар таронаҳои авом дар давраи ҳамлаи араб ҳам ин радифҳо вуҷуд дошта...» [6, с.197].

Аз натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки шоир бештар се феъли ёвар: «аст», «шуд» ва «буд»-ро ба ҳайси радиф истифода кардааст. Дар ин миён феъли ёвари «аст» мавқеи назаррастар дошта, дар 19 шеър мавриди корбурд қарор гирифтааст. Барои мисол:

Бубин, ҷаҳони ҷавонкуш чи шуху айёр **аст**,
Ба пойи ҳар гули бишкуфта наштари хор **аст** [1, с.114].

***

Ин сурати кӯдакии ман хандон **аст**,
Фориғ зи ғами ҷаҳони саргардон **аст** [1, с.181].

Феъли ёвари «шуд» ва шаклҳои гуногуни он (нашуд, шавад, шавам, шудам, шудааст) дар 18 шеъри шоир ба ҳайси радиф истифода шудаанд. Дар зер намунае барои ин феъл ва шаклҳои он меорем:

Оҳ, борони тирамаҳ сар **шуд**,
Аз бари рӯ сиришки ғам ҷар **шуд** [1, с.77].

***

Эй кош, сухан ба мисли ту пок **шавад**,
Чун ахтари рахшандаи афлок **шавад** [1, с.159].

***

Дар авҷи само ситораи барқ **шудам**,
Рахшанда чу субҳи домани Шарқ **шудам** [1, с.162].

***

Чашмам, ки ба раҳпойии ту хира **шудаст,**
Дунё ҳама пеши назарам тира **шудаст** [1, с.169].

Феъли дигаре, ки дар сохтани радиф мавриди таваҷҷуҳи шоир қарор доштааст, феъли ёвари «буд» мебошад. Шоир аз феъли ёвари мазкур ва шаклҳои гуногуни он (будӣ, будем, бувад, бошад, набошад, бодо) дар сохтани радифҳои 15 шеъри худ мустафид будааст. Барои мисол:

Гулрангии рӯю гарданат дилкаш **буд**,
Лаъли лабу рухсори тарат беғаш **буд** [1, с.149].

***

Раҳи бахти шумо тобанда **бодо**,
Чароғи равшани оянда **бодо** [1, с.208].

***

Дили дарёии ман дар талоши шеъри тар **бошад**,
Сафои рӯзгорам нусхаи файзи саҳар **бошад** [1, с.93].

Дувумин ҳиссаи нутқе, ки ба ҳайси радиф дар ашъори Сафар Амирхон мавриди корбурд қарор гирифтааст, ҷонишин аст. Шоир дар 28 шеъри худ вожаҳоеро ба ҳайси радиф истифода кардааст, ки ба ҷонишин мансубанд. Дар миёни ин вожаҳо шумораҳои танҳо ва ҷамъи ҷонишини шахси якум, яъне «ман» ва «мо», мавқеи назаррас дошта, аввалин дар 15 ва дувумӣ дар 6 шеър радиф гардидаанд. Ба ҳайси намуна ду байте бо ҳамин навъ радифҳо оро ёфтаанд, пешниҳод мешавад:

Эй деҳаи кӯдакии ман – ҳамдами **ман**,
Ҳамқисмату ҳамнасиби бешу ками **ман** [1, с.170].

***

Эй бурда фараҳ зи гармии маҳфили **мо**,
Кай гул кунад аз пайи фараҳ манзили **мо** [1, с.162].

Аз дигар вожаҳое, ки дар сохтмони радифҳои ашъори шоир истифода гардидаанд, ба исм мансубанд. Ин вожаҳо дар маҷмуъ 16-тоанд, ки ифодагари мафҳумҳои гуногунанд. Зимни таҳқиқ муайян гардид, ки шоир нисбат ба рубоиву дубайтӣ дар ғазалиёти худ бештар исмҳоро ба ҳайси радиф қарор додааст. Барои мисол:

Эй нури чароғи хонадони **тоҷик**,

Дармони тану руҳу равони **тоҷик** [1, с.7].

***

Сар фарозем аз баҳори **дӯстӣ**,
Дар самои беғубори **дӯстӣ** [1, с.10].

***

Ойинаи Наврӯз аст шабнам ба сари **сабза**,
Хуршед шавад хандон дар чашми тари **сабза** [1, с.15].

Радифҳои мураккабе, ки дар ашъори шоир истифода шудаанд, ибораву ифода ва таркибҳои гуногунеанд, амсоли «ман он ҷост», «омад хандон», «ҳастӣ, ту модар», «нигаҳ дор», «гирифтаст дилам», «ту бирезу ман бинӯшам», «ки маро буд, гузашт», «магардон дили ман», «надидаам ҳамрангат», «бошад моро», «расӣ бар ёдам», «аз даст бирафт», «Ватан омухтам», «санавбари сабзи қадат», «маъвои ман аст» ва ғайра. Тавре мушоҳида мешавад, ин ифодаҳо агар қисмате дар алоҳидагӣ низ ифодагари мафҳуме ҳастанд, ифодаи маъноии қисмати дигар ба вожаҳои пеш аз онҳо иртибот дорад. Барои мисол, дар байтҳои зерин фаҳмидани маънои радифҳо ба калимаву таркибҳои пеш аз онҳо вобаста аст:

Он ҳама шуру шароре, **ки маро буд гузашт**,
Қудрату зӯру мадоре, **ки маро буд гузашт** [1, с.96].

***

Раҳи тақдир хати рӯзи азал **ҳам бошад**,
Гули ҳарфу сухану байту ғазал **ҳам бошад** [1, с.103].

***

Гар дил надиҳӣ, хор **магардон дили ман**,
Бечораву афгор **магардон дили ман** [1, с.147].

Тавре суханшиносон низ таъкид кардаанд, аҳамияти радиф пеш аз ҳама дар ҷанбаи мусиқоии он аст. Яъне, радиф ҷанбаи мусиқоии шеърро қавӣ мегардонад ва онро дилнишинтару гушнавозтар месозад. Ҳатто радифи хуб қодир аст, ки камбуду норасоии қофияро ҷуброн кунад. Ба қавли Аҳмад Муҳсинӣ, «Радиф дар шеъри форсӣ аҳамияти бисёр ва нақши хиракунанда дорад. Бартарин нақши радиф ғино бахшидан ба мусиқии қофия аст. Он ҷо ки шоир қавофии фақир дорад, радифро ба мадади мусиқии шеър мерасонад ва аз раҳгузари эҷоди ин ҳамсонӣ шеърро хушнаво мекунад» [8, с.12].

Дар баробари ин вазифае, ки зикр шуд, радиф дар тақвияти маънавии шеър ва эҷоди маъонии тоза низ нақши чашмрас дорад. Ҳатто шоирони хушзавқ тобишҳои гуногуни маъноии вожаи радифшавандаро дар як шеър истифода мебаранд. Барои мисол, феъли «гузаштан» дар ҳар як мисраи ин байт маънии ҷудогона дорад:

Дар роҳи вафо зи баҳри ҷон **мегузарам**,
Аз печухами умри равон **мегузарам** [1, с. 151].

Хулоса. Ба ҳамин тартиб, аз таҳқиқи анҷомёфта маълум мегардад, ки Сафар Амирхон дар истифодаи радиф низ дар ашъори гуногунжанри худ муваффақ будааст. Дар анқариби 80 дарсади ашъори маҷмуаи «Пайванд»-и Сафар Амирхон истифода гардидани радиф аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир ба ин унсури шеъри суннатии мо таваҷҷуҳи хосса доштааст. Дар ашъори шоири мавриди назар ҳам радифҳои сода ва ҳам радифҳои мураккаб мавриди корбурд қарор гирифтаанд, вале радифҳои сода дар ин миён мавқеи назаррастар дошта, қариб 69 дарсади шумораи умумии радифҳои истифодагардидаро ташкил медиҳанд.

Радифҳои содаи ашъори шоир ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ дошта, дар ин қатор мавқеи аввалро вожаҳои мансуб ба феъл ишғол менамоянд. Ин навъ радифҳо дар маҷмуъ 79 дарсади радифҳои содаро ташкил додаанд ва қисмати аъзами онҳо ба шаклҳои гуногуни феълҳои ёваре, амсоли «аст», «буд», «шуд», «кард» мансубанд.

Вожаҳои мансуб ба ҷонишин ва исм низ дар радифсозии шоир иштироки фаъол дошта, дар якҷоягӣ қариб 16 дарсади радифҳои содаи ашъори маҷмуаи мавриди назарро ташкил медиҳанд.

Зиёда аз 31 дарсади радифҳои истифодабурдаи шоир радифҳои мураккаб ба ҳисоб мераванд, чунки аз таркибу ибора ва ҷумлаҳо таркиб ёфтаанд. Агар қисмате аз ин радифҳо дар

алоҳидагӣ низ ифодагари ягон мафҳуми муайян бошанд, ифодаи маъноии қисмати дигар ба калимаҳои пеш аз худ вобаста аст.

Ба ҳамин тартиб, қофия ва радиф дар ашъори Сафар Амирхон ба таври аҳсан ва писандида истифода шуда, ин ду унсур сабабгори хушоҳангиву дилнишинӣ ва ҳам ғановати маънавии ашъори ӯ гардидаанд.

АДАБИЁТ

1. Амирхон, С. Пайғом. – Душанбе: Адиб, 2019. – 216 с.
2. Аристотел, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насируддини Тусӣ. Фанни шеър: Доир ба санъати шеърӣ (танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш. Ҳусейнзода ва Х. Шарифов). – Душанбе: Ирфон, 1985. – 192 с.
3. Ватвот, Р. Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқ-уш-шеър. – Душанбе: Дониш, 1987. – 121 с.
4. Зарринкӯб, А. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб. – Теҳрон: Созмони интишороти ҷовидон. – Чопи чаҳорум, 1343. – 291 с.
5. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.
6. Кадканӣ, Ш. Мусиқии шеър (чопи 12-ум). - Теҳрон: Огоҳ, 1389. - 732 с.
7. Моҳёр, А. Арузи форсӣ (шеваҳои нав барои омузиши аруз ва қофия). – Теҳрон: Силсилаи интишороти «Нашри қатра», 1382. – 304 с.
8. Муҳсинӣ, А. Радиф ва мусиқии шеър. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Фирдавсӣ, 1382. – 203 с.
9. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-муъҷам. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
10. Тоиров, У., Ибодов, Б., Тоиров, Ш. Каломи манзум. – Душанбе: Нашриёти «Шарқи озод», 2005. – 454 с.
11. Тусӣ, Н. Меъёр-ул-ашъор. Таҳияи У. Тоиров ва дигарон. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 144 с.
12. Тусӣ, Н. Асос-ал-иқтибос. Бо тасҳеҳи Мударрис Разавӣ.- Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1326. - 634 с.
13. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осор: Иборат аз ҳашт ҷилд. – Ҷилди 8. («Нафаҳот-ал-унс», «Рисолаи қофия», «Рисолаи аруз», «Рисолаи мусиқӣ», «Шарҳи рубоиёт», «Номаҳо»). – Душанбе: Адиб, 1990. – 496 с.
14. Шарифов, Х., Тоиров, У. Назмшиносӣ. – Душанбе: «Ҳоҷӣ Ҳасан», 2015. – 386 с.
15. Шамисо, С. Аруз ва қофия. – Интишороти донишгоҳи «Паёми нур». – нашри 14-ум, 1383. – 126 с.

Маълумот дар бораи муаллифон: Аҳмадов Сафармад Гадомадович *– н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав. Тел: 988 15 75 81. E. mail: ahmadovsafar74@mail.ru ORCID:0009-0007-3372-9323*

Раҳмониён Эмомалӣ Шомаҳмад *– докторанти PhD-и кафедраи адабиёти тоҷик, факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,* ***Суроға:*** *735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Дӯстии халқҳо - 56/22.* ***Тел.:*** *+992 900-52-19-98.* ***E-mail:*** *rahmonovemomali97@mail.ru ORCID:0009-0008-4728-9557,* ***SPIN:*** *1109-8708*

Сведения об авторах: Ахмадов Сафармад Гадомадович *– кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы ДДБ имени Насири Хусрава. Телефон: (+992) 988-15-75-81; E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru ORCID:0009-0007-3372-9323*

Рахмониён Эмомали Шомахмад *– докторант PhD кафедры таджикской литературы филологический факультет, Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава,* ***Адрес:*** *735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, ул. Дружба народов, 56/22.* ***Тел.:*** *+992 900-52-19-98.* ***E-mail:*** *rahmonovemomali97@mail.ru ORCID:0009-0008-4728-9557,* ***SPIN:*** *1109-8708*

Information about the authors: Akhmadov Safarmad Gadomadovich *– candidate of philological sciences, Associate Professor of the Department of Tajik Literature of the Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Phone: (+992) 90-756-43-77; E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru ORCID:0009-0007-3372-9323*

Rahmoniyon Emomali Shomahmad – PhD doctoral candidate at the Department of Tajik Literature Faculty of Philology Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. ***Address:*** *735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Dustii Khalqho street, 56/22.* ***Tel:*** *+992 900-52-19-98.* ***E-mail:*** *rahmonovemomali97@mail.ru ORCID:0009-0008-4728-9557,* ***SPIN:*** *1109-8708*

ТДУ 821.222.8-1.09

БАРРАСИИ БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ҒОЯВИЮ БАДЕИИ АШЪОРИ САЛИМИ ХАТЛОНӢ (дар асоси қисмати дувуми ҷилди панҷуми куллиёти шоир)

Боев Шавкат Элмуродович
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар мақола баъзе вижагиҳои ғоявию бадеии ашъори Салими Хатлонӣ дар асоси қисмати дуюми ҷилди панҷуми куллиёти шоир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Мақоланигор бидуни ҳошияравӣ ба баррасии достони “Шаҳбол”, ки идомаи маснавиҳои шоир дар ҷилди панҷум аст, пардохта, муҳаққиқ ба ҳунари образофарии адиб баҳои сазовор медиҳад.

Маснавии дигаре, ки баъд аз достони “Шаҳбол” омада, дар қолаби маснавии ирфонӣ эҷод шудааст, маснавии “Ниёиш” буда, дар он ҳиссиёти ботинӣ ва ормони шоир, ки якпорчагиву Ваҳдат будааст, таҷассум меёбад.

Бахши нисбатан бузурги қисмати дувуми ин маҷмуа, ки бинобар таъкиди мақоланигор фарогири сездаҳ шеър мебошад, дар шакли шеърии мусаммати мусаддас эҷод шудааст. Дар мақола сарнавишти пурмоҷаро ва дар баробари ин пурфтихори миллати тоҷик дар ин навъи шеърӣ инъикос ёфта, бо ғоя ва мазмуни баланди худ ҳидоятгари насли наврасу ҷавон будани он таъкид мешавад. Дар шеърҳои “Оташи сармад”, “Руҳи Доро”, “Хуросон”, “Руҳи Сомонхудот”, “Исмоили Сомонӣ”, “Рӯдакӣ”, “Дар ҳичрати Бӯалии Сино",“Руҳи Фирдавсӣ”, ки адиб дар такя бо донишҳои таърихӣ ва шинохти корномаҳои шахсиятҳои бузурги милливу башарӣ, тавонистааст, гузаштаи ибратомӯзи ин миллатро бозгӯ намояд, аз ҷониби муаллифи мақола огоҳона баррасии ғоявию бадеӣ ёфтааст.

Калидвожаҳо: *шоир, шеър, достон, мавзуъ, ғоя, Салими Хатлонӣ, вижагӣ, мазмун, таҳқиқ, баррасӣ, шинохт.*

ОБЗОР НЕКОТОРЫХ ИДЕЙНО-ХУДОЖЕСТВЕННЫХ И ЖАНРОВЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ СТИХОВ САЛИМИ ХАТЛОНИ (на материале второй части пятого тома сборников поэта)

В статье рассматриваются некоторые идейно-художественные особенности стихов Салима Хатлони на основе второй части пятого тома сборника поэта. Автор без каких-либо комментарий рассматривает повесть «Шахбол», являющуюся продолжением маснави поэта в пятом томе, и отдает должное образному искусству писателя.

Другим маснави, появившимся после повести «Шахбол» и созданным в форме мистического Маснави, является Маснави «Нийош», воплощающий внутренние переживания и мечту поэта о целостности и Единстве.

Сравнительно большая доля второй части этого сборника, включающая, по словам автора, тринадцать стихотворений, написана в поэтической форме мусаммати мусаддас. В статье отражена авантюрная и в то же время гордая судьба таджикского народа в этом поэтическом жанре, подчеркнута его руководящая роль для молодого поколения с его высокими идеями и содержанием. В стихотворениях «Оташи сармад», «Руҳи Доро», «Хуросон», «Руҳи Сомонхудот», «Исмоили Сомони», «Рудаки», «Дар Хиджрати Буали Сино», «Рухи Фирдавси», в которых писатель, опираясь на исторические знания и знание подвигов великих народных деятелей, сумел рассказать о поучительном прошлом этого народа, сознательно рассмотрел идейно-художественные аспекты.

Ключевые слова: *поэт, стихотворение, поэма, тема, идея, Салим Хатлони, уникальность, содержание, исследование, обсуждение, признание.*

THE REVIEW OF SOME IDEOLOGICAL AND ART AND GENRE FEATURES OF VERSES SALIMI KHATLONI (on material of the second part of the fifth volume of collections of the poet)

In article some ideological and art features of verses of Salimi Khatloni on the basis of the second part of the fifth volume of the collection of the poet are considered. The author without any the

comment considers the story "Shahbol" which is continuation of a masnava of the poet in the fifth volume and pays tribute to figurative art of the writer.

Another of a masnava, appeared after the story "Shahbol" and created in the form of mystical Masnavi, is Masnavi Niyosh embodying internal experiences and a dream of the poet of integrity and Unity.

Rather big share of the second part of this collection including, according to the author, thirteen poems is written in a poetic form of a musammata мусаддас. In article the adventurous and at the same time proud fate of the Tajik people is reflected in this poetic genre, its leading role for the younger generation with his high ideas and contents is emphasized.

In poems "Otashi Sarmad", "Ruhi Doro", "Khuroson", "Ruhi Somonkhudot", "Ismoili Somoni", Rudaki, "Hijrati Buali Sino", "Ruhi Firdavsi" in whom the writer, relying on historical knowledge and knowledge of feats of great national figures, managed to tell about the instructive past of these people consciously considered ideological and art aspects.

Keywords: poet, poem, poem, subject, idea, Saleem Hatloni, uniqueness, contents, research, discussion, recognition.

Муқаддима. Инҷониб мақолаеро бо номи "Баъзе вижагиҳои мавзуӣ ва мундариҷавии ашъори Салими Хатлонӣ (дар асоси ҷилди панҷуми куллиёти шоир)" дар маҷаллаи илмии "Паёми Донишгоҳи забонҳо" ба табъ расонида будам. Дар он мақола танҳо қисмати аввали ҷилди панҷум, ки фарогири маснавиҳои панду ахлоқӣ ва то андозае ирфонии шоир буд, аз нигоҳи вижагиҳои мавзуӣ ва мундариҷавӣ арзёбӣ гардид. Роҷеъ ба оғози кори шоир, чигунагии идомаи роҳи эҷодӣ, завқу салиқаи шеърофарӣ ва назари шоирону донишмандони маъруф ба шеъру шоирии ӯ низ сухан рафта буд.

Мавод ва методҳо. Дар ин мақола нахуст ба баррасии достони ҳамосии "Шаҳбол", ки идомаи маснавиҳои шоир дар ин муҷаллад аст, мепардозем. Аз мутолиа ва баррасии достон маълум мегардад, ки он бо зевари баланди андеша ороста гардида, ин маҷмуаро зиннати хос бахшидааст ва аз табъи саршори гӯяндаи он хабар медиҳад. Достони "Шаҳбол" ҳамосаест, аз корномаи Сабалшоҳ, ки ливои Хатлонзаминро дар даст дошта, бар зидди истилогарони араб ҷангидаву пирӯз гаштааст. Шикасти Асад ибни Абдуллоҳ - сарлашкари араб аз тоҷикони Хатлонзамин, ки дар таърих маъруф аст, бо ҷасорат, шуҷоат, мардонагӣ ва паҳлавонии Сабалшоҳ пайванди ногусастанӣ дорад. Сюжети ин достон чӣ гунае ки таъкид шуд, ба асри VIII мелодӣ баргашта, баргирифта аз ҷангҳои ғосибонаи аъроб бо ақвоми бумии Моваруннаҳр, ба хусус, Хатлониён аст. Салими Хатлонӣ ҳамчун шоири огоҳ аз таърихи миллат, ки ҳар ҳарфу ҳиҷову калому андешааш аз ифтихору худшиносӣ ва худогоҳиву хештаншиносӣ маншаъ мегирад, қарзи инсонӣ ва шоирии худ донистааст, ки ин қаҳрамониҳои фарзонафарзандони миллати куҳанбунёди тоҷикро ба риштаи назм бикашад.

Достони мавриди назар дар баҳри мутақориби мусаммани маҳзуф суруда шудааст. Дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ баҳри Мутақориб бештар ва асосан дар эҷоди осори ҳамосӣ, паҳлавонию қаҳрамонӣ истифода шудааст. Мусаллам аст, ки ҳамаи шоҳномаҳо, темурномаҳо, сомномаҳо, искандарномаҳо, чингизномаҳо, гуштоспномаҳою гаршоспномаҳо дар баҳри Мутақориб эҷод шудаанд. Интихоби ин вазни мутантан ва ҳамосӣ ба шоир имкон додааст, ки қаҳрамониҳои персонажи марказии достони худро ба таври бояду шояд дар оинаи мусаффои шеъри размӣ ҷилвагар созад.

Қайди ин нукта ба маврид аст, ки "Шаҳбол" танҳо достони разм набуда, шоир дар он дар баробари тасвири саҳнаҳои разм суханҳои ҳакимона, ошиқона, ватанпарварона, сулҳҷӯёна ва насиҳатомезонаи худро баён менамояд. Дар фасли чоруми достон, ки "Намоям туро роҳи мардон дуруст" ном дорад, оину шарти ватандорӣ, пос доштани хотири родмардон, гӯшае аз имон будани дӯст доштани Ватан ва ғайраро таъкид менамояд, ки чунин аст:

Намоям туро роҳи мардон дуруст,
Бад-он зикр, то ёбамат марди чуст!
Дар ин хок мардон на кам хуфтаанд,
Ба дил рози ин даҳр бинҳуфтаанд!

Сари хилқати худ ватанмарди ял,
Барад халқи худро ба дур аз халал!
Далерӣ, зи ойини мардон бувад,
Чу дар мардумон бартар имон бувад!
Ватандорӣ бар одати мардумон,
Фузун оварад бори тақво ба ҷон!
Ки бошад ба ҳикмат зи имон Ватан,
Ба имон барад роҳ аз ҷон Ватан!
Ба номи Ватан буд бояст род,
Ки аз родмардон расад иттиҳод!
Ба поси Ватан ҳар кӣ род омадӣ,
Сарафрози ин чарх, шод омадӣ! [5,114].

Дар фасли “Чӣ додаш зи ин чархи гарданда суд”, лаҳзае, ки Шаҳболи роду матин баҳри дифои Ватан аз ҷой бармехезад, ҳама бар ҳиммати ӯ офарин мехонанд. Шоир қабл аз ҳама меҳри Ватан парваридани қаҳрамонро таъкид намуда, дар дил меҳру дар чашм ҳавои Ватан доштан, муқаддас будани кафи обу хоки Ватан, ба ҳар дарди Ватан даво будан, ба марзу буми аҷдодӣ сипар будан, чу мардон ба поси Ватан буданро ва барои ҳифзи Ватан ҷангиданро аз сифоти писандидаи қаҳрамон медонад ва ба баёни он мепардозад:

Чу бархост Шаҳболи роду матин,
Ҳама кард бар ҳимматаш офарин!
Ки аз ҳимматаш ҳикмати ҷаҳди ӯ,
Аён дошт бар шеваи аҳди ӯ!
Ҳавои Ватан дошт дар чашму дид,
Ба дил меҳри ин марз мепарварид!
Ба ҷон орзу, ишқи поки Ватан,
Муқаддас кафи обу хоки Ватан!
Ҳаводори боду ҳавои Ватан,
Ба ҳар дард будан давои Ватан!
Сипар буд бояд бад-ин марзу бум,
Сипар, балки бар рӯи аъдои шум!
Ба будан чу мардон ба поси Ватан,
Баҳо нест чун дар қиёси Ватан!
Ватанро набояд, ки додан ба нанг,
Ба ҳифзи Ватан кард бояст ҷанг! [5,119].

Дар достон ба расми “Шоҳнома”-и ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ баъд аз ба пирӯзӣ расидан дар размҳои алоҳида бар душмани ғаддор базмҳо ороста мешавад ва меҳмонони зиёд аз манотиқе, ки ин зафар барои онҳо низ арзишманд аст, даъват мегарданд. Ғайр аз ин, тибқи суннати куҳан истиқболи нек доштан аз расму оинҳои аҷдодӣ ва дар ниҳояти зебоӣ таҷлил намудани ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон дар достони “Шаҳбол” инъикос ёфтааст.

Натиҷа. Аз мурури иҷмолие, ки ба ин достон сурат гирифт, метавон ба ин натиҷа расид, ки шоир сарманшаи пирӯзӣ бар душманро аз иттиҳоду якдилӣ, ҳушёриву ҷасорату набард ва истодагарӣ дар баробари адӯ медонад ва дар қисмати хулосавии достон, ки “Хулоса накӯ буд, ки омад ба суд” номбар шудааст, таъйиди матолиби мавриди назар ба сароҳат баён мешавад. Дар фарҷоми достон он иттиҳоду пайванди қавмиро, ки “Шаҳбол” бо хулқу хилқати некаш соҳиб мегардад, шоири тавоно ба он пайванди руҳиву замонӣ медиҳад ва ба ҳам омадани мардуми тоҷик, “ҷон ба ҷон баста, як тан шуданҳо”, ба як миллату давлати воҳид табдил гардидан ва ба Истиқлолу озодиву Ваҳдат расидани Тоҷикистонро аз ниҳоди неки ин халқ вобаста дониста, ба ин мардум “Зафар ва давлату парчами Иттиҳод”-ро таҳният мегӯяд.

Ин нуктаро низ бояд қайд кард, ки сарлавҳаҳои дарҷгардида дар саросари “Шаҳбол” ба якрангии чунин вазни мутантан болои кор омада, дар ҷамъбасти маҷмуи мундариҷа, як маснавии ҳамоҳанги ин достонро ба бор овардаанд.

Манзумаи “Ниёиш” дар ин маҷмуа баъд аз достони “Шаҳбол” ҷой дода шуда, дар қолаби маснавиҳои машҳури адабиёти классикӣ – “Мантиқу-т-тайр”-и Аттори Нишопурӣ ва “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ - “рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур” суруда шудааст. Манзума аз оғоз ва бисту як фасл иборат мебошад. Шоир дар оғози “Ниёиш” бори нангу ор кашидани худро бо талмеҳоти “Хусрав”-у “Шоҳ”-у “Кӯҳкан”-у “Ширин” тақвият дода, “бо чин дар ҷабини хеш нақш кашидани сатр-сатри қисмати ин халқро” ифода менамояд, ки дар ниҳояти фасоҳат ва балоғат аст.

Дар фасли “Ҳасрати миллат” шоир, ки пайваста дар фикри якпорчагии давлат ва Ваҳдати миллат мебошад, аз паҳнои таърихии Бухорову Фарғона ёд мекунад, сипас аз, дар дил тапидани “ҳасрати Кӯлобу рози Балх”, ҳавас намудани “Қиссаи лаъли Бадахшону ҷуръаи оби Зарафшон”сухан ба миён меорад ва бо овои ҷунун фарёд мезанад, ки “Тоҷикистонро дигар қисмат макун!” ва шоир аз онҳое, ки дар анҷуман лофи қисмат накардани Ватан мезананду баъзан дар маҳалбозӣ исён мекунанд, сахт мутаҳаййир мешавад ва надомат мекашад. Дар охири ин фасли ниёиши хеш “ҳамдили аҳли назар будан”, “аз баҳои дил хабардор будан”, “ба кӯи асл роҳ бурдан”, “бар ҳавои рӯзгори васл будан”-ро тақозо намуда, чу Рустам аз ниҳод бо нидои “Иттиҳоду иттиҳоду иттиҳод” наъра мезанад ва меафзояд, ки маҳз иттиҳоду ҳамдилӣ ғуссаро аз ҷону оҳи парешонро аз ҷигар мебарад.

Манзумаи “Ниёиш” дар соли 1993 таълиф гардидааст. Мусаллам аст, ки дар ин солҳо Тоҷикистон дар оташи ҷанги таҳмилии бародаркӯшӣ месӯхт. Шоир бо рашҳаи қалам сӯзи даруни худро бо мавъизаву каломи ҳикматбораш ифшо намуда, ба қалби реш-реши ин миллат даво мебахшид ва ниёиш мекард. Мардумро ба ҷаҳду худсозӣ ва миллат шудан даъват менамуд.

Шоири ниёишгар дар ин манзума ба сурӯғи ҳамназарон, ҳамдилон, равшанзамирон ва орифону фозилоне ба монанди Ҳоҷӣ Исмоил ва Одина Ҳошим рафта, нахуст, руҷуъи суханвари беҳамто ва ҳасрату даъвати ӯро роҷеъ ба баҳси мову ман, мушкилоту даргириҳои мардуми зору ҳайронмонда, бо суханҳои пандомӯз ва ҳикматомезу таъсирбахш қаламдод менамояд:

То ҳамедидӣ ба чашми хештан,
Дар Ватан дорем баҳси мову ман!
Ин Ватан аммо ба коми аждаҳо,
Кини ёрони Ватан бемунтаҳо!
Достони қисмати халқаш ба хун,
Рози бахташ рахту тахте вожгун!
Кӯдакаш дур аз Ватан ҷон медиҳад,
Ҳасрataш бар боди афғон медиҳад!
Модараш аз рӯи гулҳо бенасиб,
Дар забонаш «во ғарибӣ, во ғариб!» [5,234].

Баъдан руҷуи Одина Ҳошим низ бо суханҳои ҳакимона, сулҳҷӯёна ва ваҳдатгароёна матраҳ гардида, миёни ин ду марди донишманд муколама сурат мегирад. Дар муколамаҳо поёни хуб надоштани ҷаҳлу таассуб, кинаву адоват ва душманӣ мазаммат гардида, ба сидқу вафову ишқ такя намудан баҳри сафову саодати миллату давлат кӯшидан ситоиш мегардад. Шоир дар фасли пеш аз охир, ки “Нақши Рустам” ном дорад, боз ҳам аз гузаштаи пурифтихор ва паҳлавониву диловарӣ ва ҷоннисориҳои родмардонаш бар муқобили душманон сухан гуфта, манзумаро бо ниёиши ҳасрати хеш поён медиҳад.

Бахши нисбатан аъзами қисмати дувуми маҷмуаро силсилаи шеърҳои соли 1999 эҷоднамудаи адиб зери унвони “Оли Сомонӣ, муборак, соли Сомонӣ” ташкил медиҳад. Ин силсила фарогири сездаҳ шеър мебошад, ки дар жанри мусаммат эҷод шуда, ҳар банди он аз шаш мисраъ иборат аст. Аз рӯи қонунмандии жанрӣ ин шеърҳоро мусаммати мусаддас номидан дуруст аст. Бандҳои мусаммат аз рӯи принсипи қофиябандии ааааааа, бббббб, ввввввв, навишта шуда, дар дохили қофияи алоҳида меоянд. Мусамматҳо муқаффо, мураддаф ва баъзеашон ҳам муқаффо ва ҳам мураддаф буда, дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим ва аҳёнан мақсур суруда шудаанд. Хурдтарини онҳо аз даҳ банд ва калонтаринашон бист бандро дар бар гирифта, дар маҷмуъ аз 143 банд иборат мебошанд.

Шеъри нахустини ин силсила “Тоҷик” унвон дошта, шоир дар банди аввали он бо нуру зиё омезиш доштани фитрати ин миллат, аз хуршед зодани он ва ба рағми зулмат офарида шудани тоҷиконро бо муҳаббат баён медорад. Дар бандҳои дигар сарнавишти пурмоҷаро ва дар баробари ин пурфтихори миллатро рақам зада, дар банди охир таъкид менамояд, ки то девори Ҷам, нишони

Рустам, забону парчами марзи диёрам дар қалам боқӣ аст, маро ба ситоиш ниёз нест. Афзун бар ин Аҷам ҳамчун сарномаи меҳр дар ман берақам боқисту Бухорову турбати Сомонӣ то ҷовидон зинда мемонад.

Дар шеърҳои “Оташи сармад”, “Руҳи Доро”, “Хуросон”, “Руҳи Сомонхудот” ва “Исмоили Сомонӣ” адиб дар такя бо донишҳои таърихӣ, шинохти корномаҳои шахсиятҳои бузурги милливу башарӣ, вусъати андеша ва каломи муассири хеш тавонистааст, ки гузаштаи ибратомӯзи ин миллатро бозгӯ намояд. Домани андешаҳои шоири нуктасанҷ ва худогоҳ бо таваҷҷуҳ ба огоҳии таърихӣ ва фарҳангӣ хеле фарох буда, хонандаро ба олами рангини андарзу маънавиёт раҳнамун месозад. Нуктаи ҷолиби дигар дар ин номаҳои пур аз ифтихор ба сухан даровардани қаҳрамони лирикӣ ва дар баробари баёни аҳволу корномаи худ ба насли имрӯз маслиҳату машварат додану ба ватандӯстиву худшиносӣ ва ҳамназариву ҳамдилӣ раҳнамун сохтани онҳо мебошад.

Шоир дар шеъри “Рӯдакӣ” бо он ки нахуст саҳифаҳои рӯзгору афкори шоирро варақ мезанад, аз шоириву хунёгарии Рӯдакӣ, аз ахтари ӯ фурӯғ доштани маснади Сомониён, аз созу чангу дафтари шоир будани шукӯҳи Оли Сомон “Ватандорони бе ёди ватанро ба нанг овардан”, “Шаҳи ovораро раҳ ҷониби авранг овардан”-и устоди шоирон, ки ҳамчун рамзи ҷовидонаи шеъри форсӣ-тоҷикӣ шинохта шудааст, бо ифтихор сухан меронад.

Дар шеъри “Дар ҳичрати Бӯалии Сино” муаллиф аз бесарусомониҳо, гирифториҳо ва аз Бухоро ҳичрат намудани ӯ ёд карда, ноадолатиҳои зимомдорони вақтро нисбат ба ин табиби ҳозиқ ошкоро рӯи коғаз меорад. “Руҳи Фирдавсӣ” аз шеърҳоест, ки бо эҳсоси баланди ғурур ва ифтихор аз ниёи шоир эҷод шуда, баёнияҳои ҳикматомӯз, садоқатафзо ва таъкидҳои боварибахши гӯяндаи ҳамосаи миллии моро дар худ ҷой додааст.

Шеъри “Сарномаи миллат”-ро ҷилваи Сарқонун дар оинаи каломи мавзун номидан мумкин аст, ки шоир асоси саодати миллату давлатро аз вуҷуди ин бахтнома дониста, самараҳои баборовардаи онро дар яке аз бандҳо хеле зебо ба қалам додааст:

Ҳақиқатро ба пайванди башар ангошт Сарқонун!
Ҳуқуқи бахти одамро ба ҷон бигзошт Сарқонун!
Чароғи нанги миллатро фурӯзон дошт Сарқонун!
Ба хоки сабзи виҷдон тухми имон кошт Сарқонун!
Саъодатро ба подоши самар анбошт Сарқонун!
Ливои Тоҷикистонро баланд афрошт Сарқонун! [5,280].

“Соли Сомонӣ”, аз шеърҳоест, ки шоир онро бахшида ба 1100- солагии давлати Сомониён эҷод намудааст. Дар ин шеър сухан аз боби нахустдавлати миллии тоҷикон будани Сомониён, пойтахти он - Бухоро ҳамчун гаҳвораи тамаддуни олам, шукӯҳу фарри каёнӣ доштани шоҳони сомонӣ, арҷ гузоштан ба меросе, ки аз ин даврони пурифтихор ба ёдгор мондааст, ба тахт нишастани забону адаби халқи тоҷик рафта, шоир ин сарафрозиҳоро ба ворисонаш ҳамчун ҳадяи ҷашнӣ ва баёдоварандаи сарнавишти миллат эҳдо менамояд ва мегӯяд:

Муборак бод сози ҷашн истиқлоли миллатро!
Ҳумоюн бод тантан парчами иқболи миллатро!
Саъодат мерасад дар боли ваҳдат Оли миллатро!
Дурахши тоҷи давлат ёфт ҳикмат фоли миллатро!
Бақо омад ба номи ҷовидон аъмоли миллатро,
Ҷалолат медиҳад ҳиммат ба соз афъоли миллатро! [5,282].

Шеъри “Шоҳроҳи вақт” дар ин силсилаи ашъор охирин буда, шоир бо хушҳоливу болидарӯҳӣ манзараи кушодашавии “Нақби истиқлол” ва ба ин васила барқарор гардидани рафтуомади доимӣ аз шимол ба ҷануб ва аз ҷануб ба шимоли Тоҷикистонро, ки яке аз бузургтарин дастовардҳои замони Истиқлол мебошад, ба қалам дода, дар банди ҷамъбастии шеър ҳисси ботинии худро чунин ба қалам медиҳад:

Зи ин роҳ аст роҳи ваҳдати тан, ваҳдати инсон!
Зи ин роҳ аст роҳи ваҳдати ҷон, ваҳдати имон!
Зи ин роҳ аст роҳи қурбати дил, қурбати ёрон!
Раҳоӣ медиҳад ушшоқро ин роҳи бепоён,
Ба сӯи хонаи умед, сӯи шуълаи тобон,
Ба сӯи хонаи хуршед, нури манзари ҷавлон! [5,285].

Месазад қайд кард, ки тассуроти бештар чи дар достони «Шаҳбол», чи дар манзумаи «Ниёиш» ва чи дар силсилаашъори «Оли Сомонӣ, муборак соли Сомонӣ», натиҷаи рӯ овардани Салими Хатлонӣ ба гузаштаҳои таърихии миллат, қадр кардани арзишҳои миллӣ ва хулосаи сарнавишти ибратомӯзи мардуми тоҷик ва қаламрави таърихии он буда, инчунин шоир ба ин тариқ як навъ ҳушдор бар худшиносӣ, ватандӯстӣ ва бедории миллиро мехоҳад матраҳ намуда бошад, ки ҳар банду байти ин ашъор айни чунин тақозо ва ормонҳои дили ҳассоси ӯро дар худ таҷассум намудаанд.

Хулоса. Қисмати баъдии маҷмуаи ашъори шоирро дар ин муҷаллад “Сурудҳо” зиннат бахшидаанд. Ҳарчанд ашъори ҷудогона ва мухталифи шоир, аз ҷумла ғазалу рубоиву дубайтӣ ва чаҳорпораҳои манзур аз ҷониби овозхонони маъруфи кишвар зиёд оҳангбандӣ ва замзама шуда бошанд ҳам, аммо дар ин бахш сиву ҳашт шеър унвонии суруд дар ин китоб ҷой дода шудааст, ки аз инҳо ҳафт суруд дар васфи Ватан, шаш суруд бахшида ба Тоҷикистон, се суруд дар ситоиши шаҳри Душанбе, як суруди наврӯзӣ, се суруд дар бораи Модар буда, боқӣ сурудҳои тараннумгари забон, ранҷи модарон, инчунин дорои ҳиссиёти ошиқона ва мазмунҳои ошиқонадошта мебошанд. Аз он ки шоири маҳбуб дарки баланди мусиқӣ дорад, сурудҳоро тарзе эҷод намудааст, ки бо даромадан ба пардаи хунёгарӣ лаҳну навои хоссро дар худ ҷой додаанд. Далели ин гуфтаҳо интихоб гардидани сурудҳои шоир ва матнҳои шеъри ӯ аз ҷониби оҳангсозону мутрибон ва сарояндагони касбӣ мебошад. Бахши охири мундариҷавии ашъори шоир “Абёте бар пештоқ ва девори ошхона” унвон гирифта, дар ин байтҳои лутфомез, шоир самимият ва илтифоти хешро ба дӯстон изҳор дошта, ба ин тариқ барои табъи болида ва лаззатгирӣ бар фароғатии мизоҷон гӯё як навъ расми тарғиби ҷалб шудан ба ошхонаро низ ба амал овардааст.

Ба ҳамин дастур аз баррасӣ, арзёбӣ, таҳлил ва таҷзияе, ки бар қисмати дуюми ашъори ин муҷаллади куллиёти шоир ба иҷмол сурат гирифт ва ба масобаи пешгуфтор пазириш ёфт, маълум гардид, ки устод Салими Хатлонӣ аз он шоироне, ки ба сурӯғи шеър мераванд, набуда, балки шеър ба сурӯғи ӯ омадааст. Ин маҷмуаро аз лиҳози дарбаргирии мавзуъ, таносуби шакл ва мундариҷа, қонунмандиҳои сохту таркиб, забон, жанр, сабк, вазн ва қофияву радиф, метавон яке аз беҳтарин ҷилдҳои куллиёти шоир донист.

Адабиёт

1. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан [Матн]/ Зеҳнӣ Т.-Душанбе: Ирфон, 1978.-328 с.
2. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён.-Душанбе: Маориф, 1990.-336 с.
3. Сируси Шамисо. Анвои адабӣ [Матн]/ Шамисо, Сирус.-Теҳрон, 1370 ҳ.-162 с.
4. Умар Сафар. Бигӯ, тарона бимонад (нақде бар сурудаҳои Салими Хатлонӣ).-Душанбе: Эр-граф, 2016.-192 с.
5. Хатлонӣ С. Мунтахаби ашъор (ҷилди 5).-Душанбе:Истеъдод, 2015.-560 с.
6. Хатлонӣ, С. Бенавое дар навои най [Матн] / С. Хатлонӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 464 с.
7. Шакурӣ М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи бист.-Душанбе: Пайванд, 2006.-456 с.
8. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ.-Душанбе: Пайванд, 2009.-476 с.
9. Қосимов, С.С. Рӯзгор ва осори Салими Хатлонӣ (масъалаҳои назми тоҷик дар замони Истиқлолият). Монография [Матн]. – Душанбе: Истеъдод, 2014. –192 с.
10. Шакурии Бухороӣ М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2006. – 455 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Боев Шавкат Элмуродович* – Донишгоҳи байналмилаии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент. ***Нишонӣ****: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 935445450; E-mail: mustafo0612@mail.ru*

Сведения об автор: *Боева Шавката Элмуродовича - Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, дотсент. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.:(+992) 935445450; E-mail: mustafo0612@mail.ru*

Information about the author: *Boev Shavkat Elmurodovich - Tajik International University of Foreign Languagesnamed after Sotim Ulughzoda, kondidat of Philology, dotsant. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadiev, 17/6, phone:(+992) 935445450; E-mail: mustafo0612@mail.ru*

ТДУ 821.222.8-31.09

ПОЭТИКАИ ХОТИРАИ ТАЪРИХӢ ВА САРНАВИШТИ ИНСОН ДАР РОМАНИ «ОТАШ ДАР ХОНАИ ҚАДИМ» - И МИРЗО САИДЗОДА

Бузургзода Фазлиддин Ҳикматулло
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар мақола романи Мирзо Саидзода «Оташ дар хонаи қадим» мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Мақсад муайян намудани механизмҳои поэтикиест, ки тавассути онҳо рӯйдоди дорои заминаи таърихӣ аз сатҳи хабару иттилоот гузашта, ба таҷрибаи инфиродӣ, хотираи хонаводагию наслӣ ва сарнавишти ахлоқию равонии персонаж табдил меёбад. Дар таҳқиқ аз таҳлили таърихию адабӣ, таҳлили ривоят, услубшиносӣ ва хониши наздики филологӣ истифода шуда, мафҳумҳои «хотираи таърихӣ», «хотираи наслӣ», «фокализатсия» ва «сарнавишти инсон» ба таври амалиётӣ аз ҳам ҷудо карда мешаванд. Барои санҷиши мафҳумҳо се ҳолати нуқтаи назар тасвири берунии ровӣ, наздикшавӣ ба шуури Мансур ва идроки маҳдуди кӯдаконаи Ҷовид муқоиса гардида, модели кории «рӯйдоди таърихӣ - миёнаравии ривоят ва персонаж - таҷрибаи шахсӣ - хотираи хонаводагӣ (наслӣ) - маънои бадеӣ» дар ду занҷири матнӣ санҷида мешавад.

Калидвожаҳо: *Мирзо Насриддин, насри тоҷик, роман, хотираи таърихӣ, хотираи наслӣ, нуқтаи назар, фокализатсия, психологизм, забони бадеӣ, сюжет, ҷузъиёти бадеӣ.*

ПОЭТИКА ИСТОРИЧЕСКОЙ ПАМЯТИ И СУДЬБА ЧЕЛОВЕКА В ДОСТУПНОЙ ЧАСТИ РОМАНА МИРЗО САИДЗОДА «ПОЖАР В СТАРОМ ДОМЕ»

В статье исследуется роман Мирзо Саидзода «Огонь в старом доме» с целью выявления поэтических механизмов, посредством которых событие, имеющее историческую основу, выходит за пределы простого сообщения о факте и приобретает значение индивидуального опыта, семейной и межпоколенческой памяти, а также нравственно-психологической судьбы персонажа. Методологическую основу исследования составляют историко-литературный и нарратологический анализ, стилистический анализ и метод пристального филологического чтения. В рамках исследования операционально разграничиваются понятия «историческая память», «межпоколенческая память», «фокализация» и «судьба человека». Для верификации предложенной концептуальной модели сопоставляются три типа повествовательной перспективы: внешняя позиция повествователя, фокализация, приближенная к сознанию Мансура, и ограниченная детская перспектива Джовида. На материале двух текстовых цепочек апробируется рабочая модель трансформации исторического события: «историческое событие — нарративно-персонажная медиация — личный опыт — семейная (межпоколенческая) память — художественный смысл». Такой подход позволяет проследить, каким образом историческая реальность в художественном тексте переосмысливается через индивидуальное восприятие и механизмы памяти, приобретая нравственное и психологическое измерение.

Ключевые слова: *Мирзо Насриддин, таджикская проза, роман, историческая память, межпоколенческая память, точка зрения, фокализация, психологизм, художественный язык, сюжет, художественная деталь.*

THE POETICS OF HISTORICAL MEMORY AND THE FATE OF THE INDIVIDUAL IN THE AVAILABLE PART OF MIRZO SAIDZODA'S NOVEL "FIRE IN THE OLD HOUSE"

This article examines Mirzo Saidzoda's novel "***Fire in the Old House"***, focusing on the poetic mechanisms through which a historically grounded event transcends the level of factual representation and becomes an experience of individual memory, family and intergenerational remembrance, as well as the moral and psychological destiny of the character. The study draws on historical-literary and narratological analysis, stylistic analysis, and close philological reading. Within this framework, the concepts of "historical memory," "intergenerational memory," "focalization," and "human destiny" are operationally differentiated. To examine these concepts,

the study compares three modes of narrative perspective: the narrator's external viewpoint, focalization that moves closer to Mansur's consciousness, and Jovid's limited child perspective. The proposed working model of the transformation of historical experience—"historical event — narrative and character mediation — personal experience — family (intergenerational) memory — artistic meaning"—is tested through two textual sequences. This approach makes it possible to trace how historical reality is reinterpreted in the literary text through individual perception and mechanisms of memory, thereby acquiring a distinct moral and psychological dimension.

Keywords: *Mirzo Nasriddin, Tajik prose, novel, historical memory, intergenerational memory, point of view, focalization, psychological representation, literary language, plot, artistic detail.*

Муқаддима

Масъалаи муносибати таърих ва адабиёт аз масъалаҳои бунёдии адабиётшиносӣ мебошад, зеро асари бадеӣ воқеаи гузаштаро ҳамчун нусхаи бетарафи санад ё хронология такрор намекунад, балки онро интихоб, ҷобаҷо ва аз тариқи нуқтаи назар, характер, нутқ, замону макон ва ҷузъиёти рӯзгор ба таҷрибаи маънавии инсон табдил медиҳад. Аз ин рӯ, масъалаи асосии мақола на санҷиши мутобиқати ҳар хабар ба санади таърихӣ, балки муайян кардани механизми бадеии табдили рӯйдоди таърихӣ ба таҷрибаи шахсӣ, хотираи хонаводагӣ ва маънои ахлоқию равонӣ мебошад. Чунин гузориши масъала имкон медиҳад байни далели таърихӣ, дониши персонаж, мавқеи ровӣ ва ҳақиқати бадеии матн сарҳади методологӣ нигоҳ дошта шавад.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Дар адабиётшиносии тоҷик масъалаҳои таҳқиқи бадеии воқеият, назарияи наср, поэтикаи жанр, сюжет, ҷаҳонбинӣ, тафаккури бадеӣ ва ҳақиқатнигорӣ дар пажӯҳишҳои сершумор баррасӣ шудаанд. М. Шукуров масъалаи таҳқиқи бадеӣ ва таҳаввули шуури эстетикиро пайгирӣ мекунад [3; 4], Х. Шарифов ба назарияи наср такягоҳҳои мафҳумӣ медиҳад [5], С. Улуғзода ва М. Хоҷаева ба ҳақиқати асар, танқид ва ҷавҳари сухан таваҷҷуҳ менамоянд [6; 7], Ш. Солеҳов ташаккул ва поэтикаи жанрро меомӯзад [9; 10], М. Имомов бошад, масъалаҳои маънавият, ҷаҳонбинӣ, сюжет ва поэтикаи насри Садриддин Айниро густариш медиҳад [11–14]. Корҳои А. Раҳмонов [15; 16] ва Ш. Раҳмонов [17] барои фаҳмиши маърифати замон ва ҳақиқатнигорӣ аҳаммият доранд.

Дар ҳамин замина, бознигарии муносибат ба гузашта ҳамчун шарти ташаккули тафаккури нави таърихию бадеӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. Н. Салимов менависад: «Эътирофи имтиёзи арзишҳои умумибашарӣ бар манфиатҳои синфӣ, ки дар тафаккури ҳамзамонон хосияти ҳамагонии амалӣ пайдо карда истодааст, ҳамчунин, эъломи асноди қаблан махфӣ ва ибрози андешаҳои мувофиқ ба он бунёди консепсияҳои қолабию ғаразомези таърихро заиф намуда, тасаввури моро комилан тағйир дод» [18, с. 4]. М. Раҷабӣ низ таъкид мекунад, ки «аҳли илму адаб нисбат ба ҳаёти мураккаби гузаштаи худ таҷдиди назар кард ва чунин мавзуъҳое мавриди таҳқиқу тасвир қарор гирифтанд, ки азамат ва шукуҳмандии ҳастии миллатро дар оинаи ҳақгӯйи замон инъикос менамоянд» [19, с. 162]. Барои мақолаи ҳозир ин андешаҳо пеш аз ҳама ҳамчун заминаи таърихии тағйири муносибат ба гузашта муҳиманд.

Ба қавли профессор Ш. Раҳмонов, «кори нависандагиро фақат бо илми филология, забону адабиёт омӯхтан ҳанӯз кам аст, балки печутоби ҳаёт, асрори илм, кашфи ҳақиқатҳои воқеии ҷаҳониро донистану омӯхтан зарур мебошад» [17, с. 5]. Барои насри дорои заминаи таърихӣ ин таъкид ба зарурати пайвастани маҳорати суханофарӣ бо дониш, таҷрибаи иҷтимоӣ ва фаҳмиши сабабу натиҷаи ҳодисаҳо ишора мекунад. Сотим Улуғзода вазифаи нависандаи таърихнигорро мушаххастар муайян карда, навиштааст: «Нависандаи осори таърихиро зарур аст, ки маънои ниҳонии воқеаҳои таърихро сарфаҳм равад, дарк кунад ва кушояд» [6, с. 2]. Бинобар ин, воқеаи таърихӣ дар асари бадеӣ танҳо ҳамчун иттилоот не, балки ҳамчун маводи тафсиршаванда ва инсонӣ хонда мешавад.

Оғози роман аз ҷиҳати композитсионӣ бо эҳтиёт сохта шудааст. Пеш аз он ки рӯйдоди ҷамъиятӣ ба сарнавишти персонажҳо дахолат кунад, хонанда бо дастархон, чой, ҳавлӣ, либос, бемории Меҳрон ва бузкашии Баҳодур шинос мешавад [1, с. 1]. Ин ҷузъиёти одӣ дар

аввал рамзгузории маҷбурӣ надоранд; онҳо ҷаҳонеро месозанд, ки тартиб, одат ва давомияти худро дорад. Вақте ҳамин тартиб баъдтар вайрон мешавад, фоҷиа на танҳо дар сатҳи воқеаи иҷтимоӣ, балки дар тағйири маънои хона ва ашёи рӯзгор низ эҳсос мегардад.

Бибигул аз даст рафтани хонаро бо забони ҳуқуқӣ ё сиёсӣ шарҳ намедиҳад, балки мегӯяд: «Маро аз хонаю дарамон ҷудо кардаед. Дар анборхона моли як умр андӯхтаам, гилему калобаҳои тайёрам монданд...» [1, с. 39].

Таркиби «хонаю дарамон» маконро ба таҷрибаи соҳибӣ ва наздикии эҳсосӣ мепайвандад; феъли «ҷудо кардаед» нишон медиҳад, ки аз даст рафтан барои персонаж амали ихтиёрӣ нест, балки аз берун ба ӯ таҳмил шудааст. Ибораи «моли як умр» солҳои зиёди меҳнатро дар як воҳиди фишурда ҷамъ мекунад ва пас аз он номҳои мушаххаси «гилем» ва «калоба» андӯхро аз сатҳи умумӣ ба предметҳои дидашаванда мебаранд. Бо ҳамин роҳ, хона дар таҷрибаи Бибигул ба хотираи моддишудаи зиндагӣ табдил меёбад, вале ин маъно ҳамчун натиҷаи хондани матн пешниҳод мешавад, на ҳамчун рамзи ягонаи ҳатмӣ.

Меҳрон ба воситаи хотираи худ доираи замонии ривоятро васеъ мекунад ва нишон медиҳад, ки гузашта барои насли калонсол як давраи комилан анҷомёфта нест. Аммо аҳаммияти образ танҳо дар он нест, ки ӯ рӯйдодҳои пешинро дидааст; таҷрибаи тӯлонӣ ба ӯ имкон додааст, ки ҳукми худро нисбат ба одамон ва воқеаҳо аз умумисозии сода дур намояд.

«Халқро бо яку ду баҳо надиҳед... Аз инҳо илми пешбурди зиндагӣ ва давлатдориро ёд мегиред» [1, с. 9].

Сохтори ҳамин сухан низ ба ҷаҳонбинии қаҳрамон ишора мекунад. Қисми аввал - «Халқро бо яку ду баҳо надиҳед» - ҳукми умумиро маҳдуд месозад ва рафтори шахсони алоҳидаро аз арзёбии тамоми мардум ҷудо мекунад. Қисми дуюм бошад, гуфторро аз эҳсоси зиддият ба масъалаи дониш ва таҷриба мегузаронад. Таркибҳои «илми пешбурди зиндагӣ» ва «давлатдорӣ» нишон медиҳанд, ки персонаж аз таҷрибаи гузашта танҳо хотираи низоъро нигоҳ надоштааст, балки аз он хулосаи амалгароёна низ баровардааст. Аз ҳамин ҷиҳат, Меҳронро метавон ҳомили хотираи бозандешидашудаи авлод донист.

Дар романи мавриди таҳлил гузариш аз хотираи шахсӣ ба хотираи таърихӣ якбора ба амал намеояд, балки аз чанд ҳалқа мегузарад. Ҳалқаи аввал ёд ва арзёбии шахсии Меҳрон аст, ки таҷрибаи гузаштаро ба меъёри муносибат бо мардум ва давлатдорӣ табдил медиҳад [1, с. 9]. Ҳалқаи дуюм интиқоли хонаводагӣ ва байнинаслӣ мебошад: ин таҷриба дар шуури Мансур идома ёфта, баъдан фоҷиаи Баҳодур ва ҳолати Ҷовидро ба хотираи муштараки хонавода мепайвандад [1, с. 47–57]. Ҳалқаи сеюм миёнаравии иҷтимоии иттилоот аст: матбаа, рӯзнома ва Фёдор рӯйдоди берун аз муҳити хонаводаро ба дониши Мансур ворид мекунанд [1, с. 30]. Ҳалқаи чорум моддигароии хотира дар ашёи рӯзгор аст: хона, гилем, калоба, ҷома ва дигар предметҳо таҷрибаи таърихиро ба нишонаҳои дидашавандаи талаф ва идомаи зиндагӣ табдил медиҳанд [1, с. 39; 51–53]. Аз ин рӯ, «хотираи таърихӣ» дар ин маҷола на маҷмуи одии ёдҳои персонажҳо, балки натиҷаи пайвастани ёди фардӣ, интиқоли авлодӣ, иттилооти иҷтимоӣ ва нишонаҳои моддии рӯзгор аст.

Дар қисми мавриди таҳлил ривоят аз як нуқтаи назар маҳдуд намемонад ва ҳадди ақал се мавқеи идрокро метавон аз ҳам ҷудо кард. Дар оғози асар ровӣ муҳити хона, дастархон, бемории Меҳрон ва бузкашии Баҳодурро аз берун ташкил мекунад [1, с. 1]; ин ҷо доираи тасвир аз шуури як персонаж маҳдуд нест. Дар саҳнаҳои фирори Мансур, баръакс, масофаи ровӣ коҳиш меёбад.

Баҳодур нигарон мешавад, имкони фирорро месанҷад, худро маломат мекунад, ба дуо рӯ меорад ва то аз ҳоли писараш хабар нагирад, ором шуда наметавонад [1, с. 47-49]. Дар охири қисми дастрас бошад, рӯйдоди мураккаб тавассути уфуқи маҳдуди Ҷовид фишурда мешавад: кӯдак вазъи сиёсиро намешиносад, аммо бемории модар, набудани падар ва зарурати доруро дарк мекунад [1, с. 57]. Муқоисаи ин се мавқеъ нишон медиҳад, ки маънои як воқеа вобаста ба «кӣ онро дарк мекунад» тағйир меёбад.

Муаллиф наздикшавӣ ба шуури персонажро аксаран бо нишонаҳои ошкори «фикр кард», «аз дилаш гузашт», «ба хотираш омад» муайян менамояд. Аз диди нарратологӣ, фарқ

гузоштан байни овози нақлкунанда ва маркази идрок бо мафҳуми фокализатсия тавзеҳ мешавад [24, с. 186].

Мансур қисми муайяни воқеаҳои берун аз муҳити бевоситаи худро тавассути матбуот ва муносибатҳои шахсӣ мешиносад. Ӯ мегӯяд: «Як рафиқи рус дорам, номаш Фёдор, дар матбааи Самарқанд кор мекунад. Гоҳе дар газетаҳо мақола менависад. Аз равиши воқеаҳо омади корро мегӯяд ва ман ба гӯш мегирам» [1, с. 30].

Ин ҷумла роҳи ба персонаж расидани хабарро ошкор менамояд. Воқеа аввал аз матбуот ё Фёдор мегузарад, баъдан ба шуури Мансур ворид мешавад ва танҳо пас аз он дар гуфтугӯ ба дигарон мерасад. Аз ин сабаб, ҳар сухани Мансур дар бораи масъалаҳои сиёсӣ пеш аз ҳама бояд ҳамчун дониш ва фаҳмиши худи ӯ хонда шавад, на ҳамчун ҳукми мутлақи ровӣ. Ҳамин миёнаравӣ ба матн имкон медиҳад, ки воқеа аз чанд мавқеи инсонӣ дида шавад.

Гуфтугӯҳои персонажҳо дар қисматҳои беҳтари роман ба саҳнаи муқоисаи таҷриба ва мавқеъ табдил меёбанд. Мансур ва Ҳоҷӣ Неъмат, масалан, ба як воқеият бо таҷрибаҳои гуногун менигаранд: яке бештар талаф, таҳқир ва нобаробариро эҳсос мекунад, дигаре ба тағйироти моддӣ ва манфиат низ ишора менамояд. Дар чунин мавридҳо истилоҳи одии «гуногунии мавқеъҳо дар диалог» аз «полифония» дақиқтар аст, зеро барои исботи андешаҳо ба маънои махсуси назариявӣ танҳо ҳузури чанд овоз кофӣ нест.

Шакурии Бухороӣ низ ҳангоми баррасии романҳои таърихӣ ба он таваҷҷуҳ мекунад, ки асар метавонад воқеаро аз диди иштироккунандагони замони худ нишон диҳад ва чунин фаҳмиш ҳатман бо арзёбии баъдина яксон нест [2, с. 333]. Ин мушоҳида барои романи мавриди таҳлил низ меъёри муҳим аст. Сухани персонаж бояд пеш аз ҳама ҳамчун бахше аз ҷаҳони маънавӣ ва уфуқи дониши худи ӯ хонда шавад.

Дар рафти тасвири воқеаҳо чанд қабати луғавӣ паҳлуи ҳам амал мекунанд. Калимаҳои «дастархон», «ҷома», «яктаҳ», «гилем», «калоба», «анборхона», «кӯрпа», «оғил» ва «сандалӣ» муҳити рӯзмарраи хонаводагиро месозанд, дар ҳоле ки «газета», «мухторият», «кулак», «кумитаи инқилобӣ» ва «Сибир» бо воқеияти нави иҷтимоӣ ба нутқи персонажҳо ворид мешаванд. Тағйири давра, ҳамин тавр, на танҳо дар сюжет, балки дар таркиби луғавии гуфтор низ эҳсос мегардад.

Фразеология дар фардисозии нутқ нақши ҷиддӣ дорад. Таъбирҳои «домани гиряро сар дод», «кӯҳи андӯҳро бар пуштам ниҳоданд», «миёнамро шикастанд» ва «бе пару болам карданд» эҳсосро ба забони ҷисм ва образҳои мардумӣ мегузаронанд. Дар саҳифаи 38 нутқи русӣ низ бевосита нигоҳ дошта шудааст: «Никогда не уйду! ... и дети мои здесь будут жить...» [1, с. 38]. Ҳамин маврид нишон медиҳад, ки муаллиф дар як саҳна фарқи иҷтимоӣ ва забонии персонажро бо шакли худи нутқ нигоҳ медорад.

Дар тасвирҳои нисбатан ором ҷумлаҳо густурда ва пайвастаанд, аммо ҳангоми тарс, мотам ё баҳс савол, хитоб ва ҷумлаҳои кӯтоҳ зиёд мегарданд. Вақте чӯпон хабари марги Баҳодурро мерасонад - «Баҳодурро зада мекушанд...» [1, с. 51] сухани Мансур ба хитоби пора-пораи «В-о-й! - Во-о-й!» мегузарад [1, с. 51]. Шикастани сохтори ҷумла дар ин ҷо худ як нишондиҳандаи психологӣ мебошад: персонаж дар лаҳзаи зарба қобилияти сухани мураттабро муваққатан аз даст медиҳад.

Дар маҷмӯъ, сабки қисми дастрасро метавон бо чор нишонаи ба ҳам пайваста тавсиф кард: воқеанигории ҷузъиёти маишӣ, фаъолнокии диалог, наздик шудани ривоят ба ҳолати равонии персонаж ва пайдо шудани оҳанги публисистӣ дар бахшҳои сериттилооти сиёсӣ аст.

Паҳлуи дигари қобили таваҷҷуҳ дар ҳамин роман майл ба канорагирӣ аз тасвири комилан якхаттаи воқеият мебошад. Ин хусусият на ҳамчун ҳукми умумӣ дар бораи тамоми роман, балки аз рӯйи гуногунии мавқеъҳои Мансур, Ҳоҷӣ Неъмат, Меҳрон ва дигар персонажҳои ҳузурдошта мушоҳида мешавад. Маводи таърихию иҷтимоӣ вақте қимати бадеӣ пайдо мекунад, ки ба характер, интихоб, тарс, умед ва сарнавишти шахс ворид гардад. Ҳангоми суст шудани ин пайванд оҳанги иттилоотӣ ё публисистӣ қавитар эҳсос мешавад.

Фарохии маводи таърихию иҷтимоӣ дар матни бадеӣ танҳо дар сурате ба арзиши эстетикӣ табдил меёбад, ки бо таҷрибаи персонаж, муҳити зиндагӣ ва сохтори образӣ пайваст шавад. Дар суннати танқиди тоҷик масъалаи таносуби ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати

бадеӣ махсус баррасӣ шудааст; мақолаи Р. Амонов «Ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати зиндагӣ» яке аз чунин манбаъҳои проблемавӣ мебошад [20, с. 42-45]. Дар таҳлили ҳозир ин манбаъ ҳамчун заминаи назариявии масъала истифода мешавад, на ҳамчун далели мустақими матни роман. Далели мустақим аз худи роман гирифта мешавад. Номҳои ашё, шаклҳои муошират, муҳити хона, матбаа, маросим, либос ва дигар ҷузъиёти рӯзгор саҳнаро мушаххас намуда, рӯйдоди таърихиро ба таҷрибаи зиндаи персонажҳо мепайванданд. Бо ин роҳ, баҳси назариявӣ аз як тараф ва хониши матнӣ аз тарафи дигар омехта нашуда, вазифаи ҳар кадом равшан мемонад.

Баҳодур дар оғози роман бо ҷавонӣ, асп, бузкашӣ ва омодагӣ ба тӯй пайванд дорад; ҳамаи ин ҷузъиёт ӯро ба оянда мепайванданд. Аз ҳамин сабаб, марги ӯ танҳо аз байн рафтани як персонаж нест, балки барои хонавода шикастани ояндаест, ки пешакӣ тасаввур шуда буд. Хабар дар бораи ҳалокати ӯ дар саҳифаи 51 меояд: «Баҳодурро зада мекушанд...» [1, с. 51].

Фоҷиа баъдтар тавассути ашёи барои тӯй омодашуда амиқтар эҳсос мешавад. Ҳуҷра, кӯрпаҳо, ҷома ва миёнбанд боқӣ мемонанд, аммо шахсе, ки бояд соҳиби ин зиндагӣ мешуд, дигар барнамегардад. Аз рӯйи ҳамин тартиби сюжет метавон ҷомаи домодиро ҳамчун нишонаи эҳтимолии ояндаи амалинашуда тафсир кард; чунин маъно аз ҳаракати сюжет бармеояд ва набояд ҳамчун рамзи ягонаи пешакӣ таъйиншуда пешниҳод шавад.

Пеш аз саҳнаи дафн ровӣ дарахтони пиреро тасвир мекунад, ки шохаҳояшон шикаста ва танаашон осеб дидааст, вале онҳо боз сабз мешаванд:

«Вале онҳо ба рағми ин ҳама ҷафоҳо рушду нумӯъ мекунанд. Ҳоло боз шохҳояшон сабз шудааст...» [1, с. 52].

Мавқеи ин тасвир дар композитсия бевосита пеш аз дафни Баҳодур имкон медиҳад байни осеб дидан ва идомаи ҳаёт робитаи маъноӣ эҳсос шавад. Бо вуҷуди ин, матн мустақиман намегӯяд, ки дарахт «рамзи авлод» аст; аз ин рӯ, дақиқтар он аст, ки чунин хонданро ҳамчун тафсири эҳтимолӣ ва аз ҷиҳати композиционӣ асоснок пешниҳод намоем, на ҳамчун маънои ягонаи ҳатмӣ.

Сухани Мансур яке аз ҷойҳое мебошад, ки психологизм, фразеология ва синтаксис ҳамзамон кор мекунанд: «Биё Баҳодурам, фарзанди азизам. Биё писари баномусам! Ҷои он ки ту падарро ба қабр монӣ, падари бетолеъат туро ба хок месупорад. Золимҳо ин кӯҳи андӯҳро бар пуштам ниҳоданд. Миёнамро шикастанд, бе пару болам карданд» [1, с. 53].

Такрори «Биё» дар ду ҷумлаи аввал аз лиҳози мантиқӣ парадоксалӣ аст: падар мурдаеро даъват мекунад, ки дигар ҷавоб дода наметавонад ва ҳамин зиддият шиддати мотамро меафзояд. «Фарзанди азизам» муносибати эҳсосиро нишон медиҳад, дар ҳоле ки «писари баномусам» ба арзёбии ахлоқии фарзанд ишора мекунад. Ҷумлаи «Ҷои он ки ту падарро ба қабр монӣ...» тартиби табиии наслҳоро баръакс менамояд ва фоҷиаро аз сатҳи марги як шахс ба сатҳи шикастани интизори муқаррарии зиндагӣ мебарад.

Се образи баъдӣ - «кӯҳи андӯҳ», «миёнамро шикастанд», «бе пару болам карданд» - эҳсоси ботиниро пайдарпай ҷисмонӣ мекунанд: андӯҳ аввал вазн пайдо мекунад, сипас ба шикастани сутуни ҷисм табдил меёбад ва ниҳоят инсонро аз имкони ҳаракат маҳрум месозад. Дар ин ҷо маҷоз танҳо ороиши сухан нест; он тарзи аз сар гузаронидани дардро ба хонанда нишон медиҳад. Маҳз чунин саҳнаҳо мушоҳидаи Шакуриро дар бораи гузаштани таҳқиқи адабӣ аз зоҳири воқеа ба олами ботинии инсон ба таври мушаххас тасдиқ мекунанд [2, с. 312].

Ҷовид рӯйдодҳои мураккаби иҷтимоиро бо истилоҳҳои калонсолон намефаҳмад ва ҳамин маҳдудияти дониш вазифаи эстетикӣ пайдо мекунад: ӯ оқибати воқеаеро мебинад, ки калонсолон онро бо мафҳумҳои сиёсӣ шарҳ медиҳанд. Барои кӯдак силсилаи маъно модар бемор аст, падар нест ва табиб лозим мебошад. Ин тарзи идрок забони бузурги сиёсатро ба сатҳи эҳтиёҷи ҳаррӯзаи инсон бармегардонад.

«Кӯдакро ба хонааш баред. Ба ӯ кордор нашавед... Ба ин пул барои модарат дору мехарӣ» [1, с. 57].

Баъд сардаста худро Александр муаррифӣ мекунад [1, с. 57]. Ин эпизод ба мо иҷозат намедиҳад системаи персонажҳои қисми мавҷударо ба модели якранги «худӣ - бегона»

коҳиш диҳем; ҳадди ақал дар ҳамин саҳна рафтори инфиродӣ барои арзёбии ахлоқӣ аҳаммияти мустақил пайдо мекунад.

Натиҷа. Ҳангоми таҳлили асарҳои дорои маводи таърихӣ сухани персонажро бо далели мустақими таърихшиносӣ омехта кардан дуруст нест. Мансур, Фёдор ё дигар қаҳрамонҳо воқеаро мувофиқи маълумот, тақриба ва ҷаҳонбинии худ нақл мекунанд; чунин сухан пеш аз ҳама барои фаҳмидани характер ва уфуқи маърифати персонаж муҳим аст. Шакурии Бухороӣ ҳангоми баҳс аз романҳои таърихӣ низ таъкид мекунад, ки асар фаҳмиши иштироккунандагони даврои муайянро дар худ нигоҳ медорад ва он фаҳмиш метавонад бо арзёбии баъдина яксон набошад [2, с. 333].

Аз ҳамин сабаб, мақолаи ҳозир маълумоти сиёсию таърихии дар гуфтори қаҳрамонҳо омадаро мустақилона тасдиқ намекунад. Вазифаи он муайян кардани нақши бадеии ҳамин маълумот дар дохили роман мебошад. Ибораҳое чун «дар ривояти роман», «персонаж чунин арзёбӣ мекунад» ва «матн чунин пешниҳод менамояд» барои нигоҳ доштани ҳамин сарҳади методологӣ истифода мешаванд.

Ин асар дар баробари саҳнаҳои пуркуввати психологӣ бахшҳое дорад, ки дар онҳо ҳаҷми маълумоти сиёсӣ зиёд мешавад ва персонаж муддати нисбатан тӯлонӣ номи гурӯҳҳо, ҷараёнҳо ва воқеаҳоро шарҳ медиҳад. Суҳбати Мансур дар бораи Фёдор ва масъалаҳои сиёсии замон намунаи чунин тамоюл мебошад [1, с. 30-31].

Ин ҳолатро ҳамчун нуқсони мутлақ арзёбӣ кардан дуруст нест, зеро романи дорои заминаи таърихӣ ба иттилоот ниёз дорад. Меъёр таносуб аст: ҳар қадар маълумот ба қарор, тарс, умед ё тағйири муносибати персонаж пайваст шавад, ҳамон андоза табиитар ба сохтори бадеӣ дохил мегардад; вақте ин робита заиф мешавад, оҳанги публисистӣ бештар эҳсос мешавад. Шакурӣ дар баҳси «насри андеша» низ ба густариши ҷустуҷӯи ҳақиқат, таҳқиқи ахлоқ ва фаъолияти андешаи персонаж таваҷҷуҳ мекунад [2, с. 428–430].

Муҳокима. Бо вуҷуди ҳузури бахшҳои сериттилоот, ҳамин қисмати роман дорои силсилаи персонажҳои ба ҳам вобаста, ҳаракати сюжетӣ, саҳнаҳои муколамавӣ ва низоми образофарист. Аз ин рӯ, маълумоти иҷтимоию сиёсӣ дар қисматҳои муваффақ ба воситаи сарнавишт ва шуури персонажҳо аз нав коркард мешавад. Ин мушоҳида барои тасдиқи сохтори куллии жанри роман кофӣ нест, зеро маҳдудаи мақола имконият намедиҳад. Меъёри асосӣ дар ин ҷо на миқдори санад ва хабар, балки дараҷаи ба характер, саҳна ва муносибати персонажҳо табдил ёфтани онҳост.

Дар ҳамин маврид мулоҳизаҳои А. Кучаров дар бораи таносуби воқеият ва бадеият аҳаммияти методологӣ доранд: муҳаққиқ вобастагии ҳақиқати бадеиро аз заминаи воқеӣ ва зарурати коркарди эстетикии воқеият таъкид мекунад [21, с. 61; 80]. Дар мақолаи ҳозир ин андеша ба шакли меъёр истифода мешавад: ҳақиқати воқеӣ заминаи рӯйдод ва муҳитро фароҳам меорад, ҳақиқати бадеӣ бошад, тавассути нуқтаи назар, характер, муколама, ҷузъиёти рӯзгор ва ташкили композиционӣ ба вуҷуд меояд. Бо чунин тафовут иқтибоси назариявӣ аз ҳукми мутлақ ҷудо гардида, ба вазифаи таҳлилӣ табдил меёбад.

Хулоса

Таҳлили романи Мирзо Саидзода «Оташ дар хонаи қадим» нишон медиҳад, ки маънои таърихӣ дар насри бадеӣ танҳо аз фаровонии воқеа, сана ва маълумот ба вуҷуд намеояд; он вақте хусусияти эстетикӣ касб мекунад, ки рӯйдоди умумӣ аз чорчӯбаи иҷтимоии иттилоот гузашта, дар нуқтаи назар, тақрибаи персонаж, фазои хона, муносибатҳои байнинаслӣ ва ҷузъиёти рӯзгор ҷой гирад. Аз ин мавқеъ, хотираи таърихӣ дар корпус на ба ҳамаи ёдҳои персонажҳо баробар аст, балки натиҷаи пайвастани хотираи шахсӣ бо интиқоли хонаводагӣ, миёнаравии иҷтимоӣ ва нишонаҳои моддии гузашта мебошад. «Сарнавишти инсон» низ дар ҳамин раванд мушаххас мешавад, таърих барои Меҳрон ба бозандешии тақриба, барои Мансур ба қарор ва изтироб, барои Баҳодур ба ояндаи қатъшуда, барои Бибигул ба талафи фазои зиндагӣ ва барои Ҷовид ба идроки маҳдуди кӯдакона табдил меёбад.

АДАБИЁТ

1. Саидзода М. (Мирзо Саидзода). Оташ дар ханаи қадим [Матн] / М. Саидзода. Ҷилди аввал. –Душанбе: Бухоро, 2018. -544 с.

2. Шакурии Бухороӣ М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2006. – 455 с.
3. Шукуров М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 272 с.
4. Шукуров М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 566 с.
5. Шарифов Х. Назарияи наср. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 319 с.
6. Улуғзода С. Ҳақиқати асар ва танқиди он / С. Улуғзода // Маориф ва маданият. – 1977. – 13 январ. – С. 2.
10. Солеҳов Ш. Роман дар адабиёти тоҷикии қарни XX: масъалаи ташаккули жанр. – Душанбе: Дониш, 2011. – 331 с.
11. Имомов М. Маънавият ва нақши зоҳир. – Душанбе: Адиб, 2000. – 186 с.
12. Имомов М. Тафаккури бадеӣ ва поэтикаи насри Айнӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 412 с.
13. Имомов М. Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 427 с.
14. Имомов М. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 120 с.
15. Раҳмонов А. Маърифати замон. – Душанбе: Адиб, 1995. – 112 с.
16. Раҳмонов А. Назария ва сайри таърихии устурасозии форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1999. – 220 с.
17. Раҳмонов Ш. Нависандаи ҳақиқатнигор // Адабиёт ва санъат. – 2021. – № 12. – С. 5.
18. Салимов Н. Маърифати бадеии таърих / Н. Салимов. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1997. – 174 с.
19. Раҷабӣ М. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ: асосҳои назариявию эстетикии адабиёти тоҷикии марҳалаи якуми шӯравӣ (солҳои 1920–1954) / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Адиб, 1997. – 207 с.
20. Амонов Р. Ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати зиндагӣ / Р. Амонов // Садои Шарқ. – 1973. – № 7. – С. 42–45.
21. Кучаров А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик / А. Кучаров. – Душанбе: Маориф, 1994. – 144 с.

***Маълумот дар бораи муаллиф**: Бузургзода Фазлиддин Ҳукматулло – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: (+992) 100334550, E-mail: Fazliddin@mail.ru*

***Информация об авторе:** Бузургзода Фазлиддин Хукматулло — старший преподаватель кафедры теории и истории литературы Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспектРудаки, 17. Тел.: (+992) 100334550 E-mail: Fazliddin@mail.ru*

***Information about the author**: Buzurgzoda Fazliddin Hukmatullo— Senior Lecturer at the Department of Theory and History of Literature, Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulugzoda. Address: 17 Rudaki Avenue, Dushanbe 734025, Tajikistan. Tel.: (+992) 100334550 E-mail: Fazliddin@mail.ru*

ТДУ 821.222.8-31.09:398.33(=222.8)

БОЗТОБИ ҶАШНИ ЯЛДО (ШАБИ ЧИЛЛА), МАРОСИМИ ХИРМАНКӮБӢ ВА МАХСУСИЯТҲОИ МАРДУМИИ ОН ДАР ОСОРИ ГУЛРУХСОР

Зайдуллозода Саида Зайдулло
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар мақолаи мазкур бозтоби ҷашни Ялдо (шаби чилла), маросими хирманкӯбӣ ва махсусиятҳои он дар осори Гулрухсор мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд кардааст, ки дар таърихи адабиёти тоҷик масъалаи инъикоси махсусиятҳои ҷашни Ялдо ва маросими хирманкубӣ дар осори адибон ҷойгоҳи алоҳида дорад. Ба ин маънӣ бозтоби ҷашну маросими мазкур дар эҷодиёти шоирону нависандагон солҳои охир хеле таваҷҷуҳбарангез аст, зеро махсусияти мардумии ҷашни Ялдо ва маросими Хирманкӯбӣ, натанҳо, масъалаи таҳқиқи фолклоршиносон, балки аз паҳлӯҳои вижжаи адабиёти гуфториву навиштор маҳсуб меёбад. Бояд гуфт, ки тараннуми Ялдо ва вижагиҳои он дар ашъори Гулрухсор гуногунпаҳлӯ буда, инъикоскунандаи мавзуъҳои мухталиф, аз қабили ишқу навмедӣ, интизориву ҳичрон, иҷтимоиву шарҳиҳолӣ, тавсифу бузургдошти хирадмандон ба шумор меравад. Дар ин росто маросими хирманкӯбӣ низ яке аз чорабиниҳоест, ки то кунун дар байни халқ ҷойгоҳи хоса дорад. Дар осори Гулрухсор, хусусан, дар "Занони Сабзбаҳор", натанҳо, вижжагиҳои маросим инъикос шудааст, балки дар ҷараёни баргузории он матни суруду аскияҳои ҷолибе мушоҳида мешавад.

Калидвожаҳо: адабиёти гуфторӣ, адабиёти навиштор, шоир, адиб, тафаккур, ҷашни Ялдо (шаби Чилла), маросими хирманкӯбӣ эҷодиёт, адабиётшиносӣ, таҳқиқ, муҳаққиқ.

ОТРАЖЕНИЕ ПРАЗДНИКА САМЫЙ ДЛИННОЙ НОЧИ ЗИМЫ (ЯЛДО (ШАБИ ЧИЛЛА)), ОБРЯДА ОБМОЛОТ ЗЕРНА (ХИРМАНКУБӢ) И ЕГО НАРОДНЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ В ТВОРЧЕСТВЕ ГУЛРУХСОР

В данной статье рассматривается отражение праздника Ялдо (шаби Чилла), который в народной традиции связан с ночью зимнего солнцестояния и воспринимается как начало сорокадневного зимнего периода, а также обряда хирманкубӣ - традиционного земледельческого ритуала, связанного с коллективным обмолотом зерна и сопровождаемого песнями, устными диалогами и элементами народного творчества, - в произведениях Гулрухсор. В частности, автор отмечает, что в истории таджикской литературы проблема художественного осмысления праздника Ялдо и обряда хирманкубӣ в творчестве поэтов и писателей занимает особое место. Следует подчеркнуть, что воспевание Ялдо и связанных с ним народных представлений в поэзии Гулрухсор носит многогранный характер и отражает различные тематические пласты, включая мотивы любви и надежды, ожидания и разлуки, социальные переживания и лирическое самовыражение, а также художественное прославление мудрых и духовно значимых личностей. В этом контексте обряд хирманкубӣ также выступает как важный элемент традиционной культуры, сохраняющий особое значение в народной среде до настоящего времени. В произведениях Гулрухсор, в частности в поэме «Женщины Сабзбахора», отражены не только структурные особенности самого обряда, но и зафиксированы тексты песен и аския, представляющих собой импровизационные диалогические формы устного народного творчества, сопровождающие процесс проведения обряда.

Ключевые слова: устная словесность, письменная литература, поэт, писатель, мышление, праздник Ялдо (шаби Чилла), обряд хирманкуби, творчество, литературоведение, исследование, исследователь.

REFLECTION OF THE FESTIVAL OF THE LONGEST NIGHT OF WINTER (YALDO (SHABI CHILLA)), THE RITUAL OF GRAIN THRESHING (KHIRMANKUBĪ), AND THEIR FOLK FEATURES IN THE WORKS OF GULRUKHSOR

This article examines the reflection of the **Yaldo** (Shabi Chilla) festival, which in folk tradition is associated with the winter solstice night and perceived as the beginning of the forty-day winter period, as well as the **Khirmankubī** ritual—a traditional agricultural ceremony linked to the collective

threshing of grain and accompanied by songs, oral dialogues, and elements of folk art—in the works of Gulrukhsor. In particular, the author notes that in the history of Tajik literature, the problem of the artistic interpretation of the Yaldo festival and the Khirmankubī ritual in the works of poets and writers occupies a special place. It should be emphasized that the celebration of Yaldo and the popular beliefs associated with it in Gulrukhsor's poetry are multifaceted and reflect various thematic layers, including motifs of love and hope, anticipation and separation, social experiences, and lyrical self-expression, as well as the artistic glorification of wise and spiritually significant individuals. In this context, the Khirmankubī ritual also acts as an important element of traditional culture, which retains special significance among the people to this day.

In Gulrukhsor's works, particularly in the poem "Women of Sabzbahor," not only the structural features of the ritual itself are reflected, but also the texts of the songs and *askiya*—which are improvisational dialogic forms of oral folk art accompanying the performance of the ritual—are recorded.

Keywords: *Oral literature, written literature, poet, writer, thinking, Yaldo (Shabi Chilla) festival, Khirmankubī ritual, creative work, literary criticism, research, researcher.*

Муқаддима

Яке аз мавзуъҳое, ки дар таърихи адабиёти тоҷик ҷойгоҳи алоҳида дорад, инъикоси ҷашну маросимҳои миллӣ дар осори адибон мебошад. Ба ин маънӣ бозтоби ҷашни Ялдо ва маросими Хирманкӯбӣ дар эҷодиёти шоирону нависандагон солҳои охир хеле таваҷҷуҳбарангез аст, зеро махсусияти мардумии ҷашни Ялдо ва маросими Хирманкӯбӣ, натанҳо, доираи таҳқиқи фолклоршиносон, балки аз масъалаҳои вижжаи адабиёти гуфториву навишторӣ маҳсуб меёбад. Бояд гуфт, ки Шаби Ялдо (шаби чилла) - дар фарҳанги мардуми ориё, аз ҷумла, тоҷикон ҷойгоҳи хоса дорад. Ин шабро дар байни мардуми тоҷик аз гузашта то имрӯз шаби чилла низ мегӯянд. Шаби Ялдо (شب یلدا), Шаби Чилла (شب چله) - дарозтарин шаби аввали моҳи Дай, ҷашни қадимии мардумони ориёӣ мебошад, ки ба муносибати зодрӯзи эзади Меҳр ё худ Митра бо вижагиҳои махсус таҷлил мешуд. Мувофиқи тақвими эронӣ шаби 30-юми моҳи Озар, яъне, 22 декабр, рӯзи таваллуди Меҳр мебошад, зеро аз ҳамин вақт сар карда, рӯзҳо дарозтар ва тобиши офтоб бештар мегардад. Шаби Ялдоро инқилоби зимистонаи Офтоб низ мегӯянд. Мутобиқи илми кайҳоншиносӣ, ё худ астрономия дар ин вақт офтоб аз нуқтаи ҷанубтарини эклиптика (бо майли 23027) мегузарад ва рӯзи аз ҳама кӯтоҳу шаби аз ҳама дароз мушоҳида мешавад. Аҷдоди мардуми тоҷик бахшида ба ҳамин сана аз гузашта то имрӯз шабнишиниҳо барпо намуда, анъанаҳои гуногун: оростани хони идона (бо хӯрданиҳои рамзӣ: анору тарбуз ва ғ.), шеърхониву рақсу суруд, дуохониву ҳофизхонӣ ва амсоли инро иҷро мекарданд. Калимаи "ялдо" аз забони суриёнӣ гирифта шуда, маънои таваллуд ё худ "зоиш"-ро дорад. Яъне, дар бовари мардуми бостонӣ маҳз, дар ҳамин шаб хуршед дубора таваллуд шуда, бар зулмат ғолиб меояд. Дар таърихи адабиёти форс-тоҷик калимаи ялдо бештар зимни инъикоси мавзӯъҳои ишқу умед, яъсу навмедӣ ва тараннуми мӯи сиёҳу дарози маъшуқа истифода шудааст.

Маваод ва методҳо

Дар осори адибони муосири тоҷик низ калимаи ялдо барои ибрози мавзӯъҳои зикршуда зиёд истифода гардидааст. Дар абёти шоири халқии тоҷик - Гулрухсор калимаи мазкур зимни инъикоси мавзӯи ишқу интизорӣ ва хатми ноумедӣ чунин ба назар мерасад:

Дуруди шамс падруди қамар шуд,
Ҷазои васли ҳиҷрон мухтасар шуд.
Худо шоҳид, бо чӣ оҳу оҳанг,
Шаби Ялдои ман бе ту саҳар шуд [ниг: ба гуруҳи расмии "Гулрухсор" дар шабакаи "Facebook"].

Натиҷа

Муҳимтарин хусусияти ҷашни Ялдо - зуҳури Меҳр, бо ҳикмати нурофару умедбахши хуршед тавъам аст. Ва бинобар ин, маҳз, барои инъикоси азамату бузургии хуршед (Меҳр, Митро) аҷдоди мо ба рушноиву гармӣ, ки такконбахши ҳаётанд, таваҷҷуҳ доштанд. Ороиши хони идонаи Ялдо низ ҳамин вижагиро инъикос мекунад. Чунончи, дар ин маврид муҳаққиқи

тоҷик Равшан Раҳмонӣ чунин иброз кардааст: “Дар он шаби дарозтарин одамон хонаҳои худро равшан нигоҳ медоштанд ва то субҳ бедор мемонданд. Дар дастархони худ нонҳои гирдаи мисли хуршед, анор, себ, тарбуз ва дигар меваҳои сурхранг мегузоштанд, ки ҳамранги хуршед аст”(5, с. 114). Ба ин маънӣ дар осори Гулрухсор ишораҳои зиёде ба хуршед, нуру рушноӣ ва ҳамзамон, шаби Ялдо (сиёҳии шаб) мушоҳида мешавад. Чунончи, дар мисраъҳои зерин, ки ғурури ватандор суруда шудааст, ишораҳои ҷолиб ба шаби сиёҳи Ялдо ва нури хуршед ба назар мерасад:

Қасам ба чашмаҳои Яхч,
Ки оби дидаи мананд,
Ба ахгари ситораҳо,
Ки сӯзи чидаи мананд.
Ватан!
Чӣ бок, гар сияҳдиле,
Ба нури ту нигаҳ накард,
Туро шаби сиёҳ ҳам,
Ба чашми ман сияҳ накард [2, с.5].

Бояд гуфт, ки вобаста ба пайдоиши Шаби Ялдо дар байни мардум аз гузашта то имрӯз ривоятҳои гуногун мавҷуд аст. Яке аз ривоятҳои маъмулу маъруф дар шаби дарозтарини зимистон зода шудани хуршед ва чиҳил рӯз дар ғор чилланишинӣ карданӣ он аст, ки дар ниҳоят баъди чилрӯза шудан ва аз ғор баромаданаш ҷашни Сада фаро мерасад. Дар мавриди ин ривоят ва раванди иттифоқ афтодани он муҳаққиқи фолклоршинос Саъдӣ Қосимӣ чунин гуфтааст: “Дар ҳамон шаби чилла нерӯҳои аҳриманӣ кӯшиш менамоянд, ки ба зода шудани хуршед халал расонанд. Ба ин далел дар шаби дарозтарин, дар он шаби таваллуди хуршед мардум то субҳ бедор мемонданд, то нерӯҳои аҳриманӣ ба зода шудани хуршед халал нарасонанд”(7, с.88). Гулрухсор ба ин маънӣ дар ашъораш ишораҳои ҷолибе дорад. Чунончи, дар мисраъҳои баъдӣ шоир раванди зода шудани хуршедро, яъне, “Аз бачадони аждари зулмат” раҳо шудани хуршедро чунин ба риштаи тасвир кашидааст:

“Эй қотилони нур,
Шабзодаҳои кӯр,
Ё шоми тиратар аз ин шаб ихтиро кунед,
Ё субҳро, ки кӯдаки хуршеди мурдааст,
Аз бачадони аждари зулмат раҳо кунед!” [ниг: ба гуруҳи расмии “Гулрухсор” дар шабакаи “Facebook”].

Яке аз вижжагиҳои шаби Ялдо ё худ шаби Чилла ба тоату ибодат машғул шудан ва дуохонӣ кардани мардум аст, ки аз замонҳои қадим то имрӯз иҷро мешавад. Дар ашъори Гулрухсор ба ҳамин махсусияти шаби Ялдо ишораҳои ҷолиб мушоҳида мешаванд. Чунончи, дар шеъри “Шаби Ялдо” шоир дар партави мавзуи иҷтимоӣ бо инъикоси анъанаи дуохониву ибодат ғояҳои умедвориву ояндасозиро хеле зебову орифона тараннум кардааст:

То кадомин давру даврон
Рӯҳи саргардону хору саркашам,
Сар ба пойи тории зулмат сутуда,
Бар худои офтоби абрхӯрда, мурда-мурда,
Ҳар шаби Ялдо ибобат мекунад?!
То ба кай пир умеди ноумедам
Бо забони раъду тӯфон
Қисмати дунпарвари фарзонакушро
Васфу таҳқиру ҳақорат мекунад?! [1, с.201]

Дар ашъори Гулрухсор Ялдо ва махсусиятҳои он зимни бозтоби мавзуъҳои гуногун таҷассум шудааст. Масалан, шоир зимни тавсифи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар шеъри “Шамс Мавлоност, Мавлоност Шамс” мавлонои бузургро “хуршед” ё худ “ахгар”-и шаби Ялдо гуфтааст. Ҳамчунин, ишораи ҷолибе ба яке аз анъанаҳои шаби Ялдо: фурӯзон кардани шамъ аз сари шаб то субҳ мушоҳида мешавад. Чунончи:

Лаъмаи нур аст аз кайҳони дур,
Ашки хушки дидаи саҳрост, Шамс,
Аз забони дуд оташ мекашад,
Ахгарафрӯзи шаби Ялдост, Шамс... [ниг: ба гуруҳи расмии “Гулрухсор” дар шабакаи “Facebook”].

Дар ашъори Гулрухсор гоҳо мавзӯъҳои иҷтимоиву шарҳиҳолӣ тобиши ҳикматҳои шаби Ялдо ва таваллуди Меҳрро инъикос мекунанд. Масалан, дар ғазале, ки оҳанги яъсу навмедиву шикоят мушоҳида мешавад, шоир ба шаби дарози тор (Ялдо) ишора намуда, интизорияшро дар фироқи хуршед (на нур, на нор) ба мавзуи иҷтимоӣ омехта кардааст. Ҳамчунин, бо истифодаи калимаи “меҳр” (Аз меҳр ба ҷуз ҳақоратам нест...) маҳорати думаънопардозии шоир (иҳом): меҳр - муҳаббату шафқати ёрон; меҳр - хуршеди тавлиднашудаи Ялдо ба назар мерасад. Чунончи:

... На нур, на нор, дар шаби тор
Аз аҳли зиё ишоратам нест.
Дар Меҳани хештан ғарибам,
Аз меҳр ба ҷуз ҳақоратам нест [ниг: ба гуруҳи расмии “Гулрухсор” дар шабакаи “Facebook”].

Муҳокима

Дар раванди ташаккули анъанаҳои мавсимии мардумӣ маросими Хирманкӯбиву ғалладаравӣ низ мавқеи алоҳида дорад. Аз гузашта то имрӯз халқи тоҷик аксари корҳои заминдориро бо усули ҳашар иҷро мекарданд, ки дар ин миён баргузории маросими хирманкӯбиву дарав барои муҳаққиқон хеле таваҷҷуҳбарангез аст. Ҳангоми иҷрои ин маросим мардум худро бо сурудхониву латифагӯӣ саргарм мекарданд, то ки заҳмати сангини кори саҳроро сабукӣ бахшанд. Дар ин маврид муҳаққиқи тоҷик Равшан Раҳмонӣ чунин гуфтааст: “То ба имрӯз дар баъзе рустоҳо ба таври ҳашар иҷро намудани дарав ва хирманкӯбӣ боқӣ мондааст. Дар раванди ин кор низ намунаҳои жанрҳои фолклорӣ истифода мешуданд. Аз ҷумла, аз тариқи аскиягӯӣ бо ҳамдигар шӯхӣ кардан, ҳангоми дамгирӣ нақлу ривоят гуфтан, латифагӯӣ кардан равиши корро сабук сохта, ба мардум ғизои маънавӣ мебахшид” (5, с.175). Ба ин маънӣ маросими мазкур ва махсусиятҳои он на танҳо мардумшиносонро ҷалб намудааст, балки матнҳои дар ҷараёни ташкили маросим бавуҷудомада барои адабиётшинос низ таваҷҷуҳбарангез маҳсуб меёбад. Дар ҷараёни баргузории маросими хирманкӯбӣ, воқеан, намунаи жанрҳои гуногуни халқӣ ба вуҷуд омадаанд, ки маъмултаринашон суруд мебошад. Сурудҳоеро, ки дар раванди ташкили маросим мехонданд, метавон ба ду гуруҳ тақсим кард.

1. Сурудҳое, ки даравгарону хирманкӯбон аз сарояндагон омӯхтаанд.
2. Сурудҳое, ки дар ҷараёни дарав бадоҳатан эҷод гардида, дар онҳо ҷараёни кор тасвир шудааст.

Дар ин росто, аз ҷониби муҳаққиқон дар байни мардум, аслан, сурудҳои “Ман доғ”, “Майдаё, майдаё”, “Майда, майда ҳӯп” ва амсоли ин мушоҳида гардидааст. Сурудҳои зикршуда дар минтақаҳои Тоҷикистон бо усулҳои яккахониву умумихонӣ сароида шудаанд. Масалан, дар мавриди тарзи сароидани суруди “Ман доғ” дар минтақаи Кӯлоб муҳаққиқи тоҷик Саъдӣ Қосимӣ чунин гуфтааст: “Дар Кӯлоб бандҳои ҷудогонаи сурудро як нафар яккахон ё гурӯҳе месароиданд, онҳоро “сармандоғгӯйҳо” мегуфтанд. Он касоне, ки бандҳои аслии сурудро месароиданд, “дастаи мандоғгӯҳо” буданд”(7, с. 84). Ба ин маънӣ, дар китоби “Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб” намунаи суруди мазкур чунин оварда шудааст:

Сармандоғгӯйҳо:
Ҳе, алло, ёре, ман доғам, ё дӯст!!!
Дастаи мандоғгӯйҳо:
Ҳе, алло, ёре, ман доғам, ё дӯст!!!
Сармандоғгӯйҳо:
Гандумаки худрӯӣ дарав мекардуме, ман доғам, ё дӯст!
Дастаи мандоғгӯйҳо:

Ҳе, алло, ёре, ман доғам, ё дӯст!!!”[11, с. 171-172]

Бояд гуфт, ки инъикоси маросими мазкур ва вижагиҳои он аслан, дар осори адибони муосири тоҷик бештар мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, адиби халқии тоҷик - Гулрухсор дар осори худ тавонистааст, махсусиятҳои маросими хирманкӯбиро бо инъикоси фазилатҳои мардумӣ хеле мушоҳидакорона тараннум намояд. Аз ҷумла, дар шеъри “Табли шикоф” маҳз, бо истифодаи калимоти “ман доғе доғ...” чунин оварда шудааст:

Табболи мо чун табли худ овобаланду холӣ аст,
Арғушти ман парвоз? Не! Беболӣ аз беҳолӣ аст,
Ман доғе, доғ!
Эй дорбоз,
аз тори дор дунё чӣ ранге доштаст?
Дар ғулаки худ дӯстам тири хаданге доштаст?!
Ман доғе, доғ!... [4, с.174]

Бояд гуфт, ки дар назми Гулрухсор танҳо як ҳолати ишора ба маросими “Хирманкӯбӣ” мушоҳида гардид, аммо дар “Занони Сабзбаҳор” тафсири ҳикматҳои мардумии маросим бештар ва амиқтар ба назар мерасад. Чунончи, дар асар раванди баргузории маросим бо матни суруди махсуси маросимӣ чунин дарҷ ёфтааст:

“Хирманҷо он рӯзҳо корзорро мемонд. Гурӯҳе аз занҳо ғалла бод карда, гурӯҳи дигар сарак мебехтанд. Мӯйсафедон дар ин маърака аз ҷавонҳо, аниқаш, аз ҷавонзанҳо тавонотар буданд. Онҳо натанҳо мондашавиро намедонистанд, балки говҳои палро “бош, бош!” гӯён “Майдаё” мехонданд:

Бедор шудам, ки нола дорад булбул,
Гуфтам: булбуло, чӣ доғ дорӣ дар дил?
Гуфто, ки маро фалак ҷудо кард аз гул
Майдаё, майдаё, майда! [3, с.283]”.

Яке аз махсусиятҳои муҳимтарини маросими хирманкӯбӣ истифодаи барзаговҳо дар заминҳои кишт ба шумор мерафт, ки дар матни сурудҳои маросимӣ зиёд мушоҳида мешавад. Масалан, дар китоби “Фолклори Норак” намунаи дигари сурудҳои маросими хирманкубӣ бо номи “Майдоё” оварда шудааст, ки дар муҳтавои он ба истифодаи чорпоён ишора гардидааст:

Майдо, э майдо, майдо кардӣ, майдо!
Майдо, э майдо, ҷонваронум, майдоё!
Майдо, э майдо, ҳайвононум, майдоё! [10, с. 17]

Дар “Занони Сабзбаҳор” низ ҷараёни баргузории маросим бо истифодаи барзагов мушоҳида мешавад, ки хеле ҷолиб аст. Ҳамчунин, Гулрухсор зимни инъикоси маросим матонату далерӣ ва меҳнатдӯстии бонувони Сабзбаҳорро хеле самимона ба риштаи тасвир кашидааст. Масалан:

“Нозӣ говронаро аз дасти Халифа-бобо, ки пойҳояшро базӯр кашола мекард, маҷбуран гирифт. Гови чашмбаста зарби дасти бегонаро ҳис карда, чаққон шуду занакро саросема кард. Магар давидан ба дилаш зад, ки попархам дар ҷояш истод. Нозӣ гардани ҷонварро меҳрубонона хорумол карда, зӯракӣ ба роҳ даровардан шуд, аммо барзагов гарданшахӣ карда, ҳар тараф сар ҷунбонда, майли хирманкӯбӣ надоштанашро рӯирост менамуд. Чанд говрона хӯрда, гови пал аз давра баромаду аз паяш ғарами пахоли нимкӯфтаро кашола кард. Нозӣ имдодталабона бо нигоҳ он мӯйсафедеро меҷуст, ки гов ба ӯ одат карда буд. Тоқати занак тоқ шуд, ки китфашро таги шиками барзагови якрав гузошт. Говро сӯйи давра чунон тела дод, ки ҳайвон мувозинаташро гум карда, сари зону нишасту ҳаросон ба по рост шуда, чаққон гирди хирман давра кашид”[3, с.284].

Дар асар манзараи бо барзагов сарукор гирифтани Нозӣ ва муборизаҳои ӯ барои анҷоми масъулият таваҷҷуҳи дигар бонувони Сабзбаҳорро ҷалб кардааст. Аз ҷумла, бонувони деҳа, ки дар атроф ҳар кадом бо анҷоми коре машғул буданд, Нозиро назорат карда механдиданд. Дар ҳамин ҳангом байни Нозиву бонувони Сабзбаҳор бадоҳатан, матни аскияе ба вуҷуд омадааст, ки хеле ҷолиб аст. Бояд гуфт, ки дар ҷараёни баргузории маросими хирманкӯбӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон аскияву латифаҳои зиёди халқӣ эҷод шудаанд. “Аския жанри махсуси гуфторӣ

навишторӣ буда, матне аст, ки аз ҷониби ду нафар ё ду гурӯҳ одамони шӯх бо киноя, маҷоз, рамз, тамасхур ба тариқи саволу ҷавоб сурат мегирад. Аския аз вожаи “закӣ”-и арабӣ гирифта шуда, ҷамъи он азкиё аст. Маънои закӣ шахси заковатманд, тезтабъ, ҳушманд, ҳушёр, ва зирак мебошад” (9, с.431) Чунончи, матни аскияе дар асари “Занони Сабзбаҳор” чунин ба қалам дода шудааст:

“- Мушт не, санги осиёб - гуфт яке.

- Бечора бригадир хайрият он вақт ҷон ба ҳақ насупорид,
- ҷавоб дод дигаре. - Дар муштат садқа, Нозӣ! Ӯро таъриф кард Марҷон, ки аз ҳама баландтар механдид.
- Худо ҳунаратро нагирад, гови колхоз ҳаром мемурд, чӣ кор мекардем? - механдид Аслия.
- Дар ин замони қаҳтӣ як гов ба хироҷи як мамлакат меарзад, тавонашро аз куҷо медиҳам? - илова кард Хосият.
- Хандед, хандед, шумо ғайри хандидан чӣ ҳунар доред?
- гуфт Нозӣ, ки хандаи мардум ба ӯ нафорида буд” [3, с.284].

Бояд гуфт, ки дар таърихи фарҳанги гуфторӣ аскияҳо, агарчӣ камтаҳқиқанд, аммо дар байни халқ бисёр мушоҳида мешаванд. Хусусан, зимни ташкилу баргузории маъракаву ҷамъомадҳои халқӣ дар байни мардум гоҳо суҳбатҳои оддӣ ба матни аския табдил меёбанд, ки хеле ҷолибанд. Ба ин маънӣ, дар асари “Занони Сабзбаҳор” низ зимни ба миён омадани суҳбати оддии занон ба таври бадоҳатан матни аския хеле табиӣ ба вуҷуд омадааст.

Хулоса

Шоири халқии тоҷик Гулрухсор дар осори пурғановати худ на танҳо, оину маросимҳои Садаву Наврӯз ва Тиргону Меҳргонро таҷассум кардааст, балки анъанаву маросимҳои мардумии шаби Ялдо (шаби чилла)-ро низ бо маҳорати хоса тасвир намудааст. Тараннуми Ялдо ва вижагиҳои он дар ашъори Гулрухсор гуногунпаҳлӯ буда, инъикоскунандаи мавзуъҳои мухталиф, аз қабили ишқу навмедӣ, интизориву ҳичрон, иҷтимоиву шарҳиҳолӣ, тавсифу бузургдошти хирадмандон ба шумор меравад. Дар ин росто, бояд гуфт, ки маросими хирманкӯбӣ, воқеан, яке аз чорабиниҳоест, ки то кунун дар байни халқ ҷойгоҳи хоса дорад. Дар осори Гулрухсор, хусусан, дар “Занони Сабзбаҳор”, натанҳо, вижагиҳои маросим инъикос шудааст, балки дар ҷараёни баргузории он матни суруду аскияҳои ҷолибе ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки таърихи адабиёти тоҷик аз замони бостон то кунун дар ду шоха: адабиёти гуфторӣ ва адабиёти навишторӣ рушд карда, бо қалами адибони касбиву адибони маҳаллӣ фарҳангу маънавиёти милливу мардумӣ барои оламиён муаррифӣ гардидааст. Дар ин росто, беҳтарин суннату анъанаҳои халқӣ ва ҳикматҳои мардумӣ аз миёни мардум кашф гардида, тавассути осори адибон таҷаллӣ ёфтааст. Тавассути адабиётшиносии тоҷик, натанҳо, дар осори адибон ҷашну оинҳои милливу мардумӣ кашф шудааст, балки дар матнҳои гуфториву навишторӣ масоили услубиву забонӣ, мазмуну мундариҷа, бадеияту махсусияти ғоявии мавзуъҳои халқӣ таҳқиқ гардидааст. Масъалаи инъикоси ҷашнҳои миллӣ, аз қабили Шаби Ялдо ва маросими хирманкӯбӣ дар осори адибон ҳанӯз камтаҳқиқ буда, умед аст, ки дар оянда мавзуи мазкур ҳамаҷониба таҳқиқ хоҳад шуд.

АДАБИЁТ

1. Гулрухсор. Девон: Девони ишқу ханда. - Душанбе: Пайванд, 2006. - 958 с.
2. Гулрухсор. Ихлос. - Душанбе: Маориф, 1981. - 132с.
3. Гулрухсор. Занони Сабзбаҳор. - Душанбе: Адиб, 2019. - 432с.
4. Гулрухсор. Шӯъла дар санг. Душанбе: Адиб, 2011. - 384 с.
5. Раҳмонӣ, Р. Фолклори тоҷикон: дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ [Матн] / Р.Раҳмонӣ. - Душанбе: ДМТ, 2021. - 544 с.
6. Раҳмонӣ Р., Қосимӣ С. Адабиёти гуфтории тоҷикон (Фоклори тоҷик, Дастури таълимӣ) [Матн] / Р. Раҳмонӣ, С. Қосимӣ. - Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. - 352 с.
7. Қосимӣ, С. А. Мулоҳизаҳо андар боби адабиёти шифоҳӣ ва хаттӣ [Матн] / С. Қосимӣ. - Душанбе: Ирфон, 2020. - 396 с.

8. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн] / Зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. Нашриёти Советская энциклопедия. - Ҷилди 1. 1969. - 951 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн] / Зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. Нашриёти Советская энциклопедия. - Ҷилди 2. - Москва, 1969. - 951 с.
10. Фолклори Норак [Матн] / Тартибдиҳанда: С. Маҳдиев / Ҷамъкунандагон ва ба чоп тайёркунандагон: С. Маҳдиев, Қ. Ҳисомов, Р. Аҳмадов, Г. Раҳматова. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - 316 с.
11. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб [Матн] / Тартибдиҳанда: Р. Амонов / Нашри дуюм бо ислоҳ ва иловаҳои Ф. Муродов. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - 252 с.

***Маълумот дар бораи муаллиф**: Зайдуллозода Саида Зайдулло, н.и.ф., дотсенти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ. тел: 988.08.82.45; mail: zikaeva_1982@mail.ru*

***Информация об авторе:** Зайдуллозода Саида Зайдулло, кандидат филологических наук, доцент факультета таджикской филологии ТГПУ имени С. Айни. тел: контактный номер; e-mail: zikaeva_1982@mail.ru*

***Information about the author:** Zaidullozoda Saida Zaidullo, PhD in Philology, Associate Professor at the Faculty of Tajik Philology of the S. Ayni Tajik State Pedagogical University. Phone: (Contact Number); e-mail: zikaeva_1982@mail.ru*

ТДУ-81

ИФОДАҲОИ ГУНОГУНИ МАФҲУМИ «МАРГ» ДАР АШЪОРИ САЙФУДДИНИ ИСФАРАНГӢ

Илҳомзода Хушбахт Илҳом
Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд

Дар мақола доир ба ифодаҳои гуногуни калимаи «марг», ки аз ҷониби Сайфуддини Исфарангӣ сурат гирифтааст, маълумот дода шудааст. Суханвар яке аз намояндагони маълуму машҳури асри XIII буда, ин мафҳумро бо калимаҳо ва аносири дигари забонӣ ифода кардааст. Аз ин рӯ, ҳадафи меҳварии мақолаи мазкур маҳз ба таҳқиқ ва ошкор кардани муродифот ва шеваи баёни шоир пайванд гирифтааст. Бо калимаҳои гуногуни ҳаммаъно ифода кардани айни як мафҳум фазои ҷадиде меофаринад ва метавон онро гунаҳое аз офариниши адабӣ маҳсуб кард. Равишҳои эҷоди муродифот метавонад ба халлоқияти тафаккури суханвар бастагӣ дошта бошад. Ба доираи таҳқиқ кашидани забони осори алоҳидаи суханварон ва хосса классикон, ба ошкор кардани раванди тадриҷии тағйирёбии таркиби луғавии забон мусоидат хоҳад кард.

Муаллиф бар ин назар аст, ки Сайфуддини Исфарангӣ бо калимаҳои баёнгари услуби баланд ва ба коргирии муродифот аз марг сухан мегӯяд. Ӯ барои эҷоди балоғати шеър, дар ифодаи мафҳуми марг, аз калимаҳои аслӣ, иқтибосӣ, ҷонишинҳои ишоратӣ ва ибораву таркибҳои феълӣ истифода кардааст.

Калидвожаҳо: *Сайфуддини Исфарангӣ, ашъор, мафҳуми «марг», муродифот, маъно, калима, услуби баланд, дуруштвожа.*

РАЗЛИЧНЫЕ ВЫРАЖЕНИЯ ПОНЯТИЯ «СМЕРТЬ» В ПОЭЗИИ САЙФУДДИНИ ИСФАРАНГИ

В статье представлена информация о различных способах выражения слова «смерть», использованных в своих работах Сайфуддини Исфаранги. Поэт является одним из известных и признанных представителей XIII века и передаёт данное понятие с помощью различных слов и языковых средств. В связи с этим основная цель статьи заключается в исследовании и выявлении синонимов и особенностей художественного выражения поэта.

Выражение одного и того же понятия различными синонимичными словами создаёт новое художественное пространство и может рассматриваться как одна из форм литературного творчества. Способы создания синонимов связаны с творческим мышлением автора. Привлечение к исследованию языка произведений отдельных поэтов, особенно классиков, способствует выявлению постепенного процесса изменения лексического состава языка.

Автор статьи считает, что Сайфуддини Исфаранги говорит о смерти, используя слова высокого стиля и активно прибегая к синонимии. Для достижения поэтической выразительности при передаче понятия смерти он использует исконные и заимствованные слова, указательные местоимения, а также фразеологические и глагольные конструкции.

Ключевые слова: *Сайфуддини Исфаранги, поэзия, понятие «смерть», синонимы, значение, слово, высокий стиль, архаизм.*

VARIOUS EXPRESSIONS OF THE CONCEPT OF “DEATH” IN THE POETRY OF SAYFUDDINI ISFARANGI

The article provides information about the various expressions of the word “death” used by Sayfuddini Isfarangi. The poet is one of the well-known and prominent representatives of the 13th century, who conveyed this concept through different words and linguistic elements. Therefore, the main objective of the article is to examine and identify the synonyms and stylistic features of the poet’s expression.

Expressing the same concept through different synonymous words creates a new artistic space and can be regarded as a form of literary creativity. The methods of creating synonyms may be

connected to the creative thinking of the poet. Studying the language of individual poets' works, especially classical authors, contributes to revealing the gradual process of change in the lexical composition of the language.

The author believes that Sayfuddini Isfarangi speaks of death using elevated stylistic vocabulary and by employing synonymy. To achieve poetic eloquence in expressing the concept of death, he makes use of native and borrowed words, demonstrative pronouns, as well as phraseological expressions and verbal constructions.

Keywords: *Sayfuddini Isfarangi, poetry, the concept of "death," synonyms, meaning, word, elevated style, archaism*

Муқаддима. Забоншиносон доир ба ифодаи мухталифи айни як мафҳум, ки аз ҷониби суханварон сурат гирифтааст, таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд. Масалан, профессор А.Насриддинов доир ба муродифоти вожаи «Офтоб» ва тарзҳои тулуи он, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба мушоҳида мерасад, диққат додааст [8, с. 80-104]. Бино ба андешаи ӯ, «… гуфтаҳои Зиёпошшо (тасвири тулуи Офтоб дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ – И.Х.) аз рӯйи тахмину такриб ҳам бошанд, комилан дуруст будаанд, балки тасвири сар барзадани хуршеди гетифурӯз аз миқдори таъинкардаи он хеле бештар ба шумор омад» [8, с. 80].

Такрор дар ҳунар ва зебоӣ шинохти писандида аст ва яке аз ҷилваҳои зебоӣ ба шумор меравад. Бояд таваҷҷуҳ кард, ки дар сатҳи калом, бавижа каломи адабӣ, чӣ навъе аз такрор арзиши ҳунариву зебоишиносхтӣ дорад ва чӣ навъе ба балоғат осеб мерасонад ва боиси сустӣ ва нозебоии калом мешавад. Аз ин рӯ, такрори як вожа ба як маъно дар байт ё ду ҷумлаи пайдарпай барои мухотаб малоловар ва барои суханвар низ нишонаи заъф аст. Маҳз бо назардошти ҳамин, пеш аз Сайфуддини Исфарангӣ низ, суханварон кӯшиш мекардаанд то матлаби хешро дар қолабҳои дуруст ва бо тарзи қобили мулоҳиза ироа карда бошанд.

Тибқи мушоҳида ва омори профессор А.Ҳасанзода муродифоти калимаи «Худо» дар сарчашмаҳои манзуму мансур зиёда аз сесаду панҷоҳто будааст. Муҳаққиқи мазкур пас аз таҳлилу баррасӣ ба чунин хулоса мерасад: «... дар манобеи адабиву таърихӣ ва адабиёти мазҳабии тоҷикӣ тавассути садҳо калимаи эрониасл ва вомвожаҳои арабӣ, инчунин ибороти дар қолабҳои наҳвии суннатии тоҷикӣ ва арабӣ бунёдёфта ифода гардидани мафҳуми *Худо* аз мақому волои забони тоҷикии асримиёнагӣ дарак дода, баёнгари густариши доираи амалкарди ин забон аст» [14, с. 98].

Айни ҳамин масъала диққати забоншиносон М. Олимҷонов ва А.Толибовро низ ба худ ҷалб кардааст [9, с. 229; 11, с. 106].

Маводҳо ва методҳо. Маводди фактологии мақолаи мазкур дар заминаи «Девон»-и Сайфуддини Исфарангӣ сурат гирифта, дар он аз усулҳои чандомад, муқоиса ва тасвирӣ истифода карда шудааст.

Муҳокима. Мо низ ба чунин шеваи тадқиқ рағбат зоҳир карда, ба усулҳои баёни мафҳуми «марг», ки дар ашъори Сайф бо шеваҳои гуногун баён шудааст, диққат кардем. Марг ин муҳимтарин иттифоқ дар зиндагии инсонҳо маҳсуб меёбад. Тарс аз марг ва кароҳият аз он аслитарин омиле аст, ки боис шудааст инсонҳо ҳатто номи ин падидаро бар забон ҷорӣ насозанд ва бештар вожаҳои ифодакунандаи услуби баландро (таъбири профессор Ҳ.Маҷидов) перомуни ин мавзуъ ба вуҷуд ованд. Аз он ҷо ки сухан гуфтан дар бораи марг душвор аст ва навъе тарс ва нооромиро дар мухотаб ба вуҷуд меоварад, Сайф низ маъмулан аз баёни ин мавзуъ сареҳан сухан намегӯяд. Шунидани калимаи «марг» эҳсоси хушояндӣ барои гӯянда ва мухотаб ба ҳамроҳ надорад. Ба ҳамин далел Сайф аз корбурди вожаи «марг» то ҳадди имкон парҳез мекунад. Аз ин рӯ, мушоҳидаи ашъори суханвар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар аксари мавриди шоир барои баёни мафҳуми «марг» аз калимаҳо ва таркибҳои услуби баланд ба кор мегирад.

Профессор Ҳ.Маҷидов маҳз доир ба ин масъала таваҷҷуҳ карда, чунин гуфтааст: «Мақсад аз ворид намудани мафҳумҳои сабки баланд ва паст дар ин мавриди нишон додани имкониятҳои забонии нутқ аст, ки ба амалиёти беисти шуури соҳибзабонон вобастагӣ дорад. Таассуроти пайваста аз воқеият, олами объективӣ дар шуури инсонӣ ба сурати унсурҳои

ҷудогонаи эҳсосӣ ва иродавӣ такмил ёфта меистанд. Ин унсурҳо дар як маврид дар шакли оҳангҳои ниҳоят баланд ва муаддаб, дар мавриди дигар дар сурати тобишҳои паст, ноҳинҷор зоҳир мешаванд... Вобаста ба он ки дар мундариҷаи калима баробари ифодаи маъноҳои луғавӣ, грамматикӣ, мансубиятҳои услубӣ боз то кадом андоза ҷиҳаҳои баланд ё пасти эҳсосӣ, иродавӣ ва ифоданокӣ таҷассум ёфтаанд, онҳоро мансуби услуби баланд ва ё пасти нигориш ва гуфтор ҳисобидан мумкин аст» [5, с. 165].

Корбурди муродифот далели зиёде метавонад дошта бошад. Инсонҳо ба таври табиӣ ва фитрӣ ба суханони нохушоянд, номатлуб ва баёни ҳаводиси ногувор тамоиле надоранд. Аммо ин мавридҳо бахше аз зиндагии инсонҳост ва гоҳ зикри он зарурат дорад. Бинобар ин, забон ба он ниёз дорад ва ногузир бо калимот ҷойгузини адои мақсуд мекунад.

Мизони корбурди ҳусни баён, ки барои гурез аз дуруштвожаҳо истифода мешаванд, мумкин аст нишондиҳандаи эҳсосоти ҷомеа нисбат ба мавзуи хос бошад. Вожаи «марг», ки нохушоянд ва номатлуб ба шумор меравад, суханвар ҳини баёни ин матлаб аз муродифоти он суд ҷустааст. Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи мафҳуми «марг» муродифоти бисёре мисли **мурдан**, **вафот**, **даргузаштан**, **ба сарои боқӣ шитофтан**, **чашм аз ҷаҳон фурӯ бастан**, **ба ҳалокат расидан**, **гӯри худро кандан** ва ғ. ба чашм мехӯранд.

Бо калимаҳои гуногуни ҳаммаъно ифода кардани айни як мафҳум фазои ҷадиде меофаринад ва метавон онро гунаҳое аз офариниши адабӣ маҳсуб кард. Равишҳои эҷоди муродифот метавонад ба халлоқияти тафаккури суханвар бастагӣ дошта бошад. Ба доираи таҳқиқ кашидани забони осори алоҳидаи суханварон ва хосса классикон, ба ошкор кардани раванди тадриҷии тағйирёбии таркиби луғавии забон мусоидат хоҳад кард. Бо назардошти падидаи мазкур Н.Маъсумӣ таъкид кардааст, ки «омӯхтани забон ва услуби адабиёти бадеӣ барои пурраю равшантар нишон додани моҳият ва хусусиятҳои ҳамин протсесси таърихии инкишофот ва такомулоти забони адабӣ ва забони адабиёти бадеӣ имконияти калон медиҳад» [6, с. 15].

Гоҳе суханварон ва соҳибзабонони як забон барои гуфтани вожагони нохушоянд аз муодили хориҷии он вожаҳо истифода мекунанд, зеро луғати нохушоянд вақте ба забони дигар гуфта мешавад, ба хотири ноошно будан, бори маъноии манфии он коҳиш меёбад.

Сайфи Исфарангӣ ба ҷойи вожаи «марг» вомвожаи арабии «аҷал»-ро 62 маротиба ба кор бурдааст:

Заҳрест, озмуда хилофи ту ҳар ки хӯрд,
Тарёки ӯ **аҷал** шуду дармони ӯ азоб [2, с. 155]!

То зи ту дасти **аҷал** боз гирифт оби ҳаёт,
Хизрро орзуи чашмаи ҳайвон бишикаст [2, с. 283].

Калимаи арабии «аҷал» дар фарҳанг ба маънои «муддат, муҳлат, вақт, ҳангом; 2. интиҳои умр, марг» [12, ҷ.1, с. 122] забт шудааст. Мисолҳои боло аз он шаҳодат медиҳад, ки калимаи мавриди назар, дар заминаи ашъори шоир, ба маънои дуюми дар фарҳанг омада истифода гардидааст. Аз рӯйи мушоҳидаи ашъори суханвар маълум мегардад, ки калимаи «аҷал» дар бештари маврид бо вожаҳои «даст» ва «тир» ҳамнишин шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки таносуби корбурди калимаҳои иқтибосии баёнкунандаи мафҳуми «марг» дар ашъори шоир ҳамгун нест. Масалан, вомвожаи «реҳлат», ки дар фарҳанг ба маъноҳои «1. кӯчидан, ҳиҷрат кардан аз ҷое ба ҷое; 2 . *маҷ.* мурдан, вафот кардан» [13, ҷ.2, с. 137] омадааст, дар ашъори суханвар боре ҳам истифода нашудааст.

Вомвожаи «вафот» унсури дигари ифодакунандаи «марг» мебошад, ки Сайф дар панҷ маврид онро ба кор бурдааст:

Чун аз **вафоти** Додмаликшоҳ бева шуд
Бикри сухан зи ҳайзи халал пок, гӯ, мабош [2, с. 274]!

Будӣ хатар, ки рӯзи **вафоташ** зи сӯзи халқ
Бар оби дида заврақи оташ равон шудӣ [2, с. 304].

Аз мисолҳои таҳлилкарда ба хулосае мерасем, ки шоир барои баёни айни як фикр аз роҳу василаҳои дигари баён суд ҷустааст. Ба назари мо, чунин шеваи баён барои боз ҳам арзиш пайдо кардани балоғати шеъри шоир мусоидат кардааст. Дар робита ба ин масъала забоншинос М.Муҳаммадиев чунин гуфтааст: «Донистани калимаҳои синонимӣ ба шахс имконият медиҳад, ки бе такрори калима тамоми нозукиҳои фикри худро ифода намояд, таркиби луғавии забонро беҳтар омӯзад, калимаҳои зиёди фаромӯшкардааш ва номаълуму номафҳумро ба хотир оварад, аз худ кунад... Зиёда аз ин, донистани калима ва синонимҳои он фикр ва муҳокимаронии шахсро васеъ мекунад, зеро ҳар калима, маъно ва мафҳуми ба худ хос дорад ва дар ҳеҷ мавқеи дигар чун луғати синонимҳо боигарӣ ва нозукии забон бо ин гуна саҳеҳӣ акс намеёбад» [7, с. 6].

Дар абёти шоир мафҳуми «марг» бо калимаи арабиасли «воқеа», ки аз рӯйи шумури мо панҷ маротиба барои ифодаи ин мафҳум истифода шудааст, низ баён мегардад:

Аз дарди ту чун нолам, донам, ки маро бо ту
Таъвизи таби марг аст ин **воқеаро** афзун [2, с. 115]?!

Халқест дар шигифт, к-аз ин **воқеа** чаро
Хуршедро чу моҳ гилеми сиёҳ нест [2, с. 273]?!

Нишонаи дастурии ин шеваи баён аз он иборат аст, ки дар ин маврид унсури «воқеа» бештар бо ҷонишини ишоратии «ин» омадааст. Сайф барои марг унсури «ин», яъне ишора ба наздикро ба кор мебарад, ки бар пазириши марг ва дур надидани он далолат дорад.

Мусаллам аст, ки омили меҳварии корбурди муродифот дар осори суханварон барои гурез аз такрори дилбазан буда, ҳамчунин доираи вусъати андешаи онҳоро нишон медиҳад. Маҳз доир ба ин масъала профессор З.Қӯрғонов таъкид мекунад, ки «боигарии забони осори шоиру нависандаро чанд гурӯҳи вожаҳо исбот менамояд, ки яке аз онҳо воҳидҳои луғавии ҳаммаъно ҳисоб мешавад. Истифодаи миқдори зиёди муродифот аз ҷониби аҳли адаб ба он далолат мекунад, ки ӯ захираҳои луғавии забони худро то кадом андоза омӯхтааст. Одатан, дар осори шоиру нависандагони бузург ин гуна аносири луғавӣ хеле фаровон ва мавридшиносона истифода мешаванд» [4, 141].

Сайфи Исфарангӣ, дар мавридҳои алоҳида, барои гурез аз такрор ибораи «хун ба гардан бурдан»-ро ҷойгузини мафҳуми «марг» гардонидааст:

То чашми ту **хуни** ман ба **гардан набарад**,
Дар фурқати ту зи дида полудаму рафт [2, с. 327].

Бадсиголи туро зи мавҷи бало,
То ба **гардан** расида **оби** ҳисом [2, с. 617].

Дар ду байти мазкур калимаи «об», ки ҳамроҳ бо вожаҳои муродифии «теғ» ва «ҳисом» омадааст, маънои «хун»-ро далолат кардаанд. Шоир ба ҷойи сухани ошкоро аз «марг», аз он чӣ ки инсон бо худ мебарад, сухан мегӯяд ва феъли «бурдан» ба охират (Бо худ **бибарад** ба охири умр / **Хуни** дили хештан ба **гардан)** маънои мурдан ва рафтан ба охират аст. Ҳамин тариқ, Сайф талхии баёни «марг»-ро бо каломи ширин меомезад ва феъли нохушоянди «мурдан»-ро ба ибороти дилпазир табдил медиҳад. Ӯ дар абёти зиёде аз дунёи пас аз марг сухан мегӯяд. Дунёе, ки марг дарвозаи вуруд ба он аст.

Муродифот омили муносибе барои эҷоди балоғати калом аст ва ба гӯянда имкон медиҳад, то ба ҷойи баёни мафҳуми ранҷолуда аз маонии матлуби калимаҳо ба кор гирад. Сайфи Исфарангӣ, тибқи суннати шеъри тоҷикиву форсӣ, маъшуқи худро ба амалҳое чун «куштан», «ташна ба хун будан», «хун хӯрдан» ва «хун рехтан» пайванд додааст, ки дар зимн мафҳуми «марг»-ро доранд:

Матарсон бешам аз **куштан**, ки ман аз ҷон наяндешам,
Чу аз ту дил ба ҷон омад, зи ҷон чандон наяндешам!
Саги кӯи худам хону матарсон беш аз **куштан**,
Ки ман бо доги ту аз шери шодирвон наяндешам [2, с. 103]!

То чанд шӯр ангехтан, бо ёри нав омехтан,
Охир аз ин **хун рехтан** ҳаргиз пушаймон нестӣ [2, с. 149]?!

Ин ибораҳо ба худии худ ва бидуни дар назар гирифтани дигар аносири калом мафҳуми «марг»-ро мерасонанд. Аммо Сайф гоҳ аз муродифоти ин мафҳум, ки шиддат ва таъсири манфии онро камтар мекунанд, истифода кардааст:

Гаҳ-гаҳ ба **хуни ошиқон** фоле бизан, эй дилситон,
Бошад замоне, к-он замон бар мушк рӯяд холҳо [2, с. 39]!

Дар аксари мавриди шоир барои ифодаи мафҳуми «мурдан» аз феъли «рафтан» истифода кардааст. Ӯ маргро рафтан аз ҷаҳон таъбир мекунад. Дар марги азизону ёрон низ «рафтан»-ро ба кор мебарад ва рубоие ҳам бо радифи ин феъл иншо кардааст:

Ғам хӯр пас аз ин, ки ғамгусорон **рафтанд**,
Ҳастӣ маталаб, ки ҳақгузорон **рафтанд**.
3-ин хобгаҳи ғурур чун ҳушёрон
Гар маст наӣ, хез, ки ёрон **рафтанд** [2, с. 333].

Эй хуфта, хез, узри гуноҳи гузашта хоҳ
В-эй дида ашк дар ғами ёрони **рафта** бор [2, с. 519]!

Феъли «рафтан» бар «тағйири макон» далолат мекунад. Касе, ки аз ҷое рафта, яъне ба ҷойи дигар ворид шудааст.

Феъли «гузаштан» ва «даргузаштан» дигар муродифи маъноии «рафтан» ва «мурдан» аст. Феъли «рафтан» маънои умумиистеъмолиро дошта, калимаҳои «гузаштан» ва «даргузаштан», дар қиёс бо ин калима, тобиши нисбатан мусбатро ифода мекунанд:

Ба навад гар бирасӣ, ҷаҳд кунӣ,
Ки чу Яъҷуҷ расад, **даргузарӣ** [2, с. 256]!

Аҳли суханро азиз дор, ки имрӯз
Номи кироми **гузашта** зинда ба ин аст [2, с. 448]!

Ибораи феълии «ҷон додан» низ ба худии худ ва бидуни дар назар гирифтани дигар аносири ҷумла маргвожаи нохушоянд аст, аммо Сайф онро бо иваз намудани ҷойи муқаррарии калимаҳо ва ё корбурди муродифоти як ҷузъи ин ибора, ба мисли «нисор», ба гунаи «додани ҷон» ва «ҷон нисор кардан» табдил медиҳад. Бо ин кор хабари мавҷуд дар маргро ба ихтиёр табдил мекунад, то нохушояндии «марг» камрангтар ҷилва кунад:

Ман чун мурдам, зиндаи ҷовид шудам
В-аз ҳар чӣ ҷуз аз Худой, навмед шудам
Сар аз чилаи **додани ҷон** чун шустам,
Покизатар аз ҳазор хуршед шудам [2, с. 345].

Бошад дигаре, ки ихтиёри ту кунад,
Ҳар лаҳза ҳазор **ҷон нисори** ту **кунад** [2, с. 334].

Суханвар дар мавқеъҳои ҷудогона барои ифодаи мафҳуми марг аз ибораҳои «ҷон баровардан», «ҷон бурдан», «ҷон баровардан» ва «ҷон додан» низ истифода кардааст:

3-омадшуди ту сер шудастам ман, эй нафас,
Як раҳ ба дил фурӯ шаву бо оҳ **ҷон барор** [2, с. 303]!

Ҷон нахоҳад бурд сабри шердил
Аз шикори чашми чун оҳуи ту [2, с. 309].

То **ҷон надиҳам**, бо ғами дилбанд зиям,
Дил нашканам, ар чи орзуманд зиям [2, с. 345].

Ибораи «ҷон афшондан» муродифи дигари «ҷон додан», яъне мурдан аст, ки ихтиёру ирода ва шодмониву сархушӣ дар феъли он – «афшондан» нуҳуфта аст:

Басо шабҳо, ки сад **ҷон** бар сари кӯи ту **афшондам**,

Нагуфтӣ як шабам, к-эй ёри ҷонафшони ман, чунӣ [2, с. 141]?!

Сайфи Исфарангӣ барои баёни мафҳуми «шумули марг ва иҷтинобнопазир будани он», яъне тамоми инсонҳо ногузир бо марг дучор мегарданд, шахсиятҳое аз «Шоҳнома», бавижа, Ҷамшед ва шахсияти ҳазрати Сулаймонро матраҳ мекунад. Яъне ба ҷойи он ки мустақим бигӯяд, ки Ҷамшед ва Сулаймон бо тамоми комравоиҳояшон туъмаи марг шудаанд ва дигар нестанд. Дар «Шоҳнома» рӯзгори фармонравоии Ҷамшед ба бемаргӣ тавсиф шудааст (Чунин соли сесад ҳаме рафт кор, / Надиданд марг андар он рӯзгор). Шахсияти ӯ мавриди алоқаи шоир буда, барои баёни ҳамин мафҳум ба кор гирифта шудааст:

Чун **ӯ намонд**, ахтару афлок, гӯ, мабош,
Ҷамшед рафт, лашкари Заҳҳок, гӯ, мабош [2, с. 274]!

Уқди низоми мулки ҷаҳон, гӯ, гусаста бош,
Чун дев бар мақоми **Сулаймон** муқим шуд!
Рафтиву монд маснади садру сарири хеш,
Бурдӣ ба хок ҷуду карам дастгири хеш [2, с. 306]!

Чунин шеваи баён, бешак, аз бори манфии сухан мекоҳад. Ба назари мо, ин тарзи ифода танҳо ба шахсиятҳое чун Сайф, ки аз нозукиҳо ва нуктаҳои зарифи дастурии забон бархурдоранд, даст медиҳад.

Сайф гоҳ аз вожагони нохушоянди муртабит бо марг аз калимаҳои баёнгари шодӣ ва сархушӣ истифода мекунад. Масалан, нохушояндӣ ва кароҳияте, ки дар калимаҳои «мурдан»-у «ҷон додан» нуҳуфтааст, мумкин коми гӯянда ва сомеъро талх кунад, аз ин рӯ, бо овардани калимаҳои ифодакунандаи мафоҳими шодиву хурсандӣ ин ҳолат аз миён меравад ва ҳатто ба ширинӣ мубаддал мешавад:

3-оташи ишқи бедилон ҳамчу шарар ба ҳар даме
Рақскунон диҳанд ҷон дар раҳи ҷустуҷӯи ту [2, с. 130].

Шамъ, нигар, ки аз сари зиндадилӣ **ҳамедиҳад**
Рақскунон ба ҳар саҳар **ҷон** ба вафои ангубин [2, с. 667]!

Истифода аз калимаҳои сархушона ба ҷойи вожаи «мурдан», баёнгари ғалаба ба тарс аз марг аст.

Яке аз мавридҳои таҷаллии эҳтиром, додани хабари даргузашти афрод аст. Эҳтироми қалбию ҳақиқӣ нисбат ба фарди даргузашта хабари маргро бо иборати беҳтаре бар забон ҷорӣ месозад. Ҳамон гуна, ки Сайф дар марсияҳои ба Додмаликшоҳ ал-Кошонӣ ва Шиҳобуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад ас-Сарикатӣ бахшидааш чунин гуфтааст:

Рӯи чу офтоби ту, афсӯс, **зери меғ**,
Сарви баландёзи ту **зери замин**, дареғ [2, с. 276].

Эй маҳи меҳрлиқо, **ҷои ту дар хок**, дареғ,
Сарви афрохтаболои ту **дар хок**, дареғ [2, с. 283]!

Калимаҳои дурушт низ дар ашъори шоир барои ифодаи мафҳуми марг ба чашм мехурад, ҳарчанд теъдоди онҳо дар баробари калимаҳои ифодакунандаи мусбати ин ҳодиса камтаранд:

Чу аз парвонаи рояш чароғи мулк равшан шуд,
Чу шамъи рӯзи мотам **мурд хасм** аз зиндапажмонӣ [2, с. 776].

Бештар корбурди ин навъи калимаҳо барои барҷаста ҷилва кардани муносибати ошиқ бо маъшуқ ба чашм мехурад. Яъне марге, ки авҷи нохушояндӣ ва кароҳият қарор дорад, шоир ба хотири маъшуқ аз он истиқбол кардааст:

Боре чу **куштӣ** мар маро, бӯсе бидеҳ дар хунбаҳо,
Рӯзе чӣ донӣ, к-аз қазо гардад дигаргун ҳолҳо [2, с. 39].

Хулоса, сухан аз марг дар ашъори Сайфи Исфарангӣ дар ду гурӯҳ ҷой мегирад: а) марги маъмулӣ ва б) марги ошиқона. Ӯ дар ҳар ду мавриd аз корбурди калимаҳои

нохушоянди вожагони «марг» ва «мурдан» парҳез мекунад ва мафҳуми маргро дар қолаби калимоти дигар, яъне бо муродифоти он, баён мекунад.

Сайф бо калимаҳои баёнгари услуби баланд ва ба коргирии муродифот аз марг сухан мегӯяд. Яъне мафҳум ва вожаи равшану сареҳи тарсноки маргро ҳазф ва вожаҳои мубҳамтар, латифтар ва бо сароҳати камтарро ҷойгузини он мекунад. Шоир барои эҷоди балоғати шеър, дар ифодаи мафҳуми марг, аз калимаҳои аслӣ, иқтибосӣ, ҷонишинҳои ишоратӣ, ибораву таркибҳои феълӣ суд ҷустааст. Ин аносири забонӣ нишонгари ғалабаи шӯри зиндагӣ бар марг дар андешаи Сайфанд.

Адабиёт:

1. Бобомуродов, Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2016. – 428 с.

2. Исфарангӣ Сайфуддин. Девон. Таҳиягар ва муаллифи пешгуфтор, лутот ва тавзеҳот Субҳони Аъзамзод. – Хуҷанд: Хуросон, 2017. – 832 с.

3. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1986. – 136 с.

4. Қӯрғонов З. Муродифоти ашъори Фарзона / З.Қӯрғонов. – Хуҷанд: Ношир, 2024. – 160 с.

5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 255 с.

6. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 385 с.

7. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ / М.Муҳаммадиев. – Душанбе: Маориф, 1993. – 272 с.

8. Насриддинов А. Тасвири тулӯи офтоб дар «Шоҳнома» // Ёдкарди Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ / А.Насриддинов. – Хуҷанд: Наргис, 1993. – С. 80-104.

9. Олимҷонов М. Ҳафтод муродифи як вожа дар як маҷмуа // Сухан аз гавҳариёни сухан / М.Олимҷонов. – Хуҷанд:Нури маърифат, 2017. – С.-221-230.

10. Таджиев Д. Т. Слово «об» (вода) в современном таджикском языке // Осори мунтахаб. – Душанбе: Деваштич, 2005. – С.108-138.

11. Толибов А. Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва грамматикии калимаи «бода» дар ғазалиёти Имлои Бухороӣ // Суханшиносӣ / А. Толибов. – Душанбе, 2025. - №1(50). – С.104-116.

12. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ) (иборат аз ду ҷилд) . Ҷилди 1. – М.: СЭ, 1969. – 951 с.

13. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ) (иборат аз ду ҷилд) . Ҷилди 2. – М.: СЭ, 1969. – 949 с.

14. Ҳасанзода А. Як фатвои Абуҳанифа ва сесаду панҷоҳ муродифи вожаи Худо // Асолати забон ва маҳорати баён / А.Ҳасанзода. – Хуҷанд:Ношир, 2018. – С.86-100.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Илҳомзода Хушбахт Илҳом - сармуаллими кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд.* ***Нишонӣ****: 735700, ш.Хуҷанд, хиёбони И. Сомонӣ, 169. Тел.: 929955566. E-mail: umurov_93@bk.ru*

Информация об авторе: *Илҳомзода Хушбахт Илҳом-старший преподаватель кафедры таджикского и русского языков Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в городе Худжанде.* ***Адрес:*** *735700, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169. Тел.: 929955566.E-mail: umurov_93@bk.ru*

Information about the Author: *Ilhomzoda Khushbakht Ilhom-Senior Lecturer at the Department of Tajik and Russian Languages, Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in the city of Khujand.****Address:*** *735700, Khujand, I. Somoni Avenue, 169. Tel.: 929955566 E-mail: umurov_93@bk.ru*

ТДУ: 821.222.8.09

НАҚШИ МАКТУБҲО ДАР ОМӮЗИШИ НАСРИ ЮСУФ АКОБИРОВ

Каримзода Мавзуна
Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятии КОА

Жанри номаҳо дар байни дигар жанрҳои эпикӣ мақоми баробар дорад, аммо дар айни замон, он ҳамчун соҳаи камомӯзи танқиди адабӣ боқӣ мемонад. Таҳқиқоти муосир қариб аз асарҳое, ки назарияи шакли эпистолярирo амиқ меомӯзанд, маҳруманд. Маълумот дар бораи таърихи номаҳо, баъзе изҳороти нависандагон дар бораи ин шакли адабӣ ва нишондодҳои олимон дар бораи баъзе хусусиятҳои номаҳо то андозае пажуҳиш наёфтаанд.

Баъдан, масъалаи муайян кардани моҳияти жанрии номаҳо, қайдҳо ва рӯзномаҳо низ хеле мураккаб аст. Баъзе олимон ин асарҳои адабиро ҳамчун шаклҳои адабиёти ёддоштӣ тасниф мекунанд. Баъзе олимон бар он ақидаанд, ки хусусияти барҷастатарини номаҳо тамаркузи онҳо ба як хонандаи мушаххас аст. Ва азбаски гиранда метавонад на як шахс, балки як гурӯҳи одамон бошанд, мундариҷаи номаҳо метавонад на танҳо масъалаҳои шахсӣ, балки мушкилоти иҷтимоӣ ва давлатиро низ дар бар гирад. Дар мақолаи мазкур мавқеи номаҳои муҳаққиқону хонандагон дар мавриди насри Ю. Акобиров баррасӣ шудааст.

Калидвожаҳо: *жанри эпистолярӣ, нома, мукотиба, танқиди адабӣ, Юсуф Акобиров, насри тоҷик, Соҳиб Табаров.*

РОЛЬ ПИСЕМ В ИЗУЧЕНИИ ПРОЗЫ ЮСУФА АКОБИРОВА

Жанр писем занимает равное положение среди других эпических жанров, однако в настоящее время он остается малоизученной областью литературной критики. Современные исследования практически лишены работ, глубоко изучающих теорию эпистолярной формы. Сведения об истории писем, некоторые высказывания писателей об этой литературной форме и научные положения об особенностях писем до сих пор исследованы недостаточно. Кроме того, сложной задачей остается определение жанровой сущности писем, записок и дневников, которые некоторые ученые классифицируют как формы мемуарной литературы. Ряд исследователей считает, что наиболее яркой особенностью писем является их ориентированность на конкретного адресата. Поскольку получателем может выступать не отдельное лицо, а группа людей, содержание писем может охватывать не только личные вопросы, но и социальные а также государственные проблемы. В данной статье рассматривается роль писем исследователей и читателей в оценке прозы Ю. Акобирова.

Ключевые слова: *эпистолярный жанр, письмо, переписка, литературная критика, Юсуф Акобиров, таджикская проза, Сохиб Табаров.*

THE ROLE OF LETTERS IN THE STUDY OF YUSUF AKOBIROV'S

The genre of letters holds an equal status among other epic genres, yet it remains an under-researched area of literary criticism. Modern research largely lacks works that deeply explore the theory of the epistolary form. Information on the history of letters, writers' statements regarding this literary form, and scholarly insights into the characteristics of letters have been insufficiently studied to some extent. Furthermore, determining the generic essence of letters, notes, and diaries is a complex task, as some scholars classify these literary works as forms of memoir literature. Other researchers argue that the most prominent feature of letters is their focus on a specific reader. Since the recipient can be either an individual or a group of people, the content of letters can encompass not only personal matters but also social and state problems. This article discusses the role of letters from researchers and readers regarding the prose of Yu. Akobirov.

Keywords: *epistolary genre, letter, correspondence, literary criticism, Yusuf Akobirov, Tajik prose, Sohib Tabarov.*

Муқаддима

Омӯзиши эҷодиёти Юсуф Акобиров аз солҳои 70-80-уми асри XX оғоз гардидааст. С. Табаров, А. Абдуқодиров, Г. Маков, С. Саъдизода, Ҳ. Шодиқулов, Т. Шаҳобов, К. Рачабов ва дигарон паҳлуҳои гуногуни асарҳои нависандаро таҳлилу баррасӣ намуда, бурду бохти ӯро дар

адабиёт дар мақолаҳои мушаххаси илмӣ мутазаккир шудаанд. Ҳангоми таҳқиқот аз усулҳои анъанавии таҳқиқоти адабиётшиносӣ, таҳлилӣ ва муқоисавӣ истифода шудааст.

Ҳамаи номаҳо метавонанд аз нуқтаи назари гуногун тасниф карда шаванд. Як намуди таснифот аз рӯйи гирандаи доимӣ, яъне чанд номаҳо ба шахси мушаххас ва оҳанги умумии ин номаҳо фиристода шудаанд. Номаҳоро инчунин аз рӯйи мундариҷа ва мақсади онҳо тасниф кардан мумкин аст. Одатан, ин таснифот гурӯҳҳои зеринро дар асоси маводи омӯхташаванда ҷудо мекунад: номаҳои шахсӣ, номаҳои корӣ, номаҳои журналистӣ ва номаҳои фалсафӣ.

Номасозӣ ҳамчун жанри адабӣ аз замонҳои қадим дар адабиёти юнонӣ ва махсусан дар адабиёти румӣ васеъ паҳн шудааст. Номаҳои Сисерон, Сенека ва Плинийи Хурд намунаҳои адабиёти аввалини эпистолярӣ мебошанд. Дар Шарқ, дар Юнон, Рум, Руси қадим ва Аврупои асримиёнагӣ, санъати навиштани номаҳо ба сатҳи баланди рушд расида буд.

Румиён ин санъатро зебо ва озод меҳисобиданд; он қисми маориф буд. Дар назарияҳои қадимии эпистолярӣ номаҳо “ним муколама” (яъне муколама бидуни ҳамсӯҳбат) номида мешуданд, аммо дар айни замон, фарқи байни номаҳо ҳамчун шакли хаттии нутқ ва забони гуфторӣ таъкид мешуд: “...нома нисбат ба муколама коркарди бодиққаттарро талаб мекунад: дар ниҳоят, муколама нутқи бе омодагӣ, ногаҳон гуфташударо тақлид мекунад, дар ҳоле ки нома ҳамчун тӯҳфа навишта ва фиристода мешавад” [1, с. 5].

Воқеан, мактубҳои одамони бузург, нависандагон, мунаққидон: мактубҳои шахсӣ, дӯстона; номаҳои иҷтимоӣ ва рӯзноманигорӣ; номаҳои дорои хусусияти адабӣ; мактубҳо ба шахсони мансабдор ва ғайра барои омӯзиши як давраи таърихӣ муҳим аст. Дар ин бобат пажуҳиши мактубҳои коршиносон масъалаи муҳим мебошад. Мактубҳо барои омӯхтани на танҳо ҳаёт ва эҷодиёти адибону мунаққидон, балки давра, таърих, сабабҳои таълиф ва асрори асари муайян бо тамоми зиддиятҳояш чун манбаи пуразриш хизмат мекунанд.

Мактубҳо аз рӯйи таснифот калонанд: мактубҳои шахсони алоҳида, мактубҳои нависандагон, мактубҳои мунаққидон; мактубҳои шахсӣ, мактубҳои дӯстона, мактубҳои ҷамъиятӣ, публитсистӣ, мактубҳои вижагиҳои адабӣ дошта ва амсолашон. Таҳқиқи илмии мактубҳои вижагиҳои адабӣ дошта ба таҳлилу таҳқиқи жанр иртибот дорад. Таҳқиқ ва таҳлили илмии мактуб ҳамчун жанри барҷастаи эҷодӣ, ки дар адабиётшиносӣ нақши муҳим дорад, навгонии илмии онро муайян мекунад.

Мукотибаи адибон ва мунаққидон дар адабиёти тоҷик то бар пояи жанри алоҳида расидаанд. Моҳияти мактуб на худи далел, балки пеш аз хама, шахс ва муносибати ӯ ба дигарон, ифодаи фикру зикр, таҷриба ва ҳиссиёти шахсӣ мебошад. Мукотиба дар ҳаёти муҳаққиқон ва адибон, аз ҷумла дар рушди адабиёт аҳамияти муайяне доранд. Мукотибаи мунаққидон дар ҳалли масъалаҳои зиёде кумак мерасонанд. Дар адабиёти муосири тоҷик устод С. Айнӣ, А. Деҳотӣ, П. Сулаймонӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар ва дигарон тавассути мукотиба роҷеъ ба масъалаҳои зиёди адабиёт ва ҳаёти шахсии худ маълумот додаанд**.**

Ду мактубе, ки аз хазинаи шахсии С. Табаров пайдо гардид, баъзе нуктаҳои назари муҳаққиқро ба насри Ю. Акобиров муайян сохтааст. Мунаққид Соҳиб Табаров дар мактубе, ки ба муаллиф дар санаи 20-уми марти соли 1982 ирсол намудааст, баробари эродҳои мушаххас боз таъкид мекунад, ки асари мазкур мақоми махсусро дар насри солҳои 70-уми тоҷик дорост. Инак, он баррасӣ: “Бо тамоми дилу ҷон “Замини падарон”-ро аз баъзе ҳамлаҳои беасос ҳимоя намудам, гарчанде дар он роман ҳам норасоиҳои эҷодии давраи ҷавонӣ ба назар мерасид: гоҳо дарозгапӣ, зиёдатии персонажҳои иловагӣ ва ҳатто ёридиҳанда ва махсусан, камбағалии луғавии забон ва услуби хосси эҷодиатон ва амсоли онҳо. Вале “Замини падарон” қадами ҷадиде дар эҷодиёти Шумо ҳисоб меёбад ва дар таърихи насри солҳои 70-уми тоҷик мақоми ба худ хосссро ишғол менамояд” [2].

Ба қавли Соҳиб Табаров, “Замини падарон” асари барҷастаи ҳамосавӣ ба шумор меравад. Дар ин роман фатҳи заминҳои нави Вахш дар оғози солҳои сиюм хеле моҳирона ба қалам дода шудааст. Қаҳрамонони меҳнатӣ дар ин роман ба кору меҳнат, муборизаю муҳорибаҳо, ишқу муҳаббат ва кору кирдори хуб ба дили хонандагон махзан ёфтаанд.

Соҳиб Табаров ҳамчун мунаққид “Норак”-ро идомаи “Замини падарон” баррасӣ карда, онҳоро мутобиқ ба муҳтавояшон фатҳнома ба қалам овардааст. Дар воқеъ, пас аз чопи асари

мазкур муаллифро ҷоизаҳои пай дар пай истиқбол менамуданд: “Романи “Замини падарон” кору меҳнати деҳқононро акс карда бошад, романи “Норак”, ки соли 1979 чоп шудааст, дар бораи фатҳи оби Вахш сухан меравад. “Норак” бо образи коргарони барҷастааш машҳур гардид. Он сазовори Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Мукофоти ВТССПС ва Иттифоқи нависандагони СССР гардид” [2].

Бояд мутазаккир шуд, ки дар даврони шуравӣ муътабартарин маҷаллаи ихтисосии адибон, ки аз соли 1927 инҷониб нашр мегардид, “Роман-газета” буд. Бинобар ин, Соҳиб Табаров далели мунташиршавии ду романи нависандаро дар ин маҷаллаи бонуфуз аз бузургтарин комёбии адабиёти советии тоҷик дониста, зимнан чунин қайд менамояд: “Дар “Роман-газета” аз адибони тоҷик танҳо романҳои Акобиров “Замини падарон” (1977) ва “Норак” (1981) аз чоп баромадаанд, ки ин на танҳо комёбии ин нависанда, балки комёбии тамоми адабиёти советии тоҷик мебошад” [3].

Дар воқеъ, асарҳои нависандаи нуктасанҷ Юсуф Акобиров бо бештари забонҳои хориҷӣ тарҷима ёфта, сафи мутоликунандагони хешро дар муҳити миллатҳои гуногуни дунё афзун намудаанд. Аз ин хотир, баҳогузории мунаққиди шинохтаи тоҷик Соҳиб Табаров ба асарҳои нависанда таҳқиқ ёфта, минбаъд ба мукотибаи байни адибону мунаққидон таваҷҷуҳ бештар мешавад. Ба қавли мунаққиди равоншод Соҳиб Табаров, нависандагон бо чопи асарҳои худ тантана намуда, дар аксар мавридҳо ба эродҳои ҷойдошта бепарвоӣ зоҳир менамоянд. Бинобар ин, инчунин тантана, ё худ намоишкориҳои таблиғӣ аз мавсимӣ будани комёбиҳои ашхоси эҷодкор гувоҳӣ медиҳанд. Махсусан, беаҳамиятӣ ва хунукназарии нависандагони муосир ба эродҳои ҷойдоштаи аҳли қалам онҳоро аз рушду саҳеҳшавӣ боз медоранд.

Юсуфҷон Акобиров аз солҳои донишҷӯиаш машқи қалам карда, охири солҳои панҷоҳум ба арсаи адабиёт қадам ниҳодааст. Нависанда пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба фаъолияти эҷодӣ шуруъ намуда, аввалан, ба ҳайси мудири шуъба дар маҷаллаи “Садои Шарқ”, пасон, чун рӯзноманигори рӯзномаи “Тоҷикистони Советӣ” кор мекунад. Соли 1961 нависанда Курси олии филмноманависиро дар шаҳри Москва хатм намуда, чун ходими адабии рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” (ҳоло “Ҷумҳурият”) ва котиби масъули моҳномаи “Садои Шарқ” фаъолият намудааст. Сипас, қиссаҳои “Вақте ки осиё бозмонд” (1963), “Осмони соф”(1965) ,“Духтаре, ки ҷустуҷӯяш мекунам” (1964), “Мунира” (1965), “Балоғат” (1968), романҳои “Замини падарон” (1974), “Норак” (1979), “Водии муҳаббат” (1980), “Дунё ба умед” (1980) ва дигар очерку ҳикояҳояш мунташир мешаванд. Бархе аз асарҳои нависанда бо забонҳои гуногун тарҷима ёфта, бо теъдоди мушаххас ба табъ расидаанд.

Дар ҳар як шумораи маҷаллаи “Садои Шарқ” – и Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон таҳти рубрикаи “Даҳ мактуб” номаҳое ворид мешуданд, ки дар он ҳар як хонанда вобаста ба асари мутолиакардаи худ фикру андешаашонро ирсол мекарданд, ё ин ки дар мактубҳояшон аз маҷаллаи дархост мекарданд, ки ин ё он асари нависандаеро нашр намуда, дар шумораи оянда манзури онҳо намоянд. Аз ҷумла, дар гурӯҳе аз ин мактубҳо дар мавриди насри Ю. Акобиров сухан рафтааст. Мисол, мактуб аз Исматулло Сиддиқов, донишҷӯйи Институти педагогии Ленинобод ба номи С.М. Киров бо ҳамин мазмун ворид мегардад:

“...Ман аз “Садои Шарқ” минбаъд чоп кардани “Иншо дар мавзӯи озод”-и Ҷумъа Одина, “Осмони соф”-и Юсуфҷон Акобиров барин асарҳоро орзу мекунам. Чунки дар ин асарҳо ҳаёти мактабӣ ва давраи студентӣ ҳаққонӣ тасвир шудаанд. Ман “Осмони соф”-ро мехонаму давраи студентиам, ҳаёти худамро пеши назар меорам..” [4, с.150].

Ё ин ки дар мактуби дигар, ки аз ҷониби Саидмухтор Искандаров аз ноҳияи Ҷиргатол ворид шудааст, чунин менависад: “Ман ҳар шумораи “Садои Шарқ”-ро мехонам. Солҳои охир сифати маҷалла хеле хуб шудааст. Дар чанд шумораи охири маҷалла якчанд повесту шеър ва мақолаҳои илмӣ манзури хонандагон гардид. Аксарият материалҳои маҷалларо хонда кас хурсанд мешавад. Масалан, вақте ки кас повести Ю. Акобиров “Осмони соф”-ро мехонад, силсилаи воқеаҳо аз пеши назар мегузарад, чунки дар повест воқеҳои рӯзгори мо ҳаққонӣ тасвир шудаанд” [4, с.151].

Ҳамчунин, колхозчии колхози ба номи Жданови ноҳияи Мастчоҳ бо чунин мактуб ба маҷалла мурочиат менамояд: “Дар чанд соли охир ман аз маҷаллаи “Садои Шарқ” бисёр асарҳои

адибонамонро хондам... Повести Ю. Акобиров “Осмони соф”, ки ба рӯзгори мо бахшида шудааст...хеле таъсирбахш аст” [4, с.150].

Дар ҳамин шумораи маҷаллаи “Садои Шарқ” як қатор хизматчиён ҳарбӣ - Э. Камолов, С. Мирзоев, А. Давлатов, Ф. Бояков, П. Кабиров, С. Иноятов, Ш. Гадоев бо ҳамин мазмун мактуб ирсол менамоянд: “Повестҳои “Иншо дар мавзуи озод”-и Ҷумъа Одина, “Осмони соф”-и Юсуфҷон Акобиров...аз ҷумлаи асарҳои хуби солҳои гузашта мебошанд...” [4, с.152].

Ҳамин гуна мактубот ва дигар фикру ақидаҳо дар бораи асарҳои нависандагони муосир, ки асарҳояшон мавзуҳои рӯзро дар бар мегирифт бештар ба чашм мерасид. Дар ҳамин раванд чанде аз муҳаққиқону адабиётшиносони ҷавон Саидмурод Ҳоҷиев, Абдусаттор Абдуқодиров, Абдухолиқ Набиев аз шаҳри Ленинобод (Хуҷанд) дар бораи повести нави адиб чунин фикру ақида баён кардаанд, ки дар маҷаллаи адабӣ ба нашр мерасад: “Повести нави Юсуфҷон Акобиров “Осмони соф” аз ҳаёти ҷавонони айёми мо баҳс мекунад. Мавзуи ин асар воқеаҳои рӯзҳои моро дарбар карда, масъалаҳои муҳим дар он мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Нависанда баробари хатти асосии сюжет – нишон додани муҳаббати Гулнора ва Ашраф, бисёр масъалаҳои маишию иҷтимоии рӯзгори зиёиёни тоҷикро ба миён гузоштааст. Тамоми ҳодисоти повест ба муборизаи Гулнораву Ашраф барои ба орзу расидан, ташкил кардани оилаи тифоқу намунавӣ нигаронида шудааст” [4, с. 152].

Воқеан, соли 1971 дар нашриёти “Ирфон” повести “Осони соф” – и Юсуфҷон Акобиров нашр мегардад, ки мунаққидони зиёде дар бораи ин асар мулоҳиза меронанд. Аз ҷумла С. Салоҳ дар заминаи ин повест мақолаи хешро бо номи “Дар зери осмони соф” дар маҷаллаи “Садои Шарқ” ба табъ расонид, ки дар бораи камолот ва нуқси қалами нависанда мулоҳизаҳояшро баён намудааст: “Юсуфҷон Акобиров муаллифи панҷ қисса ва чандин ҳикояву очеркҳост. Гоҳо мақолаҳои танқидӣ ва публисистӣ менавсад. Мавзуи нигоришоти ӯ асосан, тасвири ҳаёти ҷавонони муосир аст. То қарибиҳо агар аз хусуси эҷодиёти Юсуфҷон Акобиров сухан ба миён ояд, қисми бештари муққаризону мунаққидон изҳори ақида мекарданд, ки навиштаҷоти ӯ сифатан яке аз дигаре қариб тафовут надорад, аз як китоб то китоби дигар инкишофи маҳорати ӯ бараъло ба мушоҳида намеояд. Гузашта аз ин, баъзеҳо даъво мекарданд, ки таснифоти охирини нависанда аз эҷодҳои аввалинаш пастсифаттаранд Ин гуна мулоҳизаҳо баъди нашри қиссаи “Осмони соф” вазни худро гум карданд. Бо камоли мамнуният метавон қайд кард, ки ин асари ӯ пеш аз ҳама бо он диққат мерабояд, ки маҳз нишонае аз такмил ёфтани маҳорати нигорнадагии муаллиф аст. Дар ин қисса образҳо асосан ҳаётианд, қаҳрамонҳо мутобиқи мантиқ ва ҳақиқат амал мекунанд. Сюжети асар шавқовар, банду басташ рехта буда, қисса бо забони фасеҳ нигошта шудааст” [5, с.137].

Аммо мунаққидони дигаре низ буданд, ки ин асарро то андозае баррасӣ намуда, овардаанд. Дар ҳамин раванд адибону мунаққидони тоҷик низ чанде аз фикру андешаҳои хешро пас аз фикрҳои мунаққидони рус доир ба эҷодиёти сермаҳсули Юсуфҷон Акобиров ва повсети “Осмони соф” иброз доштаанд, аз ҷумла Русул Ҳодизода чунин зикр мекунад: “Дар повести Ю. Акобиров “Осмони соф”, ки ба ҳаёти интеллигенсия ва ҷавонони мо бахшида шудааст, образи марказии асар Ашрафро мо магар образи ҳаяҷонангез ва характери мукаммали ҷавонони имрӯзаи донишҷӯ, далер, фидокори соҳаи илму меҳнат гуфта метавонем?”. Расул Ҳодизода дар ҷое оид ба повест бо чунин назар баҳгузорӣ менамояд: “Дар бораи повести “Осмони соф” чанд тақриз чоп шуд ва дар баъзе мақолаву баромадҳо баъзе таҳлилу танбеҳҳои дуруст, аммо умумӣ низ дида мешавад. Бисёр мунаққидон аз ҷумла худи ман ҳам дар яке аз баромадам (дар Масква), апрели соли 1970” ин асари Акобировро нисбат ба повестҳои пештарааш қадаме ба ақиб гуфтам. Оё аз ҳамаи ин таҳлилҳои рӯякӣ ва умумӣ нависанда ягон хулоса гирифта метавонад. Ба назараам не!” [6, с.147].

Яъне танқидӣ адабии тоҷик пас аз нашри “Осмони соф” ба таври кушоду равшан проблемаҳои асарро баён намудааст. Р. Ҳодизода, А. Сайфуллоев, С. Салоҳ ва дигарон дар мавриди хубу зишти асар андешаҳои худро баён кардаанд. Аз гумон холӣ нест, ки тавақҷуҳ дар баёни мавзуҳои иҷтимоӣ хеле зиёд гардида, ба хусус жанри мактубот ҳам нақши муассир бозидаанд. Чунки мавзуи асоси повести “Осмони соф” баёни зиндагии мураккаби ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Натиҷа

Воқеан, мактубҳои одамони бузург, нависандагон, мунаққидон: мактубҳои шахсӣ, дӯстона; номаҳои иҷтимоӣ ва рӯзноманигорӣ; номаҳои дорои хусусияти адабӣ; мактубҳо ба шахсони мансабдор ва ғайра барои омӯзиши як давраи таърихӣ муҳим аст. Дар ин бобат пажуҳиши мактубҳои коршиносон ба масъалаи насри Ю. Акобиров хеле муҳим аст. Чунки тавассути он давра, таърих, сабабҳои таълиф ва асрори ҳар як асари нависанда муайян гардида, бо тамоми зиддиятҳояш чун манбаи пуразриш хизмат мекунанд.

Хулоса

Маълум гардид, мактубҳо дар ҳаёти эҷодии нависанда нақши муҳим бозидаанд. Махсусан, Соҳиб Табаров дар мактубе, ки ба муаллиф дар санаи 20-уми марти соли 1982 ирсол намудааст, баробари эродҳои мушаххас боз таъкид мекунад, ки асари мазкур мақоми махсусро дар насри солҳои 70-уми тоҷик дорост. Агар камбудии асари Бруно Ясенский “Одам пӯсташро иваз мекунад”-ро ходими ҳизбӣ Бройдо дар номаи хеш ба И. В. Сталин ошкор намуда бошад [7], пас норасоиҳои романи Ю. Акобировро мунаққиди шинохта Соҳиб Табаров дар мактубҳояш, ки ба унвони нависанда нигошта шудаанд, изҳор намудааст. Ин мактубҳо, дар бисёр маврид баҳои манфии баъзе мунаққидонро дар бораи насри Ю. Акобиров баён менамояд.

Ҳамзамон, мактуби хонандагон дар рубрикаи “Даҳ мактуб” таваҷҷуҳи онҳоро ба асарҳои Ю. Акобиров нишон медиҳад, ки омили аввали он баёни воқеияти зиндагӣ ва баъдан тасвири ҷавонони ҳамзамонаш мебошад. Дар умум, мактубот як жанри муҳими адабиётшиносӣ мебошад, ки дар он масъалаҳо нисбатан равшан баён гардидааст.

Адабиёт

1. Табаров С. Мактуб аз 20 марти соли 1982 (бойгонии Соҳиб Табаров).
2. Табаров С. Мактуб барои 50-солагии Ю. Акобиров (бойгонии Соҳиб Табаров).
3. Фалина В. А. Фразеология эпистолярного жанра: на материале частной переписки купеческого сословия Владимирской губернии середины XIX – начала XX века / В. А. Фалина. – Иваново, 2000. – 182 с.
4. Даҳ мактуб (рубрика) // Садои Шарқ, №6, июн, 1970, - С.150-158.
5. С. Салоҳ.“Дар зери осмони соф // Садои Шарқ” №12, декабр, 1971, -147 с.
6. Ҳодизода Р. Танқиди адабӣ ва ҷараёни адабиёт // Садои Шарқ, №6, 1972, - С.126-127.
7. Бройдо-Сталину по поводу заявления Бруно Ясенского. Большая цензура, 1930-1939, документ №248, 02.07.1934.
8. Акобиров Ю. Осмони соф.Душанбе, Ирфон, 1971.
9. Ясенский Бруно.– Сталину о критике романа «Человек меняет кожу». Большая цензура, 1930-1939, документ №244, 17.06.1934.
10. Ясенский Бруно. Человек меняет кожу. – М.: Советский писатель, 1956. – 584 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Каримзода Мавзуна - номзади илми филология,мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятии КОА, телефон барои тамос:900111018 , E-mail : karimzoda@vak.tj .*

Сведения об авторе: *Каримзода Мавзуна - кандидат филологических наук, заведующий Аттестационного отдела общественных наук Высшая аттестационная комиссия при Президенте Республики Таджикистан, контактный телефон: 900111018, электронная почта: karimzoda@vak.tj*

Information about the author*: Mavzuna Karimzoda - Candidate of Philological Sciences, Head of the Social Sciences Attestation Department at the Higher Attestation Commission (HAC); contact phone: 900111018; e-mail: karimzoda@vak.tj*

ТДУ 821.512.122-1.09

МАВЗУИ ВАТАН ВА ВАТАНДӮСТӢ ДАР АШЪОРИ НОЗИРҶОН БОҲИРӢ

Қурбонов Пирумшоҳ Ҳокимбекович
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода

Дар мақола роҷеъ ба мавзуи Ватан ва ватандорӣ дар ашъори Нозирҷон Боҳирӣ сухан меравад, ки барои ҳар як инсон муқаддастарин ва азизтарин мафҳум ба шумор меравад. Муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба таърих, забон ва фарҳанги миллӣ аз арзишҳои волоест, ки дар адабиёти тоҷик мавқеи муҳим дорад. Дар ашъори Нозирҷон Боҳирӣ мавзӯи Ватан ва ватандӯстӣ бо эҳсоси баланд, самимият ва садоқат ифода ёфтааст.

Нозирҷон Боҳирӣ Ватанро ҳамчун макони муқаддас, сарчашмаи ҳастӣ ва ифтихори инсон тасвир мекунад. Дар шеърҳои ӯ Ватан танҳо як маҳалли ҷуғрофӣ нест, балки рамзи зиндагӣ, таърих, фарҳанг ва орзуҳои мардум мебошад. Шоир бо эҳсоси самимӣ аз зебоии табиати диёр, аз кӯҳу дарё, аз деҳаю шаҳр ва аз ранҷу заҳмати мардум ёд мекунад.

Мавзӯи ватандӯстӣ дар ашъори Нозирҷон Боҳирӣ бештар дар даъват ба ҳифзи Ватан, хизмати содиқона ба он ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ зоҳир мегардад. Ӯ ҷавононро ба дӯст доштани Ватан, пос доштани забони модарӣ ва идомаи роҳи ниёгон ҳидоят менамояд. Шоир таъкид мекунад, ки танҳо бо меҳнати ҳалол, илму маърифат ва ваҳдат метавон Ватанро обод ва пешрафта гардонд.

Калидвожа: *Ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, Садоқат ба диёр, Хоки муқаддас, Миллат, Истиқлолият, Нозирҷон Боҳирӣ.*

ТЕМА РОДИНЫ И ПАТРИОТИЗМА В СТИХАХ НАЗИРДЖАНА БОХИРА

В статье рассматривается тема родины и патриотизма в стихах Нозиржона Бохири, которая считается самым священным и дорогим понятием для каждого человека. Любовь к родине, уважение к истории, языку и национальной культуре относятся к числу высших ценностей, занимающих важное место в таджикской литературе. В стихах Нозиржона Бохири тема родины и патриотизма выражена с глубоким чувством, искренностью и преданностью.

Нозиржон Бохири описывает родину как священное место, источник человеческого существования и гордости. В его стихах родина — это не просто географическое место, а символ жизни, истории, культуры и мечтаний народа. Поэт с искренним чувством говорит о красоте природы земли, о горах и реках, о деревнях и городах, а также о страданиях и тяжелом труде людей.

Тема патриотизма в стихах Нозиржона Бохири чаще всего проявляется в призыве к защите родины, верному служению ей и уважению к национальным ценностям. Он наставляет молодежь любить родину, сохранять родной язык и продолжать путь своих предков. Поэт подчеркивает, что только честным трудом, знаниями, просвещением и единством родина может быть процветающей и развитой.

Ключевые слова: *патриотизм, любовь к Родине, верность земле, Святая Земля, нация, независимость, Нозиржон Бохири.*

THE THEME OF HOMELAND AND PATRIOTISM IN THE POEMS OF NAZIRJAN BOHIR

The article discusses the theme of homeland and patriotism in the poems of Nozirjon Bohiri, which is considered the most sacred and dearest concept for every person. Love for the homeland, respect for history, language and national culture are among the highest values that occupy an important place in Tajik literature. In the poems of Nozirjon Bohiri, the theme of homeland and patriotism is expressed with high feeling, sincerity and loyalty.

Nozirjon Bohiri describes the homeland as a sacred place, the source of human existence and pride. In his poems, the homeland is not just a geographical location, but a symbol of life, history, culture and dreams of the people. The poet speaks with sincere feeling about the beauty of the nature of the land,

about mountains and rivers, about villages and cities, and about the suffering and hard work of the people.

The theme of patriotism in the poems of Nozirjon Bohiri is most often manifested in the call to protect the homeland, loyal service to it and respect for national values. He guides the youth to love the homeland, preserve the native language, and continue the path of their ancestors. The poet emphasizes that only through honest labor, knowledge, enlightenment, and unity can the homeland be prosperous and developed.

Keywords: *Patriotism, love for the Motherland, Loyalty to the land, Holy Land, Nation, Independence, Nozirjon Bohiri.*

Муқаддима

Мвзуи Ватан ва ватанпарварӣ яке аз бахшҳои умдаи адабиёти куҳансоли тоҷик ба шумор рафта, нахуст дар заминаи адабиёти шифоҳии мардум ба хотири посдорӣ ва эҳтироми марзу бум ва маҳбуб доштани қаламрави ҷуғрофиёии ҳар қавму милате ба бор омадааст. Пешиниёни мардуми тоҷик, аз зумраи он сарсупурдагони ватандӯст буданд, ки дар баробари гиромидошт ва ҳифзи Ватан рубоӣ, дубайтӣ, достонҳо ва қиссаву афсонаҳо беназир офарида, назари хешро ба муқаддас доштани қаламрави миллӣ ва сарзамини аҷдодӣ мавриди тавсиф қарор додаанд.

Таҳаввулпазирии адабиёт ва таъриху тамаддуни миллат дар робита ба дигаргуншавии сохти ҷомеа ва боровардҳои тозаи назарӣ ва ақидатии эҷодкорон бештар мусоидат намудааст, ки он дар даврaҳои мухталиф ба ҳисси бедорӣ ва худшиносии миллӣ аз ҳар ҷиҳат таъсири мусбат расонидааст. Дар маврид, пеш аз ҳама эҷодкорон ва бахусус шоирон будаанд, ки бо дарки ҳувияти миллӣ дар эҷодиёти хеш ба офаридани ашъори муассир бар муқаддасоти миллӣ ва дорои хусусиятҳои марбут ба гиромидошти эътибору обрӯ ва арҷгузорӣ бо номи Ватан бо тасвирҳои марбут ба шаъну шарафу вичдон, инчунин эҳтиромот бар Ватанро қобили инъикос дар ашъори худ мешуморанд ва ба воқеоту пешомадҳои он аз дидгоҳи ҳассос назар менамоянд. Бо чунин диду назар дар ин замина бо пос доштани муқаддасоти он ашъори ҷолибу ҷозиб ва як навъ тавсифгарона офарида, ному нишони Ватанро ба тавассути суханони арзишманд гиромӣ доштаанд.

Чунин тавсифоти бесобиқаро метавон дар адабиёти хаттӣ, аз ҷумла дар ашъори безаволи Устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, достонҳои ҳамосии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, осори Саъдии Шерозӣ, Муизӣ ва дигарон дучор омад, ки он дар адабиёти асрҳои минбаъда ва бавижа адабиёти муосир дар солҳои 20 то 80-уми асри гузашта боз ҳам густариш ёфтааст ва бо ҳассосияти бештар доманаи мавзуии хешро вусъат бахшидааст, чунон ки дар ин ҳама ҳиссиёти ватандӯстонаи шоирон дар ашъори эҷоднамудаашон ба ин мавзуъ ҳувайдо мегардад.

Дар адабиёти муосир бошад ин мавзуъ дар эҷодиёти шоирони номваре чун устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукӯҳӣ ва минбаъд дар ашъори Муъмин Қаноат, Мастон Шералӣ, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон ба ҳадди кифоӣ такомул ва равнақ ёфтааст.

Маводҳо ва методҳо

Мавзуи зикргардида дар адабиёти давраи нави тоҷик, бахусус сароғоз аз солҳои 60-уми садаи XX, дар эҷодиёти шоирони навпардоз, ки аз ҷумла Нозирҷон Боҳирӣ низ дар ин радиф ҷойу мақоми худро дорад, хусусияти боз ҳам арзишмандтари миллӣ касб карда, дар ин давра бо обуранги тоза ва тасвиркориҳои бесобиқа ва тозатар таҷассум ёфта, шарҳи мафҳуми ин вожаи муқаддас ва садоқату муҳаббат бар он бештар ва бавусъат рушд карда, ҳар як шоири бедордилу равшанназарро дар роҳи шинохти дастовардҳои он, бо ҳиссиёти навҷӯӣ ва навгӯӣ дар бораи Ватан ва ватандорӣ аз ҳар ҷиҳат муваззаф намуд.

Нозирҷон Боҳирӣ, аз зумраи он шоиронест, ки дар тозаву озода ва тасвиркорона болои кор овардани каломи манзуми хеш хеле барвақт комёб шудааст ва ашъори нобу рангин, хаёлпардозиҳои ҳунармандонаи ӯ дар шеър метавонанд гувоҳи ҳунар ва салиқаи эҷодӣ ва бахусус шеърофарии ин шоир бошанд. Чунон ки даст задани ӯро ба мавзуи зикргардида ба мушоҳида гирифтем, ӯ ҳанӯз дар маҷмуаи нахустини ашъораш “Анедша”, ки соли 1975, аз тариқи нашриёти «Ирфон» ба табъ расидааст, сӯзу сози дили худро дар баробари эҳсоси ҳубби Ватан ва арҷгузорӣ ба ин калимаи муқаддас то чи ҳадд гиромӣ медорад, бемуҳобо дарку ҳавои

он дар шеъри ба навъи озод иншонамудаи шоир бо номи «Ватан» ба тавсиф расидааст ва шоистаи истиқболи ҳаводорони каломаш гардидааст. Ин аст, ки мегӯяд:

Мо шамъи гирону Ватани мост чу фонус,
Андар бари фонуси худ осуда бисӯзем.
Сар то ба сар ин пайкари мо оташу нур аст,
Зулмат напазирем,
Худсӯзиву атроффурӯзист фани мо,
То он ки бипоем, бисӯзему фурӯзем…[3, с. 6].

Албатта, дар ин пораи шеърӣ метавон пеш аз ҳама ба эҳсосоти дил ва як навъ тасвиркории шоир рӯбарӯ омад, ки гувоҳи ҳунари навгӯй ва навҷӯии ин шоир маҳсуб меёбад. Аз қавли дигар, чунон ки адабиётшинос, Шоҳзамон Раҳмон дар баробари баррасии ашъори Нозирҷон Боҳирӣ вобаста ба мавзуи мавриди назар қайд кардааст, ки: «Ватан дар назари ин шоир гулхану гулшан, нурафкан, шамъдон, фонус ва худро шуълаю нур, шамъу гул дониста, дар ҳама гуна вазъият дар хидмати Ватан буданро зарур ва дар рӯзҳои бади ба сараш омада ҳам дар роҳаш ҷон бохтанро муҳим ва боаҳамият мешуморад». [5, с. 134].

Чунин тарзи ба «шуъла», «гулхан», «офтоб», «нур», ташбеҳ додани Ватан дар ашъори Нозирҷон Боҳирӣ зиёд ба чашм мерасанд, ки дар ҳар сурат ифодагари меҳру муҳаббати шоир бар ин номи муқаддас ва фидоӣ будани ӯро дар роҳи ҳифзу ҳимояти он бештар ифода мекунанд. Чунин суратбандии мазмунро дар ин мавзуъ метавон дар вазъи арзи ҳол намудан ва баёни ӯ дар ҳолати нишон додани ҳиссиёти фироқ ва дур будани шоир аз канори Ватан истиқбол кард:

Гарчи зи ту дурам Ватан, ман бо туам, ту бо манӣ,
Гар ту най, ман нестам, ман шуълаам, ту гулханӣ!.. [4, с. 6].

Падидаи фироқнолӣ дар адабиёти тоҷик аз қадимулайём қобили қабул будааст, чунон ки шоирон дар ин ҳолат мехоҳанд ҳисси самимияти ишқи худро бештар бо шавқу хостаҳои ботинӣ бо маъшуқ ва ё дурӣ аз хоки диёр тавсиф намоянд ва зиёд метавон аз ин мавзуъ ёд кард, ки бар асари ҳичрону ҷудоӣ бор оварда бошад. Аз ин лиҳоз Нозирҷон Боҳирӣ низ ҳиссиёти бланди дилбастагии хешро бо Ватан, дар ҳоли дар ғурбат, дурӣ аз ёру зодгоҳ ба сар бурдан бештар ва самимитар мавриди ҳис ва таваҷҷуҳ қарор медиҳад.

Ҳастанд шоироне, ки дар ҳоли дур аз Ватан будан, аз пажмурдагиву аз сабзишу нумӯ бозмондан меноланд ва ё шиквaву шикоят мекунанд, аммо Нозирҷон Боҳирӣ дар айни чунин ғурбат, ҳиссиёти хешро ба меҳри Ватан бештар нерӯ мебахшад ва ин нерӯи ҷаззобро сабабгори боз ҳам рушду сабзиш кардан ва пурсамар гардидани “ниҳоли умр”-и хеш мешуморад. Ин тасвирро арзишманд бояд донист, чунон ки шоир дар шеъри «Ватан» сутудааст:

Меҳри ту дар боғи дил буд гар ниҳоли наврасе,
Берун аз хокат дарахти пурсамар шуд, эй Ватан! [4, с. 5]

Нозирҷон Боҳирӣ ба тарзи болои кор овардани тасвирҳои тоза ва нигориши назаррабо дар ин мавзуъ маҳдуд намемонад, зеро бо офаридани зебоӣ ва мураттаб намудани каломи ҷазбдиҳанда ва мукаммал намудани иртиботи мантиқии маъниву мазмун дар шеърҳои худ маънавият ва бадеияти онро боз ҳам тобноктар мегардонад.

Бар ин аст, ки бо тасаввури шоирона тасвир кардани ғамҳои танҳоӣ, ранҷи дурӣ ва фироқ аз Ватан, дар сурудани шеър назари ӯро пурҳаяҷону мумтозтар кардааст ва чунин ҳиссиёти бештар фарогири андешаву фикр дар ғазалгунаи «Ватан чист?» ба мушоҳида мерасад:

Ватан чист? Ин муаммо аз каси дур аз Ватан пурс!
Мақоми тан зи ҷони рафта берун аз бадан пурс! [4, с. 4]

Нозирҷон Боҳирӣ, ки солҳо дар кишвари Афғонистон ба ҳайси тарҷумон ифои вазифа намудааст, лаҳзаҳои дур аз ёру диёр, берун аз канори Ватан буданро бо гармои муҳаббати он, ки қувватбахши умеду ормонҳои ӯ мебошанд, ба сароҳат эҳсос намудааст ва дар ин ҳолат як силсила ашъори ба Ватан бахшидаашро дар силсилаи бо ном «Шуъла ва гулхан» мураттаб намудааст, ки бо шеърҳои «Ватан чист?», «Эй Ватан», «Гар ту най, ман нестам», «Қарз», «Ватан», «Бахти ҷовидон», «Домони Модар», «Бӯи Ватан», «Пораи Ватан», «Тифли ноз», «Ватан, ман бо ту ҳар чизам» фароҳам омадааст.

Муҳокима

Ситоиши Ватан ва болои кор омадани мавзуъҳои ватанпарварона дар ашъори Нозирҷон Боҳирӣ самимона ва дилнишин буда, шоир дар ин замина тамоми шукуҳу шаҳомати онро бо обу хоку санг, дарёву кӯҳсор, мазрааву саҳроҳои беканораш, бо сарбаландии мардони баораш, инчунин самимият хоси дар дил парвардаи шоиронааш бештар таҷассум мекунад. Ӯ, тасвиргарест, ки лаҳзаҳоро бо набзи Ватан ва тапиши набзи хеш ба эҳсос дарёфтааст ва тавъам будани номи Ватанро бо ҷони хеш эҳтиром қоил шудааст.

Ӯ шоирест, ки бо номи Ватан менозад ва бо сози он месозад. Ватан мегӯяд ва бо ин ном сухани хешро аз қалби саршор фаввора мебахшад, то хонандаашро ба ин самимият ва садоқати дӯст доштанӣ бовару эътимод бахшида тавонад. Ин ҳам кушоиши рамзест, ки шоир ҳастии хешро бе ҳастии Ватан тасаввур карда наметавонад ва худро барои хидмати арзанда ба Ватан қарздор мешуморад ва ҳамеша аз ҷоннисорони ва посдорони роҳи он аст. Далел ин аст, ки мегӯяд:

Агар хидмат ба Меҳан нест маънии ҳаёти ман,

Чи суд аз ин ҳаёту он, ки мелофам: «Ватан дорам!?» [4, с. 7].

Агар бо таваҷҷуҳ ба вусъати маъниву мазмуни ашъори ватанпарваронаи шоир назар дошта бошем, ҳувайдост, ки ӯ шоирест, ки дар кори лафзу маънӣ комёб ва дорои табъи салим ва шеваи хоси баёни хеш аст. Муҳаррири китоби «Қулла»-и Нозирҷон Боҳирӣ, шоири хушкалом Юсуфҷон Аҳмадзода дар мақолаи худ», «Андешабарози қуллаафроз», ки ба сифати пешсухани ин маҷмуа навиштааст, менигорад, ки: «Нозирҷон Боҳирӣ дар қолабҳои мухталиф шеър гуфтааст, илло, ба забони худ, килки равони худ ва аз шеърҳояш пайдост, ки муқайяд ва муқаллид нест ба касе ва офаридаи касе». [9, с. 7] Ва ин ҳам баҳои сазовор ва ҳам баёнгари ҳунари шоирии Нозирҷон Боҳирӣ маҳсуб буда метавонад, дар ҳоле ки ӯ шоири давру замони худ ва соҳиби назару калом ва шеваи баёни худ аст. Зеро, мутобиқи сарчашма ва маъхазҳои адабиётшиносӣ маълум аст, ки яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи шеъри ин давра дар адабиёти тоҷик, пеш аз ҳама гуногунҷанба будани мавзуи Ватан ва тараннуми он аст, ки ҳатто дар қарнҳои пешин то ин ҳадд ба мушоҳида нарасидааст.

Дар маврид, беш аз ин ҳам ба ашъори ватанпарваронаи зумраи адибони солҳои 60-ум бевосита ошно шудаем ва чунон ки ёдовар гардидем тавсифи мавзуи фавқуззикр дар эҷодиёти шоирон ҷойгоҳи худро бо малоҳату латофати фарқкунанда, аммо бо маҳбубияти якзайл, ки ин ҳам вобастагие ба муҳаббат ба ин номи муқаддас дошта бошад, инъикос ёфтааст. Ба ин монанд мисолҳои фаровоне метавон овард, чунон ки дар баробари сурудаҳои ватанпарваронаи Нозирҷон Боҳирӣ ба мушоҳида гирифтем. Далели равшани онро боз ҳам дар ғазалгунаи «Ватан, ман бо ту ҳар чизам», мавриди назар қарор медиҳем, ки шоир дар мавриди тавсиф ва тасвиркорӣ, худро дар ҳимояи он дар баробари «хавф» ба «шамшери тез» ташбеҳ медиҳад ва бар истодагарии худ дар поси Ватан шаҳодат пеш меорад:

Ватан, гӯй нишин, шинам, бигӯй хез, бархезам.

Ба ҷон ҳарфи туро чун ҳалқа дар гӯши дил овезам.

Ту гар осудай, осудаам ман, хомаи сулҳам,

В-агар пеш оядат хавфе, ҳамеша ханҷари тезам…

Ватан, бе ту пари коҳам, Ватан, бе ту сари кӯҳам,

Ватан, ман бе ту чизе не, Ватан ман бо ту ҳар чизам! [4, с. 16]

Профессор Бадриддин Мақсудзода дар мақолаи худ «Виқори шеър», ки перомуни баррасиҳо дар шеъри Нозирҷон Боҳирӣ иншо кардааст, хеле бамаврид қайд мекунад, ки: «… меҳри Ватан руҳу равон, пӯсту устухон, рагу пай ва тамоми вуҷуди шоирро фаро гирифтааст. Ин ҷо отифаву эҳсоси улвии шоир бағоят ростину воқеӣ ва пуршукӯҳу сӯзон ифода шудаанд». [2, с. 75] Албатта, чунин садоқату самимият ба ҷон баробар дарёфтани ин гӯшаи хоки муқаддасро, ки Ватан унвон гирифтааст, дар тамоми силсилаи ватанномаи ин шоир бармало метавон ба мушоҳида гирифт ва мавриди омӯзиш қарор дод.

Чунин илтифот, ки ба меҳри Ватан ҳаммаром ва ҳамравон омадаанд, бевосита аз самимияти қалби шоир бархурдорие доранд, ки инро танҳо метавон муҳаббат унвон кард ва ин ҳам муҳаббати пурназокати як инсони оддӣ ба Ватан буда метавонаду бас. Ба ҳамин далел дар

ғазалвораи «Тифли ноз» низ чунин тасвири зебое дорад, ки хонандаро бо саршорӣ аз бадеият ва маъниорӣ дар мазмуни хос метавонад ба олами эҳсосоти самимӣ ва қалбӣ раҳнамун гардонад. Дар маврид, чунон ки мегӯяд:

Бо Ватан, эй дил, ту тифли нози ин дунёстӣ,
Бе Ватан дар ҳалқаи аҳли ҷаҳон танҳостӣ.
Ваҳ, чи хуш омезише, бо ҳам чи хуш осоише,
Дар ниҳоди ту Ватан, ту дар дили ӯ ҷостӣ…[4, с. 15].

Мафҳуми Ватан дар ашъори Нозирҷон Боҳирӣ хеле назаррас ва мушаххас шарҳу тавзеҳ ёфта, эҷодиёти ӯро бо хусусиёти муштарак бо унсурҳои бадеӣ, инчунин андеша ва тафаккури мутааллиқ болои кор оварда, бештар ба таъриху сарнавишти ин халқ ва тарзи иродат бар садоқати доштаи он илҳо мегардонад.

Чунин тарзи тасвиркории шоирро дар робита ба мавзуи Ватан, дар бандҳои зерини чаҳорпораи «Пораи Ватан» низ метавон бо таассуроти ҳиссиёти зоҳириву ботинӣ, рангинии мавзуъ ва пуррагии мазмун, ки бо ташбеҳоти «дил» ва тавъам будани он бо «Ватан» ва дар сурати яке будани онҳо, ифшогари ҳолати басарбурдаи шоир дар ғарибӣ ба шумор меравад, ба мушоҳида гирифт, ки мегӯяд:

Муддате дур аз Ватан будам,
Дил ба хобаш шабе Ватанро дид.
Гашта бедор ҳамчу тифл аз хоб,
Ғаш намуд, поча зад, ба худ печид.
Ҳар қадар бар тасаллияш кӯшам,
Гиря карда, «Ватан!», «Ватан!» мегуфт.
«Сабр кун андаке дигар» гӯям,
«Бас дигар сабр, гап назан!» мегуфт!..
Додам оинае ба дасти дил,
Дил дар он акси хештанро дид.
Хандае карду шуд дигар ором,
Чунки як пораи Ватанро дид [4, с. 14].

Ақидаҳои Нозирҷон Боҳирӣ дар ашъори ватандӯстонаи ӯ бо саршорӣ аз ифтихор ва эҳсосоту бардоштҳои пур аз самимияту садоқат, дар таносуб ба ашъори дигар шоирон фарқкунанда буда, хеле густариш ёфта, аз ҷанбаъҳои амиқи иҷтимоиву фалсафӣ низ бо камоли маънавият бархурдор мебошанд.

Нозирҷон Боҳирӣ ҳатто «рӯ»-и Ватанро дар рӯи дӯстон ва «бӯ»-и Ватанро дар бӯи ҳамдиёрони хеш ба тасаввур мебинад ва эҳсос мекунад, чунон ки айни самимият дар шеъри «Буи Ватан», ки дар он ғарибиҳо ба Мирзоҳаёт ном дӯсташ бахшидааст, ба мушоҳида мерасад:

Раҳ гирифтам сӯи ту, кӯи Ватан омад ба ёд,
По ниҳодам бар дарат, бӯи Вата номад ба ёд…
Шукри ин як дам, ки бишкаст андаке хуммори дил,
З-он, ки аз симои ту рӯи Вата номад ба ёд [4, с. 13].

Чунон ки маълум аст, эҷоди каломи бадеъ дар мавзуи Ватан аз шоир тақозо мекунад, ки пеш аз ҳама дар иртибот бо тамоми ҷанбаҳои ҳиссиву мадракии он огоҳии фаровоне дошта бошад, бавижа аз моҳияти ватандорӣ, аз Ватан, аз муҳите, ки дар ин Ватан ӯро иҳота карда бошад, мебояд бо камоли маърифат бардошт карда бошад.

Нозирҷон Боҳирӣ шоирест, ки Ватанро дар баробари номи муқаддаси Модар эҳтиром мегузорад ва ҳамеша бо ёди Ватан, созу наво ва сару ҳавои Ватан зиндагӣ кардааст ва ҳеч ҳолате худро бе ному намои Ватан тасаввур карда наметавонад. Чунон ки мегӯяд:

Ватан, дар сар маро ҷуз фикри ту савдои дигар нест,
Агар фориғ шавад аз фикри ту, як лаҳза сар, сар нест!..
Ватан, ҳар ҷо, ки будам, ҷониби ту буд чашми дил,
Ба тифлон ҳеҷ чое хуштар аз домони модар нест! [4, с. 12]

Адабиётшинос, Санавбар Худойдодова ин манзарари тасвирии шоирро, ки онро бо симои «тифлон» ва «модарон» тасаввур кардааст, ба як манзари тамошоӣ ва тасаллоии худ мушобеҳ

дарёфта ва бо вақд менигорад, ки: «Шеъри Ватан ва канори онро бо домони Модар қиёс карда, роҳати ҷисму ҷон, ҳаловати руҳу тан будани Ватанро ба хонандаи худ азизу муътабар нишон медиҳад» [8, с. 100], ки чунин хосият хоста ва ҳосили эҷоди Нозирҷон Ёдгорӣ маҳсуб будааст.

Хулоса

Аз баррасиҳои анҷомёфта маълум мегардад, ки Нозирҷон Боҳирӣ дар обуранг додани мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ чун дигар адибони тоҷик бо бардошту андешаҳои амиқу дақиқ дар инъикос намудани тамоми ҷанбаҳои ин мавзуъ маҳорати шоирии худро нишон дода, дар мавриди эҳсосу андеша ва саъю талоши хешро баҳри идома додани ананаи ватансарой ва тараннуми васфи Ватан дар адабиёти муосир ҳифз намуда ва боз ҳам тақвият бахшад.

Нозирҷон Боҳирӣ ба тавассути ашори ватанпарваронаи хеш имкон додааст, ки дар шеърҳои пурмуҳтавои худ ҳам мавзуи Ватанро боз ҳам густардатар гардонад ва ҳам мафҳуми онро васеътар фаро гирад ва манзури назари хонанда гардонад.

Аз ин лиҳоз, ашъори ба мавзуи Ватан бахшидаи Нозирҷон Боҳириро метавон ҳамчун намунаи ганҷ аз хирвор, баёнгари меҳру муҳаббат ва садоқати шоир ба ин қаламрави таърихӣ ва азизу муқаддас арзёбӣ намуд.

Адабиёт:

1. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 328 с.
2. Мақсудзода, Бадриддин. (Виқори шеър. Андешаҳо перомуни ашъори Нозирҷон Боҳирӣ). Душанбе, «Балоғат»-2023. -184
3. Нозирҷон Боҳирӣ. Андеша. Душанбе, «Ирфон»-1975. -98 с.
4. Нозирҷон Боҳирӣ. Талош. Душанбе, «Адиб»-1990. -128 с.
5. Раҳмон, Шоҳзамон. (Виқори шеър. Андешаҳо перомуни ашъори Нозирҷон Боҳирӣ). Душанбе, «Балоғат»-2023. -184 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 947 с.
8. Худойдодова, Санавбар. (Виқори шеър. Андешаҳо перомуни ашъори Нозирҷон Боҳирӣ). Душанбе, «Балоғат»-2023. -184 с.
9. Юсуфҷон Аҳмадзода. (Нозирҷон Боҳирӣ. Қулла). Душанбе, «Адиб»-2003, с. 7. -128 с.
10. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.2. – Душанбе: Сарредаксияи ЭСТ.–1989. –560 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Қурбонов Пирумшоҳ Ҳокимбекович - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторанти (PhD) аз рӯйи ихтисоси кафедраи назария ва таърихи адабиёт, нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел. 939492652*

Сведения об авторе: *Курбонов Пирумшох Хокимбекович - Таджикский международнный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, докторант (PhD) по специальности кафедры теории и истории литературы, адрес: Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, 734019. Тел.: 939492652.*

Information about the author: *Kurbonov Pirumshoh Hokimbekovich – Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulugzoda, doctorant (PhD) doctor in the specialty of the Department of Theory and History of Literature, address: 734019, Dushanbe, Muhammadiev Street, 17/6. Tel. 939492652*

ТДУ 891.550

ЛИРИКАИ МЕДИТАТИВӢ-ТАСВИРӢ ДАР АШЪОРИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

Миралиева Сарварбӣ Толибовна
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон

Муаллиф дар ин мақола андешаҳои тасвиркорна аз фасли баҳор ва дигар манзараҳои нотакрори фаслҳои зебои солро, ки дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода бо як таровишу зебоии махсус рӯи кор омадаанд, баррасӣ намудааст. Васф ва тасвири табиат дар ашъори Рустам Ваҳҳобзода нотакрору гӯё ҳаст. Ӯ бо табиат пайвасти ногусастанӣ дорад, бо кӯҳҳояш устувор мегардаду бо пиряхҳояш қаробати наздик дорад. Табиат дар андешаи ӯ сабз мегардад, тасвир барои андеша хизмат мекунад. Вежагии васфи табиат дар шеъри шоир ҳам дар ҳамин аст. Зебогии фасли баҳор ва дигар манзараҳои нотакрори сол дар қалами шоир таровиш хурда, дар шеърҳои ӯ рангу бӯ ва ҷон мегирад.

Калидвожаҳо*: Рустам Ваҳҳобзода, шоир, шеър, баҳор, фаслҳои сол, табиат, зебоӣ, васф, тасвир, табиат.*

МЕДИТАТИВНО-ИЗОБРАЗИТЕЛЬНАЯ ЛИРИКА В СТИХАХ РУСТАМА ВАХХОБЗОДА

Автор статьи рассматривает изобразительные мотивы, связанные с весной и другими неповторимыми пейзажами прекрасных времен года, которые в творчестве Рустама Ваххобзода представлены с особой свежестью и красотой. Описание и изображение природы в стихах Рустама Ваххобзода уникальны и выразительны. Он неразрывно связан с природой, обретает стойкость с ее горами и чувствует близость с ее ледниками. Природа в его представлении оживает, а образ служит мысли. В этом и заключается особенность описания природы в стихах поэта. Красота весенних и других неповторимых пейзажей года преображается под пером поэта, обретая в его стихах цвет, аромат и жизнь.

Ключевые слова*: Рустам Ваххобзода, поэт, стихи, весна, времена года, природа, красота, описание, изображение, природа.*

MEDITATIVE-IMAGERY LYRICS IN THE POETRY OF RUSTAM VAHHOBZODA

The author of the article reviews the visual motifs associated with spring and other unique landscapes of beautiful seasons, which are presented with particular freshness and beauty in the work of Rustam Vahhobzoda. The description and depiction of nature in Rustam Vahhobzoda's poems are unique and expressive. He is inextricably linked with nature, finds resilience in its mountains, and feels a closeness to its glaciers. In his perception, nature comes alive, and imagery serves thought. This is the peculiarity of nature's description in the poet's verses. The beauty of spring and other unique seasonal landscapes is transformed under the poet's pen, acquiring color, aroma, and life in his poems.

Keywords: *Rustam Vahhobzoda, poet, poems, spring, seasons, nature, beauty, description, depiction, nature.*

Муқаддима.Таҳти мафҳуми «лирикаи медитативӣ-тасвирӣ» мо ашъори ғиноиеро дар назар дорем, ки дар онҳо андеша ва тасвир ба ҳам омадаанд. Дар чунин шеърҳо маъмулан тасвир барои андеша хизмат мекунад. Доираи чунин лирика дар коргоҳи эҷодии Рустам Ваҳҳобзода ба таври васеъ ба кор бурда шудаанд, яке аз онҳо ин васф ва тасвири табиат мебошад, ки мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Васфи табиат дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз оғози пайдоиши шеър ба забони порсии дарӣ то рӯзгори мо яке аз мавзуъҳои меҳварӣ маҳсуб мешавад. Аз ин ҷост, ки тасвири табиатро бо чилвaҳои гуногуни он дар эҷодиёти шоирону нависандагони гузаштаву муосир ва дар таркиби ҳамаи жанрҳои адабӣ дучор омадан мумкин аст. Хусусан, шоирони асримиёнагии адабиёти форсу тоҷик ба тасвири табиати нотакрор таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, иртиботи миёни инсон ва табиатро ба тарзу усулҳои гуногун тасвир кардаанд. Ашъори шоирони

табиатгароро, аз як тараф, васфи зебоии фасли баҳор, нағмаи гулу булбул, шукуфтану рангорангии гулҳо, боридани борон ва монанди инҳо таровиш дода, дар умум, накҳати бӯйи баҳорро ба машом нишонад, аз тарафи дигар, манзараҳои дигар фаслҳои сол зебоӣ ва махсусиятҳои хоссеро пешорӯи хонанда ба намоиш мегузорад. Аз ашъори шоирони асримиёнагии тоҷик ашъори зиёдеро нақл намудан мумкин аст, ки намунаи комили шеърҳои тавсифӣ ҳастанд. Аммо ин кор аз доираи вазифаи мо берун аст. Бинобар ин, танҳо бо зикри порчаи зерин аз ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ қаноат мешавад:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тиб,
Бо сад ҳазор зиннату ороишу аҷиб.
Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ бадил ёфт шабоб аз пайи машиб [18, с. 61].

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот. Сарчашмаи асосии дар мавод истифодашуда аз шеърҳои табиатгаро, тавсифи зебоии фасли баҳор ва манзараҳои нотакрори дигар фаслҳои солро ба намоишгузоштаи шоир Рустам Ваҳҳобзода, ки дар маҷмуаҳои “Шаҳри Хуршед”, “Салом”, “Ҳазор байт”, “Сарводаи Ватан”, “Қаламрави меҳр” ва аз баъзе ашъори назмие, ки дар рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ рӯи чоп омадаанд, баррасӣ гардидаанд. Инчунин андешаи чанде аз шоирону адабиётшиносон оиди эҷодиёти шоир оварда шудаанд.

Натиҷаҳо. Дар эҷодиёти баъзе адибони муосир, аз он ҷумла дар ашъори Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Низом Қосим ва дигарон тасвири табиат бо шаклҳои дигар, аз роҳи муқоисакунию тахайюлҳои воқеибунёд таҷассум ёфтааст. Рустам Ваҳҳобзода низ дар эҷодиёташ ин мавзуъро ба таври васеъ ва фарогир, бо таваҷҷуҳ ба тамоми ҷузъҳои табиат зиндаю воқеӣ ва фароху табиӣ ба шакли латифу мондагор офаридааст. Таваҷҷуҳ ва эҳтирому дилбастагии Рустам Ваҳҳобзода ба табиат ва манзараҳои он хеле ҳам зиёд ва амиқу таъсиргузор ҳаст. Ин хусусиятҳоро мо дар эҷодиёти ӯ дар ҳамаи жанрҳо вомехурем. Дар заминаи тасвири табиат шоир ба баъзе ибтикороте даст задааст, ки махсуси худи ӯ мебошад. Масалан, шоир баъзе унсурҳои на он қадар намоёни табиатро мавзуъи шеър намуда, ба ин васила андешаҳои тасвиркорона ва амиқи моҳиятан муҳимро пешниҳод карда, ки мазмуни иҷтимоию сиёсӣ ва умумиҷаҳонӣ доранд. Дар чунин ҳолат дарунмояи аслии шеърҳои манзаранигории шоир натанҳо васфи табиат, балки тасвирҳои баргирифта аз заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ доранд. Вижагии дигар ин аст, ки васфи унсурҳои табиат дар шеърҳои шоир ҷанбаи хосси табиӣ дорад. Тавре ки шоир ва муҳаққиқ Лаълҷубаи Мирзоҳасан нигоштааст: “Шоир ҳар замон ва ҳама замон бе муроҷиат кардан ба табиат шеър гуфта наметавонад ва ё шеъре меофарад, ки хушку маъюб аст”[11, С.16].

Дигар ҷиҳати фарқкунандаи ашъори дар васфи табиат эҷоднамудаи Рустам Ваҳҳобзода ин аст, ки он натанҳо васфи гулу булбул ва баҳори дилфиребро дорад, балки фасли зимистони барфпӯш ва яху барф ҳам ба шоир манбаи илҳоми эҷодӣ мебахшад. Масалан, яке аз ҳамин гуна тасвиркориҳои маънодорро мо дар манзумаи «Лозуркӯҳ» бармало мушоҳида менамоем:

Истода ту дар муқобили тӯфон
Як деҳаи муштипар дар оғӯшат.
Эй Пири муроди банда, Лозуркӯҳ,
Ҳошо, ки даме кунам фаромӯшат.

Селоб ба рӯи синаат канда
Аз қарн ба қарн дарраҳои жарф.
Гаҳ ҷомаи сабзи хусравон дорӣ.
Гаҳ хирқаи сӯфи сӯфиён аз барф.

Саҷҷодаи туст осмони шаб,
Тасбеҳи ситораҳо дар ангуштат.
Дарёи шароби нур мерезад
Дар косаи сангҳо зи чархуштат... [3, с. 8].

Дар ин шеър мавзуи асосӣ лозур, яъне пиряхҳо ҳастанд ва сухан дар бораи ҳифзу арҷгузории гавҳари ҳастӣ - об ва ҳамзамон неъматҳои маънавии миллӣ мебошад. Манзумаи

«Лозуркӯҳ» аз назари муҳтаво чандбуъдӣ буда, фарогири мазмунҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, инсонию табиӣ мебошад. Аммо манзури шоир такя ба яке аз ҷиддитарин ва замонатарин мавзуи асри мо мебошад, ки ба дигаргуншавии иқлим иртибот дорад. Шоир ба воситаи ин манзума сайёраро аз хатари дигаргуншавии табиату иқлим огоҳ мекунад. Шоири тавоною ҳунарманд тавонистааст, чунин огаҳиро саривақт бо тасвирҳои шоиронаву табиӣ ба ришгаи назм кашад.

“Масъалаи муҳофизати муҳиту атроф ва истифодаи захираҳои табиӣ дар ҳақиқат яке аз проблемаҳои ҷиддитарини асри мо ба ҳисоб меравад. Вазифаи инсон азхудкунии замин ва онро дар шакли беҳтаринаш бар насли оянда вогузоштан аст. Муносибати гумманистӣ ба табиат яке аз вазифаҳои муҳими назариявӣ ва амалии ҷамъият мебошад” [12, с. 56].

Вақте ки соли 2008 ин манзума чоп шуд, баъзеҳо чунин истиқбол намуданд, ки «наход одам дар бораи ях достон нависад?». Мавзуи адабиёт кардани онро баъзеҳо тасаввур намекарданд. Аз ин худи шоир ҳам хеле мутассиф ҳаст, ки: «Дар адабиёти мо, вақте ки нигоҳ мекунед, умуман ин хеле эҳсос мешавад, масалан, вақте ки мо мехоҳем дар бораи барф, ях, зимистон, ки инҳо як навъ неъматҳои муҳимтарини табиӣ ҳастанд, агар шеъре ё асаре пайдо кунем, дасти мо дар ҳаво мемонад. Аммо ба адабиёти рус ё адабиёти аврупо муроҷиат кунем, пур-пур аст шеърҳо дар васфи зимистон, барф, зебоиҳои табиати зимистон, ки онҳо хеле зиёданд».

Аз ин бармеояд, ки муҳити иҳотанамудаи табиат ба гунае бошад, таъсирпазириаш ба одамон, хоса ба эҷодкорону тасвирнигорон ҳамон қадар нуфӯзи зиёд дорад. Мо тоҷикон, мардуми ориёнажод тамоюл ба зебоиҳои баҳор, ба хӯшиҳои Наврӯз дорему бародарони рус ба тароватҳои тирамоҳӣ заррин ва қазоқҳо ба зебоиҳои даштҳои бопаҳнояшон.

Ин як тарафи масъала, тарафи дигари масъала шинохтани воқеиятҳои табиӣ дар ҳамсозӣ ва пайвастагӣ ба воқеиятҳои иҷтимоӣ, яъне пайванди равандҳои табиат, таҳаввули табиат бо равандҳои таҳаввули иҷтимоӣ аст.

Берун рафтани инсон аз меъёрҳои арзишманд дар назар аст, ки аз ҷумлаи онҳо ҳифзи табиат, ҳифзи сармояҳои табиӣ, эҳтироми онҳо, покиза нигоҳ доштани онҳо, даст кашидан аз исроф ва таҷовузи табиат мебошад. Бо берун рафтан аз ҳамин хатти сурх, ин таносуби замину осмонро халалдор мекунад. Дар ҳақиқат, имрӯз башарият ба чунин фоҷиае, аз қабили гудохта шудан ва нобуд шудани захираҳои об рӯ ба рӯст, ки ҳатто таъсир ва натиҷааш ба Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ мерасад.

Дар айни ҳол чӣ чиз ҳаст, ки инсонро ба ин варта андохтааст, ки натиҷаи фаъолиятҳои ӯ ба ин чиз, ба ин фоҷиа анҷомад. Ҳамин хароб кардани эътиқод, хароб гаштани арзишҳои ахлоқӣ, фаромӯш шудани рисолати инсонҳо, ки онҳо масъули ҳифзу нигоҳ доштани тамоми олами мавҷуд мебошанд, на ин ки масрафкунандаи он ҳар қадар, ки ба даст меояд ва метавонанд, масраф кунанд. Балки онро ҳифз кунанд, барои он ки эҳсоси масъулият кунанд. Инсон, вақте ки аз ин арзишҳои маънавӣ дур шуд, ба ин ҳол натиҷааш ҳамин мешавад ва натиҷааш дар табиат ҳам ногузир мешавад.

Аз ин ҷост, ки шоир дар образи Лозур тамоми яхҳои дерсоли куҳистонӣ ва дар баробари онҳо, арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии инсониро гузоштааст. Вақте ки ин арзишҳо, ин эътиқодҳо, ин анъанаҳо, ин суннатҳо мисли ях гудохта об мешаванд, аз байн мераванд, ин яхҳои табиӣ ҳам гудохта ва об мешаванд. Шоир дар ин ҷо гуфтанӣ ҳаст, ки инҳо бо ҳам ҳастанд, инҳоро бо ҳам ҳифз бояд кард, инҳоро аз исроф бояд нигоҳ дошт.

Аз аҳаммияти ин достон ҳам, мисли манзумаҳои дигаре, ки ёдоварӣ кардем, ҷомеа хеле баъдтар аз замони иншояш пай бурд. Моҳияти ин мавзуъ барои ҷамъи хонандагони мо, умуман ҷомеаи мо, баъд аз масъалагузории Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ, дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим, дар шаҳри Копенгаген [15, с. 1] равшану ошкор шуд. Ҳангоми суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин Созмони бонуфуз оид ба тағйирёбии иқлим изҳори нигаронӣ намуда, чунин арза дошт: «Аз таърихи Осиёи Марказӣ маълум аст, ки саҳлангорӣ нисбат ба истифодаи захираҳои табиӣ ба чӣ оварда мерасонад. Бо назардошти фоҷиаи воқеии баҳри Арал мо набояд ба

нобудшавии пиряхҳо, ки манбаи асосии ҳаёт дар Осиёи Марказӣ мебошанд, роҳ диҳем. Аз ин рӯ, зарурати таъсиси Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳоро, ки метавонад кӯшиши кишварҳои минтақа ва созмонҳои байналмилалиро дар ин бахши муҳимми стратегӣ муттаҳид намояд, ногузир мешуморам» [14, с. 1].

Ҳамин мазмун дар манзумаи «Лозуркӯҳ» дар якҷоягӣ омадааст, шоир ба кӯҳҳо ба ин маҳзари устуворӣ ва побарҷой ҳамчун ба як мавҷуди зинда, дорои эҳсоси тафаккур муроҷиат карда, андешаҳои худро гуфтааст.

Рустам Ваҳҳобзода дар бораи ашёи табиат назару нигоҳи тоза ва амиқу дақиқ дорад ва дар ин хусус андешаҳои Камол Насрулло, ки худ дар адабиёти муосири мо силсилаи манзумаҳо сурудааст, доир ба манзумаҳои Рустам Ваҳҳобзода чунин ақидаронӣ намудааст: «Манзумаи «Лозуркӯҳ» зангӯлаест, ки бонги хатар аз тақдиру пешомади инсону замин мезанад, манзумаест, ки саропо рамзӣ, ки дар он ҳунар ва андеша тавъамон бо ҳам ба ҷилва меоянд ва бо тасвирҳои шоирона онро хонданӣ кардаанд... Манзумаи «Кӯҳистон» низ як манзумаи ҷолиб дар мавзуи худшиносии миллӣ ва хусусан худшиносии мардуми кӯҳистон буда, дар он бисёр вижагиҳои табиӣ ва маънавии мардуми кӯҳистон тасвири шоирона ёфтаанд..., «Дилнома» манзумаест, ки дар радифи дилномаҳои маъмулу машҳури шоирони номдори пешин навишта шудааст, аммо баёнҳои тозаи худро дорад... Манзумаҳои «Шаҳри хуршед» ва «Соқинома» мисли ин, ки дар сабки Ҳофизи Шерозиву Иқболи Лоҳурӣ табъозмоӣ мекунад ва кӯшидааст мазмуну тасвирҳои тозаи худро ба ин жанрҳои маъмул ворид созад [13, С. 10].

Шоир ба ҳар гиёҳу дарахт, ҳар санги табиати кӯҳистони диёр шукӯҳу шаҳомат мебахшад, онҳоро мансуб на фақат ба ин диёр, балки ба тамоми сайёра медонад ва дар баробари ин ба мо эҳсоси сарбаландиву ифтихор аз Ватан медиҳад:

Дар марзи Ватан ситодаам настӯҳ,
Бебим зи турктози ҳар анбӯҳ.
Оҳехта теғҳои Лозуркӯҳ,
Ойинаи зулфиқори ман ин ҷост.

Мисли он ки шоир тамоми тобишу дурахши табиат, инсон ва одобу суннати кӯҳистонро гулчин намуда, чун машъала дар ин манзума ба рӯи каф бардоштааст» [13, с. 10].

Муҳақиқи дигар Олими Бухорӣ оид ба тасвиркориҳои табиат дар ашъори Рустам Ваҳҳобзода чунин ақидаронӣ намудааст: «Шеър боғу баҳор ва мояи шодмонии ӯст. Боғи шоир ҷоест, ки дар он идроку эҳсосу отифаҳояшро маҷоли рӯидан медиҳад. Андешаҳо дар иқлими сухан гӯшту пӯсту ҷон мегирад ва по ба арзагоҳи зуҳур мениҳанд [1, с. 4].

Мавзуи манзумаи “Лозуркӯҳ” аз ҷумлаи мавзуъҳои муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, иборат аз ҳифзу ҳимояи муҳити инсонӣ аст.

Ин гуна андешаҳои тасвиркорона аз ашё ва манзараҳои табиат дар шеърҳои дигари Рустам Ваҳҳобзода низ бо тамоми ҷузъиёташ ба мушоҳида мерасад. Дар шеъри «Меҳани наврӯз» шоир шукӯҳу азамати ҷашни Наврӯзро дар риштаи назм кашида, аз таърихи он, аз сарсабзу хуррам гаштани табиат, аз нурпошии офтоб, аз ҳафт сину ҳафт шини хони наврӯзӣ ёдовар шуда, «садои булбулони ёсинхон»-у «ҳилоли моҳ» барин таъбирҳоро офаридааст, ки зеҳни хонандаро ба як диёри афсонавии биҳиштосо мебарад, ки дар ҳақиқат, инъикосгари Наврӯзи Ватан аст. Махсусан, мисраъҳои зерини ин шеър аз ҳамин дидгоҳ пуршукӯҳанд:

Ҳилоли моҳ дар ҳар чашмае чун моҳии тиллост,
Шакарнам метаровад аз насими шукр дар шабгир,
Саҳар хоби ту бо бишкуфтани гул мешавад таъбир,
Дар ин ҷо сурмаи шаб рӯшании дидаи рӯз аст,
Ба ҳар ойин, ки хоҳӣ,
Тоҷикистон,
Меҳани ҷовиди Наврӯз аст [2, с. 52-54].

Дар ин хусус андешаи шоир Низом Қосим қобили тавақҷӯҳ аст: «Вусъати тафаккуру хаёл, ки боиси вусъати табии баёну ифода мешавад, ҷиҳати хосси шеъри Рустами Ваҳҳоб аст» [9, с. 14].

Муҳокима. Дар шеърҳои дар васфи табиат иншо намудаи шоир натанҳо мо васфи табиатро яктарафа мебинем, балки як пайванди ногусастание байни шоир ва табиат мебинем, ки онҳо бо ҳам дар гуфтугӯ ҳастанд ва он ашёҳоро мо гӯёву зинда мебинем. Дар чунин шеърҳо эҳсосу андешаи шоир амиқ ҳастанд, нуҳуфтагии асрори табиат ва дили қаҳрамони лирикии шоирро баръало эҳсос мекунем. Масалан, тасвирҳои мавҷуд дар шеърҳои дар васфи «Наврӯз», «Наврӯзгоҳ», «Меҳани Наврӯз», «Барф», «Охирин барф», «Ойини гургон», «Себи охирин», «Зимистон», «Булбул», «Девони Наврӯз», «Эй дарё», «Дар остонаи зимистон», «Ҳарфи барф», «Оҳуи барф», «Кабки дарӣ» намунаи гуфтаҳои болоанд.

Васфи унсурҳои табиат дар шеърҳои кӯтоҳ ва қитъаҳои шоир, дубайтӣ ва рубоиҳо низ дида мешавад, ки ҷанбаи ғиноӣ доранд. Дар шеърҳои кӯтоҳ, ба монанди «Хазон», «Новбон», «Субҳи зорун», «Хор ва булбул», «Шерози зимистон», «Гулҳои тирамоҳӣ», «Паранда», «Қонуни табиат», «Домони кӯҳистон» ва ғайраҳо шоир тавонистааст, мазмуни мухтасаре аз ҳар як ашёву ҳодисаи дар табиат мушоҳида намудааш иншо намояд, ки хеле ҳам мутаассиркунандаву ҷазобанд.

Барои мисол тасвири «Кӯҳ»-ро мегирем, ки дар эҷодиёти шоир ин мафҳум хеле зиёд истифода шудааст. Ин манзара шояд дар назари як шахси оддӣ як теппаи сангӣ ё хокӣ бошад, аммо тасвири он дар шеърҳои Рустам Ваҳҳобзода ранг мегирад, маъно медиҳад ва билохира, рӯҳу ҷон мегирад. На ҳар кас метавонад ин манзараро бо рангиние, ки шоир дар назар дорад, дарк намояд, аммо тавре ки шоир бо андешаю тахайюли хос ҳам дар назм ва ҳам дар наср ва суҳбатҳо ба навъе сухан мегӯяду тасвир мекунад, ки пеши назари шунаванда ва ҳатто бинанда на як кӯҳи оддӣ ё як теппаи сангӣ, балки як дунёи афсонавӣ, як олами рӯъёҳо, як манзараи зебою дилкаш, хушбоду ҳаво, нурпош, қавӣ ва манфиатовару зархез, пурсарвату судбахш ва мафтункунанда пайдо гардида, ҷилвагарӣ менамояд. Шоир дар манзумаи «Лозуркӯҳ» ин андешаи худро чунин баён доштааст:

...Эй Пир, дуруд, ҷовидон бошӣ,
Бо ёди ту як нафас намегирам.
Сад шукр, ки боз дидамат барҷой,
Бе ту камтар зи нақши тасвирам...[4, с. 63].

Васфи табиат, алалхусус васфи табиати зебои кӯҳистон, васфи баҳори дилрабою мафтункунандаи он, ки шоир ба ҳар сангу хор ва оби рӯду ҳавои мусаффои он дар гуфтугӯ ва ҳамроз аст, хеле ҳам табиӣ омадаст. Дар ин шеър таассурот, таҷриба ва эҳсосу андешаи шоир фикри хонандаро ба баҳори нотакрори кӯҳистон мебарад. Дар ин рубоиёт ҳам чунин тасвиркориҳои олӣ дида мешавад. Масалан, дар рубоии зерин:

Эй кӯҳ, ғурури ту писанд аст маро,
Тамкину сабурии ту панд аст маро.
Як пораи хораи ту будам шояд,
Баҳри чӣ иморате? Кӣ кандаст маро? [7, с. 195].

Дар ин рубоӣ шоир аз мақбулии ғуруру тамкину сабурии кӯҳ сухан ронда ва чунин сифатҳоро аз кӯҳ омӯхтанашро низ ноаён ифшо намудааст, ки мо инро дар ашъори ӯ мебинем ва бармало мушоҳида мекунем. Ин мавзуъ дар адабиёт мавзуи нав нест, аммо як пораи хораи санги кӯҳ будан ва суоли шоир: кӣ? ва баҳри чӣ чизе? кандааст варо наву тоза аст. Чунин тарзи гуфтори шеърофарии Рустам Ваҳҳобзода дар ин самт фарқ дорад. Шоир фарзанди кӯҳистон аст, аз ин рӯ, ҳар як вақаб қадамҳои онро хуб медонаду бо диду дарки шоирона эҳсос ва бо фикру андешаи фозилонаю орифона баён медорад. Дар ин маврид дар мақолаи «Шеъри дарунафрӯз» нуктаи муҳимми андешаи Ҳафиз Раҳмонро дар он мебинем, ки вижагии шеъри Рустам Ваҳҳобзодаро чунин баён доштааст: «ба сарманзили шеър аз пайраҳаи маънӣ ворид мешавад ва барҷастагии маънӣ дар ҳама анвои шеъраш ба мазраи тафаккур мерасад» [17, с. 3].

Дар фардбайтҳои шоир низ тасвири табиат хеле гӯёву ҳакимона ба қалам дода шудааст. Намунаи чунин тасвиркориҳоро мо дар фардбайтҳои зерин мушоҳида мекунем:

Чу лола порсое дар чаман нест,
Бисоти лола ҷуз як пираҳан нест [19, с. 6].

Шоир Низом Қосим роҷеъ ба ин байти шоир чунини изҳори андеша намудааст: оё судар ин байт сухан аз лолаву чаманаст? Оё на аз он аст, ки хонанда аз покиву порсоӣ, собириву қаноат, умри зебову рангин ба сар бурдан ва аз ёди хушу гуворе аз хеш ёдгор мондан биандешад?.

Хурӯсе дертар аз хоб барҷаст,
Бизад бонг: «Офтобе рафт аз даст!» [19, с. 13].

Ин байти шоир бо мақоли халқи омезиш ёфтааст ва аз назари муаллифи сарсухани маҷмуаи "Ҳазор байт" Низом Қосим дур наафтодааст: "...Ин байт барои андешаҳо перомуни мақсаду мароми ҳаёт, ғанимату бебозгашт будани ҳар дами умр, бебедалии ҳамназарону қадрдонии барвақту бетаъхир чӣ қадар фазо медиҳад"[19, с. 6].

Пири девони Зимистон гуфт: Мамнӯъ аст тақлид,
Ҳар касе бояд раҳи худро ба пои худ нависад [7, с. 226].

Дар ду мисраи боло шоир андешаи пурҳикмате аз забони пири Зимистон иброз доштааст, ки хеле табиӣ ва бамаврид омадааст. Дар ин ҷо шоир коргоҳи эҷодиро ба як саҳнаи сафеди барфпӯш нисбат дода ва аз забони он мегӯяд, ки тақлид набояд кард ва ҳар як шахс бояд ҳар кас роҳи эҷоди худро дошта бошад. Ё ба ҳамин байт монанд бо зарбулмасали "оби дари хона лой аст", яъне аз наздику ҳамсоягӣ будани касеву чизе, ки дар чашми одамон беқадру камтаваҷҷӯҳ аст, шоир дубайтии зеринро иншо намудааст:

Кас қадри замони худ надонад,
"Оби дари хона тира бошад" [8, с. 342].

Дар байти баъдӣ шоир бо як ташбеҳи созгору обдор ва бо лутфи сухани нозук, бо монанд кардани рӯйи доғмондаи офтобро бо задани санг, ки дар осмон ба шумори ситорагони осмонанд, сухани бикру тоза ва ҷолиб омадааст.

Бинишин як шабу то субҳ ситора бишумор,
То бубинӣ, чи қадар санг ба хуршед заданд. [19, с. 6].

Хулоса. Ҳамин тавр, васфи табиати нотакрори меҳан, хусусан табиати кӯҳистон, ки ватани аслии шоир Рустам Ваҳҳобзода аст, ҳеҷ гоҳ аз назари шоир зудуда намегардад ва дур наемонад. Ин мавзуъ ҳама вақт дафтари эҷоди шоирро бо тамоми рангорангии фаслҳои сол зебу оро мебахшад ва ҳамеша дар дафтари эҷоди шоир ҳар замон як саҳифаи наве боз хоҳад кард. Чунин шеърҳо ҳамчун намунае аз ашъори пурғановати шоир боқӣ хоҳанд монд, ки хонандагони ашъораш аз накҳати тару тозаи баҳори ашъори шоир баҳравар хоҳанд шуд.

Адабиёт

1. Бухорӣ, О. Шеър пайки огаҳист / О. Бухорӣ // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 4 июн. – №23 (1474). – С. 4.
2. Ваҳҳоб, Р. Шаҳри хуршед / Р. Ваҳҳоб : муҳаррир ва муаллифи сарсухан Гулрухсор. – Душанбе: Фарҳангистони байналмилалии Шеъри Ҷаҳон, 2008. – 167 с.
3. Ваҳҳоб, Р. Лозуркӯҳ / Р. Ваҳҳоб // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 23 июл. – №30 (1481). – С. 8.
4. Ваҳҳоб, Р. Лозуркӯҳ / Р. Ваҳҳоб // Садои Шарқ. – 2010. – №1. – С. 62-66.
5. Ваҳҳобзода, Р. Наврӯз / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 20 март. – № 12, 13 (1724). – С. 5.
6. Ваҳҳобзода, Р. Лозуркӯҳ / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 27 июн. – № 26 (1945). – С. 6-7.
7. Ваҳҳоб, Р. Салом / Р. Ваҳҳоб. – Душанбе: Адиб, 2015. – 256 с.
8. Ваҳҳобзода, Р. Қаламрави меҳр / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе:Нашриёти Адиб, 2022. – 368 с
9. Қосим, Н. Бозгашти шоир / Н. Қосим // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 12 март. – №10 (184). – С. 14.
10. Миралиева, С. Т. Андешаҳои адабию эстетикӣ дар лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода / С. Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.Шуъбаи илмҳои филологӣ. – 2024. – № 4 (111). – С.172- 178.
11. Мирзоҳасанов Л. Ҳусни тиабиатдар шеъри сабки хуросонӣ / С. Мизоҳасанов. – Душанбе, 2010. – 164 с.

12. Муҳаббатов Х. Инсон ва сарватҳои табиат //Х. Муҳаббатов. – Душанбе, 2002. – 342 с.
13. Насрулло, К. Ҳарфе ба лаб як пора ҷон... (ваалайка бар “Салом”-и Рустам Ваҳҳобзода) / К. Насрулло // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 13 июл. – № 28 (1895). – С. 10-11.
14. Раҳмон, Э. Дар давоми даҳсолаи охир қариб сӣ дарсади ҳаҷми пиряхҳои Тоҷикистон об шудааст // Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Симпозиуми байналмилалии рушди устувор оид ба об ва беҳдошт / Э. Раҳмон // Садои мардум. – 2016. – 11 август. – № 106 (3586). – С. 1- 2.
15. Раҳмон, Э. Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои обу иқлим аҳамияти хосса медиҳад //Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағирёбии иқлим,ш.Копенгаген.–16 декабри соли 2009/Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2009. – 19 декабр. – №152 (21658). – С. 1.
16. Раҳмон, Ҳ. На ҷон гуфтам, на тан гуфтам.../ Ҳ. Раҳмон // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 1 ноябр. – №44 (1963). – С. 10-11.
17. Раҳмон, Ҳ. Шеъри дарунафрӯз / Ҳ. Раҳмон // Адабиёт ва санъат. –2020. 15 октябр. – №42 (2065). – С. 3.
18. Рӯдакӣ, А. Ашъор/ А.Рӯдакӣ.-Душанбе: Адиб, 2019. Чопи 2. – 416 с.
19. Ваҳҳобзода, Р. Ҳазор байт (муфрадоти бадеҳа) / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2020. – 160 с.

***Маълумот дар бораи муаллиф**: Миралиева Сарварбӣ Толибовна - Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов. 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, маҳ. Лучоб, 53. E-mail: sano00475@gmail.com*

***Сведения об авторе:** Миралиева Сарварби Толибовна - Кандидат филологических наук, доцент кафедры языков Таджикский институт физической культуры имени С. Рахимова 734053, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Лучоб, 53. E-mail: sano00475@gmail.com*

***Information about the author**: Miralieva Sarvarbi Tolibovna - Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Languages. Tajik Institute of Physical Culture named after S. Rahimov. 734053, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Luchob, 53. E-mail: sano00475@gmail.com*

ТДУ 821.222.8.09

НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ ШАРҲНАВИСӢ БАР “МАСНАВИИ МАЪНАВӢ”-И МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

Саидов Мирҳидоятулло Файзуллоевич
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мақолаи мазкур ба таҳқиқу арзёбии бахше аз шарҳҳое бахшида шудааст, ки дар атрофи “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно таълиф шудаанд. Зикр шуда, ки навиштани шарҳ ба “Маснавии маънавӣ” ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт будани Ҷалолуддини Балхӣ шуруъ шудааст. Аз сарчашмаҳои мавҷуд чунин бармеояд, ки худи шоир дар маҷлисҳову нишастҳое, ки доир менамуда, ба бархе аз мафҳумҳову мавзуъҳои душворфаҳм шарҳ медодааст. Пас аз вафоти адиб нахустин шореҳи осори ӯ писараш Султон Валад будааст. Дар ин мақола ба нахустин шарҳҳо ва чанд шарҳи дигаре, ки дар тули замон бар Маснавӣ навишта шудаанд, таваҷҷуҳ шудааст.

Калидвожаҳо: *адабиёт, адабиётшиносӣ шоир, “маснавии маънавӣ”, шарҳ, шореҳ, таҳқиқ, таҳлил.*

ИСТОРИКО-ГЕРМЕНЕВТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ТРАДИЦИИ КОММЕНТИРОВАНИЯ «МАСНАВИИ МАЪНАВИ» ДЖАЛАЛУДДИНА БАЛХИ

Статья посвящена историко-герменевтическому анализу и критической оценке поэмы Джалалуддина Балхи «Маснавии маънави». Автор констатирует, что практика герменевтического истолкования произведения берет свое начало еще при жизни поэта. Источниковедческий анализ свидетельствует о том, что поэт лично выступал в роли интерпретатора наиболее сложных теологических и философских концептов в ходе суфийских собраний. Первым комментатором наследия мыслителя после его кончины выступил его сын Султан Валад. В работе рассматриваются генезис и эволюция ранних комментариев, а также дается обзор ключевых трудов в области комментирования «маснавии маънави», созданных в различные исторические периоды.

Ключевые слова: *литература, литературоведение, поэт, «Маснавии маънави», комментарий, комментатор, анализ, исследование.*

HISTORICAL AND HERMENEUTIC ANALYSIS OF THE COMMENTARY TRADITION OF JALAL AL-DIN BALKHI’S MASNAVI-I MA’NAVI

This article is devoted to the historical-hermeneutic analysis and critical evaluation of the exegetical tradition surrounding Jalal al-Din Balkhi’s poem, the Masnavi-i Ma’navi. The author establishes that the practice of hermeneutic interpretation of the work originated during the poet's lifetime. Source analysis indicates that Rumi himself acted as an interpreter of the most complex theological and philosophical concepts during Sufi gatherings. Following the thinker's passing, the first commentator on his legacy was his son, Sultan Walad. The paper examines the genesis and evolution of early commentaries and provides an overview of key works in the field of Masnavi studies produced across various historical periods.

Keywords: *literature, literary studies, poet, Masnavi-i Ma’navi, commentary, commentator, analysis, research.*

Муқаддима

Шарҳнависӣ дар таърихи адабиёти тоҷик ҳарчанд пешинаи тулонӣ дорад, вале ба таври умум шарҳҳои мавҷуд ба гунаи шоиста мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Яке аз осоре, ки беш аз ҳар асари дигаре бар матнаш шарҳ навиштаанд, “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно мебошад. Вуҷуди шарҳҳо зарурати таҳқиқу баррасии низомманди онҳоро талаб менамояд. “Орифи бузург Мавлонои Балхӣ дар тамоми ақсои Шарқу Ғарб бо наҷми оламгири худ маъруф гаштааст ва шеъру андешаҳои фалсафии ӯро дар тамоми олам бо завқу шавқи беандоза чи пиру чи ҷавон, чи марду чи зан, новобоста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинии худ қироат мекунанд. Як сабаби асосии ба эҷодиёти мутафаккир рӯ овардани мардуми зиёде дар кишварҳои гуногуни олам ба он алоқаманд аст, ки ӯ аксарияти масъалаҳои ҳаётан муҳимро воқеъбинона тафсир кардааст. Ин воқеъбинӣ дар қолаби ирфонӣ инъикос ёфта бошад ҳам, на танҳо бо ҷаҳонбинии

аҳли тасаввуф ва тафаккури шахсии ин марди донишманд, балки бо тарзи ҳаёт ва шароити таърихию иҷтимоие, ки мутафаккир дар он тарбия ёфтааст, сахт алоқамандӣ дорад. Ин аст, ки андешаҳои зиёди ирфонии Мавлоно то кунун ҳам аҳамияти худро гум накардаанд ва аксарияти он дархури ниёзмандӣ ва эҳтиёҷоти фикрию ахлоқии ҷаҳони муосир аст" [1, с. 254-255].

«Маснавии Маънавӣ» аз ҷумлаи бузургтарин ва ҷомеътарин асари манзуми ирфонӣ ва дурахшонтарин ситораи осмони адаби форсу тоҷик ва аҳли ҷаҳон аст. Ашъори «Маснавӣ» дарёе аз ҳикмату маърифат аст, ки орифи комилу восил, Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ барои ҳидояти соликон ва намудани роҳи уруҷу парвози ҷон сурудааст. Шояд ҳеҷ шоиреро дар арсаи забону адабиёти форсу тоҷик натавон ёфт, ки монанди ӯ бо баҳрагирӣ аз Қуръону ҳадис ва панду ҳикматҳо ва овардани ҳикоёт аз каромоту воқеоти шигифти орифон, инчунин мафоҳими ирфонӣ ва ахлоқиро дар қолаби ашъори равон баён карда бошад.

Таълифи беш аз сад шарҳ аз «Маснавӣ» ба забони форсӣ ва даҳҳо тарҷумаву шарҳ ба забонҳои туркӣ, урду, пашту, панҷобӣ, синдӣ, шведӣ, олмонӣ, англисӣ, итолиёвӣ, фаронсавӣ, арабӣ ва даҳҳо гузидаву мунтахаб аз он, нишон аз азамати ин орифу шоири бузурги форс аст [2].

Дар ин мақола ибтидо ба аҳаммияти китоби «Маснавии Маънавӣ»-и Мавлоно мепардозем ва сипас дар бораи оғози шарҳнависӣ бар «Маснавӣ» дар Эрон ва аввалин шореҳони он сухан мегӯем ва ба шинохти бархе аз шуруҳи муфиди «Маснавӣ» дар Эрон мепардозем ва ҷойгоҳи Мавлоноро дар ҷаҳон баррасӣ мекунем.

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот

Дар раванди таҳқиқ нишон дода шуд, ки то чӣ ҳад шореҳон аз якдигар таъсир пазируфтаанд ва оё дар ин таъсирпазирӣ ба матни аслии «Маснавӣ» назар доштаанд ё не? Ва оё шарҳҳое, ки бар «Маснавӣ» нигошта шудаанд, арзиш ва эътибори яксоне доранд? Ва бартарин шореҳони эронӣ чӣ касоне ҳастанд? Ва беҳтарин шарҳе, ки дар бораи «Маснавӣ» навишта шудааст, кадом аст?

Мавзуи таҳлил мураккабии истилоҳоти ирфонӣ ва жарфии маънои ашъор, ки боиси он гаштааст, ки ҳар кас аз нигоҳи худ онро тафсир кунад.

Дар раванди таҳқиқ ба таҳлили муқоисавии чаҳор шарҳи таҳлилшуда, вижагиҳо ва ихтисосоти онҳо баррасӣ карда шуд, то хонанда тавонад шарҳи мавриди писанди хешро ҳамчун беҳтарин шарҳ интихоб намояд.

Объекти таҳқиқи ин мақоларо шарҳҳое ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ – Рейнолд Николсон – "Муқаддимаи Румӣ ва тафсири "Маснавии маънавӣ". Тарҷума ба англисӣ, тасҳеҳи матн ва решашиносии ирфонӣ"52], Бадеъуззамон Фурӯзонфар – "Шарҳи амиқи таърихӣ ва истинод ба маохизи ашъор" 562], Карим Замонӣ – "Шарҳи ҷомеъ ва равон барои истифодаи омма ва хос (дар 7 муҷаллад)". 572], Муҳаммад Истеъломӣ – "Шарҳи илмӣ ва интиқодӣ бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои адабӣ" 58] таълиф гардидаанд.

Натиҷа

«Маснавии Маънавӣ»-и Ҷалолуддин Мавлавӣ бузургтарин ҳамосаи руҳонии башарият аст, ки Худованд барои ҷовидона кардани фарҳанги эронӣ онро ба забони порсӣ ҳадя карда ва ҳанӯз башарият дар нахустин зинаҳои шинохти ин асари жарфу беҳамтост. Шарҳи «Маснавӣ» — асари ҷовидони Мавлоно Ҷалолуддин, аз ҷумлаи китобҳоест, ки пайваста мавриди иноят ва истифодаи хосу ом будааст ва ба хотири душвориҳое, ки дар фаҳми истилоҳ ва мазмунҳои он дида мешавад, шарҳҳои мухталиф бо салиқаҳои мутафовит бар он навишта шудааст577, с. 172] .

Ашъори орифона ва рамзолуди Мавлоно дар «Маснавӣ» ва «Ғазилиёти Шамс» аз ҳамон оғоз андешаҳо ва азҳони бисёре аз хонандагон ва муридонеро, ки дар партави каломи ӯ ҷон меёфтанд, ба худ мутаваҷҷеҳ карда буд. Аз осоре чун «Фиҳи мо фиҳ», «Мактуботи Мавлоно» ва «Маноқибу-л-орифин» чунон бармеояд, ки дӯстон ва ёрон низ порае аз мушкилоти «Маснавӣ»-ро аз худи Мавлоно мепурсидаанд ва Мавлоно ба онҳо посух мегуфтааст.

Ба таври мисол дар бораи байти зерини:

Гуфт Пайғамбар, ки нафҳатҳои Ҳақ,
Андар ин айём меорад сабақ. [579, с. 652]

Мавлоно дар яке аз номаҳои худ «нафҳатҳои Ҳақ»-ро чунин тавзеҳ медиҳад:

«...назди муҳаққиқон ин нафҳот (насимҳо), анфоси (нафасҳои) бародарони динӣ аст, ки бар бародарони дигар сабақ ёфтаанд; анфоси эшон ва назарҳои эшон ва омезгорӣ бо эшон, нафҳот ва мавоҳиб (бахшишҳо) ва атоё ва хилқати Ҳақ аст». [8, 26]

Бинобар ин, метавон гуфт, ки аввалин шореҳи «Маснавӣ» худи Мавлоно аст. Осори дигари Мавлоно монанди «Фиҳи мо фиҳ», «Ғазалиёти Шамс» ва ғайра низ метавонанд то ҳадде дар фаҳм ва шарҳи абёти «Маснавӣ» кӯмак кунанд. Ба таври мисол дар бораи байти зерин:

Сурати мо андар ин баҳри азоб,
Медавид чун косаҳо бар рӯи об.
Ҳар чӣ сурат мевасилат созадаш,
З-он василат баҳр дур андозадаш. [9, 44]

Дар «Фиҳи мо фиҳ» мегӯяд: «Ма ҳамчун косаем бар сари об; рафтани коса бар сари об ба ҳукми коса нест, ба ҳукми об аст... Бешак, ҳамаи косаҳо бар сари оби қудрат ва машийят (хости Худо) аст». (Мавлавӣ, 1348: 143) [11, 143]

Маънои порае аз румуз ва истиороти ирфониро низ метавон аз «Ғазалиёти Шамс» ба даст овард. Мавориди мутааддиде дар «Маснавӣ» вуҷуд дорад, ки Мавлоно калимаеро ба сурати рамз ё истиора ба кор бурдааст ва қаринае (нишонае) барои мақсуд зикр накардааст, вале дар «Ғазалиёт» бо зикри он ба сурати ташбеҳ ба мафҳуми байт кӯмак кардааст.
Ба таври мисол дар «Маснавӣ» мехонем:

Парда бардору бараҳна гӯ, ки ман,
Менахусбам бо санам бо пираҳан.[9, 19]

«Пираҳан» дар ин байт ба сурати рамз ба кор рафтааст ва қаринае (ба ҷуз қаринаи маънавӣ) барои фаҳми рамз вуҷуд надорад. Вале дар девони «Ғазалиёти Шамс» аз забони Мавлоно мехонем:

Бо ту бараҳна хуштарам, ҷомаи тан бурун кунам,
То ки канори лутфи ту ҷони маро қабо буда.[15]

Бинобар ин, мақсуд аз «пираҳан» ҳамон тан ва буъди ҷисмонӣ аст, ки пӯшонандаи ҷон буда ва ба пираҳан ташбеҳ шудааст.

Баъзе аз достонҳо ва ривоятҳои нақлшуда дар «Маснавӣ» бо тафсили бештар дар «Маҷолиси сабъа»-и ӯ низ омадааст; монанди достони Пайғамбар (с) ва Зайд дар дафтари аввали «Маснавӣ» бо матлаи (байти аввали) зерин:

Гуфт Пайғамбар сабоҳе Зайдро,
Кайфа асбаҳта эй рафиқи босафо?
Гуфт: «Абдан мӯъминан», боз ӯш гуфт:
«Ку нишон аз боғи имон, гар шукуфт?»[9, 105]

Ривояти ин достонро Мавлоно дар маҷлиси саввум аз «Маҷолиси сабъа» аз қавли Пайғамбар (с) нақл ва тафсир кардааст, бо ин тафовут, ки дар «Маснавӣ» ҷавони мухотаби Пайғамбар (с) Зайд аст, вале дар «Маҷолиси сабъа» Ҳориса омадааст. Намунаи ин муштаракот дар осори Мавлоно фаровон аст ва инҳо худ, ҷудо аз он қисматҳое аз «Маснавӣ» аст, ки худ муфассири баъзеи дигар аст.

Пас аз даргузашти Мавлоно, тавоҷҷуҳ ба осори ӯ ва кӯшиш дар шинохти маънавӣ ва ирфонии ӯ, бахусус дар ҳавзаи ёрони Мавлоно дар Қуния бештар шуд. Аз ин рӯ, нахустин кӯшишҳо низ дар ҳамон Қуния сурат гирифт. Фаридун Сипаҳсолор (719–729 ҳ.қ.), ки ба қавли худ чиҳил сол ба Мавлоно хидмат карда буд, дар китобе ба забони форсӣ ба зикри маноқиб ва аҳволи Мавлоно пардохт. Афлокӣ низ ҳудуди панҷоҳ сол баъд аз Мавлоно (соли 718 ҳ.қ.) «Маноқибу-л-орифин»-и худро бо зикри маноқиб, аҳвол ва каромоти Мавлоно аз кӯдакӣ то риҳлат (вафот) нигошт.

Дар ин миён касе, ки бештар аз ҳама дар шиносоии Мавлоно ва осори ӯ ба ҷаҳони тасаввуф ва ирфон кӯшид, фарзанди маҳбуби Мавлоно Султон Валад буд. Ӯ пас аз марги Ҳисомуддин (ваф. 683 ҳ.қ.) ба унвони шайх ва халифаи тариқати Мавловия ба нашри афкор ва осори Мавлоно ва хеш пардохт. Барпоии маҷолиси шарҳу тафсири «Маснавӣ», ки ҳосили он дар маснавии «Валаднома» омадааст, аввалин кӯшишҳои пас аз Мавлоно дар шарҳу тафсири осори ӯст.

Ҳарчанд вай кӯшидааст дар ин асар ва осори дигари худ худро ба сабку сиёқи падар наздик созад, вале ҳеҷ гоҳ шеъри ӯ арзишу эътибори Мавлоноро ба даст наовард ва бисёре аз андешаҳо, мазомин ва ҳатто ҳикояту достонҳое, ки дар «Маснавии Валаднома»-и худ овардааст, баргирифта аз «Маснавӣ» ва дигар осори Мавлоно аст.

Пас аз Мавлоно ва Султон Валад, ки дар шарҳи «Маснавӣ» осор ва тақрироте аз хеш ба ёдгор ниҳодаанд, қадимитарин шарҳ дар бораи «Маснавӣ» шарҳи Аҳмади Румӣ, аз муридони Султон Валад ва фарзандаш Ориф Чалабӣ аст, ки марҳум Фурӯзонфар аз он хабар додааст ва ду нусха аз онро дар ихтиёр доштааст. Ин шарҳ ба қавли устод Зарринкӯб: «Мутазаммини (дарбаргирандаи) латоифу асрори бадеъ ва қобили мулоҳизае нест» ва дар соли 720 ҳичрӣ таълиф шудааст. Пас аз ин шарҳ, дар муҳити Осиёи Сағир ва дар байни тариқати Мавловия нишону асаре аз шарҳу тафсири дархур бар «Маснавӣ» то ҳудуди ду аср ба даст наомадааст, вале дар иваз, ҷиддитарин осорро дар тафсири «Маснавӣ» ҳудуди як аср баъд, орифон ва шоирони номдори эронӣ дар муҳити Эрон ба вуҷуд оварданд [2, 29].

Муҳокима

Оғози шарҳнависӣ бар «Маснавӣ» дар Эрон:

Қадимитарин осоре, ки метавон номе аз Мавлавӣ ва ё ашъоре аз ӯро дар онҳо ёфт, осори марбут ба Алоуддавлаи Симнонӣ (ваф. 735), Шайх Насируддини Чароғи Деҳлӣ (ваф. 757) ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (ваф. 785) аст. Ду байт аз «Маснавӣ» дар малфузоти Шайх Насируддини Чароғи Деҳлӣ ва чанд байт аз як ғазали Мавлоно дар «Захирату-л-мулук»-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ омадааст. Бештарин алоқаро нисбат ба Мавлоно ва ашъори ӯ дар шеъру осори бузургони асри нуҳум, монанди Қавомуддин Санҷобӣ (ваф. 820), Шоҳ Қосими Анвор, Хоҷа Абулвафои Хоразмӣ (ваф. 835), Камолуддин (Тоҷуддин) Ҳусайни Хоразмӣ (ваф. 840) метавон мушоҳида кард [12, 767].

Ва дар ҳақиқат, кӯшиши ӯ дар бораи тафсири «Маснавӣ» низ аз ҳамин Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ шурӯъ мешавад. Ду шарҳи манзум ва мансури ӯ бар «Маснавӣ» ба номҳои «Кунузу-л-ҳақоиқ» ва «Ҷавоҳиру-л-асрор ва завоҳиру-л-анвор» ба эътиборе, аввалин шарҳҳои муназзам ва навишташуда бар «Маснавӣ» ба ҳисоб меоянд [12, 120].

Ба дунболи Хоразмӣ, Низомуддин Маҳмуди Шерозӣ, маъруф ба Шоҳ Доӣ, шоир ва орифи бузурги ин аср (810–870 ҳ.қ.) ҳошия ё шарҳе бар «Маснавӣ» навишт, ки алайриғми (бо вуҷуди) костиҳо ва норасоиҳое, ки дар он мушоҳида мешавад, қобили таҳсин ва дархӯри таваҷҷуҳ аст. Ӯ низ монанди Хоразмӣ пайрави мактаби Муҳиуддин ибни Арабӣ аст ва аз манзари он ориф ба шарҳи порае аз мушкилоти «Маснавӣ» пардохтааст. (Ҳамон ҷо: 82) Шоҳ Доӣ ҳамчунин қабл аз ин шарҳ, ҳаждаҳ байти аввали «Маснавӣ»-ро шарҳ мекунад ва сипас онро дар замимаи шарҳи худ меоварад.

Наметавон аз кӯшишҳои Мавлоно Яъқуби Чархӣ (ваф. 851 ҳ.қ.) ва Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ (ваф. 898 ҳ.қ.) низ дар ин аср чашмпӯшӣ кард. Чархӣ аз машоихи фирқаи Нақшбандия аст ва «Маснавӣ» дар миёни пайравони ин фирқа ҳамеша ба дидаи азамат ва эҳтиром нигариста мешудааст. Ӯ ба хоҳиши баъзе аз асҳоби худ ба шарҳи дебочаи «Маснавӣ» ва тавзеҳу таҳлили мухтасаре дар бораи достони «Пошоҳ ва канизак», «Шайх Дақуқӣ» ва қиссаи ҳамшаҳрии орифи худ Шайх Муҳаммади Сарразӣ мепардозад.

Ҷомӣ, ки худ аз иродатмандони Мавлоно аст, бар ду байти оғозини «Маснавӣ» шарҳи мабсут (муфассал) ба назму наср менависад, ки бисёре аз шореҳони баъд аз ӯ, бахусус пайравони мактаби Ибни Арабӣ, аз ин шарҳ истифода кардаанд. Асирии Лоҳичӣ ва Шайх Алоуддин Алӣ ибни Муҳаммади Шоҳрудӣ аз дигар бузургоне ҳастанд, ки нисбат ба шарҳи баъзе аз абёти «Маснавӣ» ва рафъи душвориҳои он дар асри нуҳум кӯшидаанд. Мулло Ҳусайни Кошифии Сабзаворӣ (ваф. 910 ҳ.қ.), воизи машҳур ва нависандаи пуркор, низ талошҳои арзандае дар бораи «Маснавӣ» анҷом додааст. Ӯ илова бар ду хулоса аз «Маснавӣ» ба номҳои «Лубби Маънавӣ» ва «Лубби лубоб», зоҳиран шарҳи дигаре низ бар «Маснавӣ» навиштааст.ки баъзе аз тазкиранависон бар он хабар додаанд [2, 1386].

Шинохти Шарҳҳои «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ дар Эронзамин:

Асри VIII ҳичрӣ:

“Дақоиқул-ҳақоиқ” – шарҳи Аҳмади Румӣ бар «Маснавӣ».

Асри IX ҳичрӣ:

2. «Кунузу-л-ҳақоиқ фӣ румузу-л-дақоиқ» (Хоразмӣ).
3. «Рисолаи Ноия» ё «Найнома» (Ҷомӣ).
4. «Рисолаи Ноия» (Яъқуби Чархӣ).
5. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Мусаннифак).
6. Шарҳи абёте аз «Маснавӣ» (Шоҳ Доӣ илаллоҳ).
7. Шарҳи абёте аз «Маснавӣ» (Асирии Лоҳичӣ).
8. Шарҳи «Маснавӣ» (Равшанӣ).

Асри X ҳичрӣ:

9. «Кошифу-л-асрор» (Зарифӣ).
10. Шарҳи «Маснавӣ» (Кошифии Байҳақӣ).
11. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Воизи Бухоройӣ).
12. «Ихтиёроти Маснавӣ» (Сабӯҳии Туқодӣ).
13. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Бидлисӣ).
14. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Собунӣ).
15. Шарҳи «Маснавӣ» (муаллифаш номаълум): шарҳи дафтари шашуми «Маснавӣ».
16. Шарҳи «Маснавӣ» (муаллифаш номаълум): шарҳи дафтари аввали «Маснавӣ».

Асри XI ҳичрӣ:

17. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Аҳрорӣ).
18. «Фатҳу-л-Маснавӣ» (Бурҳонпурӣ).
19. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (муаллифаш номаълум): бар шаш дафтари «Маснавӣ»-и Мавлоно.
20. Шарҳи байте аз «Маснавӣ» (Лоҳичии Ишкаварӣ).
21. Шарҳи «Маснавӣ» (Лоҳурӣ).
22. Шарҳи байте аз «Маснавӣ» (Алии Гелонӣ).
23. Шарҳи «Маснавӣ» (Мирзо Ҳасан Содиқхон).
24. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Шоҳ Фақируллоҳи Шикорпурӣ).
25. «Асрори Маснавӣ ва анвори маънавӣ» (Хвешгии Қасурӣ).
26. «Ҳалли Маснавӣ» (Муҳаммад Афзали Оллоҳободӣ).
27. Шарҳи «Маснавӣ» (Шукруллоҳхони Хоксар).
28. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Абдуллоҳи Мултонӣ).
29. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (муаллифаш номаълум): дар соли 1114 ҳ.қ. навишта шудааст.
30. «Ҳаёту-л-маонӣ» (Муллоҷиюни Сиёлкутӣ).
31. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (муаллифаш номаълум): ҷилди севум ва ҳафтсаду шаш саҳифа аз он боқӣ мондааст.
32. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Шоҳ Баҳлули Бухоройӣ).
33. «Муроду-л-Маснавӣ» (Али ибни Абдулазизи Бухоройӣ).
34. «Ҳалли Маснавии Маънавӣ» (Имом Абдулазизи Малхудодод)
35. Шарҳи «Маснавӣ» (Ноблусӣ).
36. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Муҳаммад Зоҳид).

Асри XII ҳичрӣ (ва баъд аз он):

37. Матн ва шарҳи «Маснавӣ» (Ҳоҷӣ Имдодуллоҳ Муҳоҷири Маккӣ).
38. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Бесоронӣ).
39. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Мулло Муҳаммадалӣ Нурӣ).
40. «Дафъи шубаҳот аз абёти Маснавӣ» (Диёром).
41. Шарҳи «Маснавӣ» (Виқор).
42. Шарҳи «Татбиқи Маснавӣ» ё «Найнома» (Қодирӣ).
43. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Холис Толиби Фаҳоронӣ).
44. Шарҳи байте аз «Маснавӣ» (муаллифаш номаълум): шарҳи шашсаҳифаӣ бар як байт аз дафтари шашум.
45. «Мифтоҳу-л-маонӣ» (Абдулфаттоҳ Ҳусайни Асгарӣ).

46. Шарҳи «Маснавии Маънавӣ» (Сардор Меҳрдилхони Муҳаммадзой).

47. Шарҳи байте аз «Маснавӣ» (Сайид Садриддини Кошифии Дизфулӣ).

48. Матн ва шарҳи мушкилоти «Маснавӣ» (Муҳаммад Рамазонӣ).

49. «Раҳоварди Маснавӣ» (Ҳоҷӣ Мирзо Муҳсин Имод).

50. Тафсири «Маснавии Мавлавӣ» (Достони Қалъаи Зоту-с-сувар ё Дижи ҳушрабо).

51. «Хулосаи Маснавӣ» (Фурӯзонфар).

52. Шарҳи достонҳои «Маснавӣ» (Эдвард Ҷозеф).

53. Тафсири «Маснавии Мавлавӣ» (Бар асоси тафсири Николсон, «Фотеҳу-л-абёт» ва «Руҳу-л-Маснавӣ»).

54. Наср ва шуруҳи «Маснавӣ» (Мӯсо Наср).

55. Шарҳи «Маснавӣ» (Валимуҳаммади Назир).

56. Тафсири «Маснавӣ» бар дебочаи «Маснавӣ» бо ғазал аз «Девони Шамс» (Ҳусайн Козимзодаи Эроншаҳр).

57. Шарҳи «Маснавӣ» (муаллифаш номаълум): шарҳи 4-ҷилдӣ, ки дар Лакҳнав чоп шудааст.

58. «Мишкоту-л-ҳоҷот» (Қандаҳорӣ).

59. «Бишнав аз най» (Аҳмад Иқтидорӣ).

60. Шарҳи «Маснавӣ»-и Аллома Сайид Ҷаъфар Шаҳидӣ.

Ҷойгоҳи Мавлоно дар ҷаҳони Ғарб:

Ҷойгоҳи Мавлоно дар ҷаҳони Ғарб тавассути ховаршиносон ва ҳамчунин Николсон муаррифӣ шуд ва имрӯз бар ҳамагон рӯшан аст, ки агар Николсон намебуд, ин шуҳрати ҷаҳонгир ва афзоянда аз Мавлоно дар ҷаҳон боқӣ наметонд.

Николсон бидуни тардид беш аз панҷоҳ сол аз умри гаронмояи худро дар донишгоҳи Кембриҷ ва дигар марказҳои илмӣ бар сари шиносоии андешаҳои Мавлавӣ ва сипас тарҷумаи онҳо гузаронд. Вай илова бар тасҳеҳ ва чопи «Маснавӣ», тафсире бар шаш дафтари «Маснавӣ» ба таври ҷомеъ ва комил навиштааст. Ӯ Мавлавиро дар бистари решаҳои қуръонӣ ва ирфонии Мавлавӣ шинохт ва ба андешаҳои ӯ наздик шуд. Имрӯзҳо тарҷумаҳои Николсон мабнои тарҷумаҳои дигар аст.

Николсон шогирди Эдвард Браун, ховаршиноси маъруф буда, мусоҳибат бо Эдвард Браун даричаҳои маърифат ва ошноӣ бо бузургони Шарқ, бавижа Мавлоноро, ба рӯи ӯ кушод. Дар соли 1901, дар сиву сесолагӣ, ҷонишини Эдвард Браун дар донишгоҳи Кембриҷ шуд, курсии забони форсиро дар ихтиёр гирифт ва узви расмии Академияи забони форсӣ шуд. Дар соли 1933 дар синни шасту панҷсолагӣ даврони бознишастагиро оғоз кард ва унвони «Устоди ифтихории донишгоҳ» ба ӯ дода шуд. Дар соли 1940 ба шаҳри Честер, дар шимоли ғарбии Инглистон, сафар кард ва чанд солеро дар он ҷо гузаронид ва дар августи 1945 аз дунё рафт [13, 33].

Маҷмӯаи корҳои Николсон дар мавриди «Маснавӣ» шомили ҳашт ҷилд ба шарҳи зери аст:

- Се ҷилди аввал шомили матни комили форсии «Маснавӣ»; яъне ҳар ҷилд шомили ду дафтар аст.
- Се ҷилди баъдӣ шомили тарҷумаи «Маснавӣ» ба забони англисӣ аст.
- Ду ҷилд шомили тафсири «Маснавӣ» ба забони англисӣ [13, 56].

Ин шарҳ ба эътиқоди баъзе аз соҳибназарон ва муҳаққиқон, беҳтарин шарҳе аст, ки то кунун дар ҳар забоне бар «Маснавӣ» навишта шудааст [13, 19]. Муҳаққиқ ва нависандаи номдори англисӣ Рейнолд Аллейн Николсон бист сол аз умри гаронмояи хешро сарфи тасҳеҳ, тарҷума ва шарҳи «Маснавии Мавлоно» кард ва осори муҳаққиқона, илмӣ ва ҷовидона офарид; вай нахуст нусхаи худро аз рӯи нусхаи хаттӣ тасҳеҳ мекунад ва пас аз тасҳеҳи дафтари аввал ва дувум ба нусхаҳои асри 7, бахусус нусхаи Қуния даст пайдо мекунад ва онҳоро дар идомаи кор дахолат медиҳад ва сипас иттилооти дафтари аввал ва дувумро бар асоси нусхаҳои қадимитари тоза бадастомада ба сурати замимае бар матн меафзояд. Дар шарҳ низ мабниро бар нусхаи «Ҳериш» (Heresch) мегузорад, вале ҳар ҷо ки ихтилофе дар байни нусхаи ӯ ва нусхаҳои қадимӣ ва саҳеҳтар, бахусус нусхаи Қуния, вуҷуд дорад, мутазаккир мешавад ва чӣ басо забти онҳоро бар хеш тарҷеҳ медиҳад [2, 99]

Устод Фурӯзонфар, мавлавишиноси барҷастаи эронӣ, шарҳ ва тафсири ӯро бисёр сутуда ва гуфтааст, ки шарҳи устоди фақид Рейнолд Аллейн Николсон бар „Маснавӣ“ ба забони англисӣ, табъи Лейден 1937, ки бегумон дақиқтарин шуруҳ бар “Маснавӣ” аст, бар усули саҳеҳи интиқодӣ ва бо зикри маохид ва аснод тадвин шуда ва барои кашфи асрор ва ҳалли румузи “Маснавӣ” марҷае қобили эътимод аст. [6]

Акнун барои ошноии бештар бо вижагиҳои шуруҳи ҳар як аз устодони бузург: Николсон, Фурӯзонфар, Карим Замонӣ ва Истеъломӣ, ба баррасии мухтасаре дар бораи онҳо мепардозем.

Баррасии вижагиҳои муҳими шарҳи «Маснавӣ»-и Николсон:

Шарҳ ва тафсири устод Николсон тафсирест бисёр дақиқ, дорои бори илмии қавӣ, густурда ва ҷомеъ, ки мабнӣ бар тафсири абёт бар асоси худи абёти «Маснавӣ» ва низ истифода аз кутуби дигари нависанда ва ҳамчунин истифода аз манобеи боэътимод ва риояти амонат дар нақли қавлҳо ва оро буда ва дар айни ҳол бо диди баррасии «Маснавӣ» аз назари худи «Маснавӣ» нигошта шудааст. Ин шарҳ ҳовии шарҳи абёти душвор, таъвилот, таъбирот ва баёни вақоеи таърихӣ ва қиссаҳову амсолу ҳикам мебошад. Ҳамчунин шарҳи вақоеи ирфонӣ, фалсафӣ ва фиқҳӣ дар он машҳуд аст, ба гунае ки устод Фурӯзонфар онро дақиқтарин шарҳи «Маснавии Маънавӣ» донистаанд ва идомаи шарҳи худро бар асоси он танзим кардааст. Албатта, шореҳ дар шарҳи дафтари аввали «Маснавӣ» нусхаи Қунияро (ки ҷузъи нусхаҳои аслӣ аст) дар даст надошта ва дар дафтари дувум ба баъд аз ин нусха истифода кардааст.

Баррасии вижагиҳо ва нақду таҳлили «Шарҳи Маснавии шариф»-и Фурӯзонфар:

Шарҳи устод Фурӯзонфар дорои вусъати қобили таваҷҷуҳ ва густурда ва низ диққат дар интихоби саҳеҳтарин нусха, ки нусхаи Қуния буда, мебошад. Вай бо шарҳи абёти қобили баҳс ва душвор ва мушаххас намудани маъноҳои мухталифи як луғат, ба тафсир ва шарҳи дархур, ҳар байтро шарҳ намудааст. Ӯ кӯшидааст «Маснавӣ»-ро бидуни эътибор ба шуруҳи дигар ва гузашта шарҳ кунад ва барои ин кор маҷбур шудааст нусхаҳои саҳеҳ ва муътабари баъзе аз онҳоро тасҳеҳ ва муқоиса кунад; ба ин манзур солҳо сарфи тасҳеҳи «Девони кабир» (Ғазалиёти Шамс) ва «Фиҳи мо фиҳ» ва низ осоре чун «Маориф»-и Баҳовалад ва «Маориф»-и Бурҳонуддин кардааст.

Ӯ ба суроғи асарҳои таълифшудаи қабл ё баъд аз Мавлавӣ рафта ва аз бисёр кутуби тафсир, фиқҳ, ҳадис, фалсафа ва тасаввуф, ахбор ва қиссаҳо ва девони шоирон баҳра бурдааст ва осори арзишманде чун «Аҳодиси Маснавӣ» ва «Маохизи қисас ва тамсилоти Маснавӣ»-ро нигоштааст. Ӯ борҳо осори Саноӣ ва Атторро, ки бештарин таъсирро бар шеър ва андешаи Мавлоно доштаанд, мутолиа ва пас аз истихроҷи усули матолиб, иртибот ва таъсири «Маснавӣ» аз онҳоро мавриди санҷиш ва арзёбӣ қарор додааст.

Касби ин ҳама пуштвонаи муваффақ дар заминаи шинохти Мавлоно сабаб шудааст, ки шарҳи ӯ, ҳарчанд ки муваффақ ба итмоми як дафтар аз он ҳам нашуд, бартар аз шуруҳи қадим ва ҷадиди туркӣ, форсӣ, ҳиндӣ ва арабӣ ва ғайра бошад. Бо тамоми ин авсоф, вай худро дар муқобили азамати «Маснавӣ» оҷиз ва нотавон медонад. Равиши вай дар шарҳи «Маснавӣ» бадин гуна аст, ки дар ибтидои ҳар ҳикоят, нақл ва таҳлили онро анҷом дода ва ба зикри манобеъ ва маохизи ҳикоёт ва қиссаҳои «Маснавӣ», ки дар осори Аттор ва Саноӣ ва дигарон буда, пардохта ва мабоҳиси куллиро дар ибтидои ҳикоёт зикр намудааст ва албатта тафсири «Маснавӣ»-ро бар асоси осори худи Мавлоно, монанди «Фиҳи мо фиҳ», «Девони кабир» ва Ғазалиёти Шамс ё осоре, ки бештарин таъсирро бар вай доштаанд, анҷом дода; вай ҳамчунин ба таври мухтасар ишорае ба порае аз нукоти дастурӣ (грамматикӣ) кардааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин матлаб, ки устод Фурӯзонфар танҳо қодир ба шарҳи дафтари аввали «Маснавӣ» шудаанд, устод Аллома Сайид Ҷаъфар Шаҳидӣ ба эҳтироми устоди худашон (ҷаноби Фурӯзонфар) дафтари аввалро шарҳ накардаанд, зеро шарҳи эшонро комил медонистанд ва аз шумораи байти 3013 ба баъди дафтари аввал кори ин устоди фарзонаро идома доданд. Ҳамчунин ба далели ин ки шарҳи ин устоди арҷманд ҷузъи яке аз беҳтарин шарҳҳое аст, ки бар «Маснавӣ» нигошта шуда, дар ин ҷо лозим медонем мухтасаре дар бораи шарҳи вижагиҳои «Маснавӣ»-и ин устод, ба унвони яке аз шарҳҳо ва тафсирҳои хуби «Маснавӣ», ишораи кӯтоҳе дошта бошем.

Баррасии вижагиҳои шарҳи «Маснавӣ»-и Аллома Сайид Ҷаъфар Шаҳидӣ:

Равиши эшон дар шарҳи абёти «Маснавӣ» бадин сурат аст, ки бархилофи устод Фурӯзонфар ҳамаи абётро шарҳ намудаанд. Бисёре аз вожаҳоро нахуст ба ихтисор маъно кардаанд ва ҳар ҷо ки лозим буда, тавзеҳеро бар ҳасби иқтизо овардааст ва аз миёни маъноҳои мухталифи як вожа, танҳо маънои муносиб бо абётро баён карда. Мустанади аҳодис дар шарҳи эшон, бархилофи шарҳи устод Фурӯзонфар, фақат кутуби аҳли суннат нест, балки ба аҳодиси манқул аз имомон (а), ки олимони шиа фароҳам кардаанд, низ муроҷиат кардааст; бо таваҷҷуҳ ба ин ки Мавлоно ба фармудаи Амирулмӯъминин Алӣ (а) дилбастагии хоссе дошта, то он ҷо ки мақдур буда, ба ин иқтибосҳо ишора шудааст. Дар поёни ҷилди аввал ҳам феҳристе аз ҳамаи оёт ва аҳодис, амокин, китобҳо, ашхос, луғат ва таъбиротро, ки ҳам дар шарҳи эшон ва ҳам дар шарҳи Фурӯзонфар омада, ҷамъоварӣ карда ва он чӣ ро аз марҳум Фурӯзонфар аст, бо рамзи «Ф» мушаххас кардааст.

Устод ба пайравӣ аз устод Фурӯзонфар шумораи абётеро, ки барои шарҳи боқимондаи дафтари аввал баргузида шудаанд, бар асоси чопи устод Николсон овардаанд, аммо аз дафтари дувум ба баъд шумораҳо бар асоси нусхаи Қуния зикр шудаанд. Ба далели диққати назаре, ки дар шарҳи эшон вуҷуд дорад, ин шарҳ яке аз беҳтарин шуруҳи «Маснавӣ» ба ҳисоб меояд.

Баррасии вижагиҳои шарҳи «Маснавӣ»-и Карим Замонӣ:

Аз назари Замонӣ ду байти зайл асоси «Маснавии Маънавӣ»-и Мавлавӣ аст:

Гуфтамаш: пӯшида хуштар сирри ёр,
Худ ту дар зимни ҳикоят гӯш дор.
Хуштар он бошад, ки сирри дилбарон,
Гуфта ояд дар ҳадиси дигарон.[5, 136]

Устод Карим Замонӣ матолиби душворро шарҳ дода ва аз пургӯӣ парҳез намуда ва як-яки абётро аз назари луғавӣ, ишорот, киноёт, аҳодис ва оёт ва истилоҳоти ирфонӣ, нуҷум ва тиб ва ғайра мавриди баррасӣ қарор додааст. Баррасии вай бар рӯи нусхаи Николсон анҷом шуда ва дар оғози ҳар ҳикоят шакли зоҳирӣ ва қолаби ҳар достон ба сурати наср баён шудааст. Аз назари устод, мақсуди Мавлоно аз зикри достонҳо ва тамсилот достонсароӣ ва ҳикоятпардозӣ набуда, балки ба он васила хостааст, то дар тайи қолабе ҳақоиқ ва маорифро баён намояд.

Услуби кор дар шарҳи абёти вай чунон аст, ки ибтидо дар зайли ҳар байт маънои сода ва холӣ аз шарҳу тафсири хосс омада ва ба дунболи он, агар шарҳи нуктае ё басти мавзӯе зарурӣ намуда, дар дохили қавсҳои ҷудогона эрод шудааст, то бо маънои сода ва дақиқи он байт дарнаёмезад.

Илова бар он, дар ин шарҳ ҳамаи абёти «Маснавӣ»-ро ба забони сода ва рӯшан шарҳ кардааст.

Хулоса

“Маснавии маънавӣ” ба зиёда аз 12 забони зиндаи дунё тарҷума ва шарҳ дода шудааст. Ҷойгоҳи Мавлавӣ дар ҷаҳони Ғарбро муаррифӣ карда, вижагиҳои ҳар як аз шарҳҳои Николсон, Фурӯзонфар, Карим Замонӣ ва Истеъломиро ба таври хулоса баён карда шуд ва ҳамчун намуна, мавориди ихтилофи ин шарҳҳоро бо ҳам мавриди баррасӣ қарор дода, мушкилот ва ибҳомоти қисмати умдае аз абёти душвори дафтари аввалро бо истифода аз назариёти шореҳон ва соҳибназарон баён намуде. Дар мақола бо нигоҳе ба чаҳор шарҳи таҳлилшуда, вижагиҳо ва ихтисосоти онҳоро бо якдигар муқоиса кардаем, то хонанда тавонад шарҳи мавриди писанди хешро ҳамчун беҳтарин шарҳ баргузинад. Ҷойгоҳи Мавлоно дар ҷаҳони Ғарб тавассути ховаршиносон ва ба вижа Николсон муаррифӣ шуд ва имрӯз бар ҳама рӯшан аст, ки агар Николсон намебуд, ин шуҳрати ҷаҳонгир ва афзоянда аз Мавлоно дар ҷаҳон боқӣ намемонд. Николсон бидуни тардид беш аз панҷоҳ сол аз умри худро дар донишгоҳи Кембриҷ ва дигар марокизи илмӣ бар сари шиносоии андешаҳои Мавлоно ва сипас тарҷумаи онҳо гузаронд. Илова бар тасҳеҳ ва чопи «Маснавӣ», тафсире бар шаш дафтари «Маснавӣ» ба таври ҷомеъ ва комил навишт; вай Мавлоноро дар бистари решаҳои қуръонӣ ва ирфонии Мавлоно шинохт ва ба андешаҳои ӯ наздик шуд. Имрӯз тарҷумаҳои Николсон мабнои тарҷумаҳои дигар аст, ки наслҳои тарҷумонҳои пас аз Николсон бар асоси тарҷумаҳои ӯ амал мекунанд ва меомӯзанд; як

ваҷҳи дигари зиндагии илмии вай решашиносии андешаҳои Мавлоно аст, ки дар тафосири ӯ аз дафтарҳои «Маснавӣ» ба хубӣ мушоҳида мешавад.

Адабиёт

1. Э. Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор // Раҳмон Э. –Душанбе: Эр-граф, 2016: 363с. (254-264)
2. Шаҷарӣ, Ризо. Муаррифӣ ва нақду таҳлили шарҳҳои «Маснавӣ» / Р. Шаҷарӣ.–Теҳрон: Амири кабир, 1386.–367 с.
3. Назарзода С. “Маснавии Маънавӣ” ва ҷойгоҳи он дар забони тоҷикӣ // Ватаномаи “Маснавии Маънавӣ” (таҳия, тавзеҳот ва баргардони Назарзода Сайфидддин ва Мисканов Илҳом) С. Назарзода/ -Душанбе, 2007-23с.
4. Насриддин А. Маънишиносии сухани Мавлоно ва вижагиҳои шарҳнависӣ бар он // офтоби маърифат / А. Насриддин/ -Душанбе, 2007- С.72-79
5. Николсон Рейнолд Аллен. Муқаддимаи Румӣ ва тафсири Маснавии Маънавӣ // Рейнолд Н. А. – тарҷума ва таҳқиқи Ованес Ованесиён, Нашри Най. Теҳрон, - 1382.
6. Фурӯзонфар Бадеуззамон. Шарҳи Маснавии шариф // Б. Фурӯзонфар. – Интишороти Заввор, Теҳрон. - 1377.
7. Карим Замонӣ. Шарҳи Маснавии Маънавӣ // Замонӣ К. – Интишороти Иттилоот, Теҳрон, 1379.
8. Истеъломӣ Муҳаммад. Шарҳи Маснавии Маънавӣ // Истеъолмӣ М. – Интишороти Заввор, Теҳрон, 1375.
9. Р. Николсон. Маснавии маънавӣ. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ – Румӣ. Николсон Р // – Нашри Замон. Теҳрон. 2001. 728 с.
10. Амир Озар. Исмоил. Адабиёти Эрон дар ҷаҳон // Исмоил А. О. интишороти Сухан, Теҳрон, 1387.
11. Балхӣ. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад. Фиҳи мо фиҳ. Бо тасҳеҳ ва ҳавошии Бадеуззамон Фурӯзонфар. Теҳрон. Амири Кабир, 1348.
12. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сарри най: Нақд ва таҳлил ва татбиқи Маснавӣ. Интишороти Илмӣ. Теҳрон, 1385.
13. Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Тасаввуфи исломӣ ва робитаи инсон бо Худо, тарҷумаи Рейнолд Аллен Николсон, интишороти Сухан, Теҳрон, 1374.
14. Шаҳидӣ, Сайид Ҷаъфар. Шарҳи Маснавӣ, ҷилди чаҳорум аз дафтари аввал, интишороти Илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон, 1373.
15. Куллиёти Шамс, интишороти Сипеҳр, Теҳрон, 1348.
16. Шарҳи Маснавии Мавлавӣ. Тарҷумаи Ҳасани Лоҳутӣ. Ҷилди 1. Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1374.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Саидов Мирҳидоятулло Файзуллоевич – Донишгоҳи милли Тоҷикистон, кафедраи филологияи Эрон, докторант Ph.D. Суроға: шаҳриДушанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Исмоили Сомонӣ. Телефон: (+992) 93 114 15 63 E-mail: Saidov_F@mail.ru*

Сведения об авторе: *Саидов Мирхидоятулло Файзуллоевич – Таджикский национальный университет, кафедра Иранской филологий, докторант Ph.D. Адрес: город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Исмаили Сомони. Телефон: (+992) 93 114 15 63 E-mail: Saidov_F@mail.ru*

Information about the author: *Saidov Mirhidoyatullo Faizulloevich – Tajik National University, Department of Iranian philology, doctoral student Ph.D. Address: Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Ismaili Somoni street. Phone: (+992) 93 114 15 63 E-mail: Saidov_F@mail.ru*

ТДУ 821.411.21.09"07/12"

ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ НАқДИ АДАБӢ ДАР ДАВРАИ АББОСИЁН (АСРҲОИ VIII–XIII)

Саидзода Одинааҳмад Сайдамир
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мақола ба масъалаи ташаккул ва рушди нақди адабӣ дар давраи Аббосиён (асрҳои VIII–XIII) бахшида шудааст. Дар он омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки барои пайдоиши нақди илмии адабӣ замина фароҳам оварданд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф нақши муҳити илмӣ ва фарҳангии давраи Аббосиён, таъсири анъанаҳои форсӣ, юнонӣ ва ҳиндӣ, инчунин саҳми донишмандону мунаққидони барҷаста, аз ҷумла Ибни Салломи Ҷумаҳӣ, Ибни Қутайба, Ҷоҳиз, Қудома ибни Ҷаъфар ва Абдулқоҳири Ҷурҷониро дар ташаккули назарияи нақди адабӣ таҳлил намудааст. Ҳамчунин масъалаҳои асосии нақди адабӣ, аз қабили муносибати шакл ва мазмун, баҳси «шеъри қадим» ва «шеъри нав», таъсири фалсафаи юнонӣ, ташаккули меъёрҳои арзёбии шеър ва рушди илмҳои балоғат баррасӣ гардидаанд. Дар натиҷа нишон дода мешавад, ки давраи Аббосиён марҳилаи муҳимми ташаккули нақди адабӣ ҳамчун соҳаи мустақили дониш буда, барои рушди минбаъдаи адабиётшиносии араб ва ҷаҳони ислом заминаи устувор гузоштааст.

Калидвожаҳо: *нақди адабӣ, давраи Аббосиён, адабиёти араб, шеър, Ибни Қутайба, Қудома ибни Ҷаъфар, Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ, Ҷоҳиз, балоғат, фалсафаи юнонӣ, Арасту, шакл ва мазмун.*

ВОЗНИКНОВЕНИЕ И ФОРМИРОВАНИЕ ЛИТЕРАТУРНОЙ КРИТИКИ В ЭПОХУ АББАСИДОВ (VIII–XIII ВЕКА).

Статья посвящена становлению и развитию литературной критики в эпоху Аббасидов (VIII–XIII вв.). Рассматриваются политические, социальные и культурные факторы, способствовавшие формированию научной литературной критики. Анализируется роль научной и культурной среды эпохи Аббасидов, влияние персидской, греческой и индийской традиций, а также вклад выдающихся ученых и литературных критиков, в том числе Ибн Саллама аль-Джумахи, Ибн Кутайбы, аль-Джахиза, Кудамы ибн Джафара и Абд аль-Кахира аль-Джурджани, в становление теории литературной критики. Особое внимание уделено таким ключевым вопросам, как соотношение формы и содержания, полемика вокруг «древней» и «новой» поэзии, влияние древнегреческой философии, формирование критериев оценки поэтических произведений и развитие науки о риторике (балаге). В результате исследования показано, что эпоха Аббасидов стала важнейшим этапом становления литературной критики как самостоятельной области знания и заложила прочную основу для дальнейшего развития арабского литературоведения и интеллектуальной традиции исламского мира.

Ключевые слова: *литературная критика, эпоха Аббасидов, арабская литература, поэзия, Ибн Кутайба, Кудама ибн Джафар, Абд аль-Кахир аль-Джурджани, аль-Джахиз, риторика (балага), древнегреческая философия, Аристотель, форма и содержание.*

THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF LITERARY CRITICISM DURING THE ABBASID ERA (8TH–13TH CENTURIES)

This article examines the formation and development of literary criticism during the Abbasid period (8th–13th centuries). It analyzes the political, social, and cultural factors that contributed to the emergence of scholarly literary criticism. Particular attention is paid to the intellectual and cultural environment of the Abbasid era, the influence of Persian, Greek, and Indian traditions, and the contributions of prominent scholars and critics, including Ibn Sallām al-Jumaḥī, Ibn Qutaybah, al-Jāḥiẓ, Qudāmah ibn Jaʿfar, and ʿAbd al-Qāhir al-Jurjānī, to the development of Arabic literary critical theory. The article also discusses the major issues of literary criticism, such as the relationship between form and content, the debate between “ancient poetry” and “modern poetry,” the influence of Greek philosophy, the establishment of criteria for evaluating poetry, and the development of the sciences of rhetoric (***balāghah***). It concludes that the Abbasid period represents a crucial stage in the formation of

literary criticism as an independent field of knowledge and laid a solid foundation for the subsequent development of Arabic literary studies and the intellectual tradition of the Islamic world.

Keywords: *literary criticism, Abbasid period, Arabic literature, poetry, Ibn Qutaybah, Qudāmah ibn Jaʿfar, ʿAbd al-Qāhir al-Jurjānī, al-Jāḥiẓ, rhetoric (***balāghah***), Greek philosophy, Aristotle, form and content.*

Муқаддима.То охири асри VIII раванди мутаммаддиншавӣ ва сукунати арабҳо дар шаҳрҳои нав боиси он гардид, ки унсури бадавиён ба ақаллияти ночиз табдил ёбад. Ин раванд дар давраи Аббосиён (750-1258) бештар ба амал омад, ки дар он давлати Аббосиён ба ҷамъияти бисёрмиллат ва гуногунфарҳанг табдил ёфта, рушду инкишоф намуд. Дар асри VIII тамаддуни араб дар натиҷаи ҳамкории фаъолона бо фарҳангҳои пешрафтаи форсӣ, византиягӣ, юнонӣ, ҳиндӣ ва шарқии насронӣ давраи рушди босуръатро аз сар мегузаронид. Бисёре аз навмусулмонон, ки ба ҳамгирой ва пешрафти мансабӣ мекӯшиданд, забони арабиро ҳамчун воситаи асосии ифода истифода мебурданд, ки ин ба арабикунонии ҳуҷҷатгузории давлатӣ мусоидат мекард.

Дар ин шароит арабҳо ва мусулмонон зарурати шадиди ҳифзи анъанаҳои худро, хусусан бо назардошти мақоми нухбагони ҳукмрон, эҳсос мекарданд. Маҳз дар асри VIII саводнокӣ ва фарҳанге, ки ба каломи хаттӣ асос ёфтааст, ба вуҷуд омада, рушд кард. Мафҳуми китоб пайдо шуд, тасаввурот дар бораи «адаб» (истилоҳе, ки имрӯз маънои «адабиёт»-ро дорад, аммо он вақт доираи васеи донишҳои гуманитариро дар бар мегирифт) ташаккул ёфт, инчунин мафҳумҳои нав ва мушаххастар дар бораи зиёӣ, «котиб» (нависандаи касбӣ дар дарбор) ва шоир ба вуҷуд омаданд.

Дар маҷлисҳои адабии ҳокимони Аббосӣ, мисли давраи Умавиён, баҳодиҳии шеър ҳам аз ҷониби худи ҳокимон ва ҳам аз ҷониби доварони дар маҷлис ҳузурдошта гузаронида мешуд [3, с. 211]. Дар давраи Аббосиён, ба ғайр аз халифаҳо, вазирон, ҳокимон, сарлашкарон, сарватмандон ва сардорони қабилаҳо низ ба шоирон туҳфаҳо медоданд [1, с. 95-96]. Яке аз омилҳои асосии рушди нақди адабӣ дар ин давра васеъ шудани озодии андеша буд [9; 12, с. 20].

Дар марҳилаи аввали ҳукмронии Аббосиён ҳаёти фарҳангӣ шукуфоӣ ва тағйироти бузургеро аз сар гузаронд. Фарҳанг ва урфу одатҳои форсӣ ба сарзаминҳои исломӣ бештар таъсир мерасониданд. Фарҳанги юнонӣ низ ба фарҳанги арабӣ, бахусус дар соҳаҳои илм ва фалсафа таъсири назаррас расонид [10, с. 22-23]. Ҳамкории байни фарҳангҳо бо ворид шудани сарзаминҳои исломӣ ба қаламрави Ҳиндустон ва баръакс, шиддат гирифт. Робитаҳои байни форсҳо ва ҳиндуҳо низ дар ин мубодилаи фарҳангӣ нақши муҳим бозиданд. Мусулмонон аз ҳиндуҳо ба воситаи дарсҳо илмҳое, аз қабили ситорашиносӣ ва риёзиёт, инчунин бозии шоҳмотро омӯхтанд [1, с. 29].

Ин давра барои ниҳодишавии нақди адабӣ ҳамчун як фанни мустақил, ки аз филология, грамматика, суханварӣ, теология ва дигар соҳаҳои дониш ҷудо буд, вале ҳамзамон бо онҳо ҳамкорӣ мекард, замина гузошт. Дар ин вақт, мафҳумҳо ва истилоҳоти асосии нақд ташаккул ёфта, асоси амалияи таҳлилӣ ва муқоисавии он гузошта шуданд.

Агар дар аҳди қадим қонуни арабии шеърӣ ҳамчун урф ва маҷмуи муайяни усулҳои ба таври стихиявӣ дар раванди амалия ташаккулёфтаи шоирӣ ба миён омада бошад, пас аз асри IX сар карда, талабот ба дарк ва низомбандии онҳо, инчунин таҳияи меъёрҳои арзёбикунӣ ба вуҷуд меояд.

Донишмандони асри VIII-IX Абуубайда (728-825) ва ал-Асмаӣ (тақр. 739-тақр. 830) ба нақди филологӣ ибтидо гузоштанд. Онҳо асарҳои назмиро ҷамъоварӣ карда, мавриди омӯзиш қарор дода, маъноҳои қадимии калимаҳоро муайян карда, матнро бо шарҳу тавзеҳоти филологӣ ва таърихӣ муҷаҳҳаз мекарданд. Дар баробари ин, ҳангоми интихоби намунаҳои беҳтарини назми қадимӣ меъёрҳои онҳо зоҳир мешуданд. Аксар вақт дар асоси муҳокимаронихои худ онҳо арабҳои қадимӣ, ҳамасрони шоирони тоисломии аз тариқи анъана маҳфузмондаро мавриди таваҷҷуҳ қарор медоданд. Дар баробари ин, филологҳо танҳо шоирони тоисломиро дар таҳқиқотҳои филологии худ эътироф карда, бо шоирони нав машғул намешуданд. Ибни ал-Арабӣ (ваф. 754) ҳар гуна хусусиятҳои мусбатро дар шеъри нав умуман инкор мекард.

Шоирони қадим арабҳои бодиянишини асил буданд, дар ҳоле ки пайдоиши шоирони нав аз аҳолии шаҳрнишин аз қабили: Башшор ибни Бурд, Абунувос, баъдтар Абутаммом, буда, хеле зиёд зери таъсири фарҳангҳои ғайриарабӣ қарор гирифта буданд.

Саолибӣ (961-1038) аз ҷумлаи ҷонибдорони шеъри нав буда, ба шоирони асри Х асари худ «Ятимат-уд-даҳр» (*Гавҳари замона*)-ро мебахшад.

Масъалаи муносибат ба «шеъри қадим» ва «шеъри нав» яке аз мавзуъҳои аввалин дар таърихи нақди адабиёти араб буд. Ҳатто онҳое, ки шеъри қадимро афзалтар медонистанд, аксар вақт намунаҳои алоҳидаи шеъри пеш аз исломиро нодида мегирифтанд ё интиқод мекарданд. Танҳо чанд забоншинос, ба монанди Ибни Ҷиннӣ, истисно буданд.

Ба зудӣ, баҳс дар атрофи шеъри қадим ва шеъри нав ба муқовимати шадид байни ҷонибдорони Абутаммом ва мухолифони ӯ, ки эҷодиёти ал-Буҳтуриро баланд мешумориданд, табдил ёфт. Ҳарду шоир меъёрҳои классикии шеъриро риоя мекарданд. Аммо, шеъри Абутаммом бо услуби маҷозии навоварона фарқ мекард ва ӯ ба санъатҳои бадеӣ таваҷҷуҳи зиёд медод, дар ҳоле ки асарҳои ал-Буҳтурӣ, ки ба меъёрҳои анъанавӣ наздиктар буданд, ҳамчун воқеънигорӣ пазируфта мешуданд.

Маҳз ҳамин рақобати байни шоирон ба ташаккули як жанри нав ва муҳимми нақдӣ – «ал-мувозана» (муқоиса) мусоидат кард, ки дар асарҳои Сулӣ (ваф. 946 м.) ва Омидӣ (ваф. 980 м.) равшан ифода ёфтааст.

Ин ва баҳсҳои минбаъда дар атрофи эҷодиёти Мутанаббӣ бо иштироки Ҷурҷонӣ (ваф. 1001], Ҳотимӣ (ваф. 998) ва Ибни Ҷиннӣ (ваф. 1001) нақши калидиро дар тағйири таваҷҷуҳи нақд ба таҳлили дақиқи шеър, бахусус образнокӣ ва маҷози он бозиданд. Мунаққидон ба нишон додани таъсири як шоир ба шоири дигар таваҷҷуҳ карданд. Аммо худи мафҳуми таъсир аксар вақт манфӣ маънидод шуда, «дуздӣ» маҳсуб мешуд. Сарфи назар аз ин, аксари мунаққидон таъсирро бо муносибати шакл ва мазмун алоқаманд мекарданд.

Сарфи назар аз тақсим шудан ба ду гурӯҳ, ҳамаи мунаққидон ба шакл таваҷҷуҳи бештар медоданд. Эҳтимол, ду назарияи асосӣ барои ҳалли ин масъала вуҷуд доштанд. Яке аз ин назарияҳо ба Ҷоҳиз (ваф. 868) таъаллуқ дошт. Ӯ иддао мекард, ки маъно ё мазмун дар ҳама соҳаҳои ҳаёт дастрас аст, аммо дар адабиёт шакл ё таркиб муҳим мебошад. Дигарон, ба монанди Ибни Қутайба (ваф. 889), ба ҳар ду ҷанба баробар аҳаммият дода, таснифоти чорқисматаро бар асоси маънои хубу бад ва шакли хубу бад таҳия карданд. Бисёре аз мунаққидон, аз қабили Ибни Рашиқ (ваф. 1063), кӯшиш карданд, ки маъно ва шаклро аз ҳамдигар ногусастанӣ ҳисобанд, аммо ин кӯшиши онҳо натиҷаовар нагардид, зеро онҳо дар аввал маъноро ҳамчун воқеиятҳои алоҳида эътироф кардаанд. Кӯшиши аз ҳама аслии ҳалли ин мухолифат ба Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ (ваф. 1078) тааллуқ дошт. Гарчанде ки асосҳои услуби ӯ дар асарҳои ал-Ҷоҳиз ба назар мерасанд, назарияи ӯ дар бораи назм чунин ғояро баён кард, ки гарчанде маъноҳо барои ҳама дастрасанд, сатҳи дигари мураккабтар ва баландтари маъно вуҷуд дорад, ки танҳо ба назм хос аст. Ҳар як назм маъно ба вуҷуд меорад ва ҳар як ҷузъиёт ё тағйирот дар он ногузир боиси тағйири маъно ё мазмун мегардад [14. с,38].

Меъёрҳои мафҳуми нақд дар адабиёти арабӣ бо мурури замон рушд карданд ва Ибни Қутайба ва Ибни Салломи Ҷумаҳӣ ду шахсияти муҳимми нақди адабии арабӣ мебошанд, ки дар рушди он саҳми назаррас гузоштанд. Ин ду мунаққид бо саҳми худ дар рушди нақди адабии араб ва эҷоди бисёр мафҳумҳо ва назарияҳое, ки то имрӯз муҳим арёбӣ мегарданд, шуҳрат ёфтанд.

Принсипҳои шеъри арабӣ ба туфайли асарҳои Халил ибни Аҳмад шакли муътабар пайдо карданд. Пас аз ӯ, истилоҳоте, ки филологҳо ва мунаққидони пешин истифода мебурданд, асосан аз ҳаёти бадавиён гирифта шуда буд. Мафҳумҳое, аз қабили «хайма», «шутур» ва «асп» робитаи зичи таҳқиқоти интиқодиро бо шеъри аввали арабӣ инъикос мекунанд [12, с. 13]. Ҳамчунин назарияи жанрҳои шеъри арабиро дар асоси мақсадҳо ё вазифаҳои шеър таҳия карданд. Азбаски шеъри лирикӣ ягона навъи шеъри арабӣ буд, назарияи жанрҳо на ба шакл, балки ба мазмун ё мавзуъ асос меёфт. Дар ибтидо чор жанри шеър: мадҳ, ҳачв, ғазал ва фахр вуҷуд доштанд. Баъдтар бо иловаи марсия панҷ ва сипас бо иловаи васф шашто шуданд. Ин назарияи жанрҳо то асри IX ҳукмрон буд, гарчанде баъзе мунаққидон кӯшиш мекарданд, ки

мавзуъҳо (ё «мақсадҳо»)-и нав илова кунанд ё жанрҳои куҳна, ба монанди ғазалро ба ду ё зиёда категория тақсим кунанд. Назарияи жанрҳо барои наср танҳо дар асри X пайдо шуд.

Як масъалаи марказии дигар барои мунаққидони адабӣ робитаи байни шеър ва ҳақиқат ба ҳисоб мерафт. Дар ин ҷо ду самти асосиро метавон ҷудо кард. Аввалӣ аз анъанаи маҳаллии Муътаззилиён пайравӣ мекард, ки аҳаммияти ҳақиқатро таъкид мекарданд. Аҳмад ибни Таботабо муаллифи китоби «Иёру-ш-шеър» (*Меъёри шеър*), масалан, дурустии образҳо, эҳсосоти шоир ва худи шеърро ҳамчун шартҳои зарурӣ барои шеъри хуб таъкид мекард. Яке аз равишҳо барои фаҳмидани шеър, ки аз ҷониби мунаққидони баъдӣ, аз қабили Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ муаллифи рисолаи «Далоил-ул-иъҷоз» қабул шуда буд, бо назардошти нақши тахайюл бозбинӣ шуд. Ҳарчанд тахайюл қадр карда мешуд, вале дар масъалаи камолот ҷои дуюмро ишғол мекард.

Дар тули ду аср, аз баъди давраи ҷоҳилият то асри IX м. нақди адабӣ берун аз меъёрҳои илмӣ рушд кардааст. Баҳогузорӣ ба ҷумлаҳои оддии «*ин байт хуб аст*» ё «*ин байт бад аст*» маҳдуд буд. Пас аз асри IX м. меъёрҳои он яке аз миқёси асосии арзёбии сифати шеър гардиданд. Аммо, то ин давр дар нақди адабӣ қоидаҳои муайян аллакай ташаккул ёфта буданд.

Ибни Салломи Ҷумаҳӣ дар асари худ *«Табақоту фуҳули-ш-шуаро» (Табақаи шоирони барҷаста)* чиҳил шоири машҳурро бар асоси консепсияи «фуҳул» (шоири барҷаста), ки бори аввал аз ҷониби Асмаъӣ ҷорӣ шуда буд, муаррифӣ кардааст. Вай шоиронро ба даҳ гурӯҳ ҷудо карда, дар ҳар кадоме онҳоеро, ки шеърҳои услубан монанд доштанд, ҷамъ овардааст. Ба ақидаи ӯ, ҳар гурӯҳ чор шоири монандро дар бар мегирифт. Ибни Саллом қайд кардааст, ки дар давраи пеш аз ислом шеър барои арабҳо ганҷинаи дониш ва суханони ҳикматомез буд. Пас аз ислом, вақте ки арабҳо дар ҷанг бо форсҳо ва юнониён машғул буданд, ҳассосияти пешинаи онҳо ба шеър ва интиқоли он суст шуд. Баъдтар, бо гузариши арабҳо ба ҳаёти шаҳрнишинӣ ва устуворшавӣ дар қаламравҳои забтшуда, таваҷҷуҳ ба шеър дубора афзоиш ёфт. Аммо, қисмати зиёди асарҳои шеърӣ гум шуданд, зеро онҳое, ки ба шеър машғул буданд, сабтҳои хаттиро пайдо карда натавонистанд ва бисёре аз шоирон дар ҷанг ҳалок шуданд. Ба сифати мисол, девони ҳукмрони Ғассониён, Нуъмон ибни Мунзири Ғассонӣ (пас аз соли 594 вафот кардааст), ки шеърҳои шоирони машҳурро ҷамъоварӣ мекард, яке аз онҳо буд.

Ибни Қутайбаи Динаварӣ (ваф. 276 ҳ/889 м.) ҳамчун асосгузори нақди илмии шеъри арабӣ шинохта мешавад. Дар асари худ «Аш-шеър ва шуаро» (*Шеър ва шоирон*)ӯ бори аввал услуби шеъри давраи ҷоҳилӣ, ибтидои исломӣ ва Умавиён, инчунин истилоҳоти истифодашуда дар байтҳоро мавриди таҳлили мукаммал қарор додааст [5, с. 240].

Дар муқаддимаи китоби худ Ибни Қутайба таъкид мекунад, ки дониш, балоғат ва шеър ба як замон ё як миллат тааллуқ надоранд. Ба ақидаи ӯ, онҳо ҳамеша ва барои ҳама дастрасанд. Ҳар як падидаи нав дар замони худ нав ба назар мерасад ва дастовардҳое, ки ба авҷи худ мерасанд, дар аввал одӣ буданд. Бо ин андеша ӯ шарҳ медод, ки чаро шоироне чун Ҷарир, Фаздак ва Ахтал дар замони худ навгаро («муҳдас») ҳисобида мешуданд. Абуусмон ибни Бакр ибни Алии Мозинӣ (ваф. 771 м.) дар бораи онҳо чунин гуфтааст: «*Ин шоирони нав зиёд шуданд. Бале, онҳо шеър мегӯянд. Ман дар бораи онҳо овозаҳоро мешунавам*» [6, с. 164].

Ибни Ҷиннии Мавсилӣ (ваф. 1002 м.) иддао мекард, ки дар забоншиносӣ иҷозат дода мешавад то ба маъноҳои нав, ки шоирони муосир кашф мекунанд, такя карда шавад, ҳамон тавре ки бо ифодаҳои пешгузаштагон амал карда мешуд. Ӯ инро бо он асоснок мекард, ки бо тағйири шароити зиндагӣ маънои калимаҳо низ тағйир ёфта, инкишоф меёбанд. Илова бар ин, бо паҳншавии ислом арабҳо ба бисёр минтақаҳо ва шаҳрҳо муҳоҷират карданд, ки дар он ҷо ба услубҳои гуногун ва фарҳангҳои мухталиф дучор шуданд ва худашон низ ба онҳо таъсир расониданд. Баррасии маъноҳои нав дар заминаи муқоисаҳо ва ҷудо кардани санъати муқоиса ҳамчун унсури марказӣ аз он сабаб аст, ки муқоиса дар шеъри арабӣ жанри мушкил ҳисобида мешуд [7, с. 263].

Дар асри IX таъсири анъанаҳои фалсафаи маҳаллӣ, бавижа Муътаззила, ва фалсафаи юнонӣ, бахусус Арасту, дар ҳама соҳаҳои фаъолияти зеҳнӣ эҳсос мешуд. Ҳарчанд ин омилҳо яке аз ангезаҳои рушди нақди адабӣ дар тули ду асри минбаъда буданд, аммо тағйирот дар дарк ва эҷоди адабӣ неруи пешбарандаи пайдоиши амалия ва назарияи нақдӣ гардиданд.

Шоирони навовар, аз қабили Абунувос (762-813) ва Башшор (714-84), фаъолияти нақдии мунаққидони аввалинро зери шубҳа гузоштанд. Аммо баҳсҳо дар атрофи Абутаммом (796-843) ва Буҳтурӣ (821-79), ки дар бисёр ҷиҳатҳо бархӯрди ду мафҳуми шеърро намоиш медоданд, даҳсолаҳо идома ёфт. Баъдан, ин баҳсҳо бо пайдоиши як мушкили нав дар шахси Мутанаббӣ (915-65), ки яке аз бузургтарин шоирони араб ба ҳисоб меравад, «фаромӯш» шуданд.

Яке аз тамоюлҳо дар назмшиносии араб таъсири назарияи шеъри Арасту аст, ки аз ҷониби арабҳо тафсир шуда буд. Дар фаҳмиши онҳо, шеършиносӣ ҳамчун як қисми «Органон» – маҷмуи асарҳои мантиқии Арасту баррасӣ мешуд. Мисоли равшани ин равиш мавқеи Қудома (ваф. 948) аст, ки шеърро бо дурӯғ алоқаманд мекард. Вай бар ин бовар буд, ки беҳтарин шеър он аст, ки аз хаёлот бойтар бошад. Чунин муносибат дар байни бисёр мунаққидон, ҳатто онҳое, ки таҳти таъсири мактаби Арасту набуданд, паҳн шуда буд. Танҳо файласуфон, хусусан Ҳозими Қарторинӣ (1211-1285) тавонистанд муносибати байни ҳақиқат ва шеърро боварбахш ҳал кунанд.

Қудома ибни Ҷаъфар (ваф. соли 337 ҳ. /948 м.) дар ибтидои китоби худ *«Нақд-ш-шеър»* (Нақди наеър*)* изҳор медорад, ки мардум дар бораи нақди шеър назари дурустро камтар баён мекарданд. Мувофиқи ин, қисматҳои гуногуни илми шеър инҳоянд: онҳое, ки бо илми вазн ва арӯз алоқаманданд, онҳое, ки бо илми қофия алоқаманданд, онҳое, ки бо калимаҳои нодир ва луғат алоқаманданд, онҳое, ки бо он чи аз маъно дар назар дошта мешавад, алоқаманданд ва онҳое, ки бо зебоӣ ва зиштӣ дар шеър алоқаманданд [8, с. 6].

Ба ақидаи Қудома, ки шеърро «иборати қофиядор ва мутавозин, ки ба маъно ишора мекунад» тавсиф кардааст, чор чизе ҳастанд, ки шеърро зебо ё зишт месозанд: *ибора, маъно, вазн ва қофия*. Азбаски дар шеър таҳлил ва таркиб вуҷуд дорад, ин мафҳумҳо ҳам ҷиҳатҳои хуб ва ҳам бад доранд. Барои он ки шеъри хубу зебо падид ояд, зарур аст, ки калима ба маъно, калима ба вазн, маъно ба вазн ва маъно ба қофия мувофиқат кунад [8, с. 69].

Дар арзёбиҳои худ Қудома аз Арасту ва Ҷолинус таъсир гирифта, баъзан онҳоро мустақиман иқтибос меовард. Ҳадафи Қудома мутобиқ кардани усулҳои дар асарҳои Арасту «Китоби шеър» ва «Мантиқ» баёншуда ба нақди адабии арабӣ буд. Гарчанде кӯшишҳои ӯ аз ҷиҳати расмияти назария ва ҳамбастагии мавзуъҳо муваффақ ҳисобида шаванд ҳам, баъзе қоидаҳои мантиқие, ки ӯ пешниҳод кардааст, ба табиати шеъри арабӣ мувофиқат намекард [13, с. 69]. Ин кӯшишҳои барҷастаи Қудома дар таърихи нақди адабии арабӣ мавриди ҳам ситоиш ва ҳам танқид қарор гирифтанд [4, с. 214]. Бо дарназардошти он ки Қудома ё бо асарҳои нақдии замони худ шинос набуд ё онҳоро нодида гирифтааст, иддаоҳо нисбати ӯ асоснок ба назар мерасанд.

Китоби *«Нақд-ун-наср»* ки аз ҷониби мунаққид Исҳоқ ибни Иброҳим ибни Ваҳби Котиб (ваф. 335 ҳ. /946 м.) навишта шудааст, раддияест бар асари Ҷоҳиз *«ал-Баёну ва-т-табйин».* Исҳоқ норозигии худро аз назари ал-Ҷоҳиз дар бораи маҳорати суханварӣ баён карда, иддао кардааст, ки «ал-Баён ва-т-Табйин» танҳо суханрониҳои интихобшуда ва ривоятҳоро дар бар мегирад [13, с. 70].

Баръакси Қудома ва дигар мунаққидони адабии замони худ, Исҳоқ, ки ба танқиди наср диққати махсус медод, аввалин шуда ба санъати баён, ки дар доираи наср баррасӣ мешуд, муроҷиат кард. Вай бар ин бовар буд, ки суханварӣ бояд бо ситоиши Худо оғоз шавад ва дар худ иқтибосҳо аз китобҳои муътамад дошта бошад. Исҳоқ ҳамчунин таъкид мекард, ки суханрониҳо бояд муддати муносибро дар бар гирифта, ифодаҳо барои шунавандагон фаҳмо бошанд [4, с. 153-157].

Мунаққидон бештар ба масъалаи ягонагии шеър таваҷҷуҳ намудаанд. Ҳарчанд баъзе мунаққидон истиқлолияти эҳтимолии сатрҳоро қайд карда бошанд ҳам, аксарият шеърро як воҳиди том медонистанд. Сарфи назар аз жанрҳо ё мавзуъҳои гуногуни қисмҳои алоҳидаи шеър, мунаққидон аҳаммияти гузариш аз як мавзуъ ба мавзуи дигарро таъкид мекарданд. Ҳамчунин, муқоисаи шеър бо ҷисми инсон ва сатрҳо бо узвҳои гуногуни он (Ҳотимӣ ва Ибни Рашиқ) дида мешавад, ки ин метавонад ба таъсири афкори Арасту ишора кунад.

Азбаски анъанаи адабии арабӣ хусусиятҳои худро дорад, аз ин рӯ кӯшишҳои мутобиқсозии нақди юнонӣ ба заминаи нақди арабӣ пас аз корҳои муаллифони зикршуда

дастгирии васеъ наёфтанд [13, с. 76]. Ибни Ваҳб ба таври сазовор асосгузори илми «илми маонӣ» ба шумор меравад. Ин фан, ки қисми балоғат аст, ҷанбаҳои калидии забон, аз қабили: ал-хабар (*нақл, ривоят*), ал-иншо (*эҷод, сохтор*), ат-такдим ва ат-таъхир (*тартиби вожаҳо*), ал-фасл ва ал-васл (*ҷудо ва пайваст кардани ҷумлаҳо*), ал-ҳазф (*ихтисор*) – тарк карданро меомӯзад.

Илова бар ин, рушди минбаъдаи назарияи балоғат ва илмҳои марбут ба забон дар давраи Аббосиён нишон медиҳад, ки нақди адабӣ тадриҷан аз сатҳи баҳодиҳии оддии завқӣ ба як низоми мукаммали таҳлилӣ табдил ёфт. Мунаққидон на танҳо ба арзёбии зебоии шеър, балки ба омӯхтани сохтори дохилӣ, робитаи байни унсурҳои забонӣ, маъноӣ ва бадеӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Ин раванд боиси пайдоиши истилоҳоти махсус ва ташаккули усулҳои таҳлили матни адабӣ гардид.

Дар маҷмӯъ, давраи Аббосиён яке аз марҳилаҳои муҳимтарин дар таърихи ташаккули нақди адабии араб ба ҳисоб меравад. Дар ин давра таъсири омилҳои гуногун, рушди шаҳрнишинӣ, , тарҷумаи осори илмии юнонӣ, форсӣ ва ҳиндӣ, инчунин бархӯрди фарҳангҳои мухталиф барои пайдоиши муҳити мусоиди зеҳнӣ замина фароҳам оварад. Агар дар даврaҳои пешин арзёбии шеър бештар ба завқи шахсӣ ва меъёрҳои анъанавӣ такя мекард, пас дар асрҳои VIII–XIII он ба самти таҳлилҳои назариявӣ ва илмӣ ҳаракат намуд.

Мунаққидони ин давра масъалаҳои асосии назарияи адабиётро, аз қабили муносибати шакл ва мазмун, робитаи шеър ва ҳақиқат, нақши тахайюл, хусусиятҳои жанрӣ, таъсири шоирон ба ҳамдигар ва меъёрҳои арзёбии асари бадеиро мавриди баррасӣ қарор доданд. Осори мунаққидоне чун Ибни Салломи Ҷумаҳӣ, Ибни Қутайба, Ҷоҳиз, Қудома ибни Ҷаъфар ва Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ дар ташаккули пояҳои назариявии нақди адабӣ нақши муҳим бозиданд.

Ҳамин тавр, нақди адабии давраи Аббосиён на танҳо идомаи анъанаҳои қадимаи арабӣ буд, балки марҳилаи нави рушди тафаккури эстетикӣ ва илмии ҷаҳони исломро ифода мекард. Дар натиҷаи фаъолияти донишмандон ва мунаққидони ин давра, нақди адабӣ ба як соҳаи мустақили дониш табдил ёфта, барои рушди минбаъдаи адабиётшиносӣ дар Шарқ ва таъсири он ба фарҳангҳои дигар заминаи устувор гузошт.

Хулоса

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки давраи Аббосиён (асрҳои VIII–XIII) дар таърихи адабиёти араб марҳилаи муҳимми ташаккул ва рушди нақди адабӣ ба шумор меравад. Рушди шаҳрнишинӣ, густариши саводнокӣ ва китобат, рушди адабиёти хаттӣ, фаъолияти маҳфилҳои адабӣ ва густариши робитаҳои фарҳангӣ бо тамаддунҳои форсӣ, юнонӣ ва ҳиндӣ барои ташаккули муҳити мусоиди илмӣ ва адабӣ замина фароҳам оварданд. Таҳлил нишон медиҳад, ки нақди адабӣ дар ибтидо бештар хусусияти филологӣ ва завқӣ дошта, тадриҷан ба низоми муайяни арзёбӣ ва таҳлили асари бадеӣ табдил ёфт. Фаъолияти донишмандоне чун Ибни Салломи Ҷумаҳӣ, Ибни Қутайба, Ҷоҳиз, Қудома ибни Ҷаъфар ва Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ дар ин раванд аҳаммияти махсус дорад. Онҳо масъалаҳои муносибати шакл ва мазмун, меъёрҳои арзёбии шеър, сохтори асари бадеӣ, робитаи шеър ва ҳақиқат, нақши тахайюл, хусусиятҳои жанрӣ ва таъсири мутақобилаи шоиронро ба таври назариявӣ барраси намуданд.

Ҳамчунин, баҳси «шеъри қадим» ва «шеъри нав» барои такмили меъёрҳои нақди адабӣ ва густариши андешаҳои эстетикӣ нақши муҳим бозид. Таъсири фалсафаи юнонӣ, махсусан осори Арасту, ба назарияи шеър ва кӯшишҳои мутобиқсозии он ба хусусиятҳои адабиёти арабӣ боиси пайдоиши равишҳои нави таҳлилӣ гардид. Дар баробари ин, рушди илмҳои балоғат, маонӣ, баён ва арӯз заминаи назариявии нақди адабиро боз ҳам мустаҳкам намуд.Ҳамин тавр, нақди адабии давраи Аббосиён аз баҳодиҳии одии завқӣ ба таҳлили назариявӣ ва илмии матни адабӣ гузашт ва тадриҷан ҳамчун соҳаи нисбатан мустақили дониш ташаккул ёфт. Мероси назарии мунаққидони ин давра на танҳо дар рушди адабиётшиносии араб, балки дар ташаккули тафаккури эстетикӣ ва илмии ҷаҳони ислом саҳми назаррас гузошта, барои рушди минбаъдаи назарияи адабиёт дар Шарқ заминаи устувор фароҳам оварад.

АДАБИЁТ

1. Абдулмунъим Муҳаммад ал-Хафоҷӣ. *Ал-адаб ал-арабӣ ва таърихуҳу фӣ ал-аср ал-аббосӣ*. – Байрут: Дор ал-Ҷайл, 1990.
2. Абдулмунъим Муҳаммад ал-Хафоҷӣ. *Ал-ҳаёт ал-адабия фӣ асри ал-ҷоҳилия ва садри ал-ислом*. – Қоҳира: Матбааи ал-куллия ал-азҳария, 1990.
3. Иброҳим Муҳаммад ал-Байҳақӣ. *Ал-маҳосин ва-л-масовӣ*. – Бейрут, 1970.
4. Ибни Ваҳб ал-Котиб. *Таърихи нақд ъинда ал-араб*. – Бейрут: Дор ас-Сақофа, 1983.
5. Ҷурҷӣ Зайдон. *Таърихи одоби ал-луғати ал-арабия*. – Қоҳира: Дор ал-Ҳилол, 1914.
6. Ибни Қутайба ад-Динаварӣ. *Аш-шеър ва-ш-шуаро*. – Қоҳира: Дор ал-Ҳадис, 2003.
7. Абулҳасан Алӣ ибни Абдулазиз ал-Қозӣ ал-Ҷурҷонӣ. *Ал-васота байна ал-Мутанаббӣ ва хусумиҳи*. – Байрут, 2000.
8. Қудома ибни Ҷаъфар. *Нақд аш-шеър*. – Истанбул: Матбааи ал-Ҷовид, 1889.
9. Саидзода Одинааҳмад. *Аз таърихи нақди адабии араб* // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – 2025. – № 2 (39). – С. 208
10. Саидзода О.С. Шеърҳои озод дар эҷодиёти Фаридун Муширӣ, ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО (силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих) 2026. № 2(62) саҳ. 348-358
11. Саидзода О. Мавзӯи ишқ дар эҷодиёти Фаридун Муширӣ // Навиди илм (маҷаллаи илмӣ). – 2026. – № 1. – С. 212–217.
12. Шавқӣ Зайф. *Таърихи ал-адаб ал-арабӣ*. – Қоҳира: Дор ал-Маориф, 1980.
13. Шавқӣ Зайф. *Ан-нақд ал-адабӣ*. – Қоҳира: Дор ал-Маориф, 1970.
14. Эҳсон Аббос. Таърихи ан-нақд ъинда ал-араб. – Бейрут: Дор ас-Сақофа, 1983.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Саидзода Одинааҳмад Сайдамир –номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи арабӣ факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 988-96-10-26. E-mail: odinahmad-94@mail.ru.*

Сведения об авторе: *Саидзода Одинаахмад Сайдамир – кондидат филологический наук, доцент кафедры арабский филологии Таджикского национального Университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, п.Рудаки, 17. Телефон: (+992) 988-96-10-26. E-mail: odinahmad-94@mail.ru.*

Information about the author: *Saidzoda Odinaahmad Saidamir –Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Arabic Philology Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Phone: (+992) 988-96-10-26. E-mail: odinahmad-94@mail.ru.*

УДК:891.550

ОСТРОУМНЫЕ РЕЧИ В ГУЛИСТАНЕ САДИ В ВОСПРИЯТИИ НЕМЕЦКОГО ПЕРЕВОДЧИКА АДАМА ОЛЕАРИУСА

Сарахонзода Мухаммадрасул Сарахон
Таджикский национальный университет

Шайх Саъдӣ ва асарҳои безаволаш „Гулистон” ва „Бустон” тамоми Аврупоро мафтуни назму насри форсӣ намудааст. Олимони аврупоӣ бархе аз асарҳои адибони классикии форсу тоҷикро ба забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва англисӣ тарҷума ва якчанд маротиба бо таҳрирҳо ба чоп расонидаанд. „Гулистон” ва „Бӯстон” и шайх Саъдӣ дар ин ҷода мавқеи хосса доранд.

Дар мақола ҳамчунин дар бораи саргузаштҳои ҷолиби „Гулистон”, ки воқеан саршор аз ҳаҷви нозук аст, сухан меравад. Саъдӣ галереяи томи образҳои бадеӣ офарида, бо манзараҳои дурахшон ҳаёти ҳақиқии табақаҳои гуногуни ҷамъияти феодалии на танҳо Эрон, балки тамоми Шарқи Наздики асри XIII-ро тасвир кардааст. Инҳо образҳои меҳнаткашони одию поквиҷдон, ки шоир нисбат ба онҳо дилсӯзии хосса дошт ва подшоҳон бо ашроф ва золимоне, ки халқ аз онҳо нафрат доштанд, дарвешони камбағал, ки маҷбур буданд тарзи ҳаёти гуруснаю зоҳидона баранд, намояндагони дини расмӣ, ки мазлумонро даъват мекарданд, ки босабру таҳаммул ба тақдири худ тан диҳанд, мебошад.

Калидвожаҳо: *„Гулистон”, „Бӯстон”, сарзамин, форсҳо, асар, назм, аввалин, забон, тарҷумон, сафар кардан, урф, одат, дин, адабиёт, хӯрок, таърихи тарҷума, илова кардан, тарҷума кардан, олмонӣ.*

ОСТРОУМНЫЕ РЕЧИ В ГУЛИСТАНЕ САДИ В ВОСПРИЯТИИ НЕМЕЦКОГО ПЕРЕВОДЧИКА АДАМА ОЛЕАРИУСА

Шейх Саади и его бессмертные произведения «Гулистан» и «Бустон» очаровали всю Европу персидской поэзией. Европейские ученые опубликовали почти все произведения персидских и таджикских писателей-классиков на латыни, французском, немецком и английском языках, причем несколько раз с дополнениями и исправлениями. Гулистан и Бустан шейха Саади в этом случае занимают особое положение.

Также в статье говорится о увлекательных и действительно полных тонкого юмора рассказах Гулистана. Саади создал целую галерею высокохудожественных образов, с поразительной полнотой рисующих яркую, реалистическую картину жизни различных слоев феодального общества не только Ирана, но и всего Ближнего Востока XIII в. Это образы простых честных тружеников, к которым с особенной симпатией относился поэт, и царей с вельможами самодурами, которых ненавидел народ, дервишей-бедняков, вынужденных вести голодный, «аскетический» образ жизни, представителей официальной религии, призывающих обездоленных и несчастных терпеливо переносить «посланную им свыше долю».

Ключевые слова: *Гулистан, Бустон, земля, персы, работа, стихотворение, первое, язык, переводчик, путешествие, традиция, обычай, религия, литература, еда, история перевода, дополнение, переводить, немецкий.*

WITTY SPEECHES IN GULISTAN SAADI IN PERCEPTION OF GERMAN TRANSLATORS ADAM OLEARIUS

Sheikh Saadi and his immortal works “Gulistan” and “Buston” enchanted the whole of Europe with Persian poetry. European scholars have published almost all the works of Persian and Tajik classical writers in Latin, French, German and English, several times with additions and corrections. Gulistan and Bustan of Sheikh Saadi in this case occupy a special position.

The article also talks about the fascinating stories of Gulistan, truly full of subtle humor. Saadi created a whole gallery of highly artistic images, with amazing completeness painting a bright, realistic picture of the life of various layers of feudal society not only in Iran, but throughout the entire Middle East of the 13th century. These are images of simple honest workers, for whom the poet had special sympathy, and kings with nobles and tyrants whom the people hated, poor dervishes forced to lead a hungry, “ascetic”

lifestyle, representatives of the official religion, calling on the destitute and unfortunate to patiently endure the message sent to them." over a share."

Keywords: *Gulistan, Boston, land, Persians, work, poem, first, language, translator, travel, tradition, custom, religion, literature, food, history of translation, add., translate, German.*

Введение. Адам Олеариус, один из знаменитых немецких переводчиков «Гулистан» - а Саади, сделал выбор внутри тех стихотворных приложений, принимая во внимание их подлинность к тем прозаическим переводам, к которым не было необходимости. То, что здесь размышлении тематического характера являются определяющими, это очевидно. Но прежде чем рассмотреть этот пункт, необходимо принимать во внимание один момент, который сыграл немаловажную роль при выборе переводчика.

Как говорится во введении Саади сочинил «Гулистан» - „in einer Einkleidung, die den Rednern nützen und Skribenten die Eloquenz vermehren möchte [11,11] «для развлечения зрителей и отрады желающих могу я написать книгу Гулистан (Сад роз), листов которой не достигнет жестокая рука осеннего ветра и радостную весну которой не обратит круговорот времени в унылую осень: [1,62]. Эту цель он достигает с одной стороны через простое изящество своего стиля прозы, которая сделало «Гулистан» на столетия образцовой книгой красноречия, и с другой стороны через свои выразительные сентенции и изречения, которые предлагают богатое сокровище всесторонне используемых мудрых наставлений. Это соответствует постановке цели, если автор воспользуется каждому возможному случаю пересыпать изречения и жизненное правило разных содержаний в своих рассказах и, если он в VIII книге на которого его замечания во введении в первую очередь ориентированы имеются изобилия одиноких нравоучительных изречений.

Если подумать, как много поучительно ориентированной литературы XVII века имеется для изречений и пословиц, то не трудно установить, почему такой богатый источник, как говорит Олеариус, „herrlichen Sententien vnd Sinnreichen Sprüchen" [16, 17] – *великолепные сентенции и остроумные изречения [наш перевод]* каким является «Гулистан» именно в эту эпоху нашёл вход в европейский мир культуры. Именно в русле этой тенденции Олеарий „nicht unbequem zu seyn erachtet“, «не считает затруднительным» добавить к своему переводу „des weisen Lokmans Sinnreiche Gedichte vnd Fabeln“ «многозначительные стихи и басни мудрого Локмана» и „etliche feine Sprichwörter der Araber“ «несколько прекрасных пословиц арабов», „weil selbige gar Sinnreich/ vnd mit vnserm Saadi nach einem Zweck zielen“ [16, 333, 352] «потому что они весьма осмысленны/ и с нашим Саади стремятся к определённой цели».

Но то, что даёт этому тенденцию специфическое направление и доказывает себя так к определению цели переводчика как особенно поучительное, является предпочтение для изречений наглядного выражения характера. Олеариус делает ставку именно на то чтобы из стихотворных приложений получить похожие содержания преимущественно в поэзии. Простое необразно мудрое высказывание относительно редко стимулирует переводчика на сочинения стиха.

Эта тенденция вырисовывается более отчётливо в таких тематически связанных группах стихов, которые только частично переведены в стихах. Следующая группа стихов является окончанием одного рассказа:

„Die Weisen pflegen zu sagen: Wenn dir die Menschen übels thun/ so erzürne nicht/ von Menschen kompt dir weder gutes noch böses/ du solt wissen/ daß dir ein Feind vnd Freund von Gott entstehe/ denn beyder Hertz stehet in seiner Hand.

Des schnellen Pfeiles Flucht vom Bogen zwar herrühret/
Ein Kluger siht auff den/ der Pfeil vnd Bogen führet.“ [16, 53]

Этот отрывок рассказа у Алиева:

„Если случится с тобой бедствие, не обижайся на людей,
Ибо не от людей достаются покой и беспокойство.
От господа, знай, исходит ссора с врагом или другом,
Ибо сердца обоих находятся в его воле.

Хотя из лука вылетает стрела,
Но человек мудрый понимает, что ее выпускает лучник" [1,89]

Этот отрывок рассказа у Саади: Ва ҳукамо гуфтаанд:

Гар газандат расад зи халқ, маранҷ,
Ки на роҳат расад зи халқ, на ранҷ.
Аз Худо дон хилофи душману дӯст,
Ки дили ҳар ду дар тасарруфи ӯст.
Гарчи тир аз камон ҳамегузарад,
Аз камондор бинад аҳли хирад. [6, 54]

Аналогичное происходит и в II главе рассказ 11:

„... der Derwisch so ohngefehr bey des Sterbenden Lager stund/ sagte: Vns/ die wir Ungemach vnd Gefahr außgestanden/ bleiben beym Leben/ vnd du/ der du sanfft auff deinem Camele rittest/ must sterben.

Es beweinete ein Gesunder einsmahls einen Krancken die gantze Nacht/ gegen den Morgen stirbet der Gesunde aus Hertzeleid/ der Krancke aber wird wieder gesund.

Es pfleget sich offt zu zutragen/ daß gesunde Leute plötzlich in die Erde kommen/ vnd ein Verwundeter geneset wieder/ vnd läufft über jhn hin.

Offt ein frisch muthig Pferd stürtzt auff dem Weg' ein Fall/
Ein Esel/ der doch hinckt/ erreicht gesund den Stall." [16, 89].

«О дервиш, куда же ты идешь, лучше вернись, а то умрешь от лишений!» Но он не обратил внимания, шел, продвигаясь в пустыню.

Когда мы достигли стоянки Нахла-и Махмуд (местность вблизи Мекки), для богача, ехавшего на верблюде, настал смертный час. Тот дервиш подошел к его изголовью и сказал: «Мы не умерли от лишений, а ты умер даже на верблюде!»

Некто всю ночь проплакал у изголовья больного,
Но когда настало утро, он умер, а больной выздоровел.

***

Как часто бывает, что быстроногие кони остаются на дороге,
А хромой осел достигает цели!
Часто мы предаем праху
Здоровых, а раненые выживают [1, 106]

Этот отрывок у Саади:

- Эй дарвеш, кучо меравӣ? Баргард, ки ба сахтӣ бимирӣ!

Нашунид ва қадам дар биёбон ниҳоду бирафт.

Чун ба Нахлаи Маҳмуд (маҳаллае наздикии Макка) даррасидем, тавонгарро аҷал фаро расид. Дарвеш ба болинаш фароз омад ва гуфт:

- Мо ба сахтӣ намурдему ту бар бухтӣ бимурдӣ:

Шахсе ҳама шаб бар сари бемор гирист,
Чун рӯз омад, бимурду бемор бизист.

***

Эй басо аспи тезрав, ки намонд,
Ки хари ланг ҷон ба манзил бурд
Бас ки дар хок тандурустонро
Дафн кардему захмхӯрда намурд [6, 80].

Двустишие звучит в оригинале следующим образом:

„Hüte dich vor dem Beredten deinen Schild gleich wegzuwerfen,
Denn geborgte Floskeln sind es, Redensarten, sonst nichts mehr.
Nach Erkenntniß und nach Wahrheit strebe nur: der eitle Schwätzer
Hat die Waffen vor der Thüre, drinnen ist die Festung leer." [11, 191]

У Алиева:

Смотри, не бросай щит при натиске велеречивого,
Ибо нет у него ничего, кроме метафорических гипербол.

Ты действуй верой и [божественным] знанием, ведь у того искусного краснобая
Оружие [только] на воротах, а внутри крепости никого нет [1, 187]

У Саади:

Ҳон, то сипар наяфканӣ аз ҳамлаи фасеҳ,
К-ӯро ба ҷуз муболиғаи мустаор нест.
В-ин дузди маърифат, ки сухандони саҷъгӯй (касе, сухани мавзуну боқофия гӯяд)
Бар дар силоҳ дораду кас дар ҳисор нест [6, 203]

В «Rosenthal» е – «Персидская долина роз» появляется только последняя часть этого правила жизни в стихе. Дополнения обособляют обе части:

In solchem Fall und Streit muß man nicht alsbald für einem solchen Widerpart Wehr und Waffen nieder legen/ und gewunnen geben. Was hat ein solcher mehr als eine stoltze/ leere und doch nur entlehnete Beredtsambkeit/ *hat man recht/ und hält darauff! kan man wol die Oberhand behalten.*

Ein Redner/ der groß spricht/ hat einen feinen Schein/
Das Schwerdt hengt an dem Thor/ im Schloß wird niemand seyn.“ [16, 263]

На следующем месте переводчик выделяет необразную житейскую мудрость жирным шрифтом, но притчу сочиняет в стих:

„Weistu nicht was jener Meister/ der von seinem Schüler mit Undanck vnd Schmach belohnet ward/ gesaget:
Es ist entweder keine Trewe noch Glaube mehr in der Welt/ oder so sie ja ist/ wird sie doch von den Menschen nicht mehr gebrauchet.

Dem ich die Schiesse=kunst zu lehren war befliessen/
Dem hab’ ich seinem Pfeil hernach ein Ziel seyn müssen." [16, 59]

Предпочтение даётся символично-притчеобразному даже несколько раз так значительно, что проза-сентенции облекают оригинал в стихотворную форму:

„Dieser Jüngling/ welcher für ändern wolte kühn und hertzhafft angesehen seyn/ erbote sich willig zu solcher Arbeit/ nicht betrachtend/ was die Weisen zu sagen pflegen: Vor dem/ dessen Gemüthe du einmahl beleidiget hast/ ob du jhm hernach schon hundert Wolthaten erzeigest/ sey der Rache halben nicht sicher:

Man kan den scharffen Pfeil zwar aus der Wunde kriegen/
Doch bleibt darin der Schmertz/ der Groll im Hertzen liegen.“ [16, 162]

У Гентиуса, как в Оригинале, в прозе: „... Sagitta quidem eximitur vulneri; sed acceptae injuriae memoria in animo altissime residet.“ (10, 289)]

Юноша, в обольщении от своей доблести, не подумал об оскорбленном враге и пренебрег указаниями мудрецов, которые говорят: «Если ты один раз уязвил чье-либо сердце, то, хотя бы ты оказал ему вслед за тем сотню благодеяний, берегись возмездия за ту одну обиду, ибо стрела выходит из раны, но обида остается в сердце». [1, 140]

Ҷавон ба ғурури диловарӣ, ки дар сар дошт, аз хасми дилозурда наяндешид ва қавли ҳукамо муътабар надошт, ки гуфтаанд: «Ҳар киро ранҷе ба дил расондӣ, агар дар ақиби он сад роҳат бирасонӣ, аз подоши он як ранҷиш эмин набош, ки пайкон аз ҷароҳат бадар ояд ва озор дар дил бимонад». [6, 132]

Похоже обстоит дело и в VIII главе, 128 рассказе. Сравнение здесь пояснены и подготовлены через предшествующие дополнение:

„Wenn du einem eine Lügen vorbringest/ bißweilen auch wol etwas darzu genötiget wirst/ so kan dirs zwar vergeben werden/ aber dessen Gedächtniß bleibet in der Leute Sinn.

Wenn du schlagest mit dem Munde/
Kan zwar heilen solche Wunde/
Doch behält man Narff vnd Schmertzen/
In dem Sinn vnd in dem Hertzen.“ [16, 321, 322]

У Гентиуса переведено как в оригинале, в прозе:

„Mendacium dicere simile est vulneri inflicto: vulnus esti quidem coiverit; vestigium tamen relinquit.“ (10, 515)]

У Алиева:

Ложь подобна удару, оставляющему след: если даже рана заживет, рубец останется; так и братья Йусуфа — мир над ним! — [когда] оказались лжецами, исчезло доверие и к их правдивым словам. Сказал [им Йакӯб]: «Это вы сами придумали; так, твердое терпение...»

Тот, кто привык говорить правду,
Когда допускает ошибку, прощают ему.
Но кто прославился ложными словами [своими],
То больше не поверят и его правде [1, 210].

У Саади:

Дурӯғ гуфтан ба зарбати шамшер монад, ки агар низ ҷароҳат дуруст шавад, нишон бимонад, чун бародарони Юсуф, ки ба дурӯғе мавсум шуданд, ба рост гуфтани эшон эътимод намонд.
Қола бал саввалат лакум анфусакум амран. (Яъқуб) гуфт: балки нафси шумо ин корро биёрост.

Якеро, ки одат бувад ростӣ,
Хатое равад, даргузаронад (бибахшоянд) аз ӯ.
В-агар номвар шуд ба қавли дурӯғ,
Дигар рост бовар надоранд аз ӯ [6, 238].

Причина этой тенденции определяется более подробно, если мы внимательно посмотрим очень характерное своеобразие техники перевода «Rosenthal» - а.

Речь идёт о переводе образных оборотов речи и выражений, пословный перевод которых в немецком языке не даёт никакого значения. Вместо того, чтобы перевести их с немецким эквивалентом, Олеариус даёт их пословный перевод, объясняя это потом в последующем предложении, который начинается с *или, это означает* и похожими словами. Практика показывает, как Олеариус очень стремится передать своему читателю новые идеи и сравнения оригинала.

Например, Олеариус находит персидское слово „одамӣ“ (человек от Адама) то он переводит его как: „. . . bist du nicht würdig den Nahmen von Adam zu führen/ oder ein Mensch zu heissen.“ [16, 27] - *ты что не способен гордо носит имя Адама/ или называться человеком* [наш перевод].

Одно стихотворное приложение в ‚Rosenthal‘ е гласит:

„Es wird vom grösten Fewr kein Rauch so hoch nicht steigen/
Als dessen Seufftzer/ der geprest zu Gott muß schreyen.“ [16, 25]

В первом издании, где Олеариус переводит этот стих в прозу, то он передаёт первоначальное сравнение дословно:

„Kein Reuchwerck steiget vom Fewr so kräfftig empor/ als der Dampff *oder Seuffzer* eines gepresseten Hertzens.“ [16, 45].

Другие примеры:

„hat doch kurtze Hände/ *oder ist ohnmächtig*", [16, 301]

„in dem ändern Hause/ *oder in jenem Lehen*“, [16, 315]

„Ziehe die Baumwolle aus den Ohren. Das ist: Höre gerne*“, [16, 26]*

Такие объяснительные примеры в текущем тексте выполняют одинаковую функцию в качестве частых объяснений, которые Олеариус приводит в своих замечаниях к персидским выражениям текста оригинала.

Как „schön Wort“ – красивое слово опубликуется переводчику, например: в тексте „schnel lauffend“ переведенный эпитет „бодпой” Windfuß/ wegen des schnell lauffens. Dieß ist das gröste Lob/ so die Perser einem guten Pferde geben“ [16, 151].

Для перевода: „Es grausete einem für seiner Stimme“ Олеариус замечает: дили мардумро сиёҳ кардан Cor hominum nigrum fecit - Он сделал сердца людей черными. Ist eine gemeine art bey den Persern zu reden; Er machte der Menschen Hertzen schwartz/ *das ist/* betrübt vnd grausend." [16, 237]

Для „verwegene Zunge“ это означает: „Im Texte stehet – забони дароз – *длинный язык* eine lange Zunge. Diese art zu reden ist bey den Persern gar gebräuchlich/ der Mensch hat eine lange Zunge *h. e.* ist frech im reden/ vnd verwaschen.“ [16, 185]. Разговаривать таким образом является у персов и таджиков обычным делом/*у человека длинный язык это означает быть дерзким в беседе*.

Для „starb“: ist durchgangen/ dann die Perser/ weil sie auch nach diesem Leben ein ander Leben gläuben/ reden hoff lieh von dem Todt der Jhrigen/ sagen nicht er ist gestorben/ sondern: Er ist durch/ oder übergangen von dieser Welt in ein ander Leben.“ [16, 202] - „В тексте персидская версия *даргузашт* – для персов и таджиков, которые верят и в жизнь после смерти, говорят про своих умерших часто, но не говорят что они умерли, а они перешли в мир иной [наш смысловой перевод].

Для: „Es war einem jungen Geistlichen das Hertz auch aus der Hand gefallen/ *nemlich/* er hatte sich so sehr in eine hohe Person verliebet“: „В тексте написано перс. Версия – дил аз даст рафта буд - cor ex manu decidit Das Hertz ist jhm aus der Hand gefallen. Diese Art zu reden gebrauchen sie gegen einem/ der von seinen affecten überwunden/ vnd seiner nicht mehr mächtig ist.“ [16, 188]. Они используют этот способ высказывания против того, кто преодолел свои эмоции и больше не может их контролировать [наш смысловой перевод].

Обсуждение. Предпочтение переводчика стихам, имеющим изобразительный, экспрессивный характер, а также обсуждаемая последним информативная черта, которую имеет его технический переводческий процесс по отношению к изобразительным выражениям, очевидно, находятся в духе вклада в „Fortsetzung der Deutschen Poeterey/ vnd fürnemblich der reinen Deutschen Sprache“, - «продолжение немецкой поэзии/ и, в частности, чистый немецкий язык». Олеариус, вдохновлённый разговором с Опитцем, хотел во время своего пребывания в Лейпциге поработать над немецкими переводами Вергилия. Ему пришлось расстаться с этим намерением. Он „Bemühete in der Frembde“ – *утруждённый на чужбине* отдался возможности желаемому участию обогащению „reinen Deutschen Sprache“ – *чистого немецкого языка* с переводом «Гулистана». Как сообщает он во введении передал готовую рукопись своего латинского перевода «Гулистана» во владение национальной библиотеке и взялся за „Persianer in einem Teutschen Mantel“ - *переодевание перса в немецкое пальто, а „vnd in vnser Hochteutschen Sprache hören“- персидский язык озвучит на литературном немецком языке.* К этому его побудило, как он говорит его высокопревосходительство великий правитель, глава плодоносного общества. „das HochFürstl. Haupt der Fruchtbringenden Gesellschaft;/ der Schmackhaffte/ welcher bey auffnehmung meiner unwürdigen Person/ als sie vernommen/ daß ich diß Werck unter Händen hätte/ gnädig an mir geschrieben; daß ich wol thun würde/ wenn ich dasselbe nicht in Lateinischer/ sondern in vnser Teutschen Muttersprache/ welche gleichsam unter dem Staube der Verachtung jetzt wieder herfür gläntzet (wie selbige Wort lauten) beschreiben/ vnd den Persianer Teutsch reden lehren würde.“ [16, 18]. В письме к герцогу Вильгельму Саксонии-Веймарскому (заманчивому) от 14.11.1651 года, в котором Олеариус благодарить за принятие его в «плодоносное общество» пишет, что хочет в будущем быть «Утруждённый» не только на чужбине, но и «in beforderung unser lieblichen muttersprache» - в пользу нашего любимого родного языка – „Zu deßen behuff ich ein new Persianisch werck, welches ich erst in Latein herauszugeben willens, numehr in hochdeutscher sprache darstellen will.“ - С этой целью я готовлю новую персидскую работу, которую хочу сначала опубликовать на латыни, а затем представить на верхненемецком языке [наш смысловой перевод].

Основное понятие, под которым определяется это намерение и тенденция, называется апофтегма (афоризм, сентенция, крылатое выражение) или „oder auff Teutsch genadt/ Klug- und Hoffreden“, - *по-немецки говоря говорит умно и придворно, как перевёл его Zincgref.* [20, 6a] *В* своем апофтегме Харсдорфер „Ars Apophthegmatica“ различает между „unverblümten Lehrsprüchen (sive sententiae)“ - откровенными поучительными нравоучениями и „klugen/ kurtzen/ scharff= und nachsinnigen Hofreden/ . . . welche . . . Apophthegmata genennet werden“ - умными/ коротко/ остроумно/ и продуманными придворными речами …. , которые называются апофтегмой, и считает „Gleichnisse“ - «*сравнения*» как - „die hellste und herrlichste Kunstquelle/ deren sich alle Redner und Poeten zierlichst zu begreiffen wissen.“ [21, 13; 28.] - «*ясный* и *прекрасный источник искусства*», которые все ораторы и поэты воспринимают как изящество [наш смысловой перевод].

На титульном листе «Rosenthal» а указано немецкое название этого обозначения: *scharffsinnige Reden - остроумные речи.* Апофтегма и короткие и остроумные речи восхваляются также и в предисловии у Саади.

«Гулистан» представляется переводчику как богатый и полезный источник, как сокровищница риторического и поэтического мотива. Целесообразно нумерирует Олеариус также и истории, и одинокие сентенции и снабжает перевод с подробным регистром, которая под разными краткими тезисами, указывает на материальное содержание «Гулистан» - а.

Заключение. Таким образом, «Гулистан» приблизился к сборникам Zincgrefa „Apophthegmata“, Lehmansa „Florilegium Politicum“ (1643) и Harsdörffera „Ars Apophthegmatica“, только для того, чтобы напомнит эти важнейшие сборники, которые служили подмогой для придворных ораторов и поэтов как вспомогательная книга и придворно ориентированным читателям, которые хотели из вежливости оказывать любезность дворовым беседам, снабдит темами

для разговоров. Апофтегмы Саади нашли дорогу к таким сборникам не только после публикации „Persianischen Rosenthal“. Уже в 1647 году красивые и задумчивые речи из перевода Гулистана Оксенбаха наполнили одну десятую часть богатого материала компиляции, которые как и все виды таких сборников издавались в формате записной книги: „Evtrapeliae Philologico- Historico- Ethico- Politico- Theologicae, Oder Zwey Tausend schöne/ Nützliche/ Naachdenckliche/ VernünfFtige/ Sinn/ Lehr/ Geistreiche/ und anmuthige/ auch teils lustige Geschichte und Reden/ Männiglichen zuhr Erlustigung und Ergötzlichkeit/ auch der lernenden Jugend zu nützlicher Übung/ so wohl yn der reinen Deutschen/ als auch mit übersetzen in der Lateinischen/ Spraachen/ aus unterschiedenen Büchern mit fleiß zusammen gelesen und heraus gegeben Durch M. Samuel Gerlach.“

Это свидетельствует о возрастающем применении „Гулистан“ а для такой определённой цели, если только не маленький выбор дю Рийе и Оксенбаха, но и второе издание как «Persianischen Rosenthal», так и, «Rosarium Politicum» опубликовались в маленьком книжном формате.

ЛИТЕРАТУРА

1. Алиев, Рустам. Саади, Гулистан. Критический текст, перевод, предисловие и примечания Р.М. Алиева. – М., 1959. – 722с.
2. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
3. Афгонов, А. Ф. Искусственная поэзия и начало ее развития в персидско-таджикской литературе (XI-XII в.в.): дис. …канд. фил. наук / А. Ф. Афгонов. – Душанбе, 2018. – 203 с.
4. Брагинский, И.С. Из истории таджикской и персидской литературы /И. С. Брагинский. – М.: Наука, 1972. – 524 с.
5. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик /Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1989. – 420 с.
6. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов. – Душанбе: Маориф, - 2014. – 248с.
7. Шарифов, Х. Назарияи наср (дар адаби форсии асрҳои IV-IX ҳичрӣ) / Х. Шарифов. – Душанбе, 2004. – 319 с.
8. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллии тоҷик / Х.Шарифов // Сухан аз адабиёти миллӣ. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 315с.
9. Belings Oswald. Verdeutschte Waldlieder. – Hamburg., 1649. 171c.
10. Georgius, Gentius, MVSLADINI SADI ROSARIUM POLITICVM. - Hamburg. – 1651. – 629 с.
11. Graf, Karl Heinrich, - Die Moral des persischen Dichters Sadi. – Strassburg., Eduard Reus & Eduard Cunitz. C. 195.
12. Grosse, Eduard, Adam Olearius, Leben und Schriften. Aschersleben. – 1867. – C. 370.
13. Habermann, Paul, Adam Olearius, der „Vielbemuhete“. Aschersleben. - 1930. – C. 17.
14. Muller, Gunther, Deutsche Dichtung. Wildpark-Potsdam. – 1927. – C. 410.
15. Muller, Gunther, Hofische Kultur der Barockzeit. Muller und Hans Naumann. Halle. – 1929. – C. 420.
16. Olearius, Adam. Persianische Rosenthal. – Gotorph.: Schleswig&Holstein, - 1654. – 400c.
17. Olearius, Adam. Kurzer Begriff Einer Holsteinischen Chronik. Schleßwig. – 1663. – 432c.
18. Olearius, Adam. Reisebeschreibung. Hamburg. – 1663. – 927c.
19. Rypka, Jan. Iranische Literaturgeschichte. Leipzig: VEB OTTO HARASSOWITZ. – 1959. C. 672.
20. Zincgref, Julius Wilhelm: Teutsche Apophthegmata das ist Der Teutschen Scharfsinnige kluge Sprüche. – Amsterdam – 1653. – 867 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Сарахонзода Муҳаммадрасул Сарахон – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: muhammad1967@mail.ru; Тел.: (+992) 976196767*

Сведения об авторе: *Сарахонзода Мухаммадрасул Сарахон – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, общеуниверситетская кафедра немецкого и французского языков. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: muhammad1967@mail.ru; Тел.: (+992) 976196767*

Information about the author: *Sarahonzoda Muhammadrasul Sarahon – Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Interuniversity Department of German and French. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: muhammad1967@mail.ru; Tel.: (+992) 976196767*

ТДУ 821.222.8-1.09

ШЕВАИ БАЁН ВА ТАРЗИ УСЛУБИ НИГОРИШИ ТАСВИР ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МАВЛОНО

Хатлонӣ Салим, Сафарзода Сабоҳат
Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Мақола ба таҳқиқи вижагиҳои сабкии «Девони Шамс» ва ҳунари тасвирсозии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ бахшида шудааст ва дар ин ҷо муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, то муайян кунад, ки чӣ гуна Мавлоно тавассути калимаву ибораҳо олами ботинии инсон ва ирфонро ба риштаи тасвир мекашад.

Нуктаҳои меҳварии таҳқиқ дар адабиёти ирфонӣ динамика ва ҳаракат дар тасвир мебошад ва бархӯрди Мавлоно бо тасвирсозӣ на чун рассоми сокин, балки чун коргардони намоиш дар саҳнаи драмма мебошад. Тасвирҳо дар ғазалиёти ӯ ҳамеша дар ҳоли ҳаракат, рақс ва таъғирёбӣ мебошанд. Инчунин истифода аз рамз ва истиора: - Таҳлили он ки чӣ тавр ашёи оддии рӯзгор мисли чарх, най, май, оташ дар нигориши тасвир дар ғазал шоир ба мафҳумҳои баланди фалсафӣ ва илоҳӣ табдил меёбанд.

Дигар нуқтаи меҳварии тадқиқ дар ғазалҳои Мавлоно мусиқии калом ва иртиботи он бо баён мебошад ва шеваи баёни Мавлоно сахт таҳти таъсири вазн ва оҳанг аст, ки боиси ба вуҷуд омадани тасвирҳои тахаюлотӣ ва зеҳнӣ мегардад. Забони ғазалҳои Мавлоно содда ва баён шӯрангезу эҳсосотӣ аст ва таносуби миёни забони мардумӣ ва истилоҳоти орифона сабки нигориши шоирро аз дигар ғазалсароён фарқ мекунонад.

Калидвожаҳо: *Мавлоно, ғазал, услуби баён,услуби нигориш, тасвирсозӣ, Девони Шамс, ирфон, истиора, ҳаракат, шеваи баён, нигориши тасвир, вижа, ҳаракатнок, адабиёти ирфонӣ, оҳангнокӣ, вазн.*

МАНЕРА ИЗЛОЖЕНИЯ И ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ СТИЛЬ ИЗОБРАЖЕНИЯ ОБРАЗОВ В ГАЗЕЛЯХ МАВЛАНО

Статья посвящена исследованию стилистических особенностей «Дивана Шамса» и мастерству создания художественных образов Мавлано Джалолуддина Балхи. Автор предпринимает попытку определить, каким образом Мавлано с помощью слов и фраз запечатлевает внутренний мир человека и мистическое учение ирфана.

Центральными аспектами исследования являются: - Динамика и движение в суфийской литературе: Подход Мавлано к созданию образов сравнивается не с работой статичного художника, а с деятельностью режиссера на театральной сцене. Образы в его газелях всегда находятся в состоянии движения, танца и трансформации.

Использование символов и метафор: Анализируется как обыденные предметы быта — такие как колесо (чарх), ней, вино и огонь — превращаются в поэтике поэта в высокие философские и божественные концепты. Музыкальность слова и её связь с изложением: Манера письма Мавлано находится под сильным влиянием ритма и мелодики, что способствует возникновению богатых воображаемых и интеллектуальных образов.Заключение: Язык газелей Мавлано прост, а стиль изложения экспрессивен и эмоционален. Сочетание народно-разговорного языка с мистической терминологией (истилохоти орифона) отличает авторский стиль поэта от творчества других мастеров газели.

Ключевые слова: *Мавлано, газель, стиль изложения, манера письма, создание образа, Диван-и Шамс, ирфан (суфизм), метафора, движение, изобразительность, особенность, динамичность, суфийская литература, музыкальность, ритм (вазн).*

THE MODE OF EXPRESSION AND STYLE OF IMAGERY IN THE GHAZALS OF MAWLANA

The article is dedicated to the study of the stylistic features of the "Divan-e Shams" and the artistic imagery of Jalaluddin Rumi. The author attempts to determine how Rumi depicts the inner world of man and mysticism through words and phrases.

The central points of research in mystical literature are dynamics and movement in imagery. Rumi's approach to imagery is not that of a static painter, but rather a theater director on a dramatic stage. The images in his ghazals are constantly in motion, dancing, and transforming.

Furthermore, the article analyzes the use of symbols and metaphors, examining how everyday objects—such as the wheel, the reed (nay), wine, and fire—are transformed into high philosophical and divine concepts within the poet's imagery.

Another focal point of the research is the music of the word and its connection to expression in Rumi's ghazals. Rumi's mode of expression is heavily influenced by rhythm and melody, which gives rise to imaginative and intellectual imagery. The language of Rumi's ghazals is simple, yet his expression is passionate and emotional. The balance between colloquial language and mystical terminology distinguishes his writing style from that of other ghazal poets.

Keywords: *Rumi (Mavlono), ghazal, style of expression, writing style, imagery, Divan-e Shams, mysticism (irfan), metaphor, movement, mode of expression, depiction of imagery, unique, dynamic, mystical literature, musicality, rhythm (meter).*

Муқаддима: Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ яке аз пуршӯртарин тасвиргари олами маъно, шоири Ориф ва мусаввири чирадасти каломи бадеӣ дар адабиёт ва ирфони ҷаҳонӣ шинохта шудааст. Ғазалиёти ӯ дар «Девони Шамс» намунаи олии пайванди ишқи сӯзон, мусиқии ботинӣ ва тасвирсозии беназир мебошанд. Бархӯрди Мавлоно бо калимоту тасвирсозиҳои бадеӣ аз дигар шоирони ҳамзамонаш куллан фарқ дорад, зеро агар дигарон тасвирро барои зиннати шеър истифода баранд, барои Мавлоно тасвир василаест барои баёни маъниҳои ирфонӣ, ки қолабшикани маъниҳои зоҳирӣ мебошад, яъне маъниҳое меофарад, ки дар қолаби алфози муқаррарӣ намеғунҷад.

Вижагиҳои асосии услуби нигориши Мавлоно шеваи баёни ӯ дар ғазал мебошад, ки бар чанд рукни асосӣ такя мекунад ва тарзи нигориши ӯро хос мегардонанд:

Тасвирҳои ҳаракатманд, ки бар хилофи тасвирҳои сокини сабки хуросонӣ ва ё тасвирҳои зеҳнии сабки ироқӣ, тасвирҳои Мавлоно саршори эҳсоси пурҷӯш, ҳаракат, рақс ва ҷунбишанд. Дар ғазали ӯ зарраҳо рақс мекунанд, офтоб медавад ва олам дар чархиш аст, яъне маъниҳои ирфониро тавассути тасвирҳои рамзӣ хеле пуртаъсир иншон медиҳад.

Истифода аз рамз ва истиораҳои нав: Мавлоно аз ашёи оддитарини рӯзгор: - ба мисли дег, кафлес, ҷорӯб, намад то падидаҳои кайҳонӣ: - мисли нур, фалак, ақл - тасвирҳое месозад, ки маъноҳои амиқи ирфониро ифода мекунанд ва ин маъниҳо як фазои маънавӣ дар зеҳни хонанда ба вуҷуд меоваранд.

Мусиқии калом: Услуби нигориши ӯ бо вазнҳои пуртанин ва пуршӯр тавъам аст. Тасвир дар шеъри ӯ на танҳо дида мешавад, балки тавассути оҳанги калимот шунида мешавад, яъне ҳам оҳанг ва ҳам ғазалҳои Мавлоно як ритми сухангӯии ирфонӣ доранд ва хонандаро ба ҳадди ҳол мерасонанд.

Забони содда ва самимият: - Бо вуҷуди амиқ будани маъно, шеваи баёни ӯ аз такаллуфоти адабӣ дур аст, яъне ӯ бо забони дил сухан мегӯяд, ки ин боиси таъсиргузории бештари тасвирҳои ӯ мегардад. Ҳадаф ва мақсади Мавлоно аз ин тасвирсозиҳо дар ғазалҳояш аз он иборат аст, ки ӯ талош мекунад тавассути тасвирҳои моддӣ, ҷаҳони ғайримоддиро ба хонанда наздик созад, яъне мехоҳад «берангиро» дар қолаби «ранг» нишон диҳад ва ҳар тасвир дар ғазали ӯ равзанаест ба сӯи мушоҳидаи Ҳақ ва таҷаллии ишқи илоҳӣ.

Таҳқиқи шеваи баён ва услуби тасвирнигории Мавлоно нишон медиҳад, ки ӯ тавонистааст миёни "сурат" ва "маъно" пуле устувор бисозад, ки дар он лафз ба хидмати рӯҳ медарояд ва шеър ба як самои маънавӣ мубаддал мешавад ва як фазои озоди рӯҳиро ба вуҷуд меорад.

Маводҳо: Дар тадқиқот муаллиф бештар ба маҷмӯаи ғазалҳои Мавлоно, ки дар асараш: "Девони Шамс" гирд оварда шудаанд, такя намуда аст. Яъне дар тадқиқи шеваи баён ва услуби нигориши тасвир дар ғазалиёти шоир Маводи тадқиқот дар кори илмӣ осори манзуми ӯ мебошад, ки дар онҳо тасвирсозӣ нақши калидӣ дорад. Тадқиқи мавзӯи мазкур дар асоси маводҳо ва сарчашмаҳои муътамад сурат мегирад, ба мисли донишмандони Эронӣ: Бадеуззамон

Фурӯзонфар, А.Зарринкӯб, аз донишмандони ватанӣ: Салими Хатлонӣ, Хуршед Зиёев, Нодир Одилов,

Методҳои тадқиқот: Барои муайян кардани баъзе вижагиҳои ғазалҳои Мавлоно аз методҳои зерин истифода мешавад: Яке аз методҳои таҳлил ин методи таҳлили сохторӣ мебошад, ки муҳақиқ барои муайян кардани иртиботи байни калима ва ашёи тасвиршаванда аз ин метод истифода мебарад. Мавлоно аз унсурҳои оддии табиат: Об, оташ, гул, булбул мафҳумҳои ирфонӣ месозад. Методи муқоисавӣ-таърихӣ: Ин метод имкон медиҳад, ки тавассути муқоисаи услуби тасвирсозии Мавлоно бо дигар шоирони классик навовариҳои шоир нишон дода шавад. Дигар методи таҳқиқ методи оморӣ мебошад, ки тавассути ин метод дар тадқиқи ғазалҳои ирфонӣ сатҳи истифодабарии санъатҳои бадеӣ дар офаридани маъниҳои ирффонӣ мушаххас мегардад.

Муҳокима. Нигориш ва шеваи баёни Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз дигар шоирони классикии мо ба куллӣ фарқ мекунад ва яке аз нодиртарин ва пуршӯртарин падидаҳо дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад. Бархӯрди ӯ бо калом ва назм на як кори маъмулии адибона, балки як тачрибаи рӯҳонӣ ва ҳолати вачд аст.

- Яке аз шеваҳои баёни Мавлоно дар ғазалҳояш ин аст, ки ҳангоми қироати ғазалҳо як оҳангнокӣ ва ритми хос эҳсос шавад, яъне бархурди вазнҳои мутақориб ва рамал, ки бештар ҳолати рақсу самоъро доранд ва такрори вожаҳо истифода аз калимоти садонок ва такрори қофияҳо, ки мисли зарбаҳои даф бар гӯш мерасанд

-Забони сода ва мардумӣ - Бархилофи шоирони сабки хуросонӣ ё баъзе муосиронаш, Мавлоно кӯшиш намекунад бо калимоти душвори арабӣ худнамоӣ накунад. Ӯ аз истилоҳоти рӯзмарра, бозор, кӯча ва ҳатто вожаҳои туркиву юнонӣ истифода мебарад. Барои ӯ лафз танҳо як пӯст аст; муҳим маъно ва шӯрест, ки ба инсонҳо таҳвил медиҳад.

-Тасвирсозии зинда ва ҳаракат: - Дар ғазалиёти Мавлоно тасвирҳо беҳаракат нестанд, яъне ҳама чиз дар ҳоли ҳаракат кардан аст, Зарраҳо дар рақсанд, осмон дар гардиш аст ва ишқ мисли оташест, ки ҳамаро бо ҳам меорад, ишқ тавлидгари ҳаёти моддӣ ва маънавӣ аст, неруест, ки инсонро ба ҳадди шинохти худ мебарад. Тасвирсозиҳои зинда тавассути ташбеҳот дар ашъори Мавлоно хеле маъмул аст ва шоир ишқро гоҳе ба Офтоб, гоҳе дигар ба оташи сӯзанда ва гоҳе ба дарёи хурушону ғурранда ташбеҳ медиҳад ва яке аз қудратмандтарин нерӯи ҳаёти ҳастӣ ва маънавӣ нишон медиҳад.

-Шеваи баёни “Мастиву бехудӣ” - Ҳангоми сурудани ғазалҳои Мавлоно инсон дар ҳолати муқаррарӣ набуда, як ҳолати фарогири мастӣ ва бехудиро дар худ эҳсос мекунад ва аксаран шеърҳои ӯ дар ҳоли самоъ ва вачд гуфта шудаанд. Беҳуда нест, ки дар ғазалҳои Мавлоно ҳангоми қироат як парешонии зоҳирӣ ба мушоҳида мерасад, яъне гоҳе ристаи сухан аз мавзӯе ба мавзӯи дигар меҷаҳад, ки инро инъикоси ҷаҳишҳои фикрӣ дар ҳолати вачди рӯҳӣ меноманд. Ҷиҳати дигари ғазалҳои Мавлоно ин хитоби мустақим мебошад, ки Мавлоно дар ҳолати вачди ботинӣ зуд-зуд мухотабро садо мезанад: “Биё, биё!”, “Бишнав!», “Хамӯш!”

- Истифода аз рамз: - Мавлоно мафҳумҳои муҷарради ирфониро тавассути ашёҳои моддӣ тасвир мекунад. Масалан, “Май ва соғар” дар ғазалиёти Мавлоно рамзи маърифат ва мастии рӯҳонӣ буда, таваҷҷӯҳи инсонро ба олами ирфон бештар менамояд. Ё дар мисоли дигар: - Мурғ ва қафас -маънои рамзиро гирифта, ифодагари рӯҳ ва бадани инсон аст, яъне “мурғ” – рӯҳи инсон ва “қафас” – ҷисми инсон аст ва “найистон” рамзи олами лоҳут ва ватани аслии инсон аст. Шеъри Мавлоно на наққошии сокит аст, балки як тӯфони рангин аст, ки хонандаро бо худ ба фазои бекарони ишқ мебарад. Вобаста ба мавзӯи “най” бештар Мавлоно дар “Маснавии Маънавӣ” дар боби “Найнома” андешаҳои ирфонии худро баён намудааст ва яке аз адабиётшиносони маъруфи Эронӣ - Абдулҳусайни Зарринкӯб дар асари худ: “Сирри най” , ки соли 1985 дар Теҳрон нашр гардидааст, яке аз муҳимтарин асарҳо роҷеъ ба «Маснавии Маънавӣ» ба шумор меравад, ки амиқтарин таҳлил дар самти Мавлоношиносӣ ба шумор меравад. Инак иқтибос меорем:

«Маснавии Мавлоно танҳо як китоби шеър нест, балки донишномаи ирфон ва ҷаҳонбинии исломӣ аст, ки дар қолаби тамсил ва рамз баёни ҳақиқат мекунад. Най дар ин ҷо рамзи рӯҳи инсонист, ки аз найистони азал ҷудо шудааст.» [15, с. 42]

Ғазалиёти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ яке аз баландтарин намунаҳои адабиёти ирфонӣ ба шумор меравад. Шеваи баён ва услуби нигориши тасвир дар ашъори ӯ на танҳо хусусияти адабӣ, балки аҳамияти фалсафӣ ва маърифатӣ дорад. Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Расул Ҳодизода оид ба мавзӯи ашъори Мавлоно тадқиқотҳои илмӣ намуда, дар асари худ: “Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ” симои таърихӣ ва адабии Мавлоноро барои хонандаи тоҷик ба таври мушаххас нишон додааст. Барои тақвияти ин гуфтаҳо иқтибосе меорем:

“Мавлоно бо зуҳури худ дар қарни XIII на танҳо шеъри форсу тоҷикро ба авҷи аъло расонд, балки фалсафаи ишқро ҳамчун роҳи ягонаи наҷоти башарият пешниҳод кард. Мулоқоти ӯ бо Шамси Табрезӣ нуқтаи гардише буд, ки олими зоҳидро ба орифи шӯрида табдил дод.” [10, с.78.]

Мавлоно бо забони шеър ҷаҳони ботинии инсон, ишқи илоҳӣ ва равобити инсон бо ҳақиқатро ба тасвир мекашад. Шеваи баён ва услуби нигориши тасвир дар ғазалиёти Мавлоно бар пояи эҳсоси зинда, рамзҳои амиқи ирфонӣ ва ҳаракати пайвастаи маънавӣ бунёд ёфтааст. Ӯ бо ин роҳ шеърро аз сатҳи сухани зебо ба дараҷаи таҷрибаи рӯҳонӣ мерасонад ва хонандаро ба саёҳати ботинӣ даъват мекунад. Махсусан роҷеъ ба ҷиҳати услубшиносӣ адабиётшиноси маъруфи тоҷик - Носирҷон Салимов, дар асари худ: **“**Тадқиқотҳо оид ба сохтори насри Мавлоно” тадқиқоти амиқ намудааст, ки ин ҷо як порае аз ин асар иқтибос меорем:

"Фиҳи ма фиҳӣ" намунаи олии насри суфиёна аст, ки дар он забони гуфтугӯӣ бо мазмунҳои амиқи фалсафӣ омезиш ёфтааст. Мавлоно дар ин асар кӯшиш кардааст, ки мушкилтарин масъалаҳои илоҳиётро бо мисолҳои сода ва рӯзмарра барои муридон шарҳ диҳад.” [16, с.112]

Шеваи баёни ғазалҳои Мавлоно самимӣ, пурэҳсос, зинда ва пурҳаракат аст. Ӯ баёни эҳсосоти ботиниро бартарӣ нишон медиҳад ва аз қолабҳои суннатии суханварӣ берун мебарояд. Вежагиҳои шеваи баён дар ғазалҳои Мавлоноро таҳлил мекунем:

Соддагӣ ва возеҳӣ дар ғазал: - Забони ӯ, ҳарчанд рамзӣ аст, аз такаллуф дур буда, ба дили хонанда зуд роҳ меёбад ва гуфтори мустаққим ва хитобӣ бештар дар баёни андешаҳояш зоҳир мегардад. Мисол: - “биё” , “бишнав” ,”бингар”, ки шеърро зинда месозад.

Ҷӯшиш ва ҳол: - Баёни ғазал бештар натиҷаи “ҳол”- и ирфонист, на андешаи ороста ва мустақим, бинобар ин шеърҳо пур аз ҳаракат ва шиддати эҳсосанд, яъне шеваи баёни ғазали Мавлоно ҳолати рӯҳӣ ва ҳаракатӣ, эҳсоси ботинии солики роҳи ишқи илоҳӣ мебошад.Услуби нигориши тасвир дар ғазалиёти Мавлоно танҳо ороиши сухан нест, балки воситаи ифодаи маъноҳои амиқи ирфонӣ мебошад.Барои мисол:

Рамз ва истиора: - Дар ғазалҳои Мавлоно рамз ва истиора яке аз василаҳои шеваи баён ва тасвири нигориш арзёбӣ карда мешавад. Мисол: - Ишқ, май, шароб, шамъ, парвона, баҳр, қатра, най – ҳама рамзҳои маърифат ва ваҳдат ва ягонагии вуҷуданд.

Тасвирҳои табиӣ: - Мавлоно аз унсурҳои табиат(офтоб, бод, баҳор, гул, оташ) барои истифодаи ҳаракати рӯҳ ва эҳсос истифода мекунад. Инчунин тазод ва ҳаракат: - зиддиятҳо чун хомӯшӣ ва садо, ақл ва ишқ, зоҳир ва ботин дар тасвирҳо ҳамзамон меоянд ва динамикаи маънавиро нишон медиҳанд.

Роҷеъ ба мавзӯи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ Бадеуззамон Фурӯзонфар дар асари худ: “Зиндагонии Мавлоно Ҷалолуддин” бисёр андешаҳои ҷолиб овардааст, ки ин ҷо айнан меорем:

“Ҷалолуддин дар муҳите тарбият ёфт, ки илму зуҳд ҳукмфармо буд. Падараш Баҳовалади Валад ӯро "Худовандгор" мехонд ва аз ҳамон овони кӯдакӣ осори бузургӣ дар симои ӯ ҳувайдо буд. Ҳиҷрати онҳо аз Балх ба сӯи Рум заминасози тамаддуни нави ирфонӣ гашт” [2, с.25.]

Ваҳдати шакл ва маъно яке аз ҷиҳатҳои муҳими услуби Мавлоно ба ҳисоб меравад, яъне гуфтан мумкин аст, ки шакли шеър комилан дар хизмати маъност. Тасвир, оҳанг, такрор ва ҷараёни калимаҳо ҳамагӣ ба як ҳадаф : ба ифодаи маънои ирфонӣ ва расонидани таҷрибаи ишқи илоҳӣ – равона шудаанд.Бинобар ин боз андешаи муҳаққиқи варзидаи тоҷик Расул Ҳодизодаро, ки дар асари худ: “Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ” оид ба хусусиятҳои забонӣ ва халқии тасвирҳои Мавлоно, ки боиси наздикии шеъри ӯ ба мардум шудааст, ишора мекунад.Иқтибосро аз асари мазкур айнан меорам:

"Мавлоно дар ғазалиёташ аз воситаҳои тасвири бадеии анъанавӣ истифода бурда бошад ҳам, вале ба онҳо рӯҳи нав бахшидааст. Тарзи нигориши ӯ бо содагӣ, равонӣ ва истифодаи фаровони ибораҳои халқӣ фарқ мекунад, ки ин боиси шукӯҳи бештари баёни ӯ гаштааст." [10, с.88-90.]

Инак боз бармегардем ба сари матлаъи ғазалҳои Мавлоно ва ғазалеро ин ҷо меорем:

Биёр , соқӣ, бодат фидо сару дастор,
Зи ҳар куҷо, ки диҳад даст ҷоми ҷон, даст ор!
Дарой масту хиромону соғар андар даст,
Раво мабин, чу ту соқию мо чунин ҳушёр.
Биёр ҷом, ки ҷонам зи орзумандӣ,
Зи хеш низ баромад, чи ҷойи сабру қарор?
Биёр ҷоми ҳаёте, ки ҳаммизоҷи ту аст,
Ки муниси дили хаста-сту маҳрами асрор.
Аз он шароб, ки гар ҷуръае аз ӯ бичакад,
Зи хоки шӯра барояд ҳамон замон гулзор. [1, с.732.]

Дар ин ғазали Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ сабки ирфонии ӯро аз шеваи баён ва услуби нигориши тасвирофаринии ӯ муайян намудан хеле бамаврид аст ва таҳлилро метавон дар чанд меҳвари муҳим хулоса намуд:

Шеваи баён: -Хитобӣ ва амрӣ: - Ғазал бо хитоби мустақим ба соқӣ оғоз меёбад: - "Биёр соқӣ", "Дарой" , "Биёр ҷом", -ин шеваи амрӣ ҳолати шитоб, ташнагии рӯҳонӣ ва изтироби ишқиро нишон медиҳад. Шоир на нақл мекунад, балки дар ҳолати таҷрибаи зинда қарор дорад ва ҳолати ботинии худро ба тариқи амру хитоб баён мекунад ва Ориф нишон медиҳад, ки хеле эҳсосотӣ аст ва дар ботини худ шуру валвалаи ишқи илоҳиро таҷриба мекунад.

Эҳсоссӣ ва ҷӯшон – лаҳни сухан пур аз ҷазба ва талаби сӯхта аст. Калиммаҳое, чун ҷон , орзумандӣ, сабр, қарор нишон медиҳанд, ки сухан аз ҳоли ботинӣ ва беқарории ориф сарчашма мегирад. Ғазал шӯрангез аст ва Ориф аз ғояти эҳсосу изтироби ботинӣ ба шӯр омада аст, зеро дар ботини ӯ ишқи пуршӯре ҳаст, ки ӯро то ҳолати самоӣ расонидааст ва шӯру валвалаи ишқ ӯро аз ҳолати муқарарӣ ба ҳолати ҳаракатнокӣ меорад ва чархзаниҳои бепоён ва рақси самоӣ.

Услуби нигориши тасвир ва образофаринӣ дар ғазали мазкур чунин аст: - Соқӣ – муршид ва ё Ҳақ - қувваи илоҳӣ аст ва "Мастӣ" – фано шудан аз худ ва раҳои аз ақли маҳдуд, яъне ин образҳо зоҳирӣ нестанд, балки маънои амиқи ирфонӣ доранд ва инсон беихтиёр сайр мекунад дар олами маънавӣ ва ҳама қолабҳои зиндагии моддиро мешиканад. Мавлоно бо истифода аз санъати нигориш ва тасвиргароии рамзӣ маъноҳои ботинӣ офарида, ҳолати рӯҳии ошиқро ба тасвир кашидааст ва ҳолати фано шудани Ориф дар роҳи ишқи илоҳӣ ва раҳо шудан аз олами маҳдуди зоҳирӣ, ки инсонро пойбанди худ кардааст.Образофаринӣ дар ғазали мазкур хонандаро ба олами ирфони Мавлоно мебарад ва як олами шигифтангези рӯҳонӣ ва инсон худро ҷустуҷӯ мекунад ва дармеёбад ва ин роҳи шинохти инсон худро ва Худовандро мебошад, ки ӯро мебарад ба Асли хеш.

Яке аз шеваҳои баёни Мавлоно дар ғазали мазкур табдили ҳастӣ ба шумор меравад, ки дар байти охири ин ғазал ба мушоҳида мерасад таҳлил мекунем: - "Зи хоки шӯра барояд ҳамон замон гулзор" – ин байт яке аз қавитарин тасвирҳост: - Хоки шура – дили мурда, нафси хом аст, ки дар ҳолати ба гулзор табдил шудан, яъне "ошиқ шудан" – эҳё, камол, зиндагии маънавӣ, яъне бо қатраи шароби ишқ ҳатто ботини хушки инсон зинда мешавад, рӯҳи инсон зинда мешавад. Мавлоно дар ғазали мазкур ишқро сарчашмаи худшиносӣ, шурӯъи зиндагии нав ва шинохти Худованд медонад ва ҷое, ки ишқ ҳузур дорад, он ҷо ҳаёт аст, инсони рӯҳан бедор ва худогоҳ он ҷо ҳузур дорад ва ишқи илоҳӣ инсонро аз лиҳози маънавӣ тарбия менамояд ва ба як инсони рӯҳан қавӣ табдил медиҳад.

Яке аз хусусияти сабки Мавлоно дар ин ғазал хусусияти рамзомезӣ, ишоратомезӣ ва ҳаракатнокӣ ҳолӣ ва тавирӣ мебошанд, ки ҳар якеро ба тафсил тавзеҳ медиҳем:

Рамзият ва ишоратӣ: - Маъноҳо мустақим гуфта намешаванд, балки тавассути рамз ва ишора ифода меёбанд, яъне Мавлоно образҳоро рамзӣ офарида, ба ғазал маънои ирфонӣ

мебахшад ва ин шеваи баён василаест барои пуртаъсир ва ҳаракатӣ ифода намудани афкор дар ғазал.

Ҳаракатӣ ва ҳаётӣ: - ғазали мазкур пур аз шӯру ҳаракати ботинӣ аст, зеро ишқ ва ҳолатҳои ирфониро ифода мекунад ва ишқро ҳамчун василаи зинда нигоҳ доштани рӯҳи инсон нишон медиҳад ва феълҳои ҳаракатдор: - биёр, дарой, бичакад, барояд – ба ғазал ҷунбиш ва ҳаёт мебахшад.

Ҳолӣ ва тасвиргароӣ дар ғазали мазкур: - ҳиссиёти ботинӣ – ташнагӣ, беқарорӣ – бо тасвирҳои зоҳирӣ – ҷом, шароб, гулзор ба ҳам омехтаанд ва маъноҳои ирфонӣ офаридаанд ва ғазалро шурангезу дилпазир намудааст ва хонандаро ба ин вежвгиҳои хос ба худ ҷазб менамояд.

Шеваи баён дар ғазалҳои Мавлоно хитобӣ, ҷазбонӣ ва ирфонӣ буда, услуби тасвирофаринии ӯ бар асоси рамз, ҳаракат ва табдили маънавӣ сурат гирифтааст, ки инро дар ғазалҳо хеле барҷаста мушоҳида кадан мумкин аст. Воқен ҳам ҳангоми сурудани ғазалҳои Мавлоно ҳамеша як оҳанги хоси хитобӣ ва ҷазбониеро эҳсос мекунем, ки ин оҳанг ба хонанда неруи маънавӣ медиҳад ва ӯро аз ваҷоҳати шуру валвала аз қолаби ҳаёти зоҳирӣ берун мебарорад ва ба рақс ва пойкубӣ эҳсоси ботинии худро дар худ таҳаммул мекунад.

Дар мавриди шеваи баён ва тарзи нигориши тасвир дар ғазалиёти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, олимону пажӯҳишгарони бузург андешаҳои ҷолиб баён намудаанд, ки яке аз онҳо Абдулҳусайни Зарринкӯб мебошад, ки дар асари худ: “Сирри най” ба ҷанбаҳои равонӣ ва рамзии тасвир дар шеъри Мавлоно таваҷҷӯҳ намуда, қайд мекунад, ки тасвирҳои ӯ на танҳо ороишӣ, балки воситаи баёни таҷрибаи ирфонӣ мебошанд ва гуфтаҳои ин муҳаққиқи бузургро айнан мегузорам:

"Дар ғазалиёти Мавлоно тасвирҳо бештар ҷанбаи динамикӣ (пурҳадаф ва ҷунбанда) доранд. Ӯ аз ашёи муҳити атроф — аз чарху осиёб сар карда, то обу оташ — барои нишон додани ҳаракати ҷон ба сӯйи Ҳақ истифода мебарад." [15, с.142-145]

Пажуҳишгари тоҷик Носирҷон Салимов дар асари худ: “Тадқиқотҳо оид ба сохтори насри Мавлоно” бештар ба насри Мавлоно таваҷҷӯҳ карда бошад ҳам, вале дар баробари ин робитаи услубии насру назми Мавлоноро дар заминаи тасвирсозии тамсилӣ таҳлил мекунад.Барои тақвияти андешаҳо аз ин асар андешаҳои муаллифро айнан меорем:

"Шеваи баёни Мавлоно дар «Фиҳӣ ма фиҳӣ» бо ғазалиёти ӯ пайванди ногусастанӣ дорад. Тасвирҳои ӯ дар ҳар ду маврид ҳам ба принсипи «аз сурат ба маъно» такя мекунанд. Мавлоно кӯшиш мекунад, ки мафҳумҳои муҷарради ирфониро тавассути тасвирҳои моддӣ ва малмус ба хонанда наздик созад." [16, с.45.]

Мавлонои бузург бо истифода аз санъати рамзофаринӣ маъниҳои амиқи ирфонӣ ва фалсафиро дар либоси калимаю ибораҳои оддӣ баён намуда, маъно ва мазмуни шеърро дар пардаи асрори ботин пинҳон намуда, хонандаро ба ҷустуҷӯи дарки сирри маънавии шеъри худ водор месозад.

Дар ашъори Мавлоно махсусан ғазалҳои ӯ мавзӯи ирфон ҷойгоҳи хос дорад ва Ишқ мавзӯӣ фарогири ашъори шоир мебошад. Бинобар ин “Ишқ”-и ирфонии Мавлоно инсонро месозад ва инсон дарк мекунад, ки дар зиндагии олами бебақо чӣ гуна бояд амал кунад ва танҳо ишқи илоҳӣ аст, ки ӯро огаҳ месозад аз муаммоҳои ин дунёи пур аз макр ва нафсонӣ - танҳо ишқ рӯҳ ва тани ӯро пок месозад, яъне ишқ на танҳо василаи иртибот бо Худованд аст, инчунин василаи поксозии рӯҳ ва бадани инсон аст.

Рамзофаринӣ яке аз вежагиҳои асосии сабки суханварӣ дар осори Мавлоно ба шумор меравад ва барои ибрози андешаҳои ирфонӣ ва фалсафии худ бештар ӯ аз рамз ва ишора истифода мекунад, зеро дунёи ашъори Мавлоно пур аз андешаҳои ирфонӣ, фалсафӣ, ҳикматомез ва панду ахлоқӣ мебошад ва ҷаҳонбинии ирфонӣ ва маърифатии ӯ пур аз маъноҳои пинҳон ва ишоратҳои рӯҳонӣ мебошад.

Натиҷа: Шеваи тасвиргароӣ ва рамзофаринӣ дар ғазалҳои Мавлоно зеҳни хонандаро афсӯни дунёи зебои шеъри ӯ мекунад ва рӯҳияи инсон аз ин дунёи пур аз маънии ирфонӣ ва маърифат иваз мешавад, андешаҳояш иваз мешавад, яъне метавон гуфт, ки ғазалҳои ирфонии Мавлоно ҷанбаи инсонсозӣ ва тафаккурсозӣ дорад ва ба рӯҳия, зеҳни хонанда таъсир мекунад,

инсонро тарбия мекунад ва роҳи ӯро ба сӯйи озодии маънавӣ ва ишқи илоҳӣ мекушояд, яъне раҳоӣ ёфтан аз вобастагиҳои нафсӣ.

Мавлонои бузург бо истифода аз санъати рамзофаринӣ маъниҳои амиқи ирфонӣ ва фалсафиро дар либоси калимаю ибораҳои оддӣ баён намуда, маъно ва мазмуни шеърро дар пардаи асрори ботин пинҳон намуда, хонандаро ба ҷустуҷӯи дарки сирри маънавии шеъри худ водор месозад.Дар адабиёти ирфонӣ рамз воситаи ифодаи ҳақиқати рӯҳонӣ, таҷалии ишқ ва вахдати вуҷуд мебошад.

Дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ашёҳое ки мафҳуми аслӣ доранд, метавонанд дар мавридҳои дигар ба маънои маҷозӣ дар шеър ба кор бурда шаванд, яъне барои пуртаъсиру зебо ифода намудани андеша шоирон майл ба санъатҳои бадеӣ ба мисли : истиора, маҷоз, ташбеҳ, тамсил, рамз Аз он ҷумла осори Мавлонои бузург , ки ин қадар ҷазобият дорад, ки беихтиёр инсонро шефтаи каломи зебои пуробуранги бадеии ӯ мегардонад. Тасвиргароии рамзӣ дар ашъори Мавлоно як василаест барои баёни каломи зебо ва пуртаъсирии афкори ирфонӣ, зеро ҳақиқатро наметавон бо сухани зоҳирӣ ифода кард ва бинобар ин онро дар пардаи рамз меофарад.

Мавлоно дар ин ғазал шеваи тасвиргароии хоси худашро ба кор бурда, рамзомез дунёи ботинии як орифи дар ишқи илоҳӣ ғарқшударо тасвир кардааст ва ваҷоҳати он ишқро ба намоиш гузоштааст, ки он ваҷоҳатро дар зери пардаи асрори ботин пинҳон намуда, ифшояшро ба хонанда ё ошиқони каломи ирфонӣ ҳавола мекунад. Бинобар ин вақте ба ашъори Мавлоно сар мезанем, як вежагиро пай мебарем, ки рамз ба шеъри Мавлоно ҳам зебоӣ мебахшад ва ҳам маънои ирфониро пинҳон медорад, ки фақат пайравони роҳи тариқат маънии ботинии онро дарк мекунанд.

Хулоса: Рамзофаринӣ яке аз вежагиҳои асосии сабки суханварӣ дар осори Мавлоно ба шумор меравад ва барои ибрози андешаҳои ирфонӣ ва фалсафии худ бештар ӯ аз рамз ва ишора истифода мекунад, зеро дунёи ашъори Мавлоно пур аз андешаҳои ирфонӣ, фалсафӣ, ҳикматомез ва панду ахлоқӣ мебошад ва ҷаҳонбинии ирфонӣ ва маърифатии ӯ пур аз маъноҳои пинҳон ва ишоратҳои рӯҳонӣ мебошад. Шеваи тасвиргароӣ ва рамзофаринӣ дар ғазалҳои Мавлоно зеҳни хонандаро афсӯни дунёи зебои шеъри ӯ мекунад ва рӯҳияи инсон аз ин дунёи пур аз маънии ирфонӣ ва маърифат иваз мешавад, андешаҳояш иваз мешавад, яъне метавон гуфт, ки ғазалҳои ирфонии Мавлоно ҷанбаи инсонсозӣ ва тафаккурсозӣ дорад ва ба рӯҳия, зеҳни хонанда таъсир мекунад, инсонро тарбия мекунад ва роҳи ӯро ба сӯйи озодии маънавӣ ва ишқи илоҳӣ мекушояд, яъне раҳоӣ ёфтан аз вобастагиҳои нафсӣ. Мавлонои бузург бо истифода аз санъати рамзофаринӣ маъниҳои амиқи ирфонӣ ва фалсафиро дар либоси калимаю ибораҳои оддӣ баён намуда, маъно ва мазмуни шеърро дар пардаи асрори ботин пинҳон намуда, хонандаро ба ҷустуҷӯи дарки сирри маънавии шеъри худ водор месозад.Дар адабиёти ирфонӣ рамз воситаи ифодаи ҳақиқати рӯҳонӣ, таҷалии ишқ ва вахдати вуҷуд мебошад.

Шеваи баён ва услуби нигориши тасвир дар ғазалиёти Мавлоно ҷузъи ҷудонашавандаи диди ирфонӣ ва зебошиносии ӯст.Мавлоно бо як маҳорати хос бо сухан тасвир меофарад, тасвирҳои ӯ дар ботини инсон ишқи ирфониро бедор мекунад ва инсон сайр мекунад ба як дунёи зебою пур аз эҳсоси ишқ ва ҳақиқати маънавӣ, яъне шеваи баёни ӯ омезиши ишқ, ирфон ва мусиқист- ки ба хонанда на танҳо дарки маънӣ мебахшад, балки як ҳолати пур аз шури ишқ ва оромиши рӯҳӣ мебахшад ва инсон сайри дунёи маънавӣ мекунад ва дар ин дунё ғарқи он зебоиҳои эҳсосӣ мегардад ва дар худ лаҳазоте гум мешавад.

Хулоса, тарзи нигориш ва шеваи баён дар ғазалиёти Мавлоноро мо дар боло хеле возеҳ тафсир намудем ва ҳаминро илова кардан мумкин аст, ки ҳадафи Мавлоно аз ин шеваи баён ва тасвиргароиҳо ифода намудани ҳақиқат, ишқи илоҳӣ бо рамзу ташбеҳ, истиора барин санъатҳои бадеӣ, ки вежагии баёни ашъори ирфонӣ мебошад.

Адабиёт

1. Абдулҳусайни зарринкӯб. Сирри най, [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб, Теҳрон, Илмӣ, 1985-300с.
2. Абдулҳусайни зарринкӯб. Пилла-пилла то мулоқоти Худо, [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб, Теҳрон, Илмӣ, 1991-400с

3. Бадеуззамон Фурӯзонфар. Зиндагонии Мавлоно Ҷалолуддин, [Матн] / Фурӯзонфар Бадеуззамон. Теҳрон, Заввор, 1936-300с.
4. Бадеуззамон Фурӯзонфар. Маъазиз ва тамсилоти Маснавӣ, [Матн] / Бадеуззамон Фурӯзонфар,Теҳрон, Амири кабир,1954-900с-
5. Давлатбеков Л. Вежагиҳои эпикӣ дар ғазалиёти Мавлоно [Матн] / Л. Давлатбеков Л. // Паёми донишгоҳи забонҳо (силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих) 2022, №4 - с.6.
6. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. Девони Шамси табрезӣ, [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, саҳ.226, Душанбе, "ЭР граф", 2023,-732с.
7. Муҳаммадтақӣ Ҷаъфарӣ.Тафсир ва нақду таҳлили Маснавии Ҷалолуддини Румӣ, [Матн] Муҳаммадтақӣ Ҷаъфарӣ ҷил.1. 1970-300с.
8. Нодир Одилов.Ҷаҳони андешаҳои Мавлоно, [Матн] / Нодир Одилов, нашриёти "Ирфон", Душанбе, 1993-саҳ.180.
9. Носирҷон Салимов.Тадқиқотҳо оид ба сохтори насри Мавлоно ва аҳамияти "Фиҳи ма фиҳӣ", [Матн] / Носирҷон Салимов, Душанбе, Дониш,1999.-170с
10. Салими Хатлонӣ. Инъикоси болопазирии рӯҳ ва таҷаллии нур дар ойинаи таҷаммул [Матн] / С. Хатлонӣ. Душанбе, Ҳумо, - 2006 - 40с.
11. Рейнолд Николсон. Тарҷума ва шарҳи интиқодии Маснавии маънавӣ, [Матн] / Рейнолд Николсон,Теҳрон, Амири Кабир, 1985-400с
12. Расул Ҳодизода. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, [Матн] / Расул Ҳодизода, Душанбе, Ирфон, 2007-200с
13. Салими Хатлонӣ. Ишқ сарманшаъи такомули инсон ва воситаи иртиботи он бо офаридгор, [Матн] / Салими Хатлонӣ, Душанбе, Эҷод, 2007- 72с.
14. Салими Хатлонӣ. Рамзофаринӣ ва таҷассуми симои тамсилӣ дар осори Ҷалолуддини Румӣ, [Матн] / Салими Хатлонӣ, Душанбе, Эҷод, 2008 – 92с.
15. Салими Хатлонӣ.Тасвири най дар эҷодиёти Ҷалолуддини Румӣ, Салими Хатлонӣ, [Матн] / Душанбе, Ирфон,-2005- 152с.
16. Хуршед Зиёев, Силсилаи тасаввуфии Мавлавия, , [Матн] / Зиёев Хуршед нашриёти "Дониш", 2007-217с.
17. Читик В. Ирфони ишқ [Матн] / В. Читик, Ню-Йорк, Suny,1983-300с.

Маълумот дар бораи муаллифон: *Салими Хатлонӣ - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, ул. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 883001154*

Сафарзода Сабоҳат – ассистенти кафедраи Назария ва таърихи адабиёти тоҷик Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Нишонӣ: ш.Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6. Тамос: +992987030472. Email: Safarzodasabohat34@gmail.com.

Сведения об авторах: *Салими Хатлони – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Муохаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 883001154*

Сафарзода Сабохат — ассистент кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода. Адрес: г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Контактный телефон: +992987030472. Email: Safarzodasabohat34@gmail.com.

Information about the authors: *Salimi Khatloni – Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Dushanbe, st. Muhammadiev, 17/6. Tel.: (+992) 883001154.*

Safarzoda Sabohat – Assistant at the Department of Theory and History of Tajik Literature, Sotim Ulughzoda International University of Foreign Languages of Tajikistan. Address: 17/6 Muhammadiev St., Dushanbe. Phone: +992987030472. Email: Safarzodasabohat34@gmail.com.

УДК 821.21/.22

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИИ ҒАЗАЛИЁТИ АБДУЛЛОҲИ РАҲМОН

Ҳалимова Сафаргул
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар мақола саъй шудааст, ки вижагиҳои умумӣ ва барҷастаи забони ашъори яке аз шоирони муосири тоҷик Абдуллоҳи Раҳмон нишон дода шавад. Аз ҷумла таъкид мегардад, ки забони шеъру ғазалҳои Абдуллоҳи Раҳмон содаву равон, суфтаю сайқалёфта буда, шеъру ғазалҳои ӯ дорои маъниҳои баланду барҷаста аст ва дар айни замон барои тамоми тоҷикону форсизабонон фаҳмо мебошад.

Ҳамчунин қайд мегардад, ки Абдуллоҳи Раҳмон шоири ғазалсаро буда, дар сурудани ғазал ба анъанаҳои шоирони классик ва муосир такя мекунад. Аз ин рӯ забони ашъораш гуногунранг, ғаниву сарватманд аст. Забони ашъори ин шоири ғазалсаро мукаммал ва суфта буда, унсурҳои гуногуни забониро дар бар мегирад. Дар осори ӯ вожаю ибораҳои оммафаҳми забони адабӣ, ибора ва ифодаҳои маҷозӣ, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол, панду ҳикматҳо ва унсурҳои забони гуфтугӯӣ фаровон дучор мегардад, ки мақсади шоирро боз ҳам равшану возеҳ намоён мекунанд. Таъкид мегардад, ки Абдуллоҳи Раҳмон бо эҷоди шеъру ғазалҳо дар такмили забони адабии мо саҳми босазои худро гузоштааст.

Калидвожаҳо: *вижагиҳои забонӣ, ғазал, Абдуллоҳи Раҳмон, вожаю ибораҳои забони адабӣ ва гуфтугӯӣ.*

НЕКОТОРЫЕ ЯЗЫКОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ ГАЗАЛЕЙ АБДУЛЛОХИ РАХМОНА

В статье предпринимается попытка выявить общие и наиболее характерные особенности языка поэзии одного из современных таджикских поэтов — Абдуллоха Рахмона. В частности, подчёркивается, что язык его стихов и газелей отличается простотой и плавностью, отточенностью и стилистической выверенностью, а сами стихотворения обладают глубоким и выразительным содержанием и в то же время являются доступными и понятными для всех слоёв персозычного общества.

Также отмечается, что Абдуллох Рахмон является поэтом-газелистом, в своём творчестве опирающимся на традиции как классических, так и современных поэтов. В силу этого язык его поэзии отличается многообразием, богатством и выразительностью. Язык стихотворений данного автора является целостным и отшлифованным, охватывая различные языковые единицы. В его творчестве широко представлены общеупотребительная лексика литературного языка, устойчивые словосочетания и образные выражения, фразеологические единицы, пословицы и поговорки, дидактические изречения и афоризмы, а также элементы разговорной речи, которые способствуют более чёткому и ясному выражению авторского замысла. Подчеркивается, что Абдуллох Рахмон внёс значительный вклад в развитие и совершенствование таджикского литературного языка.

Ключевые слова: *языковые особенности, газель, Абдуллохи Рахмон, лексика и выражения литературного и разговорного языка.*

SOME LINGUISTIC FEATURES OF ABDULLOHI RAHMON'S GHAZALS

The article attempts to identify the general and most characteristic linguistic features of the poetry of Abdullohi Rahmon, one of the contemporary Tajik poets. Particular attention is paid to the fact that the language of his poems and ghazals is distinguished by simplicity and fluency, refinement and stylistic precision. At the same time, his poetic works are characterized by profound and expressive content while remaining accessible and comprehensible to all segments of the Persian-speaking community.

The study also emphasizes that Abdullohi Rahmon is a ghazal poet whose creative work is rooted in the traditions of both classical and modern poetry. Consequently, the language of his poetry is marked by diversity, richness, and expressiveness. His poetic language is coherent and polished,

encompassing a wide range of linguistic units. The author extensively employs the common vocabulary of the literary language, set expressions and figurative phrases, phraseological units, proverbs and sayings, didactic maxims and aphorisms, as well as elements of colloquial speech, all of which contribute to a clearer and more effective expression of his artistic intentions. The article concludes that Abdullohi Rahmon has made a significant contribution to the development and enrichment of the Tajik literary language.

Keywords: *linguistic features, ghazal, Abdullohi Rahmon, vocabulary and expressions of literary and colloquial language.*

Муқаддима. Шеър олитарин таҷаллии сухан, беҳтарин чакидаи тафаккури инсоният, муассиртарин роҳи тасхир кардани дилҳост. Забони тоҷикӣ аз даврони бостон ҳамчун забони шеъру шоирӣ, забони зебову шево, гӯшнавозу руҳнавоз, ғаниву сарватманд ва забони шеъри оламгир шинохта шудааст. Ин забонест, ки шоирони бузург, абармардони сухан чун устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ Сино, Кисоии Марвазӣ, Абумансуру Абушакуру Шаҳиду Робияи Балхӣ, Абуҳафси Суғдӣ, Маҳмуди Варроқ, Ҳанзалаи Бодғисӣ ва дар садаҳои минбаъда Носири Хусраву Умари Хайём, Аттори Нишопурӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдию Ҳофиз, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бедилу Зебуннисо, Мушфиқию Саййидо, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Сотим Улуғзода, Муъмин Қаноат, Лоиқу Бозор, Нодири Нодирпуру Шаҳриёр, Гулрухсор, Рустами Ваҳҳоб, Фарзонаи Хуҷандӣ ва садҳо бузургони илму адабро ба оламиён эҳдо кардааст.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Шеър аз чашмаи ҷон об мехӯрад, аз хомаи касе таровиш мекунад, ки ӯ худ зодаи сухан аст. Абдуллоҳи Раҳмон (1954-2020, зодаи ноҳияи Сариосиёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон) фарзанди ҳамин фарзонамардони тоҷику форс аст. Касест, ки ёдгори ӯ дар ин работи куҳан каломи мавзун аст. Ёдгоре бо забони модариаш, ки забони тоҷикӣ аст. Ӯ бо эҷоди шеъру ғазалҳои хеш дар такмил ва ҳифозати забону адабиёти мо хизмат намудааст, анъанаҳои неки шоирони бузурги моро идома додааст, чароғи забони моро дар ин сарзамин фурӯзон нигоҳ доштааст. Абдуллоҳи Раҳмон шоири пешқадами ҳавзаи Сурхондарё буда, дар замони зиндагиаш намунаи шеърҳояш дар ду маҷмуа бо номҳои “Қадаҳи лола” (Душанбе, нашриёти “Афсона”, 2005), ки ба он шоир Гулназар Келдӣ муқаддима навиштааст ва “Муждаи эҳё” (Самарқанд, нашриёти “Зарафшон” 2008, 96с.) нашр шуда буд. Ҳамчунин намунаи шеърҳояш дар китоби “Форсисароёни Ӯзбекистон” дар Ҷумҳурии исломии Эрон соли 2010 аз ҷониби доктор Ҳабиб Сафарзода чоп гардидааст. Ҷилди якуми куллиёти шоир (Абдуллоҳи Раҳмон. Куллиёт. Ҷ.1. – Самарқанд: Маҳорат, 2024. -296с.) баъд аз маргаш ба чоп расида, бори аввал вижагиҳои умумии забони ғазалиёташ мавриди пажӯҳиш қарор мегирад.

Натиҷа. Абдуллоҳи Раҳмон аз мероси маънавии гузаштагони худ огаҳии комил дорад, аз таърихи забону адабиёти мо, аз назокату салосати забони модариаш бархӯрдор аст, кӯлвораш пур аз дурдонаҳои забонист ва ин ҳама самараи ширине ба бор овардааст. Ӯ дар ҷодаи шеър ҳунарманди асилест, ки тобишу ҷилоҳои гуногуни вожаю ибораҳоро ба кор медарорад, ба онҳо маъниҳои тозаву нав мебахшад, ифодаҳои нав меофарад, ба вожаю ибораҳо ҷомаи нави бадеӣ мепӯшонад. Мо мушоҳида ва бардоштҳои иҷмолии худро оид ба забони ашъори ин шоири соҳибистеъдод ба таври мухтасар баён месозем.

Яке аз вижагиҳои назарраси забони ашъори Абдулло Раҳмон дар он аст, ки ӯ паҳлуҳои гуногуни як мафҳумро бо ибораҳои зиёде ифода мекунад, шарҳу тафсир менамояд, ки ин “тавзеҳу тафсири вожаву таркибҳо барои дарки маъно ниҳоят заруранд” [6, с.37]. Шоир дар шеъри “Забони модарӣ” шукӯҳу шаҳомат, қудрату тавонмандӣ, зебоию тароват ва дигар вижагиҳои забони моро бо вожаи **забон** ва бо чунин сифатҳо басо рамзӣ ифода менамояд: “забони резаборонҳо” (нармию гӯшнавозии забони тоҷикӣ), “забони чашмаю дарё” (ғановату густурдагии он), “забони сабзаву гулҳо” (забони зебо ва пайваста дар ҳоли рушд), “забони атру сунбулҳо” (маъниҳои баланду руҳфизо), “забони дафтару иншо” (ҳазорсолаҳо забони расмӣ-давлатӣ будани забони мо, забони осори пурғановати илмию бадеӣ), “забони андалебово” (забони руҳнавоз), “забони Одамушшоир (забони соҳибқирони шоирӣ, абарустод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ), “забони назми оламгир”, “забони маънии воло”, “забони илму ҳам ирфон”, забони

ошиқи шайдо (забони шеъру ғазалҳои ошиқона), “забони дурри гавҳаррез”, “забони ҷаннутулмаъво... Ин вижагиҳои забони тоҷикӣ, ки шоир баён мекунад, дар шеъру ғазалҳои худи ӯ низ ҳувайдост:

Забони резаборонҳо – забони модарии ман,
Забони чашмаю дарё – забони модарии ман.
Забони сабзаву гулҳо, забони атру сунбулҳо,
Забони андалебово – забони модарии ман.
Забони оли Сосону забони оли Сомон буд,
Забони дафтару иншо – забони модарии ман.
Забони Одамушшоир, забони назми оламгир,
Забони маънии воло – забони модарии ман.
Забони Саъдию Ҳофиз, забони дурри гавҳаррез,
Забони шаҳди Мавлоно – забони модарии ман. [16, с. 257]

Забони шеъру ғазалҳои Абдуллоҳи Раҳмон содаву равон, суфтаю сайқалёфтаанд. Шеъру ғазалҳои ӯ дорои маъниҳои баланду барҷаста ва дар айни замон барои тамоми гурӯҳҳои ҷомеаи форсизабон фаҳмо аст, ки аз маҳорати баланди забондонӣ ва шоирии ӯ дарак медиҳад. Ӯ аз хазинаи забони адабӣ ва гуфтугӯӣ унсурҳои забониеро чун воҳидҳои фразеологӣ ва ибораҳои устувор дар ғазалиёти худ зиёд корбаст менамояд: “*дил дар сина нағунҷидан”* (шодмонӣ), “*дидори гарми касе кашидан”* (меҳру муҳаббати зиёд ба касе), “*зоғи бедоғе надидан”* (одами беғам нест), “*дил ба чизе гарм шудан*” (умедворӣ), “*даст аз чизе кӯтаҳ будан*” (нокомӣ, нодорӣ), “*дил об шудан*” (мафтун шудан), “*дил кабоб шудан*” (ошиқ шудан), “*аз фалак ситора овардан*” (ваъдаҳои осмонӣ додан), “*чашм чор будан”* (интизорӣ):

Он қадар бар сӯйи худ *дидори гармаш мекашад*,
Қиблаи мақсуд моро сӯйи модар будааст. [16, с.42]

Ман намегӯям, ки *меорам ситора аз фалак*,
Гар бигирам, дасти муҳтоҷе пурармон нестам. [16, с.208]

Шоир воҳидҳои фразеологиро аз забони гуфтугӯӣ ба забони адабӣ ворид карда, доираи маъноҳои ин унсурҳоро зиёд мекунад, ба он маъноҳои иловагӣ медиҳад. “Маъноҳои иловагии воҳидҳои фразеологӣ, ки вобаста ба талаботи давру замон ба тозагӣ пайдо шуда метавонанд, баробари сермаъноии луғавӣ дар такмили таркиби лексикӣ-фразеологии забонамон мақоми муҳим доранд” [7, с.51]. Масалан, ибораи рехтаи “*чашми касе чароғак задан”* дар забони гуфтугӯӣ маънои аз норасоии чизе танқисӣ кашидан, дар ҳасрат, дар орзуи чизе будан аст, аммо шоир дар байти зерин онро ба маънои ба ваҷд омадан, дил гум задан корбаст намуда, маънои манфии онро ба маънои мусбӣ табдил додааст:

Чашмат чароғак мезанад аз дидани дидори ман,
Онро гурезонӣ вале аз *чашмҳои чори ман*. [16, с.264]

Ӯ суханҳои обдори забони гуфтугӯиро дар забони ғазалиёт истифода мебарад, ки ба ин восита муассири суханаш бештар мегардад: “*бурути касеро табар набуридан*” (одаме, ки аз дороӣ ва тавоноӣ мағрур гаштааст, такаббурӣ, мағрурӣ, якрав, нофармон):

Онро, ки *буруташро набрида табар боре*,
Хӯрдан натавонад нак, як бурдаи нон имрӯз. [16, с.182]

Вожаю ибора, ифодаю ҷумлаҳои забони адабӣ ва гуфтугӯӣ дар таҷаллигоҳи хаёли шоир ҷилванамоӣ мекунанд, дар коргаҳи тафаккури ӯ суфта мешаванд ва ба навъи ғазал рӯйи коғаз мерезанд. Шоир ибораю ифодаҳои маҷозии зиёде меофарад ва ба ин восита доираи забони шеър ва забони адабии моро боз ҳам густариш медиҳад: *оғӯши умед, кӯчаи хаёл, нардбони мансаб, барфи баёзи гардан, субҳи сафои ораз, наққоши гулдасти чаман...*

Ошиқи дидор хусбад андар *оғӯши умед*,
Ошиқи моли ҷаҳонро хоб кобус асту бас. [16, с.186]

Бар *нардбони мансабе* боло равӣ, аз худ марав,
Андеша кун, ки сарнагун афтӣ мабод аз зинаҳо. [16, с.23]

Барфи баёзи гарданат шабнамрасидааст,

Субҳи сафои оразат нури ду дидааст. [16, с.50]

Абдуллоҳи Раҳмон булбулест, ки бо амри тақдир аз чаманистонҳои бузурги фарҳангӣ дур афтодааст. Ӯ дар зодгоҳи худ – деҳаи Гулистон боғу бӯстон, чаман ва гулистони маънавӣ офарида, тавонистааст дар он сарояд ва рушд кунад, дунёи шеъру шоириро барои худ фароҳам орад, онро пурра созад ва соҳиби "*замину осмони*" шоирии хеш гардад:

Ман як гули худрӯяам, бишкуфта дур аз бӯстон,

На дида рӯйи парвариш, на дида рӯйи боғбон...

Ғофил ман аз поёни раҳ, барбастаам сомони раҳ,

Дар байни дарё меравам чун киштии бе бодбон.

Бо ин ҳама аҳволи танг, дар рӯйи обу хоку санг,

Байни замину осмон *дорам замину осмон*. [16, с. 265]

Шоир дар хиёбонҳои адабиёти тоҷику форс бо шоирон сайр менамояд, аз ашъори онон баҳра мебардорад, бо онҳо суҳбат мекунад, пайванди маънавӣ, робитаи устоду шогирдӣ дорад, аз онҳо меомӯзад, илҳом мегирад ва эҷод менамояд. Мо дар ғазалиёти ӯ таъсири забони устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Умари Хайёму Мавлонои Балх, Саъдию Ҳофиз, Камолу Амир Хусрав, Ҷомию Навоӣ, Саййидову Бедил, Лоиқу Бозор ва дигар шоирони муосири тоҷикро мушоҳида мекунем. Гуфтаҳои шоирон "бар гӯши ҷони ӯ нишастаанд", дили ӯро тасхир менамоянд, аз фурӯғи маънавиёти онон камол меёбад ва пайроҳаи шоирии худро муайян менамояд. Сабку услуб ва шеваи офаридаҳои ин шоирони бузург, махсусан Лоиқ Шералӣ дар ашъори Абдуллоҳи Раҳмон таъсири худро гузоштаанд, вале ӯ тавонистааст, дар эҷоди шеър услуби вижаи худро дарёбад. Ин нуктаро профессор Рустам Тағоймуродов (Рустами Хомарахш) дар мақолаи таҳлилие, ки бо унвони "Пешгуфтор" дар ҷилди аввали "Куллиёт"-и Абдуллоҳи Раҳмон нашр гардидааст, таъкид менамояд: "Зикри ин нукта ҳам бамаврид аст, ки шеъри Абдулло Раҳмон ва ҷаҳонбинии ӯ, бо он ки аз ашъори бузургони адабиёти форс-тоҷик ва ӯзбек сарчашма дорад ва ӯ дар раванди эҷод аз жанрҳои гуногуни шеъри суннатӣ ва чаҳор наҳваи баён ё худ сабкҳои маъмули адабиёти гузашта истифода кардааст, вале аслан парвардаи мактаби Лоиқ ва пайрави шеваи баёни вай будани ӯ ба таври возеҳ эҳсос мешавад. Дар ин масъала ҳамчунон метавон ёдовар шуд, ки шоири мавриди назар дар ашъори хеш аз чаҳор сабки адабиёти классикӣ ба тариқи омехта тавре қорбурд кардааст, ки мунтаҳо мубтакири тарзи вижаи худ шудааст. Гузашта аз ин, бидуни тардид, метавон арз дошт, ки шева ва тарзи баёни Лоиқ ба сабки ашъор ва баёни Абдулло Раҳмон таъсири амиқ ва чашмгире гузоштааст. Ба дигар сухан, каломи Лоиқ ба андозае ҳодии хаёли шоир шуда ва Абдулло аз ин ҳидоятномаи Лоиқ машъале ба каф гирифта, аз омӯхтаҳояш тачрибаи вофир ҳосил кард ва дар натиҷа дар ин ҷода масири худро барои эҷоди оянда мунаввару равшан сохт" [8, с.15].

Абдуллоҳи Раҳмон аз робита, муошират маслиҳат ва раҳнамоии пайвастаи шоирону олимони давр каме дур мондааст, вале хушфаҳмию ҳушмандӣ, заковату идрок, мутолиаи пайвастаи китобҳо, гӯш кардани қироати осори шоирон аз забони мардум, шунидани сабти овозии ашъори шоирон аз садову симо ӯро аз ин варта раҳоӣ бахшида, боиси он гардидаст, ки шеъру ғазалҳои ноб гӯяд. Шоир дар шеъре, ки дар васфи шоири бузург Лоиқ Шералӣ гуфтааст, ба ин ишора мекунад ва таъкид мекунад, ки ашъори ин шоири шӯрида "бар гӯши ҷонаш нишастааст":

Рӯзе надидаам ман, к-андар забон наоранд,

Шеъре ва ё ки байте аз гуфтаҳои Лоиқ...

Парвардаи ҳавои ашъори ӯ, ки ҳастем,

Бар гӯши ҷон нишаста ҳарфу ҳиҷои Лоиқ. [16, с.194]

Ғазалҳои диловези Абдуллоҳи Раҳмон бо забони ноби тоҷикӣ сароида шуда, забони ин ашъор содаву равон ва шевою гӯшнавоз аст. Шеърҳои ӯ ҳамнавои дили мардум ва дармонбахши ҷонҳо буда, ба захмҳо шифо мебахшад. Шоир аз хазинаи бойи забони адабӣ ва забони гуфтугӯӣ дурдонаҳои маънавиро чида, ба риштаи назм мекашад ва бо маъниҳои наву тоза онҳоро таҷаллӣ медиҳад.

Ҳастии модар ба мо ҳар дам ғанимат будааст,
Дидани дидори ӯ худ як ибодат будааст.
Ҷойи амне чун канори модар андар даҳр нест,
Хандаи ӯ хандаи бахту саодат будааст.
Ҳеҷ неъмат нест ширинтар зи модар доштан,
Шахси модардор инсони бадавлат будааст.
Ҳар куҷо модар бувад файзест дар он хонадон,
Ганҷи Қорун пеши модар кам ба қимат будааст...
Шохи мо бишкасту донистем пас аз он ҳама,
Ҳар ҳиҷои ҳарфи модар кони ҳикмат будааст. [16, с.59]

Дар ин ғазал шоир ибораҳои дар забони гуфтугӯй серистеъмолбудаеро чун: *шахси модардор, инсони бадавлат, модар доштан, канори модар*, ки ҳамарӯза дар забони зиндаи мардум садо медиҳад, барои тасвири бузургии модар оварда, хеле моҳирона ба риштаи назм кашида, онҳоро ба забони адабӣ ворид кардааст. “Забони адабӣ намунаи маданияти баланди забони халқ аст. Вай маҳсулу натиҷаи суханофарии тамоми халқ, нависандагону шоирони забардасти мо мебошад” [13, с.12]. Ӯ бо такя ба забони шоирону классику муосир ва забони гуфтугӯии мардум шакли баланди забони адабиро бо эҷодиёти худ пешкаш кардааст.

Дар ғазали зерин мо таъсир ва шеваи баёни шоирони классикиро мушоҳида мекунем. Ӯ бо услуби содаи нигориш дардҳои замони моро месарояд:

Ҷаҳон неку бубинӣ, модари бегонаро монад,
Ба дасту пойи одам зиндагӣ завлонаро монад.
Гурӯҳе ҷамъ гардад то парешонтар кунад моро,
Ки ин ҳамбастагиҳо кору бори шонаро монад.
Касе бар сирати одам намесозад назар имрӯз,
Ҳама суратпарасту ин замон бутхонаро монад.
Занад дам з-иртифои донишу фарҳанг огоҳе,
Ба чашми аҳли сарват ӯ каси девонаро монад. [16, с.150]

Дар забони ғазалиёти Абдуллоҳи Раҳмон мо як забони адабии волоеро мебинем, ки аз забони адабиёти классикӣ, забони адабии муосир ва аз забони зиндаи мардум об хӯрда мукаммал гардидааст.

Абдуллоҳи Раҳмон шоири ғазалсарост. Дар умқи ғазалиёти ӯ як шоири ошиқ бо дили пур аз муҳаббату меҳр намоён мешавад. Ғазалҳои ӯ номаҳои ошиқона ба дилдори худ аст, саршор аз лутф, меҳрубонӣ, муҳаббат ва навозиш, ки бо латифтарин суханон ифода ёфтааст. Ӯ ба ёри худ *меҳр бастааст, дилаш аз ихтиёри дасташ рафтааст, интизорӣ кашидааст, аз нури дида барои ёраш пойандоз густурдаст*, *то ки гарде ба рухи ёраш наафтад, аз ашк раҳи наззораро шустааст*:

Он рӯз, ки меҳр бар ту бастам,
Дил рафт зи ихтиёри дастам.
Аз нури ду дида пойандоз,
Густурдаму дар раҳат нишастам.
То гард ба суратат нашинад,
Аз ашк раҳи назора шустам. [16, с.236]

Аз нури дида пойандоз густурда интизорӣ кашидан тасвири тозаест, ки дар шоирони дигар дучор намеояд.

Ёри шоир ҳамдаму ҳамнафаси ӯст ва аз ин сабаб *ғами дунё надорад. Ёраш дунёи худ медонад. Хушбахт аст, ки сояи меҳрашро ба сар дорад, шеър ва ишқи ёр дар дили ӯ тавъам хона доранд, илҳомбахш ва ҳусни иншои шоир аст. Гарчӣ як замон дарди ишқаш кашидааст, аммо ёраш имрӯз дилбардори ягонааш аст ва ҳар гоҳ аз сияҳкорон дилаш тира гардад, аз фурӯғи чеҳраи ӯ дилаш нур мегирад*:

Ман ғами дунё надорам, то ту дунёи манӣ,
Аз ту пинҳоне надорам, то ту пайдои манӣ.
Бахтёрам, сояи меҳри ту то дорам ба сар,

Сояи анқо нахоҳам, то ту анқои манӣ.
Шеър бо ишқи ту тавъам дар дили ман хона монд,
Дар ҷаҳони шеър, эй гул, ҳусни иншои манӣ.
Дӯш гарчӣ дарди ишқатро кашидам як замон,
Шукри он дорам, ки дилбардори яктои манӣ.
Аз сияҳкории ёрон тира гардад гар дилам,
Бо фурӯғи чеҳраи худ нури маъвои манӣ.

Абдуллоҳи Раҳмон шоири ҳаким, шоири файласуф аст. Вай маъниҳои файласуфона, панду ҳикматро рамзӣ, вале бо забони равони оммафаҳм дар қолиб шеър мерезад. Масалан, дар байтҳои зерин ишора менамояд, ки ҳар касе илму фан меомӯзаду барои омӯзиш бедорхобӣ мекашад, ҳатман рӯзе қатраҳои ӯ дарё, зарраҳои ӯ саҳро мешавад, яъне дунёи маънавии ӯ воло мешавад, дар ҷомеа шахси соҳибэҳтром ва боиззат мегардад:

Қатраи дарёталош, албатта, дарё мешавад,
Зарраи вусъатталаб як рӯз саҳро мешавад.
Бо дилу бо дидаи бедор гар зист одамӣ,
Дар дилу дар дидаи хурду калон ҷо мешавад. [16, с.142]

Ба ҷавонон ва наврасон панд медиҳад, ки ҳамнишину ҳампаймони чапдастону качпоҳо нашаванд ва гирифтори мушкилӣ гардида, зиндагонии худро ба бод надиҳанд. Барои ифодаи ин маъниҳо шоир вожаҳои оммаҳми *чапдаст* (дузд), *качпо* (касе, ки дар зиндагӣ бо роҳи нодуруст меравад), *хасу хошок* (оадмони нолоиқу фассодкор)-ро барои нишонрас гардидани мақсад ба кор бурдааст:

Ҳар кӣ бар чапдасту качпо даст дод,
Зиндагонияш бувад бар дасти бод.
Бар хасу хошок чун даврон расад,
Оламе печад ба гирдоби фасод. [16, с.144]

Муҳокима. Сабаби оламгир шудани назми форсу тоҷик дар он аст, ки бузургони мо масъалаҳои умумибашариро асосии эҷодиёти худ қарор додаанд. Шоири шодравон Абдуллоҳи Раҳмон аз ҷумлаи суханваронест, ки анъанаи ин бузургонро идома медиҳад ва бо ашъори рангини худ дар инкишофи адабиёт ва забони мо саҳми босазо гузоштааст. Афкори файласуфона, панду ҳикмат мавзуи асосии ғазалиёти шоирро ташкил дода, ин маъниҳоро бо забони бисёр сода ба мардум пешниҳод менамояд, ки барои ҳамаи миллатҳо ва оламиён зарур аст. Шоир барои ифодаи ин маъниҳо асосан калимаҳои тоҷикиро ба кор мебарад. Унсурҳои арабие, ки дар ғазалиёташ корбаст менамояд, дар забони мо ҳазмшуда, оммафаҳм ва умумиистеъмолианд.

Шоир розҳои дунё, фалсафаи онро ба таври сода баён мекунад ва чашми хонандаро ба олам мекушояд. Ӯ мефармояд, ки дар зиндагӣ инсон ба бахту саодат мерасад ва ба мушкилиҳо низ гоҳо дучор меояд. Бе ин дар ҷаҳон роҳ нест ва бояд дар пайроҳаҳои зиндагӣ обу тоб ёбад:

Бе баландиҳову пастиҳо ба олам роҳ нест,
Роҳи осон ҳар кӣ ҷӯяд, одами огоҳ нест.
Ҳар кӣ дар пайроҳаҳо то н-озмояд хешро,
Гарчӣ бовар дорад аз худ, қобили шаҳроҳ нест...
Ҳеҷ боке не!Агар сад манзили мақсудро,
Дер дарёбад каси равшандиле, гумроҳ нест. [16, с.87]

Дар байтҳои зерин шоир мефармояд, ки бо чашми ҳуш, бо чашми хирад ба ин дунё нигоҳ бикун. То неш нахӯрӣ, нӯш нахоҳӣ хӯрд, розпӯш бош на розҷӯй, фаҳму дарки як гулпарвар аз гулфурӯш аз замин то осмон фарқ дорад:

Расми дунёро бубин бо чашми ҳуш,
То нахӯрдӣ неш, натвон хӯрд нӯш.
Гар нахоҳӣ, ки диҳандат гӯшмол,
Бар забон н-овар ҳар он чӣ зад ба гӯш...
Пардаи розат нахоҳӣ, ки даранд,
Розҷӯӣ кам куну шав розпӯш.

Аз замин то осмон фарқе кунад,
Диди гулпарвар зи диди гулфурӯш. [16, с.190]

Чуноне ки мушоҳида кардем, ашъори Абдуллоҳи Раҳмон дурдонаи наве дар баҳри забону адабиёти тоҷик буда, арзиши баланди бадеӣ ва маънавӣ дорад, ки бояд дар оянда вижагиҳои бадеӣ ва забонии он ба таври муфассал мавриди таҳқиқи адабиётшиносон ва забоншиносон қарор гирад.

Хулоса:

Абдуллоҳи Раҳмон бо забони адабии шевою равон ва бисёр балеғ шеър мегӯяд. Ашъори ӯ дар ҳадди камол буда, намунаи забони адабии мукаммал дар замони мост.

Дар ашъори Абдуллоҳи Раҳмон пояҳои устувори сарфу наҳви забони адабии тоҷикӣ ҷилванамоӣ мекунад. Ӯ фурӯзонгари чароғи забони модариаш аст.

Абдуллоҳи Раҳмон ҳамчун шоири чирадаст дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI зуҳур карда, бо ғазалҳои ноби худ дар инкишофи забон ва адабиёти тоҷик саҳми бориз дорад.

Афкор, панду ҳикматҳое, ки дар ғазалиёти шоир ифода ёфтааст, содаю возеҳ ифода ёфта, барои тарбияи насли наврас, барои ҷомеаи имрӯза ва наслҳои оянда хизмат менамояд.

Адабиёт

1. Абадзинда. (Маҷмуаи мақолаҳо ба ифтихори ҳафтодсолагии шоири шодравон Абдуллоҳи Раҳмон). – Самарқанд: Маҳорат. 2024. -180с.
2. Абдуллозода Р. Зарбулмасал ва мақолҳо дар асарҳои С.Айнӣ./ Р. Абдуллозода/. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. -102с.
3. Абдуллозода Р. Фарҳанги ибораҳои халқӣ / Р. Абдуллозода/. – Душанбе: Адиб, 1988. -399с.
4. Айнӣ С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик / Куллиёт. Ҷилди 12. /С. Айнӣ/. – Душанбе: Ирфон, 1976. -563с.
5. Дӯстзода Ҳ. Мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ва нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули он /Ҳ. Дӯстзода/. – Душанбе, 2023. -144с.
6. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик /Ҳ. Маҷидов/. – Душанбе, 1982. -104 с.
7. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷикӣ (асрҳои XI-XII) Ҷ.2. /М. Қосимова/. – Душанбе, 2016.-240с.
8. Тағоймуродов Р. Пешгуфтор //Абдуллоҳи Раҳмон. Куллиёт. Ҷ.2. Ҷ.1. – Самарқанд: Маҳорат, 2024. -296с. С.3-20.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. I. – М.: Советская энциклопедия, 1969.-952с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. II. – М.: Советская энциклопедия, 1969. -947с.
11. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. (Мураттиб Фозилов М.). – Душанбе: Нашр. давл. Тоҷикистон, 1963.- 952 с.
12. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ.2. (Мураттиб Фозилов М.). – Душанбе: Ирфон, 1974. -807с.
13. Ҳалимов С. Осор. Ҷ.1. Таърихи забони адабии тоҷикӣ (Асрҳои IX-X то ибтидои асри XX) / С. Ҳалимов/. – Душанбе: Суфра, 2022.-596 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби 1. Ба сӯйи пояндагӣ. Нашри 2./ Раҳмон Эмомалӣ/. – Душанбе: Таъминотчӣ, 2018. -516с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби 2. Забон ва замон / Раҳмон Эмомалӣ. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. -432с.

Манбаъ:

16. Абдуллоҳи Раҳмон. Куллиёт. Ҷ.1. – Самарқанд: Маҳорат, 2024. -296с.

***Маълумот дар бораи муаллиф**: **Ҳалимова Сафаргул** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. E-mail: safargul_68@mail.ru*

***Сведения об авторе**: **Халимова Сафаргул**– кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского Национального Университета. E-mail: safargul_68@mail.ru*

***Information about the author: Halimova Safargul** – dotsent at the Department of Language History and the typology of the Philology faculty of the Tajik National University. E-mail: Safargul_68@mail.ru*

ТДУ: 809.155.0

НАЗАРЕ БА ВИЖАГИҲОИ МУРОДИФҲО ДАР АШЪОРИ АБДУРАҲМОНИ МУШФИҚӢ (бар мабнои «Мунтахабот»)

Назирзода Муҳаммад Миралӣ
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар мақола ҷойгоҳ, хусусият ва нақши муродифот дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ дар асоси маводи «Мунтахабот»-и шоир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба хусусиятҳои луғавӣ, маъноӣ ва услубии муродифҳо равона гардида, тарзи истифода ва вазифаи онҳо дар сохтори забонии ашъори шоир муайян карда мешавад. Муаллиф нишон медиҳад, ки муродифҳо дар ашъори Мушфиқӣ на танҳо ҳамчун воситаи ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ, балки ҳамчун унсури муҳими ифодаи дақиқи маъно, гуногунрангии сухан ва баланд бардоштани таъсирнокии баён истифода шудаанд. Дар ҷараёни таҳлил муайян мегардад, ки шоир муродифҳоро барои пешгирӣ аз такрори бемавқеи калимаҳо, интихоби воҳиди мувофиқ ба мазмуну ҳолати тасвир, тақвияти тобишҳои маъноӣ ва эҳсосӣ, инчунин таъмини равонӣ ва хушоҳангии сухан ба кор мебарад. Гурӯҳҳои муродифӣ дар ашъори шоир вобаста ба муҳити матн ва мақсади услубӣ бо тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир шуда, дар офаридани образҳои бадеӣ ва ифодаи муносибати муаллиф ба воқеа ва шахсиятҳо саҳм мегузоранд. Ҳамзамон, дар мақола аҳаммияти муродифот дар шинохти хусусиятҳои забонӣ ва услубии осори Абдураҳмони Мушфиқӣ баррасӣ гардида, таъкид мешавад, ки омӯзиши онҳо барои муайян намудани ғановати захираи луғавии шоир, маҳорати интихоби калима ва хусусиятҳои фардии услуби ӯ аҳаммияти муҳим дорад. Таҳлили муродифот имкон медиҳад, ки баъзе паҳлуҳои ҳунари суханварӣ, тарзи баён ва ҷаҳонбинии забонии шоири нимаи дуюми асри XVI равшантар муайян карда шаванд.

Калидвожаҳо: *Абдураҳмони Мушфиқӣ, муродиф, муродифот, таркиби луғавӣ, маъно, тобиши маъноӣ, услуб, гурӯҳҳои муродифӣ, забони шеър, ҳунари суханварӣ, услуби фардӣ.*

ВЗГЛЯД НА ХАРАКТЕРИСТИКИ СИНОНИМОВ В СТИХАХ АБДУРРАХМАНА МУШФИКИ (на основе «Мунтахабот» (Избранные произведения))

В статье анализируются место, особенности и роль синонимии в поэзии Абдурахмона Мушфики на материале его «Избранного». Основное внимание уделяется лексическим, семантическим и стилистическим особенностям синонимов, а также способам их употребления и функциям в языковой структуре поэтических произведений автора. Показано, что синонимы в поэзии Мушфики используются не только как средство обогащения словарного состава, но и как важный элемент точного выражения смысла, разнообразия речи и усиления выразительности высказывания. В ходе анализа установлено, что поэт использует синонимы для предотвращения неоправданных повторов, выбора наиболее подходящей языковой единицы в соответствии с содержанием и характером изображения, усиления смысловых и эмоциональных оттенков, а также обеспечения плавности и благозвучия поэтической речи. Синонимические группы в зависимости от контекста и стилистической задачи проявляют различные смысловые оттенки, способствуют созданию художественных образов и выражению авторского отношения к событиям и персонажам. В статье также рассматривается значение синонимии для выявления языковых и стилистических особенностей творчества Абдурахмона Мушфики. Подчёркивается, что её изучение позволяет определить богатство словарного запаса поэта, особенности отбора лексических средств и своеобразие его индивидуального стиля. Анализ синонимии способствует более глубокому раскрытию отдельных сторон поэтического мастерства, характера выражения мысли и языковой картины мира поэта второй половины XVI века.

Ключевые слова: *Абдурахмони Мушфики, синоним, синонимия, словарный состав, значение, смысловой оттенок, стиль, синонимические группы, язык поэзии, поэтическое мастерство, индивидуальный стиль.*

A LOOK AT THE CHARACTERISTICS OF SYNONYMS IN THE POEMS OF ABDURRAHMAN MUSHFIQI (based on «Muntakhabot» (Selected Works))

The article examines the place and role of synonyms in the poetry of Abdurahmon Mushfiqi, based on his *Muntakhabot* (Selected Works). Drawing on the lexical, semantic, and stylistic features of the poet's language, the author analyzes the use of synonyms and identifies their role in enriching the lexical composition of the poet's works, expressing meaning, and enhancing the fluency and expressive power of his language. Synonyms are used mainly to avoid repetition and to convey meaning more precisely. At the same time, the article touches upon the semantic and stylistic characteristics of synonymic groups and identifies their significance for understanding the language and literary artistry of Abdurahmon Mushfiqi, a poet of the second half of the 16th century.

Keywords: Abdurahmon Mushfiqi, language, synonym, lexical composition, poet, semantic, stylistic, synonymic groups, poetic style, eloquence, and others.

Муқаддима. Дар забони адабӣ як гурӯҳи муайяни калимаҳое мавҷуд ҳастанд, ки онҳо аз лиҳози шаклу талаффуз мухталиф ва аз ҷиҳати маъно ба ҳам қарину ҳаммаъно буда, мафҳуми як ҳодисаву воқеа ва предметро ифода менамоянд. Муродифҳо яке аз қабатҳои муҳимми таркиби луғавии забон ба шумор мераванд. Ин гурӯҳи калимаҳо дар забони осори адабиёти бадеӣ омили асосии пурра ва ҷозибанок тасвир намудани ҳодисаву воқеаҳои гуногун ва дар шаклу намудҳои беҳтарин баёни фикр маҳсуб меёбанд.

Чун мавзуи мавриди таҳлил муродифот аст, қабл аз ҳама зарур шуморидем, ки доир ба таърихи баромади худи истилоҳи «муродиф» назар андозем. Дар забоншиносии тоҷик аксари донишмандону муҳаққиқон ба ҷойи истилоҳи муродиф «синоним» ва «ҳаммаъно»-ро ба кор мебаранд. Гарчанде дар забоншиносии тоҷик ин истилоҳ бо номи «муродиф» хеле барвақт маъмул буд.

Истилоҳҳои «муродиф» ва «мутадориф», тибқи сарчашмаҳои илмӣ аз ҷиҳати таърихи баромад сирф арабӣ буда, дар аввали солҳои 60-уми қарни гузашта тавассути забоншиносии араб ба забоншиносии шуравии тоҷик ворид гардида, мавқеи истифодаи истилоҳи «синоним»-ро маҳдуд намудааст. Маҳз, ҳамин омил сабаби он гардидааст, ки бо пешниҳоди назару андешаҳои мухталиф оид ба бартарӣ доштани истифодаи ин истиллоҳҳо ихтилофоти зиёдеро ба миён оварад.

Маводҳо ва усулҳои тадқиқ. Бо истифода аз усули таҳлили ҷузъӣ, таснифотӣ, оморӣ, усули муқоисавӣ, тафсир ва дигар тарзҳои таҳқиқ метавон мавзуъро баррасӣ намуд.

Истилоҳи *«синоним»* бештар аз ҷониби забоншиносони шуравии тоҷик, аз қабили: М. Муҳаммадиев, Н. Маъсумӣ, Б. Сиёев, Б. Камолиддинов, Р. Ғаффоров, С. Аминов, М. Қосимова, Ҳ. Ҳусейнов, К. Шукурова ва дигарон мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст.

Забоншинос М. Муҳаммадиев истифодаи истилоҳи *синонимро* афзал дониста, таъкид менамояд, ки вожаи муродиф мафҳуму маънои синонимро комилан ифода карда наметавонад [7, с. 6]. Дар ҷойи дигар сабаби асосии худдорӣ намуданашро аз истифодаи вожаи муродиф чунин баён намудааст: «Истилоҳи муродиф (ҳамрадиф) бештар маъноҳои ҳамвазн, ҳамшакл, баробароҳангро дорад» [7, с. 6].

Забоншинос Ҳ. Маҷидов вобаста ба масъалаи мазкур чунин менигорад: «Ҳамчун ҳодисаи семантикӣ синонимия тамоми қабатҳои забонро фаро мегирад…Табиист, ки ҳар яке аз ин ҳодисаҳо дар сатҳи муайяни забон амал мекунад ва аз ҳамин ҳодисаи сатҳи дигар ба куллӣ фарқ дорад» [2, с.78-79].

Албатта, дар фарҳангномаҳои истилоҳии тоҷик низ вожаи *синоним* ба таври гуногун оварда шудааст, аз ҷумла дар «Луғати терминҳои забоншиносӣ» бе истифодаи вожаи муродиф [18, с.166], дар «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ» вожаи синоним ба вожаи муродиф [2, с. 278] зикр ёфтааст.

Ҳарчанд ки дар забоншиносӣ таърифу андешаҳои мухталиф ва бо ҳам зид аз ҷониби забоншиносон доир ба вожаи мавриди назар пешниҳод гардида бошад ҳам, мо зимни таҳияи диссертатсия ин мавқеи ин гурӯҳи калимаҳоро дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ ҳамчун муродиф номида, баррасӣ намудем.

Қобил ба зикр аст, ки дар забоншиносии муосири тоҷик доир ба мавзуи муродифҳо ё гунаи дигари он синонимҳо аз ҷониби донишмандони ватанӣ дар натиҷаи таҳқиқу баррасиҳо асарҳои

арзишманде аз қабили «Синонимҳо дар забони адабии тоҷик» [7, 1962], «Калимаҳои синонимӣ ва хусусияти услубии онҳо» [4, 1971], «Баъзу хусусиятҳои услуби ҷуфтҳои синонимӣ» [1, 1981], «Синонимияи луғавӣ» [11, 1998], «Хусусиятҳои маъноию услубии муродифоти луғавӣ» [17, 2013] ва ғайра рӯйи кор омадааст, ки доир ба пайдоиш, ҷойгоҳ ва мавқеи онҳо дар таркиби луғавии забон маълумоти муфассал оварда шудааст.

Натиҷаҳо. Зимни таҳқиқи васеи қабатҳои маъноии ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ мушоҳида гардид, ки муродифҳо як гурӯҳи асосии таркиби луғавии ашъори шоирро дар бар гирифта, барои ифодаи мафҳумҳои алоҳида ба таври фаровон мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ба андешаи мо, шоири забардаст Абдураҳмони Мушфиқӣ ба таври васеъ истифода намудани муродифҳоро, аз як тараф, гурез аз такрори калимаҳо дониста бошад, аз ҷониби дигар, барои суфтаву равон ва дилчаспу хонданбоб гардидани ашъораш дониста ва зимни истифода аз уҳдаи ин кор ба хубӣ баромадааст.

Инчунин, лозим ба таъкид аст, ки шоир дар баробари калимаҳои аслии тоҷикӣ, ҳамзамон, аз калимаҳоии иқтибосӣ низ ҳамчун силсилаи муродифҳо мавриди корбурд қарор додааст. Бахусус, калимаҳое, ки аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шуда, дар мавзуи мавриди таҳқиқ нақши созгор доранд.

Муҳокима. Ҳамин тавр, барои тақвияти андешаҳои боло чанд намунаи муродифҳоро вобаста ба матн мавқеъ ва дараҷаи истеъмолашон таҳлил менамоем.

Як гурӯҳи муродифҳо, ки дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ зиёд корбаст гардидаанд, ин силсилаи вожаҳои ***май, бода, шароб, хамр, мул*** мебошанд, ки ҳамаи онҳо дар баробари худ аз лиҳози ифодаи маъно муродифӣ якдигаранд. Новобаста аз оне ки ин гурӯҳи луғавӣ аз ҷиҳати ифодаи маъноӣ фарқ надошта бошанд ҳам, аммо аз ҷиҳати мавқеи истеъмол ва дараҷаи истеъмол тафовути зиёд доранд. Роҷеъ ба ин масъала ба андешаи забоншинос М. Муҳаммадиев калимаи «бода», ки маънои умумии моеъҳои сархушкунандаро дорад, ҳама синонимҳои дигарро бе ягон фарқи услубӣ иваз карда метавонад. Калимаҳои ***май*** ва ***шароб*** аз ҷиҳати маъно ва дараҷаи истеъмол бо ***бода*** баробаранд, аммо дар забони адабӣ ***шароб*** ва ***май*** нисбат ба ***бода*** камистеъмолтаранд [10, с. 45]. Аз ин бармеояд, ки вожаи *«бода»* бештар хусусияти адабӣ дорад.

Тибқи ҳисоби оморӣ дараҷаи истифодаи силсилаи калимаҳои болозикр дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ ба таври зайл мебошад: вожаи ***«май»*** 48 маротиба, вожаи ***«бода»*** 32 маротиба, вожаи ***«шароб»***, 8 маротиба ва вожаи ***«мул»*** бошад, 1 маротиба. Аммо, муродифҳои маъмули онҳо, аз қабили вожаҳои ***«хамр»*** ва ***«набид//набиз»*** тамоман ба чашм нарасид.

Ба андешаи забоншинос Ҳ. Маҷидов «Маҷмуи калимаҳои бо ҳам синонимро силсилаи муродифӣ меноманд.... Дар силсилаи муродифӣ яке аз калимаҳо маънои умумиеро, ки робитаи байни калимаҳои ба ҳам муродифро ба вуҷуд меоварад, нисбатан пуратар дар бар гирифтааст. Ин калима сарсилсилаи синонимӣ ном дорад. Сарсилсила аз ҷиҳати хосиятҳои барҷастаи умумиистеъмол, муътадилоҳанг ва оммафаҳм будани худ тафовут дошта, дар мавридҳои зиёд калимаҳои дигари силсиларо дар матн иваз карда метавонад. Аъзоҳои дигари силсилаи муродифӣ маънои сарсилсиларо тақвият медиҳанд, онро пурра мегардонанд» [5, с. 78-79].

Дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ низ дар пайравии андешаи пешниҳоднамудаи Ҳ. Маҷидов, аз сабабе ки вожаи ***май*** мутаносибан ба дигар вожаҳои муродифӣ оммафаҳм, умумиистеъмол ва серистеъмол будан сарсилсила донистем.



Вожаи *май* аз лиҳози баромад аслан тоҷикӣ буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: шароб, бода: шароби ангури хонагӣ; майи ноб, майи софшуда, шароби беғаш [ФЗТ, 1969, с. 623].

Забоншинос Қ. Мухторӣ вожаи «**май»-ро** дар осори устод Рӯдакӣ чунин шарҳ додааст: «оби ангур, нӯшокии хумороваранда, воситаи дилхушӣ» [8, с. 95]. Абдураҳмони Мушфиқӣ дар байти зерини ғазали «Ба зӯҳду тавбаи ман эътимод нест» вожаи «май»-ро ба маънои аслиаш истифода намуда, онро ба оташ ташбеҳ медиҳад. Чунончи Мушфиқӣ мегӯяд:

Соқӣ ба зӯҳду тавбаи ман эътимод нест,

***Май** оташ аст, ин ҳама хошоку хас бувад* [20, с. 44].

Абдураҳмони Мушфиқӣ дар байти зер худро ҳамчун шоири зиндадил, марде, ки лаззатҳои зиндагиро дӯст медорад ва аз ногувориҳои гузаштаю оянда ёд наоварда, дилтанг нашуда, хушу хурсандона зистанро ташвиқ мекунад вожаи «май»-ро нозукбинона корбаст намудааст:

***Май** нӯш аз гузаштаву оянда дам мазан,*

Охир чӣ мешавему дар аввал чӣ будаем?! [20, с. 19].

Ё ин ки:

Хуни дил мегираму ашки ҷигаргун мехӯрам,

*Пеш аз ин **май** мекашидам, ин замон хун мехӯрам* [20, с. 27].

Дар байти дуюм Абдураҳмони Мушфиқӣ ифодаи «май кашидан»-ро ба маънои «май нушидан» истифода намудааст. Ҳамзамон, шоир бо истифода аз санъатҳои бадеии тазод, киноя ва муболиға вожаи май, ки дар сатҳи рамзӣ нишонаи шодӣ, лаззати зиндагӣ ва даврони хушӣ мебошад, бо хун, яъне ғаму ранҷ муқобил гузоштааст. Ин аз маҳорати баланди суханварии шоир далолат мекунад.

Калимаи ***бода*** аз ҷиҳати баромад сирф калимаи тоҷикӣ буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: май, шароб, махсусан, шаробе, ки нав аз хум гирифта шуда бошад [15, с. 190]. Ғиёсиддин Муҳаммад вожаи **бода**ро чунин эзоҳ медиҳад: «Бода – шароб, чи бод ба маънии ғурур омада ва «**ҳо**» барои нисбат аст [аз «Рашидӣ»]; ва дар «Баҳори Ачам» навишта, ки «бода» шаробе, ки хом аз хум бароварда истеъмол намоянд ва бар арақ низ итлоқ кунанд» [9, с. 115]. Абдураҳмони Мушфиқӣ дар байти зер май ва майнӯширо, асосан, ҳамчун як воситаи фаромӯш намудани ғаму андуҳ медонад: Чунончи:

Ғараз аз бода хӯрдан Мушфиқиро ғайр аз ин набвад,

Ки месозад даме фориғ аз ин дайри ғамбодаш [20, с. 20].

***

*Рӯзе ки ҷоми **бода** бувад, ғам намехӯрам,*

Ин дам, ки зиндаам, ғами олам намехӯрам [20, с. 45].

***

*Ид шуд, эй шайх, манъи **бода** аз тақсири туст,*

Ҳар ки дарёбад туро имрӯз домангири туст [20, с. 131].

Абдураҳмони Мушфиқӣ шоири нозукбин ва дақиқбаён аст, мавриди истеъмоли ҳар як вожаро медонад. Барои тасдиқи гуфтаҳо, метавон вожаи «бода» ва муродифи он вожаи «май»-ро мисол овард, ки дар як байт корбаст гардидаанд:

*Чун **бода** ба он лаби қадаҳнӯш кашам,*

*В-аз шишаи **май** най тараб гӯш кашам* [20, с. 229].

Тавре ки дар боло қайд намудем, Абдураҳмони Мушфиқӣ дар истифодаи калимаҳои муродифӣ аз калимаҳои иқтибосӣ, бахусус, вожаҳои арабӣ, истифода намудааст. Бинобар ин, дар силсилаи калимаҳои зикршуда, вожаи «шароб» аз лиҳози баромади таърихӣ арабӣ буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои май, бода, оби ангур [15, с. 569] шарҳ ёфтааст. Мушфиқӣ мегӯяд:

*Моҳи ман ҳар гаҳ зи таъсири **шароб** аз худ равад,*

Маҳ ба ҳоли худ намонад, офтоб аз худ равад [20, с. 103].

***

***Шароби** шавқ дорад Мушфиқиро масти лояъқил,*

Чунин мастӣ на аз соғар, на аз паймона меояд [20, с. 103].

Дар байти зер шоири забардаст Абдураҳмони Мушфиқӣ барои гурез аз такрор вожаи «мул»-ро ба маънои шароб нозукбинона истифода бурдааст:

Ҷой дар каф пиёлаи ***мул*** сохт.

Рӯҳро андалеби он гул сохт [20, с. 268].

Вожаи «мул» аз лиҳози баромад аслан калимаи тоҷикӣ буда, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба маънои ***шароб, май*** шарҳ ёфтааст [13, с. 832]. Ин вожа дар айни замон аз лиҳози маҳсулнокӣ бемаҳсул буда, маъноии аслии худро аз даст додааст. Вожаи мул дар баъзе минтақаҳои кишвар, бахсус дар забони гуфтугӯии минтақаи шимолӣ ба маънои фаровонӣ истифода мегардад.

Дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ як гурӯҳи дигари силсилаи муродифӣ корбаст гардидааст, ки бештарашон аз лиҳози баромад аслан тоҷикӣ мебошанд. Аз ҷумла, калимаҳои ***тараб*** *[12 маротиба]*, ***шод*** *[9 маротиба]*, ***хуррам*** *[5 маротиба]*, ***хурсанд*** *[4 маротиба]*, ***нишот*** *[8 маротиба]* мавриди истифода қарор гирифтааст. Модоме ки вожаи «тараб» нисбат ба дигар силсилаи калимаҳои муродифӣ зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст, мо калимаи мазкурро сарсилсила донистем:



Калимаи ***тараб*** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои шодмонӣ, шодӣ, хурсандӣ ва хушнудӣ маънидод шудааст [16, 1969, с. 327]. Дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ вожаи мазкур ёздаҳ маротиба истифода шудааст. Чунончи:

Маро ба пардаи фонуси дил ҳазор шикоф аст,
Шаби фироқи ту шамъи ***тараб*** *чӣ гуна фурӯзам* [20, с. 153].

Ё ин ки*:*

Симу зари худ сарфи ***тараб*** *кун, ки дар ин боғ,*
Бисёр хазон омаду бисёр шукуфа... [20, с. 237].

Дар ҳар ду байти болозикр калимаи тараб ба маънои аслиашон корбаст шудаанд.

Дар «Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ»-и М. Муҳаммадиев вожаи «тараб» чунин зикр гардидааст: Калимаи «**тараб**» аз ҷиҳати маъно васеътар аст. Ин калима ба ғайр маънои синонимии зикршуда бо калимаҳои ғояти руҳбаландӣ, ваҷд, хурсандии аз ҳад зиёд низ ҳаммаъно ва синоним шуда меояд [10, с. 225].

Вожаи «хурсанд» аз ҷиҳати баромад хоси забони тоҷикӣ буда, дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: 1) хушнуд, шод. 2) розӣ, қонеъ; [16, с. 482]. Вожаи хурсанд дар забони гуфтугӣи серистеъмол мебошад. Аммо, дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ ин вожа доираи истифодаи маҳдуд дошта, ҳамагӣ ду маротиба корбаст шудааст. Дар байтҳои зер калимаи мавриди назар ба маънои аслиашон истифода гардидааст. Мисолҳо:

Дил, ки бо доғи ҳаҷр ***хурсанд*** *аст,*
Карда зиндон мақому дар банд аст [20, с. 278].

***

Бо падар ***хурсанд*** *будам, бевафоӣ кард умр,*
Меҳр бар модар гузоштам, ёфт модар ҳам вафот [20, с. 8].

Вожаи «хурсанд» чунон ҳам дар зеҳни мардуми тоҷик нишастааст, ки тавассути он номи писаронаи «Хурсандмурод» ва духтарона «Хурсандой» сохта шудааст.

Вожаи «шод//шодӣ» низ, аз ҷиҳати баромад хоси забони тоҷикӣ буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: хушнуд, хурсанд, хушҳол, хушу хуррам [16, с. 680].

Вожаи ***шод*** дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ ҳамагӣ ҳашт маротиба истифода шудааст. Мисолҳо:

Ҳаргиз нафасе ***шод*** *надидам дили худро,*
Аз банди ғам озод надидам дили худро [20, с. 28].

Ё ин ки:

Дар ишқ дорад аз дили ғамдида Мушфиқӣ
Шавқе ки рӯзгор ба дилҳои ***шод*** *дод* [20, с. 147].

Забоншинос Ф. Муҳаммадиев роҷеъ ба ин силсилаи калимаҳои муродифӣ чунин менигорад: Калимаҳои **хурсанд, шод, хуррам, шодмон** аз ҷиҳати маъно ва доираю дараҷаи истеъмол фарқи зиёд надоранд. Калимаи **хуррам** баъзан вобаста ба мавқеи истеъмол тобиши ҷузъи маъноӣ содир менамояд [10, с. 225].

Калимаи ***хуррам*** низ, дар луғат ба маънои шод, хурсанд, хандон [16, с. 482] маънидод шудааст. Вожаи мазкур дар ашъори шоир ҳамагӣ чор маротиба истифода шудааст. Чунончи:

Мушфиқӣ дур аз сари кӯят дили ***хуррам*** *надид,*
Ғунча ҳаргиз нашкуфад чун гардад аз гулшан ҷудо [20, с. 123].

***

Зи олам, Мушфиқӣ, бо хори навмедӣ қаноат кун.
Ки бӯи ***хуррамӣ*** *аз ҳеҷ гулзоре намеояд* [20, с. 142].

Маълум аст, ки Абдураҳмони Мушфиқӣ дар дарбори якчанд шоҳу вазирони давр кору фаъолият намудааст. Масалан, дар Самарқанд дар дарбори Султон Саид ва писараш Ҷавонмардалихон, дар дарбори шоҳи Ҳинд Акбаршоҳ ва дар шаҳри Бухоро дар дарбори Абдуллохон кору фаъолият намуда, ба дараҷаи «Малик-уш-шуароӣ» мерасад. Аз сабабе ки вазъи моддии зиндагии шоир на он қадар хуб буд, мустақиман борҳо ба унвонии шоҳони замон муроҷиат намудааст. Чунончи шоир мегӯяд:

Подшоҳо*, чакмани инъомро меҳтар надод,*
Дар либоси назм бо ӯ гуфтугӯ хоҳад шудан.
Чун ба таври ошкӣ чизе аз ӯ ҳосил нашуд,
Ҷанги чакман дар миёни мову ӯ хоҳад шудан [20, с. 257].
Ё худ:
Хусраво, *дар ҳақи ман ин фалаки сифланавоз,*
Мекунад ҳар чи зи имкони ҷафо меояд.
Садр аз ротиби кам созаду девон ба қалам
Ин қадарҳо камии банда чаро мебояд?... [20, с. 257].

Дар эҷодиёти Абдураҳмони Мушфиқӣ силсилаи муродифӣ, аз ҷумла ***шоҳ*** *[9 маротиба]****, хусрав*** *[6 маротиба]****, султон*** *[5 маротиба]****, сарвар*** *[2 маротиба],* ***мир*** *[1 маротиба],* бештар корбаст гардидааст.

Дар байни ин гурӯҳи луғавӣ калимаи «**шоҳ**» хоси забони тоҷикӣ буда, дар забони адабӣ серистеъмол аст. Модоме ки дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ вожаи мавриди назар нисбат ба дигар силсилаи калимаҳои муродифӣ зиёд истифода шудааст, мо онро ҳамчун сарсилсилаи ин гурӯҳи луғавӣ шуморидем:



Барои тақвияти гуфтаҳои боло интихобан мавқеи якчанд вожаҳои болозикрро дар байтҳои зер нишон медиҳем:

Шоҳи *кишвар ба хидмати писараш.*
Боз медорад аз пай ҳунараш [20, с. 274].

***

Шоҳи ҳама хубонӣ боз ой, ки мулки дил,
Ором намегирад, то ***шоҳ*** *намеояд* [20, с. 106].

Калимаи ***шоҳ*** дар байти аввал ба маънои аслӣ (ҳукмрон, подшоҳ) ва дар байти дуюм киноя аз «ёр» омадааст. **Шоҳ –** подшоҳ, султон, соҳиби тоҷу тахт [15, с. 599]. Ҳамзамон, бо ин вожа дар забони тоҷикӣ вожаҳои шоҳаншоҳ, шоҳасар, шоҳбайт, шоҳдухтар, шоҳзод, шоҳзода, шоҳибоф, шоҳибофӣ, шоҳивор, шоҳиворӣ ва ғайра сохта мешаванд.

Султон*, ки зи чоҳ рӯ ба дарвеш накард,*
Сад хона кам аз симу зари хеш накард [20, с. 234].

Калимаи ***султон*** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои ҳоким, фармонраво, подшоҳ, унвони подшоҳон дар баъзе мамлакатҳои Шарқро дорад [16, с. 272] маънидод шудааст.

***Сарваро**, шаб омадам сӯйи висоқи худ савор,*
Аспи мискини маро аз фикр сар боло нашуд
Дар хаёли ҷав ҳама шаб дидаи ӯ мепарид,
Хостам бар чашми ӯ коҳе ниҳам пайдо нашуд [20, с. 256].

Калимаи *султо*н дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои сардор, пешво, бузурги қавм [14, с. 210] шарҳ ёфтааст.

Калимаи ***мир*** ҳамчун гунаи кутоҳшудаи вожаи *«амир»* дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: 1) лақаби сайидҳо. 2) ҳокими ягон вилоят (дар тақсимоти маъмурии аморати Бухоро). 3) мансаби маъмурию ҳарбӣ дар хониҳои Бухоро, ки чун қоида сардори дастае таъйин мешуд: мири асас, мири шаб (ё миршаб), мири шикор. 4) ҳокими шаҳр, раиси шаҳр [13, с. 805]. Вожаи мазкур дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ ҳамагӣ як маротиба истифода шуда, шоир онро дар байти зер ба маънои аслии амир, ҳоким, подшоҳ овардааст. Чунончи:

*Чу ихтиёр бувад **миру** эътибор вазир,*
Сухан намонд, сафар ихтиёр бояд кард [20, с. 250].

Абдураҳмони Мушфиқиро аз як ҷиҳат метавон шоири ватансаро номид, зеро худ бинобар сабаби тангии маишии зиндагӣ дар тули ҳаёти худ аз зодгоҳаш, яъне аз шаҳри Бухоро ба Самарқанд ва аз Самарқанд ба Ҳиндустон сафар карда, шаҳди дурӣ аз ватан ва ғарибиро чашидааст. Бинобар ин, дар бештари ғазалҳояш номи ватанро ёд мекунад. Барои ифодаи зодгоҳ ва мафҳумҳои марбут ба он шоир беш аз 5 муродифро дар ашъораш истифода намудааст, ки ин силсилаи калимаҳои муродифӣ аз лиҳози баромад марбут ба забони тоҷикӣ ва арабӣ мебошанд: ***диёр, кишвар, мулк, давлат, замин.*** Чунончи:

Вожаи ***ватан*** дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба чунин маънидод шудааст: 1) ҷойи таваллуд ва нашъунамо (мас., деҳа, шаҳр, мамлакат), зодгоҳ, меҳан; ҷойи баромаду пайдоиши чизе. 2) ҷои истиқомат, манзил, макон, маскан; ватан кардан ҷои истиқомат ихтиёр кардан, манзил гирифтан. 3) диёр, сарзамин, кишвар, мамлакат; дар роҳи ватан // барои ватан дар ҳифзи диёру кишвари худ; ҷалои ватан кардан маҷбуран ё аз рӯйи ноилоҷӣ тарки диёр кардан [13, с. 269]. Абдураҳмони Мушфиқӣ вожаи мазкурро дар ашъори худ чор маротиба истифода намудааст. Мисолҳо:

Шиори ман сухан асту суханшинос тӯӣ,
Маоши банда вале аз сухан намегузарад.
Ғараз ба мулки ғариба, ки меравам ин аст,
*Ба ҳарза варна касе аз **ватан** намегузарад* [20, с. 252].

Ба ин монанд, Мушфиқӣ дигар калимаҳои ба вожаи ***Ватан*** муродифро дар байтҳои зер ба маънои аслиашон нозукбинона истифода намудааст. Мисолҳо:

Чу мирад аз ғами ишқи ту Мушфиқӣ, гӯянд
*Бубин, ки соҳиби дарде дар ин **диёр** намонд* [20, с. 139].

***

Осаф, ки дев бошаду девон ба ҳукми ӯ.
*Назми умури **мулки** Сулаймон чӣ сон диҳад?* [20, с. 232].

***

***Диёри** сабр зи тороҷи ғамзаҳои ту монад,*
*Ба **кишваре,** ки ситамгар сипоҳе омада бошад* [20, с. 169].

***

*Ба ҳар **замин**, ки зи ишқат тарона мегӯям,*

Дар он ***замин*** *ғазали ошиқона мегӯям* [20, с. 115].

Тавре ки аз мисолҳои овардашуда бармеояд муродифҳое, ки дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ корбаст шудаанд, бо вуҷуди аз замони зиндагии шоир сипарӣ гардидани садсолаҳо ин гурӯҳи луғавӣ то инҷониб хусусиятҳои сермаҳсулӣ ва ифодаи маъноии худро нигоҳ дошта, мавриди истифодаи васеъ қарор мегиранд.

Дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ муродифҳои ҷуфт, ки аз ду калимаи баробарҳуқуқи ҳаммаъно иборат буда, тавассути пайвандакҳои –у, -ю ва –ву таркиб меёбанд, зиёд ба чашм мерасад. Шоир барои рангин намудани забони ашъори худ муродифҳои ҷуфти зеринро истифода намудааст: ***дарду ғам, меҳру вафо, ному нишон, сабру таҳаммул, нолаву афғон, дарюзаву гадоӣ, мастиву ворастагӣ, нолаву фарёд, саргаштаву ғариб, фитодагиву мустамандӣ, нолаву оҳ, бекасу танҳо, ошуфтаву парешон, симу зар, масту мадҳуш*** ва ғ. Ин гурӯҳи калимаҳои ҷуфти луғавиро вобаста ба ҳолат, вазъият ва ифодаи мафҳумашон ба гурӯҳҳои зерин тасниф менамоем:

1. Муродифоти ҷуфти ифодакунандаи ғаму андуҳ ва ҳолати дилтангии шахс: ***дарду ғам, нолаву фарёд, нолаву оҳ, нолаву афғон, ошуфтаву парешон. Мисолҳо:***

Агар ***дарду ғамашро****, Мушфиқӣ толиб намебудам,*
Ҷу бедардон мудовои дили садчок мекардам [20, с. 152].

Дар ин байт калимаҳои ҳаммаънои *дард* ва *ғам* тавассути пайвандаки -у ҳамчун муродифҳои ҷуфт ба кор рафтааст.

Аз дил ҳазор ***нолаву афғон*** *бароварад,*
Бо булбуле ки шарҳ диҳам достони ишк [20, с. 198].

***

Ту меравӣ хиромон, ман бо ду чашми гирБён,
Ошуфтаву парешон *чун кокул аз қафоят* [20, с. 167].

2. Муродифоти ҷуфти ифодакунандаи муҳаббат, некӣ ва муносибати хуб**: *меҳру вафо, сабру таҳаммул.***

Илтифоту ваъдаву ***меҳру вафоро*** *бандаам,*
Боз бунёди тағофул шуд адоро бандаам [20, с. 160].

***

Дар қабои лолагун то ҷилвагар шуд қоматат,
Оташам дар ҷони ***бесабру таҳаммул*** *мезанад* [Мунт, с. 160].

3. Муродифоти ҷуфти ифодакунандаи ҳолати бечорагӣ, нотавонӣ: ***дарюзаву гадоӣ, пастиву вобастагӣ, фитодагиву мустамандӣ, бекасу танҳо***. Мисолҳо:

Бар остони ту ҳалқа гирам ба расми ***дарюзаву гадоӣ,***
Ба марҳабое наярзам он ҷо, ба ҷуз садое наёяд аз дар [20, с. 236].

***

То хок шуд ба роҳи вафо сарбаландиям,
Дар ғояти ***фитодагиву мустамандиям*** [20, с. 54].

***

Ғаме, ки рӯ диҳад аз ***бекасиву танҳоӣ,***
Ниҳода рӯй ба девори хона мегӯям [20, с. 118].

4. Муродифоти ҷуфти ифодакунандаи ҳолати саргардонӣ ва дурӣ аз дигарон: ***саргаштаву ғариб, ошуфтаву парешон.*** Мисолҳо:

Саргаштаву ғарибам, бахти худ озмуда,
Сад коми дил шунидам, як орзу накардам [20, с. 118].

***

Ту меравӣ хиромон, ман бо ду чашми гирён,
Ошуфтаву парешон *чун кокул аз қафоят* [20, с. 167].

5. Муродифоти ҷуфти ифодакунандаи ҳолати беҳушӣ ё аз худ рафтан**: *масту бехуд, мадҳушу маст.***

Масту бехуд Мушфиқӣ афтод бар ёди лабат.
Нашъаи ҷоми шароби ошиқӣ мардафган аст [20, с. 172].

***

*Ҳарду **мадҳушу масту** лояъқил,*

Аз ҷаҳону нахокиён ғофил [20, с. 282].

Таҳлилу баррасии ҷойгоҳи муродифот дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ баръало нишон медиҳад, ки ин гурӯҳи калимаҳои муродифӣ дар эҷодиёти шоир мавқеи муҳим доранд. Дар як байт истифода бурдани якчанд калимаҳои муродифӣ хоси услуби шоир мебошад. Масалан, дар байти зерини шоир ҳамагӣ шаш вожаҳои муродифӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст. Аз қабили, қавл-ҳарф, душманон-дӯстон, имрӯз-фардо. Чунончи:

*Ба **қавли душманон** золим шудӣ **имрӯз**, **моҳи ман**,*

*Ба **ҳарфи дӯстон** хоҳӣ шудан **фардо** пушаймон ҳам* [20, с. 185].

Шоир истифодаи ин гурӯҳи луғавиро барои дақиқ ифода намудани андеша, таъсирбахш ва бадеӣ гардонидани услуби худ нозукбинона истифода намудааст.

Хулоса. Муродифот дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ, асосан, бо мақсади канораҷӯӣ намудан аз такрор, инчунин барои дақиқ ифода намудани маъно истифода шудаанд. Ҳамзамон, таҳлили ин қабати луғавӣ собит намуд, ки муродифот барои ғановати луғавии ашъор, равонии баён ва ифодаи ҷанбаҳои гуногуни як мафҳум нақши калонро мебозанд. Инчунин, дар маводди мавриди таҳқиқ калимаҳое, истифода шудаанд, ки бо тай намудани марҳилаҳои гуногуни инкишофи забон маънои асосии худро аз даст дода, ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ ворид гардидаанд. Масалан, калимаи «мул» аз лиҳози баромад аслан калимаи тоҷикӣ буда, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба маънои ***шароб, май*** шарҳ ёфтааст. Чуноне ки дар боло ишора гардид Абдураҳмони Мушфиқӣ низ, вожаи мазкурро ба маънои аслиаш (*май, шароб*) корбаст намудааст.

Вожаи «***мул***» дар айни замон аз лиҳози маҳсулнокӣ бемаҳсул буда, маънои аслии худро аз даст додааст. Вожаи ***мул// мӯл*** дар баъзе минтақаҳои кишвар, бахусус, дар забони лаҳҷаи минтақаи шимоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маънои «***бисёр***» мӯл одам омад (*одамони зиёд омаданд*) ё ин ки мӯл кор дорем (*кори бисёр дорем*) ва ғ. мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки Абдураҳмони Мушфиқӣ калимаҳои муродифии сирф тоҷикиро ҳамчун дурдонаҳои ноёби забони тоҷикӣ дар ашъори худ моҳирона мавриди истифодаи фаровон қарор додааст, ки бо тай гардидани марҳилаҳои гуногуни ташаккули забон ҳамон иқтидор, ифодаи маъноӣ ва маҳсулнокиашонро побарҷо нигоҳ доштаанд. Албатта, таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи мавриди таҳқиқ дар доираи як мақола дарбар нахоҳад гирифт. Барои боз ҳам ба таври густурда нишон додани ҷойгоҳи калимаҳои муродифӣ дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ дар пажуҳиши минбаъда мавриди таҳқиқ қарор хоҳем дод.

Адабиёт

1. Аминов, М. Баъзе хусусияти услубии ҷуфтҳои синонимӣ [Матн] /М. Аминов. //Мактаби советӣ, №3, 1981. – С.14 – 16.
2. Бобомуродов Ш., Капранов В. А. Роҷеъ ба калимаҳои аз ҷиҳати шаклу сохтор тағйирёфта дар назму насри форсу тоҷик [Матн] // Вазифаҳои воҳидҳои забон дар ҷараёни гуфтор / Ш. Бобомуродов, В. А. Капранов. –Душанбе, 1995. – С. 15–27.
3. Бобомуродов, Ш., Мухторов, З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ [Матн] / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. -Душанбе, 2016. – 204 с.
4. Ғаффоров Р. Синонимҳо ва хусусияти услубии онҳо [Матн] /Р. Ғаффоров. //Мактаби советӣ, №8, 1971. – С.25–30.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. –Луғатшиносӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов, – Душанбе, 2007.–243 с.
6. Маҷидов Ҳ. Сермаъноии луғавӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Маърифат, 1997, №9-12. – С.7–9.
7. Маҷидов Ҳ. Усулҳои сермаъношавии калимаҳо [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Маърифат, 1998, № 1-2. – С.10–13.
8. Мухторӣ, Қутбиддин. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ [Матн] / Қутбиддин Мухторӣ. – Душанбе: Деваштич, 2006. –130 с.
9. Муҳаммад, Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот [Матн] /Ғиёсуддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб, Ҷ. 1, 1987. – 480 с.

10. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ [Матн] / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Маориф, 1993. –271 с.
11. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони ҳозираи тоҷик [Матн] / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1962. – 162 с.
12. Муҳаммадиев, М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ [Матн] / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Маориф, 1993. – 271с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – Душанбе, 2008. – 950 с.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – Душанбе, 2008. – 945 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – М.: Сов. Энцик., 1969. – 951 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – М.: Сов. Энцик., 1969. – 947 с.
17. Ҳикматуллоев, Неъматулло. Хусусиятҳои маъноию услубии муродифоти луғавӣ [Матн] / Н. Ҳикматуллоев. – Хуҷанд: Ношир, 2013. –148 с.
18. Ҳусейнов, Х. Шукурова К. Луғати терминҳои забоншиносӣ [Матн] / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Маориф, 1983. – 255 с.
19. Ҷӯраев Р. Этимологияи сад калима [Матн] / Р. Ҷӯраев. – Душанбе: Маориф, 1985. – 42 с.

Манбаъ

20. Абдурамони Мушфиқӣ (Мунтахабот) [Матн] / Мушфиқӣ, Абдураҳмон. Таҳ. З. Аҳрорӣ. – Сталинобод: Дониш, 1958. – 286 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Назирзода Муҳаммад Мирали – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел: (+992) 300050417, E-mail: mahmadrahim96@mail.ru*

Сведения об автор: *Назирзода Мухаммад Мирали – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзода, старший преподаватель кафедры теории и практики лингвистики. Адрес: 734019, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел: (+992) 300050417, E-mail: mahmadrahim96@mail.ru*

About the author: *Nazirzoda Muhammad Mirali – Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, senior Lecturer, Department of Theory and Practice of Linguistics. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe City, 17/6 Muhammadiev st. Phone: (+992) 300050417, E-mail: mahmadrahim96@mail.ru*

УДК 378.147:811.111

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МАФҲУМИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ-МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁНИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Алиева Гулнора Сафаралиевна
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар мақола масъалаи асосҳои назариявӣ ва мафҳумии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни омӯзгорони ояндаи забони англисӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Моҳияти фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ҳамчун низоми интегративӣ, ки ҷузъҳои когнитивӣ, коммуникативӣ ва арзиширо дар бар мегирад, таҳлил мегардад. Дар асоси таҳлили муқоисавии равишҳои педагогии миллӣ ва хориҷӣ, хусусиятҳои ташаккули фаъолияти маърифатӣ дар шароити таҳсилоти олии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки самаранокии фаъолияти таълимӣ ба таври мустақим ба интихоби усулҳои таълим, сатҳи ангезаи донишҷӯён ва муҳити таълимӣ вобаста мебошад. Хулоса бароварда мешавад, ки такмили фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ бояд дар заминаи ҳамгироии усулҳои анъанавӣ ва муосир амалӣ гардад.

Калидвожаҳо: *фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, донишҷӯ, омӯзгори оянда, забони англисӣ, равиши коммуникативӣ, ангеза, педагогика, таҳсилоти олӣ, фаъолияти маърифатӣ, усулҳои таълим.*

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ УЧЕБНО-ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ – БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В статье рассматриваются теоретические и концептуальные основы учебно-познавательной деятельности студентов – будущих учителей английского языка. Анализируется сущность учебно-познавательной деятельности как интегративной системы, включающей когнитивные, коммуникативные и ценностные компоненты. На основе сравнительного анализа национальных и зарубежных педагогических подходов выявляются особенности формирования познавательной активности студентов в условиях высшего образования Таджикистана. Результаты исследования показывают, что эффективность учебной деятельности напрямую зависит от методов обучения, уровня мотивации студентов и образовательной среды. Делается вывод о необходимости интеграции традиционных и современных педагогических подходов.

Ключевые слова: *учебно-познавательная деятельность, студент, будущий учитель, английский язык, коммуникативный подход, мотивация, педагогика, высшее образование, познавательная активность, методы обучения.*

THEORETICAL AND CONCEPTUAL FOUNDATIONS OF EDUCATIONAL AND COGNITIVE ACTIVITY OF STUDENTS – FUTURE TEACHERS OF ENGLISH

The article examines the theoretical and conceptual foundations of educational and cognitive activity of students – future teachers of English. The essence of educational and cognitive activity is analyzed as an integrative system including cognitive, communicative, and value components. Based on a comparative analysis of national and foreign pedagogical approaches, the features of the formation of students' cognitive activity in the context of higher education in Tajikistan are identified. The results show that the effectiveness of learning activity depends on teaching methods, students' motivation, and the educational environment. It is concluded that the improvement of educational and cognitive activity requires the integration of traditional and modern pedagogical approaches.

Keywords: *educational and cognitive activity, student, future teacher, English language, communicative approach, motivation, pedagogy, higher education, cognitive activity, teaching methods.*

Муқаддима. Дар шароити ҷаҳонишавии босуръат ва тағйирёбии доимии фазои иҷтимоию фарҳангӣ, масъалаи омодасозии омӯзгорони рақобатпазир, махсусан омӯзгорони ояндаи забони англисӣ, ба яке аз самтҳои калидии сиёсати маориф табдил ёфтааст. Забони англисӣ ҳамчун

воситаи асосии муошират байналмилалӣ на танҳо як фанни таълимӣ, балки як абзори стратегӣ барои ҳамгироии зеҳнӣ ва касбии ҷавонон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд аз доираи анъанавии интиқоли дониш берун баромада, ба ташаккули қобилиятҳои таҳлилӣ, интиқодӣ ва худтакмилдиҳии шахсият равона карда шавад.

Дар илми педагогика фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ҳамчун раванди мураккаби ҳамгироии дониш, малака ва арзишҳо баррасӣ мегардад, ки дар он донишҷӯ на ҳамчун объекти таълим, балки ҳамчун субъекти фаъол иштирок мекунад. Ба таъбири муҳаққиқон, «фаъолияти маърифатӣ шакли махсуси фаъолияти инсон аст, ки ба дарёфт, дарк ва азхудкунии донишҳои нав равона гардидааст» [13, с. 112]. Ин таъриф нишон медиҳад, ки фаъолияти таълимӣ на танҳо интиқоли иттилоот, балки равандест, ки дар он донишҷӯ тавассути таҷриба, таҳлил ва мулоҳиза донишро “аз худ мекунад”.

Дар заминаи педагогикаи муосир, махсусан дар омодасозии омӯзгорони забони англисӣ, таваҷҷуҳ бештар ба равишҳои коммуникативӣ ва интерактивӣ равона шудааст. Ин раванд аз назарияи конструктивизм, ки дар осори Лев Выготский ва Жан Пиаже таҳия гардидааст, маншаъ мегирад. Тибқи ин назария, дониш ҳамчун натиҷаи фаъолияти фаъолонаи донишҷӯ дар раванди ҳамкорӣ бо муҳити иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ бояд ба ташкили муҳити омӯзишии фаъол, муоширатӣ ва ҳавасмандкунанда нигаронида шавад.

Дар таҷрибаи педагогии тоҷик низ масъалаи фаъолгардонии донишҷӯён мавқеи муҳим дорад. Ба андешаи Муҳаммадҷон Шакурӣ, «таълим танҳо дар ҳолате самаранок мегардад, ки агар донишҷӯ дар он на танҳо шунаванда, балки иштирокчии фаъол бошад» [13, с. 98]. Ин андеша бо равияҳои муосири педагогикаи ҷаҳонӣ ҳамоҳанг буда, зарурати гузариш аз усулҳои анъанавии лексионӣ ба усулҳои фаъол ва ҳамкориро таъкид мекунад.

Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бисёр ҳолатҳо фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни омӯзгорони ояндаи забони англисӣ ҳанӯз ҳам хусусияти пассивӣ дорад. Яъне, донишҷӯ бештар ба қабул ва азёдкунии мавод машғул буда, камтар ба таҳлил, муқоиса ва истифодаи эҷодии дониш ҷалб мегардад. Ин ҳолат боиси паст гардидани сифати омодагии касбӣ ва маҳдуд шудани қобилияти мутобиқшавии онҳо ба талаботи бозори меҳнат мегардад.

Аз ин нуқтаи назар, зарурати таҳқиқи амиқи асосҳои назариявӣ ва мафҳумии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ба миён меояд. Мақсади асосии ин мақола муайян намудани моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар раванди омодасозии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ ва таҳияи заминаҳои назариявии такмили он мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф, вазифаҳои зерин матраҳ мегарданд: таҳлили мафҳумҳои калидӣ дар педагогикаи муосир, баррасии назарияҳои асосии фаъолияти маърифатӣ, муқоисаи равишҳои миллӣ ва хориҷӣ ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба фаъолгардонии донишҷӯён.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ҳамчун низоми интегративӣ, ки унсурҳои когнитивӣ, коммуникативӣ ва арзиширо дар бар мегирад, мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Ҳамчунин, кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки таҷрибаи педагогии миллӣ бо дастовардҳои илми педагогикаи ҷаҳонӣ муқоиса гардида, роҳҳои мутобиқсозии онҳо ба шароити таҳсилоти олии Тоҷикистон пешниҳод карда шаванд.

Аҳамияти назариявии мақола дар ғанӣ гардонидани фаҳмиши илмӣ оид ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ва нақши он дар ташаккули шахсияти омӯзгори ояндаи забони англисӣ зоҳир мегардад. Аҳамияти амалӣ бошад, дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ барои такмили барномаҳои таълимӣ, усулҳои дарсдиҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ифода меёбад.

Ҳамин тавр, фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ на танҳо як ҷузъи раванди таълим, балки меҳвари асосии ташаккули шахсияти касбии омӯзгори оянда мебошад. Бе дарки амиқи моҳият ва хусусиятҳои он, сухан дар бораи таълими босифат ва мутобиқ ба талаботи замон маънои воқеӣ надорад.

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот. Дар идомаи мантиқии баррасии масъалаи моҳият ва аҳамияти фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, зарурати муайян намудани заминаи методологӣ ва

воситаҳои тадқиқотӣ ба миён меояд, зеро бе интихоби дурусти мавод ва усулҳо ҳар гуна таҳлил хусусияти сатҳӣ ва декларативӣ мегирад. Дар илмҳои педагогӣ, махсусан ҳангоми омӯзиши равандҳои мураккаби таълимӣ, интихоби методҳо на танҳо як марҳилаи техникӣ, балки як масъалаи консептуалӣ ба ҳисоб меравад, ки самти умумии таҳқиқро муайян месозад.

Маводҳои асосии тадқиқотро маҷмӯи сарчашмаҳои илмӣ, методӣ ва таҷрибавӣ ташкил медиҳанд, ки фарогири осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мебошанд. Аз ҷумла, осори олимони тоҷик, ба мисли Муҳаммадҷон Шакурӣ, Бобоҷон Ғафуров ва дигарон, ки масъалаҳои фарҳанг, забон ва таълимро дар робитаи зич бо ташаккули шахсият баррасӣ намудаанд, ҳамчун пояи назариявӣ истифода гардиданд. Ба андешаи Шакурӣ, «раванди таълим бояд ба рушди тафаккури мустақил ва қобилияти таҳлилии донишҷӯ равона карда шавад» [13, с. 134], ки ин нуқта барои фаҳмиши дурусти фаъолияти маърифатӣ аҳамияти калидӣ дорад. Ҳамзамон, барои таъмини муқоисаи илмӣ, аз осори муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла Лев Выготский, Жан Пиаже ва Джером Брунер истифода бурда шуд, ки дар онҳо фаъолияти маърифатӣ ҳамчун раванди иҷтимоӣ ва конструктивӣ шарҳ дода мешавад.

Дар баробари манбаъҳои назариявӣ, маводҳои таҷрибавӣ низ мавқеи муҳим доранд. Ба сифати базаи эмпирикӣ натиҷаҳои мушоҳидаи раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили дарсҳо, суҳбатҳо бо донишҷӯён ва омӯзгорон, инчунин натиҷаҳои корҳои мустақили донишҷӯён истифода гардиданд. Ин гуна мавод имкон медиҳад, ки на танҳо тасаввуроти назариявӣ, балки ҳолати воқеии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар амалия ошкор карда шавад. Чуноне ки таъкид мегардад, «тадқиқоти педагогӣ танҳо дар ҳолате арзиши илмӣ пайдо мекунад, ки агар он ба воқеияти таълим такя намояд» [10, с. 57].

Дар мавриди усулҳои тадқиқот, таҳқиқ ба маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси педагогӣ такя мекунад. Аз ҷумла, усули таҳлили назариявӣ барои баррасии адабиёти илмӣ ва муайян намудани мафҳумҳои калидӣ истифода шуд. Ин усул имконият медиҳад, ки мафҳумҳои «фаъолияти таълимӣ», «фаъолияти маърифатӣ» ва «фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ» дар ҳамбастагӣ ва тафовутҳои онҳо муайян карда шаванд. Дар ин замина, таҳлили муқоисавӣ низ мавқеи муҳим дорад, зеро он имкон медиҳад, ки равишҳои гуногуни педагогӣ ҳам миллӣ ва ҳам хориҷӣ муқоиса гардида, бартарият ва маҳдудиятҳои онҳо ошкор карда шаванд.

Усули мушоҳида ҳамчун яке аз методҳои асосии эмпирикӣ барои омӯзиши рафтори воқеии донишҷӯён дар раванди таълим истифода гардид. Мушоҳидаи мунтазам нишон дод, ки дар бисёр ҳолатҳо фаъолияти донишҷӯён ба иҷрои супоришҳои стандартӣ маҳдуд шуда, унсурҳои эҷодкорӣ ва ташаббускорӣ кам ба назар мерасанд. Ин натиҷа бо хулосаҳои муҳаққиқон мувофиқат мекунад, ки «фаъолияти маърифатии донишҷӯён бе ташкили муҳити ҳавасмандкунанда суст мегардад» [6, с. 89].

Ҳамзамон, усули суҳбат ва пурсиш барои муайян намудани муносибат ва ангезаи донишҷӯён нисбат ба раванди таълим истифода шуд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки қисми зиёди донишҷӯён фаъолияти таълимиро ҳамчун вазифаи ҳатмӣ қабул мекунанд, на ҳамчун имконияти рушди шахсӣ. Ин ҳолат бори дигар зарурати такмили усулҳои таълим ва гузариш ба равишҳои интерактивиро тасдиқ мекунад.

Аз усулҳои таҳлилӣ, усули системавӣ мавқеи марказӣ дорад, зеро фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ҳамчун як низоми мураккаб, ки унсурҳои когнитивӣ, эмотсионалӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад, баррасӣ карда мешавад. Ин равиш имкон медиҳад, ки робитаҳои дохилии байни унсурҳои гуногуни раванди таълим муайян карда шаванд. Ба таъбири Лев Выготский, «рушди маърифатӣ натиҷаи ҳамкории омилҳои дохилӣ ва иҷтимоӣ мебошад» [3, с. 56], ки ин андеша асоси равиши системавиро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, интихоби мавод ва усулҳои тадқиқот ба таври комплексӣ ва бо дарназардошти хусусияти бисёрҷанбаии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ амалӣ гардид. Ин имкон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқ на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок, балки аз ҷиҳати амалӣ низ қобили татбиқ бошанд. Агар методология заиф мебуд, тамоми таҳқиқ ба як матни “зебо, вале холӣ” табдил меёфт чизе, ки дар илм арзиш надорад. Дар ин ҷо бошад, кӯшиш шудааст, ки ҳар як хулоса ба заминаи воқеӣ ва таҳлили дақиқ такя намояд.

Натиҷаҳо. Дар асоси методологияи интихобшуда ва таҳлили комплексии маводҳои назариявию эмпирикӣ, натиҷаҳои тадқиқот имкон медиҳанд, ки як қатор қонуниятҳо ва хусусиятҳои муҳимми фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни омӯзгорони ояндаи забони англисӣ ба таври илмӣ асоснок карда шаванд. Агар рост бигӯем, аксари таҳқиқот дар ин самт ба баёни "чӣ бояд бошад" маҳдуд мешаванд, аммо ин ҷо мо "чӣ воқеан ҳаст"-ро ошкор кардем ва фарқият байни ин ду, чунон ки маълум шуд, назаррас аст.

Натиҷаҳои таҳлили назариявӣ нишон доданд, ки фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ҳамчун як низоми интегративӣ бояд дар ҳамбастагии се ҷузъи асосӣ когнитивӣ, коммуникативӣ ва арзишӣ баррасӣ гардад. Дар амал бошад, ин се ҷузъ на ҳамеша ба таври мутавозин рушд меёбанд. Аз ҷумла, ҷузъи когнитивӣ (дониш, фаҳмиш, азхудкунӣ) дар барномаҳои таълимӣ мавқеи ҳукмрон дошта, ҷузъҳои коммуникативӣ ва махсусан арзишӣ (муносибат, ангеза, худшиносӣ) дар ҳолати дуюмдараҷа қарор доранд. Ин натиҷа бо андешаҳои Муҳаммадҷон Шакурӣ мувофиқат мекунад, ки таъкид менамояд: «таълим бидуни тарбия ва рушди шахсият маънои комил надорад» [13, с. 141].

Таҳлили маводҳои эмпирикӣ нишон дод, ки сатҳи фаъолиятмандии донишҷӯён дар раванди таълим нобаробар ва аксаран паст мебошад. Қисми зиёди донишҷӯён ба иҷрои супоришҳои стандартӣ ва такрории омӯзгор маҳдуд мешаванд, ки ин ба ташаккули тафаккури мустақил монеа эҷод мекунад. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки танҳо дар ҳолатҳое, ки усулҳои интерактивӣ (муҳокима, кори гурӯҳӣ, таҳлили ҳолатҳо) истифода мешаванд, сатҳи иштирок ва фаъолиятмандии донишҷӯён ба таври назаррас боло меравад. Ин натиҷа ба назарияи конструктивистии Жан Пиаже ва Лев Выготский мувофиқат мекунад, ки мувофиқи он дониш дар натиҷаи фаъолияти фаъол ва ҳамкории иҷтимоӣ ташаккул меёбад.

Яке аз натиҷаҳои муҳим ин аст, ки байни сатҳи дониш ва қобилияти истифодаи он (компетентнокӣ) тафовути ҷиддӣ вуҷуд дорад. Яъне, донишҷӯён метавонанд қоидаҳои грамматикӣ ва луғавиро донанд, аммо дар шароити воқеии муошират онҳоро самаранок истифода бурда наметавонанд. Ин ҳолат махсусан дар омӯзиши забони англисӣ равшан мушоҳида мегардад, ки дар он донишҷӯён бештар ба азхудкунии назария машғул буда, таҷрибаи амалии муошират маҳдуд аст. Ба таъбири Джером Брунер, «дониш танҳо вақте арзиш пайдо мекунад, ки он дар амал татбиқ гардад» [2, с. 73].

Ҳамзамон, натиҷаҳо нишон доданд, ки ангезаи донишҷӯён ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ бештар хусусияти беруна дорад (баҳои хуб, талаботи омӯзгор, имтиҳон), на дохилӣ (шавқ, ҳавас, рушди шахсӣ). Ин навъи ангеза устувор нест ва боиси паст гардидани сифати омӯзиш мегардад. Дар муқобил, донишҷӯёне, ки ангезаи дохилӣ доранд, сатҳи баланди фаъолиятмандӣ, мустақилият ва эҷодкорӣ нишон медиҳанд. Ин хулоса бо таҳқиқоти муосири педагогӣ ҳамоҳанг буда, нишон медиҳад, ки «ангезаи дохилӣ омили калидии фаъолияти маърифатӣ мебошад» [6, с. 102].

Дар ҷараёни таҳқиқ ҳамчунин муайян гардид, ки усулҳои анъанавии таълим (лексияҳои якҷониба, такрори мавод, назорати формалӣ) ҳанӯз ҳам дар бисёр ҳолатҳо ҳукмронанд. Ин усулҳо, гарчанде барои интиқоли иттилоот самаранок бошанд, барои рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён нокифоя мебошанд. Дар муқоиса, усулҳои муосир — ба мисли таълими мушкилотӣ, омӯзиши лоиҳавӣ ва равишҳои коммуникативӣ — имконият медиҳанд, ки донишҷӯён ҳамчун субъекти фаъол иштирок намоянд ва донишро дар раванди амал ба даст оранд.

Натиҷаи дигар ин аст, ки муҳити таълимӣ нақши ҳалкунанда дорад. Дар он гурӯҳҳое, ки муҳити омӯзишӣ кушода, ҳавасмандкунанда ва ҳамкорона аст, донишҷӯён бештар фаъол, озодандеш ва ташаббускор мебошанд. Баръакс, муҳити авторитарӣ ва назоратии сахт фаъолияти маърифатиро маҳдуд мекунад. Ин ҳолат бо назарияи иҷтимоии Лев Выготский мутобиқат дорад, ки дар он муҳити иҷтимоӣ ҳамчун омили асосии рушди маърифатӣ баррасӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни омӯзгорони ояндаи забони англисӣ ҳанӯз ба сатҳи зарурии самаранокӣ нарасидааст ва ниёз ба такмили ҷиддӣ дорад. Проблема дар норасоии дониш нест проблема дар тарзи ташкили фаъолияти таълим аст. Агар ин нуқта нодида гирифта шавад, ҳар гуна ислоҳоти

барномавӣ танҳо “қоғазӣ” мемонад. Аз ин рӯ, зарурати гузариш ба моделҳои фаъол, коммуникативӣ ва шахсиятгароёнаи таълим ҳамчун хулосаи асосии натиҷаҳои таҳқиқ баромад мекунад.

Муҳокима. Дар идомаи мантиқии натиҷаҳои бадастомада, марҳилаи муҳокима на танҳо ба шарҳу тавзеҳи онҳо, балки ба санҷиши устувории хулосаҳо дар доираи назария ва амалияи педагогӣ равона мегардад. Агар рост бигӯем, бисёр корҳои илмӣ маҳз дар ҳамин қисмат “мешикананд”: натиҷаҳоро такрор мекунанд, аммо онҳоро таҳлил намекунанд. Дар ин ҷо мо натиҷаҳоро ба сатҳи консептуалӣ мебарем яъне месанҷем, ки онҳо дар кадом чаҳорчӯбаи илмӣ ҷой мегиранд ва чӣ маънои амалӣ доранд.

Пеш аз ҳама, нобаробарии рушди ҷузъҳои когнитивӣ, коммуникативӣ ва арзишӣ, ки дар натиҷаҳо ошкор гардид, тасдиқ мекунад, ки модели амалкунандаи таълим дар бисёр ҳолатҳо ҳанӯз ҳам ба парадигмаи анъанавии “интиқоли дониш” такя мекунад. Ин ҳолат бо андешаҳои Муҳаммадҷон Шакурӣ ҳамоҳанг аст, ки таълимро ҳамчун раванди ягонаи дониш ва тарбия баррасӣ намуда, таъкид мекунад: «ҷудо кардани дониш аз тарбия ба паст гардидани самаранокии таълим меорад» [13, с. 156]. Ба ибораи дигар, вақте ки таълим танҳо ба “додани маълумот” маҳдуд мешавад, фаъолияти маърифатӣ шакли формалӣ мегирад ва ба рушди воқеии шахсият мусоидат намекунад.

Муҳокимаи натиҷаҳо инчунин нишон медиҳад, ки паст будани фаъолияти донишҷӯён на танҳо натиҷаи камбуди ангеза, балки оқибати мустақими интихоби усулҳои таълим мебошад. Яъне, проблема дар “донишҷӯи суст” нест проблема дар “системаи суст” аст. Ин нуқта муҳим аст, зеро аксар вақт масъулият ба дӯши донишҷӯ гузошта мешавад, дар ҳоле ки таҳқиқ нишон медиҳад: вақте муҳити таълимӣ интерактивӣ ва ҳамкорона мешавад, ҳамон донишҷӯён сатҳи баланди фаъолият нишон медиҳанд. Ин хулоса ба назарияи иҷтимоии Лев Выготский мувофиқат мекунад, ки рушди маърифатиро натиҷаи ҳамкории иҷтимоӣ медонад, на фаъолияти инфиродии ҷудогона.

Аз нуқтаи назари муқоисавӣ, фарқияти байни равишҳои миллӣ ва равишҳои муосири хориҷӣ махсусан равшан ба назар мерасад. Дар таҷрибаи анъанавии таълими тоҷикӣ, ки реша дар мактаби классикии педагогӣ дорад, интизом, такрор ва азхудкунии дақиқи донишҳо мавқеи марказӣ доранд. Ин равиш бартарии худро дорад он заминаи мустаҳками донишро таъмин мекунад. Аммо, агар ин равиш бо усулҳои фаъол ва коммуникативӣ пурра карда нашавад, он ба шакли статикӣ табдил меёбад. Дар муқобил, равишҳои муосири ғарбӣ, ки ба назарияҳои Жан Пиаже ва Джером Брунер такя мекунанд, бештар ба фаъолияти мустақил, кашфиёт ва муошират равона шудаанд. Аммо онҳо низ камбуд доранд: баъзан ба систематикӣ ва амиқии дониш камтар аҳамият медиҳанд.

Аз ин ҷо як хулосаи муҳим бармеояд: ҳеҷ яке аз ин моделҳо дар шакли “холис” идеалӣ нест. Модели самаранок бояд синтези оқилонаи ин ду равиш бошад устувории мактаби анъанавӣ динамикаи педагогикаи муосир. Агар ин синтез амалӣ нашавад, мо ё бо донишҷӯи “хуби назариявӣ, вале нотавони амалӣ” рӯ ба рӯ мешавем, ё бо донишҷӯи “фаъол, вале сатҳии дониш”.

Муҳокимаи масъалаи ангеза низ нишон медиҳад, ки такя ба омилҳои беруна (баҳо, назорат, имтиҳон) як стратегияи кӯтоҳмуддат аст. Ин гуна система метавонад интизомро нигоҳ дорад, аммо фаъолияти маърифатиро ба сатҳи баланд намебарад. Баръакс, ташаккули ангезаи дохилӣ тавассути ҷалб кардани донишҷӯ ба раванд, додани озодӣ дар интихоб ва эҷоди муҳити дастгиркунанда натиҷаҳои устувортар медиҳад. Ин нуқта бо назарияҳои муосири педагогӣ ва психологияи таълим мувофиқат мекунад, ки дар онҳо шахсият ва эҳтиёҷоти ӯ дар марказ қарор доранд.

Ҳамзамон, бояд эътироф кард, ки гузариш ба моделҳои муосири таълим кори осон нест. Он на танҳо тағйири усулҳо, балки тағйири тафаккури педагогиро талаб мекунад. Омӯзгор бояд аз “манбаи дониш” ба “ташкилкунандаи раванди омӯзиш” табдил ёбад. Агар ин тағйир рӯй надиҳад, ҳатто усулҳои муосир ба шакли формалӣ табдил меёбанд мисли он ки калимаи “интерактив” истифода мешавад, аммо моҳиятан ҳамон лексияи якҷониба боқӣ мемонад.

Дар маҷмӯъ, муҳокимаи натиҷаҳо нишон медиҳад, ки фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ як падидаи бисёрсатҳа ва динамикӣ мебошад, ки ба омилҳои гуногун методологӣ, равонӣ ва

иҷтимоӣ вобаста аст. Агар ин омилҳо ба таври ҳамоҳанг идора карда нашаванд, самаранокии таълим коҳиш меёбад. Аммо агар онҳо дуруст ҳамоҳанг гарданд, фаъолияти маърифатӣ метавонад ба муҳаррики асосии рушди шахсияти касбии омӯзгори ояндаи забони англисӣ табдил ёбад. Ин на шиор аст ин натиҷаи таҳлили сахти додаҳост.

Хулоса. Дар ҷамъбасти мантиқии таҳқиқи анҷомёфта, метавон бо итминон таъкид намуд, ки фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни омӯзгорони ояндаи забони англисӣ на танҳо як ҷузъи раванди таълим, балки меҳвари ташаккули қобилиятҳои касбӣ ва шахсиятии онҳо мебошад. Агар содда гӯем, ин ҷо сухан дар бораи “чӣ қадар медонад” не, балки “чӣ гуна фикр мекунад ва чӣ гуна амал мекунад” меравад. Ин фарқият хурд нест — ин фарқият байни омӯзгори формалӣ ва омӯзгори воқеан касбӣ аст.

Таҳқиқ нишон дод, ки фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ танҳо дар ҳолате самаранок мегардад, ки агар он ҳамчун низоми интегративӣ бо фарогирии ҷузъҳои когнитивӣ, коммуникативӣ ва арзишӣ ташкил карда шавад. Нодида гирифтани ҳар яке аз ин ҷузъҳо ба номукаммалии раванди таълим оварда мерасонад. Ба таъбири Муҳаммадҷон Шакурӣ, «таълим бояд инсонро на танҳо донишманд, балки андешаманд ва масъулиятшинос тарбия намояд» [13, с. 162], ки ин андеша моҳияти хулосаи умумии таҳқиқро инъикос мекунад.

Яке аз натиҷаҳои калидӣ он аст, ки мушкилоти асосӣ дар фаъолияти донишҷӯён на ба норасоии қобилият, балки ба тарзи ташкили раванди таълим вобаста аст. Модели анъанавии таълим, ки ба интиқоли дониш ва назорати формалӣ такя мекунад, имкониятҳои рушди фаъолияти маърифатиро маҳдуд месозад. Дар муқобил, истифодаи усулҳои интерактивӣ ва коммуникативӣ метавонад донишҷӯро ба субъекти фаъол табдил диҳад. Ин хулоса бо назарияҳои Лев Выготский ва Жан Пиаже ҳамоҳанг буда, аҳамияти фаъолияти фаъол ва ҳамкории иҷтимоиро дар раванди омӯзиш таъкид мекунад.

Ҳамзамон, таҳқиқ нишон дод, ки байни дониш ва қобилияти истифодаи он фосилаи ҷиддӣ вуҷуд дорад. Ин ҳолат махсусан дар омӯзиши забони англисӣ равшан аст, ки дар он донишҷӯён бештар ба азхудкунии назария тамаркуз мекунанд, аммо дар амалияи муошират мушкилӣ доранд. Аз ин ҷо бармеояд, ки самаранокии таълим на бо ҳаҷми дониш, балки бо сатҳи татбиқи он муайян карда мешавад. Ин нуқта бояд ҳамчун принсипи роҳнамо дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ба назар гирифта шавад.

Хулосаи дигар ин аст, ки ангезаи дохилӣ омили ҳалкунандаи фаъолияти маърифатӣ мебошад. Системае, ки танҳо ба омилҳои беруна такя мекунад, метавонад натиҷаҳои муваққатӣ диҳад, аммо рушди устуворро таъмин карда наметавонад. Аз ин рӯ, ташкили муҳити таълимии ҳавасмандкунанда, дастгиркунанда ва ба шахсият нигаронидашуда бояд ба яке аз вазифаҳои асосии омӯзгор табдил ёбад.

Дар заминаи муқоисаи равишҳои миллӣ ва хориҷӣ, таҳқиқ ба хулосае меояд, ки модели оптималии таълим дар синтези оқилонаи онҳо зоҳир мегардад. Яъне, устуворӣ ва систематикӣ будани мактаби анъанавӣ бояд бо фаъолиятнокӣ ва коммуникативияти педагогикаи муосир ҳамоҳанг карда шавад. Танҳо дар ин сурат метавон омӯзгореро омода намуд, ки ҳам дониши амиқ дошта бошад ва ҳам тавонад онро дар шароити воқеӣ самаранок истифода барад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки такмили фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ як масъалаи ҷузъӣ нест, балки як масъалаи системавии ислоҳоти педагогӣ мебошад. Агар ин масъала ба таври ҷиддӣ баррасӣ нашавад, ҳар гуна тағйироти барномавӣ натиҷаи назаррас намедиҳад. Аммо агар он бо назардошти асосҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии таҳқиқшуда амалӣ гардад, метавонад ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва омодасозии омӯзгорони воқеан рақобатпазир мусоидат намояд.

Хулосаи ниҳоӣ оддӣ, вале сахт аст: таълимро тағйир надиҳӣ натиҷа тағйир намеёбад. Ва агар фаъолияти маърифатиро ба марказ нагузорӣ, тамоми система танҳо шакл мегирад, на мазмун.

Бархурди манфиатҳо. Дар доираи таҳқиқоти мазкур масъалаи бархурди манфиатҳо мавриди баррасии ҷиддӣ қарор дода шуда, муайян гардид, ки дар раванди анҷомдиҳии он ягон гуна манфиатҳои шахсӣ, молиявӣ ё институтсионалӣ, ки метавонанд ба натиҷаҳо таъсири манфӣ

расонанд, вуҷуд надоштанд. Муаллиф бо риояи меъёрҳои этикаи илмӣ ва принсипҳои объективият кӯшиш намудааст, ки таҳқиқро ба таври мустақил ва беғаразона анҷом диҳад.

Тавре ки дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, «шаффофият ва беғаразӣ шарти асосии эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ мебошанд» [10, с. 74]. Аз ин нуқтаи назар, ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқ аз интихоби мавзӯъ то таҳлили натиҷаҳо бидуни таъсири омилҳои беруна амалӣ гардидаанд. Манбаъҳои истифодашуда танҳо бо мақсади таҳлили илмӣ ва муқоисавӣ ҷалб гардида, ҳеҷ яке аз онҳо ба манфиатҳои хусусии муаллиф алоқаманд нестанд.

Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки дар раванди таҳқиқ ягон гуна сармоягузорӣ ё дастгирии молиявӣ аз ҷониби ташкилотҳо ё шахсони манфиатдор ба қайд гирифта нашудааст. Ин ҳолат имконият медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомада ҳамчун маҳсулоти мустақили таҳқиқоти илмӣ арзёбӣ гарданд. Дар ин замина, риояи принсипи «мустақилияти илмӣ» ҳамчун яке аз талаботи асосии таҳқиқоти муосир таъмин гардидааст.

Бо вуҷуди ин, бояд дарк кард, ки набудани бархурди манфиатҳо на танҳо як изҳороти формалӣ, балки як ӯҳдадории касбӣ мебошад. Муаллиф масъулияти пурраи дурустӣ, саҳеҳият ва асоснокии натиҷаҳои пешниҳодшударо ба зимма мегирад ва омода аст, ки онҳоро дар доираи баҳсҳои илмӣ ҳимоя намояд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки таҳқиқоти мазкур дар шароити шаффоф, беғараз ва мутобиқ ба меъёрҳои этикаи илмӣ анҷом дода шуда, ягон гуна бархурди манфиатҳо ба қайд гирифта нашудааст.

Саҳми изҳоркардаи муаллиф. Дар доираи таҳқиқоти мазкур, саҳми муаллиф на дар сатҳи формалӣ, балки дар сатҳи консептуалӣ ва методологӣ ифода меёбад, зеро арзиши воқеии кори илмӣ на дар ҷамъоварии иттилоот, балки дар тарзи коркарди он ва пешниҳоди хулосаҳои асоснок зоҳир мегардад. Муаллиф мустақилона масъалагузории илмиро муайян намуда, зарурати баррасии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни омӯзгорони ояндаи забони англисиро дар заминаи тағйироти муосири педагогӣ асоснок кардааст.

Аз ҷумла, саҳми асосии муаллиф дар таҳияи чаҳорчӯбаи назариявии таҳқиқ зоҳир мегардад, ки дар он фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ҳамчун низоми интегративӣ, фарогири ҷузъҳои когнитивӣ, коммуникативӣ ва арзишӣ пешниҳод шудааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки масъала на ба таври якҷониба, балки дар ҳамбастагии унсурҳои гуногуни раванди таълим баррасӣ гардад. Муаллиф бо такя ба осори муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла Муҳаммадҷон Шакурӣ, ва ҳамзамон муқоисаи онҳо бо назарияҳои муосири педагогикаи ҷаҳонӣ, кӯшиш намудааст, ки як модели мутобиқ ба шароити таҳсилоти олии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Ҳамчунин, саҳми муаллиф дар интихоби асосноки методология ва татбиқи он дар амал ифода меёбад. Муаллиф маҷмӯи усулҳои таҳқиқотӣ таҳлили назариявӣ, муқоисавӣ, мушоҳида ва пурсишро ба таври комплексӣ истифода бурда, кӯшиш кардааст, ки натиҷаҳои бадастомада на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ низ эътимоднок бошанд. Ин гуна равиш, ки ба ҳамгироии таҳлил ва таҷриба такя мекунад, ба баланд гардидани сатҳи илмии таҳқиқ мусоидат менамояд.

Саҳми муҳимми дигар дар таҳлили муқоисавии равишҳои педагогии миллӣ ва хориҷӣ зоҳир мегардад. Муаллиф нишон медиҳад, ки модели анъанавии таълим, сарфи назар аз устувории худ, ба талаботи муосир пурра ҷавобгӯ нест ва ниёз ба ҳамгироӣ бо усулҳои фаъол ва коммуникативӣ дорад. Ин хулоса дар асоси таҳлили интиқодӣ ва муқоисавӣ ба даст омада, арзиши амалӣ дорад, зеро метавонад дар такмили барномаҳои таълимӣ истифода шавад.

Илова бар ин, муаллиф дар муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасон ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ саҳм гузоштааст, аз ҷумла нақши муҳити таълимӣ, ангезаи донишҷӯён ва усулҳои таълимро ҳамчун унсурҳои калидӣ муайян намудааст. Ин натиҷаҳо имкон медиҳанд, ки масъала на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки дар сатҳи идоракунии раванди таълим баррасӣ гардад.

Дар маҷмӯъ, саҳми муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқ аз доираи тавсифӣ берун баромада, хусусияти таҳлилӣ ва хулосабарории илмӣ пайдо кардааст. Агар рост гӯем, кори илмӣ вақте арзиш дорад, ки он чизе илова кунад, на танҳо такрор. Дар ин маврид, кӯшиш шудааст, ки на танҳо донишҳои мавҷуда ҷамъбаст шаванд, балки дар асоси онҳо як дидгоҳи мукаммал ва

амалигароёна пешниҳод гардад, ки метавонад барои рушди минбаъдаи педагогикаи миллӣ хизмат намояд.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев С. Педагогикаи умумӣ [матн] / С. Абдуллоев. — Душанбе: Маориф, 2015. — 320 с.
2. Брунер Дж. Процесс образования [текст] / Дж. Брунер. — Москва: Просвещение, 1996. — 412 с.
3. Выготский Л. С. Мышление и речь [текст] / Л. С. Выготский. — Москва: Педагогика, 1982. — 361 с.
4. Давыдов В. В. Теория развивающего обучения [текст] / В. В. Давыдов. — Москва: Интеграл, 1996. — 544 с.
5. Зимняя И. А. Педагогическая психология [текст] / И. А. Зимняя. — Москва: Логос, 2004. — 384 с.
6. Каримов Н. Методҳои муосири таълим [матн] / Н. Каримов. — Душанбе: Ирфон, 2020. — 210 с.
7. Леонтьев А. Н. Деятельность. Сознание. Личность [текст] / А. Н. Леонтьев. — Москва: Политиздат, 1975. — 304 с.
8. Мирзоев А. Асосҳои методикаи таълими забонҳои хориҷӣ [матн] / А. Мирзоев. — Душанбе: Дониш, 2017. — 256 с.
9. Пиаже Ж. Психология интеллекта [текст] / Ж. Пиаже. — Москва: Прогресс, 1994. — 352 с.
10. Саидов М. Асосҳои тадқиқоти педагогӣ [матн] / М. Саидов. — Душанбе: Ирфон, 2018. — 180 с.
11. Сластенин В. А. Педагогика [текст] / В. А. Сластенин. — Москва: Академия, 2002. — 576 с.
12. Столяренко Л. Д. Педагогика [текст] / Л. Д. Столяренко. — Ростов-на-Дону: Феникс, 2003. — 512 с.
13. Шакурӣ М. Ҷ. Забон ва маърифат [матн] / М. Ҷ. Шакурӣ. — Душанбе: Дониш, 2009. — 280 с.
14. Щукин А. Н. Методика преподавания иностранных языков [текст] / А. Н. Щукин. — Москва: Флинта, 2011. — 480 с.
15. Harmer J. How to Teach English [text] / J. Harmer. — London: Longman, 2007. — 288 p.
16. Vinogradov V. V. Russian Language (Grammatical Doctrine of the Word) [text] / V. V. Vinogradov. — Moscow: Russian Language, 2001. — 640 p.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Алиева Гулнора Сафаралиевна — номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи курси амалии забони англисӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Телефон: +992 907 114 410 Почтаи электронӣ: gulnora-1983@list.ru*

Сведения об авторе: *Алиева Гульнора Сафарәлиевна — кандидат педагогических наук, доцент, заведующая кафедрой практического курса английского языка, Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава. Телефон: +992 907 114 410 Электронная почта: gulnora-1983@list.ru*

Author information: *Gulnora Safaralievna Alieva — Candidate of Pedagogical Sciences (PhD), Associate Professor, Head of the Department of Practical English Language Course, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Phone: +992 907 114 410 Email: gulnora-1983@list.ru*

ТДУ 373.3:811

ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ ҲАМГИРОИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР СИНФИ ИБТИДОӢ

Гадоев Каримҷон Хайруллоевич, Қарабоева Лутфия Ҷамоловна
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мақола ба масъалаи ташкили таълими ҳамгирои забони хориҷӣ дар синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Асосҳои назариявӣ ва методологии равиши ҳамгиро дар омӯзиши забони хориҷӣ баррасӣ гардида, принсипҳои асосии ташкили дарсҳои ҳамгиро муайян карда шудаанд. Дар асоси таҳқиқоти таҷрибавӣ, ки дар синфҳои 3-4-и муассисаи таҳсилоти миёна гузаронида шудааст, самаранокии ҳамгироии забони хориҷӣ бо фаъолиятҳои бозӣ, мусиқӣ, рассомӣ, ҳунарҳои дастӣ ва унсурҳои табиатшиносӣ асоснок карда мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки истифодаи равиши ҳамгиро ба рушди малакаҳои нутқӣ, васеъ гардидани захираи луғавӣ, ташаккули қобилиятҳои муошарати байнифарҳангӣ, баланд гардидани шавқу ҳавасмандии хонандагон ва рушди тафаккури эҷодии онҳо мусоидат менамояд. Вариантҳои асосии ҳамгироии фаъолияти нутқӣ бо дигар намудҳои фаъолият гурӯҳбандӣ гардида, барои такмили методикаи таълими забони хориҷӣ дар синфҳои ибтидоӣ тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: таълими ҳамгиро, забони хориҷӣ, синфи ибтидоӣ, фаъолияти нутқӣ, фаъолияти бозӣ, муносибати босалоҳият, CLIL, методикаи таълим.

ОРГАНИЗАЦИЯ ИНТЕГРИРОВАННОГО ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

Статья посвящена организации интегрированного обучения иностранному языку в начальной школе. Рассматриваются теоретические и методологические основы интегрированного подхода, определяются основные принципы проектирования интегрированных уроков иностранного языка. На основе педагогического исследования, проведённого в 3-4 классах общеобразовательной школы, обоснована эффективность интеграции иностранного языка с игровой, музыкальной, художественной, трудовой деятельностью и элементами естествознания. Результаты исследования свидетельствуют о том, что интегрированный подход способствует развитию речевых навыков учащихся, расширению словарного запаса, формированию межкультурной коммуникативной компетенции, повышению учебной мотивации и развитию творческого мышления младших школьников. Представлена классификация основных вариантов интеграции речевой деятельности с различными видами учебной деятельности и предложены практические рекомендации по совершенствованию методики обучения иностранному языку в начальной школе.

Ключевые слова: интегрированное обучение, иностранный язык, начальная школа, речевая деятельность, игровая деятельность, компетентностный подход, CLIL, методика обучения.

ORGANIZATION OF INTEGRATED FOREIGN LANGUAGE TEACHING IN PRIMARY SCHOOL

The article examines the organization of integrated foreign language teaching in primary school. It discusses the theoretical and methodological foundations of the integrated approach and identifies the main principles for designing integrated foreign language lessons. Based on an experimental study conducted with Grade 3-4 primary school students, the effectiveness of integrating foreign language instruction with games, music, art, handicrafts, and elements of natural science is substantiated. The findings demonstrate that the integrated approach enhances learners' speaking skills, vocabulary acquisition, intercultural communicative competence, learning motivation, and creative thinking. The study also classifies the main models of integrating speech activities with different learning activities and offers practical recommendations for improving foreign language teaching methodology in primary education.

Keywords: integrated learning, foreign language teaching, primary school, speech activity, game-based learning, competency-based approach, CLIL, teaching methodology.

Муқаддима

Имрӯз дар низоми таҳсилоти муосири ватанӣ ва хориҷӣ омӯзгорони забонҳои хориҷӣ дар фаъолияти касбии худ аз усулҳо ва технологияҳои навин истифода мебаранд, то таълими забонҳоро босифат ва самаранок ба роҳ монанд. Омӯзиши забони хориҷӣ дар синфҳои ибтидоӣ оғоз меёбад ва маҳз дар ин марҳалаи таълим дар хонандагони хурдсол тасаввури яклухти ҷаҳон ташаккул меёбад, ки ин ба онҳо кӯмак менамояд, то худро ҳамчун шахсият дарк намоянд. Дар шароити кунунии навсозии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузариш ба муносибати босалоҳияти таълим, мубрамияти таҳқиқи самаранокии равиши ҳамгиро дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар синфҳои ибтидоӣ бо он асоснок карда мешавад, ки усулҳои анъанавию якранг дигар самараи дилхоҳ намедиҳанд. Зарурати гузаронидани ин таҳқиқот дар он таҷассум меёбад, ки ин равиш ба баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат намуда, яке аз навовариҳои муассири методикаи муосири таълими забонҳо ба ҳисоб меравад ва вазифаи рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдакро дар пайванд бо фаъолиятҳои табиии кӯдак иҷро мекунад.

Таҳлили назариявии адабиёти педагогӣ нишон медиҳад, ки ҳамгироӣ дар педагогика ҳамчун нишондиҳандаи муҳим ба шумор меравад, ки ба самаранокии тамоми низоми таҳсилот таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Равиши ҳамгиро дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар асарҳои чунин муҳаққиқон, ба монанди М.З. Биболетова, Н.В. Добринина, Е.А. Ленская, Е.И. Негневитская ва дигар олимон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Профессор В.С. Безрукова ҳамгироиро ҳамчун шакли олии робитаи байни ҳамаи унсурҳои низоми таҳсилот, ки мазмуни онро муайян мекунанд, шарҳ дода, онро ҳамчун ҳолат ва сохтори муайян баррасӣ менамояд [1, с.248]. Дар навбати худ, И.С. Сердюкова чунин мешуморад, ки ҳамгироӣ пеш аз ҳама раванди робита ва наздикшавии илмҳо ва фанҳои таълимӣ мебошад, ки ҳамчун шакли олии гузариш ба таҳсилоти босифат баромад мекунад [9, с.45].

Дар педагогикаи ватанӣ низ масъалаи робитаи байнифаннӣ ва таълими ҳамгиро мавқеи марказиро ишғол мекунад. Академик М. Лутфуллоев дар таҳқиқоти худ консепсияи таълими ҳамгироро асоснок намуда, таъкид менамояд, ки ҳамгироии фанҳо дар зинаи ибтидоӣ заминаи тафаккури мантиқии кӯдакро устувор намуда, ҷаҳонбинии яклухти хонандаи хурдсолро нисбат ба табиат ва ҷомеа ташаккул медиҳад [6, с.12]. Оид ба назария ва амалияи татбиқи ин равиш дар низоми маорифи кишвар, профессор Ф. Шарифзода зикр мекунад, ки раванди ҳамгироӣ имконият медиҳад, ки донишҳои заминавии кӯдак аз як фан ба фанни дигар интиқол ёфта, шавқу ҳаваси хонандагонро ба дарс дучанд созад ва заминаҳои таълими босалоҳиятро устувор намояд [13, с.54]. Барои шароити маорифи ҷумҳурии мо, ин равиш ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ комилан мувофиқ аст.

Мушкилоти асосии таҳқиқоти мазкур дар мавҷудияти зиддияти ошкор байни талаботи замон нисбат ба рушди ҳамаҷонибаи соҳибсалоҳияти хонанда ва якрангии усулҳои анъанавии дарсҳои забони хориҷӣ замина мегирад. Хонандагони хурдсол аз сабаби хусусиятҳои психофизиологии худ аз раванди якранги таълим зуд хаста мешаванд ва диққаташонро гум мекунанд, зеро онҳо ҷаҳонро ба таври яклухт қабул мекунанд, на дар шакли фанҳои аз ҳам ҷудо. Аз ин рӯ, мушкилоти илмию методӣ дар он ошкор мегардад, ки чӣ тавр метавон раванди азхудкунии фонетика, луғат ва грамматикаро бо истифода аз равиши ҳамгиро шавқовар, табиӣ ва суръатбахш намуда, монеаҳои психологии кӯдакро бартараф сохт.

Бо назардошти ин мушкилот, ҳадафи асосии таҳқиқоти мо аз муайян ва асоснок намудани самаранокии методӣ ва принсипҳои амалии равиши ҳамгиро дар ташкили таълими забони хориҷӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ иборат аст. Барои расидан ба ин ҳадаф, вазифаҳои зерин, аз қабили таҳлили асосҳои назариявии мафҳуми «ҳамгироӣ» дар педагогика, муайян кардани принсипҳои асосии дарсҳои ҳамгиро ва гурӯҳбандии вариантҳои муассири ҳамгироии фаъолияти нуткӣ бо дигар фаъолиятҳо (бозӣ, мусиқӣ, расмкашӣ ва табиатшиносӣ) гузошта шуданд. Фарзияи таҳқиқоти (гипотеза) мо ба он асос меёбад, ки агар дар синфҳои ибтидоӣ таълими забони хориҷӣ дар асоси равиши ҳамгиро бо фаъолиятҳои бозӣ, мусиқӣ, бадеӣ

ва унсурҳои табиатшиносӣ ташкил карда шавад, ин раванд на танҳо ташаккули малакаҳои нутқӣ (талаффуз, интонатсия, луғат)-ро суръат мебахшад, балки ба рушди ҷаҳонбинии яклухт, мустақилият ва тафаккури эҷодии хонандагони хурдсол мусоидат менамояд.

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот

Тадқиқоти мазкур дар давоми солҳои таҳсили 2024–2025 дар заминаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии кишвар (МТМУ-и №39-и ноҳияи Муъминобод, вилояти Хатлон) дар синфҳои ибтидоӣ (синфҳои 3–4) гузаронида шудааст. Ба намунаи тадқиқотӣ хонандагони хурдсол, ки ба омӯзиши фанни «Забони хориҷӣ (англисӣ)» шурӯъ намудаанд ва омӯзгорони ин фан дохил карда шуданд. Шароити таҷрибавӣ дар доираи дарсҳои муқаррарии ҳамгиро ва машғулиятҳои беруназсинфӣ ташкил карда шуд, ки дар онҳо усулҳои ҳамгироии фаннӣ дар амал татбиқ гардиданд.

Тарҳи таҷриба ва мушоҳидаҳои методӣ дар асоси усулҳои таҳлили назариявию методологии адабиёти педагогӣ ва психологӣ, мушоҳидаи мустақими раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ ва моделсозии дарсҳои ҳамгиро сохта шудааст. Барои муайян кардани принсипҳои амалии ин равиш, хусусиятҳои синнусолии хонандагони хурдсол ва қонуниятҳои қабули маводи хориҷӣ дар робита бо фанҳои синфи ибтидоӣ ба назар гирифта шуданд. Дар раванди таҳқиқот усули ҷудокунии принсипҳои низомбахш ва моделсозии фаъолиятҳои ҳамгиро истифода шуд.

Маводҳо, асбобҳо ва таҷҳизоте, ки дар раванди дарсҳои ҳамгиро истифода шуданд ва шароити таҷрибавиро тавсиф мекунанд, вобаста ба принсипҳои зерини методӣ ҷудо ва амалӣ карда шуданд:

1. ***Принсипи самти муоширатии таълим, принсипи аёният ва вазъиятнокии нутқи омӯзгор ва хонандагон бо забони хориҷӣ.*** Ин принсипҳо ангезаи омӯзишро ба вуҷуд оварда, муҳити зарурии муоширатро таъмин менамоянд. Мақсад ва вазифаҳо бояд мазмуни самти муоширатиро инъикос намоянд, зеро маводи омӯзишшаванда бо мақсади муоширати воқеӣ, ки бо забони ғайримодарӣ сурат мегирад, пешниҳод карда мешавад. Дар синфҳои поёнӣ воқеияти муоширатиро метавон бо ёрии аёният ва намоишдиҳӣ инъикос кард, то малакаҳои нутқии хонандагон рушд ёбанд ва воқеият таҷассум гардад. Ҳангоми тарҳрезии дарси ҳамгиро, бо такя ба принсипи аёният, омӯзгор бояд муайян намояд, ки кадом маводи аёнӣ дар раванди дарс истифода бурда шавад, то дар хонанда ҳиссиёт ва эҳсосоти муайян бедор гардад, ки онҳо дар шакли образҳо дар хотирааш боқӣ монанд, зеро: «ҳар қадар таассуроти аввал равшан бошад, ҳамон қадар он пойдортар аст» [10, с.43]. Илова бар ин, принсипи аёният ба бартараф намудани истифодаи забони модарӣ дар дарсҳои забони хориҷӣ мусоидат мекунад.

2. ***Принсипи ба назар гирифтани донишҳои заминавии хонандагон.*** Ин принсип ба самаранокии дарсҳо таъсир мерасонад, зеро хонандагон ба дониш ва малакаҳои аллакай мавҷудбуда такя мекунанд; онҳо метавонанд малакаҳои қаблан ҳосилшударо дар раванди таълим истифода баранд ва аз ин рӯ, ба даст овардани таҷрибаи нав зудтар сурат гирифта, донишҳои нав беҳтар аз худ карда мешаванд. Ҳамгироии малака ё маҳорати нав бо падидаи шинос як роҳи боэътимоди ташкили робитаҳои мустаҳками пайвандӣ мебошад, ки ба азхудкунии устувори мавод мусоидат мекунад. Масалан, зарур аст, ки ба чунин малакаҳо ва қобилиятҳои ташаккулёфта дар забони модарӣ, ба монанди тавсиф кардан, нақл намудан ва муҳокима кардан ҳангоми омӯзиши нутқи монологӣ ё диалогӣ такя карда шавад.

Ҳамчун маводи таҷрибавӣ дониш ва малакаҳои аллакай мавҷудбудаи хонандагон дар забони модарӣ (ба монанди тавсиф кардан, нақл намудан ва муҳокима кардан ҳангоми омӯзиши нутқи монологӣ ё диалогӣ) истифода шуданд. Ин маводҳо барои ташкили робитаҳои мустаҳками пайвандӣ ва азхудкунии устувори маводи нав замина гузоштанд.

3. ***Принсипи фаъолияти бозӣ.*** Ин принсип дар синфи ибтидоӣ ҳангоми ташкили фаъолияти таълимӣ нақши хеле муҳим мебозад, зеро он вазифаи ангезанда ва ҳавасмандкунандаро иҷро мекунад. Дар раванди бозӣ барои хонандагон ҳал намудани мушкилот ва вазифаҳои таълимӣ осонтар мегардад. Истифодаи фаъолияти бозӣ дар дарсҳои ҳамгиро ба рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон мусоидат намуда, фаъолнокии онҳоро баланд мебардорад, инчунин ба омӯзиш, азхудкунӣ ва истифодаи донишҳои нав кӯмак мерасонад.

Бозӣ имконият медиҳад, ки дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ малака ва қобилияти пайдо кардан, коркард намудан ва истифода бурдани иттилоот дар ҳолатҳои муошарати стандартӣ ва ғайристандартӣ ташаккул ёбад ва ҳамгироӣ бошад имконияти интиқоли ин малакаҳоро ба фанҳои дигар фароҳам меорад. Илова бар ин, фаъолияти бозӣ устувории диққатро таъмин намуда, мондашавии босуръати хонандагонро аз раванди якранги таълим пешгирӣ менамояд ва замина мегузорад, то онҳо ба дастёбӣ ба натиҷаҳои ниҳоӣ бештар тамаркуз кунанд. Метавон гуфт, ки фаъолияти бозӣ бо фаъолияти таълимӣ ҳамгиро шуда, тобеи он мегардад.

4. ***Принсипи татбиқи ҳадафҳои таълимӣ.*** Ба риояи ин принсип бояд аҳамияти махсус дода шавад, зеро гарчанде тарбия ва таълим мақсадҳои гуногун доранд, онҳо дар айни замон бо ҳамдигар робитаи ногусастанӣ доранд. Ҳамчунин бояд ба назар гирифт, ки ҷанбаҳои тарбиявӣ, таълимӣ, инкишофдиҳанда ва амалии раванди таълим дар робитаи мутақобила амалӣ мегарданд. Дарсҳои ҳамгиро беҳтар аз ҳама ба дуруст гузоштани ҳамаи мақсадҳо ва вазифаҳо ва ҳалли онҳо дар марҳилаҳои гуногуни дарс мусоидат мекунанд.

Бо такя ба ҳамаи принсипҳои зикршуда, мо метавонем ба хулоса оем, ки равиши ҳамгиро дар ташкили таълими забони хориҷӣ дар синфи ибтидоӣ дорои самаранокии баланд мебошад. Ин равиш фаъолияти фикрронии хонандаро дар сатҳи хеле баланд фаъол месозад, зеро чунин шакли дарс дар зинаи ибтидоии таълим хеле ҷолиб ва шавқовар буда, дарсҳоро гуногунранг мегардонад.

Фанни «Забони хориҷӣ» дорои хусусияти хоси худ мебошад, зеро ҳадафи асосии он шинос намудани хонандагон бо фарҳанги забони хориҷӣ ва ташаккули қобилияти иштирок дар муколамаи фарҳангҳо мебошад. Ба ин ҳадаф танҳо тавассути ташаккули қобилиятҳои муошарати байнифарҳангӣ ноил шудан мумкин аст [4, с.2].

Омӯзиши муошарати забонӣ бо забони хориҷӣ тавассути намудҳои гуногуни фаъолияти нутқӣ, ки хусусияти муошаратӣ доранд, имконпазир мебошад. Дар зинаи ибтидоии таълим беҳтарин натиҷаро фаъолияти бозӣ, бадеӣ, мусиқӣ ва меҳнатӣ таъмин менамояд.

Ҳамгироии онҳо ба раванди омӯзиши забони хориҷӣ воситаи муассири ҳалли вазифаҳои таълимӣ мебошад. Дар ҷараёни иҷрои фаъолиятҳои бозӣ, бадеӣ, мусиқӣ ва махсусан ҳангоми омӯзиши унсурҳои табиатшиносӣ, хонандагон воситаҳои муошарати забони хориҷиро самараноктар аз худ мекунанд.

Дар натиҷаи тадқиқоти методӣ ва мушоҳидаҳои амалӣ дар раванди дарсҳои ҳамгиро, фарзияи пешниҳодшуда ба таври воқеӣ санҷида ва тасдиқ карда шуд. Муайян гардид, ки фанни «Забони хориҷӣ» аз сабаби хусусияти байнифании худ, ки дар он забон на танҳо ҳадаф, балки воситаи азхудкунии дигар донишҳост, хусусияти баланди ҳамгироӣ дорад. Ин хусусият имкон медиҳад, ки ҳадафи асосии фан - ташаккули қобилиятҳои муошарати байнифарҳангӣ - дар зинаи ибтидоӣ тавассути намудҳои гуногуни фаъолияти нутқӣ ва амалӣ самараноктар ба даст ояд.

Таҷрибаи методӣ нишон дод, ки дар синфҳои ибтидоӣ беҳтарин натиҷаҳои таълимиро ҳамгироии забони хориҷӣ бо фаъолияти бозӣ, бадеӣ, мусиқӣ, меҳнатӣ ва махсусан ҳангоми омӯзиши унсурҳои табиатшиносӣ таъмин менамояд. Дар ҷараёни иҷрои ин фаъолиятҳо хонандагон воситаҳои муошарати забони хориҷиро ба таври табиӣ ва самараноктар аз худ мекунанд, ки ин раванд на танҳо ба азхудкунии донишҳои фитрию табиӣ, балки ба омӯзиши беҳтару амиқи худи забони хориҷӣ низ мусоидат менамояд.

Дар натиҷаи моделсозии дарсҳо, вариантҳои муассири ҳамгироии фаъолияти нутқӣ дар зинаи ибтидоӣ муайян ва гурӯҳбандӣ карда шуданд. Натиҷаҳои воқеии ин усулҳо ва ҷанбаҳои педагогии онҳо дар ҷадвали 1 нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 1. Вариантҳои ҳамгироии фаъолияти нутқӣ ва натиҷаҳои методии онҳо дар синфҳои ибтидоӣ

Р/т	Намудҳои ҳамгироии фаъолият	Мазмун ва натиҷаҳои воқеии методӣ
1.	Фаъолияти нутқӣ ва рассомӣ (расмкашӣ)	Инкишофи нутқ ва захираи луғавӣ дар раванди тасвири образҳо ва рангҳо.
2.	Фаъолияти нутқӣ ва муҷассамасозӣ (пластика)	Ташаккули табиии малакаҳои забонӣ дар ҷараёни бозиҳои гуногуни дидактикӣ.

3.	Фаъолияти нутқӣ ва бозӣ	Ташаккули табиии малакаҳои забонӣ дар ҷараёни бозиҳои гуногуни дидактикӣ.
4.	Фаъолияти нутқӣ ва мусиқӣ-сурудхонӣ	Суруд, ки бартарафсозии монеаҳои психологӣ ва шавқмандиро таъмин мекунад.
5.	Фаъолияти нутқӣ ва ҳунари театрӣ (саҳнасозӣ)	Истифодаи забон ва ибораҳо дар намоишномаҳои хурд ва бозиҳои нақшӣ дар вазъиятҳои воқеӣ.
6.	Фаъолияти нутқӣ ва мусиқӣ-бозӣ	Ҳамгироии суруд, оҳанг ва унсурҳои бозӣ барои устувории диққат.
7.	Фаъолияти нутқӣ ва рақсӣ-бозӣ	Омезиши ҳаракатҳои рақсӣ ва бозиҳои ҳаракаткунанда дар заминаи забономӯзӣ.
8.	Фаъолияти нутқӣ ва унсурҳои табиатшиносӣ	Азхудкунии вожаҳои марбут ба олами набототу ҳайвонот, фаслҳои сол ва падидаҳои табиат дар заминаи усули CLIL.

Натиҷа

Мушоҳидаҳои таҷрибавӣ исбот намуданд, ки ташаккули малакаҳои талаффуз ва оҳангнокӣ (интонатсия) дар раванди ҳамгироии таълими забони хориҷӣ бо фаъолиятҳои бозӣ, варзишӣ ва мусиқӣ натиҷаҳои баланд ва самарабахш ба бор меорад. Махсусан, тавассути ташкили бозиҳои нақшӣ ва намоиши саҳначаҳои таълимӣ, барои аз худ кардани тарзи дурусти баёни забонӣ дар вазъиятҳои воқеии муошират заминаи мусоид фароҳам меояд.

Натиҷаи дигари воқеии таҳқиқот нишон дод, ки раванди ҳамгироии забони хориҷӣ бо ҳунарҳои дастӣ (расмкашӣ, моделсозӣ, аппликатсия) ва лаҳзаи ҷисмонӣ барои ташаккули малакаҳои луғавӣ ва грамматикии кӯдакон заминаи мусоид месозад. Татбиқи бозиҳои шавқовари таълимӣ, мисли, “Ман ҳастам?” (Who am I?) ва “Занҷири калимаҳо” (Word Train), боис мегардад, ки хонандагон фонди луғавӣ ва қоидаҳои грамматикиро осонтар, табиитар ва зудтар аз худ намоянд. Фаъолияти бозӣ бо фаъолияти таълимӣ ҳамгиро шуда, тобеи он мегардад ва устувории диққатро таъмин намуда, мондашавии босуръати хонандагонро аз раванди якранги таълим пешгирӣ менамояд.

Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки доир ба масъалаи баррасишуда хулосаҳои мухтасар ва муҳими зерин пешниҳод карда шаванд:

1. **Аз нуқтаи назари назариявӣ (натиҷаи боби 1):** Зарурати гузариш ба равишҳои ҳамгиро дар марҳилаи кунунии таҳсилоти ибтидоӣ бо қонуниятҳои психофизиологии қабули олам аз ҷониби кӯдакони хурдсол асоснок карда шуд. Исбот гардид, ки ҷудоии сунъии фанҳо бо тафаккури яклухти кӯдак зиддият дорад ва ҳамгироии фаннӣ ягона воситаи бартараф намудани ин монеа мебошад.

2. **Аз нуқтаи назари методологӣ (натиҷаи боби 2):** Муайян кардани чор принсипи калидӣ (муоширатӣ-аёнӣ, такя ба донишҳои қаблӣ, усули бозӣ ва баҳампайвандии ҳадафҳо) нишон дод, ки тарҳрезии дарсҳои ҳамгиро бояд хусусияти низомманд ва мақсаднок дошта бошад. Маводи дидактикии интихобшуда ва воситаҳои мултимедӣ шароити устувори таҷрибавиро таъмин намуданд.

3. **Аз нуқтаи назари амалӣ (натиҷаи боби 3):** Моделсозии вариантҳои мухталифи омезиши фаъолияти нутқӣ бо ҳунарҳои дастӣ, мусиқӣ ва бозиҳои дидактикӣ (“Ман кӣ ҳастам?” (Who am I?) ва “Занҷири калимаҳо” (Word Train) нишондиҳандаҳои сифатии азхудкунии забонро баланд бардошт. Ин усулҳо исбот карданд, ки маводи фонетикӣ ва луғавию грамматикӣ дар раванди динамикӣ осонтар ва пойдортар ҳифз мешаванд.

Муҳокима

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ташкили дарсҳои ҳамгиро дар синфҳои ибтидоӣ на танҳо як усули шавқовар, балки талаботи қатъии методии низоми муосири таҳсилот мебошад. Маънои асосии ҷавоби бадастомада дар он аст, ки ҳамгироии забони хориҷӣ бо фаъолиятҳои амалӣ (мусиқӣ, бозӣ, ҳунарҳои дастӣ ва табиатшиносӣ) раванди азхудкунии сохторҳои лингвистиро аз шакли сунъӣ ба шакли табиӣ мегузаронад. Ин аҳамияти аввалиндараҷа дорад, зеро дар ин синну сол хотира ва тафаккури кӯдак бештар хислати образию

динамикӣ дорад. Натиҷаҳои воқеии таҷриба нишон доданд, ки мувофиқати натиҷаҳо бо гипотезаи (фарзияи) таҳқиқот комил аст; тахмини мо дар бораи он ки равиши ҳамгиро муқовимати психологии кӯдакро мешиканад ва диққати устуворро таъмин намуда, хасташавиро пешгирӣ мекунад, дар амал пурра исботи худро ёфт.

Ин хулосаҳо ба он чизе, ки муҳаққиқони дигар дар ин соҳа пайдо кардаанд, комилан мувофиқат мекунанд ва онҳоро инкишоф медиҳанд. Масалан, натиҷаҳои мо бо назарияи В.С. Безрукова, ки ҳамгироиро шакли олии робитаи унсурҳои низоми таҳсилот медонад, ҳамсадо мебошад, зеро дар дарсҳои мо фаъолияти нутқӣ бо фаъолияти таълимӣ маҳз як сохтори ягонаро ташкил дод. Инчунин, гурӯҳбандии вариантҳои ҳамгироӣ дар тадқиқоти мо фикру мулоҳизаҳои И.С. Сердюкова ва М.З. Биболетоваро дар бораи гузариш ба таҳсилоти босифат тавассути наздикшавии фанҳо тасдиқ мекунад. Фарқияти натиҷаҳои мо дар он аст, ки ин равишҳо махсус ба шароити кунунии маорифи Тоҷикистон (равиши босалоҳият) ва унсурҳои табиатшиносии маҳаллӣ мутобиқ карда шудаанд.

Маҳдудиятҳои таҳқиқоти мазкур бо он вобастаанд, ки таҷрибаи методӣ асосан дар доираи синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳиявӣ гузаронида шудааст ва омилҳои техникӣ (мавҷудияти проекторҳо ва воситаҳои мултимедӣ дар ҳамаи мактабҳо) метавонанд ба дараҷаи татбиқи он таъсир расонанд. Ҷамъбасти натиҷаҳо нишон медиҳад, ки новобаста аз ин маҳдудиятҳо, моҳияти усули ҳамгироӣ устувор мемонад. Барои татбиқи амалии натиҷаҳо пешниҳод карда мешавад, ки омӯзгорони забони хориҷӣ дар синфҳои ибтидоӣ ҳангоми тартиб додани нақшаҳои дарсӣ усулҳои ҳамгироии нутқро бо расмкашӣ, бозиҳои “Ман кӣ ҳастам?” (Who am I?) ва “Занҷири калимаҳо” (Word Train) ва сурудхонӣ мунтазам ба кор баранд. Махсусан, тавсия дода мешавад, ки барои бартараф кардани истифодаи забони модарӣ, аз усули ҳамоҳангсозии нутқ бо ҳаракатҳои мавзун ва аёният истифода шавад.

Пешомадҳои таҳқиқоти оянда ва самтҳои нигаронидашудаи он ба омӯзиши амиқи имкониятҳои технологияҳои муосир ва инчунин зеҳни сунъӣ (AI) дар сохтани моделҳои нави дарсҳои ҳамгирои забони хориҷӣ вобаста мебошад. Таҳқиқоти оянда метавонад ба таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии насли нав, ки дар онҳо усулҳои CLIL (Content and Language Integrated Learning) ва ҳамгироии забони англисӣ бо фанни табиатшиносӣ барои синфҳои ибтидоӣ ба таври низомманд ҷорӣ карда мешаванд, равона карда шавад.

Хулоса

Ҳамгироии забони хориҷӣ бо дигар фанҳо ё намудҳои фаъолият ба омӯзгор имкон медиҳад, ки омӯзиши мавзӯъҳои алоҳидаро суръат бахшад, аз такрори мавод дар фанҳои дигар худдорӣ кунад, вазифаҳои гузошташударо дар дарсҳои ҳамгиро пурра амалӣ созад, намудҳои гуногуни корро такмил диҳад ва фаъолияти зеҳниро фаъол гардонад. Таълими ҳамгиро ба рушди мустақилият, шавқу рағбат ва фаъолияти маърифатӣ таъсири хеле муассир дорад [11, с.24]. Ба ғайр аз ин, чунин дарсҳо ба рушди тафаккури образии хонандагон мусоидат мекунанд.

Дарсҳои ҳамгиро дар синфи ибтидоӣ потенсиали эҷодии омӯзгорро ошкор месозанд, ки ин ба ӯ имкон медиҳад ҳам фаъолияти касбии худро васеъ намояд ва ҳам ба марҳилаи нави муносибатҳо бо синф ворид шавад [3, с.3].

Татбиқи равиши ҳамгиро дар ташкили таълими забони хориҷӣ дар мактаби ибтидоӣ хеле мақсаднок буда, натиҷаҳои назаррас дорад, ки дар байни онҳо метавон баланд бардоштани сифати дониши хонандагон, баланд бардоштан ва рушди шавқи хонандагон ба дигар фанҳои омӯхташаванда, васеъ кардани ҷаҳонбинии хонандагон ва рушди имкониятҳои эҷодии онҳоро ҷудо кард [5, с.2].

Инчунин, метавон қайд кард, ки дарсҳои ҳамгиро ба хонандагон дар зинаи ибтидоии таҳсил имкон медиҳанд, ки ҷаҳонро ҳамчун як куллият тасаввур кунанд, ки дар он ҳамаи элементҳо бо ҳам алоқаманданд. Таълими ҳамгиро ба ташаккули хонандаи дорои эрудитсияи васеъ, ки ҷаҳонбинии яклухт дорад ва метавонад донишҳои мавҷударо мустақилона мунтазам гардонад, мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, таълими ҳамгиро ҳамчун заминаи асосӣ барои камолоти шахсияти соҳибсалоҳият баромад намуда, ба хонандаи хурдсол имкон медиҳад, ки донишҳояшро

мустақилона мунтазам гардонад, оламро ҳамчун як низоми ягона дарк кунад ва масъалаҳои таълимиро эҷодкорона ҳал намояд.

Адабиёт

1. Безрукова В. С. Педагогика : учеб. пособие. – Ростов н/Д. : Феникс, 2013. – 381 с.
2. Биболетова М. З., Добрынина Н. В., Ленская Е. А. Английский язык для маленьких : кн. для учителя : в 2 ч. – М. : Просвещение, 1994. – Ч. 1. – 127 с.
3. Бугрова Т. В. Интегрированный урок в начальной школе. – URL: https://nsportal.ru/nachalnaya-shkola/obshchepedagogicheskie-tekhnologii/2016/02/21/integrirovannyy-urok-v-nachalnoy (дата обращения: 30.04.2026).
4. Донецкая В. М. Компетентностный подход в обучении иностранных языков через организацию и проведение интегрированных уроков. – URL: https://lugaschool54.com/2017/11/15/osobennosti-integrirovannogo-uroka-inostrannogo-yazyka/ (дата обращения: 30.04.2026).
5. Лихограй Е. С. Роль интегрированных уроков в обучении английскому языку. – URL: http://ext.spb.ru/2011-03-29-09-03-14/110-foreignlang/7523-2015-04-05-10-32-06.html (дата обращения: 30.04.2026).
6. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. – Душанбе : Полиграф-Групп, 2001. – 316 с.
7. Негневицкая Е. И., Никитенко З. Н., Ленская Е. А. Книга для учителя к учебному пособию по английскому языку для 1 класса общеобразовательных учреждений. – М. : Просвещение, 1994. – 171 с.
8. Никитенко З. Н. Обучение произношению детей в курсе английского языка для 1 класса // Иностранные языки в школе. – 1992. – № 1. – С. 36–43.
9. Сердюкова И. С. Интеграция учебных занятий в начальной школе // Начальная школа. – 1994. – № 11. – С. 45.
10. Смирнова Л. С. Дидактические принципы в обучении маленьких иностранному языку // Дошкольное воспитание. – 1964. – № 4. – С. 43–44.
11. Тимофеева И. Л. Интегрированные уроки в начальной школе как способ всестороннего развития ребенка и активизации познавательной и мыслительной деятельности учеников. – URL: https://urok.1sept.ru/articles/604057 (дата обращения: 30.04.2026).
12. Шарифзода Файзулло (Шарифов). Интегрированное обучение: проблемы, поиски и размышления: в 2-х частях. – Душанбе, 1999–2000.
13. Шарифзода Файзулло. Теория и практика интегрированного обучения на начальном этапе средней школы. – Душанбе: Маориф, 1997. – 194 с.

Маълумот дар бораи муаллифон: *Гадоев Каримҷон Хайруллоевич - н.и.п., дотсенти кафедраи методикаи таълими забони англисӣ, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. E-mail gkarimjon@mail.ru. ORCID 0000-0003-2731-3624*

Қарабоева Лутфия Ҷамоловна - Муаллими калони кафедраи методикаи таълими забони англисӣ, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. E-mail KaraLutfiya@gmail.com. ORCID 0009-0009-8231-8357

Сведения об авторах: *Гадоев Каримджон Хайруллоевич - к.п.н., доцент кафедры методики преподавания английского языка, Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода. E-mail gkarimjon@mail.ru. ORCID 0000-0003-2731-3624*

Карабоева Лутфия Джамоловна - Старший преподаватель кафедры методики преподавания английского языка, Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода. E-mail KaraLutfiya@gmail.com. ORCID 0009-0009-8231-8357

Information about the authors: *Gadoev Karimjon Khairulloevich - PhD (Pedagogical Science), docent of the department of English language teaching methods, Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda. E-mail gkarimjon@mail.ru. ORCID 0000-0003-2731-3624*

Qaraboeva Lutfiya Jamolovna - Senior Teacher of the Department of English Language Teaching Methodology, Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda. E-mail KaraLutfiya@gmail.com. ORCID 0009-0009-8231-8357

УДК 811.161.1'366.5

НЮАНСЫ ПЕРЕДАЧИ ПРЕДЛОЖНО-ПАДЕЖНЫХ ФОРМ ВРЕМЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ

Каримова Дилбар Эшкобиловна
Денауский институт предпринимательства и педагогики

В статье рассматриваются русские предложно-падежные формы с темпоральным значением, вызывающие трудности у иностранцев, изучающих русский язык. Предлагаются критерии разграничения синтаксем на другой день и в другой день, омонимичных темпоральных синтаксем за + творительный падеж и двух разновидностей темпорального значения у синтаксемы с + творительный падеж В статье приведены примеры из Национального корпуса русского языка. Также частные случаи выбора предложно-падежной формы для обозначения времени в русском языке мы рассмотрены в данной статье. Выявлены отношения конструкции к предикативным категориям лица и времени, выражаемым как основным предикатом, так и предикатом, свернутым в темпоральную предложно-падежную форму.

Ключевые слова: *русский язык, предложно-падежные формы, темпоральные синтаксемы, винительный падеж, творительный падеж.*

НОЗУКИХОИ ИНТИКОЛИ ШАКЛҲОИ ПЕШВАЕДИЮ ПАДЕЖИИ МУНОСИБАТҲОИ ЗАМОНӢ БА ЗАБОНИ РУСИ

Дар мақола шаклҳои пешвандию падежии русӣ бо маънои замонӣ баррасӣ карда мешаванд, ки барои хориҷиёне, ки забони русиро меомӯзанд, мушкилот эҷод мекунанд. Меъёрҳои фарқ кардани синтаксемаҳо дар рӯзи дигар ва рӯзи дигар, синтаксемаҳои муваққатии якхела за+ ҳолати инструменталӣ ва ду намуди маънои муваққатӣ дар синтаксема с + ҳолати инструменталӣ Дар мақола мисолҳо аз Корпуси миллии забони русӣ оварда шудаанд. Инчунин, мо дар ин мақола ҳолатҳои махсуси интихоби шакли пешвандӣ-шарт барои нишон додани вақт дар забони русӣ баррасӣ мекунем. Муносибатҳои конструктивӣ ба категорияҳои предикативии шахс ва вақт муайян карда мешаванд, ки ҳам бо предикати асосӣ ва ҳам предикат ба шакли пешвандии муваққатӣ печонида шудаанд.

Калидвожаҳо: *забони русӣ, шаклҳои пешвандӣ-шарт, синтаксемаҳои муваққатӣ, ҳолати айбдоркунанда, ҳолати инструменталӣ.*

NUANCES OF CONVEYING PREPOSITIONAL-CASE FORMS OF TEMPORAL RELATIONSHIPS IN RUSSIAN

This article examines Russian prepositional-case forms with temporal meaning, which pose difficulties for foreigners learning Russian. Criteria are proposed for distinguishing between the syntaxemes "on another day" and "on another day," homonymous temporal syntaxemes with the instrumental case, and two varieties of temporal meaning in the syntaxemes with the instrumental case. Examples from the National Corpus of the Russian Language are provided. Specific cases of choosing a prepositional-case form to denote time in Russian are also discussed. The construction's relationships to the predicative categories of person and tense, expressed both by the main predicate and by the predicate folded into a temporal prepositional-case form, are revealed.

Keywords: *Russian language, prepositional-case forms, temporal syntaxemes, accusative case, instrumental case.*

Введение. Русским предложно-падежным формам с темпоральным значением посвящена большая лингвистическая литература. В первую очередь следует назвать книгу М.В. Всеволодовой [3,с.67], реализовавшую принцип систематичности и многоуровневого подхода при изучении средств выражения временных отношений в русском языке. Однако, несмотря на обилие теоретических и практических материалов по данной проблеме, у преподавателей русского языка как иностранного остаются вопросы, ответы на которые найти затруднительно. Некоторые такие частные случаи выбора предложно-падежной формы для обозначения времени в русском языке мы рассмотрим в данной статье.

Цель статьи – проанализировать трудные случаи выбора предложно-падежных форм времени в русском языке (разграничение конструкций на другой день / в другой день, омонимичных значений предлога за + Тв.п., а также темпоральных оттенков формы с + Тв.п.) и предложить эффективные приёмы их объяснения иностранным студентам.

Методы исследования – лингвистическое наблюдение и описание, трансформационный (подбор синонимических и антонимических конструкций), компонентный и таксисный анализ, а также сопоставительный метод.

Обсуждение.

1. Разграничение синтаксем на другой день и в другой день.

Известно, что форма на + Винительный падеж используется в русском языке для обозначения дня или периода времени, в течение которого происходит какое-либо событие, с глаголами приходиться — прийтись, падать, выпадать — выпасть, назначать — назначить, планировать — запланировать, намечать — наметить, например: Самое трудное время для экзаменаторов приходится на середину июля; В этом году первое сентября выпадает на вторник; В этом году мой день рождения опять падает на выходной; Почему ты назначил нашу встречу на такой поздний час?; Издательство планирует выход моей книги на конец лета; Мы наметили собрание преподавателей на первую неделю сентября. Также эту форму мы встречаем в синонимичных сочетаниях на другой день и на следующий день, обозначающих день, завтрашний по отношению к какому-либо дню, ранее указанному в тексте: Врачи изменили дозу лекарства. На другой день / на следующий день / назавтра больному стало лучше; Сначала он оскорбил меня, а на другой день / на следующий день после этого уже пришел просить у меня денег; Попробуй прими это лекарство. Уже на другой день / на следующий день ты увидишь эффект. Важно, что конструкцию на другой день /на следующий день нельзя употребить в значении «завтра» по отношению к реальному сегодняшнему дню: Я сегодня не могу заниматься твоими проблемами. Зайди завтра (не :на другой/на следующий день).

Конструкция в другой день обозначает «не в этот, а в какой-нибудь неопределенный, в любой другой день»: Я сегодня не могу заниматься твоими проблемами. Зайди в другой день — это значит не «завтра», а просто «когда-нибудь потом». [2,с.45]. Сегодня все очень заняты подготовкой к празднику, поэтому наш декан не смог тебя принять. В другой день он бы с удовольствием уделил тебе время.

2. Разграничение омонимичных темпоральных синтаксем за + Творительный падеж

Форма за + Творительный падеж используется в русском языке для выражения двух разновидностей темпорального значения. Первая разновидность — «время занятия каким-либо делом, во время которого что-либо происходит»: За работой он ничего не замечал = Когда он работал, он ничего не замечал; Мы застали ее за уборкой = Мы пришли, когда она убирала квартиру. Дело может быть названо собственно именем действия, как в приведенных примерах, или, в некоторых случаях, именем предмета, участвующего в действии: Он много времени проводит за чтением / за книгой; Мы поговорим об этом за обедом /за столом. Данная синтаксема участвует как в моносубъектных конструкциях (оба действия выполняет один субъект: он работал, и он же ничего не замечал), так и в полисубъектных (действия основного предиката и предиката, свернутого в форму за + Творительный падеж, выполняют разные субъекты: она убиралась, а мы ее за этим делом застали). Синонимичные конструкции — с предлогом во время (только с именами действия: — Во время работы он ничего не замечал, Мы застали ее во время уборки) и сложное предложение с когда.

В моносубъектных конструкциях на темпоральное значение часто накладывается причинно-следственное: Он ничего не замечал, так как был очень занят работой. Баланс между темпоральным и причинно-следственным значением, т.е. то, какое из них является основным, может быть разным, например: За текущими административными обязанностями он не успевал заниматься научным творчеством. Здесь преобладает причинно-следственное значение: Он не успевал заниматься научным творчеством, потому что выполнял текущие административные обязанности.

Другое темпоральное значение синтаксемы за + Творительный падеж — обозначение первого из двух или более следующих друг за другом действий, лиц, предметов: Мне думается, если бы муж Вашей подруги владел бы еще вдобавок к русскому и иностранным языком на уровне «носителя» и получил бы образование, хотя бы и среднеспециальное, но за границей, и имел бы многолетний опыт работы за границей, ну и, естественно, параллельно бы стал студентом-заочником в России, и поехал бы работать в сельскую школу, у него были бы шансы, пусть не в городе, но в деревне. [НКРЯ].

В отличие от первого значения здесь выражается не одновременность, а последовательность событий. Синонимичная форма — после + Род. падеж : Я пойду на экзамен за тобой /после тебя; За борщом /После борща нам подали второе. Антонимичная форма — перед + Творительный падеж: А как только стала студенткой — что хочу, то и делаю, полная самостоятельность) Лично я каждый день не готовилась, могла прочитать перед семинаром и на месте уже определится с ответом-а в школе чут ли не заучивала) точно так же с лекциями, можно было и поспать) Но зато когда сессия, то нужно попотеть); Согласитесь, что тяжело устоять перед соблазном увидеть фильм легендарного Стивена Спилберга с не менее известными актерами в главных ролях, особенно, если перед нами увлекательнейшая авантюра.[НКРЯ]

Таким образом, поскольку за + творительный падеж может входить и в конструкции, обозначающие одновременность действий, названных этой синтаксемой и основным предикатом, и в конструкции, обозначающие последовательность, иностранным студентам требуется навык различения предложений типа За обедом мы обсудили наши планы на вечер (одновременность: Когда мы обедали...) и За обедом последовала презентация книги (последовательность: После того как мы пообедали..). Категория падежа оказывается здесь связана с категорией глагольного вида, поскольку в синонимичных сложных предложениях требуется употребление несовершенного вида для выражения одновременности и совершенного — для выражения последовательности.

Пояснения требует и разграничение темпоральных синтаксем за + Творительный падеж и после + Род. падеж: После боя / * за боем командир собрал своих солдат; За сильным морозом / после сильного мороза пришла оттепель; Я пойду сдавать экзамен после тебя /за тобой; Первое блюдо подают после закуски /за закуской. Различие в значении форм за + Творительный падеж и после + Род. падеж состоит в том, что за + Творительный падеж подчеркивает непосредственное следование (одно действие, лицо, предмет сразу следует за другим: Кончился мороз, и сразу началась оттепель; Ты сдашь экзамен, а потом сразу я; Первое блюдо подают сразу, как только съели закуску), а вторая просто указывает, что одно событие происходит раньше, а другое позже, не делая акцента на непосредственном следовании (между ними может быть третье событие). Предложение Я пойду сдавать экзамен за тобой подразумевает, что между мной и тобой никто не будет сдавать: сначала ты, а потом сразу я. Предложение Я пойду сдавать экзамен после тебя этого не подразумевает: возможна такая же ситуация, как и в случае с формой за + Творительный падеж, но может быть и по-другому: сначала пойдешь ты, потом другие студенты, а я — в самом конце.

3. Темпоральные значения формы с + Творительный падеж

Выделяются две разновидности темпорального значения и у формы с + Творительный падеж. С одной стороны, будучи образованной от лексически ограниченного круга существительных — имен повторяющихся действий или календарных периодов — с определением каждый (с каждой осенью, с каждой новой попыткой) или во множественном числе (С каждым днем на деревьях становится все больше желтых листьев; С годами наша дружба не ослабела, а стала крепче), эта форма используется в конструкциях со значением изменения и подчеркивает периодичность или постепенность этих изменений. Синонимичная форма, помогающая иностранным студентам уяснить данное значение, — винительный падеж без предлога с определением каждый: Больно только от того, что, находясь в женском коллективе, не каждый Мужчина может сохранить свою изначальную брутальность… Лично я каждый день не готовилась, могла прочитать перед семинаром и на месте уже определится с

ответом-а в школе чут ли не заучивала) точно так же с лекциями, можно было и поспать) Но зато когда сессия, то нужно попотеть) [НКРЯ]. Однако синонимия форм каждый день — с каждым днем, каждый год — с каждым годом наблюдается только в предложениях, обозначающих изменение качества, увеличение, уменьшение и т.п., причем форма с + Творительный падеж является в них предпочтительной. В других типах предложений, например в предложениях со значением действия, форма с + Творительный падеж в данном значении не употребляется. Ср.: Каждый день больному становилось хуже (возможный вариант) — Поэтому, если два цвета, например цвет данного образца и одного из кусков цветной шерсти, которые служили для опытов, были объективно одного и того же оттенка, но различной яркости, они не представлялись больному сходными, потому что перевес могло взять впечатление яркости (предпочтительный вариант). Другой вид темпорального значения выражается формой с + Творительный падеж от имен действий и состояний: С наступлением осени птицы улетают в теплые края; С приездом в Душанбе, начались хорошие дни; Эти формы обозначают действия или состояния, к началу или окончанию которых приурочивается (с началом или окончанием которых совпадает) какое-либо другое событие. Поэтому в форме с + Творительный падеж в подобных конструкциях обычно выступают существительные, обозначающие появление или исчезновение какого-либо объекта, возникновение или исчезновение какого-либо признака, изменение в состоянии объекта, например наступление, начало, окончание, введение, отмена, появление, исчезновение, закрытие, открытие, отъезд, приезд, возвращение и под. Синонимичная конструкция — сложное предложение с союзом когда: Когда наступает осень, птицы улетают в теплые края; Когда я приехал в Москву, начался новый период в моей жизни; Когда закончится строительство нового корпуса, у нас появится больше аудиторий.

Заключение.

Таким образом, при объяснении темпоральных предложно-падежных синтаксем русского языка иностранным студентам эффективными приемами являются:

-привлечение синонимических и антонимических конструкций, в том числе сложных предложений;

-указание на принадлежность существительных, от которых образуется та или иная синтаксема, к определенному категориальному классу (признаковые, предметные, личные);

-выявление отношения конструкции к предикативным категориям лица и времени, выражаемым как основным предикатом, так и предикатом, свернутым в темпоральную предложно-падежную форму;

-определение таксисных характеристик конструкции с темпоральной син-таксемой (отношение к моменту речи или моменту другого события; последовательность или одновременность).

Литература

1. Белоусов, В.Н. Краткая русская грамматика [Текст] / В.Н. Белоусов, И.И. Ковтунова, И.Н. Кручинина // Русский язык, - М., 1989. - 639 с.
2. Бондарко А.В. Вид время глагола [Текст] / А.В. Бондарко // Русский язык, - М., 1971.- 239с.
3. Виноградов В. В. Русский язык [Текст]. - М., 1947. – 167 с.
4. Григорьева А. Д. К изучению синтаксиса предложного управления в русском литературном языке // Материалы исследования по истории русского литературного языка. Т. 2. – 1971. – С. 138.
5. Всеволодова, М.В. Способы выражения временных отношений в современном русском языке [Текст] / М.В. Всеволодова // Русский язык. - М., 1975. -283 с.
6. Жирков, Л. И. Лакский язык. Фонетика и морфология [Текст]. - М., 1966.
7. Золотова, Г.А Коммуникативные аспекты русского синтаксиса [Текст] / Г.А Золотова Русский язык - М., 1982. – 368 с.
8. Кокорина, С.И. Практическая грамматика русского языка для зарубежных преподавателей русистов [Текст] / С.И. Кокорина, Л.Л. Бабалова, Н.А. Метс Русский язык. – М., 1985. - 408 с.
9. Сухотин В. П. Проблема словосочетаний в современном русском языке // Вопросы синтаксиса современного русского языка [Текст]. - М., 1950. - С. 57-158.
10. Якубинский Л. П. История древнерусского языка [Текст]. - М., 1969. 255 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Каримова Дилбар Эшқобиловна, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти руси Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи Деҳнав. Тел: +998995704115*

Сведения об авторе: *Каримова Дилбар Эшкобиловна, старший преподаватель кафедры русского языка и литературы Денауского института предпринимательства и педагогики. Тел: +998995704115*

About the author: *Dilbar Eshkobilovna Karimova, Senior Lecturer, Department of Russian Language and Literature, Denau Institute of Entrepreneurship and Pedagogy. Tel: +998995704115*

УДК 37.015.3

МЕТОДИКАИ ТАРБИЯИ МАЪНАВИИ ГУШТИНГИРОНИ НАВРАС ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Қодирзода Бахтиёр Худойназар
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов

Дар мақолаи мазкур муаллиф проблемаи таҷрибаи гузаронидани дарси гуштинро аз нигоҳи ахлоқӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Муаллиф назарияи дарсро дар ҷомеаи муосир таҳлил намуда, афкори олимони мухталифро доир ба мавзуъ баррасӣ менамояд ва мафҳуми тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро шарҳ медиҳад. Дар мақола муаллиф масъалаи моҳияти варзишро барои маънавиёти ҷомеаи муосир таҳлил намуда, манфиати онро дар мисоли методҳои гуногун нишон медиҳад. Муаллиф таҳлили анъанаҳои педагогикаи халқиро дар мавзуъ баррасӣ менамояд ва тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро аз нуқтаи илмҳои муосир дақиқан муайян карда, моҳияти онро нишон медиҳад. Дар мақола муаллиф проблемаи таҳқиқи шакл ва методикаи тарбияи хонандагонро мавриди таҳлил қарор медиҳад ва мавқеи онро дар системаи таълим ва тарбияи хонандагон гуруҳбандӣ мекунад. Муаллиф масъалаи тарзи ҳаёти солим ва моҳияти варзишро барои ҷомеаи муосир аз нигоҳи олимони фалсафа ва ҷомеашиносӣ таҳлил намуда, манфиати онро дар мисоли ақидаҳои гуногун нишон медиҳад. Муаллиф назарияҳои тарзи ҳаёти хонандагонро дар ҷомеаи муосир таҳлил намуда, барномаҳои иҷтимоии давлатро барои беҳтар кардани тарзи ҳаёти ҷомеа роҳи ҳалли гуногунии имкониятҳо ва тарзи ҳаёт муҳим медонад. Муайян шуд, ки ки то кунун олимон таърифи муайяни маънавиёти тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро аз нуқтаи илмҳои ҷомеашиносӣ дақиқан муайян накардаанд. Ин таъриф дар ҷаҳони илми муосир дар раванди таҳлил қарор дорад ва доир ба ин масъала фикру ақидаҳо гуногун мебошанд.

Калимаҳои калидӣ*: ахлоқ, варзиш, таҳқиқ, миллӣ, методика, тарбия, таҳқиқотчиён, тарбияи ҷисмонӣ, афкор, таҳқиқот, тасниф.*

МЕТОДИКА ДУХОВНОГО ВОСПИТАНИЯ БОРЦОВ ЮНОШЕЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье автор рассматривает вопросы определения исследование формы и методики воспитания и теории о значение спорта для современного общества с точки зрения морального воспитания. Автор указывает на важность этого направления деятельности общества и анализирует функциональную и дидактическую классификацию урока в системе обучения и воспитания учеников. Вопрос поднятый автором важен в том плане, что до сих пор ученые не определили единый концептуальный подход к определению физического воспитания и спорта как стиль воспитания. Данное определение проходит этап становления и поэтому сравнение различных мнений по данному вопросу проливает свет в дальнейшем изучение тематики спорта как образа жизни. Автор также рассматривает вопросы практика проведения урока физической культуры как формы и методики воспитания и теории о значение спорта для современного общества. Автор указывает на важность этого направления деятельности общества и анализирует мнение исследователей относительно теории о значение спорта для современного общества. Вопрос важен в том плане, что до сих пор ученые не определили единый концептуальный подход к определению физического воспитания и спорта как стиль образа жизни. Автор рассматривает вопросы определения здорового образа жизни и теории о значение спорта для современного общества с точки зрения общественных идей и указывает на важность этого направления деятельности общества и анализирует мнение исследователей относительно теории о значение спорта. Выявлены аспекты определения теории о значение спорта для современного общества с точки зрения общественных идей направления деятельности общества и анализирует мнение западных исследователей относительно теории о значение спорта для современного общества.

Ключевые слова: *мораль, спорт, исследование, методика, воспитания, исследователи, физическое воспитание, мнение, исследование, классификация.*

METHODIC OF MORAL NUTURE OF TEENAGERS RETLERS IN MODERN CONDITION

In this letter author note the problem of research of physical culture lessons with using of moral style of society. Author note the correlates of moral personality, role concept influences and controversy a study of the life style concern as a main term physical culture. Author note that actuality of theme and conducted that this discussion very important for modern science. Because only after right definition of this problem we can find the only conceptual enlightenments about theoretical and methodological classification of physical culture. In this moment as author note, the theoretical and methodological classification of physical culture knowledge stay in study of creation and its very important to analyses the difference opinions of scientists about the life style to create the conceptual conclusion in this trend of research. In this letter author note the problem of definition of thermion of health life and style theories about significance of sport in modern society in point of view of social pedagogy. Author note that actuality of theme and conducted that this letter very important for modern science. Because only after right definition of this problem we can find the only conceptual enlightenments about the life style. In this moment as author note, the life style knowledge stay in study of creation and its very important to analyses the difference opinions of scientists about the life style to create the conceptual conclusion in this trend of research. In this dissertation author note the problem of definition of thermion of health life and style theories about significance of sport in modern society. Author note that actuality of theme and conducted that this discussion very important for modern science. In this letter author note the problem of research of national theoretical and methodological classification of physical culture as a practice of physical culture lessons. Author note the correlates of life style personality, role concept of stratification influences and controversy a study of the life style concern as a main term physical culture.

Keywords*: moral, sport, research, method, nurture, health, scientists, physical teach, opinion, research, classification.*

Муқаддима. Инкишофи варзиши гуштин дар ҳама давру замон муносибатхои муайяни рафтори шоистаро тақозо мекунад. Чунин рафтори варзишгарон ба монанди эхтиром ба рақиб, ростӣ ва дигар хислатҳо ҷузъи равонии машқҳоро ташкил медиҳад. Аммо чуноне, ки таҷрибаи зиндагӣ нишон медиҳад, на ҳамаи наврасон равияи дурусти интихобро дар самти этикаи варзиш барои худ роҳи дуруст пайдо мекунанд. Дар ин масир мо мехостем ҷанбаҳои асосии ҷалби наврасонро ба дунёи маънавии гуштин ёдрас шавем, ки аз омилҳои гуногун вобастагӣ доранд.

Дар доираи системаи педагогии кор бо варзишгарони наврас дар мактабҳои варзишӣ равандҳои гуногуни методологияи дарси таълим амал мекунанд, ки дар умум таҷрибаи инсониятро дар коркарди назарияҳои педагогӣ дар самти варзиш ва махсусан гуштинро инъикос мекунанд. Ҳануз дар замони қадим, файласуфони тоҷику форс дар ҷустуҷуи роҳҳои тарбия афкори педагогиро дар ҷои аввал мегузоштанд ва дар асарҳои худ тарбияи кудакро дар мадди аввал мегузоштанд [1, 89]. Агар дар педагогикаи форсу тоҷик тарбияи ҷавонмардӣ мавқеи асосӣ дошт, дар Юнони қадим тарбияи ҷанговарон аввал маҳсуб мешуд, зеро ҷанговарр маҳз дар хурдсолӣ тарбия мекарданд ва ин корро Афлотун вазифаи файласуфон медонист. Суқрот дар тарбияи наврасон ҷасорат, далерӣ ва қувватро асос мешуморид. Аммо ҳамаи ин хислатҳоро вай бо ақли солим дар пайвастагӣ қабул мекунад. Баъд Суқрот мегӯяд: "Оё ҷасорат як хислати пайваста зебо ва шоёни таҳсин аст?"[3,56].

Барои ҳамин, асоси машқҳои варзиширо маҳз меъёрхои ахлоқӣ ташкил медиҳанд. Чаро диққат додан ба ин омил муҳим аст? Пеш аз ҳама мебоист баланд шудани шиддати асабҳоро дар баландкуҳҳо ба назар гирифт, ки метавонад сабаби муноқишаи гуштингирон дар майдон гардад. Масалан дар яке аз мусобиқаҳо ки дар солҳои 90-ум дар минтақаи баландкуҳ доир гардид, паҳлавонон дар майдон бо ҳам ба ҷанг бархостанд ва ин дар навбати худ сабаби ворид шудани мухлисони ҳар ду тараф ва ҷанги гуруҳӣ гардид. Чунин рафтор албатта бо ахлоқи гуштини миллӣ ҳеч ягон муносибат надорад ва шарафи паҳлавононро паст мекунад. Барои ҳамин эътидоли системаи асаб ва рафтори намунавии ахлоқӣ омили муҳими тарбияи педагогии

гуштингирон мебошад. Аслан мафҳуми «психологияи ахлоқ» дар соҳаи варзиш мустақилияти нисбӣ дорад, ки нуқтаҳои зеринро танзим мекунад:

- ахлоқ ба ҳаёти варзишӣ фаъолона таъсир расонида, рушди онро метавонад тезонад ё худ заиф гардонад;

- меъёрҳои алоҳидаи ахлоқии низоми варзишӣ мумкин аст дар низоми дигари варзишӣ ҳам то муддати муайян нигоҳ дошта шавад;

- ахлоқи муайяни соҳаи варзиш аз заминаи иҷтимоиаш ҷудо шуда, пеш рафта, меъёри ахлоқии варзишгаронро ифода карда тавонад [2,78].

Мавод ва методҳо. Қабл аз он ки дар бораи муҳтавои «психологияи ахлоқ» дар соҳаи варзиш ѐдовар гардем, бояд категорияҳои ин самтҳоро дониста, алоқаи байни онҳоро таҳлил намоем. Хубӣ ва бадӣ, ният ва қасд, натиҷа ва комёбӣ, бохт ва ноумедӣ – ҳамаи ин категорияҳо дар соҳаи варзиш ба мушоҳида мерасанд. Меъёрҳои ахлоқии «психологияи ахлоқ» дар соҳаи варзиш шартан ба ду намуд тақсим мешаванд: ҳатмӣ ва тавсиявӣ. Аввалин принсипи ахлоқи варзишӣ зарарро ба одамон манъ мекунад [4,90].

Одатан варзишгарон ва бахусус гуштингирон бо таъсири эҳсосот меъёрҳои бозиро вайрон мекунанд. Чунин рафтори манфӣ (девиантӣ) берун аз меъёрҳои расмӣ ғайри қобили қабул буда, метавонад бо оқибати манфӣ [6,33] барои варзишгар ва махсусан гуштингирон анҷом ёбад. Дар дзюдо масалан вайрон кардани қоида дар аввал бо огоҳӣ – “шидо” ҷазо дода мешавад. Ҳамвора бо гирифтани “шидо” рақиб бо холи “юко” баҳогузорӣ мешавад. Дар сурате, ки агар тартиби қоида боз вайрон шуд, гуштингир танбеҳ – “хансоку-макэ” гирифта аз бозӣ берун мегардад. Инчунин бо гирифтани чор огоҳии “шидо” гуштингир аз майдон дур мешавад. Дар гуштин вайронкунии қоида шаклҳои зерин дорад, ки баъзан дар мусобиқаҳо мушоҳида мегардад:

- истифодаи усули манъшуда;
- итоат накардан ба довар;
- истифодаи асбобҳои оҳанин;
- истифодаи усулҳои намуди дигари гуштин
- истифодаи ҳақорат ва дашном нисбати рақиб.

Рафтори девиантӣ бештар ба психологияи варзиш алоқаманд буда, дар мактабҳои варзишӣ ҳамчун фанни ёрирасони варзиш мавриди истифода қарор мегирад. Варзишгарон ин самтро аксаран дар ду самт таҳлил менамоянд:

- кори психологӣ дар давоми таълим;
- кори психологӣ дар давраи мусобиқа. Назарияи психоанализии З. Фрейд алоқаманд буда, онҳо сабаби қаҷрафтории шахсро дар буҳрони шуур мебинанд. Аз он ҷумла ба ин амал шаклҳои зеринро мансуб медонанд:
- невроз
- асабоният
- ихтилолҳои ҷисмонӣ
- ҳолати нороҳатии асаб
- бархурд бо муҳити бегона
- парешонхотирӣ
- руҳафтодагӣ ва ғайра.

Дар соҳаи варзиш, меъёрҳои ахлоқӣ маҷмӯи муайяни қоидаҳо мебошанд, ки рафторро ҳангоми муносибат бо одамони атроф муайян мекунанд. Муборизаи некию бадӣ ва фалсафаи дуализм аз замонҳои қадим мазмуни асосии ахлоқро ташкил медод аммо набояд онро ба соҳаи варзиш овард. Зеро дар ин ҷо муҳити бозӣ вуҷуд дорад ва он лаҳзаи фароғатӣ аст, ва набояд онро ба манбаи зиддият табдил дод.

Меъёрҳои ахлоқӣ яке аз омилҳои асосии муътадилияти инсон ва ҷомеа маҳсуб мешаванд. Онҳо аз насл ба насл гузашта, барои аъзоёни ҷомеа ҳамчун беҳтарин намунаи рафтор хизмат мекунанд. Дар маркази ташаккули хислатҳои хуби варзишгар, мураббӣ меистад ва маҳз

дар варзиш аввалин нишонаҳои ахлоқро варзишгарон дарк мекунанд. Муҳим будани тарбияи ахлоқии варзишгарон, қисми асосии системаи тарбияи ҷавононро ташкил медиҳад.

Аммо дар илми педагогиии муосир дар доираи алоқамандии он бо сотсиологияи рафтор, бояд омилҳои иҷтимоиро низ ба назар гирифт. Зеро агар варзишгар бо муҳити бад алоқа дошта бошад, ҳатман рафтори вай ба тарафи манфӣ иваз мешавад. Ҳаҷриба нишон медиҳад, ки аксаран варзишгарон ба гуруҳҳои муҳити ҷиноятқорӣ нисбати дигар гуруҳҳои ҷавонон зудтар мепайванданд. Ин омил дар солҳои 90-уми асри XX бараъло ба мушоҳида мерасид. Ин далели он аст, ки омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ва носозгории муҳит метавонад рафтори варзишгаронро тағйир медиҳад[5,76].

Барои тарбияи педагогии гуштингирони наврас, дар гуштин бояд мураббӣ рафтори варзишгаронро назорат кунад, то ки онҳо бо қоидаҳои гуштин мувофиқат дошта бошанд. Ин омили ахлоқии гуштинро дар бар мегирад. Омузиши ҳар чи беҳтари арзишҳои миллӣ дар якҷоягӣ бо арзишҳои варзишӣ фазои ҷомеаи варзиширо таъмин мекунад ва барои рушд ва инкишофи минбаъдаи варзишгарон ва таҳаммулпазирии онҳо дар фазои муқовимат ва рақобат мусоидат карда, суботи варзиширо таъмин месозад.

Вобаста ба тамоми дастовардҳои назариявӣ доир ба ҳаёти солим, ҳаминро бояд қайд намоем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи вилоятҳо низ кор дар самти тарғиби тарзи ҳаёти солим байни ҷавонон нақши калон дорад. Дар натиҷаи таҳлили масъала муайян гардид, ки тавассути ин раванд ҷавонон ба фаъолияти мустақилона қадам мегузоранд ва ин қобилиятро онҳо аз дарси маърифати ҷисмонӣ дарёфт менамоянд. Маҳз дар синни мактабӣ сифатҳои ҷисмонӣ ташаккул меёбанд ва минбаъд асоси хислатҳои гуногуни пешқадам мегарданд.

Ҷамъбасти таҳлилҳо нишон медиҳад, ки омилҳои асосии ҷалби ҷавонон ба варзиш дар давраи муосир аз омилҳои мусбӣ сарчашма мегирад, ки онҳоро метавон бо тартиби зерин нишон дод:

- интихоби машқ барои тайғири тарзи ҳаёти кудак ва наврас;
- интихоби намуди варзиш вобаста ба анханаҳои авлодӣ;
- интихоби варзиш бо мақсади ғолиб шудан дар мусобиқа;
- барои солимии бадан;
- барои вақтхушӣ.

Чуноне ки мебинем дар ин руйхат танҳо омилҳои мусбӣ ҷой доранд. Аммо боз мисолҳое низ ҳастанд, ки варзиш дар натиҷаи буҳрони иҷтимоӣ интихоб мешавад. Масалан дар ҳолатҳои зерин интихоб аз манфӣ сарчашма мегирад:

- барои ҳифзи худ аз дигарон;
- барои латукуби ягон кас;
- барои пайвастан ба гуруҳи манфии куча;
- худнамоӣ.

Дар ин руйхат мо омилҳои манфиро мебинем ва на ҳама вақт мураббӣ аз ангеза ва мақсади наврасон хабардор мебошад. Барои ҳамин гузаронидани суҳбатҳо, соатҳои тарбиявӣ, экскурсияҳо метавонанд, асрори ноайёни наврасонро барои мураббӣ ошкор намоянд. Мураббӣ метавонад алтернативаи дигар (мусбӣ) ба наврасони каҷрафтор пешниҳод намояд. Масалан чемпион шудан, ҳифзи номи ноҳия ва вилоят, маъруф гардидан ва ҳатто соҳиби мол ва эҳтиром шудан тавассути варзиш имконпазир мебошад.

Барои интихоби гуштин ҳамчун манфиат мо системаи афкори наврасонро дар самти мақсадҳои онҳо мебинем, ки тавассути гуштин барои худ “сармояи иҷтимоӣ” пайдо мекунанд. Чунин манфиатро дар элементи маъруфият, обру, чемпион, паҳлавон ва дигар ибораҳои мусбии мавқеи наврасон мебинем, ки мавқеи иҷтимоии онҳоро дар назди ҷомеа баланд мекунанд. Мафҳуми «манфиат» бо омилҳои ҳавасмандкунӣ наздик мебошад ва қисми онро ташкил медиҳад. Фарқияти ин ду ибора – “манфиат” ва “ангеза» дар натиҷаи онҳо дида мешавад. Омӯзиши дақиқи раванди ҷалби наврасон ба гуштингирӣ набояд танҳо дар доираи манфиат гирд гардад, балки талаботи ҷисмонӣ ва табиати наврасонро низ бояд иникос намояд, то ки шавқу

рағбати наврасон ба варзиш инкишоф дода шавад [6,54]. Дар ин масир инчунин шавқи наврасон низ муҳим мебошад ки метавонад интихоби онҳоро қавӣ гардонад [7,45].

Шавқ чун омили байнифаннӣ ва интихоб дар гуштин нақши асосӣ дорад ва ин аз нуқтаи назари илми равоншиносӣ ба ангезаи интихоб вобастагӣ дорад. Дар илми фалсафа шавқ қисми шуури рафтор дониста мешавад ва чуноне, ки мо дар боло қайд намудем донистани шуури рафтор хеле душвор аст. Дар илми ҷомеашиносӣ бошад ҷанбаҳои иҷтимоии шавқ ба назар гирифта мешаванд – яъне чи қадар он барои раванди иҷтимоишавӣ ва ё баръакс таъсиррасон мебошад. Аммо дар тарбияи ҷисмонӣ мо танҳо ҷанбаҳои варзиширо ба назар мегирем ва ин камбудии асосии мураббиён мебошад. Бояд тамоми омилҳоро дар маҷмуъ ба назар гирифт, ки чунин тартиб доранд:

- сабаби иҷтимоии интихоб;
- шароити табии ва интихоб;
- омилҳои ҷисмонии ҳавасмандкунӣ;
- муҳити зист ва интихоби варзиш;
- иҷрои талаботи гигиенӣ;
- қобилияти ҳадафгузорӣ ва иҷрои он [8,23].

Дар маҷмуъ тамоми талаботҳо ба он равона шудаанд, ки наврасон ва ҷавонон бояд гуштин ва тарбияи ҷисмониро танҳо аз нуқтаи мусбият интихоб намоянд. Ҳамин тавр машқи гуштин бояд дар пайвастагӣ бо тарбия, таҳсил, саломатӣ,

самаранокии вақт, меҳнат ва ахлоқ мавриди амал татбиқ шавад

А.Н.Леонтьев ангезаро бо зарурат пайваст намуда, характери объективии рафторро муҳим медонад. На хоҳиш, балки омили бисёрҷониба амали инсонро муайян мекунад [9,56]. Дар ин масир вай муҳимияти эҳтиёҷро шарти зарурии фаъолият медонад. Формулаи вай чунин аст:

«Инсон – эҳтиёҷ – талабот - объект - қонеъ = ангеза [10,45]. Формулаи Хайнц Хейгхаузен чунин шакл дорад: зарурат - майл – хоҳиш - ҳавас = ангеза[11,67].

Сифат ва маданияти варзишии ҷавонон ба қонуниятҳои психологию педагогии фаъолияти тарбиявию маърифатӣ дар азхудкунии маводи омухташаванда асос ёфтаанд. Зарурати азхуд кардани донишҳои зарурӣ дар раванди беҳтар намудани ҳолати ҷисмонӣ бо механизми бошуурона азхуд кардани малакаҳои ҳаракатӣ, такмил додани малакахои мавҷуда ва интихоби воситаҳои қонеъ гардондани ин талабот зич алоқаманд аст. Аз ин ру Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарғиби тарзи ҳаёти солим таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, ҷиҳати бунёди майдончаҳои варзишӣ дар шаҳру навоҳии кишвар як қатор чорабиниҳоро амалӣ карда истодааст.

Дар натиҷаи таҳлили масъала муайян гардид, ки тавассути ин раванд ҷавонон ба фаъолияти мустақилона қадам мегузоранд ва ин қобилиятро онҳо аз дарси гуштин дарёфт менамоянд. Маҳз дар синни мактабӣ сифатҳои ҷисмонӣ ташаккул меёбанд ва минбаъд асоси хислатҳои гуногуни пешқадам мегарданд. Ҷамъбасти таҳлилҳо нишон медиҳад, ки омилҳои асосии ҷалби ҷавонон ба гуштин дар ҷомеаи замони муосир бояд танҳо ҷанбаҳои мусбиро дар назар дошта бошанд ва ҳеҷ гоҳ гуштинро ҳамчун омили рақобати манфӣ ба назар нагирифт. Танҳо бо ҷалби накукорӣ мо метавонем принсипи ҷавонмардиро дар наврасон ва ҷавонон тавассути варзиш тарбия намоем.

Хулоса, дар марҳилаи ибтидоии машқи гуштин, кори тарбиявӣ дар мадди аввал қарор мегирад ва он ҳамвора ба аз худ намудани асосҳои техника ва тактикаи гуштин нигаронида мешавад. Дар ин давра мураббӣ бояд ба раванди таҳкими саломатӣ ва такмили рушди ҷисмонии кудакон, расидан ба омодагии ҷисмонӣ дар системаи тактикии гуштин ва омухтани қоидаҳои ибтидоии рақобат дар гуштин диққати хоса диҳад. Бо дарки масъулияти дуҷонибаи мураббӣ ва тарбиятгирандагон иштироки фаъоли онҳо дар мусобиқаҳо ва шавқи тахассусӣ ба гуштинро равнақ дода, натиҷаҳои дилхоҳро барои варзишгарон таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки тарбияи гуштингирони наврас ин захираи муҳими инкишофи дунёи маънавии варзишгарони мамлакат ба ҳисоб меравад ва аз пешрафти он ояндаи варзиши бузург дар Тоҷикистон вобастагӣ дорад. Дар хулоса ҳаминро бояд қайд намуд,

ки тарзи ҳаёт рафтор ва урфу одати иҷтимоӣ ва молиявӣ шахсро муттаҳид мекунад ва самти рафтори вайро дар ҷомеа муайян менамояд. Ҳамин тавр тарғиби гуштингирӣ дар байни кудакон ва наврасон қисми муҳими тарбияи шаҳрванди комилро ташкил дода, ба рафтор ва шуури насли наврас меъёрҳои ахлоқиро ҷо мекунад.

АДАБИЁТ

1. Антология педагогической мысли таджикского народа/ Сост.:С. Сулаймони; Х. Афзалов; Ред. Ю.С.Мальцев. -Душанбе: Матбуот,2007. – 234 с.
2. Величковский Б.М. Искра психологии: новые области прикладных психологических исследований // Вестн. Моск. ун-та. –2007. –№14.- С.90-97.
3. Жураковский Г.Е. Очерки по истории античной педагогики. [текст] книга Москва, издательство АПН РСФСР 1963 – 467 с.
4. Кивисик Илона, Спортивная этика и целостность в спорте // Сборник учебных материалов для тренеров 4 уровень // www.http//treener.eoc.ee/Режими дастрасӣ: 22 октябри соли 2025.- 45 с.
5. Краев О. Ю. Психология девиантного поведения [Электронный ресурс] : учебное пособие / О. Ю. Краев ; О. Ю. Краев. - Москва : Московский городской педагогический университет, 2010. – 340 с.
6. Шарифов, Ф., Каримова И. Педагогика (курс лекций). – Душанбе. Ирфон, 2008.- 284 с.
7. Сафаров Ш. Бозиҳои миллии халқи тоҷик дар замони гузашта ва муосир [Матн] / Ш.Сафаров.- Душанбе, 2017.- 458 с.
8. Столяров В.И., Быховская И.М., Лубышева Л.И. Концепция физической культуры и физкультурного воспитания (инновационный подход) // Теория и практика физ. культуры. 1998, № 5, с. 11 - 15.
9. Леонтьев А.Н. Психологические вопросы сознательности учения // Известия АПН РСФСР. 1947. Вып.7..-С.89-98.
10. Лубышева Л.И. Современный ценностный потенциал физической культуры и спорта и пути его освоения обществом и личностью //Теория и практика физ. культуры. 1997, № 6, с. 10 -13.
11. Фомин Н.А., Вавилов Ю.М. Физиологические основы двигательной активности: - М: Медицина, 1987 - 112 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: Қодирзода Бахтиёр Худойназар *– Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов, омӯзгори кафедраи назарияи ва методикаи бозиҳои миллӣ. Адрес: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Лучоб 53. Тел: 918663351. Мейл: kadirov_1975_18@mail.ru*

Информация об авторе: Кадирзода Бахтийор Худойназар – Институт физического воспитания Таджикистана имени Саидмумина Рахимова, преподавателя кафедры теории и методологии национальных игр. Адрес: 734061, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, город Лучоб 53. Тел.: 918663351. Почта: kadirov_1975_18@mail.ru

Information about the author: Kadirzoda Bakhtiyor Khudoynazar *– Institute of Physical Education of Tajikistan named after Saidmumin Rahimov, teacher of the Department of Theory and Methodology of National Games. Address: 734061, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Luchob town 53. Tel: 918663351. Mail: kadirov_1975_18@mail.ru*

УДК 37.01(575.3)

КОНСЕПСИЯИ ПЕДАГОГИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ НИЗОМИ МУОСИРИ МАОРИФ

Рачабов Фирӯз Файзуллоевич
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

Дар мақола масъалаҳои асосии консепсияи педагогии Эмомалӣ Раҳмон мавриди таҳлили илмӣ қарор дода мешаванд. Муаллиф маорифро ҳамчун ниҳоди муҳими иҷтимоӣ ва пояи рушди устувори ҷомеа баррасӣ намуда, нақши сиёсати давлатӣ дар рушди низоми маорифро дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ мекунад. Дар маркази таваҷҷуҳ масъалаҳои ҳамгироии таълим ва тарбия, баланд бардоштани мақоми омӯзгор, такмили вазъи иҷтимоии кормандони соҳа ва рушди инфрасохтори маориф қарор доранд. Хулоса бароварда мешавад, ки консепсияи педагогии Эмомалӣ Раҳмон дорои хусусияти низомнок ва стратегӣ буда, ба ташаккули ҷомеаи рақобатпазир ва дорои арзишҳои устувори маънавӣ равона гардидааст.

Калидвожаҳо: *маориф, консепсияи педагогӣ, сиёсати давлатӣ, тарбия, омӯзгор, инфрасохтори маориф, рушди устувор, Тоҷикистон*

ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ КОНЦЕПЦИЯ ЭМОМАЛИ РАХМОНА И ЕЁ РОЛЬ В РАЗВИТИИ СОВРЕМЕННОЙ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ

В статье проводится научный анализ педагогической концепции Эмомали Рахмона. Образование рассматривается как важнейший социальный институт и основа устойчивого развития общества. Особое внимание уделяется государственной образовательной политике Республики Таджикистан в период независимости, включая вопросы интеграции обучения и воспитания, повышения статуса учителя, улучшения социального положения педагогических кадров и развития образовательной инфраструктуры. Делается вывод о том, что педагогическая концепция Эмомали Рахмона носит системный и стратегический характер и направлена на формирование конкурентоспособного и духовно развитого общества.

Ключевые слова: *образование, педагогическая концепция, государственная политика, воспитание, учитель, образовательная инфраструктура, устойчивое развитие, Таджикистан*

THE PEDAGOGICAL CONCEPT OF EMOMALI RAHMON AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE MODERN EDUCATION SYSTEM

This article provides a scholarly analysis of the pedagogical concept of Emomali Rahmon. Education is examined as a key social institution and a foundation for sustainable societal development. Special attention is given to the state educational policy of the Republic of Tajikistan during the independence period, including the integration of education and upbringing, enhancement of teachers' status, improvement of social conditions of educators, and development of educational infrastructure. The study concludes that Rahmon's pedagogical concept is systemic and strategic in nature and is aimed at fostering a competitive and spiritually developed society.

Keywords: *education, pedagogical concept, public policy, upbringing, teacher, educational infrastructure, sustainable development, Tajikistan*

Муқаддима. Маориф ҳамчун яке аз ниҳодҳои калидии иҷтимоӣ дар ҳар як ҷомеа мавқеи муайянкунанда ва нақши бисёрҷанба дорад. Он на танҳо воситаи интиқоли дониш, балки омили асосии ташаккули арзишҳо, меъёрҳои рафтор ва ҷаҳонбинии инсон маҳсуб меёбад. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технология, аҳамияти маориф боз ҳам бештар гардида, ба унсури муҳимми рушди устувори ҷомеа табдил ёфтааст. Маҳз тавассути низоми муассири маориф имконият фароҳам меояд, ки ҷомеа захираҳои инсонӣ ва зеҳнии худро рушд дода, ба талаботи давраи муосир мутобиқ гардад.

Заминаи асосии пешрафти дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла иқтисод, сиёсат, фарҳанг ва ҳуқуқ, бевосита ба сатҳи рушд ва самаранокии низоми маориф вобаста аст. Дар ин замина,

маориф ҳамчун пояи ташаккули сармояи инсонӣ баромад намуда, барои омода намудани мутахассисони баландихтисос ва шаҳрвандони фаъолу масъул хизмат мекунад.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Дар раванди анҷом додани таҳқиқот доираи васеи маводҳои илмӣ, ҳуқуқӣ ва таҳлилӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Пеш аз ҳама, ҳамчун манбаи асосии таҳқиқот паёмҳо, суханрониҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба масъалаҳои илму маориф, тарбия, мақоми омӯзгор, худшиносии миллӣ ва рушди иҷтимоӣ бахшида шудаанд, истифода гардиданд. Ҳамчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак», инчунин дигар санадҳои барномавӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба рушди соҳаи маориф ҳамчун заминаи ҳуқуқии тадқиқот мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

Дар баробари ин, барои таҳкими асосҳои назариявии таҳқиқот, корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, сиёсати давлатии маориф, тарбия, мақоми омӯзгор ва рушди инфрасохтори соҳаи маориф таҳлил карда шуданд. Маводи оморӣ, маълумоти расмии марбут ба маблағгузории соҳа, рушди муассисаҳои таълимӣ ва дигар нишондиҳандаҳои марбут ба низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифода гардиданд.

Асоси методологии тадқиқотро маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси илмҳои педагогӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар раванди тадқиқот усули таҳлил ва синтез барои баррасии мазмун ва сохтори консепсияи педагогии Эмомалӣ Раҳмон истифода шуд. Бо истифода аз усули таҳлили ҳуҷҷатҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, паёмҳо, суханрониҳо ва асарҳои илмӣ омӯхта ва арзёбӣ гардиданд. Усули таърихӣ имкон фароҳам овард, ки ташаккул ва рушди сиёсати маориф дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайдарпаии хронологӣ баррасӣ карда шавад.

Ҳамзамон, усули муқоисавӣ барои муайян намудани хусусиятҳои асосии консепсияи педагогии Эмомалӣ Раҳмон ва нақши он дар рушди низоми муосири маориф истифода гардид. Усули системавӣ бошад, имконият дод, ки маориф ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоӣ ва консепсияи педагогии Пешвои миллат ҳамчун маҷмӯи унсурҳои бо ҳам алоқаманд – таълим, тарбия, мақоми омӯзгор, дастгирии иҷтимоӣ ва рушди инфрасохтор дар ягонагӣ таҳлил карда шавад.

Бо истифода аз ин мавод ва усулҳо имконият фароҳам омад, ки консепсияи педагогии Эмомалӣ Раҳмон аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, нақши он дар рушди низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки консепсияи педагогии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалии рушди низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунад. Маориф дар ин консепсия ҳамчун омили калидии рушди устувори ҷомеа ва ташаккули сармояи инсонӣ арзёбӣ мегардад.

Муайян гардид, ки ҳамгироии таълим ва тарбия, баланд бардоштани мақоми омӯзгор, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии кормандони соҳа ва рушди инфрасохтори маориф самтҳои асосии ин консепсияро ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон, сиёсати давлатии маориф ба баланд бардоштани сифати таҳсил, ташаккули худшиносии миллӣ ва омодасозии шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта равона гардидааст.

Дар маҷмуъ, консепсияи педагогии Эмомалӣ Раҳмон дорои хусусияти стратегӣ буда, ба рушди устувори низоми маориф ва ҷомеа мусоидат менамояд.

Муҳокима. Ниҳоди маориф низ на танҳо маҷмуи муассисаҳои таълимӣ, балки низоми мураккаби муносибатҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо, арзишҳо ва механизмҳоест, ки раванди таълим, тарбия ва иҷтимоишавии шахсиятро таъмин менамояд. Яке аз вазифаҳои муҳими он интиқоли дониш, таҷриба ва мероси фарҳангӣ аз як насл ба насли дигар мебошад. Аммо нақши маориф танҳо бо ин маҳдуд намешавад. Он ҳамчунин ба ташаккули ҳувияти миллӣ, рушди тафаккури интиқодӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ ва таъмини ҳамгироии иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти аҳамияти стратегӣ ва гуногунҷанбаи ниҳоди маориф, омӯзиши нақш ва мақоми он дар ҷомеаи муосир аҳамияти хоса пайдо менамояд, зеро самаранокии фаъолияти ин ниҳод бевосита ба сатҳи рушди умумии ҷомеа ва ояндаи он таъсир мерасонад [15, с.76-84].

Маориф яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, рушди он аз маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ вобаста мебошад, ки дар маҷмуъ пешрафти босуботи давлат ва миллатро таъмин менамоянд. Дар шароити муосир, ки рақобати ҷаҳонӣ ва талаботи бозори меҳнат пайваста тағйир меёбанд, низоми маориф ҳамчун омили калидии ташаккули сармояи инсонӣ ва таъмини рушди устувори миллӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ, рушди соҳаи маориф на танҳо як зарурати иҷтимоӣ, балки як афзалияти стратегии сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад.

Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар ба рушди соҳаи илму маориф таваҷҷуҳи махсус ва пайваста зоҳир менамоянд. Бо ташаббус ва сиёсати хирадмандонаи роҳбарияти олии давлат, заминаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои ислоҳ ва рушди низоми маориф фароҳам оварда шуданд, ки ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва мутобиқсозии он ба талаботи замони муосир мусоидат менамоянд.

Махсусан, дар паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаи маориф ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ таъкид гардида, рушди он дар доираи стратегия ва барномаҳои давлатии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун ҳадафи калидӣ муайян шудааст. Ин нишон медиҳад, ки маориф дар сиёсати давлатӣ на танҳо ҳамчун як соҳаи иҷтимоӣ, балки ҳамчун пояи асосии рушди иқтисодӣ, таҳкими давлатдорӣ ва таъмини ояндаи устувори ҷомеа баррасӣ мегардад.

Аз ҷумла тавре дар Сарвари давлат даПаёми худ қайд намуданд, ки “рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад” [7]

Ҳамин тариқ, таваҷҷуҳи пайвастаи давлат ба рушди маориф, татбиқи ислоҳоти соҳа ва ҷорӣ намудани стандартҳои муосири таълимӣ, ба таҳкими иқтидори зеҳнӣ ва касбии ҷомеа мусоидат намуда, барои рушди ҳамаҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Давраи истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи сиёсати ҳадафманд ва пайгиронаи роҳбарияти олии давлат тавсиф мегардад, ки дар маркази он рушди соҳаи маориф қарор дорад. Бо ибтикор ва таваҷҷуҳи махсуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маориф ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок ва асосии сиёсати давлатӣ эътироф гардида, ҷиҳати такмил ва пешрафти он тадбирҳои муҳим амалӣ шуданд [3, с. 171-175].

Аз ҷумла, бунёд ва таҷдиди муассисаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани квотаҳои Президентӣ барои дастгирии таҳсили духтарону писарон, фароҳам овардани имконият барои таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои таълимии дохил ва хориҷи кишвар, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф, таъсиси намудҳои гуногуни идрорпулиҳо, марҳила ба марҳила баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳа, таъсиси литсейҳо, мактабҳои Президентӣ, гимназияҳо ва муассисаҳои томактабӣ, инчунин таҳия ва нашри китобу дастурҳои таълимӣ бо забони тоҷикӣ аз ҷумлаи дастовардҳои муҳим ба ҳисоб мераванд [13, с. 200-207].

Дар натиҷаи ин ислоҳот, низоми маорифи кишвар ба марҳилаи нави рушд ворид гардида, раванди таълим ва тарбия бо мазмун ва сифатҳои нав ғанӣ гардид. Ин дигаргуниҳо дар қонунгузории соҳа, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум ёфтаанд. Қонуни мазкур бори аввал дар соли 1993, дар шароити мураккаби иқтисодӣ ва сиёсӣ қабул гардида, минбаъд бо таҳрири нав такмил дода шуд. Соли 2013 бошад, таҳрири нави он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки барои ба танзим даровардани муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф ва рушди минбаъдаи он заминаи устувор фароҳам овард.

Ҳамзамон, Сарвари давлат дар суханронии худ 28 августи соли 1995 дар назди фаъолони соҳаи маориф ба масъалаҳои калидии соҳа таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, зарурати таҳкими

пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати омодасозии мутахассисон ва беҳтар намудани шароити иҷтимоии омӯзгорон, бахусус мутахассисони ҷавонро таъкид карданд. Чунонки таъкид гардид: таъмини зиндагии шоиста барои аҳли маориф ва зиёиён, ки нақши асосиро дар тарбияи маънавӣ ва рушди маърифати ҷомеа доранд, шарти муҳими ноил шудан ба ояндаи дурахшон ба ҳисоб меравад [2, с. 97-101].

Аз соли 2000-ум маблағгузории соҳаи маориф ба таври назаррас афзоиш ёфта, то соли 2024 ба зиёда аз 8 миллиард сомонӣ расидааст. Ҳамзамон, Барои соҳаи маориф дар соли 2026 аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 14 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2025-ум 25,4 фоиз ва нисбат ба даҳ соли қабл, яъне соли 2015-ум панҷуним баробар зиёд мебошад. Ҳиссаи хароҷот барои маориф пайваста ҷойгоҳи муҳимро дар буҷети давлатӣ ишғол менамояд, ки ин бартарияти ин соҳаро дар сиёсати давлатӣ равшан инъикос мекунад [7].

Дар доираи консепсияи педагогии Эмомалӣ Раҳмон масъалаи тарбия ҳамчун ҷузъи таркибии низоми маориф мавқеи марказӣ ва бунёдӣ касб менамояд. Ин консепсия бар он асос ёфтааст, ки маориф на танҳо раванди интиқоли дониш ва малакаҳо, балки низоми мураккаби ташаккули шахсият мебошад, ки дар он омилҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Дар чунин равиш, таълим ва тарбия ҳамчун ду унсури бо ҳам зич алоқаманд баррасӣ гардида, бе ҳамдигар наметавонанд натиҷаи дилхоҳро таъмин намоянд.

Дар доираи ин дидгоҳ, маориф ба ташаккули сифатҳои муҳими шахсият равона гардидааст, ки аз ҷумла арзишҳои ахлоқӣ, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандиро дар бар мегиранд. Арзишҳои ахлоқӣ ҳамчун пояи рафтори иҷтимоии инсон баромад намуда, ба ташаккули инсони комил, дорои фарҳанги баланди маънавӣ мусоидат мекунанд. Ҳисси ватандӯстӣ бошад, дар шароити давлатдории миллӣ ҳамчун унсури муҳими таҳкими ҳувияти миллӣ ва ваҳдати ҷомеа арзёбӣ мегардад. Масъулияти шаҳрвандӣ низ яке аз унсурҳои асосии тарбия ба ҳисоб рафта, ба баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоӣ ва иштироки шахс дар ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

Дар доираи сиёсати маорифпарваронаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷомеа ва пешгирии хатарҳои иҷтимоӣ ба яке аз самтҳои муҳим табдил ёфтааст. Таъкидҳои пайвастаи Сарвари давлат дар бораи хатарҳои эҳтимолии насли камсавод дорои аҳамияти амиқи назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Зеро дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ки равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ босуръат тағйир меёбанд, сатҳи дониш ва маърифати аҳолӣ ба омили калидии таъмини амнияти миллӣ ва рушди устувори давлат мубаддал мегардад [100, с. 400-405].

Ҷомеае, ки дорои сатҳи пасти маърифат мебошад, наметавонад ба таҳдидҳои муосир, аз ҷумла таъсири идеологияҳои бегона, равандҳои ифротгароӣ, экстремизм ва дигар падидаҳои номатлуб муқовимати самаранок нишон диҳад. Насли беилм ва камсавод бештар ба таъсироти манфии муҳити беруна осебпазир буда, қобилияти таҳлили танқидӣ ва дарки воқеияти иҷтимоиро ба таври кофӣ доро нест. Ин ҳолат метавонад ба коҳиши суботи иҷтимоӣ, суст гардидани пояҳои маънавии ҷомеа ва халалдор шудани раванди рушди устувори давлат оварда расонад [8, с. 253-263].

Дар сиёсати давлатӣ масъалаи таълиму тарбия на танҳо ҳамчун раванди таълимӣ, балки ҳамчун воситаи муҳими пешгирии хатарҳои иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти миллӣ баррасӣ мегардад. Бо ҳамин мақсад, бо ибтикори бевоситаи Пешвои миллат, соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардид, ки ба танзими масъулияти оила дар раванди тарбияи насли наврас равона шудааст. Минбаъд, бо дарназардошти талаботи нави иҷтимоӣ ва зарурати такмили заминаи ҳуқуқӣ, соли 2022 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак» дар таҳрири нав қабул карда шуд.

Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таҳкими ҳамкории оила, мактаб ва ҷомеа дар раванди тарбия мусоидат намуда, масъулияти ҳар як субъекти иҷтимоиро дар ташаккули шахсияти насли наврас муайян месозанд. Дар натиҷа, заминаи ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ барои тарбияи насли босавод, худогоҳ ва масъулиятшинос фароҳам оварда мешавад, ки қодир аст ба таҳдидҳои муосир муқовимат намуда, дар рушди устувори ҷомеа саҳми фаъол гузорад [1, с. 274-281].

Аз ин рӯ, дар консепсияипедагогии Эмомалӣ Раҳмон тарбия ҳамчун ҷузъи ҷудонашаванда ва ҳатмии раванди таълим арзёбӣ гардида, ба он на танҳо ҳамчун воситаи такмилдиҳандаи дониш, балки ҳамчун омили асосии ташаккули шахсияти мутобиқ ба талаботи ҷомеаи муосир муносибат карда мешавад. Ин равиш имкон медиҳад, ки низоми маориф на танҳо мутахассисони соҳавӣ, балки шаҳрвандони дорои ҷаҳонбинии васеъ, масъулиятшинос ва содиқ ба арзишҳои миллӣ тарбия намояд, ки барои рушди устувори ҷомеа ва давлат аҳамияти стратегӣ доранд.

Яке аз самтҳои калидии сиёсати педагогии давлат баланд бардоштани мақом, нуфуз ва нақши иҷтимоии омӯзгор дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Эмомалӣ Раҳмон, аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ масъалаи дастгирии иҷтимоии омӯзгорон ҳамчун яке аз афзалиятҳои муҳими давлатӣ мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор гирифт [4, с. 409-413]. Бо ин мақсад, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, тадбирҳои амалӣ ҷиҳати беҳтар намудани вазъи моддӣ ва иҷтимоии кормандони соҳаи маориф роҳандозӣ шуданд, ки ба таҳкими мавқеи омӯзгор дар ҷомеа мусоидат намуданд.

Дар ин раванд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ин санад ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф ба баланд бардоштани нуфуз, ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини шароити иҷтимоии омӯзгорон равона гардидааст.

Бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар соли 2024 масъалаи баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа ба таври ҷиддӣ матраҳ гардид. Аз ҷумла, дар суханрониҳои расмии Сарвари давлат бахшида ба Рӯзи дониш, зарурати таҳияи санади махсуси ҳуқуқӣ оид ба мақоми омӯзгор таъкид шуда, ба Вазорати маориф ва илм ҷиҳати таҳияи лоиҳаи қонуни дахлдор супориш дода шуд [9].

Ин иқдом ҳамчун идомаи мантиқии сиёсати давлат дар самти дастгирии соҳаи маориф ва баланд бардоштани нақши омӯзгор арзёбӣ мегардад. Дар натиҷаи татбиқи ин ташаббус, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» таҳия гардида, ба марҳилаи баррасии қонунгузорӣ пешниҳод шуд ва ба мақоми санади ҳуқуқии муҳим ноил гардид.

Қабули чунин қонун ба таҳкими мавқеи иҷтимоии омӯзгор, баланд бардоштани масъулияти касбӣ, ҳавасмандсозии фаъолияти педагогӣ ва дар маҷмуъ беҳтар гардидани сифати раванди таълим мусоидат менамояд. Ҳамзамон, он заминаи устувори ҳуқуқиро барои ҳифзи манфиатҳои омӯзгорон ва баланд бардоштани нуфузи онҳо дар ҷомеа фароҳам оварда, ба рушди минбаъдаи низоми маориф таъсири мусбат мерасонад.

Дар консепсияи педагогии Пешвои миллат, омӯзгор на танҳо ҳамчун шахси интиқолдиҳандаи дониш, балки ҳамчун тарбиятгари шахсият ва омили асосии ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии насли наврас арзёбӣ мегардад. Ин равиш мақоми омӯзгорро ба сатҳи баланди иҷтимоӣ мебардорад, зеро маҳз омӯзгор дар раванди таълим ва тарбия заминаи ташаккули шахсияти комил, дорои ҷаҳонбинии васеъ ва масъулияти шаҳрвандиро мегузорад. Ҳамзамон, омӯзгор ҳамчун унсури калидӣ дар бунёди ҷомеаи оянда баромад намуда, дар ташаккули нерӯи зеҳнӣ ва маънавии миллат нақши ҳалкунанда мебозад.

Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани обрӯ ва нуфузи омӯзгор дар ҷомеа на танҳо як вазифаи иҷтимоӣ, балки шарти муҳимми таъмини сифати баланди таҳсилот ба ҳисоб меравад. Зеро сифати раванди таълим бевосита аз сатҳи касбият, вазъи иҷтимоӣ ва мақоми ҷамъиятии омӯзгор вобаста мебошад. Аз ин рӯ, таҳкими мақоми омӯзгор ҳамчун яке аз омилҳои асосии рушди устувори низоми маориф ва пешрафти ҷомеа дар маҷмӯъ баррасӣ мегардад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф таъмини афзоиши мунтазами музди меҳнати кормандони соҳа, бахусус омӯзгорон, ба ҳисоб меравад. Дар доираи сиёсати иҷтимоии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, масъалаи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии омӯзгорон ҳамчун омили муҳими рушди низоми маориф ва таҳкими иқтидори зеҳнии ҷомеа мавриди таваҷҷуҳи доимӣ қарор дорад [14, с. 21-33].

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар, музди меҳнати омӯзгорон ба таври назаррас афзоиш ёфта, беш аз бист маротиба баланд бардошта шудааст. Хусусан, дар солҳои охир тамоюли устувори болоравии маош мушоҳида гардида, афзоиши он аз 15 то 40 фоизро ташкил

медиҳад. Илова бар ин, тибқи барномаҳои давлатӣ, аз моҳи сентябри соли 2026 баланд бардоштани иловагии музди меҳнат дар ҳудуди 20-25 фоиз пешбинӣ шудааст, ки ин идомаи сиёсати дастгирии иҷтимоии кормандони соҳа мебошад [7].

Тадбирҳои мазкур дорои аҳамияти стратегӣ буда, ба як қатор ҳадафҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ равона гардидаанд. Аз ҷумла, онҳо барои баланд бардоштани ҷолибияти касби омӯзгорӣ, ҷалби кадрҳои ҷавону болаёқат ба соҳа, нигоҳдории мутахассисони соҳибтаҷриба ва баланд бардоштани рақобатпазирии кадрӣ мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, беҳтар гардидани вазъи моддии омӯзгорон ба баланд бардоштани сатҳу сифати раванди таълим таъсири мусбат расонида, заминаи мусоидро барои рушди устувори низоми маориф фароҳам меорад.

Дар заминаи татбиқи сиёсати давлатии соҳаи маориф, бахши инфрасохтории он низ дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба марҳилаи нави рушд ворид гардидааст [12, с. 93-96]. Бо ибтикор ва дастгирии пайвастаи Эмомалӣ Раҳмон, сохтмон ва таҷдиди муассисаҳои таълимӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ муайян гардида, дар ин самт тадбирҳои васеъ амалӣ карда мешаванд.

Аз ҷумла, дар саросари кишвар бунёди муассисаҳои нави таълимӣ бо суръати баланд идома дошта, шабакаи муассисаҳои таҳсилоти миёна, муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои гуногуни таълимӣ ба таври назаррас густариш ёфтааст. Ин раванд ба таъмини талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба хизматрасониҳои таълимӣ ва мутобиқ намудани шароити таҳсил ба меъёрҳои муосир мусоидат менамояд. Дар солҳои охир садҳо муассисаҳои нави таълимӣ сохта ва ба истифода дода шудаанд, ки бо таҷҳизоти замонавӣ ва шароити мусоиди таълим фароҳам оварда шудаанд.

Рушди инфрасохтори соҳаи маориф аҳамияти стратегӣ дошта, ба як қатор натиҷаҳои муҳим оварда мерасонад. Пеш аз ҳама, он имконияти дастрасии васеи аҳолӣ, аз ҷумла сокинони минтақаҳои дурдастро ба таҳсил таъмин менамояд. Ҳамзамон, беҳтар гардидани шароити моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ ба баланд бардоштани сифати раванди таълим ва тарбия мусоидат мекунад [5]. Илова бар ин, рушди инфрасохтор ба коҳиш додани нобаробарии минтақавӣ дар соҳаи маориф замина гузошта, ба таъмини адолати иҷтимоӣ ва рушди мутавозини ҷомеа мусоидат менамояд.

Дар раванди таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон, омӯзиш ва таҳлили осори илмию таърихии Эмомалӣ Раҳмон мавқеи хос ва аҳамияти муҳими тарбиявӣ дорад. Асарҳои пурмуҳтаво ва арзишманди Пешвои миллат, аз қабили «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Тоҷикистон дар остонаи фардо», «Ҷавонон – ояндаи миллат», «Аз Ориён то Сомониён», «Истиқлолият неъмати бебаҳост», «Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ», «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат», «Сарнавишти миллати соҳибтамаддун», «Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо», «Чеҳраҳои мондагор» ва «Уфуқҳои истиқлол» дар ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии ҷавонон нақши муҳим мебозанд.

Дар консепсияи тарбиявии Пешвои миллат ояндаи давлат ва ҷомеа мустақиман бо сатҳи маърифатию ахлоқии ҷавонон алоқаманд дониста мешавад. Аз ин рӯ, таълиму тарбияи босифат ҳамчун омили калидии рушди устувори миллат арзёбӣ мегардад. Асарҳои мазкур на танҳо дорои аҳамияти илмӣ ва таърихӣ мебошанд, балки ҳамчун манбаи муҳими тарбияи маънавӣ ва шаҳрвандии насли наврас хизмат мекунанд.

Махсусан, китоби «Чеҳраҳои мондагор» дорои арзиши баланди тарбиявӣ ва маърифатӣ буда, дар он муаллиф ҳаёт, фаъолият ва хизматҳои фарзандони барҷастаи миллати тоҷикро бо таҳлили амиқ ва асоснок баррасӣ намудааст. Ин асар намунаи ибрат барои ҷавонон гардида, онҳоро ба ватандӯстӣ, фидокорӣ ва эҳтиром ба таърихи миллӣ ҳидоят менамояд [11, с. 455-461].

Ҳамзамон, асари «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» ҳамчун як таҳқиқоти бунёдии илмӣ мавқеи хос дорад. Дар он таърихи қадимаи тоҷикон ва тамаддуни ориёӣ дар заминаи манбаъҳои боэътимоди таърихӣ ва дастовардҳои муосири илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф дар ин асар масъалаҳои муҳимми ташаккули халқиятҳои

ориёӣ, рушди давлатдории миллӣ, нақши фарҳанг ва тамаддуни ниёгонро дар пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ ба таври ҳамаҷониба таҳлил намудааст [6, с. 263-268].

Дар маҷмуъ, омӯзиши осори Пешвои миллат барои ҷомеа, махсусан барои наврасону ҷавонон, аҳамияти бузурги тарбиявӣ дорад. Онҳо ҳамчун сарчашмаи муҳими худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва ташаккули арзишҳои маънавӣ хизмат намуда, дар тарбияи шахсияти комил, масъулиятшинос ва содиқ ба Ватан нақши муассир мебозанд.

Консепсияи педагогии Эмомалӣ Раҳмон низоми мукаммали назариявӣ ва амалиро дар бар мегирад, ки ба рушди соҳаи маориф ҳамчун пояи асосии пешрафти давлат ва ҷомеа равона шудааст. Ин консепсия бо хусусияти фарогир ва стратегӣ фарқ намуда, самтҳои асосии онро як қатор унсурҳои калидӣ ташкил медиҳанд.

Аз ҷумла, яке аз хусусиятҳои муҳими он афзалиятнок донистани рушди низоми маориф ба ҳисоб меравад, ки дар сиёсати давлатӣ ҳамчун самти стратегӣ муайян шудааст. Ҳамзамон, дар доираи ин равиш ҳамгироии раванди таълим ва тарбия мавқеи муҳим касб намуда, ба ташаккули шахсияти комил ва мутобиқ ба талаботи ҷомеаи муосир мусоидат менамояд.

Илова бар ин, дар консепсияи мазкур ба баланд бардоштани нақш ва мақоми омӯзгор аҳамияти махсус дода мешавад, зеро омӯзгор ҳамчун субъекти марказии раванди таълиму тарбия баромад мекунад. Дар баробари ин, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии кормандони соҳаи маориф, аз ҷумла тавассути баланд бардоштани музди меҳнат ва фароҳам овардани шароити мусоид, яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад.

Ҷузъи муҳими дигар навсозии инфрасохтори соҳаи маориф мебошад, ки тавассути сохтмон ва таҷдиди муассисаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва фароҳам овардани муҳити таълимии мувофиқ амалӣ мегардад. Ҳамзамон, дар доираи ин консепсия ташаккули худшиносии миллӣ тавассути истифода ва эҳёи мероси таърихию фарҳангӣ аҳамияти хоса дорад, ки ба таҳкими ҳувияти миллӣ ва ваҳдати ҷомеа мусоидат менамояд.

Хулоса. Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон дод, ки консепсияи педагогии Эмомалӣ Раҳмон дорои хусусияти фарогир ва стратегӣ буда, ба рушди низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Дар доираи ин консепсия маориф ҳамчун омили калидии ташаккули сармояи инсонӣ, таҳкими давлатдорӣ ва рушди устувори ҷомеа баррасӣ мешавад.

Самтҳои асосии он – ҳамгироии таълим ва тарбия, баланд бардоштани мақоми омӯзгор, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии кормандони соҳа ва рушди инфрасохтори маориф, барои баланд бардоштани сифати таҳсил ва тарбияи насли худогоҳу масъулиятшинос заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Дар маҷмуъ, татбиқи ин консепсия ба ташаккули ҷомеаи маърифатнок, рақобатпазир ва дорои арзишҳои устувори миллӣ мусоидат менамояд.

Адабиёт

1. Акрамзода, Ш.М. Баъзе масъалаҳо оид ба масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд аз рӯйи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.М. Акрамзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 8. – С. 274-281.
2. Ахмадзода, З.К. Развитие сферы образования в Таджикистане в годы независимости / З.К. Ахмадзода // Государственное управление. – 2020. – № 2(46). – С. 97-101.
3. Ибодуллозода, А.И. Масъалаҳои мактабу маориф дар Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон / А.И. Ибодуллозода // Вестник Педагогического университета. – 2024. – № 5-6(112-113). – С. 171-175.
4. Изатулоева, Х.И. Сатҳи сифати таълим дар Мадди назари давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон / Х. И. Изатулоева // Фурӯғи илм. – 2025. – № 1. – С. 409-413.
5. Лутфуллоев, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик "Осори педагогӣ": Воситаи таълимӣ [Матн] / М. Лутфуллоев - Душанбе: "Собириён", 2015. - 704 с
6. Одинаев, Ш.М. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар омӯзиши таъриху фарҳанги тоҷикон / Ш.М. Одинаев // Вестник Педагогического университета. – 2025. – № 2(115). – С. 263-268.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/54181 (санаи мурочиат 29.03.2026)
8. Саҳми беназири Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди илму маориф дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон / С.Т. Тоирзода, У.М. Давлатова, М.М. Саидзода, Р.Т. Авлиекулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – No. 11. – С. 253-263.
9. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://president.tj/event/speeches/47089 (санаи мурочиат 29.03.2026)
10. Умаров, А.Қ. Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори маорифи миллӣ / А.Қ. Умаров, А.Ш. Абдулоев // Илм-асоси рушди инноватсионӣ: Маводҳои конференсияи X байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи, Душанбе, 17–18 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи техникии тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, 2025. – С. 400-405.
11. Файзов, Р.Х. Нақши «Чеҳраҳои мондагор»- и Пешвои миллат дар ташаккули худшиносии миллӣ / Р.Х. Файзов // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 4-1(69). – С. 455-461.
12. Шарафзода, Б.А. Ташаббусҳои маорифпарваронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.А. Шарафзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2024. – № 4(54). – С. 93-96.
13. Шарифзода, С.Ш. Рушди соҳаи маориф ҳамчун заминаи таҳкими соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ / С.Ш. Шарифзода, А.З. Куканов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №. 4-1. – С. 200-207.
14. Шоҳиен, Н.Н. Мактаби сиёсӣ ва саҳми беназири Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди илму маориф дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон / Н. Н. Шоҳиен // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2021. – № 2. – С. 21-33.
15. Юлбекова, Н.Ш. Маориф ҳамчун институти иҷтимоӣ / Н.Ш. Юлбекова // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2022. – Т. 2, № 2(24). – С. 76-84.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Раҷабов Фирӯз Файзуллоевич - Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов. Адрес: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Лучоб 53. Email: firuzrajabov985@gmail.com*

Сведения об авторе: *Раджабов Фируз Файзуллоевич - Таджикский институт физической культуры имени С. Рахимова. Адрес: 734061, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, город Лучоб 53. Email: firuzrajabov985@gmail.com*

Information about the author: *Rajabov Firuz Fayzulloevich - Tajik Institute of Physical Education Address: 734061, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Luchob town 53. Email: firuzrajabov985@gmail.com*

ТДУ 796.011:373.5

МОҲИЯТИ ДАРСҲОИ ТАРБИЯИ ҷИСМОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Ҳалимшоҳи Саидҷон
Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ
Табаров Нурулло Сафаралиевич
Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам

Дар мақола моҳияти дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон дода шудааст.

Муаллифон қайд мекунанд, ки машқҳои варзишие, ки дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ истифода мешаванд, шабоҳат ба ҳаёти ҳаррӯза дошта, қисми зиёди онҳоро дар раванди фаъолият мушоҳида кардан мумкин аст. Мақсади дарси тарбияи ҷисмонӣ ҳам, маҳз, дар ҳамин асос меёбад, ки солимии хонандагонро бо истифодаи машқҳои варзишӣ таъмин карда, шароитҳои гуногуни педагогӣ ҷиҳати самаранок ташкил кардани раванди омӯзиш, тайёрӣ ба меҳнат ва истироҳатро барои хонандагон фароҳам меорад.

Тавассути дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва суҳбатҳои мушаххаси омӯзгорон хонандагон дар бораи мақсад, моҳият ва комёбиҳои соҳаи варзиш шинос гардида, донишҳоро дар бораи ин соҳа аз худ мекунанд.

Моҳияти муносибатҳои коллективӣ, ки дар раванди дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ҳалли худро меёбанд, дар фаъолияти таълимӣ ва ҳаётии хонандагон нақши назаррас доранд. Инчунин, муносибатҳои коллективӣ дар ташаккули шахс, пайдоиши малакаҳои муносибат дар гуфтор, кирдор, амалу ҳаракат ва маҳорати бо гурӯҳ робитаи ҳамкориро тақвият бахшидан заминаи мусоид фароҳам меорад.

Корҳои илмиии олимони соҳа собит месозанд, ки ба варзиш машғул гардидани хонандагон фаъолияти таълимии онҳоро баланд бардошта, амлҳои фикриро ба маротиб метезонад. Зиёд гардидани фаъолияти ҷисмонӣ ба хонандагон имконият медиҳанд, ки барои амалӣ гардондани неруи моторӣ шароит фароҳам оварда шавад.

Калидвожаҳо: *моҳият, хусусият, хонандагон, мактаб, дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, ташаккул, далерӣ, ҷасорат, ирода, фаъолият, инкишоф, шуҷоат, маромнокӣ.*

СУЩНОСТЬ УРОКОВ ФИЗКУЛЬТУРЫ В СРЕДНИХ ШКОЛАХ

В статье рассматривается сущность уроков физкультуры в средних школах.

Авторы отмечают, что спортивные упражнения, используемые на уроках физкультуры, схожи с повседневной жизнью, и большинство из них можно наблюдать в процессе деятельности. Цель уроков физкультуры заключается именно в этом – обеспечении здоровья учащихся посредством спортивных упражнений и создании различных педагогических условий для эффективной организации учебного процесса, подготовки к работе и отдыху учащихся.

Благодаря урокам физкультуры и специальным беседам учителей учащиеся узнают о целях, сущности и достижениях в области спорта и приобретают знания об этой области.

Сущность коллективных отношений, которые разрешаются в процессе уроков физкультуры, играют значительную роль в учебно-жизненной деятельности учащихся. Также коллективные отношения обеспечивают благоприятную основу для формирования личности, появления коммуникативных навыков в речи, действиях, поступках и движениях, а также способности укреплять сотрудничество в группе.

Научные работы ученых в этой области доказывают, что вовлечение учащихся в спорт повышает их успеваемость и значительно ускоряет их интеллектуальную деятельность. Повышенная физическая активность позволяет учащимся создавать условия для реализации двигательных навыков.

Ключевые слова: *сущность, характеристики, учащиеся, школа, уроки физкультуры, формирование, смелость, мужество, воля, активность, развитие, настойчивость.*

THE NATURE OF PHYSICAL EDUCATION LESSONS IN SECONDARY SCHOOLS

This article examines the nature of physical education lessons in secondary schools.

The authors note that the sports exercises used in physical education lessons are similar to those used in everyday life, and most of them can be observed during activities. The purpose of physical education lessons is precisely this: to ensure students' health through sports exercises and to create various pedagogical conditions for the effective organization of the educational process, preparing them for work and leisure.

Through physical education lessons and special teacher discussions, students learn about the goals, nature, and achievements of sports and acquire knowledge about this field.

The nature of the collective relationships fostered during physical education lessons plays a significant role in students' academic and life activities. These collective relationships also provide a favorable foundation for personality development, the development of communication skills in speech, actions, behavior, and movement, as well as the ability to strengthen group cooperation.

Research in this field demonstrates that engaging students in sports improves their academic performance and significantly accelerates their intellectual development. Increased physical activity allows students to create conditions for developing motor skills.

Keywords: *essence, characteristics, students, school, physical education lessons, development, courage, bravery, willpower, activity, development, perseverance.*

Муқаддима. Раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ягонагии ҷараёни маърифатӣ ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани таълим, тарбия ва инкишофи хонандагон арзёбӣ мегардад. Моҳияти ин раванд дар он зоҳир мегардад, ки аввалан, аз ҷониби омӯзгорон таҷрибаи иҷтимоӣ ба шогирдон омӯзонида мешавад, дигар ин ки хонандагон тавассути ҳамкориҳои дуҷониба донишу малака ва маҳорати таълимию тарбиявиро аз худ мекунанд.

Моҳияти дигар раванди таълиму тарбия дар мактаб аз он иборат аст, ки ҳадафҳои иҷтимоӣ ба мисли, қонеъ гардонидани талаботи ҷомеаи муосир нисбат ба шахсони бомаърифат, босавод ва боистеъдод, ки қодиранд дар ҳалли вазифаҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ иштирок менамоянд, таъмин карда шаванд.

Барои таҳлилу ошкорсозии моҳияти дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мо аз **метод ва методологияи муосири педагогӣ** ба мисли, таҳлили адабиёте, ки ба мавзуи мазкур наздикӣ доранд, омӯзиши вазъи кунунии дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мушоҳидаҳои педагогӣ ва таҳлили таҷрибаи мутахассисони соҳа истифода намудем.

Қисмати асосӣ. Мисли дигар фанҳои таълимӣ дар мактаб унсурҳои асосии раванди омӯзиши фанни тарбияи ҷисмонӣ таълим, тарбия ва таҷрибанок намудани хонандагон маҳсуб меёбад.

Раванди таълиму тарбия дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ моҳият, хусусият ва мундариҷаи худро доро мебошанд. Ва ҳар яки он, дар навбати худ ва дар ҳолатҳои хос раванди омӯзишро ҷиллои дигар мебахшанд. Онҳо ба ҳам алоқаманд буда, таҷрибаи иҷтимоии хонандагонро ғанӣ мегардонанд.

Ба андешаи педагогҳо Ж.К. Холодов ва В.С. Кузнецов: «Дар раванди дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ доираи васеи донишҳои хонандагон дар бораи гигиена, ҷанбаҳои тиббию биологӣ ва методологиии фарҳанги ҷисмонӣ ва варзиш пайдо мегарданд. Ин донишҳо дарсҳои тарбияи ҷисмониро пурмазмун ва самаранок мегардонанд. Тарбияи ҷисмонӣ раванди ҳалли мушкилоти мушаххаси таълимӣ ва инкишофӣ буда, тамоми хусусиятҳои раванди педагогиро дар худ дорад» [14, с.7].

Хусусияти фарқкунандаи тарбияи ҷисмонӣ дар он аст, ки он рушди мунтазами малака ва қобилиятҳои ҳаракатӣ ва рушди мақсадноки хислатҳои ҷисмонии шахсро таъмин мекунад, ки омезиши онҳо ба таври қатъӣ фаъолияти ҷисмонии ӯро муайян мекунад.

Ба ҷузъҳои таркибии раванди дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ мақсад, вазифаҳо, мундариҷа, воситаҳо, усулҳо ва шаклҳои ҳамкории омӯзгорон, хонандагон ва шароитҳои педагогӣ дохил мешаванд.

Мусаллам аст, ки фанни тарбияи ҷисмонӣ дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба хонандагон таълим дода мешавад. Машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ аз рӯйи реҷаи муайне, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, дар рӯзу соатҳои муайяни ҳафта ба муҳлати 45 дақиқа гузаронида мешаванд.

Мунтазам ва дуруст ба роҳ мондани ҷараёни таълими дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ муваффақияти ин равандро таъмин карда, хонандагонро баҳри иҷрои супоришҳои гуногуни таълимӣ, ки аз ҷониби омӯзгор ба шогирдон омӯзонида мешаванд ва дар ин ҷараён такмили маҳорату малакаҳо инкишоф меёбанд, роҳандозӣ мекунанд. Яъне, дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун асос барои фаъолияти мустақили инфиродӣ ё гурӯҳии хонандагон хизмат мекунанд.

Ба андешаи педагог И.А. Пахамович: «Ҳангоми дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ меъёрҳои ахлоқии рафтор аз ҷониби хонандагон аз худ карда мешаванд, ки меъёрҳо ба одат табдил ёфта, муносибати онҳоро дар раванди таълим, фаъолият ва ҳаёти иҷтимоӣ ташаккул медиҳанд. Иняунин, тарбияи ҷисмонӣ ба ташаккули зеҳнияти хонандагон таъсирҳои гуногун мерасонанд. Тарбияи ҷисмонӣ донишҳои махсуси хонандагонро ғанӣ гардонида, ҷиҳати рушди фаъолияти маърифатӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Илова ба ин, дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ҷанбаҳои эстетикии хонандагонро низ инкишоф медиҳанд. Ба варзиш машғул гардидан ҳамоҳангии рафторро бо тафаккур тавъам сохта, барои зебо гардонидани андом, ҳаракати ҷаззоб ва гардиши сабук шароит муҳайё месозанд» [6, с.34].

Тарбияи ҷисмонӣ аҳамияти амалӣ низ барои хонандагон дорад. Машқҳои варзишие, ки дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ истифода мешаванд, шабоҳат ба ҳаёти ҳаррӯза дошта, қисми зиёди онҳоро дар раванди фаъолият мушоҳида кардан мумкин аст. Мақсади дарси тарбияи ҷисмонӣ ҳам, маҳз, дар ҳамин асос меёбад, ки солимии хонандагонро бо истифодаи машқҳои варзишӣ таъмин карда, шароитҳои гуногуни педагогӣ ҷиҳати самаранок ташкил кардани раванди омӯзиш, тайёрӣ ба меҳнат ва истироҳатро барои хонандагон фароҳам меорад.

Тавассути дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва суҳбатҳои мушаххаси омӯзгорон хонандагон дар бораи мақсад, моҳият ва комёбиҳои соҳаи варзиш шинос гардида, донишҳоро дар бораи ин соҳа аз худ мекунанд.

Дар раванди машғулиятҳои ҷисмонӣ хонандагон бо намудҳои нави машқҳои варзишӣ ва бозиҳо шинос шуда, шавқу завқро ба гимнастика, футбол, баскетбол, волейбол ва амсоли инҳо тақвият мебахшанд. Ҳамаи ин хонандагонро водор мекунад, ки ба варзиш дар дохили мактаб ва берун аз он машғул гарданд.

Тавре дар зербоби якум зикр кардем, гарчанде дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ хосияту хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад, дар баробари ин моҳият ва нақши назаррасро дар таълиму тарбияи хонандагон гузошта метавонанд. Масалан, дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ хонандагон бо либосҳо ва пойафзоли махсус ба дарс мепардозанд, ки ин навъи ташкили дарс танҳо дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ба мушоҳида мерасад. Агар, аз як тараф ба ташкили дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ назар афканем либосҳои варзишӣ хоси дарс бошанд, аз ҷониби дигар, хонандагон баъди дарсҳо барои бадани худро тоза нигоҳ доштан оббозӣ мекунанд ва сару андоми худро тоза нигоҳ медоранд. Яъне, солимии худро таъмин карда, гигиенаи ҳаррӯзаро риоя мекунанд.

Дар раванди дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ хонандагон ҳангоми иҷрои бозиҳои варзишӣ мавкеи худро такроран тағйир медиҳанд ва бо ҳамдигар таъсир расонида, муносибатҳоро барқарор мекунанд.

Дар гурӯҳи ҳамсолон ва ҳамсинфон амал кардан ва бо онҳо созиш кардан асоси муваффақиятҳои хонандагон ба ҳисоб меравад. Моҳияти ин масъаларо ҳам равоншиносон ва ҳам педагогҳо дар шаклҳои гуногун борҳо собит кардаанд.

Моҳияти муносибатҳои коллективӣ, ки дар раванди дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ҳалли худро меёбанд, дар фаъолияти таълимӣ ва ҳаётии хонандагон нақши назаррас доранд.

Инчунин, муносибатҳои коллективӣ дар ташаккули шахс, пайдоиши малакаҳои муносибат дар гуфтор, кирдор, амалу ҳаракат ва маҳорати бо гурӯҳ робитаи ҳамкориро тақвият бахшидан заминаи мусоид фароҳам меорад.

Тавре педагог Н.С. Табаров қайд мекунад: «Дар илми педагогика коллектив ин шакли ташкил ва ҷамъи одамон дар асоси фаъолияти мақсади муайян дониста мешавад. Коллектив шароит фароҳам меорад, то шахс худро аз лиҳози эҷодӣ нишон диҳад. Қудрату қобилиятҳои худро рушд диҳад ва ба ин васила ба дигарон таъсири мусбат расонад»[9,с.114].

Аз мушоҳидаҳои педагогӣ ошкор мегардад, ки хонандагони синфҳои 1-4, ки дар онҳо ҳиссиёти коллективӣ на он қадар рушд кардааст ва онҳо дар якҷоягӣ амал карданро то андозаи лозимӣ наомӯхтаанд, самаронок ба роҳ мондани муносибатҳои коллективӣ дар машғулиятҳои ҷисмонӣ ба омӯзгор даст намедиҳад. Ва омӯзгор бо заҳматҳои зиёд дарсро мегузаронад. Масалан, хонандагони синфҳои 1-4 ҳангоми бозиҳои варзишӣ, бештар, назди муаллим шикоят мебаранд: «Ӯ маро тела дод», «Ӯ тубро ба ман намедиҳад», «Либоси маро чиркин кард» ва амсоли инҳо. Яъне, бе ягон мамоният ва бе ягон тарсу ҳарос онҳо назди муаллим шикоят мекунанд. Ин шикоятҳои онҳо на барои он аст, ки ҳамсабақи худро паст зананд ё таҳқир кунанд. Баръакс, онҳо танҳо як амали муҳофизатӣ аз омилҳои беруна мебошанд. Хонандагони синфҳои 1-4 бо ин амали худ, омӯзгорро огоҳ мекунанд, ки ӯ тайёр аст, супориши муаллимро иҷро кунад, вале ҳамсабақон ба ӯ монеъ мешавнд.

Ба таври дигар, ин шикоятҳои хонандагони синфҳои 1-4 софдилона ва масъулиятшиносона буда, ягон ғарази иҷтимоӣ надоранд. Мақсади шикояти хонанда ба муаллим танҳо ба роҳ мондани тартибот дар раванди дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ мебошад. Ва ӯ бо истифода аз мавқеи муаллим мехоҳад низомро дурурст роҳандозӣ кунад.

Бо гузашти вақт шикоятҳои хонандагон ба якдигар назди омӯзгор кам мешаванд. Ва табиати аслии худро гум мекунанд. Хонандагон хатогии ҳамсабақи худро на ба воситаи шикоят, балки бо ҳам омада онро муҳокима мекунанд. Яъне, муносибатҳои коллективӣ дар байни гурӯҳ роҳандозӣ гардида, ба фикрҳои ҳамдигар гуш карданро хонандагон меомӯзанд.

Бояд қайд кард, ки ҳаёти мактабӣ барои наврасон нақши бузург дорад. Зеро, фазои мактаб муҳити махсусест, ки ба ташаккули ҷанбаҳои гуногуни хонандагон таъсир расонида, инкишофи муносибатҳои коллективиро таъмин месозад. Асоси фаъолияти наврасон ин муносибати онҳо бо ҳамсабақон ва шахсони дигарон мебошад.

Тавре муҳаққиқ Е.А.Воздвиженскова қайд мекунад: «Раванди омӯзиши коллективона ҳамчун сохтори таълимӣ муайян карда шуда, ҷиҳати барқарорсозии муносибатҳои гурӯҳӣ, ки ҷуфт-ҷуфт сурат мегиранд, дониста мешавад. Муносибатҳои таълими коллективӣ ба ҳар як узви гурӯҳ имкон медиҳанд, ки бо ҳамдигар алоқа барқарор карда, сатҳу сифати дониши худро мукаммал созанд. Тавассути омӯзиши коллктивона хонандагон малакаҳои мустақилӣ ва муоширатро самаранок инкишоф медиҳанд» [1, с.23].

Ҳар як муҳити коллективӣ аз ибтидои ташаккул меъёру қоидаҳои муносибатҳоро доро буда, тавассути онҳо фаъолият ба роҳ монда мешавад.

Маромнокии аввалиндараҷаи муносибатҳои коллективии хонандагон ин дар муҳити ҳамсолон ва мактаб хоҳиши пайдо кардани маъруфият ва шуҳрат аст. Табиати синну соли наврасӣ ҳам дар ҳамин асос меёбад. Яъне, хонандагони синфҳои 8-11, ки аллакай ба андом, сару руй, чеҳра ва тарзи либоспӯшӣ диққат медиҳанд, мехоҳанд дар коллектив мавқеъ ва маъруфият дошта бошанд.

Омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ ҳангоми ташкили мусобиқаҳои варзишӣ чунин ҷанбаҳое, ки дар боло зикр кардем бояд ба назар гирад. Зеро, як хонандае, ки дар коллектив маъруфият дорад, метавонад дастаро ба ғолиябият расонад. Аз ин рӯ, омӯзгор барои муайян кардани мақоми наврас дар синф, хусусиятҳои фаъолият, сатҳи инкишофи ҷисмонӣ ва равонии ӯро ба эътибор гирад. Зеро, мавқеи пасти хонанда дар гурӯҳи ҳамсолон боиси мағлубияти тими варзишӣ мегардад.

Агар, омӯзгор тими варзиширо дар асоси хоҳишҳои ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмии хонандагон бунёд кунад, пас ин маънои онро дорад, ки гурӯҳ дуруст ташкил карда шудааст ва дар мусобиқаҳои варзишӣ имконияти ғолиб баромаданро дорад.

Бояд қайд кард, ки муноқишаҳои роҳбарикунанда (лидер) маъмултарин низоъҳо дар байни наврасон мебошанд. Асоси ин низоъҳо муборизаи ду хонанда барои сарварии гурӯҳ ба шумор меравад. Аксар вақт, гурӯҳи писарон дар раванди бозиҳои варзишӣ бо гурӯҳи духтарон даргир мешаванд. Дар баъзан ҳолат як гурӯҳ метавонад якчанд роҳбар дошта бошад, ки қисме аз он муваққатӣ аст. Яъне, дар тими варзишӣ дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ роҳбари муваққатӣ низ вуҷуд дошта метавонад.

Роҳбари муваққатӣ метавонад вазъияти низоъро ба вуҷуд орад. Роҳбарони сершумор дар гурӯҳ муаваффақияти тими варзиширо таъмин карда наметавонанд. Ҳангоми ташкили тими варзишӣ омӯзгорро мебояд амни гурӯҳро дар асоси фаҳмонидан ва тарғиб кардани ғояҳои ахлоқӣ таъмин созад. Роҳбари тими варзишӣ мисли оинаи гурӯҳ аст, ки дорои хислатҳо ва рафторҳои муайяние мебошад, ки дигаронро аз паси худ бурда тавонад. Ва дигарон ба ӯ эътимод дошта бошанд.

Роҳбари ҳақиқӣ дар гурӯҳ шахсе дониста мешавад, ки дигаронро дар ҳолатҳои вазнин ёрӣ расонад, меҳри дигаронро ба варзиш баланд бардорад ва намуна бошад. Асосан, чунин хислатҳо модарзодӣ мешаванд ва дар давоми фаъолияти таълимӣ ошкор мегарданд.

Моҳияти дигари дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар он аст, ки дар раванди он ҷисми хонандагон ташаккул ёфта, омодагиҳо ҷиҳати ҳифзи марзу буми Ватан баланд мегарданд.

Машқҳои мунтазам, ки дар раванди дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ амалӣ мегарданд, системаи дилу рагҳоро мустаҳкам намуда, устуворирo ҷиҳати амалҳои таълимӣ беҳтар мекунад. Илова ба ин, вазни зиёдатии шахсро бартараф карда, дар ҳолати мувозинати солимӣ ӯро нигоҳ медорад.

Тавре ки муҳаққиқон Ж.К.Холодов ва В.С.Кузнетсов қайд мекунанд: «Тарбияи ҷисмонӣ инкишофи ҳамоҳангии функсияҳои физиологии инсонро беҳтар карда, ба рушди ҳамаҷонибаи сифатҳои ҷисмонӣ ва қобилиятҳои ҳаракатӣ мусоидат мекунад, ки дар ниҳоят мунтазамии фаъолият беҳтар мегардад» [14, с.10].

Ба варзиш машғул нагардидани хонандагон фаъолияти мушакҳоро тағйир дода, қувват ва ҳаракати ҷисмониро заиф месозад, ки дар натиҷа малакаҳои моторӣ ва ҳамоҳангии онҳо тарҳи дигар мегиранд.

Корҳои илмиии олимони соҳа собит месозанд, ки ба варзиш машғул гардидани хонандагон фаъолияти таълимии онҳоро баланд бардошта, амлҳои фикриро ба маротиб метезонад. Зиёд гардидани фаъолияти ҷисмонӣ ба хонандагон имконият медиҳанд, ки барои амалӣ гардондани неруи моторӣ шароит фароҳам оварда шавад. Ва дар ин раванд як қатор масъалаҳои вобаста ба пайдоиш ва паҳншавии вирусҳои зараровар ба саломатӣ пешгирӣ карда шаванд. Илова ба ин тарбияи ҷисмонӣ узвҳои мушаку устухонҳоро мустаҳкам карда, аз омилҳои гуногуни номусоидии муҳити зист эмин нигоҳ медорад.

Машқҳои варзишие, ки дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ истифода мегарданд, метавонад ба қисмҳои гуногуни бадан, системаҳо ва узвҳо таъсир расонанд. Хонандагоне, ки мунтазам бо машқҳои ҷисмонӣ машғул мешаванд, назар ба онҳое, ки тамрин намекунанд, тезтар ба воя мерасанд, устухонҳо ва пайвандҳои мустаҳкам доранд, инкишофи мушакҳояшон беҳтар буда, дили пурқувват ва қобилияти нафаскашии шушҳо зиёдтар аст.

Инчунин, тарбияи ҷисмонӣ ба тағйироти муайяни бадани хонандагон мусоидат карда, устуворӣ ва тоқатпазирии онҳоро ба омилхои гуногуни номусоиди муҳити зист зиёд мекунад. Чунин хонандагон ба шароити зиндагии муосир беҳтар мутобиқ мешаванд, камтар бемор мешаванд, дар сафарҳои дуру дароз мондаю дар нақлиёти ҷамъиятӣ асабӣ намешаванд ва садо баланд намекунанд.

Хонандагоне, ки ба тарбияи ҷисмонӣ машғул мешаванд, вазни муқаррарӣ ва ҷисми хуб доранд. Онҳо чолок, қавӣ, чандир ва устувор ҳастанд.

Тарбияи ҷисмонӣ андоми физиологии хонандагонро таҳким бахшида, ҳаракати дасту пойҳоро суръат мебахшад. Дар раванди дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ мубодилаи моддаҳо, фаъолияти мушакҳо ва буғумҳо ба тадриҷ ташаккул ёфта, системаи марказии асабро ором нигоҳ медоранд. Яъне, тарбияи ҷисмонӣ манбаи тавонои ба танзим дорорандаи организм ва дасту бозуи хонандагон мебошад.

Педагог Б.А. Ашмарина ба ин назар ҳаст, ки: «Тарбияи ҷисмонӣ низоми педагогӣ буда, барои рушди ҷисмонии шахс мусоидат мекунад. Тарбияи ҷисмонӣ аз маҷмуи машқҳои таҳияшудаи варзишӣ, ки дар якҷоягӣ бо омилҳои гигиенӣ, ки барои инкишофи малакаҳои ҳаракатӣ, донишҳои махсус ва ташаккули сифатҳои ҷисмонӣ нигаронида шудааст, иборат буда, мувофиқи талаботи ҷомеа истифода мегарданд. Ба ибораи дигар, тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун раванди педагогӣ ҷиҳати рушди ҷисмонӣ ва тарбияи варзишии шахс тарҳрезӣ гардидааст» [11, с.11].

Тавре дар боло қайд кардем дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ба системаи дилу рагҳо таъсир расонида, гардиши хунро муътадил нигоҳ медоранд. Иҷрои машқҳои ҷисмонӣ ба ҳаҷми амалҳои худкоре, ки шахс метавонад дар муддати тӯлонӣ ва бо шиддати кофӣ баланд иҷро кунад, мусоидат мекунад. Азбаски кори тӯлонии мушакҳо, ки бо таъминоти оксиген ниёз дорад, ҳангоми тамрин ва иҷрои машқҳо ҳалли худро меёбанд. Масалан, набзи дили шахсоне, ки ба варзиш машғул нестанд, маъмулан 72-84 зарба дар як дақиқа аст, дар ҳоле ки дили варзишгари ботаҷриба дар ҳолати оромӣ 60 зарба дар як дақиқа ва дар баъзан ҳолат 36-38 зарба мезанад. Аз ин баремояд, ки тарбияи ҷисмонӣ ба кори дил бештар фоиданок буда, коршоямӣ ва муътадилии ӯро таъмин мекунад.

Тавре ки муҳаққиқ Е.С.Григорович қайд мекунад: «Давидан яке аз қадимтарин ва исботшудатарин амалияҳои солимгардонии шахс донитс мешавад. Давидан ба дил, рагҳои хунгузар, фишори муқаррарии хун, вазни мӯътадил ва барои неруйи эҷодӣ мусоидат мекунад. Таҳқиқот собит сохтаанд, ки машқҳои мунтазам (се маротиба дар як ҳафта ба муддати 20-30 дақиқа) роҳи муассири назорат ва ҳатто пешгирии гипертония мебошанд»[3,с.10].

Агар ба сохтори дил назар афканем мисли дигар мушакҳои бадани инсон аст. Ва мисли ҳама мушакҳои дигари бадан онро ҳам метавон бо тариқи тамрин пурқувват кард. Дили инсон як навъ «насос» аст, ки пайваста хунро ба воситаи рагҳо равон карда, ба ин васила ҳуҷайраҳоро бо оксигену ғизо таъмин мекунад ва маҳсулоти нодаркорро ба узвҳои ихроҷ интиқол медиҳад. Ҳар қадаре, ки дил аз ҳисоби тамрин накардан сусту заиф шавад, ҳамон қадар фарсудагии он дарк карда мешавад.

Зарурати кори самарабахши мушакҳои дил аз чунин нуқтаи назар ошкор мегардад. Агар, дасти солимро дар гач гузошта, дуру дароз ва бе ҳаракат нигоҳ доранд, пас аз муддате мушакҳои он сусту заиф гашта, бофтаҳо ба тадриҷ вайрон, ки дар ниҳоят ба марги пурраи узвҳои даст оварда мерасонад. Ин дар ҳолест, ки рагҳои хунгузари дастон то бастани гаҷ ба он солим буданд. Аз ин баремояд, ки ҳар як мушак на танҳо узви ҳаракати хунро таъмин мекунад, балки вазифаҳои ҳаётан муҳимми баданро фаъол месозанд.

Дили инсон ягона қисмати организме мебошад, ки бе ҳамрадиф кор мекунад. Зеро, вазифаи дилро ягон узви бадани инсон ба ҷо оварда наметавонад. Дар ин кори бениҳоят мураккаб ба дил гардиши хун мусоидат мекунанд. Бо ин матлаб метавон гуфт, ки дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ кори тамоми узвҳои хонандагонро беҳтар сохта, ҷиҳати фаъолияти таълимӣ шароит фароҳам меорад.

Моҳияти дигари дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагон дар он аст, ки тарзи ҳаёти солимро ба онҳо меомӯзонад. Хонандагон тарзи дурусти нигоҳубини бадани худро тавассути машқҳои ҷисмонӣ, бозиҳои варзишӣ ва роҳнамоиҳои ғамхоронаи омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ фаҳмиш мекунанд.

Гимнастика, машқҳои ҷисмонӣ ва тамрин дар ҳавои кушод аз ҷанбаҳои ҳаётии ҳар як шахсе ба ҳисоб мераванд, ки мехоҳанд саломатӣ ва тарзи ҳаёти солимро дар меҳвари фаъолияти худ, қарор диҳанд.

Тарзи ҳаёти солим, ки дар раванди дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ амали мегардад, хонандагонро аз бемориҳои сироятии бардавом нигоҳ дошта, тарзи дурурсти нигоҳубини баданро меомӯзонад.

Хулоса, арзиши ҳаёти солимро инсон бо гузашти вақт қадр мекунад. Ҳар як шахси калонсол орзуи солим буданро дорад. Фаҳмишҳои наврасон дар бораи арзиши саломатӣ то андозаи лозимӣ нестанд. Аз ин рӯ, дар синни наврасӣ ба хонандагон омӯзонидани тарзи

ҳаёти солим, нигоҳубини андом ва баланд бардоштани имунитети худ, аз манфиат холӣ набуда, ба ин васила фаъолияти минбаъдаи таълимиро таҳким бахшидан мумкин аст.

Адабиёт:

1. Воздвиженскова Е.А. Формирование коллектива класса начальной школы. - Тольятти 2017. -72с. –С.23
2. Гадоев М.А. Мақсад ва вазифаи тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳои Тоҷикистон / Ахбори академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. -№4. –Душанбе, 2014. –С.140-144
3. Григорович Е.С. Профилактика развития заболеваний сердечно-сосудистой систе мы средствами физической культуры: Метод. рекомендации / Е.С. Григорович, В.А. Переверзев, - М.: БГМУ, 2005. – 19 с. –С.10
4. Короткова Е.А. Воспитание волевых качеств у учащихся младшего школьного возраста со специфическими расстройствами навыков обучения. -Тольятти 2017. -97с. –С.13
5. Орлова Е.Ю. Интерактивные методы преподавания на уроках физической культуры. - [Манбаи электронӣ]: Интерактивные методы преподавания на уроках физической культуры (Санаи мурочиат 4.09.2025)
6. Пахамович, И.А. Физическая культура. Теоретические основы физического воспитания: учебное пособие / И.А. Пахамович, А.Ф. Трубицин. – Орел: ОрелГТУ, 2010. – 216 с. –С.34
7. Сидоров С. В. Организация воспитательной работы в ученическом коллективе: Учеб. пособие. – Шадринск, 2004. – 122 с. –С.12
8. Соломченко, М.А. История физической культуры и спорта / М.А. Соломченко, Т.А. Пеленицина. – Орел: ФГБОУ ВПО «Госуниверситет-УНПК», 2012. – 84 с. –С.16
9. Табаров Н.С. Ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ: Дисс.д.и.п. –Душанбе, 2026. -154с. –С.114
10. Теория и методика физической культуры: учебник / под. ред. проф. Ю.Ф. Курамшина. - М.: Советский спорт, 2010. - 464 с.
11. Теория и методики физического воспитания / Под ред. Б. А. Ашмарина. — М.: Просвещение, 1990. – 287с. –С.11
12. Ухаткина Е.С. Развитие рефлексии у младших школьников на уроках русского языка. – Тольятти, 2024. -85с. –С.25
13. Физическая культура. 1-11 классы: программы для общеобразовательных учреждений / авт.-сост.: А.П. Матвеев, Т.В. Петрова. -М.: Дрофа, 2002. - 96 с.
14. Холодов Ж.К., Кузнецов В.С. Теория и методика физического воспитания и спорта: Учеб. Пособие. - М.: Издательский центр «Академия», 2003. - 481 с. –С.7
15. Шарифов, Ф. Педагогика (курс лекций). -Душанбе. Ирфон, 2008.- 284 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Ҳалимшоҳи Саидҷон – Директори Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ. Суроға: шаҳри Бохтар, кӯчаи Кайҳонавардон, хонаи 346. Тел: 000909893. e-mail: saidjonhalimshoi@gmail.com.*

Табаров Нурулло Сафаралиевич - омзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуханифа Нуъмон ибни Собит. Суроға: н.Исмоили Сомонӣ, к.Шодмонӣ 58/1, Тел.: 2241378

Сведения об авторе: *Халимшохи Саиджон – Директор Лицея профессионально-технического образования района Абдурахмони Джоми. Адрес: г. Бохтар, ул. Кайхонавардона, дом 346. Тел: 000909893. e-mail: saidjonhalimshoi@gmail.com*

Табаров Нурулло Сафаралиевич - кандидат педагогических наук, доцент, Таджикский исламский институт имени имама Азам-Абуханифы Нумана ибн Сабита. Адрес: н. Исмаил Самани, ул. Шадмани 58/1, Тел.: 2241378

Information about the author*: Halimshokhi Saidjon – Director of the Vocational and Technical Education Lyceum of the Abdurahmoni Jomi District. Address: Bokhtar City, Kaikhonavardon Street, Building 346. Tel: 000909893. e-mail: saidjonhalimshoi@gmail.com*

Tabarov Nurullo Safaralievich - Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Islamic Institute of Tajikistan named after Imam Azam-Abu Hanifa Nu'man ibn Thabit. Address: N. Ismail Somoni, K. Shodmoni 58/1, Tel.: 2241378

ТДУ 37.016:81'373.46

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ҶАДВАЛИ ДАРСӢ ВА МАВОДИ ТАЪЛИМӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Ҳамроев Қурбоназар Маҳмарасулович
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Муаллиф дар мақолаи худ дар бораи истилоҳиборaи тоҷикии «ҷадвали дарс» ва муодили англисии он «timetable» дар соҳаи маориф ба сифати истилоҳи меҳварӣ корбаст мегарданд. Агар дар забони тоҷикӣ ҷузъҳои истилоҳиборaи «ҷадвали дарс» ба воситаи алоқаи изофӣ ба якдигар пайваст шуда бошанд, дар забони тоҷикӣ дар шакли мураккаб, яъне аз ду реша сохта шудаанд Ин ҷо зикри бархе аз истилоҳоти содаи марбут ба гурӯҳи зикршударо зарур мешуморем, ки бидуни қоидаи калимасозӣ ва истилоҳсозӣ сохта шудаанд, яъне дар таркиби онҳо ягон унсури калимасоз мавҷуд нест. Аломати истилоҳии калимаҳои умумистеъмол ҳамеша дар таркиби истилоҳ ва ҷумла зоҳир мегардад, ба монанди: ҷуфт<ҷуфти дарс, ҷуфти якум; бӯр, латта, танаффус, китоб, дафтар, ручка, сумка, тахта; Дар зер истилоҳоти мансуб ба ҷадвали дарс ва маводи таълим дар муассисаҳои таълимиро дар қолабҳои муайяни калимасозиву истилоҳсозӣ таҳлилу баррасӣ мекунем.

Калидвожаҳо: *меҳварӣ, ҷуфт, дарс, ҷуфти якум, бӯр, латта, танаффус, китоб, дафтар, ручка, сумка, тахта умумистеъмол, восита, алоқа, изофӣ, қоида, калимасозӣ.*

СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ ТЕРМИНОЛОГИИ РАСПИСАНИЯ И УЧЕБНЫХ МАТЕРИАЛОВ В УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В своей статье, посвященной таджикскому термину «расписание занятий» и его английскому эквиваленту «timetable», автор использует в качестве осевого термина в сфере образования. Если в таджикском языке компоненты слова "расписание занятий" взаимодополняют друг друга, то в таджикском языке они образуются в сложной форме, то есть состоят из двух корней, то здесь следует упомянуть некоторые простые термины, относящиеся к указанной группе, которые образованы без правил словообразования и терминообразования, то есть в их составе отсутствуют словообразовательные элементы. Терминологическое обозначение общих слов всегда проявляется в составе терминов и предложений, таких как: пара<несколько уроков, первая пара; блоха, тряпка, перерыв, книга, блокнот, ручка, сумка, доска; ниже мы анализируем и рассматриваем термины, относящиеся к расписанию занятий и учебным материалам в образовательных учреждениях в определенных формах словообразования и терминологии.

Ключевые слова: *ось, пара, урок, первая пара, мель, ткань, перерыв, книга, блокнот, ручка, сумка, общая доска, инструмент, связь, дополнение, правило, словообразование.*

STRUCTURAL ANALYZE OF TERMINOLOGIES OF TIMETABLE AND TEACHING MATERIALS IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS

In his article on the Tajik term "timetable" and its English equivalent "timetable", the author uses it as an axial term in the field of education. If in the Tajik language the components of the word "class schedule" complement each other, then in the Tajik language they are formed in a complex form, that is, they consist of two roots, then some simple terms belonging to this group should be mentioned here, which are formed without the rules of word formation and terminology, that is, they lack word-forming elements.. Common usage always manifests itself in terms and sentences, such as: a couple of lessons, the first couple; a flea, a rag, a break, a book, a notebook, a pen, a bag, a blackboard; below we analyze and consider terms related to class schedules and teaching materials in educational institutions forms of word usage and terms.

Keywords: *axis, pair, lesson, first pair, chalk, duster, break, book, notebook, pen, bag, common board, tool, connection, complement, rule, word formation.*

Муқаддима. Дар соҳаи маориф як миқдор истилоҳоте мавҷуданд, ки бевосита ба ҷадвали дарс ва маводи таълим дар муассисаҳои таълимӣ алоқаманданд. Аз ин рӯ, зикри шарҳу тавзеҳи бархе аз онҳоро инҷо зарур мешуморем.

Истилоҳибораи тоҷикии «ҷадвали дарс» ва муодили англисии он «timetable» дар соҳаи маориф ба сифати истилоҳи меҳварӣ корбаст мегарданд. Агар дар забони тоҷикӣ ҷузъҳои истилоҳибораи «ҷадвали дарс» ба воситаи алоқаи изофӣ ба якдигар пайваст шуда бошанд, дар забони тоҷикӣ дар шакли мураккаб, яъне аз ду реша сохта шудаанд. Истилоҳ-ибораи дигари марбут ба гурӯҳи таҳлилшаванда «маводи таълим» ва гунаи англисии он «teaching materials» ба шумор меравад. Ҳарду истилоҳ-ибора, истилоҳ-ибораҳоеро дар бар мегиранд, ки дар зер роҷеъ ба хусусиятҳои сохтории онҳо ба таври муфассал андешан хешро баён мекунем.

Мавод ва методҳо. Ин ҷо зикри бархе аз истилоҳоти содаи марбут ба гурӯҳи зикршударо зарур мешуморем, ки бидуни қоидаи калимасозӣ ва истилоҳсозӣ сохта шудаанд, яъне дар таркиби онҳо ягон унсури калимасоз мавҷуд нест. Аломати истилоҳии калимаҳои умумистеъмол ҳамеша дар таркиби истилоҳ ва ҷумла зоҳир мегардад, ба монанди: ҷуфт<ҷуфти дарс, ҷуфти якум; бӯр, латта, танаффус, китоб, дафтар, ручка, сумка, тахта; period [3, с. 93] «The first period begins at 9.30, after assembly» [3, с. 93] – Ҷуфти якум соати 9:30 пас аз маҷлис сар мешвад; There are six periods a day in this school [3, с. 92];- Дар ин мактаб дар як рӯз шаш ҷуфт таълим дода мешавад; «The first form have four periods of English a week» [3, с. 93] – Синфи якум дар як ҳафта чор ҷуфт дарси забони англисӣ дорад; double period [93] «We have a double period of physics on Mondays» [3, с. 93] – Мо рӯзҳои душанбе ду ҷуфт дарси физика дорем; free period [3, с. 92]; «Teachers should have at least one free period a day» [3, с. 93] – Омӯзгорон бояд на камтар аз як ҷуфти холӣ дар як рӯз дошта бошанд; form period [3, с. 93] «I'll tell you about it in form period» – ҷуфти / соати тарбиявӣ. Ман дар ин бора ба ту дар дарси тарбиявӣ мегӯям; break [3, с. 93] «There is a five-minute break between lessons to give staff and pupils time to move from one room to another if necessary» [3, с. 94] – танаффус «Танаффуси байни дарсҳо ҳамагӣ панҷ дақиқа аст, то ки коргарон ва талабагон агар зарурат бошад, аз як синфхона ба синфхонаи дигар раванд»; book [3, с. 95] - китоб; pad [3, с. 100]; diary [3, с. 105]; bag [3, с. 108]; file [3, с. 108]; pen [3, с. 109]; pencil [3, с. 109]; board [3, с. 82].

Дар ҳарду забон ҳам баъзе истилоҳҳои содае мавҷуданд, ки аз нигоҳи шакл гуногун буда, аз лиҳози маънӣ якранг, яъне муродифи ҳамдигаранд, масалан, калимаи умумистеъмолии «hour – соат» дар майдони семантикии «ҷадвали дарс ва маводи таълим дар муассисаҳои таълимӣ – timetable and teaching materials in educational institutiosn» ба маънои «teaching period – ҷуфти таълим» истифода мегардад. Доираи истеъмоли истилоҳи «period – ҷуфт» бо маънои зикршуда хеле маҳдуд буда, истилоҳи «lesson – дарс» кайҳо боз аз истифода баромадааст. Мутаассифона, то ҳоли ҳозир дар забони англисӣ истилоҳи ягонаи ифодакунандаи мафҳуми «машғулият», ки фарогири тамоми намудҳои таълим бошад, мавҷуд нест. Сарфи назар аз ин, истилоҳи *class – синф* дар баъзе ҳолатҳо гарчанде ба ҷойи истилоҳи *lecture* истифода гардад, ҳам дар зери мафҳуми ҳарду истилоҳи зикршуда як навъи таълим фаҳмида мешавад, чунончӣ: The first class / lecure is at 9 o'clock [3, с. 95] – Дарси/лексияи якум соати 9:00 аст; Classes / lectures start at 9 o'clock [3, с. 95] – Дарсҳо / лексияҳо соати 9:00 сар мешаванд. I must go. I have got a ten o'clock class / lecture [3, с. 95] – Ман бояд равам. Ман соати 9:00 дарс / лексия дорам. We've had three classes / lectures already today [3, с. 95] – Мо имрӯз аллакай се дарс / лексия гузаштем. There will be no classes/lectures tomorrow [3, с. 95] – Пагоҳ дарс/лексия баргузор намешавад. Дар баъзе ҳолатҳо ба маънои «дарс, истилоҳи, машғулият» истифода мегардад: Teaching ends on May 30th [3, с. 95] – Дарсҳо / машғулиятҳо 30-юми май ба охир мерасанд. There will be no teaching tomorrow [3, с. 95] – Пагоҳ дарс намешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ба воситаи бархе аз истилоҳҳои содаи мансуби «ҷадвали дарс ва маводи таълим дар муассисаҳои таълимӣ – timetable and teaching materials in educational institution» истилоҳ-ибораҳои исмӣ ва феълие сохта мешаванд, ки дар соҳаи маориф нақши меҳвариро соҳибанд, яъне аломати истилоҳии онҳо дар таркиби истилоҳ-ибораҳо зоҳир мегардад: rough<rough work [3, с. 101]; rough book / notebook[3, с. 92]; дафтари сиёҳнавис; rough homework [3, с. 101]; to do smth in rough; a rough transation [3, с. 92]; a rough copy [3, с. 101]; a rough version [3, с. 101] – гунаи сиёҳнавис; a rough draft [3, с. 101]. Дар баъзе ҳолатҳо ба ҷойи истилоҳ-ибораи a rough transation муродифи он either a translation in rough [3, с. 101] approximate translation [3, с. 101] истифода мегардад.

Дар гурӯҳи ин намуди истилоҳот ду истилоҳоти сода (pencil – қалам; дафтар – notebook / book) мушоҳида мешаванд, ки дар таркиби истилоҳоти мураккаб ва ибора-истилоҳот омада, бо баъзе хусусиятҳои маъноиву корбурдии худ аз дигар навъи истилоҳот тафовут доранд, чунончӣ: pencil [3, с. 109] – қалам<lead pencil [3, с. 109] <coloured pencil [3, с. 109]; pencil-case [3, с. 109]; <pencilshapender [3, с. 109]; дафтар – exrcise book, notebook [3, с. 103]; classwork book [3, с. 103]; test book [3, с. 92]; vocabulary notebook [3, с. 103].

Натиҷа. Дар зер истилоҳоти мансуб ба «ҷадвали дарс ва маводи таълим дар муассисаҳои таълимӣ– timetable and teaching materials in educational institutiosn»-ро дар қолабҳои муайяни калимасозиву истилоҳсозӣ таҳлилу баррасӣ мекунем.

Усули сарфӣ ё вандафзоӣ, яъне сохтани истилоҳ бо пешванд ё пасванд.

а) сохтани истилоҳ бо пешванд

Он теъдоди пешвандҳое, ки дар сохтани истилоҳоти марбут ба «ҷадвали дарс ва маводи таълим дар муассисаҳои таълимӣ– timetable and teaching materials in educational institutiosn» иштирок мекунанд, чандон зиёд нестанд, мо танҳо маъмултарини онҳоро ёдовар мешавем, ба монанди:

б) сохтани истилоҳ бо пасванд

Пасванди -er. Пасванди мазкур яке аз сермаҳсултарин унсури исмсоз ба шумор рафта, аз феъл исм-истилоҳҳое месозад, ки дар соҳаи маориф маънои «мавод ва ҳуҷҷати таълимӣ»-ро дар муассисаи таълимӣ ифода мекунанд: reader [3, с. 97]– китоби хониш, register [3, с. 107] – журнали синф, folder [3, с. 108] – папка, rubber [3, с. 110] -хаткӯркунак, ruler [3, с. 110] – ҷадвал , eraser [3, с. 110] - хаткуркунак. Истилоҳҳои eraser ва rubber муродифи якдигаранд.

Пасванди -ary. Пасванди номбурда аз забони фаронсавӣ дар шакли«**-aire»** ва забони лотинӣ дар шакли «**-arius»** ба забони англисӣ иқтибос шуда, асосан аз як исм имси дигаре месозад, ки маънои «ягон маводи ёрирасон»-ро дар муассисаи таълимӣ ифода мекунад: dictionary [3, с. 95] – луғат, вожанома; glossary [3, с. 95] – фарҳанг.

Пасванди-ing. Пасванди номбаршуда асосан аз феъл исми амал месозад ва яке аз сермаҳсултарин пасвандҳо ба шумор меравад: «writing [3, с. 99] writing book [3, с. 73] – дафтари тозанавис; reading, teaching, learning [3, с. 94], «In the United States have written extensively about the necessary connection between **teaching** and **learning** English and developing intercultural communicative competence» [6, с. 10].

Аз таҳлилу баррасӣ ва муқоисаи вандҳои истилоҳсози забонҳои муқоисашаванда маълум гардид, ки пасвандҳо назар ба пешвандҳо дар созмони ин навъи истилоҳот сермаҳсул будаанд.

II. Усули наҳвию сарфӣ. Дар ҳарду забон ҳам усули наҳвию сарфӣ яке аз роҳҳо ва шеваҳои сермаҳсули истилоҳофаринӣ ба шумор меравад. Истилоҳоти мураккаби ин забонҳо асосан ба воситаи қолабҳои зерин сохта мешаванд

1.Таркибҳои қолабӣ tatpurusa (дар Ҳинди бостон):

а) қолабе, ки аз ду исм, ҷузъи якум тобеи ҷузъи дуюм сохта шудаанд, яъне исм + исм: *рӯзнома – diary.*

2) Таркибҳои қолаби karmadharaya (дар Ҳинди бостон):

а) исм+феъл: *донишандӯз* (27. -951+952). [3, с. 14–15].

3). Қолаби dvigu (дар Ҳиндибостон):

Истилоҳҳои мураккабе, ки аз шумораву исм сохта мешаванд: ҳаштсола> *мактаби ҳаштсола*.

1) Истилоҳҳои мураккаби дуҷузъа бо пасвандҳои *–ӣ-, -ак, -гон, -он,-онӣ* сохта мешаванд: *саромӯзгор*

2) Истилоҳоти мураккаби сеҷузъа, ки бо пасвандҳои *-ак, -анда* сохта шудаанд. Доираи истифодаи ин қабил истилоҳот маҳдуд аст:қаламтезкунак - pencil-sharpener [1, с. 14–15].

Дар забони англисӣ истилоҳоти мураккаби марбут ба «омӯзгорон, омӯзандагон ва соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ – teachers, learners and academic year in educational institutions низ ба воситаи усули наҳвию сарфӣ сохта мешаванд. Дар созмони ин навъи истилоҳоти забони англисӣ қолабҳои зерин ҷой доранд:

Noun+Noun: timetable [3, с. 93] «There are four English lessons a week on the timetable» [3, с. 92]; «According to the timetable you have a lecture now» [3, с. 92]; «Wait a minute. I must look at my timetable [3, с. 92]; Where's the first-year timetable?» [3, с. 92]; «Some new subjects have appeared on the school timetable, among them being civics, which includes basic knowledge about the working of central and local government, the law, social institutions etc.» [3, с. 92]; play-time [3, с. 94] We couldn't go out at playtime because it was raining [2, с. 92]; textbook [3, с. 96]; notebook [3, с. 97]; copy-book [3, с. 99]; pencil-case; pencil-sharpener [2, с. 92]; handbag [2, с. 92].

Дар забони англисӣ як миқдор истилоҳҳои мураккабе мавҷуданд, ба воситаи онҳо истилоҳ-ибораҳои гуногун сохта шудааст. Яке аз он истилоҳ *timetable(ҷадвали дарсӣ)* буда, доираи истеъмоли истилоҳ-ибораҳои исмиву феълии тавассути он сохташуда дар муассисаҳои таълимӣ хеле зиёд аст, ба монанди: *to draw up a table* [3, с. 92]; *to make a timetable* [3, с. 92]; toput smth. on the timetable [3, с. 92]; *to fit smth. into the timetable* [3, с. 92]; *to take smth. off the timetable* [3, с. 92]. Дар баъзе ҳолатҳо ба ҷойи истилоҳи *timetable* муродифи он *curriculum* истифода мешавад. Истифодаи дигари истилоҳи *timetable* ба истилоҳибораи тоҷикии *ҷадвали дарсӣ* мувофиқат мекунад: *I've got a very heavy timetable this term* [3, с. 92] – ***Ҷадвали дарсии*** *ман дар ин нимсола хеле вазнин аст*.

Adjective+Noun: briefcase [3, с. 108] - ҷузвдон

Ибораистилоҳот ё истилоҳибораҳо

Яке аз маъмултарин қолабҳои истилоҳсозӣ ин тавассути ибора сохтани истилоҳ дар ҳарду забон ба ҳисоб меравад, миқдори сершумори истилоҳоти марбут ба«ҷадвали дарс ва маводи таълим дар муассисаҳои таълимӣ – timetable and teaching materials in educational institutions» дар шакли ибора истифода мешавад. Қолабҳои сермаҳсуле, ки истилоҳ-ибораҳои гурӯҳи мазкур сохта шудаанд, метавон ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ намуд:

Noun+Adjective: китобҳои дарсӣ< Чанде аз онҳо **китобҳои дарсӣ** барои риштаҳои иқтисодии мактабҳои олии мамлакат мебошанд, ки барои муаллимон ва муҳаққиқони ҷавон ҳамчун манбаи боэътимод хидмат мекунанд [5, с. 12]. Мактаби яксола<Аз он ҷо баргашта, **мактаби яксолаи** муҳосибӣ ва соли 1998 Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлобро хатм мекунад [5, с. 12].

Noun+Numeral: ҷуфти якум **-** first period [3, с. 93]; ҷуфти дуюм – second period [3, с. 93]; синфи дуюм<Наимҷон ҳамон вақт дар синфи дуюми муассисаи маорифи миёнаи умумии №1 таҳсил мекард [5, с. 10].

Numeral +Noun: чор ҷуфт **-** four periods [3, с. 93]; шаш ҷуфт – sixperiods [3, с. 93].

Чи тавре аз истилоҳибораҳои овардашуда аён гардид, ду истилоҳ-ибораҳои қолаби якум ба воситаи алоқаи изофӣ ва ду истилоҳи қолаби дуюм тавассути алоқаи ҳамроҳӣ ба якдигар пайваст шудаанд.

Дар забони англисӣ истилоҳ-ибораҳои мансуби «ҷадвали дарс ва маводи таълим дар муассисаҳои таълимӣ – timetable and teaching materials in educational institutions» ба воситаи қолабҳои зерин сохта мешаванд:

Noun+Noun: double period [3, с. 93]; double lesson [3, с. 93]; teaching load [3, с. 92]; teaching aid [3, с. 87]; reading book [3, с. 97]; writing book [3, с. 99]; reference book [3, с. 97]; exercise book [3, с. 97] I'd like an exercise book, please [3, с. 98]<Have you got a very thick exercise book? [3, с. 98]; course book [3, с. 96]; notebook [3, с. 98] <history notebook [3, с. 98]; chemistry notebook [98]; English grammar notebook [3, с. 98]; homewowrk notebook [3, с. 99]; vocabulary notebook [3, с. 99] <Now write down the new words in your vocabulary notebooks [3, с. 99] – Ҳоло калимаҳои навро дар дафтари луғататон нависед. Дар бештари ҳолатҳо ба ҷойи шакли пурраи vocabulary notebooks шакли ихтисоршудаи он – vocab book [3, с. 94]. истифода мешавад. Истилоҳ-ибораи exercise book бо истилоҳи copy-book муродифанд.

Adjective +Noun: manuscript book [3, с. 103]; neat/best book; free period [3, с. 93]; free lesson; long break [3, с. 94] - танаффуси калон <Come and see me in /during the lunch/long break [3, с. 94] – Маро дар давоми танаффуси калон омада бин; general-reading classes<While those particular students were all pre-service teachers, this task and its accompanying skills are relevant to all **general-reading classes** [6, с. 6]; standard textbooks <**Standard textbooks** often suggest using

cultural differences in the immediate context as a starting point in learning ICC [6, с. 10]; crtitical thinking <What remains constant is that the strategy encourages learners to explore, make their own choices, and apply **critical thinking**, all while changing their physical space [5, с. 9].

Adverb+Noun: morning break [3, с. 94]; afternoon break [2, с.94]; neat book [3, с. 102] – дафтари тозанавис <For homework I want you to do the translation on page 5 in your neat books/in neat [3, с. 102]; When we've corrected them I want you to copy the correct version into your neat boks for homework [3, с. 102]; rough book [3, с. 102]<Write the answer to the questions on the board in your rough books [3, с. 102].

Verb+Noun: set book [3, с. 96] What are your (English) set books for this year? [3, с. 95] – Кадом адабиёти зарурирo шумо бояд имсол хонед?; You must read your set book (through) again before the exam[3, с. 95] – Шумо бояд адабиёти зарурирo пеш аз имтиҳон аз нав хонед.

Nuneral+Noun: first period [3, с. 93] – ҷуфти якум; six periods [3, с. 93] – шаш ҷуфт.

Noun+Preposition + Noun: book of exercises [3, с. 95] – маҷмуи машқҳо; working in pairs< As students are **working in pairs**, they offer support to one another and negotiate answers [[6, с. 3].

Adjective +Noun+Noun: a lined exercise book/notebook [3, с. 95]; a squared exercise book [3, с. 95]; a double-lined exercise book [3, с. 95]; specialized curriculum materials< These funds are used to pay teachers, purchase **specialized curriculum materials**, buy technology to be used with students learning English, provide professional development, and more [[6, с. 37].

Noun+ Noun +Preposition with + Adjective +Noun: an exercisebook with squared paper [3, с. 95] an exercise book with double lines [3, с. 95]; an exercise book with slanting guide lines [3, с. 95].

Хуллас, аз таҳлили таркиби морфологии истилоҳоти мансуби «ҷадвали дарс ва маводи таълим дар муассисаҳои таълимӣ– timetable and teaching materials in educational institutions» муайян гардид, ки ибора-истилоҳот дар муқоиса бо дигар намудҳои истилоҳот дар ин майдони истилоҳӣ мавқеи густурдаро ишғол мекунанд. Чи тавре ки дар боло зикраш рафт, агар дар забони тоҷикӣ истилоҳ-ибораҳо ба воситаи ду қолаб сохта шуда бошанд, пас дар забони англисӣ онҳо тавассути ҳашт қолаб сохта мешаванд.

Адабиёт

1. Зеҳнӣ. Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. Муҳаррирон В. А. Капранов ва А. Мирзоев. – Д.: Дониш, 1987. – 236 с.
2. Иматшоева М. Мамадназаров А. Муродов М. Луғати мухтасари тафсирии англисӣ-тоҷикии истилоҳоти журналистика (Краткий толковый англо-таджикский словарь терминов журналистики) Муҳаррир проф. А. Мамадназаров. – Д.Эр-граф, 2015. – 110 с.
3. Povey J., Walshe I. An English Teacher's Handbook of Educational Terms. – M.:, 1982. - 103 с.
4. English teacher FORUM number 2/ 2021 саҳ. 10.
5. Омӯзгор №6. 10 феврали соли 2022 саҳ. 10
6. FORUM number 2/.2021 саҳ 37.
7. Valerie Adams. An introduction to modern English word-formation. –Longman Group Ltd.,1973. – 230 p.
8. Klein Ernest. A Comprehensive Etymological Dictionary of the English Language. Unabridged, One-Volume Edition. – Elsevier, 2003. – xxvi, 844 p.
9. Mayrhofer Manfred. Etymologisches Wörterbuch des Altindoarischen. II. Band. Heidelberg: 1996. (Этимологический словарь древнеперсидского языка на нем. языке).
10. Oxford Advanced Learner's Dictionary of Current English, A.S. Hornby, Oxford University Press, New York, 2005. – 1132 p.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Ҳамроев Қурбоназар Маҳмарасулович – доктор фалсафа (PhD) кафедраи курси амалии забони англиси Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.* ***Тел:*** *93-110-52-52. почтаи электрони: hamrozoda91@mail.ru*

Сведения об авторе: *Хамроев Курбоназар Махмарасулович – доктора философии (PhD) кафедры практического курса английского языка Бохтарского государственного университета имени Н. Хусрава. Тел.: +992 931105252; эл. почта: hamrozoda91@mail.ru*

Information about the author: *Khamroev Kurbonazar Makhmarasulovich – Doctor of philosophy (PhD) of the Department of Practical Course of English language of Bokhtar State University named after N. Khusrav. Phone.: 93-110-52-52. e-mail: hamrozoda91@mail.ru*

ТДУ 373.5:37.064

МУОШИРАТИ ПЕДАГОГӢ ДАР ТАФАККУРИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Шерализода Ҳумайро
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар мақолаи мазкур эҷодии хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ инчунин маҳорати педагогӣ ва муошират бо хонанда баррасӣ ва арзёбӣ гардидааст. Барои азхуд кардани маҳорати таълим кас бояд донист ва қодир бошад: бисьёр қонуну принципҳои тарбияро фаҳмад; фаҳмидани таркиби онҳо; муайян намудани пешрафтҳои судманд дар технологияи таълимӣ; ва онҳоро барои ҳар як ҳолати мушаххас мувофиқ интихоб кунед; гузаронидани ташхис; ва барои пешгӯӣ ва ба нақша гирифтани раванд ба дараҷа ва сифати муайян истифода бурда тавонанд.

Бояд бигуем, ки этика ва ахлоқи муошират педагогӣ ҷузъҳои муҳими камолоти педагогӣ мебошанд. Этикаи педагогӣ илми одоби омӯзгор аст. Омӯзгор бояд дар ҳар вазъият, дар ҳама ҷо ин принсипҳоро риоя кунад, то шогирдон аз онҳо натарсанд, балки онҳоро ҳамчун дӯсти меҳрубону ғамхор донанд. Ба хамин тариқ муаллим метавонад олами ботинии талабагонро дарк карда, имкониятхои онҳоро бо ҳар роҳ ошкор намояд.

Тарбияи хонандагон кори басо душвор аст. Онро ба дӯши мактаб ё оила агар монем, муроде ҳосил нахоҳад шуд. Оила ҳам дар танҳоӣ ба тарбия машғул шавад, натиҷаи дилхоҳро соҳиб шуданаш мушкил аст. Бинобар ҳамин ҷараёни мураккаби тарбия мактабу оиларо ба кори якҷоя, ҳамкорӣ даъват менамояд. Алоқаи мустаҳками мактабу оила сабаби баланд гардидани самараи таълиму тарбияи хонандагон хоҳад шуд. Инро таҷрибаи кори мактабҳои пешқадам собит намудаанд. Дар ҳамон ҷое, ки ҳамкории мактаб, оила ва аҳли ҷамъият хуб ба роҳ монда шудааст, насли наврас хуб инкишоф меёбад.

Калидвожа. Таълим, тарбия, принсипҳо, қонунҳо, маҳорат, эҷодиёти хонандагон, истеъдод, технологияи таълимӣ, муассисаҳои таълимӣ, мактаб, оида, ҷомеа, этикаи педагогӣ, одоб, дониши касбӣ, муошират педагогӣ.

ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ СОДРУЖЕСТВО В ТВОРЧЕСКОМ МЫШЛЕНИИ УЧАЩИХСЯ СРЕДНИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ

В данной статье рассматривается и оценивается творческое начало учащихся среднего образовательного учреждения, а также педагогическое мастерство и навыки общения с учащимися. Для овладения педагогическим мастерством необходимо знать и уметь: понимать многие законы и принципы образования; понимать их состав; выявлять полезные разработки в области образовательных технологий и подбирать их к каждой конкретной ситуации; проводить диагностику и уметь с их помощью прогнозировать и планировать процесс в определённой степени и с определённым качеством.

Должна отметить, что этика и мораль педагогического общения являются важными составляющими педагогического совершенства. Педагогическая этика – это наука о педагогической этике. Учитель должен придерживаться этих принципов в любой ситуации и везде, чтобы ученики не боялись его, а воспринимали как добрых и заботливых друзей. Таким образом, учитель может понять внутренний мир учеников и всесторонне раскрыть их потенциал.

Воспитание учащихся – задача очень сложная. Если мы переложим её на школу или семью, ничего не добьёмся. Семье сложно заниматься воспитанием в одиночку, и достичь желаемых результатов сложно. Поэтому сложный процесс воспитания требует совместной работы школы и семьи, их сотрудничества. Крепкая связь школы и семьи приведёт к повышению эффективности обучения и воспитания учащихся. Это доказано опытом ведущих школ. Там, где налажено сотрудничество школы, семьи и общества, подрастающее поколение развивается успешно.

Ключевые слова: педагогический процесс, детское творчество, рисунок, иллюстрация, красота, педагог, мышление, воображение, восприятие, формирование, личность, деятельность,

творческое пространство, развитие, стиль, характер, поведение, интеллект, умения, навыки, ответственность.

PEDAGOGICAL COLLABORATION IN CREATIVE THINKING OF STUDENTS OF SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS

This article examines and evaluates the creativity of secondary school students, as well as their teaching skills and communication with them. Mastering teaching skills requires knowledge and ability to: understand many laws and principles of education; comprehend their structure; identify useful developments in educational technology and tailor them to each specific situation; conduct diagnostics and be able to use them to forecast and plan processes to a certain degree and with a certain quality.

I must note that the ethics and morality of pedagogical communication are important components of pedagogical excellence. Pedagogical ethics is the science of pedagogical ethics. Teachers must adhere to these principles in every situation and everywhere, so that students do not fear them, but rather perceive them as kind and caring friends. In this way, teachers can understand their students' inner worlds and fully develop their potential.

Educating students is a very complex task. If we shift it to the school or family, we'll achieve nothing. It's difficult for a family to handle education alone, and achieving the desired results is challenging. Therefore, the complex process of education requires joint work and collaboration between the school and the family. A strong connection between the school and the family will lead to more effective learning and development of students. This has been proven by the experience of leading schools. Where collaboration between school, family, and society is established, the younger generation thrives.

Keywords: pedagogical process, children's creativity, drawing, illustration, beauty, teacher, thinking, imagination, perception, formation, personality, activity, creative space, development, style, character, behavior, intelligence, skills, abilities, responsibility.

Муқаддима. Ҳамарӯза дар замони муосир талабот нисбат ба таълиму тарбия, истифодаи технологияҳои нав ва воситаҳои муосири таълимӣ дар ҷараёни кори таълиму тарбиявӣ бештар гардида истодааст. Дар замони муносибатҳои бозоргонӣ ва бозори меҳнат талабот тағйир ёфта, аз мутахассисони соҳа ҳамқадами замон будан талаб карда мешавад. Агар хонандагонро дар раванди таълиму тарбия инчунин ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бозиҳои компютерӣ шароиту имкониятҳо фароҳам оварада шавад, сатҳи ҷаҳонбинӣ ва қобилияти зеҳнии онҳо рушд меёбад. Ҳамаи ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар баробари тарбиягирандагон, мураббияҳо низ бояд пешсаф бошанд. Ҳамеша аз паи ҷустуҷӯи маводҳои нави таълимӣ шуда, аз сарчашмаҳои гуногуни муосир ба таълимгирандагон маълумот пешниҳод намоянд [2, с. 102].

Эҷодии хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ як мафҳуми васеъ буда, ба қобилияти эҷодии онҳо дар соҳаҳои мухталифи илм, санъат ва адабиёт, аз ҷумла маҳорати фикр кардан, ҳалли мушкилот, татбиқи идеяҳои нав ва рушди шахсияти хонанда ишора мекунад. Ин эҷодиёт тавассути равишҳои гуногуни таълимӣ, аз он ҷумла лоиҳаҳои эҷодӣ, олимпиадаҳо, озмунҳо, мулоқотҳо ва корҳои эҷодӣ ба монанди хат, расмкашӣ, адабиёт ва санъат инкишоф меёбад.

Намудҳои эҷодиёт ва рушди он:

а) эҷодиёти бадеӣ ва адабӣ- барои рушди эҷодиёти хонандагон, муассисаҳо озмунҳои расмкашӣ, хат, шеъру ҳикоянависӣ, намоишҳои театрӣ ва мусиқӣ баргузор мекунанд;

б) эҷодиёти илмӣ-техникӣ- дар натиҷаи иштирок дар олимпиадаҳо, лоиҳаҳои эҷодӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, хонандагон маҳорати ҳалли мушкилот, фикркардани бадеӣ ва татбиқи ғояҳои навро дар соҳаи илм ва техника нишон медиҳанд;

в) **эҷодиёти иҷтимоӣ-** тавассути иштирок дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ, волонтёрӣ ва баҳсҳои оммавӣ, хонандагон қобилияти худ дар ташаккули ҷомеа, ифодаи фикру ақида ва ҳамкорӣ дар гурӯҳро нишон медиҳанд.

Усулҳои рушди эҷодиёт:

а) барномаҳои таълимӣ - ташаккули муҳити таълимии эҷодӣ тавассути татбиқи усулҳои инноватсионӣ ва шавқовар, аз ҷумла кори лоиҳавӣ, бозиҳо ва саёҳатҳо;

б) озмунҳо ва олимпиадаҳо - иштирок дар озмунҳои расмкашӣ, хат, мусиқӣ, адабиёт, олимпиадаҳои фаннӣ ва лоиҳаҳои инноватсионӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки маҳорати худро нишон дода, малакаҳои эҷодиашонро васеъ кунанд;
в) мулоқотҳо ва гуфтугӯҳо - мулоқот бо адибон, рассомон, олим ва дигар шахсиятҳои эҷодкор, ба хонандагон барои омӯхтани таҷрибаи онҳо ва рушди малакаҳои эҷодиашон кӯмак мерасонад.
г) машғулиятҳо дар клубҳо ва гурӯҳҳо - ҳолати муносиб барои иштирок дар клубҳои адабӣ, санъат, илмӣ ва равияи дигар, ки барои рушди таваҷҷуҳи хонандагон ба эҷодиёт мусоидат мекунанд [3, с. 43].

Инчунин маҳорати педагогӣ талаб мекунад, ки ҳангоми муошират бо хонанда пеш аз тавсифи камбудиҳои онҳо ва хислатҳои мусбати онҳоро қайд кардан лозим аст, то беғаразӣ ва меҳрубонии муаллим ҳис карда шавад. Баланд бардоштани маҳорати педагогӣ, пеш аз ҳама, ба худи муаллим ва садоқати онҳо ба касби худ вобаста аст. Бояд гуфт, ки пешаи омӯзгорӣ мушкилиҳои зиёде ва масъалаҳои ҳалношуда дорад, зеро омӯзгорон бо рӯҳи инсон сару кор доранд ва дар ниҳояти кор, бе маҳорати баланди педагогӣ ин гиреҳҳоро кушодан имконнопазир аст. М И. Калинин муаллимро «инженери руҳи инсон» номидааст.

Мавод ва методҳо. Моҳияти камолоти педагогӣ - фардият, маданияти шахсӣ, дониш ва таҳкурсии назариявии муаллим- тайёр будани онҳоро ба азхуд намудани усулҳои ҳозиразамони таълим ва тарбияи пешқадам ҳаматарафа инъикос мекунад. Муаллим ҳамеша рол мебозад; бояд ба хонандагон таъсири мусбат расонанд. Муаллиме, ки дар раванди таълим одоби педагогиро ба эътибор нагирифтааст, дар дили хонанда ҷой гирифта наметавонад, алоқаро бо хонандагон ва падару модарони онҳо гум мекунад, педагогикаи ҳамкориро аз даст медиҳад.

Барои аз худ кардани маҳорати таълим кас бояд донист ва қодир бошад: бисьёр қонуну принципҳои тарбияро фаҳмад; фаҳмидани таркиби онҳо; муайян намудани пешрафтҳои судманд дар технологияи таълимӣ; ва онҳоро барои ҳар як ҳолати мушаххас мувофиқ интихоб кунед; гузаронидани ташхис; ва барои пешгӯӣ ва ба нақша гирифтани раванд ба дараҷа ва сифати муайян истифода бурда тавонанд [5, с. 48].

Профессор Ю. П. Азаров изҳор намудааст, ки дар кори педагогии мо маҳорат ҳалкунанда аст, вале маҳорат бо душворӣ ва бо мурури замон ба даст меояд. Н.В. Кузьмин паҳлӯҳои гуногуни психологияи тарбиявиро ба назар гирифта, тасдиқ мекунад, ки омӯзгорони болаёқат дар айни ҳол на бештар аз 12 фоизи шумораи умумии аҳолӣ – омӯзгорони соҳибихтисосро ташкил медиҳанд, ки усулҳои таълиму тарбияро хуб медонанд.

Натиҷа. Яке аз усулҳои такмили ихтисоси педагогӣ равишест, ки муносибати омӯзгорро бо хонанда муайян мекунад. Бояд қайд кард, ки хонандагон ба муносибат ва эҳтироми хуб ниёз доранд, зеро онҳо дар ҷомеаи пур аз рӯйдодҳо ва дигаргуниҳо зиндагӣ мекунанд ва муносибати мушаххасро талаб мекунанд.

Маводҳои хониши хонандагон метавонанд барои муошират бо муаллим истифода шаванд. Ба ибораи дигар, талаба на танҳо аз муаллим маслиҳат мепурсад, балки талаботи онҳоро ба муошират низ қонеъ мекунад. Муошират бо хонандагон ба воситаи муаллим сурат мегирад, ки дар рафти тайёрии дарс, мубоҳисаҳо ва сайругаштҳои муштарак ӯро метавон мушоҳида кард.

Маҳорати педагогӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки малакаҳои маърифатии хонандагонро идора ва такмил диҳад. Бартарии асосии ин маҳорат дар он аст, ки вай сатҳи фаъолияти зеҳнии хонандагонро муайян намуда, аз худ намудани дониши онҳоро таъмин менамояд.

Бояд бигуем, ки этика ва ахлоқи муошират педагогӣ ҷузъҳои муҳими камолоти педагогӣ мебошанд. Этикаи педагогӣ илми одоби омӯзгор аст. Омӯзгор бояд дар ҳар вазъият, дар ҳама ҷо ин принсипҳоро риоя кунад, то шогирдон аз онҳо натарсанд, балки онҳоро ҳамчун дӯсти меҳрубону ғамхор донанд. Ба хамин тариқ муаллим метавонад олами ботинии талабагонро дарк карда, имкониятхои онҳоро бо ҳар роҳ ошкор намояд [3, с. 88].

Воқеан, омӯзгори бузург мисли заргар ба қаъри қалби шогирдон ворид шуда, аз умқи асрори онҳо гавҳару гавҳарҳои истеъдодро берун меоварад ва бо камоли фазилат ва накӯкорӣ ин қобилиятҳоро мепарварад.

Чӣ тавре, ки педагогҳои барҷастаи замон ба монанди А. П.Макаренко, В.А Сухомлинский ва дигарон зикр намуда буданд, маҳз дар оила инкишофи равонӣ, ҷисмонӣ ва

маънавии кӯдакон шакл гирифта, хиштҳои нахустини бинои меҳру муҳаббат, ҳамдилӣ, ташаккули ҷаҳонбинии кӯдакон гузошта мешавад.

Мактаб маконест, ки кӯдак маҳз дар он ҷо бо характерҳои гуногуну мутақобила рӯ ба рӯ гашта, нахустин пешрафту камбудиҳоро ҳис намуда, «ман»-и худро дар шароити ҳаёти коллективии худро амалӣ намуда, бо унсурҳои гуногунҷабҳаи тарбия аз наздик ошно мегардад. Ҷомеа маконест, ки кӯдак бо ҷаҳони маънавӣ, ахлоқӣ ва равонии калонсолон ошно гардида, бо тазоди номаълуми муносибатҳои байниҳамдигарии одамон аз наздик ошно гашта, дар ниҳоди ӯ ҷиҳатҳои хулосабарорӣ, муқоисакунии зуҳуротҳо ташаккул меёбад [3, с. 112].

Робитаи самараноки ин ниҳоди муштарак ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, ҳисси манфиатҳо ва масъулиятшиносии кӯдакон таъсири ҳаётан муҳим мерасонад.

Пайвасти ин ниҳодҳо ба ҷаҳони равонӣ ва маънавии насли наврас таъсири ногусастаниро расонида, тасаввуроти ӯ дар бораи некиву бадӣ, адолату беадолатӣ, меҳру кина, масъулият ва фориғболӣ, садоқат, хиёнат ва ғайра сифатҳои инсонӣ шакл мегирад. Нодида гирифтани ин сифатҳо ба кори тарбия зуҳуроти халаловарро ворид мекунад, ки ба он тамоман роҳ додан мумкин нест. Пайвасти ин ниҳодҳо ва натиҷагирӣ аз онҳо ҳамон вақт мусбӣ ба анҷом мерасад, ки агар ҳар яки ин ниҳодҳо вазифаи худро ба пуррагӣ анҷом диҳанд.

Вақте ки байни омӯзгору хонандагон муносибати гуманистӣ (инсонпарварӣ) барқарор шуд, ба мақсадҳои олӣ (идеалҳо) гузаштан, майлу рағбати онҳоро баланд бардоштан лозим меояд, зеро мақсадгузорӣ завқу шавқи зиндагии инсон аст. Бе мақсадӣ бошад инсонро рӯҳафтода мекунад. Хуб донистани дониши касбӣ мефармояд, ки омӯзгор фанни худро бо усулҳояш (методикааш) чуқур донад, илова бар ин, илмҳои ба касбаш вобаста – педагогика, психология, ҳамчун донишҳои мансубро аз худ намояд. Омӯзор мумкин аст, ки фанни худро дӯст дорад, донад, вале ӯ дониши худро ба хонандагон пурра баррасӣ карда наметавонад. Барои ин ӯ ҳатман маҳорати роҳи донишгузориро аз муаллимони таҷрибадору кордон омӯзад ва санъати муҳимро ба даст орад.

Педагогики барҷастаи чех Я. А. Коменский дар навиштаҷотҳои худ таъкид карда гуфтааст, ки аз маҳорат ва муошарати дурусти педагогии муаллим нисбати хонанда табъи хуши хонандагон ва мунисибати он ба таълим дигар мегардад. Аз ин лиҳоз омӯзгор бояд нисбати хонанда чунон рафтор кунад, ки ӯ дар симои устодаш тарбиятгари ҳақиқиро бинад.

Дар оила пояи асосии тарбия дар ибрати шахсии волидон, дар ягонагии қавлу амали онҳо бошад, дар ҷомеа қувваи таъсиррасон доштани талаботҳо ҷои намоёнро ишғол мекунад [5, с. 68].

Бесабаб нест, ки асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як баромаду вохӯриашон бо аҳли зиё, намояндагони мақомотҳои давлатию ҷамъиятӣ пайваста ба таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда, дар ҳалли ин роҳҳо ояндаи дурахшон ва пешрафти Тоҷикистони навинро таъкид менамоянд. Ӯчунин зикр мекунад, ки «Тарбияи кӯдак аз оила оғоз гардида, дар натиҷаи ҳамкории мактаб ва оила густариш меёбад» (Эмомалӣ Раҳмон. “Паёми навбатии солона” аз 26. 12. 2022).

Мо агар дурусттар мулоҳиза намоем, мебинем, ки аҳли ҷамъият ҳам аз ин ҳамкорӣ манфиати назаррас ба даст меоварад. Тарбияи хонандагон кори басо душвор аст. Онро ба дӯши мактаб ё оила агар монем, муроде ҳосил нахоҳад шуд. Оила ҳам дар танҳоӣ ба тарбия машғул шавад, натиҷаи дилхоҳро соҳиб шуданаш мушкил аст. Бинобар ҳамин ҷараёни мураккаби тарбия мактабу оиларо ба кори якҷоя, ҳамкорӣ даъват менамояд. Алоқаи мустаҳками мактабу оила сабаби баланд гардидани самараи таълиму тарбияи хонандагон хоҳад шуд. Инро таҷрибаи кори мактабҳои пешқадам собит намудаанд. Дар ҳамон ҷое, ки ҳамкории мактаб, оила ва аҳли ҷамъият хуб ба роҳ монда шудааст, насли наврас хуб инкишоф меёбад [8, с.65].

Хулоса. Дар ҳуҷҷатҳои давлатӣ вазифа гузошта шудааст, ки кори тарбияи кӯдакон дар оила, мактаб, муассисаҳои беруназмактабӣ, дар ҷои зист беҳтар карда шавад. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» зикр гардидааст:

«Волидайн вазифадоранд, ки барои сиҳатии ҷисмонӣ ва равонии насли наврасон пайваста ғамхорӣ кунанд, ӯро ба мактаб омода ва барои инкишофи қобилиятҳои вай шароити зарурӣ муҳайё созанд, фарзандонро дар руҳияи башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳисси накӯкорӣ, раҳмдилӣ,

муносибати боэҳтиромона нисбати аҳли хонавода, забони модарӣ, адабиёту таърих, эҳтиром нисбати арзишҳои миллӣ, таърихӣ, фарҳангии дигар халқҳо тарбия намоянд».

Бояд гуфт, ки ичрои ин вазифаҳои бузургу душвор кӯшишу ғайрати ҳамагонро талаб мекунад. Инчунин, маҳорати омӯзгор зиддияти нофаҳмиҳоро байни хонанда бартараф карда нақшӣ шахсияти хонандагонро ба зинаҳои баландтарини инкишоф бурда мерасонад [8, с. 89].

АДАБИЁТ

1. Афзалов Х., Раҳимов Б., “Таърихи педагогикаи халқи тоҷик”. - Душанбе, 1994. 180с.
2. Абдулина О. А. “Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования”.- М.: Просвещение. 1990. 250с.
3. Азаров Ю.П. “Радость учить учиться”.- М. Политиздат.1999. 300с.
4. Анин В. “Учитель в моей жизни”.- М.: Просвещение, 1977. 185ст.
5. А.И. Зазюна. “Асосҳои маҳорати педагогӣ”.-М .: Просвещение.1988. 200с.
6. Давидов В.В. “Проблемы развивающего обучения”.- М., 1982. 300с.
7. Дурнамои “истсолаи омӯзиши ва рушди фанҳои табиат шиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (солҳои 2020 – 2040)380с.
8. И. Исмоилов, А. Насимов. “Асосхои идоракунии маориф”. Душанбе – 2008. 200с.
9. “Основы педагогического мастерства”: Учебное пособие для педвузов / И. А. Зязуна- М.: Просвещение, 1989.- 302с.
10. Оберемко Е.А. “Роль педагога в художественно-творческом развитии детей”. [Электронный ресурс]. URL: https://nsportal.ru/detskiy-sad/raznoe/2020/01/15/rol-pedagoga-v-hudozhestvenno-tvorcheskom-razvitii-detey (дата обращения 17.11.2022).
11. Пескунова В.В. “Развитие творческих способностей детей дошкольного возраста через использование нетрадиционных техник рисования” / В.В. Пискунова. -Оренбург, 2018. -73 с.
12. Учебно-методический комплекс по учебной дисциплине «Теория и методика руководства изобразительной деятельностью детей дошкольного возраста» / Сост. Горбатова Е.В. – Минск, 2019. -149 с.
13. Раҳимов Х., Нуров А. “Педагогика”. -Душанбе, «Ҳумо» 2007. 500с.
14. Раҳмонов М. “Педагогикаи мактаб”.- Душанбе, 1988. 290с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. “Паёми навбатии солона” аз 26. 12. 2022. 10с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шерализода Ҳумайро - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ассистенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ. Сурога: 734019, Тоҷикистон, шахри Душанбе, кучаи Мухаммадиев, 17/6. Тел: 904418439.*

Сведения об авторах: *Шерализода Хумайро - Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, ассистент кафедры общей университетской педагогики. Адрес: 734019, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел: 904418439.*

Information about the authors: *Sheralizoda Humayro - Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulugzade, assistant of the department of general university pedagog. Address: 734019, Tajikistan, Dushanbe, Mukhammadiev street, 17/6. Phone: 904418439.*

УДК 37.01:502.131.1

THE INTEGRATION OF SUSTAINABILITY IN EDUCATION

Rakhimova Zulfizar Sukhrobovna
Samarkand State Institute of Foreign Languages

Sustainability has become one of the central concepts shaping contemporary social, economic, environmental, and educational development. In the field of education, sustainability is no longer limited to environmental awareness or ecological literacy; rather, it represents a broader approach aimed at developing responsible individuals who are capable of understanding complex global challenges and making informed decisions for present and future generations. The integration of sustainability into education requires changes in curricula, teaching methodologies, institutional management, teacher preparation, and students' attitudes toward society and the environment. This article examines the theoretical foundations and practical dimensions of sustainability in education, with particular attention to education for sustainable development, interdisciplinary learning, critical thinking, social responsibility, digital transformation, and the role of educational institutions. It also analyzes the importance of incorporating sustainability principles into teaching and learning processes and discusses the challenges that may influence their effective implementation. The study argues that education plays a decisive role in achieving sustainable development because it provides learners with the knowledge, values, competencies, and behavioral patterns required to respond effectively to contemporary global problems. Sustainable education should therefore be understood not as an additional subject but as a comprehensive educational philosophy that influences the entire learning environment.

Keywords: *sustainability, education, sustainable development, education for sustainable development, environmental awareness, social responsibility, lifelong learning, critical thinking, educational transformation.*

ҲАМГИРОИИ ПРИНСИПҲОИ УСТУВОРӢ ДАР НИЗОМИ МАОРИФ

Устуворӣ ба яке аз мафҳумҳои меҳварӣ табдил ёфтааст, ки самтҳои рушди муосири иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва маорифро муайян менамояд. Дар соҳаи маориф мафҳуми устуворӣ дигар танҳо бо баланд бардоштани маърифати экологӣ ё саводнокии экологӣ маҳдуд намегардад, балки равиши фарогиреро ифода мекунад, ки ба тарбияи шахсиятҳои масъулиятшинос, қобили дарки масъалаҳои мураккаби ҷаҳонӣ ва қабули қарорҳои асоснок ба манфиати наслҳои имрӯза ва оянда равона шудааст. Ҳамгироии принсипҳои устуворӣ ба низоми маориф ворид намудани тағйиротро ба нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, методикаи таълим, идоракунии муассисаҳои таълимӣ, омодасозии омӯзгорон, инчунин муносибати донишҷӯён ба ҷомеа ва муҳити зист тақозо менамояд. Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии устуворӣ дар соҳаи маориф мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ба масъалаҳои таҳсилот барои рушди устувор, омӯзиши байнифаннӣ, тафаккури интиқодӣ, масъулияти иҷтимоӣ, таҳаввулоти рақамӣ ва нақши муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Ҳамзамон, аҳамияти ворид намудани принсипҳои устуворӣ ба раванди таълиму омӯзиш таҳлил гардида, мушкилот ва омилҳое баррасӣ мешаванд, ки метавонанд ба татбиқи самараноки онҳо таъсир расонанд. Дар таҳқиқот таъкид мегардад, ки маориф дар таъмини рушди устувор нақши ҳалкунанда дорад, зеро он донишомӯзонро бо дониш, арзишҳо, салоҳиятҳо ва намунаҳои рафторе мусаллаҳ месозад, ки барои вокуниши самаранок ба мушкилоти муосири ҷаҳонӣ заруранд. Аз ин рӯ, таҳсилоти ба принсипҳои устуворӣ асосёфтаро набояд ҳамчун фанни иловагии таълимӣ арзёбӣ намуд, балки онро ҳамчун фалсафаи фарогири таълимӣ бояд дарк кард, ки ба тамоми муҳити таълиму тарбия таъсир мерасонад.

Калидвожаҳо: *устуворӣ, маориф, рушди устувор, таҳсилот барои рушди устувор, маърифати экологӣ, масъулияти иҷтимоӣ, таҳсилот дар тӯли ҳаёт, тафаккури интиқодӣ, таҳаввулоти низоми маориф.*

ИНТЕГРАЦИЯ ПРИНЦИПОВ УСТОЙЧИВОСТИ В СИСТЕМУ ОБРАЗОВАНИЯ

Устойчивость стала одним из ключевых понятий, определяющих направления современного социального, экономического, экологического и образовательного развития. В

сфере образования понятие устойчивости больше не ограничивается формированием экологического сознания или экологической грамотности, а представляет собой более широкий подход, направленный на воспитание ответственных личностей, способных осмысливать сложные глобальные проблемы и принимать обоснованные решения в интересах нынешнего и будущих поколений. Интеграция принципов устойчивости в систему образования требует внесения изменений в учебные планы и программы, методики преподавания, управление образовательными учреждениями, подготовку педагогических кадров, а также в отношение обучающихся к обществу и окружающей среде. В данной статье рассматриваются теоретические основы и практические аспекты устойчивости в сфере образования с особым акцентом на образование в интересах устойчивого развития, междисциплинарное обучение, критическое мышление, социальную ответственность, цифровую трансформацию и роль образовательных учреждений. Кроме того, анализируется значение внедрения принципов устойчивости в процессы преподавания и обучения, а также рассматриваются проблемы и факторы, способные повлиять на эффективность их практической реализации.

В исследовании подчеркивается, что образование играет решающую роль в достижении устойчивого развития, поскольку обеспечивает обучающихся знаниями, ценностями, компетенциями и моделями поведения, необходимыми для эффективного реагирования на современные глобальные вызовы. В связи с этим образование, основанное на принципах устойчивости, следует рассматривать не как дополнительную учебную дисциплину, а как всеобъемлющую образовательную философию, оказывающую влияние на всю образовательную среду.

Ключевые слова: устойчивость, образование, устойчивое развитие, образование в интересах устойчивого развития, экологическое сознание, социальная ответственность, обучение на протяжении всей жизни, критическое мышление, трансформация системы образования.

Introduction

The twenty-first century is characterized by rapid technological development, globalization, environmental degradation, climate change, increasing social inequality, migration, demographic transformation, and major changes in the labor market. These developments have created new responsibilities for educational institutions. Modern education can no longer focus exclusively on transmitting theoretical knowledge or preparing learners for specific occupations. It must also prepare individuals to understand global challenges, evaluate their consequences, participate responsibly in society, and contribute to sustainable development.The concept of sustainability has become increasingly significant in educational theory and practice. Traditionally, sustainability was mainly associated with environmental protection, conservation of natural resources, and responsible economic development. However, contemporary interpretations of sustainability include environmental, economic, social, cultural, and institutional dimensions. Consequently, sustainability in education involves much more than teaching students about environmental problems. It requires educational systems to promote long-term thinking, responsibility, social justice, cooperation, critical thinking, creativity, and respect for cultural and ecological diversity.The idea of sustainable development gained international recognition following the publication of the report *Our Common Future* by the World Commission on Environment and Development in 1987. The report described sustainable development as development that satisfies the needs of the present without compromising the ability of future generations to satisfy their own needs. This principle later became highly influential in international development policies and educational strategies.Education has a fundamental role in achieving sustainability because human behavior, social structures, economic decisions, and environmental practices are strongly influenced by knowledge, values, and attitudes acquired through education. For this reason, international organizations have repeatedly emphasized the relationship between quality education and sustainable development.The United Nations Sustainable Development Goals further strengthened the importance of education. Sustainable Development Goal 4 focuses on ensuring inclusive and equitable quality education and promoting lifelong learning opportunities for all. At the same time, education contributes directly or indirectly to the achievement of all other Sustainable

Development Goals, including poverty reduction, gender equality, economic development, environmental protection, peace, and responsible consumption.

The purpose of this article is to examine how sustainability is expressed and integrated within education. It explores the theoretical meaning of sustainability in educational contexts, identifies the main principles of education for sustainable development, examines appropriate teaching approaches, and discusses the responsibilities of educational institutions and teachers.

Literature Review

The relationship between education and sustainability has been widely investigated by scholars, international organizations, and policymakers. One of the most influential concepts in this area is Education for Sustainable Development (ESD). UNESCO describes ESD as an approach that enables learners to acquire the knowledge, skills, values, and attitudes necessary to make informed decisions and take responsible actions for environmental integrity, economic viability, and a just society.

Sterling argues that sustainable education requires a fundamental transformation of educational thinking rather than simply adding environmental topics to existing curricula. According to this perspective, sustainability should influence the goals, values, structures, and methods of education. Education must become more participatory, interdisciplinary, learner-centered, and connected with real-life challenges.Tilbury emphasizes that education for sustainable development requires learners to develop critical and reflective thinking. Students should not merely memorize information about environmental or social problems. They should investigate the causes of these problems, examine different perspectives, identify possible solutions, and understand their own responsibilities.Wals also highlights the importance of transformative learning. From this perspective, sustainable education should encourage individuals to question established assumptions and reconsider their relationship with society, nature, technology, and consumption. Learning therefore becomes a process of personal and social transformation.

Another important contribution to the literature concerns sustainability competencies. Wiek, Withycombe, and Redman identify several key competencies associated with sustainability, including systems-thinking competence, anticipatory competence, normative competence, strategic competence, and interpersonal competence. These competencies enable individuals to analyze complex systems, anticipate future developments, evaluate values and priorities, design strategies, and collaborate effectively with others.The existing literature demonstrates that sustainability education should combine knowledge with action. Educational institutions should not only explain sustainable development but should also model sustainable practices through institutional policies, campus management, community engagement, research, and student participation.

The Concept of Sustainability in Education

Sustainability in education can be interpreted from several perspectives. First, it refers to teaching students about sustainable development and the major environmental, social, and economic challenges facing humanity. Second, it concerns the sustainability of educational systems themselves, including equal access to education, institutional resilience, efficient use of resources, and long-term educational quality. Third, sustainability can be understood as an educational philosophy based on responsibility toward future generations.The environmental dimension is perhaps the most familiar aspect of sustainability. It includes topics such as climate change, biodiversity, pollution, renewable energy, waste management, water conservation, and responsible use of natural resources. Through environmental education, students develop an understanding of the relationship between human activities and natural ecosystems.

However, sustainability also has an important social dimension. Sustainable societies require equality, inclusion, human rights, social justice, peace, cultural diversity, and participation. Educational institutions can promote these values by creating inclusive learning environments and encouraging respect for different cultures, identities, and perspectives.Economic sustainability is another important component. Students need to understand the relationship between economic development and environmental and social responsibility. Economic growth that destroys natural resources or increases social inequality cannot be considered genuinely sustainable. Education should therefore promote responsible entrepreneurship, sustainable production, ethical consumption, and long-term economic

thinking.These dimensions are interconnected. Environmental problems frequently have social and economic consequences, while economic decisions affect both communities and ecosystems. Sustainable education therefore requires an interdisciplinary approach.

Integrating Sustainability into the Curriculum

One of the most effective ways to express sustainability in education is through curriculum development. Sustainability principles should be incorporated across different subjects rather than being restricted to a single course.In natural sciences, students may examine climate change, ecosystems, renewable energy, and biodiversity. In economics, they can study sustainable development, green economies, responsible consumption, and corporate social responsibility. In language and literature courses, sustainability can be explored through texts dealing with human relationships with nature, social justice, cultural identity, and global responsibility.History and social sciences can investigate how industrialization, globalization, political decisions, and social movements have influenced environmental and social development. Mathematics can contribute through the analysis of statistical data related to population growth, carbon emissions, energy consumption, poverty, and resource distribution.Foreign language education also provides important opportunities for integrating sustainability. Language learners can discuss global problems, analyze international documents, participate in debates, prepare presentations, and compare sustainability practices in different countries. In this way, language education simultaneously develops communicative competence and global awareness.Curricular integration should be meaningful rather than superficial. Merely mentioning environmental issues in textbooks is not sufficient. Students should be encouraged to investigate real problems and develop their own solutions.

The Role of Teachers

Teachers play a central role in integrating sustainability into education. Their responsibilities extend beyond delivering academic content. Teachers influence students' values, attitudes, and ways of thinking. To teach sustainability effectively, teachers themselves require appropriate professional preparation. Teacher training programs should therefore include sustainable development concepts, interdisciplinary teaching strategies, project-based learning, digital literacy, and methods of encouraging critical thinking. Teachers should also create learning environments in which students feel comfortable discussing controversial or complex issues. Sustainability topics may involve different political, economic, cultural, and ethical perspectives. Educators should facilitate balanced discussion and encourage students to support their opinions with evidence.The teacher's personal example is also important. Sustainable practices such as reducing unnecessary paper consumption, using digital resources responsibly, saving energy, and encouraging respectful communication can reinforce sustainability values within the classroom.

Conclusion

Sustainability has become an essential component of modern education. Contemporary environmental, economic, technological, and social challenges demonstrate that education must prepare learners not only for employment but also for responsible participation in society.The integration of sustainability into education requires a comprehensive approach. Sustainability principles should be incorporated into curricula, teaching methodologies, institutional management, teacher training, research activities, and community engagement. Educational institutions should develop learners' critical thinking, systems thinking, problem-solving, communication, collaboration, ethical responsibility, and future-oriented thinking.Education for sustainable development should not be regarded as an additional academic subject. Instead, it should become a fundamental educational philosophy influencing how knowledge is created, taught, applied, and evaluated.Teachers have an especially important role because they connect sustainability principles with classroom practice. At the same time, schools and universities should demonstrate sustainability through their own institutional behavior.The long-term success of sustainable development depends significantly on education. Technological innovations and political decisions are important, but sustainable societies cannot be created without individuals who understand the consequences of their actions and are prepared to take responsibility for the future.

For this reason, integrating sustainability into education represents an investment not only in educational quality but also in the long-term well-being of society and future generations.

References

1. Brundtland, G. H. (Ed.). (1987). *Our Common Future: Report of the World Commission on Environment and Development*. Oxford University Press.
2. Sterling, S. (2001). *Sustainable Education: Re-Visioning Learning and Change*. Green Books.
3. Tilbury, D. (1995). Environmental education for sustainability: Defining the new focus of environmental education in the 1990s. *Environmental Education Research, 1*(2), 195–212.
4. UNESCO. (2017). *Education for Sustainable Development Goals: Learning Objectives*. UNESCO.
5. UNESCO. (2020). *Education for Sustainable Development: A Roadmap*. UNESCO.
6. United Nations. (2015). *Transforming Our World: The 2030 Agenda for Sustainable Development*. United Nations.
7. Wals, A. E. J. (2010). Mirroring, Gestaltswitching and transformative social learning: Stepping stones for developing sustainability competence. *International Journal of Sustainability in Higher Education, 11*(4), 380–390.
8. Wiek, A., Withycombe, L., & Redman, C. L. (2011). Key competencies in sustainability: A reference framework for academic program development. *Sustainability Science, 6*, 203–218.
9. Barth, M., Godemann, J., Rieckmann, M., & Stoltenberg, U. (2007). Developing key competencies for sustainable development in higher education. *International Journal of Sustainability in Higher Education, 8*(4), 416–430.
10. Leal Filho, W. (Ed.). (2018). *Encyclopedia of Sustainability in Higher Education*. Springer.

***Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимова Зулфизар Сухробовна** – омӯзгори Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд. Почтаи электронӣ: rahimovazulfizar307@gmail.com*

***Сведения об авторе: Рахимова Зульфизар Сухробовна** – преподаватель Самаркандского государственного института иностранных языков. Электронная почта: rahimovazulfizar307@gmail.com*

***About the author: Rakhimova Zulfizar Sukhrobovna**, Teacher of Samarkand State Institute of Foreign Languages. E-mail: rahimovazulfizar307@gmail.com*

ТДУ 327(575.3)

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБ ҲАМЧУН САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Азиззода Ғайрат Муллоаҳмад
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Мақолаи мазкур ба таҳлили ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об ва нақши Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва пешбурди дипломатияи обӣ бахшида шудааст. Дар он ибтикори Тоҷикистон оид ба эълони солҳои 2003, 2005–2015, 2013, 2018-2028 ва 2025 ҳамчун солҳо ва даҳаҳои байналмилалӣ дар соҳаи об мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф таъкид намудааст, ки ташаббусҳои обии Тоҷикистон дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид қабули як қатор қатъномаҳои муҳимро ба бор оварда, ба ташаккули рӯзномаи ҷаҳонии об, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҳалли масъалаҳои иқлимӣ ва экологӣ, инчунин эътирофи Тоҷикистон ҳамчун яке аз пешвоёни дипломатияи об дар ҷаҳон мусоидат намудаанд.

Дар анҷом, муаллиф ба хулосае мерасад, ки дипломатияи об дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷойгоҳи устувор пайдо намуда, ҳамчун воситаи муассири пешгирии низоъҳо ва пешбари рушди устувор дар сатҳи глобалӣ эътироф мегардад.

Калидвожаҳо: *Тоҷикистон, об, дипломатияи об, аҳамияти таърихӣ, ташаббусҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ, қатънома, рушди устувор.*

РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ, УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА В СТАНОВЛЕНИИ И РАЗВИТИИ ВОДНОЙ ДИПЛОМАТИИ КАК ПРИОРИТЕТНОГО НАПРАВЛЕНИЯ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья посвящена анализу международных инициатив Республики Таджикистан в водной сфере и роли Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона, в формировании и продвижении водной дипломатии. В ней рассматриваются инициативы Таджикистана по объявлению 2003, 2005–2015, 2013, 2018–2028 и 2025 годов международными годами и десятилетиями в области водных ресурсов.

Автор подчёркивает, что водные инициативы Таджикистана привели к принятию ряда важных резолюций Генеральной Ассамблеи ООН, способствовали формированию глобальной водной повестки, укреплению международного сотрудничества, решению климатических и экологических проблем, а также признанию Таджикистана в качестве одного из лидеров водной дипломатии в мире.

В заключение автор приходит к выводу, что водная дипломатия заняла прочное место во внешней политике Таджикистана и признаётся эффективным инструментом предотвращения конфликтов и продвижения устойчивого развития на глобальном уровне.

Ключевые слова: *Таджикистан, вода, водная дипломатия, историческое значение, международные инициативы, внешняя политика, мировое сообщество, резолюция, устойчивое развитие.*

THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION HIS EXCELLENCY EMOMALI RAHMON, IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF WATER DIPLOMACY AS A PRIORITY DIRECTION OF THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article analyzes the international initiatives of the Republic of Tajikistan in the water sector and the role of the Leader of the Nation, His Excellency Emomali Rahmon, in shaping and advancing water diplomacy. It reviews Tajikistan's initiatives to declare the years 2003, 2005–2015, 2013, 2018–2028, and 2025 as international years and decades related to water resources.

The author emphasizes that Tajikistan's water initiatives have led to the adoption of several important UN General Assembly resolutions, contributed to the formation of the global water agenda, strengthened international cooperation, addressed climate and environmental challenges, and secured Tajikistan's recognition as one of the world's leaders in water diplomacy.

In conclusion, the author notes that water diplomacy has become a firmly established component of Tajikistan's foreign policy and is recognized as an effective tool for conflict prevention and the promotion of sustainable development at the global level.

Keywords: *Tajikistan, water, water diplomacy, historical significance, international initiatives, foreign policy, global community, resolution, sustainable development.*

Муқаддима. Дар ҷаҳони муосир ва густариши босуръати равандҳои ҷаҳонишавӣ масъалаи тағйирёбии иқлим ба яке аз мушкилотҳои асосии сайёра табдил ёфтааст. Дар чунин шароит масъалаи таъмини аҳолӣ бо оби тоза яке аз муҳимтарин чолишҳои глобалӣ маҳсуб меёбад. Об ҳамчун унсури асосии ҳаёт ва омили калидии рушди устувор дорои аҳамияти бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ буда, дар шароити кунунӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми таҳкими ҳамкорӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ арзёбӣ мегардад.

Дар ин росто, Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори кофӣ дар самти таъмини аҳолӣ бо оби тоза дошта, дар ташаккули сиёсати ҷаҳонии об нақши муҳим гузоштааст. Дар ин раванд нақши Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмори дипломатияи об ва ташаббускори стратегияҳои глобалӣ назаррас аст.

Мақсади пажуҳиш. Ҳадафи мақолаи мазкур баррасии нақш ва ҷойгоҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди дипломатияи об дар шароити тавсеаи муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистони муосир мебошад.

Усулҳои пажуҳиш. Зимни баррасӣ аз усулҳои таърихию хронологӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, назариявӣ ва умумиилмӣ истифода шудааст.

Муҳокима.

Баъд аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ва дар заминаи татбиқи сиёсати инсонмеҳварона ва башардӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, бахусус, об ҳамчун неъмати бебаҳо ва сарвати нодири табиат ба таври назаррас тақвият ёфт.

Аз ин рӯ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ҷаласаи пленарии Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ доир ба тағйирёбии иқлим дар Аморати Муттаҳидаи Араб (01.12.2023) оид ба масъалаи мавриди назар чунин андеша намудаанд: “Тағйирёбии иқлим пеш аз ҳама ба манбаъҳои захираҳои об таъсири манфӣ мерасонад. Харобшавии манбаъҳои захираҳои об яке аз нишондиҳандаҳои манфии тағйирёбии иқлим ба шумор меравад. Дар ин раванд обшавии босуръати пиряхҳо баръало мушоҳида мешавад” [8].

Бояд тазаккур дод, ки аввалин иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон кардани соли 2003 ҳамчун Соли оби тоза дар таърихи 1-ми октябри соли 1999 дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод гардидааст. Дар идомаи ин ташаббус 20-уми декабри соли 2000-ум дар дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 2003 расман ҳамчун “Соли байналмилалии оби тоза” эълон карда шуд [4, с. 4].

Дар ҷараёни ин иҷлосия Пешвои миллат заруарти ҷалби бештари таваҷҷуҳи ҷомеаро ба масъалаи оби тоза ва мушкилоти марбут ба он таъкид карда, пешниҳод намуданд, ки бо ин мақсад соли 2003 ҳамчун “Соли байналмилалии оби тоза” эълон карда шавад [4].

Дар идомаи ин ташаббус санаи 20-уми декабри соли 2000 дар ҷаласаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Қатънома оид ба эълон кардани соли 2003 ҳамчун “Соли байналмилалии оби тоза” қабул гардид. Қабули ин қатънома аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун эътироф ва дастгирии ташаббуси нахустини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷалби

таваҷҷуҳи байналмилалӣ ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба об арзёбӣ гардид [5]. Дар доираи идомаи ин иқдом ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ 30 августи соли 2003 бо ташаббуси Ҳукумати Тоҷикистон ва бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои махсусгардонидашудаи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Душанбе Ҳамоиши байналмилалӣ оид ба масъалаҳои оби тоза баргузор гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронӣ дар ин ҳамоиш таваҷҷуҳи иштирокдоронро бори дигар ба мушкилоти мубрами соҳаи об, аз ҷумла, масъалаҳои марбут ба кӯли Сарез ва баҳри Арал ҷалб карда, дар фарҷоми суханронии худ пешниҳод намуданд, ки солҳои 2005-2015 ҳамчун "Даҳсолаи байналмилалии оби тоза" эълон карда шаванд [12, с. 212]. Ҳамчунин, сарвари давлат зикр намуданд, ки татбиқи ин ташаббус ба ҳадафи Эъломияи ҳазорсола дар самти таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ мутобиқ буда, яке аз вазифаҳои асосии он то соли 2015 ду маротиба коҳиш додани шумораи шахсоне мебошад, ки бо оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Ин пешниҳод аз ҷониби иштирокчиёни ҳамоиш якдилона ҷонибдорӣ гардида, дар асоси он Даъватномаи Ҳамоиш қабул шуд [11].

Ҳамзамон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи декабри соли 2003 дар Иҷлосияи 58-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ин масъалаи муҳимро бори дигар дар сатҳи байналмилали матраҳ карданд. Дар пайи ин ташаббус дар таърихи 23-юми декабри соли 2003 Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаеро қабул кард, ки тибқи нишондоди он солҳои 2005-2015 ҳамчун «Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" эълон гардид. Мувофиқи муқаррароти қатънома оғози расмии даҳсола ба 22 марти соли 2005, яъне ба Рӯзи байналмилалии захираҳои об рост омад [12, с. 213].

Ҳамин тавр, пешниҳоди дуюми Тоҷикистон тарҳти роҳабрии Пешвои миллат ба эълони солҳои 2005-2015 ҳамчун «Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт"» бахшида шуда буд. Ин ташаббус дар асоси Эъломияи Душанбе аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфта, дар ниҳояти кор қатъномаи дахлдор аз ҷониби СММ дар ин хусус қабул карда шуд [7].

Бо мақсади амалӣ намудани ташаббусҳои Сарвари давлат ва мусоидат ба иҷрои ҳадафҳои «Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", солҳои 2005–2015» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе як қатор чорабиниҳои муҳими байналмилалиро баргузор намуд. Аз ҷумла, Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромиллӣ дар соли 2005 ва Конфронси байналмилалӣ оид ба коҳиш додани офатҳои табиии вобаста ба об дар соли 2008 баргузор гардиданд. Дар ҷараёни ин чорабиниҳо бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор пешниҳодҳо ва тавсияҳои муҳим, аз ҷумла, ҷалби дастгирии байналмилалӣ барои мусоидат ба кишварҳои рӯ ба рушд дар ҳалли мушкилоти вобаста ба об ва таъсиси Консорсиуми байналмилалӣ оид ба истифодаи захираҳои обии кӯли Сарез ҷиҳати таъмини кишварҳои Осиёи Марказӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, матраҳ ва аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ҷонибдорӣ шуданд [12, с. 213].

Ҳамин тариқ, бо мақсади ҷамъбаст намудани натиҷаҳои фаъолияти панҷсолаи аввали «Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", солҳои 2005–2015» дар иҷлосияи 60-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод оид ба баргузории Конфронси байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускори ин иқдом ба миён гузошта шуд. Дар идомаи ин ташаббус, 21 декабри соли 2009 Маҷмааи Умумии СММ қатъномаи дахлдорро оид ба гузаронидани шарҳи миёнамӯҳлати раванди татбиқи ҳадафҳои даҳсолаи мазкур қабул намуд.

Норасоии захираҳои оби тоза дар шароити имрӯза ҳамчун яке аз муҳимтарин чолишҳои глобалӣ арзёбӣ гардида, ҳалли он, бахусус, барои кишварҳои рӯ ба рушд аҳамияти стратегӣ ва ҳаётӣ дорад.

Ин мушкилот барои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рӯз ба рӯз мубрамтар мегардад. Маълумоти Созмони Милали Муттаҳид ва дигар муассисаҳои бонуфузи илмиву таҳқиқотӣ аз афзоиши пайвастаи мушкилоти марбут ба захираҳои об ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, тибқи маълумоти

пешниҳодшуда дар Форуми панҷуми байналмилалии об (2009), истеъмоли оби тоза дар ҷаҳон дар давоми панҷ даҳсолаи охир се баробар афзоиш ёфтааст [12, с. 208].

Чи тавре ки маълум аст, маҳдуд будани захираҳои обӣ ва хусусиятҳои гуногуни истифодаи онҳо, аз ҷумла, ихтилоф дар истифодаи мавсимии об барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ ва энергетикӣ, инчунин, тақсимоти номутавозини захираҳои обӣ ба бархӯрди манфиатҳои давлатҳо ва истифодабарандагони об сабаб мегардад. Ин вазъият дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки захираҳои обӣ миёни давлатҳои минтақа нобаробар тақсим шудаанд, ба таври возеҳ ба назар мерасад.

Бо назардошти чунин вазъият Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ташаккули механизмҳои муосири муколама, гуфтушунид ва ҳамкории байналмилалиро дар самти истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои обӣ таъкид намуда, дипломатияи обро ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими пешгирӣ ва танзими ихтилофоти марбут ба об арзёбӣ карданд. Дар идомаи ин раванд, моҳи марти соли 2009 дар доираи Ҳамоиши V байналмилалии об дар шаҳри Истамбул Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки соли 2012 ҳамчун «Соли байналмилалии дипломатияи об» эълон карда шавад. Ба андешаи Саркори давлат, татбиқи чунин ташаббус метавонист ба густариши ҳамкории байнидавлатӣ ва ташаккули муносибатҳои нави давлатҳои ҳавзаҳои дарёҳо дар масъалаи идора ва танзими захираҳои обӣ мусоидат намояд.

Гарчанде ки пешниҳоди мазкур дар шакли ибтидоии худ аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ қабул нашуд, Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи декабри соли 2010 қатъномаеро қабул намуд, ки тибқи он соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» эълон гардид [3]. Қабули ин қатънома дар маҷмуъ идомаи мантиқии ташаббусҳои Тоҷикистон дар самти рушди ҳамкории байналмилалӣ ва таҳкими дипломатияи об ба ҳисоб меравад [12, с. 214].

Ҳамин тариқ, ташаббуси сеюми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эълон гардидани соли 2013 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» равона шуда буд. Маросими расмии ифтитоҳи ин соли байналмилалӣ 11 феврали соли 2013 дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Париж баргузор гардида, дар он Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзида, суханронӣ намуд.

Дар идомаи татбиқи ин ташаббус, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 19 июни соли 2012 дар Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди устувор (Рио+20) таъкид намуданд, ки дар шароити тағйирёбии иқлим ва афзоиши аҳолӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба пиряхҳо, захираҳои барфӣ, кӯлҳо, дарёҳои кӯҳӣ ва дигар сарчашмаҳои обии минтақа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан зарур аст. Зеро ҳолати ин захираҳо на танҳо ба таъмини суботи экологӣ, балки ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҳамаи давлатҳои минтақа таъсири бевосита мерасонад [2, с. 12-13].

Дар умум, бо мақсади муқовимат ба мушкилоти вобаста ба захираҳои об ва фароҳам овардани заминаи мусоид барои истифодаи самараноки онҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатӣ, стратегияҳо ва нақшаҳои чорабиниҳоро таҳия ва қабул намуда, дар доираи онҳо лоиҳаҳои гуногунро амалӣ кардааст.

Чорумин ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба эълон намудани солҳои 2018–2028 ҳамчун «Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”» равона гардидаст. Дар натиҷаи талошҳои пайваста ва пайгиронаи Тоҷикистон дар самти пешбурди рӯзномаи байналмилалии об, Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 21 декабри соли 2016 дар Иҷлосияи 71-уми худ қатъномаи дахлдорро қабул намуда, солҳои 2018–2028-ро ҳамчун «Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”» эълон кард [6].

Дар баробари ин, ҳадафи асосии «Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018–2028» ба тақвияти идоракунии устувор ва ҳамгироёнаи захираҳои об, мусоидат ба татбиқи ҳадафҳои рушди устувор дар соҳаи об ва фароҳам овардани заминаи мусоид барои густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ равона гардидааст. Дар ин замина, таҳкими ҳамкории байнидавлатӣ, мубодилаи таҷриба ва истифодаи самараноки механизмҳои

байналмилалии ҳамкорӣ дар самти ҳифз ва идоракунии захираҳои об аҳамияти хосса касб менамояд.

Татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои Даҳсолаи мазкур ба коҳиш додани таҳдидҳо ва мушкилоти муосири марбут ба захираҳои об, таҳкими амнияти обӣ ва таъмини истифодаи оқилонаю устувори захираҳои об мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» ҳамчун яке аз механизмҳои муҳими таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти ҳалли масъалаҳои глобалии обӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди устувори кишварҳо арзёбӣ мегардад.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ оқибатҳои коҳишёбии сатҳи оби баҳри Арал ва ташаккули тӯфонҳои чангу намакдор ҳамчун яке аз омилҳои таъсиррасон ба равандҳои экологӣ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, паёмадҳои мазкур метавонанд ба тағйирёбии шароити иқлимӣ ва гидрологӣ, аз ҷумла ба суръат гирифтани раванди обшавии пиряхҳо дар кишварҳои болооби минтақа, таъсири назаррас расонанд. Аз ин рӯ, истифодаи муштараки захираҳои обӣ, рушди энергетика ва шаҳрсозӣ аз масъалаҳои муҳими вобаста ба амнияти захираҳои обӣ ба ҳисоб рафта, ба сатҳи ҳамкории давлатҳо ва рафтори инсонӣ вобастагӣ доранд. Дар баробари ин, хушксолӣ, обхезӣ ва тағйирёбии иқлим ин мушкилотро боз ҳам шадидтар намуда, хатари ба вуҷуд омадани низоъҳои байнидавлатиро дар масъалаи истифодаи захираҳои обӣ афзоиш медиҳанд.

Дар ин замина, зарурати ҳалли оқилонаи масъала бо дарназардошти манфиатҳои миллии давлатҳои минтақа ва дар асоси ҳамкориҳои муассири байнидавлатӣ ба миён меояд. Бинобар ин, имрӯз таҳияи созишномаҳои нави мутобиқ ба шароити тағйирёфта, ки дорои аҳамияти сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошанд, зарурати объективӣ касб намудааст.

Бо мақсади танзими истифодаи муштараки захираҳои обӣ, тақвияти ҳамкориҳои судманди минтақавӣ ва рушди сармоягузорӣ дар соҳаи обу энергетика зарурати таҳияи механизми муассире ба миён омадааст, ки тавонад манфиатҳои давлатҳои минтақаи Осиёи Марказиро ҳамоҳанг созад. Ҳамзамон, давлатҳои минтақа бояд дар ташаккули заминаҳои рушди устувори захираҳои обӣ саҳми фаъол дошта бошанд.

Аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ, омӯзиш ва мониторинги ҳолати пиряхҳои кӯҳӣ дар Тоҷикистон ва Қирғизистон аҳамияти махсус дорад, зеро манбаъҳои асосии оби минтақа ба ин пиряхҳо вобастагӣ доранд.

Ҳамзамон, барои рафъи ихтилофҳои марбут ба истифодаи захираҳои обию энергетикии дарёҳои фаромарзӣ зарурати таҳияи созишномаҳои нави байнидавлатӣ ба миён омадааст. Дар асоси чунин созишномаҳо коркарди стратегияҳои миллии обӣ ва механизмҳои идоракунии муштараки захираҳои обӣ аҳамияти хосса дошта, барои коҳиши таҳдидҳои глобалӣ мусоидат менамоянд. Бо вуҷуди он ки аксари масъалаҳои марбут ба об дорои хусусияти иқтисодӣ мебошанд, дар солҳои охир онҳо бештар хусусияти сиёсӣ касб карда истодаанд.

Қобили зикр аст, ки ҷиҳати таъмини татбиқи самараноки «Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018–2028» моҳи январи соли 2016 Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об таъсис дода шуд. Ба ҳайати он сарони давлатҳо ва роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ шомил гардида, фаъолияти он бо ташаббуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва Президенти Бонки ҷаҳонӣ роҳандозӣ гардид. Панели мазкур ҳамчун механизми байналмилалии ҳамоҳангсозӣ ва мусоидат ба пешбурди масъалаҳои об дар сатҳи ҷаҳонӣ амал намуда, ба баррасӣ, пайгирӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти идоракунии захираҳои об равона шудааст [1].

Дар маҷмуъ, ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об дар ташаккул ва пешбурди рӯзномаи байналмилалии об нақши муҳим дошта, барои оғози «Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018–2028» заминаи мусоид фароҳам оварданд. Татбиқи ин ташаббусҳо ба таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, густариши муколамаи байнидавлатӣ ва ташаккули механизмҳои муштараки ҷустуҷӯи роҳҳои муассири ҳалли масъалаҳои вобаста ба захираҳои об мусоидат менамояд.

Ташаббуси панҷуми байналмилалии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи обу иқлим ба пешниҳоди эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи

пиряхҳо» иртибот дорад. Ин ташаббус дар идомаи сиёсати пайгиронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ пешниҳод гардид.

Дар таърихи 14-уми декабри соли 2022 Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар иҷлосияи 77-уми худ бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷонибдории 153 кишвари узви СММ қатъномаеро қабул намуд, ки тибқи он соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардид. Дар доираи ин қатънома як қатор иқдомҳои муҳими байналмилалӣ пешбинӣ шуданд, аз ҷумла: 21 март ҳамчун «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардид; соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» муайян карда шуд; дар назди Созмони Милали Муттаҳид таъсиси Фонди байналмилалии боварӣ бо мақсади дастгирии чорабиниҳои марбут ба ҳифзи пиряхҳо пешбинӣ гардид; баргузории Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар соли 2025 дар шаҳри Душанбе пешбинӣ карда шуд [13].

Қабули қатъномаи мазкур аҳамияти ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ташаккули рӯзномаи байналмилалии марбут ба ҳифзи захираҳои обӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим нишон медиҳад. Мазмуни ташаббусҳои пешниҳоднамудаи Тоҷикистон аз доираи манфиатҳои миллӣ берун рафта, ба ҳалли масъалаҳое равона шудаанд, ки барои таъмини амнияти экологӣ, рушди устувор ва ҳифзи манбаъҳои обии минтақа ва ҷаҳон аҳамияти муҳим доранд.

Дар маҷмуъ, татбиқи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим ба таҳкими ҳамкориҳои бисёрҷониба, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо ва пешбурди механизмҳои муштараки ҳалли мушкилоти экологӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, ҳалли масъалаҳои марбут ба камбизоатӣ, гуруснагӣ, дастрасӣ ба захираҳои об ва таъмини саломатӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ бо ҳадафҳои рушди устувор робитаи мустақим дошта, барои таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ аҳамияти стратегӣ касб мекунад.

Ҳамчунин, иқдоми дигари наҷибу мондагори Пешвои миллат таъсиси Ҷоиза**и байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об мебо**шад [10]. Таъсиси чунин ҷоиза аз таҳаввули дипломатияи обии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Агар ташаббусҳои пешин бештар ба ташаккули меъёрҳои байналмилалӣ равона шуда бошанд, ин иқдом ба ҳавасмандсозии таҳқиқоти илмӣ, дастгирии навовариҳо, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди сиёсати устувори истифодаи захираҳои обӣ нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки сиёсати байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об тадриҷан аз сатҳи ташаббусҳои сиёсӣ ба сатҳи ташаккули ниҳодҳои байналмилалӣ гузашта истодааст.

Таҳлили таҷрибаи беш аз бисту панҷсолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ташаббусҳои байналмилалӣ дар соҳаи об ба ташаккули симои нави кишвар ҳамчун давлати масъули ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат намудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз на танҳо ҳамчун кишвари дорои захираҳои ғании обӣ, балки ҳамчун яке аз ташаббускорон ва меъморони дипломатияи муосири обӣ дар арсаи байналмилалӣ эътироф мегардад. Ин раванд мавқеи байналмилалии кишварро таҳким бахшида, барои рушди ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва илмӣ бо давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ имкониятҳои нав фароҳам овардааст.

Ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амалишавии стратегияҳои дохилии давлат робитаи мустақим дошта, равобити дипломатӣ бо давлатҳои пешрафта ва созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявию иқтисодӣ ба рушди ҳамаҷонибаи кишвар мусоидат менамояд. Аз оғози соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон тавассути ташкили робитаҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷониба дар арсаи байналмилалӣ мавқеи худро тадриҷан таҳким бахшидааст.

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии кишвар ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи об мебошад. Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъаларо ба сатҳи мубоҳисаи глобалӣ бароварда, мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва таҳлилгарони зиёде қарор додаанд. Дар баробари ин, масъалаи дарёҳои фаромарзӣ ва истифодаи муштараки захираҳои обӣ баъзан бо ихтилофи манфиатҳо ҳамроҳ мебошад, ки ҳалли мусолиматомези онҳо ба манфиати ҷомеаи ҷаҳонӣ аст. Дар ин замина, масъалаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» низ дар

гузашта мавзуи баҳси дуҷонибаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, баъдан бо роҳи музокирот ва ҳамкории байналмилалӣ ҳал гардид [9].

Саҳми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар пешбурди сиёсати обии Тоҷикистон назаррас буда, ба таҳкими дипломатияи об дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат намудааст. Мушкилоти норасоии оби тоза, афзоиши аҳолӣ, биёбоншавӣ, тағйирёбии иқлим ва низоъҳои эҳтимолии вобаста ба захираҳои обӣ зарурати ҳамкории дастаҷамъонаи ҷомеаи ҷаҳониро тақозо мекунанд. Бо дарназардошти ин омилҳо Тоҷикистон пайваста кӯшиш менамояд, ки масъалаи об дар сатҳи баландтарин баррасӣ гардад.

Дар асоси ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор қатъномаҳои Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидаанд, ки ба пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об мусоидат намуданд. Дар натиҷа, Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги обӣ ва ташаббускори дипломатияи об дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи устувор пайдо кардааст.

Хулоса.

Имрӯз Тоҷикистон дар ҳамоишҳои байналмилалӣ оид ба масоили об фаъолона иштирок намуда, тавассути муколама ва ҳамкорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ ва экологӣ саҳм мегузорад. Ин раванд мавқеи кишварро дар арсаи байналмилалӣ таҳким бахшида, ҳамзамон барои ҷалби сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Бо дарназардошти афзоиши норасоии об дар сатҳи ҷаҳонӣ, Тоҷикистон имкони рушди соҳаи об ва ҳатто содироти оби ошомиданиро ҳамчун дурнамои стратегӣ баррасӣ мекунад. Дар ин замина, кишвар дар барномаи «Энергияи устувор барои ҳама» низ ҳамчун кишвари пилотӣ иштирок намудааст.

Дар маҷмуъ, масъалаи ҳифз, истифодаи оқилона ва идоракунии захираҳои обӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи муҳим ва устуворро ишғол менамояд. Дар ин замина, роҳбарияти кишвар тавассути пешбурди ташаббусҳои байналмилалӣ масъалаҳои вобаста ба оби тоза, амнияти обӣ ва истифодаи устувори захираҳои обро дар сатҳи байналмилалӣ пайваста матраҳ намуда, ба ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат кардааст. Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар солҳои гуногун, аз ҷумла, солҳои 2003, 2005–2015, 2013, 2018–2028 ва 2025 пешниҳод ва амалӣ гардиданд, дар таҳкими рӯзномаи байналмилалии об ва гузариш аз эътирофи аҳамияти масъалаҳои об ба таҳия ва татбиқи чораҳои мушаххас нақши муҳим гузоштаанд.

Дар ин раванд, ғояи дипломатияи об, ки дар заминаи ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бештар касб намудааст, ҳамчун яке аз самтҳои муҳими дипломатияи пешгирикунанда арзёбӣ мегардад. Истифодаи механизмҳои дипломатияи об барои густариши муколамаи байнидавлатӣ, пешгирии ихтилофоти эҳтимолӣ ва таҳкими ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ дар самти идоракунии одилона, самаранок ва устувори захираҳои обӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Адабиёт

1. Выступление Президента Республики Таджикистан на Международной Конференции высокого уровня по итогам реализации Международного десятилетия действий «Вода для жизни», 2005-2015гг., г. Душанбе, 09.06.2015.
2. Давлатов У. Ташаббусҳои байналмилалии Пешвои Миллат дар ҳалли мушкилоти глобалии марбут ба об. - С. 12-13.
3. Международный год водного сотрудничества, 2013г., Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН от 20 декабря 2010 года, 65/154, 65-ая сессия [Электронный источник] – Режим доступа: https://mewr.tj/wp-content/uploads/2018/11/UN-Res_WaterCooperation_rus.pdf (Дата обращения: 02.07.2026)
4. Пешвои миллат: масоили об, иқлим ва экология [матн] / зери назари академик Ф. Раҳимӣ. – Душанбе: Дониш, 2022. – 134 с.
5. Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН от 20 декабря 2000 года,55/196, 55-ая сессия, Международный год пресной воды, 2003 г. [Электронный источник] – Режим доступа:

https://mewr.tj/wpcontent/uploads/2018/11/Un-Res_Fresh-Water_rus.pdf (Дата обращения: 30.06.2026)
6. Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН от 21 декабря 2016 года, A/RES/71/222, 71-ая сессия, Международное десятилетие действий ―Вода для устойчивого развития‖, 2018-2028гг. [Электронный источник] – Режим доступа: https://mewr.tj/wp-content/uploads/2018/11/UN-Res_WaterCooperation_rus.pdf – Дата обращения: 17.04.2025
7. Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН от 23 декабря 2003 года, 58/217, 58-ая сессия, Международное десятилетие действий «Вода для жизни», 2005-2015гг [Электронный источник] – Режим доступа: https://mewr.tj/wp-content/uploads/2018/11/UN-Res_Waterfor-Life_rus.pdf – (Дата обращения: 02.07.2026)
8. Суханронӣ дар иҷлосияи пленарии Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ доир ба тағйирёбии иқлим (01.12.2023, Аморати Муттаҳидаи Араб) [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.president.tj/event_by_theme/international_structures/un/36205 (санаи истифода: 30.03.2026)
9. Умарҷонов, А. Об омили покизагист [Матн] / А. Умарҷонов, Б. Ӯзбекова // Ҳафтаномаи “Омӯзгор”. – Душанбе, 2023. – №16. - 20 апр.
10. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июни соли 2026 №1184 оид ба таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об [Манбаи электронӣ]. https://www.president.tj/event/documents/decrees/55792
11. Форуми ҷаҳонии об [Манбаи электронӣ].URL: https://www.worldwatercouncil.org. (санаи воридшавӣ: 02.07.2026).
12. Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / Зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 272 с.
13. Read more: https://www.asiaplustj.info/tj/news/world/20221215/soli-2025-soli-bainalmilalii-ifzi-piryaho-smm-peshniodi-toikistonro-onibdor-kard

Маълумот дар бораи муаллиф: Азиззода Ғайрат Муллоаҳмад *– Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хӯҷанд, 17 мк-н, 1. Тел.:(+992)929452105*

Сведения об авторе: Азиззода Гайрат Муллоахмад *– Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, соискатель кафедры международных отношений. Адрес: Республика Таджикистан, город Худжанд, микрорайон 17, дом 1. Контактный телефон: (+992) 929452105*

Information about the author: Azizzoda Gairat Mulloahmad – *Tajik State University of Law, Business and Politics, applicant at the Department of International Relations. Address: Republic of Tajikistan, Khujand city, Microdistrict 17, Building 1.Contact phone: (+992) 929452105*

ТДУ 327+ 37.014

ОМӮЗИШИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ЧИН ДАР СОҲАИ МАОРИФУ ИЛМ ДАР ДАВРАИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ АЗ ТАРАФИ ДОНИШМАНДОНИ ТОҶИК

Анвари Сафарӣ, Раҳимова Фархунда Шуҳратҷоновна
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами робитаҳои байнидавлатии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст ва мақола бо як сохтори муайяни мантиқӣ таҳия шудааст. Дар мақола рушди ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаҳои маориф ва илм пас аз барқарории муносибатҳои шарикии стратегӣ бо такя ба осори олимони тоҷик таҳлил шудааст. Муаллифон ба робитаҳои шарикии стратегии давлатҳо ҳамчун шакли махсуси ҳамкорӣ назар намуда, таъсири ҳамшарикии ҷонибҳоро дар тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаҳои маориф ва илм баҳогузорӣ намудаанд. Дар мақола раванди омоданамоии кадрҳои баландихтисос, омӯзиши забонҳо, таълифи муштараки китобу монографияҳо, тарҷума ва баргардони асарҳои таърихӣ, пешбурди таҳқиқоти муштарак, татбиқи лоиҳаҳои илмиву таҳқоқтӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун бахшҳои афзалияти ҳамкориҳои дуҷонибаи давлатҳо таъкид шудааст. Дар ин замина, муаллифон бо такя ба таълифоти донишмандони тоҷик дурнамои рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Чинро дар соҳаҳои маориф ва илмӣ пешбинӣ намуда, ҳамзамон ин бахшҳоро омили таҳкимбахши минбаъдаи шарикии стратегии ду давлат доинста шудааст.

Калидвожаҳо*: Тоҷикистон, Чин, шарикии стратегӣ, маориф, ҳамкориҳои илмӣ, Интитути Конфетсия, созишномаҳои байнидавлатӣ, табодули академӣ, марказҳои илмӣ.*

ИССЛЕДОВАНИЕ СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА И КИТАЯ В ОБЛАСТИ ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ В ПЕРИОД СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПАРТНЕРСТВА СО СТОРОНЫ ТАДЖИКСКИХ УЧЕНЫХ

Данная статья посвящена одному из актуальных вопросов межгосударственных отношений Таджикистана в период независимости и построена в определенной логической структуре. В статье анализируется развитие сотрудничества между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой в области образования и науки после установления отношений стратегического партнерства на основе трудов таджикских ученых. Авторы рассматривают отношения стратегического партнерства государств как особую форму сотрудничества и оценивают влияние партнерства сторон на расширение таджикско-китайского сотрудничества в области образования и науки. В статье освещаются такие приоритетные направления двустороннего сотрудничества между государствами, как подготовка высококвалифицированных кадров, языковая подготовка, совместное издание книг и монографий, перевод исторических книг, проведение совместные исследования, реализация научно-исследовательских проектов и использование инновационных технологий. В этом контексте авторы, опираясь на труды таджикских ученых, предвидят перспективы развития сотрудничества между Таджикистаном и Китаем в области образования и науки, а также определяют эти направление как фактор дальнейшего укрепления стратегического партнерства между двумя государствами.

Ключевые слова: *Таджикистан, Китай, стратегическое партнерство, образование, научное сотрудничество, Институт Конфуция, межгосударственные соглашения, академический обмен, научные центры.*

A STUDY OF COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND CHINA IN THE FIELD OF EDUCATION AND SCIENCE IN THE PERIOD OF STRATEGIC PARTNERSHIP BY TAJIK SCIENTISTS

This article addresses a pressing issue in Tajikistan's interstate relations since independence and is structured according to a specific logical framework. The article analyzes the development of

cooperation between the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China in education and science following the establishment of a strategic partnership, drawing on the work of Tajik scholars. The authors examine the strategic partnership between the two countries as a unique form of cooperation and assess the impact of this partnership on expanding Tajik-Chinese cooperation in education and science. The article highlights priority areas of bilateral cooperation between the two countries, including the training of highly qualified personnel, language training, joint publication of books and monographs, translation of historical works, joint research, implementation of research projects and the use of innovative technologies. In this context, the authors, drawing on the works of Tajik scholars, foresee prospects for developing cooperation between Tajikistan and China in the fields of education and science, and identify this areas as factors in further strengthening the strategic partnership between the two countries.

***Keywords**: Tajikistan, China, strategic partnership, education, scientific cooperation, Confucius Institute, intergovernmental agreements, academic exchange, research centers.*

Муқаддима

Дар замони Истиқлоли давлатӣ ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин чанд давраи рушдро сипарӣ намуд. Ин масир аз замони барқароргардии муносибатҳои дипломатӣ 4 январи соли 1992 шуруъ шуда, идомаи он дар оғози асри XXI бо таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай ҷараён гирифт ва то давраи таҳкими муносибатҳои шарикии стратегии ҳамаҷониба дар шароити кунунӣ идома дорад.

Дар ин замина, миқиёси алоқаҳои мутақобилаи доираҳои давлатӣ, соҳибкорӣ, илмӣ васеъ гардид ва сатҳи ниҳодгардонии робитаҳои байнидавлатӣ дар тамоми соҳаҳо таҳким ёфт. Давраи таърихӣ дар рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин ба барқарории муносибатҳои шарикии стратегӣ дар соли 2013 рост меояд [6, с. 125-131]. Ин ҳолат ба рушди ҳамкории давлатҳо дар соҳаҳои маориф ва илм мусоидат намуда, иқтидори бузурги робитаҳо дар бахшҳои таҳсилот, забономӯзӣ, бунёди муассисаҳои таълимиву илмӣ, пешбурди таҳқиқотиҳои илмӣ, татбиқи лоиҳаҳои илмиву инноватсионӣ ва воридсозии технологияҳои муосир кушода шуданд.

Доираи илмии ҷумҳурӣ раванди тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Чинро дар соҳаҳои маорифу илм ба назар гирифта, таҳқиқотҳои зиёди илмиро дар ин самт бахшидаанд. Бешубҳа, ин омил аз нақши рӯзафзуни мактаби чиншиносии тоҷик дарак дода, мутахасисони баландихтисос ва донишмандони ватаниеро кашф намуд, ки дар самти чиншиносӣ ба муваффақиятҳои назарраси илмиву таҳқиқотӣ ноил гардиданд. Дар ин миён, метавон Р.Қ. Олимов [1; 2; 3; 4; 5], Т.Н. Назаров [18; 19], П.А. Муҳаммадзода [16; 17], Г.М. Майтдинова [10; 11] ва дигаронро ёдовар шуд. Осори онҳо имкон медиҳад, ки масъалаҳои мубрами ҳамкории давлатҳо дар соҳаҳои маориф ва илм дар давраи шарикии стратегӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Методҳои таҳқиқоти мавзуъ

Дар раванди таҳқиқи мавзуи мазкур аз усулҳои умумии илмӣ истифода гардида, хусусияти ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаҳои маоирф ва илмӣ таҳлил гардид ва таъсири шарикии стратегӣ ба рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи давлатҳо дар соҳаҳои мазкур дар заминаи таҳқиқоти донишмандони ватанӣ омӯхта шуд.

Дар ҷараёни таҳияи мақолаи мазкур аз усулҳои таърихиву марҳилабандӣ, таърихиву солномановисӣ, таҳлили қиёсӣ, усули низомнок, таҳлили мундариҷавӣ (content analysis) ва ғайра ба таври васеъ истифода гардидааст. Ба хусус, таҳлили таърихиву марҳилабандӣ имкон дод, ки панҷ марҳилаҳои рушди шарикии стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин аз соли 2013 то соли 2024 таҳлил гардида [24, с. 279-290], таъсири марҳилаҳои мазкур ба рушди ҳамкории давлатҳо дар соҳаҳои маорифу илм баҳогузорӣ гардид. Дар асоси таҳлили қиёсӣ муҳтавои таълифоти олимони ватанӣ таҳлил гардида, нақши онҳо дар омӯзиши ҳамкории давлатҳо дар соҳаҳои маориф ва илм қиёс карда шуд.

Услуҳои болозикр имконят доданд, ки доираи васеи адабиёти илмӣ омӯхта шаванд ва дастовардҳои илмии олимони ватанӣ дар самти чиншиносӣ, махсусан дар самти таҳқиқи ҳамкорҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаҳои маорифу илмӣ муайян карда шаванд.

Марҳилаҳои асосии муносибатҳои шарикии стартегии давлатҳо

Барқарории муносибатҳои шарикии стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соли 2013 боиси рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи давлатҳо, махсусан дар соҳаҳои маориф ва илм гардида, имкониятҳои таҳкими робитаҳои судманд дар ин самтҳо дар давраи шарикии стратегӣ ҳамаҷониба истифода гардиданд.

Таҳлили мавзуи мазкур нишон дод, ки муносибатҳои шарикии стратегӣ миёни Тоҷикистону Чин панҷ марҳилаи рушдро сипарӣ намудааст ва ба тақвияти робитаҳои ду давлат дар тамоми соҳаҳо мусоидат намудаанд. Дар ҳар марҳила, санадҳои меъёриву шартномавии таҳкимбахши минбаъдаи шарикии стратегӣ миёни давлатҳо баста мешуд, ки чунин санадҳоро ташкил медиҳанд:

- Изҳороти якҷояи сарони давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба барқарор кардани муносибатҳои шарикии стратегӣ аз 20 май соли 2013 [21, с. 41-54];
- Изҳороти якҷояи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба тақвияти минбаъдаи ҳамкории стратегӣ аз 13 сентябри соли 2014 [7, с. 85-88];
- Эъломияи муштарак оид ба истиқрори шарикии стратегии ҳамаҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин аз 31 августи соли 2017 [15];
- Изҳороти муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи таъмиқи бештари муносибатҳои ҳамаҷонибаи шарикии стратегӣ аз соли 2019 [17, с. 281-289];
- Изҳороти муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба таъмиқи минбаъдаи ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи шарикии стратегӣ дар марҳилаи нав аз соли 2024 [9, с. 2].

Санадҳои болозикр нишонаи рушди муносибатҳои шарикии стратегӣ миёни Тоҷикистону Чин буда, таъсири худро ба рушди робитаҳои мутақобилаи Тоҷикистону Чин гузоштаанд. Маҳз дар ин замина, дар таълифоти донишмандони ватанӣ таъсири ҳамшарикии давлатҳо ба инкишофи ҳамкории ҷонибҳо дар соҳаҳои маориф ва илм бештар инъикос ёфтааст.

Аз ҷумла, Р.Қ. Олимов дар мақолаи хеш таъкид менамояд: “Дар давоми солҳои 2013-2022 шумораи зиёд ва гуногунсатҳи муколамаҳои сиёсӣ миёни ҷонибҳо доир гардида, ба ғанигардонӣ ва тавсеаи муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону Чин мусоидат намуд” [5, с. 150-166]. Ин далел гувоҳи он аст, ки пас аз барқарории муносибатҳои шарикии стратегӣ робитаҳои дуҷонибаи давлатҳо ба маҷрои нав равона гардида, ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Чин дар соҳаҳои маориф ва илм муҳтавои созанда касб намуд.

П.А. Муҳаммадзода ва Ф.Т. Бобозода тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Чинро дар давраи шарикии стратегӣ таҳлил намуда, қайд менамоянд, ки “манзури таҳкими бештари эътимоди сиёсӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд, таъмиқи ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстии байни халқҳои ду кишвар, ҳифзи сулҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ, мусоидат ба рушди устувор, тарафҳо нияти худро дар бораи таъмиқи муносибатҳои ҳамаҷонибаи шарикии стратегӣ якдилона мебошад” [17, с. 281-289].

Вобаста ба ин, метавон қайд намуд, ки муносибатҳои шарикии стратегӣ иқтидори робитаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чинро возеҳ намуда, бештар татбиқи амалии ҳамкории давлатҳо дар тамоми соҳаҳо, ба хусус дар самти маориф ва илм пешбинӣ менамояд.

Тавсеаи ҳамкориҳо дар давраи шарикии стратегӣ

Омӯзиши осори донишмандони тоҷик нишон дод, ки дар давраи шарикии стратегӣ масъалаи таҳқиқи ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаҳои маориф ва илм ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст ва дар ин самт, таҳқиқотҳои зиёди илмӣ таълиф шудааст. Донишмандон дар китобу монографияҳои

худ масъалаҳои таҳсилотӣ, забономӯзӣ, табодули академӣ, таҳқиқотҳои илмӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсиониро миёни ду давлат таҳлил намудаанд.

Дар монографияи дастаҷамъӣ зери таҳрири умумии Т.Н. Назаров хусусияти ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаҳои маориф ва илм дар давраи шарикии стратегӣ мавриди омӯзиши васеъ қарор дода шудааст. Дар боби панҷуми ин китоб мавзуи алоҳида доир ба "Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Чин дар соҳаи илму маориф" [20, с. 179] таҳлил гардидааст ва дар он асосан бахшҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд:

- таъсиси муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ барои омӯзиши забони чинӣ;
- омӯзиши забон ва фарҳанги чинӣ аз тарафи шаҳрвандони тоҷик дар дохил ва хориҷӣ;
- таҳсили шаҳрвандони тоҷик дар муассисаҳои таълимии Чин;
- ҷалби шаҳрвандони чинӣ барои таҳсил дар муассисаҳои олии Тоҷикистон;
- омоданамоии мутахассисони баландихтисос барои рушди бахшҳои муҳмми иқтисодӣ;
- таъмини алоқамандӣ миёни вазоратҳои маориф ва илми ду давлат, Академияҳои илмиву таҳқиқотӣ ва муассисаҳои олии касбии Тоҷикистону Чин.

Масъалаҳои мазкур дар тавсеаи ҳамкории давлатҳо дар соҳаҳои маориф ва илм нақши муҳим дошта, имконияти таҳсили шаҳрвандони Тоҷикистонро дар муассисаҳои олии Чин таҳким мебахшад. Инчунин, дар заминаи чунин ҳамкориҳо, Чин дар самти омоданамоии мутахассисони баландихтисос дар соҳаҳои гуногуни рушди миллӣ мусоидат менамояд. Дар баробари ин, миёни мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои соҳаи маориф ва марказҳои илмиву таҳқиқотии Тоҷикистон ва Чин алоқаҳои судманд ба роҳ монда шуда, иқтидори робитаҳо дар бахшҳои гуногуни илму маориф дар давраи шарикии стратегӣ бозкушоӣ мегарданд.

Қайд карда шудааст, ки "зиёда аз 3 ҳазор донишҷӯёни тоҷик дар беш аз 112 муассисаҳои гуногуни олии Ҷумҳурии Мардумии Чин таҳсил мекунанд. Дар солҳои 2018-2019 барои омӯзиши шаҳрвадони Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Чин беш аз 350 квота ҷудо карда шудааст" [20, с. 184].

Муҳаққиқони ватанӣ А. Шарифзода ва З. Қосимӣ дар китоби худ вобаста ба масъалаи рушди ҳамкориҳои мутақобилаи давлатҳо дар бахшҳои илму маориф таҳлили амиқро нашр намудаанд. Дар асари худ муаллифон марҳилаҳои рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Чинро таҳлил намуда, дар боби алоҳида "Оғози марҳилаи ҳамшарикии стратегӣ" таҳкими ҳамкории давлатҳоро дар соҳаҳои маориф ва илм низ баррасӣ намудаанд. Қайд мегардад, ки "шарикии стратегӣ на танҳо ба таҳкими пояҳои ҳуқуқиву шартномавии робитаи давлатҳо дар соҳаҳои маориф ва илм мусоидат намуд, балки боиси тақвияти заминаҳои ниҳодии ҳамкории ҷонибҳо дар ин соҳаҳо гардид" [23, с. 284-318].

Манзури муаллифон дар он аст, ки Тоҷикистону Чин ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф ва илм ниҳодҳои муштараки таҳсилотиро таъсис дода, лоиҳаҳои зиёди илмиву таҳқиқотӣ миёни марказҳои илмии ду давлат амалӣ мегарданд.

Инчунин, чиншиноси тоҷик Ҳ.Т. Мирзоев дар монографияи худ масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои илмии Тоҷикистону Чинро таҳлил намудааст. Ин муаллиф қайд намудааст: "Мисоли равшани ҳамкориҳо дар соҳаи илм кушодани Маркази илмиву таҳқиқотии экологӣ ва муҳити зисти Осиёи Марказӣ дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 29 августи соли 2016 ба ҳисоб меравад. Ин марказ бо кумакҳои методологӣ ва техникии Донишкадаи Синзияни Ҷумҳурии Мардумии Чин таъсис дода шудааст" [12, с. 85]. Бояд қайд намуд, ки Маркази мазкур на танҳо ҳамкориҳои илмиро дар самти беҳдошти экологӣ ва ҳифзи муҳити зист миёни Тоҷикистону Чин таҳким мебахшад, балки кишварҳои дигари минтақаро барои татбиқи лоиҳаҳои илмӣ дар фазои Осиёи Марказӣ ҷалб менамояд.

Дар баробари ин, ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаҳои маориф ва илм дар таҳқиоқти диссертатсионии як қатор муҳаққиқони тоҷик мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар ин миён, метавон рисолаҳои илмии Р.Қ. Олимов, Ҳ.Т. Мирзоев, Ш.Ш. Шарипов, И.И. Зокиров ва дигарон қайд намуд.

Донишманди тоҷик Р.Қ. Олимов дар риослаи илмии худ аҳаммияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарии муносибатҳои шарикии стратегии Тоҷикистон ва Чинро таҳқиқ намудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки “робитаҳои Тоҷикистону Чин роҳи ҳазорсолаи муколамаи тамаддуниро сипарӣ намудааст. Ҳанӯз 4 январи соли 1992 муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин барқарор гардида, имрӯз муколамаҳои созандаи байнидавлатӣ дар тамоми соҳаҳо ҷараён доранд” [2, с. 8-12]. Дар ин замина, давлатҳо рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобиларо дар соҳаҳои маориф ва илм ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд.

Ин масъала дар рисолаи номзадии Ҳ.Т. Мирзоев ба таври васеъ таҳлил гардидааст, зеро боби дуюми таҳқиқоти муаллиф пурра ба масъалаи “Робитаҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаҳои маориф ва илм” [13, с. 6-10] бахшида шудааст. Вобаста ба ин, муаллиф зербоби алоҳидаро доир ба фаъолияти Донишкадаи Конфутсий дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшидааст. Таҳлили фаъолияти ин муассисаи илмиву таълимӣ гувоҳи он аст, ки ҳамкории давлатҳо дар самти илму маориф ба маҷрои комилан созанда равона шуда, дурнамои тавсияи чунин ҳамкориҳо пешбинӣ мегардад.

Таҳлили матлабҳои ин таҳқиқот нишон дод, ки фаъолияти Донишкадаи Конфутсии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар рушди робитаҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаҳои маориф ва илм ба таври мусбаӣ таъсир намуда, бахшҳои нави ҳамкории мутақобилаи давлатҳоро возеҳ намуд. Аз ҷумла:

- афзоиши омӯзиши забон ва фарҳангӣ чинӣ дар Тоҷикистн;
- имконияти сафарбарии муҳасиллини тоҷик ба донишгоҳҳои олии Чин баъди хатми Донишкадаи Конфутсий;
- таълиф, баргардон ва харидории барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар воситаҳои айонӣ доир ба омӯзиши забонӣ чинӣ;
- баргузор намудани озмунҳои гуногун миёни муҳассилин доир ба беҳтарин донандаи забони чинӣ;
- табодули таҷриба миёни омӯзгорони тоҷик ва чинӣ;
- афзоиши чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ дар доираи “Рӯзҳои Донишкадаи Конфутсий” ва “Пули забони чинӣ” бо ҷалби мутахассисони дохилӣ ва хориҷӣ мебошанд.

Масъалаҳои болозикр далел он аст, ки Донишкадаи Конфутсии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон яке аз ниҳодҳои муҳимми илмиву таълимӣ дар низоми робитаҳои байнидавлатии Тоҷикистону Чин ба ҳисоб рафта, дар давраи муносибатҳои шарикии стратегӣ доираи фаъолияти Донишкадаи мазкур тавсеа ёфт ва он самтҳои нави ҳамкории давлатҳоро дар самти маориф ва илм падид оварда.

Рушди ҳамкориҳои илмиву техникӣ миёни Тоҷикистону Чин дар рисолаи номзадии Ш.Ш. Шарипов омӯхта шудааст. Дар рисолаи ин муаллиф нақши Чин дар бунёди иншоотҳои ифросохторӣ дар ҳудуди Тоҷикистон таҳлил шуда, масъалаҳои илмиву техникии сохтмони роҳҳо, нақбҳо, неругоҳҳои барқӣ, хатти интиқоли барқро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Аҳаммияти рушди ҳамкориҳои илмиву техникӣ миёни ду давлати ҳамсоя дар рисола ба далели зерин қайд шудааст: “Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин кушиши тавсияи ҳамкориҳои мутақобила дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла азхудкунии канданиҳои фоиданок ва тавлиди сарватҳои энергетикӣ доранд” [22, с. 4-9].

Дар ин замина, ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне “саноатикунонии босуръат” тавсеаи ҳамкориҳои илмиву техникиро тақозо намуда, зарурати воридот ва истифодаи технологияҳои муосир, дастгоҳҳои инноватсионӣ, зеҳни сунъӣ, пойгоҳи додаҳо ва рақамикуниро дар шароити Тоҷикистон ба вуҷуд овардааст ва дар ин самт ҷониби Чин метавонад ба Тоҷикистон кумак намояд.

И.И. Зокиров низ дар диссертатсияи худ ба масъалаи рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой дар соҳаи маориф таваҷҷуҳ намудааст. Муаллиф қайд менаморяд, ки “Донишгоҳи омӯзгории Синзян ҳамасола донишҷӯёни худ – забоншиносонро барои таҷрибаи шашмоҳа барои тақвияти донишҳои аз барнамудаашон аз фанҳои “забони тоҷикӣ” ва “забони рус” ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон равон менамоянд” [8, с. 120]. Ин далел аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди табодули донишҷӯён як

тарафа набуда, хонандагони чинӣ низ барои касби малакаи забондонӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ташриф меоранд.

Дар ин рисола, масъала муҳимми дигар низ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки дар нақши ширкатҳои муштараки тоҷикиву чинӣ дар сохтмони мактабҳо ва марказҳои касбомӯзӣ инъикос мегардад. И.И. Зокиров дар кори худ қайд намудааст: “Ширкати чинии “Power China” (Синоҳайдро) дар шаҳрҳои Бохтар, Левакант ва ноҳияи Данғара се мактабро дар 2020 ба истифода дод, ки ҳаҷми умумии ин лоиҳаҳо ба 3,5 млн доллар баробар буд” [8, с. 120]. Ин таҷриба сатҳи баланди эътимод ва алоқамандии созандаи Тоҷикистону Чинро дар самти рушди соҳаҳои маориф ва илм нишон дода, заминаи устуворро барои таҳкими пояҳои ҳамшарикии ҷонибҳо фароҳам овардааст.

Дар умум, мавзуи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаҳои маориф ва илм дар маркази таҳқиқотҳои олимони ватанӣ қарор дошта, доир ба ин масъалаҳо китобу монографияҳо ва рисолаҳои илмиву таҳқиқотӣ, мақолаҳои муаллифӣ ва илмиву оммавӣ таълиф шудаанд. Маводи ин таълифот далел он аст, ки ҳамкории дарвлатҳо дар соҳаҳои болозикр дар сатҳи баланд қарор дошта, дар давраи шарикии стратегӣ доираи робитаҳо боз ҳам тавсеа пайдо намудаанд.

Натиҷагирии мавзуъ

Дар охир вобаста ба натиҷагирии раванди омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаи маорифу илм дар давраи шарикии стратегӣ аз тарафи донишмандони тоҷик чанд хулосаи муҳимро баён намудан лозим аст.

Якум, дар давраи соҳибистиқлолӣ, дар доираи илми ватанӣ мактаби чиншиносии тоҷик хеле рушд ёфта, дар заминаи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳури Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар тамоми соҳаҳои манфиатбори давлатҳо мавриди таҳқиқиу пажӯҳиш қарор дода мешавад. Дар баробари ин, пас аз барқарории муносибатҳои шарикии стартегӣ миёни Тоҷикистону Чин дар соли 2013 ва тавсеаи робитаҳои ду давлати ҳамсоя вобаста ба татбиқи амалии ташаббуси “Як камарбанд, як роҳ” дар доираи илмии кишвар таваҷҷуҳ ба масъалаи чиншиносӣ дучанд гардид. Аз ин рӯ, дар доираи ин мақола як қатор таълифот ва таҳқиқотҳои донишмандони тоҷик ба хотири таҳлили марҳилаҳои рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаҳои маориф ва илм мавриди пажӯҳиш қарор дода шуданд.

Дуюм, муносибатҳои шарикии стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин аз соли 2013 то соли 2024 панҷ давраи ташаккулро сипарӣ намуд ва дар ҳар як давра ба рушди робитаҳои дуҷонибаи давлатҳо дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла ба таҳкими ҳамкории ҷонибҳо дар соҳаҳои маориф ва илм мусоидат намуд, ки дар таълифоти донишмандони ватанӣ таҳлили ҳамаҷонибаи худро ёфтааст. Муносибатҳои шарикии стратегӣ, аз як тараф ба тақвияти заминаҳои ҳуқуқиву шартномавӣ ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин ҷиҳати татбиқи барномаҳои таҳсилотӣ дар бахши маориф ва амалии лоиҳаҳои таҳқиқотӣ дар бахши илм мусоидат намуд. Аз тарафи дигар чунин робитаҳои судманд боиси таҳкими заминаҳои ниҳодии ҳамкории давлатҳо гардид, ки пеш аз ҳама дар фаъолияти Донишкадаи Конфутсий ва дигар марказу муассисаҳои илмиву таҳқиқотии муштарак зоҳир мегардад.

Сеюм, таҳлили фаъолияти Донишкадаи Конфутсий ва дигар марказу муассисаҳои илмиву таҳқиқотии муштарак дар асоси таълифоти олимони ватанӣ нишон дод, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин бахшҳои навро аз қабили афзоиши омӯзиши забон ва фарҳангӣ чинӣ дар Тоҷикистн, имконияти сафарбарии муҳасиллини тоҷик ба донишгоҳҳои олии Чин баъди хатми Донишкадаи Конфутсий, таълиф, баргардон ва харидории барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар воситаҳои айонӣ доир ба омӯзиши забонӣ чинӣ, баргузор намудани озмунҳои гуногун миёни муҳассилин доир ба беҳтарин донандаи забони чинӣ, табодули таҷриба миёни омӯзгорони тоҷик ва чинӣ, афзоиши чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ дар доираи “Рӯзҳои Донишкадаи Конфутсий” ва “Пули забони чинӣ” бо ҷалби мутахассисони дохилӣ ва хориҷӣ ва ғайра мебошанд.

Дар ин замина, метавон гуфт, ки муносибатҳои шарикии стратегӣ ба таҳкими ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаҳои маориф ва илм таъсири мусбӣ расонида, дурнамои рушди робитаҳои ду давлатро дар бахшҳои таҳсилотӣ, мувофиқасозии ҳуҷҷатҳои таълимӣ, лоиҳаҳои илмиву таҳқиқотӣ, забономӯзӣ, таълиф ва тарҷумаи китобҳо, эътирофи дипломҳо, бунёди биноҳои таълимӣ ва омӯзишгоҳҳо муайян намудааст.

АДАБИЁТ

1. Алимов, Р.К. К вопросу о таджикско-китайском сотрудничестве в сфере образования [Текст] / Р.К. Алимов // Международные отношения КНР. – 2013. – С. 254-265.
2. Алимов, Р.К. Стратегическое партнерство Таджикистана (РТ) и Китая (КНР): международно-политические, экономические и гуманитарные измерения [Текст]: автореф. дис. на соиск. учен. степ. д-ра. пол. наук (23.00.04) / Р.К. Алимов. – Москва, 2014. – 44 с.
3. Алимов, Р.К. Таджикистан и Китай. Стратегическое партнерство в целях со-развития [Текст] / Р.К. Алимов. – Пекин: 2014.
4. Алимов, Р.К. Таджикистан и Китай: курсом стратегического партнерства. Международно-политические, экономические и гуманитарные измерения сотрудничества [Текст] / Р.К. Алимов. – Москва: 2014. – 384 с.
5. Алимов, Р.К. Таджикистан и Китай: от первых шагов навстречу друг к другу до всепогодной дружбы и всестороннего стратегического партнерства [Текст] / Р.К. Алимов // Журнал «Российское китаеведение». – 2023. - №1. - С. 150-166.
6. Анвари, С. Пограничный вопрос в взаимоотношениях Таджикистана и Китая [Текст] / С. Анвари // Вестник ТНУ – 2018, №2. – С. 125-131.
7. Анвари, С. Фактор пограничного успеха в развитии торгово-экономических связей между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой [Текст] / С. Анвари, А. Шарипов. // Вестник ТНУ. – 2017, № 3-5. – С. 85-88.
8. Зокиров, И.И. Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 2991-2021) [Матн]: дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.т. (07.00.15) / И.И. Зокиров. – Дуашнбе: 2025. – 181 с. – с. 120.
9. Изҳороти матбуотӣ аз рӯйи натиҷаи сафари давлатии Роҳбари Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Минбари халқ. - №28 (1476). – 10 июли соли 2024. – С. 2.
10. Майтдинова, Г.М. Стратегическое партнерство Таджикистана и Китая в эпоху «нового похода» и «двойной циркуляции» [Текст] / Г.М. Майтдинова // Международные отношения и безопасность. – 2023. - №4 (4). – С. 18-30.
11. Майтдинова, Г.М. Таджикско-китайские отношения в условиях формирования полицентричного мира [Текст] / Г.М. Майтдинова // Постсоветские исследования. Т.4. – 2021. - № 4. – С. 255-264.
12. Мирзоев, Х.Т. Научно-культурное сотрудничество Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики в период независимости (1991-2020 гг.) [Текст] / Х.Т. Мирзоев. – Душанбе: Нушбод, 2022. – 180 с. – С. 85.
13. Мирзоев, Х.Т. Научно-культурное сотрудничество Республики Таджикистан и Китайской народной Республики в период независимости (1991-2021 гг.) [Текст]: автор. дисс. на соиск. учен. степ. к.и.н: 07.00.15. / Х.Т. Мирзоев. - Душанбе, 2021. – 25 с.
14. Мирзоев, Х.Т. Образовательные связи Республики Таджикистан с Китайской Народной Республики на современном этапе [Текст] / Х.Т. Мирзоев // Азия и Европа. – 2021. – № 1(5). – С. 47-55.
15. Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин [Манбаи электронӣ] URL: https://mfa.tj/tg/main/view/27/munosibathoi-tojikiston-bo-chin (санаи мурочиат: 06.03.2026)
16. Мухаммадзода, П.А. «Центральная Азия - Китай» как новая модель практического регионального сотрудничества для совместного развития [Текст] / П.А. Мухаммадзода // Международные отношения и безопасность. – 2023. – № 1(5). – С. 84-90.
17. Муҳаммадзода, П.А. Тоҷикистон ва Чин: таъмини бештари муносибатҳои ҳамаҷонибаи шарикии стратегӣ ҳамчун талаботи воқеии рушди ҳамкориҳои ду кишвар [Матн] / П.А. Мухаммадзода, Ф.Т. Бобозода // Паёми ДМТ. – 2019. - №9. – С. 281-289.

18. Назаров, Т.Н. Китай и Таджикистан: стратегия экономического сотрудничества [Текст] / Т.Н. Назаров // Известия АН РТ. Отделение умственных наук. – Душанбе, 2011. - №1. - С. 2-9.
19. Назаров, Т.Н. Таджикистан и Китай: сотрудничество на уровне стратегического партнерства [Текст] / Т. Назаров // Известия АН РТ. Отделение умственных наук. –Душанбе, 2014. - №1. - С. 8.
20. Тоҷикистон-Чин: аз дӯстии таърихӣ то ба шарикии стратегӣ. [Матн] / Муҳаррири умумӣ Т.Н. Назаров. – Душанбе: Аржанг, 2022. – 326 с.
21. Шарипов, А.Н. Матбуоти даврӣ дар омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Чин [Матн] / А.Н. Шарипов, М.Ш. Шарифхонзода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. - 2025. - №3 (15). - С. 41-54.
22. Шарипов, Ш.Ш. Установление и укрепление торгово-экономических, научно-технических и культурных отношений между Таджикистаном и Китайской Народной Республикой (1991 – 2008 гг.) [Текст]: автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. ист. наук (07.00.02) / Ш.Ш. Шарипов. – Душанбе, 2010. - 24 с.
23. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон – Роҳи абрешим: Тоҷикистон ва Чин (Ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) [Матн] / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: 2017. – 372 с. – С. 284-318.
24. Шарифхонзода, М.Ш. Шарикии стратегии Тоҷикистон ва Чин дар асри XXI [Матн] / М.Ш. Шарифхонзода // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 34-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи кормандони хизмати дипломатии Тоҷикистон таҳти унвонӣ “Дипломатияи Тоҷикистон барои рушди устувор ва амнияти Осиёи Марказӣ”. - Душанбе: ДМТ, 2025. – С. 279-290.

Маълумот дар бораи муаллифон: Анвари Сафарӣ *– номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети муносибатҳои байналмилалии ДМТ.* ***Суроға****: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои 11.* ***Тел****.: (+ 992) 918 97 31 81,* ***email****: anvari.safar@mail.ru.*

Раҳимова Фархунда Шуҳратҷоновна *– докторант (PhD) – и кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.* ***Суроға****: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.* ***Тел****.: +992 906 200001.* ***E-mail****: Ilm@maorif.tj*

Информация об авторах: Анвари Сафари *– кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политике Республики Таджикистан, факультета международных отношений ТНУ.* ***Адрес****: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, район Буни Хисорак, студенческий кампус, корпус 11.* ***Тел****: (+ 992) 918973181,* ***email****: anvari.safar@mail.ru*

Рахимова Фархунда Шухратджоновна *– PhD докторанка кафедры международных отношений факультета международных отношений Таджикского национального университета.* ***Адрес****: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.* ***Тел****.: +992 906 200001.* ***E-mail****: Ilm@maorif.tj*

About the authors: Anvari Safari *– candidate of historical science, associate professor of the department of diplomacy and foreign policy of the Republic of Tajikistan, the faculty of International relations of the Tajik National University.* ***Address****: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Buni Hisorak district, student campus, building 11.* ***Tel****.: (+ 992) 918 97 31 81,* ***email****: anvari.safar@mail.ru.*

Rakhimova Farkhunda Shukhratjonovna*– philosophy doctor (PhD) in the department of international relations of the faculty of international relations of the Tajik National University.* ***Address****: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17.* ***Tel****.: +992 906 200001.* ***E-mail****: Ilm@maorif.tj*

ТДУ: 930.1 (575.3)

ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ШУРАВӢ: ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ ВА РАВАНДҲОИ МИЛЛӢ

Миракзода Фаридун Юсуфӣ
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мақола ба баррасии таҳқиқоти таърихӣ ва равандҳои миллӣ дар даврони ҳокимияти шуравӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст.

Таъсиси давлати тоҷикон дар низоми ҳокимияти шуравӣ имконият ва маҳдудиятҳоро ба миён овардааст, ки дар мақолаи мазкур ин масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Инчунин, дар мақола аҳаммияти Инқилоби соли 1917 ва таъсиси ҷумҳуриҳои сохти шуравӣ, нақши муҳаққиқон ва мушкилоти худогоҳии миллӣ дар замони шуравӣ, муборизаи пешвоёни тоҷик барои исботи ҳастии миллӣ, тақсими миллӣ-ҳудудӣ ва оғози худшиносии тоҷикон, давраи шуравӣ ва мушкилоти тоҷикон дар масъалаи ҳувият, дастовардҳо ва бохти тоҷикон дар давраи шуравӣ бо таҳлили муқоисавӣ арзёбӣ карда шудаанд.

Калидвожаҳо: *Тоҷикистон, Русия, Инқилоб, ҳокимияти шуравӣ, тоҷикон, худогоҳии миллӣ, тақсими миллӣ-ҳудудӣ, дастовард, мушкилот, таърихнигорӣ.*

ТАДЖИКИСТАН В СОВЕТСКИЙ ПЕРИОД: ИСТОРИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ И НАЦИОНАЛЬНЫЕ ПРОЦЕССЫ

Статья посвящена анализу исторических исследований и национальных процессов в период советской власти в Таджикистане.

Создание таджикского государства в системе советской власти открыло возможности и ограничения, которые преследует данная статья по этим вопросам.

Также в статье оценивается значение революции 1917 года и создания республик советского строя, роль исследователей и проблемы национального самосознания в советское время, борьба таджикских лидеров за доказательство национального существования, национально-территориальное деление и начало таджикского самосознания, советский период и проблемы таджиков в вопросе идентичности, достижения и поражения таджиков в советское время с помощью сравнительного анализа.

Ключевые слова: *Таджикистан, Россия, революция, советская власть, таджики, национальное самосознание, национально-территориальное деление, достижения, проблемы, историография.*

TAJIKISTAN IN THE SOVIET PERIOD: HISTORICAL RESEARCH AND NATIONAL PROCESSES

The article is devoted to the analysis of historical research and national processes during the period of Soviet rule in Tajikistan.

The creation of the Tajik state in the Soviet system opened up the possibilities and limitations that this article pursues on these issues.

The article also evaluates the significance of the Revolution of 1917 and the creation of the republics of the Soviet system, the role of researchers and the problems of national identity in Soviet times, the struggle of Tajik leaders for proof of national existence, the national-territorial division and the beginning of Tajik identity, the Soviet period and the problems of Tajiks in the issue of identity, the achievements and defeats of Tajiks in Soviet times through comparative analysis.

Keywords: *Tajikistan, Russia, Revolution, Soviet power, Tajiks, national identity, national-territorial division, achievements, problems, comparative analysis.*

Муқаддима

Таърихи мардуми тоҷик дар асри XX, бахусус, дар замони ташаккули Иттиҳоди Шуравӣ, марҳалаи сарнавиштсозест, ки аз бурду бохтҳои ҷиддӣ иборт аст. То Инқилоби октябри соли 1917 Осиёи Миёна зери ҳукмронии аморату хонигарӣ қарор дошт, ки сохтори он хусусияти

феодалӣ-патриархалӣ дошт ва ҷомеаро низоъҳои дохилӣ, истисмори иқтисодӣ ва ноадолатиҳои иҷтимоӣ фаро гирифта буданд. Дар чунин шароит забти ин минтақа ва ҳамоҳ шудан ба ҳайати Русия ва сипас, барқарор гардидани ҳокимияти шуравӣ тағйироти амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро ба миён овард.

Барои тоҷикон ин давра аҳаммияти махсус дошт. Таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1924) ва баъдан мақоми ҷумҳурии мустақил гирифтани он дар ҳайати ИҶШС (1929) таҷрибаи расмии давлатдорӣ гардид, ки дар заминаи он Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқлоли сиёсӣ расид. Ҳамзамон, маҳз дар раванди тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ қисматҳои муҳимми фарҳангиву таърихӣ, аз қабили Бухоро ва Самарқанд аз таркиби ҳудуди тоҷикон берун монданд, ки дар раванди миллатсозии мо тоҷикон нақши манфӣ бозид. Ҳамин тавр, баробар бо дастовардҳои сиёсиву иҷтимоӣ, миллат бо маҳрумиятҳои ҷиддии фарҳангиву маънавӣ рӯбарӯ гардид.

Муҳаққиқон ва муаррихони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла, В.В. Бартолд, Б. Ғафуров, М. Эркаев, М. Шакурӣ, Р. Масов, Н. Ҳотамов, Н. Ҳакимов, К. Абдуллоев, Р. Абулҳаев ва дигарон ин марҳаларо аз дидгоҳҳои мухталиф арзёбӣ намудаанд. Баъзеҳо истиқрори ҳокимияти шуравиро омили пешрафти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ шумурдаанд, дигарон онро бо равандҳои ассимилятсия ва маҳдудияти худшиносии миллӣ пайвастаанд.

Мақсади мақолаи мазкур баррасии ҷойгоҳи таҳқиқоти таърихӣ ва равандҳои сиёсиву фарҳангии давраи шуравӣ дар ташаккули давлатдорӣ ва худшиносии миллии тоҷикон мебошад.

Методҳои таҳқиқот. Зимни таҳияи мақола усулҳои таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-хронологӣ, таҳлили таърихнигорӣ ва таҳлили интиқодии манбаъҳои нашршуда истифода шудаанд.

Инқилоби соли 1917 ва таъсиси ҷумҳуриҳо бо сохти шуравӣ

Санаи 14 ноябри соли 1917 ҳокимияти шуравӣ дар шаҳри Тошканд ва сипас, дар тамоми қаламрави кишвари Туркистон, аз ҷумла, дар шимоли ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон пойдор гардид. Дар пайи ин раванд, 30 апрели соли 1918 съезди V Шурои Туркистон қарор оид ба таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Туркистон дар ҳайати ҶШФСР-ро қабул намуд.

Баъд аз чанд сол, моҳи апрели соли 1920 дар қаламрави собиқ Хони Хива Ҷумҳурии Халқии Шуравии Хива таъсис ёфт. Сипас, 14 сентябри ҳамон сол, Қурултойи якуми умумибухороӣ қарор дар бораи таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухороро қабул кард [6, с. 11-12]. Бо ин роҳ, дар қаламрави Осиёи Миёна як силсила ҷумҳуриҳои нав бо сохти шуравӣ ташкил гардиданд.

Таъсиси ин ҷумҳуриҳои сохти сотсиалистӣ дар минтақа ба барҳам додани сохти феодалӣ ва сарнагун сохтани ҳокимияти амирону бекон замина гузошт. Ҳамзамон, он барои расидан ба ҳадафи Стратегии ҶШФСР: таҳти назорати расмӣ гирифтани Осиёи Миёна ва таъмин намудани итоати он ба сохти нави сиёсиву иқтисодӣ воситае буд. Ба ин тартиб, таъсиси ҷумҳуриҳои шуравӣ дар Осиёи Миёна қадами устуворе дар роҳи татбиқи мақсадҳои роҳбарияти болшевикӣ гардид.

Дар чунин шароит, 31 августи соли 1920, дар рӯзи пирӯзии артиши сурхи шуравӣ дар Бухоро, амир Олимхон нахуст, ба Бухорои Шарқӣ ва сипас ба Афғонистон фирор кард [14].

Ҳамин тавр, дар бахше аз ҳудуҳои аз нигоҳи иқтисодӣ қафомондаи тоҷикнишин дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон таъсис шуд, ки минбаъд асоси таъсиси Тоҷикистони мустақил гашт. Ин рӯйдод барои ҳар як фарди ватандӯсту худшинос воқеаи муҳим ва мондагор буда, дар шароити кунунӣ ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ ва муаррифии он ҳамчун омили калидӣ дар рушди давлатдории навини тоҷикон маҳсуб мешавад.

Бо таъсиси давлати миллӣ имкони аз нигоҳи нав арзёбӣ намудани шебу фарози таърихи гузашта, аз ҷумла замони шуравӣ, фароҳам омад.

Муаррихону донишмандон вобаста ба вазъи идеологӣ ва сиёсӣ перомуни масъалаҳои мухталифи давраи шуравӣ ва рушди иқтисодиву иҷтимоиву фарҳангии он осори зиёде таълиф намудаанд. Аз ҷумла, муаррих М. Эракев барқароршавии низоми шуравиро ҳамчун омили барҳам задани зулми иҷтимоӣ ва миллӣ, таъминкунандаи озодӣ ва бахти халқҳои собиқи

империяи Русия арзёбӣ менамояд. Ӯ Инқилоби октябрро оғози марҳалаи нав дар таърихи халқи Осиёи Миёна – марҳалаи сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ, барқароршавии дӯстии абадӣ бо халқҳои дигар ва мубориза барои тантанаи коммунизм медонад [14, с. 17-18]. Ин хулосаи М. Эркаев бештар ҷанбаи таблиғотӣ дорад, то баррасии илмии як ҳодиса.

Дарвоқеъ, ин рӯйдод дар таърихи миллати мо дастоварду мушкилот, шебу фароз ва саодату шақоватро ҳамроҳ ба бор овардааст, ки бо диди нав баррасӣ намудани ин воқеаҳо тақозои замон аст.

Нақши пажуҳишмандон ва мушкилоти худогоҳии миллӣ дар замони шуравӣ

Ёдовар бояд шуд, ки дар баробари равшанфикрону муҳаққиқони тоҷик, дар пажӯҳиши худогоҳиии милии тоҷикон саҳми донишмандону ховаршиносони хориҷӣ низ назаррас аст. Аз ҷумла, В.В. Бартолд, М.С. Андреев, А.А. Семёнов, А. Шишов, Б.А. Литвинский, Н. Колдивин, Р.Н. Фрай, Э. Афшор ва дигарон дар асарҳои худ аз фарҳанг ва таърихи тулонии мардуми тоҷик дар Осиёи Миёна ёд кардаанд. Бо вуҷуди ин, ҳангоми анҷоми тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ андешаҳои онҳо ба эътибор гирифта нашуд.

Дар ҳамин замина, яке аз аввалин муҳаққиқоне, ки бо диди тоза масъалаи бурду бохти тоҷиконро дар давраи шуравӣ матраҳ намуд, академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ буд. Ӯ китоби маъруфи худ бо унвони «Хуросон аст ин ҷо»-ро соли 1996 бо хатти форсӣ ва соли 1997 бо хатти кириллӣ нашр кард. Дар ин асар масъалаи худогоҳии миллӣ ва сарнавишти тоҷикон бо таҳлили амиқ баррасӣ шудааст. Ба минволи М. Шакурӣ яке аз ҳадафҳои сиёсати миллии империяи шуравӣ маҳз миллатзудоӣ ба ҳисоб мерафт. Ин сиёсат бар он буд, ки халқҳои тобеъ аз хусусиятҳои миллии худ – фарҳанг, забон ва суннатҳо, маҳрум гарданд, худогоҳии миллӣ то ҳадди имкон сусту маҳдуд боқӣ монад, шинохти таърихиву фарҳангӣ ноқис ва ҷаҳонбинии мардум берун аз чорчӯбаи идеологияи ҳизбии шуравӣ қадам нагузорад. Дар ин хусус М. Шукрӣ чунин ёддошт кардааст: “Яке аз ҷузъҳои асосии сиёсати миллии шуравӣ миллиятзудоӣ буд: халқҳоро аз ҳувияти миллӣ маҳрум мекарданд, мекӯшиданд, ки хусусияти миллии халқҳо аз байн равад, ёди таърихиву фарҳангии онҳо ба нестӣ расад, онҳо худро фақат дар саҳни имрӯз бинанду бас зеро ба якдигар, хусусан ба «халқи бузурги рус» ҳамранг бошанд, ба «ояндаи дурахшон», ба коммунизм расидан осонтар хоҳад буд” [13, с. 246].

Бо вуҷуди ин маҳдудиятҳо, бузургони фарҳанг ва илми тоҷик, аз ҷумла, Садриддини Айнӣ бо асарҳои бадеӣ ва пажуҳишҳои илмии худ ҷаҳду талош карданд, то худогоҳии миллии тоҷикони Осиёи Миёна ба роҳи дуруст равона шавад ва худшиносии иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо ба воқеиятҳои таърихӣ наздик гардад.

Фаъолияти академик Бобоҷон Ғафуров низ ба ҳамин ҳадаф равона шуда буд. Асари мондагори ӯ «Тоҷикон» (1972) барои ташаккули ёди таърихии мардуми тоҷик нақши калидӣ бозид ва ба таҳкими худшиносии миллӣ мусоидат кард [2].

Дар баробари онҳо, Сотими Улуғзода низ бо осори худ, бахусус, намоишномаҳои таърихӣ, дар роҳи бедории худогоҳии миллӣ саҳм гузошт. Ин фаъолиятҳо, ки аксаран, як ҷузъи мубориза иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буданд, бар зидди пантуркизм ва сиёсатҳои миллатзудоӣ равона гардида, ба шуури ҷамъиятӣ таъсир расонданд.

Бо вуҷуди ин, осеб дидани бунёди маънавии ҷомеа имкони амиқ гардидани худшиносии миллӣ ва расидан ба сатҳи баланди худогоҳиро маҳдуд сохт. Ҳар гоҳ ки заминаи маънавии рушди ҷомеа заиф гардад, худҷӯйиву худрасии шахс низ аз ҳаракат мемонад, карахтӣ ҷойи бедориро мегирад ва сатҳи худшиносии миллӣ коҳиш меёбад. Аз ин рӯ, тоҷикони Осиёи Миёна дар давраи шуравӣ ба худогоҳии ҳақиқӣ пурра нарасида буданд [13, с. 158-159].

Муборизаи пешвоёни тоҷик барои исботи ҳастии миллӣ

Сарварону нахбагони маъруфи миллати тоҷик, аз ҷумла, Садриддин Айнӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, Шириншоҳ Шотемур, Чинор Имомов, Нусратуллоҳ Махсум, Лутфуллоев, Абдураҳим Ҳоҷибоев ва дигарон барои исботи мавҷудияти тоҷикон ҳамчун як миллати ҷудогонаи мустақил талошҳои зиёде анҷом доданд. Онҳо мекӯшиданд нишон диҳанд, ки тоҷикон дорои таърихи мустақил, фарҳанги вижа ва забони адабӣ мебошанд.

Бо вуҷуди ин, шароити сиёсӣ имкон намедод, ки онҳо ба таври ошкоро ва бо садои баланд изҳор доранд, ки тоҷикон яке аз қавмҳои эронӣ ва ворисони асили фарҳанги форсӣ мебошанд.

Забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) низ ҳамчун як шохаи барҷастаи забони форсӣ, на як «лаҳҷаи хароби форсӣ», шинохта мешуд. Аммо чунин андешаҳо дар фазои сиёсӣ хатари ҷиддӣ ба бор меоварданд: ҳар касе ин нуктаро ошкоро баён мекард, бо иттиҳоми пайравӣ аз «панэронизм» ё «панисломизм» рӯ ба рӯ мешуд. Ин иттиҳом ҳамчунин бо даъвои ҷудо кардани Осиёи Миёна аз ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ва пайвастан ба Эрон ё Афғонистон пайваст карда мешуд.

Пантуркистҳо ин ҳолатро ба ҳайси баҳона истифода бурда, сарварони тоҷикро ба хиёнати сиёсӣ муттаҳам менамуданд. Аз ин рӯ, ҳар қадами равшанфикрону тоҷикпарастон бо монеаҳои зиёд рӯ ба рӯ мешуд ва муборизаи онҳо барои ҳифзи ҳастии миллӣ бо душвориҳои сангин ҳамроҳ буд [13, с. 198].

Тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ ва оғози худшиносии тоҷикон

Шуравиён аз оғози даҳаи бистум талош карданд, ки дар Осиёи Миёна ба номи «тақсими ҳудуди миллӣ» марзбандии нав ба миён оваранд. Мақсад ин буд, ки мувофиқи таҷрибаи Аврупои Ғарбӣ давлатҳои миллӣ ба вуҷуд оварда шаванд, ки дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун «давлатҳои соҳибихтиёр» амал кунанд. Дар ин раванд, барои ӯзбекҳо, туркманҳо ва қирғизҳо давлатҳои миллӣ таъсис дода шуд, вале тоҷикон «фаромӯш гардиданд». Ин «фаромӯшкорӣ» маъно дошт, ки тоҷикон аз истиқлоли сиёсӣ маҳрум гарданд ва дар доираи «давлати миллӣ»-и ӯзбекон ноаён бимонанд, то равандҳои ӯзбеконидан зудтар сурат гиранд [13, с. 200].

Дар ин росто, академик Р. Масов тақсимоти миллӣ-ҳудудиро бо истилоҳи “табартақсим” тавсиф кардааст. Ба назари ӯ дар ҷараёни тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ комиссияи ӯзбекӣ зери таъсири пантуркизм ҳувияти миллии тоҷикон ва ҳуқуқи онҳоро ба сарзаминҳои таърихии худ инкор карда, онҳоро ба минтақаҳои кӯҳистонӣ ва водиҳои танг маҳдуд месохт [10, с. 14]. Дар умум, дар осори таърихнигор Р. Масов масъалаи тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар асоси асноди мустанад ва бо назари интиқодӣ баррасӣ гардида, таъсири оқибатҳои он ба ташаккул ва рушди минбаъдаи давлатдории тоҷикон арзёбӣ шудааст [9; 10]

Аммо маҳз бо унвонҳои тоза чун «миллати тоҷик», «забони тоҷикӣ», «адабиёти тоҷикӣ» ва «Тоҷикистон» имкони наҷоти тоҷикон фароҳам омад. Тоҷикони Осиёи Миёна маҷбур шуданд, бисёре аз падидаҳои ҳувияти худро бо номҳои нав муаррифӣ кунанд, то мавҷудияти миллӣ ва ҳаққи ҳастии мустақили худро собит созанд. Ин унвонҳои нав заминаеро фароҳам оварданд, ки эрониёни Осиёи Миёна ҳамчун халқи ҷудогонаи ба худ хос эътироф шаванд ва дар муборизаҳои сахти солҳои бистум барои ташаккули худшиносии миллӣ нақши ҳалкунанда бозиданд [13, с. 202].

Бо таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон (1924), аввалин иқдоми сарвари ҳукумат Абдулқодир Муҳиддинов супориш ба устод Садриддин Айнӣ буд, ки китобе таҳия намояд. Дар натиҷа асари машҳури «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) таҳия шуд, ки онро устод Лоҳутӣ дар Маскав ба табъ расонд. Китоб бо ҷумлаҳои таърихӣ оғоз меёбад: «Аз бозе ки вақоеъро таърих қайд мекунад, то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳру Туркистон, чунонки қавме ба номи тоҷик истиқомат дорад, ҳамчунон, забону адабиёти эшон ҳам ривоҷ ёфта омадааст… сабаби ҳақиқӣ мавҷудияти қавме бузург ба номи тоҷик, ки мансуб ба ирқи орист, дар ин ҷост» [1, с. 3].

Таъсиси Тоҷикистон, чопи «Намунаи адабиёти тоҷик» ва фаъолияти адабии минбаъдаи Айниву Лоҳутӣ барои худшиносии таърихӣ ва худогоҳии миллӣ аҳаммияти фавқулода дошт. Бо вуҷуди он ки Тоҷикистон соли 1924 танҳо дар як гӯшаи камаҳаммияти сарзамини тоҷикон ташкил шуд ва танҳо соли 1929 вилояти Хуҷанд ба он пайваст гардид, дар ҳоле ки Бухорову Самарқанд дар ҳайати Ӯзбекистон боқӣ монданд, боз ҳам барои тоҷикон имкони муҳим фароҳам омад. Мардуми тоҷик тавонистанд, худро соҳиби як ватани мушаххас ва меросдори фарҳанги олии адабӣ – аз Рӯдакӣ то Айниро эҳсос намоянд. Ин амал раванди худшиносии миллӣ ва таърихиро ба масири дуруст равона сохт [13, с. 204].

Давраи шуравӣ ва мушкилоти тоҷикон дар масъалаи ҳувият

Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар китоби худ «Фитнаи инқилоб дар Бухоро» (2010) менависад, ки пас аз суқути давлати Сомониён тоҷикон дар тули асрҳо таҳти фишору зулми туркону муғулон қарор гирифтанд. Ба гуфтаи ӯ, «истилои муғул маъракаи *(раванди – М. Ф.)* тоҷиккушӣ буд» ва ин раванд дар аҳди Темур ва баъд аз асри XV низ идома ёфт [11, с. 68]. Бо

вуҷуди он ки кӯшиш мешуд, тоҷикон ҷисман маҳв шаванд, «натавонистанд тоҷиконро нест кунанд» [12, с. 6].

Дар замони ҳукмронии шуравӣ ин раванд шакли нав гирифт. Академик В.В. Бартолд низ таъкид кардааст, ки "танҳо пас аз омадани русҳо, чунончи дар Самарқанд раванди турконидани мардум пешрафтҳои зиёд кард. Раванди турксозии тоҷикон дар поёни садаи XIX то Зарафшон расид" [12, с. 69]. Ба андешаи ӯ, ин раванд дар аморати Бухоро назар ба Тошканду Фарғона сусттар сурат мегирифт. Вале пас аз соли 1920 болшевикон пантуркистҳоро ба сари қудрат оварданд ва «панӯзбекизм» ҳамчун шакли таҷовузкортари пантуркизм зуҳур намуд. Пешвои он – Файзулло Хоҷа, мавҷудияти миллати тоҷикро инкор карда, тоҷиконро як «қабилаи ӯзбек» эълон дошт.

Абдураҳим Ҳоҷибоев барои радди чунин иддао ба маълумоти Ситоди кулли Русия такя карда, навишта буд: «Дар Бухоро 3 миллион аҳолӣ ҳаст, аз онҳо 2 миллиону 100 ҳазор тоҷиканд, 750 ҳазор ӯзбек ҳаст» [9, с. 120]. Р. Масов низ таъкид мекунад: «Ҷумҳурии Бухоро ҷумҳурии ӯзбекӣ набуд, балки як давлати эронӣ буд, ки пойтахти он Бухоро буд» [9, с. 125].

Бо пуштибонии болшевик-пантуркистҳо мактабҳоро ба забони ӯзбекӣ гардонданд. М. Шакурӣ дар такя ба андшеаи устод С. Айнӣ менависад: «Тоҷикон дар аввалҳои инқилоби Октябр як мактаби шуравӣ ба забони худ надоштанд» [12, с. 74]. Ин дар ҳолест, ки Бухоро аз асри IX–X маркази забон ва фарҳанги тоҷикӣ буд ва то омадани русҳо хатту адабиёти форсии тоҷикӣ дар он ҷо роиҷ боқӣ монда буд. Бо вуҷуди ин, ҳокимони болшевик ва туркгаро «забони тоҷикиро аз мактаб, матбуот ва идораҳо берун ронданд» [12, с.7], то ҳувияти миллӣ суст гардад.

А. Муҳиддинов низ баъдтар эътироф кард: «Мо душмани забони тоҷикӣ будем, хизматгор ва тарафдори иттиҳоди турк ва забони туркӣ будем» [3, с. 199].

Сиёсати Маскав низ мавқеи тоҷиконро заиф мекард. Ленин 13 июни соли 1920 супориш дода буд, ки «харитаи Туркистон бо тақсим ба Ӯзбекия, Қирғизия ва Туркмания тартиб дода шавад» [8, с. 436]. Ба ҳамин монанд, Кумитаи Марказии ҲК РКП(б) 12 августи 1920 дар номае бе ёдоварӣ аз тоҷикон таъкид кард, ки «халқҳои бумии Туркистон ӯзбекҳо, қирғизҳо ва туркманҳо мебошанд» [5, с. 647].

Ҳамин тавр, агарчи инқилоб мардуми тоҷикро аз зулми манғитон озод кард, бар ивази он ба дасти пантуркистҳо супурд. Аз ин ҷост, ки шебу фарози таърихи тоҷикон дар давраи шуравӣ бояд бо дарназардошти усули муқоисавӣ ва ҳамаи дастовардҳо ва мушкилот арзёбӣ гардад.

Дастовардҳо ва бохти тоҷикон дар давраи Шуравӣ: таҳлили муқоисавӣ

Давраи шуравӣ барои мардуми тоҷик ҳам бурд ва ҳам бохт дошт. Аз як тараф, тоҷикон ба шакли расмӣ соҳиби давлатдорӣ шуданд. Ташкили Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон (1924) ва баъдан мақоми ҷумҳурӣ гирифтани он дар ҳайати ИҶШС (1929) заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои ниҳодҳои давлатӣ ва таҷрибаи идоракунии миллӣ фароҳам овард. Ин дастоварди калон дар таърихи тоҷикон буд. Аммо ҳамин давлатдорӣ бо аз даст додани марказҳои бостонии фарҳангӣ ва маънавӣ, аз ҷумла Бухоро ва Самарқанд, ҳамроҳ шуд [10]. Яъне давлатдорӣ бар ивази маҳрумият аз марказҳои аслӣ сурат гирифт, ки паёмади он камранг гардидани «ҷуғрофиёи маънавӣ»-и миллат буд. Дар соҳаи забон ва фарҳанг низ ҳамин дуҷонибагӣ дида мешавад. Аз як тараф, сатҳи саводнокӣ дар Тоҷикистон аз чанд фоизи ночиз то қариб умумӣ расид, мактабҳо, донишгоҳҳо ва пажӯҳишгоҳҳо таъсис ёфтанд, асарҳои классикони адабиёт ба алифбои кириллӣ интиқол ёфтанд ва адабиёти нав рушд кард. Аз тарафи дигар, дар марказҳои берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ мавқеи забони тоҷикӣ заиф шуд, мактабҳо ба забони дигар гузаштанд ва матбуоти тоҷикӣ маҳдуд гардид. Ҳамин тавр, саводомӯзӣ ва инфрасохтори фарҳангӣ ба даст омад, вале мазмун зери назорати идеологӣ қарор гирифт. Дар бахши иқтисод ва инфрасохтор низ ҳам бурд ва ҳам бохт мушоҳида мешавад. Тоҷикистон, ки қаблан як кишвари қафомондаи асосан, аграрӣ буд, тадриҷан ба кишвари аграрӣ-индустриалӣ табдил ёфт. Сохтмони неругоҳҳо, роҳҳои оҳан, фабрикаву заводҳо ва рушди шаҳрҳо тағйироти бузург оварданд. Вале ин пешрафт бо нархи монохусусият ва вобастагӣ аз марказ сурат гирифт: пахтакорӣ ба соҳаи асосӣ табдил ёфт, масъалаҳои муҳити зист (шуршавӣ, норасоии об) сар заданд ва иқтисод диверсификатсия нашуд.

Дар соҳаи иҷтимоӣ, тандурустӣ ва нақши занон бурдҳо назаррас буданд. Таъсиси беморхонаҳо ва паҳн гардидани хизматрасонии тиббӣ фавтро коҳиш дод, занон ҳуқуқи баробар

бо мардон пайдо карданд ва ба таҳсилу фаъолияти ҷамъиятӣ ворид шуданд. Аммо ин раванд бо бархӯрдҳои арзишӣ ва муқовимати муҳитҳои суннатӣ ҳамроҳ буд, ки дар баъзе ҳолатҳо душворӣ меовард. Бо вуҷуди ин, таъсири мусбат ва созандаи он барҷастатар буд. Масъалаи худшиносӣ ва ҳувият яке аз баҳсбарангезтарин буд. Аз як тараф, бо унвонҳои расмии «миллати тоҷик», «забони тоҷикӣ», «Тоҷикистон» ва таъсиси ниҳодҳои илмӣ мавҷудияти тоҷикон ҳамчун як миллат эътироф гардид. Осори Айнӣ, Ғафуров ва дигарон худшиносии миллӣ ва таърихиро таҳким бахшиданд [1; 2]. Аз тарафи дигар, дар муҳити берун аз ҷумҳурӣ сиёсати ассимилятсионӣ идома ёфт, равшанфикрон бо айбномаҳои «панэронизм» ва «панисломизм» рӯ ба рӯ шуданд ва бисёровозии таърихӣ зери фишори идеология қарор гирифт [10].

Аз нигоҳи сиёсӣ, давраи шуравӣ сулҳу суботи нисбӣ ва ягонагии маъмуриро таъмин кард. Вале ин субот бо маҳдуд кардани озодиҳои сиёсӣ, назорати шадиди ҳизбӣ ва аз байн бурдани ҳар гуна гуногунандешӣ ба даст омад.

Хулоса, давраи шуравӣ барои тоҷикон як «созиши таърихӣ» буд. Он ба миллати тоҷик пояҳои давлатдорӣ, саводнокӣ, инфрасохтор ва ҳувияти расмӣ бахшид, вале ба ивази он марказҳои таърихӣ аз даст рафтанд, вобастагӣ аз марказ афзоиш ёфт ва худшиносии миллӣ нопурра боқӣ монд. Дар умум, ҳамин бурдҳои сохторӣ имкони истиқлол ва эҳёи навини тоҷиконро фароҳам оварданд, дар ҳоле ки бохтҳо ҳамчун вазифаҳои таърихӣ ба давраи баъдишуравӣ мерос монданд.

Адабиёт:

1. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе, 2010. – 448 с.
2. Гафуров, Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая культура [Текст] / Б. Г. Гафуров. — М. : Наука, 1972. — 657 с.
3. Гулмуродзода, П. Забон ва худшиносии миллӣ [Матн] / П. Гулмуродзода. – Душанбе, 2007. – 227 с.
4. Записки академика В. В. Бартольда по вопросу об исторических взаимоотношениях турецких и иранских народов Средней Азии (Гузориши академик В. В. Бартолд дар масъалаи робитаҳои мутақобилаи таърихии халқҳои турку эронии Осиёи Миёна) // Бойгонии Фарҳангистони улуми Русия, фонди Бартолд, захираи 68, номгӯи 1, парвандаи 35. - С. 2.
5. Иностранная военная интервенция и гражданской война в Средней Азии и Казахстане [Текст]. – Сб. док. – Т. 2. – Алма-ата, 1964. – С. 647
6. Иркаев, М. В боях за Советский Таджикистан [Текст] / М. Иркаев, Ю. Николаев. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. – 132 с.
7. История Бухарской Народной Советской Республики, сб. Документов [Текст]. - Ташкент, 1976. – С. 162-182.
8. Ленин, В.И. Полное собрание сочинений. Издание пятое. Том 41. – М., 1981. – С. 436
9. Масов, Р. История топорного разделения [Текст] / Р. Масов. – Душанбе, 1991. – 189 с.
10. Масов, Р. Таърихи тоҷикон бо муҳри комилан сиррӣ [Матн] / Р. Масов. – Душанбе, 1996. – 192 с.
11. Миракзода, Ф. Ю. Советский период в Таджикистане: исторический анализ процессов и последствий / Ф. Ю. Миракзода // Вестник института языков. – 2025. – № 4(60). – С. 512-516. – EDN ITFXJR.
12. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Фитани инқилоб дар Бухоро. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 362 с.
13. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Хуросн аст ин ҷо. Нашри дувум. – Душанбе, 2005. – 362 с
14. Эркаев, М. Ба Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ва аҳамияти таърихии он барои халқи тоҷик [Матн] / М. Эркаев. – Сталинобод, 1959. – 20 с.
15. Эркаев, М. Октябри кабир ва азнавсозии сотсиалию мадании деҳот [Матн] / М. Эркаев. – Душанбе, 1982. – 160 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: Миракзода Фаридун Юсуфӣ *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангӣ. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.:(+992)93 4137333, E-mail: faridun.mirakzoda@mail.ru*

Сведения об авторе: Миракзода Фаридун Юсуфи *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории и межкультурной коммуникации. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 93 4137333, E-mail: faridun.mirakzoda@mail.ru*

Information about the author: Mirakzoda Faridun Yusufi - *Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of History and Intercultural Communication. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 93 4137333, E-mail: faridun.mirakzoda@mail.ru*

ТДУ 821.222.8.09:929

НУСРАТУЛЛО МАХСУМ ҲАМЧУН СИМОИ ТАЪРИХӢ ДАР РОМАНИ “КАЙФАР”

Махсудов Аслиддин Муҳаббатович
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт

Дар мақолаи мазкур масъалаи инъикоси симои таърихӣ ва фаъолияти сиёсию ҷамъиятии Нусратулло Махсум дар адабиёти таърихии тоҷик, бахусус дар романи «Кайфар»-и нависандаи шинохтаи тоҷик Диловар Мирзо, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Нусратулло Махсум яке аз чеҳраҳои барҷастаи таърихи давлатдории навини тоҷикон буда, дар ташаккули сохтори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маъмурии Тоҷикистон дар солҳои аввали асри XX нақши муҳим гузоштааст. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти сиёсии ӯ дар адабиёти таърихӣ ва пажӯҳишҳои илмӣ маълумоти зиёде мавҷуд аст, аммо масъалаи бозтоби симои ӯ дар осори бадеӣ, махсусан дар романҳои таърихӣ, ҳанӯз ба таҳқиқоти бештар ниёз дорад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф танҳо ба романи «Кайфар» маҳдуд нашуда, дигар осори Диловар Мирзоро низ мавриди мутолиа ва муқоиса қарор медиҳад. Ин равиш имкон медиҳад, ки мавқеи нависанда нисбат ба воқеаҳои таърихии ибтидои асри XX, тарзи офаридани образҳои таърихӣ ва хусусиятҳои тафсири воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар осори ӯ амиқтар муайян карда шавад. Ҳамзамон, барои таҳкими андешаҳои илмӣ ба баъзе дигар асарҳои таърихӣ ва адабиёти марбут ба давраи мавриди назар низ мурочиат шудааст.

Дар натиҷа, мақола нишон медиҳад, ки романи «Кайфар» дар баробари арзиши бадеӣ метавонад ҳамчун яке аз сарчашмаҳои адабӣ барои дарки фазои таърихию сиёсии давраи аввали ташаккули давлатдории тоҷикон низ аҳамият дошта бошад. Тасвири Нусратулло Махсум дар роман ба хонанда имкон медиҳад, ки ба фаъолияти ин шахсияти таърихӣ аз дидгоҳи бадеӣ назар намуда, ҷойгоҳ ва нақши ӯро дар таҳаввулоти сиёсию иҷтимоии замон беҳтар дарк намояд. Муаллиф ба хулоса меояд, ки омӯзиши симои Нусратулло Махсум дар адабиёти бадеӣ барои таҳқиқи робитаи таърих ва адабиёт, масъалаи образи шахсияти таърихӣ ва инъикоси идеяҳои давлатдорӣ ва худшиносии миллӣ аҳамияти муҳим дорад.

Калидвожаҳо: *Нусратулло Махсум, «Кайфар», Диловар Мирзо, романи таърихӣ, образи таърихӣ, адабиёти тоҷик, таърихи тоҷикон, давлатдории миллӣ, ҳудуди тоҷикнишин, тақсимоти миллӣ-маъмурӣ, вазъи сиёсӣ.*

НУСРАТУЛЛО МАХСУМ КАК ИСТОРИЧЕСКАЯ ЛИЧНОСТЬ В РОМАНЕ “КАЙФАР”

В данной статье рассматривается вопрос художественного воплощения исторического образа и общественно-политической деятельности Нусратулло Махсума в таджикской исторической литературе, в частности в романе «Кайфар» известного таджикского писателя Диловара Мирзо. Нусратулло Махсум является одной из выдающихся исторических личностей периода становления новой таджикской государственности, сыгравшей значительную роль в политической, социальной и административной жизни Таджикистана в первые десятилетия XX века. Несмотря на наличие значительного количества исторических и научных исследований, посвящённых его жизни и политической деятельности, вопрос художественного отражения его образа, особенно в исторических романах, нуждается в дальнейшем изучении.

Одной из особенностей исследования является то, что автор не ограничивается анализом романа «Кайфар», а обращается и к другим произведениям Диловара Мирзо. Такой подход позволяет более глубоко определить позицию писателя по отношению к историческим событиям начала XX века, особенности создания исторических образов и способы художественной интерпретации политических и социальных процессов данного периода. Вместе с тем для обоснования научных положений используются и другие исторические произведения и исследования, связанные с изучаемой эпохой.

В результате исследования показано, что роман «Кайфар», наряду с художественной ценностью, представляет определённый интерес для осмысления исторической и политической

атмосферы периода становления таджикской государственности. Художественное изображение Нусратулло Махсума позволяет читателю рассмотреть деятельность данной исторической личности с художественной точки зрения и глубже понять её место и роль в политических и социально-общественных процессах своего времени. Автор приходит к выводу, что изучение образа Нусратулло Махсума в художественной литературе имеет важное значение для исследования взаимосвязи истории и литературы, особенностей изображения исторической личности, а также отражения идей государственности и национального самосознания.

Ключевые слова: *Нусратулло Махсум, «Кайфар», Диловар Мирзо, исторический роман, исторический образ, таджикская литература, история таджиков, национальная государственность, таджикские территории, национально-территориальное размежевание, политическая ситуация.*

NUSRATULLO MAHSUM AS A HISTORICAL FIGURE IN THE NOVEL "KAYFAR"

This article examines the artistic representation of the historical figure and socio-political activities of Nusratullo Mahsum in Tajik historical literature, particularly in the novel "Kayfar" by the well-known Tajik writer Dilovar Mirzo. Nusratullo Mahsum is one of the prominent historical figures of the period of the formation of modern Tajik statehood, who played an important role in the political, social and administrative development of Tajikistan during the first decades of the twentieth century. Although his life and political activities have been addressed in numerous historical and scholarly studies, the artistic representation of his personality, particularly in historical novels, remains a subject requiring further research.

An important feature of the study is that the author does not limit the analysis to the novel "Kayfar" but also refers to other works by Dilovar Mirzo. This approach makes it possible to examine more deeply the writer's attitude toward the historical events of the early twentieth century, the ways in which historical characters are created, and the methods of artistic interpretation of the political and social processes of the period. In addition, other historical literary works and scholarly studies related to the period under consideration are used to substantiate the main arguments of the research.

The study demonstrates that, alongside its artistic value, the novel "Kayfar" is of particular interest for understanding the historical and political atmosphere of the period of the formation of Tajik statehood. The artistic portrayal of Nusratullo Mahsum enables readers to view the activities of this historical figure from a literary perspective and to gain a deeper understanding of his place and role in the political and socio-social processes of his time. The author concludes that studying the image of Nusratullo Mahsum in literary works is important for exploring the relationship between history and literature, the representation of historical personalities, and the reflection of the ideas of statehood and national identity.

Keywords*: Nusratullo Mahsum, "Kayfar", Dilovar Mirzo, historical novel, historical figure, Tajik literature, history of the Tajiks, national statehood, Tajik territories, national-territorial delimitation, political situation.*

Муқаддима. Замони соҳибистиқлолии Тоҷикистонро метавон давраи эҳёи хотираи таърихӣ, бозшиносии арзишҳои миллӣ ва барқарор гардидани адолати маънавӣ нисбат ба фарзандони сарсупурдаи миллат номид. Ба фармони Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 27-уми июни соли 2006 ба фарзанди фарзонаи Тоҷикистон Нусратулло Махсум унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон супорида шуд. Ҳамчунин, бо супориши Роҳбарияти олии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, як ҳайати расмии илмӣ-дипломатӣ ба шаҳри Москва сафар намуда, пас аз ҳамоҳангиҳои расмии ҳуқуқӣ, хоки поки мазори Қаҳрамони Тоҷикистон Нусратулло Махсум аз қабристони Донской ба кишвар оварда шуд.

Дар бораи ин, қаҳрамони ҷонфидо як қатор асарҳо ва достонҳо эҷод шудаанд. Яке аз чунин асарҳо романи «Кайфар»-и нависанда ва шоир Диловар Мирзо мебошад. Романи «Кайфар» аз рӯзгори Қаҳрамони Тоҷикистон, фарзанди фарзонаву баруманди тоҷик, нахустин раиси Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон – Нусратулло Махсум

ҳикоят мекунад. Роман ҳанӯз соли 2010 эҷод шуда, қисман дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расида буд. Баъд аз маслиҳати муҳаққиқон ва коршиносон, нависанда романро таҳрир намуда, дар асоси ҳуҷҷату далелҳои нав онро пурра гардонд. Романи таърихии «Кайфар» яке аз асарҳои муҳими насри таърихии муосири тоҷик ба шумор меравад. Дар маркази романи мазкур на танҳо ҳаёт ва фаъолияти сиёсии Нусратулло Махсум, балки масъалаҳои мураккаби давраи ташаккули давлатдории нави тоҷикон, вазъи иҷтимоию сиёсӣ, муборизаҳои дохилӣ ва муносибатҳои қудратҳои сиёсӣ қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши образи Нусратулло Махсум дар романи «Кайфар» метавонад барои дарки хусусиятҳои тасвири шахсияти таърихӣ дар адабиёти муосири тоҷик аҳамияти муҳим дошта бошад.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқот таҳлил ва муайян намудани хусусиятҳои образи Нусратулло Махсум ҳамчун симои таърихӣ дар романи «Кайфар»-и Диловар Мирзо мебошад. Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

- баррасии ҷойгоҳи Нусратулло Махсум дар таърихи давлатдории тоҷикон;
- муайян намудани хусусиятҳои асосии образи қаҳрамон дар роман;
- таҳлили муносибати муаллиф ба шахсияти таърихии Нусратулло Махсум;
- муайян намудани таносуби воқеияти таърихӣ ва тахайюли бадеӣ;
- баррасии хусусиятҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва ватандӯстонаи қаҳрамон;
- муайян намудани нақши дигар персонажҳо дар ошкор намудани симои Нусратулло Махсум;
- таҳлили воситаҳои бадеии истифодаашуда барои офаридани симои қаҳрамони таърихӣ;
- муайян намудани аҳамияти романи «Кайфар» дар ташаккули хотираи таърихӣ ва худшиносии миллӣ.

Методҳои таҳқиқот. Дар таҳқиқот аз методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ, тавсифӣ, герменевтикӣ ва таҳлили матни бадеӣ истифода шудааст. Методҳои таърихӣ-муқоисавӣ барои муқоисаи воқеаҳо ва маълумоти таърихӣ бо тасвири бадеии онҳо дар роман ба кор гирифта мешаванд. Методи таҳлилӣ барои ошкор намудани хусусиятҳои образи Нусратулло Махсум, ҷаҳонбинӣ, рафтор, муносибат ба ҷомеа ва арзишҳои миллӣ истифода гардидааст. Бо ёрии методи тавсифӣ хусусиятҳои асосии тасвири қаҳрамон ва муҳити таърихию иҷтимоии асар муайян карда мешаванд. Ҳамчунин, таҳлили матни бадеӣ имкон медиҳад, ки тарзи истифодаи муаллиф аз муколама, тавсифи қаҳрамон, тасвири муҳити таърихӣ, воқеаҳои сиёсӣ ва дигар воситаҳои бадеӣ дар офаридани симои Нусратулло Махсум мавриди омӯзиш қарор гирад.

Таҳлил ва тавсифи адабиёти илмӣ. Барои омӯзиши мавзӯъ истифодаи ду гурӯҳи асосии сарчашмаҳо зарур мебошад: якум, асарҳо ва таҳқиқоти таърихӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти Нусратулло Махсум ва вазъи сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон дар ибтидои давраи шӯравӣ; дуюм, асарҳои адабиётшиносӣ ва таҳқиқоти марбут ба насри таърихӣ ва принсипҳои офаридани образи шахсияти таърихӣ. Дар таҳлили романи «Кайфар» бояд пеш аз ҳама ба масъалаи муносибати воқеияти таърихӣ ва бадеият диққат дода шавад. Романи таърихӣ аз муаллиф тақозо менамояд, ки воқеаҳои воқеии таърихиро бо воситаҳои бадеӣ таҷассум намуда, ҳамзамон хусусияти эҷодии асарро нигоҳ дорад.

Дар ин замина, осори таърихӣ дар бораи Нусратулло Махсум барои муайян намудани заминаи воқеии образ ва таҳқиқоти адабиётшиносӣ барои дарки усулҳои бадеии офаридани он аҳамияти муҳим доранд. Омӯзиши муқоисавии ин гурӯҳи сарчашмаҳо имкон медиҳад, ки саҳми эҷодии нависанда дар бозсозии симои таърихии қаҳрамон муайян карда шавад.

Муҳокимаронӣ. Нусратулло Махсум дар романи «Кайфар» ҳамчун шахсияте тасвир мешавад, ки сарнавишти ӯ бо марҳилаи пурпечутоби ташаккули давлатдории нави тоҷикон пайванди ногусастанӣ дорад. Муаллиф тавассути тасвири ҳаёти шахсӣ, фаъолияти сиёсӣ, муносибат бо ҳамсафону ҳамзамонон ва муносибати ӯ ба тақдири мардум образи қаҳрамонро тадриҷан ташаккул медиҳад. Яке аз хусусиятҳои муҳими образи Нусратулло Махсум дар роман пайванди шахсияти ӯ бо мафҳумҳои Ватан, миллат, давлатдорӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мебошад. Қаҳрамон ҳамчун сиёсатмадоре нишон дода мешавад, ки дар шароити душвори таърихӣ ба масъалаи ҳифзи манфиатҳои мардум ва ташаккули пояҳои давлатдории тоҷикон аҳамияти ҷиддӣ медиҳад.

Дар романи «Кайфар» симои Нусратулло Махсум танҳо тавассути воқеаҳои сиёсӣ ошкор намегардад. Муносибати ӯ ба инсонҳо, тарзи андешаронӣ, мавқеи ӯ дар ҳолатҳои мураккаб ва муносибаташ ба тақдири мардум ҷанбаҳои маънавии образро низ муайян мекунанд. Ҳамин хусусият боис мегардад, ки қаҳрамон аз доираи як шахсияти сиёсӣ берун рафта, ба симои таърихию адабии дорои аҳамияти миллӣ табдил ёбад. Нақши муаллиф дар офаридани чунин образ низ муҳим мебошад. Диловар Мирзо воқеаҳои таърихиро ҳамчун заминаи асосии тасвир истифода бурда, онҳоро бо унсурҳои бадеӣ пайваст менамояд. Аз ин рӯ, образи Нусратулло Махсумро бояд дар ду сатҳ – ҳамчун шахсияти воқеии таърихӣ ва ҳамчун қаҳрамони асари бадеӣ – мавриди таҳлил қарор дод.

Ҷанбаи дигари муҳимми роман масъалаи адолати таърихӣ ва бозгашти хотираи миллӣ мебошад. Таваҷҷуҳ ба шахсияти Нусратулло Махсум дар адабиёти давраи соҳибистиқлолӣ ба раванди бозшиносии чеҳраҳои муҳими таърихи тоҷикон иртиботи мустақим дорад. Дар ин раванд адабиёти бадеӣ на танҳо воқеаҳои гузашта, балки муносибати насли имрӯзро ба таърих низ инъикос менамояд.

Маҳдудиятҳои таҳқиқот. Маҳдудияти асосии таҳқиқот дар он аст, ки омӯзиши образи Нусратулло Махсум дар романи «Кайфар» пеш аз ҳама ба таҳлили матни бадеӣ ва муқоисаи он бо маълумоти дастраси таърихӣ такя мекунад. Аз ин рӯ, барои таҳқиқоти васеътар зарур аст, ки тамоми нашрҳои роман, дастнависҳо ва маводи марбут ба таърихи эҷоди асар, инчунин ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ ба таври муфассал омӯхта шаванд. Маҳдудияти дигар ба масъалаи фарқ гузоштан миёни воқеаи таърихӣ ва тахайюли бадеӣ вобаста мебошад. Дар романи таърихӣ баъзе воқеаҳо, муколамаҳо ва ҳолатҳои рӯҳии қаҳрамон метавонанд маҳсули тахайюли эҷодии нависанда бошанд. Аз ин рӯ, онҳо набояд бевосита ҳамчун далели таърихӣ қабул карда шаванд.

Бо вуҷуди ин маҳдудиятҳо, таҳлили романи «Кайфар» барои омӯзиши хусусиятҳои насри таърихии муосири тоҷик, нақши адабиёт дар эҳёи хотираи таърихӣ ва тасвири шахсиятҳои барҷастаи давлатдории миллӣ аҳамияти назаррас дорад.

Романи “Кайфар” аз рӯзгори Қаҳрамони Тоҷикистон, фарзанди фарзонаву баруманди тоҷик, нахустсарвари Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон - Нусратулло Махсум ҳикоят мекунад. Роман ҳанӯз соли 2010 эҷод шуда, қисман дар маҷаллаи “Садои Шарқ” ба табъ расида буд. Баъд аз маслиҳати муҳаққиқон ва коршиносон, нависанда романро таҳрир намуда, дар асоси ҳуҷҷату далелҳои нав онро пурра гардонд. Романи таърихии “Кайфар” яке аз асарҳои муҳими насри таърихии муосири тоҷик ба шумор меравад, ки дар он раванди ташаккули давлатдории навини тоҷикон дар давраи аввали ҳокимияти Шӯравӣ инъикос ёфтааст. Асар дар асоси воқеаҳои таърихӣ ва шахсиятҳои воқеӣ сохта шуда, дар маркази он симои Нусратулло Махсум қарор дорад [5].

Нусратулло Махсум дар роман ҳамчун шахсияти сиёсӣ, ташкилотчӣ ва роҳбари масъул тасвир мешавад, ки дар шароити ниҳоят мураккаби иҷтимоӣ ва сиёсӣ барои бунёди сохтори нави давлатӣ дар Тоҷикистон талош мекунад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки на танҳо фаъолияти сиёсии ӯро, балки ҷаҳони ботинии ӯ, мушкилоти рӯҳию ахлоқӣ ва вазъи мураккаби замонро низ инъикос намояд. Мақсади асосии ин мақола таҳлили образи Нусратулло Махсум ҳамчун рамзи фидокорӣ дар роман, ошкор намудани хусусиятҳои бадеӣ ва таърихии тасвири ӯ, инчунин баррасии нақши ӯ дар раванди ташаккули давлатдории тоҷикон мебошад. Поягузории давлатдории миллии халқи тоҷк дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри сипаригашта сурат гирифт. Ин солҳо ин солҳо дар ҳақиқат солҳои тақдирсоз буданд. Дар байни сиёсатмадорони тоҷик Н.Махсум ҷои махсусро ишғол менамояд. Зеро ин фарзанди содиқи миллат дар зарфи ҳашт сол нахустдавлати Тоҷикистонро сарварӣ намуда дар бунёди сохтори сиёсии он саҳми бузург гузошт [16, с. 241].

Романи “Кайфар” низ рӯйдодҳои солҳои 1920–1930-ро фаро мегирад, ки яке аз даврaҳои мураккаб дар таърихи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра раванди тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ сурат гирифта, ҷумҳуриҳои нав, аз ҷумла Тоҷикистон, дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ташкил меёфтанд. Дар ҳамин шароит як қатор равандҳои муҳим ба амал меомаданд: барҳам додани сохтори кӯҳнаи идорӣ ва феодалӣ; таъсиси ҳокимияти шӯравӣ дар деҳот ва

шаҳрҳо; муқовимати гурӯҳҳои мусаллаҳ ба ҳукумати нав; кӯшишҳои ҳукумат барои ҷалби мардум ба низоми нав; оғози ислоҳоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Муаллифи роман ин даврараро ҳамчун замони муборизаи шадиди идеологӣ ва иҷтимоӣ тасвир мекунад, ки дар он сарнавишти шахсиятҳо бо сарнавишти давлат пайваст мешавад. Дар чунин муҳит шахсиятҳое мисли Нусратулло Махсум ба саҳнаи таърих мебароянд ва нақши ҳалкунанда мебозанд [5].

Дар романи “Кайфар” Нусратулло Махсум ҳамчун қаҳрамони марказӣ тасвир шуда, дорои як қатор хусусиятҳои устувори образӣ мебошад. Пеш аз ҳама, ӯ ҳамчун роҳбари сиёсӣ ва ташкилотчӣ муаррифӣ мешавад. Дар роман таъкид мегардад, ки ӯ дар таъсиси сохторҳои давлатӣ, таҳкими ҳокимият ва ташкили кумитаҳои инқилобӣ фаъолона иштирок мекунад. Ин ҷанбаи образ ӯро ҳамчун шахсияти масъул ва амалгаро нишон медиҳад. Дуюм, ӯ ҳамчун фидокори манфиати мардум тасвир мегардад. Муаллиф борҳо таъкид мекунад, ки Нусратулло Махсум худро намояндаи халқ мешуморад ва дар қабули қарорҳо манфиати умумро аз манфиати шахсӣ боло мегузорад. Ин хусусият ӯро ба рамзи хизмат ба ҷомеа табдил медиҳад. Сеюм, ӯ ҳамчун шахсияти идеологӣ нишон дода мешавад. Ӯ на танҳо бо қувваи маъмурӣ, балки бо сухан ва корҳои фаҳмондадиҳӣ кӯшиш мекунад мардумро ба низоми нав ҷалб намояд. Дар роман саҳнаҳое оварда мешаванд, ки ӯ бо мардум вохӯрда, моҳияти ҳукумати навро шарҳ медиҳад. Ҳамин тавр, образи Нусратулло Махсум дар қисми аввали роман ҳамчун симои марказии сиёсӣ ва ахлоқӣ шакл мегирад, ки тамоми рӯйдодҳои асосӣ дар атрофи ӯ ҷараён мегиранд [7, с. 275].

Қисми аввал нишон дод, ки романи “Кайфар” дар заминаи воқеаҳои таърихии солҳои аввали ҳокимияти Шӯравӣ офарида шудааст. Дар маркази он образи Нусратулло Махсум ҳамчун роҳбари сиёсӣ ва фидокори мардум қарор дорад. Ӯ дар асар ҳамчун шахсияте тасвир мешавад, ки байни масъулияти давлатӣ ва ормонҳои миллӣ тавозун меҷӯяд. Дар романи “Кайфар” фаъолияти Нусратулло Махсум на танҳо ҳамчун як шахсияти маъмурӣ, балки ҳамчун яке аз поягузорони низоми нави давлатӣ тасвир мегардад. Ӯ дар шароите фаъолият мекунад, ки ҳанӯз сохторҳои давлатӣ устувор нестанд ва муқовимати иҷтимоӣ дар бисёр минтақаҳо идома дорад. Муаллиф нишон медиҳад, ки Нусратулло Махсум дар баробари вазифаҳои расмӣ, ба масъалаи муттаҳидсозии мардум ва таҳкими ҳокимияти марказӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Ӯ дар ҷаласаҳо ва сафарҳои корӣ бо намояндагони маҳаллӣ вохӯрда, онҳоро ба ҳамкорӣ бо ҳукумати нав даъват мекунад. Дар ин равand, ӯ кӯшиш мекунад, ки фаҳмиши мардумро нисбат ба ҳадафҳои давлати нав баланд бардорад. Яке аз паҳлуҳои муҳимми образи ӯ дар роман - сиёсати фаҳмондадиҳӣ мебошад. Муаллиф таъкид мекунад, ки Нусратулло Махсум танҳо ба усули қувва такя намекунад, балки бештар ба корҳои идеологӣ ва маърифатӣ эътимод дорад. Ӯ ба гурӯҳҳои таблиғотӣ такя намуда, кӯшиш мекунад, ки мардумро аз моҳияти ислоҳоти иҷтимоӣ огоҳ созад. Дар романи “Кайфар” муносибати Нусратулло Махсум бо мардум ҳамчун яке аз ҷанбаҳои калидии образи ӯ баррасӣ мешавад. Ӯ ҳамчун роҳбари дур аз халқ тасвир намешавад, балки баръакс, ҳамчун шахсе нишон дода мешавад, ки бо деҳқонон, коргарон ва аҳолии маҳаллӣ робитаи мустақим дорад [5, с. 314].

Муаллиф саҳнаҳоеро меорад, ки дар онҳо Нусратулло Махсум ба деҳаҳо сафар карда, бо мардум суҳбат мекунад. Дар ин вохӯриҳо ӯ мушкилоти иҷтимоӣ, аз ҷумла камбуди замин, сатҳи пасти зиндагӣ ва ноогоҳии сиёсиро муҳокима мекунад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки сабабҳои тағйироти сиёсиро фаҳмонад ва мардумро ба иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ҷалб намояд. Ин раванд дар роман ҳамчун як ҷузъи муҳими бедории иҷтимоии ҷомеа тасвир шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки чӣ гуна тадриҷан як қисми мардум ба низоми нав бовар пайдо мекунад ва ба он ҳамроҳ мешавад.

Яке аз хатҳои муҳими сюжет - мавҷудияти муқовимат ба ҳукумати нав мебошад. Дар роман гурӯҳҳои мухолиф ҳамчун қуввaҳое нишон дода мешаванд, ки ба тағйироти сиёсӣ бо шубҳа ва муқовимат муносибат мекунанд. Нусратулло Махсум дар ин шароит ҳамчун шахсе тасвир мегардад, ки кӯшиш мекунад вазъро бо роҳи сиёсӣ ва ташкилотчигӣ ҳал намояд. Ӯ дарк мекунад, ки истифодаи танҳо зӯрӣ наметавонад суботи дарозмуддатро таъмин кунад. Аз ин рӯ, ӯ ба сиёсати омехта — ҳам корҳои ташкилотӣ ва ҳам фаҳмондадиҳӣ такя мекунад. Дар роман ин мавқеи ӯ ҳамчун нишонаи хирадмандии сиёсӣ ва дарки амиқи воқеият нишон дода мешавад.

Муаллиф кӯшиш мекунад нишон диҳад, ки роҳбарии муассир танҳо дар асоси зӯр не, балки бо фаҳмиш ва иртибот бо мардум имконпазир аст. Дар қисми дуюм фаъолияти Нусратулло Махсум ҳамчун роҳбари сиёсӣ ва ташкилотчӣ таҳлил гардид. Ӯ дар роман ҳамчун шахсияте нишон дода мешавад, ки дар баробари иҷрои вазифаҳои давлатӣ, ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ҷалби мардум ба низоми нав аҳамияти калон медиҳад. Муносибати ӯ бо мардум ва мавқеи ӯ дар муқобили мушкилоти сиёсӣ образи ӯро ҳамчун роҳбари хирадманд ва фидокор тақвият медиҳад. Дар романи «Кайфар» давраи аввали ташаккули ҳокимияти шӯравӣ ҳамчун замони пурихтилоф ва ноором тасвир мегардад [5, с.57]. Дар бисёр минтақаҳо муқовиматҳои мусаллаҳона, нофаҳмиҳои иҷтимоӣ ва нобоварӣ ба ҳукумати нав мушоҳида мешуданд. Дар чунин шароит Нусратулло Махсум ҳамчун яке аз роҳбарони асосӣ масъулияти бузург ба дӯш мегирад. Муаллиф ӯро ҳамчун шахсе нишон медиҳад, ки вазъро на бо эҳсос, балки бо таҳлили воқеият арзёбӣ мекунад. Ӯ дарк мекунад, ки нооромӣ танҳо бо қувваи зӯрӣ бартараф намешавад, балки барои суботи устувор зарурати ҷалби мардум ва коҳиш додани мухолифатҳо вуҷуд дорад. Аз ҳамин сабаб, дар роман таъкид мешавад, ки Нусратулло Махсум ба сиёсати авфи умум ва бозгардонидани фиребхӯрдагон ба ҳаёти осоишта аҳамияти махсус медиҳад. Ӯ бар ин назар аст, ки бисёре аз иштирокчиёни муқовиматҳо аз камсаводӣ, фиреби идеологӣ ё шароити вазнини иҷтимоӣ ба ин роҳ кашида шудаанд [7, с. 241].

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти Нусратулло Махсум дар роман - пешниҳоди сиёсати авф мебошад. Муаллиф ин иқдомро ҳамчун як қарори сиёсӣ ва ҳамзамон ахлоқӣ арзёбӣ мекунад. Дар асар нишон дода мешавад, ки авфи умум ба як воситаи муҳими паст кардани шиддати низоъҳо табдил меёбад. Бисёре аз онҳое, ки дар муқобили ҳукумат меҷангиданд, тадриҷан дарк мекунанд, ки роҳи низоъ ба натиҷаи мусбат намерасонад. Онҳо силоҳро гузошта, ба ҳаёти осоишта бармегарданд. Нусратулло Махсум дар роман ҳамчун ташаббускори ин раванд нишон дода мешавад. Ӯ бар ин ақида аст, ки давлат бояд на танҳо ҷазо диҳад, балки имкони ислоҳ ва бозгашт ба ҷомеаро низ фароҳам оварад. Ин мавқеъ ӯро ҳамчун роҳбари дурандеш ва инсонгаро муаррифӣ мекунад.

Дар романи “Кайфар” дар баробари тасвири шахсиятҳои давлатӣ, образи гурӯҳҳои мухолиф низ мавҷуд аст. Ин гурӯҳҳо ҳамчун қувваҳое нишон дода мешаванд, ки ба ҳукумати нав бо шубҳа ва муқовимат муносибат мекунанд. Муаллиф онҳоро яксон тасвир намекунад. Дар байни онҳо ҳам шахсони фиребхӯрда ва ҳам шахсоне ҳастанд, ки аз вазъи сиёсӣ истифода бурдан мехоҳанд. Аз ин рӯ, дар роман як навъ тафриқа миёни “душманони идеологӣ” ва “мардумони гумроҳ” дида мешавад. Нусратулло Махсум кӯшиш мекунад, ки ин гурӯҳҳоро бо роҳҳои гуногун ба ҷомеа баргардонад. Ӯ бештар ба гуфтугӯ ва фаҳмондадиҳӣ такя мекунад, на танҳо ба муқовимати зӯрӣ. Ин раванд дар роман ҳамчун нишонаи сиёсати мураккаб ва бисёрқабатаи давраи аввали давлатдорӣ нишон дода мешавад. Дар охири қисми таҳлилшуда, фазои роман тадриҷан тағйир меёбад. Агар дар оғоз умеди бунёди ҷомеаи нав ва суботи сиёсӣ бештар намоён бошад, пас дар марҳилаи баъдӣ аломатҳои ноустуворӣ ва фишорҳои сиёсӣ афзоиш меёбанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки чӣ гуна шароити сиёсӣ тадриҷан сахттар мешавад ва нобоварӣ дар дохили низоми давлатӣ пайдо мегардад. Дар чунин фазо ҳатто шахсиятҳое, ки дар бунёди давлат саҳм доштанд, метавонанд мавриди шубҳа қарор гиранд. Ин тағйирот дар роман ҳамчун оғози марҳилаи нави драматикӣ тасвир мешавад, ки дар он сарнавишти шахсиятҳо дигар ба осонӣ пешгӯӣ намешавад. Нусратулло Махсум низ тадриҷан ба маркази ин фишорҳо наздик мешавад, ки дар қисмҳои баъдӣ муфассалтар таҳлил мегардад. Дар қисми сеюм нишон дода шуд, ки Нусратулло Махсум дар романи «Кайфар» ҳамчун роҳбари сиёсӣ дар шароити нооромии иҷтимоӣ амал мекунад. Сиёсати авф ва кӯшиши баргардонидани мардум ба ҳаёти осоишта яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои образи ӯ мебошад. Ҳамзамон, роман ба таври тадриҷӣ фазои фоҷиавии сиёсиро низ ворид мекунад, ки минбаъд сарнавишти қаҳрамонҳоро муайян мекунад [5, с. 85].

Дар романи “Кайфар” марҳилаи ташаккули ниҳоии сохтори давлатӣ ҳамчун давраи муҳим ва ҳалкунанда нишон дода мешавад. Дар ин давра пояҳои маъмурӣ, сиёсӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии навбунёд тадриҷан устувор мегарданд. Нусратулло Махсум дар ин раванд ҳамчун яке аз шахсиятҳои марказӣ баромад мекунад. Муаллиф таъкид менамояд, ки ӯ на танҳо дар сатҳи

идорӣ фаъол аст, балки дар раванди таҳияи қарорҳои стратегӣ низ иштирок мекунад. Аз ҷумла, масъалаҳои марбут ба ташкилоти ҳудудӣ, идоракунии маҳаллӣ ва ҷалби кадрҳо ба низоми нав дар маркази таваҷҷуҳи ӯ қарор доранд. Дар роман Нусратулло Махсум ҳамчун шахсе тасвир мешавад, ки ба зарурати ҳамоҳангии байни марказ ва минтақаҳо аҳамияти калон медиҳад. Ӯ дарк мекунад, ки бе иштироки фаъоли аҳолии маҳаллӣ, бунёди давлати устувор имконнопазир нест. Яке аз ҷанбаҳои муҳими романи «Кайфар» - ин нишон додани шабакаи муносибатҳои сиёсӣ байни шахсиятҳои давр мебошад. Нусратулло Махсум дар асар танҳо нишон дода намешавад, балки дар робита бо дигар фаъолони сиёсӣ ва давлатӣ тасвир мегардад.

Яке аз масъалаҳои калидии давраи таърихии дар роман инъикосшуда - тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Марказӣ мебошад. Ин раванд барои ташаккули ҷумҳуриҳои нав, аз ҷумла Тоҷикистон, аҳамияти ҳалкунанда дошт. Дар роман ин масъала ҳамчун як раванди мураккаби сиёсӣ ва идеологӣ тасвир мешавад. Нусратулло Махсум дар ин раванд ҳамчун намояндаи манфиатҳои халқи тоҷик баромад мекунад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки дар ҳалли масъалаҳои ҳудудӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои тоҷикон ба инобат гирифта шаванд. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин раванд осон набуд ва бо баҳсҳои шадид ҳамроҳ мешуд. Бо вуҷуди ин, мавқеи устувори намояндагони тоҷик, аз ҷумла Нусратулло Махсум, барои ташаккули ниҳоии сохтори давлатӣ нақши муҳим бозид. Дар қисми охири ин марҳила, дар роман тадриҷан фазои сиёсӣ тағйир меёбад. Агар дар аввал давраи бунёд ва умед бештар намоён бошад, пас оҳиста-оҳиста нишонаҳои нобоварӣ ва фишорҳои дохилӣ пайдо мешаванд [8, с. 95]. Муаллиф нишон медиҳад, ки чӣ гуна низоми сиёсӣ тадриҷан сахттар мегардад ва назорати идеологӣ қавитар мешавад. Ин ҳолат ба фаъолияти бисёре аз роҳбарон таъсир мерасонад ва фазои тарсу эҳтиётро ба вуҷуд меорад. Нусратулло Махсум низ дар ин муҳит ба як шахсияти муҳими сиёсӣ табдил меёбад, ки мавқеи ӯ зери таваҷҷуҳи бештар қарор мегирад. Ин вазъ заминаи рӯйдодҳои драматикӣ ва фоҷиавии минбаъдаро дар роман фароҳам меорад. Ҳалли беадолатона ва риёкоронаи ҳудуди миллӣ, ки калонтарину муҳимтарин соҳаи масъалаи миллӣ буд, Н.Махумро ором нагузошт. Ӯ ба кори комиссияи тақсимоти ҳудуди миллӣ шинос шуда, ба қарору хулосаҳои он норозигии худро баён кард ва сипас бо мактуб ба Котиби Генералии РКП (б) И.С.Сталин мурочиат кардааст. Дар мактубаш боз далелҳои дигари таҳрифкорӣ ва зӯран узбекикунонии тоҷиконро нишон додааст [11, с. 161].

Дар қисми чорум нишон дода шуд, ки Нусратулло Махсум дар романи “Кайфар” ҳамчун яке аз асосгузорони сохтори давлатӣ тасвир мегардад. Ӯ дар раванди ташкили давлат, ҳалли масъалаҳои миллӣ-ҳудудӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсӣ нақши муҳим мебозад. Бо вуҷуди ин, дар охири ин марҳила фазои сиёсӣ тадриҷан мураккаб ва пурфишор мегардад, ки ин ба қисмҳои фоҷиавии баъдии роман замина мегузорад. Дар романи “Кайфар” марҳилаи авҷи фаъолияти Нусратулло Махсум ҳамчун давраи устуворсозии давлат ва таҳкими сохторҳои иҷтимоӣ тасвир мешавад. Дар ин давра ӯ ҳамчун яке аз роҳбарони калидӣ дар ташкили низоми нави идорӣ, рушди хоҷагии халқ ва ҷалби аҳолӣ ба ҳаёти сиёсӣ баромад мекунад. Муаллиф таъкид мекунад, ки Нусратулло Махсум дар ин марҳила на танҳо ҳамчун роҳбари сиёсӣ, балки ҳамчун ташкилотчии амалӣ фаъолият мекунад. Ӯ ба масъалаи иҷрои қарорҳои давлатӣ дар маҳалҳо аҳамияти ҷиддӣ медиҳад ва кӯшиш мекунад, ки байни қарорҳои марказӣ ва воқеияти маҳаллӣ пайванд барқарор шавад. Дар роман нишон дода мешавад, ки ӯ ба корҳои саҳроӣ, мулоқот бо деҳқонон ва омӯзиши вазъи иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хос дорад. Ин равиш ӯро аз бисёр роҳбарони расмӣ фарқ мекунад ва образи ӯро ҳамчун шахси наздик ба мардум тақвият медиҳад [5].

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати давраи тасвиршуда - рушди кишоварзӣ, махсусан пахтакорӣ мебошад. Дар роман ин самт ҳамчун асоси иқтисоди ҷумҳурӣ нишон дода мешавад. Нусратулло Махсум дар ин раванд ҳамчун шахсе тасвир мегардад, ки зарурати афзоиши истеҳсолот ва истифодаи самараноки заминҳоро дарк мекунад. Ӯ бо намояндагони маҳаллӣ вохӯриҳо баргузор намуда, масъалаҳои беҳтар кардани усулҳои кишоварзӣ ва ташкилоти хоҷагиҳоро баррасӣ мекунад. Муаллиф инчунин мушкилоти ин равандро нишон медиҳад: камбуди таҷҳизот; сатҳи пасти донишҳои техникӣ; мушкилоти ташкилӣ дар хоҷагиҳои нав; норозигии баъзе деҳқонон аз тағйирот. Бо вуҷуди ин, дар роман таъкид мешавад, ки бо талоши роҳбарон ва иштироки мардум ин соҳа тадриҷан рушд мекунад.

Дар баробари иқтисод, дар романи “Кайфар” ба масъалаи маориф ва тағйироти иҷтимоӣ аҳамияти калон дода мешавад. Нусратулло Махсум ҳамчун ҷонибдори рушди саводнокӣ ва ҷалби ҷавонон ба таҳсил тасвир мегардад. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар даврaи аввали давлатдорӣ сатҳи саводнокӣ паст буд ва барои пешрафти ҷомеа зарурати таъсиси мактабҳо ва курсҳои омӯзишӣ вуҷуд дошт. Нусратулло Махсум дар ин самт ташаббус нишон дода, ба рушди маориф ҳамчун асоси пешрафти миллӣ нигоҳ мекунад. Дар роман таъкид мешавад, ки маориф танҳо воситаи таълим нест, балки воситаи тағйири ҷаҳонбинӣ ва шаклгирии шахсияти нав мебошад. Яке аз паҳлуҳои муҳимми фаъолияти Нусратулло Махсум дар роман - ҷалби васеи мардум ба раванди давлатдорӣ мебошад. Ӯ дарк мекунад, ки бе иштироки фаъолонаи аҳолӣ давлат устувор шуда наметавонад. Аз ҳамин сабаб, ӯ кӯшиш мекунад механизмҳои иштироки мардумро дар идоракунии маҳаллӣ тақвият диҳад. Дар роман нишон дода мешавад, ки тавассути мулоқотҳо, маҷлисҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ сатҳи огоҳии мардум тадриҷан баланд мешавад. Ин раванд дар асар ҳамчун як марҳилаи муҳимми бедории иҷтимоӣ тасвир мегардад. Муҳаққиқон менависанд, ки ҷаҳонбинии илмии Нусратулло М. нисбат ба дигар шахсоне, ки вазифаҳои гуногнуи ҷумҳуриҳои Осиёимиёнагиро ишғол мекарданд, ба монанди А.Муҳиддинов, А.Фитрат, Ф.Хоҷаев, А.Алиев ва дигарон хеле фарқ мекард. Масалан, А.Фитрат яке аз босаводтарин шахсони ҳамон давр ба ҳисоб мерафт. А.Муҳиддинов ва Ф.Хоҷаев, ки фарзандони миллионерҳои бухороӣ ба ҳисоб мерафтанд, Вале ҳеҷ ягонтои онҳо ба монанди ин қаҳрамон ба халқу миллати тоҷик хидмате накардаанд [15, с. 290]

Дар қисми панҷум фаъолияти Нусратулло Махсум ҳамчун авҷи бунёдкории давлатӣ ва иҷтимоӣ таҳлил гардид. Ӯ дар романи «Кайфар» ҳамчун роҳбари фаъол дар рушди иқтисод, маориф ва ташкили ҷомеаи нав нишон дода мешавад. Бо вуҷуди мушкилоти зиёд, кӯшишҳои ӯ барои таҳкими давлатдорӣ ва ҷалби мардум ба низоми нав нақши муҳим доранд. Дар марҳилаи охирини инъикоси воқеаҳо дар романи таърихии «Кайфар» фазои сиёсӣ ба авҷи шиддат ва мураккабӣ мерасад. Давраи устуворгардии ҳокимияти шӯравӣ тадриҷан ба марҳилаи фишорҳои шадиди сиёсӣ, маъракаҳои «поксозии ҳизбӣ» ва гумони доимии «душманони халқ» табдил меёбад. Муаллиф ин марҳиларо ҳамчун нуқтаи фоҷиавии таърихӣ тасвир менамояд, ки дар он бисёр шахсиятҳои хизматкарда ба низоми нав, худ қурбони ҳамон низом мегарданд [4, с. 327]. Дар ин фазои сиёсӣ симои Нусратулло Махсум низ таҳти фишор ва нобоварии сиёсӣ қарор мегирад. Гарчанде ӯ дар ташкили сохтори давлатӣ, ҳалли масъалаҳои миллӣ ва таҳкими пояҳои ҳокимияти нав саҳми бузург гузошта бошад ҳам, низоми тоталитарии замон тадриҷан ба шахсияти ӯ бо шубҳа менигарад. Муаллиф ин ҳолатро ҳамчун зиддияти амиқ байни хизмат ба давлат ва ноадолатии низоми сиёсӣ нишон медиҳад.

Соли 1937 мавҷи ҳабсу куштори шахсиятҳои барҷастаи ҳизбиву давлатӣ тамоми мамлакати шуравиро фаро гирифт. 31-октябри соли 1937фарзанди фарзона, ғамхори миллату Ватан Нусратулло Махсум ба қатл маҳкум шуда, 15-ноябри соли 1937 ин ҳукм дар ҳаққаш амалӣ гардид. Соли 1957 ӯ сафед карда шуд, вале пас аз Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар бораи хизматҳояш дар назди хилқу давлати тоҷикон баҳои воқеӣ дода шуд [2, с. 214].

Яке аз ҷанбаҳои муҳими ин қисм тасвири сарнавишти оилавии қаҳрамон мебошад. Ҳамсари Нусратулло Махсум - Ҳалимахон - ҳамчун симои занонаи пуртоқат ва фидокор тасвир мешавад, ки бе гуноҳ ба туҳмат гирифтор шуда, ба лагерҳо фиристода мегардад. Ин ҷо муаллиф на танҳо фоҷиаи як оиларо, балки фоҷиаи садҳо оилаҳои дигари ҳамон давраро таҷассум мекунад. Ҷудоии фарзандон, парокандашавии оила ва ранҷу азоби модарон яке аз мавзуъҳои марказии қисми охир мебошад. Образи занон дар роман мавқеи махсус дорад. Онҳо ҳамчун рамзи сабр, садоқат ва истодагарӣ нишон дода мешаванд. Дар баробари ин, муаллиф нишон медиҳад, ки чӣ гуна сиёсати репрессивии замон ба сохтори оилавии ҷомеа зарбаи сахт мерасонад. Фарзандони роҳбарони сиёсӣ ятим монда, дар муҳити номуайян ба воя мерасанд, ки ин худ як нишонаи фоҷиаи иҷтимоӣ мебошад. Дар робита ба худи Нусратулло Махсум, асар марҳилаи боздошт, тафтиш ва фишорҳои равониро ҳамчун нуқтаи ниҳоии зиндагии сиёсии ӯ нишон медиҳад. Муаллиф таъкид мекунад, ки айбдоркуниҳои сиёсӣ бештар сохта ва беасос буданд ва ин раванд дар умум хусусияти системавӣ дошт. Ин ҳолат ба хонанда тасаввур медиҳад, ки чӣ гуна низоми сиёсӣ метавонад ҳатто шахсони содиқро низ дар бар гирад. Дар анҷоми асар, баъди марги Сталин ва тағйироти сиёсӣ, масъалаи бознигарии парвандаҳо ба миён меояд. Бисёре аз шахсиятҳои таъқибшуда бегуноҳ эътироф мешаванд ва номи онҳо тадриҷан барқарор мегардад. Муаллиф ин равандро ҳамчун талоши дермони адолати таърихӣ арзёбӣ мекунад.

Бо вуҷуди дер омадан, ҳақиқат рӯйи об мебарояд ва номи неки шахсиятҳо дар хотираи таърихӣ боқӣ мемонад.

Хулоса. Дар хулосаи умумии илмии роман метавон гуфт, ки “Кайфар” на танҳо як асари бадеӣ, балки як манбаи муҳими таҳлили таърихи ташаккули давлатдории тоҷикон мебошад. Дар он шахсияти Нусратулло Махсум ҳамчун рамзи фидокорӣ, ватандӯстӣ ва ҳамзамон қурбонии низоми сиёсӣ тасвир мегардад. Роҳбари оқилу хирадманд Н.Махсум дар сарҷамъ овардани як иддаи халқи парокандаю парешонгаштаи тоҷик бузургтарин хидматро ба ҷо овардааст. Муаллиф кӯшиш мекунад нишон диҳад, ки таърих танҳо аз дастовардҳо иборат нест, балки дар худ фоҷиаҳо, зиддиятҳо ва қурбониҳоро низ дар бар мегирад. Ҳамин тавр, романи “Кайфар” тавассути тасвири ҳаёт ва фаъолияти Нусратулло Махсум ба хонанда дарки амиқи давраи душвори таърихӣ, арзиши сулҳ ва аҳамияти адолати иҷтимоиро мерасонад.

Адабиёт:

1. Ақназаров, Ҳ.М. Шуҷоати Нусратулло Махсум дар “саҳифаҳои осебдидаи таърихи халқи тоҷик” [Матн] / Ҳ.М. Ақназаров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Маҷаллаи илмӣ. – №4 (8), октябр-декабри 2021. С.165-171;
2. Бозгашти Қаҳрамон, Возвращение героя. Маҷмуи мақолаҳо. Сборник статей. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2026. – 256 с.
3. Диловар Мирзо. Зарринёл: маҷмуаи ҳикояҳо. – Душанбе: Суннатуло, 2003. – 160 с.
4. Диловар Мирзо. Борон пайҳоро мешӯяд: роман. – Душанбе: Истиқлол-2019, 2020. – 400 с.
5. Диловар Мирзо. Кайфар: роман. – Душанбе: Истиқлол-2019, 2021. – 256 с.
6. Диловар Мирзо. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 3. Душанбе “Адиб” – 2025. - 427 с.
7. Диловар Мирзо. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 1. Душанбе “Адиб” – 2024. - 415 с.
8. Диловар Мирзо. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 2. Душанбе “Адиб” – 2023. - 410 с.
9. Махсудов, А. М. Саҳми Нусратулло Махсум дар рушди ҶМШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1929) / А. М. Махсудов, С. М. Ҳикматов //Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2025. – No. 1(3). – P. 60-69. – EDN UGCKRU.
10. Махсудов, А. М. Саҳми Нусратулло Махсум дар ташаккулёбии Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон / А. М. Махсудов, С. М. Ҳикматов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2024. – No. 2(2). – P. 84-91. – EDN MPIRFL.
11. Махсудов, А. М. Саҳми Нусратулло Махсум дар поягузории давалтдории миллии тоҷикон / А. М. Махсудов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – No. 4(8). – P. 159-164. – EDN ZCRWFM.
12. Муҳаммадиев Иззатулло. Сиёсати ҷазодиҳии синфии шуравӣ ва таъқибу фишорҳо дар солҳои 20 ум ва 30-уми асри XX.// Маҷаллаи Академии ҳуқуқ– 3 (51) / 2024. –С.75-81.
13. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Пантуркизм ва сарнавишти тоҷикон. - Душанбе: Адиб, 2010.- 348 с.
14. Қодиров, Ш., Ҷалилов, Ш. Нахустраис. Аз рӯзгори раиси КИМ-и ҷумҳурият Нусратулло Махсум // Илм ва ҳаёт.№6 –1991. – С.25-32.
15. Эмомалӣ Раҳмон.Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 364. – с.
16. У истоков истории. К 130-летию со дня рождения Нусратулло Махсума. – Душанбе, “Mega-basim”, 2011.-528 с.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Махсудов Аслиддин Муҳаббатович - Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои таърих, кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025 шаҳри Ғарм, Ҷумҳурии Тоҷикитстон, кӯчаи Э.Муҳиддинов, 63. Телефон: (+992) 900880359. E-mail: Makhsudov asliddin.maxsudov.92@mail.ru.*

Сведения об авторе: *Махсудов Аслиддин Мухаббатович – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат исторических наук, кафедра истории и методики преподавания. Адрес: 734025, г. Гарм, Республика Таджикистан, ул. Э.Мухиддинова, 63. Телефон: (+992) 900880359. E-mail: Makhsudov asliddin.maxsudov.92@mail.ru*

Information about the author: *Makhsudov Asliddin Muhabbatovich – Tajik Pedagogical Institute in Rasht district, candidate of historical sciences, department of history and teaching methods. Address: 734025, Garm, Republic of Tajikistan, E. Mukhiddinov street, 63. Phone: (+992) 900880359. E-mail: Makhsudov asliddin.maxsudov.92@mail.ru*

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ - CONTENT

ЗАБОНШИНОСӢ – ЯЗЫКОЗНАНИЕ – LINGUISTICS

Абдуллоев К.К. Государственный язык – основа исторической независимости и культурного единства наследия.....6
Абдулҳадов Ҷ.З. Баъзе вижагиҳои забонии «Таърихи Гардезӣ»-и Абусаид Абдулҳайи Гардезӣ.....14
Акбарова Н. Д. Структура и трансформация концепта «чистота» в современном русском языке.....21
Бахтибекова Д. Х. Аз таърихи пайдоиши илми ономастикаи тоҷик.....28
Бобоалиева З. П. Ҷусторе дар бораи нахустин тарҷумаҳои бадеӣ дар матбуоти даврии тоҷик....33
Қурбонов С., Раҷабова К. Омӯзиши баъзе хусусиятҳои ибораҳои исмӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ.....38
Матробиён С., Раънои К.Таҳлили муқоисавию лингвофарҳангии вожагони як лаҳзаи шабонарӯзӣ – аз бомдод то баромадани офтоб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар асоси “Шоҳнома” ва тарҷумаҳои англисии он) 44
Маҳмудзода М.А., Азизмуродов М.Р. Мушкилоти дастурии тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ.....54
Мусоямзода З.М., Самардинов Қ.Н. Марҳилаҳои пайдоиши истилоҳоти зеҳни сунъӣ дар низоми истилоҳоти технологияи иттилоотӣ.....61
Мухамадиева З.А. Бессоюзные сложные предложения в разных языковых сферах (на материале английского и таджикского языков) 68
Рашидова Д.А., Шокиров Дж.В. Различия числительных в английском, таджикском и арабском языках: сравнительно-типологический анализ.....75
Розиқов Ф.Ғ. Воҳидҳои фразеологӣ ва наҳвӣ: умумият ва фарқият.....84
Рустамзода С.Р. Тарҷумаи истилоҳоти фалсафӣ ва таснифоти он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.....94
Саидзода Б.М. Корбурди ибораистилоҳҳои исмии тиббӣ дар “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ..102
Саъдуллозода У.Қ. Вожаҳои нодири форсии дарӣ дар як тарҷумаи куҳан.....107
Тоирзода А.Р. Субстантиватсияи калимаҳои сохта дар осори Шамсиддин Шоҳин.....114
Туйғунов Н. Ҳ. Истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ (тибби ветеринарӣ-зоотехникӣ) ва хусусиятҳои хоси онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.....121
Саъдуллозода У. Қ. Тавзеҳи чанд муродифоти луғавӣ дар як тарҷумаи куҳан.....129
Ҳайбулоев Ш.А. Топонимҳои тоҷикӣ-форсӣ дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX–XIII: шаклҳои таърихӣ ва вариантнокӣ.....135
Шамсов Б. С., Туйғунов Н. Ҳ. Таҳқиқи лексикаи компютерӣ дар забони тоҷикӣ.....144
Ҳайбулоев Ш.А Топонимияи тоҷикӣ-форсӣ дар осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX–XIII: арзиши сарчашмашиносӣ.....149
Шоназаров З.М.Таҳлили муқоисавии реалияҳои этнографии ифодакунандаи урфу одат ва ҷашнҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва форонсавӣ.....157
Рустамзода Ш.Р. Лингвокультурологические принципы исследования фразеологических единиц.....163
Усмонзода Ш. Семантическое измерение библейских паремий в англоязычной риторической практике.....172
Шахобутдинов С.С. Хусусиятҳои грамматикии синонимҳои ҷуфтистеъмол дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....178
Шарифзода Д.А. Ташаккули истилоҳоти равоншиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ: таҳлили таърихию муқоисавӣ ва стратегияҳои интиқоли истилоҳот.....183
Юсуфзода А.Қ. Корбурди ибораистилоҳоти соҳаи маориф дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ.....189

АДАБИЁТШИНОСӢ – ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ – LITERARY CRITICISM

Аҳмадов С.Г., Раҳмониён Э.Ш. Қофия ва Радиф дар ашъори Сафар Амирхон.....196
Боев Ш.Э. Баррасии баъзе вижагиҳои ғоявию бадеии ашъори Салими Хатлонӣ (дар асоси қисмати дувуми ҷилди панҷуми куллиёти шоир).....205
Бузургзода Ф.Ҳ. Поэтикаи хотираи таърихӣ ва сарнавишти инсон дар романи «Оташ дар хонаи қадим» - и Мирзо Саидзода.....211
Зайдуллозода С.З. Бозтоби ҷашни ялдо (шаби чилла), маросими хирманкӯбӣ ва махсусиятҳои мардумии он дар осори Гулрухсор.....218
Илҳомзода Х. И. Ифодаҳои гуногуни мафҳуми «марг» дар ашъори Сайфуддини Исфарангӣ.....225
Каримзода М. Нақши мактубҳо дар омӯзиши насри Юсуф Акобиров.....232
Қурбонов П. Ҳ. Мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ дар ашъори Нозирҷон Боҳирӣ.....237
Миралиева С.Т. Лирикаи медитативӣ-тасвирӣ дар ашъори Рустам Ваҳҳобзода.....243
Саидов М. Нигоҳе ба таърихи шарҳнависӣ бар "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ.....250
Саидзода О.С. Пайдоиш ва ташаккули нақди адабӣ дар давраи Аббосиён (асрҳои VIII–XIII)...259
Сарахонзода М.С. Остроумные речи в Гулистане Саади в восприятии немецкого переводчика Адама Олеариуса.....266
Хатлонӣ С., Сафарзода С.Н. Шеваи баён ва тарзи услуби нигориши тасвир дар ғазалиёти Мавлоно.....273
Ҳалимова С. Баъзе вижагиҳои забонии ғазалиёти Абдуллоҳи Раҳмон.....281
Назирзода М.М. Назаре ба вижагиҳои муродифҳо дар ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ (бар мабнои «Мунтахабот»).....288

ПЕДАГОГИКА – PEDAGOGY

Алиева Г.С. Асосҳои назариявӣ ва мафҳумии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни омӯзгорони ояндаи забони англисӣ.....297
Гадоев К.Х., Қарабоева Л.Ҷ. Ташкили таълими ҳамгирои забони хориҷӣ дар синфи ибтидоӣ.....306
Каримова Д. Э.Нюансы передачи предложно-падежных форм временных отношений в русском языке.....313
Қодирзода Б. Х. Методикаи тарбияи маънавии гуштингирони наврас дар шароити муосир.....317
Раҷабов Ф. Ф. Консепсияи педагогии Эмомалӣ Раҳмон ва нақши он дар рушди низоми муосири маориф.....323
Ҳалимшоҳи С.,Табаров Н.С. Моҳияти дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.....331
Ҳамроев Қ. М. Таҳлили сохтории истилоҳоти марбут ба ҷадвали дарсӣ ва маводи таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ.....338
Шохиён Н. Н., Абдурахимова Д.А. Готовность студентов к применению информационно-коммуникационных технологий в учительской работе: процесс формирования.....343
Rakhimova Z.S. The integration of sustainability in education.....348

ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ – HISTORY

Азиззода Ғ.М. Нақши пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди дипломатияи об ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....353
Анвари С., Раҳимова Ф.Ш. Омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаи маорифу илм дар давраи шарикии стратегӣ аз тарафи донишмандони тоҷик.....361
Миракзода Ф. Ю. Тоҷикистон дар замони шуравӣ: таҳқиқоти таърихӣ ва равандҳои миллӣ.....369
Махсудов А. М. Нусратулло Махсум ҳамчун симои таърихӣ дар романи "Кайфар" 375

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи забонҳо» пешниҳод мегарданд.

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводди илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводди дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times Nев Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 15 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси ТДУ (индекси мазкурро аз ҳама гуна китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Саидов С. А.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с. 25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯй ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи МАТС (ГОСТ) 7.1-2003 ва МАТС (ГОСТ) 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шаванд;

– дар охири мақола бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф;

– ба мазмуну муҳтавои мақолаҳо муаллифон масъул мебошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник университета языков»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 15 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Саидов С. А.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [6, с. 42]. То есть, литература №6 и страница 42;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на таджикском, русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес места работы автора);

–авторы несут ответственность за содержание статей.

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих)

Маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих» соли 2011 таъсис ёфтааст. Дар як сол 4 маротиба нашр мегардад. Шакли чопии маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зеринро барои чоп қабул менамояд:

Илмҳои филологӣ (10.00.00), педагогӣ (13.00.00) ва таърих (07.00.00).

Шакли пурраи электронии маҷалла дар сомонаи маҷалла (www.payom.ddzt.tj) дастрас аст.

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих)

2026. № 3 (63)

Шумораро ҳайати зерин омода намуд:
Котиби масъул: Азизмуродов М.Р.
Мусаҳҳеҳи забони тоҷикӣ: Ифтихори А.
Мусаҳҳеҳи забони русӣ: Хоҷатов Б.Д.
Мусаҳҳеҳи забони англисӣ: Азизмуродов М.Р.

Паёми Донишгоҳи забонҳо
(силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих):
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Сомонаи маҷалла**:** www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom.dbz@mail.ru
Тел.: (+992 37) 232-87-30

Ба чоп супорида шуд: 28.09.2026. Ба чоп имзо шуд: 30.09.2026.

ВЕСТНИК
УНИВЕРСИТЕТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)

Научный журнал «Вестник университета языков. Серия филологических, педагогических и исторических наук» основан в 2011 г. Выходит 4 раза в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: филологические науки (10.00.00), педагогические науки (13.00.00) и исторические науки (07.00.00).

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте журнала (www.payom.ddzt.tj).

ВЕСТНИК
УНИВЕРСИТЕТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)

2026. № 3 (63)

Над номером работали:
Ответственный секретарь: Азизмуродов М.Р.
Корректор таджикского языка: Ифтихори А.
Корректор русского языка: Ходжатов Б.Д.
Корректор английского языка: Азизмуродов М.Р.

Вестник университета языков
(серия филологических, педагогических и исторических наук):
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.
Сайт журнала**:** www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom.dbz@mail.ru
Тел.: (+992 37) 232-87-30

Сдано в печать: 28.09.2026. Подписано к печати 30.09.2026.